Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ТОҶНОМА
Силсилаи
Тоҷикон дар масири тамаддун
Китоби

ХОҶА АБУЛФАЗЛ МУҲАММАД
ИБНИ ҲУСАЙНИ БАЙҲАҚӢ

ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ

Душанбе
«Бухоро»
2014

ББК 63.3(2 тоҷик)+63.5(2тоҷик)+74.03(2)
Г–25

Зери назари академик **Носирҷон Салимов**

Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо
Сайфуллоҳи Муллоҷон

Муҳаррири масъул
Обид Шакурзода

Хоҷа Абулфазл Муҳаммад Ибни Ҳусайни Байҳақӣ
Таърихи Байҳақӣ. Душанбе, «Бухоро», 2014, 760 саҳ.

ISBN 978-99975-42-35-9

© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2014

СИЛСИЛАИ МАЗКУР БО ҲИДОЯТ ВА ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ЧОП РАСИД

Чунин ёд дорам зи аҳли ҳунар,
Ки илми хабар беҳ зи дурҷи дурар.
Агар хатти чашм аз дурар ҳосил аст,
Басират зи илми хабар ҳосил аст.
Надорад дар ин дайр рӯз аз мадор,
Чу ин илм илми дигар эътибор.
Набинӣ, ки Қуръони вофишараф,
Бувад муштамил бар ҳадиси салаф.
Чу таърихро ин шараф ҳосил аст,
Писандидаи мардуми фозил аст.

Хондамир

БА ҶОИ САРСУХАН

Таърих ба унвони як аз зуҳуроти тамаддуни башар, аҳаммияти бузург дошта, шинохт ва дарёфти фарҳангу зиндагиномаи ҳеч миллате бидуни баррасии он муяссар нест. Муаррихи тоҷик Ибни Фундуқ бар ин бовар буд, ки инсон табиатан дӯстдори таърих аст ва «агар ин муҳаббат дар ғароизи одамиён мураккаб набудӣ, аз гузаштагон ҳеч шариату фазоил ва ахбору ҳикоёт ба мутааххирин нарасидӣ ва тариқи осоишу сабукборӣ дар иқтидо ба гузаштагон масдуд гаштӣ». Шояд зеботарин таъбир, ки таърихро бад-он тавсиф намудаанд, ин бошад: «Касоне, ки таърих намедонанд, маҷбур ба такрори он мебошанд».

Ҳар қавме, ки ба яке аз ин пурсишҳо посухи дуруст наёбад, нахоҳад тавонист хотираи таърихии худро барқарор намояд ва бо пуштивонаву ибрат аз гузашта имрӯзу фардои хешро ба таври бояд бисозад. Гум шудани бахше аз тиккаҳои таърихи мо имкон надодааст, ки мо тамоми чеҳраи хешро дар ойинаи гузашта бубинем ва гоҳе маҷбур шудаем, ки хостаҳову ормонҳоро ҷойгузини донишҳои воқеъии таърихӣ гардонем. Агар чунин набуд, чиро баъзе аз муаррихону адибони мо Маҳмуди Ғазнавиро танҳо ситоиш кардаанд ва баъзе дигар танҳо накӯҳиш?

Асрҳои даҳум ва ёздаҳуми милодӣ (чаҳорум ва панҷуми ҳичрӣ) замонест, ки таърихнигории ба истилоҳ исломӣ хеле рушд кард.

Ангезаи рушди ин таърихнигориро баъзе муҳаққиқон дастуроти Қуръон ва суннат дар амри фарогирии улум ва мероси гузашта ба манзури пандпазирӣ ва ибратомӯзӣ медонанд[1]. Бештари осори таърихии садаҳои аввали исломӣ «ахбор» номида мешуданд, вале бо ин ҳол тавонистанд дар миёни арабҳо навъе шуури таърихиро падид оваранд. Бо густариши ислом ба хориҷ аз сарзамини Арабистон дар сарзаминҳое, ки собиқаи тулонии нигориши таърихро доштанд (Эрон, Рум, Ҳинд), ин илм бистари муносибро барои тараққиву такомул пайдо кард. Сарфи назар аз гароишҳои сиёсӣ, қавмӣ ва мазҳабии муаррихон, дар ин давра осоре офарида шуд, ки бе зикри онҳо баъзе аз саҳифаҳои таърихи ҷаҳонӣ ҳам ноқис хоҳад монд. Дар ин замина таърихномаҳои арабию порсӣ ҷойгоҳи вижа доранд. Ин рӯзгорест, ки муаррихони баландовозаи тоҷик Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Абуалии Балъамӣ, Абунаср ибни Абдуҷаббори Утбӣ, Абуалӣ Мисковайҳи Розӣ, Абдулҳай ибни Заҳҳоки Гардезӣ бо осоре гаронмоя номи худро дар саҳифаҳои таърих ба таври ҷовидон сабт карда, суннати писандидаи таърихнигории исломиро поягузорӣ намуданд. Ба ибораи дигар, муаррихони тоҷик таърихи дерин ва тамаддуни дурахшони ниёгони худро дар ин давра зери хатари нобудиву азбайнравӣ дида, бо нигоштани чандин «Шоҳнома»-и назмиву насрӣ ва нахустин таърихномаи порсӣ «Таърихи Балъамӣ» сарнавишти пур аз фарозу нишеби Эронвейҷи куҳанбунёдро ҷовидона саб карданд.

«Таърихи Масъудӣ», ки бо номи муаллифи донишманду нуктасанҷу гаронқадраш Байҳақӣ, ба «Таърихи Байҳақӣ» шуҳрат ёфтааст, муҳимтарину дақиқтарин китоби таърихӣ ва аз осори камназири насри порсӣ аст.

Байҳақӣ худ солҳо дар дарбори Ғазнавиён хидмат кардааст ва баъди канора гирифтан аз дарбор бидуни амру дастури ҳоким ё фармонравое ин таърихномаро ба қалам кашида, номи худро бар ҷаридаи некномони рӯзгор ҷовидон сабт намуд. Дар ин асар нукоти фаровоне пиромуни авзои дохилӣ, равобити хориҷӣ, русумоти дипломатӣ ва суннатҳои девонсолорӣ, артиш, инчунин ситезаҳои пинҳону ошкори вазирон, девонсолорон ва амирону низомиён мавҷуд аст, ки бар аҳаммияти китоби ӯ афзудааст.

Пас аз он ки аз ҷониби як нафар низомии таърихдӯсти англис бо исми Морлей (соли 1862) ин асар дар Ҳинд ба чоп расид, таваҷҷӯҳи олимон ба он бештар гардид. Муҳаққиқон асари Байҳақиро дар

[1] Саҷҷодӣ С., Оламзода Ҳ. Таърихнигорӣ дар ислом. -Теҳрон, 1383. -С.14.

зоти худ беназир ва дар радифи се сарчашмаи муҳимтарини таърихии порсӣ ном бурдаанд[1].

Чандин маротиба нашр гаштани ин асар шуҳрату маҳбубияти онро афзун кард ва баъдан дида намешавад, ки муаррих ё муҳаққиқе дар соҳаи таърихи забону фарҳанги форсӣ зимни пажӯҳиш аз «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ моя нагирифта бошад, зеро дар боби ҳодисоту рухдодҳои солҳои 1030-1041 Хуросону Мовароуннаҳру Эрони Марказӣ ва Ҳинд бидуни ошноӣ бо ин асари пуразриш сахт аст ба камоли матлуб расид.

Омӯзиши асари Байҳақӣ ва таърихи Ғазнавиён танҳо ба як кишвари хосс маҳдуд нест. Доираи пажӯҳиши ин мавзӯъ ба ҷуғрофияи кишварҳое, ки собиқан дар маҳдудаи императории Ғазнавиён ҷойгир буданд ва ё дар мароҳили муайяни замонӣ ба ин кишварҳо таваҷҷӯҳ шудааст, вобаста аст. Муҳаққикони рус В.В. Бартолд, А.К. Арендс, С.Г. Оқоҷонов, олимони эронӣ Саъид Нафисӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Маликушшуаро Баҳор, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Халил Хатиби Раҳбар, пажӯҳишгари афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ ва донишманди ғарбӣ Мерлин Волдман пиромуни рӯзгору осори Абулфазли Байҳақӣ таҳқиқоти судманд анҷом додаанд. Шоёни зикр аст, ки дар Эрон роҷеъ ба шахсияту осори Байҳақӣ таваҷҷӯҳи вижае бо муҳаббату самимияти тамом зоҳир мешавад. Соли 1971 бо ибтикори Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад ҳамоише бахшида ба ҳазорумин солгарди Байҳақӣ баргузор гардида, матолиби он ба нашр расид, ки муҳимтарин гом дар Байҳақишиносӣ шумурда мешавад[2]. Ба табъ расидани «Фарҳанги Таърихи Байҳақӣ»[3] кӯшиши дигарест дар ростои муаррифии асари Байҳақӣ.

[1] Арендс А.К. Введение //История Мас'уда (1030-1041). Перевод с персидского, введение, комментарий и приложения А.К.Арендса. -М., Наука, 1969. -С.17.
[2] Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. -Машҳад, 1350.
[3] Фарҳанги Таърихи Байҳақӣ. Пажӯҳиш ва нигориши дуктур Саййид Аҳмад Ҳусайнии Козарунӣ. -Теҳрон, 1384.

РӮЗГОРУ ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ

Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ ҳамчун дабири хирадманду таърихнигори варзида маъруф аст. Аммо то имрӯз пиромуни зиндагию рӯзгори ӯ ба мо маълумоти ночизе расидааст. Нахустин манбае, ки метавон роҷеъ ба аҳволу осори Байҳақӣ маълумоти бештар касб кард, таърихномаи маъруфи ӯст. Байҳақӣ дар ҷое аз асараш аз аслу насаб ё рӯзгори шахсии хеш на таваққуф ва на ишораҳо кардааст, аммо дар ҷилдҳои боқимонда, ки мебинем, гоҳе нуктаҳои парокандаву фишурда дар бораи худ меорад. Танҳо дар маъхазҳои садаҳои пас аз рӯзгори вай аз зиндагиву осораш ишораҳои кӯтоҳе дида мешавад. Аммо ин маълумот он гуна ночизу ноқисанд, ки наметавон бар мабнои онон шарҳи ҳоли ин донишманди мумтозро такмил кард. Аз ин рӯ, бо такя бар ишораҳои худи устод Байҳақӣ ночор гоҳе даст ба домани фарзияҳо мезанем.

Ягона зикри мухтасар пиромуни рӯзгори Байҳақӣ навиштаҳои ҳамшаҳрии муаллиф – Абулҳасан Зайди Байҳақӣ мебошад, ки бештар бо номи Ибни Фундуқ машҳур аст. Ибни Фундуқ навиштае дорад бо номи «Таърихи Байҳақ», ки он дар бораи номоварони зодгоҳаш – шаҳри Байҳақ аст. Ин асар мамлу аз маълумоти нодири таърихию адабӣ буда, пажӯҳишгарони маъруф аз он ба таври фаровон истифода бурдаанд. Чун маълумоти Ибни Фундуқ нодир ва барои равшан кардани зиндагиномаи Абулфазли Байҳақӣ калидӣ аст, зарур мешуморем, ки аз Ибни Фундуқ иқтибос оварда, минбаъд бар пояи ишораҳои худи Байҳақӣ ва муқоясаи он бо навиштаҳои дигарон шарҳи ҳоли тақрибии муаллифи «Таърихи Масъудӣ»-ро тартиб диҳем:

«Шайх Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни котиб Байҳақӣ. Ӯ дабири Султон Маҳмуд буд ба ниёбати Абунаср ибни Мушкон ва дабири Султон Муҳаммад ибни Маҳмуд буд ва дабири Султон Масъуд. Он гоҳ дабири Султон Мавдуд ва он гоҳ дабири Султон Фаррухзод. Чун муддати мамлакати Султон Фаррухзод мунқатеъ шуд, инзиво ихтиёр кард ва ба тасониф машғул гашт ва мавлуди ӯ деҳаи Ҳорисобод будааст. Аз тасонифи ӯ «Зиннату-л-куттоб» аст ва дар он фан мисли он китоб нест ва «Таърихи Носирӣ» аз аввали Сабуктагин то аввали айёми Султон Иброҳим, рӯз ба рӯз таърихи эшонро баён кардааст. Он ҳамоно сӣ муҷаллади мусанниф зиёдат

бошад. Аз он муҷалладе чанд дар китобхонаи Сарахс дидам ва муҷалладе чанд дар китобхонаи Маҳди Ироқ, раҳимаҳуллоҳ ва муҷалладе чанд дар дасти ҳар кас ва тамом надидам ва бо фасоҳату балоғат, аҳодиси бисёр самоъ доштааст. Ӯро (Байҳақиро – С.М.) аз ҷиҳати маҳри зане қозӣ дар Ғазна ҳабс фармуд ва баъд Туғрал, ки ғуломи гурехтаи Маҳмудиён буд, мулки Ғазна ба даст гирифт ва Султон Абдурашидро бикушт ва хадами маликро ба қалъа фиристод ва аз он ҷумла яке Абулфазли Байҳақӣ буд, ки аз зиндони қозӣ бо ҳабси қалъа фиристод. Пас андак моли рӯзгор баромад, ки Туғрал бар дасти Нӯштагини Зубиндор кушта омад ва муддати истилои вай панҷоҳу ҳафт рӯз беш набуд ва мулк бар Маҳмудиён уфтод ба бар валинеъмат берун омадан муборак наёяд ва муддати дароз муҳлат надиҳад. Таваффои Шайх Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии котиб фӣ сафари санаи сабъина ва арбаъа миа аст».[1]

Инак, танҳо манбаъе, ки дар боби таваллуди Абулфазли Байҳақӣ ёдовар мешавад, санаи ба дунё омадани ӯро зикр намекунад. Аммо ба як ишораи хурди Байҳақӣ такя намуда метавонем, ки пиромуни он мулоҳаза ронем. Байҳақӣ ҳангоми баён доштани матлаби таърихии соли 1060 худро 65 сола меномад ва ҷои дигар, зимни тасвири ҳодисаҳои соли 1001 худро 16-сола мегӯяд[2].

Аз ин ишораҳои худи муаллиф бармеояд, ки ӯ соли 995, яъне дар авохири салтанати Сомониён чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Деҳае, ки ба дунё омада, Ҳорисободи Байҳақ ном доштааст. Байҳақ дар рӯзгори Сомониёну Ғазнавиён аз шаҳрҳои маъруф буд, бо шумори аҳолии қобили малоҳаза ва ба лиҳози сиёсию маъмурӣ бештар тобеи Нишопур ҳисоб мешуд. Он дар қисмати бохтарии Нишопур ба фосилаи чаҳоррӯза роҳ воқеъ гашта буд. Байҳақ ба навиштаи Ёқут сесаду бисту як деҳкада дошт. Ҳамин муаллиф асли калимаи Байҳақро аз форсии «бейҳа» ё «беҳоян» ба маънии «бисёр бахшанда» медонад[3]. Муҳимтарин шаҳри вилояти Байҳақ Сабзавор (Сабзвор) шумурда мешуд, ки дар тули асрҳо ҳамчун курсӣ ё пойтахти Байҳақ шинохта шудааст. Ҳамчунонки гуфта омад, Ибни Фундуқ пиромуни ричоли сиёсию аҳли фазлу адаби Байҳақ китобе бо номи «Таърихи Байҳақ» таълиф намудааст. Дигар муаррихону ҷуғрофиянависон (аз ҷумла Ёқути Ҳамавӣ ва Ҳоҷӣ Халифа) дар асрҳои баъдӣ ҷойгоҳи муносиби сиёсӣ ва муҳити адабпарвари Байҳақро борҳо зикр кардаанд[4].

---

[1] Ибни Фундуқ Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ. Таърихи Байҳақ. Бо тасҳеҳ ва таълиқоти марҳум Аҳмади Баҳманёр. Теҳрон, 1361. -С.176.

[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Роҳбар. -С.519.

[3] Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷам-ул-булдон. -Бейрут, 1979. -С.142.

Аз муҳити хонаводагии Абулфазл низ маълумоте дар даст нест. Дар як маврид Байҳақӣ аз мулоқоти падари худ бо яке аз акобири давлати Ғазнавиён ҳикоят намуда, вайро «Хоҷа» меномад[1]. Аз ин ишора бармеояд, ки ӯ аз хонаводаи соҳибному шуҳратёре будааст.

Мутарҷими русии асари Байҳақӣ Арендс шояд ба ин нукта пай набурда бошад, ки танҳо ба хотири дар дабирхонаи Ғазнавиён хидмат намудани Байҳақӣ, аз ашрофзодагон будани вайро тахмин мезанад. Ин далели ковок аст. Зеро дар ин аср ва садаҳои баъдӣ борҳо иттифоқ уфтодааст, ки намояндагони табақаҳои миёнаҳол ё фақир, ки аз тангдастӣ зачр мекашиданд, ба лиҳози фазлу дониши расо, ба хидмати дарбор ҷалб мегаштанд. Баръакс, ин низ борҳо пеш омадааст, ки фарзандони бебаҳра аз фазлу камоли амирону вазирон ба таъбири Саъдӣ «ба гадоӣ ба русто» рафтаанд. Ҳамин тавр, бо такя ба ишораи муаллифи «Таърихи Масъудӣ» ва навиштаҳои дигар муаррихон метавон аз хонадони ашроф ва сарватманд бархостани Абулфазли Байҳақиро тахмин намуд.

Даврони ҷавонӣ ва таҳсилоти минбаъдаи Абулфазл дар шаҳри Нишопур гузашт, чӣ ин шаҳр ба ҷуз наздик будан ба зодгоҳи Байҳақӣ, дар асрҳои IX – XI (III – V ҳиҷрӣ) аз бузургтарин марказҳои илму адаби тамоми хилофати Аббосӣ ба шумор мерафт. Нишопур пас аз камаҳаммият шудани Марв дар замони Тоҳириён ба маркази сиёсии Хуросон табдил ёфт. Дар давраи Аббосиён Нишопурро Абаршаҳр низ меномиданд ва ин ном дар сиккаҳои ин давра низ нақш бастааст. Дар замони Сомониён ин шаҳр қароргоҳи сипаҳсолори Хуросон ба шумор мерафт. Бештари гузоришҳои муаррихон, ки аз мавҷуд будани ниҳодҳои фаровони омӯзишии даврони Сомониён ҳикоят мекунанд, марбут ба шаҳри Нишопур аст. «Ин амр нишон аз ҳаёти борвари илмӣ ва сарзиндагӣ ва боландагии хиракунандаи фаъъолиятҳои омӯзишӣ дар ин шаҳри донишхез дорад ва шояд газоф набошад, агар бигӯем Нишопур аз ин лиҳоз бар Бухоро, пойтахти пуршукӯҳи Сомониён низ сарфарозӣ мекардааст»[2]. Шумори фаровони уламое, ки аз ин шаҳр бархоста ва ё бад-он ҷо даромадаанд ва номашон дар «Таърихи Нишопур» – асари машҳури Ҳокими Нишопурӣ ва такмилаҳои муаррихони садаҳои баъд мондагор шуда ва касоне ҳамчун Самъонӣ, Ибни Асокир, Субкӣ ва Абдулқодири Қаршӣ ба ривояти бахше аз он пардохтаанд, метавонад гувоҳии ин иддиъо бошад. Аз ин рӯ, Субкӣ Нишопурро бошукӯҳтарин ва бузургтарин шаҳр пас аз Бағдод медонад ва Мақдисӣ (Муқаддасӣ), аз Эроншаҳр – қасабаи

[1] Таърихи Байҳақӣ.Нашри Раҳбар. -С.472.

[2] Ноҷӣ Муҳаммадризо. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -С. 500

Нишопур, ба манзалаи шаҳре муҳим бо уламои бисёр, мадориси зебо ва маркази тиҷорӣ сухан гуфта, ки мардум барои касби илму тиҷорат бад-он ҷо мерафтаанд[1].

Ба ҳангоми шонздаҳсолагӣ дар Нишопур будани хешро Байҳақӣ ҷое ёдовар шудааст: «Бад-он вақт, ки ба Нишопур будам, саъодати хидмати ин давлатро ….. ноёфта[2]». Ҳангоми таҳсил ба ҷуз аз илмҳои динӣ муҳимтарин илмҳои дунявӣ, аз қабили нуҷум, арӯз ва китобатро фаро гирифт. Аз ин ҷост, ки ҳамзамонону муаррихони минбаъда Байҳақиро ба тахаллусу кунят ёдовар мешаванд. Аз ҷумла муаллифи «Таърихи Байҳақ» Абулфазли Байҳақиро «шайх» меномад[3]. Аммо Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ вайро «имом» хитоб мекунад[4].

Таърихи ба дарбори Ғазнавиён ворид гаштани Абулфазли Байҳақӣ равшан нест. Муаррихон дар хусуси зери раҳбарии Абунасри Мушкон фаъъолият намудани ӯ хабар додаанд. Дар саросари асари худ Байҳақӣ аз Абунасри Мушкон ба некӣ ёдоварӣ карда, аз ҷумла дар вақти марги устодаш бо таассуфи зиёд иброз медорад, ки: «Маро азиз дошт ва нуздаҳ сол дар пеши ӯ будам азизтар аз фарзанди вай ва навохтҳо дидам ва ному молу ҷоҳу изз ёфтам»[5]. Марги Мушкон соли 1039 иттифоқ уфтод. Агар Абулфазл нуздаҳ сол шогирдии устоди хешро намуда бошад, пас метавонем хулоса кунем, ки вай соли 1020 дар сини 26-27 солагӣ ба хидмати дарбор дохил гардидааст.

Байҳақӣ бо роҳбарии Абунасри Мушкон дар девони рисолат, ки ҳамшафат бо қасри амир буд, машғули дабирӣ буд. Ин девон мукотиботи расмии давлатро роҳандозӣ мекард ва кормандони онро дабир мехонданд. Дабирӣ то густариши ислом низ аз пешаҳои муътабар ва дабир шахсе арҷманд буд. Фирдавсӣ дар базми Хусрави Анӯшервон аз забони Бузургмеҳр, дар боби дабириву ҷойгоҳи он чунин овардааст:

Дабирӣ биёмӯз фарзандро,
Чу ҳастӣ бувад хешу пайвандро.
Дабирӣ расонад ҷавонро ба тахт,

---

[1] Абӯабдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ. Таърихи Нишопур. Тарҷумаи Муҳамад Халифаи Нишопурӣ. -Теҳрон, 1375; Мақдисӣ Муҳаммад. Аҳсан-ут-тақосим.Таълифи Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Мақдисӣ. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. -Теҳрон, 1362.-С. 315.

[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Халил Хатиби Раҳбар. -С.162.

[3] Ибни Фундуқ. Таърихи Байҳақ. -С. 175.

[4] Минҳоҷи Сироҷ. Табақоти Носирӣ. Ба кӯшиши Абдулҳай Ҳабибӣ. -Кобул, 1342.-Ҷ.1.-С. 231.

[5] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.929; Нашри Манучеҳри Донишпажӯҳ.-С. 909.

Кунад носазоро сазовори бахт.
Дабирист аз пешаҳо арҷманд,
К-аз ӯ марди афганда гардад баланд.
Чу бо олату рой бошад дабир,
Нишинад бари подшаҳ ногузир.
Тани хеш ожир дорад зи ранҷ,
Биёбад беандоза аз шоҳ ганҷ.
Балоғат чу бо хат фароз оядаш,
Ба гуфтору маънӣ фароз оядаш.
Ба лафз он гузинад, ки кӯтоҳтар,
Ба хат он нависад, ки дилхоҳтар.
Хирадманд бояд, ки бошад дабир,
Ҳамон бурдбору сухан ёдгир.
Шакебову бодонишу ростгӯй,
Вафодору покизаву тозарӯй.
Чу бо ин ҳунарҳо шавад назди шоҳ,
Нашояд нишастан магар пеши гоҳ[1].

Тадбиру ройи накӯ ва кори шоиста боис гардид, ки Абулфазли Байҳақӣ дар назди устоди худ Абунасри Мушкон ва аъёни дарбор ба эътибору эҳтироми тамом расад. Ва ин дар ҳоле буд, ки Абунасри Мушкон дар назди Маҳмуду фарзандаш Масъуд (1030-1041) аз иззату икроми вижа бархурдор буд. Бо ин алоқамандӣ аз як сӯй ва поси амонатдорию садоқат дар кор аз сӯйи дигар дар дарбор мансаби нигаҳбонию расидагӣ ба «хизонаи ҳуққати» Ғазнавиёнро ба Абулфазли Байҳақӣ вогузор мекунанд. Ба ҳангоми кор дар девони рисолат Байҳақӣ аз тамоми асрори давлат огоҳ мегардад. Ҳеч як аз дабирони даргоҳ дар бораи сиёсати давлат ба андозаи ӯ маълумот надоштанд. Муҳимтарин номаҳои амир низ ба дасти ӯ навишта мешуд. Байҳақӣ худ менигорад: «Дар он рӯзгор муътамад будам ва бар чунин аҳвол касе аз дабирон воқиф набудӣ ….. ва номаҳои мулуки атроф ва халифа ва хони Туркистон ва ҳар чӣ муҳимтар дар девон бар ин ҷумла буд, ман набиштам»[2]. Он тавре ки Ибни Фундуқ низ зикр карда, Байҳақӣ дар аҳди Султон Маҳмуд ба кор шурӯъ кард. Ӯ чанд сол дар даврони Маҳмуд ва дар тамоми давраи иморати Масъуд (1030 – 1041) ходими дарбори Ғазнавиён буд. Баъди марги устодаш авзоъ дар девони рисолат тағйир ёфт. Дар ин вақт зиддияти аъён ва хусумати дарбориён ба авҷи худ расида буд.

Бинобар навиштаи худи Байҳақӣ Амир Масъудро зарур омад, ки ба ҷои Абунасри Мушкон, нафареро ба раисии девони рисолат интихоб намояд. Яке аз шахсиятҳои маъруфи дарбор Бусаҳли

[1] Фирдавсӣ. Шоҳнома. Вироиши Фаридуни Ҷунайдӣ. -Теҳрон, 1387. -С.518.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Роҳбар.-С.734.

Завзанӣ ба ин мақом таъйин гардид. Байҳақӣ ӯро чунин баҳо медиҳад: «Марде имомзода ва муҳташам ва фозилу адиб, аммо шарорату заъорате (тундиву бадхӯӣ – С. М.) дар табъи вай муаккид шуда….. ва бо он шарорат дилсӯзӣ надошт»[1]. Яъне, он тавре ки ба сиёқи Байҳақӣ хосс аст, ӯ дар баробари сифатҳои шоистаи Завзанӣ, аз нигориши костиҳои вай низ худдорӣ намекунад. Дигар нуктаи муҳим он буд, ки муносибати Абулфазли Байҳақӣ бо раиси нави девон хуб набуд. Бусаҳли Завзанӣ наметавонист, ки Байҳақиро аз вазифа сабукдӯш намояд. Зеро ба нақли Байҳақӣ, Абунасри Мушкон пеш аз марги худ Масъудро таъкид намуда буд, ки «….агар гузашта шавам, Булфазлро нигоҳ бояд дошт». Ҳатто Масъуд ба вазири хеш изҳор намуда буд, ки: «…агар Булфазл сахт ҷавон нестӣ, он шуғл ба вай додамӣ»[2]. Байҳақӣ дар кор бо назму тартиби устоди хеш хӯ гирифта ва бо риояти ҷиддии раҳнамунҳои Абунасри Мушкон соҳиби қадру манзилат гашта буд. Аз ин рӯ, намехост ин таҷрибаро халалдор сохта, бо садри нави девони рисолат даргир бошад.

Байҳақӣ, он гуна ки худ нигоштааст, бо ирсоли номае аз Амир Масъуд дархости истеъфо мекунад. Аммо Масъуд ин ходими соҳибмаърифату хирадкеши заҳматкашашро ба хубӣ мешинохт. Аз ин рӯ ба номаи дархостии Байҳақӣ посухи рад дода, солори девони рисолат Завзаниро ҳушдор медиҳад, ки «Булфазл шогирди ту нест, ӯ дабири падарам будааст муътамад, вайро некӯ дор»[3]. Завзанӣ, бо вуҷуди он ки ба Байҳақӣ хуш надошт, боз ҳам наметавонист суханони амирро нодида гирад. Дар аҳди ҳукумати Масъуд Байҳақӣ дар паноҳи худи амир амон ёфт.

Сарнавишти Байҳақӣ пас аз Масъуд норавшан бошад ҳам, бинобар навиштаҳои Ибни Фундуқ, метавон хулоса кард, ки ӯ дар аҳди ҳукумати писарони Масъуд – Мавдуд (1041-1050) ва Фаррухзод (1053-1059) низ дар девони рисолат машғули кор будааст.

Аз як ишораи худи Байҳақӣ ва навиштаҳои дигар муаррихон маълум мегардад, ки дар ҳукумати дигар фарзанди Маҳмуд – Абдуррашид (1051-1053), Байҳақӣ раиси девони рисолат таъйин мешавад. Худи ӯ дар ҷое ба ин ишора карда мегӯяд: «Дар рӯзгори Амир Абдуррашид… шуғли девони рисолат ман медоштам». Муҳаммад Авфӣ низ ин нуқтаро зикр карда, Байҳақиро «соҳибдевони рисолат»[4] номидааст. Байҳақӣ ҷумла шоистагиҳое, ки як дабири мумтози забардастро боистӣ, фаро гирифта, дар ин самт намунаи беназири муҳити хеш гашта буд.

---

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.225.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 932; Нашри Донишпажӯҳ. -С. 914.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Донишпажӯҳ. -С. 915.
[4] Муҳаммад Авфӣ. Ҷомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоят. -С. 573.

Вале дар ин вазифа Байҳақӣ зиёд кор накард. Авфӣ дар асари хеш пиромуни зиддиятҳои дохилии дарбор хабар дода, ин хусуматҳоро сабаби зуд аз мансаб барканор гаштани Байҳақӣ номидааст. Бадхоҳон ба Абдуррашид ахбори фитнаву иғвобарангез расониданд ва «Султон бе тафаҳҳус туманро фармуд, то ӯ (Байҳақӣ – С.М.)-ро фурӯ гирифтанд», аммо барканорӣ аз мақом поёни кор набуд ва аз ҷониби Султон Абдурашид амр шуд, ки «хони ӯ ғорат карда, ӯро муқайяд карданд[1]». Дар замони Ғазнавиён чунин расм роиҷ буд, ки ба ҳангоми азли нафаре аз дарбор, ҷумла амволу дороии ӯро пас аз баршуморию номнависӣ мусодара мекарданд. Дар ин саҳна сарчашмаҳо байни ҳам ихтилофи назар доранд. Зеро поёни кори ҳукумати Абдуррашид ба фоҷеъа анҷомид, ки ӯ аз ҷониби яке аз бардагони худ ба қатл расид ва аъёни дарбораш, аз ҷумла Абулфазли Байҳақӣ низ маҳкум ба зиндон шуданд. Ин ҷо нуктаи торик он аст, ки оё Байҳақӣ воқеъан аз пайи ҷурме қабл аз шӯриши Туғрали барда (соли 1054), ки мунҷар ба қатли Абдуррашид гардид, ба зиндон маҳкум шуд, ё аз тарафи гумоштагони табаддулотгарон дар баробари дигар кормандони дастгоҳ ба ҳабс уфтод.

Пас аз муқоясаи ин ахбори зидду нақиз ва ишораҳои сарчашмаҳо мешавад ба хулосае расид, ки андак пештар аз табаддулот (солҳои 1051-1053) Абулфазли Байҳақӣ ба зиндон маҳкум гардида будааст ва ба гуфтаи Ибни Фундуқ «аз барои маҳри зане» пой ба занҷир шуда[2]. Ҷолиб аст, ки ховаршиноси шаҳир Бартолд дар ташреҳи маҳкумияти Байҳақӣ суханони Ибни Фундукро иштибоҳан «муҳрзанӣ» («наложение печати») хондааст[3]. Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Саъид Нафисӣ ва Маликушшуаро Баҳор низ ин ибораро «маҳри зане» хондаанд. Ин таъбиру вожа дар ҳуруфи форсӣ як шакли навишт доранд (مهرزنی), аммо тобиши маъноии онҳо мухталиф аст. Мутарҷими русии асари Байҳақӣ, А.К.Арендс низ ҷонибдори назария дуюм аст. Дар воқеъ, қозӣ дар он рӯзгор ҷиноятқороне чун дузду авбошро муҳокима карда, ба додгоҳ мекашонд ва агар Байҳақӣ ба санаде муҳри ноҷо мегузошт, ӯро аҳли дарбор бе ҳукми қозиву доварии ӯ ба зиндон мекашиданд. Бештари макру иғвоҳои дарбории он замон бо иштироки занон мегузашт ва эҳтимол ба сабаби напардохтани маҳри зане қозии шаҳр Байҳақиро зиндон мекунад. Нуктаи дигар он аст, ки дар асари Байҳақӣ вожаи муҳр танҳо як бор омадааст ва он ҳам дар шакли «муҳр кардан» (на муҳр задан). Муҳр заданро Байҳақӣ бо таъбири «тавқеъ кардан» баён мекунад[4].

---

[1] Муҳаммад Авфӣ. Ҷомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоят. -С. 573.
[2] Ибни Фундуқ. Таърихи Байҳақ. -С. 176.
[3] Бартольд В.В. Байхаки Абу-л-фазл. //Соч. Т. VIII. М., ГРВЛ, 1973. -С. 583-585.
[4] Арендс А.К. Введение. // История Масуда. -С. 38-39.

Хулоса, қозӣ барои аз кор барканор кардани Байҳақӣ муносибтар баҳонае пайдо накард ва дар амри ба зиндон равона кардани Байҳақӣ ҳеч таъхире ба амал наомад. Байҳақӣ дар ҷое аз асараш менигорад, ки «ман ба ҷавонӣ ба қафас бозуфтодам ва хатоҳо рафт то уфтодам ва хостам ва бисёр нарму дурушт дидам[1]». Ӯ пас аз чанд муддат аз ҳабс раҳо шуда, бори дигар ба хидмати дарбор ҷалб гардид, вале мазаррати зиндон муддати мадид дар ҷисму рӯҳи ӯ чун неши заҳрогин боқӣ монд: «ва бист сол баромад ва ҳанӯз дар табаъият (пайравӣ – С.М.)-и онам ва ҳама гузашт[2]».

Аммо ин бор пас аз кушта шудани Султон Абдуррашид (с. 1054) Байҳақӣ баробари дигар аҳли дарбор чанд муддат (57 рӯз) зиндонӣ шуд. Бо чунин бебандуборӣ пойдарзанҷиршуданҳо (ба вижа бори нахуст) боис гардид, ки Байҳақӣ аз дарбор дилсард шавад. Ҷафои зиндон низ дар зиндагии баъдии вай асари номатлубе гузошт. Байҳақӣ бори сангини зачру зулми айёми маҳбусӣ ва дарди руҳфарсои ҳачру фироқро бо гуфтани шеър сабук месохт. Чаҳор мисраъ шеъри арабии ӯ, ки Ибни Фундуқ овардааст, чун гувоҳи ин нукта, мамлу аз яъсу навмедӣ заҳру захми озору шиканҷа ва орзуи нӯшини дубора ба озодӣ расидан аст. Зимнан, донишманди номурод дар чанд ҷое аз таърихномаи маъруфаш аз боби нобуд гаштани ёддошту қайду ҳошияҳояш таассуф хӯрдааст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар айёми ба зиндон уфтодан ва рӯзҳои турктозӣ ба манзилаш ахбору асноду ёддоштҳои ӯро як ҷо бо бойгонияш ба тамом рабуда бошанд.

Байҳақӣ пас аз раҳоӣ аз зиндон ва ба тахт нишастани Султон Иброҳим (1059-1099) дигар ба хидмати дарбор нагароид; ӯ гӯшанишинӣ ихтиёр кард.

Вафоти Байҳақӣ ба иттифоқи оро ба соли 1080 рост меояд. Роҷеъ ба ҷои дафни Абулфазли Байҳақӣ донишманди афғонистонӣ Ғуломҷелонии Ҷалолӣ изҳори назар карда, мазори ӯро дар шаҳри Ғазна, дар канори рости роҳи бузурги Кобулу Қандаҳор тахмин менамояд. Дар ин ҷо қабре бо номи Хоҷа Баҳоулҳақ ё Байҳақ маъруф будааст, ки катибаи болои он хароб гардида, ба таври қатъӣ муқаррар кардани номи он муяссар нагашт[3].

Дабири афзал ва муаррихи соҳибфазл Абулфазли Байҳақӣ ҳарчанд бештари умри худро сарфаи хидмати дарбор намуда, бо салотине чун Маҳмуду Масъуд ҳамнишин гардид, аммо сабти бодавоми номи хештанро бар ҷаридаи некномии олам дар нигоштани аҳволу рӯзгори ин подшоҳон дид. Ба ҷуз шоҳкоре

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.933; Нашри Файёз. -С. 679.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.933; Нашри Файёз. -С. 679.
[3] Ғулом Ҷелонии Ҷалолӣ. Ғазна ва Ғазнавиён.-С. 296.

ҳамчун «Таърихи Масъудӣ» асари дигаре бо номи «Зиннату-л-куттоб»-ро низ ба ӯ нисбат медиҳанд ва ҷои таассуф аст, ки ин асар ҳам аз ҳаводиси пургазанди рӯзгор эмин намонд, то имрӯз ба дасти мо расад. Донишманди эронӣ Саъид Нафисӣ аз исми ин китоб натиҷа мегирад, ки он «дар бораи санъати дабирӣ будааст»[1]. Тахмин меравад, ки Байҳақӣ дар «Зиннату-л-куттоб» бо такя аз таҷрибаи ҳангуфти хеш пиромуни ҳунари дабирӣ ва назокатҳои он нукта рондааст. Аммо бо таъкиди ин матлаб, ки ин ганҷина нобуд шудаву дастраси мо нест, бештар наметавон чизе афзуд, ба ҷуз ёдоварии ин фармудаи Ибни Фундуқ, ки «…дар он фан мисли он, китоб нест» мукаррар афсуси аз даст рафтани чунин ганҷи шойгонро мехӯрем.

Он гуна ки зикр шуд, шуҳрати аслии Байҳақӣ марбут ба «Таърихи Масъудӣ» аст. Аз куллиёти сиҷилдаи ин асар то имрӯз танҳо шаш ҷилде ноқису пароканда маҳфуз мондааст. Ибни Фундуқ доираи замонии таърихи Байҳақиро «аз авали салтанати Сабуктагин то рӯзгори Султон Иброҳим» номида, ки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла мутарҷими русии асар К. А. Арендс ба ин назар ангушти ибҳом мегузорад[2]. Сабаби шаккокии ӯ чунин қиёси мантиқист, ки Байҳақӣ ба салтанати даҳсолаи Масъуд панҷ ҷилд бахшида шуда ва аз салтанати чиҳилсолаи Сабуктагину Маҳмуд танҳо дар чаҳор ҷилд (аз як то чаҳор) нақл мекунад.

Дар ин ҷо баъди муқоясаи навиштаҳои Ибни Фундуқу ишораҳои Байҳақӣ метавон ҳадс зад, ки навиштаҳои Ибни Фундуқ шояд орӣ аз иштибоҳ набошад ва ҳамзамон хулосаи К.А.Арендс низ ношӣ аз ноқису кам будани иттилооти ӯ дар ин замина мебошад. Зеро маълумоти худи Байҳақӣ дар қиёс бо фармудаи Ибни Фундуқ арзишмандтар аст. Байҳақӣ менигорад, ки таърихашро аз соли 409 ҳичрӣ (1018) шурӯъ намудааст[3]. Ин фармудаи ӯ ақидаи Ибни Фундукро ботил месозад, ки таърихи эҷодкардаи Байҳақиро фарогирандаи аҳволи Сабуктагин (вафот соли 997) низ номидааст. Ғайр аз ин, бар пояи ин ишораи худи муаллиф, Байҳақӣ аҳди Маҳмудро ҳам на ба таври комил, балки танҳо аз давраи охири ҳукмронии вай тасвир кардааст. Ҳамин тавр, доир ба воқеъоти аҳди Маҳмуд Байҳақӣ чаҳор ҷилди нахусти асарашро ихтисос додааст. Эҳтимоли дигаре ҳам ҷой дорад, ки шояд давраи Маҳмудро Байҳақӣ ба он хотир комилан баён накардааст, ки дар замони ӯ «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ, ки ба бист соли аввали салтанати Маҳмуд бахшида шудааст, китобе маъруф буд. Адибу аъламе чун

[1] Нафисӣ С. Осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ. //Меҳр, 1314. -С. 11-22.
[2] Байхаки Абу-л-фазл. История Масъуда (1030-1040). -С. 41.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 342.

Байҳақӣ бидуни шак бо ин китоб ошноӣ дошт, агарчи дар қисматҳои боқимондаи асари худ аз ин китоб ном набурдааст.

Бояд ёдовар шуд, ки роҷеъ ба дигар таснифи Байҳақӣ низ хабар додаанд ва он бо номи «Мақомоти Маҳмудӣ» маъруф аст. Муаллифи «Осору-л-вузаро» аз «Мақомоти Бунасри Мушкон» зикр кардааст, ки ба қалами Абулфазли Байҳақӣ тааллуқ доштааст[1]. Худи Байҳақӣ дар «Таърихи Масъудӣ» ҷое мефармояд: «…нусхати савгандномаву он мувозаъа биёвардаам дар «Мақомоти Маҳмудӣ», ки кардаам[2]».

Байҳақӣ дар қисматҳои барҷоймондаи асараш «Мақомоти Маҳмудӣ»-ро «Таърихи Яминӣ» меномад». Дар атрофи ин масъала баҳси домандоре сурат гирифта, Саъид Нафисӣ «Мақомоти Маҳмудӣ»-ро китоби бисёр муҳим ва ҷудогона дониста «бар нобуд шудани он дареғ» гуфтааст[3]. Доктор Файёз, яке аз муҳаққиқони варзидаи осори Байҳақӣ, тахмин мекунад, ки муаллиф қисматҳои ба салтанати Маҳмуд бахшидаи асари худро «Мақомоти Маҳмудӣ» номидааст[4]. Ин фарзия бо ҳақиқат наздиктар буда, метавон онро пазируфт. Аммо муаллифи «Осору-л-вузаро», аз он сабаб асарро «Мақомоти Бунасри Мушкон» номида, ки дар он Байҳақӣ тамоми ҳаводиси қаламдодкардаашро бар пояи нақлҳои устоди худ овардааст.

Абулфазли Байҳақӣ ҷуз он ки аз илми таърих огоҳии комил дошт, фунуни дигаре, ҳамчун нуҷум, арӯз, оини давлатдорӣ ва амсоли инро фаро гирифта буд. Дар «Таърихи Масъудӣ» ашъори фаровоне мебинем, ки гувоҳи табъи баланди Байҳақӣ мебошанд. Бешубҳа, ӯ гоҳе шеър низ мегуфт, вале кори дарбор ва андармонӣ ба таърих имкон надод, ки ӯ соҳибдевон гардад; шеъри вай то ба рӯзгори мо нарасидааст. Байтҳои ба арабӣ сурудаи Байҳақӣ ва амсолу ашъоре, ки аз зумраи дигар шоирон овардааст, ба забону адаби араб комилани мусаллат будани Байҳақиро намоиш медиҳад[5].

Чун аз зиндагонии муаллифи «Таърихи Масъудӣ» сухан меравад, месазад пиромуни нақши ӯ дар девону дарбори Ғазнавиён чанд нуктаеро низ биовард, чун ӯ аз акобири аъёни дарбор ба шумор мерафт ва фазову муҳити дарбор ба ӯ низ таъсир расонида буд. Байҳақӣ дар саросари асараш оид ба таҷзияи номатбуъ миёни дарбориён нақл намуда, аз тақсимбандии аҳли дарбори Ғазна ба «падариён» (маҳмудиён)-у «писариён» (ҷонибдорони Масъуд) бо дард қисса мекунад. Яъне ду гурӯҳе сар ёзонида, афкори ҷомеъаи

---

[1] Уқайлӣ С. Осор-ул-вузаро. Бо тасҳеҳи М. Арамӯӣ. -Теҳрон, 1364.-С. 155.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.188.
[3] Нафисӣ С. Осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ. -С. 19.
[4] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз. -С. 14.
[5] Ибни Фундуқ. Таърихи Байҳақ. -С. 193.

рӯзро саросар табоҳ менамояд. Аз ширкат доштан ё надоштани Байҳақӣ дар ин зиддиятҳо мулоҳаза рондан низ осон нест. Ба он хотир, ки дар ҷое аз асари хеш мувофақат ё мухолафаташро аз ин ё он ҷиноҳ намоиш намедиҳад.

Аммо бо бармало кардани ҳаводиси муҳимми дарбор бо осонӣ метавон пай бурд, ки Байҳақӣ рафтору кирдори пур аз шарру шарорати ҳар ду тарафи ба ҳам хасмро, ки дар қолиби ақлу дине намегунҷад шадидан маҳкум мекунад. Муҳақиқи америкоӣ Мерлин Волдман дар баҳс пиромуни ин масъала, Байҳақиро ҷонибдори Масъуд шумурдааст[1]. Дар ҳоле ки муаллифи «Таърихи Масъудӣ» иқдомоти дарбори Амир Масъуд нисбат ба «маҳмудиён»-ро сарзаниш мекунад ва дар ҳеч ҷойи асараш хӯйи бади «писариён» нисбати «падариён»-ро мусаллам намедонад ва омилони ин тавтеъаҳоро низ маҳкум сохта, аз фарҷоми бади ин ситезаҳо ҳушдор медиҳад: «…қавме сохтаанд аз маҳмудӣ ва масъудӣ ва ба ағрози хеш машғул, Эзид оқибат ба хайр кунод»[2].

Абулфазли Байҳақӣ бо удабову шуаро муносибати басо наздику самимӣ дошт. Ӯ дар ҳама ҷойи асараш аз шоирони гузаштаву муосири рӯзгори хеш намунаҳо меоварад ва ҳатто барои зиннати асараш аз шоир Абуҳанифаи Искофӣ дархост менамояд, ки қасидае сарояд. Ин дабири олишаън парвардаи муҳити Сомониён буд ва аз зумраи он ашрофони бедору пуртадбир ба шумор меравад, ки бо аз даст рафтани давлатдории силсилаи Оли Сомон – силсилаи тоҷикӣ ё эронии пайвандхӯрда бо Сосониёну Ҳахоманишҳои ҷаҳонорой, танҳо ангушти афсусу надомат ба лаб намениҳад ва дар ҳама ҳолат бо тамоми неру талош мекард, ки қавми хешро дар турктозиҳои рӯзгораш ноҷиву раҳнамо бошад.

Байҳақӣ ба мардуми хеш паёми хираду озодиро расонида, эшонро ба худшиносӣ ва қабл аз ҳама ба омӯхтани таърихи гузашта даъват мекунад, зеро бовар дошт, ки «аз таърих бедорӣ афзояд» ва ин ҳақиқати бебаҳс аст. Дар муҳити тираву тори асри XI иншо намудани ин гуна асаре, ки воқеъиятҳоро бепарда баён мекунад, нишоние аз худгудохтанҳову аз худгузаштанҳои муаллифи сарбаланду арҷманд аст, ки имрӯз метавон ӯро ба масобаи як қаҳрамони ҳақиқӣ аҳсан хонд. Байҳақӣ бовар дошт, ки ин гуна ҷон ба кафи даст сарсахтона пайкоркарданҳояш ба баъдиниён хоҳад расид ва оинаи тамомнамои ибрати онон хоҳад гашт: «аз ман ёдгоре монад, ки пас аз мо ин таърих бихонанд[3]».

---

[1] Волдман Мерлин. Замона, зиндагӣ ва корнамои Байҳақӣ. -С.161.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 277; Нашри Донишпажӯҳ. -С.366.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 640.

МУҲТАВО, МАНБАЪҲО ВА САБКИ ТАЪРИХНИГОРИИ БАЙҲАҚӢ

«Таърихи Масъудӣ» ҳаводису вақоеъи таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони ҳукумати Масъуди Ғазнавиро фаро мегирад. Чунонки зикр шуд, то замони мо ҷилдҳои панҷум (қисмати поёнӣ), шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум ва бахше аз ҷилди даҳум расидааст.

«Таърихи Масъудӣ» бо фурӯ гирифтани писари хурдии Маҳмуд – Муҳаммад аз тахти шоҳӣ ва ба подшоҳӣ бардоштани писари бузурги ӯ – Масъуд шуруъ мешавад. Метавон ҳадс зад, ки бахши аввали ҷилди панҷум дар боби ҳодисаи кӯр кардани Муҳаммад бошад. Зеро муаррихони тоҷик Ибни Фундуқ ва Минҳоҷи Сироҷ дар бораи кӯрии Амир Муҳаммад гузориш додаанд, ки манбаъи онҳо бешак Байҳақӣ будааст. Охири ҷилди даҳум пиромуни ба Ҳиндустон фирор кардани Масъуд ва дар нимароҳ кушта шудани ӯ ҳикоят мекардааст, вале ин қисматҳо аз матни асосии ин асар уфтодаанд. Маҳдудаи замонии ҷилдҳои боқимондаи асари Байҳақӣ ҳодисаҳои марбут ба солҳои 1030-1040-ро фаро мегирад.

Пас аз ошноӣ бо муҳтавои асари Байҳақӣ, метавон номгӯи пурраи мавзуъҳои муаллиф баён фармударо тарсим намуд. Лозим ба ёдоварист, ки «Таърихи Масъудӣ» дар боби салтанати Масъуд ҳикоят кунад ҳам, пиромуни таърихи гузаштаи мардумони Шарқи исломӣ ва рӯзгори шахсиятҳои номиву даврони рӯзгори Аббосиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Қарахониён маълумоти ҷолиб медиҳад. Ҳамчунин ахбори марбут ба Саффориёну Сомониён ва Қарахониёнро муаррихон нодир номидаанд[1].

Ҷилди панҷуми асари Байҳақӣ аз савуми шавволи соли 421 ҳичрӣ (моҳи майи соли 1030) шуруъ шуда, воқеъаҳои зеринро баён кардааст:

Номаи ашрофи дарбор аз Тагинобод ба Масъуд, номаи Ҳурраи Хуттал ба Масъуд, вазъи Амир Муҳаммад дар қалъи Кӯҳтез пас аз фурӯ гирифтани ӯ, фармони Амир Масъуд ба Алии Қариб, музокираи Масъуд бо аъёни Рай, ҳаракат аз Рай ба Нишопуру Ҳирот, сухани Қозӣ Соъид дар бораи Микойилиён, рафтани лашкар ба Ҳирот, боздошти Алии Қариб, зикри аҳволи Муҳаммад ва

[1] Зарринкуб А. Таърихи Эрон (баъд аз ислом). -Техрон, Амири Кабир, 1363. -С. 45.

маҳбус гардидани ӯ, номаи Масъуд ба Қадархони Қарахонӣ, вазъи Олтунтош, расидани Амир Масъуд ба Балх.

Дар миёни ҳаводиси зикршуда Байҳақӣ инчунин чанд ҳикояти дигар аз рӯзгори гузашта овардааст. Достони Фазли Рабеъ бо Абдуллоҳи Тоҳир, ҳадиси номаҳо ва Маъмун, дар фазилати қаноъат ва мазаммати дунё, аз ин қабил ҳикоётанд. Ҳарчанд оғози ин ҷилд аз миён рафтааст, вале ҳодисоте, ки марбути соли 1030 ҳастанд, хеле муфассаланд.

Ҷилди шашуми «Таърихи Масъудӣ» аз хутбае оғоз мешавад, ки муаллиф дар он аз рӯзгори Искандари Румӣ ва Ардашери Бобакон ручӯъ намуда, ононро бо подшоҳи замони худ (яъне Масъуд) қиёс мекунад. Пас аз ин хутба, Байҳақӣ ба баёни таърих мепардозад. Муҳимтарин воқеъаҳои ин ҷилд инҳоянд: кӯдакии Масъуд, аҳволи Масъуд дар Заминдовар, Масъуд дар Мешбат, ҳукумати Масъуд дар Ҳирот, шикори шер кардани Масъуд, муносибати Масъуд бо волии Гургон Манучеҳри Қобус, девони рисолат дар Балх, сухани Масъуд бо Убайдуллоҳ ва Ҳотамӣ, бозгашти Ҳасани Маймандӣ аз Ҳинд ва ба вазорат нишастани ӯ, воқеъаи Ҳасирӣ, достони Абулфатҳи Бустӣ, қиссаи бар дор кардани Ҳасанаки вазир, қиссаи Таббониён, шарҳи ҳоли Бутоҳир, шарҳи валиаҳдии Масъуд, достони Арёруқ ва Ғозӣ, ҳаракати Масъуд аз Балх ба Тирмиз, қиссаи вилояти Макрон.

Ҷилди шашум ҳовии ҳаводиси солҳои 1031-1032 аст. Дар ин ҷилд бо саъйи тамом баҳри ҷаззобу ибратбахш гаштани таъриху шабоҳатҳои рӯзгори муаллиф бо рухдодҳои пешин ҳикоёти ҷолибе аз гузашта меоварад воқеъан хондании. Аз ҷумла сухани Ҷолинуси ҳаким, қиссаи Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дар илоҷи хашми худ, достони Маъмун ва Имом Ризо, ҳикояи Будулаф ва Афшин, қиссаи Абдуллоҳи Зубайр, қиссаи Ҷаъфари Бармакӣ, қиссаи сипаҳсолории Маҳмуд аз ҷиҳати Сомониён, қиссаи Амири одил Сабуктагин оварда шудаанд. Дар ин ҷилд ашъоре ҳам аз шоирони гузашта овардааст, ки бештар дар бесаботии дунё ва дигаргун гаштани аҳволи олам мебошанд.

Дар ҷилди ҳафтуми асар воқеъаҳое, ки солҳои 1032-1034 рух додаанд, тасвир шудаанд. Зикри хуруҷи Амир Масъуд аз Балх ба Ғазнин ҳикояи нахустини ин ҷилд мебошад. Дар ин ҷилд мавзуъҳои асосӣ аз ин қабиланд: фурӯ гирифтани Амир Юсуф бародари Маҳмуд ва хотироте марбут ба ин Амир, вуруди Амир ба Ғазнин ва истиқболи мардум, талаб кардани бахшишҳое, ки Амир Муҳаммад ба аъён ва лашкариён карда буд, зикри омадани борон ва сели азиме, ки Ғазнаро хароб кард, таъйини Тош ба сипаҳсолории Рай, хилъатпӯшии Аҳмади Янолтагин ба солории Ҳиндустон ва авзои

Ҳиндустон, ҷашни Меҳргон ва иди рамазон, маросими дашти Шобаҳор, даргузашти Халифа Қодир, омадани сафир аз Бағдод ва баргузории таъзияи халифа, музокираи Амир бо вазир дар боби Хоразмшоҳ, байъат бо халифаи нав – Ал-Қоим, дасисаи Завзанӣ дар боби Олтунтош, Ҷанги Олтунтош ва Алитагин, даргузашти модари Бунасри Мушкон, фатҳи Бухоро ба дасти Олтунтош, номаи Амираки Байҳақӣ, марги Хоразмшоҳ, бемории Хоҷа Аҳмад Ҳасани Маймандӣ ва даргузашти ӯ, достони Маймандӣ ва Абулқосими Касир, ба вазорат нишастани Аҳмади Абдуссамад ва хилъат пӯшидани ӯ, омадани расули халифа ва хилъат пӯшидани Амир, қасидаи Абуҳанифаи Искофӣ ва ғайраҳу.

Байҳақӣ дар ин ҷилд низ таърихашро бо қиссаҳое аз рӯзгори гузашта оростааст. Ҳикояи Бузургмеҳр ва ҳикояи Булмузаффари Базғашӣ аз ин қабиланд. Ҷилд ҳафтум аз нигоҳи муҳтаво ва баёни матлаб ҷаззобтарин аст.

Дар ҷилди ҳаштуми «Таърихи Масъудӣ» ҳаводиси солҳои 1034-1038 бозтоб шудаанд. Интихоби Бусаҳли Ҳамдавӣ ба кадхудоии Рай, баҳси вазир бо Бунасри Мушкон, сухани Бусаҳли Ҳамдавӣ дар боби Рай, тасмими Масъуд ба гирифтани туркмонон, фатҳи Банорас, гуфтугӯи Масъуд бо Тилак дар боби Ҳиндустон ва шарҳи ҳоли Тилак, саргузашти Нӯштагин, корҳои соҳибдевони Хуросон Абулфазли Сурӣ, ахбори Лоҳур ва Аҳмади Янолтагин, ойин бастани шаҳри Ғазнин ба сабаби омадани сафирони Қарохониён, ҷанги тӯсиён ва нишопуриён, зикри аҳволи Кирмон, поёни кори Аҳмади Янолтагин, достони омили Пушанг Музаффари Тоҳир, вуруди Амир Масъуд ба Сарахс, марги Бағтагини ҳоҷиб, раъйи Амир барои рафтан ба Нишопур ва эътирози вазир, вуруди Амир Масъуд ба Гургону Омул ва талаби мол аз гургониён, достони Буқии посбон, шикасти писари Алитагин, пушаймонии Масъуд аз рафтан ба Гургон, ройзании Амир бо аъён дар масъалаи туркмонон, бадгумонии Масъуд нисбати вазир, миёнравии Бунаср ва дилҷӯӣ аз вазир, шикасти лашкари Бағтуғдӣ аз туркмонон, мушовараи Амир дар чораи кор, гуфтушунид бо туркмонон, омадани волии Чағониён ба дарбори Масъуд, маросими Меҳргон ва идҳои Фитру Қурбон, ҳодисаи Амир дар руди Ҳирманд, музокира бо писарони Алитагин, мусолаҳа бо писари Коку, хилъат додан ба Хоҷаи Бузург, омадани Ироқӣ ба даргоҳ ва номаи Бусаҳли Ҳамдавӣ, рисолати Бусодиқи Таббонӣ, ройзании Масъуд дар боби рафтан ба Ҳонсӣ, вазъи Субошӣ аз мавзуъҳои умдаи ҷилди ҳаштуманд.

Дар моварои зикри воқеъаҳои таърихӣ достони Ҳорунуррашид, ҳикоёти Фазли Бармакӣ ва Амри Лайс низ оварда шудаанд.

Ҷилди нуҳуми асар ба даврае бахшида шудааст, ки дар он ҳаводиси сарнавиштсоз барои давлати Ғазнавиён иттифоқ уфтод, ки мунҷар ба суқути ҳукумати ин силсила дар Хуросон шуд. Дар ин ҷилд муҳимтарин рухдодҳои солҳои 1038-1040 баён шудаанд. Ҳамчун: васфи тахти нав ва бор додани Амир, ҳаракати Субошӣ ба ҷониби Сарахс, хабари шикасти Субошӣ ва омадани ӯ ба даргоҳ, посухи Амир ба Ҳамдавӣ ва Сурӣ, вуруди Иброҳими Янол ва Туғрал ба Нишопур, Қозӣ Соъид ва Туғрал, маросими иди Меҳргон ва иди Азҳо (Қурбон), шарҳи аҳволи Алии Қуҳандизӣ, тасмими Амир барои рафтан ва пайгирии Буритагин, рафтани Амир ба Тирмиз ва бозгашт ба Балх, ҷанги Амир бо туркмонон (салҷуқиён) дар Алиободу Талхоб, вуруди Амир ба Сарахс ва мушоварат бо Довуд ва Ябғу, ҳазимати Салҷуқиён, бозомадани туркмонон ба ҷанг, мушоварати Амир бо Бунасри Мушкон, сулҳи муваққат бо салҷуқиён, вуруди Масъуд ба Ҳирот, Расидани Масъуд ба шаҳри Рай, ранҷиши Бунасри Мушкон аз Амир ва марги ӯ, ҳаракати Масъуд аз Ҳирот ба қасди туркмонон, ҳаракати Масъуд аз Бовард ба Нисо, омадани Амир аз Нисо ба Нишопур, корҳои Нишопур ва ҷашни Наврӯз, қаҳту парешонӣ, машварати вазир бо Олтунтош, навмедии вазир аз Амир, хабар додани мунҳиён аз туркмонон, ранҷиши Багтуғдӣ, рафтан ба сӯи ҳисори Дандонақон, ҷанги Дандонақон, бар тахт нишастани Туғрал, нома ба Арслонхони қарахонӣ, ҳамлаи салҷуқиён ба Балх, фурӯ гирифтани солорон, ҷавоби солорон ва итоби Амир бо Бусаҳли Завзанӣ, хабари шикасти Олтунтош, пайғоми Хоҷа ба Амир, мувозаъа набиштани Аҳмад, боданӯшии Амир дар боғи Пирӯзӣ, қасди азимати Ҳиндустон.

Байҳақӣ ин ҳама воқеъотро аз дидаҳои хеш нақл мекунад ва аз баҳри боз ҳам дилнишинтар гаштани таърихи хеш чандин ҳикояти дигаре ба асараш илова мекунад. Аз ҷумла қиссаҳои Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ, ҷанги Маҳмуд бо Сомониён дар Марв ва ҳикояи Ҷаъфари Бармакӣ оварда шудаанд, ки бар замми он ки назари муаллифро тақвият бахшидаанд, рухдодҳои мазбурро рангинтар сохта, асарро аз лиҳози таърихию адабӣ барҷастатар ҷилва додаанд.

Аз ҷилди даҳуми «Таърихи Масъудӣ», бо камоли афсус танҳо қисми ночизе боқӣ мондааст. Он бо тавсифи вилояти Хоразм шурӯъ мешавад. Сипас Байҳақӣ хутбае дар аҳволу ахбори дунё ва чигунагии таърих эрод карда, минбаъд дар боби аҳволи Хоразм қабл аз забти он аз ҷониби Маҳмуд (соли 1017), аз ҷумла ҳикояти Хоразмшоҳ Абулаббос, қатъ гаштани мулки ин дудмон, ҷараёни забти Хоразм, хутба хондан ба номи Маҳмуд дар масҷиди Хоразм, омадани сафирони қарохонӣ ба назди Маҳмуд қисса мекунад. Ҳамчунон ин ҷилд ҳовии мавзӯъоти зайл аст: Ноором гаштани

вазъи Хоразм, қасидаи Унсурӣ дар фатҳи Хоразм, низоъи Абдулҷаббор ва Ҳорун, ҳамлаи Шоҳмалик ба туркмонон, мушоварати Амир Масъуд бо вазир ва Бунаср, кушта шудани Абдулҷаббор ва бозгашти Исмоил, пайғоми Шоҳмалик ба Исмоил ва бар тахти Хоразм нишастани Шоҳмалик. Дар ин ҷо ҷилди даҳум нотамом мемонад.

Чун аз муҳтавои «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ ёдоварӣ шудааст, бояд зикр кард, ки муаллифи асар ба ғайр аз баёни таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии замони ҳукумати Масъуди Ғазнавӣ аз суннатҳову ойину русуму роиҷи дарбор ҳикоят мекунад. Дар «Таърихи Масъудӣ» маълумоте фаровон пиромуни дигар бахшҳои рӯзгори он давра гирд омадааст. Ҳақ ба ҷониби устод Халил Хатиби Раҳбар – муҳаққиқи соҳибназари эронист, ки менависад: «Камтар падидаи муҳимме аз зиндагонии мардуми он рӯзгор тавон ёфт, ки аз дидаи тезбини муаррих пинҳон монда бошад[1]».

Аз ҷумла Байҳақӣ аз ин суннатҳо маълумот овардааст: расми хилъат додану хилъат пӯшидан, се ҷои замин бӯса додан, асп хостан, истиқбол аз расулон, шеваи бо арабию форсӣ нома нигоштан, тавқеъи нома аз ҷониби Амир, дараҷаи нишастан ва истодан дар ҳузури Амир, бахшишу ҳадя ба шоирони дарбор, пинҳонӣ расми мувозаъа ва ё ба имзо расидани қарордод миёни амиру вазир, мушриф гумоштан, мазолим кардани Амир, лақаб додан, ойини баргузории ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, маросим ва таҷлил аз идҳои мазҳабии Азҳо (Қурбон) ва Фитр, Қуръон хондан ва маросими истиқбол, намози шукр хондан дар девон, расми навиштани фатҳнома, фиристодани ҳадя ба халифаи Бағдод, оростани шаҳр барои истиқболи арусии Амир, шароб хӯрдани амиру аъёни даргоҳ ва ғайраҳу.

Бо ҷузъиёти равшану зариф ва сабки болиғу малеҳ ба тасвир кашидани ин ҳама «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақиро бегумон чун гулбоғи муаттари илму адаб ҷилва медиҳад ва Байҳақӣ то ҳадди имкон саъйу талош кардааст, ки ҳар ҷузъиётро дар килки тасвир наздик ба воқеъияту ҳаққоният вонамуд кунад[2].

Манобеъи ахбори ҳар муаррих ба фазои сиёсию авзоъи иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангии рӯзгори ӯ сахт марбут аст. Ин авомил ҳамзамон муҳаррик ва илҳомбахшандаи ӯ дар падид овардани асаре низ буда метавонанд. Таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ воқеъа-

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.24.

[2] Полякова Е.А. О некоторых проявлениях демакратических тенденций в персоязных исторических источниках XI века. //Общественные науки в Узбекистане.1982. № 11. -С. 46.

ҳоеро фаро мегирад, ки ҳангоми дар ҳаёт будани худи вай рух додаанд. Аммо бо ин вуҷуд, ӯ ба танҳоӣ наметавонист, ки аз авзоъи як давлати бузург бад-ин наҳв ахбори дақиқро ҷамъоварию тадвин кунад. Он ҳам дар асре, ки ҳар хабару иттилоъи муҳим танҳо аз сӯйи дастгоҳи ҳукуматӣ паҳн мегашт ва дастрасӣ ба ин ахбор маҳдуд буд. Байҳақии дабир, барои он ки маълумоташ мувассақ ва гуфтораш муътамад бошад, зимни баён ҳар гоҳе ба манобеъи хабарию сарчашмаҳои таърихи худ ишора кардааст:

Нахустин манбаъи ахбори Байҳақӣ дидаҳову мушоҳадаҳои худи ӯст. «Он чи нависам аз муоянаи ман аст[1]». Яъне, Байҳақӣ чун ба тасвири таърихи замони хеш камари ҳиммат мебандад, аз ҳама бештар ба он чӣ худ дида такя менамояд. Ин дабири огоҳу доно солҳо қабл аз таълиф, нияти нигоштани ҳаводиси рӯзгори хешро дар дил доштааст. Ба ин хотир ҳатто айёми машғулият дар дарбор, асноди зарурро нусхабардорӣ карда ва ҳар гоҳе ҳам хотироташро сабт мекардааст. Асноди муҳимми давлатдорӣ ва асроре, ки Байҳақӣ аз он огоҳ буд, камтар касон дастрасию огоҳӣ доштанд ва хеле нодир буд. «Ман муътамад будам ва бар муҳтавои бархе номаҳову аҳволу ахбор ҷуз устодам ва ман касе дигар аз дабиронро рухсати огоҳӣ ёфтан набуд». Ӯ номаҳоеро, ки устодаш бад-ӯ медод, дар бойгонии вижа, ки «хизонаи ҳуҷҷат» номидааст, мегузошт.

Дар мавриде мегӯяд, ки «…ва маро, ки Булфазлам ин рӯз навбат буд, ин ҳама дидам ва бар тақвими ин сол таълиқ кардам»[2]. Байҳақӣ бо ёдоварии мукаррар ҳодисаи наҳси аз даст рафтани ин аснодро бо таассуф зикр мекунад: «Ва агар қоғазҳову нусхаҳои ман ҳама ба қасд ночиз накарда будандӣ, ин таърих аз лавне дигар омадӣ»[3].

Он гуна ки пештар гуфта омад, Байҳақӣ дар як марҳила зиндонӣ шуда, муддате аз чашми давлатдорони ғазнавӣ дур монд. Дар ҳамин давра баробари мусодараи молу милкаш, асноди расмию хотироту ёддоштҳои ӯ низ ғорат мешаванд. Ӯ бо ишора ба ин ҳодиса чунин мегӯяд: «Ҳама нусхатҳо доштам ва ба қасд ночиз карданд ва дареғо, бисёр бор дареғо, ки он равзаҳои ризвонӣ бар ҷой нест, ки ин таърих бад-он чизе нодир шудӣ[4]». Ба таври умум, мустанад будани «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ аз муҳимтарин арзишҳои он аст.

Манбаъи дигар аз иттилоъи Абулфазли Байҳақӣ ахборест, ки ба истилоҳ аз ростгӯён шунидаст. Байҳақӣ пас аз овардани маълумот пиромуни илми таърих афзудааст, ки он чӣ нигоштааст ё аз дидаҳои

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 1100; Нашри Донишпажӯҳ. -С.1020.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 271.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.439, 886.
[4] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.445.

шахси ӯ ва ё «аз самоъи дуруст аз марде соқа» (ростгӯй) будаанд[1]. Вай матлаби дилхоҳро бо ҷузъиёти комил қаламдод карда, ба мавзӯъ аз сӯи дигар назар мекунад. Дар боби гӯяндаи хабар ҳам Байҳақӣ маълумоти расо медиҳад ва далоили зиёде дар ростқавлии гӯяндаи хабар меоварад. Ӯ бештари вақоёи пасипардагиро, ки ниҳон аз умум мемонданд, аз шунидаҳои хеш дар суҳбати устодаш Абунасри Мушкон овардааст. Ғайр аз ин, аз Абдумалики Муставфӣ ва Абдулғаффор ном шахс, ки ҳарду ашхоси фозилу донишманд буданд ва дар дарбори Ғазнавиён эҳтиромӣ зиёд доштанд, нақли ҳодисот кардааст. Байҳақӣ аз ин фарҳехтагони амину ростин, ки ӯро дар таълифи таърих ёрӣ додаанд, бо некӣ ёд мекунад. Гуфтаҳои Абулғаффорро ба таъбири Байҳақӣ «ба ҳеҷ гувоҳ ҳоҷат наёяд». Абдумалики Муставфиро бошад чунин тавсиф мекунад: «Ӯ он сиқа ва амин буд, ки мӯй дар кори ӯ натавонистӣ хазид ва нафасе бузургу раъйе равшан дошт[2]».

Абулфазли Байҳақӣ то бори амонатро ба манзили мурод бегазанду саломат бирасонад, ба гуфтаҳои худ дар назди хонанда савганд ёд мекунад ва ахбори шунидаашро низ дақиқ баррасӣ менамояд. Бо ин ҳама қонеъ нагашта дар мизони ақл санҷидани хабарро низ воҷиб медонад: «Ва шарт он аст, ки гӯянда бояд ки сиқаву ростгӯй бошад ва низ хирад гувоҳӣ диҳад, ки он хабар дуруст аст»[3].

Манбаъи савуми «Таърихи Масъудӣ» ин ахбору ҳаводиси пайдокардаи муаллиф аз китобҳои пешин мебошад. Қаблан тазаккур дода будем, ки Байҳақӣ дар таърихи худ ба рӯзгори гузашта ручӯъ намуда, барои рангорангию дилнишинии асар онро бо ҳикоёти латиф пироиш медиҳад. Дабири соҳибфазл бо мактаби таърихнигории пеш аз худ ошно буд, ки ба таври фаровон аз он истифода кардааст. «Ман ки Булфазлам китоби бисёр фурӯ нигаристаам, хосса ахбор ва аз он илтиқотҳо карда»[4].

Байҳақӣ гоҳе ҳам маълумоти иқтибоскардаашро аз дигар китобҳо бо зикри номи муаллиф меоварад. Дар ин маврид ӯ ба он осоре истинод мекунад, ки мавриди қабули мардум бошад. Аз ҷумла дар «Фасли Хоразм» (ҷилди даҳум) аз Абурайҳони Берунӣ хабар нақл намуда мегӯяд: «Пеш аз ин ба муддати дароз китобе дидам ба хатти устод Абурайҳон ва ӯ марде буд дар адабу фазл ва ҳандасаву фалсафа, ки дар асри ӯ чун ӯ дигаре набуд ва ба газоф чизе нанавиштӣ. Ин дароз аз он додам, то муқаррар гардад, ки ман дар

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.1100.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 163; Нашри Донишпажӯҳ. -С.170.
[3] Таърихи Байҳақӣ. нашри Раҳбар. -С. 1099; Нашри Донишпажӯҳ. -С.1019.
[4] Таърихи Байҳақӣ. нашри Раҳбар. -С. 241; Нашри Донишпажӯҳ. -С.300.

ин таърих чун эҳтиёт мекунам[1]». Камтар аз муаррихони моро метавон ном бурд, ки ба ин наҳв бар асолати таъриху воқеъияти таърихӣ пойбанд бошанд.

Байҳақӣ кӯшидааст, ки дар нигоштани таърих то ҳадди тавон аз таассуб дурӣ ҷӯяд. «Дар таърихе, ки мекунам, сухане наронам, ки он ба таассубеву тазайюде кашад ва хонандагони ин тасниф гӯянд: шарм бод ин пирро! Балки он гӯям, ки то хонандагон бо ман андар ин мувофақат кунанду таъне назананд». Барои Байҳақӣ таърих афсонаву достоне нест, ки аз бофтаву тофтаҳои хаёли касе бошад, ки онро барои тафреҳу осоиши табъ бихонанд, ё аз хондани он касро хоб ояд, балки таърихро ӯ тозиёнаи бедорӣ ва манбаи донишу огоҳӣ медонад, ки саршор аз омӯзишу ибрат ва манфаъат аст.

Ӯ ҳикоётеро, ки бофти воқеъӣ надоранд ва аз сохтаву пардохтаҳои муште аз қиссапардозҳои ҳангомаҷӯю бенамак рӯйи коғаз омадаанд, ботилу хурофоти маҳз мешуморад, ки ҳосил аз бекориянду душмани бедорӣ. Агар нек бингарем, аз Абулфазли Байҳақӣ то Аҳмади Дониш ин гуна хаёлпардозиҳои бебунёди козиб дар адабиёти форсӣ ҳар замоне ба назар мерасанд. Устоди ростгӯй мефармояд: «Бештари мардуми омма онанд, ки ботили мумтанеъро дӯсттар доранд, чун ахбори деву парӣ ва ғулу биёбон ва кӯҳу дарё, ки аҳмақе ҳангома созад ва гурӯҳе ҳамчун ӯ гирд оянду вай гӯяд: дар фалон дарё ҷазирае дидам ва понсад тан ҷое фурӯд омадем дар он ҷазира ва нон пухтему дегҳо ниҳодем. Чун оташ тез шуд, табаш бад-он замин расид, аз ҷой бирафт. Нигоҳ кардем, моҳе буд; ва ба фалон кӯҳ чунин ва чунин чизҳо дидем ва пиразане ҷоду мардеро хар карда ва боз пиразане дигар ҷоду гӯши ӯро ба равғане бияндуд, то мардум гашт. Ва он чи бад-ин монад аз хурофт, ки хоб оварад нодононро чун шаб бар эшон хонанд. Ва он касон, ки сухани рост хоҳанд, то бовар доранд, эшонро аз доноён шумаранд ва сахт андак аст адади эшон ва эшон некӯфаросатонанд ва сухани зиштро бияндозанд[2]». Ин интиқоди латифи Байҳақӣ аз муаррихонест, ки матолиби омиёнаро вориди таърих мекунанд, то мардумони омиро хушнуд созанд ва ҳамзамон ҳушдорест, то омигарӣ ривоҷ наёбад!

Аҳмади Дониш низ дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба ин монанд сухане дорад: «Ва ростию дурустии он (ахбор –С.М.) зарур на, аз қабили «Ҳотамнома» ва «Бумуслимнома», ки ҳар кадом дафтаре бузургу ҳаҷиманд. Сухани рост дар онҳо агар бошад, як-ду сафҳа беш нест. Ва ғаразу гирдоварӣ аз онҳо маҳзи тазлил аст ва муғолатаи авом аст, ё афсонае барои хоб[3]». Муқоясаи ду навишта,

[1] Таърихи Байҳақӣ. нашри Раҳбар. -С.1100;. Нашри Донишпажӯҳ. -С.1020.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.1099; Нашри Донишпажӯҳ. -С.1019.
[3] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. -Душанбе, 1988. -С.94-95.

ки фосилаи нуҳсад сол доранд, нишон медиҳад, ки таърихи воқеъӣ, ки ойинаи тамомнамои ибрату огоҳист, дар аксари давраҳо он қадар хонанда надоштааст, ки ин афсонаҳо доранд. Қуръони маҷид низ баробари анбиёи пешин, аз як қатор ақвому ашхоси гузашта ёддошт медиҳад ва руҷуъ кардани инсонҳо ба ин рухдодҳоро мояи ибрат меҳисобад. Байҳақӣ ин дастури Китоби осмониро хуб дарк кардааст, ки мегӯяд, «Ғарази ман аз набиштани ин ахбор он аст, ки то хонандагонро аз ман фоидае ба ҳосил ояд ва магар касеро аз ин ба кор ояд[1]».

Байҳақӣ, ки дар нигоштани таърих амонатро риоят намуд, умедвориашро аз ҷовидон гаштани ин навиштааш чунин баён медорад: «ғарази ман он аст, ки таърихи пояе бинависам ва биное бузург афрошта гардонам, чунонки зикри он то охири рӯзгор боқӣ монад[2]». Байҳақӣ на ин ки дабиру адиби донишманде буд, балки дар сиёсат низ тасаллут дошт ва ин сифот зербинои муносибе барои падид омадани шоҳкоре чун «Таърихӣ Масъудӣ» гардид. Аз ин рӯ итминон дошт, ки гузари замон ва дигар шудани аҳволи мулк ва интиқоли қудрат аз як хонадон ба хонадони дигар ё аз як қавм ба қавми дигар аз аҳаммияти навиштаи ӯ чизеро кам намекунад. «Пас аз ин аср мардумони дигар асрҳо низ ба он руҷуъ кунанд ва бидонанд»[3].

Байҳақӣ гоҳе, аз он ки риштаи ҳикоёторо ба дарозо кашидааст ва ин метавонад мояи хастагии хонанда шавад бо як тавозуъи малеҳ дар баробари хонандаи китоб дасти пӯзиш рӯйи сина мениҳад: «Чунон донам ки хирадмандон, ҳарчанд сухан ба дарозо кашидаам, биписанданд, ки ҳеч навиштае нест, ки он ба як бор хондан наярзад».

Байҳақӣ итминон дошт, ки аз ҳамзамонони ӯ касони зиёде ҳастанд, ки бо фазлу адаб ороста ва лаёқату истеъдоди навиштани таърихро доранд то ҷое, ки ӯ ин ҷумларо дар «рондани таърих» савора ва хештанро пиёда мешуморад. Аммо ба эътиқоди Байҳақӣ, «давлат эшонро машғул кардааст, то аз шуғлҳои бузург андеша медоранд». Агар бо тарзи дигар бигӯем, ин «саворон»-ро мулоҳизоти сиёсӣ, ки барои ҳамаи асрҳо хосс аст ва баъзан тарс аз гуфтани воқеъиёт ё парҳез аз дурӯғ ё навиштану мадҳ кардани бадаслон, аз ин кор боз медоштааст.

Абулфазли Байҳақӣ бо рисолате хосс пой бар пиллаи таърих гузошта, бори сангини масъулияти ҳақшиносӣ бар дӯш, даст ба қалам бурдааст. Зеро дар мавҷи ҳаводиси муҳлику фоҷеъазойи

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.226; Нашри Донишпажӯҳ. -С.274.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.149; Нашри Донишпажӯҳ. -С.250.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 161-162; Нашри Донишпажӯҳ. -С.167.

рӯзгори хеш бим аз он дошт, ки агар шахсе мисли ӯ иқдоме накунад пас аз муддате «ин ахбор аз чашму дили мардумон дур монад» ва ё касе дастбакори таърих шавад, ки аҳли ин кор набошад. Чӣ борҳо иттифоқ афтодааст, ки ашхоси бебизоату фурӯмояе аз фарти чоплусию тамаъ ба ҷойи таърих афсона нигошта, ҳодисотро ба тамом таҳриф кардаанд ва ҷаллоде ғосибу хуношому ғаддорро то осмони ҳафтум боло бурдаанд. Бар хилофи ин таҳрифгарони таммоъ Байҳақӣ дар риволи ҳақ собитқадам аст: «Маро чора нест аз боз намудани чунин ҳолҳо, ки аз ин бедорӣ афзояд ва таърих ба роҳи рост биравад, ки раво нест дар таърих тахсиру таҳриф ва тақтиру табзир кардан[1]». Байҳақӣ барҳаққ ҳушдор медиҳад, ки гуфтан дигар асту навиштан дигар ва мешавад аз гуфтор лаб фурӯ баст, аммо ҳар ҳарф, ки бо риштаи сатр кашида шуд, онро натавон канд: «Эҳтиёт бояд кардан нависандагонро дар ҳар чӣ нависанд, ки аз гуфтор боз тавон истод ва аз набиштан боз натавон истод ва набишта боз натавон гардонид[2]».

Дар миёни муаррихони асримиёнагии тоҷик ба душворӣ метавон касеро ном бурд, ки ба мисли Байҳақӣ дар гуфтани ҳақоиқи рӯзгорони хеш, он ҳам дар васфи корномаи амире, ки дар хидматаш будааст, ин гуна гуфтори росту андешаи покро пеша карда бошад. Он ҳам дар рӯзгори ҳукумати вориси он амир. Ҳангоме ки Байҳақӣ аз ҷараёни юриши ваҳшатноку дур аз хирад ва бадфарҷоми Масъуд ба Гургону Табаристон ҳикоят мекунад, ошкоро мегӯяд, ки ин сафар ба ҷуз бадномию шикаст ба Султон чизе наёварад. Зеро дар ҷараёни ин фоҷеъа афсарони Масъуд шаҳри Омулро ба оташ кашиданд; дар ин миён пирамарде бо зани солманду се духтари таҷовузгаштааш дар ҳузури Амир Масъуд гиребони ҷавр чок мекунад, ки сабаби ошуфтагиву парешонии Амир мегардад, то ҷое ки аз ин пирамарду аҳли хонааш ҳалолият мепурсаду узр пеш меоварад, ҳодисае ки дар ҳукумати ситамгорон ба нудрат иттифоқ уфтодааст. Байҳақӣ вақте аз ин хабар ҳикоят мекунад, бо сарзаниш аз хеш мегӯяд: «Сахт душвор аст бар ман, ки бар қалами ман чунин сухан меравад, лекин чӣ чора аст? Дар таърих муҳобо нест[3]». Бале, дар асари Байҳақӣ хушомаду мадҳгӯи тақрибан ба чашм намерасад.

Пештар зикр кардем, ки Байҳақӣ асари худро бидуни дархосту дастури касе, на амиру на саҳир нигоштааст ва шояд ҳамин сабаб мунҷар шудааст, ки то ҳадди тавон муаллиф инсофро риоят карда,

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 678; Нашри Файёз. -С. 513.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 1104; Нашри Файёз. -С.758.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 676.

ҳар чиро ба назараш дуруст омада навиштааст ва чуноне ки худ мегӯяд, «доди таърих»-ро додааст.

Байҳақӣ то он ҳад мунсиф аст, ки аснои ёдоварии гирифториаш ба балои фитнаҳои дарбор, мардона иқрор мекунад, ки ҷурму хатое аз худи ӯ низ сар задааст «Дар баъзе маро гуноҳ буд ва навбати дурушт аз рӯзгор даррасид[1]». Оре, рости ризои Худост ва бандае росткору ростгӯ ҳамчун Абулфазли Байҳақӣ, бо ростии қалбу имон «иҳдина-с-сирота-л мустақим[2]» ба забон меоварад ва бо чунин маърифати поку бо чунин шаҳномаи ноб – «Таърихи Масъудӣ», дар ҳама асру айём намунаи ибрат боқӣ монд. Поёни садаи 20, ки аз ҷанги таҳмилии қудратталабон дар Тоҷикистон ҳазорону ҳазорон кушта шуданд, даҳҳо тан аз сарварони ҷиноҳҳои зидди ҳам рӯ ба китоб оварда, ёддошти он рӯзҳои мудҳишро баъдан навиштанд. Аммо чӣ ёддоштҳое – танҳо санг бар сари дигар тараф шикастану худро моҳи беайб тарошидан! Магар мо вориси Байҳақӣ нестем?!

Дар нигориш барои Байҳақии муаррих аз ҷузъ ба ҷузъ овардани рафти ҳодисае, моҳияти он ё чунонки худи ӯ мегӯяд «ба ҷой овардан воҷиботи таърих» муҳим аст. Ӯ менависад: «Дар таворих чунон мехонанд, ки фалон подшоҳ фалон солорро ба фалон ҷанг фиристод ва фалон рӯз ҷанг ё сулҳ карданд ва ин онро ё ӯ инро бизад ва бар ин бигузаштанд. Аммо ман он чи воҷиб аст, ба ҷой орам». Бо ин равол масалан, ҳангоми баёни ҳодисаҳои асри Масъуд боз мегардад ба рӯзгори Маҳмуд, то ҳамчунин баъзе рухдодҳоро қиёс кунад. Устод Байҳақӣ, ки аз таърихи қабл аз ислом низ огоҳӣ дорад, аз рӯзгори Искандар ва Сосониён ҳам ҳикоёте ибратбахш меорад ва бештар ба сарнавишти Аббосиён ва Сомониён таваҷҷуҳ менамояд ва достонҳои ҷолибе меоварад, ки баъзе аз онҳо дар ҳеч асари дигаре дучор намешаванд[3].

Дигар нуктаи қобили зикр он аст, ки хонанда дар ҳеч ҷое ба навиштаву ахбори овардаи Байҳақӣ шак намекунад. Ахбори Байҳақиро, он гуна ки худи муаллиф пешбинӣ кардааст, ақли солими ҳар каси андак огоҳ мепазирад. Агар чизе дур аз ақлу бовар бошад, муаррих бо тадоруки пеш аз тафсил, далел меоварад бар ростии гуфтори хеш. «Набояд сурат бандад хонандагонро, ки ман аз хештан менависам ва гувоҳи адл бар ҳар чӣ гуфтам тақвими солҳост, ки дорам бо хештан ҳама ба зикри ин аҳвол нотиқ[4]».

Байҳақӣ дар ҷое аз асараш менависад, ки «Чун дар ин рӯзгор ин таърих кардан гирифтам, ҳирсам зиёдат шуд бар ҳосил кардани он,

---

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 933; Нашри Файёз. -С.679.

[2] Ояти қуръонӣ: «бинмой моро роҳи рост».

[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 491; Нашри Файёз. -С. 405-406.

[4] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 886; Нашри Донишпажӯҳ. -С. 839.

чиро ки дер сол аст то ман дар ин шуғлам[1]» (яъне нигоштани таърих – С.М.). Аз ин гуфта чунин бармеояд, ки дабир басе солҳо дар таълифи таърихи хеш ранҷ бурдааст.

Аммо бояд ёдовар шавем, ки Байҳақӣ ба нудрат аз манбаъи истифода кардааш мушаххас ном мебарад. Танҳо ба иқтибосӣ будани матлаб ишора карда, дар ағлаб маворид иброз медорад, ки: «чунон хондаам дар ахбори хулафо» ва ё «чунон хондаам дар ахбори Сомониён». Байҳақӣ натанҳо сирф як нигоранда, балки донандаи хуби таърихи Эрону Ислому ҷаҳон аст ва бо навиштаҳои то замони худ ошноии комил доштааст. Ӯ гоҳе аз пешиниён баҳра бурданашро зикр мекунад ва гоҳе ҳам ба баъзеи онҳо метозад ва дурӯғнависону газофгӯёнро накӯҳиш мекунад. «Таърихҳо дидаам бисёр, ки пеш аз ман кардаанд подшоҳони гузаштаро хидматкорони эшон, ки андар он зиёдат ва нуқсон кардаанд ва бад-он ороиши он хостаанд[2]».

Абулфазли Байҳақӣ дар асари хеш садҳо шаҳристону деҳа, рӯду дараву биёбону кӯҳистонро ном бурдааст, ки чунин намунаро на дар ҳама таърихҳои гузашта метавон пайдо кард. Роҳҳои корвонгузар, фосила байни шаҳрҳо низ тақрибан дақиқ маълум гаштаанд. Аз ин рӯ муҳақиқи варзида Алиакбари Файёз «Таърихи Масъудӣ»-ро аз сарчашмаҳои муътамади ҷуғрофӣ мешуморад[3]. Донишманди афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ баробари тавқияти суханони Файёз дар ин замина пажӯҳиш низ кардааст[4].

Байҳақӣ чун дигар муаррихон сабабҳои рух додани ҳаводисро таҳқиқ намекунад, вале бо ин ҳол аз гуфтани баъзе корҳо, ки ба парешонии мулк ва суқути давлати ғазнавӣ мунҷар гардиданд, худдорӣ намекунад. Замоне ки парешонии Хуросонро мебинад, бо таассуф иброз медорад, ки «Ҳоли Хуросон чунин ва аз ҳар ҷонибе халале ва худованди ҷаҳон (яъне Амир Масъуд – С.М.) шодидӯсту худраъй ва вазир муттаҳаму тарсон ва солорони бузург, ки буданд, ҳама ройгон баруфтоданд[5]».

Дигар нуктае, ки дар асари Байҳақӣ зиёд ба чашм мерасад, ба таври фаровон бар қазову қадару сарнавишт ҳавола кардани фарҷоми ҳар паёмадест. Лиҳозо пас аз баёни ағлаб ҳаводис ба ҷойи он ки иллату авомили аслии сар задани ин ҳодисаро баён дорад, ӯ худрову хонандаашро тасалло медиҳад, ки аз кори сарнавишт «бозҷасте нест» ва ё «бо қазои омада бар натавон омад». «Таърихи

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 162; Нашри Файёз. -С. 116.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз. -С. 14.
[3] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз. -С. 14.
[4] Ҳабибӣ А. Таҳқиқи бархе аз амокини «Таърихи Байҳақӣ». -С. 17.
[5] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.761 : Нашри Файёз. -С. 429.

Байҳақӣ» иштибоҳҳои паёпайи Масъудро аз рӯзи ворид шуданаш ба Ғазнин (соли 1031) то набарди сарнавиштсози Дандонақон (майи соли 1040) нақл мекунад, дабири нуктапардози он, ҳангоми ҷамъбасти салтанати ин амир ва саранҷоми нангину бешарафонааш иброз медорад, ки «Ин малик, раҳматуллоҳи алайҳи, тақсире накард, ҳарчанд мустабид (худкома – С. М.) ба раъйи хеш буд … кораш бинарафт, ки тақдир карда буд, Эзид, азза зикруҳу, дар азалул-озол, ки Хуросон …… ройгон аз дасти вай биравад ва Хоразму Райу Ҷибол ҳамчунин[1]».

Бояд гуфт, Байҳақӣ парвардаи остони Ғазнавиён аст ва ба поси муруватҳои дидааш аз ин даргоҳ, ба Ғазнавиён садоқат дорад ва ҳамеша дуъогӯйи пояндагии ҳукумати ин хонадон аст. Бо ин ки аз кажию костиҳои умарову акобири дарбор огоҳ аст, вале касеро аз онон бартар намеҳисобад. Аз Масъуде, ки сарвати хазинаро сарфи айшу ишрат мекард, тамҷид менамояд. Амире, ки ба эътирофи худи Байҳақӣ бо ҳар баҳона базми шароб меорост ва бештари вақт маст буд, дар назари ӯ бартар аз Ардашери сосонӣ аст. Байҳақӣ аз бахшишҳои беҳадди Амир Масъуд нақл мекунад, вале дар ҷойи дигар мегӯяд, ки ҳамин амир барои обод кардани хазина ҳазорон нафарро хонахароб мекард.

Ба назари мо чунин қубҳи баён як раволи роиҷ дар шеваи нигориши аҳли қалами он замон будааст, ки табиатан Байҳақӣ наметавонист аз ин қолиб берун равад. Ба таври мисол, пиромуни ба сарвати ҳангуфт расидани баъзе аз риҷоли сиёсӣ мегӯяд ва ҷое ҳам «моли фаровон» ёфтани худро эътироф мекунад, вале боре намегӯяд ки ин амвол аз кадом роҳ ба онҳо расидааст.

Ҷолиб аст, ки ходимони дарбор чӣ олиму соҳибқалам ва ё чӣ сипоҳиву соҳибмансаб, ба навиштаи Байҳақӣ, дорову соҳиби молу милки фаровон нишон дода шудаанд. Аз ин бармеояд, ки Ғазнавиён, ба истиснои носипосии Маҳмуд аз Фирдавсӣ, заҳамоти аҳли илму адабро ба таври шоён қадр мекарданд.

Чунончи Байҳақӣ ҳодисаи гирифтор шудани Бӯсаҳли Завзаниро ёдовар шуда, меафзояд, ки молу сарвати ӯро аз хонааш ғасб карда, ба шаҳрҳои Марв, Завзан, Нишопур, Ғур, Ҳирот, Бодғис ва Ғазнин аз номи вазир нома ва маъмуроне фиристода шуданд, ки амволи фаровону ғуломони ӯро низ мусодара кунанд ва ба хазинаи амир фиристонанд[2].

Дигар костии асари Байҳақӣ ба назари мо он аст, ки ӯ танҳо аз табақаҳои дарбор ва ё ба истилоҳ «болоҳо» мегӯяд ва рӯзгори

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С.1097-1098 : Нашри Файёз. –С. 749-750.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 465: Нашри Файёз. -С.373

қишри поёнию мазлум аслан аз диди ӯ берун мондааст. Аммо ин камбудӣ танҳо хосси асари Байҳақӣ нест, балки такрибан дар дигар таърихнигорони исломӣ бармалост[1]. Муаллифи «Таърихи Масъудӣ» аз ҷанбаҳои гуногуни рӯзгори дарбор аз қабили базму тараб, номанависӣ, таркиби лашкар, найрангҳои дарбориён, маросимҳои арусии амиру амирзодагон, таъзияву сӯгворӣ ҳикоят кардааст. Аммо ҳамин муаллиф аз зиндагонии раъийяте, ки Султон ва халифаи Бағдодро истиқбол карда «дираму шаккар мепошиданд», чизе намегӯяд.

Дар «Таърихи Масъудӣ» ҳаёти занон – ин табақаи маҳруми он замон ё ба таъбири муаллиф «сарпӯшидагон» тасвири хеле камранг дида мешавад. Маҳрумияти ин табақаро аз номаи хоҳари Султон Маҳмуд – Ҳурраи Хутталӣ ба Масъуд метавон фаҳмид, ки ӯ мегӯяд: «Мо авароту хазоин ба саҳро уфтодаем». Ҳар чое низ сухан аз занон ояд, Байҳақӣ, ки намояндаи тафаккури ҷомеъаи мардсолор аст, ҳатман бо ин ки баъзе аз ононро зикри хайр мекунад, чун модари Ҳасанак ва модари Абдуллоҳи Зубайр, аммо «заҳре» ҳам ба онҳо мечаконад ва суханоне мегӯяд дар мазаммати занон, мисли ин: «дуккони занон ҳиллатҳост», «ҷазаъе накард, чунонки занон кунанд[2]» ва ғ. Албатта дар таърихҳои қабл аз Байҳақӣ ҳам ошкоро дар хусуси занон сухан ба миён оварда намешавад ва шуруъ аз ҳукумати Салҷуқиён аст, ки пойи занон ба умури сиёсат боз мешавад ва дар манобеъи таърихӣ ҳам аз «хотунҳо» зикри фаровон меояд.

Дар қатори фавоиди фаровони асари Байҳақӣ наметавон аз як нуктаи муҳими дигар ё имтиёзи ин китоб ғафлат варзид. Байҳақӣ аз нахустин касонест, ки дар таърихи хеш истилоҳи «тозик» ё «тоҷик»-ро зикр карда, пас аз худ онро роиҷ месозад. Агар перомуни далоили истифодаи истилоҳи «тозик» ё «тоҷик» дар асари Байҳақӣ мулоҳиза ронем, зарур аст чанд нуктаро тазаккур диҳем. Чиро муаррихони қабл аз Байҳақӣ (Табарӣ, Балъамӣ, Наршахӣ ва ғ.) мардуми эронинажоди Хуросонро тозик ё тоҷик наномиданд? Сабаб чист, ки маҳз муаррихону шоирони рӯзгори ғазнавӣ (Унсурӣ, Искофӣ) ин истилоҳро ба мардуми бумии Хуросон нисбат додаанд? Магар то ин замон (аз ҷумла рӯзгори Сомониён) тоҷикон мавҷуд набудаанд?

Пас аз баррасиву тааммул ба хулосае расидем, ки дар рӯзгори Байҳақӣ туркони барда дигар иддиъои хоҷагӣ доштанд ва табдил ба

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз. Пешгуфтори доктор Файёз. Саҳифаи панҷоҳу се.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Раҳбар. -С. 12: Нашри Файёз. -С.13.

як хатари бузурге барои сарзамини ӯ гашта буданд. Инро метавон аз руҳияи Шоҳ Носири Хусрав ё Аттору Саъдӣ низ пай бурд. Бо ин манзур устод Байҳақӣ дар қиболи «турк» вожаи «тозик»-ро ҳамрадифи «эронӣ» китобат кардааст: «тозик», «тозикон», «мо тозикон» бо таъкиду такрор ҳар гоҳе менависад ӯ. Пай бурдан душвор нест, ки маниши туркгароии туркон Байҳақиро водору ночор ба таъкиду таъйиди ҳувийяти миллии хеш карда, ки пас аз ӯ меомадагонро бо худу бегона шиносонад, ки тозикон (яъне тоҷикон ё эрониён) киҳо ва аз куҷо будаанду чӣ кардаанду чӣ гуфтаанду чӣ навиштаанд. Таъйиди «тозик» (яъне «тоҷик») дар «Таърихи Байҳақӣ» ҳойизи чанд нуктаи муҳимми илмию таърихист.

Нахуст: ин фарзия бояд ҳақиқат дошта бошад, ки дар замони истилою истибдоди араб эрониёнро ҳамчун «тозик» мешинохтаанд ва шояд ин араб будааст, ки дар он давра «тоҷик»-ро «тозик» ба забон овардааст ё китобат кардааст.

Дуюм: ҳамин тозикон будаанд, ки дар Хуросон аз бедоди бегонагони араб ба хурӯш омада, бо сина сипаркарданҳову сарбадордоданҳо санги бинои ҳукумати Эрони бостонро дар Бухоро (оли Сомон) дубора устувору побарҷо кардаанд. Зеро вожаи «тозик» табиист, ки пас аз ба Ғазна кӯчидани маркази Хуросон дафъатан падид наомадааст, албатта қаблан вирди забонҳо будаву аммо маҳз туфайли ҳакими бедори Байҳақ дар моварои таззоди шадид бо туркон рӯйи коғаз омадааст.

Сеюм: аз таъкиди Байҳақӣ рӯйи вожаи «тозик» бермеояд, ки ҳукуматҳои Тоҳирию Саффорию Сомонӣ ҳама тоҷикӣ (эронии асил) ва дастбакорони ин ҳукуматҳо (истисноан аз баъзе аз саркардаҳои турки барда) ҷумла тоҷик будаанд. Соҳибқиронони илму адаби ин давронро, ки бар чашми башар аз коиноти маърифати хеш ҳазорон хуршед намудаанд, низ ҳамчун «тозик» медонистаанд. Баъдан дигар бузургон мо – Ҳаким Саноию Шайх Аттор, Мавлонои Балху Саъдии Шерозӣ ин вожа («тозик»)-ро ба гунаи «тоҷик» фаровон ба кор бурда, зимнан худро «тоҷик» хондаанд (Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд. Турки ту бирехт хуни тоҷик! Саъдӣ).

Бад-ин тартиб, номовари ғаюри Байҳақ, устод Байҳақии бузургвор нишон медиҳад, ки дар авҷи шадиди фаҷоеъи истилои турку араб тоҷикон (тозикон) дар эҳёи дубораи Эрони бостон дар поёию ҷовидонагии ин марзи пургуҳар нақши сазовори калидие доштаанд.

Дар шоҳкори беназири худ Байҳақии дабир инчунин ба як муаммои дигар, ки дар манобеи таърихӣ гоҳе ҷилвагар шуда посух гуфтааст. Ин муаммо афсонаи аз ҳунари ҷангу мубориза дур будани тоҷикон аст. Тавре маълум аст, дар дигар гушаву канори олам (аз

ҷумла Аврупо) низ ҳамеша миёни мардуми бумӣ ва ҳамсоягони чодарнишини он доду ситад ва набарду мубориза дар ҷараён будааст. Байҳақӣ нахустин муаррихи тоҷик аст, ки ин ихтилофро аз забони акобири дарбори Ғазна баён дошта, менависад, ки турконро «биёбон падару модар аст, чунонки моро шаҳрҳо».

Тибқи ривояти Байҳақӣ, лашкари Ғазнавиён мураккаб аз туркон (ғолибан сарвар) ва тоҷикон буд; Ғазнавиён аз дигар қавмҳо низ дастаҳо доштанд, аммо на бо шумори афзун. Байҳақӣ агар аз лашкариёни тоҷик сухан ронад, танҳо ҳадиси садоқату фидокории ононро мегӯяд ва таъкид мекунад, ки тоҷикон ҳамвора дар нақши дифоъӣ зоҳир шудаанд, зеро ҷангу юриш вайронгару нобудсоз аст, табиати тоҷикӣ ободгарист.

Байҳақӣ дар баробари зикри фазлу насаби тоҷикон аз парокандагии ашрофи тоҷик ва хусумату тафриқаи музофотии онҳо низ сухан мегӯяд ва бад-ин минвол ҳазор сол қабл яке аз муҳимтарин нукоти осебпазири ин миллати қадимро, ки ҳанӯз баъзе осори ин марази музмин боқӣ монда, ба ворисон гӯшзад мекунад. Ин гӯшзад нест, балки ғиреви як соҳибдили тори пӯди хеш аз меҳри Ватан танидаест, ки ҳамово бо Ҳаким Фирдавсӣ, Шоҳ Носири Хусрав, Низомию Мавлоною Бедилу Иқбол ... садо дармеорад, агар ҷаҳон тан бошад, Эрон дил аст ва ай озодагон, шарматон бод, дареғ аст, ки Эрон вайрон шавад!

Дар ин чашмандоз, ки таърих меҳвари он аст, намехоҳем аз арзиши адабии «Таърихи Масъудӣ» сӯҳбат шавад ва дар ин замина бизоъат ҳам надорем. Аммо, ҳар каси ошно бо ин асар, наметавонад мафтуни насри шевою мавзуну манзуми Байҳақӣ нагардад. Барои касби иттило ба хонандаи азиз аз сабки баёну салиқаи адабии асари Байҳақӣ мехоҳем андешаи баъзе муҳаққиқони соҳибназарро ба таври иҷмолӣ оварем.

Ба иттифоқи оро ин таърихнома аз лиҳози забон «устувортарину дилнишинтарин осори мансури форсӣ» ба шумор меравад[1]. Муҳаққиқи эронӣ Аббос Милонӣ бар ин бовар аст, ки «насри Байҳақӣ, ки ба шеър паҳлӯ мезанад, аз шоҳкорҳои таърихи адаби форсӣ аст. Мунтақидону муаррихону забоншиносон аз ғинои вожагони он, аз салосати баён ва зебоии таркибҳояш сухани фаровон гуфтаанд[2]».

Забони асари Байҳақӣ чунон ҷаззобу рангин аст, ки ҳатто миёни донишмандон истилоҳи «сабки Байҳақӣ» роиҷ гардидааст[3]. Вижагиҳое, ки устод Маликушшуаро Баҳор ё чанде аз соҳибназарон

---

[1] Саҷҷодӣ С., Оламзода Ҳ. Таърихнигорӣ дар ислом. -С.127.
[2] Аббос Милонӣ. Таърих дар «Таърихи Байҳақӣ». -С.705.
[3] Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ. Теҳрон, 1337. Ҷилди 2. -С.67.

барои «Таърихи Масъудӣ» баршумурдаанд тақрибан, аз ин дастаанд:

вуҷуди итноб (дарозгӯйӣ): насри Байҳақӣ муфассалтар аз пешиниёнаш аст. Мисол: «…ва ҳоҷиби ҷомадор ба Макрон расид ва сахт ҳушёру бедор солоре буд ва муборизе буд номдор ва бо вай муқаддамон буданд ва лашкаре ҳарису роста»;

тавсифи шеъргунаи ҳаводис: манзарасозии муаллиф аз ҳодисоти рухдода бо оҳанги шеър аст, ё ба истилоҳи Маликушшуаро Баҳор Байҳақӣ дар он каме намаки шеърӣ пошидааст;

истишҳод ва тамсил: Байҳақӣ бар хилофи осори таърихии қабл аз худ мисолу ашъори фаровоне меоварад. Аз ҷумла вақте мехоҳад аз издивоҷи Масъуд бо шоҳзодаи Гургон сухан кунад, чунин ҷумлаи зебо меоварад: «Дидори Султон бар моҳ уфтод ва гургониёнро аз рӯшноии он офтоб фахру шараф афзуд»;

тақлид аз насри арабӣ: бар хилофи насри давраи сомонӣ аз ҷумлабандиҳои арабӣ тақлид мешавад, ки намунаи онро дар ин баён метавон дид: «Чун аз пеши ӯ бигурехт, намонда буд бо ӯ бас шавкате»;

ҳазфи феъл ва қисмате аз ҷумлаҳо: «Нӯшервон гуфтааст дар шаҳре мақом макунед, ки подшоҳе қодиру қоҳир ва ҳокиме одилу бороне доим ва табибе олиму обе равон набошад»;

навгарои дар корбурди феъл: дар давраи қабл аз Байҳақӣ ин шева роиҷ нест, ки намунааш ин аст: «Бояд ки вай низ ҳам бар ин равад ва миёни дилро ба мо менамояд ва савоб ва салоҳи корҳо мегӯяд»;

ҷамъбандии форсӣ дар ҷумлаҳо: ғуломе бист, тане чанд, ғуломе сесад ва ғ;

истифодаи вожаҳои форсӣ: вожаву таъбирҳои ноби форсӣ дар насри Байҳақӣ зиёд омадаанд, ки чанд намуна аз он: фурӯд рафтан, жакидан, якрӯя шудани кор, рондан, барнишастан ва ғ;

истифодаи калимаҳои арабӣ: Маликушшуаро Баҳор таъкид мекунад, ки бештари калимаҳое, ки дар форсӣ муодил надоштаанд ё аз истилоҳоти давлативу девонӣ будаанд Байҳақӣ ба кор бурдааст: мувозаъа, нусхат, шароит, дилмашғулӣ, ҳишмат ва ғ[1]. Аммо Милонӣ фаротар рафта, истифодаи санавоти арабӣ (масалан, санаи иснина ва ишрина ва арбаъа миа) ва асомии зиёди бегонаро унсуре ғарибу малоловар дониста, насри Байҳақиро намунае аз насри арабзада меҳисобад[2].

Байҳақии фарзонаву ватандӯст асарашро дар рӯзгоре ба форсӣ менигорад, ки ҳамзамони ӯ Абурайҳон Берунии Хоразмӣ, забони

[1] Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ. -С.67-87.
[2] Аббос Милонӣ. Таърих дар «Таърихи Байҳақӣ». -С.706.

форсиро барои баёни матолиби илмӣ нокифоя медонад ва бо дурушти менависад, ки «душноми арабӣ бароям гуворотар аз ситоиши форсӣ аст… ин гӯиш ба дарди саргузашти хусравон ва афсонаҳои хобовар мехӯрад[1]».

Ба итминон метавон гуфт, ки натанҳо форсигӯён, балки ҳар касе форсиро донад аз мутолиаи «Таърихи Байҳақӣ» ҳаловат мебарад; устод Байҳақии дабир дар баёну тасвири ҳар ҳодисаву воқеъаи таърихӣ сабки адабии дилнишинеро пеш мегирад. Ғуломҳусайн Юсуфӣ дар мақолаи ихтисосӣ ба ин масъала пардохта, оҳанг ва танини хосси насри Байҳақиро тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ ҳар форсизабон «дар каломи Байҳақӣ мусиқии пуртаъсире ҳис мекунад…! Насри вай зиндаву пуртаҳаррук ва бо ҳол аз об даромада ва иқтизои мақоми ҳаракату виқор ё авҷу фурӯде ошкор дорад. Тасвири базми Амир Масъуд бар рӯи Ҷайҳун бо зарбе чунин кӯтоҳ ва сареъ ва нишотангез аст…! Дар ҷанги Талхоб сухан тантанае дигар дорад ва размӣ аст…он ҷо ки мавзуъ мусталзими таъаммулу андеша аст, лаҳни Байҳақӣ орому сангин аст….. ҳама ҷо, мусиқии калом бо андешаву маънӣ созгории дурахшон дорад». Юсуфӣ Байҳақиро танҳо муаррихе медонад, ки бо ҳунармандие беназир «фазои ҳар достонеро тасвир кардааст[2]».

Дигар вижагии «Таърихӣ Масъудӣ» он бувад, ки бо он ҳама зевари баёни соддаву латиф ва гавҳари тобони вожаҳои ноб тақлиду пайравӣ ба сабки он на аз корҳои саҳлу сода аст. Дар тули ҳазор сол пас аз ӯ ҳеч муаррихе пайдо нашудааст, ки байҳақивор бинависад.

Он тавре ки зикр кардем, Байҳақӣ таърихро ойинаи ибрати инсонҳои вораста медонад. Ӯ дар баёни ҳар ҳодисае таъбиру ҷумлаҳои масалгунае овардааст, ки аз лиҳози забонӣ басо шевою гувороянд ва бо банди муҳками маънӣ ҳакимона. Зарбулмасалҳои «Таърихи Масъудӣ» пажӯҳиши вижаеро тақозо мекунанд[3], аммо муште аз харвор чанд намуна аз он ганҷинаи маънӣ меоварем, то хонанда худ қазоват кунад:

«Мардонро ҷаҳд андар он бояд кард, то як бор ваҷеҳ гарданд ва номӣ. Чун гаштанду шуд, агар дар меҳнат бошанд ё неъмат, эшонро ҳурмат доранд ва то дар гӯр нашаванд, он ном аз эшон наяфтад»;

«Бузург мардо, ки ӯ домани қаноъат тавонад гирифт ва ҳирсро гардан фурӯ тавонад шикаст»;

«Ғояти кори одамӣ марг аст»;

---

[1] Толстов С.П. Бируни и его время //Бируни (сборник). -Ленинград, 1950. -С. 14.
[2] Юсуфӣ Ғ. Ҳунари нависандагии Байҳақӣ. //Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. -С.799-828.
[3] Сайфуллоҳи Муллоҷон. Амсолу ҳакам дар «Таърихи Байҳақӣ». //Мардумгиёҳ. 2003. №.1-2. –С. 19-21.

«Мард он гоҳ огоҳ шавад, ки набиштан гирад»;

«Аз ҳадис ҳадис шикофад»;

«Ҷаҳон хӯрдам ва корҳо рондам ва оқибати кори одамӣ марг аст»;

«Аҳмақ мардо, ки дил дар ин ҷаҳон бандад, ки неъмате бидиҳад ва зишт бозситонад»;

«Ман ки Булфазлам, дар ин дунёи фиребандаи мардумхор чандон бимонам, ки корномаи ин хонадон биронам ва рӯзгори ҳумоюни ин подшоҳ, ки солҳо бизиёд, чун он ҷо расам баҳра аз набиштан бардорам ва ин дебои хусравонӣ, ки пеш гирифтаам, ба номаш зарбафт гардонам»;

«Кас аз модар вачеҳ назояд ва мардумон мерасанд, аммо шарт он аст, ки номи некӯ ёдгор бимонад»;

«Саъбо фиребанда, ки ин дираму динор аст, бузург мардо, ки аз ин рӯй бартавонад гардонид»;

«Гунҷишкро ошёнаи боз талаб кардан муҳол аст»;

«Ва одати замона чунин аст, ки ҳеч чиз бар як қоида бинамонад ва тағйир ба ҳама чизҳо роҳ ёбад»;

«Ҳар кас ки хештанро натавонист шинохт, дигар чизҳоро чигуна тавонад донист, вай аз шумори баҳоим аст, балки низ бадтар аз баҳоим»;

«Сахт аҷаб аст кори гурӯҳе аз фарзандони Одам алайҳиссалом, ки якдигарро бар хира мекушанду мехӯранд аз баҳри ҳутом ориятро ва он гоҳ худ мегузоранду мераванд танҳо бар зери замин бо ваболи бисёр»;

«Он чӣ гуфтаанд, ки ғамноконро шароб бояд хӯрд, то тафти ғам бинишонад, бузург ғалатест»……

«Таърихи Байҳақӣ» аз сӯйи бузургони илму адаб ва ҳам аз ҷониби пажӯҳишгарони арсаи дониш ба манзараи як шоҳкори беназир эътироф шудааст. Академик Бартолд навиштаҳои Байҳақиро «хотирот» ва ҷойгоҳи онро дар миёни адабиёти таърихии исломӣ беназир меномад[1]. Доктор Ғуломҳусайн Юсуфӣ Байҳақиро «гузоришгари ҳақиқат» хонда, таърихи ӯро аз лиҳози диққату амонат «беҳтарин ва саҳеҳтарин таворихи форсӣ» меҳисобад[2]. Аллома Деҳхудо ҳафтод сол қабл ба донишмандони эронӣ супориш дода буд, ки «Баъд аз Шоҳнома се китоб ҳаст, ки бояд дар тамоми калимот, балки тамомати ҳуруфи он татабуъ ба амал ояд. Ва умру вақти ман иҷозат накард ва бар оядагон аст, ки ин ваҷибаро адо

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. -С. 67.

[2] Юсуфӣ Ғ. Дидоре бо аҳли қалам. -С. 76.

кунанд ва он се китоб «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ» ва «Таърихи Абулфазли Байҳақӣ аст»!

Бо камоли таассуф, бо чунин арҷгузории «Таърихи Масъудӣ» ва ҷойгоҳи муътабаре, ки он дар сарои муҳташаму муқаддаси маърифати форсию исломӣ дорад, пажӯҳише комилу сазовори ин асар то ҳол сурат нагирифтааст.

Нусхаҳо, нашр ва сатҳи омӯзиши «Таърихи Байҳақӣ»

Доир ба сатҳи омӯзиши «Таърихи Масъудӣ» сухан ронда, зарур мешуморем, ки пиромуни табъу нашри асари мазкур низ чанд ишорае кунем. Зеро интишори як асар аз роҳҳои муаррифии он ва пажӯҳиш дар ин замина мебошад. Ҳар нашри асари Байҳақӣ ҳамроҳ бо сарсухан, тавзеҳот ва баъзе ҳошияҳо будааст, ки гоме дар омӯзиши ин асар дониста мешавад.

Чизи дигаре, ки шоистаи тазаккур аст, ин тақрибан бетафовут будани нусхаҳои хатии асари Байҳақист. Донишманди эронӣ, яке аз пажӯҳишгаронии мумтози осори Байҳақӣ Алиакбари Файёз баъди муқоясаи бист нусхаи хаттӣ, ба чунин хулосае омадааст, ки аксари нусхаҳои ин асар бо ҳам шабоҳати зиёд дошта, тахмин меравад, ки дар асоси ягон нусхаи воҳид тартиб дода шудаанд[1]. Таърихи дастхатҳои мазкур низ чандон тулонӣ набуда, қадимтаринаш ҳудуди чаҳор аср қабл (асри XVII) китобат шудааст. Мо нусхае аз Байҳақӣ, ки барвақттар аз ин аср офарида шуда бошад, суроғ надорем. Тафовуте, ки дар миёни нусхаҳои хаттӣ пайдо шуда, ин макони китоботи он мебошад. Аз ин рӯ нусхаҳои «Таърихи Масъудӣ»-ро ба нусхаҳои эронӣ (дар Эрон китобат шуда) ва ҳиндӣ (дар Ҳиндустон китобат шуда) ҷудо мекунанд. Бартарии нусхаҳои ҳиндиро низ муҳаққиқон қайд кардаанд ва иллати онро дахл накардани котибон ба матн аз ҷониби дабирони ҳиндӣ донистаанд[2].

Дар асоси нусхаҳои ҳиндӣ нахустин бор ховаршиноси англис Морлей нашри «Таърихи Масъудӣ»-ро ба роҳ монд. Каме пеш аз нашр Морлей аз дунё рафт ва дӯсти ӯ капитани артиши англис Носюлис кори дӯсташро ба анҷом расонида, соли 1862 «Таърихи Масъудӣ»-ро ба чоп расонид. Асар дар пойтахти онрӯзаи Ҳинд шаҳри Калкутта ба табъ расида, аз ҷониби бештари муҳақиқон ба истиқболи гарм мувоҷеҳ шуд. Аммо ба ҷуз аз сарсухани мухтасар, нашри мазкур бидуни феҳрист ва тавзеҳот буда, аз хатоҳо низ орӣ набуд. Бо вуҷуди ин ҳама, нашри Морлей иқдоми нахустин дар

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Фаёз. -С. 14.
[2] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Фаёз.-С. 16-17.

муаррифии «Таърихи Байҳақӣ» буда, роҳро барои нашрҳои ояндаи асар ҳамвор сохт.

Нашри дувуми «Таърихи Масъудӣ» аз ҷониби Саййидаҳмад Адиби Пешоварӣ дар Теҳрон сурат гирифт. Нашри мазкур (соли 1884) бо номи чопи сангӣ маъруф буда, ба эътирофи бештари пажӯҳишгарон душворхону пурхато ба табъ расид. Ҳошияву тавзеҳоти таҳиягарро Алиакбари Файёз «мазияти бузург» номидааст[1]. Ин нашрро метавон сароғози пажӯҳиши асари Байҳақӣ номид. Аммо, академик Бартолд, ки ду нашри аввалро дар ихтиёр дошт, сифати бади чопҳоро сабабгори ҳаматарафа истифода нагаштани ин асар номидааст[2].

Олими забардаст Саъид Нафисӣ бо назардошти талаботи рӯзафзун иқдом ба чопи нави «Таърихи Масъудӣ» намуда, бо усулу равиши нашрҳои аврупоӣ, ки ҳамроҳ бо феҳристу ҳавошӣ ва муқаддимаву тавзеҳот аст, асарро муҷаддадан чоп кард. Аммо замони чопи ҷилдҳои сегонаи он хеле зиёд тӯл кашида, он танҳо байни солҳои 1941-1954 ба дасти ҳаводорони каломи ноби форсӣ расид. Ин даврае буд, ки ҷаҳон ва аз ҷумла Эрон ҳам даргири ҷанги ҷаҳонӣ ва бартараф намудани оқибатҳои он буд. Хидмати С. Нафисӣ дар баробари дигар масъалаҳои таъриху адабиёт оид ба пажӯҳиши осори Байҳақӣ хеле бузург аст. Ҷамъоварии осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ дар шакли фишурда ва гирдоварии маводи бешумор дар атрофи Байҳақиву таърихи Ғазнавиён[3] камтар аз хидмати ӯ дар хусуси чопи «Таърихи Масъудӣ» нест. Нашри Нафисӣ ҳам охирин ва ё комилтарин нашр ҳисобида нашуд ва ковишҳо дар ин замина давом дошт.

Бо пешниҳоди вазорати фарҳанги Эрон асари Байҳақӣ бори чаҳорум ба табъ расид. Нашри мазкур камбуду хатоҳои чопҳои қаблиро бартараф сохт. Олимони шинохта Ғанӣ ва Файёз масъулияти нашри чоруми асарро бар дӯш гирифта, соли 1946 онро дар Теҳрон ба роҳ монданд. Нашри Ғанӣ ва Файёз то кунун яке аз беҳтаринҳо ҳисобида шуда, мавриди истиқболи васеъи доираҳои илмӣ ва марказҳои эроншиносии ҷаҳон гардид. Сарсухан ва ҳавошиву таълиқот, феҳристи номи макон ва шахсиятҳо арзиши онро бештар сохтанд. Тарҷумаҳое, ки аз асари Байҳақӣ дар ду се кишвар сурат гирифт, ин нашрро асоси кори хеш қарор додаанд.

---

[1] Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз.-С. 19.

[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. -С. 70; Таърихи Байҳақӣ. Нашри Файёз. -С. 19.

[3] Нафисӣ С. Дар пиромуни Таърихи Байҳақӣ. Шомили осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ ва таърихи Ғазнавиён. Дар се ҷилд. -Теҳрон, 1342.

Алиакбари Файёз баъди чанд даҳсола соли 1971 бори панҷум асари Байҳақиро дар шаҳри Машҳад ба табъ расонид. Соли 1979 нашри Файёзро бо дарназардошти талаби зиёд дар Теҳрон муҷаддадан чоп намуданд. Бояд ёдовар шавем, ки Файёз дар пажӯҳиш ва шиносоии «Таърихи Масъудӣ» саҳми босазо дошта, нашри ӯ дорои ҳошия ва мулҳақоти хуб аст. Ҳамчунин нақсу хатоҳои чанд нашри пешинро ба эътибор гирифта, кӯшидааст то ин хатоҳо дубора роҳ наёбанд. Доктор Файёз дар пешгуфтор нашри аввали худ (Машҳад, 1350) дар хусуси нусхаҳои мавҷуди асари Байҳақӣ дар Теҳрон, Лондон, Порис, Санкт-Петербург ва Ҳиндустон ишора карда, илова мекунад, ки бештари нусхаҳо ба ду се қарни охир тааллуқ доранд. Ӯ қайд мекунад, ки маҳбубияти «Таърихи Масъудӣ» дар панҷсад соли охир миёни аҳли фазл афзуда, қабл аз ин танҳо аҳли таърих ва доираи маҳдуди касон бо он шиносоӣ доштаанд. Нашри доктор Файёз чанд маротиба таҷдиди чоп шудааст. Муаллифи ин сатрҳо аз рӯи чопи нахустини Машҳад ва чопи дубора дар Теҳрон бо кори доктор Файёз ошност[1]. Иқтибосҳо аз рӯи нашри Теҳрон дода шудаанд. Аз рӯи нашри Файёз асари Байҳақӣ дар Кобул ҳам ба табъ расид, ки банда онро ҳам нигаристаам. Чизи шигифте, ки аз ин нашр мушоҳида кардем он буд, ки дар феҳристи номи ақвом, қабоил ва тавоиф калимаи тозик (тоҷик)-ро, ки беш аз нуҳ маротиба дар ин асар омадааст, дар нашри Кобул наёвардаанд.

Бо вуҷуди нашри интиқодӣ ва хеле арзишманд будани кори Файёз он ҳам охирин нашр нагардид ва соли 1993 донишманди пуркори эронӣ Халил Хатиби Раҳбар дар Теҳрон бори шашум «Таърихи Байҳақӣ»-ро ба табъ расонид. Шоёни зикр аст, ки ҳамаи нашрҳои асари Байҳақӣ ба унвони «Таърихи Байҳақӣ» нашр шуда, дар ховаршиносӣ ҳамин ном мустаъмал аст. Аз лиҳози текстологӣ нашри охирин аз нашри Файёз тақрибан ҳеҷ тафовуте надорад. Танҳо феҳристу ҳошияи он муфассалтар омада, таҳлилу баррасиҳои забонии он бештаранд. Пешгуфтору муаррифии асари Байҳақӣ аз ҷониби виростор аз сиву ҳафт саҳифа иборат буда, арзиши баланди илмӣ дорад.

Соли 1997 (1376), донишманди дигари эронӣ Манучеҳри Донишпажӯҳ нашри навбатии асари Байҳақиро ба чоп омода ва интишор намуд. Ин нашр дар унвони худ бо сароҳат таъкид кардааст, ки он бар асоси нусхаи Ғанӣ-Файёз ва нусхаи Адиби

[1] Таърихи Байҳақӣ. Таснифи Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир. Тасҳеҳи доктор Алиакбари Файёз. Машҳад, 1350; Таърихи Байҳақӣ. Таснифи Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир. Тасҳеҳи доктор Алиакбари Файёз. -Теҳрон, интишороти китобхонаи Эронмеҳр, 1358.

Пешоварӣ ва нусхаи доктор Файёз таҳия гардидааст[1]. Муқаддимаи Донишпажӯҳ аз чанд бахш иборат аст, ки онҳо ба тартиб чунин унвон доранд:

Байҳақӣ кист?

Таълифоти Байҳақӣ.

Вуҷуҳи аҳамияти таърихи Байҳақӣ.

Ин бахш аз се қисмат иборат аст ва он бештар ҷанбаи филологӣ ва таҳлили забоншиносӣ дорад. Муқаддимаи Манучеҳри Донишпажӯҳ бо хутбаи ғаррои Байҳақӣ дар бораи таърих ба поён мерасад. Мурури муаллифи ин сатрҳо ба ин нашр нишон дод, ки он ба истиснои ҷузъиёти хеле ночиз аз нашрҳои қаблӣ камтар тафовут дорад, вале тавзеҳоти арзишманд дорад, ки аз лиҳози адабӣ ва забоншиносӣ қиммати зиёд доранд.

Муаллифи ин сатрҳо бори нахуст ба таври комил «Таърихи Байҳақӣ»-ро аз рӯи нашри Халил Хатиби Раҳбар мутолиа карда, минбаъд ин нашрро бо нашрҳои дигари асар (ба истиснои нашри Морли) муқояса кардааст. Поварақҳои рисола ҳам асосан ба асоси нашрҳои Раҳбар, Файёз (чопи Теҳрон) ва Донишпажӯҳ тартиб дода шудаанд. Дар давоми беш аз понздаҳ солее, ки банда бо ин асар сару кор дорам, аз ҳар нашре қайдҳое дорам, дар ҳоле ки тақрибан ихтилофе байни нашрҳои асари Байҳақӣ дида намешавад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми ба чоп омада намудани рисола ба дигар чопҳо низ ишора карда шуд.

Муаллиф бо се нашри минбаъдаи асари Байҳақӣ, ки тавассути донишмандони соҳа доктор Ёҳақӣ (Машҳад, 1383), Ҷаъфари Мударриси Содиқӣ (Нашри Марказ, 1376) ва Азизуллох Ализода (Теҳрон: интишороти Фирдавс, 1387) низ ошноӣ дорад, ки миёни онҳо нашри Ёҳақӣ аз ҳар лиҳоз беҳтару комилтар аст[2].

Қобили зикр аст, ки таърихномаи Байҳақӣ аз ҷониби Содиқи Нишъат ва Яҳё Хитоб бо забони арабӣ низ тарҷума ва чоп гардида мавриди писанди олимон қарор ёфтааст. Олими мисрӣ Тоҳо Ҳусайн доир ба тарҷума ва нашри «Таърихи Масъудӣ» изҳори хушнудӣ намуда, дар тақризе бад-ин муносибат дар баробари тамоми муҳақиқон аз нобудии аксари ҷилдҳои асар изҳори таассуф кардааст[3].

---

[1] Таърихи Байҳақӣ. Бар асоси нусхаи Ғанӣ-Файёз ва нусхаи Адиби Пешоварӣ ва нусхаи дуктур Файёз. Муқаддима, тавзеҳот ва таълиқот ва фаҳорис аз Манучеҳри Донишпажӯҳ. Теҳрон, интишороти Ҳирманд, 1376

[2] Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи Алиакбари Файёз. Бо эҳтимоми Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1383.

[3] Ҳусейн Тоҳо. Таърихи Байҳақӣ ганҷе аз ҷадид. //Яғмо.-1938. №9. С. 17-21. -С. 21.

Асари Абулфазли Байҳақӣ соли 1962 аз тарафи олими рус А.К. Арендс бо забони русӣ тарҷума ва нашр гардид. Муқаддимаи тарҷумонро метавон яке аз беҳтарин таҳқиқотҳои ғазнавишиносии рус номид. Сифати тарҷумаи он низ дар сатҳи баланд буда[1], аз огоҳии комили тарҷумон ба таърихи насри форсу тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Соли 1969 дар Маскав тарҷумаи русии он дубора такмил ва нашр гардид, ки нисбати нашри аввала беҳтару пухтатар аст.

Олимони шинохта С. Нафисӣ, М. Баҳор, Оштиёнӣ, Р. Шафақ бо навиштаҳои худ доир ба баъзе саҳифаи норавшани асари Байҳақӣ равшанӣ андохтаанд. Аммо таҳқиқоти онҳо ҳаҷман хурд буда, барои беҳтар шиносонидани асар кифоят намекунад.

Устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» Байҳақиро «бузургтарин муаррихи давраи Ғазнавиён» номида, дар қисмати хеле муҳимми этногенези тоҷикон ба маълумоти Байҳақӣ истинод мекунад.

Дар Эрон ва Афғонистон бештари адибону донишмандон ва муаррихони ҳамзабони мо бо муҳтавои асари Байҳақӣ, забони он ва ҷаҳонбинии муаллиф ошно буда, дар осори таърихӣ аз он фаровон истифода мекунанд. Масалан, донишманди эронӣ Маликушшуаро Баҳор дар асари арзишманди худ «Сабкшиносӣ» зерфаслеро ба он ихтисос дода, аз асари Байҳақӣ садҳо мисол овардааст. Дар Тоҷикистон муаллифи ин сатрҳо рисолаи номзадиро бар асоси асари Байҳақӣ пиромуни сохтори идории Ғазнавиён таълиф кардааст ва китоберо ҳам ба нашр расонидааст. Ду нафар унвончӯ (Ҷумъахон Абдулаҳадов ва Аюб Мансурӣ) асари Байҳақиро аз лиҳози забонӣ омӯхта, рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд. Аммо инҳо муқаддимаи Байҳақишиносӣ дар Тоҷикистонанд ва ҳанӯз дар хусуси асари Байҳақӣ пажӯҳиши ҷиддӣ сурат нагирифтааст.

Ҳаминак «Таърихи Байҳақӣ» бо ҳуруфи кириллӣ пешниҳоди хонандагони тоҷик мегардад. Баргардони он бар асоси чаҳор нашри муътабари асар (нашри Файёз, нашри Раҳбар, нашри Манучеҳри Донишпажӯҳ ва нашри Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ), ки дар Эрон сурат гирифта, аз ҷониби ховаршиносон эътироф гардидааст, ба анҷом расидааст. Мо ба истиснои нашри нахустини асари Байҳақӣ (нашри Морлей) ба ҳамаи нашрҳои дигари асар, ки дар Эрон интишор ёфтаанд, дастрасӣ доштем. Ин нашрҳо бар асоси нусхаҳои гуногун, ки бо ҳам тафовути ҷиддӣ надоранд, омода шудаанд. Ҳангоми омода кардани матни асар тафовутҳои андаки нашрҳои асосӣ бо ҳам қиёс карда шуданд.

[1] Салихов М. Издание «Истории Байхаки» - памятника раннеперсидский и таджикисткой прозы. Справочих Лен. Гос. Унив. №369. Л., 1967. -С.99.

Ҳини баргардон саъй карда шуд, ки забони асар ҳамонтавре, ки маҳфуз монда, бар рӯйи коғаз ояд. Дар тавзеҳоти вожаҳову ибораҳо ва номҳои касону истилоҳоти чуғрофӣ ба осори муътабари таърихӣ ва шореҳони маъруфи асари Байҳақӣ устодон Алиакбари Файёз, Халил Хатиби Раҳбар, Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ, Манучеҳри Донишпажӯҳ ва Арендс ручуъ карда шуд. Барои дуруст хондани вожаҳо, номҳои касону истилоҳоти чуғрофӣ ва тавзеҳи калимоти душворфаҳм ба фарҳангҳои муътабари форсӣ, аз қабили «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Муъин», «Фарҳанги Сабо», «Луғатнома»-и Деххудо, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ручуъ карда шуд.

Дар поёни ин гуфтор ба тадбирсози таҳияи матни «Таърихи Байҳақӣ» ба расмулхати имрӯзӣ академики Академияи Улуми Тоҷикистон устод Носирҷон Салимов маротиби сипоси хешро изҳор медорам. Дар анҷом додани ин кор устоди донишмандам, муҳаррири масъули ин нашр Обид Шакурзода, бо лутфи тамом асарро бозхонӣ карда, костиҳову фурӯгузориҳои ин ҳақирро бо дидаи некбин ислоҳ фармуданд ва бо машварату роҳнамоиҳои бедареги худ таҳиягарро ёрӣ намудаанд, ки аз эшон сипосгузорам. Оёту аҳодис ва амсолу ашъори арабиро устод Аҳмадҷон Ҳочиев веросторӣ намуданд, ки ба эшон низ миннатдорӣ баён мекунам.

Ҳамчунин ба дӯстону ҳампешагонам Абдуҷаббор Аминзода, Айдигул Баҳодурбекова, Шоҳмансури Шоҳмирзо, Раҷабалӣ Ҷобидов ва Асадулло Муллоҷонов, ки таҳиягарро дар вироиш ва муқобалахонии матн ёрӣ кардаанд, изҳори сипос менамоям.

Баргардони нахустини «Таърихи Байҳақӣ» аз хатову костӣ мубарро нест. Аз ҳамаи хонандагони огоҳу нуктаёб интизор дорем бо изҳори наҳзароти тасҳеҳӣ ё тавзеҳӣ бар таҳиягари матн миннат гузоранд. Бешак роҳнамоийи донишварони басир чопҳои ояндаи китобро камолу ҷамоли бештаре хоҳад бахшид.

Адабиёти истифодашуда:

1. Байхаки Абулфазл, Та’ рих-и Мас’уди. Перевод и примеч. А.К. Арендса. Изд. 2-ое доп. -М.; Наук, 1969. -1008 с.
2. Байҳақӣ Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Мусаҳҳеҳ Азизуллох Ализода. –Теҳрон, интишороти Фирдавс, 1387. -784 с.
3. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн.Таърихи Байҳақӣ. Навиштаи Абулфазл Байҳақии дабир. Вироиши матн аз Ҷаъфари Мударриси Содиқӣ. Нашри Марказ, 1376, чопи аввал. -662 с.

4. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи Алиакбари Файёз. Машҳад, 1350. -1020 с.

5. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн.Таърихи Байҳақӣ. Таснифи Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир. Тасҳеҳи доктор Алиакбари Файёз. -Теҳрон, интишороти китобхонаи Эронмеҳр, 1358. -962 с.

6. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи Алиакбари Файёз. Бо эҳтимоми Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1383. -814 с.

7. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Бар асоси нусхаи Ғанӣ-Файёз ва нусхаи Адиби Пешоварӣ ва нусхаи доктор Файёз. Муқаддима, тавзеҳот ва таълиқот ва фаҳорис аз Манучеҳри Донишпажӯҳ. Теҳрон, интишороти Ҳирманд, 1376. -1254 с.

8. Байҳақӣ, Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Муқаддима, тасҳеҳ, таълиқот, тавзеҳот ва феҳристҳо доктор Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ ва Маҳдии Саййидӣ. Теҳрон, Сухан, 1388. -1866 с.

9. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. // Соч. В. 9 т. -М. ИВЛ, 1963. -Т. 1. -758 с.

10. Бартольд В.В. Байхаки Абулфазл //Соч. -М., ИВЛ, 1973. -Т. 8. -С. 583-585.

11. Броун Э. Таърихи адабии Эрон. Тарҷумаи Солеҳ. -Теҳрон, 1358. -Ҷ. 2. -672 с.

12. Буллиет Р. В. Религиозно-политическая история Нишапура в XI веке //Мусульманский мир 950-1150. -С.89-110.

13. Ғубор М. Афғонистон дар масири таърих. -Теҳрон, 1374. -852 с. Гардезӣ Абулҳай Заҳок ибни Маҳмуд. Зайн-ал-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Бо кӯшиши Абдулҳай Ҳабибӣ. -Теҳрон, 1363. -400 с.

14. Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Дар се ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. -Душанбе, 1987-1989. Ҷ. 1. -480 с. Ҷ. 2. -416 с. Ҷ. 3. -304 с.

15. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. -Душанбе, 1999. -1008 с.

16. Девони Унсурии Балхӣ. Бо кӯшиши Сийёқӣ. –Теҳрон, 1363. -440 с.

17. Девони Фаррухии Сиистонӣ. Бо кӯшиши Сийёқӣ. -Теҳрон, 1371. -520 с.

18. Ибни Фундуқ Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ. Таърихи Байҳақ. Бо тасҳеҳ ва таълиқоти марҳум Аҳмади Баҳманёр. Теҳрон, 1317. -360 с.

19. Лестренҷ Г. Ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон. -Теҳрон, 1337. -610 с.

20. Луғатномаи Деҳхудо. Теҳрон, 1374.

21. Мақдисӣ. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1385. -810 с.

22. Нафисӣ Саъид. Осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ. //Меҳр, 1314. -С. 11-22.

23. Низомулмулк. Сиёсатнома. Тасҳеҳи Аббоси Иқбол. -Теҳрон, 1372. -300 с.

24. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ. -Теҳрон, 1367. -142 с.

25. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -Теҳрон, 1386. -890 с.

26. Фарҳанги Таърихи Байҳақӣ. Пажӯҳиш ва нигориши Саййид Аҳмад Ҳусайнии Козарунӣ. -Теҳрон, 1384. -774 с.

27. Фурӯзонӣ Саййид Абулқосим. Ғазнавиён: аз пайдоиш то фурӯпошӣ. -Теҳрон, 1387. -471 с.

28. Фурӯзонӣ Саййид Абулқосим. Қарохониён – бунёнгузори нахустин силсилаи турки мусалмон дар Фароруд (Осиёи Миёна). -Теҳрон, 1389. -198 с.

29. Халилӣ Халилуллоҳ. Салтанати Ғазнавиён. -Кобул, 1333. -371 с.

30. Юсуфӣ Ғуломҳусайн Фаррухи Сиистонӣ: баҳсе дар шарҳи аҳвол ва рӯзгору шеъри ӯ. -Теҳрон, 1368. -685с.

31. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Ҳунари нависандагии Байҳақӣ. //Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ. -С.799-828.

32. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Коғази зар. -Теҳрон, 1386. -384с.

33. Якубовский А.Ю. Махмуд Газневи: к вопросу о происхождении и характере газнавидского государства. //Фирдоуси. 934-1934. -Л., 1934. -С. 51-96.

34. Bosworth C. E. The Ghaznavids, their empire in Afganistan and Eastern Iran 994-1040. – Edinburgh, 1963. -331 c.

Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим[1]

БОҚИМОНДАИ МУҶАЛЛАДИ ПАНҶУМ

Гӯяндаи ин достон Абулфазли Байҳақии дабир аз дидори хеш чунин гӯяд, ки чун Султони мозӣ[2] Маҳмуд ибни Сабуктагини ғозӣ[3], разияллоҳу анҳу[4], дар Ғазнӣ фармон ёфт[5] ва вадиъати[6] ҷони ширинро ба Ҷонофарин таслим намуд, писари бузург ва валиаҳди вай Амир Масъуд[7] дар Сипоҳон[8] буд ва ба сӯйи Ҳамадону Бағдод ҳаракат мехост кардан ва аз тахти мулк бисёр дур буд. Биноан ало ҳозо[9], умано[10] ва аркони давлати маҳмудӣ, аз қабили Амир Алии Қариб – ҳоҷиби бузург ва Азудуддавла Амир Абуяъқуб Юсуф ибни Носируддини Сабуктагин – бародари Султон, ки сипаҳсолор буд ва Амир Ҳасани вазир машҳур ба Ҳасанаки вазир ва Бунасри Мушкон – соҳибдевони рисолат ва Булқосими Касир – соҳибдевони арз ва Багтуғдӣ солори ғуломони саройӣ ва Абунаҷми Айёз ва Алии Доя – хеши Султон, ин ҷумла бо соири фуҳул[11] ва сутургон[12] ба савобдиди якдигар дарёфти вақтро[14], писари кеҳтари[15] Султони мозӣ, аноруллоҳу бурҳонаҳу, Амир Абуаҳмад Муҳаммадро аз Гуз-

---

[1] Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон.

[2] мозӣ – гузашта, пешина; Дар ин асар Байҳақӣ Султон Маҳмудро Султони мозӣ ва ё Амири мозӣ меномад.

[3] ғозӣ – аз вожаи «ғазва» ба маънои ҷанг; чун Маҳмуд лашкаркашиҳои худро идомаи ҷангҳои Паёмбар (с) мешумурд, ӯро «ғозӣ», яъне ҷангҷӯ дар роҳи пешрафти дини Худо меномиданд. Ғозӣ яке аз лақабҳои Маҳмуд аст.

[4] Худо аз ӯ розӣ бод

[5] фармон ёфт – даргузашт, фавтид.

[6] вадиъат – амонат, чизи амонат гузошташуда.

[7] Масъуд ибни Маҳмуд писари бузурги Маҳмуд, ки пас аз ӯ солҳои 1030-1041 амири Хуросон буд. Дар саросари асар Байҳақӣ ӯро Масъуд ва бештар Амир ва гоҳе ҳам Султон ном мебарад.

[8] Сипоҳон – Исфаҳон, шаҳри маъруфе, ки ҷуғрофинависони асри Х онро ҷузви иёлати Ҷибол медонистанд. Дар аҳди Ғазнавиёну Салҷуқиён хеле ободу маъмур буд. Ҳамасри Байҳақӣ шоиру мутафаккири тоҷик Носири Хусрав, ки соли 1053 аз ин шаҳр дидан карда, онро ободу маъмур меномад. Ба қавли Носири Хисрав Исфаҳон панҷоҳ «корвонсаройи некӯ» дошт ва дар бозори саррофони он дусад сарроф машғули кор буданд.

[9] биноан ало ҳозо – бинобар ин.

[10] умано – ҷамъи амин, амонатдорон.

[11] ҷамъи фаҳл (нар); мардони донову боорӯ.

[12] сутургон – бузургон.

[13] барои фурсати муайяне, барои замони муайян.

[14] кеҳтар – хурд.

гонон[1], ки ба дорулмулк наздик буд, оварда, ба ҷойи падари бузургвораш бар тахти салтанат нишониданд ва ҳоҷиби бузург, Амир Алии Қариб, ки ваҷеҳтарини[2] уманои давлат буд, дар пеши кор истода, корҳои давлатиро рондан гирифт. Ва чун Амир Масъуд, раҳимаҳуллоҳ[3], фасхи[4] азимати Бағдод карда, аз Сипоҳон ба Рай ва аз Рай ба Нишобур ва аз Нишобур ба Ҳирот расид, боз Амир Алӣ ба ҳамдостонӣ ва салоҳи дигар сутургон, Амир Муҳаммадро дар қалъаи Кӯҳтези Тагинобод[5] мавқуф[6] намуд ва ба узрхоҳии он чӣ аз рӯйи маслаҳат рафта буд, ин ариза набишта, ба саҳобати[7] Мангитирок, – бародари ҳоҷиби бузург ва Бубакри Ҳасирӣ, надими Султони мозӣ, ба даргоҳи Султони шаҳрёр Масъуд, разияллоҳу анҳу, инфоз доштанд[8].

Нусхаи аризае, ки аркони давлати маҳмудӣ аз Тагинобод ба хидмати Амир Масъуд ба Ҳирот инфоз доштанд.

«Зиндагонии худованди олам, Султони аъзам, валию-н-ниъам[9] дароз бод дар бузургию давлат ва подшоҳию нусрат ва расидан ба амонию наҳмат[10] дар дунёву охират. Набиштанд, бандагон аз Тагинобод, рӯзи душанбе, савуми шаввол аз аҳволи лашкари мансур, ки имрӯз ин ҷо муқиманд бар он ҷумла, ки пас аз ин, чун фармони олӣ даррасад, фавҷ-фавҷ[11] қасди хидмати даргоҳи олии худованди олам, Султони бузург, валию-н-ниъам,

---

[1] Гузгонон – номи як музофоти Хуросон, ки ободону бонеъмат, машриқи он ҳудуди Балху Тахористон, ҷанубӣ вай охири ҳудуди Ғур, мағриби он ҳудуди Ғарчистон ва шимолаш то ҳудуди Марв будааст (Ҳудуд-ул-олам). То забти Гузгонон аз ҷониби Маҳмуд (дар соли 999) сулолаи тоҷикӣ (эронӣ)-и Фариғуниён бар он ҳукумат доштанд. Амир Муҳаммад дар замони салтанати Маҳмуд волии Гузгонон буд.

[2] бообрӯтарин

[3] Худо бар ӯ раҳм кунад

[4] фасх – ботил кардан, баргардонидани азм.

[5] Тагинобод – номи шаҳре, ки дар наздикии Қандаҳор воқеъ шуда, зикри он дар сарчашмаҳои замони ғазнавӣ ва ғурӣ зиёд омадааст. Қалъаи маъруфи ин шаҳр Кӯҳтез ном дошт, ки Амир Муҳаммадро дар он маҳбус карданд.

[6] мавқуф – боздошт, ҳабс.

[7] ёрӣ кардан.

[8] Матни ин қисмате, ки оварда шуд, дар бештарин нусхаҳои хаттии «Таърихи Байҳақӣ» мавҷуд набуда, ба Байҳақӣ мансуб нест ва аз тарафи котибони асрҳои охир изофа шудааст. Бинобар муҳим будани матолиби ин қисмати илҳоқӣ, дар ин таҳия оварданаш муфид дониста шуд.

[9] валию-н-ниъам – диҳандаи неъматҳо.

[10] наҳмат қасд ва ирода; мурод.

[11] фавҷ-фавҷ – гурӯҳ-гурӯҳ.

атолаллоҳу бақоаҳу ва насара ливоаҳу[1] кунанд, ки авоиқу мавонеъ[2] баруфтоду зоил гашт ва корҳо якрӯя шуду[3] мустақим ва дилҳо бар тоъат асту ниятҳо дуруст. Ва-л ҳамду ли-л-Лоҳи раббил-ъоламин ва-с-салоту ъало расулиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ачмаъин[4].

Ва қазои Эзид, азза ва ҷалла, чунон равад, ки Вай хоҳаду гӯяд ва фармояд, на чунон, ки муроди одамӣ дар он бошад, ки ба фармони Вай аст субҳонаҳу ва таъоло гардиши ақдор[5] ва ҳукм ӯрост дар рондани минҳату миҳнат[6] ва намудани анвоъи комгориву қудрат; ва дар ҳар чӣ кунад адл аст ва мулки рӯйи замин аз фазли Вай расад, аз ин бад-он ва аз он бад-ин, илло ан йараса-л-лоҳу-л арз ва ман алайҳо ва ҳува хайру-л ворисин[7]. Ва Амир Абуаҳмад[8] адомаллоҳу саломатаҳу[9], – шохе буд аз асли давлати Амири мозӣ, аноруллоҳу бурҳонаҳу, ҳар кадом қавитару шукуфа обдортар ва барумандтар, ки ба ҳеч ҳол худ фаро наситонад ва ҳамдостон набошад; агар касе аз хидматкорони хонадон ва ҷуз эшон дар вай сухане ноҳамвор гӯяд, чӣ ҳар чӣ гӯянд, ба асли бузург боз гардад.

Ва чун дар азал рафта буд[10], ки муддате бар сарири мулки Ғазнину Хуросону Ҳиндустон нишинад, ки ҷойгоҳи амирон – падар ва ҷаддаш буд, раҳматуллоҳу алайҳимо,[11] ночор бибояд нишаст ва он тахт биёрост ва он рӯз мустаҳаққи[12] он буд ва ночор фармонҳо дод дар ҳар бобе, чунонки подшоҳон диҳанд ва ҳозироне, ки буданд аз ҳар дасте бартару фурӯтар он фармонҳоро ба тоъату инқиёд[13] пеш рафтанд ва шурути[14] фармонбурдорӣ андар он нигоҳ доштанд. Чун муддати вай сипарӣ шуд ва Худойи азза ва ҷалла шохи бузургро аз

---

[1] тарҷ: Худованд пойдорияшро давом бахшад ва парчамашро ёрӣ диҳад.

[2] авоиқ – ҷамъи оиқ, монеъ, боздоранда; мавонеъ – ҷамъи монеъ.

[3] якрӯя шуд – файсала ёфт ва дорои як рӯй ва як ҷиҳат гашт, сару сомон ёфт.

[4] тарҷ: Сипос Худойро, ки парвардигори ҷаҳониён аст ва дуруд бар фиристодаи Вай Муҳаммад ва хонадони ӯ ва ҳамагон!

[5] ақдори – ҷамъи қадар, сарнавишт, тақдир.

[6] минҳат – ато ва бахшиш; миҳнат – мусибат, бало, бадбахтӣ, ранҷу азоб.

[7] то Худованд замин ва онон, ки бар пушти онанд, ворис шавад ва Ӯ беҳтарини меросгирандагон аст (қисмати дувуми иборат бахше аз ояи 89-уми сураи Анбиёст).

[8] Абуаҳмад Муҳаммад ибни Маҳмуд, ки лақаби Ҷалолуддавла дошт. Маҳмуд ӯро дар бистари марг вориси худ эълон кард ва ӯ аз моҳи рабеъулохир то шавволи соли 421 ҳ. (соли 1030-и милодӣ) ҳукумат кард.

[9] Худованд тандурустии вайро ҳамеша нигоҳ дорад.

[10] дар сарнавишт омада буд, муқаддар шуда буд.

[11] раҳмати Худо бод бар онон!

[12] сазовор, лоиқ.

[13] фармонбурдорию фурӯтанӣ кардан.

[14] шартҳои.

асли мулк, ки валиаҳди ба ҳақиқат буд, ба бандагон арзонӣ дошт ва соя бар мамлакат афканд, ки халифат[1] буд ва халифат халифати Мустафо, алайҳиссалом имрӯз ночор сӯйи хаққ шитофтанд ва тоъати ӯро фаризатар доштанд. Ва имрӯз, ки номаи тамоми бандагон бад-ӯ маваррах[2] аст, бар ҳукми фармони олӣ бирафтанд[3], ки дар мулаттафаҳо[4] ба хатти олӣ буд. Ва Амир Муҳаммадро ба қалъаи Кӯҳтез мавқуф карданд, сипас он ки ҳама лашкар дар салоҳ саф кашида буданд аз наздики саропарда то дурҷой аз саҳро ва бисёр сухану мунозара рафт ва вай[5] гуфт, ӯро ба Гузгонон боз бояд фиристод бо касон ва ё бо хештан ба даргоҳи олӣ бурд. Ва охир қарор бар он гирифт, ки бар қалъа мавқуф бошад, бо қавми хеш ва надимону атбои[6] эшон аз хидматкорон, то фармони олӣ бар чӣ ҷумла расад ба боби вай. Ва банда Багтагини Ҳоҷиб бо хайли[7] хеш ва понсад савори хиёра[8] дар пойи қалъа аст дар шористони Ратпил[9] фурудомада нигоҳдошти қалъаро, то чун бандагон ғойиб шаванд аз ин ҷо ва рӯй ба даргоҳи олӣ оранд, халале наяфтад. Ва ин ду банда[10] ихтиёр карданд аз ҷумлаи аъён, то ҳолҳоро чун аз эшон пурсида ояд, шарҳ кунанд.

Сазад аз назари отифати[11] худованди олам, Султони бузург, адомаллоҳу султонаҳу[12], ки он чӣ ба аввал рафт, аз бандагон таҷовуз фармоянд[13], ки агар дар он вақт сукунро[14] коре пайвастанду ихтиёр карданд, андар он фармоне аз они худованди мозӣ, разияллоҳу анҳу, нигоҳ доштанд. Акнун ки худованде

---

[1] ҷойнишин; шояд дар асли матн халифати падар будааст (ҳошияи нашри доктор Ғанӣ ва Файёз).

[2] маваррах – он чӣ вақту таърихи он таъйин шуда.

[3] рафтор карданд.

[4] мулаттафа – нома, мактуб, нусхаи кӯчак, одатан дар ҳолатҳои фаврӣ менавиштанд.

[5] манзур Алии Қариб аст, ки аз хешовандони Султон Маҳмуд буда, ба ин хотир лақаби «қариб» (наздик) ва гоҳе ҳам «хешованд» дошт. Чунонки минбаъд мушоҳида мешавад, Муҳаммадро ӯ ба амирӣ бардошта, сипас барканор ва баъдан кӯр мекунад.

[6] пайравон.

[7] гурӯҳ.

[8] баргузида, ихтиёркардашуда,

[9] шористон ё шаҳристон – қисмати аслии шаҳрро мегӯянд; Ратпил номи мавзеъ, ки дар баъзе нусхаҳо Талпил омадааст

[10] манзур Бубакри Ҳасирӣ ва Мангитирок.

[11] меҳрубонӣ.

[12] Худованд мулк ва фармонравоийи ӯро ҳамеша дорад!

[13] афв кунанд.

[14] барои ҳифзи оромиш.

ҳақтар[1] пайдо омад ва фармони вай расид, он чӣ аз шароити бандагӣ ва фармонбурдо воҷиб кард, ба тамомӣ ба ҷо оварданд ва мунтазири ҷавоби ин хидматанд[2], ки ба зудӣ боз расад, ки дар боби Амир Абуаҳмад ва дигар абвоб чӣ бояд кард, то бар ҳасби он кор кунанд. Ва мубашширони мусриъ[3] аз хайлтошон[4] сӯйи Ғазнин фиристоданд ва аз ин ҳолҳо, ки бирафт ва омадани рояти олӣ,[5] насараҳаллоҳу,[6] ба Ҳирот ба толеъи саъд огоҳӣ доданд, то маликаи саййидаи волида[7] ва дигар бандагон шодмон шаванд ва сукуне тамом гиранд ва ин башоратро ба Синду. Ҳинд расонанд, то дар атрофи он вилоят халале наяфтад, биизниллоҳи азза зикруҳу[8]».

Бубакр ва Мангитирок бар-ин ҷумла[9] бирафтанд ва се хайлтоши мусриъро низ ҳам аз ин тароз[10] ба Ғазнин фиристоданд ва рӯзи одина ин ҷо ба Тагинобод хутба ба номи Султон Масъуд карданд. Хатиби султонӣ[11] ва ҳоҷиби бузург ва ҳама аъён ба масҷиди одина ҳозир омаданд ва бисёр дираму динор нисор карданд ва коре боном[12] рафт. Ва нома рафта буд то ба Буст[13] низ хутба кунанд ва карда буданду бисёр такаллуф намуда.

Ва ҳар руз ҳоҷиб Алӣ барнишастӣ ва ба саҳро омадӣ ва биистодӣ ва аъёну муҳташамони даргоҳ, худовандони шамшеру қалам[14] ба ҷумла биёмадандӣ ва савора биистодандӣ ва то чоштгоҳи фарох[15] ҳадис кардандӣ. Ва агар аз ҷонибе хабаре тоза гаштӣ, боз гуфтандӣ ва агар ҷониберо халале уфтода будӣ, ба

---

[1] сазовортар.
[2] нома.
[3] мусриъ – шитобкунанда ва пайки тезрафтор, хабарбарони тундрав
[4] сипоҳиёне, ки ҳама аз як хайл (гурӯҳ) бошанд, ҳамгуруҳон.
[5] дирафши баланд; манзур омадани Амир Масъуд аст.
[6] Худованд дирафши ӯро ёрӣ диҳад ва пирӯз гардонад!
[7] мурод модари Султон Масъуд, зани Султон Маҳмуд аст.
[8] ба дастур ва иҷозати Худо, ки ёди Вай гиромӣ бод.
[9] қарор.
[10] ҳамсатҳ бо якдигар.
[11] хатиб (сухангӯ)-е, ки вижаи султон буд.
[12] бузург, муҳим.
[13] номи яке аз шаҳрҳои муҳим дар рӯзгори Ғазнавиён. Ин шаҳр дар ҳудуи Сиистон воқеъ гашта буд ва ҷузву томҳои артиши ғазнавӣ дар он қарор гирифта буданд (ниг. С. Муллоҷон. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (муруре пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён). -Душанбе, 2013.
[14] таъбири худовандони шамшеру қалам, яъне зиёиён ва лашкариён дар ин асар минбаъд ҳам омадааст.
[15] чошт – як ҳисса аз чаҳор ҳиссаи рӯз; манзур аз чошти фарох наздики пешин аст.

номаву савор[1] дарёфтандӣ[2], чунонки ҳукми ҳолу мушоҳада воҷиб кардӣ[3] ва пас бозгаштандӣ сӯйи хаймаҳои хеш. Ва Амир Муҳаммадро сахт некӯ медоштанд ва надимони хосси ӯро дастурӣ[4] буд, наздики вай мерафтанд, ҳамчунон қавволону[5] мутрибонаш ва шаробдорон шаробу анвоъи меваву раёҳин[6] мебурданд.

Аз Абдурраҳмони қаввол шунидам, ки гуфт: «Амир Муҳаммад рӯзе ду-се чун мутаҳаййиреву[7] ғамноке мебуд; чун нон мебихӯрдӣ қавмро бозгардонидӣ[8]. Савум рӯз Аҳмади Арслон гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, он чӣ тақдир аст, ночор бибошад, дар ғамнок будан бас фоида нест, худованд[9] бар сари шаробу нишот боз шавад, ки мо бандагон метарсем, ки ӯро савдо[10] ғалаба кунад, фалъиёзубиллоҳи[11] ва иллате[12] орад». Амир, разияллоҳу анҳу, табассут фурӯ нишонд[13] ва дар маҷлис чанд қавл[14] он рӯз бишнуд аз ман ва ҳар рӯз ба тадриҷу тартиб чизе зиёдат мешуд, чунонки чун лашкар сӯйи Ҳирот кашид, боз ба шароб даромад, валекин хӯрдане будӣ бо такаллуф ва нуқли[15] ҳар қадаҳе боде сард[16], ки шаробу нишот бо фароғати дил равад ва он чӣ гуфтаанд, ки «Ғамноконро шароб бояд хӯрд, то тафти[17] ғам биншонанд», бузург ғалатест. Бале, дарҳол биншонад ва камтар гардонад, аммо чун шароб дарёфт[18] ва бихуфтанд, хуморе мункар[19] орад, ки бедор шаванд ва ду се рӯз бидорад[20].

---

[1] маъмури савора.
[2] чора меандешиданд.
[3] маънои ҷумла: он гуна, ки ҳолат тақозо мекард.
[4] рухсат, иҷозат.
[5] сурудгӯй ва хунёгар, сухангӯй ва қиссапардоз.
[6] гулу гиёҳи хушбӯй.
[7] сарсон, ҳайрон.
[8] яъне маҷлиси шароб намекард.
[9] яъне Амир Муҳаммад.
[10] ошуфтагии ҳол.
[11] паноҳ бар Худо!
[12] беморӣ.
[13] табассут - кушодагӣ, бетакаллуфӣ; ин калима дар баъзе нусхаҳо ба шакли тасбит (бозистодан) омадааст. Маънои ҷумла чунин аст: Амир Муҳаммад он ҳоли дармондагӣ ва беҳаракатиро таскин дод.
[14] шеър.
[15] он чи баъд аз шароб нӯшидан хӯранд; газак.
[16] оҳи сард.
[17] ҳарорат.
[18] асар кард.
[19] сахт.
[20] давом ёбад.

Ва хайлтошон, ки рафта буданд, сӯйи Ғазнин боз омаданд ва боз намуданд, ки чун башорат расид, ба Ғазнин чанд рӯз шодӣ карданд хоссу ом ва вазеъу[1] шариф ва қурбонҳо карданду садақоти бисёр доданд, ки коре қарор гирифту якрӯя шуд. Ва сарҳанг Буалии Кутвол[2] гуфта буд, то номаҳо набиштанд ба атрофи вилоёт бад-ин хабар ва ёд карданд дар номаи хеш, ки чун нома аз Тагинобод бирасид, мисол дод[3], то нусхатҳо бардоштанд ва ба Синду Ҳинд фиристоданд ва хамчунон ба навоҳии Ғазнину Балху Тахористону[4] Гузгонон, то ҳамаи ҷойҳо муқаррар гардад бузургии ин ҳол ва сукун гиранд.

Ва хайлтошони мусриъ, ки фиристода буданд, гуфтанд, ки аъёну фуқаҳо[5] ва қузоту[6] хатиб ба работи Ҷирмақ[7] бимонда буданд аз он ҳол, ки уфтод. Чун мо аз Тагинобод он ҷо расидем, шод шуданд ва сӯйи Ғазнин боз гаштанд ва чун мо ба Ғазнин расидему нома сарҳанги кутволро додем, дарвақт[8] мисол дод, то бар қалъат духулу бук[9] заданд ва башорат ба ҳар ҷой расониданд ва маликаи саййида, волидаи Султон Масъуд бо ҷумлаи ҳуррот[10] аз қалъат ба зер омаданд ва ба саройи Абулаббоси Исфаройинӣ[11] рафтанд, ки ба расми Амир Масъуд буд ба рӯзгори Амир Маҳмуд. Ва ҳама фуқаҳову аъёну омма он ҷо рафтанд ба таҳният ва фавҷ-фавҷ мутрибони шаҳр ва буқиёни[12] Шодиобод[13] ба ҷумла бо созҳо ба хидмат он ҷо омаданд ва моро бигардониданд ва зиёдат аз панҷоҳ ҳазор дирам зару симу ҷома ёфтем ва рӯзе гузашт боном, ки кас монанди он ёд надошт ва мо бомдод даррасидему нимашаб бо ҷавоби номаҳо бозгаштем.

---

[1] мардуми оддӣ, фурӯдаст.
[2] аз калимаи ҳиндии кут – қалъа, кутвол - нигаҳбони қалъа: дижбон.
[3] дастур дод.
[4] Тахористон сарзамини тахорҳо (тухорҳо), ки дар самти шарқии Балх воқеъ буд.
[5] фақеҳон.
[6] қозиҳо.
[7] меҳмонсаройи Ҷирмақ.
[8] ҳамон замон.
[9] табл ва шайпур.
[10] ҷамъи ҳур, занони озода. Дар ин аср барои фарқ кардани занони озод аз каниз, ки дар дарбор фаровон буданд, калимаи «ҳур ё «ҳурра»-ро ба кор мебурданд.
[11] Абулаббоси Исфаройинӣ (ваф. 401 ҳ. / 1011) нахустин вазири Маҳмуд, ки қаблан дар дастгоҳи Сомониён кору фаъъолият мекард. Коргузории Ғазнавиён, ки ба забони арабӣ буд, бо дастури ӯ форсӣ гардид.
[12] буқнавозон.
[13] маҳалле дар Ғазнин.

Ва ҳоҷиби бузург Алӣ бад-ин ахбор сахт шодмона шуду нома набишт ба Амир Масъуд ва бар дасти ду хайлтош бифиристод ва он ҳолҳо ба шарҳ[1] боз намуд ва номаҳо, ки аз Ғазнин расида буд, ба ҷумла гусел кард.

Рӯзи шанбе, нимаи шаввол номаи Султон Масъуд расид бар дасти ду савор аз они вай, яке турк ва яке аъробӣ[2] ва чаҳорасба[3] буданд ва ба чаҳор рӯзу ним омада буданд; ҷавоби он нома, ки хайлтошон бурда буданд, ба зикри мавқуф кардани Амир Муҳаммад ба қалъати Кӯҳтез. Чун Алӣ номаҳо бархонд, барнишасту ба саҳро омад ва ҷумла аъёнро бихонд. Ва дарвақт биёмаданд ва Бусаъиди Дабир номаро бармало бихонд; номае бо бисёр навохту[4] дилгармӣ, ҷумла авлиёву ҳашаму лашкарро навохт, ба хатти Тоҳири дабир, соҳибдевони рисолати Амир Масъуд, ороста ба тавқеъи олӣ[5] ва чанд сатр ба хатти Амир Масъуд ба ҳоҷиби бузург Алӣ. Мухотаба «ҳоҷиби фозил; бародар» ва навохтҳо аз ҳадду дараҷа бигзашта, балки, чунонки акфо ба акфо[6] нависанд. Чун Бусаййид номи Султон бигуфт, ҳамагон пиёда шуданду боз барнишастанд ва нома хонда омад ва фав-фавҷ лашкар меомаду мазмуни номаҳо маълуми эшон мегардид ва замин бӯса медоданду бозмегаштанд. Ва фармон чунон буд Алиро, ки бояд, ки авлиёву ҳашам фавҷ-фавҷи лашкарро гусел кунад, чунонки савоб бинад ва пас бар асари[7] эшон бо лашкари Ҳиндустон ва пилону зарродхонаву[8] хизона биёяд, то дар замони саломат ба даргоҳ расад ва бидонад, ки ҳамаи шуғли мулк[9] бад-ӯ муфавваз[10] хоҳад буд ва пойгоҳу ҷоҳи ӯ аз ҳама пойгоҳҳо гузашта.

Ҳоҷиби бузург гуфт: «Нақибонро бояд гуфт, то лашкарро боз гардонанду фуруд оянд, ки ман имрӯз бо ин аъёну муқаддамон чанд шуғли муҳим дорам, ки фариза аст, то баргузорда ояд ва пас аз он фардо тадбири гусел кардани эшон карда шавад фавҷ-фавҷ, чунонки фармони Султон-худованд аст». «Нақиби ҳар тоифа

---

[1] ба тафсил, муфассал.
[2] арабӣ саҳрой.
[3] бо чаҳор асб; бо мақсади зуд расонидани паём ду асб мегирифтанд, ва якеро ядак мекарданд.
[4] навозиш, меҳрубонӣ.
[5] муҳри амир.
[6] акфо-ҷамъи куфув – ҳамрадиф; номае ки Масъуд навишта буд номаи самимонаву дӯстона буд, на шоҳона.
[7] аз паси
[8] аслиҳахона.
[9] корҳои подшоҳӣ ва кишвар.
[10] вогузошта.

бирафту лашкар ба ҷумла бозгашту фуруд омад ва ҳоҷиби бузург Алӣ бозгашту ҳама бузургони сипоҳро аз тозику[1] турк бо хештан бурду холӣ бинишастанд. Алӣ нома ба хатти Амир Масъуд, ки эшон надида буданд, ба Бусаъиди Дабир дод, то бархонад. Набишта буд ба хатти худ, ки» моро муқаррар аст ва муқаррар буд, ки дар он вақт, ки падари мо Амири мозӣ гузашта шуд ва Амири ҷалил бародар Абуаҳмадро бихонд, то бар тахти мулк нишаст, ки салоҳи вақти мулк ҷуз он набуд ва мо вилояте дури сахт боном бикшода будему қасди Ҳамадону Бағдод доштем, ки набуд он Дайламонро[2] бас хатаре ва нома набиштем бо расули алавӣ[3] сӯйи бародар ба таъзияту таҳнияту насиҳат. Агар шунуда омадиву халифати мо будӣ ва он чӣ хоста будем, дарвақт бифиристодӣ, мо бо вай ба ҳеч ҳол музояқат[4] накардемӣ ва касонеро ки раъй воҷиб кардӣ, аз аъёну муқаддамони лашкар бихондемӣ ва қасди Бағдод кардемӣ, то мамлакати мусалмонон зери фармони мо ду бародар будӣ. Аммо бародар роҳи рушди[5] хеш бинадид ва пиндошт, ки магар бо тадбири мо бандагон тақдири Офаридагор баробар бувад? Акнун, чун кор бад-ин ҷойгоҳ расид ва ба қалъати Кӯҳтез мебошад, кушода[6] бо қавми хеш ба ҷумла, чӣ ӯро ба ҳеч ҳол ба Гузгонон натвон фиристод ва зишт бошад бо хештан овардан, чун боздошта[7] шудааст, ки чун ба Ҳирот расад, мо ӯро бар он ҳол натвонем дид. Савоб он аст, ки азизан ва мукарраман[8] бад-он қалъат муқим мебошад бо ҳамаи қавми хеш ва чандон мардум, ки он ҷо бо вай ба кор аст ба ҷумла, ки фармон нест, ки ҳеҷ касро аз касони вай боздошта шавад. Ва Бактагини ҳоҷиб дар хирад бад-он манзалат аст, ки ҳаст, дар пойи қалъат мебошад бо қавми хеш ва вилояти Тагинобод ва шиҳнагийи[9] Буст бад-ӯ муфавваз кардем, то ба Буст халифате фиристад ва вайро зиёдат некӯӣ бошад, ки дар ин хидмат ба кор

---

[1] тоҷик.

[2] мардуме, ки аз вилояти Дайлам бошанд; мурод аз ин дайламонеанд, ки бар Ироқу Форс ҳукумат доштанд.

[3] алавӣ-сайиде, ки аз авлоди халифаи чаҳорум Алӣ ибни Абутолиб бошад; номи ин фиристода Сайид ибни Абдулазиз аст, ки минбаъд меояд. Дар давлатҳои ин аср аз обрӯю ҷойгоҳи содот дар корҳои дипломатӣ фаровон истифода мекарданд.

[4] танг гирифтан.

[5] роҳи дуруст.

[6] бебанд, раҳо

[7] ҳабс, зиндон.

[8] боиззат ва гиромӣ.

[9] шаҳрбон, доруға; нафаре, ки вазифаи сардори низомӣ ва ё политсияро иҷро кунад.

барад, ки мо аз Ҳирот қасди Балх дорем, то ин зимистон он ҷо муқом[1] карда ояд ва чун Наврӯз бигзарад, сӯйи Ғазнин равем ва тадбири бародар чунонки бояд, сохта бисозем, ки моро аз вай азизтар кас нест, то ин ҷумла шинохта ояд, иншоаллоҳи азза ва ҷалла».

Ва чун ин нома бишнуданд, ҳамагон гуфтанд, ки худованд инсофи тамом бидода буд бад-он вақт, ки расул фиристод ва акнун тамомтар бидод, ҳоҷиб чӣ дидааст[2] дар ин боб? Гуфт: «Ин номаро агар гӯед, бояд фиристод ба наздики Амир Муҳаммад, то бидонад, ки вай ба фармони худованд ин ҷо мемонад ва муваккалу[3] нигоҳдорандаи вай пайдо шуд ва мо ҳамагон аз кори вай маъзул гаштем».

Гуфтанд: «Ночор бояд фиристод, то вай огоҳ шавад, ки ҳол чист ва сухани хеш пас аз ин бо Бактагини ҳоҷиб гӯяд. Гуфт:- «Кадом кас барад наздики вай? » Гуфтанд: «Ҳар кас, ки ҳоҷиб[4] гӯяд». Донишманд Набийя ва Музаффари ҳокимро гуфт: «Наздики Амир Муҳаммад раведу ин нома бар вай арза кунед ва ӯро лахте[5] панд диҳеду сухани некӯ гӯеду бознамоед[6], ки раъйи худованд-султон ба боби вай сахт хуб аст ва чун мо бандагон ба даргоҳи олӣ расем, хубтар кунем ва дар ин ду-се рӯз ин қавм[7] ба тамомӣ аз ин ҷо бираванд ва сару кори ту акнун бо Бактагини ҳоҷиб аст ва вай марде ҳушёру хирадманд аст ва ҳаққи бузургиятро нигоҳ дорад, то он чӣ бояд гуфт, бо вай мегӯяд».

Ва ин ду тан бирафтанд, ки ба чӣ шуғл[8] омадаанд, ки бе мисоли вай касе бар қалъат натавонистӣ шуд. Багтагин кадхудои[9] хешро бо эшон номзад кард ва бар қалъат рафтанду пеши Амир Муҳаммад ва расми хидматро ба ҷой оварданд. Амир гуфт: «Хабари бародарам чист ва лашкаре, ки хоҳад рафт наздики вай?» Гуфтанд: «Хабари худованд султон ҳама хайр аст ва дар ин ду-се рӯз ҳама лашкар биравад ва ҳоҷиби бузург бар асари эшон ва бандагон бад-ин омадааанду нома ба амир доданд».

---

[1] қарор гирифтан, истодан.
[2] салоҳ дидааст.
[3] шахсе ки кор ба ӯ супурда шуда бошад.
[4] манзур ҳоҷиби бузург Алии Қариб.
[5] андаке, каме.
[6] нишон диҳед, ошкор кунед.
[7] гурӯҳ.
[8] кор.
[9] пешкор, ёвар.

Бархонд ва лахте торикӣ[1] дар вай пайдо омад. Набийя гуфт: «Зиндагонии Амир дароз бод, Султон, ки бародар аст, ҳаққи Амирро нигоҳ дорад ва меҳрубонӣ намояд; дил бад набояд кард ва ба қазои Худой азза ва ҷалла ризо бояд дод ва аз ин боб сухан бисёр некӯ гуфт ва фазолик[2] он буд, ки буданӣ будааст, ба сари нишот боз бояд шуд, ки гуфтаанд: «Ал-муқаддару коинун ва-л ҳамму фазлун»[3]. Ва Амир эшонро бинавохту гуфт: «Маро фаромӯш макунед». Ва бозгаштанду он чӣ рафта буд бо ҳоҷиби бузург Алӣ гуфтанд.

Ва қавм ба ҷумла бипароганданду сохтан гирифтанд[4], то сӯйи Ҳирот бираванд, ки ҳоҷиб дастурӣ дод рафтанро. Ва низ мисол дод, то аз вазоифу равотиби[5] Амир Муҳаммад ҳисоб баргирифтанд. Ва омили[6]. Тагинободро мисол дод, то нек андеша дорад, чунонки ҳеч халал набошад ва Багтагин ҳоҷибро бихонду маншури тавқеъӣ[7] ба шиҳнагии Бусту вилояти Тагинобод бад-ӯ супурд. Ҳоҷиб бар пой хост ва рӯй сӯйи ҳазрат[8] карду замин бӯса дод. Ҳоҷиб Алӣ вайро дастурӣ дод ва биситуду гуфт: «Хайли[9] хешро нигоҳ дор ва дигар лашкар, ки бо ту ба пойи қалъат аст, ба лашкаргоҳ боз фирист, то бо мо бираванд ва ҳушёру бедор бошед, то халале наяфтад». Гуфт: «Сипос дорам!»

Ва бозгашту лашкарро, ки бо вай буд, ба лашкаргоҳ фиристод ва кутволи қалъатро бихонду гуфт, ки эҳтиёт аз лавне[10] дигар бояд кард акнун, ки лашкар биравад ва бе мисоли ман ҳеч касро ба қалъат роҳ набояд дод. Ва ҳама корҳо қарор гирифт[11] ва қавм сӯйи Ҳирот ба хидмат рафтан гирифтанд[12].

---

[1] андуҳ, парешонӣ.
[2] хулоса.
[3] сарнавишт шуданист ва андуҳ зоид.
[4] омода шуданд.
[5] вазоиф ва равотиб ҷамъи вазифа ва ротиба, маош ва муқаррарӣ.
[6] ҳоким, волӣ.
[7] маншури вижае, ки нишонаву аломат дорад ва маҳрамона набошад.
[8] даргоҳ, мурод даргоҳи подшоҳ .
[9] гурӯҳи сипоҳиён.
[10] гунае.
[11] назму тартиб ёфт.
[12] оғоз карданд.

Зикру моҷарои ъало йадайй-л- Амири Масъудин баъда вафоти волидиҳи ал- Амир Маҳмудин, ризвонуллоҳи алайҳимо фӣ муддати мулки ахиҳи би Ғазната ило ан қубиза алайҳи би- Такинобада ва сафал-амру лаҳу ва-л ҷулусу ъало сарири-л-мулки би Ҳирота, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин[1]

Дар дигар таворих чунин тулу арз нест, ки аҳволро осонтар гирифтаанд ва шаммае[2] беш ёд накардаанд. Аммо ман чун ин кор пеш гирифтам, мехоҳам, ки доди[3] ин таърих ба тамомӣ бидиҳам ва гирди завоёву[4] хабоё[5] бигардам, то ҳеч чиз аз аҳвол пӯшида намонад. Ва агар ин китоб дароз шаваду хонандагонро аз хондан малолат афзояд, тамаъ дорам ба фазли эшон, ки маро аз мубримон[6] нашмаранд, ки ҳеч чиз нест, ки ба хондан наярзад, ки охири ҳеч ҳикоят аз нуктае, ки ба кор ояд, холӣ набошад.

Ва он чӣ бар дасти Амир Масъуд рафт дар Рай ва Ҷибол[7], то он гоҳ Сипоҳон бигрифт, таърихи онро бар андоза бирондам дар бақияти рӯзгори падараш Амир Маҳмуд ва онро бобе ҷудогона кардам, чунонки диданду хондаанд[8]. Ва чун муддати мулки бародараш Амир Муҳаммад ба поён омад ва вайро ба қалъати Кӯҳтез бинишонданд, чунонки шарҳ кардам ва ҷавоби номае, ки ба Амир Масъуд набишта буданд, боз расид, фармуд, то ба Ҳирот ба даргоҳ ҳозир шаванд ва эшон басичи[9] рафтан карданд, чигунагии он ва ба даргоҳ расиданро ба ҷой мондам[10], ки нахуст фариза[11] буд рондани таърихи муддати мулки Амир Муҳаммад, ки дар он муддат Амир Масъуд чӣ кард, то он гоҳ, ки аз Рай ба Нишобур расид ва аз Нишобур ба Ҳирот, ки андар ин муддат

---

[1] Ёд кардани он чӣ гузашт бар дасти Амир Масъуд пас аз даргузаштани падараш Амир Маҳмуд, Худой аз ҳар ду хушнуд бод, дар муддати фармонравоии бародараш Амир Муҳаммад дар Ғазнин то ин ки гирифтор шуд дар Тагинобод ва софӣ шудани кори салтанату нишастан бар тахти подшоҳӣ дар Ҳирот, раҳмати Худованд бар ҳамагии онон бод!

[2] андаке.

[3] инсофи.

[4] зовия – ҷамъи зовия, кунҷ, гӯша, канор.

[5] хабоё – пӯшидаҳо, ниҳуфтаҳо.

[6] мубрим: исми фоъил аз ибром, малолатовар.

[7] Рай – шаҳри қадим, ки дар наздикии Теҳрони ҳозира ҷойгир аст; Ҷибол бо номи Ироқи Аҷам низ маъруф аст ва манзур ноҳияи кӯҳистонии Эрони Марказиро гӯянд.

[8] ин қисматҳои таълифнамудаи Байҳақӣ нобуд гардидаанд.

[9] корсозии сафар, омодагӣ.

[10] тарк кардам.

[11] зарур.

бисёр аҷоиб будааст ва ночор онро бибояст набишт, то шарти таърих тамомӣ ба ҷой ояд.

Акнун пеш гирифтам, он чӣ Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, карду бар дасти вай бирафт аз корҳо дар он муддат, ки падараш Амир Маҳмуд гузашта шуду бародараш Амир Муҳаммад ба Ғазнин омад ва бар тахти мулк нишаст, то он гоҳ, ки ӯро ба Тагинобод фурӯ гирифтанд, то ҳама муқаррар гардад. Ва чун аз ин фориғ шавам, он гоҳ ба сари он боз шавам, ки лашкар аз Тагинобод сӯйи Ҳирот бар чӣ ҷумла боз рафтанд ва ҳоҷиб бар асари эшон? Ва чун ба Ҳирот расиданд, чӣ рафт? Ва кори Амир Муҳаммад ба куҷо расид? Он гоҳ, ки вайро аз қалъати Тагинобод ба қалъати Мандеш[1] бурд Багтагини ҳоҷиб ва ба кутвол супурду бозгашт.

Амир Масъуд ба Сипоҳон буд ва қасд дошт, ки сипоҳсолор Тошфаррошро он ҷо яла кунад[2] ва бар ҷониби Ҳамадону Ҷибол равад ва фаррошон саройпарда берун бурда буданд[3] ва дар он ҳафта бихост рафт, рӯзи сешанбе даҳ рӯз монда буд аз ҷумодалулои санаи иҳдо ва ишрина ва арбъа миа[4]. Ногоҳ хабар расид, ки «Падараш Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, гузашта шуд ва ҳоҷиби бузург Алии Қариб дар пеши кор аст[5] ва дарвақт саворони мусриъ рафтанд ба Гузгонон, то Амир Муҳаммад ба зудӣ биёяду бар тахти мулк нишинад». Чун Амир разияллоҳу анҳу, бар ин ҳолҳо воқиф гашт, таҳайюри[6] сахт бузург дар вай пайдо омад ва ин тадбирҳо, ки дар пеш дошт, ҳама бар вай табоҳ шуд.

Аз Хоҷа Тоҳири Дабир[7] шунудам, пас аз он ки Амир Масъуд аз Ҳирот ба Балх омад ва корҳо якрӯя гашт, гуфт: «Чун ин хабарҳо ба Сипоҳон бирасид, Амир Масъуд чоштгоҳи ин рӯз маро бихонду холӣ карду гуфт: «Падарам гузашта шуд ва бародарамро ба тахти мулк хонданд!» Гуфтам: «Худовандро бақо бод!».

Пас мулаттафаи худ ба ман андохту гуфт: «Бихон!»

---

[1] номи қалъае дар вилояти Ғур.

[2] яъне мехост он ҷо Тошфаррошро ба кор гуморад.

[3] расм будааст, ки вақте Амир мехост сафар ё шикор кунад, саропарда (чодар)-и ӯро ба самти сафари ӯ меафроштанд, то ба ҳамагон маълум гардад.

[4] соли 421, баробар бо 27 майи соли 1030-и милодӣ.

[5] маънои ҷумла: пас аз марги Маҳмуд ҳоҷиби бузург Алии Қариб ҳамаи корҳоро идора мекард.

[6] ҳайрат, саргаштагӣ.

[7] яке аз ҳамкорони Байҳақӣ, ки аз ӯ фаровон ёд мекунад ва манбаъи баъзе хабарҳо будааст.

Боз кардам, хатти амматаш[1] буд Ҳурраи Хуттал̄ӣ[2] набишта буд, ки «Худованди мо, Султон Маҳмуд намози дигар[3] рӯзи панҷшанбе ҳафт рӯз монда буд аз рабеъулохир,[4] гузашта шуд, раҳматуллоҳи ва рӯзи бандагон поён омад[5] ва ман бо ҳама ҳарам[6] ба ҷумлагӣ бар қалъати Ғазнин мебошем ва пасфардо марги ӯро ошкор кунем. Ва намози хуфтан он подшоҳро ба Боғи Пирӯзӣ[7] дафн карданд ва мо ҳама дар ҳасрати дидори вай мондем, ки ҳафтае буд, то ки надида будем. Ва корҳо ҳама бар ҳоҷиб Алӣ меравад. Ва пас аз дафн саворони мусриъ рафтанд ҳам дар шаб ба Гузгонон, то бародар Муҳаммад ба зудӣ ин ҷо ояд ва бар тахти мулк нишинад. Ва аммаат[8] ба ҳукми шафақат, ки дорад, бар амири фарзанд ҳам дар ин шаб ба хатти хеш мулаттафае набишт ва фармуд, то сабуктар[9] ду рикобдорро[10], ки омадаанд пеш аз ин ба чанд муҳим наздики амир, номзад кунанд, то пӯшида[11] бо ин мулаттафа аз Ғазнин бираванд ва ба зудӣ ба ҷойгоҳ бирасанд. Ва амир донад, ки аз бародар[12] ин кори бузург барнаёяду ин хонадонро душманон бисёранд ва мо авроту[13] хазоин[14] ба саҳро уфтодем. Бояд, ки ин кор ба зудӣ ба даст гирад, ки валиаҳди падар аст ва машғул нашавад бад-он вилоят, ки гирифтааст ва дигар вилоят битавон гирифт, ки он корҳо, ки то акнун мерафт, бештар ба ҳишмати[15] падар буд ва чун хабари марги вай ошкоро гардад, корҳо аз лавне дигар гардад ва асл Ғазнин асту он гоҳ Хуросон ва дигар ҳама фаръ[16] аст, то он чӣ набиштам некӯ андеша кунад ва сахт батаъҷил басичи омадан кунад, то ин тахти мулк ва мо зоеъ намонем ва ба зудӣ қосидонро[17] бозгардонад, ки

---

[1] аммааш, хоҳари падар.
[2] хоҳари Султон Маҳмуд, ки завҷаи ҳокими Хуттал буд; ҳурра ба маънои озода.
[3] намози аср.
[4] баробар ба 29 апрели соли 1030-и мелодӣ.
[5] яъне рӯзи некбахтии баидагон ба охир расид.
[6] манзур заноне, ки узви хонадони султанатӣ буданд.
[7] номи яке аз боғҳои дӯстдоштании Маҳмуд, ки бар асоси васияташ вайро ҳамон ҷо дафн карданд.
[8] яъне Ҳурраи Хуттал̄ӣ.
[9] бошитоб.
[10] манзур ду қосидро.
[11] пинҳонӣ
[12] яъне Муҳаммад.
[13] занон, ё ба таъбири Байҳақӣ – сарпӯшидагон.
[14] хазинаҳо
[15] шукӯҳу дабдаба.
[16] дуюмдараҷа
[17] фиристода; мурод ду рикобдор аст, ки омада буданд.

аммаат чашм ба роҳ дорад. Ва ҳар чӣ ин ҷо равад, сӯйи вай набишта меояд».

Чун бар ҳамаи аҳволҳо воқиф гаштам, гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, ба ҳеч мушоварат ҳоҷат наёяд; бар он чӣ набиштааст, кор мебояд кард, ки ҳар чӣ гуфтааст, ҳама насиҳати маҳз[1] аст, ҳеч касро ин фароз набояд гуфт»[2]. Гуфт: «Ҳамчунин аст ва раъйи дуруст ин аст, ки дидааст ва ҳамчунин кунам, агар Худой, азза ва ҷалла, хоҳад. Фааммо[3] аз машварат кардан чора нест, хез касон фирист ва сипаҳсолор Тошрову Олтунтош – ҳоҷиби бузургро ва дигар аъёну муқаддамонро бихонед, то бо эшон низ бигӯем ва сухани эшон бишнавем, он гоҳ он чӣ қарор гирад[4], бар он кор мекунем».

Ман бархостаму касон фиристодам ва қавм ҳозир омаданд. Пеши амир рафтем; чун бинишастем, амир ҳол бо эшон боз гуфт ва мулаттафа маро дод, то бар эшон хондам. Чун фориғ шудам, гуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, ин малика[5] насиҳате кардааст ва сахт бавақт[6] огоҳӣ дода, ва хайри бузург аст, ки ин хабар ин ҷо расид, ки агар рикоби олӣ[7] ба саъодат ҳаракат карда будӣ ва соя бар ҷонибе афкандаву коре баргузорда ва ин хабар он ҷо расидӣ, ночор боз боястӣ гашт, зишт будӣ. Акнун худованд чӣ дидааст дар ин боб?» Гуфт: «Шумо чӣ гӯед, ки савоб чист?» Гуфтанд: «Мо савоб ҷуз ба таъҷил рафтан набинем!» Гуфт: «Мо ҳам бар инем![8] Аммо фардо марги падарро бифармоем, то ошкоро кунанд; чун мотам дошта шуд, расуле фиристем наздики Писари Коку[9] ва ӯро истимолате[10] кунем ва шакк нест, ки вайро ин хабар расида бошад, зудтар аз он, ки каси мо ба ӯ расад ва ғанимат дорад, ки мо аз ин ҷо бозгардем. Ва ҳар ҳукм, ки кунем ба хидмати мол[11] замоне иҷобат кунад ва ҳеч кажжӣ нанамояд, ки

---

[1] холис
[2] маънои ҷумла: ин хабарро пинҳон бояд дошт
[3] пас, аммо.
[4] яъне, тасмим бар ҳар чӣ қарор гирад.
[5] манзур Ҳурраи Хутталӣ аст.
[6] вақти муносиб, зуд.
[7] яъне, амир бо ҳамроҳонаш.
[8] яъне, бо амир ҳамфикрем.
[9] Абуҷаъфар ибни Душманзиёр, ки лақаби Алоуддавла дошт. Ӯ писартағои Саййидахотун ҳокими Рай ва Исфаҳон буда, пас аз марги ӯ, то омадани лашкари Ғазнавиён ба Рай (соли 1029) дар ин ҷо нуфузи зиёд дошт. Азбаски бо забони дайламӣ тағоро коку мегуфтанд, номи ин шахс ҳамчун Писари Коку машҳур шуд.
[10] истимолат - дилҷӯй кардан, ба худ моил кунондан.
[11] пешкаши нақдӣ, хидматона.

аз он чӣ ниҳода бошад, чизе надиҳад, ки донад, ки чун мо боз гаштем, муҳиммоти бисёр пеш уфтад ва то рӯзгори дароз напардозем; валекин моро боре узре бошад дар бозгаштан». Ҳамагон гуфтанд: «Сахт савоб[1] ва некӯ дида омадааст ва ҷуз ин савоб нест, ва ҳарчанд рикоби олӣ зудтар ҳаракат кунад сӯйи Хуросон, беҳтар, ки масофат дур асту қавми Ғазнин[2] боде дар сар кунанд, ки кор бар мо дароз[3] гардад». Амир гуфт: «Шумо боз гардед, то ман андар ин беҳтар нигарам ва он чӣ раъй воҷиб кунад, бифармоям!» Қавм боз гаштанд.

Ва амир дигар рӯз бор дод бо қабоеву[4] ридоеву[5] дасторе[6] сапед ва ҳама аъёну муқаддамону[7] аснофи[8] лашкар ба хидмат омаданд сапедҳо пӯшида[9] ва бисёр ҷазаъ[10] буд. Се рӯз таъзияте маликона[11] ба расм дошта омад, чунонки ҳамагон биписандиданд.

Ва чун рӯзгори мусибат сар омад[12], амир расуле номзад кард сӯйи Бучаъфари Коку Алоуддавла ва фиристода омад ва масофат наздик буд сӯйи вай. Ва пеш аз он, ки ин хабар расад, амирулмуъминин[13] ба шафоат[14] номае набишта буд, то Сипоҳон бад-ӯ боз дода ояд ва ӯ халифати шумо бошад ва он чӣ ниҳода ояд аз моли замонӣ[16] медиҳад ва номаовар бар ҷой бимонда ва иҷобат мебуд ва намебуд бад-ӯ[15], лекин акнун ба ғанимат дошт Амир Масъуд ин ҳолро ва расуле фиристод. Ва номаву пайғом бар ин ҷумла буд, ки: «Мо шафоати амирулмуъмининро ба самъу тоъат[16] пеш рафтем, ки аз худовандон бандагонро фармон бошад на шафоат ва бо он ки муҳиммоти бузургтар аз муҳиммоти Сипоҳон

---

[1] дуруст.
[2] манзур он гурӯҳи дарбор аст, ки бо Масъуд душман буданд.
[3] душвор.
[4] либоси дарози мардона.
[5] або, ҷома.
[6] имома, салла.
[7] пешвоён.
[8] гурӯҳҳои.
[9] ранги сапед дар ин давра ранги мотаму таъзия буд.
[10] нолаву зорӣ.
[11] сӯгвории шоҳона.
[12] ба анҷом расид.
[13] фармонравои мусалмонон, киноя аз халифаи аббосӣ.
[14] хоҳиш кардан.
[16] моле, ки мувофиқи шартномаи дуҷониба бояд ба марказ (Ғазнин) фиристода шавад.
[15] Маънои ҷумла: номарасони халифа мунтазир буд, ки дархости ӯро амири ғазнавӣ қабул мекунад ё на.
[16] шунидан ва пазируфтан.

дар пеш доштем ва ҳеч халифа[1] шоистатар аз амир Алоуддавла ёфта наёяд. Ва агар, аввал, ки мо қасди ин диёр кардему расуле фиристодему ҳуҷҷат гирифтем, он ситезаву лаҷоҷ[2] нарафта будӣ, ин чашмзахм[3] наяфтодӣ. Лекин чӣ тавон кард, будани мебошад. Акнун масъала дигар шуду мо қасд кардан бар он сӯ яла[4] кардем, ки шуғли фариза[5] дар пеш дорему сӯйи Хуросон меравем, ки Султони бузург гузашта шуд ва кори мамлакате сахт бузург муҳмил[6] монд; он ҷо ва кори асл забт кардан авлотар, ки сӯйи фаръ гароидан, хусусан, ки дурдаст асту фавт мешавад. Ва ба Рай ва Торам[7] ва навоҳие, ки гирифта омадааст, шиҳнае гумошта хоҳад омад, чунонки ба ғайбати мо ба ҳеч ҳол халале наяфтад. Ва агар касе хобе бинаду[8] фурсате ҷӯяд, худ он диданду он фурсат чандон аст, ки мо бар тахти падар нишастем, дигар ба ҳеч ҳол ин диёрро муҳмил фурӯ нагзорем, ки моро бар неку бади ин буқоъ[9] чашм уфтод ва маълум гашт ва аз сари тахти падар тадбири он диёр аз лавне дигар пеш гирифта ояд, ки биҳамдуллоҳ мардон ва уддату[10] олат сахт тамом аст он ҷо. Акнун бояд, ки амир ин корро сахт зуд бигзорад[11] ва дар суолу ҷавоб наяфганад, то бар коре пухта аз ин ҷо боз гардем. Пас агар ишва[12] диҳад, касе нахарад[13], ки ӯро гӯянд бо сустӣ бояд сохт, ки Масъуд бар ҷаноҳи[14] сафар аст ва ин ҷо муқом чанд тавонад кард набояд харид ва чунин сухан набояд шунид, ки ваҳшати мо бузург аст ва мо чун ба ваҳшат боз гардем, дарёфти[15] ин кор аз лавне дигар бошад, вассалом!»

Ин расул бирафту пайғомҳо бигузорд ва Писари Коку некӯ бишнид ва ба ғанимате сахт тамом дошту[16] ҷавобе некӯ дод. Ва се рӯз дар мунозара буданд, то қарор гирифт бад-он, ки вай

---

[1] ҷонишин, ҷонишин барои Масъуд.
[2] нофармонӣ
[3] чашмзахм – озору нуқсон, ки аз асари назари бад ба касе расад
[4] раҳо
[5] вазифаи ҳатмӣ
[6] фурӯгузошта
[7] Торам – ноҳияе миёни Қазвин ва Гелон
[8] хаёле дар сар бипарваронад
[9] ҷоҳҳо
[10] созу барг, омодагӣ
[11] ба анҷом расонад
[12] фиреб
[13] харидор ва пазиро нашавад.
[14] боли.
[15] чораи.
[16] ғанимат донист ин пешниҳодро, чун онро ба суди хеш медид.

халифати амир бошад дар Сипоҳон дар ғайбат, ки вайро уфтад ва ҳар соле дувист ҳазор динори ҳарейва[1] ва даҳ ҳазор тоқ ҷома аз мустаъмалоти[2] он навоҳӣ бидиҳад, беруни[3] ҳадяи Наврӯз ва Меҳргон[4], аз ҳар чизе ва асбони тозиву астарони[5] бозин ва олати сафар аз ҳар дасте. Ва амир, разияллоҳу анҳу, узри ӯ бипазируфту расулро некӯ бинавохт ва фармуд, то ба номи Буҷаъфари Коку маншуре[6] набиштанд ба Сипоҳону навоҳӣ ва хилъате фохир[7] сохтанду гусел карданд.

Пас аз гусел кардани расул, амир аз Сипоҳон ҳаракат кард бо нишоту нусрат; панҷ рӯз боқӣ монда буд аз ҷумодалухро[8] бар тарафи Рай. Чун ба шаҳри Рай расид, мардумони он ҷо хабар ёфта буданду такаллуфе[9] карда ва шаҳрро озин[10] баста буданд, озине аз ҳадду андоза гузашта; аммо амир бар карони шаҳр, ки хайма зада буданд, фуруд омад ва гуфт рафтанист. Ва мардуми Рай хоссу ом берун омаданду бисёр хидмат карданд. Ва вай муътамадони хешро дар шаҳр фиристод, то он такаллуфе, ки карда буданд, бидиданду бо вай гуфтанд ва вай мардуми Райро бад-он бандагӣ, ки карда буданд, иҳмод[11] кард.

Ва ин ҷо хабар бад-ӯ расид аз номаҳои сиқот[12], ки Амир Муҳаммад ба Ғазнин омад ва корҳо бар вай қарор гирифт ва лашкар ба ҷумла ӯро мутеъ ва мунқод[13] шуд, ки гуфтаанд: Аҳлу-д-дунё убайду-д-дунё ва-д-дирҳам[14]. Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, бад-ин хабар сахт дилмашғул[15] шуд ва дарвақт савоб он дид, ки Саййид Абдулазизи Алавиро, ки аз духоту-р-риҷол[16] буд, ба расулӣ ба Ғазнин фиристад ва нома набиштанд аз фармони ӯ ба бародараш ба таҳнияту таъзият. Ва пайғомҳо дод дар маънии

---

[1] сиккаи ҳиротӣ; манзур зари холис аст.
[2] маҳсулот.
[3] ғайр аз.
[4] Меҳргон – яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми эронинажод, ки дар фасли пойиз меояд.
[5] хачирони.
[6] фармон.
[7] ҳаронмоя.
[8] баробар бо 31 майи соли 1030-и милодӣ.
[9] муроотӣ барзиёд.
[10] зиннату ороиш.
[11] иҳмод - аз масдари ҳамд, сутудан.
[12] муътамад, дурустгӯй.
[13] фармонбурдор.
[14] тарҷ: мардуми дунё бандагони динору дирҳаманд.
[15] нигарону музтарибу мушавваш.
[16] мардони зирак ва кордон.

меросу мамлакат, чунонки шарҳ дода омад ин ҳолро дар рӯзгори иморати Амир Муҳаммад ва он кифоят бошад[1].

Ва пас аз он, ки ин алавиро ба расулӣ фиристод, номаи амирулмуъминин Ал-Қодир биллоҳ,[2] разияллоҳу анҳу, расид бар Рай ба таъзияту таҳният ала-р-расми фи масалиҳи[3], ҷавоби номае, ки аз Сипоҳон навишта буданд ба хабари гузашта шудани Султон Маҳмуд ва ҳаракат, ки хоҳад буд бар ҷониби Хуросон ва хостани ливову аҳд ва он чӣ бо он равад аз нуъуту[4] алқоб[5], ки валиаҳди Маҳмуд аст. Ва амирулмуъминин ӯро мисол дода буд дар ин нома, ки «Он чӣ гирифтааст аз вилояти Рай ва Ҷиболу Сипоҳон, бар вай муқаррар аст, батаъҷил сӯйи Хуросон бояд рафт, то дар он сағри[6] бузург халале наяфтад ва он чӣ ки хоста омадааст аз ливову аҳду каромот бо расул бар асар аст»[7]. Амир Масъуд бад-ин нома сахт шоду қавидил шуд ва фармуд, то онро бармало бихонданду буқу духул бизаданд ва аз он нома нусхатҳо бардоштанду ба Сипоҳону Тораму навоҳии Ҷибол ва Гургону Табаристону Нишобуру Ҳирот фиристоданд, то мардумонро муқаррар гардад, ки халифати амирулмуъминин ва валиаҳди ба ҳақиқати падар вай аст.

Ва ҳам дар ин муддат қосидони мусриъ расиданд аз Ғазнин ва номаҳо оварданд аз они Амир Юсуф[8] ва ҳоҷиби бузург Алӣ ва Бусаҳли Ҳамдавӣ[9] ва Хоҷа Алии Микойил, раис[10] ва сарҳанг Буалии кутвол[11] ва ҳамагон бандагӣ намуда ва гуфта, ки «Аз баҳри таскини вақтро амир Муҳаммадро ба Ғазнин хонда омад, то изтиробе наяфтад ва ба ҳеч ҳол ин кор аз вай барнаёяд, ки ҷуз ба нишоту лаҳв[12] машғул нест. Худовандро, ки валиаҳди падар ба

---

[1] чунонки ишора шуд, бахши марбут ба салтанати Муҳаммад нобуд гардидааст.

[2] ал Қодир – халифаи қудратманди аббосӣ, ки солҳои 994-1031 хилофат рондааст.

[3] мувофиқи русум дар ин бора

[4] ҷамъи наът, васф

[5] ҷамъи лақаб

[6] марз, ҳудуд

[7] яъне аз паси ин нома мерасад.

[8] Юсуф ибни Сабуктагин – амаки Амир Масъуд (бародари Маҳмуд).

[9] Бусаҳли Ҳамдавӣ яке аз акобири даргоҳи Маҳмуд ва Масъуд, ки дар вазифаҳои баланди давлатӣ кор кардааст. Дар бораи Ҳамдавӣ ниг. ба мақолаи Ғ.Юсуфӣ. Абӯсаҳли Ҳамдавӣ дар китоби «Коғази зар». -Теҳрон,1386. -С.137-140.

[10] Алии Микойил яке аз бузургони дарбори Маҳмуд ва Масъуд, ки соле ҳам раиси корвони ҳоҷиёни Хуросон гардид.

[11] Буалӣ – раиси қалъа ва аз афроди соҳибнунфузи дарбори Маҳмуд ва Масъуд.

[12] бозӣ, айшу ишрат.

ҳақиқат ӯст, бибояд, шитофт ба диле қавиву нишоте тамом, то ҳар чӣ зудтар ба тахти мулк расад, ки чандон аст, ки номи бузурги ӯро дар Хуросон бишнаванд, ба хидмат пеш оянд».

Ва волидаи[1] Амир Масъуд ва амматаш Ҳурраи Хуттал низ навишта буданд ва боз намуда[2], ки бар гуфтори ин бандагон эътимоде тамом бояд кард, ки он чӣ гуфтаанд, ҳақиқат аст.

Амир, разияллоҳу анҳу, бад-ин номаҳо, ки расид, сахт қавидил шуд ва маҷлис кард ва аъёни қавми хешро бихонду ин ҳолҳо бо эшон бозронд ва гуфт: «Корҳо бар ин ҷумла шуд; тадбир чист?» Гуфтанд: «Раъйи дуруст он бошад, ки худованд бинад». Гуфт: «Агар мо дил дар ин диёр бандем, кор душвор шавад ва чандин вилоят ба шамшер гирифтаем ва сахт боном аст; охир[3] фаръ асту дил дар фаръ бастан ва аслро ба ҷой мондан муҳол аст ва моро савоб он менамояд, ки ба таъҷил сӯйи Нишобуру[4] Ҳирот[5] ронем ва қасди асл кунем. Ва агар чунин, ки навиштаанд, бе ҷанге[6] ин кор якрӯя гардад ва ба тахти мулк расему мунозиъе[7] намонад, боз тадбири ин навоҳӣ битавон кард».

Гуфтанд: «Раъйи дурусттар ин аст, ки худованд дидааст; ҳар чӣ аз ин ҷо зудтар равад савобтар!» Гуфт: «Ночор ин ҷо шиҳнае бояд гумошт, кадом касро гуморему чанд савор?»[8] Гуфтанд: «Худованд кадом бандаро ихтиёр кунад? Ки ҳар кас, ки боз истад[9] ба кароҳият[10] боз истад. Ва пайдост, ки ин ҷо чанд мардум метавон гузошт ва агар мардуми Рай вафо хоҳанд кард номро[11], касе бибояд гузошт ва агар вафо нахоҳанд кард, агарчӣ бисёр мардум истонида ояд, чизе нест». Гуфт: «Рост, ман ҳам ин андешидаам, ки шумо мегӯед ва Ҳасани Сулаймонро ин ҷо[12]

---

[1] модари
[2] он чӣ дар номаи аъёни дарбор ба Масъуд навишта шуда буд, тасдиқ карданд
[3] аммо
[4] Нишобур ё Нишопур муҳимтарин шаҳри Хуросон дар замони Сомониён ва Ғазнавиён, ки ҷойгоҳи стратегӣ дошта, сипаҳсолори Хуросон он ҷо менишаст. Пас аз пойтахт муҳимтарин маркази фарҳангӣ ҳам буд. Акнун дар ҳудуди Эрон қарор дорад.
[5] Ҳирот яке аз курсиҳои Хуросон буд. Масъуд дар замони ҳукумати Маҳмуд муддате ҳокими ин шаҳр буд.
[6] аз ин навишта бармеояд, ки Масъуд барои гирифтани тоҷу тахт ба ҷанг алайҳи бародараш тайёрӣ медид.
[7] низоъкунанда, мухолиф, ситезагар
[8] лашкари саворае, ки ҳамроҳи шиҳна гузошта мешавад
[9] бимонад
[10] нохушнуд, нописанд
[11] ба сурати зоҳирӣ
[12] дар Рай

хоҳам монд[1] бо саворе понсад дилангез[2]. Фардо аъёни Райро бихонед, то он чӣ гуфтанист дар ин боб гуфта ояд, ки мо ба ҳама ҳолҳо[3] пасфардо бихоҳем рафт, ки рӯйи муқом кардан нест»[4].

Гуфтанд: «Чунин кунем!» Ва бозгаштанду касон фиристоданд сӯйи аъёни Рай ва гуфтанд, фармони олӣ бар он чумла аст, ки фардо ҳамагон ба дари саройпарда бошанд. Гуфтанд: «Фармонбурдорем».

Дигар рӯз фавҷе қавӣ аз аъён берун омаданд, алавиёну қузоту аиммаву фуқаҳову бузургону бисёр мардуми омма ва аз ҳар дасте[5] атбои[6] эшон. Ва амир, разияллоҳу анҳу, фармуда буд, то кавкабае[7] ва такаллуфе сохта буданд сахт азим ва бисёр ғулом бар дари хайма истода ва савору пиёдаи бисёр дар саҳро дар силоҳ ғарқ[8]. Ва бор доданду[9] аъёну бузургони лашкар дар пеши ӯ бинишастанд ва дигарон биистоданд. Ва пас аъёни Райро пеш оварданд тане панҷоҳу шаст аз муҳташамтар ва Амир ишорат кард, то ҳамагонро бинишонданд дуртар[10] ва пас сухан бигшод. Ва чун ин подшоҳ дар сухан омадӣ, чаҳониён бояст[ӣ], ки дар наззора будандӣ, ки дурр пошидию[11] шаккар шикаст[ӣ][12] ва биёяд дар ин таърих суханони вай, чӣ он ки гуфта ва чӣ набишта, то муқаррар гардад хонандагонро, ки на бар гизоф[13] аст ҳадиси подшоҳон. Қола-л-Лоҳу азза ва ҷалла ва қавлаҳу-л ҳаққу: **Ва зодаҳу бастатан фи-л илми ва-л ҷисми ва-л-Лоҳу йути мулкаҳу ман яшоъ**[14]. Пас аъёнро гуфт: сирати[15] мо то ин ғоят[16] бар чӣ чумла аст? Шарм мадореду рост бигӯед ва муҳобо[17] макунед. Гуфтанд:

---

[1] гумошт
[2] диловар ва шуҷоъ; дар баъзе нусхаҳо ҳаросангез омадааст, ки дурусттар менамояд.
[3] дар ҳар сурат
[4] истодан ҷоиз нест
[5] гурӯҳе
[6] пайравони
[7] аҳли рикоб, дастаи саворони ҳамроҳи подшоҳ
[8] бо лавозими низомии бисёр
[9] ба ҳузур пазируфтанд
[10] яъне, аз тахти амир дуртар нишонданд.
[11] дурри маънӣ месуфт.
[12] шаккари лафз ба даҳон месуд.
[13] беҳуда, ҳарза.
[14] тарҷ: Ва бияфзуд ӯро фарохӣ андар донишу тан ва Худой онро, ки хоҳад подшоҳӣ бидиҳад (ояи 247 сураи Бақара).
[15] рафтори.
[16] то ин дам, то ин замон.
[17] фурӯ гузоштан.

«Зиндагонии худованд дароз бод, то аз балову ситами дайламон[1] растаем ва номи ин давлати бузург, ки ҳамеша бод, бар мо нишастааст, дар хоби амн ғунудаему[2] шабу рӯз даст ба дуъо бардошта, ки Эзид, азза зикруҳу, сояи раҳмат ва адли худовандро аз мо дур накунад, чӣ акнун хуш мехӯрему хуш мехуспем ва бар ҷону молу ҳураму[3] зиёъу[4] амлок эминем, ки бар рӯзгори дайламон набудем».

Амир гуфт: «Мо рафтанием, ки шуғле бузург дар пеш дорему асл он аст ва номаҳо расидааст аз авлиёву ҳашам, ки Султон – падари мо, разияллоҳу анҳу, гузашта шудааст ва гуфтаанд, ки ба зудӣ бибояд омад, то кори мулкро низом дода ояд, ки на хурд вилоятест Хуросону Ҳиндустону Синд ва Нимрӯзу[5] Хоразм[6] ва ба ҳеч ҳол онро муҳмал[7] фурӯ натавон гузошт, ки асл аст. Ва чун аз он корҳо фароғат ёбем, тадбири ин навоҳӣ ба воҷибӣ сохта ояд, чунонки ё фарзанде муҳташам аз фарзандони хеш фиристем, ё солоре бо ному уддат ва лашкаре тамом сохта. Ва акнун, ин ҷо шиҳнае мегуморем бо андак моя мардум озмоишро[8], то худ аз шумо чӣ асар зоҳир шавад, агар тоъате бубинем бериёву шубҳат[9], дар баробари он адле кунему некӯдоште, ки аз он тамомтар набошад ва пас агар ба хилофи он бошад, аз мо дарёфтан[10] бубинед фарохӯри он ва наздики Худойи азза ва ҷалла маъзур бошем, ки шумо карда бошед. Ва ноҳияти Сипоҳону мардуми он ҷаҳониёнро ибрате тамом аст[11]. Бояд, ки ҷавобе ҷазми қотеъ диҳед, на ишваву пайкор[12], чунонки бар он эътимод тавон кард».

Чун аз ин сухан фориғ шуд, аъёни Рай дар якдигар нигаристанду чунон намуданд, ки даҳшатеву ҳайрате сахт бузург бадэшон роҳ намуд ва ишорат карданд сӯйи хатиби шаҳр ва ӯ марде

---

[1] манзур дайламиёни Оли Бӯя, ки то забти Рай аз ҷониби Маҳмуд (1029) бар ин ҷо ҳукумат меронданд.
[2] осудаем
[3] манзур зану аёл.
[4] обу замин.
[5] Систон.
[6] Хоразм аз қадимтарин музофот, ки дар бештарин давраҳо подшоҳии ҷудогона доштааст ва соли 1017 аз ҷониби Маҳмуд истило шуд. Ҳудуди Хоразми таърихӣ имрӯз дар Туркманистон ва Ӯзбакистон воқеъ аст.
[7] фурӯгузошташуда, матрук.
[8] барои имтиҳон, озмоиш
[9] яъне агар бедурӯягӣ ва нифоқ итоат кунед.
[10] ҷавоби муносиб.
[11] ишора ба қатли аҳолии Исфаҳон, ки пас аз саркашӣ аз лашкари Ғазнавиён соли 1029 дида буданд.
[12] фиреб ва ҷангу ҷидол.

пиру фозилу асан[1] ва ҷаҳонгашта буд. Ӯ бар пой хосту гуфт: «Зиндагонии малики ислом дароз бод, инҳо дар ин маҷлиси бузург ва ин ҳишмати аз ҳадд гузашта аз ҷавоб оҷиз шаванду муҳҷим гарданд. Агар раъйи олӣ бинад, фармон диҳад якеро аз муътамидони даргоҳ, то берун бинишинад ва ин бандагон он ҷо раванд, ки Тоҳири Дабир он ҷо нишинад ва ҷавоб диҳанд».

Амир гуфт: «Нек омад!» Ва аъёни Райро ба хаймаи бузург оварданд, ки Тоҳири Дабир он ҷо менишасту шуғл ҳама бар вай мерафт, ки вай муҳташамтар буд. Ва Тоҳир биёмад, бинишаст ва пеши вай омаданд ин қавм ва бо якдигар ниҳода буданд[2], ки чӣ посух диҳанд. Тоҳир гуфт: «Сухани худованд шунудед, ҷавоб чист?» Гуфтанд: «Зиндагонии Хоҷаи амид[3] дароз бод, ҳама бандагон сухан бар як фасл иттифоқ кардаем ва бо хатиб[4] бигуфта ва ӯ он чӣ аз забони мо бишнавад, бо амир бигӯяд». Тоҳир гуфт: «Некӯ дидаед, то сухан дароз нашавад, ҷавоб чист?» Хатиб гуфт: «Ин аъёну муқаддамон гурӯҳеанд, ки ҳар чӣ эшон гуфтанду ниҳоданд, агар ду бор ҳазор ҳазор дирам дар шаҳру навоҳии он бошад, онро фармонбурдор бошанд. Ва мегӯянд: Қариб сӣ сол буд, то эшон дар дасти дайламон асир буданд ва русуми ислом мадрус[5] буд, ки кори мулк аз чун Фахруддавлаву[6] Соҳиб Исмоили Аббод[7] ба заневу писаре оҷиз[8] уфтод ва дастҳо ба Худой, азза ва ҷалла, бардошта, то малики исломро Маҳмуд дар дил афганд, ки ин ҷо омад ва эшонро фарёд расид ва аз ҷавру фасоди қароматаву[9] муфсидон бираҳонид ва он оҷизонро, ки моро наметавонистанд дошт[10] барканду[11] аз ин вилоят дур афганд ва моро худованде гумошт одилу меҳрубону зобит[12], чун ӯ худ ба саъодат боз гашт ва то он худованд[13] бирафтааст, ин худованд ҳеч

---

[1] асан – калонсолтар.
[2] маслиҳат карда буданд
[3] сарвар, меҳтар; Хоҷаи амид яке аз унвонҳои баланди даргоҳ буд
[4] сухангӯ; дар ин ҷо нафаре, ки сухани мардумро ба подшоҳ баён дорад
[5] мансух ё аз эътибор афтода.
[6] Абулҳасан Алӣ ибни Рукнуддавла шоҳаншоҳи муқтадири Бувайҳиён, ки солҳои 977-997 бар Рай ва атрофи он ҳукумат рондааст.
[7] вазири ботадбири Бувайҳиён, ки солҳои тулонӣ (ваф. 995) вазири ин хонадон буда ҳукумати бонизоми ин силсиларо ташкил карда буд.
[8] манзур Саййидахотун зани Фахруддавла ва писараш Маҷдуддавла мебошад.
[9] қарматиён; яке аз баҳонаҳои Маҳмуд дар ҳамла ба сӯйи Рай сарнагун кардани қарматиён буд.
[10] идора кард
[11] сарнагун кард
[12] забткунанда, нигоҳдоранда; манзур худи Масъуд аст, ки пас аз забти Рай ҳокими он ҷо буд.
[13] Маҳмуд

наёсудааст ва намади асбаш хушк нашудааст[1]; ҷаҳон мегушод ва мутағаллибонро[2] мебарандохт ва оҷизонро менавохт, чунонки агар ин ҳодисаи бузурги марги падараш наяфтодӣ, акнун ба Бағдод расида будӣ ва дигар оҷизону нобакоронро барандохта ва раоёи[3] он навоҳиро фарёд расида, ҳамчунин ҳаловати адл бичашонида. Ва то ин ғоят, ки рояти[4] вай ба Сипоҳон буд; маълум аст, ки ин ҷо дар шаҳру навоҳии мо ҳоҷибе буд шиҳна бо саворе дувист ва касеро аз бақоёи муфсидон заҳра набуд, ки бичунбидӣ, ки агар касе қасди фасоде кардӣ ва ин ҷо омадӣ ва шавкаташ ҳазор ё ду ҳазор, ё камтару бештар будӣ то даҳ ҳазор, албатта, ҷавонону далерони мо силоҳ бардоштандӣ ва ба шиҳнаи худовандӣ пайвастандӣ, то шарри он муфсидон ба пирӯзии Худойи азза ва ҷалла кифоят кардандӣ. Ва, агар ин худованд, то Миср[5] мерафтӣ, моро ҳамин шуғл мебудӣ; фарқ нашносем миёни ин ду масофат. Ва агар худованд чун аз шуғлҳо, ки пеш дорад, фориғ гашт ва зуд бошад, ки фориғ гардад, чӣ пеши ҳиммати бузургаш хатар надорад ва чунон бошад, ки ба саъодат ин ҷо боз ояд ва ё солоре фиристад. Имрӯз бандаву фармонбурдоранд, он рӯз бандатару фармонбурдортар бошем, ки ин неъмати бузургро, ки ёфтаем, то ҷон дар тани мост; зуд-зуд аз даст надиҳем ва агар имрӯз, ки нишоти рафтан кардааст, тозиёнае ин ҷо ба пой кунад ӯро фармонбурдор бошем[6]. Сухани мо ин аст, ки бигуфтем».

Ва хатиб рӯй ба қавм карду гуфт: «Ин фасл, ки ман гуфтам сухани шумо ҳаст?» Ҳамагон гуфтанд: «Ҳаст, балки зиёда аз инем дар бандагӣ!»[7]

Тоҳир гуфт: «Ҷазокумуллоҳу хайран[8], сухан некӯ гуфтеду ҳақ-ҳақи бузургро ба ҷо овардед!» Ва бархосту наздики амир рафт ва ин ҷавоб боз гуфт. Амир сахт шодмона шуд ва гуфт: «Ай Тоҳир, чун саъодат ояд, ҳама корҳо фарохӯри якдигар ояд! Сахт бахирадвор[9] ҷавобе ҳаст ва ин қавм мустаҳаққи ҳама некӯиҳо ҳастанд. Бигӯй, то қозию раису хатиб ва нақиби Алавиёну[10] солори ғозиёнро[1]

---

[1] яъне лаҳзае аз ҳаракат ва такопӯ ва мулкдорию ҷаҳонкушоӣ боз наистодааст.
[2] зӯргӯёну муфсидон.
[3] раият
[4] дирафш
[5] ин ҷо ишора ба Миср қаламрав ва пойтахти Фотимиён (909-1187) аст, ки бо хилофати Аббосиён рақобат доштанд ва чунин гуфта мешуд, ки қарматиёни Рай аз ин марказ ҳидоят мешаванд.
[6] маънои ҷумла: агар дар Рай чӯбе бигузорад мо онро итоат мекунем!
[7] итоат ва фармонбурдорӣ.
[8] Худованд ба шумо подоши нек диҳад!
[9] хирадмандона
[10] саркори хонадони Алавиён, раиси Алавиён.

хилъатҳо рост кунанд ҳамакнун; аз они раису нақиби алавиёну қозӣ зар[2] ва аз они дигарон зарандуд[3] ва бипӯшонанду пеш ор, то сухани мо бишнаванд ва пас бо мартабадорон[4] аз он сӯйи шаҳр гуселашон кун ҳар чӣ некӯтар».

Тоҳир бархосту ҷое бинишаст ва хозинонро[5] бихонду хилъатҳо рост карданд. Чун рост шуд, наздики аъёни Рай бозомад ва гуфт: «Ҷавоб, ки дода будед, бо худованд бигуфтам, сахт хушу писандида омад ва аъёни шуморо, ки бар шуғланд, хилъате боному сазо фармуд, муборак бод, бисмиллоҳ,[6] ба ҷомахона бояд рафт, то ба муборакӣ пӯшида ояд!» Сиёҳдорон[7] панҷ танро[8] ба ҷомахона бурданд ва хилъатҳо бипӯшониданд ва пас Тоҳир наздики амир рафт ва ҷумла аъёни Райро пеш оварданд, амир эшонро бинавохту некӯӣ гуфт ва эшон дуъои фаровон карданду бозгаштанд ва мартабадорон эшонро сӯйи шаҳр бурданд бар ҷумлае ҳар чӣ некӯтар ва мардуми шаҳр бисёр шодӣ карданду беандоза дираму динор андохтанд ва мартабадоронро ба некӯию хушнудӣ боз гардониданд.

Ва дигар рӯз чун бор бигсаст[9] ва аъёни Рай ба ҷумла омада буданд ба хидмат бо ин муқаддамон ва афзун аз даҳ ҳазор зану мард ба наззора истода, аъёнро ба нимтарк[10] бинишонданд ва амир, разияллоҳу анҳу, Ҳасани Сулаймонро, ки ӯ аз бузургони амирони Ҷиболи Ҳирот[11] буд, бихонду бинавохту гуфт: «Мо фардо бихоҳем рафт ва ин вилоят ба шиҳнагӣ ба ту супурдем ва сухани аъёнро бишнудӣ[12]; ҳушёру бедор бош, то халале наяфтад ба ғайбати мо ва бо мардумони ин навоҳӣ некӯ рав[13] ва сират хуб дору яқин бидон, ки чун мо ба тахти мулк расидему корҳо ба муроди мо гашт, андешаи ин навоҳӣ бидорем ва ин ҷо солоре муҳташам фиристем, бо лашкареву муътамаде аз худовандони

---

[1] раиси дастае ғозиён, ки дар роҳи Худо меҷангиданд.
[2] зарин, тилоӣ
[3] оби зар дода.
[4] маъмурони қабулу гусели меҳмонони дарбор.
[5] хазинадор.
[6] ба номи Худо: дар истилоҳи форсӣ чун касе ба коре низ даъват мешуд, ин ибора гуфта мешуд.
[7] манзур ҳоҷибон, ки либоси сиёҳ ба бар доштанд.
[8] яъне, хатиб, қозӣ, раис, нақиби Алавиён ва солори ғозиён.
[9] ба поён расид.
[10] навъе хайма.
[11] минтақаи кӯҳистоние, ки дар 20 километрии Ҳирот воқеъ аст.
[12] шунидӣ.
[13] ба некӣ рафтор кун.

қалам, ки ҳамагон бар мисоли вай кор кунанд, то боқии Ироқ[1] гирифта ояд, агар Худой хоҳад. Бояд, ки аъёну раъоё аз ту хушнуд бошанду шукр кунанд ва насиби ту аз навохту наҳмат[2] ва чоҳу манзалат сахт тамом бошад аз ҳусни раъйи мо».[3]

Ҳасани Сулаймон бар пой хост ва дараҷаи нишастан дошт[4] дар ин маҷлис ва замин бӯса доду пас биистод ва гуфт: «Банда фармонбурдорам ва маро ин маҳал[5] нест, аммо чун Худованд арзонӣ дошт, он чӣ ҷаҳди одамист дар хидмат ба ҷой орам». Амир фармуд, то вайро ба ҷомахона бурданду хилъати гаронмоя ба шиҳнагии Рай бипӯшониданд: қабои хосс, дебои руминву камари зари понсад мисқол ва дигар чизҳо фарохӯри ин. Пеши Амир омад бо хилъату хидмат кард ва аз лафзи олӣ сано шунид; ва пас ба хаймаи Тоҳир омад ва Тоҳир сано бисёр гуфташ. Ва аъёни Райро он ҷо хонданд[6] ва Тоҳир он ҳол бо эшон бигуфт, сахт шод шуданд ва фаровон дуъову сано гуфтанд. Пас, Тоҳир мисол дод Ҳасани Сулаймонро, то бо хилъат сӯйи шаҳр рафт бо бисёр лашкар ва аъён бо вай. Ва шаҳрро озин баста буданд, бисёр нисор карданду вайро дар сарое, ки сохта буданд, сахт некӯ фуруд оварданд ва мардумон некӯ ҳаққ гузорданд[7].

Ва Амир Шаҳобуддавла[8] Масъуд дигар рӯз ал-хамиса лисулса ашара лайлатан мазина мин раҷаб саната иҳдо ва ишрина ва арбаъа миа[9] аз шаҳри Рай ҳаракат кард ба толеъи саъду[10] фаррухӣ бо уҳбате[11] ва уддате ва лашкаре сахт тамом ва бар ду фарсанг фуруд омад. Ва бисёр мардум ба хидмату[12] назора то ин ҷо биёмада буданд. Дигар рӯз, он ҷо барнишасту Ҳасани Сулаймону қавмро боз гардонид ва тафт[13] биронд. Чун ба Хори[14]

---

[1] манзур Ироқи Аҷам аст.
[2] ҳиммат.
[3] ҳусни назар ва эътиқоди мо.
[4] яъне, ҳуқуқ дошт дар ҳузури Амир бинишинад ва ин ҳуқуқ дар дарбор на ба ҳар кас муяссар мешуд.
[5] ҷойгоҳ, мартаба.
[6] даъват карданд.
[7] мардум нисори зиёд доданд ва эҳтиром гузоштанд.
[8] лақаби Масъуд – ситораи дурахшони давлат.
[9] панҷшанбе сездаҳ рӯз гузашта аз раҷаби соли чаҳорсаду бисту як, баробар бо 22 июли соли 1030-и мелодӣ.
[10] вақту соати муборак.
[11] созу барг, аслиҳа ва ҷангабзор.
[12] барои изҳори бандагӣ ва итоат.
[13] тафт дар асл гармӣ бошад, вале ин ҷо ба маънои бошитоб аст.
[14] номи як маҳал, ки аз тавобеъи Рай буд.

Рай расид, шаҳрро ба заими[1] ноҳият супурд ва мисолҳо, ки доданӣ буд, бидоду пас бирафт. Чун ба Домғон[2] расид, Хоҷа Бусаҳли Завзанӣ[3] он ҷо пеш омад гурехта аз Ғазнин; чунонки пеш аз ин шарҳ карда омадааст, ва Амир, ӯро бинавохт. Ва мухаффаф[4] омада буд бо андак моя таҷаммул, чандон олату[5] таҷаммул овардандаш аъёни Амир Масъуд, ки сахт банаво[6] шуд. Ва Амир бо вай халвате кард, ки аз намози дигар то нимашаб бикашид[7].

Ва ба рӯзгори гузашта, ки Амир Шаҳобуддавла ба Ҳирот мебуд, муҳташамтари хидматкорони ӯ ин мард буд, аммо бо мардумон бадсохтагӣ[8] кардӣ ва дурушту нохуш ва сафрое азим дошт;[9] ва чун ҳоли вай зоҳир аст, зиёдат аз ин нагӯям, ки гузашта аст ва ғояти кори одамӣ марг аст. Некӯкорӣ ва хӯйи нек беҳтар, то ба ду ҷаҳон суд дорад ва бар диҳад. Ва чун ин муҳташамро ҳолу маҳал наздики Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, бузургтар аз дигар хидматкорон буд, дар вай ҳасад карданду маҳзарҳо[10] сохтанд ва дар эътиқоди вай сухан гуфтанду вайро ба Ғазнин оварданд дар рӯзгори Султон Маҳмуд ва ба қалъат боз доштанд, чунонки боз намудаам дар Таърихи Яминӣ[11]. Ва вай[12] рафт ва он қавм, ки маҳзар сохтанд, рафтанд ва моро низ мебибояд рафт, ки рӯзи умр ба шабонгаҳ омадааст[13] ва ман дар эътиқоди ин мард сухане ҷуз некӯӣ нагӯям, ки қариб сездаҳ ва чаҳордаҳ сол ӯро медидам дар мастиву ҳушёрӣ ва ба ҳеч вақт сухане нашнудам ва чизе нагуфт, ки аз он далеле тавонистӣ кард бар бадии эътиқоди вай. Ман ин донам, ки набиштам ва бар ин гувоҳӣ диҳам дар Қиёмат. Ва он касон, ки он маҳзарҳо сохтанд эшонро маҳшареву

---

[1] меҳтар.
[2] Домғон – яке аз музофотҳои Эрон.
[3] Бусаҳли Завзанӣ яке аз дарбориёни бонуфуз, ки аз ин пас номи ӯ зиёд такрор шуда, аз пурнуфузтарин ва дар айни ҳол баҳсбарангезтарин чеҳраҳои асари Байҳақист. Барои маълумоти бештар дар бораи Завзанӣ нигаред ба мақолаи Ғуломҳусайн Юсуфӣ «Абусаҳли Завзанӣ» дар китоби «Коғази зар», саҳ. 151-166.
[4] сабукбор; дар баъзе нусхаҳо мухиф омадааст.
[5] асбобу васоил.
[6] дорои созу наво, доранда.
[7] давом кард.
[8] носозгорӣ.
[9] тундхӯ буд.
[10] шаҳодатномаҳо, гувоҳинома; дар ин ҷо суратҷаласа ҳам гуфтан мумкин аст.
[11] чунонки дар сарсухан гуфта омад, Байҳақӣ ҷилдҳои ба салтанати Маҳмуд бахшидаи асари худро ба ифтихори Маҳмуд (Яминуддавла) Таърихи Яминӣ номидааст. Ин қисмат аз асари Байҳақӣ дар даст нест.
[12] Бусаҳли Завзанӣ.
[13] поёни умр расидааст.

мавқифе[1] қавӣ хоҳад буд, посух худ диҳанд. Валлоҳу йуъсимуно ва ҷамиъа-л-муслимина мина-л-ҳасади ва-л ҳаррати ва-л хато ва-з-залали би манниҳи ва фазлиҳи[2]. Чун ҳоли ҳишмати Бусаҳли Завзанӣ ин буд, ки бознамудам, ӯ ба Домғон расид, Амир бар вай иқболе кард сахт бузург[3]. Ва он халват бирафт ҳама хидматкорон ба чашме дигар бад-ӯ нигаристанд, ки ӯро бузург дида буданд ва эшонро худ ҳавасҳо бо омадани ин мард бишикаст, ки шоир гуфтааст: шеър

Изо ҷоа Мусо ва алқо асо
Фақад батала-с-сиҳру ва-с-соҳиру[4]

Ва мард ба шабеҳи вазире[5] гашт ва сухани Амир ҳама бо вай мебуд ва боди[6] Тоҳиру аз они дигарон ҳама бинишаст ва мисол дар ҳар бобе ӯ медоду ҳишматаш зиёдат мешуд.

Ва чун Амир Шаҳобуддавла аз Домғон бардошт[7] ва ба деҳе расид бар як фарсангии Домғон, ки корезе бузург дошт; он рикобдор пеш омад, ки ба фармони Султон Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, гусел карда омада буд, бо он номаи тавқеъии бузург ба иҳмоди[8] хидмати Сипоҳон ва ҷомахонаву хазоину он мулаттафаҳои хурд ба муқаддамони лашкар ва Писари Кокӯву дигарон, ки фарзандам оқ[9] аст, чунонки пеш аз ин боз намудаам. Рикобдор пиёда шуду замин бӯса дод ва он номаи бузург аз бари қабо берун карду пеш дошт. Амир, разияллоҳу анҳу, асб бидошт ва ҳоҷибе нома бистуду бад-ӯ дод ва хондан гирифт. Чун ба поён омад, рикобдорро гуфт: Панҷу шаш моҳ шуд, то ин нома набиштанд, куҷо монда будӣ ва сабаби дер омадани ту чӣ буд?

Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, чун аз Бағлон[10] банда бирафт сӯйи Балх, нолон[11] шуд ва муддате ба Балх бимонд; чун ба

---

[1] ҷойи истодан.
[2] тарҷ: ва Худованд ба бахшишу деҳиши худ мову ҳамаи мусалмононро аз рашку бадхӯӣ ва норостиву лағзиш пок дорад!
[3] маънои ҷумла: Масъуд бо омадани Завзанӣ ба ӯ таваҷҷуҳи зиёд кард.
[4] чун Мусо омад ва чӯбдасти хеш бияфканд, пас ҷодуву ҷодугар ночиз (ботил) шуд.
[5] монанди вазир.
[6] ғурури.
[7] рахти сафар бардошт.
[8] сутудани.
[9] нофармон.
[10] шаҳре дар Тахористон ва дар наздикии Балх, ки ҳамакнун дар ҳудуди Афғонистон аст.
[11] бемор

Сарахс[1] расид, сипоҳсолори Хуросон Ҳоҷиби Ғозӣ он ҷо буд ва хабар омад, ки Султон Маҳмуд фармон ёфт[2]. Ва вай сӯйи Нишобур рафту маро бо хештан бурд ва нагузошт рафтан, ки худованд ба саъодат мебиёяд, фоида набошад аз рафтан, ки роҳҳо ноэмин шудааст ва танҳо набояд рафт, ки халале уфтад. Чун нома расид сӯйи ӯ[3], ки худованд аз Рай ҳаракат кард, дастурӣ дод, то биёмадам ва роҳ аз Нишобур то ин ҷо сахт ошуфта аст, нек эҳтиёт кардам, то битавонистам омад». Амир гуфт: «Он мулаттафаҳои хурд, ки Бунасри Мушкон туро дод ва гуфт онро сахт пӯшида бояд дошт, то расонида ояд, куҷост?» Гуфт: «Ман дорам!» Ва зин фурӯ гирифту миёни намад боз карду мулаттафаҳо дар мум гирифта[4] берун кард ва пас онро аз миёни мум берун гирифт. Амир, разияллоҳу анҳу, Бусаҳли Завзаниро гуфт: «Бистон!» Бусаҳл онро бистад. Гуфт: «Бихон, то чӣ набиштаанд!» Яке бихонд, гуфт, ҳам аз он бобат аст, ки худованд мегуфт. Ва дигаре бихонду бингарист, ҳамон буд, гуфт ҳама бар як нусхат аст. Амир яке бистаду бихонду гуфт: биайниҳи[5] ҳамчунин ба ман аз Бағлон набишта буданд, ки мазмуни ин мулаттафаҳо чист. Субҳоналлоҳил азим[6]! Подшоҳе умр ба поён омаду ҳама муродҳо биёфта ва фарзандеро бенаво ба замини бегона бигзошта бо бисёр душман, агар Худойи азза ва ҷалла он фарзандро фарёд расиду нусрат дод, то коре чанд бар дасти ӯ бирафт, воҷиб чунон кардӣ[7], ки шодӣ намудӣ; хашм аз чӣ маънӣ будааст?! »

Бусаҳл ва дигарон, ки бо Амир буданд, гуфтанд: «Ӯ[8] дигар хосту Худой, азза ва ҷалла, дигар. Инак, ҷойгоҳи ӯ ва мамлакату хазоин ва ҳарчӣ дошт ба худованд арзонӣ дошт. Ва воҷиб аст ин мулаттафаҳоро нигоҳ доштан, то мардумон онро бихонанду бидонанд, ки падар чӣ месиголидӣ[9] ва Худойи азза ва ҷалла чӣ хост ва низ дил ва эътиқоди нависандагон бидонанд».

Амир гуфт: «Чӣ сухан аст, ки шумо мегӯед? Агар ба охири умр чунин як ҷафо[10] воҷиб дошт ва андар ин ӯро ғаразе буд, бад-он ҳазор маслаҳат бояд нигарист, ки аз они мо нигоҳ дошт ва бисёр

[1] шаҳре дар Хуросон, ки ҳамакнун дар марзи Эрону Туркманистон воқеъ аст.
[2] мурд.
[3] ҳоҷиб Ғозӣ.
[4] пинҳон карда.
[5] рост ва дуруст.
[6] поку муназзаҳ медонам Худойи бузургро.
[7] бояд ки
[8] Амир Маҳмуд
[9] сиголидан – андешидан, пиндоштан, фикр кардан.
[10] озор.

заллати[1] ба ифроти мо даргузаштааст. Ва он гӯшмолҳо[2] маро имрӯз суд хоҳад дошт. Эзиди азза зикруҳу бар вай раҳмат кунод, ки ҳеч модар чун Маҳмуд назояд. Ва аммо нависандагонро чӣ гуноҳ тавон ниҳод, ки маъмурон буданду маъмурро аз фармонбурдорӣ чӣ чора аст, хосса подшоҳ; ва агар мо дабиреро фармоем, ки чизе навис, агарчӣ истисоли[3] ӯ дар он бошад, заҳра дорад, ки нанависад?»

Ва фармуд, то ҷумлаи он мулаттафаҳоро пора карданду дар он корез андохтанд ва асб биронд. Ва рикобдорро панҷ ҳазор дирам фармуд[4]. Ва хирадмандон чун бад-ин фасл расанд, ҳарчанд аҳволу одоти ин подшоҳ бузургу писандида буд, ӯро некӯтар бидонанд ва муқаррартар гардад эшонро, ки ягонаи рӯзгор будааст.

Ва маро, ки Булфазлам[5], ду ҳикояти нодир ёд омад, дар ин ҷо – яке аз ҳадиси ҳишмати Хоҷа Бусаҳл дар дилҳои хидматкорони Амир Масъуд, ки чун ӯро бидиданд, агар хостанду агар на, ӯро бузург доштанд, ки мардонро ҷаҳд андар бояд кард, то як бор ваҷеҳ[6] гарданду номӣ, чун гаштанду шуд ва агар дар миҳнат бошанд ё неъмат эшонро ҳурмат доранд ва то дар гӯр нашаванд, он ном аз эшон наяфтад. Ва дигар – ҳадиси он мулаттафаҳо даридани он ва андохтан дар об, ки ҳам он нависандагону ҳам он касон, ки бад-эшон набишта буданд; чун ин ҳол бишниданд, фориғдил гаштанд, ки бидонистанд, ки ӯ низ ба сари он боз нахоҳад шуд. Ва подшоҳонро андар ин абвоб илҳом аз Худой, азза ва ҷалла, бошад.

Фаammo ҳадиси ҳишмат: чунин хондам дар ахбори хулафо, ки чун Ҳорунуррашид[7] амирулмуъминин аз Бағдод қасди Хуросон кард – ва он қисса дароз асту дар кутуб мусбат[8], ки қасд ба чӣ сабаб

---

[1] лағзиши.
[2] танбеҳ.
[3] аз бех кандан.
[4] ато кард, бахшид.
[5] Байҳақӣ дар таърихи худ борҳо таъбирҳои «ман ки Булфазлам» ё «маро, ки Булфазлам»-ро ба кор мебарад. Ғараз аз чунин таъкидҳо чанд чиз метавонад бошад; нахуст, бо гузашти айём ғолибан оғозу анҷоми китобҳо ё худи китобҳо аз байн мераванд, чунонки бештари нигоштаҳои худи Байҳақӣ нобуд шудаанд ва муаллиф бо овардани номи хеш дар ҷой-ҷойи асар ҳамчун масъули ин мустанод исми хешро мегузорад, аз сӯе ҳам мо аз вуҷуди ин муаррихи бузург огоҳ мегардем. Дигар, Байҳақӣ бо таъкиди шоҳид будани худ ба ҳаводис муҳри итминон мезанад. Ва шояд барои он ки сухани ровӣ бо муаллиф омехта нашавад, Байҳақӣ суханони худро аз дигарон ҷудо мекунад.
[6] бо қадру манзилат.
[7] Ҳорунуррашид (786 – 809) – номдортарин халифаи Аббосиён.
[8] сабтшуда.

кард[1] чун ба Тӯс расид, сахт нолон шуд ва бар шурафи ҳалок шуд, Фазли Рабеъро[2] бихонд ва вазорат ӯ дошт аз паси Оли Бармак[3]; чун биёмад бар ӯ холӣ карду гуфт: «Ё Фазл, кори ман ба поён омад ва марг наздик аст, чунон бояд, ки чун сипарӣ[4] шавам, маро ин ҷо дафн кунед ва чун аз дафну мотам фориғ шавед, ҳар чӣ бо ман аст аз хазоину зарродхонаву дигар чизҳо ва ғуломону сутурон[5] ба ҷумла ба Марв фиристӣ наздики писарам Маъмун, ки Муҳаммадро[6] бад-он ҳоҷат нест ва валиаҳдии Бағдоду тахти хилофат ва лашкару анвои хазоин ӯ дорад. Ва мардумро, ки ин ҷоанд лашкариёну хидматкорон мухаййяр[7] кун, то ҳар кас, ки хоҳад, ки наздики Маъмун равад, ӯро боз надорӣ! Ва чун аз ин фориғ шудӣ, ба Бағдод шавӣ наздики Муҳаммад вазиру носеҳи вай бошӣ ва он чӣ ниҳодаам миёни ҳар се[8] фарзанд нигоҳ дорӣ! Ва бидон, ки туву ҳама хидматкорони ман агар ғадр[9] кунед ва роҳи бағй[10] гиред, шум бошад ва Худойи азза ва ҷалла написандад ва паси якдигар дар шавед»[11]. Фазли Рабеъ гуфт: «Аз Худой, азза ва ҷалла ва амирулмуъминин пазируфтам, ки васиятро нигоҳ дораму тамом кунам».

Ва ҳам дар он шаб гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва дигар рӯз дафн карданду мотами басазо доштанд ва Фазл ҳамчунон ҷумла лашкар ва ҳошиятро гуфт: Сӯйи Бағдод бояд рафт. Ва бирафтанд, магар касоне, ки майл доштанд ба Маъмун ё дуздида, ё беҳишмат[12], ошкоро бирафтанд сӯйи Маъмун ба Марв.

Ва Фазл даркашиду[13] ба Бағдод рафт ва ба фармони вай буд кори хилофат ва Муҳаммади Зубайда[14] ба нишоту лаҳв[15] машғул. Ва

---

[1] барои муътадил сохтани авзоъи Хуросон, ки ба сабаби қиёми Рофеъ ибни Лайс (солҳои 806 – 810) ноором гашта буд.

[2] Фазли Рабеъ вазири маъруфи Ҳоруну Маъмун, ки эронинажод буд.

[3] Бармакиён хонадони соҳибнуфузи эронинажод, ки дар замони Аббосиён қудрати зиёд дошта, бо дастури Ҳорун ба қатл расиданд.

[4] бимирам.

[5] ҳайвонҳо; мурод асбу шутуру хачир, ки ҳамроҳи сипоҳ буданд.

[6] Маъмун ва Муҳаммад Амин, фарзандони Ҳорун, ки пас аз фавти падар барои тахти хилофат ҷангиданд.

[7] соҳибихтиёр.

[8] фарзанди савуми Ҳорун Алӣ ном дошт.

[9] паймоншиканӣ.

[10] саркашӣ, беитоатӣ.

[11] даршавед – аз ҷаҳон меравед.

[12] бидуни тарс.

[13] дар кашид- ба роҳ уфтод.

[14] Зубайда номи модари Муҳаммад Амин буд. Ба нишони таҳқир тарафдорони Маъмун ӯро бо номи модараш мехонданд, то вайро нозпарвардаву азизи модар (зан) нишон диҳанд.

[15] корҳои беҳуда, бозиву нишоту тараб.

пас аз он Фазл даристод[1], то номи вилояти аҳд[2] аз Маъмун бияфганданд ва хатибонро гуфт, то ӯро зишт гуфтанд бар минбарҳо ва шуаророро фармуд, то ӯро ҳичо[3] карданд ва он қисса дароз асту ғараз чизе дигар аст. Ва ҳар чӣ Фазлро мумкин гашт аз қасду ҷафо, ба ҷойи[4] Маъмун бикард ва бо қазои Эзид, азза зикруҳу, натавонист баромад, ки Тоҳири Зуляминайн[5] бирафт ва Алӣ Исои Моҳон[6] ба Рай буд ва сараш бибуриданду ба Марв оварданд. Ва аз он ҷо қасди Бағдод карданд аз ду ҷониб; Тоҳир аз як рӯй ва Ҳарсамаи Аъян[7] аз дигар рӯй. Ду солу ним ҷанг буд, то Муҳаммади Зубайда ба дасти Тоҳир уфтод ва бикуштанду сараш ба Марв фиристоданд наздики Маъмун ва хилофат бар вай қарор гирифт ва ду сол ба Марв[8] муқом кард ва ҳаводис уфтод дар ин муддат, то он гоҳ, ки Маъмун ба Бағдод расид ва кори хилофат қарор гирифт ва ҳама асбоби халалу хилофу мунозаъат[9] бархост, чунонки ҳеч шуғли дил[10] намонд.

Фазли Рабеъ рӯй пинҳон кард ва се солу чизе[11] мутаворӣ[12] буд. Пас ба дасти Маъмун уфтод ва он қисса дароз асту дар ахбори хулафо пайдо. Маъмун дар ҳилму ақл ва фазлу мурувват ва ҳарчӣ бузургонро бибояд аз ҳунарҳо ягонаи рӯзгор буд, бо чандон ҷафову қасди зишт, ки Фазл карда буд, гуноҳаш бибахшид ва ӯро афв карду ба хона бозфиристод, чунонки ба хидмат[13] боз наояд. Ва чун муддате сахт дароз дар утлат[14] бимонд, поймардон[15] хостанд, ки марди бузург буд ва аёди[16] дошт наздики ҳар кас; ва фурсат меҷустанд, то дили Маъмунро нарм карданду бар вай хуш

---

[1] пойфишорӣ кард.
[2] ҷойнишинӣ.
[3] ҳаҷв.
[4] дар ҳаққи.
[5] Зуляминайн – соҳиби ду дасти рост, чун бо ҳар ду даст шамшер мезад; лақаби Тоҳир ибни Ҳусайн муассиси сулолаи Тоҳириён, ки дар ҷанги Маъмун ва Амин сардори сипоҳи Маъмун буд.
[6] Алӣ ибни Исо ибни Моҳон аз акобири дарбори Ҳорун ва Амин; муддате амири Хуросон буд
[7] Ҳарсама ибни Аъян аз амирони даргоҳи Ҳорун, ки муддате амири Хуросон буд
[8] Мадв пойтахти шарқи Аббосиён буд.
[9] хусумат, ситеза
[10] шуғли дил – нигаронӣ, нороҳатӣ.
[11] се солу чанд рӯзе ё моҳе .
[12] пӯшида, пинҳон, гуреза.
[13] кор.
[14] бекорӣ.
[15] дархосткунандагон, мададкорон, шафеъон.
[16] аёдӣ – ҷамъи айдӣ ва айёдӣ ҷамъулҷамъи йад – даст, маҷозан неъмату эҳсон ва некӯӣ дар ҳаққи касе.

гардониданд, то мисол дод, ки ба хидмат бояд омад. Чун ин фармон берун омад, Фазл кас фиристод наздики Абдуллоҳи Тоҳир ва ҳоҷиби бузурги Маъмун ӯ буд ва бо Фазл дӯстии тамом дошт ва пайғом дод, ки «Гуноҳи маро амирулмуъминин бибахшид ва фармуд, ки ба хидмати даргоҳ бояд омад ва ман ин ҳама баъд аз фазли Эзид, азза зикруҳу, аз ту медонам, ки ба ман расидааст, ки ту дар ин боб чанд талаттуф[1] кардаӣ ва кор бар чӣ ҷумла гирифта то ин амр ҳосил гашт. Чун фармуд амирулмуъминин, то ба хидмат оям ва донӣ, ки маро ҷоҳеву номе бузург будааст ва ҳамчунон падарамро, ки ин ному ҷоҳ ба муддате сахт дароз ба ҷой омадааст[2] талаттуфе дигар бояд кард, то пурсида ояд, ки маро дар кадом дараҷат[3] бидорад ва ин ба ту рост ояд ва ту тавонӣ пурсид, ки шуғли туст, ки ҳоҷиби бузургӣ ва амирулмуъмининро туҳмат[4] набувад, ки ин ман хостаам ва истилои[5] раъйи ман аст, ки карда меояд». Абдуллоҳ гуфт: «Сипос дорам ва ҳар чӣ мумкин гардад дар ин боб, ба ҷой орам!»

Намози дигар чун Абдуллоҳ ба даргоҳ рафт ва бор набуд, руқъате[6] набишт ба маҷлиси хилофат, ки худованд-амирулмуъминин, чунонки аз бузургӣ ва ҳилми ӯ сазид, фармон дод, то он бандаи гунаҳкор, ки афви Худованд ӯро зинда гардонид, яъне Фазли Рабеъ, ба хидмати даргоҳ ояд ва ҳама бандагон бад-ин назари бузург, ки арзонӣ дошт, умедҳои бузург гирифтанд. Акнун фармони олӣ чӣ бошад, ки банда ӯро дар кадом дараҷа бидорад бар даргоҳ, то он гоҳ, ки хидмати тахти хилофат расад. Чун руқъатро ходими хосс ба Маъмун расонид ва чунин руқъатҳо Абдуллоҳ дар муҳиммоти мулк бисёр навиштӣ, ба вақтҳо, ки бор набудӣ ва ҷавобҳо расидӣ ба хатти Маъмун, ҷавоби ин руқъат бад-ин ҷумла расид, ки ё Абдуллоҳ ибни Тоҳир, амирулмуъминин бад-он чӣ набишта будиву ҷавобҳо пурсида ба боби Фазли Рабеъи беҳурмати боғии[7] ғодир[8] воқиф гашт ва чун ҷон бад-ӯ бимондааст, тамаъи зиёдати ҷоҳ[9] мекунад, вайро дар хасистари[10] дараҷа бибояд дошт, чунонки яксаворагони[11] хомилуззикрро[1] доранд. Вассалом.

---

[1] лутф.
[2] ба даст омадааст.
[3] сатҳ; ин ҷо ба маънои вазифа ва мақом.
[4] гумони бад.
[5] талаби огоҳӣ (маълумот) кардан.
[6] навиштаи кӯтоҳ.
[7] нофармон.
[8] бевафо ва паймоншикан.
[9] вазифа.
[10] пасттарини.
[11] яксавор, савораи одии лашкар.

Абдуллоҳи Тоҳир чун ҷавоб бар ин ҷумла дид, сахт ғамнок шуд, руқъаро бо ҷавоб бар пушти он ба дасти муътамаде аз они хеш сахт пӯшида, наздики Фазл фиристод ва пайғом дод, ки инак ҷавоб бар ин ҷумла расидааст ва савоб он аст, ки шабгир[2] биёяд ва он ҷо, ки ман фармуда бошам, то сохта бошанд, бинишинад, ки албатта рӯй надорад дар ин боб дигар сухан гуфтан ва истилоъи раъй кардан, чӣ натвон донист, мабодо, ки балое таваллуд кунад. Ва ин худованд карим асту шармгин ва чун бубинад, шояд, ки написандад, ки ту дар он дараҷаи хумул[3] бошӣ ва ба рӯзгор ин кор рост шавад[4]. Ва чун ин муътамад наздики Фазл расиду пайғом бидоду бар руқъату ҷавоб воқиф гашт, гуфт: «Фармонбурдорам ба ҳар чӣ фармон асту он чӣ салоҳи ман дар он аст ва ту бинӣ[5] ва мисол диҳӣ, ки Абдуллоҳӣ аз он зостар[6] нашавад».

Абдуллоҳ бифармуд, то дар нахустсаройи хилофат дар суффа шодурвоне[7] кунанд ва чандто маҳфуре[8] биафкананд ва муқаррар кард, ки Фазли Рабеъро дар он суффа бинишонанд пеш аз бор[9] ва аз ин суффа бар саройи дигар бибояст гузашт ва саройҳо аз они ҳар касе буд, ки ӯро мартаба будӣ аз навбатиён ва лашкариён, то он гоҳ ки ба ҷойгоҳи вазир ва ҳоҷиби бузург расидандӣ. Ва ба сабаби фармони амирулмуъминин ҷойи Фазл дар ин саройи берунӣ сохта кард ва ӯро эълон дод, то пагоҳтар дар ғалас[10] биёмад ва дар он суффа зери шодурвон бинишаст. Чун рӯз шуд ва мардумон омадан гирифтанд, ҳар кас биёмадӣ дар саройи нахустин, чун Фазли Рабеъро бидидӣ ба зарурат пеш рафтию хидмат кардӣ бо ҳурмате тамом, ки ӯро дар бузургиву ҳишмату ҳайбат дида буданд ва чашмҳои эшон пур буд аз эҳтирому эҳтишоми[11] ӯ ва вай ҳар якеро гарм пурсидию маъзарат кардӣ, то аз вай баргузаштандӣ. Чун аъёну аркону муҳташамону ҳуҷҷоб[12] омадан гирифтанд, ҳам бар он ҷумла ҳар кас ба андозати хеш ӯро гарм пурсидӣ ва тавқиру[13] эҳтиром воҷиб медоштанд. Ва ҳоҷиби бузург Абдуллоҳи Тоҳир беш аз ҳама

---

[1] хомилуззикр – касе, ки номаш зикр намешавад, гумном.
[2] субҳи зуд.
[3] гумномӣ, беқадрӣ.
[4] бо гузашти замон ин кор дуруст шавад.
[5] маслиҳат донӣ.
[6] он сӯ тар.
[7] саропарда, соябон.
[8] фарш; аз номи шаҳри Маҳфур дар сарзамини Рум, ки он ҷо фарш мебофтаанд.
[9] бор – пазироийи амир.
[10] торикии поёни шаб.
[11] шаъну шукӯҳ.
[12] пардадорон.
[13] бузургдошт.

ӯро табҷил[1] карду муроот ва маъзарат пайваст[2] аз он чӣ ӯро дар саройи берунӣ нишонда буд, ки бар ҳукми фармон будааст ва умедвор кард, ки дар боби вай ҳарчӣ муяссар карда, аз иноятӣ некӯгуфт ҳеч боқӣ нагузорад. Ва даргузашту[3] ҷойгоҳи хеш рафт, то вақти бор омад.

Чун амирулмуъминин бор дод, ҳар кас аз аъён чун вазиру асҳоби маносибу[4] аркони давлату ҳуҷҷобу сипоҳсолорон ва вазеъу шариф ба маҳаллу мартаби хеш пеш рафтанд ва биистоданду бинишастанду биёрамиданд. Абдуллоҳи Тоҳир, ки ҳоҷиби бузург буд, пеши амирулмуъминин Маъмун рафт ва арза дошт, ки «Банда Фазли Рабеъ ба ҳукми фармон омадааст ва бар он ҷумла, ки фармон буд ӯро дар саройи берунӣ ҷо кардаам ва ба пойгоҳи нозил[5] бидошта; дар пеш овардан фармон чист?»

Амирулмуъминин лаҳзае андешид ва ҳилму караму сирати ҳамидаи ӯ вайро бар он дошт, то мисол дод, ки ӯро пеш оранд. Абдуллоҳи Тоҳир ҳоҷиберо фармуд, то Фазли Рабеъро пеш оранд. Чун ӯ ба ҳазрати хилофат расид, шарти хидмату тавозуъу бандагӣ ба тамомӣ ба ҷой овард ва узри ҷиноёти худ беандоза бихост ва бигиристу зориву тазарруъ кард ва афв дархост кард. Ҳазрати хилофатро шарм омад ва отифат[6] фармуд ва аз сари гуноҳоне, ки ӯ карда буд, бархосту[7] афв фармуд ва рутбати дастбӯс[8] арзонӣ дошт.

Чун бор бигусаст ва ҳар кас ба ҷои хеш бозгашатанд, Абдуллоҳи Тоҳир, ҳоҷиби бузург, вазирро[9] бо худ ёр гирифт дар боби Фазли Рабеъ иноят карданд, то ҳазрати хилофат бар вай ба сари ризо омад ва фармуд, то ӯро ҳам дар саройе, ки аъён нишастандӣ, ҷое муайян карданд ва умедвори тарбияту истиноъ[10]. Дарҳол Абдуллоҳи Тоҳир аз пеши халифа берун омад ва ин ташриф, ки халифа фармуд бад-ӯ расонид ва ӯро андоза пайдо карду[11] умедвори дигар тарбиятҳо гардонид. Ӯ бад-он зинда гашт ва бад-он мавзеъ, ки Абдуллоҳи Тоҳир муайян кард биёромид, то Абдуллоҳи

---

[1] гиромидошт.
[2] паёпай пӯзиш хост.
[3] Абдуллоҳ ибни Тоҳир аз пеши Фазл гузашт.
[4] мансабдорон.
[5] паст.
[6] меҳрубонӣ.
[7] даргузашт.
[8] рутбаи дастбӯс – бӯсидани дасти шоҳ, мартабае, ки дар дарбор ба баъзе касон иҷозат дода мешуд.
[9] вазир Ҳасани Саҳл, бародари Фазл ибни Саҳл, вазири қаблии Маъмун буд.
[10] парвардан, баркашидан.
[11] ҷойгоҳи ӯро муайян кард.

Тоҳир аз хидмати ҳазрати хилофат бипардохт[1] ва вақти бозгаштан шуд, аз дори хилофат[2] барнишаст, то ба саройи хеш равад. Фазли Рабеъ ба дори хилофат мебуд; чун Абдуллоҳи Тоҳир бозгашт, Фазл ба мушояъати[3] вай рафтан гирифт. Абдуллоҳ инон бозкашиду биистод ва Фазлро маъзарат кардан гирифт, то бозгардад; ӯ ба ҳеч навъ бознагашт ва инон бо инони[4] ӯ то дари саройи ӯ бирафт. Чун Абдуллоҳ ба дари саройи худ расид, аз Фазли Рабеъ азим шарманда шуд ва хиҷолат оварду маъзарат кардан гарифт, то бозгардад. Фазли Рабеъ ӯро гуфт, ки дар ҳаққи ман ту аз тарбияту инояту бузургӣ он кардӣ, ки аз аслу фазлу муруввати ту сазид ва маро дар дунё чизе нест, ки раво дорам, ки он чиз дар муқобалаи кирдори ту кардаме бузургтар аз ин, ки инон бо инони ту бозниҳодан аз даргоҳи хилофат то даргоҳи ту, ки ба Худойи азза ва ҷалла савганд хурам, ки то маро зиндагонӣ аст, инон бо инони хулафо наниҳодаам; инак, бо инони ту ниҳодам, мукофоти ин макруматро[5], ки ба ростои[6] ман кардӣ. Абдуллоҳ гуфт: «Ҳамчунон аст, ки мегӯяд ва ман ин силати[7] бузургро, ки арзонӣ дошт, ба дилу дида пазируфтам ва миннате сахт бузург доштам ва хонадони худро ин фахр захира ниҳодам». Ва Фазли Рабеъ асб бигардонид ва ба хона боз шуд, ёфт маҳаллату саройи хешрро машҳун[8] ба бузургону афозили ҳазрат;[9] ба ҷойи хеш бинишаст ва мардумонро маъзарат мекарду боз мегардонид ва то шаб бидошт. Ва Абдулоҳи Тоҳир намози дигар биёмад ва расми таҳният ба ҷой оварду боз гашт. Ин ҳикоят ба поён омад ва хирадманд, ки дар ин андеша кунад, тавонад донист, ки ин бузургони рӯзгор бар чӣ ҷумла будаанд.

Ва аммо ҳадиси мулаттафаҳо: Бад-он вақт, ки Маъмун ба Марв буд ва Тоҳиру Ҳарсама ба дари Бағдод бародараш Муҳаммади Зубайдаро дарпечиданд[10] ва он ҷангҳои саъб[11] мерафт ва рӯзгор мекашид[12], аз Бағдод муққадамону бузургону аснофи мардум ба Маъмун тақарруб[13] мекарданд ва мулаттафаҳо менабиштанд. Ва аз

---

[1] фориғ шуд.
[2] дорулхилофа, қасри хилофат.
[3] ҳамроҳ рафтан.
[4] баробари.
[5] бузургдошт.
[6] дар ҳаққи.
[7] ҷоиза.
[8] пур.
[9] меҳтарони даргоҳ.
[10] муҳосара карданд.
[11] душвор.
[12] дуру дароз шуд, замон бурд.
[13] наздик мешуданд.

Марв низ гурӯҳе аз мардуми Маъмун ба Муҳаммад тақарруб мекарданд ва мулаттафаҳо менабиштанд. Ва Маъмун фармуда буд, то он мулаттафаҳоро дар чандин сафат[1] ниҳода буданду нигоҳ медоштанд ва ҳамчунон Муҳаммад. Ва чун Муҳаммадро бикуштанду Маъмун ба Бағдод расид, хозинон он мулаттафаҳоро, ки Муҳаммад нигоҳ доштан фармуда буд, пеши Маъмун оварданд ва ҳоли он мулаттафаҳо, ки аз Марв набишта буданд, боз намуданд. Маъмун холӣ кард бо вазираш Ҳасан ибни Саҳл ва ҳоли сафатҳои хеш ва аз они бародар боз ронду гуфт:

«Дар ин боб чӣ бояд кард?»

Ҳасан гуфт: «Хоинони ҳарду ҷонибро дур бояд кард».

Маъмун бихандиду гуфт: «Ё Ҳасан, он гоҳ аз ду давлат кас намонад ва бираванду ба душман пайванданд ва моро дар супоранд[2]. Ва мо ду бародар будем, ҳарду мустаҳаққи тахти мулк ва ин мардумон натавонистанд донист, ки ҳоли миёни мо чун хоҳад шуд, беҳтар омади хешро менигаристанд, ҳарчанд он чӣ карданд, хато буд, ки чокаронро амонат нигоҳ мебояд дошт ва кас бар ростӣ зиён накардааст. Ва чун Худой азза ва ҷалла хилофат ба мо дод, мо ин фурӯ гузорем[3] ва дарде ба дили кас нарасонем».

Ҳасан гуфт: «Худованд барҳаққ аст дар ин раъйи бузург, ки дид ва ман бар ботилам, чашми бад дур бод!»

Пас Маъмун фармуд, муалттафаҳо биёварданду бар оташ ниҳоданд, то тамом бисӯхт; ва хирадмандон донанд, ки ғаври[4] ин ҳикоят чист. Ва ҳарду тамом шуд ва пас ба сари таърих боз шудам.

Ва ғараз дар овардани ин ҳикоёт он бошад, то таърих бад-он ороста гардад ва дигар, то ҳар кас, ки хирад дорад ва ҳиммате, бо он хирад ёр шавад ва аз рӯзгор мусоадат ёбад ва подшоҳе вайро баркашад[5], ҳилат созад[6] то ба таклифу[7] тадриҷу тартиб ҷоҳи хешро зиёдат кунад ва табъи хешро бар-он хӯ надиҳад, ки он дараҷа, ки фулон ёфтааст; душвор аст бад-он расидан, ки кунду коҳил шавад ё фалон илм, ки кас донад, бад-он чун тавон расид; балки ҳиммат баргуморад, то бад-он дараҷаву бад-он илм бирасад, ки бузург айбе бошад мардеро, ки Худой, азза ва ҷалла, бе парвариш дода бошад ҳимате баланду фаҳме тез ва вай тавонад, ки дараҷае битавонад ёфт ё илме битавонад омӯхт ва танро бад-он наниҳад ва ба аҷз боз гардад. Ва сахт некӯ гуфтааст дар ин боб яке аз бузургон, *шеър:*

---

[1] сабад.
[2] тарк кунанд.
[3] яъне, корҳои баде, ки дар ҳаққи мо кардаанд, мебахшем.
[4] жарф, умқ; дар ин ҷо ба маънои моҳият.
[5] яъне ҷоҳу манзалат диҳад.
[6] чора кунад.
[7] зиёда аз андоза ба худ ранҷ додан.

Ва лам аро фӣ ъуюби-н-носи шайъан,
Ка-н-нақси-л қодирина ъала-т-тамоми[1]

Ва фоидаи кутубу ҳикоёту сияри[2] гузашта ин аст, ки онро ба тадриҷ бархонанд ва он чӣ бибояду ба кор ояд, бардоранд. Ва-л-Лоҳу валийу-т-тавфиқ[3].

Ва Амир Шаҳобуддавла, разияллоҳу анҳу, чун аз Домғон бирафт номаҳо фармуд сӯйи сипоҳсолори Хуросон Ғозии Ҳоҷиб ва сӯйи қузоту аъёну раису уммол[4], ки «Вай омад[5] ва чунон бояд, ки корҳо сохта бошанд ва Ҳоҷиби Ғозӣ, ки асаре бад-он некӯи аз вай зоҳир гаштааст ва хидмате бад-он тамомӣ карда, самарате сахт боном хоҳад ёфт[6]; бояд, ки ба хидмат ояд бо лашкарҳо, чӣ он ки бо вай буданд ва чӣ он ки ба навӣ фароз овардааст[7], ҳама ороста бо силоҳи тамом. Ва дониста ояд[8], ки он касонро, ки ба навӣ исбот кардааст, ҳам бар он ҷумла, ки вай дидаасту кардааст бидошта ояд ва навохту зиёдатҳо бошад. Ва улуфаҳо[9], ки уммолу раисро бояд сохт донем, ки омода аст ва агар дар чизе халал аст ба зудӣ дарбояд ёфт[10], ки омадани мо сахт наздик аст. Чун номаҳо даррасид бо хайлтоши мусриъ Ҳоҷиби Ғозӣ ва дигарон корҳо ба ҷиддтар[11] пеш гирифтанд ва он чӣ носохта буд ба тамомӣ бисохтанд ва ҳар такаллуф, ки гумон гашт, ахли силоҳ ба ҷой оварданд.

Ва Амир Масъуд ба рустои Байҳақ[12] расид дар замони саломату нусрат ва Ғозӣ сипаҳсолори Хуросон, ба хидмати истиқбол рафт бо бисёр лашкару зинатеву уҳбате[13] тамом бисохт. Амир бар болое биистод ва Ғозӣ пеш рафт ва се ҷойи замин бӯса дод. Амир фармуд, то ӯро каромат карданд ва бозу гирифтанд[14], то фароз омад ва рикоби Амир бибӯсид. Амир гуфт: «Он чӣ бар ту буд, кардӣ, он чӣ

---

[1] байте аз қасидаи Мутанаббӣ шоири машҳури араб мебошад, мазмуни он: Надидам дар айбҳои мардумон чизе маъюбтар ҳамчун нотамомии кори касоне, ки қодир ба тамом кардани кор ҳастанд.
[2] сияр - ҷамъи сират, илми ва аҳволи гузаштагон.
[3] тарҷ: Худованд дар комёб гардонидани бандагон ёру мададгор аст!
[4] ҷамъи омил, ҳоким, волӣ.
[5] ба зудӣ меояд (манзур Масъуд аст).
[6] аҷре бузург хоҳад ёфт.
[7] гирд кардааст.
[8] маълум бошад.
[9] хуриши мардум ва сутурон.
[10] тадорук бояд кард.
[11] бо кӯшиши бештар.
[12] Байҳақ деҳае маъруф дар Хуросон, дар ғарби Нишопур (Сабзавори имрӯза).
[13] созу сомони кор.
[14] бозу гирифтан – як навъ эҳтиром гузоштан дар дарбор.

моро мебояд кард, бикунем, сипоҳсолорӣ додем туро имрӯз, чун дар замони саломат ба Нишобур расем, хилъати басазо фармуда ояд!»

Ва Ғозӣ се бори дигар замин бӯса дод ва сиёҳдорон асби сипоҳсолор хостанд[1] ва барнишонданд ва дур аз Амир биистод ва нақибонро бихонду гуфт: лашкарро бояд гуфт, то ба таъбия[2] дароянд ва бигзаранд, то худованд эшонро бубинад ва муқаддамону пешравон[3] некӯ хидмат кунанд. Нақибон битохтанд ва огоҳ карданду бигуфтанд ва овозҳои буқу духул ва наъраи мардон бихост сахт бақувват. Ва нахуст ҷанибатиёни[4] бисёр бо силоҳи тамому баргустувон[5] ва ғуломони сохта бо аломатҳову[6] митрадҳову[7] хайли хоссаи ӯ бисёр савору пиёда ва бар асари эшон хайли як-яки сарҳанг меомад сахт некӯву тамоми силоҳ ва хайл-хайл мегузашт ва сарҳангон замин бӯса медоданду меистоданд. Ва аз чоштгоҳ то намози пешин рӯзгор гирифт[8], то ҳамагон бигзаштанд. Пас Амир Ғозии сипаҳсолоррову сарҳангонро бинавохту некӯӣ гуфт ва аз он боло биронду ба хайма фуруд омад.

Ва дигар рӯз барнишасту қасди шаҳр кард ва масофат се фарсанг буд миёни ду намоз[9] ҳаракат карда буд ва ба хобгоҳ омад ва дар шаҳри Нишобур бас кас намонда буд, ки ҳама ба хидмати истиқбол ё наззора омада буданду дуъо мекарданд ва қуръонхонон Қуръон ҳамехонданд. Амир, разияллоҳу анҳу, ҳар касро аз аъён некӯиҳо мегуфт, хоса Қозӣ Имом Соъидро[10], ки устодаш буд ва мардумон бад-ин малик ташна буданд. Рӯзе буд, ки кас монанди он рӯз ёд надошт. Ва чун ба каронаи шаҳр расид, фармуд, то қавмро бозгардониданд ва пас сӯйи боғи Шодёх[11] кашид ва ба саъодат

---

[1] асби сипоҳсолор хостанд – доктор Файёз менависад, ки «Чун касеро мансаб ё лақабе медоданд, ҳангоми пеш овардани асби савории ӯ, аз боби эҳтиром, номи ӯро ба ҳамон лақабу унвон зикр мекарданд».

[2] таъбия – оростани лашкар.

[3] муқаддамону пешравон - саркардаҳои лашкар.

[4] ҷанибат – асби кӯтал, асби етакӣ (ядакӣ), ҷанибатиён – савороне, ки асби етакӣ (ядакӣ) мебаранд.

[5] баргустувон – рӯпӯшу зиреҳи махсусе, ки дар қадим ҳангоми ҷанг мепӯшиданд ё рӯйи асп меандохтанд.

[6] парчам.

[7] найзаи хурд.

[8] давом кард.

[9] намози пешину аср.

[10] Қозӣ Абуаъло Соъид яке аз бонуфузтарин шахсиятҳо дар рӯзгори охири Сомониён ва давраи Ғазнавиён. Ӯ устоди Масъуду Муҳаммад ва муддате ҳам раиси шаҳри Нишобур будааст.

[11] Шодёх яке аз боғҳои зебои Нишобур, ки дар замони Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828 – 842) бунёд карда шуд.

фуруд омад даҳуми шаъбони ин сол.[1] Ва баноҳои Шодёхро ба фаршҳои гуногун биёроста буданд, ҳам аз они вазир Ҳасанак[2], аз он фаршҳо, ки Ҳасанак сохта буд аз ҷиҳати он баноҳо, ки монанди он кас ёд надошт ва касоне, ки онро дида буданд дар ин ҷо набиштам, то маро гувоҳӣ диҳанд.

Дигар рӯз дар суффаи Тоҷ[3], ки дар миёни боғ аст, бар тахт нишасту бор дод – бор додане сахт башукӯҳ ва бисёр ғулом истода аз карони суффа то дурҷой ва сиёҳдорону мартабадорони бешумор то дари боғ ва бар саҳро бисёр савор истода. Ва авлиёву ҳашам биёмаданд ба расми хидмат ва бинишастанду биистоданд[4]. Ғозии сипоҳсолорро фармуд, то бинишонданд ва қузоту фуқаҳову уламо даромаданд ва фаслҳо гуфтанд дар таҳнияту таъзият ва амир, разияллоҳу анҳуро, бисутуданд. Ва он иқбол[5], ки бар Қозӣ Соъид ва Бумуҳаммад Алавӣ ва Бубакр Исҳоқи Маҳамшоди карромӣ[6] кард, бар кас накард. Пас рӯй ба ҳамагон карду гуфт: «Ин шаҳре бас муборак аст, онрову мардуми онро дӯст дорам ва он чӣ шумо кардед дар ҳавои ман[7] ба ҳеч шаҳри Хуросон накарданд ва шуғле дар пеш дорем, чунонки пайдост, ки сахт зуд фасл хоҳад шуд ба фазли Эзид, азза зикруҳу. Ва чун аз он фароғат уфтод назарҳо кунем аҳли Хуросонро ва ин шаҳр ба зиёдати назар махсус бошад. Ва акнун мефармоем ба оҷили-л-ҳол[8], то расмҳои ҳасанакии навро[9] ботил кунанд ва қоидаи корҳо ба Нишобур ва дар мурофаъот[10] ва ҷуз он, ҳама ба расми қадим боз баранд, ки он чӣ Ҳасанаку қавми ӯ мекарданд, ба мо мерасид бад-он вақт, ки ба Ҳирот будем ва онро нописанд мебудем[11], аммо рӯйи гуфтор набуд. Ва он чӣ карданд, худ расад подоши он бад-эшон. Ва дар ҳафта ду бор мазолим[12] хоҳад

---

[1] баробар аст бо 13 августи соли 1030-милодӣ.

[2] Абуалӣ Ҳасан ибни Муҳаммад, маъруф ба Ҳасанак – вазири маҳбуби Маҳмуд, ки дар аҳди Масъуд ба дор кашида мешавад. Фарҷоми кори ӯ дар ҷилди шашум хоҳад омад.

[3] айвони махсус, ки зоҳиран ҷойи тоҷгузорӣ будааст.

[4] яъне, гурӯҳе, ки мартабаи (иҷозати) нишастан доштанд, ва гурӯҳе рост истоданд.

[5] бахт, саъодат; дар ин ҷо манзур гиромидошт.

[6] Абубакр Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Маҳамшоди карромӣ, яке аз пешвоёни фирқаи карромӣ, ки дар асрҳои X-XI дар ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр тарафдорони зиёд дошт.

[7] яъне дар ҷонибдории ман.

[8] фавран, дар ҳол.

[9] яъне тартиботу навовариҳое, ки дар замони вазорати Ҳасанак ҷорӣ гардида буд.

[10] ҷаласаҳое, ки шикояти мардумро баррасӣ мекарданд.

[11] намеписандидем.

[12] додхоҳӣ, расидагӣ ба шикояти мардум.

буд. Ва маҷлиси мазолим ва дари сарой гушода аст, ҳар касеро, ки мазлимате[1] аст, бибояд омад ва беҳишмат[2] сухани хеш гуфт, то инсофи тамом дода ояд. Ва беруни мазолим[3], он ки ҳоҷиби Ғозии сипоҳсолор бар даргоҳ аст ва дигар муътамадон низ ҳастанд наздикии эшон мебояд омад ба даргоҳу девон ва сухани хеш мебояд гуфт, то он чӣ бояд кард, эшон мекунад. Ва фармон додем, то ҳам имрӯз зиндонҳоро арз кунанд ва маҳбусонро пой баргушоянд, то роҳати омадани мо ба ҳамаи дилҳо бирасад, онгоҳ агар пас аз ин касе ба роҳи таҳаввуру тааддӣ[4] равад, сазои хеш бубинад».

Ҳозирон чун ин суханони маликона бишнуданд, сахт шод шуданд ва бисёр дуъо гуфтанд. Қозӣ Соъид гуфт: Султон чандон адлу некӯкорӣ дар ин як маҷлис арзонӣ дошт, ки ҳеч касро ҷойгоҳи сухан нест, маро як ҳоҷат аст, агар дастурӣ бошад, то бигӯям, ки рӯзе ҳумоюн[5] асту маҷлисе муборак. Амир гуфт: қозӣ ҳар чӣ гӯяд, савобу салоҳ дар он аст. Гуфт: Малик донад, ки хонадони Микойилиён[6] хонадоне қадим аст ва эшон дар ин шаҳр махсусанд ва осори эшон пайдост ва ман, ки Соъидам пас аз хости Эзид азза зикруҳу ва пас аз баракати илм аз хонадони Микойилиён баромадам[7] ва ҳаққи эшон дар гардани ман лозим аст ва бар эшон, ки мондаанд, ситамҳои бузург аст аз Ҳасанак ва дигарон, ки амлоки эшон мавқуф[8] мондааст ва авқофи аҷдоду обои эшон ҳам аз паргор[9] уфтод ва туруқу субули[10] он бигардида. Агар Амир бинад, дар ин боб фармоне диҳад, чунонки аз диёнату ҳиммати ӯ сазад, то бисёри халқ аз эшон[11], ки аз парда бияфтодаанд[12] ва музтариб гаштаанд, банаво шаванд ва он авқоф зинда гардад[13] ва иртиқои[14] он ба туруқу субул расад.

---

[1] додхоҳӣ.
[2] бетарс, бепарво.
[3] ба ғайр аз ҷаласаи додхоҳӣ (мазолим).
[4] таҳаввуру тааддӣ – бебокона вайрон кардани тартибот, ситамгарӣ.
[5] муборак ва фархунда.
[6] Микоилиён хонаводаи бонуфузи Нишобур, ки дар рӯзгори Сомониён ва Ғазнавиён қудрати бузурги иқтисодӣ доштанд ва нафароне аз ин хонадон ба вазифаҳои калидӣ таъйин мегаштанд. Аз рӯйи баъзе ахбор насаби ин хонадон ба Деваштич – сардору муборизи қаҳрамони суғдӣ мерасид.
[7] яъне, маро афроди ин хонадон парвардаанд, тарбият кардаанд.
[8] боздошта.
[9] сомон ва низом.
[10] туруқ – ҷамъи тариқ (роҳ); субул – ҷамъи сабил, роҳу равиш.
[11] хонадони Микойилиён.
[12] нобасомон ва тангҳол шудаанд.
[13] эҳё шавад.
[14] иртиқоъ – ҳосилу даромади амлок.

Амир гуфт, разияллоҳу анҳу: «Сахт савоб омад!»

Онгоҳ ишорат кард, ба Қозӣ Мухтори Бусаъд, ки авқофро, ки аз они Микойилиён аст, ба ҷумла аз дасти мутағаллибон[1] берун кунад ва ба муътамаде супорад, то андешаи он бидорад ва иртифоъоти онро ҳосил мекунад ва ба субулу туруқи он мерасонад. Ва аммо амлоки эшон, ҳоли он бар мо пӯшида аст ва надонем, ки ҳукми бузургвор, Амири мозӣ падари мо дар он бора чӣ рафтааст. Булфазл ва Буиброҳимро писарони Аҳмади Микойил ва дигаронро ба девон бояд рафт, наздики Бусаҳли Завзанӣ ва ҳоли он ба шарҳ боз намуд, то бо мо бигӯяд ва он чӣ фармуданист аз назар[2] фармуда ояд. Ва қозиро дастурӣ[3] аст, ки чунин масолеҳ боз менамояд[4], ки ҳамаро иҷобат бошад ва чун мо рафта бошем, мукотабат кунад[5]. Гуфт: «Чунин кунам». Ва бисёр сано карданд. Ва ҷумла касону пайвастагони Микойилиён ба девон рафтанд ва ҳол боз намуданд, ки ҷумла кишоварзону вукалову[6] бузургони тавонгарро ва ҳар киро боз мехонданд[7], бигирифтанд ва моле азим аз эшон бистаданду азизони қавм залил гаштанд. Ва Бусаҳл ҳақиқат ба Амир, разияллоҳу анҳу, бозгуфт ва амлоки эшон боз доданд ва эшон назаре некӯ ёфтанд.

Ва дар ин рӯзҳо номаҳо расид аз Рай, ки чун рикоби олӣ ҳаракат кард, яке аз шоҳаншоҳиён[8] бо бисёр мардуми дилангез[9] қасди Рай карданд, то ба фасод машғул шаванд. Ва муқаддами эшон, ки аз бақоёи[10] оли Бӯя буд, расуле фиристод сӯйи Ҳасани Сулаймон ва ӯ аъёни Райро гуфт, чӣ посух бояд дод ва чӣ бояд кард? Эшон гуфтанд: «Ту хомӯш мебош, ки он ҷавоб моро мебояд дод».

Ва он расулро ба шаҳр оварданд ва се рӯз кор месохтанд ва мардум фароз мевардand. Пас рӯзи чаҳорум расулро ба саҳро оварданд ва бар болое[11] бидоштанд ва Ҳасани Сулаймон бо хайли

---

[1] зургуён, нафароне ки ба ноҳаққ замину мулкро ғасб карда бошанд.

[2] ба андеша ва фикру назар.

[3] иҷозат.

[4] яъне, аз чунин хабарҳо ва корҳо моро огоҳ мекунад.

[5] яъне, бо навиштани нома бо мо (Амир Масъуд) дар тамос бошад.

[6] вакилон, коргузорон.

[7] бозхост мекарданд.

[8] намояндаи Бувайҳиён; чун Бувайҳиён (Оли Бӯя) унвони шоҳаншоҳ доштанд, Байҳақӣ, ба тақлид аз дарбори Ғазна, онҳоро таҳқиромез «шоҳаншоҳиён» хитоб мекунад.

[9] дилангез дар ин ҷо ба маънои такондиҳандаи дил, касоне, ки омадаанд, то назмро барҳам зананд, ошубгар, шӯришӣ.

[10] боқимонда.

[11] ҷойи баланд.

хеш сохта биёмад[1] ва бигузашт ва бар асари вай мардуми шаҳр зиёдат аз даҳ ҳазор мардум ба силоҳи тамом бештар пиёда аз мардуми шаҳр ва навоҳии наздиктар. Ва чун ин қавм бигузаштанд, аъёни Рай расулро гуфтанд, «бидидӣ?» Ва гуфтанд: «Подшоҳи мо Султон Масъуд ибни Маҳмуд аст ва ӯрову мардуми ӯро фармонбурдорем ва худованди туро ва ҳар кас, ки бе фармони Султони мо ин ҷо ояд, зубини обдода[2] ва шамшер аст. Бозгард ва он чӣ дидиву шунидӣ, бознамой ва хиёнат макун ва бигӯй, ки Султон моро аз дасти Дайламон бистад ва аҳли Рай роҳат дар ин рӯзгор диданд, ки аз эшон бирастанд».

Расул гуфт: «Ҳамчунин бигӯям» ва ӯро ҳаққе гузорданд[3].

Ва ӯ он чӣ дида буд, шарҳ кард. Муште ғавғо[4] ва муфсидон[5], ки ҷамъ омада буданд, мағрури Оли Буяро[6] гуфтанд: «Оммаро хатаре набошад, қасд бояд кард, ки то мо ду се рӯз Райро ба дасти ту диҳем».

Ва буқ бизаданду оҳанги Рай карданд. Ва Ҳасани Сулаймону аъёни Рай чун хабар ёфтанд, ки мухолифон омадаанд, рафтанд бо он мардум, ки гирд буданд ва мардуми дигар мерасид дар он муддат, ки расул омада буд ва бозгашт. Чун ба якдигар расиданд ва ба шаҳр наздик буданд, Ҳасани Сулаймон гуфт: «Ин муште авбошанд, ки пеш омадаанд аз ҳар ҷое фароз омада, ба як соат аз эшон гӯристоне тавон кард. Наздики эшон расуле бояд фиристод ва ҳуҷҷат гирифт, то агар боз нагарданд, мо назди Худойи азза ва ҷалла маъзур бошем дар хун рехтани эшон».

Аъёни Рай хатибро номзад карданд ва пайғом доданд сӯйи мағрури Оли Буя ва гуфтанд: «Макун ва аз Худойи азза ва ҷалла битарсу дар хуни ин муште ғавғо, ки фароз овардаӣ, машав ва бозгард, ки ту Султон ва роъийи[7] мо нестӣ! Аз баҳри бузургзодагии ту, ки дасттанг шудаӣ ва бар мо иқтироҳе[8] кунӣ, туро ҳаққе гузорем[9] ва аз ин гуруҳе бесар, ки бо туст, биме нест. Ва ин бад он мегӯем, то хуне рехта нагардад ва бағйиро сӯйи ту афгандем».[10]

Хатиб бирафту ин пайғом бидод. Он мағрури Оли Буя ва ғавғо дарҷӯшиданд ва якбор ғирев карданду чун оташ аз ҷой даромаданд,

---

[1] бо созу баргу лавозими ҷангӣ ҳозир шуд.
[2] найзаи хурди ба заҳр обдода.
[3] инъом доданд.
[4] мардумони ошӯбгар.
[5] фасодкорон.
[6] фирефтаи Оли Бӯя.
[7] сарпараст.
[8] иқтироҳ – чизе хостан аз касе.
[9] ягон чиз диҳем.
[10] яъне, ин ситам ва нофармониро мо накардем ва гузоштем, ки ту кунӣ!

то ҷанг кунанд. Хатиб бозгашту гуфт, ки эшон ҷавоби мо ҷанг доданд, акнун Шумо беҳтар донед. Ҳасани Сулаймон таъбияе кард сахт некӯ ва ҳар касро ба ҷойи хеш бидошт ва қавмеро, ки камсилоҳтар буданд, сохта бидошт ва афзун аз панҷоҳу шаст ҳазор мард аз шаҳр ба дарвоза омада буданд. Ҳасан раис ва аъёнро гуфт: «Касон гуморед, то халқи оммаро нагузоранд, то аз дарвозаи шаҳр берун оянд ва фармоед, то ба ҷойгоҳи хеш мебошанд, то ману ин мардум, ки сохтаи ҷанг шудаанд, пеши мухолифон равем».

Раис ва аъён касон гумоштанд ва ин эҳтиёт бикарданд ва Ҳасан мутаваккилан ъалаллоҳ[1], азза зикруҳу, пеши кор рафт сахт оҳиста ва ба тартиб пиёдагони ҷангӣ пӯшида дар пеши саворон истода ва мухолифон низ даромаданд ва ҷанге қавӣ ба пой шуд ва чанд бор он махозил[2] неру карданд дар ҳамла, аммо ҳеҷ тарафе[3] наёфтанд, ки саффи Ҳасан сахт устувор буд. Чун рӯз гармтар шуду махозилро ташнагӣ дарёфт ва монда шуданд, наздики намози пешин Ҳасан фармуд, то аломати бузургро пештар баранд ва бо саворони пухтаи гузида ҳамла афганданд ба фирӯзӣ ва хештанро бар қалби эшон заданду аломати мағрури Оли Буяро бистаданд ва эшонро ҳазимат карданд, ҳазимате ҳавл[4] ва бувайҳӣ[5] асби тоза дошт хиёра[6] бо чанд тан, ки некасба[7] буданд, бичастанд[8] ва авбоши пиёда дармонданд миёни ҷӯйҳо ва миёни дараҳо ва Ҳасан гуфт: «диҳед[9] ва ҳашмате бузург афканед ба куштани бисёр, ки кунед, то пас аз ин дандонҳо кунд шавад аз Рай[10] ва низ[11] наёянд!»

Мардумони Ҳасан рахш баргузорданду[12] куштан гирифтанд ва мардуми шаҳр низ рӯй ба берун оварданду бизадан гирифтанд ва бисёр бикуштанду асир гирифтанд. Вақти намози дигар Ҳасан мунодӣ фармуд, ки даст аз куштану гирифтан бикашед, ки бегоҳ шуд. Даст бикашиданд ва шаб даромаду қавм ба шаҳр бозомаданд ва бақияте аз ҳазиматиён, ки ҳар ҷойе пинҳон шуда буданд, чун шаб омад, бигрехтанд.

---

[1] бо таваккул бар Худо.
[2] фурӯмоягон, хоршудагон.
[3] фоидае.
[4] шикасте сахт, бузург.
[5] намояндаи Оли Бӯя.
[6] баргузида.
[7] дорандаи асби нек.
[8] гурехтанд.
[9] бизанед.
[10] маънои ҷумла: ба сӯйи Рай дигар тамаъ накунанд.
[11] дигар.
[12] асб тохтанд.

Дигар рӯз Ҳасан гуфт, то асирону сарҳоро биёваранд: ҳашт ҳазору ҳаштсаду анд сару як ҳазору дувисту анд тан асир буданд. Мисол[1] дод, то бар он роҳ, ки он махозил омада буданд, сепояҳо бар заданд ва сарҳоро бар он биниҳоданд ва саду бист дор бизаданд ва аз асирону муфсидон, ки қавитар буданд бар дор карданд ва ҳашмате сахт бузург бияфтод ва боқии асиронро раҳо карданду гуфтанд: «биравед ва он чӣ дидед, боз гӯед ва ҳар касеро пас аз ин орзуи дор асту сар ба бод додан, биёяд». Он асирон бирафтанд. Ва мардуми Рай, ки зиндагонии худованд дароз бод, ба ҳарчӣ гуфта буданд вафо карданд ва аз бандагиву дӯстдорӣ ҳеч чизе боқӣ намонданд[2]. Ва ба фарри давлаи олӣ инҷо ҳашмати бузург бияфтод, чунонки низ ҳеч мухолиф қасди ин ҷо накунад. Агар раъйи олӣ бинад, ин аъёнро иҳмоде бошад бад-ин чӣ карданд, то дар хидмат ҳаристар гарданд, иншоаллоҳи таъоло.

Чун Амир Масъуд, қаддасаллоҳу руҳаҳу[3], бар ин нома воқиф гашт, сахт шодмона шуд ва фармуд то буқу дуҳул заданд ва мубашширонро бигардониданд ва бисёр каромат карданд ва аъёни Нишобур ба мусалло[4] рафтанд ба шукри расидани Амир ба Нишобуру тоза шудани ин фатҳ ва бисёр қурбонҳо карданду садақа доданд ва ҳар рӯз Амирро башорате мебуд.

Ва ҳам дар ин ҳафта хабар расид, ки расули ал-Қодир Биллоҳ, разияллоҳу анҳу, ба наздики Байҳақ расид ва бо вай он каромат[5] аст, ки халқ ёд надоранд, ки ҳеч подшоҳеро монанди он будааст. Амир, разияллоҳу анҳу, ба расидани ин башорат тозагии тамом ёфт ва фармуд, то истиқболи ӯ бисечиданд[6] сахт басазо. Ва мардуми шаҳр наздики Қозӣ Соъид омаданду гуфтанд, ки эшон чун шуниданд, ки Амир наздики Нишобур расид, хостанд, ки хозаҳо[7] зананду бисёр шодӣ кунанд. Раис гуфт: «Набояд кард, ки Амирро мусибате бузург расидааст ба марги Султон Маҳмуд, анораллоҳу бурҳонаҳу[8], ҳарчанд бар мурод меояд ва ин ба фармони вай мегӯем, бо вақте дигар бояд афганд[9]». Ва акнун муддате баромад ва ҳар рӯз корҳо бар муродтар аст ва акнун расул ҳам аз Бағдод меояд бо ҳама

---

[1] фармон.
[2] нагузоштанд.
[3] Худованд равони вайро покиза гардонад.
[4] намозгоҳ – ҷое ки барои баргузории намозҳои ид ва маҷлису ҷамъомадҳои ом буд.
[5] манзур инъому ҳадяҳое, ки қарор буд ба амир бидиҳад.
[6] ороста ва муҳайё карданд.
[7] хоза ё хавоза – тоқи нусрат, дарвозаҳои тоқшакл, ки ба ҳангоми ҷашн шаҳрро меоростанд.
[8] Эзид ҳуҷҷату баёни вайро равшан кунад!
[9] ба вақти дигар бояд гузошт.

муродҳо. Агар қозӣ бинад, дархоҳад аз Амир, то ба дили бисёр халқ шодӣ афканад, бад-он ки дастурӣ диҳад худованд ва раҳо кунад[1], то такаллуф беандоза кунанд».

Қозӣ гуфт: «Нек омад ва хуб мегӯед ва сахт бавақт[2] аст».

Дигар рӯз Амирро бигуфт ва дастурӣ ёфт. Ва қозӣ бо раис[3] бозгуфт, ки такалуфе сахт тамом бояд кард. Ва раис ба хона бозомад ва аъёни маҳаллатҳову бозорҳоро бихонду гуфт: «Амир дастурӣ дод, шаҳрро биёроед ва ҳар такаллуфе, ки бибояд кард, бикунед, то расули халифа бидонад, ки ҳоли ин шаҳр чист ва Амир низ ин шаҳрро дӯсттар гирад, ки ин каромот ӯро дар шаҳри мо ҳосил бибуд.

Гуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва бозгаштанду коре сохтанд, ки касе ба ҳеч рӯзгор бар он ҷумла ёд надошт, чунонки аз дарвозаҳои шаҳр то бозор хавоза бар хавоза қуба бар қуба[4] буд, то шористони масҷиди одина[5], ки расулро ҷой он ҷо сохта буданд.

Чун ин корҳо сохта шуд ва хабар расид, ки расул ба ду фарсанге аз шаҳр расид, мартабадорон пазира рафтанд ва панҷоҳ ҷанибат бурданд ва ҳама лашкар барнишастанду пеш шуданд бо кавкабаи[6] бузург ва такаллуфи беандоза – сипаҳсолор дар пеш, кавкабаи дигар қузоту содоту[7] уламову фуқаҳо ва кавкабаи дигар аъёни даргоҳ, худовандони қалам бар ҷумлае ҳар чӣ некӯтар – расулро Бумуҳаммади Ҳошимӣ, аз хешони наздики халифа, дар шаҳр даровардand, рӯзи душанбе даҳ рӯз монда буд аз шаъбони ин сол[8]. Ва аъёну муқаддамони сипоҳ аз расул ҷудо шуданд ба дарвозаи шаҳр ва ба хонаҳо боз шуданд. Ва мартабадорон ӯро ба бозор биёвардand ва меронданд ва мардумон дираму динор ва шакар ва ҳар чизе меандохтанд ва бозигарон бозӣ мекарданд ва рӯзе буд, ки монанди он кас ёд надошт ва то миёни ду намоз рӯзгор гирифт, то он гоҳ, ки расулдор расулро ба сарое, ки сохта буданд фуруд овард. Чун ба сарой фуруд омад, нухсати хурданӣ, ки сохта буданд, расулдор мисол дод, то пеш оварданд, сахт бисёр аз ҳадду андоза бигузашта. Ва расул дар аснои нон хӯрдан ба тозӣ[9] Нишобурро бистуд ва ин подшоҳро бисёр дуъо карду гуфт: дар умри хеш он чӣ имрӯз дид, ёд

---

[1] рухсат диҳад.
[2] ба мавқеъ.
[3] раиси шаҳри Нишобур дар назар аст.
[4] гунбад
[5] масҷиди ҷумъахонӣ.
[6] ҷамоаи мардум ва хидматгузорон, ки ба пешвоз раванд.
[7] саййидҳо, авлоди Пайғамбар (С).
[8] баробар бо 23 августи соли 1030-и милодӣ.
[9] бо забони арабӣ.

надорад. Ва чун аз нон хӯрдан фориғ шуданд, нузлҳо[1] биёварданд аз ҳадду андоза гузашта ва бист ҳазор дирам сими гармоба[2] чунонки мутаҳаййир гашт. Ва Амир, разияллоҳу анҳу нишобуриёнро некӯӣ гуфт.

Ва пас аз он ду-се рӯз бигузашт. Амир фармуд, ки расулро пеш бояд овард ва ҳар такаллуф, ки мумкин аст, бикард. Бусаҳли Завзанӣ гуфт: «Он чӣ худовандро бояд фармуд аз ҳадиси лашкару даргоҳ ва маҷлиси иморату ғуломону мартабадорон ва ҷуз он, он чӣ бад-ин монад[3], бифармояд сипоҳсолорро, то рост кунад ва андоза ба дасти банда диҳад[4], ки он чӣ мебояд кард, бикунад. Ва он чӣ роҳи мани[5] банда аст ва хондаам ва дида, аз они Султони мозӣ, разияллоҳу анҳу, бигӯям, то рост кунанд». Амир гуфт: «Нек омад!».

Ва фармуд, то сипаҳсолор Ғозиро бихонданд. Амир гуфт: «Фармудем, то расули халифаро пеш оранд, бо он чӣ аз маншуру хилъату каромоту нуъват овардааст ва он чӣ ин ҷо карда ояд, хабари он ба ҳар ҷое расад. Бояд, ки бигӯӣ лашкарро, то имшаб ҳама корҳои хеш сохта кунанд ва пагоҳ ба ҷумла бо силоҳи тамом ва бо зинати бисёр ҳозир оянд, чунонки аз он тамомтар набошад, то бифармоем, ки чӣ бояд кард». Гуфт: «Чунин кунам!» Ва бозгашту он чӣ фармуданӣ буду мисолҳо, ки доданӣ буд, бидод. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, дар маънии ғуломон ва ҷуз он мисолҳо дод ва ҳама маликона[6] рост карданд. Рӯзи дигар сипаҳсолор Ғозӣ ба даргоҳ омад, бо ҷумлаи лашкариён биистод ва мисол дод ҷумла сарҳангонро, то аз даргоҳ ба ду саф биистоданд бо хайлҳои хеш ва аломатҳо бо эшон, шораҳои[7] он ду саф аз дари Боғи Шодёх ба дурҷой[8] расида. Ва даруни боғ аз пеши суффаи Тоҷ то даргоҳ ғуломон ду рӯй биистоданд бо силоҳи тамому қабоҳои гуногун ва мартабадорон бо эшон. Ва астарон фиристода буданд аз баҳри овардани хилъатро аз Нишобур ва наздики расул бигузошта. Бусаҳл пӯшида низ кас фиристода буд ва маншуру фармонҳо бихоставу фурӯ нигариста ва тарҷумаҳои он рост карда ва боз дар харитаҳои дебои сиёҳ ниҳода, боз фиристода.

---

[1] нузл – он чӣ назди меҳмон (расули халифа) мениҳоданд, аз инъому ҳадя.

[2] як навъ музде ки дар оғози ворид шудани расул ба ӯ медоданд, чун нахуст меҳмонро ба гармоба мебурданд, то гарду ғубори роҳро аз худ бишӯяд.

[3] монанд бошад.

[4] меъёр муайян кунад.

[5] равиш ва тариқи ман.

[6] шоҳона.

[7] шора – порчае будааст нозук; ин ҷо манзур порчае, ки бар парчам (аломат) мебастаанд.

[8] ҷойи дур.

Ва чун расулдор наздики расул расид, барнишонданд ӯро бар ҷанибат ва сиёҳ пӯшида[1] ва ливо ба дасти саворе доданд, дар қафои расул меовард ва бар асари расул астарони мавкибӣ[2] меоварданд бо сандуққои хилъати хилофат ва дах асб аз он ду бо сохти зар ва наъли зар ва ҳашт ба ҷулу бурқаъи зарбафт[3]. Ва гузари[4] расул биёроста буданд некӯ ва мегузашт ва дираму динор меандохтанд, то он гоҳ, ки ба саффи саворони лашкар расид ва овози духулу буқу наъраи халқ баромад.

Ва расул ва аъёнро дар миёни ду саффи лашкар мегузарониданд ва аз ду ҷиҳат сарҳангон нисор мекарданд, то он гоҳ, ки ба тахт расид. Ва Амир бар тахт нишаста буд ва бор дода буд ва авлиёву ҳашам нишаста буданду истода. Ва расулро ба ҷойгоҳи некӯ фуруд оварданд ва пеш бурданд, сахт ба расм пеш омад ва дастбӯс карду пеши тахт бинишондандаш. Чун бинишаст, аз амиралмуъминин салом кард ва дуъои некӯ пайваст. Ва Масъуд ҷавоби маликона дод. Пас расул бар пой хосту маншуру номаро бар тахт бинҳод ва Амир бӯса дод ва Бусаҳли Завзаниро ишорат кард, то бистаду хондан гирифт. Чун таҳияти[5] амир баромад, Амир бар пой хост ва бисоти тахтро бибӯсиду пас бинишаст ва маншуру нома Бусаҳл бихонд ва тарҷумаи мухтасар як ду фасл порсӣ бигуфт. Пас сандуққо баргушоданду хилъатҳо бароварданд: ҷомаҳои дӯхтаву нодӯхта ва расул бар пой хост ва ҳафт давоҷ[6] берун гирифтанд яке аз он сиёҳ ва дигаре дабиқиҳои[7] бағдодӣ, бағоят нодири маликона. Ва Амир аз тахт ба зер омад ва мусалло[8] боз афганданд, ки Яъқуби Лайс бар ин ҷумла карда буд. Амир Масъуд хилъат пӯшид ва ду ракъат намоз кард ва Бусаҳли Завзанӣ гуфта буд Амирро чунон бояд кард; чун хилъатҳо бипӯшид бар ҷумлагии вилояти падар аз дасти халифа[9]. Ва тоҷу тавқу асби саворӣ пеш доштанд ва шамшеру ҳамоил ва он чӣ расм буд, аз он ҷо оварданд. Ва авлиёву ҳашам нисорҳо пеши тахт биниҳоданд сахт бисёр аз ҳадду андоза гузашта. Ва расулро боз гардониданд бар ҷумлаи ҳар чӣ некӯтар. Султон бархосту ба гармоба рафт ва ҷома бигардонид[10] ва фармуд, то дувист ҳазор дирам ба дарвешон доданд. Ва пас аҳли бисоту хон омаданд ва хоне бо

---

[1] либоси сиёҳ ба бар дошт (сиёҳ – ранги расмии Аббосиён)
[2] гурӯҳи савора ё пиёдаи хоссаи подшоҳ, ё аркони давлатӣ.
[3] манзур аспе бо ҳамаи ороиши вижа барои шахси баландмартаба.
[4] гузаргоҳ.
[5] салом
[6] ҷома.
[7] дабиқӣ – порчаи латиф мансуб ба шаҳри Дабиқ дар Миср.
[8] ҷойнамоз.
[9] яъне, ҳамаи мулкҳое, ки таҳти амри Маҳмуд буданд, аз ҷониби халифа ба Масъуд дода шуданд.
[10] либос иваз кард.

такаллуфи бисёр сохта буданд ва расулро биёварданду бар хони Султон бинишонданд. Ва чун нон хӯрда омад, расулро хилаъте сахт фохир пӯшониданд ва бо каромати бисёр ба хона боз бурданд. Ва намози дигари он рӯз силате[1] аз они вай расулдор бибурд: дувист ҳазор дирам ва асбе бо ситоми[2] зар ва панҷоҳ пора ҷомаи нобуридаи муртафеъ[3] ва аз уду мушку кофур чанд харита;[4] ва дастурӣ дод, то биравад; расул бирафт салхи[5] шаъбон.

Ва Султон фармуд, то номаҳо набиштанд ба Ҳироту Пушангу[6] Тӯсу Сарахс[7] ва Нисову[8] Бовард[9] Бодғису[10] Ганҷрусто[11] ба башорати ин ҳол, ки ӯро тоза гашт аз маҷлиси хилофат. Ва нусхатҳо бардоштанд аз маншуру нома ва алқоб пайдо карданд, то ин султони бузургро бад-он хонанд ва хутба кунанд. Ва нуъвати Султонӣ ин буд, ки набиштам: «Носиру диниллоҳ, ҳофизу ибодиллоҳ, ал-мунтақиму мин аъдоиллоҳ, заҳиру халифатиллоҳ амирулмуъминин[12]. Ва маншури нотиқ буд бад-ин ки амирулмуъминин мамолике, ки падарат дошт ямин-уд-давла ва амину-л-милла ва низомуддин ва каҳфу-л-исломи ва-л-муслимин валийу-л амира-л-муъминин[13] ба ту мавфуз[14] кард. Ва он чӣ ту гирифтаӣ Райу Ҷиболу Сипоҳону Торам ва дигар навоҳӣ ва он чӣ пас аз ин гирӣ аз мамолики Мағрибу Машриқ, туро бошад ва бар ту бидорад»[15].

Мубашширон ин номаҳо бибурданд ва дар ин шаҳрҳо, ки ном бурдам ба номи Султон Масъуд хутба карданд ва ҳашмати ӯ дар

---

[1] ато, бахшиш.
[2] афзори асб, зин, лаҷом.
[3] гаронбаҳо.
[4] халта, киса.
[5] салх – охири моҳ.
[6] Пушанг (Бушанҷ ё Фушанҷ) – шаҳре дар соҳили Ҳарируд ва наздикии Ҳирот.
[7] Сарахс – шаҳре дар Хуросон, ки дар асрҳои X – XI ободу маъмур ва нисфи Марв будааст. Дар марзи Эрону Туркманистони кунунӣ ҷойгир шудааст.
[8] Нисо – шаҳре дар Хуросон, воқеъ дар 18 километрии Ашқободи кунунӣ. Ин шаҳр замоне пойтахти Ашкониён буд. Дар асрҳои X – XI шаҳре хурду бо обу ҳавои зиёнбор тасвир шудааст.
[9] Бовард ё Абевард – шаҳре дар Хуросон, ки дар маҳалли шаҳраки Пештоқи кунунӣ воқеъ буда, аҳолии он ҷанговар буданд. Зодгоҳи шоири қасидасаро Анварӣ.
[10] Бодғис – вилояте ки миёни Ҳироту Сарахс воқеъ буда, сесад макони аҳолинишин доштааст. Имрӯз дар ҳудуди Афғонистон аст.
[11] Ганҷрусто – вилояте, ки миёни Ҳироту Марварруд воқеъ гардида марказаш Бован буд. Имрӯз дар ҳудуди Афғонистон аст.
[12] Ёридиҳандаи дини Худо, ҳифзкунандаи бандагони Худо, интиқомгиранда аз душманони Худо, пуштибони халифаи Худо, пешвои гаравидагон.
[13] лақаби Султон Маҳмуд.
[14] вогузор кард.
[15] барои ту нигаҳ дорад, аз ту боз нагирад.

Хуросон густурда шуд. Ва чун ин расул бозгашт, Султон Масъуд қавидил шуд, корҳо аз лавне дигар[1] пеш гирифт.

Ва моҳи рӯза[2] даромад ва рӯза бигирифтанд. Ва Султон Масъуд ҳаракат кард аз Нишобур дар нимаи моҳи рамазони ин сол. Ва инрӯз фармуд, то қозӣ Соъидрову писаронашро ва Саййид Бумуҳаммади Алавирову Бубакр Муҳамшод ва қозии шаҳру хатибро хилъатҳо доданд ва Амир ба Ҳирот омад, ду рӯз монда аз ин моҳ ва дар Кушки Муборак фуруд омад ва он ҷо иде кард, ки иқрор доданд, ки чунон ид ҳеч малик накардааст. Хоне ниҳода буданд Султонро дар он банои нав, ки дар Боғи Аднонӣ сохта буданд ва хонҳои дигаре ниҳода буданд дар Боғи Аднонӣ. Сарҳангони тафориқу[3] хайлтошонро бар он хон бинишонданд. Ва шуаро шеър мехонданд. Ва дар миёни нон хӯрдан бузургони даргоҳ, ки бар хони султонӣ буданд, бар пой хостанд ва замин бӯса доданду гуфтанд: «Панҷу шаш моҳ гузашт, то худованд нишоти шароб накардааст ва агар узре буд гузашт ва корҳо бар мурод аст, агар раъйи бузурги худованд бинад, нишот фармояд».

Султон иҷобат карду шароб хост ва биёварданду мутрибон захма гирифтанд[4] ва нишот боло гирифту шароб додан гирифтанд, чунонки ҳамагон хуррам бозгаштанд, магар сипоҳсолор, ки ҳаргиз шароб нахӯрда буд.

Ва ҳар рӯз пайваста мулаттафа мерасид аз ҷониби лашкари Ғазнин, ки чӣ мекунанду чӣ месозанд ва бар муҷиби он чӣ худованд фармудӣ, кор месохтанд[5]. Чоштгоҳи рӯзи душанбе, даҳуми шаввол[6] ногоҳ Мангитирок, бародари ҳоҷиби бузург Алии Қариб, бо донишманд Ҳасирии надим ба даргоҳи Султон Масъуд расиданд. Дарвақт султонро огоҳ карданд, фармуд, ки бор диҳед. Даромаданду замин бӯса доданду гуфтанд: «Муборак бод подшоҳӣ, ки якрӯя шуд, бародарро мавқуф карданд». Султон эшонро бинишонду бисёр бинавохт ва номаи ҳашами Тагинобод пеш оварданд, Султон фармуд то бистаданду бихонданд. Пас гуфт: «Ҳоҷиб[7] он кард, ки аз хираду дӯстдории вай чашм доштем. Ва дигарон, ки ӯро мутобаат[8] карданд, ҳаққи моро бишнохтанд. Ва ҳаққи хидматгорон риоят карда ояд. Шумо сахт ба таъҷил омадаед,

---

[1] гунае дигар.
[2] рамазон.
[3] саркардаҳои дастаҳои ҷудогона.
[4] мизроб гирифтанду навохтанд.
[5] мувофиқи дастури амир кор мекарданд.
[6] баробар бо 12 октябри соли 1030-милодӣ.
[7] манзур Алии Қариб аст, ки он вақт вазифи Ҳоҷиби Бузург дошт.
[8] пайравӣ.

бозгардед ва замоне биёсоед ва намози дигарро боз оед, то пайғомҳо бигузоред ва ҳолҳо боз намоед».[1] Ва ҳарду бозгаштанд ва ба як мавзеъ дар сарое гаронмоя фуруд оварданд ва бисёр хӯрданиву нузл фиристоданд ва чизе бихӯрданду гармоба рафтанд.

Ва Султон чун эшонро бозгардонид, Бусаҳлу Тоҳири дабиррову аъёни дигарро бихонду холӣ кард ва аз ҳар гуна бисёр сухан рафт, то қарор гирифт бар он, ки намози дигар Мангитирокро ҳоҷибӣ дода ояд ва сиёҳ дарпӯшонанд[2] ва хилъате басазо диҳанд ва ҳамчунон Ҳасириро. Намози дигар, ду ҷанибат бибурданду Мангитироку Ҳасириро биёварданд ва пеш омаданду бинишастанд холӣ, чунонки пеши Султон Тоҳири дабир ва Бусаҳли Завзанӣ буданд ва пайғомҳо бидоданд ва ҳол ба шарҳ боз намуданд. Чун бозгаштанд, Султон фармуд, то Мангитирокро ба ҷомахона бурданду хилъати ҳоҷибӣ пӯшониданд ва бо қабои сиёҳу кулоҳи душох[3] пеши Султон омад. Султон гуфт: «Муборак бод ва манзилати ту дар ҳоҷибӣ он аст, ки зердасти бародар – Ҳоҷиби Бузург Алӣ истӣ». Вай замин бӯса доду бозгашт.

Ва фақеҳ Бубакри Ҳасириро хилъате пӯшониданд сахт гаронмоя, чунонки надимонро диҳанд. Вайро низ пеш оварданд ва Султон ӯро низ бинавохту гуфт: «Дар рӯзгори падарам ранҷҳои бисёр кашидӣ дар ҳавову дӯстдории мо ва моро чунин хидмате кардиву ҳаққи ту воҷибтар гашт. Ин иъдод[4] асту расмӣ, бар асар некӯиҳо бинӣ».

Ӯ дуъо карду бозгашт. Ва Амир ҳама аъёну хидматгоронро фармуд, то ба хонаи он ду тан рафтанд ба таҳният ва сахт некӯ ҳаққашон гузорданд. Ва намози шом фармуд Султон, то ҷавоби номаи ҳашами Тагинободро боз набиштанд бо навохт. Ва ба Ҳоҷиби бузург Алӣ нома набиштанд бо навохти бисёр. Ва Султон тавқеъ карду ба хатти хеш фасле набишт. Ва мисолу номаҳо набиштанду бифиристоданд ва хайлтошеву марде аз араби тозандагони девсаворон[5] номзад шуданд ва намози хуфтанро сӯйи Тагинобод рафтанд. Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоби[6].

---

[1] ошкор созед.
[2] либоси сиёҳ, ки вижаи ҳоҷиб аст, бипӯшонанд.
[3] кулоҳи душох ба ҳоҷибон дода мешуд.
[4] муҳаё ва омода кардан.
[5] савори тундрав ва чобук.
[6] ва Худованд донотараст ба ростӣ.

Зикру ма-нқаза мин ҳозиҳи-л аҳволи ва-л ахбори тазкиратан баъда ҳозо ва вуруди-л аскари мин Такинобода би-Ҳирота ва моҷаро фи-тилка-л муддати[1]

Чун дар рондани таърих[2] бад-он ҷой расидам, ки ду савор, хайлтош ва аъробӣ ба Тагинобод расиданд, бо ҷавоби номаҳои ҳоҷиби бузург Алии Қариб дар боби қалъати Куҳтиз ва Амир Муҳаммад, мисол бар ин ҷумла буд ва ба Бактагини ҳоҷиб дод ва лашкарро гуфт, фардо шумоёнро мисол дода ояд, ки сӯйи Ҳирот бар чӣ ҷумла бояд рафт. Он суханро ба ҷой мондам,[3] чунонки расми таърих аст, ки фариза[4] буд ёд кардани ахбор ва аҳволи Амир Масъуд дар рӯзгори мулки[5] бародар Муҳаммад ба Ғазнин ва пеш гирифтам ва рондам аз он вақт боз, ки вай аз Сипоҳон бирафт, то он гоҳ, ки ба Ҳирот расид, чунонки хонандагонро маълум гардад сахт ба шарҳ.[6] Ва акнун пеш гирифтам рафтани лашкарро аз Тагинобод фавҷ-фавҷ ва ҳоҷиби бузург Алиро бар асари[7] эшон, сӯйи Ҳирот ва он чӣ рафт, дар ҳар бобе, то дониста ояд ва муқаррар гардад, ки ман тақсир накардаам.

Чун ҷавоби нома аз Ҳирот бирасид бар дасти хайлтош ва аз араб марде[8] хонда омад, чунонки намудаам пеш аз ин. Ҳоҷиби бузург, Алии Қариб, дигар рӯз барнишаст ва ба саҳро омад ва ҷумлаи лашкар ҳозир шуданд, эшонро гуфт, бояд ки сӯйи Ҳирот биравед бар ҳукми Султон, ки расидааст, чунонки имрӯзу фардо ҳама рафта бошед, магар лашкари Ҳиндро, ки бо ман бибояд рафт ва ман соқа[9] бошам ва аз ин ҷо бар асари шумо ҳаракат кунам. Гуфтанд, чунин кунем. Ва дарвақт рафтан гирифтанд сахт ба таъҷил, чунонки кас бар кас наистод[10]. Ва аъёну рӯйшиносон[11] чун надимон ва ҷуз эшон бештар буна яла карданд[12], то бо ҳоҷиб оянд ва тафт[13] бирафтанд. Вазир Ҳасанкро дар шаб бурда буданд, сӯйи

---

[1] Ёд кардани он чӣ гузашт аз ин гуна ҳолот ва хабарҳо, ёдмони он чӣ баъд аз ин меояд ва вурурди лашкар аз Тагинобод ба Ҳирот ва он чӣ дар ин муддат афтод.
[2] навиштани таърих.
[3] гузоштам, раҳо кардам.
[4] сазовор
[5] подшоҳӣ
[6] муфассал
[7] дунболи
[8] ҳамон арабе, ки дар боло зикраш рафт.
[9] охири сипоҳ.
[10] ҳар касе сари хеш гирифт; касе мунтазири дигаре набуд.
[11] саршинсон, мардуми бовазифаву мартаба.
[12] буна яла карданд – бору асбоби худро гузоштанд
[13] босуръат, тез

Ҳирот, ки фармони тавқеъӣ[1] расида буд, ки вайро пеш аз лашкар гусел бояд кард. Ва ин фармон се савор оварда буданд аз они Бусаҳли Завзанӣ, чӣ бар вазир Ҳасанак сахт хашмгин буд. Ва соҳибдевони рисолат Хоҷа Бунасри Мушкон ҳамчунин тафт рафт ва чун ҳаракат хост кардан наздики ҳоҷиби бузург Алӣ рафт ва то чоштгоҳ бимонд ва боз омаду бирафт бо Абулҳасани Уқайлӣ[2] ва Музаффари ҳоким[3] ва Булҳасани Карачӣ[4] ва донишманд Набийя[5] бо надимону бисёр мардум аз ҳар дасте ва сахт андешаманд буд.

Аз вай[6] шунудам, гуфт: «Чун ҳоҷибро гуфтам бихоҳам рафт, шуғле ҳаст ба Ҳирот, ки ба ман рост шавад[7], то он гоҳ, ки ҳоҷиб ба саъодат даррасад?» Бо ман холӣ карду гуфт: «Бидруд бош[8] ай дӯсти нек, ки ба рӯзгори дароз ба якҷо будаем ва аз якдигар озор надорем». Гуфтам: «Ҳоҷиб дар дил чӣ дорад, ки чунин навмед асту сухан бар ин ҷумла мегӯяд?» Гуфт: «Ҳама хубӣ дорам дар дил ва ҳаргиз аз ман хиёнатеву кажжие наёмадааст ва ин, ки гуфтам «бидруд бош» на он хостам[9], ки бар асари шумо нахоҳам омад, валекин бидруд бош ва ба ҳақиқат бидон, ки чандон аст, ки Султон Масъуд чашм бар ман афганд[10], беш шумо маро набинед[11]. Ин номаҳои некӯву мухотабаҳои ба ифрот[12] ва ба хатти хеш фасл набиштан ва бародарамро ҳоҷибӣ додан ҳама фиреб аст ва бар чун ман мард пӯшида нашавад ва ҳама дона аст, то ба миёнаи дом расам, ки Алӣ Дойа[13] ба Ҳирот аст ва Билготагини ҳоҷиб ва гурӯҳе дигар, ки на занонанду на мардон[14] ва инак ин қавм низ ба Султон расанд ва ӯро бар он доранд, ки ҳоҷиб Алӣ дар миён набояд[15]. Ва Ғозии ҳоҷиб сипаҳсолорӣ ёфтааст ва мегӯяд: ҳама вай аст, маро кай тавонад дид? Ва сахт осон аст бар ман, ки ин хизонаву пилону фавҷе

---

[1] фармони махсуси амир.
[2] яке аз надимони Султон Масъуд.
[3] ҳокими шаҳри Ғазнин, ки аз авлоди Микойилиён буда, бо Амир Масъуд робитаи наздик дошт.
[4] надими Масъуд.
[5] фақеҳ Набийя, ки дар вазифаҳои гуногун аз ҷумла надимӣ кор карда буд.
[6] манзур Бунасри Мушкон аст.
[7] маънои ҷумла: оё дар Ҳирот кори муҳимме ҳаст, ки ман онро анҷом диҳам?
[8] Худо нигаҳдорат, саломат бош!
[9] манзурам он набуд.
[10] чашми бидбинӣ ва кинаҷӯӣ дорад.
[11] яъне маро Султон Масъуд хоҳад кушт.
[12] хитобҳои бисёр ва муҳтарамона.
[13] Алӣ Убайдуллоҳ аз сарони сипоҳ дар замони Маҳмуд; Ӯ пас аз марги Маҳмуд зуд ба сафи пайравони Масъуд пайваст ва аз Ғазнин ба Нишопур омаду сипаҳсолори Хуросон гардид.
[14] муханнас; дурӯя ва мунофиқ
[15] яъне зарур нест

қавӣ аз ҳар дасте пеш кунам[1] ва ғуломи анбуҳ, ки дорам ва табъу ҳошият[2] ва роҳи Систон гирам, ки Кирмону Аҳвоз то дари Бағдод бад-ин лашкар забт тавон кард, ки он ҷо қавмеанд нобакору бемоя[3] ва думкандаву[4] давлатбаргашта, то эйман бошам, аммо ташвиши ин хонадон бинаншинад[5] ва сари он ман бошам, мулуки атроф айби он ба худованди ман Маҳмуд мансуб кунанд ва гӯянд: подшоҳе чун ӯ умри дароз ёфта ва ҳама мулуки рӯйи заминро қаҳр карда, тадбири хонадони хеш пеш аз марг бинадонист кард, то чунин ҳолҳо уфтод. Ва ман раво дорам, ки маро ҷое мавқуф[6] кунанду боз доранд, то боқии умр узре хоҳам пеши Эзид, азза зикруҳу, ки гуноҳони бисёр дорам, аммо донам, ки ин оҷизон ин худовандзодаро[7] бинагзоранд, то маро зинда монад, ки битарсанд ва вай бад-ин молу ҳутоми[8] ман нигарад ва хеш бадном кунад. Ва ба аввал, ки худованди ман гузашта шуд, маро сахт бузург хато бияфтод ва имрӯз бидонистам ва суд намедорад. Бо овардани Муҳаммад бародараш маро чӣ кор буд? Бале, мебоист кард[9], то худовандзодагон ҳозир омадандӣ ва миёни эшон сухан гуфтандӣ ва авлиёву ҳашам дар миён тавассут[10] кардандӣ, ман яке будаме аз эшон, ки ручуъ бештар бо ман будӣ, то кор қарор гирифтӣ. Накардам ва дояи меҳрубонтар аз модар будам ва ҷон бар миён бастам ва имрӯз ҳамгинон аз миён биҷастанду ҳар кас хештанро дур карданд ва маро Алии амирнишон[11] ном карданд ва қазо кори хеш бикард, чунон бошад, ки Худой, азза зикруҳу, тақдир кардааст, ба қазо ризо додам ва ба ҳеч ҳол бадномӣ ихтиёр накунам».

Гуфтам: «Зиндагонии ҳоҷиби бузург дароз бод, ҷуз хайру хубӣ набошад. Чун ба Ҳирот расам, агар ҳадисе равад, маро чӣ бояд кард?» Гуфт: «Аз ин маъонӣ рӯй надорад гуфтан[12], ки худ донад[13], ки ман бадгумон шудаам ва бо ту дар ин абвоб сухан гуфтаам, ки туро зиён дорад ва маро суд надорад. Агар ҳадисе равад ҷойе ва яқин дорам, ки наравад, то вақте ки ман ба қабзаи эшон биёям, ҳаққи

---

[1] пеш андозам
[2] табъу ҳошият - пайравон ва атрофиён
[3] бенаво
[4] шикастхӯрда.
[5] фурӯ наменишинад.
[6] зиндон, боздошт
[7] шоҳзода; мурод Масъуд аст.
[8] ҳутом-андак моли дунё.
[9] сабр кард.
[10] миёнҷигӣ
[11] Алии шоҳ ба тахт нишонанда.
[12] маънои ҷумла: ҳеч роҳе нест, ки дар ин бора сухан гӯӣ.
[13] яъне Масъуд медонад.

суҳбату[1] нону намакро нигоҳ бояд дошт, то нигарем чӣ равад? Ва туро бибояд донист, ки корҳо ҳама дигар шуд, ки чун ба Ҳирот расӣ худ бинӣ ва ту дар кори худ мутаҳаййир гардӣ, ки қавме навойин[2] кор фурӯ гирифтаанд, чунонки маҳмудиён[3] дар миёни эшон ба манзилати хоинону бегонагон бошанд, хосса, ки Бусаҳли Завзанӣ бар кор шудаасту[4] қоидаҳо бинҳода ва ҳамагонро харида. Ва ҳол бо Султон Масъуд он аст, ки ҳаст, магар он подшохро шарм ояд, вагарна, шумо бар шурафи[5] ҳалокед. Ин фусул[6] бигуфту бигрист ва маро[7] дар оғуш гирифту бидруд кард ва бирафтам. Ва ман, ки Булфазлам мегӯям, ки чун Алӣ мард кам расад[8] ва ин ки бо устоди ман бар ин ҷумла сухан гуфт, он чӣ бад-ӯ хоҳад расид, мебинад ва медонад. Ва пас аз он ки ӯро ба Ҳирот фурӯ гирифтанд ва кори вай ба поён омад, ба муддате дароз пас аз он шунудам, ки вай чун аз Тагинобод пеши Амир Масъуд ба сӯйи Ҳирот рафт, нома набишта буд, сӯйи кадхудой ва муътамади хеш ба Ғазнин ба марде, ки ӯро Шабӣ гуфтандӣ ва писараш Муҳсин, ки имрӯз бар ҷой аст[9], дар он нома ба хатти Алӣ ин фасл буд, ки «Ман рафтам сӯйи Ҳирот ва чунон гумон мебарам, ки дидори ман бо туву бо хонагиён ба Қиёмат уфтодааст, аз он буд, ки дар ҳар бобе мисол набуд[10] ва пас агар ба фазли Эзид хилофи он бошад, ки меандешам, дар ҳар бобе он чӣ бояд фармуд, бифармоям». Аз Бусаъиди дабираш ин боб шунудам, пас аз он ки рӯзи Алӣ ба поён омад раҳматуллоҳи алайҳи аҷмаин.

Чун лашкар ба Ҳирот расид, Султон Масъуд барнишасту ба саҳро омад бо шавкатеву уддатеву зинате сахт бузург ва фавҷ-фавҷ лашкар пеш омаданду аз дил хидмат карданд, ки ӯро[11] сахт дӯст доштанд ва рост бад-он монаст[12], ки имрӯз биҳишту ҷанноти адн[13] ёфтаанд. Ва Амир ҳамагонро ба забон бинавохт аз андоза гузашта. Ва корҳо ҳама бар Ғозии ҳоҷиб мерафт, ки сипоҳсолор буд ва Алии

---

[1] ёрӣ ва ҳамнишинӣ.
[2] навдавлат
[3] ҷонибдорони Маҳмуд; манзур аъёне, ки дар аҳди Маҳмуд нуфуз доштанду дар аҳди Масъуд мавриди бадгумонӣ қарор гирифта, хор шуданд.
[4] ҳамакора шудааст, мусаллат шудааст.
[5] ҳукми, бар амри
[6] ҷамъи фасл; боб, қисмат.
[7] яъне Бунасри Мушконро.
[8] маънои ибора: чун Алӣ камтар мард ба арсаи ҳастӣ ва давлатдорӣ расад.
[9] зинда аст
[10] яъне дар ҳар бобе дастур надодам.
[11] Масъудро
[12] монанд буд
[13] ҳамешагӣ; ишора ба вазъи хуби лашкар дар замони Масъуд, ки Байҳақӣ онро ба биҳишти ҷовидон монанд кардааст.

Доя низ сухан мегуфт ва ҳурмате дошт, ба ҳукми он, ки аз Ғазнин ғуломонро бигардонида буд ва ба Нишобур рафта, валекин сухани ӯро маҳалли[1] сухани Ғозӣ набуд ва хашмаш меомаду дар ҳол[2] суд намедошт. Устод Абунасрро[3] сахт тамом бинавохт, валекин бад-он монаст, ки гуфтӣ маҳмудиён гуноҳе сахт бузург кардаанд ва бегонагонанд дар миёни масъудиён[4]. Ва ҳар рӯз Бунаср ба хидмат мерафт ва сӯйи девони рисолат наменигарист. Ва Тоҳири дабир менишаст ба девони рисолат бо бодеву[5] азамате сахт тамом.

Ва хабар расид, ки ҳоҷиби бузург Алӣ ба Исфизор[6] расид бо пилу хизонаву лашкари Ҳинд ва бунаҳо. Сахт шодмона шуданд. Ва чунон шунудам, ки ба ҳеч гуна бовар надошта буданд, ки Алӣ ба Ҳирот ояд ва муътамадон мефиристоданд пазираи[7] вай дамодам бо ҳар яке нав лутфе ва навъе аз навохту дилгармӣ. Ва бародараш Мангитироки ҳоҷиб менишасту мегуфт: зудтар бибояд омад, ки корҳо бар мурод аст. Ва рӯзи чаҳошанбе, савуми моҳи зилқаъдаи ин сол[8] даррасид сахт пагоҳ бо ғуломе бист ва бунаву мавкаб аз вай бар панҷу шаш фарсанг ва сахт торик буд, аз роҳ ба даргоҳ омад ва дар даҳлези саройи пешини Аднонӣ[9] бинишаст. Ва аз ин сарой гузашта саройи дигар буд сахт фароху некӯ ва гузашта аз он боғ, боғҳову баноҳои дигар, ки Амир Масъуд сохта буд. Ва будӣ[10], ки султон он ҷо буд ба саройи Аднонӣ ва он ҷо бор додӣ ва будӣ, ки бад-он баноҳои хеш будӣ. Алӣ чун ба даҳлез бинишаст, ҳар кас, ки расид, ӯро чунон хидмат карданд[11], ки подшоҳонро кунанд, ки дилҳову чашмҳо ба ҳишмати ин мард оганда буд[12] ва вай ҳар касро лутф мекарду заҳрханда мезад ва ба ҳеч рӯзгор ман ӯро бо хандаи фарох[13] надидам, илло[14] табассум, ки саъб марде буд[15] ва сахт фурӯ шуда буд, чунонки гуфтӣ медонад, ки чӣ хоҳад буд.

---

[1] қадри, ҷойгоҳи
[2] дар он ҳангом.
[3] Бунасри Мушконро.
[4] масъудиён – тарафдорон ё наздикони Масъуд; касоне ки дар аҳди Масъуд ба давлат расида буданд.
[5] ғуруре
[6] Исфизор – шаҳре дар наздикии Ҳирот.
[7] пешвоз, истиқбол.
[8] баробар бо 2 ноябри соли 1030-и милодӣ.
[9] боғи Аднонии қаблӣ.
[10] пеш меомад.
[11] эҳтиром карданд.
[12] пур буд.
[13] хандаи аз таҳи дил, қаҳ-қаҳ.
[14] ғайр аз
[15] марде ҷиддӣ буд; аҳли ҳазлу шӯхӣ набуд.

Ва рӯз шуду Султон бор дод андар он баноҳое аз боғи Аднонии гузашта. Ва Аливу аъён аз ин дари саройи ин боғ даррафтанд ва хоразмшоҳу[1] қавми дигар аз он дар, ки бар ҷониби шористон[2] аст. Ва Султон бар тахт буд андар он ривоқ[3], ки пайваста аст бад-он хонаи баҳорӣ. Ва Олтунтошро бинишонд бар дасти рости тахт ва Амир Азудуддавла Юсуфи аммро[4] баробар нишонд ва аъёну муҳташамони давлат нишаста ва истода[5]. Ва ҳоҷиби бузург Алии Қариб пеш омаду се ҷойи замин бӯса дод. Ва Султон даст бароварда[6] ва ӯро пеши тахт хонду даст ӯро дод, то бибӯсид. Ва вай иқде[7] гавҳар сахт қиммативӣ пеши Султон ниҳод ва ҳазор динори сиёҳдорӣ[8] дошт аз ҷиҳати вай нисор кард. Пас ишорат кард Султон ӯро сӯйи дасти чап, Мангитироки ҳоҷиб бозӯи вай бигирифт ва баробари хоразмшоҳ Олтунтош, ҳоҷиби бузург замин бӯса доду бинишаст ва боз замин бӯса дод. Султон гуфт: «Хӯш омадӣ ва дар хидмату дар ҳавои мо ранҷ бисёр дидӣ». Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳама тақсир будааст, аммо чун бар лафзи олӣ сухан бар ин ҷумла рафт, банда қавидилу зинда гашт». Олтунтош Хоразмшоҳ гуфт: «Худованд дурдаст уфтода буду дер мерасид ва шуғли бисёр дошт, муҳол будӣ вилояте бад-он номдорӣ[9] ба даст омада, осон фурӯ гузошта омадӣ. Ва мо бандагонро ҳама ҳушу дил ба хидмати вай буд, то имрӯз, ки саъодати он биёфтем. Ва банда, Алӣ, ранҷи бисёр кашид, то халале наяфтад ва банда ҳарчанд дур буд, он чӣ салоҳ андар он буд, менабишт ва имрӯз, биҳамдуллоҳ, корҳо якрӯя гашт, бе он ки чашмзахме[10] уфтод ва худованд ҷавон асту бар ҷойи падар бинишаст ва муродҳо ҳосил гашту рӯзгоре сахт дароз аз ҷавонию мулк бархурдорӣ бошад. Ва ҳарчанд бандагони шоиста бисёранд ва даррасидаанд[11] ва низ дархоҳанд расидан, ин ҷо пире чанд аст фарсудаи хидмати Султон Маҳмуд, агар раъйи олӣ бинад, эшонро

---

[1] Хоразмшоҳ – унвони ҳокими Хоразм; мурод Олтунтош аст, ки пас аз забти Хоразм аз ҷониби Маҳмуд (соли 1017) ба ин мақом баргузида шуд.

[2] шаҳристон; қисми асосии шаҳрҳои асримиёнагӣ, он қисмат, ки дохили девори шаҳр буд. Берун аз девори шаҳрро рабад (рабаз) меномиданд.

[3] пешхона, пешгоҳи хона.

[4] Юсуф ибни Сабуктагин – бародари Маҳмуд, ки амак (амм)-и Масъуд буд.

[5] гурӯҳе ки мартабаашон тақозо мекард рост меистоданд ва гурӯҳе менишастанд.

[6] даст баланд кард, ишора кард.

[7] гарданбанд ва ришгаи марворид.

[8] сиккаҳои тиллоӣ, ки одатан ба ҳоҷибон ҳадя дода мешуд.

[9] манзур Рай ва Исфаҳон аст, ки Масъуд замони марги Маҳмуд бо фармони падар дар он ҷой буд.

[10] чашмзахм – озору нуқсоне, ки аз чашми бад ба касе ё чизе расад.

[11] тарбият шудаанд.

нигоҳ дошта ояд ва душман ком гардонида нашавад, ки пирояи[1] мулк пирон бошанд ва банда ин на аз баҳри худро мегӯяд, ки пайдост, ки бандаро муддат чанд мондааст, аммо насиҳатест, ки мекунад, ҳарчанд, ки худованд бузургтар аз он аст, ки ӯро ба насиҳати бандагон ҳоҷат ояд, валекин то зинда аст, шарти бандагиро дар гуфтани чунин суханон ба ҷой меоварад».

Султон гуфт: «Сухани Хоразмшоҳ моро баробари сухани падар аст ва он ба ризо[2] бишнавему насиҳати мушфиқонаи ӯро бипазирем. Ва кадом вақт будааст, ки ӯ маслаҳати ҷониби мо нигоҳ надоштааст? Ва он чӣ дар ин рӯзгор кард, бар ҳама равшан аст ва ҳеч чиз аз он чӣ гуфту набишт, бар мо пӯшида намондааст ва ба ҳаққи он расида ояд».

Хоразмшоҳ бар пой хосту замин бӯса дод ва бозгашт ҳам аз он дар, ки омада буд. Ва ҳоҷиб Алӣ низ бархост, ки бозгардад, Султон ишорат кард, ки бибояд нишаст ва қавм бозгаштанду Султон бо вай холӣ кард, чунонки он ҷо Мангитироки ҳоҷиб буд ва Бусаҳли Завзанию Тоҳири дабиру Ироқии дабир истода ва Бадри ҳоҷиби сароӣ истода, силоҳдорон гирди тахт ва ғуломе сад вусоқиён[3]. Султон ҳоҷиби бузургро гуфт: «Бародарам Муҳаммадро он ҷо ба Кӯҳтез бибояд дошт ва ё ҷойи дигар, ки акнун бад-ин гармӣ[4] ба даргоҳ овардан рӯй надорад[5]. Ва мо қасди Балх дорем ин зимистон, он гоҳ вақти баҳор чун ба Ғазнин расидем, он чӣ раъй воҷиб кунад, дар боби вай фармуда ояд». Алӣ гуфт: «Фармон имрӯз худовандро бошад ва он чӣ раъйи олӣ бинад, мефармояд. Кӯҳтез устувор аст ва ҳоҷиб Багтагин дар пойи қалъат мунтазири фармон аст». Гуфт: «Он хурда[6], ки бо кадхудояш Ҳасан гусел кард, сӯйи Гузгонон ҳоли он чист?» Алӣ гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, Ҳасан онро ба қалъати Шодёх расонидааст ва ӯ марде пухтаву оқибатнигар аст; чизе накардааст, ки аз ӯҳдаи он берун натавонад омад. Агар раъйи олӣ бинад, магар савоб бошад, муътамаде ба таъҷил биравад ва он хизонаро биёварад». Гуфт: «Бисмиллоҳ, бозгард ва фуруд ой, то биёсоӣ, ки бо ту тадбиру шуғл бисёр аст». Алӣ замин бӯса доду бархост ва ҳам аз он ҷониби боғ, ки омада буд, роҳ карданд мартабадорон, бирафт.

---

[1] ороиш.
[2] хушнудӣ.
[3] вусоқ (висоқ) – ҳуҷра, уток; вусоқиён – ғуломоне, ки дар ҳуҷрае наздик ба қасри султон мезистаанд.
[4] шитоб
[5] шоиста нест.
[6] манзур, каме маблағ аз хазина аст, ки дар давоми ҷумла равшан мегардад.

Султон Абдусро гуфт: «Бар асари ҳоҷиб бираву бигӯй, ки пайғоме дигар аст, як соат дар суффае, ки бо мо наздик аст, биншин». Абдус бирафт, Султон Тоҳири дабирро гуфт, ҳоҷибро бигӯй лашкарро бистгонӣ[1] то кадом вақт додааст ва кадом кас сохтатар бошад, ки фавҷе ба Макрон[2] хоҳем фиристод, то Исои мағрурро[3] барандозад, ки осигуна шудааст ва Буласкари[4] бародараш, ки муддатест, то аз вай гурехта омадааст ва бар даргоҳ аст, ба ҷойи вай бинишонда ояд. Тоҳир бирафту бозомад ва гуфт, ки ҳоҷиб мегӯяд, ки бистгонии лашкар то охири сол ба тамомӣ дода омадааст ва сахт сохтаанд[5], ҳеч узр натавонанд оварда ва ҳар касро, ки фармон бошад, биравад. Султон гуфт: «Сахт нек омадааст, бояд гуфт ҳоҷибро, то бозгардад!»

Ва Мангитироки ҳоҷиб замин бӯса доду гуфт: «Худованд дастурӣ диҳад, ки банда Алӣ имрӯз наздики банда бошад ва дигар бандагон, ки бо ваянд, банда мисол додааст, шӯрбое сохтан[6]». Султон ба тозарӯйӣ[7] гуфт: «Сахт савоб омад! Агар чизе ҳоҷат бошад, хидматкорони моро бибояд сохт». Мангитирок дигар бор замин бӯса доду ба нишот бирафт ва кадом бародар ва Алиро меҳмон медошт, ки Алиро устувор карда буданд[8] ва он пайғом бар забони Тоҳир ба ҳадиси лашкар ва Макрон риҳун фи-л қафас[9] будааст. Рост карда буданд, ки чӣ бояд кард ва Ғозии сипаҳсолорро фармуда, ки чун ҳоҷиби бузург пеши Султон расад, дарвақт сохта бо саворе анбуҳ пазираи бунаи ӯ равӣ ва ҳама пок ғорат кунӣ. Ва Ғозии сипаҳсолор рафта буд. Мангитироки ҳоҷиб чун берун омад, ӯро бигуфтанд: «Инак ҳоҷиби бузург дар суффа аст». Чун ба суффа расид, сӣ ғулом андар омаданд ва ӯро бигирифтанду қабову кӯлоҳу мӯза аз вай ҷудо карданд[10], чунонки аз он бародараш карда буданд ва дар хонае бурданд, ки дар паҳлуи он суффа буд. Фаррошон

---

[1] бистгонӣ – маоши лашкар.
[2] Макрон (Мукрон) – вилояте, ки дар шарқии Кирмон ва ҷанубии Систон воқеъ буд.
[3] Исои саркаш, ёғӣ - волии вилояти Макрон, ки бар зидди дарбори Ғазна шӯрида буд.
[4] Буласкар – бародари Исо, ки дарбори Ғазна ӯро бар зидди бародараш истифода мебарад.
[5] яъне лашкар маош гифтаву омодаи ҷанганд.
[6] шӯрбо пухтаанд.
[7] тозарӯйӣ – табъи хӯш.
[8] дар банд карда буданд.
[9] тарҷ: бод дар қафас; яъне чизе ботили беҳақиқат.
[10] яъне либосҳои расмияшро кашиданд.

эшонро ба пушт бардоштанд, ки бо банди гарон буданд ва кона охира-л аҳди биҳимо[1].

Ин аст ҳоли Алӣ ва рӯзгорашу қавмаш, ки ба поён омад. Ва аҳмақ касе бошад, ки дил дар ин гетии ғаддори[2] фирефтакор банда-ду неъмату ҷоҳу вилояти ӯро ба ҳеч чиз шумурад[3] ва хирадмандон бад-ӯ фирефта нашаванд. Ва Аттобӣ[4] сахт некӯ гуфтааст:

Зарини наҷиъни майтати мутмаъинатан,
Ва лам атаҷашшам ҳавла тилка-л маворидиҳ.
Фа инна ҷасимоти-л умури манутатун,
Би муставдаъотин фи бутуни-л аводиди[5]

Ва бузург мардо, ки домани қаноат тавонад гирифту ҳирсро гардан фурӯ тавонад шикаст ва Писари Румӣ[6] дар ин маънӣ низ тир бар нишона задаасту гуфтааст:

Изо мо касокаллоҳу сирбола сиҳатин,
Ва аътока мин қутин яҳиллу ва яъзубу.
Фа ло тағбитанна-л муксирина фа иннамо,
Ало қадри мо йутиҳиму-д-даҳру йаслубу[7]

Ва устод Рӯдакӣ гуфтаасту замонаро нек шинохтааст ва мардумонро бад-ӯ шиносо карда. Шеър:

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи тимор аст.
Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор?
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст.
Дониши ӯ на хубу чеҳраш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст.

---

[1] ин охирин дидори он ду тан буд.

[2] бевафо.

[3] маънои ҷумла он аст, ки мақому фармонравоийи дунявӣ ҳеч аст, балки камтар аз ҳеч.

[4] Амр ибни Кулсум ал-Аттобӣ (ваф. соли 823) – шоир ва котиби давраи Аббосиён.

[5] Доктор Файёз асли абётро пайдо карда, дар матни «Таърихи Байҳақӣ» ҳамроҳ кардааст, ки тарҷумаи он чунин аст: Ай зан, маро бигузор, то маргам ором фароз ояд, ман тарси ин маворид (пойгоҳҳои баланд)-ро таҳаммул намекунам. Ҳамоно мақомҳои воло ба заҳр дар шиками морони бузурги сиёҳи ба вадиъа ниҳодашуда олуда аст.

[6] Абулҳасан Алӣ ибни Аббос ибни Ҷареҳ маъруф ба Ибни Румӣ, ки падараш румӣ ва модараш тоҷик (эронӣ) буд. Ӯ ашъори ҳаҷвӣ ва шаҳвонӣ месуруд ва саранҷом байни солҳои 889-896 ба қатл расид.

[7] тарҷ: Чун Худо бар ту ҷомаи тандурустӣ бипӯшонад ва аз рӯзии ҳалоли гуворо баҳрамандӣ диҳад, пас бар ҳоли молдорон ғибта махӯр (орзу макун), зеро рӯзгор ба ҳамон андозае, ки ба онон медиҳад, боз меситонад.

Ва Алиро, ки фурӯ гирифтанд, зоҳир он аст, ки ба рӯзгор[1] фурӯ гирифтанд чун Бумуслим[2] ва дигаронро, чунонки дар кутуб пайдост. Ва агар гӯянд, ки дар дил дигар дошт, Худойи азза ва ҷалла тавонад донист замири бандагонро, маро бо он коре нест ва сухан рондан кори ман аст ва ҳамагон рафтанд ва ҷое гирд хоҳанд омад, ки розҳо ошкор шавад. Ва баҳонаи хирадмандон, ки забон фарои ин муҳташами бузург тавонистанд кард он буд, ки гуфтанд «Вайро ба амир нишондану амир фурӯ гирифтан чӣ кор буд?». Ва чун рӯзгори ӯ бад-ин сабаб ба поён хост омад, бо қазо чун баромадӣ?! Наузу бил-лоҳи мин қазои-л ғолиби суъ![3]

Ва чун шуғли бузурги Алӣ ба поён омад ва сипоҳсолор Ғозӣ аз пазираи бунаи вай бозгашт ва ғуломону буна ҳар чӣ дошт, ғорат шуда буд ва бим буд, ки аз бунаи авлиёву ҳашам ва қавме, ки бо вай меомаданд низ ғорати бисёр шудӣ. Аммо сипоҳсолор Ғозӣ нек эҳтиёт карда буд, то касеро риштаи торе зиён нашуд. Ва қавми маҳмудӣ аз ин фурӯ гирифтани Алӣ нек бишкуҳиданд[4] ва доман фароҳам гирифтанд[5]. Султон Абдусро наздики Хоразмшоҳ Олтунтош фиристоду пайғом дод, ки «Алӣ то ин ғоят[6] на он кард, ки андоза ва пойгоҳи ӯ буд. Чиро ба Хоразмшоҳ нанигаристу иқтидо[7] ба ӯ накард? Ва ӯро бо овардани бародарам чӣ кор буд? Сабр бояст кард то мо ҳам омадеме ва яке будӣ аз авлиёву ҳашам, он чӣ эшон кардандӣ, вай низ бикардӣ. Ва агар бародарамро оварда, бевафоӣ чиро кард? Ва Худойро, азза ва ҷалла, чиро бифрӯхт ба савгандони гарон, ки бихӯрд?[8] Ва вай дар дил хиёнат дошт ва он ҳама моро муқаррар гашт, то ӯро нишонда[9] омад, ки салоҳ дар нишондани ӯ буд. Ба ҷони ӯ осебе нахоҳад буд ва ҷое бинишондандаш ва некӯ медоранд, то он гоҳ, ки раъйи мо дар боби ӯ хуб шавад. Ин ҳол бо Хоразмшоҳ аз он гуфта омад, то вайро сурат дигаргуна набандад!»[10]

Ва Хоразмшоҳ Олтунтош ҷавоб дод, ки салоҳи бандагон дар он аст, ки худовандон фармоянд ва он чӣ раъйи олӣ бинад, ки битавонад дид. Ва банда Алиро бад-он насиҳат карда буд аз Хоразм чӣ ба нома ва чӣ ба пайғом, ки он муболағатҳо намебояд кард.

---

[1] ба тадрич.

[2] Абумуслими Хуросонӣ, ки Аббосиёнро рӯйи кор овард ва ҳам ба дасти онҳо (соли 755) кушта шуд.

[3] тарҷ: аз қазои бад ба Худо паноҳ мебарам!

[4] тарсиданд.

[5] доман ҷамъ карданд, то ба сарнавишти Алӣ дучор наоянд.

[6] ҳадд.

[7] пайравӣ.

[8] маънои ҷумла: чаро ба савгандҳои дурӯғ риёкорӣ карда онҳоро шикаст?

[9] яъне зиндон шуд.

[10] дигар хел тасаввур накунад.

Аммо дар миёна коре бузург шуда буд, некӯ бинашнуд[1] ва қазо чунин буд ва мард ҳам ном дораду ҳам шаҳомат дорад ва чун ӯ зуд ба даст наёяд ва ҳосидону душманон дорад ва хешованд аст[2], худованд ба гуфтори бадгӯён ӯро ба бод надиҳад[3], ки чун ӯ дигар надорад. Ва Амир ҷавоб фиристод, ки «Чунин кунам ва Алӣ маро ба кор аст шуғлҳои бузургро ва ин молише[4] ва дандоне[5] буд, ки бад-ӯ намуда омад».

Аз Мусъадӣ шунудам вакили дар[6], ки Хоразмшоҳ сахт навмед гашту ба дасту пой бимурд[7], аммо таҷаллуде[8] тамом намуд, то ба ҷой наёранд, ки вай аз ҷой бишудааст[9]. Ва пайғом дод сахт пӯшида сӯйи Бунасри Мушкон ва Булҳасани Уқайлӣ, ки «Ин аҳвол чунин хоҳад рафт, Алӣ чӣ карда буд, ки бояст бо вай чунин равад ва ман ба рӯйи кор бидидам, ин қавми навхоста[10] нахоҳанд гузошт, ки аз падариён[11] як тан бимонад. Тадбир он созанд ва латоифулҳиял[12] ба кор оранд, то ман зудтар бозгардам, ки осори хайру равшанойӣ намебинам». Ва Булҳасан, чунонки ҷавобҳои зафти[13] ӯ будӣ, гуфт: «Ай Мусъадӣ, маро ба хештан бигузор, ки Султон маро ҳам аз падариён медонад, аммо чун муқаррар аст Султонро, ки ғарази ман андар он чӣ гӯям, ҷуз салоҳ нест, ин корро миён бастам[14] ва ҳам имрӯз гирди он бароям, то мурод ҳосил шавад ва Хоразмшоҳ ба муроди дили дӯстон бозгардад ва ҳарчанд, ки ин қавми навхоста кор

---

[1] нашунид.

[2] Алӣ аз хешовандони Маҳмуд буд, аз ин рӯ ӯро Алии Қариб (наздик, хеш) мегуфтанд.

[3] аз байн набарад, беҳуда накушад.

[4] гӯшмол.

[5] «дандон намудан» – иборае, ки ҳангоми тарсонидани касе ба кор баранд. Низомӣ мегӯяд:

Набояд шуд аз хандаи шаҳ далер,
На хандаст, дандон намудан зи шер!

[6] вакили дар – яке аз мансабдорон, ки ҳамчун намояндаи волиёни музофот дар дарбор ҳисобида шуда, корҳои ононро ичро мекард; вакили афроди баландпоя дар дарбор.

[7] шадидан тарсид, ё он гуна, ки миёни мардум дар ин ҳол мегӯянд: «ҷон аз дасту пояш баромад».

[8] чобукӣ.

[9] ҳашмгин шудааст.

[10] навдавлат.

[11] ҷонибдорони падар ё маҳмудиён; манзур аъёну акобир ва наздикон Маҳмуд.

[12] ҳилаву найрангҳои нозук.

[13] дурушт.

[14] тасмим гирифтам.

эшон доранд[1], охир ин Амир дар ин абвоб сухан бо падариён мегӯяд, ки эшонро ба рӯзгор дидаву озмудааст».

Ва Бунасри Мушкон гуфт: «Сипос дораму миннат пазирам ва Султон маро некӯ бинавохтаасту умедҳои некӯ карда ва аз сиқот[2] шунудам, ки роҳ надодааст[3] касеро ба боби ман сухан гӯяд. Ва ин ҳама рафтааасту гуфта, аммо ҳанӯз бо ман ҳеч сухан нагуфтааст дар ҳеч боб. Агар гӯяд ва аз маслаҳате пурсад, нахуст, ҳадиси Хоразмшоҳ оғоз кунам, то бар мурод бозгардад. Ва аммо ба ҳеч ҳол рӯй надорад, ки бо вай[4] аз ҳадиси рафтан фурӯ ниҳанду бардоранд ва агар бо вай дар ин боб сухане гӯянд, савоб он аст, ки гӯянд, вай пир шудаасту аз вай коре намеояд; муроди вай он аст, ки аз лашкарӣ[5] тавба кунад ва ба турбати Амири мозӣ[6] бинишинаду фарзанде аз они худованд[7] ба хоразмшоҳӣ равад, то фарзандони мани банда ва ҳар кӣ дорад пеши он худовандзода биистанд[8], ки он корест рост биниҳода. Чун бар ин ҷумла гӯянд, дар вай напечанд[9] ва вайро ба зудӣ бозгардонанд, чӣ донанд, ки он сағр[10] ҷуз ба ҳишмати вай мазбут[11] набошад!»

Хоразмшоҳ Олтунтош бад-ин ду ҷавоб, хосса ба сухани Хоҷа Бунасри Мушкон қавидилу сокин гашту биёромид ва дам даркашид[12]. Ва Султон маншуре фиристод ба номи сипоҳсолор Ғозӣ ба вилояти Балху Самангон[13] ва касони вай онро ба Балх бурданд ба зудӣ, то ба номи вай хутба кунанд. Ва корҳо пеш гирифтанд ва сухан ҳама сухани Ғозӣ буду[14] халватҳо дар ҳадиси лашкар бо вай мерафт. Ва падариёнро нек аз он дард меомад[15] ва межакиданд[16] ва охир бияфкандандаш[17], чунонки биёрам пас аз ин. Ва Саъиди Сарроф, кадхудои Ғозӣ, ба осмон шуд[18], ва ли кулли қавмин йавмун[19]. Ва

---

[1] яъне, кор ба дасти онҳост.
[2] афроди мавриди итминону эътимод.
[3] рухсат надодааст.
[4] яъне, бо Амир Масъуд.
[5] кори сипоҳу лашкар
[6] мазори Султон Маҳмуд
[7] Масъуд
[8] ба хидмати он шоҳзода қиём кунанд.
[9] сахтгирӣ накунанд.
[10] марз.
[11] нигоҳдошта.
[12] хомӯш монд.
[13] Самангон – аз шаҳрҳои Тахористон (дар ҳудуди Афғонистони имрӯз).
[14] яъне, гап дар даҳони Ғозӣ буд; дар ҳамаи масоил ӯ нақш дошт.
[15] нороҳат мешуданд.
[16] зери лаб аз қаҳр сухан мегуфтанд.
[17] сарнагунаш карданд; аз мақоми сипоҳсолорӣ барканораш карданд.
[18] кораш олидараҷа шуд.
[19] тарҷ: барои ҳар қавме рӯзи саъодатест

алҳақ, на зебо буд дар кор, аммо як чиз хато кард, ки ӯро бифиреф-танд, то бар худовандаш муширф бошад[1] ва фирефта шуд ба хилъатеву сохти зар[2], ки ёфт, ин муширфӣ бикард ва худовандаш дар далв шуд[3] ва ӯ низ. Ва чокарпешаро пирояи бузургтар ростист. Ва аз паси баруфтодани сипаҳсолор Ғозӣ Саъид дар осиёи рӯзгор бигашт[4] ва хосту уфтод ва бар шуғл буд ва набуд то баъда-л иззи ва-р-рифъати сора ҳорис-а-д-Дичла[5]. Акнун дар санаи хамсина[6] ба Мултон[7] аст дар хидмати хоҷаи амид Абдураззоқ[8], ки чанд сол аст, ки надимии ӯ мекунад байғула[9] ва дами қаноате гирифта. Ва шумоёнро аз ин ахбор тафсиле дорам сахт равшан, чунонки оварда ояд, иншоаллоҳу таъоло.

Ва кори вазир Ҳасанак ошуфта гашт, ки ба рӯзгори ҷавонӣ нокарданиҳо карда буд ва забон нигоҳ нодошта ва ин Султони бузурги муҳташамро хир-хир[10] биёзурда. Ва шоир некӯ мегӯяд:

Иҳфаз лисонака ло тақулу фа-тубтало
Инна-л балоа муваккалун би-л мантиқи[11]

Ва дигар дар боби ҷавонон бағоят некӯ гуфтааст:

Инна-л умура иза-л аҳдосу даббараҳо
Дуна-ш-шуйухи таро фӣ баъзиҳо халало[12]

Ва аз Буалии Исҳоқ шунудам, гуфт: Бумуҳаммади Микойил гуфтӣ: «Чӣ ҷойи баъзест, ки фи куллиҳо халало[13]».

---

[1] муширф – нозир будан ва пинҳонӣ аз кори касе гузориш додан; ҷосусӣ кардан.
[2] зину барги заррини асб
[3] аз пой даромад, гирифтор шуд
[4] рӯзгор ки чун осиёб гардад ӯро ҳам хурд (майда) кард
[5] тарҷ: баъд ва бузургӣ ва волоӣ нигаҳбони Дачла шуд; яъне аз мақоми баланд ба ҷое паст фаромад.
[6] панҷоҳум; мурод соли 450 ҳичрӣ аст, ки баробар аст бо соли 1058-1059-и милодӣ.
[7] шаҳре буд миёнаи Қандаҳор ва Лоҳур ва аз музофоти Синд, ки имрӯз дар ҳудуди Покистон аст.
[8] Хоҷа Абдураззоқ – фарзанди Ҳасани Маймандӣ, ки дар аҳди Мавдуд ба мақоми вазирӣ расид.
[9] гӯшанишин
[10] беҳуда ва бесабаб.
[11] тарҷ: забонатро нигоҳ дор то мубталову гирифтор нашавӣ. Ба дурустӣ, ки бало вобаста ба гуфтор аст.
[12] тарҷ: ҳамоно чун ҷавонони ноозмуда ба тадбири корҳо пардозанд, на пирони ҷаҳондида, дар ҳар як аз умур табоҳӣ ва рахнае бинӣ.
[13] яъне вақте Бумуҳаммад ин шеъри арабиро шунид, гуфт: «На дар баъзе корҳо, балки дар ҳамаи онҳо халал хоҳӣ дид».

Ва вазир Бусаҳли Завзанӣ[1] бо вазир Ҳасанаки маъзул сахт баддил буд, ки дар рӯзгори вазорат бар вай истихфофҳо[2] кардӣ, то хашми Султонро бар вай доимӣ медошт ва ба Балх расонид бад-ӯ он чӣ расонид. Акнун ба оҷили-л-ҳол[3] Бусаҳл фармуд, то вазир Ҳасанакро ба Алии Роиз супурданд, ки чокари Бусаҳл буд, то ӯро ба хонаи хеш бурд ва бад-ӯ ҳар чизе расонид аз анвои истихфоф. Ва Бусаҳли Завзаниро дар он чӣ рафт, мардумон дар забон гирифтанд[4] бад гуфтанд, ки мардумони бузург ном бад-он гирифтанд, ки чун бар душман даст ёфтанд, некӯӣ карданд, ки он некӯӣ бузургтар аз истихфоф бошад, ва-л-афву инда-л қудрати[5] сахт сутуда аст ва низ омадааст дар амсол, ки гуфтаанд: изо малакат фа-асҷиҳ[6]. Аммо Бусаҳл чун ин воҷиб надошт[7] ва дил бар вай хуш кард ба мукофот, на Бусаҳл монду на Ҳасанак. Ва ман ин фусул аз он ҷиҳат рондам, ки магар касеро ба кор ояд.

Ва Баҳроми нақиброи[8] номзад кард Бусаҳли Завзанӣ бо мисоли тавқеӣ[9] ва сӯйи Ҷанкӣ[10] ба дари Кашмир, то Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасанро[11], разияллоҳу анҳу, дарвақт бигушояд ва азизан мукарраман[12] ба Балх фиристад, ки муҳиммоти мулкро ба кор аст ва Ҷанкӣ бо вай биёяд, то ҳаққи вайро гузорда ояд бар он, ки ин Хоҷаро умеди некӯ кард ва хидмат намуд ва чун Султони мозӣ гузашта шуд, ӯро аз душманонаш нигоҳ дошт. Ва Баҳромро баробари эшон фиристода омад[13], ки Бусаҳл ба рӯзгори гузашта тангҳол[14] буд ва хидмату таъдиби[15] фарзандони Хоҷа карда буд ва аз вай бисёр некӯиҳо дида; хост, ки дар ин ҳол мукофоте кунад. Ва душманони Хоҷа чун аз ин ҳол хабар ёфтанд, нек битарсиданд. Ва

---

[1] Завзанӣ расман ҳеч гоҳ бар мансаби вазирӣ нарасида буд, аммо дар оғози салтанати Масъуд вазири ғайрирасмӣ буд ва киноияи Байҳақӣ ҳам ба ин нақшофаринии Бусаҳл ишора мекунад.
[2] хор доштан.
[3] фавран.
[4] маломат карданд, бадгӯӣ карданд.
[5] тарҷ: гузашт дар ҳангоми тавоноӣ некӯ аст.
[6] чун тавоно шудӣ, некӯӣ ва гузашт кун.
[7] яъне афву гузаштро бар худ воҷиб накард.
[8] нақиб – саркардаи чанд нафар аз низомиён.
[9] фармони тавқеъӣ, ки муҳри амир бар он бошад.
[10] Ҷанкӣ (дар баъзе нусхаҳо Чангӣ) номи яке аз низомиёни ҳиндӣ, ки нигаҳбони қалъа дар Колинҷар буд.
[11] Аҳмад Ҳасани Маймандӣ – вазири Маҳмуд, ки дар ин вақт дар зиндон буд.
[12] гиромиву арҷманд.
[13] назди онон (Хоҷа ва Ҷанкӣ) бад-он сабаб фиристода шуд.
[14] тиҳидаст, муфлис.
[15] таъдиб – адабомӯзӣ, дарс.

биёрам ин қисса, ки хоҷа ба Балх ба чӣ таърих ва ба чӣ ҷумла омад ва вазорат бад-ӯ дода шуд.

Ва устодам, Хоҷа Бунасри Мушкон, сахт тарсон мебуд ва ба девони рисолат наменишаст. Ва Тоҳир мебуд ба девон ва кор бар вай мерафт[1]. Чун як ҳафта бигузашт, Султон Масъуд, раҳматуллоҳу, вайро бихонду бинишонд ва бисёр бинавохту гуфт: «Чиро ба девони рисолат наменишинӣ?» Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, Тоҳир онҷост ва мардест сахт кофиву[2] бакоромада ва аҳволу одоти худованд нек дониста ва банда пир шудаасту аз кор бимонда ва агар раъйи олӣ бинад, то банда ба даргоҳ меояд[3] ва хидмате мекунад ва ба дуъо машғул мебошад[4]». Гуфт: «Ин чӣ ҳадис аст? Ман туро шиносам ва Тоҳирро нашиносам, ба девон бояд рафт, ки муҳиммоти мулк бисёр аст ва мебояд, ки чун ту даҳ тан астӣ[5] ва нест; ҷуз туро надорем; кай рост ояд, ки ба девон нанишинӣ? Эътимоди мо бар ту даҳчандон аст, ки падари моро будааст; ба кор машғул бояд буд ва ҳамон насиҳатҳо, ки падарамро кардаӣ, мебояд кард, ки ҳама шунуда ояд, ки моро рӯзгоре дароз аст, то шафақату[6] насиҳати ту муқаррар аст».

Вай расми хидмат ба ҷой овард ва бо иъзозу[7] икроми тамом вайро ба девони рисолат фиристод ва сахт азиз шуд ва ба халватҳову тадбирҳо хондан гирифт[8]. Ва Бусаҳли Завзанӣ камони қасду асабият[9] ба зеҳ кард ва ҳеч бад гуфтан ба ҷойгоҳ наяфтод, то бад-он ҷойгоҳ, ки гуфт: «Аз Бунаср сесад ҳазор динор битавон истад[10]». Султон гуфт: «Бунасрро ин зари бисёр нест ва аз куҷо истад? Ва агар ҳастӣ, кифояти ӯ моро беҳ аз ин мол. Ҳадиси вай кӯтоҳ бояд кард, ки ҳамдостон[11] нестам, ки низ[12] ҳадиси ӯ кунед». Ва бо Булаълои табиб бигуфту аз Бусаҳл шикоят кард, ки «дар боби Бунаср чунин гуфт ва мо чунин ҷавоб додем» ва ӯ бо Бунаср бигуфт.

Ва аз Хоҷа Бунаср шунудам, гуфт: «Маро дар ин ҳафта як рӯз Султон бихонду холӣ кард ва гуфт: ин корҳо якрӯя шуд, биҳамду-

---

[1] яъне ӯ кор мекард
[2] коргузори нек ва бокифоят
[3] биёяд
[4] шавад
[5] маънои ҷамла: кошкӣ монанди ту даҳ тан будӣ
[6] дилсӯзӣ
[7] гиромидошт
[8] маънои ҷумла: дар маҷлисҳои хосса ва барои маслаҳат Бунасри Мушконро даъват мекард
[9] таассуб
[10] ситонидан
[11] мувофиқ
[12] дигар

ллоҳи ва манниҳи[1], ва раъй бар он қарор мегирад, ки бад-ин зудӣ сӯйи Ғазнин наравем ва аз ин ҷо сӯйи Балх кашем[2] ва Хоразмшоҳро, ки инҷосту ҳамеша аз вай ростӣ дидаем ва дар ин рӯзгор бисёр ғанимат аст, аз ҳадд гузашта бинавозему ба хубӣ бозгардонем. Ва бо Хониён[3] мукотабат кунем ва аз ин ҳолҳо бо эшон сухан гӯем, то он гоҳ, ки расулон фиристода ояд ва аҳдҳо тоза карда шавад ва баҳоргоҳ сӯйи Ғазнин биравем». Ту дар ин боб чӣ гӯйӣ?» Гуфтам: «Ҳар чӣ худованд андешидааст, айни савоб аст ва ҷуз ин ки мегӯяд, нашояд кард». Гуфт: «Беҳ аз ин мехоҳам, беҳишмат[4] насиҳат бояд кард ва айби ин корҳо боз намуд». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, дорам насиҳате чанд, аммо андешидам, ки душвор ояд, ки сухани талх бошад ва суханоне, ки банда насиҳатомез боз намояд, худованд бошад, ки бо хоссагони хеш бигӯяд ва эшонро аз он нохуш ояду гӯянд: – Бунасрро басанда нест, ки некӯ бизиста бошад[5] даст фарои вазорату тадбир кард; ва салоҳи банда он аст, ки ба пешаи дабирии хеш машғул бошад ва чашм дорад, ки вайро аз дигар суханон афв карда ояд».

Гуфт: «Албатта ҳамдостон набошам ва касро заҳра нест, ки дар ин абвоб бо ман сухан гӯяд, чӣ маҳалли ҳар кас пайдост».[6] Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, чун фармони олӣ бар ин ҷумла аст, нуктае ду-се боз намояд ва дар боз намудани он ҳаққи неъмати ин хонадони бузургро гузорда бошад. Худовандро бибояд донист, ки Амири мозӣ марде буд, ки вайро дар ҷаҳон назир набуд ба ҳама бобҳо ва рӯзгори ӯ аруси оростаро монаст[7] ва рӯзгор ёфту корҳоро некӯ тааммул кард ва даруну беруни он бидонисту роҳе гирифт ва роҳи рост ниҳоду онро бигузошту бирафт. Ва бандаро он хуштар ояд, ки имрӯз бар роҳи вай рафта ояд ва гузошта наёяд[8], ки ҳеч касро тамкини он бошад, ки худовандро гӯяд, ки «Фулон кори бад кард, беҳтар аз он мебояст», то ҳеч халале наяфтад. Ва дигар ин, ки

---

[1] бо сипосгузорӣ аз Худованд ва неъматбахшии Ӯ

[2] биравем

[3] Қарохониён, Илакхониён ё Оли Афросиёб – силсилаи туркие, ки соли 999 ба ҳукумати Сомониён хотима бахшида, муддати тулонӣ бар Мовароуннаҳру Туркистони Шарқӣ ҳукумат кардаанд. Барои иттилоъи бештар ниг. ба Фурӯзонӣ Саййид Абулқосим. Қарохониён – бунёнгузори нахустин силсилаи турки мусалмон дар Фароруд (Осиёи Миёна). -Теҳрон, 1389; Караев О. История Караханидского каганата. Фрунзе, 1983.

[4] бешару бим

[5] маънои ҷумла: атрофиёни Масъуд шояд бигӯянд, ки Бунаср (ки аз маҳмудиён буд) зинда мондааст кофӣ нест.

[6] мақоми ҳар кас маълум аст.

[7] монанд аст.

[8] иҷозат дода нашавад.

ин ду лашкари бузургу[1] раъйҳои мухолиф якрӯяву яксухан гашт, ҳама рӯйи заминро бад-эшон қаҳр тавон кард ва мамлакатҳои бузургро бигрифт, бояд, ки бар ин ҷумла боз оянду бимонанд. Имрӯз банда ин миқдор боз намудам ва муъзам[2] ин аст. Ва банда то дар миёни кор аст ва сухани вайро маҳалли шунудан бошад, аз он чӣ дар он салоҳ бинад, ҳеч боз нагирад».[3] Гуфт: «Сахт некӯ сухане гуфтӣ ва пазируфтам, ки ҳамчунин карда ояд». Ман дуъо кардаму бозгаштам ва ҳаққан сумма ҳаққо[4], ки ду ҳафта бар наёмад ва аз Ҳирот рафтан уфтод, ки он қоидаҳо бигардонида буданд.

Ва аз хатоҳои бузург, ки рафта буд, пеш аз он, ки Амир Масъуд аз Нишобур ба Ҳирот омадӣ, донистанд, ки Султон чун мешунуд ва аз Ғазнин ахбор мерасид, ки «лашкарҳо фароз меояд ва ҷангро месозанд» ва ба зиёдати мардум ҳоҷатманд гашту хотири олии хешро ҳар ҷое мебурд, расуле номзад кард, то наздики Алитагин[5] равад, марде сахт ҷалд[6], ки вайро Абулқосими Раҳҳол гуфтанд ва нома набиштанд, ки «Мо рӯй ба бародар дорем, агар амир дар ин ҷанг бо мо мусоидат кунад, чунонки худ ба нафси хеш ҳозир ояд ва ё писаре фиристад, бо фавҷе[7] лашкари қавии сохта, чун корҳо ба мурод гардад[8], вилояте сахт бо ном, ки бар ин ҷониб аст[9], он ба номи фарзанде аз они ӯ карда ояд».

Ва носеҳони[10] вай боз нанамуда буданд, ки ғавру ғояти ин ҳадис бузург аст ва Алитагин бад-ин як ноҳият боз наистад[11] ва вайро орзуҳои дигар хезад, чунонки нодода омад, як ноҳият, ки хост[12]. Ва чун Хоразмшоҳ Олтунтош мард дар сари Алитагин шуд[13] ва

---

[1] манзур тарафдорони Масъуд ва Муҳаммаданд.
[2] бахши бузургтар.
[3] дареғ надорад.
[4] ба ростӣ ва дурустӣ бояд гуфт.
[5] Алитагин-яке аз намояндагони сулолаи қарохонӣ, ки ҳокими Самарқанду Бухоро буда, бо дигар бахшҳои давлати қарохонӣ дар мубориза буд. Маҳмуд соли 1025 ӯро таъқиб карда, натавонист дастгир намояд. Ӯ яке аз душманони сарсахти Ғазнавиён буд.
[6] чолоқ, бошаҳомат.
[7] гурӯҳе.
[8] яъне агар пирӯз гардем (бар бародари худ).
[9] шояд дар асли матн «он ҷониб» буда, зеро тарзе баъдтар дида мешавад, мурод аз ин вилоят Хатлон аст, ки аз дарёи Омӯ ин сӯ ҷойгир буда, Масъуд онро ба Алитагин ваъда дода, вале ба ваъда вафо накард.
[10] насиҳатгарон; мушовирон.
[11] қонеъ нашавад.
[12] маънои ҷумла: (Алитагин) як вилоят хост, надодем, дар фикри иғвову душманӣ баромад.
[13] яъне марде чун Олтунтош дар моҷарои Алитагин аз даст рафт (кушта шуд).

Чағониён[1] ғорат кард, чунонки пас аз ин дар таърихи солҳо, ки ронам, ин ҳолҳоро шарҳ кунам.

Ва дигар саҳв он буд, ки туркмононро, ки мустаи[2] Хуросон бихӯрда буданд ва Султони мозӣ эшонро ба шамшер ба Балхонкӯҳ[3] андохта буд, истимолат карданду бихонданд, то зиёдати лашкар бошад. Ва эшон биёмаданд, Қизилу Буқаву Кӯктошу[4] дигар муқаддамон ва хидмате чанд сара[5] бикарданд ва охир биёзурданд[6] ва ба сари одати хеш, ки ғорат буд, боз шуданд[7], чунонки боз намоям, то солоре чун Тошфаррош ва навоҳии Рай ва Ҷибол дар сари эшон шуд ва ин тадбир, ки на боз намуданд[8], ки чанд ранҷ расид Арслонҷозибро ва Ғозии сипаҳсолорро то он гоҳ, ки он туркмононро аз Хуросон берун карданд ва ло марадда ли-қазои-л-лоҳи азза зикруҳу[9].

Ин туркмонон ба хидмати Султон омада буданд ва вай Хумортоши ҳоҷибро сипоҳсолори эшон кард. Дар ин вақт ба Ҳирот раъяш[10] чунон уфтод, ки лашкар ба Макрон фиристад бо солоре муҳташам то Буласкар, ки ба Нишобур омада буд аз чанд сол боз гурехта аз бародар, ба Макрон нишонда ояд ва Исои мағрури осиро барканда шавад[11]. Пас ба мушовирати Олтунтош ва сипоҳсолор Ғозӣ Роқтағмиши Ҷомадор[12] номзад шуд ба солории ин шуғл бо чаҳор ҳазор савори даргоҳӣ ва се ҳазор пиёда. Ва Хумортоши ҳоҷибро низ фармуданд, то ин туркмонон бо вай рафтанд, чунонки бар мисоли[13] Ҷомадор кор кунанд, ки солор вай аст ва эшон сохта аз Ҳирот рафтанд сӯйи Макрон ва Буласкар бо эшон.

---

[1] Чағониён – вилояте дар водии дарёи Сурхондарё, ки маркази он Деҳнав маҳсуб мегашт.
[2] муста – туъмаи мурғони шикорӣ.
[3] Балхонкӯҳ – кӯҳҳое дар ҳудуди Туркманистон.
[4] Қизил, Буқа, Кӯктош – номи се нафар аз пешвоёни туркмонҳо, ки Масъуд онҳоро ба артиш ва ҷанг бо бародараш Муҳаммад даъват мекунад.
[5] писандида.
[6] ранҷиданд.
[7] баргаштанд.
[8] ошкор накарданд, нагуфтанд
[9] ҳукми Худованди бузургу тавоноро ҳеч бозгардонидане нест.
[10] раъйи Масъуд.
[11] сарнагун карда шавад.
[12] ҷомадор – нафаре ки дар дарбор кор карда, масъули ҷомахона буд ва либоси расмии кормандонро омода месохт.
[13] фармони.

Ва пас аз гусел кардани эшон амир Азудуддавла Юсуфро гуфт: «Ай амм[1], ту рӯзгоре осуда будаӣ ва мегӯянд, ки волии Қусдор[2] дар ин рӯзгори фатрат[3] боде дар сар кардааст, туро сӯйи Буст бояд рафт бо ғуломони хеш ва ба Қусдор муқом бояд кард, то ҳам Қусдор ба салоҳ ояд ва хароҷи дусола бифиристад ва ҳам лашкарро, ки ба Макрон рафтаанд, қуввате бузург бошад ба муқом кардани ту ба Қусдор».

Амир Азудуддавла Юсуф гуфт: «Сахт савоб омад ва фармон худовандрост, ба ҳар чӣ фармояд». Султон Масъуд ӯро бинавохту хилъате гаронмоя дод ва гуфт: «Ба муборакӣ бирав ва чун мо аз Балх ҳаракат кунем сӯйи Ғазнин пас аз Наврӯз, туро бихоҳем[4], чунонки бо мо ту баробар ба Ғазнин расӣ. Вай аз Ҳирот бирафт бо ғуломони хеш ва ҳафт-ҳашт сарҳанги султонӣ бо саворе понсад сӯйи Бусту Зовулистон[5] ва Қусдор. Ва шунудам ба дуруст[6], ки ин сарҳангонро Султон Масъуд фармуда буд, ки гӯш ба Юсуф медоред, чунонки ба ҷое натавонад рафт. Ва низ шунудам, ки Туғрали ҳоҷибашро бар вай дар ниҳон мушриф карда буданд, то анфоси Юсуф мешуморад[7] ва ҳар чӣ равад боз менамояд ва он ноҷавонмард ин замон бикард[8], ки ӯро чун фарзанде дошт, балки азизтар. Ва Юсуфро бад-он баҳона фиристоданд, ки гуфтанд, боди солорӣ дар сари вай шудааст ва лашкар чашм сӯйи ӯ кашида, то якчанде аз даргоҳ ғойиб бошад.

Зикру бақияти аҳволи Амир Муҳаммадин разияллоҳу анҳу баъду мо қубиза алайҳи ило ан ҳуввила мин қалъати Куҳтиз ило қалъати Мандиш[9]

Боз намудаам пеш аз ин, ки ҳоҷиби бузург Алӣ аз Тагинобод сӯйи Ҳирот рафт, дар боби Амир Муҳаммад чӣ эҳтиёт кард бар ҳукми фармони олии Султон Масъуд, ки расида буд аз гумоштани

---

[1] амак.
[2] Қусдор ё Қуздор – вилояте, ки дар ғарбии Синд ҷойгир буда, эҳтимолан Балучистони имрӯза аст.
[3] сустӣ, заъф.
[4] даъват кунем.
[5] Зовулистон – номи вилояте, ки дар ҷанубии Балх ва Тахористон ҷойгир буда, пойтахти он Ғазнин маҳсуб мегашт. Аммо ба андешаи доктор Файёз мурод аз ин Зовулистон ҳамон ҳудуди Систон аст.
[6] яъне аз манбаъи дуруст ва саҳеҳ шунидам.
[7] яъне сахт ӯро (Юсуфро) зери назар гирад.
[8] пазируфт.
[9] Ёд кардани рӯзгори Амир Муҳаммад пас аз гирифторӣ ва бурдани ӯ аз қалъаи Куҳтиз ба қалъаи Мандеш

Багтагини ҳоҷиб ва хайру шарри ин боздоштаро дар гардани вай кардан. Ва акнун, ки чун фориғ шудам аз рафтани лашкарҳо ба Ҳирот ва фурӯ гирифтани ҳоҷиб Алии Қариб ва аз корҳои дигар пеш бурдан ва бад-он расидам, ки Султон Масъуд ҳаракат кунад аз Ҳирот сӯйи Балх, он таърих боз мондам ва бақияти аҳволи ин боздоштаро пеш гирифтам, то он чӣ рафт андар ин муддат, ки лашкар аз Тагинобод ба Ҳирот рафт ва вайро аз ин қалъати Кӯҳтез ба қалъаи Мандеш бурданд, ба тамомӣ боз намуда ояд ва таърих тамом гардад. Ва чун аз ин фориғ шудам, он гоҳ ба сари он боз шавам, ки Амир Масъуд аз Ҳирот ҳаракат кард бар ҷониби Балх, иншоаллоҳу.

Аз устод Абдурраҳмони Қаввол шунудам, ки чун лашкар аз Тагинобод сӯйи Ҳирот рафтанд, ману монандаи ман, ки хидматгорони Амир Муҳаммад будем, моҳиеро монистем аз об бияфтода ва дар хушкӣ мондаву ғорат шудаву бенаво гашта ва дил намедод, ки аз пойи қалъаи Кӯҳтез зостар[1] шавем. Ва умед медоштем, ки магар Султон Масъуд ӯро бихонад сӯйи Ҳирот ва равшанойӣ падид ояд. Ва ҳар рӯзе бар ҳукми одат ба хидмат рафтеме ману ёронам мутрибону қавволону надимони[2] пир ва он ҷо чизе хурдеме ва намози шомро бозгаштеме. Ва ҳоҷиб Багтагин зиёдати эҳтиёт пеш гирифт, валекин касеро аз мо аз вай боз надошт[3]. Ва некӯдоштҳо ҳар рӯз ба зиёдат буд, чунонки агар, ба масал, шири мурғ[4] хостӣ, дарвақт ҳозир кардӣ. Ва Амир Муҳаммад разияллоҳу анҳу низ лахте хурсандтар гашт ва дар шароб хӯрдан омад ва пайваста мехӯрд.

Як рӯз бар он хазрои[5] баланд шароб мехӯрдем ва мо дар пеши ӯ нишаста будем ва мутрибон мезаданд, аз дур гарде пайдо омад. Амир гуфт, разияллоҳу анҳу: «Он чӣ шояд буд?» Гуфтанд: «Натавонем донист». Вай муътамадеро гуфт: «Ба зер раву битоз ва нигоҳ кун, то он гард чист?»

Он муътамад ба шитоб бирафт ва пас ба муддате дароз боз омад ва чизе дар гӯши амир бигуфт. Амир гуфт: «Алҳамдулиллоҳ!» ва

---

[1] он суй тар

[2] надим яке аз шуғлҳои дарбор будааст. Дар фарҳангҳои гузашта надимро ҳарифи шароб ва ё умуман рафиқ номидаанд. Аммо надим вазифаи дигаре ҳам дошт, ки ӯ боздоранда аз хатову сарзанишкунандаи амир ба ҳисоб мерафт. Ӯ бидуни тарс бо амир сухан мегуфт. Низомулмулк мефармояд: «Подшоҳро чора нест аз надимони шоиста доштан».

[3] яъне монеъи дидори мо бо Амир Муҳаммад намешуд.

[4] киноя аз чизи ноёфтанӣ.

[5] хазро муаннаси ахзар – сабз; ҷое сарсабзу дилкушо; чаманбоғ, ки одатан вақти шаробнӯшӣ он ҷо мерафтанд.

сахт тоза биистоду[1] хуррам гашт, чунонки мо ҷумла гумон бурдем, ки сахт бузург башоратест ва рӯйи пурсидан набуд. Чун намози шом хост расид[2], мо бозгаштем. Маро танҳо пеш хонду сахт наздик дошт, чунонки ба ҳама рӯзгор чунон наздик надошта буд ва гуфт: «Бубакри дабир[3] ба саломат рафт сӯйи Гармсер[4], то аз роҳи Кирмон ба Ироқу Макка равад. Ва дилам аз ҷиҳати вай фориғ шуд, ки ба дасти ин беҳурматон наяфтод, хосса Бусаҳли Завзанӣ, ки ба хуни вай ташна аст ва он гарди вай буд ва ба ҷамоза[5] мерафт ба шодкомии тамом». Гуфтам: «Сипос Худойро, азза ва ҷалла, ки дили худованд аз вай фориғ гашт». Гуфт: «Муроде дигар ҳаст, агар он ҳосил шавад, ҳар чӣ ба ман расидааст, бар дилам хуш шавад. Бозгарду ин ҳадисро пӯшида дор». Ман бозгаштам.

Ва пас он ба зудӣ чанд муҷаммизе[6] расид аз Ҳирот наздики ҳоҷиб Багтагин, наздики намози шом ва бо амир, разияллоҳу анҳу, бигуфтанд ва Бунасри табибро, ки аз ҷумлаи нудамо[7] буд, наздики Багтагин фиристод ва пайғом дод, ки шунудам, ки аз Ҳирот муҷаммизе расидааст, хабар чист? Багтагини ҳоҷиб ҷавоб дод, ки султон мисол додаст дар боби дигар. Чун рӯз мо оҳанги қалъа кардем, то ба хидмат равем, касони ҳоҷиб Багтагин гуфтанд, ки «имрӯз бозгардед, ки шуғле фариза аст бо амир, фармон расидааст ба хайру некӯӣ, то онро тамом карда ояд, онгоҳ бар одат меравед». Моро сахт дил машғул шуд ва бозгаштем сахт андешаманду ғамнок.

Амир Муҳаммад, разияллоҳу анҳу, чун рӯзе ду баромад, дилаш ба ҷойҳо шуд;[8] кутволро гуфта буд, ки аз ҳоҷиб бояд пурсид, то сабаб чӣ буд, ки касе наздики ман намеояд? Кутвол кас фиристоду пурсид. Ҳоҷиб кадхудои хешро наздики вай фиристоду пайғом дод, ки муҷаммизе расидааст аз Ҳирот бо номаи султонӣ; фармон додааст дар боби амир ба хубию некӯӣ ва муътамаде аз Ҳирот наздики амир меояд ба чанд пайғоми фариза;[9] бошад, ки имрӯз даррасад. Сабаб ин аст, ки гуфта шуд, то дил машғул дошта наёяд, ки ҷуз хайру хубӣ нест. Амир гуфт: разияллоҳу анҳу: «Сахт нек омад» ва лахте ором гирифт, на чунонки бояст[10].

---

[1] шод гашт.
[2] наздик буд бирасад.
[3] Бубакри Қаҳистонӣ, ки замони дар Гузгонон амир будани Муҳаммад дар хидмати ӯ будааст.
[4] ноҳияи Буст (Сиистон)-ро Гармсер меномидаанд.
[5] шутури тезрав.
[6] ҷамозабон, шутурсавор.
[7] надимон.
[8] нигарон шуд.
[9] хеле муҳим.
[10] на он қадар ки бояд.

Ва намози пешин он муътамад даррасид ва ӯро Аҳмади Ташт-дор[1] гуфтандӣ, аз наздикону хоссагони Султон Масъуд ва дарвақт ҳочиб Багтагин ӯро ба қалъа фиристод. То намози шом бимонду ба зер омад. Ва пас аз он дуруст шуд, ки пайғомҳои некӯ буд аз Султон Масъуд, ки «Моро муқаррар гашт, он чӣ рафтааст ва тадбире инак ба воҷибӣ[2] фармуда меояд. Амир бародарро дил қавӣ бояд дошт ва ҳеч бадгумонӣ ба хештан роҳ набояд дод, ки ин зимистон ба Балх хоҳем буд ва баҳоргаҳ чун ба Ғазнин оем, тадбири овардани бародар сохта ояд. Бояд, ки нусхаи он чӣ бо кадхудояш ба Гузгонон фиристодааст, аз хизона бад-ин муътамад дода ояд. Ва низ он чӣ аз хизона бардоштаанд ба фармони вай аз зари нақду ҷомаву ҷавоҳир ва ҳар ҷое биниҳодаву бо хештан дорад ва дар саройи ҳурам[3] бошад, ба ҷумла ба ҳочиб Багтагин супурда шавад то ба хизона боз расад[4]. Ва нусхати он чӣ ба ҳочиб диҳанд, бад-ин муътамад супорад, то бар он воқиф шуда ояд».

Ва Амир Муҳаммад, разияллоҳу анҳу, нусхатҳо бидод ва он чӣ бо вай буд ва назди сарпӯшидагони[5] ҳарам буд аз хизона ба ҳочиб супурд ва ду рӯз дар он рӯзгор шуд, то аз ин фориғ шуданд. Ва ҳеч касро дар ин ду рӯз наздики Амир Муҳаммад бинагзоштанд.

Ва рӯзи сеюм ҳочиб барнишасту наздики қалъа рафт ва пил бо маҳд он ҷо бурданду пайғом дод, ки фармон чунон аст, ки «амирро ба қалъаи Мандеш бурда ояд, то он ҷо некӯ доштатар бошад ва ҳочиб биёяд бо лашкаре, ки дар пойи қалъа муқим аст, ки ҳочибро бо он мардум, ки бо вай аст, бо муҳимме бояд рафт».

Амир Ҷалолуддавла Муҳаммад чун ин бишнид, бигрист ва донист, ки кор чист, агар хост ва агар нахост, ӯро танҳо аз қалъа фуруд оварданд ва ғирев[6] аз хонагиёни ӯ баромад. Амир, разияллоҳу анҳу, чун ба зер омад, овоз дод, ки ҳочибро бигӯй, ки фармон чунон аст, ки ӯро танҳо баранд? Ҳочиб гуфт: «На, ки ҳама қавм бо вай хоҳанд рафт ва фарзандон ба ҷумла омодаанд, ки зишт бувад бо вай эшонро бурдан. Ва ман инҷоам то ҳамагонро ба хубӣ ва некӯӣ бар асар биёранд, чунонки намози дигарро ба саломат наздики вай расида бошанд».

---

[1] касе ки дар таштхона (ҷое, ки дар он либос, ҷавоҳир ва муҳри султонро нигоҳ доранд) кор кардааст.
[2] басазо.
[3] ҳарам.
[4] он тавре ки дида мешавад, Амир Масъуд зару ҷавоҳири бародари худро ҳам кашида мегирад.
[5] сарпӯшидагон – занон.
[6] бонгу хурӯш.

Амирро биронданд ва саворе сесад ва кутволи қалъаи Кӯҳтез бо пиёдае сесад тамоми силоҳ бо ӯ ва нишонданд ҳарамҳоро[1] дар амориҳо[2] ва ҳошиятро[3] бар астарону харон. Ва бисёр номардумӣ[4] рафт дар маънии тафтиш ва зишт гуфтандӣ ва ҷойи он буд, ки алоаййиҳол[5] фарзанди Маҳмуд буд. Ва Султон Масъуд чун бишнид, низ сахт маломат кард Багтагинро, валекин бозҷасте[6] набуд. Ва он устоди сухан Лабибии шоир[7] некӯ гуфтааст дар ин маънӣ. Ва-л-абёт:

Корвоне ҳама аз Рай ба сӯйи Даскара[8] шуд,
Об пеш омаду мардум ҳама бар қантара[9] шуд.
Галлаи дуздон аз дур бидиданд чу он,
Ҳар яке з-эшон гуфтӣ, ки яке қасвара[10] шуд.
Он чӣ дуздонро рой омад бурданду шуданд,
Бад касе низ, ки бо дузд ҳаме яксара шуд.
Раҳраве буд, дар он роҳ дирам ёфт басе,
Чун тавонгар шуд, гӯйӣ суханаш нодира шуд.
Ҳар чӣ пурсиданд ӯро ҳама ин буд ҷавоб,
Корвоне зада шуд, кори гурӯҳе сара шуд.

Ва намози дигар ин қавм наздики Амир Муҳаммад расиданд ва чун эшонро ҷумла наздики хеш дид, Худойро, азза ва ҷалла, сипосдорӣ кард ва ҳадиси сӯзиён[11] фаромӯш кард ва ҳоҷиб низ даррасиду дуртар фуруд омад ва Аҳмади Арслонро[12] фармуд, то он ҷо банд карданд ва сӯйи Ғазнин бурданд, то сарҳанги кутвол Буалӣ ӯро ба Мултон фиристад, чунонки он ҷо шаҳрбанд[13] бошад ва дигар хидматкорон ӯро гуфтанд – чун надимону мутрибон, ки «ҳар кас паси шуғли хеш равед, ки фармон нест, аз шумо касе наздики вай равад».

---

[1] занонро.
[2] аморӣ – ҳавдаҷ, маҳд; маҳмиле, ки ба пушти фил ё уштур мебанданд ва дар он менишинанд.
[3] атрофиён, хидматгорон.
[4] ноодамӣ, номардӣ.
[5] ба ҳар ҳол.
[6] ҷустуҷӯ, бозхост.
[7] дар баъзе нусхаҳо Лисӣ сабт шудааст, ки ғалат аст. Лабибӣ (соли таваллуд ва вафот номаълум) аз шоирони рӯзгори Ғазнавиён аст, ки бештар дар Чағониён зиндагӣ ва эҷод кардааст ва лақаби «саййиду-ш-шуъаро» доштааст. Аз ашъори ӯ абёти парокандае боқӣ мондааст.
[8] қаряи бузург, шаҳр; ҳамчунон номи шаҳре дар ҳудуди Ироқ.
[9] пул.
[10] шери беша.
[11] шакли кӯтоҳшудаи суду зиён.
[12] яке аз хидматгорони Муҳаммад, ки бо ӯ зиндон шуда буд.
[13] зиндонӣ.

Абдурраҳмони Қаввол гуфт: «Дигар рӯз пароканда шуданд ва ману ёрам дуздида бо вай бирафтем ва Носирӣ ва Бағуй, ки дил ёрӣ намедод чашм аз вай бардоштан ва гуфтам вафоро[1] то қалъат биравем ва чун вайро он ҷо расонанд, бозгардем». Чун аз ҷангали Обод[2] бардоштанду наздики Кури Волишт[3] расиданд, аз чап роҳи қалъати Мандеш аз дур пайдо омад. Роҳ битофтанд[4] ва бар он ҷониб рафтанд ва ману ин озодмард бо эшон мерафтем, то пойи қалъат; қалъате дидем сахт баланд ва нардбонпояҳое беҳадду андоза, чунонки бисёр ранҷ расидӣ, то касе бартавонистӣ шуд. Амир Муҳаммад аз маҳди пил ба зер омад ва банд дошт[5] бо кафшу кӯлоҳи сода ва қабои дебойи лаъл пӯшида ва мо вайро бидидем ва мумкин нашуд хидмате[6] ё ишорате кардан. Гиристан бар мо уфтод, кадом оби дида, ки Даҷлаву Фурот чунонки равад, бironданд Носирӣ ва Бағуй, ки бо мо буданд ва яке буд аз надимони ин подшоҳ ва шеъру тарона хуш гуфтӣ, бигристу пас бадеҳа[7] некӯ гуфт:

Ай шоҳ чӣ буд ин ки туро пеш омад?
Душман-т ҳам аз пираҳани хеш омад.
Аз меҳнатҳо меҳнати ту беш омад,
Аз мулки падар баҳри ту Мандеш омад.

Ва ду тан сахт қавӣ бозуи ӯ гирифтанд ва рафтан гирифт сахт ба ҷаҳд ва чанд поя, ки бирафтӣ, замоне нек бинишастӣ ва биёсудӣ. Чун дур бирафт ва ҳанӯз дар чашм дидор[8] буд, бинишаст. Аз дур муҷаммизе пайдо шуд аз роҳ. Амир Муҳаммад ӯро бидид ва низ нарафт, то пурсид, ки муҷаммиз ба чӣ сабаб омадааст ва касро аз они хеш назди Багтагини ҳоҷиб фиристод. Муҷаммиз бирасид бо нома, номае буд ба хатти Султон Масъуд ба бародар. Багтагини ҳоҷиб онро дарсоат бар боло фиристод. Амир, разияллоҳу анҳу, бар он поя нишаста буд дар роҳ ва мо медидем. Чун нома бихонд, саҷда кард, пас бархосту бар қалъа рафт ва аз чашм нопайдо шуд. Ва қавмро ба ҷумла он ҷо расониданд ва чанд хидматгор, ки фармон буд аз мардон. Ва ҳоҷиб Багтагин ва он қавм бозгаштанд. Ман, ки

---

[1] барои вафодорӣ.
[2] аз рӯйи таҳқиқи донишманди афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ ин ҷангал дар наздикии Қандаҳор воқеъ гардида буд.Ниг. ба мақолаи Ҳабибӣ «Таҳқиқи бархе аз амокини Таърихи Байҳақӣ» дар «Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ». Машҳад, 1351.
[3] мавзеъе байни Тагинобод ва Мандеш дар ҳудуди Афғонистони имрӯза.
[4] каҷ карданд, тағйири масир доданд.
[5] дар дасту пояш банд буд.
[6] салому таъзим.
[7] бадоҳатан, наандешида.
[8] падидор.

Абдурраҳмони фузулиам[1], чунонки золони[2] Нишобур гӯянд модармурдаву диҳ дирам вом[3] он ду танро, ки бозӯи амир гирифта будам, дарёфтам ва пурсидам, ки Амир он саҷда чиро кард? Эшон гуфтанд: «Туро бо ин ҳикоят чӣ кор? Чиро нахонӣ он ки шоир гӯяд? Ва он ин аст:

Айаъуду аййатуҳа-л хиёму замонуно,
Ам ло сабила илайҳи баъда заҳобиҳи»[4]

Гуфтам: «Ал-ҳаққ, рӯзи ин савт[5] ҳаст, аммо онро истодам[6], то он, ки як нуктаи дигар бишнаваму биравам». Гуфтанд: «Номае буд ба хатти Султон Масъуд ба вай[7], ки «Алии ҳоҷиб, ки Амирро нишонда буд, фармудем, то бинишонданд[8] ва сазои ӯ ба дасти ӯ доданд, то ҳеч банда бо худованди хеш ин далерӣ накунад ва хостам ин шодӣ ба дили Амир бародар расонида ояд, ки донистам сахт шод шавад». Ва Амир Муҳаммад саҷда кард Худойро, таъоло ва гуфт: «То имрӯз ҳар чӣ ба ман расид, маро хуш гашт, ки ин кофирнеъмати[9] бевафоро фурӯ гирифтанд ва муроди ӯ дар дунё ба сар омад». Ва ман низ бо ёрам бирафтем.

Ва ҳам аз устод Абдурраҳмони Қаввол шунудам, пас аз он ки ин таърих оғоз карда будам, ба ҳафт сол[10] рӯзи якшанбе ёздаҳуми рақаби санаи хамса ва хамсина ва арбаъа миа[11] ва ба ҳадиси мулки Муҳаммад сухан мегуфтам. Вай гуфт: «Бо чандин асвоти нодир[12], ки ман ба ёд дорам Амир Муҳаммад ин савт аз ман бисёр хостӣ, чунонки кам маҷлис будӣ, ки ман ин нахондамӣ. Ва-л-абёт, шеър:

Ва лайса ғадрукум бидъаун ва ло аҷабун,
Локин вафоукум мин абдаъи-л бидаъи.

---

[1] фузулӣ касеро гӯянд, ки беҳудаву баҳуда дар кору сухани дигарон дахолат кунад.
[2] пир, пиразан.
[3] масале қадим дар вақте гуфта мешудааст, ки ба ҷои ирс бурдан аз мурда қарзи ӯро ҳам мепардозам.
[4] тарҷ: ай хаймаҳо оё (рӯзгори бахту давлати мо) бозмегардад ва ё пас аз рафтан ва сипарӣ шудан ҳеч роҳе ба сӯйи он нест?
[5] оҳанг.
[6] барои он истодам.
[7] ба Амир Муҳаммад.
[8] зиндон карданд.
[9] носипос ва ҳақношинос.
[10] соли ҳафтум пас аз шурӯъи таърих.
[11] соли 455, ки баробар аст бо 10 июли соли 1063-и милодӣ. Тарҷумони русии «Таърихи Байҳақӣ» профессор А.К. Арендс ҳисоб карда, муайян кардааст, ки рӯзи нишондодаи Байҳақӣ панҷшанбе мешавад, на якшанбе.
[12] овозу оҳангҳои шигуфту беназир

Мо шаъну фӣ ғадрикум аш-шаъну фи тамаъи,
Ва биътидоди би қавли-з-зури ва-л худаъи[1]

Ва ҳарчанд ин ду байт хитоби ошиқест фарои[2] маъшуқе, хирадмандонро ба чашми ибрат дар ин бояд нигарист, ки ин фоле[3] будааст, ки бар забони ин подшоҳ, раҳматуллоҳи алайҳи, мерафт. Ва будааст дар рӯзгораш хир-хирҳо[4] ва вай ғофил, бо чандон некӯӣ, ки мекард дар рӯзгори иморати хеш бо лашкарӣ ва раият, ҳамчун маънии ин ду байт: Ва-л муқаддару каинун ва мо қаза-л-Лоҳу азза ва ҷалла сайакуну наббаҳана-л-Лоҳу ан навматин ли-л ғофилина би манниҳи[5] . Ва пас аз ин биёрам, он чӣ рафт дар боби ин боздошта ба ҷойи хеш.

Ва ҳоҷиб Багтагин чун аз ин шуғл фориғ гашт, сӯйи Ғазнин рафт ба фармон, то аз он ҷо сӯйи Балх равад бо волидаи Султон Масъуд ва дигар ҳурум ва Ҳурраи Хутталӣ, чунонки ба эҳтиёт он ҷо расанд.

Ва чун ҳама корҳо ба тамомӣ ба Ҳирот қарор гирифт, Султон Масъуд устодам Бунасрро гуфт: «Он чӣ фармуданӣ буд дар ҳар бобе фармуда омад ва мо дар ин ҳафта ҳаракат хоҳем кард бар ҷониби Балх то ин зимистон он ҷо бошем ва он чӣ ниҳоданист[6] бо хонони Туркистон[7] ниҳода ояд ва аҳволи он ҷонибро мутолаат кунем ва Хоҷа Аҳмади Ҳасан низ даррасад ва кори вазорат қарор гирад; он гоҳ сӯйи Ғазнин рафта ояд. Бунаср ҷавоб дод, ки ҳар чӣ худованд андешида аст, ҳама фариза асту айни савоб аст. Султон гуфт: «Ба амирулмуъминин нома бояд набишт бад-ин чӣ рафт, чунонки расм аст, то муқаррар гардад, ки бе он ки хуне рехта ояд, ин корҳо қарор гирифт».

Бунаср гуфт: «Ин аз фариза аст ва ба Қадархон[8] ҳам бибояд набишт, то рикобдоре ба таъҷил бибарад ва ин башорат бирасонад, он гоҳ чун рикоби олӣ ба саъодат ба Балх расад, тадбири гусел

---

[1] тарҷ: бевафоийи шумо чизи тоза ва аҷибе нест, лекин вафодорӣ кардани шумо аз бадеътарин тозагиҳост; шаъне дар бевафоийи шумо нест, балки он чӣ матраҳ аст, шаъне дорад тамаъи ман ва фиреб хӯрдани ман аз дурӯғу найранги шумост.

[2] ба

[3] пешбинӣ ва оқибатгӯӣ.

[4] корҳои беҳуда, ботил.

[5] тарҷ: буданӣ бувад ва он чӣ Худои тавонову бузург фармон дод ба зудӣ бошад; Эзид моро аз хоби бехабарон ба неъматбахшии худ бедор гардонад.

[6] қарордод

[7] манзур Қарохониёнанд

[8] Юсуф ибни Ҳорун Қадархон ё Қодирхон (1025-1032) хони қарохонӣ, ки бо Маҳмуду Масъуди Ғазнавӣ робитаи наздик барқарор карда буд.

кардани расуле боном аз баҳри акду аҳдро[1] карда шавад. Пас зуд бояд пеш гирифт, ки рафтани мо наздик аст, то пеш аз он, ки аз Ҳирот биравем, ин ду нома гусел карда ояд – яке ба тозӣ[2] сӯйи халифа ва яке ба порсӣ сӯйи Қадархон. Ва нусхатҳо бишудааст, чунонки чанд ҷой ин ҳол биёвардам. Ва турфа[3] он буд, ки аз Ироқ гурӯҳеро бо хештан биёварда буданд, чун Абулқосими Ҳариш ва дигарон ва эшонро мехостанд, ки ба рӯйи устодам баркашанд, ки эшон фозилтаранд ва бигӯям, ки эшон шеър ба ғоят некӯ бигуфтандӣ ва дабирӣ нек бикардандӣ, валекин ин намат[4], ки аз тахти мулук ба тахти мулук бояд набишт[5], дигар аст ва мард он гоҳ огоҳ шавад, ки набиштан гирад ва бидонад, ки паҳнои кор чист? Ва устодам ҳарчанд дар хираду фазл он буд, ки буд, аз таҳзибҳои маҳмудӣ[6], чунонки бояд, ягонаи замона шуд. Ва он тоифа аз ҳасади вай ҳар касе нусхате кард ва шарм дорам, ки бигӯям, бар чӣ ҷумла буд.

Султон Масъудро он ҳол муқаррар гашт ва пас аз он чун Хоҷаи Бузург Аҳмад[7] даррасид, муқаррартар гардонид, то боди ҳосидон якборагӣ нишаста омад. Ва ман[8] нусхате кардам, чунонки дигар нусхатҳо ва дар ин таърих овардам номро[9] ва аз они амирулмуъминин ҳам аз ин маъонӣ буд, то дониста ояд иншоаллоҳу азза ва ҷалла.

Номае, ки Бунасри Мушкон аз забони Амир Масъуд ба Қадархон, хони Туркистон набишта ин аст[10]

Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Баъда-с-садри ва-д-дуъои[11]. Хон донад, ки бузургону мулуки рӯзгор, ки бо якдигар дӯстӣ ба сар бурданд ва роҳи маслаҳат супурданд[12], вифоқу[13] мулотафотро

---

[1] ақди никоҳ бастан, ки аз роҳҳои наздик шудани ду кишвар ва пойдории равобити дипломатӣ будааст.
[2] арабӣ.
[3] шигифт, аҷиб.
[4] равиш, гуна.
[5] яъне расму одоби номанигорӣ аз ҷониби як подшоҳ ба подшоҳи дигар фанни хосс аст ва кори ҳар дабир нест.
[6] таҳзибҳои маҳмудӣ – пиростан ва ислоҳ кардан ва тарбият намудан.
[7] Аҳмад Ҳасани Маймандӣ.
[8] яъне Абулфазли Байҳақӣ.
[9] барои шуҳрату ҷовидонии номи Бунасри Мушкон номаро биёвардам.
[10] ин унвон танҳо дар нашри Адиби Пешоварӣ омадааст.
[11] Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Пас аз унвони нома ва дуруду дуъо.
[12] паймуданд.
[13] созгорӣ.

пайваста гардонанд ва он гоҳ он лутфи ҳолро бад-он манзилат расонанд, ки дидор кунанд – дидор кардане басазо[1]. Ва андар он дидор кардан шарти мумолаҳатро[2] ба ҷой оранду аҳд кунанд ва такаллуфҳои беандозаву уқуду уҳуд[3], ки карда бошанд, ба ҷой оранд, то хонаҳо як шавад ва ҳама асбоби бегонагӣ бархезад. Ин ҳама онро кунанд, то чун эшонро мунодии Ҳаққ дарояд ва тахти мулкро бидруд кунанду бираванд, фарзандони эшон, ки мустаҳаққи он тахт бошанд ва бар ҷойҳои эшон бинишинанд, бо фароғи дил рӯзгорро карона кунанд[4] ва душманони эшонро мумкин нагардад, ки фурсате ҷӯянду қасде кунанду ба муроде расанд.

Бар Хон пӯшида нест, ки ҳоли падари мо, Амири мозӣ, бар чӣ ҷумла буд. Ба ҳар чӣ бибояст, ки бошад подшоҳони бузургро, аз он зиёдатар буд ва аз он шарҳ кардан набояд, ки ба муояна ҳолату ҳишмат ва олату уддати ӯ дида омадааст ва донад, ки ду меҳтари бозгузашта[5] басе ранҷ ба хотирҳои покизаи хеш ниҳоданд, то чунон улфатеву мувофақатеву дӯстиву мушоракате ба пой шуд ва он якдигар дидор кардан бар дари Самарқанд бад-он некӯиву зебоӣ, чунонки хабари он ба дуру наздик расид ва дӯсту душман бидонист ва он ҳоли таърих аст, чунонки дер солҳо мадрус[6] нагардад. Ва муқаррар аст, ки ин такаллуфҳо аз он ҷиҳат бикарданд, то фарзандон аз он улфат шод бошанд ва бари[7] он тухмҳо, ки эшон коштанд, бардоранд. Имрӯз чун тахт ба мо расид ва кор ин аст, ки бар ҳар ду ҷониб пӯшида нест, хирад он мисол диҳад ва таҷриб[8] он иқтизо[9] кунад, ки ҷаҳд карда ояд, то баноҳои афроштаро[10] дар дӯстӣ афроштатар карда ояд, то аз ҳар ду ҷониб дӯстон шодмона шаванд ва ҳосидону душманон ба кӯриву даҳдилӣ[11] рӯзгорро карона кунанд ва ҷаҳониёнро муқаррар гардад, ки хонадонҳо яке[12] буд, акунун аз он чӣ буд, некӯтар шудааст. Ва тавфиқи аслаҳ[13] хоҳем аз Эзид, азза

---

[1] ишора ба дидору гуфтугӯи Султон Маҳмуд бо Қадархон дар соли 1025 дар Самарқанд.
[2] мумолаҳат – бо ҳам нону намак хӯрдан, ҳамсуфра будан.
[3] ҷамъи ақду ва аҳд; паймону созиш
[4] маънои ҷумла: бо осудадилӣ умр ба поён баранд
[5] манзур сарварони гузаштаи Ғазнавиён (Маҳмуд) ва Қарохониён (Туғонхон, бародари Қадархон) мебошанд.
[6] кӯҳна.
[7] мева.
[8] таҷрибаҳо.
[9] талаб.
[10] иморатҳои сар ба осмон кашида, баланд.
[11] даҳдили – парешонӣ.
[12] ягона.
[13] некӯтар, шоёнтар.

зикруҳу, дар ин боб, ки тавфиқ Ӯ диҳад бандагонро ва золика би йадиҳи ва-л-хайру куллуҳу[1].

Ва шунуда бошад Хон, адомаллоҳу иззаҳу[2], ки чун падари мо раҳматуллоҳи алайҳ, гузашта шуд, мо ғойиб будем аз тахти мулк шашсад ва ҳафтсад фарсанг, ҷаҳонеро зери забт оварда ва ҳарчанд мебарандешидемӣ[3] вилоятҳои боном буд дар пеши мо ва аҳли ҷумлаи он вилоёт гардан барафрошта[4], то номи мо бар он нишинад ва ба забти мо ороста гардад. Ва мардумон ба ҷумла дастҳо бардошта[5], то раъийяти мо гарданд. Ва амирулмуъминин иъзозҳо арзонӣ медошт ва мукотабат пайваста, то биштобему ба Мадинат-ус-салом[6] равем ва ғазозате[7], ки ҷоҳи хилофатро мебошад, аз гурӯҳе азноб[8] онро дарёбем ва ғазозатро дур кунем. Ва азимати мо бар он қарор гирифта буд, ки ҳаройина ва ночор фармони олиро нигоҳ дошта ояд ва саъодати дидори амирулмуъминин хештанро ҳосил карда шавад, хабар расид, ки падари мо ба ҷавори[9] раҳмати Худой пайваст. Ва баъд аз он шунудем, ки бародари мо, Амир Муҳаммадро авлиёву ҳашам, дарҳол чун мо дур будем, аз Гузгонон бихонданду бар тахти мулк нишонданд ва бар вай ба амирӣ салом карданд ва андар он таскини вақт донистанд, ки мо дур будем ва дигар, ки падари мо ҳарчанд моро валиаҳд карда буд ба рӯзгори ҳаёти хеш, дар ин охирҳо[10], ки лахте мизоҷи ӯ бигашт[11] ва сустӣ бар асолати раъй бад-он бузургӣ, ки ӯро буд, даст ёфт, аз мо на ба ҳақиқат озоре намуд, чунонки табъи башарият аст ва хусусан аз они мулук, ки душвор ояд эшонро дидани касе, ки мустаҳаққи ҷойгоҳи эшон бошад[12], моро ба Рай монд, ки донист, ки он диёр то Рум ва аз дигар ҷониб то Миср[13] тулан ва арзан[14] ҳама ба забти мо ороста

---

[1] тарҷ: он ба дасти Вай аст ва некӣ ҳама низ.
[2] Худованд иззати вайро пайваста ва бардавом дорад!
[3] андеша мекардем.
[4] сар баланд карда буданд аз рӯйи фахр
[5] даст ба дуъо баланд карда буданд.
[6] Мадинат-ус-салом – номи дигари Бағдод
[7] хорӣ ва таҳаммули макруҳ ва нохушоянд; кам гардидани мартаба.
[8] сифла ва дун.
[9] амон, зинҳор.
[10] дар охири умр.
[11] яъне падари мо Маҳмуд дар охири умр мизоҷаш иваз шуд.
[12] ин ҷо Масъуд аз падараш ва «рашку нотавонбинии ӯ» нисбат ба Масъуд ба сардори кишвари ҳамсоя гила мекунад.
[13] Масъуд сиёсати мазҳабии кишварашро мехоҳад нишон диҳад, ки дар оянда ҷанг бо қудрати бузургтарини масеҳият (Рум) ва маркази хилофати исмоилия (Миср) мебошад.
[14] ба дарозо ва паҳно.

гардад, то Ғазнину Ҳиндустон ва он чӣ гушода омадааст ба бародар яла кунем[1], ки на бегонаро бувад, то халифати мо бошад ва ба иъзоз бузургтар дорем.

Расул фиристодем наздики бародар ба таъзият ва таҳнияти нишастан ба тахти мулк ва пайғомҳо додем расулро, ки андарон салоҳи зотулбайн[2] буд ва сукуни Хуросону Ироқ ва фароғати дили ҳазор-ҳазор мардум. Ва мусарраҳ[3] бигуфтем, ки мар моро чандон вилоят дар пеш аст ва онро ба фармони амирулмуъминин мебояд гирифту забт кард, ки онро ҳадду андоза нест, ҳампуштиву якдиливу мувофақат мебояд миёни ҳар ду бародар ва ҳама асбоби мухолафатро барандохта бояд, то ҷаҳон он чӣ ба кор ояд ва ном дорад, моро гардад. Аммо шарт он аст, ки аз зарродхона[4] паҷ ҳазор уштур бор силоҳ ва бист ҳазор асб аз маркаб ва туркӣ[5], ду ҳазор ғуломи савори ороста бо созу олати тамом ва понсад пили хиёраи[6] сабуки ҷангӣ ба зудӣ наздики мо фиристода ояд ва бародар халифати мо бошад, чунонки нахуст бар манобир[7] номи мо баранд ба шаҳрҳо ва хутба ба номи мо кунанд, он гоҳ номи вай ва бар сиккаву дираму динор; ва тарози ҷома[8] нахуст номи мо нависанд, он гоҳ номи вай ва қузоту соҳиббаридоне[9], ки ахбор инҳо мекунанд, ихтиёркардаи ҳазрати мо бошанд, то он чӣ бояд фармуд дар мусалмонӣ мефармоем ва мо ба ҷониби Ироқу ғазви Рум машғул гардем ва вай ба Ғазнину Ҳиндустон, то суннати пайғамбари мо, салавотуллоҳи алайҳи[10], ба ҷо оварда бошем ва тариқе, ки падарони мо бар он рафтаанд, нигоҳ дошта ояд, ки баракоти он аъқобро[11] боқӣ монад. Ва мусарраҳ гуфта омадааст, ки агар он чӣ мисол додем, ба зудӣ онро имзо[12] набошад ва ба тааллулу[13] мудофаате[14] машғул шуда ояд, ночор моро боз бояд гашт ва он чӣ гирифта омадааст, муҳмил монад[15] ва рӯй ба кори мулк ниҳода, ки асл он

---

[1] вогузорем.
[2] нек гаштани ҳоли миёни ду ҷониб.
[3] бо сароҳат, ошкор.
[4] силоҳхона.
[5] навъе асб.
[6] баргузида.
[7] минбарҳо.
[8] нақшу нигори ҷома.
[9] соҳиббарид – масъулони расонидани номаву хабар (почта).
[10] дуруди Худо бар ӯ бод!
[11] фарзандон, пасмондагон.
[12] ичро.
[13] баҳоначӯйӣ.
[14] диранг.
[15] муҳим мондан – фурӯ гузоштан, тарк кардан.

асту ин дигар фаръ ва ҳар гоҳ асл ба даст ояд, кори фаръ осон бошад ва агар, фалъиёзубиллоҳ[1] миёни мо мукошафате[2] ба пой шавад, ночор хунҳо резанд, визру[3] вабол[4] ба ҳосил шавад ва бад-ӯ бозгардад, ки мо чун валиаҳди падарем, ин муҷомалат[5] воҷиб медорем, ҷаҳониён донанд, ки инсофи тамом додаем.

Чун расул ба Ғазнин расид, боди тахту мулк дар сари бародари мо шуда буд ва даст ба хизонаҳо дароз кардаву додан гирифт ва шабу рӯз ба нишот машғул шуда; роҳи рушдро[6] бинадид ва низ касоне, ки даст бар раги вай ниҳода буданд[7] ва даст ёфта, нахостанд, ки кори мулк ба дасти мустаҳаққ уфтад, ки эшонро бар ҳадди вуҷуб[8] бидорад ва бародари моро бар он доштанд, ки расули моро бозгардонид. Ва расуле бо вай номзад карданд бо муште ишваву пайғом, ки «валиаҳди падар вай аст ва Рай аз он ба мо дод, то чун ӯро[9] қазои марг фаро расад, ҳар касе бар он чӣ дорем иқтисор[10] кунем. Ва агар вайро имрӯз бар ин ниҳод яла кунем, он чӣ хоста омадааст аз ғулому пилу асбу уштур ва силоҳ фиристода ояд, он гоҳ фиристад, ки аҳде бошад, ки қасди Хуросон карда наёяд ва ба ҳеч ҳол халифати мо набошад ва қузоту асҳоби барид фиристода наёяд».

Мо чун ҷавоб бар ин ҷумла ёфтем, муқаррар гашт, ки инсоф нахоҳад буд ва бар роҳи рост нестанд. Ва дар рӯз аз Сипоҳон ҳаракат кардем, ҳарчанд қасди Ҳамадону Ҳулвону[11] Бағдод доштем. Ва Ҳоҷиби Ғозӣ дар Нишобур шиори[12] моро ошкор карда буд ва хутба бигардонида ва раоёву аъёни он навоҳӣ дар ҳавои мо мутеъ гашта ва вай бисёр лашкар бигардонида[13] ва фароз оварда. Мо амирулмуъмининро аз азимати хеш огоҳ кардем ва аҳди Хуросон ва ҷумлаи мамлакати падар бихостем бо он чӣ гирифта шудааст аз Рай ва Ҷиболу Сипоҳон бо он чӣ муваффақ гардем ба гирифтан, ҳарчанд барҳаққ будем ба фармони вай, то мувофиқи шариат бошад.

Ва пас аз расидани мо ба Нишобур расули халифа даррасид бо аҳду ливо ва нуъвату каромот, чунонки ҳеч подшоҳро монанди он ёд надоштанд. Ва аз иттифоқи нодир сарҳанг Алии Абдуллоҳ ва

---

[1] паноҳ бар Худо, Худо нахоста .
[2] душмании ошкор.
[3] гуноҳи кабира.
[4] сахтии азоб ва ногуворӣ.
[5] бо касе некуиву хушрафторӣ кардан.
[6] роҳи растагорӣ, роҳи салоҳ.
[7] манзур касонеанд, ки бар вай (Амир Муҳаммад) нуфуз доштанд.
[8] сазовор будан.
[9] Маҳмудро.
[10] басанда.
[11] Ҳулвон – номи шаҳре дар Ироқ.
[12] нишону аломат.
[13] яъне лашкари зиёдеро аз итоъати Амир Муҳаммад боз дошт.

Абунаҷми Айёз ва Нӯштагини хоссаи ходим[1] аз Ғазнин андар расиданд бо бештари ғуломи саройӣ. Ва номаҳо расид сӯйи мо пӯшида аз Ғазнин, ки ҳоҷиб Алии Иларслон[2], заъимулҳуҷҷоб[3] ва Багтуғдии ҳоҷиб солори ғуломон бандагӣ намудаанд[4]. Ва Буалии Кутвол ва дигар аъён ва муқаддамон набишта буданд ва тоъату бандагӣ намуда ва Буалии Кутвол бигуфта, ки аз бародари мо он шуғл менаёяд ва чандон аст, ки рояти мо пайдо ояд, ҳамагон бандагиро миён банданд ва пеш оянд.

Мо фармудем, то ин қавмро, ки аз аз Ғазнин даррасидаанд, бинавохтанду аъёни Ғазнинро ҷавобҳои некӯ набиштанд ва аз Нишобур ҳаракат кардем. Пас аз иди рӯза дувоздаҳ рӯз нома расид аз Ҳоҷиб Алии Қариб ва аъёни лашкар, ки ба Тагинобод буданд бо бародари мо, ки чун хабари ҳаракати мо аз Нишобур бад-эшон расид, бародари моро ба қалъати Кӯҳтез мавқуф карданд ва бародари Алӣ Мангитирок ва фақеҳ Бубакри Ҳасирӣ, ки даррасиданд ба Ҳирот аҳволро бо тамомӣ шарҳ карданд. Ва исттилои[5] раъй карда буданд, то бар мисолҳо, ки аз они мо ёбанд, кор кунанд.

Мо ҷавоб фармудем ва Алиро ва ҳама аъёнро ва ҷумлаи лашкарро дилгарм кардем ва гуфта омад, то бародарро боэҳтиёт дар қалъат нигоҳ доранд ва Аливу ҷумлаи лашкар ба даргоҳ ҳозир оянд. Ва пас аз он фавҷ-фавҷ омадан гирифтанд, то ҳамагон ба Ҳирот расиданд ва ҳар ду лашкар[6] дарҳам омехт ва дилҳои лашкару раият бар тоату бандагии мо биёромиду қарор гирифт. Ва номаҳо рафт ҷумлагӣ ин ҳолҳоро ба ҷумлаи мамлакат ба Рай ва Сипоҳон ва он навоҳӣ низ, то муқаррар гардад ба дуру наздик, ки кору сухан якруя гашт[7] ва ҳама асбоби муҳорабату[8] мунозаат[9] бархост. Ва ба ҳазрати хилофат низ расуле фиристода омад ва номаҳо набишта шуд ба зикри ин аҳвол ва фармонҳои олӣ хоста омад дар ҳар бобе. Ва сӯйи Писари Кокуву дигарон, ки ба Рай ва Ҷиболанд, то ақабаи[10] Ҳулвон нома фармудем ба қарор гирифтани ин ҳолҳо бад-ин хубию осонӣ ва мусарраҳ бигуфтем, ки бар асар солоре муҳташам

---

[1] ҳар се нафар аз сарҳангони дарбори Маҳмуд буданд, ки ба ҷонибдории Масъуд бархостанд.
[2] манзур Алии Қариб аст, ки саргузашти ӯ пештар омад.
[3] сарвари ҳоҷибон.
[4] яъне изҳори тобеият аз Масъуд кардаанд.
[5] Огоҳӣ ва иттилоъ костан.
[6] манзур, лашкаре, ки аз Ғазнин ба Ҳирот омад (лашкари Муҳаммад) ва лашкаре ки ҳамроҳи Масъуд буд.
[7] ба ҳам мувофиқ омад.
[8] сабабҳое, ки мумкин буд ба ҷанг биёварад.
[9] низоъ.
[10] ақаба – гардана, ағба.

фиристода ояд бар он ҷониб, то он диёр, ки гирифта будем, забт кунад ва дигар гирад, то хоб набинанду[1] ишва нахаранд[2], ки он диёр ва корҳоро муҳмал фурӯ хоҳанд гузошт. Хоҷиби фозил ам Хоразмшоҳ Олтунтош, он носеҳ, ки дар ғайбати мо қавми Ғазнинро насиҳатҳои рост карда буд ва эшон сухани ӯро хор дошта, ин ҷо, ба Ҳирот, ба хидмат омад. Ва вайро бозгардонида меояд[3] бо навохте ҳар чӣ тамомтар, чунонки ҳолу маҳал ва ростии ӯ иқтизо кунад. Ва мо дар ин ҳафта аз ин ҷо ҳаракат хоҳем кард ҳамаи муродҳо ҳосил гашта ва ҷаҳоне дар ҳавову[4] тоати мо биёромида. Ва номаи тавқеӣ[5] рафтааст, то Хоҷаи фозил Аҳмад ибни Ҳасанро[6], ки ба қалъати Ҷангӣ[7] боздошта буд, ба Балх ояд ба хубии бисёр ва навохт, то тамомии дасти меҳнат аз вай кӯтоҳ шавад ва давлати мо ба раъю тадбири ӯ ороста гардад. Ва Арёруқи ҳоҷиб, солори Ҳиндустонро низ мисол додем, то ба Балх ояд ва аз Ғазнин номаи кутвол Буалӣ расид, ки ҷумлаи хазоини динору дираму ҷома ва ҳамаи аснофи[8] неъмату силоҳ ба хозинони мо супурд ва ҳеч чиз намондааст аз асбоби хилоф, биҳамдуллоҳ, ки бад-он дил машғул бояд дошт.

Ва чун ин корҳо бар ин ҷумла қарор гирифт, Хонро башорат дода омад, то он чӣ рафтааст, ба ҷумла маълуми вай гардад ва баҳраи хеш аз ин шодӣ бардорад ва ин хабар шоеъ ва мустафиз кунад[9], чунонки ба дуру наздик расад, ки чун хонадонҳо якест, шукри Эзидро, азза зикруҳу, неъмате, ки моро тоза гашт, ӯро гашта бошад. Ва бар асар Абулқосими Ҳасириро, ки аз ҷумлаи муътамадони ман аст ва Қозӣ Бутоҳири Таббониро, ки аз аъёни қузот аст, ба расулӣ номзад карда меояд, то бад-он диёри карим[10], ҳарасаҳуллоҳ[11], оянд ва аҳдҳо тоза карда шавад. Мунтазирем ҷавоби ин номаро, ки ба зудӣ боз расад, то ба тоза гаштани ахбори саломати Хон ва рафтани корҳо бар қазияти мурод[12] либоси шодӣ

---

[1] ба тамаъи хом наяфтанд.
[2] фирефта нашаванд.
[3] яъне, ӯро дубора бо Хоразм мефиристем.
[4] ҳавохоҳӣ, тарафдорӣ.
[5] номае, ки бо муҳри амир бошад.
[6] Аҳмад Ҳасани Маймандӣ.
[7] Ҷангӣ (ё Чангӣ дар баъзе нусхаҳо) номи қалъае, ки дар он Маймандӣ зиндонӣ буд.
[8] намуди.
[9] фош кунад.
[10] манзур Моваруннаҳр аст, ки Қарохониён ҳукумат меронданд.
[11] Худованд онро нигаҳбонӣ кунад.
[12] ҳукми матлуб.

пӯшем ва онро аз бузургтари мавоҳиб[1] шумарем, би машйати-ллоҳи азза ва ҷалла ва изниҳи[2].

Ва ин нусхат[3] ба дасти рикобдоре[4] фиристода омад сӯйи Қадархон, ки ӯ зинда буд ҳанӯз ва пас аз ин ба ду сол гузашта шуд[5]. Ва ҳам бар ин миқдор номае рафт бар дасти фақеҳе чун нимрасуле[6] ба халифа[7], разияллоҳу анҳу. Ва пас аз он, ки ин нома гусел карда омад, Амир ҳаракат кард аз Ҳирот рӯзи душанбе, нимаи зилқаъдаи ин сол[8] бар ҷониби Балх ба роҳи Бодғис ва Ганҷрусто бо ҷумлаи лашкарҳо ва ҳашмате сахт тамом.

Ва Хоразмшоҳ Олтунтош бо вай буд андешаманд[9], то дар боби вай чӣ равад? Ва чанд бор Булҳасани Уқайлӣ ҳадиси ӯро фаро афканд[10] ва Султон бисёр некӯӣ гуфт ва аз вай хушнудӣ намуду гуфт: «Вайро ба Хоразм боз мебояд рафт, ки набояд халале уфтад». Булҳасан Олтунтошро огоҳ кард ва Бунасри Мушкон низ бо дабири Олтунтош бигуфт бад-ин чӣ шунуд ва ӯ сукун гирифт[11]. Ва аз Хоҷа Бунаср шунудам, гуфт: «Ҳарчанд ҳоли Олтунтош бар ин ҷумла буд ва Амир аз вай нек хушнуд гашт, ба чандон насиҳат, ки кард ва акнун чун шунуд, ки кор якрӯя гашт, ба зудӣ ба Ҳирот омад ва фаровон молу ҳадя оварда, валекин Амирро бар он оварда буданд[12], ки вайро фурӯ бояд гирифт[13]. Ва Амир дар халвате, ки карда буд дар роҳ, чизе берун дод аз ин боб[14] ва мо бисёр насиҳат кардему гуфтем, чокарест мутеъ ва фарзандону ҳашаму чокарону табаъи[15] бисёр дорад, аз вай хато нарафтааст, ки мустаҳаққи он аст, ки бар вай дил гарон бояд кард[16]. Ва Хоразм саҳри[17] туркон аст ва дар вай баста

---

[1] бахшишиҳои эзидӣ.
[2] ба хости Худованд ва дастури Ӯ, ки тавонову бузург аст.
[3] мактуб, нома.
[4] қосид.
[5] мурд; ин ахбори Байҳақиро дар бораи Қадархони қарохонӣ муаррихон чун дигар маълумоти ӯ пиромуни Қарохониён нодир медонанд. Ниг. ба китоби Караев О. История караханидского каганата.
[6] сафире.
[7] халифаи аббосӣ.
[8] баробар аст бо 17 ноябри соли 1030-и милодӣ.
[9] нигарон.
[10] ба миён оварад.
[11] ором шуд.
[12] ангехта ва водошта буданд.
[13] зиндонӣ кард.
[14] яъне, андаке аз ин гуфтугӯйи маҳрамонаро фош кард.
[15] пайравони.
[16] яъне, набояд аз вай ранҷид.
[17] марзи.

аст[1]. Амир гуфт: «Ҳама ҳамчунин аст, ки шумо мегӯед ва ман аз вай хушнудам ва сазои он кас, ки дар боби вай сухани муҳол[2] гуфт, фармудем ва низ пас аз ин касро заҳра набошад, ки сухани вай гӯяд, ҷуз ба некӣ». Ва фармуд, ки хилъати вай рост бояд кард, то биравад. Ва Булҳасани Уқайлии надимро бихонду пайғомҳои некӯ дод сӯйи Олтунтош ва гуфт: «Ман мехостам, ки ӯро ба Балх бурда ояд ва пас он ҷо хилъату дастурӣ диҳем, то сӯйи Хоразм бозгардад, аммо андешидем, ки магар он ҷо дертар бимонад ва дар он диёр[3] бошад, ки халале уфтад ва дигар онро аз Порёб[4] сӯйи Андхуд[5] рафтан наздик аст, бояд, ки бисозад, то аз Порёб биравад».

Олтунтош чун пайғом бишнуд, бархост ва замин бӯса доду гуфт: «Бандаро хуштар он будӣ, ки чун пир шудааст, аз лашкарӣ даст бикашидиву ба Ғазнин рафтӣ ва бар сари турбати Султони мозӣ бинишастӣ, аммо чун фармони худованд бар ин ҷумла аст, фармонбурдорам».

Дигар рӯз, Амир ба Порёб расид. Бифармуд, то хилъати ӯ, ки рост[6] карда буданд, хилъате сахт фохир ва бар он чӣ бар рӯзгори Султон Маҳмуд ӯро расм буд, зиёдатҳо фармуда ва пеш омаду хидмат кард ва Амир вайро дар бар гирифту бисёр бинавохташ ва бо каромати бисёр бозгашт. Ва ҳама аъёну бузургони даргоҳ наздики вай рафтанд ва сахт некӯ ҳаққ гузорданд[7]. Ва дастурӣ ёфт, ки дигар рӯз биравад.

Ва шаб Бумансур дабири хешро наздики ман фиристод, ки Бунасрам[8], пӯшида[9] ва ин мард аз муътамадони хосси ӯ буд ва пайғом дод, ки «Ман дастурӣ[10] ёфтам ба рафтан сӯйи Хоразм ва фардо шаб, ки огоҳ шаванд, мо рафта бошем. Ва иститлоъи раъйи дигар, то биравам, нахоҳам кард, ки қоида каж мебинам[11]. Ва ин подшоҳ[12] ҳалиму кариму бузург аст, аммо чунонки ба рӯйи кор дидам, ин гурӯҳе мардум, ки гирди ӯ даромадаанд, ҳар яке чун вазире истода ва вай сухан мешунаваду бар он кор мекунад; ин кори

---

[1] яъне, амнияти ин мулк (Хоразм), ки сарҳади туркон аст ба шахсияту обрӯйи Олтунтош вобаста аст.
[2] беҳуда.
[3] манзур Хоразм аст.
[4] яке аз шаҳрҳои Хуросон, ки дар вилояти Гузгонон буд.
[5] шаҳре аз Хуросон, ки дар канори биёбон миёни Балху Марв ҷойгир буд.
[6] омода.
[7] ҳадяҳо бахшиданд.
[8] ин қиссаро Байҳақӣ аз забони Бунаср ҳикоят мекунад.
[9] пинҳонӣ.
[10] иҷозат.
[11] бунёди корҳоро нодуруст мебинам.
[12] Масъуд.

ростниҳодаро табоҳ хоҳанд кард. Ва ман рафтам ва надонам, ки ҳоли шумо чун хоҳад шуд, ки ин ҷо ҳеч далели хайр нест. Ту, ки Бунасрӣ, бояд андешаи кори ман дорӣ, ҳамчунонки то ин ғоят доштӣ, бо ин ки ту ҳам мумкин нахоҳӣ буд дар шуғли хеш[1], ки он низом, ки буд, бигусаст ва корҳо ҳама дигар шуд. Аммо нагӯям, то чӣ равад?» Гуфтам: «Чунин кунам!» Ва машғулдилтар аз он гаштам, ки будам; ҳарчанд, ки ман беш аз он донистам, ки ӯ гуфт[2].

Чун як пос аз шаб бимонд, Олтунтош бо хоссагони худ барнишасту бирафт ва фармуда буд, ки кӯс[3] набояд зад, то ба ҷо наёранд[4], ки ӯ бирафт. Ва дар шаб Амирро бар он оварда буданд, ки ночор Олтунтошро фурӯ бояд гирифт ва ин фурсатро зоеъ набояд кард. То хабар ёфтанд, даҳ-дувоздаҳ фарсанг ҷониби вилояти худ[5] бирафта буд. Абдусро[6] бар асари вай бифиристоданду гуфтанд: «Чанд муҳимми дигар аст, ки ногуфта мондаасту чандон каромат[7] аст, ки наёфтааст ва дастурӣ дода будем рафтанро ва бирафту он корҳо мондааст». Ва андешаманд буданд, ки бозгардад ё на. Ва чун Абдус бад-ӯ расид, ӯ ҷавоб дод, ки «Бандаро фармон буд ба рафтан ва ба фармони олӣ бирафт; ва зиштӣ дорад бозгаштан ва мисоле[8], ки мондааст, ба нома рост тавон кард ва дигар, ки дӯш[9] нома расидааст, аз Хоҷа Аҳмади Абдуссамади кадхудош[10], ки куҷоту ҷағроқу хафҷоқ[11] меҷунбанд[12] аз ғайбати ман, ногоҳ халале уфтад».

Ва Абдусро ҳаққе некӯ бигузорд[13], то ниёбати некӯ дорад ва узр боз намояд. Ва Олтунтош ҳам дарсоат барнишасту Абдусро як ду фарсанг бо хештан бурд, яъне, ки бо вай сухане чанд фариза дорам; ва суханони нуҳуфта бо ӯ бигуфту он гоҳ бозгардонид.

---

[1] яъне шояд туро (Бунасрро) ҳам нагузоранд, ки дар вазифаи худ (раиси девони рисолат) кор кунӣ.
[2] яъне, ман (Бунаср) аз он чӣ ӯ мегуфт бештар медонистам.
[3] нақораи бузург.
[4] нафаҳманд.
[5] яъне, ба сӯйи Хоразм.
[6] яке аз дарбориёни турки наздик ба Амир Масъуд.
[7] бузургдошт, инъому икром.
[8] амре.
[9] дирӯз.
[10] Хоҷа Аҳмади Абдуссамад, кадхудо (коргузор, вазири музофот)-и Олтунтош, ки баъдан вазири Масъуд гардид.
[11] куҷот, чағроқ, хафчоқ – номи се тоифае, ки дар Хоразм нуфузи бисёр дошта, гоҳ-гоҳ даст ба шӯриш мезаданд.
[12] қасди фитнаангезӣ доранд.
[13] инъоми шоиста бахшид.

Ва чун Абдус ба лашкаргоҳ бозрасиду ҳолҳо боз ронд, муқаррар гашт, ки мард[1] сахт тарсида буд. Ва он рӯз бисёр сухани муҳол бигуфта буданд[2] ва Булҳасани Уқайлиро, ки дар миёни пайғоми Олтунтош буд, хиёнатҳо ниҳода ва ба ҷониби Олтунтош мансуб карда ва гуфта, ки ин падариён нахоҳанд гузошт, то худовандро муроде барояд ва ё моле ба ҳосил шавад ва ҳамагон забон дар даҳони якдигар доранд ва Амир бонг бар эшон зад ва хору сард кард. Пас маро бихонду холӣ кард ва гуфт: «Чунон менамояд, ки Олтунтош муставҳаш[3] рафтааст». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, ба чӣ сабаб? Ва на ҳамоно, ки муставҳаш рафта бошад, ки марде сахт бахираду фармонбурдор аст ва бисёр навохт ёфт аз худованд ва бо бандагон шукри бисёр кард». Гуфт: «Чунин буд, аммо мешунавем, ки бадгумонӣ уфтодааст». Гуфтам: «Сабаб чист?» Қисса карду гуфт: «Инҳо нахоҳанд гузошт, ки ҳеч коре бар қоидаи рост бимонад». Ва ҳар чӣ рафта буд, бо ман бигуфт. Гуфтам: «Банда ба Ҳирот бозгуфта аст ва бар лафзи олӣ рафтааст, ки эшонро ин тамкин[4] набошад. Акнун чунонки банда мешунаваду мебинад эшонро тамкини сахт тамом аст. Ва Олтунтош бо банда нуктае чанд бигуфтааст дар роҳ, ки меронадем. Шикояте накард, аммо дар насиҳати Амир сухане чанд бигуфт, ки шафақате сахт тамом дорад бар давлат ва сухан бар ин ҷумла буд, ки «корҳо бар қоидаи рост намебинад, худованд бузургнафас аст ва нест[5] ҳамто ва ҳалиму карим аст, валекин бас шунуда[6] аст ва ҳар кас заҳраи он дорад, ки на ба андозаву пойгоҳи хеш бо вай сухан гӯяд ва ӯро бад-ӯ нахоҳанд гузошт[7]. Ва аз ман, ки Олтунтошам ҷуз бандагию тоат рост наёяд. Ва ин ки ба фармони олӣ меравам ва сахт ғамноку ларзон бар ин давлати бузург чун бандагон ва мушфиқон, надонам, то ин ҳол чун хоҳад шуд?». Ин миқдор бо банда гуфт ва дар ин ҳеч бадгумонӣ наменамояд. Худованд дигар чизе шунуда аст? Он чӣ рафта буд ва ӯро бар он дошта буданд ба тамомӣ боз гуфт. Гуфтам: «Ман, ки Бунасрам, замонам[8], ки аз Олтунтош ҷуз ростию тоат наёяд. Гуфт: «Ҳарчанд чунин аст, дили ӯ дар бояд ёфт[9], рафту нома набишт, то

[1] Олтунтош.
[2] яъне, дар ғойиби ӯ суханони беҳудаву туҳмат гуфта буданд.
[3] ваҳшатёфта, андуҳгин.
[4] по бар ҷо кардан
[5] надорад
[6] бисёр сухани суханчинон мешунавад
[7] ӯро ба ҳоли худ раҳо нахоҳанд кард
[8] зомин, кафил
[9] дилҷӯйӣ бояд кард

тавқеъ кунем[1] ва ба хатти хеш фасле дар зери он бинависем, ки бар забони Абдус пайғом дода будем, ки бо вай чанд сухан буд гуфтанӣ ва вай ҷавоб бар ин ҷумла дод, ки шунудӣ. Ва чун ин суханон набишта наёяд, вай бадгумон бимонад». Гуфтам: «Он чӣ салоҳ аст, худованд бо банда бозгӯяд, то бандаро муқаррар гардад ва донад, чӣ бояд набишт». Гуфт: «Аз масолеҳи мулк ва ин корҳо, ки дорем ва пеш хоҳем гирифт он чӣ савоб аст ва ба фароғи дили[2] вай боз гардад, бибояд набишт, чунонки ҳеч бадгумонӣ намонад ӯро». Пас ба сари кор шудам[3], гуфтам: «Ман бидонистам, ки нома чун набишта бояд, фармони олӣ кадом касро бинад, ки барад?» Гуфт: вакили дарашро бояд дод, то бо Абдус биравад». Гуфтам: «Чунин кунам!» Ва биёмадаму нома набишта омад бар ин нусхат, ки таълиқ[4] карда омадааст.

Фармоне, ки ба Хоразмшоҳ набишташуда аз ҷониби Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу

Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Баъда-с-садра ва-д-дуъо[5], мо бо дили хеш ҳоҷиби фозил, амм Хоразмшоҳ Олтунтошро бад-он ҷойгоҳ ёбем, ки падари мо Амири мозӣ буд, ки аз рӯзгори кӯдакӣ то имрӯз ӯро бар мо шафақату меҳрубонӣ будааст, ки падаронро бошад бар фарзандон. Агар бад-он вақт буд, ки падари мо хост, ки вайро валиаҳде бошад ва андар он раъй хост аз вай ва дигар аъён, аз баҳри моро ҷон бар миён баст, то он кори бузург бо номи мо рост шуд ва пас, агар чун аз он ҳосидону душманон дили ӯро бар мо табоҳ карданду дурушт, то моро ба Мултон фиристод ва хост, ки он раъйи некӯро, ки дар боби мо дида буд, бигардонад ва хилъати вилоятаҳдро ба дигар кас арзонӣ дорад, чунон рифқ[6] намуд ва латоифи ҳиял[7] ба кор оварда, то кори мо аз қоида бинагашт ва фурсат нигоҳ медошт ва ҳилат месохт ва ёрон гирифт, то ризои он худовандро ба боби мо дарёфт ва ба ҷой бозовард ва моро аз Мултон бозхонду ба Ҳирот фиристод. Ва чун қасди Рай кард ва мо бо вай будем ва Ҳоҷиб аз Гургонҷ[8] ба Гургон[9] омад ва дар боби мо

---

[1] имзо кунем
[2] осудагии хотир
[3] яъна ба навиштани нома шуруъ кардам
[4] замима шудааст
[5] пас аз унвони нома ва дуруду дуъо
[6] нармӣ.
[7] хилаҳои латиф.
[8] Гургонҷ ё Урганҷ – пойтахти музофоти Хоразм. Урганҷи нав дар ҳудуди Узбакистон ва Куҳнаурганҷ дар ҳудуди Туркманистон воқеъ гардидааст.
[9] Гургон – вилояти муҳимме, ки дар соҳили Баҳри Хазар воқеъ буда, ҷузви қалamрави Ғазнавиён ба ҳисоб мерафт.

бародарон ба қисмати вилоят сухан рафт, чандон ниёбат[1] дошт ва дар ниҳон сӯйи мо пайғом фиристод, ки «Имрӯз албатта рӯйи гуфтор нест, инқиёд[2] бояд намуд ба ҳар чӣ худованд бинаду фармояд». Ва мо он насиҳати падарона қабул кардем ва хотимати он бар ин ҷумла буд, ки имрӯз зоҳир аст. Ва чун падари мо фармон ёфт[3] ва бародари моро ба Ғазнин оварданд, номае, ки набишту насиҳате, ки кард ва хештанро, ки пеши мо дошт ва аз эшон боз кашид[4], бар он ҷумла буд, ки мушфиқону бихрадон ва дӯстони ба ҳақиқат гӯянду нависанд, ҳоли он ҷумла бо мо бигуфтанд ва ҳақиқат равшан гаштааст. Ва касе, ки ҳоли вай бар ин ҷумла бошад, тавон донист, ки эътиқоди вай дар дӯстиву тоатдорӣ то кадом ҷойгоҳ бошад. Ва мо, ки аз вай ба ҳама рӯзгорҳо ин якдилӣ дидаем, тавон донист, ки эътиқоди мо ба некӯдошту супурдани вилоят ва афзун кардани маҳаллу манзилат ва баркашидани фарзандонашро ва ном ниҳодан мар эшонро то кадом ҷойгоҳ бошад. Ва дар ин рӯзгор, ки ба Ҳирот омадем, вайро бихондем, то моро бубинад ва самарати кирдорҳои хуби хеш биёбад. Пеш аз он, ки нома бад-ӯ расад, ҳаракат карда буд ва рӯй ба хидмат ниҳода. Ва мехостем, ки ӯро бо хештан ба Балх барем; яке он ки дар муҳиммоти мулк, ки пеш дорем, бо раъйи равшани ӯ ручуъ кунем, ки муаттал[5] мондааст, чун мукотабат кардан бо Хонону аҳд бастану ақд ниҳодан ва Алитагинро, ки ҳамсоя аст ва дар ин фатарот, ки уфтод, боде дар сар кардааст, бад-он ҳадду андоза, ки буд, боз овардану авлиёву ҳашамро бинавохтан ва ҳар яке аз эшонро бар миқдору маҳаллу[6] мартабат бидоштан ва ба умеде, ки доштаанд, расонидан. Мурод мебуд, ки ин ҳама ба мушоҳадату истисвоби[7] вай бошад ва дигар ихтиёр он буд, то вайро ба сазотар боз гардонида шавад. Аммо чун андешидем, ки Хоразм сағре бузург асту вай аз он ҷо рафтааст ва мо ҳанӯз ба Ғазнин нарасида ва бошад, ки душманон таъвиле[8] дигаргуна кунанд ва набояд, ки дар ғайбати ӯ халале уфтад, дастурӣ додем, то биравад. Ва вайро, чунонки Абдус гуфт, номаҳо расида буд, ки фурсатҷӯён меҷунбанд[9] ва дастурӣ бозгаштан уфтода буд, дарвақт ба таъҷилтар бирафт. Ва Абдус ба фармони мо бар асари

---

[1] ба маънои ҳифзи нафаре дар вақти ғойиб будани ӯ.
[2] фармонбурдорӣ.
[3] мурд.
[4] канора ҷуст.
[5] муаттал – бемору алил; бенаво, дармонда, бечора.
[6] ҷойгоҳ.
[7] савобдид.
[8] тафсире
[9] ишора ба ҷунбиши қабилаҳои куҷот, ҷакроқ ва хафчоқ.

вай биёмад ва ӯро бидиду зиёдати икроми мо ба вай расонид ва боз намуд, ки чанд муҳимми дигар аст бозгуфтанӣ бо вай. Ва ҷавоб ёфт, ки «Чун бирафт, магар зишт бошад бозгаштан ва шуғлу фармоне, ки ҳасту бояд, ба нома рост бояд кард».

Ва чун Абдус ба даргоҳ омад ва ин бигуфт, мо раъйи ҳоҷибро дар ин боб ҷазил[1] ёфтем ва аз шафақату муносаҳат[2], ки вай дорад бар мову давлат, ҳамин воҷиб кард, ки чун донист, ки дар он сағр халале хоҳад уфтод, чунонки муътамадони вай набишта буданд, биштофт, то ба зудӣ ба сари кор расад, ки ин муҳиммот, ки мебояст, ки бо вай бо мушофаҳа[3] андар он раъй зада ояд, ба нома рост шавад.

Аммо як чиз бар дили мо зуҷрат[4] кардааст ва меандешем, ки набояд, ки ҳосидони давлатро, ки кор ин аст, ки ҷаҳди хеш мекунанд, то ки биравад ва агар наравад[5], дилмашғулиҳо меафзояд, чун каждум, ки кори ӯ газидан аст, бар ҳарчӣ пеш ояд, сухане пеш рафта бошад ва надонем, ки он чӣ ба дили мо омадааст, ҳақиқат аст ё на. Аммо воҷиб донем, ки дар ҳар чизе, ки аз он роҳатеву фароғате ба дили вай пайвандад, муболағате[6] тамом бошад. Раъй чунон воҷиб кард, ки ин нома фармуда омад ва ба тавқеи мо муаккад[7] гашт ва фасле ба хатти мо дар охири он аст. Абдусро фармуда омад ва Бусаъди Мусъадиро, ки муътамид ва вакили дар аст аз ҷиҳати вай, мисол дода шуд, то онро ба зудӣ ба наздики вай баранд ва бирасонанд ва ҷавоб биёранд, то бар он воқиф шуда ояд.

Ва чанд фариза аст, ки чун ба Балх расем дар замони саломат, онро пеш хоҳем гирифт, чун мукотабат кардан бо хонони Туркистон ва овардани Хоҷаи фозил Абулқосим Аҳмад ибн ал-Ҳасан, адомаллоҳу таъйидаҳу, то вазорат бад-ӯ дода ояд ва ҳадиси ҳоҷиб Осағтагини Ғозӣ[8], ки моро ба Нишобур хидмате кард бад-он некӯӣ ва бад-он сабаб маҳалли[9] сипаҳсолорӣ ёфт. Ва низ он маонӣ, ки пайғом дода шуд, бояд ки бишнавад ва ҷавобҳои мушаббаҳ[10] диҳад, то бар он воқиф шуда ояд. Ва бидонад, ки мо ҳар чӣ аз ин муҳиммот

---

[1] устувор.
[2] панду насиҳатдиҳӣ.
[3] рӯё-рӯй сухан гуфтан.
[4] андуҳ ва малол.
[5] маънои ҷумла: душманон бадхоҳӣ мекунанд, агар суханашон таъсир накард, иғво меангезанд.
[6] сахткӯшӣ.
[7] устувор.
[8] яке аз сарони артиши Маҳмуд, саркардаи ғуломони саройӣ ва аз тарафдорони Масъуд.
[9] мансаби.
[10] пурра, муфассал.

пеш гирем, андар он бо вай сухан хоҳем гуфт, чунонки падари мо, Амири мозӣ, разияллоҳу анҳу, гуфтӣ, раъйи ӯ муборак аст. Бояд, ки вай низ ҳам бар ин равад ва миёни дилро бо мо менамояд[1] ва савобу салоҳи корҳо мегӯяд беҳашматтар, ки сухани вайро наздики мо маҳаллест сахт тамом, то дониста ояд».

Хатти Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу: «Ҳоҷиби фозил Хоразмшоҳ адомаллоҳу иззаҳу, бар ин нома эътимод кунад ва дил қавӣ дорад, ки дили мо ба ҷониби вай аст[2]».

Чун Абдус ва Бусаъди Мусъадӣ боз омаданд, мо ба Балх расида будем. Ҷавоб оварданд сахт некӯву бандагона[3] бо бисёр тавозуъу бандагӣ ва узри рафтани ба таъҷил сахт некӯ бознамуда. Ва Амир холӣ кард бо ману Абдус гуфт: «Нек ҷаҳд кардем, то Олтунтошро дартавонистем ёфт бо мӯе[4], ки вайро нек тарсонида буданд ва ба таъҷил мерафт, аммо бад-он нома биёромид ва ҳамаи нафратҳо зоил гашту қарор гирифт ва мард ба шодмонагӣ бирафт».

Ва ҷавоби нома бар ин ҷумла дод, ки «Ҳадиси хонони Туркистон аз фароиз[5] аст, бо эшон мукотабат кардан ба вақти омадан ба Балх дар замони саломату саъодат ва он гоҳ бар асар расулон фиристодан ва аҳду ақд хостан, ки маълум аст, Амири мозӣ чанд ранҷ бурд ва молҳои азим базл кард[6], то Қадархон хонӣ ёфт ба қуввати мусоадати ӯ ва кори вай қарор гирифт[7] ва имрӯз онро тартиб бояд кард, то дӯстӣ зиёдат гардад, на он ки эшон дӯстони ба ҳақиқат[8] бошанд, аммо муҷомалат[9] дар миёна бимонад ва иғвое накунанд. Ва Алитагин душман асту мори думканда, ки бародарашро Туғонхон аз Балосоғун[10] ба ҳашмати Амири мозӣ барандохтааст ва ҳаргиз дӯст душман нашавад. Бо вай низ аҳдеву муқорабате[11] бояд, ҳарчанд бар он эътимоде набошад, ночор карданист, ва чун карда омад, навоҳии Балху Тахористону Чағониён ва

---

[1] яъне аз ният ва он чӣ дар дил дорад моро огоҳ кунад.

[2] ин ҷумларо Масъуд бо дасти худ навиштааст, то он ки Олтунтош онро бинад ва бовар кунад.

[3] бандавор.

[4] яъне муносибати мо чун муйе монда буд, ки имкон дошт канда шавад.

[5] ҷамъи фариза, хеле зарур.

[6] бахшид, дод.

[7] аз ин ҷумла маълум мешавад, ки Ғазнавиён дар корҳои дохилии Қарохониён дахолат мекардаанд.

[8] ростин.

[9] некрафторӣ.

[10] шаҳре дар Туркистони Шарқӣ, наздикии Кошғар, пойтахти нахустини Қарохониён.

[11] бо фиреб бо касе сухани нарм гуфтан; дар ҷойи дигар ба ҷойи ин калима Байҳақӣ чурбак мегӯяд.

Тирмизу Қубодиёну Хатлон[1] ба мардум[2] оганда бояд кард, ки ҳар куҷо холӣ ёфту фурсат дид, ғорат кунаду фурӯ кӯбад.

Ва аммо ҳадиси Хоҷа Аҳмад. Бандаро бо чунин суханон коре нест ва бар тарафе аст[3]. Он чӣ раъйи олиро хуштару мувофиқтар ояд, мебояд кард, ки мардумон донанд, ки миёни ман ва он меҳтари нест ҳамто[4] нохуш аст. Ва ҳадиси Осағтагини ҳоҷиб: Амири мозӣ чун Арслони Ҷозиб[5] гузашта шуд, ба ҷойи Арслон марде ба пой кардан[6] ӯро писандид, аз бисёр мардуми шоиста, ки дошт ва дигаронро медиду медонист. Агар шоистаи шуғле бад-он номдорӣ набудӣ, нафармудӣ. Ва худовандро хидмате сахт некӯ кардааст. Ба гуфтори мардумон машғул набояд буд ва салоҳи мулк нигоҳ бояд дошт. Ва чун худованд дар номае, ки фармудааст, ба банда дастурӣ додааст ва мисол дода, то банда ба мукотабат салоҳе боз намояд, як нукта бигуфт бо ин муътамид[7] ва худовандро худ муқаррар аст, ба гуфтори банда ва дигар бандагон ҳоҷат наёяд, ки Амири мозӣ муддат ёфту давлат ва қоидаи мулк сахт қавӣ ва устувор пеши худованд ниҳоду бирафт. Агар раъйи олӣ бинад, бояд, ки ҳеч касро заҳраву тамкини[8] он набошад, ки як қоидаро аз он бигардонад, ки қоидаи ҳама корҳо бигардад. Ва банда беш аз ин нагӯяд ва ин кифоят аст».

Амирро ин ҷавобҳо сахт хуш омад ва мо бозгаштем. Дигар рӯз Мусъадӣ наздики ман[9] омад ва пайғоми Хоразмшоҳ оваруду гуфт: «Душманон кори хеш бикарда буданд ва худованд-султон он фармуд дар боби ман бандаи ягонаи мухлиси бехиёнат, ки аз бузургии ӯ сазид ва ман донам, ки ту ин дарёфта бошӣ. Ман[10] лахте сокинтар гаштаму рафтам, аммо яқин бидонад хештанро, ки агар ба даргоҳи олӣ пас аз ин ҳазор муҳим афтад ва тамаъи[11] он бошад, ки ман ба тани хеш биёям, набояд хонд[12], ки албатта наёям. Валекин, ҳарчанд лашкар бояд[13] бифиристам ва агар бар тарафе хидмате

[1] мулкҳои моваруннаҳрии Ғазнавиён.
[2] лашкар.
[3] бетараф аст.
[4] беҳамто.
[5] Арслони Ҷозиб – яке аз наздикони Маҳмуд, ки ҳоҷиб буда, Утбӣ ва Гардезӣ ҳам аз ӯ зиёд ёд кардаанд.
[6] гумоштан.
[7] сухани маҳрамонае ба муътамид Бусаъди Мусъадӣ гуфтам, аз ӯ бояд пурсид.
[8] қудрати.
[9] Бунасри Мушкон.
[10] Хоразмшоҳ.
[11] умедвории.
[12] набояд даъват кард.
[13] зарур аст.

бошад ва маро фармуда ояд, то солору пешрав бошам, он хидмат ба сар барам ва ҷону тану сӯзиён[1] ва мардумро дареғ надорам, ки ҳолҳои ҳазрат[2] бидидам ва нек бидонистам – нахоҳанд гузошт он қавм, ки ҳеч кор бар қоидаи рост биравад ё бимонад. Аз худованд ҳеч айб нест, айб аз бадомӯзон аст, то ин ҳолро нек дониста ояд».

Ман ки Бунасрам амонат нигоҳ надоштам ва бирафтаму бо Амир бигуфтаму дархостам, ки пӯшида бимонад ва намонд[3]. Ва тадбири дигар сохтанд дар барандохтани Хоразмшоҳ сахт воҳиву[4] суст ва нарафт[5] ва бадгумонии мард зиёдат шуд ва пас аз ин оварда ояд ба ҷойгоҳ.

Ва ҳам дар ин роҳ ба Марварруд[6] Хоҷа Ҳасан, адомаллоҳу саломатаҳу, кадохудойи Амир Муҳаммад, ба даргоҳ расид ва аз Гузгонон меомад ва хизона ба қалъати Шодёх[7] ниҳода буд ба ҳукми фармони Амир Масъуд ва ба муътамади ӯ супурда, то ба Ғазнин бурда ояд ва дар ин боб хидматеву тақаррубе некӯ карда. Чун пеш омад бо нисоре тамому ҳадяе ба ифрот[8] ва расми хидматро ба ҷой оварда. Амир вайро бинавохту некӯӣ гуфт ва ба ростиву амонат бистуд. Ва ҳама аркону аъёни давлат ӯро биписандиданд бад-он ростиву амонату хидмат, ки кард дар маънии он хизонаи бузург, ки чун донист, ки кори худовандаш бибуд[9], дил дар он мол набаст ва хештанро ба дасти шайтон надод ва роҳи росту ҳаққ гирифт, ки марди бохираду тамом буд, гарму сард чашидаву[10] кутуб хонда ва авоқибро[11] бидониста, то лоҷарам[12], ҷоҳаш бар ҷой бимонд.

Ва дар ин роҳ Хоҷа Бусаҳли Ҳамдавӣ менишаст ба нимтарки[13] девон ва дар муомалот сухан мегуфт, ки аз ҳамагон ӯ беҳтар донист ва низ ҳишмати вазорат гирифта буд ва Амир вайро ба чашме некӯ менигарист. Ва Хоҷа Абулқосими Касир[14] низ ба девони арз менишаст ва дар боби лашкар Амир бо вай сухан мегуфт. Ва аз

---

[1] суду зиён.
[2] ҳолҳои ҳазрат – авзоъи даргоҳи подшоҳ ва пойтахт.
[3] яъне, Амир ин розро фош кард.
[4] суст, бебунёд.
[5] тадбир иҷро нашуд.
[6] мавзеъе дар Хуросон мобайни Марв ва Балх.
[7] номи деҳае дар Балх; бо ин ном дар Нишопур ҳам мавзеъе буд, ки дар боло оварда шуд.
[8] хеле бисёр.
[9] ба поён расид.
[10] ботаҷриба.
[11] паёмадро, оқибатро.
[12] ҳаройина, ба ростӣ.
[13] як навъ хайма.
[14] дар давраи ҳукумати Маҳмуд аз мансабдори баландмартабаи дарбор буд

хоҷагони даргоҳу муставфиён[1] чун Тоҳир ва Булфатҳи Розӣ ва дигарон наздики Бусаҳли Ҳамдавӣ менишастанд. Ва шуғли вазорат Булхайри Балхӣ меронд, ки ба рӯзгори Амири мозӣ омили[2] Хатлон буд. Ва Тоҳиру Ирокӣ боде дар сар доштанд бузург. Ва бештари халватҳо бо Бусаҳли Завзанӣ буд ва мусорафот[3] ӯ мебурид ва мурофаотро[4] ӯ мениҳод ва мусодарот[5] ӯ мекард ва мардумон аз вай бишкӯҳиданд[6]. Ва пайғомҳо бар забони вай мебуд дар бештар аз муҳиммоти мулк[7]. Ва низ Абдус сахт наздик буд ба миёнаи ҳама корҳо даромада.

Ва ҳоҷиби бузург Алиро муваззани[8] муътамади Абдус ба қалъати Курк[9] бурд, ки дар Ҷиболи Ҳирот аст ва ба кутволи он ҷо супурд, ки нишондаи[10] Абдус буд. Ва сухани Алӣ пас аз он ҳама Амир бо Абдус гуфтӣ ва номаҳо, ки ҳама аз кутволи Курк омадӣ, ҳама Абдус арза кардӣ, он гоҳ наздики устодам фиристодӣ ва ҷавоби он ман набиштаме, ки Булфазлам бар мисоли устодам ва биёрам пас аз ин, ки дар боби Алӣ чӣ рафт, то он гоҳ, ки фармон ёфт[11]. Ва Мангитирокро низ бибурданду ба Буалии кутвол супурданд ва ба қалъати Ғазнин боздоштанд. Ва дигар бародарону қавмашро ба ҷумла фурӯ гирифтанд ва ҳар чӣ доштанд, ҳама пок бистаданд. Ва писари Алиро, сарҳанг Муҳсин ба Мултон фиристоданд ва сахт ҷавон буд, аммо бахираду хештандор, то, лоҷарам, назар ёфту гушода шуд[12] аз банду меҳнат[13] ва ба Ғазнин омад. Ва имрӯз азизан мукарраман бар ҷой аст ба Ғазнин ва ҳамон хештандориро бо қаноат пеш гирифта ва ба хидмат машғулу дар талаби зиёдате на; бақош[14] бод бо саломат.

Ва Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу, ба саъодату дӯстком[15] меомад то ба Шабурқон[16] ва он ҷо иди Азҳо[17] бикард ва ба сӯйи Балх омад ва он ҷо расид рӯзи сешанбе, нимаи зиҳиҷҷа, санаи иҳдо

---

[1] маъмурони ҳисобу китоби даромаду хароҷоти кишвар.
[2] Ҳоким ва ҷамъоварандаи молиёт.
[3] пул ва моле, ки бо чизе саршикан шуда бошад.
[4] шикоят бурдан назди ҳоким, ҷаласаҳои додхоҳӣ.
[5] забти амвол.
[6] битарсиданд.
[7] корҳои муҳимми кишвар.
[8] дастурёфта.
[9] номи имрӯзааш Карх.
[10] дастнишондаи.
[11] даргузашт.
[12] озод шуд.
[13] ранҷ.
[14] зиндагонияш.
[15] бо кому муроди дӯстон.
[16] шаҳре дар наздикии Балх; имрӯз Шибирғон мегӯянд, ки дар Афғонистон аст.
[17] Қурбон.

ва ишрина ва арбаъа миа[1] ва ба Кушки Дари Абдулаъло фуруд омад ба саъодат. Ва ҷаҳон аруси оростаро монист дар он рӯзгори муборакаш, хосса Балх бад-ин рӯзгор. Дигар рӯз боре дод сахт бошукӯҳ ва аъёни Балх, ки ба хидмат омада буданд бо нисорҳо, бо бисёр некӯӣ ва навохт бозгаштанд. Ва ҳар кас ба шуғли хеш машғул гашт. Ва нишоти шароб кард.

Ва ахбори ин подшоҳ бирондам то ин ҷо ва воҷиб чунон кардӣ, ки аз он рӯз, ки ӯро хабар расид, ки бародарашро ба Тагинобод фурӯ гирифтанд, ман гуфтаме, ӯ бар тахти мулк нишаст, аммо нагуфтам ҳанӯз, ин малик чун мустафизе[2] буд ва рӯй ба Балх дошт ва акнун имрӯз, ки ба Балх расид, корҳо ҳама барқарор бозомад, рондани таърих аз лавне дигар бояд. Ва нахуст хутбае хоҳам набишт ва чанд фасл сухан бад-он пайваст, он гоҳ таърихи ҳумоёни рӯзгори ӯ биронд[3], ки ин китобе хоҳад алоҳида. Ва тавфиқи аслаҳ[4] хоҳам аз Худойи азза ва ҷалла ва ёрӣ ба тамом кардани ин таърих. Иннаҳу субҳонаҳу хайру муваффиқин ва муъинин би манниҳи ва сиъати раҳматиҳи ва фазлиҳи ва салла-л-лоҳу алайҳи ва олиҳи аҷмаъин[5].

[1] баробар 12 декабри соли 1030-и милодӣ.
[2] касе, ки ҳанӯз нимхез аст.
[3] навишт.
[4] шоистатар.
[5] тарҷ: ҳамоно, ки Ӯ муназзаҳ аст, беҳин тавфиқдиҳанда ва ёригар Ӯст ба неъматбахшӣ ва густурдагии меҳру бахшоишу афзунии некӣ ва дуруд бар Муҳаммад ва хонадони вай ҳамагон бод!

МУҶАЛЛАДИ ШАШУМ

Оғози таърихи Амир Шаҳобуддавла Масъуд ибни Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳимо

Ҳамегӯяд Абулфазл Муҳаммад ибн ал-Ҳусейн ал-Байҳақӣ раҳматуллоҳи алайҳи: ҳарчанд ин фасл аз таърих масбуқ[1] аст, бад-он чӣ бигзашт дар зикр, лекин дар рутба собиқ аст. Ибтидо бибояд донист, ки Амири мозӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, шукуфаи ниҳоле буд, ки мулк аз он ниҳол пайдо шуду даррасид чун Амири шаҳид Масъуд бар тахти мулку ҷойгоҳи падар бинишаст. Ва он афозил[2], ки таърихи Амири Одил – Сабуктагинро, разияллоҳу анҳу, бironданд, аз ибтидои кӯдакии вай то он гоҳ, ки ба саройи Алптагин уфтод, ҳоҷиби бузургу сипаҳсолори Сомониён ва корҳои дурушт, ки бар вай бигузашт, то он гоҳ, ки дараҷаи иморати Ғазнин ёфт ва дар он изз гузашта шуд ва кор ба Амир Маҳмуд расид, чунонки набиштаанду шарҳ дода. Ва ман низ то охири умраш набиштам, он чӣ бар ишон буд, кардаанд ва он чӣ маро даст дод ба миқдори дониши хеш низ кардам, то бад ин подшоҳи бузург расидам. Ва ман, ки фазле надорам ва дар дараҷаи эшон нестам, чун муҷтозон[3] будаам, то ин ҷо расидам. Ва ғарази ман на он аст, ки мардуми ин асрро боз намоям ҳоли Султон Масъуд, аноралоҳу бурҳонаҳу, ки ӯро дидаанд ва аз бузургию шаҳомату тафарруди[4] вай дар ҳамаи адавоти[5] сиёсату риёсат воқиф гашта. Аммо ғарази ман он аст, ки таърихи пояе[6] бинависаму банои бузург афрошта гардонам, чунонки зикри он то охири рӯзгор боқӣ монад. Ва тавфиқи итмоми он аз Ҳазрати Самадият хоҳам ва-л-Лоҳу валийу-т-тавфиқ. Ва чун дар таърих шарт кардам, ки дар аввали бинишастани ҳар подшоҳе хутбае бинависам, пас ба рондани таърих машғул гардам, акнун он шарт нигоҳ дорам би машияти-л-Лоҳи ва авниҳи.

---

[1] гузашта.
[2] фозилон.
[3] муҷтоз ба маънои гузошташуда ва таҷовузкунанда.
[4] тафарруд ба маънои ягона.
[5] адавот, ҷамъи адот ва адот ба маънои асбоб ва олати ҳосил кардани чизе.
[6] поя, ба маънои бунёд. Байҳақӣ ният доштааст, ки таърихи бунёдӣ (фундаменталӣ) бинависад.

Фасл

Чунон гӯям, ки фозилтари мулуки гузашта гурӯҳеанд, ки бузургтар буданд. Ва аз он гурӯҳ ду танро ном бурдаанд: яке Искандари Юнонӣ ва дигар Ардашери Порсӣ. Чун худовандону подшоҳони мо аз ин ду бигзаштаанду ба ҳама чизҳо бояд донист ба зарурат, ки мулуки мо бузургтари рӯйи замин будаанд, чӣ Искандар марде буд, ки оташвор султонии вай неру гирифт ва бар боло шуд рӯзе чанд сахт андак ва пас хокистар шуд. Ва он мамлакатҳои бузург, ки гирифт ва дар ободонии ҷаҳон, ки бигашт, сабили вай он аст, ки касе баҳри тамошо ба ҷойҳо бигзарад. Ва аз он подшоҳон, ки эшонро қаҳр кард, чун он хост, ки ӯро гардан ниҳоданд ва хештанро кеҳтари вай хонданд, рост бад он монист, ки савганди гарон доштааст ва онро рост кардааст, то дурӯғ нашавад. Гирди олам гаштан чӣ суд? Подшоҳ зобит бояд, ки чун мулкеву буқъате[1] бигирад ва онро забт натавонад кард ва зуд даст ба мамлакати дигар ёзад ва ҳамчунон бигзараду онро муҳмал гузорад, ҳама забонҳоро дар гуфтани он, ки вай оҷиз аст, маҷоли тамом дода бошад. Бузургтар осори Сикандарро, ки дар кутуб навиштаанд, он донанд, ки ӯ Дороро, ки малики Аҷам буд ва Фурро, ки малики Ҳиндустон буд, бикушт. Ва бо ҳар яке аз ин ду тан ӯро зиллате буда, донанд сахт зишту бузург. Зиллати ӯ бо Доро он буд, ки ба Нишобур дар ҷанг хештанро бар шибҳи расуле ба лашкари Доро бурд. Вайро бишнохтанду хостанд бигиранд, аммо биҷаст. Ва Дороро худ сиқоти[2] ӯ куштанд ва кор зеру забар шуд. Ва аммо зиллат бо Фур он буд, ки чун ҷанг миёни эшон қоим шуду дароз кашид, Фур Искандарро ба муборизат хост ва ҳарду бо якдигар бигаштанд ва раво нест, ки подшоҳ ин хатар ихтиёр кунад. Ва Искандар марди муҳтолу гурбуз[3] буд, пеш аз он ки наздики Фур омад, ҳилате сохт дар куштани Фур ба он, ки аз ҷониби лашкари Фур бонге ба неру омад ва Фурро дил машғул шуду аз он ҷониб нигарист ва Искандар фурсат ёфт ва вайро бизаду бикушт. Пас Искандар марде будааст бо тӯлу арзу бонгу барқу соиқа, чунонки дар баҳору тобистон абр бошад, ки ба подшоҳони рӯйи Замин бигзаштааст ва биборидаву боз шуда, фа кааннаҳу саҳобату сайфин ан қалилин тақашшаъу[4]. Ва пас аз вай понсад сол мулки юнониён, ки бидошт ба ва бар рӯйи Замин бикашид ба як тадбири рост буд, ки Аристотолис[5], устоди

---

[1] буқъат ё буқъа ба маънои замин ва ё қитъаи муайяни замин.

[2] муътамадон.

[3] муҳтолу гурбуз – ҳар ду ибора ба маънии маккору фиребгар ба кор мераванд.

[4] тарҷ. Пас гӯйи вай абри тобистон аст, ки ба андак замон пароканда мешавад.

[5] Арасту (384-322 то милод) ҳакими маъруф, ки устоду раҳнамои Искандар буд.

Искандар карду гуфт: мамлакат қисмат бояд кард миёни мулук, то ба якдигар машғул мебошанд ва ба Рум напардозанд[1]. Ва эшонро мулуку-т-тавоиф хонанд.

Ва аммо Ардашери Бобакон: бузургтар чизе, ки аз вай ривоят кунанд он аст, ки вай давлати шудаи[2] Аҷамро бозовард ва суннате аз адл миёни мулук ниҳод ва пас аз марги вай гурӯҳе бар он рафтанд. Ва лаъамри[3] ин бузург буд, валекин Эзид, азза ва ҷалла, муддати мулуку-т-тавоиф ба поён оварда буд, то Ардашерро он кор бад-он осонӣ бирафт. Ва муъҷизоте мегӯянд ин ду танро будааст, чунонки пайғамбаронро бошад ва хонадони ин давлати бузургро он асар ва маноқиб будааст, ки касеро набуд, чунонки дар ин таърих биёмад ва дигар низ биёяд. Пас, агар тоин[4] ё ҳосиде гӯяд, ки асли бузургони ин хонадони бузург аз кӯдакӣ омадааст, хомилуззикри[5] ҷавоби ӯ он аст, ки то Эзид, азза зикруҳу, Одамро биёфаридааст, тақдир чунон кардааст, ки мулкро интиқол меуфтодааст аз ин уммат бад-он уммат ва аз ин гурӯҳ бад-он гурӯҳ. Бузургтар гувоҳе бар ин чӣ мегӯянд, каломи Офаридгор аст, ҷалла ҷалолуҳу ва тақаддасат асмоуҳу[6], ки гуфтааст: қули-л-лоҳумма молика-л мулки туътийил мулка ман ташоъу ва танзиъу-л-мулка мимман ташоъу ва туъиззу ман ташоъу ва тузиллу ман ташоъ, би-йадика-л-хайру иннака ало кулли шайъин қадир[7]. Пас бибояд донист, ки баркашидани тақдири Эзид, азза зикруҳу, пироҳани мулк аз гурӯҳе ва пӯшонидан дар гурӯҳи дигар андар он ҳикматест Эзидӣ ва маслаҳате омм мар халқи рӯи Заминро, ки дарки мардумон аз дарёфтани он оҷиз мондааст ва касро нарасад, ки андеша кунад, ки ин чирост то ба гуфтор (чӣ) расад? Ва ҳарчанд ин қоида дуруст асту ночор аст аз қазои Худой, азза ва ҷалла, хирадмандон агар андешаро бад ин кор пӯшида гуморанд ва истинботу истихроҷ кунанд, то бар ин далели равшан ёбанд, эшонро муқаррар гардад, ки Офаридгори ҷалла ҷалолуҳу Олими асрор аст, ки корҳои нобударо бидонад. Ва дар илми ғайби Ӯ бирафтааст, ки дар ҷаҳон дар фулон буқъат марде пайдо хоҳад

---

[1] бо ибораи дигар тафриқа андозу ҳукумат кун.

[2] давлати шуда, яъне давлати барҳамхӯрда. Манзур Ардашери Бобакон (224-241 милодӣ) аст, ки муассиси сулолаи Сосониён (224-651) буда, азамату ҷалоли Эронро дубора эҳё кард.

[3] савганд ба ҷонам!

[4] таъназананда ё сарзанишкунанда.

[5] гумноми.

[6] покиза аст номҳои Ӯ.

[7] Тарҷ: Бигӯ: бор Худоё, ай Подшоҳи мулки ҳастӣ, Ту ҳар киро хоҳӣ мулку салтанат бахшӣ ва аз ҳар кӣ бихоҳӣ бозпас гирӣ. Ҳар хайру накӯӣ ба дасти Туст ва танҳо Ту бар ҳар чиз тавоноӣ. (Қуръон, ояи 26, сураи Оли Имрон).

шуд, ки аз он мард бандагони ӯро роҳат хоҳад буду эймонӣ ва он Заминро баракату ободонӣ ва қоидаҳои устувор мениҳад, чунонки чун аз он тухм бад-он мард расид, чунон гашта бошад, ки мардуми рӯзгори вай вазиъу шариф ӯро гардан ниҳанд ва мутеъу мунқод[1] бошанд ва дар он тоат ҳеч хаҷлатро[2] ба хештан роҳ надиҳанд. Ва чунонки ин подшоҳро пайдо орад, бо вай гурӯҳе мардум даррасонад аъвону[3] хидматгорони вай, ки фарохӯри вай бошанд, яке аз дигар меҳтартару кофитар ва шоистатару шуҷоътару донотар, то он буқъат ва мардуми он бад-он подшоҳ ва бад-он ёрон оростатар гардад то он муддат, ки Эзид, азза ва ҷалла, тақдир карда бошад. Таборака-л-лоҳу аҳсану-л холиқин[4].

Ва аз они пайғамбарон, салавотуллоҳу алайҳим аҷмаъин, ҳамчунин рафтааст аз рӯзгори Одам – алайҳиссалом то Хотами анбиё – Мустафо алайҳиссалом. Ва бибояд нигарист, ки чун Мустафо – алайҳиссалом ягонаи рӯйи Замин буд, ӯро ёрон бар чӣ ҷумла дод, ки пас аз вафоти вай чӣ карданд ва Ислом ба кадом дараҷа расониданд, чунонки дар таворихи сияр[5] пайдост, ва то растахез ин шариат хоҳад буд ҳар рӯзе қавитару пайдотару болотар ва лав кариҳа-л мушрикун[6].

Ва кори давлати носирии яминии ҳофизии муъинӣ[7], ки имрӯз зоҳир аст ва Султони муъаззам, Абушуҷоъ Фаррухзод[8] ибни Носиридиниллоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу[9], онро мерос дорад, меросе ҳалол, ҳам бар ин ҷумла аст. Эзид, азза зикруҳу, чун хост, ки давлат бад-ин бузургӣ пайдо шавад бар рӯи Замин, Амири одил Сабуктагинро аз дараҷаи куфр ба дараҷаи имон расонид ва вайро мусалмонӣ ато доду пас баркашид, то аз он асли дарахти муборак шохаҳо пайдо омад ба бисёр дараҷа аз асл қавитар. Бад-он шохҳо Ислом биёрост ва қуввати хулафои Пайғамбари Ислом дар эшон баст, то чун нигоҳ карда ояд, Маҳмуду Масъуд, раҳматуллоҳу алайҳимо, ду офтоби равшан буданд, пӯшидаи субҳе ва шафақе,

---

[1] фармонбурдор.

[2] хаҷлат ё хиҷлат ба маънои шарму ҳаё

[3] ёридиҳандагон, пуштибонон

[4] Тарҷ: поку муназзаҳ аст Худо, ки некӯтарини офаринандагон аст. (Қуръон, ояи 14, сураи Муъминун).

[5] сияр – ҷамъи сират, ба маънои равиш ва тариқа ва одату рафтор, дар ин ҷо мурод баёни аҳволи гузаштагон аст.

[6] ва агарчӣ хуш надоранд мушрикон (қисме аз ояи 33 сураи Тавба)

[7] носирӣ, яминӣ, ҳофизӣ, муъинӣ. Инҳо унвону лақабҳои салотини ғазнавӣ будаанд.

[8] Фаррухзод ибни Масъуд – султони ғазнавӣ, ки солҳои 1053-1059 ҳукумат кардааст ва Байҳақӣ ин сатрҳоро дар аҳди ӯ нигоштааст.

[9] Худованд зиндагонии ӯро дароз гардонад!

ки чун он субҳу шафақ баргузаштааст, равшании он офтобҳо пайдо омадааст. Ва инак аз он офтобҳо чандин ситораи номдору сайёраи тобдори бешумор ҳосил гаштааст. Ҳамеша ин давлати бузург поянда бод ҳар рӯз қавитар алорағми аъдои ва-л ҳосидин[1].

Ва чун аз ин фасл фориғ шудам, оғози фасли дигар кардам, чунонки бар дилҳо наздиктар бошаду гӯшҳо онро зудтар дарёбад ва бар хирад ранҷе бузург нарасад. Бидон, ки Худойи таъоло қуввате ба пайғамбарон салавотуллоҳи алайҳим аҷмаъин додааст ва қуввати дигар ба подшоҳону бар халқи рӯи Замин воҷиб карда, ки бад-он ду қувват бибояд гаравид ва бад-он роҳи рости Эзидӣ бидонист. Ва ҳар кас, ки онро аз фалаку кавокибу буруҷ донад, Офаридгорро аз миёна бардорад ва муътазиливу зиндиқиву даҳрӣ[2] бошад ва ҷои ӯ дӯзах бувад, наъузубиллоҳи мина-л- хизлони[3].

Пас қуввати пайғамбарон, алайҳиссалом, муъҷизот омад, яъне чизҳое, ки халқ аз овардани монанди он оҷиз оянд ва қуввати подшоҳон андешаи борику дарозии даст ва зафару нусрат бар душманон ва дод, ки диҳанд мувофиқ бо фармонҳои Эзид – таъоло, ки фарқи миёни подшоҳони муайяди[4] муваффақ ва миёни хориҷии мутағаллиб[5] он аст, ки подшоҳонро, чун додгару некӯкирдору некӯсирату некӯосор бошанд, тоат бояд дошту гумошта ба Ҳаққ бояд донист ва мутағаллибонро, ки ситамкору бадкирдор бошанд, хориҷӣ бояд гуфт ва бо эшон ҷиҳод бояд кард. Ва ин мизонест, ки некӯкирдору бадкирдорро бад-он бисанҷанд ва пайдо шаванд ва ба зарурат битавон донист, ки аз он ду тан кадом касро тоат бибояд дошт. Ва подшоҳони моро он, ки гузаштаанд, Эзидашон биёмурзод ва он чӣ бар ҷоянд боқӣ дород, нигоҳ бояд кард, то аҳволи эшон бар чӣ ҷумла рафтаасту меравад дар адлу хубии сирату иффату диёнату покизагии рӯзгор ва нарм кардани гарданҳову буқъатҳо ва кӯтоҳ кардани дасти мутағаллибону ситамкорон, то муқаррар гардад, ки эшон баргузидагони Офаридгор, ҷалла ҷалолуҳу ва тақаддасат асмоуҳу будаанд ва тоати эшон фарз будаасту ҳаст. Агар дар ин миён ғазозате[6] ба ҷойи ин подшоҳони мо пайваст, то нокомӣ диданду нодирае уфтод, ки дар ин ҷаҳон бисёр дидаанд, хирадмандонро ба чашми хирад мебояд нигарист ва ғалате сӯйи худ роҳ намебояд

[1] ба нохоҳи душманону ҳасудон.
[2] муътазилӣ, даҳрӣ ва зиндиқ, равияҳои динӣ-фалсафӣ, ки дар аҳди Ғазнавиён мавриди таъқибу озору шиканҷа қарор мегирифтанд.
[3] паноҳ мебарам ба Худованд аз бебаҳрагӣ ва фурӯгузоштагӣ!
[4] нерӯдодашуда.
[5] бо зӯрмандӣ ба тасаррруфи худ дароваранда.
[6] ғазозат ба маънои забунӣ, хорӣ

дод, ки тақдири Офаридгор, ҷалла ҷалолуҳу, ки дар лавҳи маҳфуз қалам чунон рондааст, тағйир наёбад, ва ло марадда ли қазоиҳи азза зикруҳу[1]. Ва ҳақро ҳамеша ҳаққ мебояд донисту ботилро ботил, чунонки гуфтаанд: фа-л ҳаққу ҳаққун ва ин ҷаҳилаҳу-л варо ва-н-наҳору наҳорун ва ин лам йараҳу-л аъмо[2]. Ва асъалу-л-лоҳу таъоло ан яъсимано ва ҷамиъа-л муслимина мина-л-хатои ваз-залали би-тавлиҳи ва ҷудиҳи ва сиъатиҳи раҳматиҳи[3].

Ва чун аз хутба фориғ шудам, воҷиб дидам иншо кардани фасли дигар, ки ҳам подшоҳонро ба кор ояд ва ҳам дигаронро, то ҳар табақа ба миқдори дониши хеш аз он баҳра бардоранд. Пас ибтидо кунам бад-он ки боз намоянд, ки сифати марди хирадманди одил чист, то раво бошад, ки ӯро фозил гӯянду ситами мардуми ситамкор чист, то ночор ӯро ҷоҳил гӯянд ва муқаррар гардад, ки ҳар кас, ки хиради ӯ қавитар, забонҳо дар ситоиши ӯ гушодатар ва ҳар кӣ хиради вай андактар, ӯ ба чашми мардумон сабуктар.

Фасл

Ҳукамои бузургтар, ки дар қадим будаанд, чунин гуфтаанд, ки аз ваҳйи қадим, ки Эзид, азза ва ҷалла, фиристод ба пайғамбари он рӯзгор, он аст, ки мардумро гуфт, ки зоти хеш бидон, ки чун зоти хешро бидонистӣ, чизҳоро дарёфтӣ. Ва Пайғамбари мо, алайҳиссалом, гуфтааст: «Ман арафа нафсаҳ фақад арафа раббаҳ»[4]; ва ин лафзест кӯтоҳ бо маонии бисёр, ки ҳар кас, ки хештанро натавонад шинохт, дигар чизҳоро чӣ гуна тавонад донист? Вай аз шумори баҳоим[5] аст, балки низ бадтар аз баҳоим, ки эшонро тамиз нест ва вайро ҳаст. Пас чун некӯ андеша карда ояд, дар зери ин калимаи бузурги сабук ва сухани кӯтоҳ бисёр фоида аст, ки ҳар кас ӯ хештанро бишинохт, ки ӯ зинда асту охир ба марг ночиз шавад ва боз ба қудрати Офаридгор, ҷалла ҷаллолуҳу, ночор аз гӯр бархезад ва Офардигори хешро бидонист ва муқаррар гашт, ки Офаридгор чун офарида набо-шад, ӯро дини росту эътиқоди дуруст ҳосил гашт. Ва он гоҳ вай бидонад, ки мураккаб аст аз ҷаҳор чиз, ки тани ӯ бад-он ба пой аст ва ҳар гоҳ,

---

[1] ҳукми Худованди бузургу тавоноро ҳеч бозгардонидане нест.

[2] ростӣ ростӣ аст, агачӣ мардум надонанд ва рӯз рӯз аст, агарчӣ кӯр онро набинад.

[3] аз Худои мутаъол мехоҳам моро ва ҳамаи мусалмононро ба бахшишу деҳиш ва фарохии раҳмати хеш аз норостиву лағзиш нигоҳ дорад.

[4] тарҷ: ҳар кас нафси худро шинохт, пас ҳамоно Худои хешро шинохтааст.

[5] чорпо, ҳайвон.

ки як чиз аз онро халал уфтод, тарозуи рост ниҳода[1] бигашт ва нуқсон пайдо омад.

Ва дар ин тан се қувват аст, яке хираду сухан ва ҷояш сар ба мушорикати дил; ва дигар хашм, ҷойгоҳаш дил; ва се дигар орзу ва ҷойгоҳаш ҷигар. Ва ҳар якеро аз ин қувватҳо маҳалли нафсе донанд, ҳарчанд марҷаъи он бо як тан аст. Ва сухан андар он боб дароз аст, ки агар ба шарҳи он машғул шуда ояд, ғараз гум шавад; пас ба нукат[2] машғул шудам, то фоида пайдо ояд. Аммо қуввати хираду сухан: ӯро дар сар се ҷойгоҳ аст – якеро тахайюл гӯянд, нахустин дараҷа, ки чизҳоро битавонад диду шунид; ва дигар дараҷа он аст, ки тамиз тавонад карду нигоҳ дошт. Пас аз ин тавонад донист ҳаққро аз ботил ва некӯро аз зишту мумкинро аз номумкин; ва сеюм дараҷа он аст, ки ҳарчӣ бидида бошад, фаҳм тавонад карду нигоҳ дошт. Пас аз ин бибояд донист, ки аз ин қиёс миёна бузургвортар аст, ки ӯ чун ҳоким аст, ки дар корҳо руҷуъ ба вай кунанд ва қазову аҳком ба вай аст. Ва он нахустин чун гувоҳи адл ростгӯй аст, ки он чӣ шунаваду бинад бо ҳоким гӯяд, то ӯ ба савумин диҳад ва ё чун бозхоҳад, ситонад. Ин аст ҳоли нафси гӯянда. Ва аммо нафси хашмгиранда: ба вай аст ному нанг ҷустан ва ситам нокашидан ва чун бар вай зулм кунанд, ба интиқом машғул будан. Ва аммо нафси орзу: ба вай аст дӯстии таому шаробу дигар лаззатҳо.

Пас, бибояд донист некӯтар, ки нафси гӯянда подшоҳ аст, муставлии[3] қоҳири ғолиб; бояд, ки ӯро адлеву сиёсате бошад сахт тамому қавӣ на чунонки ночиз кунад ва меҳрубонӣ, на чунон, ки ба заъф монад. Ва пас хашм лашкари ин подшоҳ аст, ки бад-эшон халалҳоро дарёбаду суғурро[4] устувор кунад ва душманонро бирамонад ва раиятро нигоҳ дорад. Бояд, ки лашкар сохта бошад ва бо сохтагӣ ӯро фармонбурдор. Ва нафси орзу раияти ин подшоҳ аст. Бояд, ки аз подшоҳу лашкар битарсанд, тарсидане тамом ва тоат доранд. Ва ҳар мард, ки ҳоли вай бар ин ҷумла бошад, ки ёд кардам ва ин се қувватро ба тамомӣ ба ҷой орад чунонки баробари якдигар уфтад ва ба вазне рост, он мардро фозилу комили тамомхирад хондан равост. Пас агар дар мардум яке аз ин қуво бар дигаре ғалаба дорад, он ҷо ночор нуқсоне ояд ба миқдори ғалаба. Ва таркиби мардумро чун некӯ нигоҳ карда ояд, баҳоим андар он бо вай яксон аст, лекин мардумро, ки Эзид,

[1] ниҳода – гузошта, гузорда шуд.
[2] нукат – ҷамъи нукта.
[3] чира ва дастёфта
[4] суғур – ҷамъи сағр, ба маънои марз

азза зикруҳу, ин ду неъмат, ки илм асту амал ато додааст, лоҷарам аз баҳоим ҷудосту ба савобу иқоб мерасад. Пас акнун ба зарурат битавон донист, ки ҳар кас, ки ин дараҷа ёфт, бар вай воҷиб гашт, ки тани хешро зери сиёсати худ дорад, то бар роҳе равад ҳарчӣ сутудатар ва бидонад, ки миёни некиву бадӣ фарқ то кадом ҷойгоҳ аст, то ҳарчӣ сутудатар сӯйи он гарояд ва аз ҳарчӣ накӯҳидатар аз он дур шаваду бипарҳезад.

Ва чун ин ҳол гуфта шуд, акнун ду роҳ – яке роҳи неку дигар роҳи бад падид карда меояд ва онро нишониҳост, ки бад-он нишониҳо битавон донист некӯ ва зишт. Бояд, ки бинанда тааммул кунад аҳволи мардумонро, ҳарчӣ аз эшон ӯро некӯ меояд, бидонад, ки некӯст ва пас ҳоли хешро бо он муқобала кунад, ки агар бар он ҷумла наёбад, бидонад, ки зишт аст, ки мардум айби хешро натавонад донист. Ва ҳакиме ба рамз вонамудааст, ки ҳеч касро чашми айббин нест. Шеър:

Аро кулла инсонин яро айба ғайриҳи
Ва яъмо ани-л айби-л-лази ҳува фиҳи.
Ва куллу имриин тахфо алайҳи уйубуҳу
Ва ябду лаҳу-л айбу-л-лази ли ахиҳи[1].

Ва чун мард уфтад бо хираде тамом ва қуввати хашму қуввати орзу бар вай чира гарданд, то қуввати хирад мунҳазим гардаду бигурезад, ночор ин кас дар ғалат уфтад. Ва бошад, ки донад, ки ӯ миёни ду душмани бузург уфтодааст ва ҳарду аз хиради вай қавитаранд ва хирадро бисёр ҳила бояд кард, то бо ин ду душман бартавонад омад, ки гуфтаанд: вайлун лил-қавиййи байна-з-заъифайни[2]. Пас чун заъифе уфтад миёни ду қавӣ, тавон донист, ки ҳол чун бошад ва он ҷо маъойибу масолиб[3] зоҳир гардад ва маҳосину маноқиб пинҳон монад. Ва ҳукамо тани мардумро ташбеҳ кардаанд ба хонаҳое, ки андар он хона мардеву хукеву шере бошад ва ба мард хирад хостанду ба хук орзуву ба шер хашм ва гуфтаанд аз ин ҳар се, ҳар кӣ банерутар, хона ӯрост. Ва ин ҳолро ба иён мебинанд ва ба қиёс медонанд, ки ҳар марде, ки ӯ тани хешро забт тавонад кард ва гардани ҳирсу орзу битавонад шикаст, равост, ки ӯро марди хирадманди хештандор гӯянд ва он кас, ки орзуи вай ба тамомӣ чира тавонад шуд, чунонки ҳама сӯйи орзуе гарояд ва чашми хирадаш нобино монад, ӯ ба манзилати

[1] тарҷ: мебинам, ки ҳар одамизоде айби дигареро мебинад ва аз айбе, ки худ бад-он гирифтор аст, кӯр мемонад ва ҳар марде айбҳои вай бар худаш пӯшида аст ва айбе, ки бародарашрост, бар вай ошкор мегардад.

[2] тарҷ: вой бар ҳоли тавоное дар миёни ду нотавон!

[3] айбу нуқсон.

хук аст. Ҳамчунонки он кас, ки хашм бар вай даст ёбад ва андар он хашм ҳеч сӯйи ибқову[1] раҳмат нагарояд, ба манзалати шер аст.

Ва ин масъала ночор равшантар бояд кард: агар тоъине гӯяд, ки агар орзуву хашм набоястӣ, Худой, азза ва ҷалла, дар тани мардум наёфаридӣ. Ҷавоб он аст, ки Офаридгорро, ҷалла ҷалолуҳу, дар ҳарчӣ офаридааст, маслаҳатест омму зоҳир. Агар орзу наёфаридӣ, кас сӯйи ғизо, ки он бақои тан аст ва сӯйи ҷуфт, ки дар ӯ бақои насл аст, нагароистӣ ва мардум намондию ҷаҳон вайрон гаштӣ ва агар хашм наёфаридӣ, ҳеч кас рӯй наниҳодӣ сӯйи кина кашидану хештанро аз нангу ситам нигоҳ доштан ва ба мукофот машғул будану аёлу моли хеш аз ғосибон дур гардонидан ва маслаҳат якборагӣ мунқатеъ гаштӣ. Аммо чунон бояд ва сутуда он аст, ки қуввати орзуву қуввати хашм дар тоати қуввати хирад бошанд, ҳардуро ба манзалати сутуре донад, ки бар он нишинад ва чунонки хоҳад, меронаду мегардонад ва агар рому хушпушт набошад, ба тозиёна бим мекунад дарвақт ва вақте, ки ҳоҷат ояд, мезанад ва чун орзу ояд, сиголиш[3] кунад ва бар охураш устувор бубандад, чунонки гушода натавонад шуд, ки агар гушода шавад, хештанро ҳалок кунад ва ҳам он касро, ки бар вай бувад. Ва чунон бояд, ки мард бидонад, ки ин ду душман, ки бо ваянд, ки душманонеанд, ки аз эшон саъбтару қавитар натавонад буд, то ҳамеша аз эшон барҳазар мебошад, ки мабодо, вақте ӯро бифиребонанд ва бад-ӯ намоянд, ки эшон дӯстони ваянд, чунонки хирад аст, то чизе кунад зишт ва пиндорад, ки некӯст ва ба касе ситаме расонад ва чунон донад, ки дод кардааст. Ва ҳарчӣ хоҳад кард бар хирад, ки дӯсти ба ҳақиқати ӯст, арза кунад, то аз макри ин ду душман эмин бошад.

Ва ҳар банда, ки Худой, азза ва ҷалла, ӯро хиради равшан ато дод ва бо он хирад, ки дӯсти ба ҳақиқат ӯст, аҳвол арза кунад ва бо хирад дониш ёр шавад ва **ахбори гузаштагонро бихонад** ва бигардаду кори замонаи хеш нигоҳ кунад, битавонад донист, ки некӯкорӣ чист ва бадкирдорӣ чист ва саранҷоми ҳарду хуб аст ё на ва мардумон чӣ гӯянду чӣ писанданд ва чист, ки аз мардум ёдгор монад некӯтар.

Ва бисёр хирадманд бошад, ки мардумро бар он дорад, ки бар роҳи савоб бираванд, аммо худ ба он роҳ, ки намудааст наравад ва чӣ бисёр мардум бинам, ки амри маъруф кунанду наҳй аз мункар ва гӯянд бар мардумон, ки фулон кор набояд карду фулон кор бибояд кард ва хештанро аз он дур бинанд, ҳамчунонки бисёр

[1] ибқо ба маънои боқӣ мондан. Дар ин ҷо ба маънои риоят ва шафақат ва бахшудан.

табибонанд, ки гӯянд фулон чиз набояд хӯрд, ки аз он чунин иллат ба ҳосил ояд ва он гоҳ аз он чиз бисёр бихуранд. Ва низ файласуфон ҳастанд ва эшонро табибони ахлоқ донанд, ки наҳй кунанд аз корҳои сахт зишт ва ҷойгоҳ чун холӣ шавад, он кор бикунанд. Ва ҷамъе нодон надонанд, ки ғавру[1] ғояти чунин корҳо чист; чун нодонанд, маъзуранд, валекин доноён, ки донанд, маъзур нестанд. Ва марди хирадманди бо азму ҳазм он аст, ки ӯ ба раъйи равшани хеш ба дил яке бувад бо ҷамъият ва ҳамийяти орзуи муҳолро бинишонад. Пас агар мард аз қуввати азми хеш мусоадате тамом наёбад, тане чанд бигузинад ҳарчи носеҳтару фозилтар, ки ӯро бозменамояд айбҳои вай, ки чун вай муҷоҳадат бо душманони қавӣ мекунад, ки дар миёни дилу ҷони вай ҷой доранд, ки агар аз эшон оҷиз хоҳад омад бо ин носеҳон мушоварат кунад, то рӯйи савоб ӯро бинамоянд, ки Мустафо, алайҳиссалом, гуфтааст: «ал-муъмину миръот-ул муъмин»[2]. Ва Ҷолинус[3] ва ӯ бузургтари ҳукамои асри хеш буд, чунонки нест ӯро ҳамто дар илми тиббу гушту хуну табоеъи тани мардумон ва низ танҳо буд дар муолаҷати ахлоқ ва вайро дар он расоиле аст сахт некӯ дар шинохтани ҳар касе хешро, ки хонандагонро аз он бисёр фоида бошад ва умдаи ин кор он гуфтааст: «Ҳар он бихрад, ки айби хешро натавонад донист ва дар ғалат аст, воҷиб кунанд, ки дӯстеро аз ҷумлаи дӯстон баргузинад хирадмандтару носеҳтару роҷеҳтар[4], ва тафаҳҳуси[5] аҳволу одоту ахлоқи хешро бад ӯ муфавваз кунад, то неку зишти ӯ бемуҳобо бо ӯ боз менамояд. Ва подшоҳон аз ҳамагон бад-ин чӣ мегӯям, ҳоҷатмандтаранд, ки фармонҳои эшон чун шамшери буррон асту ҳеч кас заҳра надорад, ки эшонро хилоф кунад ва хатое, ки аз эшон равад, онро дар тавон ёфт».

Ва дар ахбори мулуки Аҷам хондам, тарҷумаи Ибни Муқаффаъ[6], ки бузургтару фозилтари подшоҳони эшон одат доштанд, ки пайваста ба рӯзу шаб то он гаҳ, ки бихуфтандӣ, бо эшон хирадмандон будандӣ нишаста аз хирадмандтарони рӯзгор, бар эшон чун зимомону[7] мушрифон, ки эшонро боз менамудандӣ чи-

---

[1] хушпушт- нармрафтор: сиголиш – шакли дурусти он «шиколиш», ки ба маънои банд барпой аст.
гавар-дар адабӣ ба маънии умқ ва қаъри ҳр чиз

[2] тарҷ: муъмин ойинаи муъмин аст.

[3] Ҷолинус – Гален ҳакими юнонӣ (байни солҳои 129 – 217 зиндагӣ кардааст)

[4] беҳтар.

[5] тафтиш.

[6] Ибни Муқаффаъ – Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (721 – 760), тарҷумони номдори «Худойнома» ва «Калила ва Димна» аз паҳлавӣ ба арабӣ.

[7] зимом ба маънои ройзан.

зе, ки некӯ рафтӣ ва чизе, ки зишт рафтӣ аз аҳволу одоти фармонҳои он гарданкашон, ки подшоҳон буданд. Пас чун вайро шаҳвате бичунбад, ки он зишт аст ва хоҳад, ки он ҳашмату сатват[1] биронад, ки андар он рехтани хунҳо ва истисоли[2] хонадонҳо бошад, эшон онро дарёбанд ва маҳосину мақобеҳи[3] он ӯро боз намоянд ва ҳикоёту ахбори мулуки гузашта бо вай бигӯянд ва танбеҳу инзор[4] кунад аз роҳи шаръ, то ӯ онро бо хираду ақли худ истинбот[5] кунад ва он хашму сатват сукун ёбад; ва он чӣ ба ҳукми маъдалат[6] ва ростӣ воҷиб ояд бар он равад, чӣ вақте ки ӯ дар хашм шавад ва сатвате дар ӯ пайдо ояд, дар он соат бузург офате бар хиради вай муставлӣ гашта бошад ва ӯ ҳоҷатманд шуд ба табибе, ки он офатро илоҷ кунад, то он бало бинишинад.

Ва мардумонро, хоҳӣ подшоҳу хоҳӣ ҷуз подшоҳ, ҳар касеро нафсест ва онро руҳ гӯянд, сахт бузургу пурмоя ва танест, ки онро ҷисм гӯянд, сахт хурду фурӯмоя. Ва чун ҷисмро табибону муолиҷон ихтиёр кунанд, то ҳар беморие, ки уфтад, зуд онро илоҷ кунанд ва доруҳову ғизоҳои он бисозанд, то ба салоҳ боз ояд, сазовортар, ки руҳро табибону муолиҷон гузинанд, то он офатро низ муолаҷат кунанд, ки ҳар хирадманде, ки ин накунад бад ихтиёре, ки ӯ кардааст, ки муҳимтарро фурӯ гузоштааст ва даст дар номуҳимтар задааст. Ва чунонки он табибонро доруҳову ақоқир[7] аст ва аз Ҳиндустону ҳар ҷо оварда, ин табибонро низ доруҳост ва он хирад асту таҷрибаи писандида, чӣ дидаву чӣ аз кутуб хонда.

Ва чунон хондам дар ахбори Сомониён, ки Насри Аҳмади Сомонӣ[2] ҳаштсола буд, ки аз падар бимонд, ки Аҳмадро ба шикоргоҳ бикуштанд ва дигар рӯз он кӯдакро бар тахти мулк бинишонданд ба ҷойи падар. Он шербачча маликзодае сахт некӯ баромад ва бар ҳамаи одоби мулук савор шуду[8] беҳамто омад. Аммо дар вай шароратеву заоратеву[9] сатватеву ҳашмате ба ифрот буд ва фармонҳои азим медод аз сари хашм, то мардум аз вай

---

[1] ҳамла, ҳуҷум.
[2] истисол – аз бех кандан.
[3] мақобеҳ – зиштӣ.
[4] тарсондан.
[5] берун баровардани чизе
[6] адл.
[7] ақоқир ҷамъи аққор, ба маънои гиёҳи доруӣ.
[8] Насри II ибни Аҳмад (914-943) – қудратмантарин амири сомонӣ. яъне мусаллат шуд.
[9] заорат – тундмизоҷӣ ва бадхӯӣ.

даррамиданд. Ва бо ин ҳама ба хирад ручуъ кардӣ ва медонист, ки он ахлоқ сахт нописандида аст.

Як рӯз халвате кард бо Балъамӣ[1], ки бузургтар вазири вай буду Бутаййиби Мусъабӣ[2] – соҳиби девони рисолат ва ҳарду ягонаи рӯзгор буданд дар ҳамаи адавоти[3] фазл; ва ҳоли хеш ба тамомӣ бо эшон бironду гуфт: «Ман медонам, ки ин ки аз ман мераваd, хатои бузург аст, валекин бо хашми хеш барнаёям ва чун оташи хашм бинишаст, пушаймон мешавам ва чӣ суд дорад, ки гарданҳо зада бошанд ва хонумонҳо биканда ва чӯби беандоза ба кор бурда, тадбири ин кор чист?»

Эшон гуфтанд: «Магар савоб он аст, ки худованд надимони хирадмандтар истонад[4] пеши хеш, ки дар эшон, ки бо хиради тамом, ки доранд, раҳмату раъфату[5] ҳилм бошад ва дастурӣ[6] диҳад эшонро, то беҳашмат чунки худованд дар хашм шавад, ба ифрот шафоат кунад ва ба талаттуф[7] он хашмро биншонад ва чун некӯӣ фармояд, он чизро дар чашми вай биёрояд, то зиёдат фармояд. Чунон донем, ки чун бар ин ҷумла бошад, ин кор ба салоҳ боз ояд».

Насри Аҳмадро ин ишорат сахт хуш омад ва гуфти эшонро биписандиду иҳмод[8] бар ин чӣ гуфтанд ва гуф: «Ман чизи дигар бад-ин пайвандам, то кор тамом шавад ва ба муғаллаз[9] савганд хӯрам, ки ҳар чӣ ман дар хашм фармон диҳам, то се рӯз онро имзо накунанд[10], то дар ин муддат оташи хашми ман сард шуда бошад ва шафионро сухан ба ҷойгоҳ афтад ва он гоҳ назар кунам бар он ва пурсам, ки агар он хашм ба ҳаққ гирифта бошам, чӯбҳо чандон занам, ки кам аз сад бошад ва агар ба ноҳақ гирифта бошам, ботил кунам он уқубатро ва бардошт кунам он касонро, ки дар боби эшон сиёсат фармуда бошам, агар лаёқат доранд бардоштанро. Ва агар уқубат бар муқтазои[11] шариат бошад, чунонки

---

[1] Абулфазли Балъамӣ – адиб, олим ва вазири ботадбири Сомониён.

[2] Абутаййиб Муҳаммад ибни Ҳотами Мусъабӣ, ки бо Рӯдакӣ муносибати наздик дошт ва раиси котибот (девони рисолат)-и Сомониён буд.

[3] адавот – ҷамъи адот, ба маънои асбоби ҳосилшавии чизе.

[4] яъне, надимони бештаре барои худ нигаҳ дорад.

[5] раъфат – меҳрубонии зиёд.

[6] яъне, иҷозат.

[7] лутфу нармӣ.

[8] иҳмод – сутудан, ситоиш кардан.

[9] ғализ, сахт, устувор.

[10] яъне ичро накунанд.

[11] мувофиқи.

қузот[1] ҳукм кунанд, бионанд. Балъамӣ гуфт ва Бӯтаййиб, ки: «Ҳеч намонад ва ин кор ба салоҳ боз омад».

Он гоҳ фармуду гуфт: «Бозгардеду талаб кунед дар мамлакати ман хирадмандтари мардумонро ва чандон адад, ки ёфта ояд ба даргоҳ оранд, то он чӣ фармуданист, бифармоянд!

Ин ду муҳташам бозгаштанд сахт шодком, ки балое бузургтар эшонро буд ва тафаҳҳус[2] карданд ҷумлаи хирадмандони мамлакатро ва аз ҷумла ҳафтоду анд танро ба Бухоро оварданд, ки расмеву[3] хонадоневу неъмате доштанд ва Насри Аҳмадро огоҳ карданд. Фармуд, ки ин ҳафтоду анд танро, ки ихтиёр кардаед, як сол эшонро мебояд, озмуд, то тане чанд аз эшон бахирадтар ихтиёр карда ояд. Ва ҳамчунин карданд, то аз миёни он қавм се пир берун омаданд хирадмандтару фозилтару рӯзгордидатар. Ва эшонро пеши Насри Аҳмад оварданд ва Наср як ҳафта эшонро меозмуд. Чун ягона ёфт, рози хеш бо эшон бигуфту савганди сахт гарон нусхат кард[4] ба хатти хеш ва бар забон биронду эшонро дастур дод ба шафоат кардан дар ҳар бобе ва сухан фарохтар бигуфтан. Ва як сол бар ин баромад. Наср Аҳнафи Қайси[5] дигар шуда буд дар ҳилм чунонки бад-ӯ масал заданд ва ахлоқи носутуда ба якбор аз вай дур шуда буд.

Ин фасл низ ба поён омад ва чунон донам, ки хирадмандон, ҳарчанд сухан дароз кашидаам, биписанданд, ки ҳеҷ набишта нест, ки он ба як бор хондан наярзад ва пас аз ин аср мардумони дигар асрҳо бо он ручъуъ кунанду бидонанд. Ва маро муқаррар аст, ки имрӯз, ки ман ин таълиф мекунам, дар ин ҳазрати бузург[6], ки ҳамеша бод – бузургонанд, ки агар ба рондани таърихи ин подшоҳ машғул гарданд, тир бар нишона зананд ва ба мардумон намоянд, ки эшон саворонанду ман пиёда[7] ва ман бо эшон дар пиёдагӣ кунду ланге мунқарис[8] ва чунон воҷиб кунадӣ, ки эшон бинавиштандию ман биёмӯзаме ва чун сухан гӯянде, ман бишнаваме. Валекин чун давлат эшонро машғул кардааст, то аз шуғлҳои бузург андеша медоранду кифоят мекунанд ва миён бастаанд, то

---

[1] қозиҳо.
[2] ҷустуҷӯ, тафтиш.
[3] дар ин ҷо ба маънои шӯҳрату ном.
[4] навишт, яъне қавл дод.
[5] Аҳнафи Қайси Тамимӣ (ваф. 686) – яке аз муосирони Пайёмбар (с), ки дар хирадмандиву бурдборӣ шуҳратёр буд.
[6] даргоҳи бошукӯҳ, мурод султони ҳамзамони Байҳақӣ аст.
[7] пиёда ба маънои нотавон. Байҳақӣ дар ин ҷо изҳори хоксорӣ мекунад ва дигаронро дар навиштани таърихи рӯзгори Ғазнавиён бештар ҳаққ медиҳад.
[8] ланге мунқарис, яъне бемору оҷиз дар равандагӣ.

ба ҳеч ҳол халале наяфтад, ки душманеву ҳосидеву тоине шод шаваду ба ком расад, ба таърих рондану чунон аҳволу ахбор нигоҳ доштан ва онро набиштан чун тавонанд расид ва дилҳо андар он чун тавонанд баст? Пас ман ба халифатии[1] эшон ин корро пеш гирифтам, ки агар таваққуф кардаме, мунтазири он ки то эшон бад-ин шуғл бипардозанд, будӣ[2], ки напардохтандӣ ва чун рӯзгори дароз баромадӣ, ин ахбор аз чашму дили мардумон дур мондӣ ва касе дигар хостӣ ин корро, ки бар ин маркаб он саворӣ, ки ман дорам, надоштӣ ва асари[3] бузурги ин хонадони боном мадрус[4] шудӣ.

Ва таърихҳо дидаам бисёр, ки пеш аз ман кардаанд подшоҳони гузаштаро хидматгорони эшон, ки андар он зиёдат ва нуқсон кардаанд ва бад-он ороиши он хостаанд. Ва ҳоли подшоҳони ин хонадон, раҳималлоҳу мозияҳум ва аъазза боқияҳум[5], ба хилофи он аст, чӣ, биҳамдуллоҳи таъоло, маолии[6] эшон чун офтоб равшан аст ва Эзид, азза зикруҳу, маро аз тамуяҳеву[7] талбисе[8] кардан мустағнӣ[9] кардааст, ки он чӣ то ин ғоят бирондам ва он чӣ хоҳам ронд, бурҳони равшан бо хештан дорам.

Ва чун аз хутбаи ин фусул[10] фориғ шудам, ба сӯйи таърих рондан боз рафтам ва тавфиқ хоҳам аз Эзид, азза зикруҳу, бар тамом кардани он ала-л қоидати-т-таърих[11].

Ва пеш аз ин дар таърихи гузашта биёвардаам ду боб дар он аз ҳадиси ин подшоҳи бузург, анораллоҳу бурҳонаҳу[12], яке он чӣ бар дасти вай рафт аз корҳои боном пас аз он ки Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, аз Рай бозгашт ва он вилоят бад-ӯ супурд ва дигар он чӣ бирафт вайро аз саъодат[13] ва ба фазли Эзид, азза зикруҳу, пас аз вафоти падараш дар вилояти бародараш дар Ғазнин

---

[1] ҷонишинӣ.
[2] шояд, эҳтимол.
[3] асар, нишона, ёдгор.
[4] нопадид.
[5] Тарҷ: Худованд гузаштагонро бибахшояд ва бозмондагони ононро арҷманд кунад!
[6] бузургӣ.
[7] тамуяҳ ба маънои зарандуд кардан, дар ин ҷо ба маънои омехтани росту дуруғ.
[8] талбис – пинҳон доштани айб.
[9] бениёз.
[10] фаслҳо.
[11] бар бунёди таърих.
[12] Худо бурҳону ҳуҷҷати вайро равшан кунад!
[13] Он тавре, ки дар сарсухан гуфта омад, ин қисмати асари Байҳақӣ низ то ба замони мо нарасидааст.

то он гоҳ, ки ба Ҳирот расид ва корҳо якрӯя шуду муродҳо ба тамомӣ ба ҳосил омад, чунонки хонандагон бар он воқиф гарданд. Ва наводиру[1] аҷоиб буд, ки вайро уфтод дар рӯзгори падараш, чанд воқеъа буд, ҳама биёвардаам дар ин таърих ба ҷойи хеш дар таърихи солҳои Амир Маҳмуд ва чанд нуктаи дигар буд сахт донистанӣ, ки он ба рӯзгори кӯдакӣ чун ёл баркашид[2] ва падар ӯро валиаҳд кард, воқеъ шуда буд ва ман шаммате аз он шунуда будам бад-он вақт, ки ба Нишобур будам, саъодати хидмати ин давлат саббатаҳа-л-лоҳро[3] ноёфта ва ҳамеша мехостам, ки онро бишнавам аз муътамаде, ки онро ба раъйу-л-ъайн[4] дида бошад ва ин иттифоқ намеуфтод. То чун дар ин рӯзгор ин таърих кардан гирифтам, ҳирсам зиёдат шуд бар ҳосил кардани он чиро, ки дер сол аст, то ман дар ин шуғлам ва меандешам, ки чун ба рӯзгори мубораки ин подшоҳ расам, агар он нуктаҳо ба даст наёмада бошад, ғабне[5] бошад аз фоит[6] шудани он. Иттифоқи хуб чунон уфтод дар авоили санаи хамсина ва арбаъа миа[7], ки Хоҷа Бусаъд Абдулғаффор[8] Фохир ибни Шариф, ҳамиди амирулмуъминин[9], адомаллоҳу иззаҳу[10], фазл карду маро дар ин байғулаи утлат[11] бозҷуст ва наздики ман ранҷа шуд ва он чӣ дар талаби он будам маро ато доду пас ба хатти хеш набишт. Ва ӯ он сиқа[12] аст, ки ҳар чизе, ки хираду фазли вай онро сиҷҷил кард[13], ба ҳеч гувоҳ ҳоҷат наёяд, ки ин Хоҷа, адомуллоҳу ниъматаҳу[14], аз чаҳордаҳсолагӣ ба хидмати ин подшоҳ пайваст ва дар хидмати вай гарму сарди бисёр чашиду ранҷҳо дид ва хатарҳои бузург кард бо чун Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, то лоҷарам, чун худованд ба тахти мулк расид, ӯро чунон дошт, ки дошт, аз иззату эътимоди сахт тамом. Ва маро бо ин Хоҷа суҳбат[15] дар бақияти санаи иҳдо

---

[1] ноёб, шигифт.
[2] бузургу неруманд шуд.
[3] Худо онро устувор гардонад!
[4] раъю-л-ъайн, дидан бо чашм.
[5] ғабн – хато, зиён.
[6] фоит – аз миён рафта; аз калимаи фавт.
[7] соли 450 ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо соли 1058-и милодӣ.
[8] яке аз дабирони дарбори Масъуд, ки Байҳақӣ ӯро шахсе ростгӯй номида, аз ӯ нақли қавл мекунад.
[9] сутудаи пешвои гаравидагон; инҳо лақабҳои Абдулғаффоранд.
[10] Худованд иззати ӯро пойдор гардонад.
[11] байғулаи утлат – кунҷи хонаи бекорӣ.
[12] сиқа – ростгӯ, муътамад.
[13] сиҷил кард – сабт кард.
[14] Худованд фарохии неъмат ва осудагии вайро бардавом дорад!
[15] ҳамнишинӣ.

ва ишрина[1] уфтод, ки рояти[2] Амири шаҳид[3], разияллоҳу анҳу, ба Балх расид. Фозиле ёфтам ӯро сахт тамом ва дар девони рисолат бо устодам бинишастӣ. Ва бештар аз рӯзи худ пеши ин подшоҳ будӣ дар халватҳои хосса. Ва воқиб чунон кардӣ, балки аз фароиз буд, ки ман ҳаққи хитоби[4] вай нигоҳ доштам, аммо дар таърих беш аз ин, ки рондаам, расм нест. Ва ҳар хирадманде, ки фитнате[5] дорад тавонад донист, ки Ҳамиди Амирулмуъминин ба маънӣ аз нуъути[6] ҳазрати хилофат аст ва кадом хитоб аз ин бузургтар бошад? Ва вай ин ташриф ба рӯзгори мубораки Амир Мавдуд[7], раҳматуллоҳи алайҳи ёфт, ки вайро ба Бағдод фиристод ба расулӣ ва шуғле сахт боном ва бирафту он кор чунон бикард, ки хирадмандону рӯзгордидагон кунанд ва бар мурод боз омад, чунонки пас аз ин шарҳ диҳам, чун ба рӯзгори Амир Мавдуд расам. Ва дар рӯзгори Амир Абдуррашид[8], аз ҷумлаи ҳамаи муътамадону хидматкорон эътимод бар вай уфтод аз сафорат бар ҷониби Хуросон, дар шуғле сахт боном аз ақду аҳд бо гурӯҳе аз муҳташамон, ки имрӯз вилояти Хуросон эшон доранд ва бад-он вақт шуғли девони рисолат ман медоштам ва он аҳвол низ шарҳ кунам ба ҷойи хеш. Пас аз он, ҳолҳо гузашт бар сари ин Хоҷа нарму дурушт. Ва дар ин рӯзгори ҳумоюни Султони муъаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Масъуд[9], атолаллоҳу бақоаҳу ва насара ливоаҳу[10], риёсати Буст бад ӯ муфавваз[11] шуд ва муддати дароз бад-он ноҳият бибуд ва осори хуб намуд. Ва имрӯз муқим аст ба Ғазнин азизан мукарраман ба хонаи хеш. Ва ин нуктаи чанд набиштам аз ҳадиси вай ва тафсили ҳоли вай фаро диҳам[12] дар ин таърих сахт равшан ба ҷойҳойи хеш, иншоаллоҳу таъоло. Ва ин чанд нукат аз мақомоти Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, ки аз вай шунудам ин ҷо набиштам, то шинохта ояд. Ва чун аз ин фориғ шавам, он гоҳ

---

[1] соли 421 ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо соли 1030-и милодӣ.
[2] роят – парчам, ливо.
[3] манзур Амир Масъуд аст, ки соли 1041 аз ҷониби хешовандону лашкариёни худ ваҳшиёна ба қатл расид.
[4] яъне эҳтироме ки лозимаи унвону мартаба (хитоб)-и ӯ буд, бояд ба ҷой меовардам.
[5] фитнат – зиракӣ ва доноӣ.
[6] нуъут – ҷамъи наът, ба маънои сифати нек
[7] Амир Мавдуд – фарзанди бузурги Масъуд, ки пас аз марги падар ба амирӣ расид.
[8] Амир Абдурашид – фарзанди Маҳмуд, ки солҳои 1050-1053 ҳукумат кардааст.
[9] Амир Фаррухзод – фарзанди Масъуд, ки солҳои 1053-1059 ҳукумат кардааст.
[10] Худованд зиндагонии вайро дароз гардонад ва ливои вайро ёрӣ диҳад.
[11] вогузор.
[12] бозгӯям.

нишастани ин подшоҳ ба Балх бар тахти мулк пеш гирам ва таърихи рӯзгори ҳумоюни ӯро бironам.

Ал мақомату фӣ маъно вилояти-л аҳди би-л-амири Шиҳоби-д-давла Масъудин ва моҷаро мин аҳволиҳи

Андар шуҳури[1] санаи иҳдо ва арбаъа миа[2], ки Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, ба ғазви Ғур рафт бар роҳи Заминдовар аз Буст ва ду фарзанди хешро – амирон Масъуду Маҳмуд ва бародараш Юсуф, раҳимаҳумуллоҳ аҷмаъинро фармуд, то ба Заминдовар[3] муқом карданд ва бунаҳои гаронтар низ он ҷо монд. Ва ин ду подшоҳзода чаҳордаҳсола буданд ва Юсуф ҳафдаҳсола. Ва эшонро он ҷо бад-он сабаб монд, ки Заминдоварро муборак дошт, ки нахуст вилоят, ки Амири одил Сабуктагин – падараш, разияллоҳу анҳу, вайро дод, он ноҳият буд. Ва ҷадди маро, ки Абдулғаффорам, бад-он вақт, ки он подшоҳ ба Ғӯр рафт ва он амиронро он ҷо фуруд оварданд, ба хонаи Бойтагини Заминдоварӣ, ки волии он ноҳият буд, аз дасти Амир Маҳмуд, фармуд, то ба хидмати эшон қиём кунад ва он чӣ бибояд аз вазоифу равотиби[4] эшон рост медорад. Ва ҷаддае[5] буд маро зане порсову хештандору Қуръонхон ва набиштан донисту тафсири Қуръону таъбиру ахбори Пайғамбар, саллалоҳу алайҳи ва саллам, низ бисёр ёд дошт. Ва бо ин[6] чизҳои покиза сохтӣ аз хӯрданиву шарбатҳо бағоят некӯ ва андар он ояте буд. Пас ҷадд ва ҷаддаи ман ҳарду ба хидмати он худовандзодагон машғул гаштанд, ки эшонро он ҷо фуруд оварда буданд ва аз он пиразан ҳалвоҳову хӯрданиҳову орзуҳо хостандӣ ва вай андар он танаввуқ[7] кардӣ, то сахт некӯ омадӣ ва ӯро пайваста бихондандӣ, то ҳадис кардиву ахбор хондӣ ва бад-он улфат гирифтандӣ. Ва ман сахт бузург будам, ба дабиристон Қуръон хондан рафтамеву хидмат кардаме, чунонки кӯдакон кунанд ва бозгаштаме. То чунон шуд, ки адиби хешро, ки ӯро Бусоламӣ гуфтандӣ[8], Амир Масъуд гуфт: «Абдулғаффорро, аз

---

[1] шуҳур – ҷамъи шаҳр, яъне моҳҳо.
[2] соли 401, ки баробар аст, бо соли 1010-и милодӣ.
[3] Заминдовар – дараи васеъе, ки дарёи Ҳирманд аз кӯҳҳои Ҳиндукӯш то Буст дар он ҷорист.
[4] вазоиф ва равотиб – чизе, ки ҳар рӯз (замон) ба касе бидиҳанд, муқаррарӣ.
[5] бибӣ, модарбузург.
[6] илова бар ин.
[7] танаввуқ – устодӣ ба кор овардан, чарбдастӣ, ранҷ бурдан, некӯ кардани ғизо, хушсалиқагӣ.
[8] Бусоламӣ – адиб ва устоди Масъуд, ки Абусоламӣ ном доштааст

адаб чизе бибояд омӯхт!» Вай қасидае ду-се аз девони Мутанаббӣ[1] ва «Қифонабаки»[2] маро биёмухт ва бад-ин сабаб густохтар шудам.

Ва дар он рӯзгор эшонро дар нишастан бар он ҷумла дидам, ки Райҳони ходим – гумоштаи Амир Маҳмуд, бар сари эшон буд ва Амир Масъудро биёвардӣ ва нахуст дар садр бинишондӣ, он гоҳ, ки Амир Муҳаммадро биёвардандӣ ва бар дасти рости вай бинишондандӣ, чунонки як зонуи вай беруни садр будӣ ва як зону бар ниҳоле. Ва Амир Юсуфро биёвардандӣ ба берун аз садр бинишондандӣ бар дасти чап. Ва чун барнишастандӣ ба тамошову чавгон, Муҳаммаду Юсуф дар пеши Амир Масъуд будандӣ бо ҳочибе, ки номзад буд. Ва намози дигар чун муаддиб[3] бозгаштӣ, нахуст он ду тан бозгаштанду бирафтандӣ, пас Амир Масъуд пас аз он ба як соат. Ва тартибҳо ҳама Райҳони ходим нигоҳ медошт ва агар чизе дидӣ нописандида, бонг барзадӣ.

Ва дар ҳафта ду бор барнишастандӣ ва дар рустоҳо бигаштандӣ. Ва Амир Масъуд одат дошт, ки ҳар бор барнишастӣ, эшонро мизбонӣ кардӣ ва хӯрданиҳои бисёр ботакаллуф оварданди аз ҷадду ҷаддаи ман, ки бисёр бор чизҳо хостӣ пинҳон, чунонки дар матбах[4] кас хабар надоштӣ. Ва ғуломе буд хурд Қаротагин ном, ки дар ин кор буд ва пайғом сӯйи ҷад ва ҷаддаи ман ӯ овардӣ ва гуфтандӣ, ки ин Қаротагин нахуст ғуломе буд Амирро, ба Ҳирот нақобат[5] ёфт ва пас аз нақобат ҳочиб шуд Амир Масъудро ва хӯрданиҳо ба саҳро муғофаса[6] пеш овардандӣ ва низ мизбониҳои бузург кардӣ ва Ҳасанро, писари амири Фариғун амири Гузгонон ва дигарон, ки ҳамзодагони эшон буданд, бихондиву эшонро пас аз нон хӯрдан чизе бахшидӣ.

Ва Бойтагини Заминдоварӣ – волии ноҳия ҳам нахустин ғулом буд[7] Амир Маҳмудро ва Амир Маҳмуд ӯро некӯ доштӣ. Ва ӯ зане дошт сахт бакоромадаву порсо ва дар ин рӯзгор, ки Амир Масъуд ба тахти мулк расид пас аз падар, ин занро сахт некӯ доштӣ ва ба ҳурмати хидматҳои гузашта, чунонки ба масал дар баробари

---

[1] Аҳмад ибни Ҳасан маъруф ба Абутаййиби Мутанаббӣ – шоири маъруфи араб, ки солҳои 915 – 965 умр ба сар бурдааст.

[2] «қифонабак» – «биистед то бигирйем», матлаъи қасидаи Имраъулқайс, яке аз муаллифони сабъоти муаллақот (ҳафт шеъри маъруфи замони ҷоҳилии араб, ки бар девори Каъба овезон буд).

[3] адабомӯз, муаллими адаби шоҳзодагон Масъуд ва Муҳаммад

[4] матбах - ошпазхона

[5] нақобат – раису нақиби қавм шудан (ба касри нун, яъне ниқобат – пешвоӣ, раҳбарӣ).

[6] ногаҳон, ногаҳонӣ.

[7] яъне қаблан ғулом буд.

волидаи саййда буд[1]. Ва чанд бор дар ин ҷо ба Ғазнин дар маҷлиси Амир Масъуд ва ман ҳозир будам, ин зан ҳолҳои рӯзгорро бигуфтӣ ва он сиратҳои маликонаи Амир бознамудӣ ва Амирро аз он сахт хуш омадӣ ва бисёр пурсидӣ аз он ҷойҳову рустоҳо ва хӯрданиҳо. Ва ин Бойтагини Заминдоварӣ бад-он вақт, ки Амир Маҳмуд Сиистон бистад ва Халаф баруфтод[2], бо хештан саду сӣ товуси нару мода оварда буд; гуфтандӣ, ки хоназоданд[3] ба Заминдовар ва дар хонаҳои мо аз он будӣ. Бештар дар гунбадҳо[4] бачча меовардандӣ. Ва Амир Масъуд эшонро дӯст медоштӣ ва ба талаби эшон бар бомҳо омадӣ. Ва ба хонаи мо дар гунбаде ду-се ҷое хояву[5] бачча карда буданд.

Як рӯз аз бом ҷаддаи маро овоз доду бихонд. Чун наздик расид, гуфт: «Ба хоб дидам, ки ман ба замини Ғур будам ва ҳамчунин, ки ин ҷойҳост он ҷо низ ҳисор будӣ ва бисёр товусу хурӯс будӣ. Ман эшонро мегирифтаме ва зери қабои хеш мекардаме ва эшон дар зери қабои ман ҳама паридандӣ ва меғалтидандӣ. Ва ту ҳар чизе бидонӣ, таъбири ин чист?» Пиразан гуфт: «Иншоаллоҳ Амир, амирони Ғурро бигирад ва ғуриён ба тоат оянд. Гуфт: «Ман султонии падар нагирифтаам, чигуна эшонро бигирам?» Пиразан ҷавоб дод, ки чун бузург шавӣ, агар Худойи азза ва ҷалла хоҳад, ин бибошад, ки ман ёд дорам Султон – падаратро, ки ин ҷо буд, ба рӯзгори кӯдакӣ ин вилоят ӯ дошт, акнун бештаре аз ҷаҳон бигрифту мегирад, ту низ ҳамчун падар бошӣ. Амир ҷавоб дод: «Иншоаллоҳ». Ва охир бибуд ҳамчунонки ба хоб дида буд ва вилояти Ғур ба тоати вай омаданд. Вайро некӯ асарҳост дар Ғур, чунонки ёд карда ояд дар ин мақома.

Ва дар шуҳури санаи иҳдо ва ишрина ва арбаъа миа[6], ки иттифоқ уфтод пайвастани ман, ки Абдулғаффорам ба хидмати ин подшоҳ, разияллоҳу анҳу, фармуд, то аз он товусон чанд нару мода бо хештан орам ва шаш ҷуфт бурда омад. Ва фармуд, то онро дар боғ бигузоштам ва хояву бачча карданд. Ва ба Ҳирот аз эшон насл пайваст. Ва амирони Ғур ба хидмати Амир омаданд,

---

[1] манзур, модари Масъуд аст, яъне ин занро Масъуд пас аз амир шудан чун модари хеш гиромӣ медошт.

[2] манзур, Халаф ибни Аҳмад, охирин амири Систон аз бозмондагони Саффориён аст, ки соли 1002 пас аз тасарруфи Систон аз тарафи Маҳмуд асир гардид.

[3] хоназод, манзур бумӣ ё маҳаллиянд.

[4] бурҷ, тоқ, яъне товусҳо бештар бар болои бурҷҳо тухм мегузоштанд ва бачча (чӯҷа) мебаровардand

[5] тухм

[6] соли 421, ки баробар аст бо соли 1030-и милодӣ

гурӯҳе ба рағбат ва гурӯҳе ба раҳбат[1], ки асарҳои бузург намуд, то аз вай битарсидандӣ ва дам даркашиданд. Ва ба ҳеч рӯзгор нишон надоданд ва на дар кутуб хондам, ки Ғуриён подшоҳеро чунон мутеъу мунқод буданд, ки ӯро буданд.

Ва дар санаи хамсу ва арбаъа миа[2] Амир Маҳмуд аз Буст тохтан оварда бар ҷониби Хавобин[3], ки ноҳиятест аз Ғур ва васати Бусту Заминдовар ва он ҷо кофирон палидтару қавитар буданд ва мазоиқи[4] бисёр ва ҳисорҳои қавӣ доштанд. Ва Амир Масъудро бо хештан бурда буд. Ва вай пеши падар корҳои бузург кард ва асарҳои мардонагии фаровон намуд ва аз пушти асб мубориз рабуд[5]. Ва чун гурӯҳе аз эшон ба ҳисор илтиҷо карданд, муқаддаме[6] аз эшон бар бурҷе аз қалъат буд ва бисёр шӯхӣ мекард ва мусалмононро ба дард медошт, як чӯбаи тир бар ҳалқи вай зад ва ӯ бад-он кушта шуд ва аз он бурҷ бияфтод, ёронашро дил бишикаст ва ҳисорро бидоданд. Ва сабаби он ҳама як захми мардона буд. Амир Маҳмуд чун аз ҷанг фориғ шуд ва ба хайма бозомад, он шербаччаро ба нон хӯрдан фуруд овард ва бисёр бинавохт ва зиёдат таҷаммул[7] фармуд. Аз чунину монанди чунин асарҳо[8] буд, ки ӯро ба кӯдакии рӯз валиаҳд кард[9], ки медиду медонист, ки чун вай аз ин саройи фиребанда биравад, ҷуз вай ин хонадони бузургро, ки ҳамеша барпой бод, барпой натавонад дошт. Ва инак далели равшан зоҳир аст, ки бисту нӯҳ сол аст, то Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, гузашта шудааст ва бо бисёр таназзулот[10], ки уфтод он русум ва осори сутудаву амну адл ва низоми корҳо, ки дар ин ҳазрати бузург аст, ҳеч ҷой нест ва дар замини Ислом аз куфр нишон намедиҳанд. Ҳамеша ин хонадони бузург поянда бод ва авлиёш мансуру аъдош мақҳур[11] ва Султони муъаззам Фаррухзод, фарзанди ин подшоҳи бузург, комравову

---

[1] раҳбат – тарсу бим.

[2] соли 405, ки баробар аст бо солҳои 1014 – 105-и милодӣ.

[5] дар «Ҳудуду-л-олам» Хувонин (Хвонин) омадааст.

[4] мазоиқ – гузарҳои танг, тангно

[5] ин диловарии Масъудро Унсурӣ ҳам дар қасидае ёдовар шудааст:
Чунон шуҷоат кард ӯ ба кӯдакӣ дар Ғур,
Зи пушти асб мубориз рабуд пеши падар. (Девони Унсурӣ. Тасҳеҳи Дабири Сиёқӣ. С.114)

[6] яке аз афсарони пешсаф дар ҷанг, сардор

[7] ороиш, шукӯҳ, дабдаба.

[8] манзур корҳои шоиста, паҳлавонӣ ва фидокорӣ.

[9] дар ибтидо Маҳмуд Масъудро валиаҳди худ интихоб карда буд, сипас аз қавлаш баргашту Муҳаммадро валиаҳд таъйин фармуд.

[10] таназзул, завол.

[11]авлиё, ҷамъи валӣ, яъне дӯстону дӯстдорон, аъдо – душманон, дустони хонадон пирӯз ва душманонаш мағлуб бошанд.

комкору бархурдор аз мулку ҷавонӣ ба ҳаққи Муҳаммадин ва олиҳӣ.

Ва дар санаи иҳдо ашара ва арбаъа миа[1], Амир ба Ҳирот рафт ва қасди Ғур кард бад-ин сол. Рӯзи шанбе, даҳуми ҷумодалуло[2] аз Ҳирот бирафт бо савору пиёдаи бисёр ва панҷ пили сабуктар[3]. Ва манзили нахустин Бошон буду дигар Хайсор ва дигар Бирён ва он ҷо ду рӯз бибуд, то лашкар ба тамомӣ даррасид; пас аз он ҷо ба Пор рафт ва ду рӯз бибуд ва аз он ҷо ба Чишт[4] рафт ва аз он ҷо ба Боғи Вазир берун ва он работи аввал ҳадди Ғур аст. Чун ғуриён хабари ӯ ёфтанд, ба қалъатҳои устувор, ки доштанд андар шуданду ҷанг бисеҷиданд. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, пеш то[5] ин ҳаракат кард Булҳасани Халафро, ки муқаддаме буд аз ваҷеҳтари муқаддамони Ғур истимолат[6] карда буд ва ба тоат оварда ва бо вай биниҳода[7], ки лашкари мансур бо рояти мо, ки бад-ин работ расад, бояд, ки вай он ҷо ҳозир ояд бо лашкари сохта. Ва ин рӯз Булҳасан даррасид бо лашкари анбӯҳу ороста, чунонки гуфтанд, се ҳазор савору пиёда буд ва пеш омаду хидмат кард ва бисёр нисору ҳадя оварда аз сипару зиреҳу он чӣ бобати Ғур бошад[8]. Ва Амир ӯро бисёр бинавохт. Ва бар асари вай Ширвон биёмад ва ин муқаддаме дигар буд аз сарҳади Ғур ва Гузгонон, ки ин худовандзода ӯро истимолат карда буд бо бисёр савору пиёда ва ҳадоёву нисорҳои беандоза. Ва Амир Муҳаммад ба ҳукми он ки вилояти ин мард ба Гузгонон пайвастааст, бисёр ҳилат карда буд, то ин муқаддам наздики вай равад ва аз ҷумлаи вай бошад, албатта иҷобат накарда буд, ки ҷаҳониён ҷониби Масъуд мехостанд[9].

Чун ин ду муқаддам биёмаданд ва ба мардум мустазҳир[10] гашт, Амир рӯзи одина аз ин ҷо бардошт ва бар муқаддама бирафт, ҷарида сохта[11], бо ғуломе панҷоҳу шаст ва пиёдае дувист коритар аз ҳар дасте ва ба ҳисоре расид, ки онро Бартар мегуфтанд, қалъате сахт устувор (ва) мардони ҷангии бо силоҳи тамом.

---

[1] соли 411 ҳичрӣ қамарӣ, ки баробар аст бо соли 1020-1021-и милодӣ.
[2] баробар бо 1 сентябри соли 1020.
[3] фили тундравтар.
[4] Бошон, Хайсор, Бирён, Пор, Чишт – деҳаҳое, ки дар масири роҳи Ҳироту Ғазнин ҷойгир буданд.
[5] пештар аз он ки.
[6] истимолат – ба сӯи худ ҷалб кардан.
[7] қарордод карда.
[8] Ғур бо силоҳу лавозими ҷангии худ машҳур буд (ниг. Ҳудуду-л-олам).
[9] яъне ҷонибдору ҳаводори Масъуд буданд.
[10] мустазҳир – зоҳир шудан, ошкор шудан; дар ин ҷо ба маънои қавидил гаштан.
[11] танҳо ва сабукбор равон шуд.

Амир гирд бар гирди қалъат бигашт ва ҷангҷойҳо[1] бидид, нанамуд пеши чашмаш[2] ва ҳиммати баланду шуҷоаташ он қалъат ва мардони он бас чизе напойист[3], то лашкар даррасад, бо ин миқдор мардум ҷанг дарпайваст ва ба тани азизи хеш пеши кор бирафт бо ғуломону пиёдагон. Ва такбир карданд ва малоини[4] ҳисори Ғур барчӯшиданд ва ба якборагӣ хуруш карданд сахт ҳавл, ки замин бихост дарид ва андешиданд, ки мардум ҳамон аст, ки дар пойи қалъатанд. Амир ғуломонро гуфт, дастҳо ба тир бигшоянд. Ғуломон тир андохтан гирифтанд ва чунон ғалаба карданд, ки касро аз Ғуриён заҳра набудӣ, ки сар аз бурҷ бар кардандӣ. Ва пиёдагон бад-он қувват ба бурҷ бар рафтан гирифтанд[5] ва камандҳо ба куштан карданд сахт ва он малоин ҳазимат шуданд. Ва ғуломони пиёдагон бораҳову бурҷҳоро пок карданд аз Ғуриён ва бисёр бикуштанд ва бисёр асир гирифтанду бисёр ғанимат ёфтанд аз ҳар чизе. Ва пас аз он, ки ҳисор ситада омад, лашкари дигар андар расид ва ҳамагон офарин карданд, ки чунон ҳисоре бад он миқдор мардум ситада шуда буд.

Ва Амир аз он ҷо ҳаракат сӯйи ноҳияти Разон[6] кард. Мардуми Разон чун хабари ин ҳисор бад-эшон расида буд, бештарӣ бигрехта буданд ва андак моя мардум дар он кушкҳо монда; Амир эшонро амон дод, то ҷумлаи гурехтагон боз омаданд ва хароҷ бипазируфтанду бисёр ҳадя аз зару нуқраву силоҳ бидоданд. Ва аз ин ноҳият то Ҷурвас[7], ки дармишбат[8] он ҷо нишастӣ, даҳ фарсанг буд, (бад он ҷо) қасде ва тохтане накард, ки ин дармишбат расуле фиристода буд ва тоату бандагӣ намуда ва гуфта, ки чун амир ба Ҳирот боз шавад, ба хидмат пеш ояду хароҷ бипазирад. Амир битофт ва сӯйи ноҳияти вай лашкар кашид ва он ноҳиятест ва ҷоест сахт ҳасин[9] аз ҷумлаи Ғур ва мардуми он ҷангитару банерутар ва дори мулки[10] ғуриён буда буд ба рӯзгори гузашта ва ҳар волӣ, ки он ноҳият ӯро будӣ, ҳама вилоят ӯро тоат доштандӣ.

---

[1] маконҳои ҷангу корзор.
[2] яъне, онро назараш нагирифт.
[3] напойист – диранг накард, яъне мунтазири лашкари дигар нашуд.
[4] лаънатшудагон.
[5] яъне, боло рафтан гирифтанд.
[6] Разон – минтақае, ки бо токистону ангузорҳои худ машҳур буд.
[7] Ҷурвас – номи шаҳре, ки дар кӯҳҳои Ғур, миёни Ғазнаву Ҳирот ҷойгир буд (аз «Муъҷаму-л-булдон»)
[8] мутарҷими русии асари Байҳақӣ бар ин ақида аст, ки дармишбат шояд унвони ҳокими Ғур бошад, ки аз муҳтавои навиштаҳои Байҳақӣ низ ҳамин маънӣ бармеояд.
[9] устувор.
[10] пойтахт.

Пеш, то Амир ҳаракат кард бар он ҷониб, донишманде ба расулӣ он ҷо фиристод бо ду марди ғурӣ аз они Булҳасани Халаф ва Шервон, то тарҷумонӣ кунанд ва пайғомҳои қавӣ дод ва биму умед, чунонки расм аст. Ва расулон бирафтанду Амир бар асари эшон. Чун расулон бад-он мағрурон расиданд ва пайғомҳо бигузорданд, бисёр уштулум[1] карданду гуфтанд: «Амир дар бузург ғалат аст, ки пиндоштааст, ки ноҳият ва мардуми ин ҷо бар он ҷумла аст, ки диду бар он бигузашт. Бибояд омад, ки ин ҷо шамшеру ҳарбаву санг аст». Расулон бозрасиданду пайғомҳо бидоданд. Ва Амир танг расида буд[2] ва он шаб дар пояи кӯҳ фуруд омад ва лашкарро силоҳ доданд. Ва бомдод барнишаст, кӯсҳо фурӯ кӯфтанд ва буққо дамиданд ва қасди он карданд, ки бар кӯҳ раванд. Мардуми ғурӣ чун мӯру малах ба сари он кӯҳ пайдо омаданд, савораву пиёда бо силоҳи тамом ва гузарҳову роҳҳо бигирифтанду бонгу ғирев[3] баровардан ва ба фалохун[4] санг меандохтанд. Ва ҳунар он буд[5], ки он кӯҳ паст буду хокомез ва аз ҳар ҷонибе баршудан роҳ дошт; Амир роҳҳо қисмат кард бар лашкар ва худ баробар бирафт, ки ҷанги сахт он ҷо буд ва Абулҳасани Халафро бар рости хеш фиристод ва Шервонро бар чап. Ва он малоин гарм даромаданду нек нерӯ карданд, хосса дар муқобалаи Амир ва бештар роҳи он кӯҳ он мағрурон ғалаба карданд ба тир ва донистанд, ки кор танг даромад, ҷумла рӯй ба аломати Амир ниҳоданд ва ҷанг сахт шуд. Се савор аз муборизони эшон дар баробари Амир уфтоданд, Амир дарёзид ва якеро амуде бистманӣ бар сина зад, ки ситонаш[6] хобонид ва дигар рӯи бархостан надид ва ғуломон неру карданд ва он ду тани дигарро аз асб бигардониданд[7] ва он буд, ки Ғуриён даррамиданду ҳазимат шуданд ва овезон-овезон[8] мерафтанд, то деҳ, ки дар пойи кӯҳ буд ва аз он рӯй бисёр куштаву гирифтор шуданд. Ва ҳазиматиён чун ба деҳ расиданд, онро ҳисор гирифтанду сахт устувор буд ва бисёр кушкҳо буд бар расми Ғур ва даст ба ҷанг бурданд ва зану баччаю чизе, ки бад он мерасиданд, гусел мекарданд ба ҳисори қавӣ ва ҳасин, ки доштанд дар паси пушт ва он ҷанг бидошт, то намози шом ва бисёр аз он малоин кушта

[1] тундӣ.
[2] яъне, наздик шуда буд.
[3] доду фарёд.
[4] фалохун ё фалохан – асбоби партоби санг.
[5] хубии кор он буд.
[6] ситон – бар пушт хобида.
[7] бигардониданд, яъне ба зер кашиданд, поён партофтанд.
[8] ҷангкунон гурехтан.

шуданд ва бисёр мусалмон низ шаҳодат ёфт. Ва чун шаб торик шуд, он малоин бигрехтанд ва деҳ бигузоштанд. Ва ҳама шаб лашкари мансур ба ғорат машғул буданд ва ғанимат ёфтанд. Бомдод Амир фармуд, то кӯс бикӯфтанд ва барнишасту қасди ҳисорашон кард ва бар ду фарсанг буд, бисёр мазоиқ бибоист гузошт, то наздики намози пешинро он ҷо расиданд, ҳисоре ёфтанд сахт ҳасин, чунонки гуфтанд дар ҳама Ғур муҳкамтар аз он ҳисоре нест ва кас ёд надорад, ки онро ба қаҳр бикушодаанд. Амир он ҷо фуруд омад ва лашкарро фармуд то бар чаҳор ҷониб фуруд омаданд ва ҳам шаб кор месохтанду манҷаниқ мениҳоданд. Чун рӯз шуд, Амир барнишасту пеши кор рафт ба нафси азизи хеш ва манҷаниқҳо бар кор кард ва санг равон карданду сумҷ гирифтанд[1] аз зери ду бурҷ, ки баробари Амир буд ва Ғуриён ҷанге пайвастанд бар бурҷҳову бораҳо, ки аз он сахттар набошад ва ҳар бурҷ, ки фуруд оварданд, он ҷо бисёр мардон гирд омаданд ва ҷанги ришориш[2] кардан ва чаҳор рӯз он ҷанг бидошт ва ҳар рӯзе кор сатхттар буд. Рӯзи панҷум аз ҳар ду ҷониб ҷанг сахттар пайвастанд ва нек ҷидд[3] карданд ҳар ду ҷониб, ки аз он ҳавлтар[4] набошад. Амир фармуд ғуломони саройиро, то пештар рафтанду ба тир ғалаба карданд Ғуриёнро ва санги се манҷаниқ бо тир ёр шуд ва Амир аломатро мефармуд, то пештар мебурданд ва худ хуш-хуш[5] бар сари он меронд, то ғуломону ҳашаму аснофи лашкар[6] бад-он қавидил мегаштанд ва ҷанг сахттар мекарданд. Ва Ғуриёнро дил бишикаст, гурехтан гирифтанд. Ва вақти намози пешин девори бузург аз санги манҷаниқ бияфтод ва гарду хоку дуду оташ баромад ва ҳисор рахна шуду Ғуриён он ҷо барҷӯшиданд ва лашкар аз чаҳор ҷониб рӯй бар рахна[7] дод ва он малоин ҷанге карданд бар он рахна, чунонки дод бидоданд, ки ҷонро мекӯшиданд[8] ва охир ҳазимат шуданд. Ва ҳисор ба шамшер бистаданд ва бисёре аз Ғуриён бикуштанду бисёре зинҳор хостанд, то дастгир гарданд ва зинҳор доданд ва бардаву ғаниматро ҳадду андоза набуд. Амир фармуд, то мунодӣ карданд: «Молу симу зару бардаю лашкарро бахшиданд, силоҳ он чӣ ёфтанд пеш бибояд овард!» Ва бисёр

[1] сумҷ гирифтан – кандани сӯрох аз зери қалъа.
[2] ҷанги ришориш – ҷанги тан ба тан, дастогиребон.
[3] саъй, кӯшиш.
[4] хавфноктар.
[5] оҳиста-оҳиста.
[6] гурӯҳҳои лашкар.
[7] фирору шикаст.
[8] барои ҷонашон меҷангиданд.

силоҳ аз ҳар даст ба дари хайма оварданд ва он чӣ аз он бакоромадатар ва нодиратар буд, хосса бардоштанду дигар бар лашкар қисмат карданд. Ва асиронро як нима ба Булҳасани Халаф супурд ва як нима ба Шервон, то ба вилоятҳои хеш бурданд. Ва фармуд, то он ҳисор[1] бо замин паст карданд, то беш ҳеч муфсид он ҷо маъво насозад.

Ва чун хабари деҳаву ҳисору мардуми он ба Ғуриён расид, ҳамагон мутеъу мунқод гаштанд ва битарсиданду хароҷҳо бипазируфтанд. Дармишбат низ битарсид ва бидонист, ки агар ба ҷониби вай қасде бошад, дар ҳафтае баруфтад; расул бифиристод ва зиёдат тоату бандагӣ намуд, бар он чӣ пазируфта буд аз хароҷу ҳадоё зиёдат кард ва Булҳасани Халаф ва Шервон, ки эшонро поймард[2] карда буд ва сӯйи эшон пайғомҳо дода, шафоат карданд ӯро, Амир узри ӯ бипазируфт, то қасди вай накард ва фармуд, то расули ӯро ба хубӣ боз гардониданд бар он шарт, ки ҳар қалъат[3], ки аз ҳудуди Ғарҷистон[4] гирифтааст, боз диҳад. Дармишбат аз буни дандон[5], било ҳумру ва ло аҷр[6] қалъатҳоро ба кутволони[7] амир бисупурд ва ҳарчӣ бипазируфта буд, Амир ҳанӯз дар Ғур буд, ки ба даргоҳ фиристод ва чун Амир дар замони саломат ба Ҳирот расид, ба хидмат он ҷо омад ва хилъату навохт ёфт ва бо ин ду мақаддам ба сӯйи вилояти хеш бозгашт.

Чун Амир, разияллоҳу анҳу, аз шуғли ин ҳисор фориғ шуд, бар ҷониби ҳисори Тур кашид[8] ва ин низ ҳисоре буд сахт устувору номдор ва он ҷо ҳафт рӯз ҷанг побаст кард ва ҳоҷат омад ба маъунати Ялонғур, то он гоҳ, ки ҳисорро ба шамшер кушода омад ва бисёр ғурӣ кушта шуд ва ғанимати бисёр ёфтанд. Ва он ҷо Амир кутволи хеш бинишонд ва ба Ҳирот бозгашт. Ва ба Моробод[9], ки даҳфарсангӣ аз Ҳирот аст, бисёр ҳадяву силоҳ аз они ғуриён, ки пазируфта буданд, то қасди эшон карда наояд, дар пеш оварданд, ки он ҷо ҷамъ карда буданд, бо он чӣ пеш дармишбат фиристода буд. Ва дар ин миёнҳо маро, ки Абдулғаффорам, ёд медод аз он хоб, ки ба Заминдовар дида буд, ки:

---

[1] қалъаи Ғуриёнро, ки Ғазнавиён ба душворӣ фатҳ карда буданд.
[2] поймард – шафиъ ва миёнҷӣ.
[3] қалъа.
[4] Ғарчистон – ноҳияи кӯҳистонӣ миёни Ҳироту Кобул.
[5] яъне ба майлу рағбат.
[6] бемузду муфт.
[7] нигаҳдорандагони қалъа.
[8] равон шуд.
[9] номи деҳае, ки имрӯз Марва меноманд.

«Ҷаддаи ту некӯ таъбир кард ва ҳамчунон рост омад» ва ман хидмат кардаму гуфтам: «Ин намудорест аз он, ки худованд дид!»

Ва ин қиссаи Ғуриён бад-он ёд карда омад, ки андар Ислому куфр ҳеҷ подшоҳ бар Ғур чунон муставлӣ[1] нашуд, ки Султони шаҳид Масъуд, разияллоҳу анҳу. Ва дар аввали футуҳи Хуросон, ки Эзид, азза зикруҳу, хост, ки мусалмонӣ ошкоротар гардад, бар дасти он бузургон, ки дар аввали Ислом буданд, чун Аҷамро бизаданд[2] ва аз Мадоин[3] битохтанд ва Яздигурд[4] бигурехту бимурд ё кушта шуд ва он корҳои бузурги боном бирафт, аммо дар миёнаи замини Ғур мумкин нагашт, ки даршудандӣ. Ва Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, ба ду-се дафъат ҳам аз он роҳи Заминдовар бар атрофи Ғур зад ва ба мазоиқи он дар наёмад. Ва натавон гуфт, ки вай оҷиз омад аз омадани мазоиқ, ки ройҳои вай дигар буду азоими вай, ки аз они ҷавонон. Ва ба рӯзгори Сомониён муқаддаме, ки ӯро Буҷаъфари Зиёдӣ гуфтандӣ ва хештанро баробари Булҳасани Симҷур[5] доштӣ ба ҳашмату олату уддат, чанд бор ба фармони Сомониён қасди Ғур кард ва волии Ҳирот вайро ба ҳашару[6] мардуми хеш ёрӣ дод ва бисёр ҷаҳд карду шаҳомат намуд, то ба Хайсору Тулак[7] беш нарасид. Ва ҳеҷ кас чунин дар миёнаи замини Ғур нарафт ва ин корҳои бузург накард, ки ин подшоҳи муҳташам кард. Ва ҳамагон рафтанд, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин.

Ва аз бедориву ҳазму[8] эҳтиёти ин подшоҳи муҳташам, разияллоҳу анҳу, яке он аст, ки ба рӯзгори ҷавонӣ, ки ба Ҳирот мебуд ва пинҳон аз падар шароб мехӯрд, пӯшида аз Райҳони ходим, фуруди сарой[9] халватҳо мекард ва мутрибон медошт марду зан, ки эшонро аз роҳҳои набаҳра[10] наздики вай бурдандӣ. Дар кушки Боғи Аднонӣ фармуд, то хонае баровардand[11] хоби қайлуларо[12] ва

---

[1] пирӯз.
[2] мағлуб карданд.
[3] манзур пойтахти Сосониён Тайсафун аст ва шаҳрчаҳои атрофашро арабҳо Мадоин меномиданд.
[4] Яздигурд – вопасин шоҳаншоҳи Сосониён (632-651).
[5] сипаҳсолори машҳури сомонӣ дар авохири ҳукумати эшон.
[6] ҳашар ба маънои гурӯҳи анбӯҳ.
[7] номи ду қалъа дар Ғур, ки дар марз бо Ҳирот ҷойгир шуда буд.
[8] дурандешӣ.
[9] поёни хона.
[10] пӯшида, пинҳонӣ.
[11] яъне сохтанд.
[12] хоби нимрӯз.

онро музаммилҳо[1] сохтанд ва хайшҳо[2] овехтанд, чунонки об аз ҳавз равон шудиву ба тилисм бар боми хона шудӣ ва дар музаммилҳо бигаштиву хайшҳоро тар кардӣ. Ва ин хонаро аз сақф то ба пойи замин сурат карданд, суратҳои алфия[3], аз анвои гирд омадани мардон бо занон, ҳама бараҳна, чунонки ҷумлаи он китобро сурату ҳикояту сухан нақш карданд. Ва беруни ин суратҳо нигоштанд фарохури ин суратҳо ва Амир ба вақти қайлула он ҷо рафтию хон он ҷо кардӣ. Ва ҷавононро шарт аст, ки чунин ва монанди ин кунанд.

Ва Амир Маҳмуд ҳарчанд мушрифе дошт, ки бо ин Амир фарзандаш будӣ пайваста, то берун будӣ бо надимон ва анфосаш мешумурдӣ[4] ва инҳо мекардӣ[5]. Муқаррар буд, ки он мушриф дар халватҷойҳо нарасидӣ. Пас пӯшида бар вай мушрифон дошт аз мардум, чун ғулому фаррошу пирзанон ва мутрибон ва ҷуз эшон, ки бар он чӣ воқиф гаштандӣ, боз намудандӣ, то аз аҳволи ин фарзанд ҳеч чиз бар вай пӯшида намондӣ. Ва пайваста ӯро ба номаҳо молидӣ[6] ва пандҳо медодӣ, ки валиаҳдаш буд ва донист, ки тахти мулк ӯро хоҳад буд. Ва чунонки падари вай бар вай ҷосусон дошт пӯшида, вай низ бар падар дошт, ҳам аз ин табақа, ки ҳарчӣ рафтӣ, боз намудандӣ ва яке аз эшон Нӯштагини хоссаи ходим буд, ки ҳеч хидматкор ба Амир Маҳмуд аз вай наздиктар набуд ва Ҳурраи Хуталӣ – амматаш, худ сӯхтаи ӯ буд[7].

Пас хабари ин хона ба сурати алфия сахт пӯшида ба Амир Маҳмуд набиштанд ва нишон бидоданд, ки чун аз Саройи Аднонӣ бигзашта ояд, боғест бузург, бар дасти рости ин боғ ҳавзест бузург ва бар канори ҳавз аз чап ин хона аст ва шабу рӯз бар ӯ ду қуфл бошад зеру забар ва он вақт гушоянд, ки Амир Масъуд ба хоб он ҷо равад ва калидҳо ба дасти ходимест, ки ӯро Башорат гӯянд.

Ва Амир Маҳмуд чун ба ин ҳол воқиф гашт, вақти қайлула ба хиргоҳ омад ва ин сухан бо Нӯштагини хоссаи ходим гуфту мисол дод, ки фулон хайлтошро, ки тозандае[8] буд аз тозандагон, ки

---

[1] музаммил – гӯшаки лӯлаи об, ки агар ба як тараф гардонӣ, об аз он лӯла равон мешавад ва агар ба тарафи дигар гардонӣ, об баста мешавад.

[2] пардаҳо.

[3] аксҳои зану марди урён, аксҳои шаҳвонӣ.

[4] яъне, ҳама рафтори ӯро (ин мушриф) назорат мекард ва ба падараш гузориш менавишт.

[5] инҳо мекардӣ – хабар медодӣ.

[6] гӯшмол медод.

[7] яъне, шефтаи ӯ (Масъуд) буд, ӯро хеле дӯст медошт.

[8] тозанда ба маънои сабукрав ва ё тундрав, ки одатан нома ё паёмеро мерасонд.

ҳамто надошт, бигӯй, то сохта ояд, ки барои муҳимме ба ҷое фиристода ояд, то ба зудӣ биравад ва ҳоли ин хона бидонад ва набояд ҳеч кас бар ин ҳол воқиф гардад. Нӯштагин гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва амир бихуфт ва вай ба вусоқи[1] хеш омад ва саворе аз девсаворони хеш номзад кард бо се асби хийёраи[2] хеш бо вай бинҳод[3], ки ба шаш рӯзу шаш шабу ним рӯз ба Ҳирот равад наздики Амир Масъуд сахт пӯшида. Ва ба хатти хеш мулаттафае навишт ба Амир Масъуд ва ин ҳолҳо боз намуду гуфт: «Пас аз ин савори ман хайлтоши султонӣ хоҳад расид, то он хонаро бубинад, пас аз расидани ин савор ба як рӯзу ним, чунонки аз кас бок надорад ва яксар ба ин хона меравад ва қуфлҳо бишканад. Амир ин корро сахт зуд гирад чунонки савоб бинад». Ва он девсавор андар вақт тозон бирафт. Ва пас кас фиристод ва он хайлтошро, ки фармон буд, бихонд. Вай сохта биёмад. Амир Маҳмуд миёни ду намоз аз хоб бархосту намози пешин карду фориғ шуд, Нӯштагинро бихонду гуфт: «Хайлтош омад?» Гуфт: «Омад, ба вусоқ нишастааст». Гуфт: «давиту[4] коғаз биёред!» Нӯштагин биёварда ва Амир Маҳмуд ба хатти хеш гушодномае[5] навишт бар ин ҷумла:

«Бисми-л-лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Маҳмуд ибни Сабуктагинро фармон чунин аст, ки ин хайлтошро, ки ба Ҳирот ба ҳашт рӯз он ҷо расид, яксар то саройи писарам Масъуд шаваду аз кас бок надорад ва шамшер баркашад ва ҳар кас, ки вайро аз рафтан боз дорад, гардани вай бизанад ва ҳамчунон ба сарой фуруд равад ва сӯйи писарам нангарад ва аз Саройи Аднонӣ ба боғ фуруд равад ва бар дасти рости боғ ҳавзест ва бар канори он хонае бар чап. Даруни он хона равад ва деворҳои онро некӯ нигоҳ кунад, то бар чӣ ҷумла аст ва дар он хона чӣ бинад ва дарвақт бозгардад, чунонки бо кас сухан нагӯяд ва ба сӯйи Ғазнин бозгардад. Ва сабили Қутлуғтагин[6] ҳоҷиби Биҳиштӣ он аст, ки бар ин фармон кор кунад, агар ҷонаш ба кор аст ва агар муҳобое кунад, ҷонаш бирафт ва ҳар ёрӣ, ки хайлтошро бибояд дод, бидиҳад, то ба мавқеъи ризо бошад. Би машйати-л-лоҳи ва авниҳи, вассалом».

---

[1] вусоқ ба маънои хона.
[2] баргузида.
[3] қарор кард.
[4] давот.
[5] гушоданома – номаи саркушода, ки ба дар он маъмурияти номарасон ҳам дарҷ мегашт.
[6] Қутлуғтагин – ҳоҷиби Масъуд, ки дар вақти дар Ҳирот будани Масъуд бо ӯ ҳамроҳ буд.

Ин нома чун набишта омад, хайлтошро пеш бихонд ва он гушодномаро муҳр карду ба вай доду гуфт: «Чунон бояд, ки ба ҳашт рӯз ба Ҳирот равӣ ва чунину чунон кунӣ ва ҳамаи ҳолҳои шарҳкарда маълум кунӣ ва ин ҳадисро пӯшида дорӣ». Хайлтош замин бӯса доду гуфт: «Фармонбурдорам!» ва бозгашт. Амир Нӯштагини хоссаро гуфт: «Асби некрав аз охур хайлтошро бояд дод ва панҷ ҳазор дирам». Нӯштагин берун омад ва дар додани асбу сим[1] ва ба гузин кардани асб рӯзгоре кашид ва рӯзро мебисӯхт, то намози шомро рост карда буданд ва ба хайлтош доданд ва вай бирафт тозон.

Ва он девсавори Нӯштагин, чунонки бо вай ниҳода буд, ба Ҳирот расид ва Амир Масъуд бар мулаттафа воқиф гашт ва мисол дод, то саворро ҷое фуруд оварданд ва дар соат фармуд, ки то гачгаронро бихонанду он хона сапед карданд ва муҳра заданд[2], ки гӯӣ ҳаргиз ба он деворҳо нақш набудааст ва ҷома афканданду рост карданду қуфл барниҳоданд ва кас надонист, ки ҳол чист.

Ва бар асари[3] ин девсавор хайлтош даррасид рӯзи ҳаштум чоштгоҳи фарох[4] ва Амир Масъуд дар суффаи Саройи Аднонӣ нишаста буд бо надимон. Ва ҳоҷиб Қутлуғтагини Биҳиштӣ бар даргоҳ нишаста буд бо дигар ҳуҷҷоб[5] ва ҳашаму мартабадорон. Ва хайлтош даррасида аз асб фуруд омад ва шамшер баркашиду дабус[6] дар каш гирифту асб бигзошт. Ва дарвақт Қутлуғтагин барпой хосту гуфт: «Чист?» Хайлтош посух надод ва гушоднома бад-ӯ доду ба сарой фуруд рафт. Қутлуғтагин гушодномаро бихонд ва ба Амир Масъуд доду гуфт: «Чӣ бояд кард?» Амир гуфт: «Ҳар фармоне, ки ҳаст ба ҷой бояд овард». Ва ҳазоҳиз[7] дар сарой уфтод. Ва хайлтош мерафт, то дари он хона ва дабус дарниҳоду ҳарду қуфл бишкасту дари хона боз кард ва даррафт. Хонае дид сапеди покиза муҳра задаву ҷома афганда. Берун омад ва пеши Амир Масъуд замин бӯса доду гуфт: «Бандагонро аз фармонбурдорӣ чора нест ва ин беадабӣ банда ба фармони Султон Маҳмуд кард ва фармон чунон аст, ки дар соат, ки ин хона бидида бошам бозгардам, акнун рафтам!» Амир Масъуд гуфт: «Ту ба вақт омадӣ ва фармони худованд – султони падарро ба ҷо овардӣ, акнун ба фармони мо як рӯз бибош, ки бошад, ки ба ғалат

[1] сим – пул.
[2] пурра андова карданд.
[3] ба дунболи.
[4] наздики пешин.
[5] ҳоҷибон.
[6] гурзи оҳанӣ.
[7] сару садо ва ғавғо.

нишони хона бидода бошанд, то ҳама саройҳову хонаҳо ба ту намоянд». Гуфт: «Фармонбурдорам, ҳарчанд бандаро ин мисол надодаанд!» Ва Амир барнишаст ва ба ду фарсангӣ боғест, ки Белоб гӯянд.Ҷое ҳасин, ки вайрову қавмро он ҷо ҷой будӣ ва фармуд, то мардуми саройҳо ҷумла он ҷо рафтанд ва холӣ карданд ва ҳараму ғуломон бирафтанд. Ва пас бад- ӯ намуданд, то ҷумла бидид ва муқаррар гашт, ки ҳеч хона нест бар он ҷумла, ки инҳо карда буданд. Пас номаҳо набиштанд бар сурати ин ҳол ва хайлтошро даҳ ҳазор дирам доданду боз гардониданд ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, ба шаҳр боз омад. Ва чун хайлтош ба Ғазнин расид ва он чӣ рафта буд ба тамомӣ боз гуфт ва номаҳо низ бихонда омад, Амир Маҳмуд гуфт, раҳматуллоҳи алайҳ, «бар ин фарзанди ман дурӯғҳо бисёр мегӯянд». Ва дигар он ҷустуҷӯйҳо фаро бурид[1].

Ва ҳам бад-он рӯзгори ҷавонӣ ва кӯдакӣ хештанро риёзатҳо кардӣ чун зӯр озмудан ва санги гарон бардоштан ва куштӣ гирифтан ва он чӣ бад-ин монад. Ва ӯ фармуда буд, то оворҳо[2] сохта буданд аз баҳри ҳавосил[3] гирифтан ва дигар мурғонро. Ва чанд бор дидам, ки барнишаст, рӯзҳои сахт саъби сард[4] ва барфи нек қавӣ ва он ҷо рафту шикор кард ва пиёда шуд, чунонки то миёни ду намоз чандон ранҷ дид, ки ҷуз санги хора ба мисли он тоқат надорад. Ва пой дар мӯза кардӣ бараҳна дар чунон сармову шиддат ва гуфтӣ: «Бар чунин чизҳо хӯй[5] бояд кард, то агар вақте шиддатеву коре сахт пайдо ояд, мардум оҷиз намонад». Ва ҳамчунин ба шикори шер рафтӣ то Хутани[6] Исфизор[7] ва Адраскан[8] ва аз он бешаҳо ба Фароҳу Зиракону Шери Нар[9]; чун бар он ҷо бигзаштӣ, ба Буст ва Ғазнин омадӣ. Ва пеши шер танҳо рафтӣ ва нагузоштӣ, ки касе аз ғуломону ҳошия[10] ӯро ёрӣ додандӣ. Ва ӯ аз он чунин кардӣ, ки чандон зуру қувваи дил дошт, ки агар силоҳ бар шер задӣ ва коргар наёмадӣ, ба мардиву мукобара[11] шерро бигрифтӣ ва пас ба зудӣ бикуштӣ.

---

[1] қатъ шуд.
[2] ин ҷо ба маънои гарду хок.
[3] номи як навъ мурғ.
[4] хеле сард.
[5] одат.
[6] Халил Хатиби Раҳбар менависад, ки шояд дар асл чаман бошад.
[7] Исфизор – шаҳре дар наздикии Ҳирот.
[8] Адраскан – шаҳре дар шарқии Исфизор ва наздик ба Ҳирот.
[9] Фароҳ – шаҳре дар соҳили чапи Фароҳдара; макони Зиракону Шеринар маълум нашуд.
[10] хидматгорон.
[11] зурӣ ва ғурур.

Ва бад-он рӯзгор, ки ба Мултон мерафт, то он ҷо мақом кунад, ки падараш аз вай биёзурда буд аз суратҳо[1], ки бикарда буданд ва он қиссаи дароз аст. Дар ҳудуди Кийконон[2] пеши шер шуд ва таби чаҳорум медошт[3]. Ва одат чунон дошт, ки чун шер пеш омадӣ, хиште[4] кӯтоҳдастаи қавӣ ба даст гирифтӣ ва найзае ситабри[5] кӯтоҳ, то агар хишт бияндохтӣ ва корӣ наёмадӣ, он найза бигузордӣ ба зудӣ ва шерро бар ҷой бидоштӣ, он ба зӯру қувваи хеш кардӣ, то шер мепечидӣ бар найза, то он гоҳ, ки суст шудӣ ва бияфтодӣ. Ва будӣ, ки шер ситезакортар будӣ, ғуломонро фармудӣ, то даромадандӣ ва ба шамшеру ночах[6] пора-пора кардандӣ; ин рӯз чунон уфтод, ки хишт бияндохт шер хештанро дардуздид[7] то хишт бо вай наёмад ва зери сараш бигзашт. Амир найза бигузорд ва бар синаи вай зад захме устувор, аммо Амир аз он заифӣ чунонки боист, ӯро бар ҷой натавонист дошт. Ва шер сахт бузургу сабуку қавӣ буд, чунонки ба найза даромад[8] ва қувват кард, то найза бишкаст ва оҳанги Амир кард. Подшоҳи бодил ва ҷигардор ба ду даст ба сару рӯйи шер зад, чунонки шер шикаста шуду бияфтод ва Амир ӯро фуруд афшурду[9] ғуломонро овоз дод. Ғуломе, ки ӯро Қумош гуфтандӣ ва шамшердор[10] буд ва дар девон ӯро ҷондор[11] гуфтандӣ, даромад ва бар шер захме устувор кард, чунонки бад-он тамом шуд ва бияфтод ва ҳамаи ҳозирон ба тааҷҷуб бимонданд ва муқаррар шуд, ки он чӣ дар китоб навиштаанд аз ҳадиси Баҳроми Гӯр[12], рост буд.

Ва пас аз он Амир чунон калон шуд, ки ҳама шикор бар пушти пил кардӣ. Ва диданд вақте дар ҳудуди Ҳиндустон, ки аз пушти пил шикор мекардӣ ва рӯйи пилро аз оҳан бипӯшида буданд, чунонки расм аст. Шере сахт[13] аз беша берун омад ва рӯй

---

[1] манзури Байҳақӣ он аст, ки гурӯҳе назди Маҳмуд Масъудро сиёҳ карда, муносибати падару писарро бад мекарданд.

[2] Кийконон номи вилояте, ки роҳи Мултону Қусдор аз ҳудуди он мегузашт (шимолу шарқии Балучистон).

[3] яъне бемор буд.

[4] найзаи хурд.

[5] ғафс.

[6] табарзин ва найзаи кӯтоҳ.

[7] канор кашид.

[8] ҳамла бурд.

[9] муҳкам гирифта бар замин зад.

[10] маъмури нигаҳдории шамшер.

[11] нигаҳбони ҷони подшоҳ ё наздикони вай.

[12] Баҳроми Гӯр ё Баҳроми V – шоҳаншоҳи сосонӣ (421 – 438), ки барои гирифтани тоҷу тахти шоҳӣ бо рақибаш баҳс кард ва тоҷро миёни ду шер гузошт ва бо куштани онҳо тоҷро соҳиб гашт.

[13] калон ва боҳайбат.

ба пил ниҳод. Амир хиште бияндохт ва бар синаи шер зад, чунонки ҷароҳати қавӣ кард. Шер аз дарду хашм як ҷаст кард, чунонки ба қафои пил омад ва пил метапид[1]. Амир ба зону даромад ва як шамшер зад, чунонки ҳарду дасти шер қалам кард. Шер ба зону уфтоду ҷон бидод ва ҳамагон, ки ҳозир буданд, иқрор карданд, ки дар умри хеш аз касе ин ёд надоранд.

Ва пеш аз он ки бар тахти мулк нишаста буд, рӯзе сайр кард ва қасди Ҳирот дошт, ҳашт шер дар як рӯз бикушт ва якеро ба каманд бигирифт. Ва чун ба хайма фуруд омад, нишоти шароб кард ва ман, ки Абдулғаффорам, истода будам, ҳадиси он шерон хост ва ҳар касе ситоише мегуфт. Хоҷа Бусаҳли Завзанӣ давоту коғаз хост ва байте чанд шеър гуфт бағоят некӯ, чунонки ӯ гуфтӣ, ки ягонаи рӯзгор буд дар адабу луғату шеър ва он абёт амирро сахт хуш омаду ҳамагон биписандиданду ва нусхат карданд ва ман низ кардам[2], аммо аз дасти ман бишудааст[3], байте чанд ки маро ёд буд, дар ин вақт набиштам, ҳарчанд, ки бар валӣ нест[4], то қисса тамом шавад:

Ва-л абёту ли-шайхи Аби Саҳли Завзанийя фӣ мадҳи-л султони-л-аъзам Масъуд ибни Маҳмуд, разияллоҳу анҳумо[5]. Шеър:

Ас-сайфу ва-р-румҳу ванушшобу ва-л ватару,
Ғанийта анҳо ва ҳоки раъйака-л қадару.
Моин наҳаста ли амрин азза матлабуҳу,
Илло ин санайта ва фи азфорика-з-зафару.
Ман кона йастоду фи ракзин самонийатан,
Мина-з-зароғими ҳонат индаҳу-л башару.
Изо талаъта фало шамсун ва ло қамарун,
Изо самиҳта фало баҳрун ва ло матару[6].

Ва ин меҳтар рост гуфта буд, ки дар ин подшоҳ ин ҳама буду зиёдат ва шеър дар ӯ некӯ омадӣ ва ҳоҷат наёмадӣ, ки бад-он, ки гуфтаанд, аҳсану шиъри акзабуҳу[1], дуруғе боястӣ гуфтан.

---

[1] беқарорӣ мекард.

[2] яъне нусхат кардам.

[3] нобуд шудааст.

[4] Байҳақӣ мехоҳад бигӯяд, ки бардоштҳои ман аз ин шеър комил нест.

[5] Ин аст байтҳои Шайх Абусаҳл Завзанӣ дар ситоиши подшоҳи бузург Масъуд фарзанди Маҳмуд, ки Худованд аз ҳар ду хушнуд бод!

[6] Маънои абёт: Ту аз шамшеру найзаву тиру зеҳу камон бениёзӣ ва қадр намудори раъйи туст (раъйи туро намоён месозад), ба коре бузург, ки расидан ба он душвор аст, барнахостӣ, ҷуз он ки бозгаштӣ ва пирӯзӣ дар чанги ту буд; касе, ки дар як тохтан ҳашт шер шикор кунад, одамӣ пеши вай нотавон ва хормоя аст. Чун ту баромадӣ, хуршеду моҳ (дар баробари меҳри рӯйи ту) ночиз ва чун бахшандагӣ кардӣ, дар пеши бахшиши ту дарёву боронро қадре набошад.

Шуҷоату дилу заҳрааш ин буд, ки ёд карда омад ва саховаташ чунон буд, ки бозаргонеро, ки ӯро Бумутеъи Сакзӣ[2] гуфтандӣ, ба як шаб шонздаҳ ҳазор динор бахшид. Ва ин бахшиданро қиссаест: ин Бумутеъ марде буд бо неъмати бисёр аз ҳар чизе ва падаре дошт Буаҳмади Халил ном. Шабе аз иттифоқи нек ба шуғле ба даргоҳ омада буд, ки бо ҳоҷиби навбатӣ шуғл дошт[3] ва дере он ҷо бимонд. Чун мебозгашт, шаб дур кашида буд[4] андешид, ки набояд дар роҳ халале уфтад, дар даҳлези хосса муқом кард ва марде шинохта буду мардумон уро некӯ ҳурмат доштанд; сиёҳдорон[5] ӯро лутф карданду ӯ қарор гирифт. Ходим баромаду муҳаддис[6] хост ва аз иттифоқ ҳеч муҳаддис ҳозир набуд. Озодмард Буаҳмад бархост, бо ходим рафт ва ходим пиндошт, ки ӯ муҳаддис аст. Чун ӯ ба хиргоҳи Амир расид, ҳадисе оғоз кард, Амир овози Буаҳмад бишнуд бегона, пӯшида нигаҳ кард, мардро дид ҳеч нагуфт, то ҳадис тамом кард, сахт сараву нағз қиссае буд. Амир овоз дод, ки ту кистӣ? Гуфт: «Бандаро Буаҳмади Халил гӯянд, падари Бумутеъ, ки ҳанбози[7] худованд аст». Гуфт: «Бар писарат муставфиён[8] чанд мол ҳосил фуруд овардаанд[9]?» Гуфт: «Шонздаҳ ҳазор динор». Гуфт: «Он ҳосил бад-ӯ бахшидам ҳурмати пирии туро ва ҳаққи ҳурмати ӯро». Пир дуъо бисёр карду бозгашт. Ва ғуломе турк аз они писараш ба саройи Амир оварда буданд, то харида ояд, фармуд, ки он ғуломро низ бояд дод, ки нахоҳем ва ба ҳеч ҳол раво дошта наёяд, ки аз эшон чизе дар милки[10] мо ояд. Ва аз ин тамомтар ҳиммату мурувват набошад.

Ва з-ин зиёдат низ бисёр бахшид Монаки Алии Маймунро. Ва ин Монак марде буд аз кадхудоёни Ғазнин ва бисёр мол дошт. Ва чун гузашта шуд, аз вай авқофу чизи беандоза монд ва работе, ки Хоҷаи Имом Бусодиқи Таббонӣ, адомаллоҳу саломатаҳу[11], он ҷо

---

[1] тарҷ: накӯтари шеър он аст, ки бештар дурӯғ бошад. Низомӣ дар ин маврид чунин мефармояд:

Дар шеър мапечу дар фани ӯ
Чун акзаби ӯст аҳсани ӯ.

[2] сакзӣ мансуб ба Систон.

[3] кор дошт.

[4] яъне, шаб дер шуда буд, бегоҳтар шуда буд.

[5] ҳоҷибони даргоҳ, ки либоси сиёҳ ба бар доштанд, сиёҳдор номида мешуданд.

[6] қиссагӯ, нафаре, ки дар даргоҳ хидмат мекард ва барои амиру амирзодаҳо қисса мегуфт.

[7] шарики тиҷоратӣ.

[8] муҳосибони даромаду хароҷоти молӣ, нозирони андоз.

[9] яъне, чӣ миқдор ӯро молиёт (андоз) бастаанд?

[10] милк – он чӣ дар қабзаи тасарруф бошад.

[11] Худованд тандурустии ӯро бардавом дорад!

нишинад. Ва ҳадиси ин Имом оварда ояд сахт мушаббаъ[1] ба ҷойгоҳи хеш, иншоаллоҳу азза ва ҷалла. Қиссаи Монаки Алии Маймун бо Амир чунон уфтод, ки ин мард одат дошт, ки ҳар соле бисёр очорҳову[2] комаҳои некӯ[3] сохтӣ ва пеши Амир Маҳмуд, раҳматуллоҳу алайҳи, бурдӣ. Чун тахту мулк ба Амир Масъуд расид ва аз Балх ба Ғазнин омад, очори бисёр ва карбосҳо аз даст рашти порсозанон[4] пеш овард. Амирро сахт хуш омад ва вайро бинавохту гуфт: «Аз гӯспандони хосси падарам, раҳматуллоҳи алайҳи, вай бисёр дошт, яла кардам[5] бад-ӯ ва гӯспандони хосси мо низ, ки аз Ҳирот овардаанд, вайро бояд дод, то онро андеша дорад. Ва дар шумор[6] бояд, ки бо вай мусоҳалат[7] равад, чунонки ӯро фоидаи тамом бошад, ки вай марде порсосту моро ба кор аст». Фармони ӯро ба мусораат[8] пеш рафтанд. Ва дигар сол Амир ба Балх рафт, ки ин ҷо муҳиммот буд ва чунонки оварда ояд, Монаки Алии Маймун бар одати хеш бисёр очор фиристод ва бар он пайвасти қадид[9] ва ҳар чизе ва аз Микойили Баззоз, ки дӯсти ӯ буд, дархост, то онро пеш барад ва нусхати шумори хеш низ бифиристод, ки бар вай панҷоҳ ҳазор динору шонздаҳ ҳазор гӯспанд ҳосил аст. Ва қисса навишта буд ва илтимос карда, ки гӯспанди султониро, ки вай дорад, ба касе дигар дода ояд, ки вай пир шудааст ва онро наметавонад дошт ва мӯҳлатеву таваққуфе бошад, то ӯ ин ҳосилро наҷм-наҷм[10] ба се сол бидиҳад.

Ва дар он вақт, ки Микойили Баззоз пеш омад ва он очорҳо пеш оварданд ва сари хумраҳо боз карданду чошнӣ[11] медоданд, ман, ки Абдулғаффорам, истода будам. Микойил нусхату қисса[12] пеш дошт. Амир гуфт: «Биситону бихон!» Бистадам ва ҳарду бихондам, бихандиду гуфт: «Монакро ҳаққи бисёр аст дар хонадони мо; ин ҳосил ва гӯспандон бад-ӯ бахшидам, Абдулғаффор ба девони истифо[13] равад ва бигӯяд мустафиёнро то хат бар

---

[1] бисёр, фаровон.
[2] очор – навъе хӯрдании турш.
[3] навъе хӯриш.
[4] ба дасти занон печида.
[5] раҳо кардам.
[6] ҳисобу китоб.
[7] осон гирифтан.
[8] шитобон.
[9] гушти хушккарда.
[10] қисм-қисм.
[11] андаке аз таъом, ки барои чашидани тамъи он медоданд.
[12] гузориши арзи ҳол.
[13] девони молия.

ҳосилу боқии ӯ кашанд».[1] Ва мисол набиштам ва тавқеъ[2] кард ва Монак назаре ёфт бад-ин бузургӣ. Сахт бузург ҳиммате ву фарох ҳавсалае бояд, то чунин кирдор тавонад кард. Эзид, азза зикруҳу, бар он подшоҳи бузург раҳмат кунод!

Ва аз ин бузургтару бономтари дигарест[3] дар боби Бусаъиди Саҳл. Ва ин мард муддате дароз кадхудой[4] ва оризи[5] Амир Насри сипоҳсолор буд, бародари Султон Маҳмуд, тағаммадҳумуллоҳу бираҳматиҳи[6]. Чун Наср гузашта шуд, аз шоистагиву бакоромадагии[7] ин мард Султон Маҳмуд шуғли ҳамаи зиёъи Ғазнии хосс бад-ӯ муфавваз кард ва ин кор баробари соҳибдевонии Ғазнӣ аст ва муддате дароз ин шуғлро биронд. Ва пас аз вафоти Султон Маҳмуд, Амир Масъуд муҳимми[8] соҳибдевонии Ғазнӣ бад-ӯ дод бо зиёъи хосс ба ҳам[9] ва қариб понздаҳ сол ин корҳо меронд. Пас бифармуд, ки шумори вай бибояд кард. Муставфиён шумори вай боз нигаристанд, ҳафдаҳ бор ҳазор ҳазор[10] дирам бар вай ҳосили маҳз буд ва ӯро аз хосси худ ҳазор-ҳазор[11] дирам танхоҳ[12] буд ва ҳамгон мегуфтанд, ки ҳоли Бусаъид чун шавад бо ҳосиле бад-ин азимӣ? Чӣ дида буданд, ки Амир Маҳмуд бо Муаддилдор, ки ӯ омили Ҳирот буд ва бо Саъиди хосс, ки ӯ зиёъи Ғазнин дошт ва омили Гардез, ки бар эшон ҳосилҳо фуруд омад, чӣ сиёсатҳо рондан фармуд аз тозиёна задан ва дасту пой буридану шиканҷаҳо. Аммо Амир Масъуд-ро шармеву раҳмате буд тамом ва дигар, ки Бусаъиди Саҳл ба рӯзгори гузашта вайро бисёр хидматҳои писандида аз дил карда буд ва чӣ ба он вақт, ки зиёъи хос дошт дар рӯзгори Амир Маҳмуд. Чун ҳосиле бад-ин бузургӣ аз они вай бар он подшоҳ Амир Масъуд арза карданд гуфт: «Тоҳири Муставфӣ ва Бусаъидро бихонед». Ва фармуд, ки ин ҳол маро муқаррар бояд гардонид. Тоҳир боб бозмеронд ва бозменамуд[13], то ҳазор ҳазор дирам берун омад, ки Абусаъидро ҳаст ва шонздаҳ

---

[1] яъне, ҳисобу китоби ӯро хат занад. Яъне, ҳамаи ҳисобу китоби ӯро баробар (ба сифр) кунанд.
[2] муҳри подшоҳӣ ниҳод.
[3] кори аз ин (ҳикояи нақлшуда) машҳуртар ҳам ҳаст.
[4] пешкор, ёвар.
[5] ориз – лашкарнавис ва маъмури арзи сипоҳ.
[6] Худованд ба бахшоиши хеш ононро фурӯ пӯшад!
[7] кордонӣ.
[8] кори бузурги.
[9] яъне, иҷрои ду вазифаро якҷо ба ӯ бахшид (вогузорд).
[10] яъне 17 миллион.
[11] 1 миллион.
[12] сармоя ва молу матоъ.
[13] изҳор мекард.

ҳазор ҳазор дирам аст, ки бар вай ҳосил аст[1] ва ҳеч ҷо пайдо нест ва мо ло калома фиҳи[2], ки Бусаъидро аз хосси хеш бибояд дод. Амир гуфт: «Ё Бусаъид, чӣ гӯӣ ва рӯйи ин мол чист?»[3] Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, аъмоли Ғазнӣ дарёест, ки ғавру умқи он пайдо нест ва ба Худойи азза ва ҷаллаву ба ҷону сари худованд, ки банда ҳеч хиёнат накардааст ва ин боқии чандинсолааст ва ин ҳосил ҳаққ аст худовандро бар банда». Амир гуфт: «Ин мол ба ту бахшидам, ки туро ин ҳаққ ҳаст, хез ба саломат ба хона бозгард!» Бусаъид аз шодӣ бигирист сахт ба дард, Тоҳири Муставфӣ гуфт: «Ҷойи шодист, на ҷойи ғаму гиристан!» Бусаъид гуфт: «Аз он гиристам, ки мо бандагон чунин худовандро хидмат мекунем бо чандин ҳилму карам ва бузургии вай бар мо; ва агар вай риоят ва навохту некӯдошти хешро аз мо дур кунад, ҳоли мо бар чӣ ҷумла гардад». Амир вайро некуӣ гуфту бозгашт ва аз ин бузургтар назар натавонад буд ва ҳамагон рафтанд, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин[4].

Ва он чӣ шуароро бахшид, худ андоза набуд, чунонки дар як шаб Алавии Зайнабиро, ки шоир буд, як пилвор[5] дирам бахшид, ҳазор-ҳазор[6] дирам, чунонки иёраш[7] дар даҳ дирам нуқра нуҳу ним омадӣ ва фармуд, то он силати гаронро бар пил ниҳоданду ба хонаи Алавӣ бурданд. Ҳазор динору понсад динор ва даҳ ҳазор дирам каму бешро худ андоза набуд, ки чанд бахшидӣ шуароро ва ҳамчунон надимону дабирону чокарони хешро, ки баҳона ҷустӣ, то чизешон бахшидӣ. Ва ба ибтидои рӯзгор ба ифроттар[8] мебахшид ва дар охири рӯзгор он бод[9] лахте суст гашт. Ва одати замона чунин аст, ки ҳеч чиз бар як қоида бинамонад ва тағйир ба ҳама чизҳо роҳ ёбад.

Ва дар ҳилму тараҳҳум ба манзилате буд, чунонки як сол ба Ғазнин омад аз фаррошон[10] тақсирҳо пайдо омаду гуноҳони нодаргузаштанӣ[11]. Амир ҳоҷиби саройро гуфт: «Ин фаррошон бист тананд, эшонро бист чӯб бояд зад!» Ва ҳоҷиб пиндошт, ки

---

[1] дар номи ӯ ҳаст.
[2] он чӣ дар он ҷойи ҳеч сухане набошад, ё бегуфтугӯ.
[3] яъне чӣ гуна онро метавонӣ пардохт кунӣ?
[4] бахшоиши Худо бар ҳамаи эшон бод.
[5] пилвор – миқдори бори як пил, мисли харвор.
[6] як миллион.
[7] иёр – он чӣ дар дираму динор аз тиллову нуқраи холис қарор дода бошанд.
[8] бештар.
[9] яъне боди бахшишу карам.
[10] маъмурони тоза нигоҳ доштани қасру саройи амирӣ.
[11] набахшиданӣ.

ҳар якеро бистгон[1] чӯб фармудааст, якеро беруни хона фурӯ гирифтанд ва чун се чӯб бизаданд, бонг бароварда. Амир гуфт: «Ҳар якеро яке чӯб фармуда будем ва он низ бахшидем, мазанед!» Ҳамагон халос ёфтанд. Ва он ғояти ҳалимиву каримӣ бошад, чӣ некуст ал-афву ъинда-л қудрати[2].

Ва бад-он вақт, ки Амир Маҳмуд аз Гургон қасди Рай кард ва миёни амирону фарзандони ӯ Масъуду Муҳаммад мувозаъате[3] ниҳоданӣ буд, биниҳод. Амир Муҳаммадро он рӯз асб бар даргоҳ асби Амири Хуросон хостанд[4] ва вай сӯйи Нишобур бозгашт ва амирон Маҳмуду Масъуд – падару писар, дигар рӯз сӯйи Рай кашиданд. Чун корҳо бар он ҷониб қарор гирифт ва Амир Маҳмуд азимат дуруст кард бозгаштанро, фарзандро хилъат доду пайғом омад наздики вай ба забони Булҳасани Уқайлӣ, ки: писарам Муҳаммадро, чунонки шунудӣ, бар даргоҳи мо асби Амири Хуросон хостанд ва ту имрӯз халифати моӣ ва фармони мо бад-ин вилоят беандоза медон; чӣ ихтиёр кунӣ, ки асби ту асби шоҳаншоҳ хоҳанд ё асби Амири Ироқ? Амир Масъуд чун ин пайғоми падар бишнид, барпой хосту замин бӯса доду пас бинишасту гуфт: «Худовандро бигӯй, ки банда ба шукри ин неъматҳо чун тавонад расид, ки ҳар соате навохти тоза меёбад ба хотир ногузашта[5]. Ва бар худовандони падарон беш аз он набошад, ки бандагон фарзандони хешро номҳои некӯ ва басазо арзонӣ доранд, бад-он вақт, ки эшон дар ҷаҳон пайдо оянд ва бар эшон воҷибу фариза гардад, ки чун ёл баркашанд[6], хидматҳои писандида намоянд, то бад-он зиёдат ном гиранд. Ва худованд бандаро некӯтар номе арзонӣ дошт ва он Масъуд аст ва бузургтар он аст, ки бар вазну номи худованд аст, ки ҳамеша бод. Ва имрӯз, ки аз хидмат ба дидори худованд дур хоҳад монд, ба фармоне, ки ҳаст, воҷиб кунад, ки бар ин ном, ки дорад, бимонад, то зиёдатҳо кунанд. Агар Худой, азза ва ҷалла, хоҳад, ки маро бад-он ном хонанд, ба давлати худованд бад-он расам».

Ин ҷавоб ба машҳади[7] ман дод, ки Абдулғаффорам. Ва шунидам пас аз он, ки чун ин суханон бо Амир Маҳмуд

---

[1] яъне ҳар якеро бистогӣ чӯб.
[2] гузашту бахшоиш он аст, ки дар ҳоли тавоноӣ бошад.
[3] қарордод, шартнома.
[4] расми маъмуле буд дар даргоҳ, ки нафареро ба унвоне, ки таъйин мекарданд, хилъату аспро низ ба ҳамон унвон номбар мекарданд, яъне Муҳаммадро аспи Амири Хуросон доданд.
[5] дар хотир ҳам ба ин чиз намеандешид.
[6] бузург шаванд.
[7] ба шоҳидии ман, пеши чашми ман.

бигуфтанд, хиҷил шуду нек аз ҷой бишуд ва гуфта буд, ки «Сахт некӯ мегӯяд ва мард ба ҳунар ном гирад».

Ва дар он вақт, ки аз Гургон сӯйи Рай мерафтанд[1], амирон – падару писар, разияллоҳу анҳумо, чанд тан аз ғуломони саройии Амир Маҳмуд чун Қояғлану Арслону Ҳоҷиби Чобук, ки пас аз он аз Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, ҳоҷибӣ ёфтанд ва Амирбача, ки сарғавғои[2] ғуломони саройӣ буд ва чанд тан аз сарҳангону сарвусоқон[3] дар ниҳон тақарруб кардандиву бандагӣ намудандӣ ва пайғомҳо фиристодандӣ. Ва фарроше пир буд, ки пайғомҳои эшон овардиву бурдӣ. Ва андак моя чизе аз ин ба гӯши Амир Маҳмуд расида буд, чӣ Амир Муҳаммад дар ниҳон касон доштӣ, ки ҷустуҷӯи корҳои бародар кардӣ ва ҳамеша сурати ӯ зишт мегардондӣ[4] наздики падар. Як рӯз ба манзиле, ки онро Чошт-хорон[5] гӯянд, хоста буд падар, ки писарро фурӯ гирад[6]; намози дигар чун Амир Масъуд ба хидмати даргоҳ омад ва соате бибуду бозгашт. Булҳасани Карачӣ бар асар биёмаду гуфт: «Султон мегӯяд, бозмагард ва ба хаймаи навбатӣ диранг кун, ки мо нишоти шароб дорем ва мехоҳем, ки туро пеши хеш шароб диҳем, то ин навохт биёбӣ». Амир Масъуд ба хаймаи навбатӣ бинишасту шод шуд ба ин фатҳ. Ва дар соат фарроши пир биёмаду пайғоми он ғуломон овард, ки худованд ҳушёр бошад, чунон менамояд, ки падар бар ту қасде медорад. Амир Масъуд нек аз ҷой бишуду дарсоат кас фиристод ва наздики муқаддамону ғуломони хеш, ки ҳушёр бошед ва асбон зин кунеду силоҳ бо хеш доред, ки рӯй чунин менамояд[7]. Ва эшон ҷунбидан гирифтанд. Ва ин ғуломони маҳмудӣ низ дар гуфтугӯй омаданду ҷунбиш дар ҳама лашкар уфтод ва дарвақт ин хабар ба Амир Маҳмуд расониданд, фурӯ монд ва донист, ки он кор пеш наравад ва бошад, ки шарре ба пой шавад, ки онро душвортар тавон ёфт[8]. Наздики намози шом Булҳасани Уқайлиро наздики писар фиристода ба пайғом, ки: «Моро имрӯз мурод мебуд, ки шароб хурдемӣ ва туро шароб додемӣ, аммо бегоҳ асту мо муҳимме бузург дар пеш дорем; рост

[1] ин охирин сафари Маҳмуд буд, (с.1029), зеро муддате пас аз бозгаштан аз Рай чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.
[2] сари фитна.
[3] сардори гурӯҳ.
[4] яъне аз бародараш бадгӯӣ мекарданд.
[5] маконе, ки дар сари роҳи Гургон ба Рай воқеъ гардида буд.
[6] боздошт кунад.
[7] маслаҳат чунин аст.
[8] ба душворӣ ором карда шавад.

наёмад, ба саъодат бозгард, ки ин ҳадис бо Рай уфтод[1], чун ба саломат он ҷо расем ин навохт биёбӣ». Амир Масъуд замин бӯса доду бозгашт шодком. Ва дарвақт пири фаррош биёмад ва пайғоми ғуломони маҳмудӣ овард, ки «Сахт некӯ гузашт ва мо дар дил карда будем, ки агар ба Амир ба бадӣ қасде бошад, шарре ба пой кунем, ки бисёр ғулом ба мо пайвастаанд ва чашм бар мо доранд». Амир ҷавобе некӯ дод ва бисёр бинавохтшон ва умедҳои фаровон дод ва он ҳадис фаро бурид[2]. Ва пас аз он Амир Маҳмуд чанд бор шароб хӯрд, чӣ дар роҳ ва чӣ ба Рай ва паси шароб додани ин фарзанд боз нашуд[3], то Амир Масъуд дар халват бо бандагону муътамадони[4] хеш гуфт, ки падари мо қасде дошт, аммо, Эзид азза зикруҳу, нахост.

Ва чун ба Рай расиданд, Амир Маҳмуд ба Дӯлоб[6] фуруд омад бар роҳи Табаристон наздики шаҳр ва Амир Масъуд ба Алиобод[7] лашкаргоҳ сохт бар роҳи Қазвин[5] ва миёни ҳарду лашкар масофат ним фарсанг[6] буд. Ва ҳаво сахт гарм истод ва меҳтарону бузургон сардобаҳо[7] фармуданд қайлуларо. Ва Амир Масъудро сардобае сохтанд сахт покизаву фарох ва аз чоштгоҳ то намози дигар он ҷо будӣ, замоне ба хоб ва дигар ба нишоту шароби пӯшида хӯрдан ва кор фармудан. Як гармгоҳ[8] ин ғуломону муқаддамони маҳмудӣ мутанаккир[9] бо борониҳои карбосин[10] ва дасторҳо дар сар гирифта, пиёда наздики Амир Масъуд омаданд ва Пирӯзи Вазирии ходим, ки аз ин роз огоҳ буд, эшонро бор хост ва бад-он сардоба рафтанду расми хидмат ба ҷой оварданд. Амир эшонро бинавохту лутф кард ва умедҳои фаровон дод. Гуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, раъйи[11] султони падар дар боби ту сахт бад аст ва мехоҳад, ки туро фурӯ тавонад[12] гирифт, аммо мебитарсад

---

[1] манзур аз ин ҷумла: ин кор (яъне маҷлиси шароб)-ро дар Рай хоҳем кард.
[2] ба поён расид.
[3] напардохт.
[4] наздикон ва ашхосси муътамад.
[6] номи мавзеъ дар шаҳри Рай.
[7] номи мавзеъ дар Рай.
[5] шаҳри маъруфе, ки ба Рай наздик буд ва то имрӯз бо ҳамин ном хонда мешавад.
[6] як фарсанг баробар буд бо 6 км.
[7] хонаҳои заминӣ, ки дар фасли гармо барои осудагӣ месохтанд.
[8] вақти гармии рӯз.
[9] мутанаккир – он ки дар либоси ношинос бошад, касе ки барои шинохта ношудан қиёфаву либоси худро дигар карда бошад; ношинос.
[10] либисҳое ки аз карбос барои рӯзи борон медӯзанд.
[11] ният.
[12] мехоҳад, ки агар тавонад туро дастгир кунад.

ва медонад, ки ҳамагон аз ӯ сер шудаанд[1] ва меандешад, ки балое бузург ба пой шавад. Агар худованд фармояд, бандагону ғуломон ҷумла дар ҳавои ту якдилем, вайро фурӯ гирем, ки чун мо даршӯрем, беруниён[2] бо мо ёр шаванд ва ту аз ғазозат[3] бираҳӣ ва аз ранҷи дил биёсойӣ». Амир гуфт: «Албатта ҳамдостон набошам, ки аз ин сухан биандешед, то ба кирдор чӣ расад, ки Амир Маҳмуд падари ман аст ва ман натавонам, дид, ки боде тез бар вай вазад ва молишҳои[4] вай маро хуш аст ва вай подшоҳест, ки андар ҷаҳон ҳамто надорад ва агар фа-л-ъиёзубиллоҳ[5] аз ин гуна, ки шумо мегӯед ҳоле бошад, то қиёмат он ор аз хонадони мо дур нашавад Ӯ худ пир шудаасту заиф гашта ва нолон мебошаду умраш сар омада ва ман зиндагонии вай хоҳам, то Худой азза ва ҷалла чӣ тақдир кардааст ва аз шумо беш аз он нахоҳам, ки чун ӯро қазои марг бошад, ки ҳеч касро аз он чора нест, дар байъати ман бошед[6]». Ва маро, ки Абдулғаффорам, фармуд то эшонро савганд додам ва бозгаштанд.

Ва миёни Амир Масъуд ва Манучеҳри Қобус[7], волии Гургону Табаристон пайваста мукотабат буд сахт пӯшида[8], чӣ он вақт, ки ба Ҳирот мебуд ва чӣ бад-ин рӯзгор. Мардеро, ки вайро Ҳасани Муҳаддис гуфтандӣ, наздики Амир Масъуд фиристода буд, то ҳам хидмати муҳаддисӣ[9] кардӣ ва ҳам гоҳ аз гоҳ номаву пайғом овардию мебурдӣ. Ва номаҳо ба хатти ман рафтӣ, ки Абдулғаффорам ва ҳар он гоҳ, ки он муҳаддисро ба сӯйи Гургон фиристодӣ, баҳона овардӣ, ки (аз) он ҷо тухми сипарғамҳову турунҷ[10] ва табақҳову дигар чизҳо оварда меояд. Ва дар он вақт, ки амирон Масъуду Маҳмуд, разияллоҳу анҳумо, ба Гургон буданд ва қасди Рай, доштанд ин муҳаддис ба Сатторобод[11] рафт наздики Манучеҳр ва Манучеҳр ӯро бозгардонид бо муътамаде аз они

---

[1] яъне, Маҳмуд ки беш аз сӣ сол ҳукумат карда буд ва пир гашта, назди дарбориён шум гашта буд.

[2] дигар ғуломону сипоҳиён, ки берун аз даргоҳанд.

[3] хорӣ ва тоқат кардани корҳои ношоям.

[4] гӯшмол.

[5] Пас паноҳ бар Худо!

[6] яхне, дар ҳолати марги Маҳмуд тарафдори ман бошед

[7] муаллифи асари «Қобуснома» Фалаку-л-маолӣ Манучеҳр ибни Қобус амири Зиёрӣ, ки солҳои 1012-1031 волии Гургону Табаристон буд.

[8] пинҳонӣ.

[9] қиссагӯӣ.

[10] сипарғаму турунҷ – номи ду гиёҳ.

[11] шакли дигари номи Астаробод, ки дар минтақаи Гургону Табаристон воқеъ буд.

хеш, марде ҷалду[1] сухангӯй, бар шибҳи аъробиён ва бо зий[2] ва ҷомаи эшон ва Амир Масъудро бисёр нузл фиристод пӯшида ба хатҳову номаҳо ва тароифи[3] Гургону Деҳистон[4] ҷуз аз он чӣ дар ҷумлаи анзоли[5] Амир Маҳмуд фиристода буд. Ва як бору ду бор муътамадони ӯ, ин муҳаддису ёраш, омаданду шуданд ва кор бадон ҷойгоҳ расид, ки Манучеҳр аз мир Масъуд аҳдеву савганде хост, чунонки расм аст, ки миёни мулук бошад.

Пас як шаб дар он рӯзгори муборак, пас аз намози хуфтан пардадоре, ки акнун кутволи қалъаи Сакованд[6] аст, дар рӯзгори Султони муъаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носиридинуллоҳ, биёмаду маро, ки Абдулғаффорам бихонд[7] ва чун вай омадӣ ба хондани ман муқаррар гаштӣ, ки ба муҳимме маро хонда меояд, сохта[8] бирафтам бо пардадор, ёфтам амирро дар хиргоҳ танҳо бар тахт нишаста ва давиту коғаз дар пеш ва Гавҳари хазинадор ва ӯ аз наздикони амир буд, он рӯз истода; расми хидматро ба ҷой овардам ва ишорат кард нишастанро, бинишастам. Гавҳар гуфт: «Давоту коғаз Абдулғаффоро бидеҳ!» Вай давиту коғаз пеши ман биниҳоду худ аз хиргоҳ берун рафт. Амир нусхати аҳду савганднома, ки худ набишта буд, ба хатти худ ба ман андохт ва чунон набиштӣ, ки аз он некӯтар набудӣ, чунонки дабирони устод дар иншои он оҷиз омандӣ ва Булфазл[9] дар ин таърих ба чанд ҷой биёварда ва нусхатҳову руқъатҳои ин подшоҳ бисёр ба дасти вай омад, ман нусхат тааммул кардам[10], набишта буд, ки: «Ҳамегӯяд Масъуд ибни Маҳмуд, ки ба Худой, азза ва ҷалла» ва он савганд, ки дар аҳднома нависанд: «ки то Амири Ҷалил Фалаку-л-маолӣ Абумансур Манучеҳр ибни Қобус бо мо бошад» ва шароитро то

---

[1] ҷалд – чусту чолок.
[2] пӯшок.
[3] нузл – туҳфа: тароиф-чизи комёб ва наву тоза
[4] Деҳистон – минтақаи наздисоҳилии дарёи Мозандарон (Баҳри Хазар). Дар солҳои 1035 – 1040 барои ба даст овардани Деҳистон миёни Ғазнавиёну Салчуқиён муборизаи хеле шадиду тӯлонӣ мерафт. Доир ба ҷойгоҳи Деҳистон дар аҳди Ғазнавиён ва тасвири он дар асари Байҳақӣ ниг. ба мақолаи муаллифи пешгуфтору тавзеҳот таҳти унвони «Таърихи Масуди» Абулфазла Байхаки о Дихистане. //Очерки истории и теории культуры таджикского народа. – Душанбе, 2010. –С.20-25.
[5] ҷамъи нузл, ба маънои туҳфа
[6] шаҳраке дар наздикии Бомиён.
[7] даъват кард.
[8] омода.
[9] Байҳақӣ дар миёни суханони Абдулғаффор даромада, ин ҷо ишора ба навиштаҳои худ мекунад.
[10] ҷиддӣ нигаристан.

ба поён ба тамомӣ оварда, чунонки аз он балиғтар[1] набошад ва некӯтар натавонад буд. Чун бар он воқиф гаштам, гуфтӣ, таште бар сари ман рехтанд пур аз оташ ва нек битарсидам аз сатвати маҳмудӣ ва хушк бимондам[2]. Вай асари он таҳайюр дар ман бидид, гуфт: «Чист, ки фурӯ мондиву сухан намегӯӣ? Ва ин нусхат чӣ гуна омадааст?» Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, бар он ҷумла, ки худованд набиштааст, ҳеч дабири устод натавонад набишт, аммо андар ин як сабаб аст, ки агар бигӯям бошад, ки нохуш ояду бамавқеъ наяфтад[3] ва ба дастурӣ[4] тавонам гуфт». Гуфт: «Бигӯй!» Гуфтам: «Бар раъйи худованд пӯшида нест, ки Манучеҳр аз падари худованд тарсон аст ва падари худованд аз заъфу нолонӣ[5] имрӯз чунин аст, ки пӯшида нест ва ба охири умр расида ва хабари он ба ҳамаи подшоҳону гарданкашони атроф расида ва тарсонанду хоҳанд, ки ба интиқоме битавонанд расид ва эшонро муқаррар аст, ки чун Султон гузашта шуд, Амир Муҳаммад ҷойи ӯ натавонад дошт ва аз вай тасаббуте[6] наёяд ва аз худованд андешанд, ки сояву ҳашмати вай дар дили эшон муқаррар бошад ва ба муроде натавонанд расид. Ва эмин чун тавонад буд бар Манучеҳр, ки чун ин аҳд ба наздики вай расад, ба тавқеъи худованд ороста гашта[7], тақаррубе[8] кунад ва ба наздики Султон Маҳмуд фиристад ва аз он балое хезад, то вай ба муроди хеш расад ва эмин гардад. Ва подшоҳон ҳилатҳо бисёр кардаанд, ки чун ба мукошафат[9] ва душмании ошкоро коре нарафтааст ба зарқу[10] ифтиол[11] даст задаанд, то бирафтааст[12]. Ва низ агар Манучеҳр ин ноҷавонмардӣ накунад, Амир Маҳмуд ҳушёру бедор ва гурбузу бисёрдон аст ва бар худованд низ мушрифону ҷосусон дорад ва бар ҳамаи роҳҳо талоеъ[13] гузоштааст ва гумошта, агар ин касро бичӯянду ин аҳднома биситонанд ва ба наздики вай баранд, аз ӯҳдаи ин чун тавон берун омадан?»

---

[1] расотар.
[2] ҳайрон мондам.
[3] сухани ноҷо.
[4] бо рухсат, бо иҷозат.
[5] беморӣ.
[6] пойдорӣ.
[7] номае, ки муҳри расмӣ дошта бошад.
[8] барои наздик шудан (тақарруб ҷустан).
[9] ошкоро душманӣ кардан.
[10] дуруягӣ, фиреб.
[11] дурӯғбофӣ.
[12] кор дуруст шудааст ё амал муассир қарор гирифтааст.
[13] талоеъ – қисми пешрави лашкар, ки дар саффи пеши артиш буда, ё посбонии роҳҳоро медоштанд.

Амир гуфт: «Рост ҳамчунин аст, ки ту мегӯйӣ ва Манучеҳр бар хостани ин аҳд мусир[1] биистодааст, ки медонанд, ки рӯзи падарам ба поён омадааст, ҷониби хештанро мехоҳад, ки бо мо устувор кунад, ки марде зираку пиру дурбин аст; шармам меояд, ки ӯро рад кунам бо чандин хидмат, ки кард ва тақарруб, ки намуд». Гуфтам: «Савоб бошад, ки магар чизе набишта ояд, ки бар худованд ҳуҷҷат накунад ва натавонад кард Султон Маҳмуд, агар нома ба дасти вай афтад». Гуфт: «Бар чӣ ҷумла бояд набишт?» Гуфтам: «Ҳамоно савоб бошад набиштан, ки: «Амир расулону номаҳо пайваста кард ва ба мо даст заду тақаррубҳову хидматҳои бериё кард ва чунон хост, ки миёни мо аҳде бошад, мо ӯро иҷобат кардем, ки раво надорем, ки меҳтаре дархоҳад, ки бо мо дӯстӣ пайвандад ва мо ӯро боз занему иҷобат накунем, аммо муқаррар аст, ки мо банда ва фарзанду фармонабурдори Султон Маҳмудем ва ҳарчӣ кунем дар чунин абвоб то ба давлати бузурги вай боз набандем[2] рост наёяд, ки чун бар ин ҷумла набошад, нахуст амир моро айб кунад, пас дигар мардумон ва чун хиҷил кунам ман ӯро бар нокардан?[3] Ва ночор ин аҳд мебояд кард».

Ва аҳднома набиштам пас бар ин ташбибу[4] қоида:

«Нусхату-л-аҳд:[5] Ҳамегӯяд Масъуд ибни Маҳмуд, ки ба Эзид ва ба зинҳори Эзид[6] ва бад-он Худое, ки ниҳону ошкори халқ донад, ки то Амири Ҷалили Мансур Манучеҳр ибни Қобус, тоатдору фармонбурдор ва хароҷгузори худованд Султони муъаззам Абулқосим Маҳмуд ибни Носириддинуллоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу[7], бошад ва шароити он аҳд, ки ӯро бастааст ва ба савгандони гарон устувор карда ва бад-он гувоҳ гирифта нигоҳ дорад ва чизе аз он тағйир накунад, ман дӯсти ӯ бошам ба дил ва бо нияту эътиқод ва бо дӯстони ӯ дӯстӣ кунам ва бо душманони ӯ мухолафат ва душманӣ ва маунат[8] ва музоҳирати[9] хешро пеши вай дорам ва шароити ягонагӣ ба ҷо оварам ва ниёбат некӯ нигоҳ дорам вайро дар маҷлиси олии худованди падар ва агар набвате[10] ва нафрате бинам, ҷаҳд кунам, то онро дарёбам ва агар раъйи

---

[1] исроркунанда.
[2] вобаста накунем.
[3] маънои ҷумла ин аст, ки чи тур бо қарордод набастан ӯро (Манучеҳр ибни Қобусро) нороҳат кунам?
[4] дар ин ҷо ба маънои муқаддима ва оғоз омадааст.
[5] нусхаи паймоннома.
[6] савганд ба паймону аҳди Худованд.
[7] Худованд зиндагонии ӯро дароз гардонад!
[8] ёрӣ.
[9] ёрмандӣ.
[10] дурӣ, ҷудоӣ.

олии падарам иқтизо кунад, ки моро ба Рай монад, ӯро ҳам бар ин ҷумла бошам ва дар ҳар чизе, ки масолеҳи вилояту хонадону тани мардум ба он гардад, андар он мувофақат кунам ва то ӯ мутоваат[1] намояду бар ин ҷумла бошад ва шароити аҳдеро, ки баст нигоҳ дорад, ман бо вай бар ин ҷумла бошам ва агар ин савгандро дурӯғ кунаму аҳд бишканам, аз Худой, азза ва ҷалла, безорам ва аз ҳавлу қувваи вай эътимод бар ҳавлу қувваи хеш кардам ва аз пайғамбарон, салавотуллоҳи-л алайҳим ачмаъин. Ва кутиба би таърихи казо[2]».

Ин аҳдномаро бар ин ҷумла бипардохту ба наздики Манучеҳр фиристод ва ӯ хидмату бандагӣ намуд ва дили ӯ биёромид. Акнун нигоҳ бояд кард дар кифояти ин Абдулғаффори дабир, дар нигоҳдошти масолеҳи ин амирзода ва ростиву якдилӣ, то чӣ гуна будааст. Ва ин ҳикоятҳо низ ба охир омад ва боз омадам бар сари кори хеш ва ба рондани таърих ва биллоҳи-т-тавфиқ.

Дар муҷаллади панҷум биёвардаам, ки Амир Масъуд, разиялло ҳу анҳу, дар Балх омад, рӯзи якшанбе нимаи зиҳиччаи санаи иҳ-до ва ишрина ва арбаъа миа[3] ва ба рондани кори мулк машғул шуд ва гуфтӣ, ҷаҳон аруси оростаро монад, кор якрӯя шуда ва авлиёву ҳашам ва раоё ба тоату бандагии ин худованд биёромида.

Ва шуғли даргоҳ ҳама бар Ҳоҷиби Ғозӣ мерафт[4], ки сипоҳ-солор буд ва вилояти Балху Самангон[5] ӯ дошт. Ва кадхудояш Саъиди Сарроф дар ниҳон бар вай мушриф буд, ки ҳарчи кардӣ, пӯшида боз менамудӣ. Ва ҳар рӯзе ба даргоҳ омадӣ ба хидмат, қариб сӣ сипари ба зару сим[6] дайламону сипаркашон[7] дар пеши ӯ мекашиданд ва чанд ҳоҷиб бо кӯлоҳи сиёҳу бо камарбанд дар пеш ва ғуломе сӣ дар қафо, чунонки ҳар касе ба навъе аз анвоъ чизе доштӣ. Ва надидам, ки Хоразмшоҳ ё Арслони Ҷозиб ва дигар муқаддамони Амир Маҳмуд бар ин ҷумла ба даргоҳ омадандӣ[8]. Ва асбаш дар саройи берунӣ ба Балх оварданд, чунонки ба рӯзгори гузашта аз они Амир Масъуду Муҳаммаду Юсуф будӣ. Ва дар торами[9] девони рисолат нишастӣ, то он гоҳ, ки бор

[1] итоъат кардан.
[2] ва навишта шуд ба фулон таърих.
[3] соли чорсаду бисту як, баробар бо 15 декабри соли 1030-и милодӣ.
[4] яъне, сарварии даргоҳ бар ӯҳдаи Ҳоҷиби Ғозӣ буд.
[5] Самангон – шаҳре, ки дар наздикии Балх ҷойгир буд.
[6] сипаре, ки ба ҷавоҳир ороста бошад.
[7] сипардор.
[8] Байҳақӣ Ҳоҷиби Ғозиро бо ҳоҷибони пешина (Хоразмшоҳ ва Арслони Ҷозиб) муқояса мекунад.
[9] торам – хонаи чӯбине, ки гунбадшакл будааст.

додандӣ ва Алии Дояву хешовандону солорони муҳташам даруни ин сарой дукконе буд сахт дароз, пеш аз бор он ҷо бинишастандӣ ва Ҳоҷиби Ғозӣ, ки ба торам омадӣ, бар эшон гузаштӣ; ва ночор ҳамагон барпой хостандӣ ва ӯро хидмат кардандӣ, то бигзаштӣ. Ва ин қавмро сахт нохуш меомад вайро дар он дараҷа дидан, ки хурд дида буданд ӯро, межакиданду[1] мегуфтанд ва он ҳама хато буду носавоб, ки ҷаҳон бар салотин гардад ва ҳар касеро, ки баркашиданд[2], баркашиданд ва нарасад касеро, ки гӯяд, чиро чунин аст, ки Маъмун гуфтааст дар ин боб: «Наҳну дунё, ман рафаъноҳу артафаъа ва ман вазаъноҳу аттазаъа».[3]

Ва дар ахбори руасо хондам, ки Ашнос ва ӯро Афшин[4] хондандӣ, аз ҷанги Бобаки Хуррамдин чун бипардохт ва фатҳ баромад ва ба Бағдод расид, Муътасим – амирулмуъминин, разияллоҳу анҳу, фармуд мартабадоронро, ки чунон бояд, ки чун Ашнос ба даргоҳ ояд, ҳамагон аз асб ӯро пиёда шаванду дар пеши ӯ бираванд то он гоҳ, ки ба ман расад. Ҳасани Саҳл[5] бо бузургие, ки ӯро буд дар рӯзгори хеш, мар Ашносро пиёда шуд; ҳоҷибаш ӯро дид, ки мерафт ва пойҳояш дарҳам меовехт, бигирист ва Ҳасан бидиду чизе нагуфт. Чун ба хона бозомад, ҳоҷибро гуфт: «Чиро мегиристӣ?» Гуфт: «Бад-он ҳол наметавонистам дид». Гуфт: «Ай писар, ин подшоҳон моро бузург кардааанду ба мо бузург нашудаанд ва то бо эшонем, аз фармонбурдорӣ чора нест». Ва жакидану гуфтори он қавм ба Ҳоҷиби Ғозӣ мерасониданд ва ӯ механдидиву аз он бок надоштӣ, ки он боди Амир Маҳмуд буд[6], ки дар сари ӯ ниҳода, ки шуғли марде чун Арслони Ҷозибро бад-ӯ дод, ки он корро аз ӯ шоистатар кас надид, чунонки ин ҳадис дар Таърихи Яминӣ[7] биёвардаам. Ва дар ин боб маро ҳикояти нодир

---

[1] жакидан – оҳиста зери лаб (аз хашм) сухан гуфтан.

[2] балан бардоштанд, ҷойгоҳ доданд.

[3] тарҷ: мо ин ҷаҳонем, касеро баркашидем баландпоя шуд ва касеро, ки аз мартаба фурӯ афкандем фурӯмоя гашт.

[4] Афшин – сарлашкари маъруф, номи аслияш Ҳайдар буд ва аз Истаравшан (Усрушана) бархосста буд. Ӯ дар замони халифаи аббосӣ Муътасим ба авҷи қудрат расида, бо дастури халифа Бобаки Хуррамдинро дастгир кард ва шӯриши ӯро пахш кард. Каме дертар худи ӯ ба ҷурми бединӣ дар Бағдод ба қатл расид.

[5] бародари Фазл ибни Саҳл – вазири хилофати аббосӣ, ки Маъмун ӯро пас аз куштани бародараш вазир таъйин намуд.

[6] маънои ҷумла: он ғуруру такаббур ба ӯ мероси замони Маҳмуд буд, ки ӯро гиромӣ медошт.

[7] Байҳақӣ қисматҳои таърихи худро, ки ба замони Маҳмуд бахшидааст, «Таърихи Яминӣ» меномад. Ишора ба лақаби «Ямин-уд-давла», ки аз тарафи халифаи аббосӣ ба Маҳмуд эъто шуда буд.

ёд омад ин ҷо набиштам, то бар он воқиф шуда ояд. Ва таърих ба чунин ҳикоятҳо ороста гардад.

Ҳикояти Фазли Саҳл Зу-р-риёсатайн[1] бо Ҳусайн ибн-ал Мусъаб

Чунин овардаанд, ки Фазл, вазири Маъмуни халифа, ба Марв итоб кард бо Ҳусайни Мусъаб, падари Тоҳири Зуляминайн[2] ва гуфт: «Писарат Тоҳир дигаргуна шуд ва бод дар сар кардаву хештанро намешиносад». Ҳусайн гуфт: «Айюуҳал вазир, ман пиреям дар ин давлат, бандаву фармонбурдор ва донам, ки насиҳату ихлоси ман шуморо муқаррар аст, аммо писарам Тоҳир аз ман бандатар ва фармонбурдортар аст. Ва ҷавобе дорам дар боби вай сахт кӯтоҳ, аммо дурушту дилгир; агар дастурӣ диҳӣ бигӯям!» Гуфт: «Додам». Гуфт: «Аййада-л-лоҳу-л вазир[3], амирулмуъминин ӯро аз фурудаст-тари авлиёву ҳашами хеш ба даст гирифт[4] ва синаи ӯ бишикофту диле заиф, ки чун ӯро бошад, аз он ҷо берун гирифт ва диле он ҷо ниҳод, ки бад-он дил бародарашро, халифае чун Муҳаммади Зубайда[5], бикушт. Ва бо он дил, ки дод, олату қуввату лашкар дод. Имрӯз чун кораш бад-ин дараҷа расид, ки пӯшида нест, мехоҳӣ, ки туро гардан ниҳаду ҳамчунон бошад, ки аввал буд? Ба ҳеч ҳол ин рост наёяд, магар ӯро бад-он дараҷа барӣ, ки аз аввал буд. Ман он чӣ донистам, бигуфтам ва фармон турост». Фазли Саҳл хомӯш гашт, чунонки он рӯз сухан нагуфт ва аз ҷой бишуда буд[4]. Ва ин хабар ба Маъмун бардоштанд[6], сахт хуш омадаш ҷавоби Ҳусайни Мусъаб ва писандида омаду гуфт: «Маро ин сухан аз фатҳи Бағдод хуштар

---

[1] Зу-р-риёсатайн – дорои ду риёсат, зеро Фазл ибни Саҳл, ки зодаи шаҳри Сарахси Хуросон буд, вазири Маъмун ва ҳамзамон риёсати сипоҳро ҳам уҳдадор гардид ва бо ин лақаб машҳур шуд. Байҳақӣ бар ин бовар аст, ки ӯ вазири ноибулҳукумаи Маъмун Алӣ ибни Мусо (Имом Ризо) – имоми ҳаштуми шиъа низ гардида, бо ин лақаб сарфароз гашт

[2] Зуляминайн –дорои ду дасти рост, Тоҳир пас аз таъйини Имом Ризо ба валиаҳдӣ бо ӯ бо дасти чап паймон (байъат) баст ва иброз дошт, ки дасти рости ман машғули байъат бо Маъмун аст. Маъмун бо шунидани ин хабар гуфт, ки ман дасти чапи Тоҳирро дасти рост мехонам ва ба ҳамин сабаб унвони Зуляминайн гирифт.

[3] Худованд вазирро неруву қудрат диҳад!

[4] дастгирӣ кард.

[5] Ишора ба моҷарои зиддият ва ҷанги фарзандони Ҳорун – Маъмуну Муҳаммади Амин, ки саранҷом бо дастгир шудани Амин ва қатли ӯ ба дасти Тоҳири Зуляминайн дар соли 813 ба анҷом расид. Азбаски модари Амин Зубайда ном дошт, ӯро Муҳаммади Зубайда ҳам меномиданд.

[4] такон хурда буд

[6] расонданд

омад, ки писараш кард» ва вилояти Пушанг[1] бад -ӯ дод, ки Ҳусайн ба Пушанҷ буд.

Ва аз ҳадис ҳадис шикофад[2], дар Зурриёсатайн, ки Фазли Саҳлро гуфтанд ва Зуляминайн, ки Тоҳирро гуфтанд ва Зулқаламайн, ки соҳибдевони рисолати Маъмун буд, қиссае дароз бигӯям, то агар касе надонад ӯро маълум шавад: чун Муҳаммади Зубайда кушта шуд ва хилофат ба Маъмун расид, ду солу чизе ба Марв бимонд ва он қисса дароз аст. Фазли Саҳли вазир хост, ки хилофат аз Аббосиён бигардонаду ба Алавиён[3] орад, Маъмунро гуфт: «Назр карда будӣ ба машҳади[4] ман ва савгандон хӯрда, ки агар Эзиди таъоло шуғли бародарат кифоят кунад ва халифат гардӣ, валиаҳд аз Алавиён кунӣ ва ҳарчанд бар эшон намонад[5], ту боре аз гардани худ берун карда бошӣ ва аз назру савганд берун омада». Маъмун гуфт: «Сахт савоб омад, кадом касро валиаҳд кунем?» Гуфт: «Алӣ ибни Мусо ар-Ризо, ки имоми рӯзгор аст ва ба Мадинаи Расул[6] алайҳиссалом мебошад». Гуфт: «Пӯшида кас мебояд фиристод наздики Тоҳир[7] ва бад-ӯ бибояд набишт, ки мо чунину чунин хоҳем кард, то ӯ кас фиристад ва Алиро аз Мадина биёраду дар ниҳон ӯро байъат кунад ва бар сабили хубе[8] ба Марв фиристад, то ин ҷо кори байъату вилоятаҳд ошкоро карда шавад». Фазл гуфт: «Амирулмуъмининро ба хатти хеш мулаттафае бояд бинабишт». Дарсоат давиту коғазу қалам хост ва ин мулаттафаро бинабишт ва ба Фазл дод. Фазл ба хона бозомаду холӣ бинишаст ва он чӣ набиштанӣ буд, набишт ва кор рост карду муътамадеро бо ин фармонҳо наздики Тоҳир фиристод ва Тоҳир бад-ин ҳадис сахт

---

[1] Пушанг, ки ба арабӣ Фушанҷ ё Бушанҷ мегуфтанд, шаҳре буд, ки дар дараи кӯҳии пурдарахту пурмева воқеъ гардида ва масофати он бо Ҳирот даҳ фарсах буд. Бештари зироату неъматҳои Ҳирот аз он ҷо оварда мешуданд. Истахрӣ менависад, ки бисёре донишмандон аз он бархостаанд.

[2] «Ва аз ҳадис ҳадис шикофад» – яъне, ҳарфе ба дунболи ҳарфе ояд. Ин аз ҷумлаҳои машҳури Байҳақист, ки масал шудааст.

[3] Алавиён – фарзандону наберагони Алӣ ибни Абутолибро алавӣ меномиданд. Алавиён дар саросари давраи ҳилофати Аббосиён, ки хешованди онҳо буданд, дар мухолифат бо Аббосиён қарор доштанд. Дар давоми панҷсад соли хилофати Аббосиён садҳо алавӣ бар муқобии Аббосиён қиём карда, кушта шудаанд. Гоҳе ҳам афроде аз ин хонадон дар гӯшаву канори хилофати исломӣ ҳукумат кардаанд.

[4] дар ҳузури ман

[5] бар Алавиён напояд ҳам.

[6] шаҳри Мадина.

[7] Тоҳир ибни Ҳусайн, ки дар ин вақт амири Руққа буд (ниг. Амир Акбарӣ. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом. Теҳрон, 1387. (С.118-123).

[8] ин ибора ба ду маъно кор фармуда шудааст, яке бо эҳтиром муносибат кунад ва дигаре бо роҳе бехатар Алӣ ибни Мусо ар-Ризоро ба Хуросон орад.

шодмона шуд, ки майле дошт ба Алавиён[1], он корро, чунонки бояст, бисохт ва марде муътамадро аз битонаи[2] хеш номзад кард, то бо муътамади Маъмун бишуд ва ҳарду ба Мадина рафтанд ва халвате карданд бо Ризо ва нома арза карданд ва пайғомҳо доданд. Ризоро сахт кароҳият[3] омад, ки донист, ки он кор пеш наравад, аммо ҳам тан дардод, аз он ки аз ҳукми Маъмун чора надошт ва пӯшида ва мутанаккир[4] ба Бағдод омад. Ва вайро ба ҷое некӯ фуруд оварданд.

Пас як ҳафта, ки биёсуда буд, дар шаб Тоҳир наздики вай омад сахт пӯшида ва хидмат кард некӯву бисёр тавозуъ намуд ва он мулаттафа ба хатти Маъмун ба вай арза карду гуфт: «Нахуст касе манам, ки ба фармони амирулмуъминини худованд туро байъат хоҳам кард. Ва чун ман ин байъат бикардам, бо ман сад ҳазор савору пиёда аст, ҳамагон байъат карда бошанд». Ризо, раввоҳаҳуллоҳ[5], дасти ростро берун кард, то байъат кунад, чунонки расм аст, Тоҳир дасти чап пеш дошт. Ризо гуфт: «Ин чист?» Гуфт: «Ростам машғул аст ба байъати худовандам Маъмун ва дасти чап форағ аст, аз он пеш доштам». Ризо аз он чӣ ӯ бикард, биписандиду байъат карданд. Ва дигар рӯз Ризоро гусел карданд бо каромати бисёр. Ӯро то ба Марв оварданд ва чун биёсуд, Маъмуни халифа дар шаб ба дидори вай омад ва Фазли Саҳл бо вай буд ва якдигарро гарм бипурсиданд ва Ризо аз Тоҳир бисёр шукр кард ва он нуктаи дасти чап ва байъат бозгуфт. Маъмунро сахт хуш омад ва писандида омад он чӣ Тоҳир карда буд. Гуфт: «Ай имом, он нахуст дасте буд, ки ба дасти мубораки ту расид, ман он чапро рост ном кардам!» Ва Тоҳирро, ки Зуляминайн хонанд, сабаб ин аст. Пас аз он ошкоро гардид кори Ризо ва Маъмун ӯро валиаҳд карду аламҳои сиёҳ барандохт ва сабз кард[6] ва номи Ризо бар дираму динору тарози ҷомаҳо набиштанд[7] ва кор ошкоро шуд. Ва Маъмун Ризоро гуфт: «Туро вазиреву дабире бояд, ки аз корҳои ту андеша дорад». Ӯ гуфт: «Ё амирулмуъминин, Фазли Саҳл басанда бошад, ки ӯ шуғли

---

[1] Майли Тоҳир ва сулолаи Тоҳириён ба Алавиёнро дигар муаррихон ҳам таъкид кардаанд. Ибни Халдун бо сароҳат иброз медорад, ки: «фарзандони Тоҳир ҳама ба ташаййуъ гароиш доштанд» (ниг. Ибни Халдун. ал-Ибар (Таърихи Ибни Халдун). Ҷилди 2. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. –Теҳрон, 1366. –С.443).

[2] аз решаи батн, ба маънои хешованд, наздик ё маҳрам.

[3] ноҳӯш, нописанд.

[4] Ношинос.

[5] Худованд вайро роҳати ҷовидонӣ диҳад!

[6] парчамҳои Аббосиён, ки сиёҳ буд, ба парчами сабзи Алавиён иваз карда шуд.

[7] ин воқеъа ба соли 817-и милодӣ рост меояд. Муфассал ниг. ба асари Масъудӣ «Муруҷ-уз-заҳаб».

кадхудоии маро тимор дорад[1] ва Алӣ ибни Абисаъид, соҳибдевони рисолати халифа, ки аз ман номаҳо нависад». Маъмунро ин сухан хуш омад ва мисол дод ин ду танро то ин шуғл кифоят кунанд. Фазлро Зурриёсатайн аз ин гуфтандӣ ва Алӣ ибни Абисаъидро Зулқаламайн. Он чӣ ғараз буд, биёвардам аз ин се лақаб ва дигар қисса ба ҷо мондам, ки дароз асту дар таворих пайдост.

Ва Ҳоҷиби Ғозӣ бар дили маҳмудиён кӯҳе шуд ҳарчи нохуштар ва ҳар рӯз кораш бар боло[2] буд ва тағаммуле некӯтар. Ва навохти Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, худ аз ҳадду андоза бигзашт аз нон додану[3] забари ҳамагон нишондану[4] ба маҷлиси шароб хондану азиз кардану бо хилъати фохир боз гардонидан, ҳарчанд Ғозӣ шароб нахӯрдиву ҳаргиз нахӯрда буд ва аз вай гурбузтару бисёрдонтар худ мардум натавонад буд, маҳсудтару манзуртар гашт[5] ва қариб ҳазор савор сохт ва фарохӯри он тағаммулу олат. Ва охири кор, чун кор ба охир расид, чашми бад дархӯрд[6], ки маҳмудиён аз ҳилат намеосуданд, то мардро[7] бияфганданду ба Ғазнин оварданд мавқуфшуда ва қиссае, ки ӯро уфтод, биёрам ба ҷойи хеш, ки акнун вақт нест.

Ва Амир сухани лашкар ҳама бо вай гуфтӣ ва дар боби лашкар поймардиҳо ӯ мекард, то ҷумла рӯй бад-ӯ доданд, чунонки ҳар рӯз чун аз дари кушк[8] бозгаштӣ, кавкабае[9] сахт бузург бо вай будӣ. Ва маҳмудиён ҳилат месохтанду касонро фароз[10] мекарданд, то аз вай маъойибу[11] суратҳо мебингоштанд[12] ва Амир албатта намешунуд ва бар вай чунин чизҳо пӯшида нашудӣ ва аз вай дарёфтатар[13] ва каримтару ҳалимтар подшоҳ кас надида буду на дар кутуб[14] хонда, то кор бад-он ҷойгоҳ расид, ки як рӯз шароб мехӯрд ва ҳама шаб хӯрда буд, бомдодон дар суффаи бузург бор дод[15] ва ҳоҷибон бар

---

[1] ба уҳда гирад.
[2] яъне, ҳар рӯз кору мартабааш баландтар мегашт.
[3] манзур инъому мол бахшидан.
[4] болотар аз ҳама кас нишондан.
[5] маънои ҷумла ин аст, ки бадхоҳон ба ӯ ҳасад меварзиданд ва дар назди амир азизу гиромитар мегашт.
[6] ба ӯ чашм расид.
[7] яъне Ҳоҷиби Ғозиро.
[8] қаср, кохи шоҳӣ.
[9] дабдаба, шавкат.
[10] мегумоштанд.
[11] ҷамъи айб, норасоӣ.
[12] яъне ӯро бад ҷилва медоданд.
[13] оқилтар.
[14] китобҳо
[15] маросими ба ҳузури амир роҳ ёфтан, қабули амир.

расми рафта пеш рафтанд ва аъён бар асари эшон омадан гирифтанд бар тартиб ва менишастанду меистоданд ва Ғозӣ аз дар даромад ва масофат дур буд то суффа; Амир ду ҳоҷибро фармуд, ки «пазираи сипоҳсолор раведʼ. Ва ба ҳеч рӯзгор ҳеч сипоҳсолорро кас он навохт ёд надошт; ҳоҷибон бирафтанду ба миёни сарой ба Ғозӣ расиданд ва чанд тан пеш аз ҳоҷибон расида буданду ин мужда дода ва чун ҳуҷҷоб[1] бад-ӯ расиданд, сар фуруд бурду замин бӯса дод ва ӯро бозуҳо бигрифтанду[2] некӯ бинишонданд.

Амир рӯй сӯйи ӯ карду, гуфт: «Сипоҳсолор моро ба ҷойи бародар аст ва он хидмат, ки ӯ кард моро ба Нишобур ва то ин ғоят, ба ҳеч ҳол бар мо фаромӯш нест ва баъзеро аз он ҳаққ гузорда омад ва бештар мондааст, ки ба рӯзгор гузорда ояд[3]. Ва мешунавем, ки гурӯҳеро нохуш аст солории ту ва талбис месозанд. Ва агар тазрибе[4] кунанд, то туро ба мо дилмашғул гардонанд[5], нигар, то дили хештанро машғул накунӣ, ки ҳоли ту наздики мо ин аст, ки аз лафзи мо шунудӣ». Ғозӣ барпой хост ва замин бӯса доду гуфт: «Чун раъйи олӣ дар боби банда бар ин ҷумла аст, банда аз кас бок надорад». Амир фармуд, то қабои хосса[6] оварданд ва фаро пушти ӯ карданд[7]. Бархосту бипӯшиду замин бӯса дод. Амир фармуд, то камари шикорӣ[8] оварданд мурассаъ[9] ба ҷавоҳир ва вайро пеш хонду ба дасти олии хеш бар миёни ӯ баст. Ӯ замин бӯса доду бозгашт бо каромате, ки кас монанди он ёд надошт.

Ва устодам Бунаср, раҳматуллоҳи алайҳи, ба Ҳирот чун дилшикастае ҳамебуд, чунонки боз намудаам пеш аз ин ва Амир, разияллоҳу анҳу, ӯро ба чанд дафъат дилгарм кард, то қавидилтар шуд[10]. Ва дар ин рӯзгор ба Балх навохте қавӣ[11] ёфт. Ва мардуми ҳазрат[12] чун дар девони рисолат омадандӣ, сухан бо устодам гуфтандӣ, ҳарчанд Тоҳир[13] ҳашмате гирифта буд. Ва мардумон

---

[1] ҳоҷибон.
[2] бозу гирифтан – расми маъмуле дар дарбор буд ва ҳикоят аз ҷойгоҳи болои як нафар дошт.
[3] яъне боз дар ҳаққи ӯ некӣ карда мешавад.
[4] суханчинӣ.
[5] яъне, хотири туро аз мо нигарону мушавваш кунанд.
[6] ҷомаи вижае, ки ба султон ихтисос дошт.
[7] бар пушти ӯ партофтанд. Расме, ки то имрӯз миёни тоҷикон маъмул аст, ҷомапӯшонӣ.
[8] камарбанд.
[9] ороста.
[10] бошад (дар баъзе нусхаҳо)
[11] навозиши бисёр.
[12] касон ва хидматгузорони дарбор.
[13] яке аз дабирон, ки муддате соҳибдевони рисолат буд.

Тоҳирро дида буданд, пеши Бунаср истода дар ваколати дари[1] ин подшоҳ. Ва торами саройи берун девони мо[2] буд, Бунаср ҳам бар он ҷо, ки ба рӯзгори гузашта нишастӣ, бар чапи торам, ки равшантар будааст, бинишаст. Ва Хоҷаи Амид Абусаҳл, адомаллоҳу таъйидаҳу[3], ки соҳибдевони рисолат аст, дар рӯзгори Султони бузург, Абушуҷоъи Фаррухзод ибни Носириддинуллоҳ, ки ҳамеша ин давлат бод ва Бусаҳли Ҳамадонӣ, он меҳтарзодаи зебо, ки падараш хидмат карда аст вузарои бузургро ва ин рӯз азизан ва мукарраман бар ҷой аст[4] ва бародараш Булқосими Нишобурӣ сахт устод ва адибак Бумуҳаммади Дуғободӣ[5] марде сахт фозилу некӯадаб ва некӯшеър, валекин дар дабирӣ пиёда[6], дар чапи Тоҳир бинишастанд. Ва давите симин сахт бузург пеши Тоҳир биниҳоданд, бар як давраш дебои сиёҳ. Ва Ироқии дабир Булҳасан, ҳарчанд номи китобат бар вай буд[7], худ ба девон кам нишастӣ ва бештар пеши Амир будӣ ва корҳои дигар рондӣ ва маҳалле тамом дошт дар маҷлиси ин подшоҳ. Ин рӯз, ки судури[8] девону дабирон бар ин ҷумла бинишастанд, вай дар торам омад ба бар дасти рости Хоҷа Бунаср бинишаст дар нимтарг, чунонки дар миёнаи ҳарду меҳтар уфтод дар пеши торам ва кор рондан гирифт. Ва ҳар кас, ки дар девони рисолат омадӣ аз муҳташаму номуҳташам чун Бунасрро дидӣ, ночор сухан бо вай гуфтӣ ва агар нома боястӣ, аз вай хостандӣ. Ва надимон, ки аз Амир пайғоме додандӣ, дар муҳимме аз муҳиммоти мулк, ки ба нома пайвастӣ[9], ҳам бо Бунаср гуфтандӣ, то чунон шуд, ки аз он ҷониб кор пайваста шуд ва аз он ҷониб назора мекарданд, магар гоҳ аз гоҳ аз он касон, ки ба Ироқ Тоҳирро дида буданд, касе даромадӣ аз Тоҳир номаи мазолимӣ[10] ё иноятe, ё ҷавозе[11] хостӣ ва ӯ бифармудӣ, то бинабиштандӣ ва сухан гуфтандӣ.

Чун рӯзе ду-се ҷумла бар ин бибуд, Амир як рӯз чоштгоҳе Бунасрро бихонд ва шунуда буд, ки дар девон чӣ гуна нишинанд; гуфт, номи дабирон бибояд набишт, он ки бо ту будаанд ва он ки бо

---

[1] вакили дар – вазифаи дарборӣ, бештар чун намояндаи ягон шахси маъруф дар марказ ё даргоҳ буд.
[2] яъне девони рисолат.
[3] Худованд вайро пайваста неру бахшаду тавоноӣ диҳад!
[4] яъне имрӯз ҳам сиҳату саломат ва соҳиби обрӯй аст.
[5] мансуб ба Дӯғобод, ки дар наздики Турбати Ҳайдария ҷойгир аст.
[6] ноозмуда ё камтаҷриба.
[7] вазифаи китобат кардан ба номи ӯ буд.
[8] сарварон.
[9] яъне, зарурати нигоштани нома мебаромад.
[10] номаи мазолимӣ – номае, ки дар он шикояте навишта мешуд, то ба он расидагӣ шавад.
[11] иҷозанома.

мо аз Рай омадаанд, то он чӣ фармуданист, фармуда ояд. Устодам ба девон омад ва номҳои ҳарду фавҷ[1] набишта омад; нусхат пеш бурд, Амир гуфт: «Убайдуллоҳ набасаи[2] Булаббоси Исфаройинӣ ва Булфатҳи Ҳотамӣ набояд[3], ки эшонро шуғле дигар хоҳем фармуд». Бунаср гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, Убайдуллоҳро Амир Муҳаммад фармуд, то ба девон овардам ҳурмати ҷаддашро ва барное хештандор[4] ва некӯхатт аст ва аз вай дабирӣ[5] нек ояд. Ва Булфатҳи Ҳотамиро худованд мисол дод ба девон овардан ба рӯзгори Амир Маҳмуд, чӣ чокарзодаи[6] худованд аст». Гуфт: «Ҳамчунин аст, ки ҳамегӯӣ, аммо ин ду тан дар рӯзгори гузашта муширифон[7] будаанд аз ҷиҳати маро дар девони ту, имрӯз девонро нашоянд». Бунаср гуфт: «Бузурго ғабно[8], ки ин ҳол имрӯз донистам». Амир гуфт: «Агар пештар муқаррар гаштӣ, чӣ кардӣ?» Гуфт: «Ҳардуро аз девон дур кардаме, ки дабири хоин ба кор наояд!» Амир бихандиду гуфт: «Ин ҳадисро бар эшон падид набояд кард, ки ғамнок шаванд» ва з-ӯ каримтару раҳимтар кас надида будам. Ва гуфт, ки мо он чӣ бояд бифармоем, Убайдуллоҳ чӣ шуғл дошт? Гуфт, соҳиббаридии Сарахс ва Булфатҳ соҳиббаридии Тахористон. Гуфт: «Бозгард!» Бунаср бозгашт.

Ва дигар рӯз чун Амир бор дод, ҳамагон истода будем, Амир овоз дод, Убайдуллоҳ аз саф пеш омад, Амир гуфт: «Ба девони рисолат мебошӣ?»[9] Гуфт: «Мебошам». Гуфт: «Чӣ шуғл дошта ба рӯзгори падарам?» Гуфт: «Соҳиббаридии Сарахс». Гуфт: «Ҳамон шуғл ба ту арзонӣ доштем[10], аммо бояд, ки ба девон нанишинӣ, ки он ҷо қавм анбӯҳ[11] аст ва ҷадду падари туро он хидмат будааст. Ва ту пеши мо ба корӣ, бо надимон пеш бояд омад, то чун вақт бошад туро нишонда ояд». Убайдуллоҳ замин бӯса доду ба саф боз рафт. Пас Булфатҳи Ҳотамиро овоз дод, пеш омад, Амир гуфт: «Муширифе мебояд Балху Тахористонро, вофию[12] кофӣ ва туро ихтиёр кардаем ва Абдус аз фармони мо он чӣ бояд гуфт, бо ту бигӯяд». Вай низ

---

[1] гурӯҳ.
[2] набера.
[3] яъне, дар девони рисолат набошанд ё нанишинанд.
[4] бурдбор.
[5] дабире.
[6] хидматгорзода, фарзанди хидматгор.
[7] ҷосусон, гумоштагон.
[8] ғабн – дареғ; дареғи бисёр.
[9] яъне, мехоҳӣ кор кунӣ.
[10] додем.
[11] яъне, дабирон бисёранд.
[12] вофӣ – бовафо. Доктор Файёз бар ин бовар аст, ки шояд доҳӣ будааст ва хаттотон онро (ба тасҳиф) вофӣ китобат карда бошанд.

замин бӯса доду ба саф боз шуд. Пас Бунасрро гуфт: «Ду маншур бояд набишт ин ду танро, то тавқеъ кунем». Гуфт: «Нек омад». Ва бор бигусасту ба девон боз омад устодам ва ду маншур набишта омад ва ба тавқеъ ороста гашт ва ҳарду аз девон бирафтанд ва касе надонист, ки ҳол чист ва ман, ки Булфазлам аз устодам шунудам. Ва ҳамагон рафтанд, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин[1].

Ва шуғлҳову амалҳо, ки дабирон доштанд[2], бар эшон бидоштанд[3]. Ва соҳиббаридии Систон, ки дар рӯзгори пешин ба исми Ҳасанак буд, шуғле бузурги боном[4], ба Тоҳири дабир доданд ва соҳиббаридии Қуҳистон[5] ба Абулҳасани Ироқӣ. Ва дар он рӯзгор ҳисоб баргирифта омад – мушоҳараи[6] ҳамагон ҳар моҳе ҳафтод ҳазор дирам буд, кадом ҳиммат бошад бартар аз ин?! Ва дабироне, ки ба навӣ омада буданду мушоҳара надоштанд, пас аз он амалҳо ва мушоҳараҳо ёфтанд.

Ва Тоҳири дабир чун мутараддиде[7] буд, аз норавоии[8] кораш ва хиҷлат[9] сӯйи ӯ роҳ ёфта ва чунон шуд, ки ба девон кам омадӣ ва агар омадӣ, зуд боз гаштӣ ва ба сӯйи шаробу нишот боз шудӣ, ки бирреву[10] неъмате бузург дошт ва ғуломони бисёр, некӯруён ва тачаммулу олате [11] тамом дошт.

Як рӯз чунон уфтод, ки Амир мисол дода буд, то ҷумлаи мамлакатро чаҳор мард ихтиёр кунанд мушрифиро; карданд ва Амир Тоҳирро гуфт: «Бунасрро бибояд гуфт, то маншурҳои эшон набишта шавад». Ва Тоҳир биёмаду Бунасрро гуфт. Гуфт: «Нек омад, то нусхат карда ояд». Тоҳир чун мутараббиде[12] бозгашт ва вакили дари[13] хешро наздики ман фиристоду гуфт: «Бо ту ҳадисе

---

[1] бахшоиши Худо бар ҳамагон бод!

[2] аз навиштаҳои Байҳақӣ чунин бармеояд, ки дабирон ба ғайр аз дабирӣ вазифаҳо ва иқтоъ низ доштаанд.

[3] боқӣ гузоштанд.

[4] вазифаи бонуфузу бо обрӯ.

[5] Қуҳистон ё Қаҳистон – вилояте маъруф, ки дар ҷанубии Хуросон воқеъ буд.

[6] мушоҳара – аз калимаи шаҳр (моҳ), моҳона, маош.

[7] дудила.

[8] касодӣ.

[9] шарм, ҳаё.

[10] дар ҳошияи нашри Ғанӣ ва Файёз омадааст, ки шояд дар асл **«баззе»** (ба маънои асос ва матои хона) бошад.

[11] олат ба маънои асбобу васоили зиндагӣ, яъне чизу чора.

[12] аз хашму нороҳатӣ тағйирёфта.

[13] вакили дар – шуғл (вазифа)-е дар дарбор, пешкор; намояндаи афроди муҳимм дар дарбори шоҳ.

фариза[1] дорам ва пайғоме аст сӯйи Бунаср, бояд, ки чун аз девон бозгардӣ гузар сӯйи ман кунӣ».

Ман ба устодам бигуфтам, гуфт: «Бибояд рафт». Пас чун аз девон бозгаштам ба наздики ӯ рафтам ва хона ба кӯйи Симгарон[2] дошт дар Шористони Балх[3]; сарое дидам чун биҳишт ороста ва таҷаммуле азим, ки мурувваташ ва ҳимматаш тамом буд ва ҳурмате дошт. Ва маро бо хештан дар садр бинишонд ва хӯрданиро хоне ниҳоданд сахт некӯ бо такаллуфи бисёр ва надимонаш биёмаданд ва мутрибон тароназанон[4]. Ва нон бихӯрдему маҷлиси шароб ҷойи дигар ороста буданд, он ҷо шудем. Такаллуфе дидам фавқа-л ҳадди ва-л-васф[5]. Даст ба кор бурдему нишот боло гирифт.Чун давре чанд шароб бигашт, хазинадораш биёмад ва панҷто ҷомаи муртафаъи[6] қиматӣ пеши ман ниҳоданд ва кисае панҷ ҳазор дирам ва пас бардоштанд[7]. Ва бар асари[8] он бисёр симу ҷома доданд надимону мутрибону ғуломонро.

Пас дар он миён маро гуфт пӯшида, ки «Мункир нестам бузургиву тақаддуми[9] Хоҷаи Амид Бунасрро ва ҳашмати бузург, ки ёфтааст аз рӯзгори дароз[10], аммо мардумон медаррасанд[11] ва ба худованди подшоҳ ному ҷоҳ меёбанд. Ҳарчанд мо ду тан имрӯз муқаддамем дар ин девон, ман ӯро шиносам ва кеҳтари[12] ваям. Маро худованд-султон шуғле дигар хоҳад фармуд бузургтар аз ин ки дорам. То он гоҳ, ки фармояд, чашм дорам, чунонки ман ҳашмату бузургии ӯ нигоҳ дорам, ӯ низ маро ҳурмате дорад. Имрӯз, ки ин маншури мушрифон фармуд, дар он боб сухан бо ман аз он гуфт, ки ӯрову дигаронро муқаррар аст, ки ба муъомалоту русуми давовин[13] ва аъмолу амвол беҳ аз вай роҳ барам[14]. Аммо ман ҳурмати ӯ нигоҳ бидоштам ва бо вай бигуфтам ва таваққуъ чунон буд, ки моро гуфтӣ

---

[1] гапи муҳим.
[2] маҳаллае дар Балх, ки ҷойи иқомати нукракорон буд.
[3] арки шаҳри Балх.
[4] дар ҳоли базму тарона.
[5] болотар аз ҳадди васф.
[6] воло, гаронқиммат.
[7] расм будааст, ки инъомро пас аз овардан дар маҷлис бармедоштанд, то ба хонаи шахс бифиристанд.
[8] ба дунболи он.
[9] пешқадамӣ, ба маънои фазлу бузургӣ.
[10] аз хеле пеш.
[11] яъне, касони дигар ҳам мартабаву мақом гирифтаанд.
[12] хурд.
[13] ҷамъи девон
[14] яъне, дар корҳои идорӣ беҳтар аз Бунасри Мушкон мебошам

набиштан ва чун нагуфт, озорам омад[1]. Ва туро бад-он ранҷа кардам, то ин бо ту бигӯям, то ту, чунонки савоб бинӣ, бознамоӣ»[2]. Дар ҳол он чӣ гуфтанӣ буд, бигуфтам ва дили ӯро хуш кардам. Ва ақдоҳи[3] бузургтар равон гашт. Ва рӯз ба поён омаду ҳамагон бипарогандем.[4]

Саҳаргоҳӣ устодам маро бихонд. Бирафтам ва ҳол боз пурсид ва ҳама ба тамомӣ шарҳ кардам. Бихандид, разияллоҳу анҳу, ва гуфт: «Имрӯз ба ту намоям ҳоли муъомалат донистан ва нодонистан». Ва ман бозгаштам. Ва вай барнишаст ва низ бар асари ӯ бирафтам.Чун бор доданд, аз иттифоқ ва аҷоибро, Амир рӯй ба устодам карду гуфт: «Тоҳирро гуфта будам ҳадиси маншури ишроф[5], то бо ту бигӯяд. Оё нусхат карда омадааст?» Гуфт: «Са-воде кардаам, имрӯз баёз[6] кунанд, то худованд фурӯ нигарад ва набишта ояд». Гуфт: «Нек омад». Ва Тоҳир нек аз ҷой бишуд[7]. Ва ба девон бозомадем, Бунаср қалами девон[8] бардошт ва нусхат кардан гирифт ва маро пеш бинишонд то баёз мекардам ва то намози пешин дар он рӯзгор шуд[9] ва аз парда маншуре берун омад[10], ки ҳамаи бузургону судур[11] иқрор карданд, ки дар маънии ишроф кас ончунон надидааст ва нахоҳад дид. Ва маншур бар се даста коғаз ба хатти ман муқармат[12] набишта шуд ва онро пеши Амир бурду бихонд ва сахт писанд омад ва аз он маншур нусхатҳо набишта шуд ва Тоҳир ба якборагӣ сипар бияфганду[13] андоза ба тамомӣ бидонист ва пас аз он, то он гоҳ, ки ба вазорати Ироқ рафт бо Тоши фаррош низ, дар ҳадиси китобат сухан барнаниҳод ва фуруд наниҳод[14]. Ҳарчанд чунин буд, устодам маро сӯйи ӯ пайғоме некӯ дод, бирафтаму бигузордам ва ӯ бар он сахт тозаву шодмона шуд. Ва пас аз он, миёни ҳарду мулотифот[15] ва мукотибот пайваста гашт, ба ҳам нишастанду шароб хӯрданд, ки

---

[1] озурда шудам
[2] баён кунӣ
[3] ақдоҳ- ҷамъаи қадаҳ, косаи бузурги бода
[4] пароканда шедем
[5] зери назар гирифтан, нозир будан. Девони ишроф ё мушриф, ки шуғле хеле муҳим буд аз ин калима аст.
[6] покнавис, сафеднавис ду мулоқоти сиёҳнавис мусаввада
[7] такон хурд
[8] қалами вижаи девони рисолат
[9] ба ин кор сарф шуд
[10] яъне фармон (маншур) ба хубӣ нигошта шуд
[11] раисон, ҷамъи садр
[12] муқармат танг ва борик навиштан
[13] таслим шуд
[14] дигар дар бораи раиси девони рисолат шудан сухане нагуфт
[15] ба маънои номаҳои хурд

устодам дар чунин абвоб ягонаи рӯзгор буд бо инқибози[1] тамом, ки дошт, алайҳи раҳматуллоҳу ва ризвонуҳу.[2]

Зикри таърихи санаи исно ва ишрина ва арбаъа миа[3]

Муҳаррами ин сол ғурраташ сешанбе буд[4]. Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, ин рӯз аз кушки Дари Абдулаъло сӯйи боғ рафт, то он ҷо муқом кунад. Девонҳо он ҷо рост карда буданд ва бисёр баноҳои зиёдтар карда буданд он ҷо. Ва як сол, ки он ҷо рафтам даҳлез даргоҳу дукконҳо ҳама дигар буд, ки ин подшоҳ фармуд[5], ки чунон донистӣ дар баноҳо, ки ҳеч муҳандисро ба кас нашумурдӣ[6] ва инак саройи нав, ки ба Ғазнин мебинанд, маро гувоҳ басанда аст. Ва ба Нишобур Шодёхро даргоҳу майдон набуд, ҳам ӯ кашид ба хатти хеш сарое бад-он некӯӣ ва чандин саройчаҳову майдонҳо, то чунон аст, ки ҳаст. Ва ба Буст, Дашти Чавгон лашкаргоҳи амири падараш, чандон зиёдатҳо фармуд, чунонки имрӯз баъзе барҷой аст. Ва ин малик дар ҳар коре ояте буд, Эзид, азза зикруҳу, бар вай раҳмат кунод.

Ва аз Ҳирот номаи тавқеъӣ рафта буд бо касони Хоҷа Бусаҳли Завзанӣ, то Хоҷа Аҳмади Ҳасан ба даргоҳ ояд. Ва Ҷанкӣ[7] худованди қалъа ӯро бигшода буд ва ӯ Арёруқ, ҳоҷиби сипоҳи Ҳиндустонро гуфта буд, ки «Номе зишгтгуна бар ту нишастааст, савоб он аст, ки бо ман биравӣ ва он худовандро[8] бубинӣ ва ман он чӣ бояд гуфт, бигӯям, то ту бо хилъату бо некӯӣ ин ҷо бозойӣ, ки акнун корҳо якрӯя шуд ва худованде кариму ҳалим чун Амир Масъуд бар тахти мулк нишаст». Ва Арёруқ ин чурбак[9] бихӯрд ва афсуни[10] ин марди бузургвор бар вай кор кард ва бо вай биёмад. Ва Хоҷаро чандон хидмат карда буд дар роҳ, ки аз ҳадд бигзашт ва аз вай муҳташамтар дар он рӯзгор аз аҳли қалам кас набуд ва Хоҷа Абдурраззоқро, писари Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан, ки ба қалъати Нандана[11] мавқуф буд, Соруғи шаробдор[1] ба фармон вайро

---

[1] инқибоз – гирифтагии хотир, яъне, Бунаср бо ин ки аҳли айшу ишрат набуд.
[2] бахшоишу хушнудии Худо вайро бод!
[3] ёд кардани таърихи соли 422 (баробар бо солҳои 1030-1031-и милодӣ).
[4] баробар бо 29 декабри соли 1030-и милодӣ.
[5] бино кард, сохт.
[6] яъне, ҳеч муҳандисеро писанд намекард ва худ тарҳҳоро андешида месохт. Байҳақӣ дар ин ҷо Масъудро аз андозааш бештар меситояд.
[7] Ҷанкӣ (Ҷангӣ) номи нигаҳбони қалъае, ки Аҳмад Ҳасани Маймандӣ он ҷо нигоҳ дошта мешуд.
[8] яъне, Амир Масъудро.
[9] дурӯғи ростмонанд.
[10] фиреб, тазвир.
[11] Қалъаи Нандана дар Панҷоб воқеъ буд.

баргушоду наздики падараш овард ва фарзандаш пеши падар аз Соруғ фаровон шукр кард[2]. Хоҷа гуфт: «Ман аз ту шокиртарам». Ӯро гуфт: «Ту ба Нандана боз рав, ки он сағрро[3] бинатвон[4] гузашт холӣ. Чун ба даргоҳ расам, ҳоли ту боз намоям ва он чӣ ба зиёдати ҷоҳи ту бозгардад, биёбӣ».[5] Соруғ бозгашту Хоҷаи Бузург хуш-хуш[6] ба Балх омад ва дар хидмати Амир омад ва хидмат карду тавозуъу бандагӣ намуд ва Амир ӯро гарм бипурсид ва тарбият арзонӣ дошт ва ба забон некӯӣ гуфт. Ӯ хидмат карду бозгашт ва ба хонае, ки рост карда буданд, фуруд омад. Ва се рӯз биёсуд, пас ба даргоҳ омад.

Чунин гӯяд Булфазли Байҳақӣ, ки чун ин муҳташам биёсуд, дар ҳадиси вазорат ба пайғом бо вай сухан рафт. Албатта тан дарнадод[7]. Бусаҳли Завзанӣ буд дар он миёна ва кору бор ҳама ӯ дошт ва мусодароту мувозаъоти[8] мардум ва харидану фурӯхтан ҳама ӯ мекард ва халватҳои[9] амир бо вайу Абдус бештар мебуд. Дар миён ду танро хиёра[10] карда буданд ва ҳар ду бо якдигар бад буданд. Падариёну маҳмудиён[11] бар он басанда карда буданд, ки рӯзе ба саломат бар эшон бигзарад[12]. Ва ман ҳаргиз Бунасри устодамро дилмашғултару мутаҳаййиртар надидам аз ин рӯзгор, ки акнун дидам[13].

Ва аз пайғомҳо[14], ки ба Хоҷа Аҳмади Ҳасан мерафт, Бусаҳлро гуфта буд: «Ман пир шудам ва аз ман ин кор ба ҳеч ҳол наёяд, Бусаҳли Ҳамадавӣ марде кофию дарёфта[15] аст, вайро оризӣ[16] бояд кард ва туро вазорат, то ман аз дур маслаҳат нигоҳ медорам ва ишорате, ки бояд кард, мекунам». Бусаҳл гуфт: «Ман ба худованд ин

---

[1] шаробӣ, шаробдор, шарбатдор, соқӣ.
[2] ташаккур кард.
[3] марз.
[4] натавон.
[5] яъне, он чӣ афзоиши вазифаи туро сабаб гардид, меёбӣ.
[6] оҳиста-оҳиста.
[7] тан надод, қабул накард.
[8] мусодараот, ҷамъаи мусодара; мувозаъот ба маънои қарордод.
[9] хилватҳо ба маънои нишастанҳову машварат дар корҳои асосӣ.
[10] баргузида, интихоб.
[11] «падариёну маҳмудиён» – гурӯҳе, ки баъди ба тахт нишастани Масъуд шакл гирифт, яъне тарафдорони Амир Маҳмуд ва Амир Муҳаммад; бар хилофи тарафдорони Амир Масъуд.
[12] шукр мекарданд, ки аз субҳ то бегоҳ саломат бошанду дастгир ё мусодара нашаванд.
[13] тавре аз достони минбаъда равшан мегардад, оғози салтанати Масъуд замони пурхавфу хатар буд.
[14] паёмҳо. Масъуд тавассути Завзанӣ ҳар рӯз ба Маймандӣ паём мефиристод, ки дубора вазир шавад.
[15] соҳиби фаҳм.
[16] арзкунандаи лашкар, лашкарнавис. Манзур сарвари девони арз ё сипоҳ аст.

чашм надорам[1]. Ман чӣ марди он корам, ки ҷуз пойкориро[2] нашоям». Хоҷа гуфт: «Ё субҳоналлоҳ! Аз Домғон боз кӣ ба Амир расидӣ, на ҳам корҳо ту мегузордӣ, ки кори мулк ҳанӯз якрӯя[3] нашуда буд! Имрӯз худованд ба тахти мулк расид ва корҳои мулк якрӯя шуд, акнун беҳтару некӯтар ин кор ба сар барӣ». Бусаҳл гуфт: «Чандон буд, ки пеши малик касе набуд. Чун ту худованд омадӣ, марову монанди маро чӣ заҳра ва ёрои он бувад? Пеши офтоб зарра куҷо барояд? Мо ҳама ботилем ва худованде ба ҳақиқат омад, ҳама дастҳо кӯтоҳ гашт». Гуфт: «Нек омад, то андарин бияндешам». Ва ба хона бозрафт. Ва сӯйи вай ду-се рӯз қариб панҷоҳу шаст пайғом рафт дар ин боб ва албатта иҷобат накард.

Як рӯз ба хидмат омад, чун бозхост гашт[4], Амир вайро бинишонду холӣ кард ва гуфт: «Хоҷа чиро тан дар ин кор[5] намедиҳад? Ва донад, ки моро ба ҷойи падар аст ва муҳиммоти бисёр пеш дорем, воҷиб накунад[6], ки вай кифояти хеш аз мо дареғ дорад». Хоҷа гуфт: «Ман бандаву фармонбурдорам ва ҷон баъд аз қазоиллоҳи таъоло аз худованд[7] ёфтаам, аммо пир шудааму аз кор бимонда ва низ назр дораму савгандони гарон, ки низ ҳеч шуғл накунам, ки ба ман ранҷи бисёр расидааст». Амир гуфт: «Мо савгандони туро каффорат[8] фармоем. Моро аз ин боз набояд зад».[9] Гуфт: «Агар чора нест аз пазируфтани ин шуғл, агар раъйи олӣ бинад, то банда ба торам нишинад ва пайғоме, ки дорад бар забони муътамаде ба маҷлиси олӣ фиристад ва ҷавоб бишнавад, он гоҳ бар ҳасби фармони олӣ[10] кор кунад». Гуфт: «Нек омад, кадом муътамадро хоҳӣ?» Гуфт: «Бусаҳли Завзанӣ дар миёни кор аст, магар савоб бошад, ки Бунасри Мушкон низ андар миён бошад, ки марде рост аст ва ба рӯзгори гузашта дар миёни пайғомҳои ман ӯ будааст». Амир гуфт: «Сахт савоб омад!» Хоҷа бозгашту ба девони рисолат омад ва холӣ карданд.

---

[1] яъне, ман аз ту чунин умед надорам.
[2] пойкорӣ – хидматкорӣ.
[3] яктарафа, муайян. Манзур он аст, ки дигар корҳо маълум шуд ва салтанати Масъуд сомон ёфт.
[4] чун вақти баргаштанаш расид.
[5] яъне вазоратро қабул намекунад.
[6] сазовор нест.
[7] яъне, аз Амир Масъуд.
[8] каффорат – он чӣ бад-он гуноҳро ночиз намоянд, мисли садақа, рӯза ва ғ.
[9] моро аз ин ният нагардон.
[10] фармони амир.

Аз Хоҷа Бунасри Мушкон шунудам, гуфт: «Ман оғоз кардам, ки бозгардам; маро бинишонду гуфт, марав ту ба корӣ[1], ки пайғомест ба маҷлиси Султон ва даст аз ман нахоҳад дошт, то ба байғулае[2] бинишинам, ки маро рӯзгори узр хостан аст аз Худой, азза ва ҷалла, на вазорат кардан. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, Амирро беҳтар уфтад дар ин раъй, ки дидааст ва бандагонро низ нек ояд, аммо худованд дар ранҷ уфтад. Ва муҳиммот сахт бисёр аст ва онро кифоят натвон кард, ҷуз ба дидору раъйи равшани Хоҷа». Гуфт: «Чунин аст, ки мегӯед, аммо ин ҷо вузаро бисёр мебинам ва донам, ки бар ту пӯшида нест». Гуфтам: «Ҳаст аз чунин бобатҳо[3]. Валекин натавон кард ҷуз фармонбурдорӣ». Пас гуфтам: «Ман дар ин миёна ба чӣ корам? Бусаҳл басанда аст ва аз вай ба ҷон омадаам, ба ҳилате рӯзгор карона мекунам».[4] Гуфт: «Аз ин маяндеш, маро бар ту эътимод аст». Хидмат кардам[5].

Бусаҳл омад ва пайғоми Амир овард, ки худованд-султон мегӯяд, ки Хоҷа ба рӯзгори падарам осебҳову ранчҳо дидааст ва маломат кашида. Ва сахт аҷаб будааст, ки вайро зинда бигзоштаанд. Ва мондани вай аз баҳри ороиши рӯзгори мо будааст, бояд, ки дар ин кор тан дардиҳад, ки ҳашмати ту мебояд, шогирдону ёрон ҳастанд ва ҳамагон бар мисоли ту кор мекунанд[6], то корҳо бар низом қарор гирад. Хоҷа гуфт: «Ман назр дорам, ки ҳеч шуғли Султон накунам, аммо чун худованд мефармояду мегӯяд, ки савгандонро каффорат кунам, ман низ тан дардодам[7]. Аммо ин шуғлро шароит[8] аст, агар банда ин шароит дархоҳад тамом ва худованд қабул фармояд, яксар ҳам ин хидматгорон бар ман берун оянду душман шаванд ва ҳамон бозиҳо, ки дар рӯзгори Амири мозӣ[9] мекарданд, кардан гиранд ва ман низ дар балои бузург афтам. Ва имрӯз, ки ман душман надорам, фориғдил мезиям[10]. Ва агар шароитҳо дарнахоҳам ва ба ҷой наёрам, хиёнат карда бошам ва ба аҷз мансуб гардам ва ман наздики Худойи азза ва ҷаллаву наздики худованд маъзур набошам. Агар, чунончи ночор ин шуғл маро бибояд кард, ман шароити ин шуғлро дархоҳам ба тамомӣ, агар

---

[1] яъне, зарурӣ.
[2] гӯша, кунҷ.
[3] маънои ҷумла: чизҳое ки баён кардӣ ҳаст, вуҷуд дорад.
[4] ба ҳила рӯз мегузаронам.
[5] арзи эҳтиром кардам, таъзим кардам.
[6] ба маслаҳату ишораи ту кор мекунанд.
[7] яъне, қабул кардам.
[8] шартҳо, яъне ба шарте қабул мекунам, ки
[9] манзур Маҳмуд аст, ки даргузашта буд.
[10] мезиҳам, зиндагӣ мекунам.

иҷобат бошад ва тамкин ёбам, он чӣ воҷиб аст аз насиҳату шафақат, ба ҷо орам».

Мо ҳарду тан бирафтем, то бо Амир гуфта шавад. Бусаҳлро гуфтам: «Чун ту дар миёнӣ, ман ба чӣ кор меоям?» Гуфт: «Туро Хоҷа дархостааст, бошад, ки бар ман эътимод нест». Ва сахт нохушаш омада буд омадани ман андарин миёна[1]. Ва чун пеш рафтем, ман адаб нигоҳ доштам; хостам, ки Бусаҳл сухан гӯяд. Чун вай сухан оғоз кард, Амир рӯй ба ман оварда ва сухан аз ман хост. Бусаҳл нек аз ҷо бишуд[2] ва ман пайғом ба тамомӣ бигузордам. Амир гуфт: «Ман ҳама шуғлҳо бад-ӯ хоҳам супурд, магар нишоту шаробу чавгону[3] ҷанг ва дар дигар чизҳо ҳама кор вайро бояд кард ва бар раъйу дидори[4] вай ҳеҷ эътироз нахоҳад буд». Бозгаштам ва ҷавоб боз бурдам ва Бусаҳл аз ҷой бишуда буд ва ман ҳама бо вай меафгандам, аммо чӣ кардаме, ки Амир аз ман боз намешуд[5] ва на Хоҷа. Ӯ ҷавоб дод, гуфт: «Фармонбурдорам, то нигараму мувозаъа[6] нависам, то фардо бар раъйи олӣ, зодаҳуллоҳу улувван[7], арза кунанд ва онро ҷавобҳо бошад ба хатти худованд-султон ва ба тавқеъ муаккад гардад ва ин кор чунон дошта шавад, ки ба рӯзгори Амири мозӣ; ва донӣ, ки ба он рӯзгор чун рост шуд ва маълуми туст, ки Бунасрӣ»[8]. Рафтему гуфтем.

Амир гуфт: «Нек омад, фардо бояд, ки аз шуғлҳо фориғ шуда бошад, то пасфардо хилъат бипӯшад». Гуфтем: «Бигӯем!» Ва бирафтем. Ва маро, ки Бунасрам овоз доду гуфт: «Чун Хоҷа бозгардад ту боз ой, ки бо ту ҳадисе дорам». Гуфтам: «Чунин кунам». Ва наздики Хоҷа шудам ва бо Хоҷа бозгуфтам. Бусаҳл бозрафт ва ману Хоҷа мондем. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, дар роҳ Бусаҳлро мегуфтам, ба аввал дафъат, ки пайғом додем, ки чун ту дар миёни корӣ, ман ба чӣ корам, ҷавоб дод, ки Хоҷа туро дархост, ки магар бар ман эътимод надошт». Гуфт: «Дархостам, то марде мусалмон бошад дар миёни кори ман, ки дурӯғ нагӯяду сухан таҳриф накунад ва донад, ки чӣ бояд кард. Ин

---

[1] аз ин, ки Бунасри Мушкон намояндаи вазир буд, Бусаҳли Завзанӣ нороҳат буд.

[2] такон хӯрд.

[3] чавгон – бозии маъруфи чавгон ва гӯй, ки дар замони Сосониён машҳур буда, дар асри Ғазнавиён низ саргармии амирону вазирон будааст.

[4] назар.

[5] даст намебардошт, яъне аз ман гап мехост.

[6] мувозаъа – қарордод, паймоне, ки байни ду тараф ба имзо мерасид.

[7] тарҷ: Худованд онро бартарӣ афзун кунад!

[8] ай Бунасри Мушкон ба ту маълум аст, ки чӣ гуна Маҳмуд бо вазирҳояш қарордод (мувозаъа) мебаст.

кашхонак[1] ва дигарон чунон мепиндоранд, ки агар ман ин шуғл пеш гирам, эшонро ин вазирии пӯшида кардан биравад[2]. Нахуст гардани ӯро фигор кунам, то ҷону ҷигар мебиканад ва даст аз вазорат бикашад ва дигарон ҳамчунин. Ва донам, ки нашикебад[3] ва аз ин кор бипечад[4], ки ин худованд бисёр азнобро[5] ба тахти худ роҳ додаасту густох карда ва ман он чӣ воҷиб аст аз насиҳат ва шафақат ба ҷой орам, то нигарам чӣ равад». Бозгашт ва ман наздики Амир рафтам. Гуфт: «Хоҷа чӣ хоҳад набишт?» Гуфтам: «Расм рафтааст[6], ки чун вазорат ба муҳташаме диҳанд, он вазир мувозаъае нависаду шароити шуғли хеш бихоҳад ва онро худованд ба хатти хеш ҷавоб нависад; пас аз ҷавоб тавқеъ кунанд ва ба охири он Эзид, азза зикруҳуро, ёд кунад, ки вазирро бар он нигоҳ дорад. Ва савгандномае бошад бо шароити тамом, ки вазир онро бар забон ронад ва хатти хеш зери он нависад[7] ва гувоҳ гирад, ки бар ҳукми он кор кунад».

Гуфт: «Пас нусхати он чӣ моро бибояд набишт, дар ҷавоби мувозаъа бибояд кард ва нусхати савганднома, то фардо ин шуғл тамом карда ояд ва пасфардо хилъат бипӯшад, ки ҳама корҳо мавқуф[8] аст». Гуфтам: «Чунин кунам!» Ва бозгаштаму ин нусхатҳо карда омад. Ва намози дигар[9] холӣ кард Амир ва бар ҳама воқиф гашт ва хушаш омад.

Ва дигар рӯз Хоҷа биёмад ва чун бор бигусаст, ба торам омаду холӣ карду бинишаст ва Бусаҳлу Бунаср мувозаъаи ӯ пеш бурданд. Амир давиту коғаз хост ва як-яки боб аз мувозаъаро ҷавоб набишт ба хатти хеш ва тавқеъ карду дар зери он савганд бихӯрд ва онро наздики Хоҷа оварданд ва чун ҷавобҳоро бихонд, барпой хост ва замин бӯса доду пеши тахт рафт ва дасти Амирро бибӯсиду бозгашт ва бинишаст. Ва Бусаҳлу Бунаср он савганднома пеш доштанд[10]. Хоҷа онро бар забон бихонд, пас бар он хатти хеш набишт ва Бунасру Бусаҳлро гувоҳ гирифт. Ва Амир бар он савганднома

---

[1] беғайрат, дайюс.

[2] яъне, наметавонанд дигар нақши вазири ғайрирасмиро бибозанд (манзур Бусаҳли Завзанист).

[3] таҳаммулу тоқату ором наёварад.

[4] дар азоб афтад.

[5] ҷамъи занаб, дум; киноя аз он атрофиёне, ки сифлаву фурӯмоя буданд.

[6] чунин расм аст, маъмулан.

[7] яъне имзо кунад.

[8] фурӯгузошташуда.

[9] манзур аз намози дигар, намози аср аст. Ин таъбир дар миёни тоҷикон маъмул аст.

[10] яъне, онро бардоштанд, то вазир савганд ёд кунад; чун маросими савгандёдкарданҳои расмӣ.

Хоҷаро некӯӣ гуфт ва навидҳои хуб дод ва Хоҷа замин бӯса дод. Пас гуфт: «Боз бояд гашт, бар он ки фардо хилъат пӯшида ояд, ки корҳо мавқуф асту муҳиммот бисёр дорем, то ҳама гузорда ояд». Хоҷа гуфт: «Фармонбурдорам!». Ва замин бӯса доду бозгашт сӯйи хона ва мувозаъа бо вай бурданду савганднома ба давотхона бинҳоданд. Ва нусхати савганднома ва он мувозаъа биёвардаам дар Мақомоти Маҳмудӣ[1], ки кардаам китоби мақомот ва ин ҷо такрор накардам, ки сахт дароз шудӣ.

Ва муқаррар гашт ҳамагонро, ки кори вазорат қарор гирифт ва ҳазоҳиз[2] дар дилҳо уфтод, ки на хурд марде бар кор шуд. Ва касоне, ки Хоҷа аз эшон озоре дошт, нек бишкӯҳиданд[3]. Ва Бусаҳли Завзанӣ боде гирифт[4], ки аз он ҳавлтар[5] набошад ва ба мардумон менамуд, ки ин вазорат бад-ӯ медоданд, нахост ва Хоҷаро вай овардааст. Ва касоне, ки хирад доштанд, донистанд, ки на чунон аст, ки ӯ мегӯяд ва Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу, доҳитару[6] бузургтару дарёфттатар аз он буд, ки то Хоҷа Аҳмад[7] барҷой буд, вазорат ба касе дигар додӣ, ки пойгоҳу кифояти[8] ҳар касе донист, ки то кадом андоза аст. Ва далели равшан бар ин, ки гуфтам, он аст, ки чун Хоҷа Аҳмад гузашта шуда ба Ҳирот, Амир ин қавмро медид ва Хоҷа Аҳмади Абдуссамадро[9] ёд мекард ва мегуфт, ки ин шуғлро ҳеч кас шоистатар аз вай нест. Ва чун дар таърих бад-ин ҷой расам, ин ҳол ба тамомӣ шарҳ диҳам. Ва ин на аз он мегӯям, ки ман аз Бусаҳл ҷафоҳо[10] дидаам, ки Бусаҳлу ин қавм ҳама рафтаанд[11] ва маро пайдост, ки рӯзгор чанд мондааст, аммо сухане рост боз менамоям ва чунон донам, ки хирадмандон ва онон, ки рӯзгор дидаанд ва имрӯз инро бархонанд ва бар ман бад-ин чӣ набиштам, айбе накунанд, ки ман он чӣ набиштам аз ин абвоб ҳалқа дар гӯш бошад

---

[1] Байҳақӣ дар ду ҷойи ин таърих, ки мо дар даст дорем аз «Мақомоти Маҳмудӣ» ёдовар мешавад. Дар бораи ин китоб фикру мулоҳазоти гуногун аст ва эҳтимоли зиёд он аст, ки Байҳақӣ қисматҳои ба салтанати Маҳмуд бахшидаи асарашро «Мақомоти Маҳмудӣ» меномад.

[2] сару садо, ошубу ҳаёҳу.

[3] яъне, касоне, ки дар вақти зиндонӣ будани Маймандӣ ӯро азият карда буданд, аз интихоби дубораи ӯ ба маснади вазорат тарсиданд ва нигарон шуданд.

[4] мағрур шуд, бод дар сар кард.

[5] бузургтар.

[6] зиракатар.

[7] манзур, Аҳмад Ҳасани Маймандӣ.

[8] кифоят – истеъдод, лаёқат, фаҳму идрок.

[9] Хоҷа Аҳмади Абдусамад, аз риҷоли дарбори Ғазнавиён. Ӯ баъд аз Маймандӣ ба мақоми вазирӣ расид.

[10] Байҳақӣ дар чанд ҷойи дигар ҳам аз Бусаҳли Завзанӣ ва корҳову амалҳои ношоями ӯ ёдовар мешавад.

[11] яъне, ҳама аз дунё рафтаанд, вафот кардаанд.

ва аз ӯҳдаи он берун тавонам омад, валлоҳу азза зикруҳу яъсимуни ва ҷамиъа-л-муслимина мина-л хатои ва-з-залали биманниҳи ва фазлиҳи ва сиъати раҳматиҳи[1].

Ва дигар рӯз – нуҳуми сафари ин сол[2] Хоҷа бар даргоҳ омад ва пеш рафт ва аъёну бузургону сарҳангон ва авлиёву ҳашам бар асари вай даромаданд ва расми хидмат ба ҷой оварданд. Ва Амир рӯй ба Хоҷа карду гуфт: «Хилъати вазорат бибояд пӯшид, ки шуғл дар пеш бисёр дорем. Ва бибояд донист, ки Хоҷа халифати[3] мост дар ҳар чӣ ба маслаҳат бозгардад ва мисолу ишорати вай равон[4] аст дар ҳама корҳо ва дар он чӣ бинад[5], касро эътироз нест». Хоҷа замин бӯса доду гуфт: «Фармонбурдорам!» Амир ишорат кард сӯйи ҳоҷиб Билготагин[6], ки муқаддами[7] ҳоҷибон буд, то Хоҷаро ба ҷомахона барад. Вай пештар омаду бозуи Хоҷа гирифт ва Хоҷа бархосту ба ҷомахона[8] рафт ва то наздики чоштгоҳ ҳамемонд, ки толеъе ниҳода буд ҷосуси фалак хилъат пӯшиданро[9]. Ва ҳама авлиёву ҳашам бозгашта, чӣ нишаста ва чӣ барпой. Ва Хоҷа хилъат бипӯшид ва ба наззора истода будам. Он чӣ гӯям, аз мутъоина[10] гӯяму аз таълиқ[11], ки дорам ва аз тақвим[12]. Қабои сақлотунии[13] бағдодӣ буд сапеде сапед[14], сахт хурди нақшпайдо[15] ва иммомаи қасаби[16] бузург, аммо

---

[1] ва Эзид, ки ёди Вай гиромӣ бод, маро ва ҳамаи мусалмононро аз норостиву лағзиш ба деҳишу фарохии бахшоиши худ нигоҳ дорад!

[2] дар баъзе нусхаҳо ва нашрҳои асари Байҳақӣ чаҳоруми сафар омадааст. Мутарҷими русии асари Байҳақӣ А.К. Арендс ҳам таърихи нуҳи сафарро саҳеҳ донистааст.

[3] ҷонишин.

[4] яъне, мо маслаҳату машварати вайро дар кишвардорӣ қабул дорем.

[5] яъне пешбинӣ кунад.

[6] Билготагин ё Билкотекин аз ричоли муҳимми дарбори Ғазнин, ки дар замони Масъуд ба вазифаи Ҳоҷиби Бузург расид.

[7] пешсаф.

[8] ҷомахона – маконе, ки дар он либосу хилъатҳои расмии давлат нигоҳ дошта мешуданд. Ҳар кас, ки ба вазифа ё унвоне сазовор мешуд, дар он ҷомахона ба ӯ либоси расмӣ мепӯшониданд.

[9] Дар дарбори Ғазнавиён ҳам ба мунаҷҷимон гӯш медоданд. Аз ин ҷумлаи Байҳақӣ чунин бармеояд, ки мунаҷҷим аз қабл гуфта буд, ки дар ҳамон соат ҷома пӯшидан ба фоли нек нест. Аз ин рӯ чанд муддат сабр карданд.

[10] ба чашм дидан.

[11] дар ин ҷо ба маънои ёддошт.

[12] манзур тақвим ё гоҳномае, ки дар он воқеоти муҳимм сабт мегашт

[13] ҷомаи махсус аз пашм, ки бештар дар кишварҳои ғарбӣ (фарангӣ) мебофтанд (аз Бурҳони қотеъ)

[14] ё тоҷикона – сап-сафед.

[15] нақшҳои хурди ҷома пайдо буд.

[16] дастори абрешимин.

бағоят борику муртафиъ[1] ва тарозе[2] сахт борик ва занҷирае бузургу камаре аз ҳазор мисқол пирӯзаҳо дарнишонда[3]. Ва ҳоҷиб Билготагин ба дари ҷомахона буд нишаста, чун Хоҷа берун омад, барпой хост ва таҳният карду динореву дасторчае бо ду пирӯзаи нигини сахт бузург бар ангуштарӣ нишонда ба дасти Хоҷа дод. Ва оғоз кард[4], то пеши Хоҷа равад, гуфт: «Ба ҷону сари Султон, ки паҳлӯи ман равӣ ва дигар ҳоҷибонро бигӯй, то пеш раванд». Билготагин гуфт: «Хоҷаи Бузург маро ин нагӯяд, ки дӯстдории ман медонад ва дигар[5], хилъати худованд-султон пӯшида аст ва ҳашмати мо бандагонро нигоҳ бояд дошт». Ва рафт дар пеши Хоҷа[6]. Ва ду ҳоҷиби дигар бо вай буданд ва бисёр мартабадорон[7]. Ва ғуломеро аз они Хоҷа низ ба ҷое номзад карданд бо қабои рангин, ки ҳоҷиби хоҷагонро дар сиёҳ расм набошад[8] пеши вай бирафтан. Чун ба миёни сарой бирасид, ҳоҷибони дигар пазира омаданд ва ӯро пеши Амир бурданду бинишонданд.

Амир гуфт: «Хоҷаро муборак бод!» Хоҷа барпой хосту замин бӯса дод ва пеши тахт рафту иқде гавҳар[9] ба дасти Амир дод. Ва гуфтанд, даҳ ҳазор динор қимати он буд. Амир Масъуд ангуштарии пирӯза, бар он нигин номи Амир ба он ҷо набишта[10], ба дасти Хоҷа доду гуфт: «Ангуштарии мулки мост ва ба ту додем, то муқаррар гардад, ки пас аз фармонҳои мо мисолҳои[11] Хоҷа аст». Ва Хоҷа бистад ва дасти амир ва замин бӯса доду бозгашт ба сӯйи хона. Ва бо вай кавкабае[12] буд, ки кас чунон ёд надошт, чунонки бар даргоҳи султон ҷуз навбатиён[13] кас намонд ва аз Дари Абдулаъло фуруд омаду ба хона рафт. Ва меҳтарону аъён омадан гирифтанд, чандон ғулому нисору ҷома оварданд, ки монанди он ҳеч вазиреро надида буданд[14]; баъзе тақаррубро аз

---

[1] нозук ва гаронбаҳо.
[2] ҳошия.
[3] манзур он аст, ки бар ин ҷома ороишоти зиёде насб карда буданд.
[4] шурӯъ кард, ки ба назди вазир равад.
[5] ва дигар ин ки, ва низ.
[6] Билготагин ба Маймандӣ ҷавоб медиҳад, ки бояд расм ичро шавад ва чун ту вазири подшоҳӣ, наметавонам баробар бо ту роҳ равам, аз ин рӯ ҳамчун посбон пешопеши вазир рафт.
[7] хидматгорони дарбор, ки вижаи ойинҳои ташрифотӣ буданд.
[8] маъмул набуд, ки ҳоҷиби Хоҷа (вазир) пешопеши ӯ ҳаракат кунад.
[9] ришгае аз гавҳар, гарданбанд.
[10] яъне бар рӯи он номи Амир Масъуд навишта.
[11] машварат, дастур ё фармон.
[12] як гурӯҳ хидматгузору аъён.
[13] кормандоне, ки дар дарбор ҳамчун навбатдор меистоданд.
[14] маънои ҷумла: то ин вақт чунин ҳадяву инъом ба ҳеч вазир дода нашуда буд.

дил ва баъзе аз бим[1]. Ва нусхати он чӣ оварданд, мекарданд, то ҷумла пеши Султон оварданд, чунонки риштаторе[2] аз ҷиҳати худ бознагирифт, ки чунин чизҳо аз вай омӯхтандӣ, ки муҳаззабтару[3] меҳтартари[4] рӯзгор буд. Ва то намози пешин нишаста буд, ки ҷуз ба намоз барнахост. Ва рӯзе сахт боном бигузашт.

Дигар рӯз ба даргоҳ омад ва бо хилъат набуд, ки бар одати рӯзгори гузашта қабое[5] сохта кард ва дасторе нишобурӣ ё қоинӣ, ки ин меҳтарро, разияллоҳу анҳу, бо ин ҷомаҳо дидандӣ ба рӯзгор. Ва аз сиқоти[6] ӯ шунудам: чун Буиброҳими Қоинии кадхудояш[7] ва дигарон, ки бисту сӣ қабо буд ӯро якранг, ки як сол мепӯшидӣ ва мардумон чунон донистандӣ, ки як қабост ва гуфтандӣ: «Субҳоналлоҳ! Ин қабо аз ҳол бинагардад[8]? Ин-т мункир ва ба ҷидд мардӣ!»[9] Ва мардиҳову ҷиддҳои[10] ӯро андоза набуд ва биёрам пас аз ин ба ҷойи хеш ва чун сол сипарӣ шудӣ, бисту сӣ қабои дигар рост карда[11] ба ҷомахона додандӣ.

Ин рӯз чун ба хидмат омад ва бор бигусаст, Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу, халват кард бо вазир ва он халват то намози пешин бикашид[12] ва гурӯҳе аз бим хушк мешуданду табле буд, ки зери гилем мезаданд[13]. Ва овоз пас аз он баромаду мункир баромад, на он, ки ман ва ё ҷуз ман бар он воқиф гаштандӣ бар он чӣ рафт дар он маҷлис. Аммо чун осор зоҳир мешуд аз он чӣ, гурӯҳеро шуғлҳо фармуданду хилъатҳо доданд ва гурӯҳеро баркандану қафо бидариданд[14]. Ва корҳо падид омад, хирадмандон донистанд, ки он ҳама натиҷаи як халват аст.

Ва чун дуҳули даргоҳ бизаданд[15], намози пешин Хоҷа берун омад ва асби вай бихостанд ва бозгашт. Ва имрӯз то шаб касоне, ки

---

[1] яъне, баъзе ба хотири қаробати бештар бо вазир инъом доданд ӯро ва баъзе ҳам аз тарс.
[2] тори риштае.
[3] пиростахӯй.
[4] бузургтар.
[5] ҷома.
[6] муътамадон.
[7] коргузор, ёвар.
[8] ранги ӯ тағйир намеёбад? Куҳна намешавад?
[9] Байҳақӣ шигифтии худро аз ин амали вазир Маймандӣ нишон медиҳад, ки ин аст мардиву солорӣ!
[10] коромадӣ, ҷиддият, хилофи ҳазлу шухӣ.
[11] дӯхта.
[12] давом кард.
[13] манзур аз «табл дар зери гилем задан» пинҳон доштани амре буд, ки ошкор буд.
[14] мурод аз «қафо даридан» – беобрӯ кардан аст.
[15] табли бузурге дар дарбор буд, ки барои амру хабарҳои муҳим онро мезаданд.

тарсида буданд, меомаданду нисор мекарданд[1]. Ва Бумуҳаммади Қоинии дабирро, ки аз дабирони хосси ӯ буд ва дар рӯзгори меҳнаташ[2] дабирии Хоҷа Абулқосими Касир мекард ба фармони Амир Маҳмуд ва пас аз он ба девони Ҳасанак буд ва Иброҳими Байҳақии дабирро, ки ба девони мо мебуд, Хоҷа ин дутанро бихонду гуфт: «Дабиронро ночор фармон нигоҳ бояд дошт ва эътимоди ман бар шумо он аст, ки буд; фардо ба девон бояд омад ва ба шуғли китобат машғул шуд ва шогирдону муҳаррironро биёвард». Гуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва Бунасри Бустии дабир, ки имрӯз барҷой аст[3], марде садиду[4] дабире неку некӯхат ба Ҳиндустон хоҷаро хидматҳо карда буд ва каримаҳдӣ[5] намуда дар меҳнаташ ва чун халос ёфт, бо вай то Балх биёмад, вайро бинавохту бузургшуғле фармуд ӯро ва ба мустаҳисӣ[6] рафт ва бузург моле ёфт. Ва Бумуҳаммаду Иброҳим гузашта шудаанд, Эзидашон биёмурзод ва Бунаср барҷой асту ба Ғазнин бимонда ба хидмати он хонадон ва ба рӯзгори вазорати Хоҷа Абдураззоқ, дома тамкинуҳу[7] соҳибдевони рисолати вай буд. Ва Буабдуллоҳи Порсиро бинавохту ҳама дар пеши Хоҷа ӯ кор мекард. Ва ин Буабдуллоҳ ба рӯзгори вазорати Хоҷа соҳиббариди Балх буд ва коре боҳашмат дошт ва бисёр бало дид дар меҳнаташ[8] ва Амираки Байҳақӣ дар азли вай аз Ғазнин ба тасҷил[9] бирафт, чунонки биёвардам ва моле бузург аз вай бистаданд[10].

Ва дигар рӯз, сешанбе, Хоҷа ба даргоҳ омаду Амирро бидид ва пас ба девон омад. Мусаллои намоз афганда буданд, наздики садри вай аз дебои пирӯза[11] ва ду ракъат намоз бикард ва пас берун аз садр бинишаст. Давот хост, биниҳоданд ва дастаи коғазу дурҷи сабук[12], чунонки вазиронро баранду ниҳанд. Ва бардошту онҷо набишт, ки: «Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Алҳамду ли-л-лоҳи рабби-л ъоламин ва-с-салоту ъало расулиҳи-л-Мустафо Муҳаммадин ва

---

[1] яъне, ба вазир аз тарс ҳадяву инъом медоданд.

[2] дар рӯзгори ранҷу ҷафои Маймандӣ, манзур давраи маъзуливу зиндон шудани вазир аст.

[3] зинда аст.

[4] устувор, рост.

[5] вафодор мондан ба аҳд.

[6] маъмури гирифтани молиёт.

[7] қадру эҳтироми вай бардавом бод!

[8] дар вақти ба зиндон афтидани Маймандӣ ранҷу озор дид.

[9] тасҷил – ба гардани касе ҷурмеро бор кардан ва аз ӯ мол ситонидан.

[10] аз маънои ин ҷумла ҳам пайдост, ки Байҳақӣ даврони салтанати Маҳмудро муфассал нигошта будааст.

[11] абрешими фирӯзаранг.

[12] сандуқчаи хурд.

олиҳи аҷмаъин ва ҳасбийа-л-лоҳу ва ниъма-л вакил. Аллоҳумма аъинни ли мо туҳиббу ва тарзо бираҳматика ё арҳама-р-роҳимин. Ли-йутлақ ъала-л фуқарои ва-л масокини шукран ли-л-лоҳи рабби-л оламина мина-л-варақи ашрату олофи дирҳамин ва мина-л хубзи ашрату олофин ва мина-л лаҳми хамсату олофин ва мина-л кирбоси ашрату олофи зироъин»[1] ва онро ба давитдор андохт ва дар соат имзо кард. Пас гуфт: «Мутазаллимонрову арбоби ҳавоиҷро[2] бихонанд». Чанд тан пеш оварданд ва сухани эшон бишниду дод бидоду ба хушнудӣ боз гардонид ва гуфт, маҷлиси девону дари саро гушодааст ва ҳеч ҳиҷоб[3] нест, ҳар касро, ки шуғлест мебояд омад. Ва мардумон бисёр дуъо гуфтанду умед гирифтанд. Ва муставфиёну дабирон омада буданд ва сахт ба расм нишаста ва бар ин дасту бар он даст. Рӯй бад-эшон карду гуфт: «Фардо чунон оед, ки ҳарчӣ аз шумо пурсам, ҷавоб тавонед додан ва ҳаволат[4] накунед, то акнун корҳо сахт нописандида рафтааст ва ҳар касе ба кори худ машғул буда ва шуғлҳои Султон зоеъ. Ва Аҳмади Ҳасан шумоёнро нек шиносад, бар он ҷумла, ки то акнун будааст, фаро наситонад[5]. Ва бояд то пӯсти дигар пӯшед[6] ва ҳар касе шуғли хеш кунад!» Ҳеч кас дам назад ва ҳамагон битарсиданду хушк фурӯ монданд. Хоҷа бархосту ба хона рафт. Ва он рӯз то шаб низ нисор меоварданд. Намози дигар нусхатҳо бихосту муқобала кард бо он чӣ хозинони[7] Султону мушрифони даргоҳ набишта буданд ва онро синф-синф[8] пеши Амир оварданд, беандоза моле аз заринаву симина ва ҷомаҳои нобуридаву ғуломони турки гаронмоя ва асбону уштурони пешбаҳо[9] ва ҳар чизе, ки аз зинату таҷаммули подшоҳӣ бувад ҳар чӣ бузургтар. Амирро аз он сахт хуш омаду гуфт: «Хоҷа мардест

---

[1] тарҷ: Ба номи Эзиди бахшандаи меҳрубон. Сипос Худойро, ки парвардгори ҷаҳониён аст ва дуруд бар фиристодаи вай Мустафо Муҳаммад ва хонадони вай ҳамагон. Худой маро бас аст ва Ӯ беҳтарин коргузор аст. Парвардгоро! Маро бар он чӣ дӯст дориву хушнуд мешавӣ, ба бахшоиши Худ, ай бахшояндатарини бахшояндагон, ёрӣ фармо! Бахшида шавад ба ниёзмандон ва дарвешон барои сипосгузорӣ аз Яздон – Парвардгори ҷаҳониён, аз дирҳами маскук даҳ ҳазор дирам ва аз нон даҳ ҳазор дирам ва аз гушт панҷ ҳазор дирҳам ва аз карбос даҳ ҳазор арш.

[2] ҳоҷатмандонро.

[3] парда, манзур монеъа.

[4] ба дигар кас вогузоридан.

[5] маънои ҷумла: то ин дам давраи ҳарҷу марҷ буда ва аз ин рӯз пас талабот дигар мешавад.

[6] яъне равиши дигар пеш гиред.

[7] хазинадорон

[8] гуна-гуна, даста-даста.

[9] гаронбаҳо.

тиҳидаст, чиро ин бознагирифт?» Ва фармуд, то даҳ ҳазор динору понсад ҳазор дирам ва даҳ ғуломи турки қиматӣ ва панҷ маркаби хоссу ду астари зинӣ[1] ва даҳ уштур Абдус ба назди ӯ барад ва чун Абдус бо он каромат ба наздики Хоҷа расид, бархосту замин бӯса доду бисёр дуъо гуфт ва Абдус бозгашт.

Ва дигар рӯз, чаҳоршанбе ҳафтуми сафар[2], Хоҷа ба даргоҳ омад. Ва Амир мазолим кард ва рӯзе сахт бузург буд бо ному ҳашмати тамом. Чун бор бигусаст, Хоҷа ба девон омаду шуғл пеш гирифт ва кор меронд чунонки ӯ донистӣ ронд. Вақти чоштгоҳ Бунасри Мушконро бихонд, ба девон омад ва пайғом дод пӯшида ба амир, ки шуғли арз[3] бохалал аст, чунонки банда бо худованд гуфтааст. Ва Бусаҳли Завзанӣ ҳурмате дорад ва ваҷеҳ[4] гаштааст, агар раъйи олӣ бинад, ӯро бихонаду хилъат фармояд, то бад-ин шуғл қиём кунад, ки ин фаризатари корҳост. Банда он чӣ донад аз ҳидояту маъунат[5] ба кор дорад, то кори лашкар бар низом равад. Бунаср бирафт ва пайғом бидод. Амир ишорат кард сӯйи Бусаҳл, ӯ бо надимон буд дар маҷлис нишаста, то пеш рафт як ду сухан бо вай бигуфт. Бусаҳл замин бӯса доду бирафт; ӯро ду ҳоҷиб, яке саройии дарунӣ ва яке берунӣ, ба ҷомахона бурданду хилъати сахт фохир бипӯшониданд ва камари зари ҳафтсадгонӣ, ки дар шаб ин ҳама рост карда буданд. Биёмад ва хидмат кард. Амир гуфт: «Муборак бод, наздики Хоҷа бояд рафт ва бар ишорати вай кор кард ва дар кори лашкар, ки муҳимтари корҳост андеша бояд дошт!» Бусаҳл гуфт: «Фармон-бурдорам!» Замин бӯса доду бозгашт ва яксара ба девони Хоҷа омад. Ва Хоҷа ӯро зердасти хеш бинишонду бисёр некӯӣ гуфт. Ва бозгашт сӯйи хона ва ҳама бузургону авлиёву ҳашам ба хонаи вай рафтанд ва сахт некӯ ҳаққ гузорданду беандоза мол бурданд. Вай низ мисол дод, то он чӣ оварданд, ҷумла нусхат карданду ба хизона фиристод.

Ва дигар рӯз Бусаҳли Ҳамдавиро, ки аз вазорат маъзул гашта буд, хилъате сахт некӯ доданд ҷиҳати шуғли ишрофи мамлакат, чунонки чаҳор тан, ки пеш аз ин шуғли ишроф бад-эшон дода буданд, шогирдони вай бошанд бо ҳамаи муширфони даргоҳ ва пеши Амир омаду хидмат кард. Амир гуфт: «Туро ҳаққи хидмати қадим аст ва дӯстдориву асарҳо[6] намудаӣ дар ҳавои[7] давлати мо. Ин

---

[1] зиндор.
[2] баробар бо 3 феврали соли 1031-и милодӣ.
[3] девони арз (ориз), девоне, ки масъули расидагӣ ба кори артишу сипоҳ буд.
[4] ваҷеҳ – соҳибқадр, муътабар, баобрӯ.
[5] ёрӣ.
[6] корҳои бузург.
[7] ҳавохоҳӣ.

шуғлро ба тамомӣ ба ҷой бояд оварда». Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва бозгашту ба девон рафт. Хоҷа ӯро бар дасти чапи худ бинишонд сахт ба расму сахт бисёр некӯӣ гуфт ва вайро низ ҳаққ гузорданд. Ва он чӣ оварданд, ба хизона фиристод.

Ва кори девонҳо қарор гирифт. Ва ҳашмати девони вазорат бар он ҷумла буд, ки кас монанди он ёд надошт. Ва Амир тамкине сахт тамом арзонӣ дошт. Ва Хоҷа оғозид ҳам аз аввал ба интиқом машғул шудану жакидан ва аз сар берун медод ҳадиси хоҷагон Булқосими Касири маъзулшуда аз шуғли оризӣ ва Бубакри Ҳасирию Булҳасани Уқайлӣ, ки аз ҷумлаи надимон буданд. Ва эшонро қасде рафта буд, ки биёвардаам пеш аз ин андар таърих. Ҳасирӣ худ ҷабборе[1] буд, ба рӯзгори Амир Маҳмуд аз баҳри ин подшоҳро[2] андар маҷлиси шароб арбада[3] карда буд ва ду бор лат хӯрда. Ва Булқосими Касир худ вазорат ронда буд ва Булҳасан ғуломи вай харида[4]. Ва биёрам пас аз ин, ки бар ҳар яке аз инҳо чӣ рафт.

Рӯзи якшанбе ёздаҳуми сафар[5] хилъате сахт фохиру бузург рост карда буданд ҳоҷиби бузургро аз кӯсу аломатҳои фароҳу[6] манҷуқ[7] ва ғуломону бадраҳои дирам ва ҷомаҳои нобуридаву дигар чизҳо ҳам бар он нусхат, ки ҳоҷиб Алии Қарибро дода буданд ба дари[8] Гургон. Чун бор бигусаст Амир фармуд, то ҳоҷиб Билготагинро ба ҷомахона бурданду хилъат пӯшониданд ва кӯс бар уштурону аломатҳо бар дари сарой бидошта буданд ва манҷуқу ғуломону бадраҳои сим ва тахтаҳои ҷома дар миёни боғ бидошта буданд ва пеш омад бо хилъат: қабои сиёҳу кулоҳи ду шоху камари зар ва ба хазро[9] рафту расми хидмат ба ҷой овард, амир ӯро бинавохт. Ва бозгашту ба девони Хоҷа омад ва Хоҷа вайро бисёр некӯй гуфт. Ва ба хона бозрафту бузургону аъён мар ӯро сахт некӯ ҳаққ гузорданд. Ва ҳоҷиббузургӣ низ қарор гирифт бар ин муҳташам ва марде буд, ки аз вай родтару фарохкандуритару[10] ҷавонмардтар кам диданд,

---

[1] гарданкаш, ситамгар.
[2] ба ҳаводории Масъуд.
[3] бонгу фарёду хашм.
[4] яъне, сабаби кинаи вазир Маймандӣ нисбат ба Уқайлӣ он будааст, ки дар вақти маъзул будани Маймандӣ, Уқайлӣ ғуломи ӯро харида буд.
[5] баробар бо 7 феврали соли 1031-и милодӣ.
[6] кӯс – нақораи калон, табл; аломатҳои фарох – парчамҳои паҳн.
[7] чатр ва моҳичаи парчам.
[8] ба дарвозаи.
[9] ҷойи сабз, чаманзор.
[10] дастархондор.

аммо тайрагии[1] қавӣ бар вай муставлӣ[2] буд ва сабукӣ, ки онро нописанд доштанд ва мард беайб набошад. Ал-камолу лиллоҳи азза ва ҷалла[3].

Ва фақеҳ Бубакри Ҳасириро дар ин рӯзҳо нодирае уфтод ва хатое бар дасти вай рафт дар мастӣ, ки бад-он сабаб Хоҷа бар вай даст ёфту интиқоме кашид ва ба мурод расид; ва ҳарчанд Амир подшоҳона дарёфт, дар оҷили-л-ҳол[4] оби[5] ин мард рехта шуд. Ва биёрам ночор ин ҳолро, то бар он воқиф шуда ояд ва ло марадда ли қазои-л-лоҳи азза ва ҷалла[6]. Чунон уфтод, ки Ҳасирӣ бо писараш Булқосим ба боғ рафта буданд ва боғи Хоҷа Алии Микойил, ки наздик аст ва шароб беандоза хӯрда ва шаб он ҷо муқом карда ва он гоҳ сабӯҳ[7] карда ва сабӯҳ нописандида аст ва хирадмандон кам кунанд ва то миёни ду намоз[8] хӯрда ва он гоҳ барнишаста ва хӯрон-хӯрон[9] ба кӯйи Уббод[10] гузар карда.Чун наздики Бозори Ошиқон[11] расиданд, падар дар маҳди астар бо писар савор ва ғуломе сӣ бо эшон, аз қазоро чокаре аз хавосси Хоҷа пеш омадашон савор ва роҳ танг буду заҳмате бузург[12] аз гузаштани мардум. Ҳасириро хаёл баст[13], чунонки мастонро бандад, ки ин савор чиро фуруд наёмад ва вайро хидмат накард, мар ӯро душноми зишт дод. Мард гуфт: «Ай надими подшоҳ, маро ба чӣ маънӣ душном медиҳӣ? Маро ҳам худовандест бузургтар аз ту ва ҳаммонанди ту ва он худованд Хоҷаи бузург аст». Ҳасирӣ Хоҷаро душном доду гуфт: «Бигиред ин сагро, то киро заҳраи он бошад, ки инро фарёд расад[14] ва Хоҷаро қавитар бар забон овард[15]. Ва ғуломони Ҳасирӣ дар ин мард париданду[16] вайро қафое чанд сахт қавӣ бизаданд[17] ва қабош пора шуд. Ва Булқосими писараш бонг бар ғуломон зад, ки ҳушёр буд ва сӯйи

---

[1] сабукӣ ва хашмгинӣ.
[2] пирӯз, ғолиб.
[3] камол Худованди тавоно ва бузургрост.
[4] дарвақт.
[5] обрӯй.
[6] тарҷ: ҳукми Худованди бузургу тавоноро ҳеч бозгардонидане нест.
[7] сабуҳ – дар бомдод шароб нӯшидан.
[8] миёни намози пешину аср.
[9] нӯшон – нӯшида.
[10] номи маҳаллае дар Балх.
[11] бозори маъруф дар Балх.
[12] издиҳоми бузург.
[13] андешид.
[14] ба доди ӯ бирасад.
[15] душноми сахттар дод.
[16] ҳуҷум карданд.
[17] яъне, бар пушти сараш чанд мушти обдор заданд.

оқибат некӯ нигоҳ кардӣ. Ва сахт хирадманд ва хиради тамомаш он буд, ки имрӯз оқибате бад-ин хубӣ ёфтааст ва то ҳаҷҷ кардааст, даст аз хидмат бикашидаву зовияе[1] ихтиёр карда ва ба ибодату хайр машғул шуда, боқӣ бод ин меҳтару дӯсти нек! Ва аз ин мард бисёр узр хосту илтимос кард, то аз ин ҳадис бо худовандаш нагӯяд, ки вай узри ин фардо бихоҳад ва агар як қабо пора шудааст, се боз диҳад ва бирафтанд. Мард, ки баристод[2] наёфт дар худ фурӯгузоште[3], чӣ чокарони бистгонихорро[4] худ одат он аст, ки чунин корҳоро боло диҳанд[5] ва аз оқибат наяндешанд. Ва ин ҳол рӯзи панҷшанбе рафт, понздаҳуми сафар[6] омад тозон то наздики Хоҷа Аҳмад ва ҳол бозгуфт ба даҳ-понздаҳ зиёдат ва сару рӯйи кӯфтаву қабои пора карда бинамуд. Ва Хоҷа сахт хоҳон буд, ки баҳона меҷуст бар Ҳасирӣ, то вайро бимолад[7], ки донист, ки вақти нек аст. Ва Амир ба ҳеч ҳол ҷониби вайро, ки дӣ[8] хилъати вазорат дода, имрӯз, ба Ҳасирӣ надиҳад[9]. Ва чун хок ёфт, мароға донист кард[10].

Ва Амир дигар рӯз ба тамошои шикор хост рафт бар ҷониби Майхорон[11] ва саройпардаву ҳама олати матбаху[12] шаробхонаву дигар чизҳо берун бурда буданд. Хоҷа дигар рӯз барнанишаст ва руқъат набишт ба хатти хеш ба муҳр ва наздики Билготагин фиристод ва пайғом дод, ки агар Амир пурсад, ки Аҳмад чиро наёмад, ин руқъат ба дасти вай бояд дод. Ва агар напурсад ҳам бибояд дод, ки муҳим асту таъхир барнадорад. Билготагин гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва миёни эшон сахт гарм буд[13]. Амир бор надод, ки бархост[14] нишаст ва аломату чатр берун оварда буданд ва ғуломони савор бисёр истода ва овоз омад, ки модапили маҳд[15] биёранд; биёварданд ва Амир дар маҳд бинишасту пил бironданд

---

[1] гӯшае.
[2] андешид.
[3] гузашт, авф.
[4] ғуломоне, ки бистгонӣ (маош) мегирифтанд.
[5] зиёд нишон диҳанд, муҳобо кунанд.
[6] баробар бо 11 феврали соли 1031-и милодӣ.
[7] гӯшмол диҳад.
[8] дирӯз.
[9] яъне, амир ҷониби Ҳасириро намегирад.
[10] мароға – дар хок ғалтидан; зарбулмасал: манзур он ки баҳона меҷуст ва чун онро ёфт нек истифода кард.
[11] маҳалле барои шикор.
[12] ошпазхона.
[13] яъне, Хоҷаи Бузург (Маймандӣ) ва Хоҷиби Бузург (Билготагин) робитаи наздик доштанд.
[14] хост.
[15] пиле, ки бар пушт тахти равон дорад.

ва ҳамагон – бузургон пиёда истода, то хидмат кунанд. Ва чун пайдо омад, хидмат карданд[1]. Бар дари торам расида буд, чун Хоҷа Аҳмадро надид, гуфт Хоҷа, наёмадааст? Бунасри Мушкон гуфт: «Рӯзи одина будааст ва дониста будааст, ки худованд раъйи шикор кардааст, магар бад-он сабаб наёмадааст».

Ҳоҷиб Билготагин руқъа пеш дошт, ки: Хоҷа шабгир[2] ин руқъа фиристодаасту гуфтааст бандаро – агар худованд пурсад ва агар напурсад, ки Аҳмад чиро наёмадааст, руқъа бибояд расонид. Амир руқъа бистад ва пилро бидоштанду бихонд. Набишта буд, ки «Зиндагонии худованд дароз бод, банда мегуфт, ки аз вай вазорат наёяд, ки нагузоранд ва ҳар кас боде дар сар гирифтааст. Ва банда барг[3] надошт, пиронасар, ки аз меҳнате бичаста ва дигар мукошафат[4] бо халқ кунад, ҷаҳонеро душмани хеш гардонад. Аммо чун худованд ба лафзи олии хеш умедҳои хуб карду шартҳои маликона рафт ва банда баъда фазлиллоҳи таъоло, ҷон аз худованд бозёфта буд[5], фармони олиро ночор пеш рафт. Ва ҳанӯз даҳ рӯз барнаёмадааст, ки Ҳасирӣ оби ин кор пок бирехт ва вай дар маҳд аз боғ меомад дурде[6] ошомида ва дар бозори Саъидӣ муътамадеро аз они банда, на дар хало[7], ба машҳади[8] бисёр мардум, ғуломонро бифармуд то бизаданд, задане сахт ва қабош пора карданд ва чун гуфт, чокари Аҳмадам, сад ҳазор душном Аҳмадро дар миёни ҷамъ кард. Ба ҳеч ҳол банда ба даргоҳ наёяд ва шуғли вазорат наронад, ки истихфофи[9] чунин қавм кашидан душвор аст. Агар раъйи олӣ бинад, вайро афв карда ояд, то ба работе[10] бишинад ё ба қалъате, ки раъйи олӣ бинад ва агар афв арзонӣ надорад, Ҳасириро молиш фармояд, чунонки зарари он ба сӯзиён[11] ва ба тани вай расад, ки ситабр[12] шудааст ва ӯрову писарашро моли бисёр меҷаҳонад[13]. Ва банда аз ҷиҳати падару писар сесад ҳазор динор ба хизонаи маъмур расонд ва ин руқъа ба хатти банда бо банда ҳуҷҷат аст. Вассалом».

---

[1] эҳтиром гузорданд.
[2] охири шаб, пеш аз субҳ.
[3] созу барг.
[4] ошкоро душманӣ кардан.
[5] яъне пас аз Худо аз амир умри дубора ёфтааст; ишора ба он ки Масъуд Маймандиро аз зиндон озод карда, ба вазорат нишондааст.
[6] шароб.
[7] ҷойи холӣ.
[8] пеши чашми.
[9] сабук шумурдан, хор доштан.
[10] манзур дайр ва ибодатгоҳ.
[11] суду зиён.
[12] гарданшах.
[13] яъне, пулу моли зиёд ӯро мағрур (бехуд) кардааст.

Амир чун руқъа бихонд, бинабишту ба ғуломе хосса дод, ки давотдор буд, гуфт: «Нигоҳ дор!» Ва пил биронд. Ва ҳар кас мегуфт, чӣ шояд буд ва аз парда чӣ берун ояд? Ба саҳро мисол дод, то сипоҳсолор Ғозӣ ва Арёруқ, солори Ҳиндустон ва дигар ҳашам бозгаштанд, ки эшонро фармон набуд ба шикор рафтан ва бо хоссагон мерафт. Пас ҳоҷиби бузург Билготагинро ба наздики пил хонду ба туркӣ бо вай фасле чанд сухан бигуфт ва ҳоҷиб бозгашт. Ва Амир Бунасри Мушконро бихонд; нақибе битохт[1] ва вай ба девон буд, гуфт худованд мебихонад. Ва вай барнишасту битохт, ба Амир расид ва лахте биронд, фасле чанд сухан гуфтанд ва Амир вайро бозгардонид. Ва вай ба девон бознаёмад ва сӯйи хонаи Хоҷаи Бузург Аҳмад рафт ва Бумансури девонбонро[2] боз фиристод ва мисол дод, ки дабиронро бозбояд гашт. Ва бозгаштем.

Ва ман бар асари устодам бирафтам, то хонаи Хоҷаи Бузург, разияллоҳу анҳу, заҳмате[3] дидам ва чандон мардуми наззора[4], ки онро андоза набуд. Яке мардро гуфтам, ки ҳол чист? Гуфт: «Бӯбакри Ҳасирирову писарашро халифа[5] бо ҷуббаву[6] мӯза ба хонаи Хоҷа оварда ва биистонид ва уқобайн[7] бурданд; кас намедонад, ки ҳол чист ва чандин муҳташам ба хидмат омадаанду савор истодаанд, ки рӯзи одина аст ва ҳеч касро бор надодаанд, магар Хоҷа Бунасри Мушкон, ки омад ва фуруд рафт». Ва ман, ки Булфазлам аз ҷой бишудам, чун бишнидам, ки он меҳтару меҳтарзодаро ба ҷойи ман аёдии[8] бисёр буд ва фуруд омадаму даруни майдон шудам ва бибудам, то наздики чоштгоҳи фарох[9]. Пас давиту коғаз оварданд ва ин миқдор шунидам, ки Буабдуллоҳи Порсӣ бармало гуфт, ки Хоҷаи Бузург мегӯяд: «Ҳарчанд худованд-султон фармуда буд, то турову писаратро ҳар якеро ҳазор уқобайн бизананд, ман ба ту раҳмат[10] кардам ва чӯб ба ту бахшидам, понсад ҳазор динор бибояд дод ва чӯб бозхарид[11] ва агар на, фармонро ба мусораъат[12] пеш рафт набояд, ки ҳам чӯб хуреду ҳам мол бидиҳед». Падару писар гуфтанд: «Фармон-

---

[1] давид.
[2] девонбон – нигаҳбони девон (посбон).
[3] издиҳом.
[4] тамошогар.
[5] манзур аз халифа нигаҳбон ё доруға мебошад.
[6] як навъ пироҳан.
[7] чубҳое, ки бар он шахси гунаҳкорро мебастанд то бизананд, азбаски сари онҳо ба шакли уқоб будааст, онро уқобайн меномидаанд.
[8] ҳуқуқи неъмат.
[9] наздики пешин.
[10] раҳм.
[11] яъне, бар ивази чӯб бояд пул дод.
[12] шитофтан.

бурдорем ба ҳар чӣ фармояд, аммо мусомаҳате[1] ба арзонӣ дорад, ки донад, ки моро тоқати даҳяки он набошад!» Буабдуллоҳ бозгашт ва меомаду мешуд[2], то бар сесад ҳазор динор қарор гирифт ва бад-ин хат[3] бидоданд ва фармон берун омад[4], ки эшонро ба ҳарас[5] бояд бурд ва халифати шаҳр ҳардуро ба ҳарас бурду бздошт. Ва қавм бозгашт. Ва устодам Бунаср он ҷо монд ба шароб[6]. Ва ман ба хонаи хеш бозомадам.

Пас аз як соат Санкуи[7] вакили дар наздики ман омаду гуфт: «Хоҷа Бунаср мани бандаро фиристодааст ва пайғом дода, ки дар хидмати худованд-султон рав ту, ки Булфазлӣ ва арза дор, ки банда ба фармон рафтам наздики Хоҷа, чунонки фармони олӣ буд, обе бар оташ задам[8], то Ҳасириву писарашро назананд ва сесад ҳазор динор хатте бистаданд ва ба ҳабс бздоштанд. Ва Хоҷаи Бузург, аз ин чӣ худованд фармуд ва ин навохти тоза, ки арзонӣ дошт, сахт тоза шуду шодком ва бандаро ба шароб бозгирифт[9] ва хом[10] будӣ мусоадат нокардан ва сабаби ноомадани[11] банда ин буд ва фиристодани банда Булфазл, то бар беадабӣ ва нохештаншиносӣ ниҳода наёяд»[12]. Ва ман дарсоат бирафтам Амирро ёфтам бар карони шаҳр андар боғе фуруд омадаву ба нишоту шароб машғул шуда ва надимон нишаставу мутрибон мезаданд[13]. Бо худ гуфтам, ин пайғом бибояд набишт, агар тамкини[14] гуфтор барнаёбам, бихонаду ғараз ба ҳосил шавад. Пас руқъате набиштам ба шарҳи тамом ва пеш шудам[15] ва Амир овоз дод, ки чист? Гуфтам: «Банда Бунаср пайғоме додааст». Ва руқъа бинамудам, давотдорро гуфт: «Бистон!» Бистаду ба Амир дод; чун бихонд, маро пеши тахти равон[16] хонданд ва

---

[1] мусомаҳат – осон гирифтан ё бахшидан.
[2] мерафт.
[3] навишта.
[4] яъне, фармон содир шуд.
[5] посбонон.
[6] барои шаробнӯшӣ.
[7] номи намояндаи Бунаср.
[8] оташи хашми ӯро бо оби гуфтори нарм фурӯ нишондам, ғазабашро паст кардам.
[9] нигаҳ дошт ба меҳмонӣ.
[10] хуб намешуд.
[11] наомадани.
[12] яъне, ба ҷойи худ Абулфазл (Байҳақӣ)-ро фиристодам, ки фикр накунед, беадабӣ кардаам.
[13] менавохтанд.
[14] ҷойи.
[15] (ба наздики амир) пеш рафтам.
[16] тахте ки ҳаракат мекунад.

руқъат ба ман боздоду пӯшида гуфт: «Наздики Бунаср боз рав ва ӯро бигӯй, ки некӯ рафтааст[1] ва иҳмод[2] кардем туро бар ин чӣ кардӣ ва пасфардо чун мо биёем, он чӣ дигар бояд фармуд, бифармоем. Ва нек овардӣ[3], ки наёмадӣ ва бо Хоҷа ба шароб мусоадат кардӣ».

Ва ман бозгаштаму намози дигар ба шаҳр бозрасидам ва Санкуйро бихондам ва бар коғазе набиштам, ки «Банда рафт ва он хидмат тамом кард» ва Санкуй онро бибурду ба устодам дод ва бар он воқиф гашт ва то намози хуфтан наздики Хоҷа бимонд ва сахт маст бозгашт. Дигар рӯз шабгир[4] маро бихонд. Рафтам. Холӣ нишаста буд. Гуфт: «Чӣ кардӣ?» Он чӣ рафта буд ба тамомӣ бо вай бозгуфтам. Гуфт: «Нек рафтааст». Пас гуфт: «Ин Хоҷа дар кор омад, балиғ[5] интиқом хоҳад кашид ва қавмро фурӯ хӯрад[6]. Аммо ин подшоҳи бузург роъийи[7] ҳақшинос аст, вай чун руқъати вазир бихонд, ночор дили ӯ нигоҳ бойист дошт, ки рост наёмадӣ вазире фаро кардан[8] ва дар ҳафтае бар вай чунин мазаллате[9] расад бар он ризо додан. Подшоҳона сиёсате намуд ва ҳоҷиби бузургро фармуд, ки ба даргоҳ равад ва мисол диҳад халифатро то Ҳасирӣ ва писарашро ба саройи Хоҷа баранд бо ҷаллоду уқобайн ва ҳар якро ҳазор уқобайн бизананд, то пас аз ин ҳеч касро заҳра набошад, ки номи Хоҷа бар забон орад, ҷуз ба некӯӣ. Ва чун фармоне бад-ин ҳавле дода буд, ҳарчанд Ҳасирӣ хатое бузург карда буд, нахост, ки обу ҷоҳи ӯ ба якборагӣ табоҳ шавад. Ва маро[10] ба таъҷил кас омаду бихонд, чун ба Султон расидам, бармало гуфт: «Бари мо[11] нахостӣ, ки ба тамошо омадӣ?»[12] Гуфтам: «Саъодати банда он аст, ки пешхидмати худованд бошад, вале худованд ба вай чанд номаи муҳим фармуд ба Рай ва он навоҳӣ ва гуфт набояд омад ва дабири навбатӣ бояд фиристод». Бихандид ва шакаристоне[13] буд дар ҳама ҳолҳо. Гуфт: «Ёд дорам ва мазоҳ[14] мекардам». Ва гуфт: «Нуктае чанд

---

[1] кори нек кардааст.
[2] ситоиш.
[3] хуб кардӣ.
[4] саҳаргоҳ, пеш аз субҳ.
[5] сахту тамом.
[6] яъне аз миён мебарад.
[7] роъӣ – нигаҳдорандаи раъият, посдорандаи мардум.
[8] мансуб кардан.
[9] хорӣ.
[10] яъне, Бунасри Мушконро.
[11] назди мо.
[12] ба гашту тафреҳ биёӣ.
[13] шаккаристон – шаккарзор; Байҳақӣ Масъудро тавсиф кардааст, ки подшоҳе шоду хушсухану хушмаҳзару масрур буд.
[14] шӯхӣ.

дигар аст, ки дар он номаҳо мебояд набишт, ба мушофаҳа[1] хостам, ки бо ту гуфта оянд, на пайғом». Ва фармуд, то пил бидоштанду пилбон аз гардани пил фуруд омад ва шогирдаш ва ғуломи хоссе, ки бо Султон буд дар маҳд. Холӣ кард ва қавм дур шуданд. Ман пеши маҳд биистодам. Нахуст руқъаи Хоҷа бо ман бозронд[2] ва гуфт ҳоҷиб рафт, то дили Хоҷа бозёбад ва чунин мисол додам, ки сиёсат ин воҷиб кард аз он хато, ки аз Ҳасирӣ рафт, то дили Хоҷа табоҳ нашавад. Аммо Ҳасириро ба наздики ман он ҳаққ ҳаст, ки аз надимони падарам касро нест ва дар ҳавои ман бисёр хорӣ дидааст ва ба ҳеч ҳол ман Хоҷаро дасти он нахоҳам дод[3], ки чунин чокаронро фурӯ хурад ба интиқоми хеш. Ва андоза ба дасти ту додам; ин чӣ гуфтам бо ту, пӯшида дор ва ин ҳадис андарёб[4], хоҳӣ ба фармони мо ва хоҳӣ аз дасти хеш, чунонки аламе бад-ӯ нарасад ва ба писараш, ки ҳоҷибро ба туркӣ гуфтаем, ки эшонро метарсонад ва таваққуф[5] мекунад, чунонки ту даррасӣ ва ин оташро фурӯ нишонӣ. Гуфтам: банда бидонист ва он чӣ воҷиб аст, дар ин боб карда ояд ва ба таъҷил бозгаштам. Ҳол он буд, ки дидӣ ва ҳоҷибро гуфтам таваққуф бояд кард дар фармони олӣ ба ҷой овардан, чандонки ман Хоҷаи Бузургро бубинам. Ҳасириро гуфтам: «Шармат бод, марде пир, ҳарчанд ба як чиз оби[6] худ бибарӣ ва дӯстонро дилмашғул кунӣ». Ҷавоб дод, ки «На вақти итоб аст, қазо кор кардааст, тадбири талофӣ[7] бояд кард».

Пас маро бор хостанд[8] ва дар вақт бор доданд. Дар роҳ Булфатҳи Бустиро дидам хулқоне[9] пӯшида ва машгаке[10] дар гардан ва роҳ бар ман бигирифт. Гуфт: «Қариби бист рӯз аст, то дар сутургоҳ об мекашам, шафоате бикунӣ, ки донам дили Хоҷаи Бузург хуш шуда бошад ва ҷуз ба забони ту рост наёяд». Ӯро гуфтам: «Ба шуғле муҳим меравам, чун он рост шуд дар боби ту ҷаҳд кунам, умед дорам, ки мурод ҳосил шавад». Ва чун наздики Хоҷа расидам ёфтам вайро сахт дар тобу хашм. Хидмат кардам, сахт гарм бипурсиду гуфт: «Шунудам, ки бо Амир бирафтӣ, сабаби бозгаштан чӣ буд?» Гуфтам: «Бозгардонид маро бад-он муҳиммоти Рай, ки бар

---

[1] рӯ ба рӯ.
[2] бозгуфт.
[3] нахоҳам гузошт.
[4] яъне, дар бораи ин кор андеша кун ва тадбире бичӯй.
[5] мунтазир мемонад.
[6] обрӯй.
[7] расидан, дарёфтан.
[8] барои ба ҳузур роҳ ёфтан иҷозат пурсиданд.
[9] ҷомаи кӯҳна.
[10] машки хурд.

худованд пӯшида нест ва он номаҳо фардо битавон набишт, ки чизе аз даст менагардад. Омадаам, то шаробе чанд бихӯрам бо худованд бад-ин навохт, ки имрӯз тоза шудааст худовандро аз Султон ба ҳадиси Ҳасирӣ». Гуфт: «Сахт некӯ кардӣ ва миннати он бидоштам, валекин албатта нахоҳам шафоат кунӣ, ки ба ҳеч ҳол қабул накунам ва ғамнок шавӣ. Ин кашхонон[1] Аҳмади Ҳасанро фаромӯш кардаанд, бад-он, ки якчанде майдон холӣ ёфтанд ва даст бар раги вазире оҷиз ниҳоданд ва эшонро забун гирифтанд. Бад-ишон намоянд паҳнои гилем, то бедор шаванд аз хоб».

Ва рӯй ба Буабдуллоҳи Порсӣ карду гуфт: «Бар уқобайн накашиданд эшонро?» Гуфтам: «Баркашанд ва фармони худованди бузург аст, ман аз ҳоҷиби бузург дархостам, ки чандон таваққуф бошад, ки ман худовандро бинам». Гуфт: «Бидидӣ ва шафоати ту бинахоҳам шунид ва ночор чӯб зананд, то бедор шаванд. Ё Буабдуллоҳ, бирав ҳардуро бигӯй, то бар уқобайн кашанд». Гуфтам: «Агар чора нест аз задан халвате бояд, то некӯ ду фасл сухан бигӯям ва таваққуфе дар захми эшон[2], пас аз он фармон худовандро бошад». Буабдуллоҳро овоз дод, то бозгашт. Ва холӣ карданд, чунонки ду ба ду будем. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, дар корҳо ғулувв кардан[3] носутуда аст ва бузургон гуфтаанд ал-афву ъинда-л қудрати[4] ва ба ғанимат доштаанд афв, чун тавонистанд, ки ба интиқом машғул шаванд. Ва Эзид, азза зикруҳу, қудрат ба худованд намуда буд, раҳмат ҳам бинамуд ва аз чунон меҳнате ва ҳабсе халос арзонӣ дошт, воҷиб чунон кунад, ки ба ростои[5] ҳар кас, ки бад-ӯ бадӣ кардааст, некӯӣ карда ояд, то хиҷлату[6] пушаймонӣ он касро бошад. Ва ахбори Маъмун ва Иброҳим[7] пеши чашм ва хотири худованд аст, муҳол бошад маро, ки аз ин маъонӣ сухан гӯям, ки хурмо ба Басра бурда бошам[8]. Ва чун Султон бузургӣ карду дилу ҷоҳи Хоҷа нигоҳ дошт ва ин пирро ин ҷо фиристод ва чунин молише

---

[1] кашхон – беғайрат, даюс.
[2] диранг дар задании эшон.
[3] аз ҳад гузаштан, муболаға.
[4] гузашту бахшоиш дар ҳангоми тавоноӣ бошад.
[5] дар бораи.
[6] шарм.
[7] ахбори Маъмуну Иброҳим – ишора ба саргузашти халифа Маъмун аст, ки вақте амакаш Иброҳим гаравиши Маъмуни бародарзодааш ба Алавиёнро баҳона карда, бар зидди ӯ шӯриш ба по кард, аммо шикаст хӯрд, Маъмун ӯро бахшид.
[8] «хурмо ба Басра бурдан» масале маъруф аст, ки дар замони кори беҳуда кардан ва ё чизе маълумро бар аҳли он гӯшзад кардан гуфта мешавад. Бунаср ба вазир Маймандӣ мехоҳад гӯяд, ки туро омӯзонидан бефоида аст, чун ту инро беҳтар аз ҳар кас медонӣ.

фармуд, бибояд донист, ки ба дили ӯ чӣ ранҷ омад, ки ин мардро дӯст дорад ба ҳукми он, ки дар ҳавои ӯ аз падараш чӣ хориҳо дидааст[1] ва муқаррари вай будааст, ки Хоҷа низ он кунад, ки меҳтарону бузургон кунанд, вайро наёзорад. Ва мани бандаро он хуштар ояд, ки дили Султон нигоҳ дорад ва ин мардро бифармояд, то боздоранду назанад ва аз вай ва писараш хат биситонанд ба номи хизонаи маъмур, он гоҳ ҳадиси он мол бо Султон афганда ояд[2], то худ чӣ фармояд, ки ағлаби занни[3] ман он аст, ки бад-ӯ бахшад. Ва агар Хоҷа шафоати он кунад, ки бад-ӯ бахшад, хуштар ояд, то миннат ҳам аз ҷониби вай бошад. Ва худованд донад, ки маро дар чунин корҳо ғаразе нест, ҷуз салоҳи ҳарду ҷониб нигоҳ доштан. Он чӣ фароз омад маро[4] ба миқдори дониши худ бознамудам ва фармон турост, ки авоқиби[5] ин чунин корҳо беҳтар тавонӣ донист».

Чун Хоҷа аз ман ин бишнуд, сар андар пеш афганд, замоне андешиду донист, ки ин ҳадис ман аз ҷое[6] мегӯям, ки на аз он мардон буд, ки инчунин чизҳо бар вай пӯшида монад. Гуфт: «Чӯб ба ту бахшидам, аммо он чӣ доранд, падару писар, Султонро бояд дод». Хидмат кардам ва вай Буабдуллоҳи Порсиро мефиристод, то кор қарор гирифт ва сесад ҳазор динор хат аз Ҳасирӣ бистаданд ва эшонро ба ҳарас бурданд. Ва пас аз он нон хосту[7] шаробу мутрибон ва даст ба кор бурдем. Чун қадаҳе чанд шароб бихӯрдем, гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, рӯзе масъуд[8] аст, ҳоҷате дигар дорам». Гуфт: «Бихоҳ, ки иҷобати хуб ёбӣ!» Гуфтам: «Булфатҳро бо машк дидам ва сахт нозебо сутурбоне[9] аст. Ва агар мебоист, ки молише ёбад, ёфт ва ҳаққи хидмат дорад наздики худованд сахт бисёр ва Султон ӯро шинохтааст ва некӯ менигарад бар қонуни Амир Маҳмуд[10]. Агар бинад[11] вайро низ афв кунад». Гуфт: «Кардам, бихонандаш!»[12] Бихонданду бо он ҷомаи халақ[13] пеш омад ва замин

---

[1] ишора ба ин, ки дар гузашта аз барои Ҳасирӣ Масъуд аз падараш сарзаниши зиёд шунида буд.
[2] ихтиёри он мол ба Амир Масъуд ҳавола карда шавад.
[3] гумон.
[4] он чӣ медонистам, он чӣ ба ёдам омад.
[5] оқибати.
[6] аз ҷойгоҳе.
[7] таом талаб кард.
[8] нек.
[9] нигаҳбони ҳайвонот.
[10] яъне, Масъуд ҳанӯз ба Булфатҳ ба ҳамон назаре менигарад, ки падараш Маҳмуд ба ӯ менигарист.
[11] маслаҳат бинад, маслаҳат донад.
[12] ӯро ҳозир кунанд.
[13] кӯҳна.

бӯса доду биистод. Хоҷа гуфт: «Аз жожхоӣ[1] тавба кардӣ?» Гуфт: «Ай худованд, машк ва сутургоҳ маро тавба овард»[2]. Хоҷа бихандиду бифармуд, то вайро ба гармоба бурданду ҷома пӯшониданд ва пеш омаду замин бӯса дод ва бинишондаш ва фармуд, то хӯрданӣ оварданд, чизе бихурду пас аз он шаробе чанд фармудаш[3], бихурд; пас бинавохташ ва ба хона бозфиристодаш. Пас аз он сахт шароб хӯрдему бозгаштем. Ва ай Булфазл, бузург меҳтаре аст ин Аҳмад, аммо онро[4] омадааст, то интиқом кашад ва ман сахт кореҳам[5] онро, ки ӯ пеш гирифтааст ва ба ҳеч ҳол вайро ин наравад[6] бо Султон ва нагузорад, ки вай чокарони вайро[7] бихурад. Надонам, то авоқиби ин корҳо чун хоҳад буд ва ин ҳадисро пӯшида дору бозгард ва кор рост кун, то ба наздики Амир равӣ».

Ман бозгаштаму кори рафтан сохтам ва ба наздики вай бозгаштам, мулаттафае ба ман дод ба мӯҳр, бистадам ва қасди шикоргоҳ кардам. Наздики намози шом он ҷо расидам, ёфтам Султонро ҳама рӯз шароб хӯрдаву пас ба хиргоҳ рафта ва халват карда, мулаттафае наздики Оғоҷии ходим бурдам ва бад-ӯ додам ва ҷое фуруд омадам, наздики саройпарда. Вақти саҳаргоҳ фарроше омад ва маро бихонд. Бирафтам. Оғоҷӣ маро пеш бурд. Амир бар тахти равон буд дар хиргоҳ, хидмат кардам, гуфт: «Бунасрро бигӯй, он чӣ дар боби Ҳасирӣ кардаӣ, сахт савоб аст. Ва мо инак сӯйи шаҳр меоем, он чӣ фармуданӣ ояд, бифармоем». Ва он мулаттафа ба ман андохт, бистадаму бозгаштам. Амир намози бомдод бикард[8] рӯй ба шаҳр овард ва ман башитобтар бирондам, наздики шаҳр устодамро бидидам ва Хоҷаи Бузургро истода хидмати истиқболро[9] бо ҳама солорону аъёни даргоҳ. Бунаср маро бидиду чизе нагуфт ва ман ба ҷойи худ биистодам. Ва аломат ва чатри Султон пеш омад ва Амир бар асб буд ва ин қавм пеш рафтанд. Устодам ба ман расид, ишорате кард сӯйи ман, пеш рафтам, пӯшида гуфт: «Чӣ кардӣ ва чӣ рафт?» Ҳол бозгуфтам. Гуфт: «Бидонистам!» Ва бирондand. Ва Амир даррасид ва пиёда шуданд хидматро[10] ва боз барнишастанду бирондand ва Хоҷа бар рости Амир буду Бунаср пешдасти амир ва

[1] ҳарзагӯй.
[2] ба тавба водор кард.
[3] чанд пиёла май ба ӯ дод.
[4] барои он.
[5] нописанд медонам (аз калимаи кареҳ, кароҳат).
[6] яъне асар набахшад.
[7] яъне, чокарони амир (Султон)-ро.
[8] бихонд.
[9] яъне, барои истиқбол омада буданд.
[10] аз асб барои таъзим пиёда шуданд.

дигар ҳашаму бузургон дар пештар, то заҳмате набошад. Ва Амир бо Хоҷа сухан ҳамегуфт то наздики боғ расиданд. Амир гуфт: «Дар боби ин нохештаншинос[1] чӣ карда омад?» Хоҷа гуфт: «Худованд ба саъодат фуруд ояд, то он чӣ рафт ва мебояд кард, банда бар забони Бунаср пайғом диҳад». Гуфт: «Нек омад». Ва бирондand. Ва Амир бар хазро рафт ва Хоҷа ба торами девон бинишаст холӣ ва устодамро бихонду пайғом дод, ки «Худованд, чунонки аз ҳиммати олии вай сазид, дили банда дар боби Ҳасирӣ нигоҳ дошт ва банда то бизияд[2], дар боби ин якнавохт нарасад. Ва Ҳасирӣ ҳарчанд мардест газофкору[3] газофгӯй[4], пир аст ва ҳаққи хидмати қадим дорад ва ҳамеша бандаву дӯстдори ягона будааст худовандро ва ба сабаби ин дӯстдорӣ балоҳо дидаст. Ва писараш бахирадтару хештандортар аз вай аст ва ҳама хидматеро шояд; ва чун эшон ду тан дар боястонӣ[5] зуд-зуд ба даст наоянд. Ва имрӯз мебояд, ки худовандро бисёр бандагону чокарони шоиста даррасанд. Пас банда кай раво дорад инчунин ду бандаро барандохтан[6]? Ғаразе, ки бандаро буд, ин буд, ки хоссу омро муқаррар гардад, ки раъйи олӣ дар боби банда ба некӯӣ то ба кадом ҷойгоҳ аст. Бандаро он ғараз ба ҷой омад ва ҳамагон бидонистанд, ки ҳадди хеш нигоҳ бояд дошт ва банда ин миқдор худ донист, ки эшонро набояд зад, валекин эшонро ба ҳарас фиристода омадаст, то лахте бедортар шаванд. Ва хатте[7] бидодаанд батавъу[8] рағбат, ки ба хизонаи маъмур сесад ҳазор динор хидмат кунанд[9]. Ва ин мол битавонанд дод, аммо дарвеш шаванд ва чокари бенаво набояд. Агар раъйи олӣ бинад, шафоати бандаро дар боби эшон рад набояд кард ва ин мол бад-эшон бахшида ояд ва ҳардуро ба азизӣ[10] ба хона фиристода шавад».

Бунаср рафту ин пайғоми меҳтарона бигузорд ва Амирро сахт хуш омад ва ҷавоб дод, ки: «Шафоати Хоҷаро ба боби эшон имзо фармудем ва кори эшон ба вай[11] аст, агар савоб чунон бинад, ки эшонро (ба хона) бояд фиристод, бозфиристад ва хатти мувозаъа бад-эшон боздиҳад». Ва Бунаср бозомаду бо Хоҷа бигуфт. Ва Амир

---

[1] он ки ҳадди хеш надонад; манзур Ҳасирӣ аст.
[2] зиндагӣ кунад.
[3] ифроткор.
[4] лофзан ва беҳӯдагӯй.
[5] он ки вуҷудаш дар ҳолати даркорӣ зарур аст.
[6] нобуд кардан.
[7] забонхат.
[8] фармонбурдорӣ.
[9] яъне ба хазина сесад ҳазор бисупоранд.
[10] арҷмандӣ, эҳтиром.
[11] бар уҳдаи вай (вазир) аст.

бархост аз равоқ[1] ва дар сарой шуд. Ва Хоҷа низ ба хона шуд ва фармуд, то ду маркаби хосса ба дари ҳарас бурданд ва падару писарро барнишонданду ба азизӣ наздики Хоҷа оварданд. Чун пеш омаданд, замин бӯса доданду некӯ бинишастанд. Ва Хоҷа замоне бо Ҳасирӣ итобе дурушту нарм кард ва вай[2] узрҳо хост ва некӯсухан пире буд, тавозуъҳо намуд. Ва Хоҷа вайро дар канор гирифту аз вай узрҳо хосту некӯӣ кард ва бӯса ба рӯйи вай заду гуфт: «Ҳам бар ин зиййӣ[3] ба хона боз шав, ки ман зишт дорам, ки зиййи шумо бигардонам ва фардо худованд-султон хилъат фармояд». Ҳасирӣ дасти Хоҷа бӯса доду замин ва писараш ҳамчунон ва бар асбони Хоҷа савор шуда, ба хона бозомаданд ба Кӯи Аъло[4] бо каромати бисёр ва мардум рӯй бад-эшон ниҳоданд ба таҳният ва писар бо падар буд нишаста. Ва ман, ки Булфазлам, ҳамсоя будам, зудтар аз зоирон[5] наздики эшон[6] рафтам пӯшида. Ҳасирӣ маро гуфт: «То маро зиндагонист, мукофоти Хоҷа Бунаср боз натавонам кард, аммо шукру дуъо мекунам». Ман албатта ҳеч сухан нагуфтам аз он чӣ рафта буд, ки рӯй надоштӣ[7] ва дуъо кардаму бозгаштам ва бо устодам бигуфтам, ки чӣ рафт. Устодам ба таҳният барнишаст ва ман бо вай омадам. Ҳасирӣ бо писар то дурҷой пазира[8] омаданд ва бинишастанду ҳарду тан шукр кардан гирифтанд. Бунаср гуфт: «Пайдост, ки саъйи ман дар он чӣ будааст. Султонро шукр кунеду Хоҷаро». Ин бигуфту бозгашт ва пас ба як-ду ҳафта аз Бунаср шунидам, ки Амир дар миёни халвате андар шароб ҳар чӣ рафта буд, бо Ҳасирӣ бигуфт. Ва Ҳасирӣ он рӯз дар ҷуббае буд зарди марғазӣ[9] ва писараш дар ҷуббаи бундорӣ[10] сахт муҳташам ва бар он бурда будандшон[11]. Ва дигар рӯз пеши Султон бурандшон ва Амир эшонро бинавохт ва Хоҷа дархост, то ҳардуро ба ҷомахона бурданд ба фармони Султон ва хилъат пӯшониданд ва пеш омаданд аз он ҷо наздики Хоҷа. Ва пас бо каромати бисёр ҳардуро аз назди Хоҷа ба

[1] пешгоҳи хона.
[2] Ҳасирӣ.
[3] зиййӣ – либос.
[4] номи гузаре дар шаҳри Балх.
[5] зиёраткунандаҳо.
[6] манзур Ҳасирӣ ва писараш.
[7] ҷояш набуд.
[8] пешвоз.
[9] яъне, Ҳасирӣ ҷомае дошт зардранги марвӣ ё марвазӣ; ҷомае ки аз Марв бошад.
[10] як намуди ҷома.
[11] яъне, бо он ҷомаҳо (либос) ба назди Амир бурдандашон.

хона бурданд. Ва шаҳриён ҳаққ некӯ гузорданд[1]. Ва ҳамагон рафтаанд, магар Хоҷа Булқосими писараш, ки бар ҷой[2] аст, боқӣ бод, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин.

Ва ҳар кас, ки ин мақома[3] бихонд, ба чашми хираду ибрат андар ин бояд нигарист, на бад-он чашм, ки афсона аст, то муқаррар гардад, ки инчунин бузургон будаанд. Ва ман ҳикояте хондаам дар ахбори хулафо, ки ба рӯзгори Муътасим[4] будааст ва лахте бад-ин монад[5], ки биёвардам, аммо ҳавлтар аз ин рафтааст; воҷибтар дидам ба овардан, ки китоб, хосса таърих, бо чунин чизҳо хуш бошад, ки аз сухан сухан мешикофад, то хонандагонро нишот[6] афзояду хондан зиёдат гардад, иншоаллоҳу азза ва ҷалла.

Зикри ҳикояти Афшин ва халос ёфтани Будулаф аз вай

Исмоил ибни Шаҳоб гӯяд: «Аз Аҳмад ибни Абидовуд[7] шунидам ва ин Аҳмад марде буд, ки бо қозии қузотие, ки дошт аз вазирони рӯзгор муҳташамтар буд ва се халифатро[8] хидмат кард. Аҳмад гуфт: «Як шаб дар рӯзгори Муътасим ними шаб бедор шудам ва ҳарчанд ҳилат кардам, хобам наёмад ва ғаму зуҷрате[9] сахт бузург бар ман даст ёфт, ки онро ҳеч сабаб надонистам. Бо хештан гуфтам, чӣ хоҳад буд? Овоз додам, ғуломеро, ки ба ман наздик ӯ будӣ баҳар вақт. Номи вай Салома. Гуфтам: «Бигӯй то асб зин кунанд». Гуфт: «Ай худованд, нимшаб аст ва фардо навбати ту нест[10], ки халифа гуфтааст, туро, ки ба фулон шуғл машғул хоҳад шуд ва бор нахоҳад дод. Агар қасди дидори дигар кас аст, боре вақти барнишастан нест. Хомӯш шудам, ки донистам, рост мегӯяд. Аммо қарор намеёфтам ва дилам гувоҳӣ медод, ки гуфтӣ, коре уфтодааст. Бархостам ва овоз додам ба хидматкорон; шамъ барафрӯхтанд ва ба гармоба рафтаму дасту рӯй бишустам ва қарор набуд[11], то дарвақт биёмадам ва ҷома

---

[1] яъне, ба зиёрати онҳо рафта, мувофиқи расми дарбори Ғазнавиён ҳадяву инъомашон бахшиданд.
[2] зинда аст.
[3] саргузашт.
[4] Муътасим – халифаи аббосӣ, бародари Маъмун, ки солҳои 833-843 ҳукумат рондааст.
[5] монанд аст.
[6] хурсандӣ.
[7] қозии машҳуре, ки ба равияи муътазила майл дошт (вафот соли 240 ҳичрӣ, баробар бо 855 милодӣ).
[8] манзур се халифаи аббосӣ Маъмун, Муътасим ва Мутаваккил аст, ки ҳамзамонони ин қозӣ будаанд.
[9] тангдилию беоромӣ аз ғам.
[10] навбати ҳузур дар назди халиф.
[11] оромиш надоштам.

дарпӯшидам ва харе зин карда буданд ва барнишастаму бирондам ва албатта, надонистам, ки куҷо меравам. Охир бо худ гуфтам, ки ба даргоҳ рафтан савобтар[1], ҳарчанд пагоҳ аст агар, бор ёбаме, худ биҳо ва ниъам[2] ва агар на, бозгардам, магар ин васваса аз дили ман дур шавад. Ва бирондам то даргоҳ. Чун он ҷо расидам, ҳоҷиби навбатиро[3] огоҳ карданд. Дарсоат[4] наздики ман омад, гуфт: «Омадан чист бад-ин вақт? Ва туро муқаррар аст, ки аз дӣ боз[5] амирулмуъминин ба нишот машғул аст ва ҷойи ту нест». Гуфтам: «Ҳамчунин аст, ки ту гӯӣ, ту худовандро[6] аз омадани ман огоҳ кун, агар роҳ бошад[7], бифармояд, то пеш равам, агар на бозгардам». Гуфт: «Сипос дорам!» Ва дарвақт бозгуфту дарсоат берун омаду гуфт: «Бисмиллоҳ[8], бор аст, дарой!»

Даррафтам, Муътасимро дидам сахт андешманду танҳо, ба ҳеч шуғл машғул на. Салом кардам. Ҷавоб доду гуфт: «Ё Абдуллоҳ, чиро дер омадӣ, ки дерест, ки туро чашм медоштам?»[9] Чун ин бишнидам мутаҳаййир шудам. Гуфтам: «Ё амирулмуъминин, ман сахт пагоҳ омадаам ва пиндоштам, ки худованд ба фароғате машғул аст ва ба гумон будам[10] аз бор ёфтан ва ноёфтан». Гуфт: «Хабар надорӣ, ки чӣ уфтодааст?» Гуфтам: «Надорам». Инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун[11]. Биншин, то бишнавӣ!» Бинишастам. Гуфт: «Инак ин саги нохештаншиноси нимкофир Булҳасани Афшин[12], ба ҳукми он, ки хидмате писандида карду Бобаки Хуррамдинро барандохт ва ба рӯзгори дароз ҷанг пайваст, то ӯро бигрифт ва мо ӯро бад-ин сабаб аз ҳадди андоза афзун бинавохтем[13] ва дараҷае сахт бузург биниҳодем, ҳамеша вайро аз мо ҳоҷат[14] он буд, ки дасти

---

[1] дурусттар.
[2] чӣ беҳтар.
[3] ҳоҷибе, ки ба расми дарбори Ғазнавиён дар дарбор навбатдор буд.
[4] ҳамон дам, фавран.
[5] аз дирӯз боз.
[6] манзур халифаи аббосӣ, ки унвонаш амирулмуъминин буд.
[7] иҷозати ворид шудан диҳад.
[8] «ба номи Худо»; манзур аз гуфтани ин калима ин аст, ки бифармоед ва дохил шавед!
[9] мунтазири ту будам.
[10] чандон бовар надоштам.
[11] ояи 156 сураи Бақара; Мо аз Худоем ва ба сӯйи Ӯ бозгардандагонем.
[12] Ҳайдар ибни Ковус (вафот соли 226 ҳ. (840-841 милодӣ) охирин амири Усрушана (Истаравшан) ва сардори лашкари халифа Муътасим, ки исёни Бобаки Хуррамдинро бо дастури халифа пахш намуда, худи Бобакро дастгиру ба халифа супурд. Сипас бо ҷурми баргаштан аз дин (иртидод) ва сӯиқасд ба ҷони халифа ва ҳамдастӣ бо Бобаку Мозёри Табаристонӣ ба қатл маҳкум шуд.
[13] яъне лутф кардему ӯро афзун аз ҳадди хеш бартарӣ додем.
[14] талаб.

онро бар Будулаф ал-Қосим ибни Исо ал-Кархӣ ал-Иҷлӣ[1] гушода кунем, то неъмат ва вилояташ биситонад ва ӯро бикушад, ки донӣ, ки адовату асабият[2] миёни эшон то кадом ҷойгоҳ аст ва ман ӯро ҳеч иҷобат намекардам аз шоистагӣ ва коромадагии Будулаф ва ҳаққи хидмати қадим, ки дорад ва дигар дӯстӣ, ки миёни шумо ду тан аст. Ва дӯш саҳве[3] уфтод, ки аз бас Афшин бигуфт ва чанд бор рад кардам ва боз нашуд[4] иҷобат кардам. Ва пас аз ин андешмандам, ки ҳеч шакк нест, ки ӯро чун рӯз шавад, бигиранд ва мискин[5] хабар надорад ва наздики ин мустаҳилл[6] баранд ва чандон аст, ки ба қабзи[7] вай омад, дарсоат ҳалок кунадаш». Гуфтам: «Аллоҳ, Аллоҳ! Ё амирулмуъминин, ки ин хунест ноҳаққ ва Эзид, азза зикруҳу, написандад! Ва оёту ахбор хондан гирифтам, пас гуфтам: Будулаф бандаи худованд асту савори[8] араб аст ва муқаррар аст, ки вай дар вилояти Ҷибол[9] чӣ кард ва чанд асар намуду[10] ҷоне дар хатар ниҳод, то қарор гирифт ва агар ин мард худ баруфтад, хешону мардуми вай хомӯш набошанд ва дарҷӯшанд[11] ва бисёр фитна барпой шавад». Гуфт: «Ё Буабдуллоҳ, ҳамчунин аст, ки ту мегӯйӣ ва бар ман ин пӯшида нест, аммо кор аз дасти ман бишудааст[12], ки Афшин дӯш дасти ман бигрифтааст[13] ва аҳд кардаам ба савгандони муғаллаза[14], ки ӯро аз дасти Афшин наситонам ва нафармоям, ки ӯро бистонанд». Гуфтам: «Ё амирулмуъминин, ин дардро дармон чист?» Гуфт: «Ҷуз он нашносам, ки ту ҳамакнун наздики Афшин равӣ ва агар бор надиҳад[15], хештанро андар афканӣ[16] ва ба хоҳишу тазарруъу зорӣ пеши ин кор бозшавӣ, чунонки албатта ба қалилу

---

[1] Қосим ибни Исо ибни Идрис (ваф. соли 225 ҳ. / 840 м.) яке аз сарҳангони Маъмун, ки ба халифаҳои аббосӣ Амин, Маъмун ва Муътасим хеле наздик ва муддате ҳокими Курдистон аз ҷониби Аббосиён низ буд.
[2] душманию таассуб.
[3] хато ва фаромӯшӣ.
[4] раҳо накард; манзур ин ки боз ҳам исрор кард.
[5] бечора (манзур Будулаф аст).
[6] мустаҳилл – ҳама чизро бар худ равобинанда.
[7] қабза, дар панҷаи.
[8] диловар.
[9] ноҳияи кӯҳистоние, ки дар маркази Эрон ҷойгир буд ва ҳудуди он дар шарқ ба Хуросон, дар ғарб ба Озарбойҷон, дар шимол ба кӯҳҳои Албурз ва дар ҷануб ба Форс мепайваст.
[10] корҳои намоён кард.
[11] ошӯб кунанд.
[12] рафтааст.
[13] паймон кардааст.
[14] савгандони ситабр ва шадид.
[15] рухсати даромадан надиҳад, қабул накунад.
[16] ба даруни сарой ворид шавӣ.

касир[1] аз ман ҳеч пайғоме надиҳӣ ва ҳеч сухан нагӯйӣ, то магар ҳурмати туро нигоҳ дорад, ки ҳолу маҳалли[2] ту донад ва даст аз Будулаф бидорад ва вайро табоҳ накунаду ба ту супорад ва пас, агар шафоати ту рад кунад, қазо кори худ бикард ва ҳеч дармон нест».

Аҳмад гуфт: «Ман чун аз халифа ин бишнудам, ақл аз ман зоил шуд[3] ва бозгаштаму барнишастам ва рӯй кардам ба маҳаллати вазирӣ[4] ва тане чанд аз касони ман, ки расида буданд бо хештан, бурдам ва ду-се савори тохта[5] фиристодам ба хонаи Будулаф ва асб тохтан гирифтам, чунонки надонистам, ки дар заминам ё дар осмон. Тайласон[6] аз ман ҷудо шуда ва ман огоҳ на ва рӯз наздик буд, андешидам, ки набояд, ки ман дертар расам ва Будулафро оварда бошанд ва кушта ва кор аз даст бишуда. Чун ба даҳлези дари саройи Афшин расидам, ҳуҷҷоб[7] ва мартабадорони вай ба ҷумла пеши ман давиданд бар одати гузашта ва надонистанд, ки маро ба узре боз бояд гардонд, ки Афшинро сахт нохушу ҳавл ояд дар чунон вақт омадани ман наздики вай. Ва маро ба сарой фуруд оварданду парда бардоштанд ва ман қавми хешро мисол додам, то ба даҳлез биншинанд ва гӯш ба овози ман доранд. Чун миёни сарой бирасидам, ёфтам Афшинро бар гӯшаи садр[8] нишста ва натъе[9] пеши вай фуруди суффа бозкашида ва Будулаф ба шалвореву чашмбибаста он ҷо бинишонда ва сайёф[10] шамшери бараҳна ба даст истода ва Афшин бо Будулаф дар мунозара ва сайёф мунтазири он ки бигӯяд, деҳ[11], то сараш бияндозад. Ва чун чашми Афшин бар ман уфтод, сахт аз ҷой бишуд ва аз хашм зарду сурх шуд ва рагҳо аз гарданаш бихост. Ва одати ман бо вай чунон буд, ки чун наздики вай шудаме, баробар омадӣ ва сар фуруд кардӣ, чунонки сараш ба синаи ман расидӣ. Ин рӯз аз ҷой наҷунбид ва истихфофе[12] бузург кард. Ман худ аз он наандешидам ва бок надоштам, ки ба шуғле бузург рафта будам ва бӯса бар рӯйи вай додаму бинишастам. Худ дар ман нангарист ва ман бар он сабр кардам ва ҳадисе пайвастам,

---

[1] каму зиёд.
[2] ҷойгоҳ.
[3] рафт, девона шудам.
[4] кӯйи вазирӣ, гузари вазирӣ.
[5] тозон.
[6] либоси рӯ, ридо.
[7] ҳоҷибон, посбонон.
[8] маснад.
[9] натъ – бисот, фарш, фарши чармӣ, ки собиқан шахси маҳкум ба эъдомро рӯйи он менишонданду сари ӯро мебуриданд.
[10] сайёф – мири ғазаб, шамшерзан, ҷаллод.
[11] бизан.
[12] сабук шумурд, беэҳтиромӣ кард.

то ӯро бад-он машғул кунам аз пайи он, ки набояд, ки сайёфро гӯяд шамшер бирон. Албатта сӯйи ман нангарист, фаро истодам ва аз тарзе дигар сухан пайвастам сутудани Аҷамро[1], ки ин мардак[2] аз эшон буд ва аз замини Усрушана[3] буд ва Аҷамро шараф бар Араб ниҳодам[4], ҳарчанд, ки донистам андар он базаҳе[5] бузург аст, валекин аз баҳри Будулафро, то хуни вай рехта нашавад ва сухан нашнид. Гуфтам: «Ё амир, Худо маро фидои ту кунод, ман аз баҳри Қосими Исоро омадам, то бор худоӣ[6] кунӣ ва вайро ба ман бахшӣ; дар ин туро чанд музд бошад?» Ба хашму истихфоф гуфт: «Набахшидаму набахшам, ки вайро амирулмуъминин ба ман додааст ва дӯш савганд хӯрда, ки дар боби вай сухан нагӯяд, то ҳарчӣ хоҳам кард, ки рӯзгори дароз аст, то ман андарин орзу будам». Ман бо хештан гуфтам: «Ё Аҳмад сухан ва тавқеъи[7] ту дар Шарқу Ғарб равон аст ва ту аз чунин саге[8] чунин истихфоф кашӣ?» Боз дил хуш кардам, ки ҳар хорӣ, ки пеш ояд, бибояд кашид аз баҳри Будулафро. Бархостаму сарашро бибӯсидам ва беқарорӣ кардам, суд надошт ва бори дигар китфаш бӯса додам, иҷобат накард ва боз ба дасташ омадам ва бӯса додам ва бидид, ки оҳанги зону дорам, ки то бибӯсам, то аз он пас ба хашм маро гуфт: «То кай аз ин хоҳад буд? Ба Худой агар ҳазор бор заминро бибӯсӣ, ҳеч суд надорад ва иҷобат наёбӣ». Хашме ва дилтангие сӯйи ман шитофт, чунонки хӯй[9] аз ман бишуд ва бо худ гуфтам инчунин мурдоре ва нимкофире бар ман чунин истихфоф мекунад ва чунин газоф мегӯяд! Маро чиро бояд кашид? Аз баҳри ин озодмард Будулафро хатаре бикунам ҳарчи бод бод ва раво дорам, ки ин бикарда бошам, ки ба ман ҳар балое расад. Пас гуфтам: «Ай амир, маро аз озодмардӣ он чӣ омад, гуфтаму кардам ва ҳурмати ман нигоҳ надоштӣ! Ва донӣ, ки халифа ва ҳамаи бузургони ҳазрати вай, чӣ онон, ки аз ту бузургтаранд ва чӣ аз ту хурдтаронанд, маро ҳурмат доранд ва ба Машриқу Мағриб сухани ман равон аст. Ва сипос Худой, азза ва ҷалларо, ки туро аз ин миннат дар гардани ман ҳосил нашуд. Ва

---

[1] ситоиши Аҷам; баҳсҳои Арабу Аҷам (Эрон) дар бораи бартар будани якдигар ё ҷараёни шуубия.
[2] марди паст.
[3] Усрушана ё Сурушана (Истаравшан) яке аз музофоти муҳимми Мовароуннаҳр.
[4] маънои ҷумла: барои хӯшҳолии Афшин Аҷамро ситоиш кардаму Арабро накӯҳиш кардам.
[5] гуноҳе бузург.
[6] бузургворӣ.
[7] муҳр, имзо.
[8] манзур Афшин аст.
[9] арақ.

ҳадиси ман гузашт[1]. Пайғоми амирулмуъминин бишнав: мефармояд, ки Қосими Иҷлиро[2] макуш ва таъарруз макун[3] ва ҳамакнун ба хона бозфирист, ки дасти ту аз вай кӯтоҳ аст ва агар ӯро бикушӣ, туро бадали вай қисос мекунам». Чун Афшин ин сухан бишнид, ларза бар андоми ӯ уфтод ва ба дасту пой бимурд ва гуфт, ин пайғоми худованд[4] ба ҳақиқат мегузорӣ? Гуфтам: «Оре, ҳаргиз шунудаӣ, ки фармонҳои ӯро баргардонидаам?» Ва овоз додам қавми хешро, ки дароянд. Марде сию чиҳил андар омаданд, музаккӣ[5] ва муъаддил[6] аз ҳар дасте. Эшонро гуфтам: «Гувоҳ бошед, ки ман пайғоми амирулмуъминин, Муътасим мегузорам бар ин Амир Абулҳасани Афшин, ки мегӯяд, Будулафи Қосимро макуш ва таъарруз макун ва ба хона бозфирист, ки агар вайро бикушӣ, туро бадали вай бикушанд». Пас гуфтам: «Ай Қосим». Гуфт: «Лаббайк». Гуфтам: «Тандуруст ҳастӣ?» Гуфт: «Ҳастам». Гуфтам: «Ҳеч ҷароҳат дорӣ?» Гуфт: «Надорам». Касҳои худро низ гуфтам: «Гувоҳ бошед, тандуруст асту саломат аст». Гуфтанд: «Гувоҳем». Ва ман ба хашм бозгаштам ва асб дар так[7] афгандам чун мадҳушеву дилшудае[8] ва ҳамроҳ бо худ мегуфтам куштани онро муҳкамтар кардам, ки ҳамакнун Афшин бар асари ман даррасад ва амирулмуъминин гӯяд ман ин пайғом надодам, бозгардад ва Қосимро бикушад.Чун ба ходим расидам, ба ҳоле будам, арақ бар ман нишаста ва дам бар ман чира шуда[9]. Маро борхост ва даррафтаму бинишастам. Амирулмуъминин чун маро бидид бар он ҳол, ба бузургии хеш фармуд ходимеро, ки арақ аз рӯйи ман пок мекард ва ба талаттуф[10] гуфт: «Ё Буабдуллоҳ, туро чӣ расид?» Гуфтам: «Зиндагонии амирулмуъминин дароз бод, имрӯз он чӣ бар рӯйи ман расид[11], дар умри хеш ёд надорам. Дареғо мусалмониё, ки аз палидии номусалмоне инҳо бояд кашид! Гуфт: «Қисса гӯй!» Оғоз кардам ва он чӣ рафта буд, ба шарҳ бозгуфтам. Чун он ҷо расидам, ки бӯса бар сари Афшин дода он гоҳ бар китф ва он гоҳ бар ду даст ва он гоҳ сӯйи по шудам ва Афшин гуфт: «агар

---

[1] тамом шуд, яъне то кунун аз худам мегуфтам.
[2] яъне Будулафро.
[3] осеб нарасон.
[4] манзур халифаи аббосӣ аст.
[5] музакки-ба покӣ тавсифшуда.
[6] муъаддил – росту дурусткунанда, таъдилкунанда; музаккӣ ва муъаддил касоне буданд, ки ҳангоми қазоват гувоҳӣ медоданд ва сухани онҳо рост шумурда мешуд.
[7] бисёр тунд рафтан.
[8] дилнигарон, музтариб.
[9] яъне нафасам мегирифт.
[10] лутфу меҳрубонӣ.
[11] ба ман расид.

ҳазор бор замин бӯса диҳӣ, суд надорад, Қосимро бихоҳам кушт», Афшинро дидам, ки аз дар даромад бо камару кулоҳ. Ман бифисурдам[1] ва суханро бибридам ва бо худ гуфтам иттифоқи бад бин, ки бо амирулмуъминин тамом нагуфтам, ки аз ту пайғоме, ки надода будӣ бигзордам, ки Қосимро накушад. Ҳамакнун Афшин ҳадиси пайғом кунад ва халифа гӯяд, ки ман ин пайғом надодаам ва русво шавам ва Қосим кушта ояд. Андешаи ман ин буд, Эзид азза зикруҳу, дигар хост, ки халифаро сахт дард карда буд аз бӯса додани ман бар китфу даст ва оҳанги пойбӯс кардан ва гуфтани ӯ, ки агар ҳазор бор бӯса диҳӣ, бар замин суд надорад.

Чун Афшин бинишаст, ба хашм амирулмуъмининро гуфт: «Худованд дӯш дасти ман бар Қосим гушода кард, имрӯз ин пайғом дуруст ҳаст, ки Аҳмад овард, ки ӯро набояд кушт?» Муътасим гуфт: «Пайғоми ман аст ва кӣ то кай шунида будӣ, ки Буабдуллоҳ аз мову падарони мо пайғоме гузорад ба касе ва на рост бошад? Агар мо дӯш пас аз илҳоҳ[2], ки кардӣ туро иҷобат кардем дар боби Қосим, бибояд донист, ки он мард чокарзодаи хонадони мост, хирад он будӣ, ки ӯро бихондӣ ва ба ҷон бар вай миннат ниҳодӣ ва ӯро ба хубӣ ва бо хилъат боз хона фиристодӣ. Ва он гоҳ озурда кардани Буабдуллоҳ[3] аз ҳама зишттар буд. Валекин ҳар касе он кунад, ки аз асли гавҳари вай сазад ва Аҷам Арабро чун дӯст дорад бо он чӣ бад-эшон расидааст аз шамшеру найзаи эшон? Бозгард ва пас аз ин ҳушёртару хештандортар бош!»

Афшин бархост шикаставу[4] ба дасту пой мурда[5] ва бирафт. Чун бозгашт, Муътасим гуфт: «Ё Буабдуллоҳ, чун раво доштӣ пайғоми нодода гузордан?» Гуфтам: «Ё амирулмуъминин, хуни мусалмоне рехтан написандидам ва маро музд[6] бошад ва Эзиди таъоло, бад-ин дурӯғам нагирад». Ва чанд ояти Қуръон ва ахбори Пайғамбар алайҳиссалом биёвардам. Бихандиду гуфт: «Рост, ҳамин бояст кардан, ки кардӣ ва ба Худой, азза ва ҷалла, савганд хурам, ки Афшин ҷон аз ман набарад[7], ки вай мусалмон нест». Пас ман бисёр дуъо кардам ва шодӣ кардам, ки Қосим ҷон бозёфт[8] ва бигристам. Муътасим гуфт: «Ҳоҷиберо бихонед!»[9] Бихонданд, биёмад. Гуфт: «Ба хонаи Афшин

---

[1] бар ҷойи худ сард шудам.
[2] зорӣ кардан.
[3] манзур, қозӣ Абуабдуллоҳ, ки аз ҷониби Афшин беэҳтиромӣ дид.
[4] шикастхӯрда
[5] тоҷикон ин таъбирро ба кор мебаранд: ҷон аз дасту пояш баромада!
[6] савоб.
[7] яъне, ӯро хоҳам кушт!
[8] кушта нашуд.
[9] даъват кард.

рав бо маркаби хосси мо ва Будулафи Қосими Исо Иҷлиро барнишону ба саройи Буабдуллоҳ бар, азизан мукарраман».[1] Ҳоҷиб бирафту ман низ бозгаштам ва дар роҳ диранг мекардам, то донистам, ки Қосиму ҳоҷиб ба хонаи ман расида бошанд. Пас ба хона бозрафтам, ёфтам Қосимро дар даҳлез бинишаста. Чун маро бидид, дар дасту пойи ман уфтод. Ман ӯро дар канор гирифтаму бибӯсидам ва дар сарой бурдаму некӯ бинишондам. Ва вай мегиристу маро шукр[2] мекард. Гуфтам: «Маро шукр макун, балки Худойро, азза ва ҷалла ва амирулмуъмининро шукр кун ба ҷони нав, ки бозёфтӣ». Ва ҳоҷиби Муътасим вайро ба сӯйи хона бурд бо каромати бисёр.

Ва ҳар кас аз ин ҳикоят битавонад донист, ки ин чӣ бузургон будаанд. Ва ҳамагон бирафтанд ва аз эшон ин номи некӯ ёдгор мондааст. Ва ғарази ман аз набиштани ин ахбор он аст, ки то хонандагонро аз ман фоидае ба ҳосил ояд ва магар касеро аз ин ба кор ояд. Ва чун аз ин фориғ гаштам, ба сари рондани таърих бозгаштам. Валлоҳу аълам[3].

Зикри бар дор кардани Амир Ҳасанаки вазир, раҳматуллоҳи алайҳи

Фасле хоҳам навишт дар ибтидои ин ҳоли бар дор кардани ин мард ва пас ба шарҳи қисса шуд. Имрӯз, ки ман ин қисса оғоз мекунам, дар зиҳиҷҷаи санаи хамсайн ва арбаъа миа[4], дар фаррухрӯзгори Султони муъаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носируддиналлоҳ, атолаллоҳу бақоаҳ[5]. Аз ин қавм, ки ман сухан хоҳам ронд як-ду тан зиндаанд, дар гӯшае уфтода. Ва Хоҷа Бусаҳли Завзанӣ чанд сол аст, то гузашта шудааст ва ба посухи он, ки аз вай рафт гирифтор ва моро бо он кор нест, ҳарчанд маро аз вай бад омад, ба ҳеч ҳол, чӣ умри ман ба шасту панҷ омада ва бар асари вай мебибояд рафт. Ва дар таърихе, ки мекунам, сухане наронам, ки он ба таассубеву тазайюде[6] кашад ва хонандагони ин тасниф гӯянд: «Шарм бод ин пирро!», балки он гӯям, ки то хонандагон бо ман андар ин мувофақат кунанд ва таъне назананд.

Ин Бусаҳл марди имомзодаву муҳташаму фозилу адиб буд, аммо шарорату заъорате[7] дар табъи вай муъаккад шуда ва ло

---

[1] бо эҳтирому бузургдошт.
[2] сипосгузорӣ мекард.
[3] ва Худо донотар аст
[4] соли 450 ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо январи соли 1060-и милодӣ
[5] Худованд зиндагонии ӯро дароз гардонад!
[6] зиёд гуфтан дар сухан ва дуруғ гуфтан.
[7] заъорат – бадхулқӣ; тундии мизоҷ.

табдила ли халқи-л-лоҳ[1] ва бо он шарорат дилсӯзӣ надошт ва ҳамеша чашм ниҳода будӣ, то подшоҳи бузургу ҷаббор[2] бар чокаре хашм гирифтӣ ва он чокарро лат задию фурӯ гирифтӣ; ин мард аз карона бичастию[3] фурсате ҷустӣ ва тазриб[4] кардӣ ва алами бузург ба ин чокар расонидӣ ва он гоҳ лоф задӣ, ки: «Фулонро ман фурӯ гирифтам». Ва агар кард, диду чашид. Ва хирадмандон донистандӣ, ки на чунон аст ва саре меҷунбонидандӣ ва пӯшида ханда мезадандӣ, ки: «Вай газофгӯй аст».

Ҷуз устодам, ки вайро фурӯ натавонист бурд[5], бо он ҳама ҳилат, ки дар боби вай сохт. Аз он дар боби вай[6] ба ком натавонист расид, ки қазои Эзид бо тазрибҳои вай мувофақат ва мусоадат накард. Ва дигар, ки Бунаср марде буд оқибатнигар: дар рӯзгори Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, бе он ки махдуми худро хиёнате кард[7], дили ин Султон Масъуд, раҳматуллоҳи алайҳи, нигоҳ дошт, ба ҳамаи чизҳо, ки донист, тахти мулк пас аз падар вайро хоҳад буд.

Ва ҳоли Ҳасанак дигар буд, ки бар ҳавои Амир Муҳаммад ва нигоҳдошти дил ва фармони Маҳмуд, ин худовандзодаро биёзурд ва чизҳо карду гуфт, ки акфо[8] онро эҳтимол накунанд, то ба подшоҳ чӣ расад, ҳамчунонки Ҷаъфари Бармакӣ[9] ва ин табақа вазирӣ карданд ба рӯзгори Ҳорунуррашид ва оқибати кори эшон ҳамон буд, ки аз они ин вазир омад. Ва чокарону бандагонро забон нигоҳ бояд дошт бо худовандон, ки муҳол аст рӯбоҳонро бо шерон чахидан[10]. Ва Бусаҳл бо ҷоҳу неъмат ва мардумаш, - дар ҷанби Амир Ҳасанак як қатра об буд аз рӯде, фазл ҷойи дигар нишинад[11], - аммо чун таъаддиҳо[12] рафт аз вай, ки пеш аз ин дар таърих биёвардаам, яке он буд, ки Абдусро гуфт: «Амиратро бигӯй, ки ман он чӣ кунам, ба фармони худованди худ[13] мекунам, агар вақте тахти мулк ба ту

---

[1] ин таъбири қуръонӣ, баргирифта аз сураи Рум, ояи 30 ва баргардони он: ва дар офариниши Худо тағйире нест.
[2] бераҳм.
[3] аз гушаву канор ба майдон меомад.
[4] суханчинӣ.
[5] яъне, натавонист ӯро аз байн барад.
[6] яъне, Бунасри Мушкон.
[7] карда бошад.
[8] ҳамрадифон, ҳамто, баробар.
[9] Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холид – намояндаи хонадони Бармакиён, ки ба дасти Ҳорун кушта шуд.
[10] ситеза кардан.
[11] маънои ҷумла: Бусаҳл ба лиҳози ҷойгоҳу обрӯ поёнтар аз Ҳасанак буд, вале ба лиҳози фазл бартар буд, аммо фазл суҳбате дигар дорад.
[12] ситамҳо.
[13] манзур Султон Маҳмуд аст.

расад, Ҳасанакро бар дор бояд кард». Лоҷарам, чун Султон подшоҳ шуд, ин мард бар маркаби чӯбин[1] нишаст. Ва Бусаҳлу ғайри Бусаҳл дар ин кистанд, ки Ҳасанак оқибати таҳаввур[2] ва таъаддии худ кашид. Ва подшоҳ ба ҳеч ҳол бар се чиз иғзо[3] накунад: ал қадҳу фи-л мулки ва ифшоу сирри ва таъаррузу ли-л-ҳурами ва наъузу биллоҳи мина-л хизлони[4].

Чун Ҳасанакро аз Буст ба Ҳирот оварданд, Бусаҳли Завзанӣ ӯро ба Алии Роиз, чокари хеш, супурд ва расид бад-ӯ аз анвоъи истихфоф[5] он чӣ расид, ки чун бозҷусте[6] набуд кору ҳоли ӯро, интиқомҳо ва ташаффиҳо[7] рафт. Ва бад-он сабаб, мардумон забон бар Бусаҳл дароз карданд, ки «задаву уфтодаро тавон зад, мард он мард аст, ки гуфтаанд: ал-афву ъиндал қудрата[8], ба кор тавонад овард». Қола-л-лоҳу азза зикруҳу ва қавлуҳу-л-ҳаққу[12]: ал-козимина-л ғайза ва-л-ъофина ъани-н-носи ва-л-лоҳу йуҳиббу-л-муҳсинин[9].

Ва чун Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, аз Ҳирот қасди Балх кард, Алии Роиз Ҳасанакро ба банд[10] мебурду истихфоф мекард ва ташаффӣ ва таассуб ва интиқом мебуд, ҳарчанд мешунудам аз Алӣ, пӯшида[11] вақте маро гуфт, ки ҳарчи Бусаҳл мисол[12] дод аз кирдори зишт дар боби ин мард, аз даҳ яке карда омадӣ ва бисёр муҳобо[13] рафтӣ. Ва ба Балх дар Амир медамид[14], ки: «Ночор Ҳасанакро бар дор бояд кард». Ва Амир бас ҳалиму карим буд, ҷавоб нагуфтӣ.

Ва муътамади[15] Абдус гуфт: «Рӯзе, пас аз марги Ҳасанак, аз устодам шунудам, ки Амир Бусаҳлро гуфт: «Ҳуҷҷатеву узре бояд куштани ин мардро». Бусаҳл гуфт: «Ҳуҷҷате бузургтар, ки мард

---

[1] тобут; дор.
[2] ҷасурии бефикру мулоҳаза.
[3] чашмпӯшӣ.
[4] тарҷ: таън кардан дар кори подшоҳӣ, ошкор кардани розу дастдарозӣ ба ҳараму аҳли он, ба Худо паноҳ мебарем аз тарки нусрат ва фурӯ гузоштани ёрияш.
[5] хор доштан.
[6] пурсуҷӯ.
[7] ташаффӣ – шифо ёфтан, ором гирифтан аз хашму дард.
[8] гузашту бахшоиш он аст, ки дар вақти қудрат бошад.
[9] фурӯ хӯрандагони хашм ва даргузарандагон аз гуноҳу уқубати мардум ва Худованд некӯкоронро дӯст дорад (бахше аз ояи 134-уми сураи Оли Имрон)
[10] пой дар занҷир.
[11] пинҳонӣ.
[12] фармон.
[13] дар ин ҷо ба маънои худдорӣ кардан аст.
[14] васваса мекард.
[15] нафари мавриди эътимод.

қарматист[1] ва хилъати мисриён истуд, то амирулмуъминин Ал-Қодирбиллоҳ биёзурд[2] ва нома аз Амир Маҳмуд бозгирифт[3] ва акнун пайваста аз ин мегӯяд. Ва худованд ёд дорад, ки ба Нишобур расули халифа омад ва ливою[4] хилъат оварда ва маншуру пайғом дар ин боб бар чӣ ҷумла буд. Фармони халифа дар ин боб нигоҳ бояд дошт». Амир гуфт: «То дар ин маънӣ бияндешам».

Пас аз ин ҳам, устодам ҳикоят кард аз Абдус, ки бо Бусаҳл сахт бад буд[5], ки чун Бусаҳл дар ин боб бисёр бигуфт, як рӯз Хоҷа Аҳмади Ҳасанро чун аз бор[6] боз мегашт, Амир гуфт, ки: Хоҷа танҳо ба торам бинишинад, ки сӯйи ӯ пайғомест бар забони Абдус! Хоҷа ба торам рафт ва Амир разияллоҳу анҳу маро бихонд, гуфт: «Хоҷа Аҳмадро бигӯй, ки ҳоли Ҳасанак бар ту пӯшида нест, ки ба рӯзгори падарам чанд дард дар дили мо овардааст[7] ва чун падарам гузашта шуд, чӣ қасдҳо кард бузург дар рӯзгори бародарам, валекин нарафташ[8]. Ва чун Худой, азза ва ҷалла, бад-он осонӣ тахти мулк ба мо дод, ихтиёр он аст, ки узри гуноҳкорон бипазирем ва ба гузашта машғул нашавем, аммо дар эътиқоди ин мард сухан мегӯянд бад-он, ки хилъати мисриён бистад ба рағми халифа ва амирулмуъминин биёзурду мукотабат аз падарам бигусаст[9] ва мегӯянд расулро, ки ба Нишобур омада буд ва аҳду ливову хилъат оварда, пайғом дода буд, ки: «Ҳасанак қарматист, вайро бар дор бояд кард». Ва мо ин ба Нишобур шунида будем ва некӯ ёд нест. Хоҷа андар ин чӣ бинад ва чӣ гӯяд?»

Чун пайғом бигзордам, Хоҷа дере андешид, пас маро гуфт: «Бусаҳли Завзаниро бо Ҳасанак чӣ уфтодааст, ки чунин муболағатҳо дар хуни ӯ гирифтааст?». Гуфтам: «Некӯ натавонам донист, ин миқдор шунидаам, ки як рӯз ба саройи Ҳасанак шуда буд, ба рӯзгори вазорат[10] – пиёда ва ба дурроъа[11], пардадоре бар вай истихфоф карда буд ва вайро бияндохта[12]». Гуфт: «Ай субҳоналлоҳ!

---

[1] пайрави ҷараёни қарматия; манзур дар ин ҷо пайравону ҷонибдори хилофати Фотимиён аст, ки марказаш Миср буд.
[2] озурда шуд
[3] бо Маҳмуд қатъи мукотаба кард.
[4] дирафш, парчам.
[5] робитаи Абдус ва Завзанӣ хуб набудааст.
[6] мулоқоти амир.
[7] ҳангоми вазир будан Ҳасанак ба ишораи Маҳмуд нисбат ба Масъуд бадрафтории зиёд мекард.
[8] яъне, Ҳасанак дар қасдҳояш нисбат ба Масъуд муваффақ нашуд.
[9] дар солҳои охири ҳукмрониии Маҳмуд робитааш бо Бағдод тира шуда буд.
[10] яъне, замоне ки Ҳасанак вазир буд.
[11] дурроъа – либоси рӯпӯши сафед, ки фарох аст.
[12] яъне нибати ӯ беэҳтироми карда, ба ҳузури вазир роҳ намедиҳанд

Ин миқдор шақрро[1] чӣ дар дил бояд дошт?». Пас, гуфт: «Худовандро бигӯй, ки дар он вақт, ки ман ба қалъати Коланҷар[2] будам бозгашта[3] ва қасди ҷони ман карданд ва Худой, азза ва ҷалла, нигоҳ дошт, назрҳо кардам ва савгандон хӯрдам, ки дар хуни кас, ҳаққу ноҳаққ, сухан нагӯям. Бад-он вақт, ки Ҳасанак аз ҳаҷ ба Балх омад ва мо қасди Моваруннаҳр кардему бо Қадархон дидор кардем[4], пас аз бозгаштан ба Ғазнин, маро бинишонданд[5] ва маълум на, ки дар боби Ҳасанак чӣ рафт ва Амири мозӣ бо халифа сухан бар чӣ рӯй гуфт. Бунасри Мушкон хабарҳои ҳақиқат дорад, аз вай боз бояд пурсид. Ва амир-худованд подшоҳ аст, он чӣ фармуданист бифармояд, ки агар бар вай қарматӣ дуруст гардад[6], дар хуни вай ман сухане нагӯям, бад-он, ки вайро дар ин молиш, ки имрӯз манам, муроде будааст ва пӯст боз карда бад-он гуфтам, ки то вайро дар боби ман сухан гуфта наояд, ки ман аз хуни ҳамаи ҷаҳониён безорам ва ҳарчанд чунин аст, аз султон насиҳат боз нагирам, ки хиёнат карда бошам, то хуни вай ва ҳеч кас нарезад; албатта, ки хун рехтан кори бозӣ нест». Чун ин ҷавоб бозбурдам, сахт дер андешид, пас гуфт: «Хоҷаро бигӯй, он чӣ воҷиб бошад, фармуда ояд».

Хоҷа бархосту сӯйи девон рафт. Дар роҳ, маро, ки Абдусам, гуфт: «То битавонӣ, худовандро бар он дор, ки хуни Ҳасанак рехта наояд, ки зишт номе таваллуд гардад». Гуфтам: «Фармонбурдорам!» Ва бозгаштам ва бо султон бигуфтам; қазо дар камин буд, кори хеш мекард.

Ва пас аз ин, маҷлисе кард бо устодам. Ӯ ҳикоят кард, ки дар он халват чӣ рафт. Гуфт: «Амир пурсид маро аз ҳадиси Ҳасанак, пас аз он аз ҳадиси халифа ва гуфт: чӣ гӯӣ дар дину эътиқоди ин мард ва хилъат ситадан аз мисриён[7]? Ман даристодам ва ҳоли Ҳасанак ва рафтан ба ҳаҷ то он гоҳ, ки аз Мадина ба Водиюлқуро[8] бозгашт бар роҳи Шом ва хилъати мисрӣ бигирифт ва зарурати ситадан ва аз Мавсил[9] роҳ гардонидан ва ба Бағдод боз нашудан[10] ва халифаро ба дил омадан[11], ки магар Амир Маҳмуд фармудааст, ҳама ба тамомӣ шарҳ кардам».

---

[1] андӯҳи дил, кина.
[2] номи қалъае дар шимолии Лоҳур.
[3] зиндонӣ.
[4] аз ин бармеояд, ки ин ҳодиса соли 1025 рух додааст.
[5] зиндон карданд.
[6] собит шавад.
[7] манзур халифаи фотимӣ аст, ки марказаш дар Миср буд.
[8] мавзеъе, ки байни Мадина ва Шом қарор дорад.
[9] бузургтарин шаҳр дар шимоли Ироқ.
[10] нарафтан.
[11] аз дилаш гузаштан.

Амир гуфт: «Пас, аз Ҳасанак дар ин боб чӣ гуноҳ будааст, ки агар ба роҳи бодия[1] омадӣ, дар хуни он ҳама халқ шудӣ?»[2] Гуфтам: «Чунин буд, валекин халифаро чанд гуна сурат карданд[3], то нек озор гирифт[4] ва аз ҷой бишуд ва Ҳасанакро «қарматӣ» хонд. Ва дар ин маънӣ мукотабот ва омаду шуд будааст. Амири мозӣ, чунонки лаҷуҷӣ[5] ва зуҳрати[6] вай буд, як рӯз гуфт: «Бад-ин халифаи харифшуда[7] бибояд навишт, ки «ман аз баҳри қадри Аббосиён ангушт даркардаам дар ҳамаи ҷаҳон ва қарматӣ мечӯям ва он чӣ ёфта ояд ва дуруст гардад, бар дор мекашам ва агар маро дуруст шудӣ, ки Ҳасанак қарматӣ аст, хабар ба амирулмуъминин расидӣ, ки дар боби вай чӣ рафтӣ. Вайро ман парвардаам ва бо фарзандону бародарони ман баробар аст ва агар вай қарматӣ аст, ман ҳам қарматӣ бошам». Ҳарчанд он сухан подшоҳона буд, ба девон омадам ва чунон набиштам, набиштае, ки бандагон ба худовандон нависанд. Ва охир, пас аз омадушуди бисёр, қарор бар он гирифт, ки он хилъат, ки Ҳасанак бистада буд ва он тароиф[8], ки наздики Амир Маҳмуд фиристода буданд он мисриён, бо расул ба Бағдод фиристад, то бисӯзанд. Ва чун расул боз омад, амир пурсид, ки: «Он хилъат ва тароиф ба кадом мавзеъ сӯхтанд?», ки амирро нек дард омада буд, ки Ҳасанакро қарматӣ хонда буд халифа. Ва бо он ҳама, ваҳшату таассуби халифа зиёдат мегашт андар ниҳон, на ошкоро, то Амир Маҳмуд фармон ёфт. Банда он чӣ рафтааст, ба тамомӣ бознамуд». Гуфт: «Бидонистам».[9]

Пас аз ин маҷлис низ, Бусаҳл албатта фурӯ наистод аз кор. Рӯзи сешанбе, бисту ҳафтуми сафар, чун бор бигусаст, Амир Хоҷаро гуфт: «Ба торам бояд нишаст, ки Ҳасанакро он ҷо хоҳанд оварда бо қузот[10] ва музаккиён[11], то он чӣ харида омадааст, ҷумла ба номи мо қабола[12] навишта шавад ва гувоҳ гирад бар хештан». Хоҷа гуфт: «Чунин кунам». Ва ба торам рафту ҷумлаи хоҷашуморон[13] ва аъёну

---

[1] биёбон.

[2] яъне, агар ба биёбон меомад ва ҳоҷиён ҳалок мешуданд, гуноҳи он бар Ҳасанак навишта мешуд.

[3] нодуруст нишон доданд.

[4] бисёр озурда шуд.

[5] ситезагарӣ.

[6] тангдилӣ.

[7] харифшуда – хариф, сахт пир, ки дар ҳавосаш тағйирҳо роҳ ёфта бошад.

[8] чизҳои нав, ҳадяҳо.

[9] фаҳмидам.

[10] қозиҳо.

[11] шоҳидоне, ки бо порсоӣ шуҳрат дошта бошанд.

[12] санад.

[13] касоне, ки аз ҷумлаи хоҷаҳо ба ҳисоб мерафтанд.

соҳибдевони рисолат ва Хоҷа Булқосими Касир – ҳарчанд маъзул буд – ва Бусаҳли Завзанӣ ва Бусаҳли Ҳамдавӣ он ҷо омаданд. Ва Амир донишманд Набийя ва ҳокими лашкарро[1] – Насри Халаф он ҷо фиристод. Ва қузоти Балху ашрофу уламо ва фуқаҳо ва муаддилону музаккиён, касоне, ки номдору фарорӯй буданд, ҳама он ҷо ҳозир буданд ва бинишастанд. Чун ин кавкаба рост шуд, ман, ки Булфазлам ва қавме, беруни торам, ба дукконҳо будем нишаста, дар интизори Ҳасанак. Як соат буд, Ҳасанак пайдо омад, бебанд[2], ҷуббае дошт ҳибриранг[3], бо сиёҳ мезад[4], халақгуна[5], дурроъаву ридое[6] сахт покиза ва дасторе[7] нишобурии молидаву[8] мӯзаи микойилии нав[9] дар пой ва мӯйи сар молида, зери дастор пӯшида карда андакмоя пайдо мебуд ва волии ҳарас[10] бо вай ва Алии Роизу бисёр пиёда аз ҳар дасте. Вайро ба торам бурданд ва то наздики намози пешин бимонд, пас берун оварданд ва ба ҳарас боз бурданд ва бар асари вай қузоту фуқаҳо берун омаданд; ин миқдор шунудам, ки ду тан бо якдигар мегуфтанд, ки «Хоҷа Бусаҳлро бар ин кӣ овард, ки оби хеш бибурд?[11]». Бар асар Хоҷа Аҳмад берун омад бо аъён ва ба хонаи худ боз шуд. Ва Насри Халаф дӯсти ман буд, аз вай пурсидам, ки: «Чӣ рафт?» Гуфт, ки чун Ҳасанак биёмад, Хоҷа[12] барпой хост. Чун ӯ ин макрумат[13] бикард, ҳама агар хостанд, ё на бар пой хостанд. Бусаҳли Завзанӣ бар хашми худ тоқат надошт, бархост на тамом[14] ва бар хештан мечакид. Хоҷа Аҳмад ӯро гуфт: «Дар ҳамаи корҳо нотамомӣ». Вай нек аз ҷой бишуд. Ва Хоҷа Амир Ҳасанакро ҳарчанд хост, ки пеши вай нишинад нагзошт ва бар дасти рости ман нишаст. Ва бар дасти рост Хоҷа Абулқосими Касиру Бунасри Мушконро бинишонд: Ҳарчанд Булқосими Касир маъзул[15] буд, аммо ҳурматаш сахт бузург буд. Ва Бусаҳл бар дасти

---

[1] қозии лашкар.
[2] безанҷиру ғул.
[3] сиёҳ, ранги давот.
[4] сиёҳ менамуд.
[5] кӯҳна.
[6] болопӯш.
[7] салла.
[8] мураттаб.
[9] як намуди мӯза.
[10] раиси нигаҳбонон.
[11] маънои ҷумла: Чӣ боис шуд, ки Бусаҳли Завзанӣ ин суханҳоро дар маҷлис бигӯяду худро беобрӯ кунад.
[12] вазир Маймандӣ.
[13] бузургию навозиш.
[14] нотамом; нимхез шуд
[15] аз вазифа сабудуш.

чапи Хоҷа, аз ин низ сахт битобид[1]. Ва Хоҷаи Бузург рӯй ба Ҳасанак карду гуфт: «Хоҷа чун мебошад ва рӯзгор чӣ гуна мегузорад?». Гуфт: «Ҷойи шукр аст». Хоҷа гуфт: «Дил шикаста набояд дошт, ки чунин ҳолҳо мардонро пеш ояд, фармонбурдорӣ бояд намуд ба ҳар чӣ худованд фармояд, ки то ҷон дар тан аст, умеди сад ҳазор роҳат асту фарағ аст». Бусаҳлро тоқат бирасид[2]. Гуфт: «Худовандро киро кунад, ки бо чунин саге қарматӣ, ки бар дор хоҳанд кард, ба фармони амирулмуъминин чунин гуфтан?». Хоҷа ба хашм дар Бусаҳл нигарист. Ҳасанак гуфт: «Саг надонам кӣ будааст, хонадони ман ва он чӣ маро будааст аз олату ҳашмату неъмат ҷаҳониён донанд. Ҷаҳон хӯрдаму корҳо рондам ва оқибати кори одамӣ марг аст; агар имрӯз аҷал расидааст, кас бознатавонад дошт, ки бар дор кашанд ё ҷуз дор, ки бузургтар аз Ҳусейни Алӣ[3] наям. Ин Хоҷа, ки маро ин мегӯяд, маро шеър гуфтааст ва бар дари саройи ман истодааст[4]. Аммо ҳадиси қарматӣ; беҳ аз ин бояд, ки ӯро боздоштанд бад-ин тӯҳмат, на маро ва ин маъруф аст, ман чунин чизҳо надонам». Бусаҳлро сафро[5] биҷунбид ва бонг бардошту фаро душном хост шуд[6]. Хоҷа бонг бар ӯ заду гуфт: «Ин маҷлиси султонро, ки ин ҷо нишастаем ҳеч ҳурмат нест? Мо кореро гирд шудаем, чун аз ин фориғ шавем, ин мард панҷу шаш моҳ, то дар дасти шумост, ҳар чӣ хоҳӣ бикун!» Бусаҳл хомӯш шуд ва то охири маҷлис сухан нагуфт.

Ва ду қабола набишта буданд ҳамаи асбобу зиёъи[7] Ҳасанакро ба ҷумла аз ҷиҳати султон ва як-як зиёъро ном бар вай хонданд ва вай иқрор кард ба фурӯхтани он ба тавъу[8] рағбат ва он сим[9], ки муайян карда буданд, бистад ва он касон гувоҳӣ набиштанд ва ҳоким[10] сиҷил кард[11] дар маҷлис ва дигар қузот низ, ала-р-расми фи амсолиҳо[12]. Чун аз ин фориғ шуданд, Ҳасанакро гуфтанд боз бояд гашт. Ва вай рӯй ба Хоҷа карду гуфт: «Зиндагонии Хоҷаи Бузург дароз бод, ба рӯзгори Султон Маҳмуд ба фармони вай[13] дар боби

---

[1] яъне аз ин ки вайро бар дасти чапи вазир ҷой доданд ҳам норозӣ буд.
[2] тамом шуд
[3] манзур Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиб, набераи Пайғамбар аст, ки соли 680 дар Карбало ба шаҳодат расид.
[4] яъне, дар даргоҳи ман хидмат кардааст.
[5] асабонӣ шуд.
[6] мехост душном диҳад.
[7] обу замин.
[8] фармонбурдорӣ.
[9] маблағ, пул.
[10] қозӣ.
[11] таъйид кард.
[12] ба шевае, ки расм аст.
[13] яъне Маҳмуд.

Хоҷа жож мехоидам[1], ки ҳама хато буд; аз фармонбурдорӣ чӣ чора; ба ситам[2] вазорат маро доданд ва на ҷойи ман буд. Ба боби Хоҷа ҳеч қасде накардам ва касони Хоҷаро навохта доштам»[3]. Пас, гуфт: «Ман хато кардаам ва муставҷиби[4] ҳар уқубат ҳастам, ки худованд[5] фармояд, валекин Худованди Карим маро фурӯ нагузорад ва дил аз ҷон бардоштаам, аз иёлу фарзандон андеша бояд дошт ва Хоҷа маро биҳил кунад»[6]. Ва бигирист. Ҳозиронро бар вай раҳмат омад. Ва Хоҷа об дар чашм оварду гуфт: «Аз ман биҳилӣ ва чунин навмед набояд буд, ки беҳбуд мумкин бошад ва ман андешидаму пазируфтам аз Худой, азза ва ҷалла,: агар қазоест бар сари вай қавми ӯро тимор дорам»[7]. Пас Ҳасанак бархост ва Хоҷаву қавм бархостанд. Ва чун ҳама бозгаштанду бирафтанд, Хоҷа Бусаҳлро бисёр маломат кард ва вай Хоҷаро бисёр узр хосту гуфт: «Бо сафрои[8] хеш барнаёмадам». Ва ин маҷлисро ҳокими лашкар ва фақеҳ Набийя ба Амир расониданд ва Амир Бусаҳлро бихонду нек бимолид, ки: «Гирифтам, ки бар хуни ин мард ташнаӣ, вазири моро ҳурмати ҳашмат боястӣ дошт». Бусаҳл гуфт: «Аз он нохештаншиносӣ, ки вай бо худованд дар Ҳирот кард дар рӯзгори Амир Маҳмуд ёд кардам, хешро нигоҳ натавонистам дошт ва беш[9] чунин саҳв наяфтад». Ва аз Хоҷаи Амид Абдураззоқ[10] шунудам, ки ин шаб, ки дигар рӯзи он Ҳасанакро бар дор мекарданд, Бусаҳл наздики падарам омад намози хуфтан, падарам гуфт: «Чиро омадаӣ?». Гуфт: «Нахоҳам рафт, то он гоҳ, ки худованд бихуспад, ки набояд руқъате[11] нависад ба султон дар боби Ҳасанак ба шафоат». Падарам гуфт: «Бинавиштаме, аммо шумо табоҳ кардаед ва сахт нохуб аст». Ва ба ҷойгоҳи хоб рафт.

Ва он рӯзу он шаб тадбири бар дор кардани Ҳасанак дар пеш гирифтанд. Ва ду марди пайк[12] рост карданд бо ҷомаи пайкон[13], ки Бағдод омадаанд ва номаи халифа оварда, ки «Ҳасанаки қарматиро

---

[1] беҳудагӯйӣ мекардам.
[2] маҷбурӣ.
[3] эҳтиром кардам.
[4] сазовор.
[5] Султон.
[6] бубахшад.
[7] ғамхорӣ кунам.
[8] ғазаби.
[9] дигар.
[10] Хоҷа Абдураззоқ – писари Маймандӣ, ки дар давраҳои баъд ба мақоми вазирӣ расид.
[11] номае
[12] номарасон.
[13] бо либоси номабарон.

бар дор бояд кард ва ба санг бибояд кушт, то бори дигар бар рағми хулафо ҳеч кас хилъати мисрӣ напӯшад ва ҳоҷиёнро дар он диёр набарад!».Чун корҳо сохта омад, дигар рӯз, чоршанбе, ду рӯз монда аз сафар[1], Амир Масъуд барнишасту қасди шикор кард ва нишоти серӯза, бо надимону хоссагону мутрибон ва дар шаҳр халифаи шаҳрро[2] фармуд, доре заданд бар карони Мусаллои Балх[3], фуруди шористон[4]. Ва халқ рӯй он ҷо ниҳода буданд; Бусаҳл барнишасту омад, то наздики дор ва бар болое биистод ва саворон рафта буданд бо пиёдагон то Ҳасанакро биёранд, чун аз канори Бозори Ошиқон даровардand ва миёни шористон расид, Микойил бад-он ҷо асб бидошта буд, пазираи вай омад, вайро муоҷир хонд[5] ва душномҳои зишт дод. Ҳасанак дар вай нанигарист ва ҳеҷ ҷавоб надод. Оммаи мардум ӯро лаънат карданд бад-ин ҳаракати ноширин[6], ки кард ва аз он зиштҳо, ки бар забон ронд ва хавосси мардуми худ натавон гуфт, ки ин Микойилро чӣ гӯянд. Ва пас аз Ҳасанак, ин Микойил, ки хоҳари Аёзро[7] ба занӣ карда буд, бисёр балоҳо диду меҳнатҳо[8] кашид ва имрӯз бар ҷой аст ва ба ибодату Қуръон хондан машғул шудааст. Чун дӯсте зишт кунад, чӣ чора аз боз гуфтан?

Ва Ҳасанакро ба пойи дор оварданд. Наъузу биллоҳи мин қазои суъ[9] ва ду пайкро истонида буданд, ки аз Бағдод омадаанд. Ва қуръонхонон Қуръон мехонданд. Ҳасанакро фармуданд, ки: ҷома берун каш! Вай даст андар зер кард ва изорбанд устувор карду пойчаҳои изорро бубасту ҷубба ва пироҳан бикашиду дур андохт бо дастор ва бараҳна бо изор биистод ва дастҳо дарҳам зада, тане чун сим сафед ва рӯе чун сад ҳазор нигор. Ва ҳама халқ ба дард мегиристанд. Хӯди[10] рӯйпӯши оҳанӣ биёварданд амдан[11] танг, чунонки рӯю сарашро напӯшидӣ ва овоз доданд, ки: «Сару рӯяшро бипӯшед, то аз санг табоҳ нашавад, ки сарашро ба Бағдод хоҳем фиристод наздики халифа!». Ва Ҳасанакро ҳамчунон медоштанд ва ӯ лаб мечунбониду чизе мехонд. То хӯде фарохтар оварданд. Ва дар ин миён Аҳмади Ҷомадор биёмад савор ва рӯй ба Ҳасанак карду

---

[1] баробар бо 7 марти соли 1031-и милодӣ.
[2] доруғаи шаҳр, шаҳрбон.
[3] намозгоҳи шаҳри Балх.
[4] шористон – қисмати аслии шаҳр.
[5] муоҷир – он ки зани худро мубоҳ кунад (зан ба музд).
[6] рафтори нописанд.
[7] Абунаҷм Аёз – яке аз солорони турки дарбори Ғазнавиён, ки назди Маҳмуд бисёр азиз буд.
[8] ранҷҳо.
[9] паноҳ мебарам ба Худо аз сарнавишти бад!
[10] кӯлоҳхуд.
[11] қасдан.

пайғоме гуфт, ки: «Худованд-султон мегӯяд, ин орзуи туст, ки хоста будӣ ва гуфта, ки чун ту подшоҳ шавӣ моро бар дор кун! Мо бар ту раҳмат хостем кард, аммо амирулмуъминин навиштааст, ки ту қарматӣ шудаӣ ва ба фармони ӯ бар дор мекунанд». Ҳасанак албатта ҳеч посух надод.

Пас аз он, хӯде фарохтар, ки оварда буданд, сару рӯи ӯро бад-он бипӯшониданд. Пас овоз доданд, ӯро, ки: «Бидав!». Дам назад ва аз эшон наяндешид. Ҳар кас гуфтанд: «Шарм надоред мардеро, ки мебикушед бидав,ба дор баред?» Ва хост, ки шӯре бузург ба пой шавад, саворон сӯйи омма тохтанду он шӯр бинишонданд ва Ҳасанакро сӯйи дор бурданд ва ба ҷойгоҳ расониданд, бар маркабе, ки ҳаргиз нанишаста буд бинишонданд ва ҷаллодаш устувор бибаст ва расанҳо фуруд овард. Ва овоз доданд, ки: «Санг диҳед!»[1], ҳеч кас даст ба санг намекард ва ҳама зор-зор мегиристанд, хосса нишобуриён. Пас муште риндро[2] сим доданд, ки санг зананд ва мард худ мурда буд, ки ҷаллодаш расан ба гулӯ афканда буду хаба[3] карда.

Ин аст Ҳасанак ва рӯзгорашу гуфтораш, раҳматуллоҳи алайҳи, ин буд, ки гуфтӣ: «Маро дуъои нишобуриён бисозад ва насохт». Ва агар замину оби мусалмонон ба қасд бистад, на замин монду на об ва чандон ғулому зиёъу асбобу зару симу неъмат ҳеч суд надошт. Ӯ рафту ин қавм, ки ин макр сохта буданд низ бирафтанд, раҳматуллоҳи алайҳим[4]. Ва ин афсонаест бо бисёр ибрат. Ва ин ҳама ҳама асбоби мунозаъат[5] ва муковаҳат[6] аз баҳри ҳутоми дунё ба як сӯй ниҳоданд. Аҳмақ мардо, ки дил дар ин ҷаҳон бандад, ки неъмате бидиҳаду зишт боз ситонад.

Лаъамрука моу-дунё би дори иқоматин
Изо зола ан айни-л басири ғитовуҳо
Ва кайфа бақоу-н-носи фиҳо ва иннамо
Йунолу би асбоби-л фанои бақоуҳо[7].

Рӯдакӣ гӯяд:

Ба саройи сипанҷ меҳмонро,
Дил ниҳодан ҳамешагӣ на равост.

---

[1] занед.
[2] бесоҳиб, авбош.
[3] дамгир.
[4] Худованд ҳамаро биёмӯрзад!
[5] низоъ.
[6] ҷанг, даргирӣ бо ҳам.
[7] Маъной ду байт: чун аз дидаи бино пардаи ғафлат ба канор равад, дарёбад, ки ки ба ҷони ту, дунё саройи мондану орамидан нест ва чӣ гуна бақову пояндагии мардум дар он муяссар бошад? Ҳамоно ба зиндагии дунё бо асбоби фано мерасанд (чун бо ҳар нафасе, ки муҷиби бақост, як қадам ба маргу фано наздиктар мешавем)

Зери хок андарун-т бояд хуфт,
Гарчӣ акнун-т хоб бар дебост.
Бо касон буданат чӣ суд кунад?
Ки ба гӯр андарун шудан танҳост!
Ёри ту зери хок мӯру магас,
Бадали он, ки гесӯят пирост.
Он ки зулфайну гесӯят пирост,
Гарчи динор ё дирам-ш баҳост.
Чун туро дид зардгуна шуда,
Сард гардад дилаш, на нобиност.

Чун аз ин фориғ шуданд, Бусаҳлу қавм аз пойи дор бозгаштанд ва Ҳасанак танҳо монд, чунонки танҳо омада буд аз шиками модар.

Ва пас аз он, шунидам аз Булҳасани Ҳарбалӣ, ки дӯсти ман буд ва аз мухтассони[1] Бусаҳл, ки як рӯз шароб мехӯрду бо вай будам: маҷлисе некӯ ороста ва ғуломони бисёр истода ва мутрибон ҳама хушовоз. Дар он миён фармуда буд, то сари Ҳасанак пинҳон аз мо оварда буданду бидошта дар табақе бо микабба[2]. Пас, гуфт: «Навбова[3] овардаанд, аз он бихӯрем». Ҳамагон гуфтанд: «Хурем». Гуфт: «Биёред!» Он табақ биёварданду аз ӯ микабба бардоштанд, чун сари Ҳасанакро бидидем, ҳамагон мутаҳаййир шудем ва ман аз ҳол бишудам[3]. Ва Бусаҳл бихандид ва ба иттифоқ[4], шароб дар даст дошт ба бӯстон рехт ва сар боз бурданд. Ва ман дар халват дигар рӯз ӯро бисёр маломат кардам, гуфт: «Ай Булҳасан, ту марди мурғдилӣ, сари душманон чунин бояд». Ва ин ҳадис фош шуд ва ҳамагон ӯро бисёр маломат карданд бад-ин ҳадис ва лаънат карданд. Ва он рӯз, ки Ҳасанакро бар дор карданд, устодам Бунаср рӯза бинагушод ва сахт ғамноку андешманд буд, чунонки ба ҳеч вақт ӯро чунон надида будам ва мегуфт: «Чӣ умед монд?» Ва Хоҷа Аҳмади Ҳасан ҳам бар ин ҳол буд ва ба девон нанишаст.

Ва Ҳасанак қариби ҳафт сол бар дор бимонд, чунонки пойҳояш ҳама фурӯ тарошиду[5] хушк шуд, чунонки асаре намонд, то ба дастур фурӯ гирифтанду дафн карданд, чунонки кас надонист, ки сараш куҷосту тан куҷост. Ва модари Ҳасанак зане буд сахт ҷигаровар[6], чунон шунудам, ки ду-се моҳ аз ӯ ин ҳадис ниҳон доштанд, чун

[1] хоссон
[2] микабба – сарпӯш, он чӣ бар сари табақ афкананд; Дар поварақи нашри Адиби Пешварӣ, пас аз ин калима омадааст, «дунё уммулаҷоиб аст ва ба неку бад обистан, аз ин тарз фарзандон ҳам дошта!»
[3] ҳолам бад шуд.
[4] иттифоқан.
[5] хушк шуд.
[6] шерҷигар.

бишнид ҷазаъ[1] накард, чунонки занон кунанд, балки бигирист ба дард, чунонки ҳозирон аз дарди вай хун гиристанд, пас гуфт: «Бузурго мардо, ки ин писарам буд, ки подшоҳе чун Маҳмуд ин ҷаҳон ба ӯ дод ва подшоҳе чун Масъуд он ҷаҳон». Ва мотами писар сахт некӯ бидошт ва ҳар хирадманд, ки ин бишнид, биписандид ва ҷойи он буд. Ва яке аз шуарои Нишобур ин марсия бигуфт андар марги вай ва бад-ин ҷой ёд карда шуд:

Бибрид сарашро, ки саронро сар буд,
Ороиши даҳру мулкро афсар буд.
Гар қарматию ҷуҳуду гар кофар буд,
Аз тахт ба дор бар шудан мункар буд!

Ва будааст дар ҷаҳон монанди ин: ки чун Абдуллоҳи Зубайр[2] разияллоҳу анҳумо, ба хилофат бинишаст ва Маккаву Ҳиҷозу Ироқ ӯро софӣ шуд[3] ва Мусъаби бародораш ба халифатии[4] вай Басра ва Куфа ва Савод[5] бигирифт, Абдулмалики Марвон[6] бо лашкари бисёр аз Шом қасди Мусъаб кард, ки мардуму олату уддат ӯ дошт. Ва миёни эшон ҷанге бузург уфтод ва Мусъаб кушта шуд. Абдулмалик сӯйи Шом бозгашт ва Ҳаҷҷоҷи Юсуфро бо лашкаре анбуҳу сохта ба Макка фиристод. Чунонки он акосис[7] ба шарҳ дар таворих мазкур аст. Ҳаҷҷоҷ[8] бо лашкар биёмад ва бо Абдуллоҳ ҷанг пайваст ва Макка ҳисор[9] шуд ва Абдуллоҳ масҷиди Маккаро ҳисор гирифт ва ҷанги сахт шуд ва манҷаниқ[10] сӯйи хона[11] равон шуд ва санг меандохтанд, то як рукнро фуруд оварданд. Ва Абдуллоҳ чун кораш сахт танг шуд, аз ҷанг биистод. Ва Ҳаҷҷоҷ пайғом фиристод сӯйи ӯ, ки аз ту то гирифтор шудан як-ду рӯз мондааст ва донам, ки бар амоне, ки ман диҳам, берун наёӣ, бар ҳукми Абдулмалик берун ой, то туро ба Шом фиристам бебанд азизан мукарраман, он гоҳ ӯ

---

[1] бетобӣ.

[2] Абдуллоҳ ибни Зубайр – яке аз се нафаре, ки бо халифаи ситамгари умавӣ Язид ибни Муовия байъат накард ва аз Мадина ба Макка омада, даъвои хилофат намуд. Дар замони Абдумалик ибни Марвон (685 – 705) ӯро дар Макка муҳосара карда,ба қатл расониданд.

[3] тобеъи ӯ шуд.

[4] ҷонишинии

[5] Басра, Куфа ва Савод се шаҳри муҳим дар Ироқ, ки дар асрҳои миёна нақши муҳимме доштаанд.

[6] Абдумалик ибни Марвон, халифаи панҷуми умавӣ (685-705), ки дар давраи ӯ хилофат сомон ёфт ва кишваркушоиҳои арабҳо аз сар гирифта шуд.

[7] қиссаҳо.

[8] Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи сақафӣ – волии Ироқ дар замони Абдумалик ибни Марвон, ки бо хунрезиву бераҳмӣ машҳури таърих гардидааст.

[9] муҳосара.

[10] дастгоҳи ҷангӣ, ки бо он сӯйи душман санг ва оташ мепартофтанд.

[11] Каъба.

донад, ки чӣ бояд кард, то дар ҳарам беш вайронӣ наяфтад ва хунҳо рехта нашавад. Абдуллоҳ гуфт: «То дар ин бияндешам». Он шаб бо қавми хеш, ки монда буданд раъй зад. Бештар ишорати он карданд, ки берун бояд рафт, то фитна бинишинад ва аламе ба ту нарасад. Вай наздики модар омад, Асмоъ[1] ва духтари Абубакри Сиддиқ[2] буд, разияллоҳу анҳу ва ҳама ҳолҳо бо вай бигуфт. Асмоъ замоне андешид, пас гуфт: «Ай фарзанд, ин хуруҷ, ки ту бар Бани Умайя кардӣ, динро буд ё дунёро?» Гуфт: «Ба Худой, ки аз баҳри динро буд ва далели он, ки нагирифтам як дирам аз дунё ва ин туро маълум аст». Гуфт: «Пас сабр кун бар маргу куштану мусла[3] кардан чунонки бародарат Мусъаб кард, ки падарат Зубайри Авом[4] будааст ва ҷаддат[5] аз сӯйи ман Бубакри Сиддиқ, разияллоҳу анҳу. Ва нигоҳ кун, ки Ҳусайни Алӣ, разияллоҳу анҳумо[6] чӣ кард. Ӯ карим буд ва бар ҳукми писари Зиёди Убайдуллоҳ[7] тан дарнадод». Гуфт: «Ай модар, ман ҳам бар инам, ки ту мегӯӣ, аммо раъй ва дили ту хостам, ки бидонам дар ин кор. Акнун бидонистам ва марги бо шаҳодат пеши ман хуш гашт. Аммо меандешам, ки чун куштa шавам, мусла кунанд». Модараш гуфт: «Чун гӯспандро бикушанд аз мусла кардану пуст боз кардан дардаш наёяд».

Абдуллоҳ ҳама шаб намоз карду Қуръон хонд, вақти саҳар ғусл карду намози бомдод ба ҷамоъат бигузорд ва сураи Нун ва-л қалам[8] ва сураи Ҳал ато ъала-л-инсони[9] дар ду ракъат бихонду зиреҳ бипӯшиду силоҳ бибаст ва дар араб ҳеч кас ҷанги пиёда чун вай накардааст ва даррафт ва модарро дар канор гирифту бидруд кард. Ва модараш зиреҳ бар вай рост мекарду бағалгаҳ медӯхту мегуфт: «Дандон афшор бо ин фосиқон, то биҳишт ёбӣ!» чунонки гуфти ӯро ба полуда[10] хӯрдан мефиристад ва албатта, ҷазаъе накард, чунонки

---

[1] Модари Абдуллоҳ ибни Зубайр, ки духтари халифа Абубакр (632-634) буд. Абдуллоҳ пайванди хеш бо ду саҳоба – падараш Зубайр ва бобояш Абубакрро пеш оварда, даъвои хилофат мекард. Ӯ аз замони Ҷанги Ҷамал (соли 656) вориди саҳнаи сиёсӣ гардида буд. Муфассал ниг. ба Таърихи Табарӣ. Тарҷумаи Абулқосим Поянда. Ҷилди 8.

[2] Абубакр (632 – 634) – халифаи нахустин дар ислом ва яке аз саҳобаҳои баландмартабаи Паёмбар (С).

[3] мусла кардан – уқубат кардан ва гӯшу бинӣ буридану пӯст кандан.

[4] Зубайр ибни Авом – яке аз нахустин мусалмонон ва ҷузви даҳгонае, ки ба ба биҳишт башорат дода шудаанд.

[5] падарбузургат.

[6] манзур шаҳодати Ҳусайн дар Карбалост, ки соли 680 рух дода буд.

[7] Убайдуллоҳ ибни Зиёд – волии Кӯфа, ки бо фармони халифа Язид ба ҷанги Ҳусайн рафта буд.

[8] сураи 68-уми Қуръон.

[9] сураи 76-уми Қуръон

[10] полуда – як навъ ҳалвое, ки аз орд, қанд, асал, нишоста ва ғ. мепазанд.

занон кунанд. Ва Абдуллоҳ берун омад, лашкари хешро биёфт парогандаву баргашта ва вайро фуруд гузошта, магар қавме, ки аз аҳлу хеши ӯ буданд, ки бо вай сабот хостанд кард дар ҷавшан ва зиреҳу миғфару[1] силоҳ ғарқ буданд, овоз дод, ки рӯйҳо ба ман намоед, ҳамагон рӯйҳо ба вай намуданд, Абдуллоҳ ин байт бигуфт, шеър:

Инни изо аърифу явми асбиру
Из баъзуҳум яърифу сумма йункиру[2]

Чун ба ҷангҷой расиданд, биистоданд, рӯзи сешанбе буд ҳабдаҳуми ҷамодиулаввали санаи сулса ва сабъини мина-л ҳиҷрати[3]. Ва Ҳаҷҷоҷи Юсуф аз он руй даромад бо лашкари бисёр ва эшонро мураттаб кард, аҳли Ҳумсро[4] баробари Дари Каъба бидошт ва мардуми Димишқро баробари Дари Бану Шайба ва мардуми Урдунро баробари Дари Сафову Марва ва мардуми Фаластинро баробари Дари Бану Ҷумаҳ ва мардуми Қиннасринро[5] баробари Дари Бану Саҳам[6]. Ва Ҳаҷҷоҷу Ториқ ибни Амр[7] ва бо муаззами лашкар бар Марва биистод ва алами бузург он ҷо бидоштанд.

Абдуллоҳи Зубайр чун дид лашкаре беандоза аз ҳар ҷонибе рӯй бад-ӯ ниҳоданд, рӯй ба қавми хеш карду гуфт: «Ё Ола-з-Зубайри, лав тибтум ли нафсан ан-анфусикум, кунно аҳла байтин мина-л-араби устулимно фи-л-лоҳӣ ан ахирино ва мо саҳибно ъоран. Аммо баъду ё Ола-з-Зубайри, фало яруъкум вақъу ас-суюфи фа инни лам аҳзур мавтинан қатту илло артусситу фиҳи байна-л қатло ва мо аҷиду мин давои ҷироҳиҳо ашадду миммо аҷиду мин алами вақъиҳ. Суну суюфакум камо тасунуна вуҷуҳукум, ло аъламу имриъан минкум касара сайфаҳ вастабқо нафсаҳ, фа-инна-р-раҷула изо заҳаба силоҳуҳ фаҳува кал-марати аъзалу. Ғуззу абсоракум ъани-л бориқати вал-яшғал куллун амрияъқирнаҳ ва ло юлҳиян-накуму-с-суулу ъанни ва ло яқуланна аҳадун айна Абдуллоҳи-б-нуз-Зубайри, ало ман кона соилан ъанни, фаинни фи-р-раъили-л-аввали. Сумма қола, шеър:

---

[1] кӯлоҳи филизии ҷангӣ, худ

[2] тарҷ: ҳамоно он гоҳ, ки рӯзи марги худро мешиносам, шакебоиву пойдорӣ мекунам ва дар ҳамон ҳангом бархе мардум рӯзи маргро мешиносанд ва инкор мекунанд.

[3] соли ҳафтоду се аз ҳиҷрат, баробар бо 5 октябри соли 692-и милодӣ

[4] лашкариёне, ки аз шаҳри Ҳумси Сурия буданд

[5] Қиннасрин шаҳри маъруф дар Сурия

[6] «Дари Каъба, Дари Бану Шайба… » – номи ҳар яке аз дарҳои Каъба, ки бештар бо номи қабилаҳои Қурайш номгузорӣ шудаанд

[7] ғуломи халифа Усмон ибни Аффонон, ки дар замони Умавиён ба мақоми баланди низомӣ расид.

Аба-л-Ибни Салмо, аннаҳу ғайру холидин,
Мулоқи-л Маноё аййа сарфин тайаммамо.
Фаласту бимубтоъи ҳаёти бисуббатин,
Вало муртақин мина хашйати-л-мавти сулламо[1]

Пас гуфт: «Бисмиллоҳ, ҳон ай озодмардон, ҳамла баред» ва даромад чун шере дамон бар ҳар ҷониб. Ва ҳеч ҷонибе набуд, ки вай берун омад бо кам аз даҳ тан, ки на аз пеши вай даррамиданд, чунонки рӯбаҳон аз пеши шерон гурезанд. Ва ҷонро мезаданд[2] ва ҷанг сахт шуд ва душманон бисёр буданд. Абдуллоҳ неру кард, то ҷумлаи мардуми баробари дарҳоро пеши Ҳаҷҷоҷ афганд ва наздик буд, ки ҳазимат шуданд. Ҳаҷҷоҷ фармуд, то алам пештар бурданд ва мардуми осуда ва муборизони номдор аз қалб берун шуданд ва бо якдигар даровехтанд. Дар ин даровехтан Абдуллоҳи Зубайрро санге сахт бар рӯй омад ва хун бар рӯи вай фурӯ давид, овоз доду гуфт:

Фаласно ъалалаъ қоби тадмо кулумуно
Валокин ъало ақдомино тақтуру-д-димо[3]

Ва санге дигар омад қавитар бар синаяш, ки дастҳояш аз он биларзид. Яке аз маволии[4] Абдуллоҳ хун дид, бонг кард, ки: «Амирулмуъмининро[5] бикуштанд». Ва душманон вайро намешинохтанд, ки рӯй пӯшида дошт, чун аз мавло бишуниданд ва ба ҷой оварданд, ки ӯ Абдуллоҳ аст, бисёри мардум бад-ӯ шитофт ва бикуштандаш, разияллоҳу анҳу ва сараш бардоштанду пеши Ҳаҷҷоҷ бурданд. Ӯ саҷда кард. Ва бонг баромад, ки Абдуллоҳи Зубайрро

---

[1] Тарҷ: Ай хонадони Зубайр! Агар нафси худро бо ман поку якдила созед, мегӯям: мо хонадоне аз араб будем, ки дучори осеб шудаем, аммо қарини нанг нагаштем. Аммо баъд, ай хонадони Зубайр! Аз зарбаи шамшерҳо тарс надошта бошед, ҳамоно, ки ман дар ҳеч ҷанге ҳозир нашудам, магар ин ки захмдор аз миёни куштагон бархостам ва давои захмҳо ранҷе шадидтар аз дарди захм хӯрдан надошт. Ҳифзу сиёнат кунед шамшерҳои худро, ҳамон гуна, ки чеҳраи худро нигаҳбонӣ мекунед. Касе аз шумо намешиносам, ки шамшерашро шикаста бошад ва ҷонашро битавонад нигаҳ дорад. Ҳамоно марде, ки аслиҳаашро аз каф бидиҳад, мисли зани бедифоъ аст, чашматонро бибандед ва ҳар кадом ба ҳарифи набарди хуб бипардозед. Аз ҳоли ман дар майдони ҷанг пурсиш макунед ва ҳеч кас нагӯяд: Абдуллоҳи Зубайр куҷост? Ҳамоно бидонед, касе мехоҳад аз ҳоли ман бипурсад, бидонад, ки ман дар саффи аввал ва муқаддами қарор дорам. Пас ин шеър гуфт:
Ибни Салмо (гӯяндаи шеър –С.М.) медонад, ки ӯ ҷовидонӣ нест, мулоқот мекунад бо марг ба ҳар тараф рӯ кунад. Ман касе нестам, ки зиндагии бо душному нангро харидор бошам ва ё аз тарси марг аз нардбоне боло биравам (яъне, аз марг гурезон бошам).

[2] яъне барои ҳифзи ҷони худ шамшер мезаданд.

[3] тарҷ: мо аз пушт захм намехӯрем, (яъне ба душман пушт намекунем, ки аз пушти сар захмӣ шавем), балки хун бар қадамҳои мо мерезад.

[4] бандаи.

[5] манзур Абдуллоҳ ибни Зубайр аст, ки худро халифа эълон кард.

бикуштанд. Зубайриён сабр карданд, то ҳама кушта шуданд ва фитна биёромид. Ва Ҳаҷҷоҷ дар Макка омаду бифармуд, то он рукнро, ки ба санги манҷаниқ вайрон карда буданд, некӯ кунанд ва иморатҳои дигар кунанд. Ва сари Абдуллоҳи Зубайр, разияллоҳу анҳуморо ба наздики Абдулмалики Марвон фиристод ва фармуд, то ҷуссаи ӯро бар дор карданд. Хабари кушта шудан ба модараш оварданд, ҳеч ҷазаъ накард ва гуфт: «Инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун[1]. Агар писарам на чунин кардӣ, на писари Зубайр ва набасаи Бубакри Сиддиқ, разияллоҳу анҳумо, будӣ». Ва муддате баромад, Ҳаҷҷоҷ пурсид, ки ин аҷуза[2] чӣ мекунад? Гуфтору сабурии вай бознамуданд. Гуфт: «Субҳона-л-лоҳи-л-ъазим![3] Агар Ойиша, умму-л-муъминин[4] ва ин хоҳар[5], ду мард будандӣ, ҳаргиз ин хилофат ба Бани Умайя[6] нарасидӣ. Ин аст ҷигару сабр, ҳилат бояд кард, то магар вайро бар писараш битавонед, гузаронед, то худ чӣ гӯяд». Пас гурӯҳе занонро бар ин кор бигумоштанд ва эшон даристоданду ҳилат сохтанд, то Асмоъро бар он ҷониб бурданд. Чун дор бидид, ба ҷой овард[7], ки писараш аст. Рӯй ба зане кард аз шарифтарини занону гуфт: «Гоҳи он наёмад, ки ин саворро аз ин асб фуруд ованд?» ва бар ин наяфзуду бирафт. Ва ин хабар ба Ҳаҷҷоҷ бурданд, ба шигифт бимонду фармуд, то Абдуллоҳро фурӯ гирифтанду дафн карданд.

Ва ин қисса ҳарчанд дароз аст, дар ӯ фоидаҳост. Ва дигар ду ҳолро[8] биёвардам, ки то муқаррар гардад, ки Ҳасанакро дар ҷаҳон ёрон буданд бузургтар аз вай, агар ба вай чизе расид, ки бад-эшон расида буд, бас шигифт дошта наёяд. Ва дигар, агар модараш чазаъ накард ва чунон сухан бигуфт, тоъине[9] нагӯяд, ки ин натвонад буд, ки миёни мардон ва занон тафовут бисёр аст: ва раббука яхлуқу мо яшоъу ва яхтору[10].

---

[1] тарҷ: Мо аз худоем ва ба сӯйи ӯ бозгардандаем (порае аз ояи 156 сураи Бақара).
[2] кампир.
[3] тарҷ: Поку асту муназзаҳ Худованди Бузург!
[4] модари муъминон; лақаби ҳар яке аз занони пайғамбар, ин ҷо манзур Ойиша аст.
[5] манзур Асмоъ духтари Абубакри Сиддиқ аст, ки хоҳари Ойиша буд
[6] бани Умайя – хонадони қурайшӣ, ки солҳои 661-750 бар хилофати исломӣ ҳукумат карданд.
[7] донист, шинохт.
[8] барои он.
[9] таъназан, бадгӯ.
[10] тарҷ: ва Парвардгори ту меофаринад ҳар чӣ мехоҳад ва бармегузинад (порае аз ояи 68 сураи Қасас)

Ва Ҳорунуррашид Ҷаъфарро, писари Яҳёи Бармак, чун фармуда буд, то бикушанд, мисол дод, то ба чаҳор пора карданд ва ба чаҳор дор кашиданд ва он қисса сахт маъруф аст ва наёвардам, ки сухан сахт дароз мекашад ва хонандагонро малолат афзояд ва таърихро фаромӯш кунанд ва Булфазлро будӣ, ки чизҳои ношоист гуфтандӣ[1]. Ва Ҳорун пӯшида касон гумошта буд, ки то ҳар кас зери дори Ҷаъфар гаштӣ ва таъаззиву тавақҷуҳе намудӣ ва тараҳҳуме[2], бигрифтандӣ ва наздики вай оварданд ию укубат кардандӣ. Ва чун рӯзгоре баромад, Ҳорун пушаймон шуд аз барандохтани Бармакиён. Марде басрӣ[3] як рӯз мегузашт, чашмаш бар доре аз дорҳои Ҷаъфар уфтод, бо хештан гуфт:

Амо ва-л-лоҳи лавло хавфу вошин,
Ва айнин лил халифати-л ло таному
Латуфно ҳавла ҷизъика васталамно
Камо ли-н-носи би-л-ҳақари-с-тилому[3]

Дарсоат[4] ин хабар ва абёт ба гӯши Ҳорун расониданд ва мардро гирифта пеши вай оварданд. Ҳорун гуфт: «Мунодии[6] мо шунида будӣ, ин хато чиро кардӣ? Гуфт: «Шунида будам, валекин Бармакиёнро бар ман дасте аст[5], ки касе чунон нашнудааст. Хостам, ки пӯшида ҳаққе гузорам ва гузордам. Ва хатое рафт, ки фармони худованд нигоҳ надоштам. Ва агар эшон бар он ҳол мешоянд[6], ҳарчӣ ба ман расад, раво дорам». Ҳорун қисса хост, мард бигуфт. Ҳорун бигристу мардро афв кард. Ва ин қиссаҳои дароз аз наводиреву нуктаеву ибрате холӣ набошад.

Чунон хондам дар ахбори хулафо, ки яке аз дабирон мегӯяд, ки Булвазир[7] девони садақот ва нафақот[8] ба ман дод дар рӯзгори Ҳорунуррашид. Як рӯз, пас аз баруфтодани Оли Бармак, ҷаридаи[9] кӯҳантар мебознигаристам; дар варақе дидам набишта: ба фармони

---

[1] маънои ҷумла: имкон дорад, ки маро (яъне Абулфазли Байҳақиро) носазо гӯянд

[2] таъаззӣ ва тавақҷуҳе намудӣ ва тараҳҳуме – яъне касе ба Бармакиён дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ мекард.

[3] тарҷ: Ҳон! Ба Худо савганд, агар бими суханчину тарс аз ҷосуси халифа намебуд, ки намехусбад (ва бедор аст), пиромуни дори ту тавоф мекардем ва бӯса мезадем бад-он гуна, ки мардум бар Ҳаҷаруласвад бӯса мезананд.

[4] фавран.

[5] яъне, бар гардани ман ҳаққ доранд; ба ман муҳаббат кардаанд.

[6] яъне агар Бармакиён сазовори бар дор шудан ҳастанд.

[7] яке аз вазирони халифаҳои аббосӣ.

[8] девони вижае дар дастгоҳи Аббосиён, ки масъули ҷамъоварии закот ва тақисми он буд.

[9] ҷарида – китобе, ки дар он маълумоти зарурӣ доир ба ягон соҳа навишта шавад.

амирулмуъминин наздики Амир Абулфазл Ҷаъфар ибни Яҳё ал-Бармакӣ адомаллоҳу ломиъа[1], бурда омада аз зар чандину аз фарш чандину кисвату[2] таййиб[3] ва аснофи неъмат чандин в-аз ҷавоҳир чандин ва маблағаш сӣ бор ҳазор ҳазор дирам[4]. Пас ба варақе дигар расидам, набишта буд, ки андар ин рӯз итлоқ карданд[5] баҳои бурё ва нафт, то тани Ҷаъфари Яҳёи Бармакиро сӯхта ояд ба бозор чаҳор дирам ва чаҳор донгу ним. Субҳона-л-лоҳи-л-лази ло йамуту абадан[6]! Ва ман, ки Булфазлам, китоб бисёр фурӯ нигаристаам, хосса ахбор ва аз он илтиқотҳо карда[7], дар миёнаи ин таърих чунин суханҳо аз барои он орам, то хуфтагон ва ба дунё фирефташудагон бедор шаванд ва ҳар кас он кунад, ки имрӯзу фардо ӯро суд дорад. Ва-л-лоҳу-л муваффиқу лимо йарзо биманниҳи васиъати раҳматиҳи[8].

Ва Ибни Бақияту-л-вазирро[9] ҳам бар дор карданд дар он рӯзгор, ки Азудуддавла Фанохусрав[10] Бағдод бигрифт ва писари аммаш Бахтиёр кушта шуд, ки вайро Иззуддавла мегуфтанд, дар ҷанг, ки миёни эшон рафт. Ва он қисса дароз аст ва дар ахбори Оли Буя биёмада, дар китоби Тоҷӣ, ки Буисҳоқи Дабир[11] сохтааст. Ва ин писари Бақияту-л-вазир ҷабборе буд аз ҷабобира[12], марде фозилу бонеъмат ва олату уддат ва ҳашмати бисёр, аммо мутаҳаввир[13] ва ҳам халифа Тоеълиллоҳро[14] вазирӣ мекард ва ҳам Бахтиёрро ва дар мунозиъате, ки мерафт миёни Бахтиёр ва Азудуддавла беадабиҳову таҳаввурҳо[15] кард ва аз авоқиб наяндешид, ки бо чун Азд марде бо сустии худовандаш[16] онҳо кард, ки кардани он хатост ва бо қазо

---

[1] Худованд иқболи дурахшони ӯро бардавом дорад!
[2] либос.
[3] хӯшбӯй.
[4] сӣ миллион дирам.
[5] таъйин карданд.
[6] поку муназзаҳ аст Худое, ки ҳаргиз намемирад!
[7] илтиқотҳо карда – иқтибос карда, барчида.
[8] тарҷ: ва Худованд тавфиқдиҳанда аст ба он чӣ мавриди ризоят аст ба бахшишу густурдагии раҳматаш!
[9] Насируддавла Абу Тоҳир Муҳаммад ибни Муҳаммади Бақия (926 – 977) – вазири Бувайҳиён.
[10] яке аз шоҳони муқтадири Оли Бӯя (Бувайҳиён), ки солҳои 949 – 992 ҳукмронӣ кардааст.
[11] Абу Исҳоқ Иброҳим ибни Ҳилол маъруф ба Собӣ (ваф. с. 995), ки таърихи Бувайҳиёнро навиштааст.
[12] яъне ӯ яке аз гарданкашон, мустабидон буд.
[13] нотарс, бебок.
[14] Тоеълиллоҳ – халифаи аббосӣ, ки солҳои 974-991 хилофат кардааст.
[15] ҷасорати бефикру бемулоҳиза.
[16] яъне Изуддавла марде нотавон буд.

мақолабат натавонист кард, то лоҷарам, чун Азд Бағдод бигрифт, фармуд, то ӯро бар дор карданд ва ба тиру санг бикуштанд. Ва дар марсияи ӯ ин абёт бигуфтанд, шеър:

Улуввун фи-л ҳаёти ва фи-л мамоти,
Лаҳаққун анта иҳда-л муъҷизоти.
Каана-н-носа ҳавлака ҳина қому,
Вуфуду надока айёма-с-силоти.
Каа-н-нака қоимун фиҳим хатибан,
Ва куллуҳум қиёму ли-с-салоти.
Мададта йадайка наҳваҳум иҳтифолан,
Камаддаҳимо илайҳим билҳиботи.
Ва лиммо зоқа батна-л-арзи ъан ан,
Йазумма ъулока мин баъди-л мамоти.
Асору-л-ҷавва қабрака вастанобу,
Ани-л-акфони савба-с-софиёти.
Лиъузмика фи-н-нуфуси табиту туръо,
Биҳуффазин ва ҳуррасин сиқоти.
Ва тушъалу ҳавлака-н-нирону лайлан
Казолика кунта айёма-л ҳаёти.
Ракибта матиййатан мин қаблу Зайдун,
Алоҳо фи-с-синина-л мозиёти.
Ва тилка фазилатун фиҳо таассин,
Тубоъиду ъанка таъбира-л ъудоти.
Ва лам ара қабла ҷизъика қатту ҷизъан,
Тамаккана мин ъиноқи-л макрумоти.
Асаат ила-н-навоиби фастасарат,
Фа анта қатилу саъри ноиботи.
Ва кунта туҷиру мин сарфи-л-лаёли,
Фаъода мутолибан лака би-т-тароти.
Ва саййара даҳрука-л аҳсона фиҳи,
Илайно мин ъазими-с-саййиоти.
Ва кунта лимаъшарин саъдан фаламмо.
Мазайта тафаррақу би-л мунҳисоти.
Ғалилун ботинун лака фи фуоди,
Йухаффафу би-д-думуи-л-ҷориёти.
Ва лав инни қадарту ъало қиёмин,
Лифарзика ва-л ҳуқуқи-л воҷиботи.
Малоту-л арза мин назми-л қавофи,
Ва нуҳту биҳо хилофан ноиҳоти.
Валокинни усаббиру ъанка нафси,
Махофата ан уъадда мина-л ҷуноти.
Ва мо лака турбитун фа ақула туско,

Ли аннака нусбу ҳатли-л ҳотилоти.
Алайка таҳиййату-р-раҳмони татро,
Бираҳмотин ғаводин роиҳоти[1]

Ин абёт бад-ин некуӣ Ибн ал-Анборирост[2]. Ва ин байт, ки гуфтааст: «ракибта матиййатан мин қаблу Зайдун» Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолибро[3] хоҳад, разияллоҳу анҳум аҷмаъин[4]. Ва ин Зайдро токат бирасид аз ҷаври Бани Умайя ва хуруҷ кард дар рӯзгори хилофати Ҳишом ибни Абдулмалик[5] ва Насри Сайёр[6] амири Хуросон буд ва қиссаи ин хуруҷ дароз аст ва дар таворих пайдо ва охири кораш он аст, ки вайро бикуштанд, раҳматуллоҳи алайҳи, ва бар дор карданд ва се-чаҳор сол бар дор бигузоштанд. Ҳакама-л-лоҳу байнаҳ ва байна ҷамиъи Оли-р-Расули

---

[1] Баландӣ мақомест туро дар зиндагию дар марг, ҳамоно дуруст аст, ки ту яке аз муъҷизотӣ. Гӯиё мардуме, ки даври ту истодаанд, ҳамон мардумоне ҳастанд, ки дар рӯзҳое, ки сила медодӣ ҷамъ мешуданд. Гӯё ту миёни эшон истодаӣ, ки хутба бихонӣ ва ҳамаи онҳо барои намоз қиём кардаанд. Ба сабаби азамати ту дар миёни мардум, ҳар шаб то субҳ нигаҳбонону посбонони мавриди эътимод туро ҳифозат мекунанд. Дастҳои худро барои ҳамнишинӣ бо онҳо дароз кардаӣ, ҳамон тавре, ки барои бахшиш дароз мекардӣ. Ва чун танг омад аз ин, ки шиками замин дар бар гирад вуҷуди бузурги туро баъд аз марг, фазоро гӯри ту сохтанд ва бодҳоро кафани ту қарор доданд. Савор бар маркабе шудӣ, ки пеш аз ин Зайд дар солҳои гузашта бар он рафта буд. Ва ин фазилатест, ки дархӯри пайравист ва сарзаниши душманонро аз ту дур сохт. Ман пеш аз дидани чӯбаи дори ту дарахте надидам, ки битавонад дар гардани бузургвориҳо кунад. Ту бо номулоимоти рӯзгор бад кардӣ; пас ту куштаи хунхоҳию интиқомчӯйи мусибатҳоӣ. Ту паноҳи мардум дар ҳаводису сахтиҳои рӯзгор будӣ, пас рӯзгор бозгашт ва чӯёи интиқоми ту шуд. Он некӯкорӣ, ки ту дар рӯзгори худ бо мо мекардӣ, замона бузургтарини гуноҳон маҳсуб медошт. Ту барои гурӯҳе некбахтию саъодат будӣ ва чун даргузаштӣ, бо пешомадҳои шум пароканда шуданд. Сӯзе дарунӣ ба хотири ту дар дил дорам, ки ашкҳои ҷории мудовим онро коҳиш медиҳад. Ва агар ман тавоно будам, бархезаму он чиро, ки воҷиб аст аз ҳуқуқи зарурии ту ба ҷо оварам, пур мекардам заминро аз сурудани ашъор барои ту ва навҳа сар медодам бо хондани онҳову бо занони навҳагар ҳамнаво мешудам. Ва нест туро хоке (хоки қабр), ки бигӯям сероб бод, зеро ту ҷое қарор гирифтаӣ, ки борони раҳмат бар ту меборад. Аммо ман худ дар баробари ғами худ шикебоӣ мекунам, аз тарси ин ки аз чинояткорон ба шумор наёям. Бар ту бод дуруди Худовандӣ ба ҳамроҳи раҳматҳое, ки бомдоду шомгоҳ паёпай ояд.

[2] Абулҳасан Муҳаммад ибни Умар ал-Анборӣ-шоири маъруфи араб, ки аз шаҳри Анбори Ироқ буд.

[3] Зайд ибни Алӣ – набераи Ҳусайн ибни Алӣ, ки ба дасти Умавиён соли 740 кушта шудааст.

[4] Худованд аз ҳамаи онон хушнуд бод!

[5] Ҳишом – халифаи умавӣ, ки солҳои 724 – 743 хилофат кардааст.

[6] Наср ибни Сайёр нахуст волии Балх ва сипас солҳои 738-747 амири Хуросон гардида, то қиёми Абумуслим (747-750) дар ин вазифа кор кард.

ва байнаҳум[1]. Ва шоири Оли Аббос[2] ҳасс[3] мекунад Булаббоси Саффоҳро[4] бар куштани Бани Умайя дар қасидае, ки гуфтааст. Ва номи шоир Судайф[5] буд ва ин байт аз он қасида биёрам, байт:

Вазкуран масраъа-л-Ҳусайни ва Зайдин
Ва қатилан биҷониби-л миҳроси[6]

Ин ҳадиси бар дор кардани Ҳасанак ба поён овардам ва чанд қиссаву нукта бад-он пайвастам сахт мутаввалу[7] мубрам[8] дар ин таълиф. Ва хонандагон магар маъзур доранду узри ман бипазиранд ва аз ман ба гаронӣ фаро наситонанд[9]. Ва рафтам бар сари кори таърих, ки бисёр аҷоиб дар парда аст, ки агар зиндагонӣ бошад, оварда ояд, иншоаллоҳи таъоло.

Зикри инфози-р-русули фи ҳозиҳи-л вақти ило Қадархона ли тақдиди-л ақди ва-л ъаҳди байна-л ҷонибайни[10]

Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, чун дидор кард бо Қадархон ва дӯстӣ муаккад[11] гардид ба ақду аҳд, чунонки биёвардаам пеш аз ин сахт машруҳ[12], мувозаъат бар-ин ҷумла буд, ки Ҳурра Зайнаб[13], раҳматуллоҳи алайҳо, аз ҷониби мо номзади Яғонтагин буд писари Қадархон, ки дар ин рӯзгор ӯро Буғрохон[14] мегуфтанд ва порина соли чаҳорсаду чиҳилу нӯҳ[15], зинда буд ва чандон ҳирс намуд, ки Арслонхонро[16] фурӯ гирифт ва чунон бародари муҳташамро

---

[1] тарҷ: Худо миёни ӯ ва миёни ҳама хонадони Пайёмбар ва эшон доварӣ кунад
[2] Оли Аббос – хонадони Аббос, Аббосиён.
[3] ҳасс – барангехтан, ташвиқ кардан.
[4] Саффоҳ – нахустин халифаи аббосӣ, ки солҳои 750-754 хилофат кардааст.
[5] Судайф – шоири араб, ки аз шаҳри Макка буд.
[6] тарҷ: ҳамоно бар хоки ҳалок афкандани Ҳусайну Зайд ва куштаи канори Миҳросро ба ёд овар (Миҳрос чашмаест наздики кӯҳи Уҳуд ва мурод аз куштаи канори Миҳрос Ҳамза ибни Абдулмутталиб амаки Пайёмбар аст)
[7] тулонӣ.
[8] устувор, зиёд.
[9] маънои ҷумла: бо душворӣ напазиранд.
[10] тарҷ: Баёни фиристодани расулон дар ин замон барои нав кардани паймону аҳд байни ду ҷониб
[11] устувор.
[12] муфассал; дар баъзе нусхаҳо мушарраҳ омадааст, ки маъноияш ҳамон аст.
[13] Зайнаб духтари Маҳмуд; ҳурра ба маънои озод, ки лақаби занони бонасабу ашроф буд; ғайриканиз.
[14] мувофиқи баъзе сарчашмаҳо номи ӯ Муҳаммад Буғрохон будааст, писари дувуми Қадархон, ки ҳокими Талас ва Исфиҷоб буда, соли 1058 даргузаштааст.
[15] баробар бо соли 1057-1058-и милодӣ.
[16] Арслонхон – бародари Буғрохон ва писари якуми Қадархон.

чун кораш қарор гирифт фармон ёфт ва бо хок баробар шуд. Ва сахт накӯ гӯяд, шеър:

Изо тамма амрун дано нақсуҳ
Таваққаъ заволан изо қила тамма[1]

Ва сахт аҷаб аст кори гурӯҳе аз фарзандони Одам, алайҳиссалом, ки якдигарро бар хира[2] мекушанду мехӯранд аз баҳри ҳутоми ориятро[3] ва он гоҳ худ мегузоранду мераванд танҳо ба зери замин бо ваболи[4] бисёр ва дар ин чӣ фоида аст ё кадом хирадманд ин ихтиёр кунад? Валекин чӣ кунанд, ки чунон нараванд, ки бо қазо муғолабат[5] наравад. Ва духтаре аз они Қадархон ба номи Амир Муҳаммад ақди никоҳ карданд, ки Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, дар он рӯзгор ихтиёр чунон мекард, ки ҷонибҳо ба ҳар чизе Муҳаммадро устувор кунад ва чӣ донист, ки дар пардаи ғайб чист? Пас чун Амир Муҳаммад дар банд уфтод ва мумкин нагашт он духтар овардан ва ақди никоҳ тоза бояст кард ба номи Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу. Халвате кард рӯзи душанбе савуми моҳи рабеъулаввали ин сол[6] бо вазир Хоҷа Аҳмад ва устодам Бунаср ва дар ин маънӣ раъй заданд, то қарор гирифт, ки ду расул бо нома фиристода ояд – яке аз ҷумлаи нудамо[7] ва яке аз ҷумлаи қузот[8], аҳд ва ақдро. Ва иттифоқ бар Хоҷа Булқосими Ҳасирӣ, ки имрӯз барҷой асту бар ҷой бод ва бар Бутоҳири Таббонӣ, ки аз акобири Таббониён[9] буд ва ягона дар фазлу илму вараъу[10] хештандорӣ. Ва бо ин ҳама қаддеву дидоре дошт сахт накӯ ва хатту қаламаш ҳамчун рӯяш ва кам хат дар Хуросон дидам ба некуйии хатти ӯ ва он ҷавонмард се сол дар диёри Турк монд ва бозомад бар мурод. Чун ба Парвон[11] расид, гузашта шуд ва биёрам ин қиссаро ба ҷойи хеш.

---

[1] тарҷ: чун коре комил ва тамом шавад, костии он наздик ояд, чун гуфта шуд чизе комил гашт, нобудӣ онро чашм дорад; Монанд ба ин байти Саъдӣ аст: Мунтаҳои камол нуқсон аст. Гул бирезад ба вақти серобӣ.

[2] беҳуда.

[3] ҳутоми орият – манзур чизи беарзиш; ҳутом – резаи гиёҳи хушк, чизи андак.

[4] гуноҳ, зарар.

[5] чирагӣ, пирӯзӣ.

[6] баробар бо 28 феврали соли 1031-и милодӣ.

[7] надимон.

[8] қузот – ҷамъи қозӣ.

[9] Таббониён – яке аз хонадонҳои маъруфи олимони дин, ки ҳанафимазҳаб буда, шуруъ аз рӯзгори Сомониён ҷойгоҳи волое доштанд.

[10] порсоӣ.

[11] шаҳраке дар наздикии Ғазнин.

Ва устодам нома ва ду мушоҳафа[1] набишт дар ин боб сахт нодир ва бишуд[2] он нусхат ночор нусхат кардам онро, ки печида корест, то дида ояд. Ва нахуст қиссае аз они Таббониён бironам, ки тааллуқ дорад ба чанд нуктаи подшоҳон ва пас аз он нусхатҳо набишта ояд, ки дар ҳар фасл аз чунин фусул бисёр наводир ва аҷойиб ҳосил шавад ва ман кори хеш мекунам ва ин ибром[3] медиҳам, магар маъзур доранд.

Қиссату-т-Таббонийя

Таббониёнро ному айём аз Имом Абулаббоси Таббонӣ разияллоҳу анҳу бархезад ва вай ҷадди[4] Хоҷа Имом Бусодиқи Таббонист, адомаллоҳу саломатаҳу[5], ки имрӯз умре басазо ёфтааст ва дар работи[6] Монаки Алии Маймун мебошад ва дар рӯзе афзуни сад фатворо ҷавоб медиҳад ва имоми рӯзгор аст дар ҳамаи улум. Ва сабаби иттисоли[7] вай биёвардам бад-ин давлат дар ин фасл ва пас дар рӯзгори подшоҳони ин хонадон, разияллоҳу анҳум аҷмаъин, бironам аз пешвоиҳову қазоҳо ва шуғлҳое, ки вайро фармуданд, бимашиййати-л-лоҳи ва изниҳи[8]. Ва ин Булаббос ҷаддаш ба Бағдод шогирди Яъқуби Абуюсуф буд писари Аюб. Ва Буюсуфи Яъқуби Ансорӣ қозии қузоти Ҳорунуррашид ва шогирди Имом Абуҳаифа[9], разияллоҳу анҳум, аз имомони мутлақ ва аҳли ихтиёр[10] буд бемунозеъ[11]. Ва Абулаббосро ҳам аз асҳоби Абуҳанифа шумурдаанд, ки дар «Мухтасари Соъидӣ[12]», ки қозӣ Имом Абулаъло Соъид, раҳматуллоҳи, кардааст, муллои[13] Султон Масъуд ва Муҳаммад

---

[1] мушофаҳа – рӯ ба рӯ сухан гуфтан бо ҳамдигар; аммо дар ин ҷо ғараз номае бошад, ки суханони эродшударо котибон нависанд ва ба ҷойи зарурӣ бифиристанд.
[2] аз даст рафт.
[3] истодагарӣ.
[4] падарбузурги.
[5] Худованд тандурустияшро пойдор дорад!
[6] корвонсарой, меҳмонхона.
[7] пайвастшавӣ.
[8] ба хости Худо ва дастури ӯ.
[9] Нуъмон ибни Собит машҳур ба Абуҳанифа (699-762) пешвои яке аз чаҳор мазҳаби аҳли суннат
[10] аҳли ихтиёр ё раъй. Машҳур аст, ки пайравони Абуҳанифаро аҳли раъй ва қиёс меномиданд.
[11] бемухолиф.
[12] «Мухтасари Соъидӣ» – номи китобе, ки ба қалами Абулаъло Соъид донишманди ҳанафии рӯзгори Ғазнавиён навишта шудааст.
[13] мулло – ба маънои омӯзгор; яъне Имом Соъид устоди Масъуд ва Муҳаммад будааст.

ибноа-с-султон[1] Яминуддавла, разияллоҳу анҳум аҷмаъин, дидам набишта дар усули масоил «Ин қавли Буҳанифа аст ва аз они Буюсуф ва Муҳаммад ва Зуфар ва Булаббоси Таббонӣ ва Қозӣ Абулҳайсам»[2].

Ва фақеҳе буд аз Таббониён, ки ӯро Бусолеҳ гуфтандӣ, холи[3] волидаи ин Бусодиқи Таббонӣ. Вайро Султон Маҳмуд таклиф кард, бад-он вақт, ки ба Нишобур буд дар сипоҳсолории Сомониён ва ба Ғазнин фиристод, то ин ҷо имоме бошад асҳоби Буҳанифаро, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва фиристодани вай дар санаи хамса ва самонина ва сулса миа[4] буд. Ва ба Дари Бустиён[5] дар он мадраса, ки онҷост, дарс кардӣ. Ва қозии қузот Абусулаймони Довуд ибни Юнус абқоҳуллоҳа[6], ки акнун бар ҷой аст, муқаддамтар ва бузургтари ин шаҳр, ҳарчанд ба соҳилу-л-ҳаёт[7] расидааст ва афгор монда ва бародараш Қозӣ Закӣ Маҳмуд, абқоҳуллоҳа, аз шогирдони Бусолеҳ буданд ва илм аз вай омӯхтанд. Ва маҳалли Бусолеҳ наздики Амир Маҳмуд то бад-он ҷойгоҳ буд, ки чун гузашта шуд дар санаи арбаъа миа[8] Хоҷа Абулаббоси Исфаройинии вазирро гуфт: «Дар мадрасаи ин имом рав, мотами вай бидор, ки вайро фарзанде нест, ки мотами вай бидорад ва ман раво доштаме дар дину эътиқоди хеш, ки ин ҳаққ ба тани хеш гузоридаме, аммо мардумон аз ин гӯянд ва бошад, ки аҷаб кунанд ва аз ту муҳташамтар моро чокар нест, вазиру халифаи моӣ». Ва Бубишри Таббонӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, имоми бузург буд ба рӯзгори Сомониён ва сохти зар дошт ва бад-он рӯзгор ин ташриф сахт бузург будааст, ки корҳо танг гирифта буданд[9].

Ва агар аз хонандагони ин китоб касе гӯяд, ин чӣ дарозе аст, ки Булфазл дар сухан медиҳад? Ҷавоб он аст, ки ман таърихе мекунам панҷоҳ солро, ки бар чандин ҳазор варақ меуфтад ва дар ӯ асомии бисёр меҳтарону бузургон аст аз ҳар табақа, агар ҳаққе ба боби ҳамшаҳриёни худ ҳам бигузорам ва хонадоне бад-он бузургиро пайдотар[10] кунам бояд, ки аз ман фаро ситонанд[1].

---

[1] ибноа-с-султон – ду писари Султон.

[2] Буюсуф, Муҳаммад, Зуфар, Булаббоси Таббонӣ, Қозӣ Абулҳайсам – донишмандон ва соҳибони фатво, шогирдону пайравони мактаби Абуҳанифа.

[3] тағои.

[4] соли 385 ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 995-и милодӣ.

[5] номи яке аз дарвозаҳои Ғазнин, ки дар самти Буст қарор дошт.

[6] Худо ӯро зинда (боқӣ) бигузорад!

[7] канори дарёи зиндагӣ, яъне охир умр.

[8] соли чаҳорсади ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1010 – 1011 милодӣ.

[9] маънои ибора: дар бахшидани унвон ва хилъат (дар замони Сомониён) сахтгирӣ мекарданд.

[10] намоёнтар.

Ва ба сари қиссаи сипоҳсолории Султон Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, аз ҷиҳати Сомониёнро боз шавам ва нуктае чанд сабук аз ҳар дасте аз он бигӯям, ки фоидаҳост дар ин ва гусел кардани ин Имом Абусолеҳи Таббониро.

Ва омадани Буғрохон падари Қадархон ба Бухоро ва фасоди кори Оли Сомон дар моҳи рабеъулаввали санаи иснина ва самонина ва сулса миа[2] буд. Ва ин қисса дароз аст ва аз хазоини Сомониён молҳои беандозаву захоири нафис бардошт, пас нолон[3] шуд ба иллати бавосир[4] ва чун азм дуруст кард, ки ба Кошғар[5] бозравад, Абдулазиз ибни Нуҳ ибни Насри Сомониро[6] биёварда ва хилъат доду гуфт: «Шунидам, ки вилоят аз ту ба ғасб бистадаанд ва ман ба ту бозdodам, ки шуҷоъу одилу некӯсиратӣ. Дил қавӣ дор ва ҳар гоҳ, ки ҳоҷат ояд, ман, мадади туям». Ва хон бозгашт сӯйи Самарқанд ва нолонӣ бар вай он ҷо сахттар шуд ва фармон ёфт, раҳимаҳуллоҳ[7], ва ли кулли имрию фи-д-дунё нафасун маъдудун ва аҷалун маҳдудун[8]. Ва Амири Разӣ[9] ба Бухоро бозомад, рӯзи чаҳоршанбе нимаи ҷумодалухрои санаи иснатайни ва самонина ва сулса миа[10]. Ва ин Абдулазизи аммашро бигирифту боздошт ва ҳарду чашми вай пури кофур кард, то кӯр шуд. Чунонки гуфт Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ибни Абутоҳир, сиққаи[11] Амир Разӣ, ки ман ҳозир будам бад-ин вақт, ки ин бечораро кӯр мекарданд, бисёр ҷазаъ карду бигрист. Пас гуфт: «Ҳунари бузург он аст, ки рӯзе хоҳад буд ҷазо ва мукофотро дар он ҷаҳон ва доваре одил, ки аз ин ситамкорон доди мазлумон биситонад ва агар набудӣ, дилу ҷигари бисёр кас пора шудӣ».

Ва чун Амир Разӣ ба дорулмулк[12] қарор гирифт ва ҷафоҳо ва истихфофҳои Буалии Симҷур аз ҳадд бигзашт, ба Амир Сабуктагин нома набишту расул фиристод ва дархост, то ранҷа шавад ва ба дашти Нахшаб[13] ояд, то дидор кунанд ва тадбири ин кор бисозанд.

---

[1] пазиранд.
[2] соли 382 ҳ., баробар бо 992-и милодӣ.
[3] бемор.
[4] бавосир – марази машҳур; ва ин ҷамъи босур аст. Ва он гӯштпорае бошад, ки дар мақъад ё бинӣ пайдо шавад.
[5] Кошғар – шаҳре дар Туркистон, (Чини имрӯза), ки пойтахти Қарохониён буд.
[6] Абдулазиз писари Нуҳ ибни Наср (943-954).
[7] Худо ӯро бибахшояд!
[8] тарҷ: ҳар кас дар дунё дам заданаш шуморае дорад ва фурсати умраш ҳадду андозае.
[9] Абулқосим Нуҳ ибни Мансур (977-997), ки дақаби «Разӣ» дошт.
[10] соли 382 ҳ., ки баробар аст бо 9 сентябри соли 992-и милодӣ.
[11] муътамади.
[12] пойтахт; манзур Бухорост, ки пойтахти Сомониён буд.
[13] Насаф.

Амири одил Сабуктагин бо лашкари бисёри ороста ва пилони фаровон. Ва Амир Маҳмудро бо хештан бурд, ки фармуд буд овардан, ки сипоҳсолории Хуросон бад-ӯ дода ояд. Ва бирафтанд ва бо якдигар дидор карданд ва сипоҳсолорӣ ба Амир Маҳмуд доданд ва сӯйи Балх ҷумла бозгаштанд ва вайро лақаб Сайфуддавла карданд. Ва Амир Разӣ низ ҳаракат кард бо лашкаре азим аз Бухоро ва ҷумла шуданд ва сӯйи Ҳирот кашиданд ва Буалии Симҷур он ҷо буд бо бародарон ва Фоиқ[1] ва лашкаре бузург. Ва рӯзе ду-се расулон омаданду шуданд, то сулҳе уфтад, наяфтод, ки лашкари Буалӣ тан дарнадоданд. Ва ба дари Ҳирот ҷанг карданд, ҷанге сахт рӯзи сешанбе нимаи моҳи рамазони санаи арбаъа ва самонина ва сулса миа[2] ва Буалӣ шикаста шуд ва ба сӯйи Нишобур бозгашт ва Амири Хуросон сӯйи Бухоро. Ва Амири Гузгонон, хусури Султон Маҳмуд, Абулҳориси Фариғун[3] ва Амири одил Сабуктагин сӯйи Нишобур рафтанд салхи[4] шавволи ин сол[5] ва Буалии Симҷур сӯйи Гургон рафт. Ва ин қисса ба ҷой мондам, то пас аз ин оварда шавад, ки қиссаи дигар таълиқ доштам[6], сахт нодиру донистанӣ, то бознамоям, ки тааллуқ дорад ба Амир Сабуктагин, разияллоҳу анҳу. Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоб[7].

Саргузашти Амири одил Сабуктагин разияллоҳу анҳу, ки миёни ӯ ва Хоҷаи ӯ, ки вайро аз Туркистон овард рафта буд ва хоб дидани Амир Сабуктагин

Ҳикоят кард маро шариф[8] Абулмузаффар ибни Аҳмад ибни Абулқосим ал-Ҳошимӣ ал-мулаққаби би-л Алавӣ дар шавволи санаи хамсина ва арбаъа миа[9]. Ва ин бузург озодмардест бошарафу насаб ва фозилу некшеър ва қариби сад ҳазор байт шеър аст ӯро дар ин давлат ва подшоҳони гузашта, разияллоҳу анҳум ва абқо султона-л муъаззам Абошуҷоъ Фаррухзод ибни Носири дину-л-Гуфт: «Бад-он вақт, ки Амири одил ба Бухоро рафт, то бо Амир

[1] Фоиқ – ходим ва сипаҳсолори осии Сомониён.
[2] соли 384 ҳ., ки баробар аст бо 23 октябри соли 994-и милодӣ.
[3] намояндаи Оли Фариғун, ки дар замони Сомониён бар Гузгонон ҳукумат меронданд.
[4] салх – охири моҳ.
[5] баробар аст бо 6 декабри соли 994-и милодӣ.
[6] ёддошт карда будам.
[7] Худо донотар аст бар ростӣ!
[8] бузургқадр; дар қадим бар фарзандони Пайёмбар (С), яъне, содот шариф мегуфтанд.
[9] соли 450 ҳ., баробар бо соли 1058-и милодӣ.
[10] хушнуд бод Худованд аз эшон ва пойдор бидорад Султони бузург Абушуҷоъ писари ёридиҳандаи дини Худо (Масъуд ғазнавӣ).

Разӣ дидор кунад, ҷадди маро Аҳмад ибни Абулқосим ибни Ҷаъфар ал-Ҳошимиро ба наздики Амири Бухоро фиристод ва Амири Гузгононро бо вай фиристод ба ҳукми он, ки сипоҳсолор[1] буд, то кор қарор доданд ва Амир Разӣ вайро бинавохту маншур дод ба мавзеъи хароҷи ҳоите, ки ӯ дошт[2].

Ва ҷаддам чун фармон ёфт, ин мавзеъ ба номи падарам кард Амир Маҳмуд ва маншур фармуд, ки Амири Хуросон гашта буд ва Сомониён баруфтода буданд ва вай подшоҳ шуда. Ва ҷаддам гуфт, чун аз ҷанги Ҳирот фориғ шудем ва сӯйи Нишобур кашидем, ҳар рӯзе расм чунон буд, ки Амири Гузгонон ва ҳамаи солорони муҳташам, аз они сомонӣ ва хуросонӣ, ба дари хаймаи Амири одил Сабуктагин омадандӣ, пас аз намози дигар ва савор биистодандӣ, чун вай берун омадӣ, то барнишинад, ин ҳама бузургон пиёда шудандӣ, то вай барнишастӣ ва сӯйи манзил кашидандӣ. Чун ба манзиле расид, ки онро Хокистар[3] гӯянд, як рӯз он ҷо бозафганд ва бисёр садақа фармуд дарвешонро ва пас аз намози дигар барнишаст ва дар он саҳроҳо мегашт ва ҳамаи аъён бо вай. Ва ҷой-ҷой дар он саҳроҳо афрозҳо ва кӯҳпояҳо[4] буд, пораи кӯҳе дидем. Амир Сабуктагин гуфт: «Ёфтам!» Ва асб бидошт ва ғуломе панҷу шашро пиёда карду гуфт: «Фулон ҷо биковед». Ковидан гирифтанд ва лахте фурӯ рафтанд. Мехе оҳанин пайдо омад ситабр, чунонки сутургоҳро[5] бошад, ҳалқа аз вай ҷудо шуда, баркашиданд. Амир Сабуктагин онро бидид, аз асб фуруд омад ба замин ва Худойро, азза ва ҷалла, шукр карду саҷда карду бисёр бигрист ва мусаллои намоз хост ва ду ракъат намоз кард ва фармуд, то ин мех бардоштанд ва барнишасту биистод. Ин бузургон гуфтанд: «Ин ҳол чӣ ҳол аст, ки тоза гашт?» Гуфт: қиссае нодир аст, бишнавед:

Пеш аз он, ки ман ба саройи Алптагин уфтодам, хоҷае, ки аз они ӯ будам, марову сездаҳ ёрамро аз Ҷайҳун бигзаронид ва ба Шубурқон оварда ва аз он ҷо ба Гузгонон ва падари ин амир, он вақт подшоҳи Гузгонон буд. Моро ба наздики ӯ бурданд. Ҳафт танро, ҷуз аз ман, бихарид ва марову панҷ танро ихтиёр накард. Ва хоҷа аз он ҷо сӯйи Нишобур кашид ва ба Марваррӯду Сарахс чаҳор ғуломи дигарро бифурухт, ман мондам ва ёре ду. Ва маро Сабуктагини дароз гуфтандӣ. Ва ба қазо[6] се асби худованд дар зери ман реш[7]

---

[1] яъне, Сабуктагин сипоҳсолори Сомониён буд.
[2] маънои ҷумла: амири сомонӣ хароҷи боғро бахшид.
[3] мавзеъе дар сари роҳи Ҳирот ва Сарахс, ки акнун вайрона аст.
[4] афроз ва кӯҳпояҳо – ҷойҳои баландиву домани кӯҳ.
[5] ҷойи нигоҳ доштани чорпоён; охур, истабл .
[6] иттифоқан.
[7] маҷруҳ.

шуда буд, чун бад-ин Хокистар расидем, асби дигар зери ман реш шуд ва худовандам маро бисёр бизада буд ва зин бар гардани ман ниҳода. Ман сахт ғамнок будам аз ҳол ва рӯзгори хеш ва бедавлатӣ, ки кас маро намехарид. Ва худовандам савганд хӯрда буд, ки маро ба Нишобур пиёда барад ва ҳамчунон бурд.

Он шаб бо ғаме сахт бузург бихуфтам, дар хоб дидам Хизрро алайҳиссалом, наздики ман омад ва маро пурсиду гуфт: «Чандин ғам чаро мехӯрӣ?» Гуфтам: «Аз бахти бади хеш». Гуфт: «Ғам мадор ва башорат диҳам туро, ки марде бузургу боном хоҳӣ шуд, чунонки вақте бад-ин саҳро бигзарӣ бо бисёр мардуми муҳташам ва ту меҳтари эшон. Дил шод дор ва чун ин пойгоҳ биёфтӣ, бо халқи Худой накӯӣ куну дод бидеҳ, то умрат дароз гардад ва давлат бар фарзандони ту бимонад. Гуфтам: «Сипос дорам». Гуфт: «Даст маро деҳ ва аҳд кун». Даст бад-ӯ додам ва паймон кардам, даст нек бияфшурд. Ва аз хоб бедор шудам ва чунон менамуд, ки асари он афшурдан бар дасти ман аст. Бархостам ними шаб, ғусл кардам ва дар намоз истодам, то ракъате панҷоҳ карда омад ва бисёр дуъо кардам ва бигристам ва дар худ қуввате бештар медидам. Пас аз ин, ин мех бардоштаму ба саҳро берун омадам ва нишон фурӯ бурдам. Чун рӯз шуд худовандам борҳо барниҳоду мех талаб кард наёфт, маро бисёр зад ба тозиёна ва савганди гарон хӯрд, ки ба ҳар баҳо, ки туро бихоҳанд харид, бифрӯшам. Ва ду манзил то Нишобур пиёда рафтам. Ва Алптагин ба Нишобур буд бар сипоҳсолории Сомониён ба ҳашмате бузург ва маро бо ду ёрам бад-ӯ бифрӯхт ва қисса пас аз он дароз аст, то бад-ин дараҷа расидам, ки мебинед. Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоби.

Ҳикояти Амири одил Сабуктагин бо оҳуи модаву баччаи ӯ ва тараҳҳум кардан бар эшон ва хоб дидан

Аз Абдулмалики Муставфӣ ба Буст шунидам, ҳам дар санаи хамсина ва арбаъа миа[1]. Ва ин озодмард, марде дабир асту мақбулулқавл[2] ва бакоромада ва дар истифо ояте[3]. Гуфт: «Бад-он вақт, ки Амир Сабуктагин, разияллоҳу анҳу, Буст бигрифт ва Бойтузиён[4] баруфтоданд, заъиме[5] буд ба ноҳияти Ҷолиқон[6], вайро Аҳмади Буумар гуфтандӣ, марде пиру садиду[7] тавонгар. Амир Сабуктагин вайро биписандид аз ҷумлаи мардуми он ноҳият ва бинавохту ба худ

[1] соли 450-и ҳиҷрӣ, баробар бо соли 1058-и милодӣ.
[2] писандидасухан.
[3] дар ҳисобу китоб (истифо) беҳамто.
[4] номи волии Буст, ки ба дасти Сабуктагин сарнагун шуд.
[5] пешво, меҳтар.
[6] Ҷолиқон – яке аз шаҳрҳои Систон.
[7] устувор.

наздик кард. Ва эътимодаш бо вай бад-он ҷойгоҳ буд, ки ҳар шабе мар ӯро бихондӣ ва то дере наздики амир будӣ. Ва низ бо вай халватҳо кардӣ, шодиву ғам ва асрор гуфтӣ. Ва ин пир дӯсти падари ман буд, Аҳмади Буносири Муставфӣ. Рӯзе бо падарам мегуфт ва ман ҳозир будам, ки Амир Сабуктагин бо ман шабе ҳадис мекард ва аҳволу асрору саргузаштҳои хеш бозменамуд.

Пас гуфт: пештар аз он, ки ман ба Ғазнин уфтодам, як рӯз нимашаб наздики намози дигар ба саҳро берун рафтам ба Балх ва ҳамон як асб доштам. Ва сахт тезтагу даванда буд, чунонки ҳар сайд, ки пеши ман омадӣ, бознарафтӣ. Оҳуе дидам мода ва бачча бо вай. Асбро барангехтаму нек неру кардам ва бачча аз модар ҷудо монду ғамӣ шуд. Бигрифтамашу бар зин ниҳодам ва бозгаштам ва рӯз наздики намози шом расида буд. Чун лахте бирондам, овозе ба гӯши ман омад. Бознигаристам, модари бачча буд, ки бар асари ман меомад ва ғиреваву хоҳишаке мекард. Асб баргардонидам ба тамаъи он, ки магар вайро низ гирифта ояд ва битохтам, чун бод аз пеши ман бирафт. Бозгаштам ва ду-се бор ҳамчунин меуфтод ва ин бечорагак меомаду менолид. То наздики шаҳр расидам, он модараш ҳамчунон нолон-нолон меомад. Дилам бисӯхт ва бо худ гуфтам, аз ин оҳубара чӣ хоҳад омад? Бар ин модари меҳрубон раҳмат бояд кард. Баччаро ба саҳро андохтам, сӯйи модар бидавиду ғирев карданд ва ҳарду бирафтанд сӯйи дашт. Ва ман ба хона расидам, шаб торик шуда буд ва асбам бечав бимонда, сахт тангдил шудам ва чун ғамнок дар вусоқ[1] бихуфтам. Ба хоб дидам пирамардеро сахт фараҳманд, ки наздики ман омад ва маро мегуфт: «Ё Сабуктагин, бидон, ки он бахшоиш, ки бар он оҳуи мода кардӣ ва он бачагак бад-ӯ боздодӣ ва асби худро бечав яла кардӣ, мо шаҳреро, ки онро Ғазнин гӯянд ва Зовулистон ба туву фарзандони ту бахшидем. Ва ман расули Офаридгорам, ҷалла ҷалолуҳу ва тақаддасат асмоуҳу ва ло илоҳа ғайруҳу[2]». Ман бедор шудам ва қавидил гаштам ва ҳамеша аз ин хоб ҳамеандешидам ва инак бад-ин дараҷа расидам. Ва яқин донам, ки мулк дар хонадону фарзандони ман бимонад, то он муддат, ки Эзид, азза зикруҳу, тақдир кардааст.

Ҳикояти Мусо пайғамбар алайҳиссалом бо барраи гӯспанд ва тараҳҳум кардани вай бар вай

Чун пири ҷолиқонӣ ин ҳикоят бикард, падарам гуфт: «Сахт нодиру некӯ хобе будааст, ин бахшоиш ва тараҳҳум кардан бас

[1] вусоқ, висоқ, ё васоқ – ба маънои хона, саро, утоқ.

[2] тарҷ: бузург аст бузургии Ӯ ва поку покиза аст номҳои Ӯ ва ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест!

некӯст, хосса бар ин безабонон, ки аз эшон ранҷе набошад, чун гурбаву монанди вай, ки чунон хондам дар ахбори Мусо алайҳиссалом, ки бад-он вақт, ки шубонӣ[1] мекард, як шаб гӯспандонро сӯйи хатира[2] меронд, вақти намоз буду шабе торик ва борон ба неру[3] омадӣ; чун наздики хатира расид, баррае бигрехт. Мусо алайҳиссалом тангдил шуда ва бар асари вай бидавид бар он ҷумла, ки чун дарёбад, чӯбаш бизанад. Чун бигрифташ, дилаш бар вай бисӯхт ва бар канор ниҳод вайро ва даст бар сари вай фуруд оварду гуфт: «Ай бечораи дарвеш, дар пас бимеву дар пеш умеде на, чиро гурехтӣ ва модарро яла кардӣ?» Ҳарчанд, ки дар азал рафта буд, ки вай пайғамбаре хоҳад буд, бад-ин тараҳҳум, ки бикард, нубувват бар вай мустаҳкамтар шуд.

Ин ду хоби нодир ва ин ҳикоят бознамудам, то дониста ояд ва муқаррар гардад, ки ин давлат дар ин хонадони бузург бихоҳад монд рӯзгори дароз, пас бирафтам ба сари қиссае, ки оғоз карда будам, то тамом гуфта ояд.

Бақияту қиссати-л Таббонийя

Амир Сабуктагин муддате ба Нишобур бибуд, то кори Амир Маҳмуд рост шуд. Пас сӯйи Ҳирот бозгашт. Ва Буалии Симҷӯр мехост, ки аз Гургон сӯйи Порсу Кирмон равад ва вилоят бигирад, ки ҳавои Гургон бад буд. Тарсид, ки вайро он расад, ки Тошро[4] расид, ки он ҷо гузашта шуд. Ва дил аз Хуросону Нишобур мебарнатавонист дошт ва худкардаро дармон нест ва дар амсол гуфтаанд: «Йадока ав катовафука нафаха»[5]. Чун шунид, ки Амир Сабуктагин сӯйи Ҳирот рафт ва бо Амир Маҳмуд андакмоя мард аст, тамаъ уфтодаш, ки боз Нишобур бигирад. Ғурраи моҳи рабеъулавали санаи хамса ва самонина ва сулса миа[6] аз Гургон рафт, бародаронаш ва Фоиқ-ул-хосса бо вай ва лашкаре қавӣ ороста. Чун хабари ӯ ба Амир Маҳмуд расид, аз шаҳр бирафт ба боғи Амри Лайс фуруд омад, якфарсангии шаҳр ва Бунасри Маҳмуди Ҳоҷиб – ҷадди Хоҷа Бунасри Нукӣ, ки раиси Ғазнин аст, аз сӯйи модар бад-ӯ пайваст ва оммаи шаҳр пеши Буалии Симҷур рафтанд ва ба омадани вай шодӣ

[1] чӯпонӣ.
[2] хобгоҳи гуспандон, оғил.
[3] ба шиддат, тез.
[4] Ҳисомуддавла Тош яке аз сарони сипоҳи Сомониён, ки соли 988 даргузашт.
[5] тарҷ: ду дасти ту банди сари машкро бастанд ва даҳонат дар он дамид; Ин масалро аз он мегӯянд, ки нафаре мехост аз рӯде бигузарад, бод дар машке дамиду даҳани машкро хуб набаст, чун ба миёнаи рӯд расид, сари машк боз шуд ва он мард дар вақти ғарқ шудан, ин масалро гуфт.
[6] аввали соли 385-и ҳ., баробар аст бо 5 апрели соли 995-и милодӣ.

карданд ва силоҳ бардоштанду рӯй ба ҷанг оварданд ва ҷанги рахна он буд ва Амир Маҳмуд нек бикӯшид ва чун рӯйи истодан набуд, рахна карданд он боғро ва сӯйи Ҳирот рафт. Ва падараш саворон барафганду лашкар хостан гирифт ва бисёр мардум ҷамъ шуд аз ҳинду ва халаҷ[1] ва аз ҳар дасте. Ва Буалии Симҷур ба Нишобур муқом кард ва бифармуд, то ба номи вай хутба карданд ва мо руввийа қатту ғолибун ашбаҳа би мағлубин минҳу[2].

Ва амирон Сабуктагину Маҳмуд аз Ҳирот бирафтанд ва волии Систонро ба Пушанг яла карданду писарашро бо лашкаре тамом бо худ бурданд. Ва Буалӣ чун хабари эшон бишнид, аз Нишобур сӯйи Тус рафт, то ҷанг он ҷо кунад ва хасмон бадум рафтанд. Ва Амир Сабуктагин расуле наздики Буалӣ фиристоду пайғом дод, ки: «Хонадони шумо қадим аст ва ихтиёр накунам, ки дар дасти ман вайрон шавад. Насиҳати ман бипазиру ба сулҳ гарой, то мо бозгардем ба Марв ва ту халифаи писарам Маҳмуд бошӣ ба Нишобур, то ман ба миёна дароям ва шафоат кунам, то Амири Хуросон дил бар шумо хуш кунад ва корҳо хуб шаваду ваҳшат бархезад. Ва ман донам, ки туро ин мувофиқ наёяд, аммо ба хирад ручуъ кун ва шумори хеш некӯ баргир, то бидонӣ, ки рост мегӯям ва насиҳати падарона мекунам. Ва бидон ба яқин, ки маро аҷзе нест ва ин сухан аз заъф намегӯям, бад-ин лашкари бузург, ки бо ман аст, ҳар коре битавон кард ба неруи Эзид, азза ва ҷалла, валекин салоҳ мечӯям ва роҳи бағй[3] намепӯям». Бӯалиро ин нохуш наёмад, ки осори идбор[4] медид ва ин ҳадис бо муқаддамони худ бигуфт, ҳама гуфтанд: «Ин чӣ ҳадис аст? Ҷанг бояд кард.» Булҳусайн, писари Касир[5] падари Хоҷа Булқосим сахт хоҳон буд ин сулҳро ва бисёр насиҳат карду суд надошт бо қазои омада, ки наузу би-л-лоҳи[6], чун идбор омад, ҳама тадбирҳо хато шавад. Ва шоир гуфтааст, шеър:

Ва изо арода-л-лоҳу риҳлата ниъматин,
Ан дори қавмин ахтоу-т-тадбири.[7]

Ва шабгир, рӯзи якшанбе, даҳ рӯз монда аз ҷумодалухрои санаи хамса ва самонина ва сулса миа[8] ҷанг карданд ва нек бикӯшиданду

---

[1] халаҷ – номи яке аз қабилаҳои турк, ки дар асрҳои миёна бештар дар ҳудуди Систон мезистанд.

[2] тарҷ: ҳаргиз ғолибе аз вай монандатар ба мағлуб дида нашуд.

[3] саркашӣ.

[4] бедавлатӣ.

[5] яке аз риҷоли дарбори Сомониён.

[6] паноҳ бар Худо!

[7] тарҷ: ҳангоме ки Худованд бихоҳад, ки неъмати қавме аз сарояшон рахт барбандад, тадбирашон хато мекунад.

[8] соли 385-и ҳ., баробар бо 21 июли соли 995-и милодӣ.

муъзами[1] лашкари Амир Сабуктагинро нек бимолиданд ва наздик буд, ки ҳазимат уфтодӣ. Амир Маҳмуд ва писари Халаф[2] бо саворони сахт гузидаву муборизу осуда ногоҳ аз камин баромаданд ва бар Фоиқу Илмангу[3] заданд; задане сахт устувор, чунонки ҳазимат шуданд. Чун Буалӣ бидид, ҳазимат шуд ва дар рӯд гурехт, то аз он ҷо сари худ гирад. Ва қавмеро аз аъёну муқаддамонаш бигрифтанд, чун Буалии ҳоҷиб ва Багтагини Мурғобӣ ва Янолтагину Муҳаммад писари Ҳоҷиб Туғон ва Муҳаммад Шортагин ва лашкаристони Дайлам ва Аҳмад Арслони хозину Буалӣ писари Нӯштагин ва Арслони Самарқандӣ ва бад-эшон асирони хеш ва пилонро, ки дар ҷанги рахна гирифта буданд, боз ситаданд. Ва Булфатҳи Бустӣ гӯяд дар ин ҷанг, шеър:

Алам тара мо атоҳу Абу Алийин.
Ва кунту ароҳу зо раъйин ва кайси.
Ъаса-с-султона фабтадарат илайҳи,
Риҷолун йақлаъуна Або Қубайси.
Ва саййара Туса маъқилаҳу фасорат,
Алайҳи Тусу ашъаму мин тувааййиси[4]

Ва давлати Симҷуриён ба сар омад, чунонки як ба ду нарасид[5] ва пойи эшон дар замин қарор нагирифт.

Ва Буалӣ ба Хоразм уфтод ва он ҷо ӯро боздоштанд ва ғуломаш Илмангу қиёмат бар хоразмиён фуруд овард, то ӯро раҳо карданд. Пас аз он чурбаки[6] Амири Хуросон бихӯрд ва чандон истихфоф карда, ба Бухоро омад. Ва чанд рӯз, ки пеши Амир Разӣ шуду омад, ӯро бо чанд тан аз муқаддамони ӯ фурӯ гирифтанд ва сутурону силоҳу таҷаммулу олат, ҳарчӣ доштанд, ғорат карданд ва намози шом Буалиро бо понздаҳ тан ба қуҳандиз бурданду боздоштанд дар моҳи ҷумодалухрои санаи сита ва самонина ва сулса миа[7]. Ва Амир Сабуктагин ба Балх буд ва расулон ва номаҳо пайваста кард ба

---

[1] бештари.

[2] Тоҳир ибни Халаф ибни Аҳмад ҳукмрони Систон ва дастнишондоди Ғазнавиён, аз сулолаи Саффориён буд.

[3] Илмангу – номи ғуломи Абуалии Симҷур, ки сардори лашкари ӯ буд.

[4] тарҷ: оё надидӣ, ки Буалии Симҷур чӣ кард? Ва ҳол он, ки вайро соҳибраъйу зираке медидам. Бар подшоҳ нофармонӣ кард; пас мардоне ки кӯҳи Абуқабисро аз бех барканданд, барои дастгирияш шитофтанд, вай шаҳри Тусро паноҳгоҳи худ гардонид, пас Тус бар ӯ бадфолтар ва шумтар аз Тавис гашт. (Абуқабис номи кухе ба Макка ва Тавис номи марде, ки тимсоли шумӣ будааст).

[5] яъне, подшоҳӣ аз нафари аввал ба дувум ҳам нарасид.

[6] чурбак – дурӯғ; чурбак хӯрдан фиреб хӯрдан, фирефта шудан;

[7] соли 383, вале ин ғалат аст, зеро ин ҳодиса соли 385 шудааст, ки баробар аст бо 995-и милодӣ.

Бухоро ва гуфт Хуросон қарор нагирад, то Буалӣ ба Бухоро бошад, ӯро ба наздики мо бояд фиристод, то ӯро ба қалъати Ғазнин нишонда ояд. Ва сиқоти[1] Разӣ гуфтанд: рӯй надорад фиристодан. Ва дар ин мудофаъат[2] мерафт ва Сабуктагин илҳоҳ[3] мекарду метарсонидашон ва кори Сомониён ба поён расида буд, агар хостанд ва агар нахостанд, Буалӣ ва Илмангуро ба Балх фиристоданд дар шаъбони ин сол[4]. Ва ҳадис кард, яке аз фуқаҳои Балх. Гуфт: «Ин ду танро дидам он рӯз, ки ба Балх меовардand, Буалӣ бар астаре буд, мӯзаи баландсоқ пӯшида ва ҷуббаи уттобии[5] сабз дошт ва дастори хаз, чун ба Каҷоҷиён[6] расид, пурсид, ки инро чӣ гӯянд? Гуфтанд: «Фулон». Гуфт: «Моро мунаҷҷимон ҳукм карда буданд, ки бад-ин навоҳӣ оем ва надонистем, ки бар ин ҷумла бошад». Ва Разӣ пушаймон шуд аз фиристодани Буалӣ ва гуфт: «Подшоҳони атроф моро бихоянд»[7], нома набишт ва Буалиро бозхост. Вакили дар набишт, ки расул меояд бад-ин хидмат. Сабуктагин пеш, то расулу нома расид, Буалӣ ва Илмангуро бо ҳоҷибе аз они хеш ба Ғазнӣ фиристод, то ба қалъати Гардез[8] боздоштанд. Чун расул даррасид, ҷавоб бифиристод, ки «Хуросон бишӯридааст ва ман ба забти он машғулам, чун аз ин фориғ шавам, сӯйи Ғазнин равам ва Буалиро бозфиристода ояд».

Ва писари Буалӣ Булҳасан ба Рай уфтода буд, наздики Фахруддавла[9] ва сахт накӯ медоштанд ва ҳар моҳе панҷ ҳазор дирам мушоҳара кард. Бар ҳавои[10] зане ё ғуломе ба Нишобур бозомад ва мутаворӣ[11] шуд. Амир Маҳмуд ҷидд фармуд дар талаби вай, бигтандаш ва сӯйи Ғазнин бурданду ба қалъати Гардез боздоштанд, наъузубиллоҳи мина-л идбор[12]. Ва Симҷуриён баруфтоданд ва кори сипоҳсолории Амир Маҳмуд қарор гирифта ва муҳташам шуд. Ва дил дар Ғазнин баста буд ва ҳар куҷо марде ё зане дар саноате[13] ёфтӣ, ин ҷо мефиристод ва Бусолеҳи Таббонӣ, раҳматуллоҳ, ки ному

---

[1] муътамадони.
[2] диранг.
[3] ситеза.
[4] июли соли 995-и милодӣ.
[5] ҷомае, ки дар Ироқ медӯхтанд (Уттоб маҳалле дар наздики Бағдод).
[6] номи мазеъе дар Хуросон.
[7] бадгӯӣ кунанд.
[8] шаҳраке дар наздикии Ғазнин; зодгоҳи Гардезии муаррих.
[9] яке аз намояндагони Оли Бӯя.
[10] ишқи.
[11] пинҳон.
[12] паноҳ мебарам ба Худо аз бадомади рӯзгор.
[13] ҳунаре.

ҳоли вай биёвардам, яке буд аз эшон. Ва ин қисса ба поён омад ва аз наводиру аҷоиби бисёр холӣ нест.

Ва ин Имом Бусодиқи Таббонӣ ҳафизаҳуллоҳу ва абқоҳу[1], ки имрӯз ба Ғазнисту холи вай Бусолеҳ буд ва ҳоли ӯ бознамудам, ба Нишобур мебуд машғул ба илм. Чун Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, бо Манучеҳр волии Гургон аҳду ақд устувор карда ва ҳурраеро номзад кард, то он ҷо баранд, Хоҷа Алии Микойил чун бихост, рафт дар санаи иснатайн ва арбаъа миа[2]. Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, ӯро гуфт: «Мазҳаби рост аз они Имом Буҳанифа, раҳматуллоҳ, Таббониён доранд ва шогирдони эшон, чунонки дар эшон ҳеч таън натавонанд кард. Бусолеҳ фармон ёфтааст, чун ба Нишобур расӣ, бипурс, то чанд тан аз Таббониён мондаанд ва кист аз эшон, ки Ғазнин ва маҷлиси моро шояд. Ҳамагонро бинавоз ва аз мо умеди навохту истиноъ[3] ва некуӣ деҳ». Гуфт: «Чунин кунам. » Ва ҳурраро, ки сӯйи Нишобур оварданд, ман, ки Булфазлам бад-он вақт шонздаҳсола будам, дидам Хоҷаро, ки биёмад ва такаллуфе карда буданд дар Нишобур аз хавозаҳо задан ва оростан, чунонки пас аз он ба Нишобур, чунон надидам. Ва Алии Микойил Таббониёро бинавохту аз маҷлиси Султон умедҳои хуб дод Бусодиқу Бутоҳир ва дигаронро. Вай Гургон рафт ва ҳурраро он ҷо бурд. Ва Амираки Байҳақӣ[4] бо эшон буд бо шуғли он чӣ ҳарчӣ равад, инҳо кунад ва бад-он вақт ба девони рисолат дабирӣ мекард, ба шогирдии Абдуллоҳи дабир; тозаҷавоне дидам ӯро бо таҷаммуле сахт некӯ. Ва Хоҷа Алӣ аз Гургон бозгашт ва бисёр такаллуф карда буданд гургониён ва ба Нишобур омад ва аз Нишобур ба Ғазнин рафт.

Ва дар он сол, ки Ҳасанакро дастурӣ дод, то ба ҳаҷ равад, санаи арбаъа ашара ва арбаъа миа[5] буд, ҳам мисол дод, Амир Маҳмуд, ки чун ба Нишобур расӣ, Бусодиқи Таббонӣ ва дигаронро бинавоз. Чун он ҷо расид, Имом Бусодиқ ва дигаронро бинавохт ва умедҳои сахт хуб кард. Ва бирафт ва ҳаҷ бикарду рӯй ба Балх ниҳод ва Амир Маҳмуд он ҷо буд, дар сохтани он, ки биравад, чун Наврӯз фароз ояд ва бо Қадархон дидор кунад. Ҳасанак Имом Бусодиқро бо худ бурд ва дигар чанд тан аз уламоро аз Нишобур. Бусодиқ дар илм ояте буд, бисёр фазл берун аз илми шаръ ҳосил карда ва ба Балх расид. Амир пурсид, аз Ҳасанак, ҳоли Таббониён. Гуфт: «Бутоҳир

[1] Худо ӯро нигоҳ дорад ва зинда ба по дорад.
[2] соли 402, ки баробар аст бо соли 1011-1012-и милодӣ.
[3] некӯдошт.
[4] яке аз дабирон ва наздикони дарбори Ғазнавиён, ки дар замони Масъуд соҳиббариди Балх мегардад.
[5] соли 414-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1023-1024-и милодӣ.

қазои Тусу Нисо дорад ва мумкин набуд ӯро бе фармони олӣ оварданд. Бусодиқро овардаам». Гуфт: «Нек омад» ва муҳиммоти бисёр доштанд, Бусодиқро бозгардониданд. Ва дигар низ Ҳасанак нахост, ки вайро ба мақлиси Султон расонад, ки дар дил карда буд ва бо Бусодиқ ба Нишобур гуфта буд, ки мадрасае хоҳад кард сахт ба такаллуф ба сари Кӯйи Занбилбофон[1], то вайро он ҷо бинишонда ояд тадрисро.

Аммо бибояд донист, ки фазл ҳарчанд пинҳон доранд, охир ошкоро шавад, чун бӯйи мушк. Бусодиқро нишасту хост уфтод бо Қозии Балх Абулаббос ва Қозӣ Алии Табақотиву дигар уламо ва масъалатҳои хилофе рафт сахт мушкил ва Бусодиқ дар миён омад ва гӯй аз ҳамагон бирабуд, чунонки иқрор доданд, ин пирони муқаддам, ки чун ӯ донишманд надидаанд. Ин хабар Бубакри Ҳасирӣ ва Булҳасани Карачӣ ба Амир Маҳмуд расонидиданд, вайро сахт хуш омада буд ва Бусодиқро пеш хосту бидид ва мақлиси илм рафт ва вайро биписандиду гуфт: «Бибояд сохт[2] омаданро сӯйи Мовароуннаҳр ва аз он ҷой ба Ғазнин». Ва бозгашт аз он мақлис ва оҳанги об гузаштан[3] кард. Амир Маҳмуд ва Ҳасанакро хилъат доду фармуд, то ба сӯйи Нишобур бозгардад. Ва Ҳасанак Бусодиқро гуфт: «Ин подшоҳ рӯй ба коре бузург дорад ва ба замине бегона меравад ва мухолифон бисёранд, натавон донист, ки чӣ шавад ва ту марде донишмандӣ, сафар нокарда набояд, ки то балое бинӣ. Бо ман сӯйи Нишобур бозгард, азизан мукарраман, чун султон аз ин муҳим фориғ шавад, ман қасди Ғазнин кунам ва туро бо худ бибарам, то он ҷо муқим гардӣ». Бусодиқ бо вай ба сӯйи Нишобур рафт.

Амир дидор бо Қадархон карда буд ва тобистон ба Ғазнин бозомаду қасди сафари Суманот[4] кард ва ба Ҳасанак нома фармуд набиштан, ки: «Ба Нишобур бибояд буд, ки мо қасди ғазве дурдаст дорем ва чун дар замони саломат ба Ғазнин бозоем, ба хидмат бояд омад». Ва Амир бирафт ва ғазви Суманот кард ва ба саломату саъодат бозгашт ва аз роҳ нома фармуд ба Ҳасанак, ки ба хидмат бояд шитофт ва Бусодиқи Таббониро бо худ овард, ки ӯ мақлиси моро ба кор аст. Ва Ҳасанак аз Нишобур бирафт ва кавкабае бузург бо вай аз қузоту фуқаҳо ва бузургону аъён, то амирро таҳният кунанд ва навохту хилъат ёфтанд бар миқдори маҳалу мартабат ва

---

[1] маҳалле дар Нишобур.

[2] омода бояд шуд.

[3] аз об гузаштан, манзур гузаштан аз руди Ҷайҳун (Ому) гузаштан ва омадан ба Мовароуннаҳр аст.

[4] Суманот – қалъа ва парастишгоҳе дар Ҳиндустон, ки Маҳмуд онро соли 1026 забт кард ва ин дар адабиёт машҳур буда, шоирон даҳҳо қасида дар ин бора гуфтаанд.

сӯйи Нишобур бозгаштанд. Ва Амир фармуд, то ин Имом Бусодиқро нигоҳ доштанд ва бинавохту мушоҳара фармуд ва пас аз он ба андак мояи рӯзгор қозии қузоти Хатлон ӯро дод, ки он ҷо бисту анд мадрасаест бо авқоф[1] ба ҳам ва ба ҳамаи рӯзгорҳо онҷо малике буд мутоъу[2] муҳташам. Ва ин ҷо бад-он ҳазрати бузург[3], ки ҳамеша бод, бимонд ва ӯ[4] низ ҳамеша бод, ки аз вай бисёр фоида аст ва ба работи Монаки Алии Маймун қарор гирифт ва бар вай эътимод карданд подшоҳон ва расулиҳое боном[5] кард ва чун ба навбати подшоҳон мерасам, он чӣ вайро мисол доданд, мебознамоям, иншоаллоҳи таъоло, ва аххара фи-л аҷали[6].

Ва Қозӣ Бутоҳири Таббонӣ ба Нишобур буд, бад-он вақт, ки Амир Масъуд аз Рай қасди Нишобур карда буд бо Қозӣ Булҳасан писари Қозӣ Имом Абулъало истиқбол рафта буд бисёр манозил ва қозии қузотии Рай ва он навоҳӣ хоста ва иҷобат ёфта. Чун ба Нишобур расиданд ва Қозӣ Бутоҳир он ҷо омад, Амир ӯро гуфт: «Мо туро ба Рай хостем фиристод, то он ҷо қозии қузот бошӣ, акнун он шуғл ба Булҳасан додем, туро бо мо бояд омад, то чун корҳо қарор гирад, қозии қузотии Нисову Тус ту дорӣ ва ноибони ту онҷоанд ва қазои Нишобур ба он зам кунем ва туро ба шуғле бузург боном ба Туркистон мефиристем акду аҳдро. Ва чун аз он фориғ шавию ба даргоҳ бозойӣ, бо навохту хилъат сӯйи Нишобур биравӣ ва он ҷо муқом кунӣ бар шуғли қазо ва ноибонат дар Тусу Нисо, ки раъйи мо дар боби ту некӯтари раъйҳост». Вай хидмат кард ва бо Амир ба Ҳирот омад ва корҳо якрӯя шуд ва Амир ба Балх рафт ва ин ҳолҳо, ки пеш аз ин рондам, тамом гашт ва ин Қозӣ Бутоҳир, раҳматуллоҳ, номзад шуд ба расулӣ бо Хоҷа Булқосими Ҳасирӣ, салламаҳуллоҳу[7], то ба Кошғар раванд ба наздики Қадархон ба Туркистон.

Ва чун қиссаи Оли Таббониён бигзашт, инак номаҳо ва мушофаҳаҳо ин ҷо сабт кунам, то бар он воқиф шуда ояд, иншоаллоҳи таъоло.

---

[1] мадрасае, ки замину милк ба он вобаста (вақфшуда) бошад.
[2] итоъатшуда ва фармондор.
[3] пойтахт.
[4] Бусодиқи Таббонӣ.
[5] яъне, дар сафоратҳои муҳим иштирок кард.
[6] агар Худо хоҳад ва аҷалро ба таъхир андозад.
[7] Худованд ӯро бегазанд ва саломат дорад.

Зикру нусхати-л-китоби ва мушофиҳатайни маъа-р-расулайни-л мазкурайни-л хориҷайни биҷониби Туркистона[1]

Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-Раҳим. Ва чун дар замони саломату нусрат ба Балх расидем, зиндагонии Хони аҷалл дароз бод ва ҳама асбоби мулк мунтазам гашт, нома фармудем бо рикобдори мусриъ, то аз он чӣ Эзид, азза зукруҳу, таяссур[2] кард моро, аз он замон, ки ба Сипоҳон бирафтем, то ин вақт, ки ба ин ҷо расидем, аз фатҳҳои хубе, ки авҳому[3] хотири кас бад-он нарасад, воқиф шуда ояд ва баҳра аз шодиву эътидод[4] ба ҳукми ягонагиҳо, ки миёни хондонҳо муъаккад аст, бардошта ояд. Ва ёд карда будем, ки бар асар расулон фиристода шавад дар маънии ақду аҳд, то қавоиди дӯстӣ, ки андар он ранҷи фаровон бурда омада аст, то устуворгашта, устувортар гардад.

Ва дар ин вақт ахӣ ва муътамади[5] Абулқосим Иброҳим ибни Абдуллоҳ ал-Ҳасириро, ки аз ҷумлаи муътамадони маҷлиси мост, дар дараҷаи надимони худ ва Амири мозӣ, падари мо, анороллоҳу бурҳонаҳу, вайро сахт некӯ ва азиз доштӣ ва аз аҳволи масолиҳи мулк бо вай сухан гуфтӣ ва имрӯз ба коромадатар ёдгорест ва ҳоли муносаҳату[6] кифояти вай зоҳир гаштааст ва ба расулӣ фиристода омад, то салому таҳийяти моро атябаҳу ва азкоҳу[7] ба Хон расонад ва андар он чӣ ӯро мисол омадааст, шуруъ кунад, то тамом карда ояд ва пухта бо асли дурусту қоидаи рост бозгардад. Ва Қозӣ Абу Тоҳир Абдуллоҳ ибни Аҳмад ат-Таббонӣ, адамуллоҳу тавфиқаро бо вай зам карда шуд, то чун нишот уфтад, ки ақду аҳд баста ояд, бар нусхате, ки бо расул аст, қозӣ шароити онро ба тамомӣ ба ҷой орад дар муқтазои шариъат. Ва ин қозӣ аз аъёни уламои ҳазрат аст, шуғлҳо ва сафоратҳое боном карда ва дар ҳар яке аз он муносаҳату диёнати вай зоҳир гашта.

Ва бо расул Абулқосим мушофаҳаест, ки андар он мушофаҳа сухан гушодатар бигуфта омадааст, чунонки дастурӣ ёбад, онро арз кунад. Ва мушофаҳае дигар аст бо вай дар бобе муҳимтар, ки агар андар он боб сухан наравад, арза накунад ва пас агар равад, ночор

---

[1] Зикри рӯнавишти нома ва ду мушофаҳа бо ду фиристодаи номбурда, ки ба сӯйи хони Туркистон равона шуданд.
[2] таяссур – осон гардонидан ва тавфиқ додан.
[3] хаёл.
[4] дар шумор омадан.
[5] бардар ва муътамадам.
[6] хайрхоҳӣ.
[7] поктарин ва мусаффотарини он (дурудҳо).

арза кунад, то иғроз ба ҳосил шавад[1]. Ва эътимод бар вай то бад-он ҷойгоҳ аст, ки чун сухан дар саволу ҷавоб уфтад ва дарозтар кашад, ҳарчӣ вай гуяд ҳамчунон аст, ки аз лафзи мо равад, ки он чӣ гуфтанист дар чанд маҷлис бо мо гуфтааст ва ҷавобҳои ҷазм шунида, то ҳоҷатманд нагардад бад-он, ки дар бобе аз абвоб, он чӣ мебояд ниҳод, андар он иститлоъи[2] раъй бояд карда бозгардад. Ва низ бо вай тазкираест[3], чунонки расм рафтааст ва ҳамеша аз ҳар ду ҷониб муҳодоту[4] мулотифот мебудааст, ки чун ба чашми ризо бад-он нигариста ояд, айби он пӯшида монад.

Ва сазад аз ҷалолати он ҷониби карим, ки расулонро он ҷо дер дошта наёяд ва ба зудӣ бар мурод бозгардонида шавад, ки мардуми ду иқлими бузург чашм бад-он доранд, ки миёни мо ду дӯстӣ қарор гирад. Чун расулонро бар мурод бозгардонида шавад, бо эшон бояд, ки расулони он ҷониб маҳрус[5] мазмум[6] гарданд, ки то чун ба ҳазрати мо расанд, мо низ он чӣ шарти дӯстӣ ва ягонагист, чунонки илтимос карда ояд, ба ҷой орем, биизниллоҳи азза ва ҷалла[7].

Ал-мушофаҳату-л-уло[8]

Ё ахӣ ва муътамадӣ Абулқосим Иброҳим ибн Абдиллоҳи-л Ҳасириййа атолаллоҳу бақоака! Чунон бояд, ки чун ба маҷлиси Хон ҳозир шавӣ, саломи мо бар сабили таъзиму тавқир[9] ба вай расонӣ ва тазкирае, ки ба ту фиристода омадааст таваддуду таъаҳҳудро[10] сабукии он бознамоӣ[11] ҳарчӣ некӯтар ва бигуйӣ, ки нигоҳдошти расмро ин чизи ҳақир фиристода омад ва бар асар узрҳо хоста ояд ва сазои ҳарду ҷониб маҳодот ва мулотифот намуда шавад[12]. Ва пас бигӯй, ки хон донад, ки имрӯз мардуми ду иқлими бузург, ки зери фармони мо ду соҳибдавлатанд ва бегонагон дуру наздик аз атроф чашм ниҳодаанд, то дар миёни мо ҳосили дӯстӣ бар чӣ ҷумла қарор гирад, то чун (ҳол миёни) хонадонҳо, ки биҳамдуллоҳ якест дар

---

[1] мақсуд ба натиҷа расад.
[2] огоҳӣ хостан.
[3] тазкира - ёдоварӣ; манзур рӯйхатест, ки дар он номи ҳадяҳои фиристоди як шоҳ ба дигар зикр мешуд.
[4] ба якдигар ҳадя доданд.
[5] нигаҳбонӣ карда.
[6] Мазмум -пайваста ва фароҳамоварда.
[7] тарҷ: ба дастур ва иҷозати Худо, ки тавонову бузург аст.
[8] дастуруламали музокараи шифоҳии нахуст.
[9] бузургдошт.
[10] таваддуд – дӯст доштан; таъаҳҳуд – тоза кардани паймону аҳд.
[11] яъне, ба Хон бирасонӣ, ки ҳадяи фиристодаи мо камарзиш аст.
[12] яъне, пас аз ин ҳадоёву некӯиҳо, ки шоистаи ҳар ду Султон бошад, фиристода хоҳад шуд.

ягонагию улфат муъаккадтар гардад, дӯстони мо ва муслиҳон бад-он шодмона гарданд, ки рӯзгор ба амну фароғи дил карона хоҳанд кард ва душманону муфсидон ғамину шикастадил шаванд, ки муқаррар гардад эшонро, ки бозори эшон касод хоҳад буд. Пас некӯтару писандатар он аст, ки миёни мо ду дӯст аҳде бошад дуруст ва ақде бад-он пайваста гардад аз ҳар ду ҷониб, ки чун васлату омехтагӣ омад, гуфтугӯҳо кӯтоҳ шавад ва бозори музаррибону[1] муфсидон касод гардад ва душманони ҳар ду ҷониб чун ҳоли якдилию якдастии мо бидонанд, дандонҳояшон кунд шавад ва бидонанд, ки фурсате натавонанд ёфт ва ба ҳеч ҳол ба мурод натавонанд расид, аз он ҷиҳат, ки чун дӯстӣ муаккад гашт, бидонанд мусоадату мувофақати ҳар ду ҷониб: аз вилоятҳое нав ба даст овардан ва ғазвҳои боному дурдаст кардан ва равони подшоҳони гузашта, разияллоҳу анҳум аҷмаина[2], шод кардан, ки чун мо суннати эшонро дар ғазвҳо тоза гардонем, аз мо шодмона шаванд ва баракоти он ба мову фарзандони мо пайваста гардад.

Ва чун ин фасл тақрир[3] карда шавад ва Хон нишот кунад, ки аҳд баста ояд ваъда бистонӣ рӯзе, ки савоб дида ояд, андар он аҳд бастан. Ва пас дархоҳӣ, то аъёну муътамадони ҳашами он ҷониби кариму аммону[4] бародарону фарзандон, адомаллоҳу таъйидаҳум, бо аъёни қузоту уламо ба маҷлиси Хон ҳозир оянд ва ту он ҷо равию Қозӣ Бутоҳирро бо худ он ҷо барӣ ва нусхати аҳднома, ки дода омадааст, арза кунӣ, то шароит муқаррар гардад ва бигӯйӣ, ки чун ин аҳд карда ояд ва расулони он ҷониби маҳрус, ки дар суҳбати шумо гусел кунанд ба даргоҳи мо расанд ва моро бубинанд, мо низ аҳд кунем бар он нусхат, ки мо дархостаем ва бо шумост чунонки андар он зиёдатеву нуқсоне науфтад. Ва албатта, набояд, ки аз шарти аҳднома чизеро тағйиру табдил уфтад, ки ғарази ҳама салоҳ аст. Ва ба айб надоштаанд дар ҳеч рӯзгор, ки андар чунин корҳои бузурги бономе илҳоҳ кунанд, ки аҳд ҳарчи дурусттару некӯтару бофоидатар. Ва агар муътамаде аз он ҷониб дар бобе аз ин абвоб сухане гӯяд аз он некӯтар, бишнавӣ ва ба ҳаққ ҷавоб диҳӣ ва мунозарае, ки бояд кард, бемуҳобо кунӣ, ки ҳукми мушоҳадат туро бошад он ҷо ва мо бад-он чӣ ту кунӣ, ризо диҳем ва савобдиди туро имзо фармоем. Аммо чунон бояд, ки ҳарчи бад-он иҷобат кунӣ, ғазозате ба ҷойи мулк боз нагардад. Ва агар масъалате уфтад мушкилтар, ки туро дар он таҳайюре афзояд ва аз мо дар он боб

[1] суханчинон.
[2] Худованд аз ҳамаи онон хушнуд бод!
[3] муқаррар.
[4] амакҳо.

мисоле наёфта бошӣ, иститлоъи раъйи мо кунӣ ва номаҳо фиристӣ бо қосидони мусриъ, то он масъаларо ҳал карда ояд, ки ин коре бузург аст, ки мепайваста ояд ва ба як маҷлису ду маҷлис ва бештар бошад, ки рост нашавад ва тараддудҳо уфтад ва агар ту дертар ба даргоҳ расӣ, раво бошад, он бояд, ки чун ин ҷо расӣ бо коре пухта бозгашта бошӣ, чунонки дар он боз набояд шуд[1]. Ва чун кори аҳд қарор гирад, Қозӣ, адомаллоҳу саломатаҳу, аз Хон дархоҳад, то он шартҳову савгандонро, ки дар аҳднома набишта омадааст, ба тамомӣ бар забон бионад ба машҳади ҳозирон ва эҳтиёти тамом карда ояд, то бар муқтазои шаръ аҳд дуруст ояд ва пас аз он аъён шаҳодоту хатҳои худ бад-он нависанд, чунонки расм рафтааст.

Ва пас аз аҳд бигӯй Хонро ки чун коре бад-ин некӯӣ бирафт ва баракоти ин аъқобро[2] хоҳад буд, моро раъй уфтодааст, то аз ҷониби Хон ду васлат бошад – яке ба номи мо ва яке ба номи фарзанди мо Абулфатҳ Мавдуд, дома таъйидуҳу[3], ки муҳимтари фарзанди мост ва баъд аз мо валиаҳди мо дар мулк вай хоҳад буд. Он вадиъат, ки ба номи мо номзад кунанд аз фарзандон ва сарпӯшидагон, бояд, ки бошад аз они Хон ва дигар вадиъат аз фарзандони амир фарзанд Бағротагин, ки валиаҳд аст. Аммо чунон бояд, ки ин ду карима аз хотунон бошанд каримуттарафайн[4]. Агар бинад Хон ва моро бад-ин иҷобат кунад чунонки аз бузургии нафсу ҳиммати бузург ва самоҳати[5] ахлоқи вай сазад, ки ба ҳеч ҳол раво набошад ва аз мурувват насазад, ки моро андарин рад карда ояд, муқаррар гардад, ки чун моро бад-ин иҷобат кунад, бад-он чӣ ӯ илтимос кунад, иҷобати тамом фармоем, то ин дӯстӣ чунон муаккад гардад, ки замонаро дар гушодани[6] он ҳеч таъсире намонад. Ва чун иҷобат кунад ва донам, ки кунад, ки дар ҳамаи аҳвол бузурге нест ҳамтош[7], рӯзи дигарро ваъда бистонӣ, ки дар он рӯз ин ду акд ба муборакӣ тамом карда ояд ва Қозӣ Бутоҳирро бо хештан барӣ, то ҳар ду акд карда ояд ва вай он чӣ воҷиб аст аз аҳкому аркон, ба ҷой орад. Ва маҳри он ду вадиъат он чӣ ба номи мо бошад панҷоҳ ҳазор динори ҳарейва кунӣ ва маҳри дигар ба номи фарзанд сӣ ҳазор динори ҳарейва. Ва чун аз маҷлиси акд бозгардӣ, нисорҳову ҳадяҳо, ки бо ту фиристода омадааст, бифармой хозинонро, ки бо туанд, то бубаранду таслим кунанд ва аз они Хону валиъаҳду хотунону

[1] яъне, зарурати дубора рафтан набошад.
[2] фарзандону фарзандзодагон, наберагон.
[3] неру бахшидани Худованд бар вай бардавом бод!
[4] аз ду тараф асил.
[5] чавонмард.
[6] буридани пайванд ва густастан.
[7] ҳамтояш.

модарони ду вадиъат ва аз они аммону хешовандону ҳашам адомаллоҳу таъйидаҳум ва сиёната-л ҷамиъи[1], чунонки он нусхат, ки дорӣ бад-он нотиқ аст. Ва узре, ки бояд хост, бихоҳӣ, ки он чӣ имрӯз би-оҷили-л-ҳол[2] фиристода омадааст, нисорест нигоҳ доштанӣ расми вақтро ва чун маҳдҳо фиристода ояд, то ба муборакӣ вадоеъ[3] биёранд, он чӣ шарти расми он аст, ба сазои ҳар ду ҷониб бо маҳдҳо бошад; то акнун ба чашми ризо бад-ин тазкираҳо нигариста ояд.

Ва пас аз он, ки ин ҳолҳо карда ояд ва қарор гирифта бошад, дастури бозгаштан хоҳӣ ва расулонро, ки номзад кунанд, бо хештан орӣ, то чун дар замони саломат ҳамагон ба даргоҳ расанд, мо низ иқтидо ба Хон кунем ва он чӣ воҷиб аст, дар ин абвоб, ки ба зиёдати дӯстиву мувофақат бозгардад, ба ҷо биёварем, иншоаллоҳу таъоло.

Ал-мушофаҳату-с-сонияту[4]

Ё ахӣ ва муътамадӣ Абулқосим ал-Ҳасирӣ, атолаллоҳу бақоака, меандешем, ки бошад, ки аз ту ҳадиси Амир, бародари мо Абуаҳмад Муҳаммад, адомаллоҳу саломатаҳу, пурсанд ва гӯянд, ки «Бад-он вақт, ки бар дари Самарқанд дидор карданд ва уқуду уҳуд[5] пайвастанд, ақди васлате буд ба номи бародари мо, чунонки ҳоли он пӯшида нест, имрӯз андар он чӣ бояд кард, ки ба ҳеч ҳол онро раво набошад ва шариъат иқтизо накунад маҳмил фурӯ гузоштан». Агар дар ин боб ба андаку бисёр чизе нагӯянд ва дили мо дар он нигоҳ доранду он ҳадисро ба ҷониби мо афгананд, ту низ андар он боб чизе мапайванд, то он гоҳ, ки расулони он ҷониби карим ба даргоҳи мо оянд бо шумо. Он гоҳ агар дар он боб сухане гӯянд, он чӣ раъй воҷиб кунад, ҷавоб дода ояд. Ва пас агар бигӯянд, инак ҷавоби он чӣ туро бояд дод дар ин мушофаҳа фармудем набиштан, то ту бидонӣ, ки сухан бар чӣ намат бояд гуфт ва наёяд туро истилоъи раъйи мо кардан[6]. Бигӯ, ки пӯшида нагардад, ки Амири мозӣ моро, чун кӯдак будем, чӣ гуна азизу гиромӣ дошт ва бар ҳамаи фарзандон ихтиёр кард. Ва пас чун аз дабиристон бархостем ва муддате баромад дар санаи сита ва арбаъма миа[7], моро валиаҳди хеш кард, нахуст бародарони хешро – Наср ва Юсуфро ва пас хешону авлиёву ҳашамро савганд доданд ва аҳд карданд, ки агар ӯро қазои марг

[1] Худованд таъйид ва ҳифзи ононро бардавом дорад!
[2] фавран.
[3] амонат.
[4] дастуруламали музокираи шифоҳии дувум.
[5] ақдҳову аҳдҳо.
[6] яъне, аз мо назар нахоҳӣ.
[7] соли 406, ки баробар аст бо соли 1015-1016-и милодӣ.

фаро расад, тахти мулк моро бошад. Ва ҳар васиқату[1] эҳтиёт, ки воҷиб буд андар он, ба ҷо оварда ва вилояти Ҳирот ба мо доду вилояти Гузгонон ба бародари мо; пас он, ки ӯро савганд дода буданд, ки дар фармону тоати мо бошад, чун бар тахти мамлакат нишинем. Ва он чӣ расм аст, ки авлиёи худро диҳанд аз ғулому тачаммулу олат ва кадхудой ба шабеҳи вазиру ҳуҷҷобу хидматкорон, ин ҳарчи тамомтар моро фармуд. Ва дар санаи самона ва арбаъа миа[2] фармуд моро, то ба Ҳирот рафтем, ки воситаи Хуросон аст[3] ва ҳашаму қузоту уммолу аъёну раъоёро фармуд, то ба хидмати мо омаданд ва ҳамагон гӯш ба ҳадиси мо доданд. Ва бад-ин он хост, то хабар ба дуру наздик расад, ки мо халифату валиаҳди вай ҳастем. Ва мо муддате ба Ҳирот бибудем ва бар фармонҳо, ки мо додем, ҳамагон ба Хуросон кор карданд, то он гоҳ, ки музаррибону ҳосидони дили худовандро бар мо дурушт карданд ва тазрибҳо нигоштанд, ки Эзид, азза зикруҳу, аз он ҳеч чиз наёфарида буд ва он бар дили мо ногузашта. Ва ҳилатҳо сохтанд, то раъйи некӯи ӯро дар боби мо бигардониданд. Ва вай низ онро, ки сохтанд, харидорӣ кард[4]. Магар табъи башарият, ки натавонист дид касеро, ки ҷойи ӯро сазовор бошад; ӯро бар он дошт, ки моро ҷафо фармояд, аз Ҳирот бозхонд ва ба Мултон фиристод ва он ҷо муддате чун маҳбус будем, ҳарчанд номи ҳабс набуд. Ва бародари моро баркашиду ба ростои вай некӯиҳо фармуд ва аснофи неъмат арзонӣ дошт, то моро душвор ояд. Ва ҳарчанд ин ҳама буд, номи валиаҳдӣ аз мо барнадошт ва онро тағйиреву табдиле надод ва ҳосидону душманони мо, ки ба ҳилату таъриз[5] андар он суханон пайвастанд, эшонро бонг бар бар зад. Ва мо сабр мекардему кор ба Эзид бигузошта будем, то чунонки аз фазли ӯ сазад, дили он худовандро, раҳматуллоҳи алайҳи, бар мо меҳрубон гардонид, ки бегуноҳ будем ва зоҳир гашт вайро он чӣ сохта буданд, ки ба рӯзгори ҷадди мо Амири одил, разияллоҳу анҳу[6], ҳамчунин тазрибҳо сохта буданд, то дарёфт ва бар бар забони вай рафт, ки «аз мо бар Масъуд ситам омад, ҳамчунон, ки аз падари мо ба мо» ва моро аз Мултон бозхонданд ва аз андоза гузашта бинавохту ба Ҳирот бозфиристод.

Ва ҳамчунин ин ҳолҳо бар ин ҷумла қарор гирифт; ҳам нагузоштанд, ки дили он подшоҳ, разияллоҳу анҳу, бар мо тамом

---

[1] аҳднома

[2] соли 408-и ҳ, ки баробар аст бо 1017-1018-и милодӣ.

[3] яъне шаҳри аслии Хуросон аст.

[4] писандид.

[5] таъриз – ба киноя сухан гуфтан.

[6] ишора ба воқеаи чонишини Сабуктагин гаштани писараш Исмоил, ки баъдтар аз сӯйи Маҳмуд шикаст дода шуд ва маҳбус гардид.

хуш шудӣ. Гоҳ гуфтандӣ, мо байъат меситонем лашкарро ва гоҳ гуфтандӣ, қасди Кирмону Ироқ медорем. Аз ин гуна тазрибҳову талбисҳо месохтанд, то дили вай бар мо софӣ намешуд ва пайваста номаҳо ба итоб мерасид ва кирдорҳои бародари мо бар сари мо мезад ва мо бар ин ҳама сабр мекардем, ки Эзид таъоло бандагонро, ки рост бошанду таваққуъ бар вай кунанду даст ба сабурӣ зананд, зоеъ намонад. Ва азбас талбис, ки сохтанду тазриб, ки карданд, кор бад-он манзилат расид, ки ҳар сол чун моро ба Ғазнин хондӣ бар даргоҳ ва дар маҷлиси иморат тартиби рафтану нишастану бозгаштан миёни мо ду тан яксон фармудӣ ва пас аз он мисол дод он муддат, ки бар даргоҳ будамӣ, то як рӯз муқаддам мо бошем ва дигар рӯз бародари мо. Ва ҳар рӯз сӯйи мо пайғом будӣ каму беш ба итобу молиш ва сӯйи бародар навохту иҳмод. Ва аз ин бигузашта, чун аз халифа хештанро зиёдат лақаб хост ва морову бародараш Юсуфро мисол дода буд, то дар номаи ҳазрати хилофати аввал номи бародари мо набишта буданд; ва мо ҳеч изтиробе накардем ва гуфтем: «ҷуз чунин нашояд», то баҳона наёранд.

Ва чун қасди Рай карду ба Гургон расид ва Ҳоҷиби фозил ам Хоразмшоҳ онҷо омад ва дар дил карда буд, ки моро ба Рай монад ва Хуросону тахти мулк номзади Муҳаммад бошад, раъй зад бо Хоразмшоҳ ва аъёни лашкар дар ин боб. Ва эшон заҳра надоштанд, ки ҷавоби ҷазм додандӣ ва дархостанд, то ба пайғом сухан гӯянд. Ва иҷобат ёфтанд ва бисёр сухану пайғом рафт, то қарор гирифт бар он, ки аҳде пайвастанд миёни мову бародар, ки чун падар гузашта шавад, қасди якдигар накунем, ки ба ҳеч ҳол рухсат наёфт номи вилоятаҳд аз мо бардоштан, пас он, ки бародар насиби мо тамом бидиҳад. Ва бародари моро ба Хуросон фиристоду моро бо худ бурд ва он навоҳӣ забт карду ба мо супурд ва бозгашт ба сабаби нолониву наздик омадани аҷал. Ва моро ба Рай чунон монд аз беуддатию лашкар, ки ҳар касеро дар мо тамаъ меуфтод ва ғарази дигар он буд, то мо бадном шавем ва ба аҷз бозгардему думканда шавем. Аммо Эзид ба фазли хеш моро ба риояти Худ бидошт, чунонки дар як зимистон бисёр мурод ба ҳосил омад чун ҷанг ба Сари Ҷаҳон[1] ва гирифтани солори Торам[2] ва пас аз он задан бар Писари Коку ва гирифтани Сипоҳон, чунонки он ҳолатҳо ба тамомӣ маълуми Хон аст. Ва агар ба тамоми нестӣ[3] Абулқосими Ҳасирӣ шарҳ кунад, ӯро маълум аст ва аз он ҷо қасди Ҳамадону Ҳулвону Кирмоншоҳону Бағдод хостем кард, аммо хабари гузашта шудани

[1] номи қалъа
[2] мавзеъе миёни Гелону Қазвин
[3] яъне, агар ба пуррагӣ намедонӣ.

он подшоҳи бузургу рукни қавӣ, падар – разияллоҳу анҳу, ба Сипоҳон ба мо расид, то қавоид бигашт. Ва бар он будем, ки васияти вай нигоҳ дорему мухолафате пайваста наёяд, лекин нагузоштанд, то ночор қасди Хуросон ва хона боист кард, чунонки пеш аз ин шарҳ тамом карда омадааст, бар дасти рикобдорон ва Хон бар он воқиф гашта.

Имрӯз кори мулк чун ба воҷибӣ бар мо қарор гирифту бародар ба даст омад ва ҳоли вай ба рӯзгори ҳаёти падари мо ин будааст, ки дар ин мушофаҳа боз намуда омадааст ва пас аз вафоти падар бар он ҷумла рафтааст, ки рафта аст, то боди шоҳӣ дар сари вай шуд ва тамаъи фармон додану бар тахти мулк нишастан ва молҳои багазоф аз хазоини итлоқ кардан[1] ва бахшидан кай рост ояд, ки вай гушода бошад, ки ду теғ ба ҳеч ҳол дар як ниём натавонад буд ва натавон ниҳод, ки нагунҷад. Ва салоҳи вайу лашкару раъийят он аст, ки вай ба фармони мо ҷое мавқуф аст дар некӯдоште ҳарчи тамомтар ва гушодани вай халалҳои бузург таваллуд кунад. То чун якчанд рӯзгор барояд ва корҳо тамом якрӯя гардад ва қарор гирад, он гоҳ Эзид, он чӣ тақдир кардааст ва ҳукми ҳол ва мушоҳадат воҷиб кунад, дар боби вай фармуда шавад, биизниллоҳи азза ва ҷалла. Ва чун бар ин мушофаҳа воқиф гардад, ба ҳукми хиради тамом, ки Эзид ӯро додааст ва дигар адавоте[2] бузургу муҳимтаре донем, ки моро маъзур дорад дар ин чӣ гуфта омад ва аз он ақд, ки ба номи бародари мо будааст, раво надорад, ки ёд кунад, ки вай, йудимуллоҳу неъматаҳу алайҳи[3], чунон набишт, ки салоҳи кори мо то имрӯз чунон некӯ нигаҳ дошт, ки аз они худ. Ва аз Эзид тавфиқ хоҳем, то ин дӯстиро, ки пеш гирифта омад, бар сар бурда ояд, иннаҳу хайру муваффиқин ва муъинин[4].

Ва агар ҳоҷат наёяд ба арза кардани ин мушофаҳа, ки ҳадиси бародари мо ва ақд дар он аст ва нигоҳ бо вай накунанд, яла бояд кард ин мушофаҳаро. Ва пас агар андар ин боб сухане равад инак ҷавобҳои ҷазм аст дар ин мушофаҳа, арз кунӣ, то муқаррар гардад ва ончи туро бояд гуфт, ки шоҳиди ҳамаи ҳолҳо будаӣ ва ҳеч чиз бар ту пӯшида нест, бигӯӣ, то дар ин боб албатта ҳеч сухане гуфта наёяд, иншоаллоҳу азза ва ҷалла.

Инак нусхати нома ва ҳар ду мушофаҳа бар ин ҷумла буд ва бисёр фоида аз тааммул кардани ин ба ҷой ояд, иншоаллоҳу таъоло.

Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, халвате кард бо вазир Хоҷа Аҳмади Ҳасан ва Бунасри Мушкон, соҳиби девони рисолат; ва ин ду

---

[1] молҳои беҳисобро аз хазина сарф кард.
[2] ҷамъи адот, олоти ҳосил шудани чизе.
[3] тарҷ: Худованд неъмати Худро бар ӯ (Хон) бардавому пайваста дорад!
[4] тарҷ: ҳамоно Худованд беҳин тавфиқдиҳанда ва ёригар аст!

расулро бихонданд ва он халват то намозе дигар бикашид ва он чӣ боист гуфт бо расулон бигуфтанду мисолҳо бидоданд. Ва нусхати тазкира ҳадяҳое, ки аввали рӯз пеши Хон раванд ва чӣ ҳадяҳои ақди тазвиҷ[1], карданд сахт бисёр ва ба расм. Ва он ду ҷоми заррини мурассаъ ба ҷавоҳир буд бо ҳорҳои[2] марворид ва ҷомаҳои базар ва ҷомаҳои дигар аз ҳар дасте – румию бағдодию сипоҳонию нишобурӣ ва тахтҳои қасаби гуна-гуна ва шораву[3] мушку уду анбар ва ду иқди гавҳар, ки якдона гӯянд, мар Хонрову писарашро Буғротагин ва хотунону арӯсону уммону ҳуҷҷобу ҳашамро. Ба ҷумла он чӣ нусхат карданд, аз хизонаҳо биёварданд ва пеши чашм карданду ба расулон супурданд. Ва хозине номзад шуду бо шогирдону бо ҳаммолони хизона, то бо расулон бираванд. Ва расулон бозгаштанд. Ва расулдор Буалиро бихонданду ҳарду хилъати бузург бад-ӯ доданд, то наздики расулон барад. Ва корҳо бисохтанд ва аз Балх рӯзи душанбе даҳ рӯз гузашта аз моҳи рабеъулаввал[4] бирафтанд. Ва пас аз ин ба ҷойи хеш биёварам ҳадиси ин расулон, ки чун ба Кошғар расиданд наздики Қадархон, чӣ рафт дар боби аҳду ақдҳо ва ҳаққи ақди муҳаммадӣ[5] ва муддате дароз, ки расулон он ҷо бимонданд ва мунозарае, ки рафту қосидону расулон, ки омаданд бо номаҳо ва бозгаштанд бо ҷавобҳо, то он гоҳ, ки қарор гирифт, иншоаллоҳу таъоло.

Зикру-л қабзи ъало Арёриқа-л-ҳоҷиби соҳиби ҷайши-л Ҳинди ва кайфа ҷаро золика ило ан қутила би-л Ғури, раҳматуллоҳи алайҳи[6]

Биёвардаам пеш аз ин ҳоли Арёруқ – солори Ҳиндустон дар рӯзгори Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, ки бод дар сари вай чӣ гуна шуд[7], то чун нимъосӣ[8] гирифтанд ӯро ва дар мулки Муҳаммад худ тан фарои эшон надод ва дар ин рӯзгор, ки Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан вайро аз Ҳиндустон ба чӣ ҳилат баркашид ва чун Амирро бидид гуфт: «Агар Ҳиндустон ба кор аст, набояд, ки низ Арёруқ он ҷо шавад». Ва омадани Арёруқ ҳар рӯз ба даргоҳ бо чанд мартабадору сипаркаш[9] бо Ғозии сипаҳсолор ва ба як ҷо ва душвор

---

[1] издивоҷ.
[2] риштаи.
[3] шора – порчаи зариф.
[4] баробар аст бо 7 марти соли 1031-и милодӣ.
[5] ақди муҳаммадӣ – кори паймони заношӯӣ бар суннати Муҳаммад (С).
[6] тарҷ: зикри боздоштани ҳоҷиб Арёруқ солори сипоҳи Ҳинд ва чигуна он кор ҷараён ёфт, то дар Ғур кушта шуд, бахшоиши Худой бар ӯ бод!
[7] яъне, чи тавр мағрур гашт.
[8] осигуна.
[9] сипардор.

омадан (бар) падариёну маҳмудиён тақаддум ва табаттури[1] ин ду тан. Ва чун ҳол бар ин ҷумла буд, ки ин ду муҳташам – Арёруқ ва Ғозиро касе, ки аз ӯ тадбире ояд, набуд ва ин ду сипаҳсолорро ду кадхудои шоистаи дабирпешаи гарму сардчашида на, ки пайдост, ки аз Саъиди Саррофу монанди вай чокарпешагони хомилуззикри[2] каммоя чӣ ояд ва туркон ҳаме гирди чунин мардумон гарданд ва оқибат нангаранд, то ночор халал бияфтад, ки эшонро таҷрибате набошад, ҳарчанд ба тани хеш кориву сахӣ бошанд ва таҷаммулу олат доранд, аммо дар дабирӣ роҳ набаранд ва имрӯз аз фардо надонанд, чӣ чора бошад аз уфтодани халал. Маҳмудиён чун бар ин ҳол воқиф шуданд ва рахна ёфтанд бад-он, ки ин ду танро пой кашанд, бо якдигар дар ҳилат истоданд, то ин ду солорро чӣ гуна фурӯ баранд.

Ва қазо бар ин ҳолҳо ёр шуд; яке аз он, ки Амир Абдусро фаро кард[3], то кадхудоёни эшонро бифирефт ва дар ниҳон ба маҷлиси Амир оварда ва Амир эшонро бинавохту умед дод ва бо эшон биниҳод, ки анфоси худовандони худро мешумаранд[4] ва ҳарчӣ равад бо Абдус мегуянд, то вай бозменамояд. Ва он ду хомилуззикри каммоя фирефта шуданд бад-он навохте, ки ёфтанд ва ҳаргиз ба хоб надида буданду надонистанд, ки чун худовандони эшон баруфтоданд, азаллу мина-н-наъли ва ахассу мина-т-туроб[5] бошанд ва чун тавонистандӣ донист, ки на шогирдӣ карда буданду на кутуб хонда. Ва ин ду мард бар кор шуданд ва ҳарчи рафт дуруғу рост руй мекарданду бо Абдус мегуфтанд ва Амир аз он чӣ мешунид, дилаш бар Арёруқ гаронтар мешуд ва Ғозӣ низ лахте аз чашми вай меуфтод. Ва маҳмудиён фарохтар дар сухан омаданд ва чун пеши Амир аз ин абвоб чизе гуфтанд ва вай мешунуд, дар ҳилат истоданд ва бар он бинҳоданд, ки нахуст ҳила бояд кард, то Арёруқ баруфтад ва чун баруфтод ва Ғозӣ танҳо монд, мумкин гардад, ки вайро бартавонанд андохт. Ва маҳмудиён лахте хабаре ёфтанд аз ҳоли ин ду кадхудой, ки дар шароб лофҳо зада буданд, ки «Эшон чокарони султонанд» ва ба ҷой оварданд[6], ки эшонро бифирефтаанд, оғозиданд эшонро навохтан ва чизе бахшидану барнишонданд, ки «Агар худовандонашон набошад, Султон эшонро корҳои бузург фармояд».

---

[1] саркашӣ.
[2] гумном.
[3] водошт.
[4] анфоси худовандони худро мешумаранд, яъне, ба нафъи Амир ҷосусӣ мекарданд.
[5] тарҷ: хортар аз наълу пасттар аз хок.
[6] дарёфтанд, фаҳмиданд.

Ва дигар офат он омад, ки сипоҳсолор Ғозӣ гурбузе[1] буд, ки Иблис, лаънаттуллоҳ, ӯро ришта барнатавонистӣ тофт[2]. Вай ҳаргиз шароб нахӯрда буд, чун комҳо ба ҷумла ёфт ва қафизаш[3] пур шуд, дар шароб омаду хӯрдан гирифт. Ва Амир чун бишнид, ҳарду сипоҳсолорро шароб дод ва шароб офати бузурге аст, чун аз ҳадд бигзарад ва бо шаробхорагони ифроткунандагон ҳар чизе тавон сохт. Ва оғозид Ғозӣ ба ҳукми он, ки сипаҳсолор буд, лашкарро навохтан ва ҳар рӯз фавҷеро ба хона боздоштану шаробу силат[4] додан ва Арёруқ назди вай будӣ ва вай низ меҳмони ӯ шудӣ ва дар ҳарду маҷлис чун шароб неру гирифтӣ, туркон ин ду солорро ба туркӣ сутудандӣ ва ҳоҷиби бузург Билготагинро муханнас[5] хондандӣ ва Алии Дояро мода ва солори ғуломони саройиро – Багтуғдӣ – кӯру ланг. Ва дигаронро, ҳамчун ҳар касеро, айбеву сақате[6] гуфтандӣ.

Аз Абдуллоҳ шунидам, ки кадхудойи Багтуғдӣ буд, пас аз он, ки ин ду сипоҳсолор баруфтоданд. Гуфт: «Як рӯз Амир бор надода буд ва шароб мехӯрдӣ, Ғозӣ бозгашт бо Арёрӯқ баҳам ва бисёр мардумро бо худ бурданд ва шароб хӯрданд. Солор Багтуғдӣ маро пӯшида ба наздики Билготагину Алӣ фиристод ва паём дод, ки ин ду нохештаншинос аз ҳадд мебигзаронанд; агар савоб бинад ба баҳонаи шикор барнишинад бо ғуломе бист, то вай бо Буабдуллоҳ ва ғуломе чанд наздики эшон ояд ва ин корро тадбир созанд». Гуфт: «Сахт савоб омад. Мо рафтем бар ҷониби Майхорон[7], то солор даррасад». Ва барнишастанду бирафтанд. Ва Багтуғдӣ низ барнишаст ва маро бо худ бурд ва бозу юз ва ҳар ҷаворихе[8] бо хештан оварданд. Чун фарсанге ду бирафтанд, ин се тан бар боло биистоданд бо се кадхудой: ману Буаҳмади Таклӣ – кадхудои ҳоҷиби бузург ва Амирак – муътамади Алӣ. Ва ғуломонро бо шикрадорон[9] гусел карданд сайдро. Ва мо шаш тан мондем.

Меҳтарон дар сухан омаданд ва замоне навмедӣ намуданд аз Амир ва аз истилои ин ду сипоҳсолор. Багтуғдӣ гуфт: «Турфа он аст, ки дар саройҳои маҳмудӣ хомилуззикртар аз ин ду тан кас набуд ва ҳазор бор пеши ман замин бӯса додаанд, валекин ҳарду далеру мардона омаданд, Ғозӣ гурбузе аз гурбузон ва Арёруқ харе аз харон,

---

[1] фиребгар.
[2] сухани маҷоз аст: яъне, шайтон ҳам чун ӯ ҳиллагар набуд.
[3] паймонааш.
[4] инъом.
[5] муханнас – хуносо, номард.
[6] душном.
[7] номи мавзеъ.
[8] ҷамъи ҷориҳа, яъне, мурғони шикорӣ.
[9] шикра мурғи шикориро гӯянд ва ин ҷо мурод шикоркунанда аст.

то Амир Маҳмуд эшонро баркашиду дар дарачаи бузург ниҳод, то вачеҳ гаштанд. Ва Ғозӣ хидмате сахт писандида кард ин султонро ба Нишобур, то ин дарачаи бузург ёфт. Ва ҳарчанд дили Султон нохоҳон аст Арёруқрову Ғозиро хоҳон, чун дар шароб омаданд ва раъноиҳо[1] мекунанд, дили Султонро аз Ғозӣ ҳам тавон гардонид. Валекин то Арёруқ барнауфтад, тадбири Ғозӣ натавон кард ва чун ришта якто шуд, он гаҳ ҳарду баруфтанд, то мо аз ин ғазозат бираҳем. Ҳоҷиби бузург ва Алӣ гуфтанд: «Тадбири шарбате[2] созанд, созанд, ё руёруйи касеро фаро кунанд, то Арёруқро табоҳ кунад». Солор Багтуғдӣ гуфт: «Ин ҳар ду ҳеч нест ва пеш нашавад ва оби мо рехта гардад ва кори ҳарду қавӣ шавад. Тадбир он аст, ки мо ин корро фурӯ гузорему дӯстӣ намоем ва касон гуморем, то тазрибҳо месозанд ва он чӣ туркон ва ин ду солор гӯянд, фарохтар зиёдатҳо мекунанд ва мебознамоянд, то ҳол кучо расад». Бар ин бинҳоданд ва ғуломону шикрадорон бозомаданд ва бисёр сайд оварданд. Ва рӯзе дер баромада буд, сандуқҳои шикорӣ баргушоданд, то нон бихурданд ва атбоъу ғуломону ҳошия ҳама бихӯрданд. Ва бозгаштанд ва чунонки сохта буданд, ин ду танро, пеш гирифтанд.

Ва рӯзе чанд бар ин ҳадис баромад ва дили Султон дурушт шуд бар Арёруқ ва дар фурӯ гирифтани вай халвате карду бо вазир шикоят намуд аз Арёруқ. Гуфт: «Ҳол бад-он чо мерасад, ки Ғозӣ аз ин табоҳ мешавад ва мулук чунин чизҳоро эҳтимол[3] накунад. Ва раво нест солорони сипоҳ бефармонӣ кунанд, ки фарзандонро ин заҳра набошад ва фариза шуд ӯро фурӯ гирифтан, ки чун ӯ фурӯ гирифта шуд, Ғозӣ ба салоҳ ояд. Хоча андарин чӣ гӯяд?» Хоҷаи Бузург замоне андешид, пас гуфт: «Зиндагонии худованди олам дароз бод, ман савганд дорам, ки дар ҳеч чиз аз масолеҳи мулк хиёнат накунам. Ва ҳадиси солору лашкар чизе сахт нозук аст ва ба подшоҳ муфавваз.[4] Агар раъйи олӣ бинад, бандаро дар ин як кор афв кунад ва он чӣ худ савоб бинад, мекунаду мефармояд. Агар банда дар чунин бобҳо чизе гӯяд, бошад, ки мувофиқи раъйи худованд наюфтад ва дил бар ман гарон кунад». Амир гуфт: «Хоча халифаи мост ва муътамадтари ҳамаи хидматкорон ва ночор дар чунин корҳо сухан бо вай бояд гуфт, то вай он чӣ донад бозгӯяд ва мо мешунавем, он гоҳ бо хештан бозандозем ва он чӣ аз раъй вочиб кунад, мефармоем». Хоча гуфт: «Акнун банда сухан битавонад гуфт. Зиндагонии худованд дароз бод, он чӣ гуфта омад дар боби Арёруқ

[1] аҳмақӣ, худхоҳӣ.
[2] манзур шарбати захролуд.
[3] таҳаммул
[4] вогузошта

он рӯз, ки пеш омад, насиҳате буд, ки ба боби Ҳиндустон карда омад, ки аз ин мард он ҷо таъаддию таҳаввуре рафт ва низ вайро он ҷо бузург номе уфтоду онро табоҳ гардонид, бад-он, ки Амири мозӣ вайро бихонд ва вай дар рафтан коҳилию сустӣ намуд ва онро таъвилҳо ниҳод. Ва Амир Муҳаммад вайро бихонд, вай низ нарафт ва ҷавоб дод, ки «Валиаҳди падар Амир Масъуд аст, агар вай ризо диҳад ба нишастани бародар ва аз Ироқ қасди Ғазнин накунад, он гоҳ вай ба хидмат ояд». Ва чун номи худованд шунид ва банда он чӣ гуфтанӣ буд бигуфт, бо банда биёмад. Ва то ин ҷост, нашнудам, ки аз вай таҳаввуреву бетоатӣ омад, ки бад-он дил машғул бояд дошт. Ва ин табассут[1] ва зиёдатии олат изҳор кардан ва бефармон шароб хӯрдан бо Ғозӣ ва туркон сахт саҳл аст ва ба як маҷлис ман ин рост кунам, чунонки низ дар ин абвоб сухан набояд гуфт. Худовандро вилоят зиёдат шудааст ва мардони кор бибояд ва чун Арёруқ дер ба даст шавад. Бандаро он чӣ фароз омад, бознамуд, фармон худованд-рост». Амир гуфт: «Бидонистам ва ҳама чунин аст, ки гуфтӣ. Ва ин ҳадисро пӯшида бояд дошт, то беҳтар бияндешам». Хоҷа гуфт: «Фармонбурдорам!». Ва бозгашт.

Ва маҳмудиён фурӯ наистоданд ва аз тазриб то бад-он ҷойгоҳ, ки дар гӯши Амир афканданд, ки «Арёруқ бадгумон шудааст ва бо Ғозӣ биниҳода, ки шарре ба по кунанд ва агар дасте наёбад, бираванд. Ва бештар аз ин лашкар дар байъати вайанд». Рӯзе Амир бор дод ва ҳамаи мардум ҷамъ шуданд ва чун бор бишикаст, Амир фармуд маравед, ки шароб хоҳем хӯрд. Ва Хоҷаи Бузургу оризу соҳиби девони рисолат низ бинишастанд. Ва хончаҳо овардан гирифтанд пеши Амир бар тахт яке ва пеши Ғозиву пеши Арёруқ яке ва пеши ориз Бусаҳли Завзанию Бунасри Мушкон яке, пеши надимон ҳардуро яке ва Абулқосими Касир ба расми надимон менишаст ва логаштаву ришта[2] фармуда буданд, биёварданд сахт бисёр. Пас ин бузургон чун нон бихӯрданд, бархостанду ба торами девон бозомаданд ва бинишастанду даст бишустанд. Ва Хоҷаи Бузург ҳарду солорро бистуду некуй бигуфт. Эшон гуфтанд: «Аз худованд ҳама дилгармию навохт аст ва мо ҷон фидои хидмат дорем, валекин дили моро машғул медоранд ва надонем, то чӣ бояд кард?» Хоҷа гуфт: «Ин савдост[3] ва хаёле ботил, ҳамакнун аз дили шумо бардорад. Таваққуф кунед, чандонки ман фориғ шавам ва шумоёнро бихонанд». Ва танҳо пеш рафту халвате хост ва ин нукта бозгуфт ва дархост, то эшонро ба тозагӣ дилгармӣ бошад, он гоҳ

[1] густохӣ
[2] логашта ва ришта ду навъ ғизои он рӯзгор.
[3] хаёли беҳуда.

раъй худовандрост, дар он чӣ бинад ва фармояд. Амир гуфт: «Бидонистам!» Ва ҳама қавмро бозхонданд ва мутрибон биёмаданду даст ба кор бурданд ва нишот боло гирифт ва ҳар ҳадисе мерафт. Чун рӯз ба намози пешин расид, Амир мутрибонро ишорат кард, то хомӯш истоданд, пас рӯй сӯйи вазир карду гуфт: «То ин ғоят ҳаққи ин ду сипоҳсолор чунонки бояд фармудаем шинохтан; агар Ғозӣ аст, он хидмат кард ба Нишобур ва мо ба Испоҳон будем, ки ҳеч банда накард ва аз Ғазнин биёмад. Ва чун бишнид, ки мо ба Балх расидем, Арёруқ бо Хоҷа бишитофт ва ба хидмат омад. Ва мешунавем, ки тане чанд ба боби эшон ҳасад менамонд ва жож мехоянду дили эшон машғул медоранд. Аз он набояд андешид, бар ин ҷумла, ки мо гуфтем эътимод бояд кард, ки мо сухани ҳеч кас дар боби эшон нахоҳем шунид». Хоҷа гуфт: «Ин ҷо сухан намонд ва навохт бузургтар аз ин кадом бошад, ки бар лафзи олӣ рафт?» Ва ҳар ду сипоҳсолор замин бӯса доданду тахт низ бӯса карданд ва ба ҷойи хеш бозомаданд ва сахт шодком бинишастанд. Амир фармуд, то ду қабои хосс оварданд ва ҳарду ба зар ва ду шамшере ҳамойили мурассаъ ба ҷавоҳир, чунонки гуфтанд, қимати ҳарду панҷоҳ ҳазор динор аст ва дигарбора ҳардуро пеш хонданд ва фармуд, то қабоҳо ҳарду паси пушти эшон карданд ва ба дасти хеш бубастанд. Ва Амир ба дасти худ ҳамойил дар гардани эшон афганд. Ва дасту тахту замин бӯса доданду бозгаштанд ва барнишастанду бирафтанд, ҳамаи мартабадорони даргоҳ бо эшон, то ба ҷойгоҳи худ боз шуданд. Ва маро, ки Булфазлам, ин рӯз навбат буд, ин ҳама дидам ва бар тақвими ин сол таълиқ кардам.

Пас аз бозгаштани эшон Амир фармуд ду маҷлисхонаи заррин бо суроҳиҳои[1] пуршаробу нуқлдонҳову наргисдонҳо рост карданд ду солорро ва Булҳасани Караҷии надимро гуфт: «Бар сипоҳсолор Ғозӣ рав ва инро бар асари ту оранд ва се мутриби хосс бо ту оянд ва бигуй, ки аз маҷлиси мо нотамом бозгаштӣ, бо надимон шароб хӯр бо самоъи мутрибон». Ва се мутриб бо вай рафтанду фаррошон ин каромот бардоштанд. Ва Музаффари надимро мисол дод, то ба се мутриб ва он каромот сӯйи Арёруқ рафт.

Ва Хоҷа фасле чанд дар ин боб сухан гуфт, чунонки у донистӣ гуфт ва наздики намози дигар бозгашт. Ва дигарон низ бозгаштан гирифтанд. Ва Амир то наздики шом мебуд, пас бархосту гарм дар саро рафт. Ва маҳмудиён бад ин ҳол, ки тоза гашт, сахт ғамнок шуданд. На эшон донистанд ва на касе, ки дар ғайб чист. Ва замона ба забони фасеҳ овоз медод, валекин касе намешунуд. Шеър:

Ё роқида-л-лайли масруран би аввалиҳи,

[1] суроҳӣ – зарфе, ки вижаи шароб бошад.

Инна-л ҳаводиса қад ятруқна асҳоро.
Ло тафраҳанна би лайлин тоба аввалуҳу,
Фарубба охири лайлин аҷҷаҷа-н-норо[1].

Ва ин ду надим наздики ин ду солор шуданд бо ин каромоту мутрибон ва эшон расми хидмат ба ҷой оварданд ва чун пайғоми Султон бишнуданд ба нишот шароб хӯрданд ва бисёр шодӣ карданд. Ва чун маст хостанд шуд, надимонро асбу ситоми зар ва ҷомаву сим доданду ғуломе турк ва ба хубӣ бозгардониданд. Ва ҳамчунин мутрибонро ҷомаву сим бахшиданд. Ва бозгаштанд ва Ғозӣ бихуфт. Ва Арёруқро одат чунон буд, ки чун дар шароб нишастӣ, се чаҳор шабонарӯз бихурдӣ ва ин шаб то рӯз бихӯрд ба он шодию навохт, ки ёфта буд.

Ва Амир дигар рӯз бор дод. Сипоҳсолор Ғозӣ бар боде[2] дигар ба даргоҳ омад бо бисёр такаллуфи зиёдат. Чун бинишаст, Амир пурсид, ки Арёруқ чун наёмадааст? Ғозӣ гуфт: «Ӯ одат дорад се чаҳор шабонарӯз шароб хӯрдан, хосса бар шодӣ ва навохти дина». Амир бихандиду гуфт: «Моро ҳам имрӯз шароб бояд хӯрд ва Арёруқро давре фиристем». Ғозӣ замин бӯса дод, то бозгардад, гуфт: «Марав!» Ва оғози шароб карданд. Ва Амир фармуд, то Амираки сиёҳдори хуморчиро бихонданд ва ӯ шароб некӯ хӯрдӣ ва Арёруқро бар ӯ илфе[3] тамом буд ва Амир Маҳмуд ҳам ӯро фиристод ба наздики Арёруқ ба Ҳинд, то ба даргоҳ биёяд ва бозгардад, дар он моҳ, ки гузашта шуд, чунонки биёвардаам пеш аз ин. Амирак пеш омад. Амир гуфт: «Панҷоҳ қароба[4] шароб бо ту оранд, наздики ҳоҷиб Арёруқ рав ва наздики вай мебош, ки вайро ба ту илфе тамом аст, то он гоҳ, ки маст шаваду бихусбад. Ва бигӯй: «Мо туро дастурӣ додем, то ба хидмат наойӣ ва бар одат шароб хӯрӣ». Амирак бирафт, ёфт Арёруқро чун гӯй шудаву[5] бар бӯстон мегашт ва шароб мехӯрд ва мутрибон мезаданд. Пайғом бидод, вай замин бӯса доду бисёр бигирист ва Амиракрову фаррошонро моле бахшид. Ва бозгаштанд ва Амирак он ҷо бимонд ва сипоҳсолор Ғозӣ то чошт-гоҳ бад-он ҷой бо Амир бимонд, пас бозгашт ва чанд сарҳангу ҳоҷибро бо худ бибурд ва ба шароб бинишаст ва он рӯз моле бахшид аз динору дираму асбу ғулому ҷома. Ва Арёруқ ҳам бар

[1] тарҷ: ай оромгиранда ба хушӣ дар оғози шаб, ҳамоно рӯйдодҳои бади саҳаргоҳон дароянд, ба шабе, ки аввали он хуш бошад, шодӣ макун, чӣ басо поёни шабе, ки оташи фитна барафрӯхт.
[2] ғуруру такаббури нав.
[3] унс.
[4] қароба – шиша, суроҳӣ, ҷом; зарфи об, офтоба (ин калима дар гӯиши омиёнаи баъзе мавозеъ аз таъсири туркӣ «қаробойӣ» талаффуз мешавад.
[5] яъне, аз мастии шадид чун гӯй чапу рост мерафт.

одати худ мехуфту мехост ва ришта меошомиду боз шароб мехӯрд, чунонки ҳеч надонист, ки чӣ мекунад; он рӯзу шаб ва дигар рӯз ҳеч менаёсуд.

Ва Амир дигар рӯз бор надод ва сохта буд, то Арёруқро фурӯ гирифта ояд ва омад бар хазро баробари торами девони рисолат бинишаст – ва мо ба девон будем – ва ҳар кас пӯшида мерафт ва ахбори Арёруқро меоварданд. Дар ин миёна, рӯз ба намози пешин расида, Абдус биёмаду чизе ба гӯши Бунасри Мушкон бигуфт. Вай бархосту дабиронро гуфт: «Бозгардед, ки боғ холӣ хоҳанд кард!» Ҷуз ман, ба ҷумла бархостанду бирафтанд. Маро пӯшида гуфт, ки «Асб ба хона бозфирист ва ба даҳлези девон бинишин, ки муҳимме пеш аст, то он карда шавад ва ҳушёр бош, то он чӣ равад, мақаррар кунӣ ва пас ба ман наздик биёӣ». Гуфтам: «Чунин кунам! » Ва вай бирафт ва вазиру оризу қавми дигар низ ба ҷумла бозгаштанд.

Ва Багтагини ҳоҷиб, домоди Алии Доя, ба даҳлез омад ва ба наздики Амир бирафт ва як соате монд ва ба даҳлез бозомада ва Муҳтоҷ – амири ҳарасро бихонду бо вай пӯшида сухане бигуфт. Вай бирафт ва пиёдае понсад биёвард аз ҳар дасте бо силоҳи тамом ва ба боғ фиристод, то пӯшида бинишастанд. Ва нақибони ҳиндувон биёмаданду марде сесад ҳинду оварданд ва ҳам дар боғ бинишастанд. Ва пардадоре ва сиёҳдоре наздики Арёруқ рафтанд ва гуфтанд: «Султон нишоти шароб дорад ва сипоҳсолор Ғозиро касон рафтанд, то биёяд ва туро мебихонад». Ва вай ба ҳолате буд, ки аз мастӣ дасту пояш кор намекард, гуфт, бар ин ҷумла чун тавонам омад? Аз ман чӣ хидмат ояд? Амираки сиёҳдор, ки Султон бо вай рост дошта буд, гуфт: «Зиндагонии сипоҳсолор дароз бод, фармони худованд нигоҳ бояд дошт ва ба даргоҳ шуд, ки чун бар ин ҳол бинад, маъзур дорад бозгардонад ва ношудан сахт зишт бошад ва таъвилҳо ниҳанд» ва ҳоҷибашро, Олтунтагин, Амирак бо худ ёр кард, то бигуфт, ки ночор бояд рафт. Ҷомаву мӯзаву кулоҳ хост ва бипӯшид бо қавме анбӯҳ аз ғуломон ва пиёдае дувист. Амирак ҳоҷибашро гуфт: «Ин зишт аст, ба шароб меравад, ғуломе даҳ сипаркашону пиёдае сад басанда бошад». Вай он сипоҳи ҷӯшро[1] бозгардонид ва Арёруқ худ аз ин ҷаҳон хабар надорад, чун ба даргоҳ расид, Багтагини ҳоҷиб пеши ӯ бозшуд ва амири ҳарас, ӯро фуруд оварданд ва пеши вай рафтанд, то торам ва он ҷо бинишонданд. Арёруқ як лаҳза буд, бархосту гуфт: «Мастам ва наметавонам (буд), бозгардам». Багтагин гуфт: «Зишт бошад бе фармоне бозгаштан, то огоҳ кунем». Вай ба даҳлез бинишаст ва ман, ки Булфазлам, дар вай менигаристам, Ҳоҷии Саққоро бихонд ва вай биёмад ва кӯзаи об пеши вай медошт,

[1] сипоҳи анбӯҳ

даст фурӯ мекарду ях мебароварду мехӯрд. Багтагин гуфт: «Ай бародар, ин зишт аст ва ту сипоҳсолорӣ, андар даҳлез ях мехӯрӣ? Ба торам рав ва он чӣ хоҳӣ, бикун!» Вай бозгашту ба торам омад, агар маст набудӣ ва хостандаш гирифт, кори бисёр дароз шудӣ, чун ба торам бинишаст, панҷоҳ сарҳанге аз муборизони сарғавғои[1] он муғофасат[2] даррасиданд ва Багтагин даромад, Арёруқро дар канор гирифт ва сарҳангон даромаданд аз чапу рост, ӯро бигирифтанд, чунонки албатта ҳеч натавонист ҷунбид, овоз дод Багтагинро, ки «Ай бародари ноҷавонмард бар ман ин кор овардӣ?!» Ғуломони дигар даромаданд, мӯза аз пояш ҷудо карданд ва дар ҳар мӯза ду катора[3] дошт. Ва Муҳтоҷ биёмад, банде оварданд сахттар қавӣ ва бар пойи ӯ ниҳоданд ва қабош бозкарданд, заҳр ёфтанд дар бари қабо ва таъвизҳо[4], ҳама аз вай ҷудо карданд ва берун гирифтанд. Ва пиёдае панҷоҳ кас ӯро гирд бигрифтанд, пиёдагони дигар давиданд ва асбу созу ғуломонашро бигрифтанд. Ва ҳоҷибаш бо се ғулом рӯёрӯй бичастанд. Ва ғуломонаш бигрифтанду бар бом омаданд ва шӯре азим бар пой шуд. Ва Амир бо Багтагин дар фуруд гирифтани Арёруқ буд ва касон тохта буд наздики Багтуғдӣ ва ҳоҷиби бузург Билготагин ва аъёни лашкар, ки чунин шуғле дар пеш дорад, то барнишинанд; ҳамагон сохта барнишаста буданд. Чун Арёруқро бибастанду ғуломону ҳошияташ дарбишӯриданд, ин қавм сохта сӯйи саройи ӯ бирафтанд ва бисёр савори дигар аз ҳар ҷинсе бар эшон пайвастанд ва ҷанге бузург ба пой шуд. Амир Абдусро наздики қавми Арёруқ фиристод ба пайғом, ки «Арёруқ марде нохештаншинос буд ва шумо бо вай дар бало будед, имрӯз салоҳ дар он буд, ки вайро нишонда ояд. Ва худовандони шумо моем, кӯдакӣ макунеду даст аз ҷанг бикашед, ки пайдост, ки адади шумо чанд аст ба як соате кушта шавед ва Арёруқро ҳеч суд надорад. Агар ба худ бошед, шуморо бинавозем ва басазо дорем». Ва сӯйи ҳоҷибаш пайғомеву дилгармие сахт некӯ бурд. Чун Абдус ин пайғом бигузорид, обе бар оташ омад[5] ва ҳоҷибу ғуломонаш замин бӯса доданд. Ин фитна дарвақт бинишаст ва саройро фурӯ гирифтанду дарҳо муҳр карданд ва офтоби зардро чунон шуд[6], ки гуфтӣ, ҳаргиз маскани одамиён набудааст. Ва ман бозгаштам ва ҳарчи дида будам,

[1] фитнаангез.
[2] ногаҳон.
[3] катора – шамшери кӯтоҳи дудама.
[4] таъвиз – паноҳ додан ва низ ба маънои дуъоҳое, ки бар коғаз менависанду бар гардан ё бозу мебанданд барои дафъи чашмзахму балову офат, бозубанд ё тӯъмор.
[5] яъне, оташи фитна фурӯ нишаст.
[6] яъне, то ғуруби офтоб.

бо устодам бигуфтам. Ва намози хуфтан бигузорда Арёруқро аз торам ба Қуҳандиз бурданд. Ва пас аз он ба рӯзе даҳ ӯро ба сӯйи Ғазнин гусел карданд ва ба сарҳанг Буалии Кутвол супурданд. Ва Буалӣ бар ҳукми фармон ӯро якчанд ба қалъат дошт, чунонки касе ба ҷой наёвард, ки мавқуф аст. Пас ӯро ба Ғур фиристоданд наздики Булҳасани Халаф, то ба ҷое боздошташ. Ва ҳадиси вай ба поён омад ва ман биёрам ба ҷои худ, ки оқибати кори куштани ӯ чун буд.

Ин фурӯ гирифтани вай дар Балх рӯзи чаҳоршанбе, нуздаҳуми моҳи рабеъулаввали санаи иснатайн ва ишрина ва арбаъа миа[1] буд. Ва дигар рӯзи фурӯ гирифтан, Амир Пирӯзи Вазирии ходимро ва Абусаиди мушрифро, ки имрӯз бар ҷой асту ба Работи Кандӣ мебошад ва ҳанӯз мушрифӣ надода буданд, ки ишрофи даргоҳ ба исми Қозӣ Хусрав буд ва Булҳасани Абдулҷалил ва Бумансури Муставфиро ба саройи Арёруқ фиристод ва муставфӣ ва кадхудои ӯро, ки гирифта буданд, он ҷо оварданд ва дарҳо бигушоданду бисёр неъмат бардоштанд. Ва нусхате доданд, ки ба Ҳиндустон моле сахт азим аст. Ва се рӯз кор шуд, то он чӣ Арёруқро буд ба тамомӣ нусхат карданду ба даргоҳ оварданд. Ва он чӣ ғуломонаш буданд, хиёра дар вусоқаҳо карданд ва он чӣ миёна буд сипоҳсолор Ғозӣ ва ҳоҷибонро бахшид. Ва Булҳасани Абдулҷалил ва Бусаъиди мушрифро номзад кард, то сӯйи Ҳиндустон раванд ва ба овардани молҳои Арёруқ; ҳарду кас ба таъҷил рафтанд. Ва пеш аз он, ки ӯро фурӯ гирифтанд, хайлтошони мусриъ рафта буданд, бо номаҳо, то қавми Арёруқро ба эҳтиёт нигаҳ доранд.

Ва дигар рӯзе Ғозӣ ба даргоҳ омад, ки Арёруқро нишонда буданд, сахт озор кашидаву тарсон гашта. Чун бор бигсаст, Амир бо вазир ва Ғозӣ холӣ карду гуфт: «Ҳоли ин марди дигар аст ва ҳоли хидматкорони дигар дигар. Ӯ марде гарданкашу меҳтар шуда буд ба рӯзгори падари мо, бад-он ҷо, ки хунҳои ноҳақ рехт ва уммолу соҳиббаридонро заҳра набуд, ки ҳоли вай ба тамомӣ бознамудандӣ, ки бими ҷон буд, ки роҳҳо бигирифтандӣ ва бе ҷувози ӯ кас натавонист рафт. Ва ба талаби падари мо наёмада буд аз Ҳиндустон ва намеомадӣ ва агар қасди ӯ кардандӣ, бисёр фасод ангехтӣ. Ва Хоҷа бисёр афсун кардааст, то вайро битавонист овардан. Чунин чокар ба кор наёяд. Ва ин бад-он гуфтам, то сипаҳсолор дили хешро машғул накунад бад-ин сабаб, ки рафт. Ҳоли вай дигар аст ва он хидмат, ки вай кардааст, моро бад-он вақт, ки мо ба Сипоҳон будем ва аз он ҷо қасди Хуросон кардем». Ӯ замин бӯса доду гуфт: «Ман бандаам ва агар сутурбонӣ фармояд ба ҷойи ин шуғл, маро фахр аст. Фармон худовандро бошад, ки вай ҳоли бандагон беҳтар донад». Ва

[1] соли 422 ҳ., ки баробар аст бо 16 марти соли 1031-и милодӣ.

Хоҷа фасле чанд сухани некӯ гуфт ҳам дар маънии Арёруқ ва ҳам дар боби дилгармии Ғозӣ, чунонки ӯ донистӣ гуфт. Ва пас бозгаштанд ҳарду. Хоҷа бо вай ба торам бинишаст ва устодам Бунасрро бихонд, то он чӣ аз Арёруқ рафта буд аз таҳаввуру таъаддиҳо, чунонки душманон илқо кунанду бознамоянд, вай ҳама бознамуд, чунонки Ғозӣ ба тааҷҷуб бимонду гуфт: «Ба ҳеч ҳол раво набуд онро фурӯ гузоштан». Ва Бунаср рафту бо Амир бигуфт ва ҷавобҳои некӯ биёварду ва ин ҳарду муҳимтар суханони дилпазир гуфтанд, то Ғозӣ хушдил шуд ва бозгашт.

Ман аз Хоҷа Бунаср шунидам, ки Хоҷа Аҳмад маро гуфт, ки «Ин турк бадгумон шуд, ки гурбузу доҳист ва чунин чизҳо бар сари ӯ бинашавад ва дареғ чун Арёруқ, ки иқлиме забт тавонистӣ кард ҷуз Ҳиндустон ва ман зомини ӯ будаме. Аммо ин худованд бас суханшунав омад ва фурӯ нагзоранд ӯро ва ин ҳама корҳо зеру забар кунанд. Ва Ғозӣ низ баруфтод ва ин аз ман ёд дор». Ва бархосту ба девон рафт ва сахт андешманд буд ва ин гурги пир[1] гуфт: «Қавме сохтаанд, аз маҳмудӣ ва масъудӣ ва бо иғрози хеш машғул, Эзид, азза зикруҳу, оқибат ба хайр кунод».

Зикру-л қабзи ъало соҳиби-л-ҷайши Асиғтакина-л-Ғозӣ ва кайфа ҷаро золика ило ан унфиза ило қалъати Ҷардиза ва тувуффийа биҳо, раҳматуллоҳи алайҳи[2]

Муҳол бошад чизе набиштан, ки ба норост монад, ки ин қавм, ки ҳадиси эшон ёд мекунам, солҳои дароз аст, то гузаштаанд ва хусуматҳои эшон ба Қиёмат уфтодааст. Аммо ба ҳақиқат бибояд донист, ки Султон Масъудро ҳеч дар дил набуда фурӯ гирифтани Ғозӣ ва ба ростои вай ҳеч ҷафо нафармурдӣ ва он сипоҳсолории Ироқ, ки ба Тош доданд, бад-ӯ додӣ. Аммо ин ҷо ду ҳоли нодир бияфтод ва қазои ғолиб бо он ёр шуд, то солоре чунин баруфтод ва ло марадда ли-қазои-л-лоҳи[3] яке он, ки маҳмудиён аз думи ин мард мебознашуданд ва ҳилаву тазрибу иғро[4] мекарданд ва дили Амир азбаски бишнид, пур шуд, то эшон ба мурод расиданд; ва яке азимтар аз он он омад, ки солор ҷавон буд ва пиронро ҳурмат

[1] манзур вазир Ҳасани Маймандӣ аст, ки дурандешу донишманд буд, зеро пешгӯиҳояш дуруст баромаданд.

[2] тарҷ: баёни гирифтории сардори сипоҳ Асиғтакини Ғозӣ ва чигунагии вуқуъи моҷаро, то он ки ба қалъаи Гардез рафт ва дар он ҷо даргузашт, Худованд ӯро раҳмат кунад.

[3] тарҷ: ҳукму тадбири илоҳиро бозгаште нест.

[4] таҳрик кардан.

надошт, то аз ҷавонӣ коре нописандида кард ва дар сари он шуд бе муроди худовандаш[1].

Ва чунон уфтод, ки Ғозӣ пас аз баруфтодани Арёруқ бадгумон шуд ва хештанро фароҳам гирифту даст аз шароб бикашид ва чун навмеде меомаду мешуд[2]. Ва дар халват бо касе, ки сухан меронд, навмедӣ менамуду мегирист. Ва яке даҳ мекарданд ва дурӯғҳо мегуфтанд ва боз мерасониданд, то дег пур шуд ва Амирро дил бигирифт ва бо ин ҳама таҳаммулҳои подшоҳона мекард.

Ва маҳмудиён то бад-он ҷой ҳила сохтанд, ки зане буд Ҳасани Меҳронро сахт хирадманду кордида ба Нишобур, духтари Булфазли Бустӣ ва аз Ҳасан бимонда ба маргаш ва ҳарчанд бисёр муҳташамон ӯро бихоста буданд, ӯ шӯй нокарда; ва ин зан модархондаи канизаке буд, ки ҳама ҳарамсаройи Ғозӣ ӯ дошт ва он ҷо омаду шуд дошт. Ва ин зан хатти некӯ дошт ва порсӣ сахт некӯ набиштӣ. Касон фаро карданд, чунонки касе ба ҷой наёварда, то аз рӯи насиҳат вайро бифиреҳтанд ва гуфтанд: «Мискин Ғозиро Амир фурӯ хоҳад гирифт ва наздик омадааст ва фулон шаб хоҳад буд». Ин зан биёмад ва бо ин канизак бигуфт. Ва канизак омаду бо Ғозӣ бигуфт ва сахт тарсонидашу гуфт, тадбири кори худ бисоз, ки гушодаӣ, то чун Арёруқ ногоҳ нагирандат. Ғозӣ сахт дилмашғул шуд ва канизакро гуфт: «Ин Ҳурраро бихон то беҳтар андеша дорад ва ба ҳаққи ӯ расам[3] агар ин ҳодиса даргузарад». Канизак ӯро бихонд, ҷавоб дод, ки «Натавонад омад, ки битарсад, аммо он чӣ равад ба руқъат бознамояд, ту набиштану хондан донӣ бо солор мегӯйӣ». Канизак гуфт: «Сахт некӯ омад». Ва руқъатҳо равон кардӣ ва он чӣ бишнида буд, боз намудӣ. Лекин маҳмудиён дар ин кор устодиҳо мекарданд, ин зан чӣ гуна ба ҷой тавонистӣ оварда? То қазо кори худ бикард. Ва намози дигар, рӯзи душанбе, нуҳуми моҳи рабеъулохир, санаи иснатайн ва ишрина ва арбаъа миа[4] ин занро гуфтанд: «Фардо чун Ғозӣ ба даргоҳ ояд, ӯро фурӯ хоҳанд гирифт» ва ин кор бисохтанд ва нишонҳо бидоданд. Зан дарҳол руқъате набишт ва ҳол боз намуд ва канизак бо Ғозӣ бигуфт ва оташ дар Ғозӣ уфтод, ки касони дигар ӯро битарсонида буданд, дарсоат фармуд пӯшида, чунонки Саъиди Саррофи кадхудояш ва дигар беруниён хабар надоштанд, то асбонро наъл бастанд ва намози шом буд ва чунон намуд, ки Султон ӯро ба муҳимме ҷое фиристад имшаб, то хабар берун науфтад. Ва хизона бигушоданд ҳарчи аҳаф[5] буд аз ҷавоҳиру зару симу ҷома ба

[1] бе он ки мавлои вай Масъуд чунин қасде карда бошад.
[2] мерафт.
[3] яъне инъоме ба ӯ диҳам.
[4] соли 422 ҳ., ки баробар аст бо 9 марти соли 1031 милодӣ.
[5] сабуктар.

ғуломон дод, то бардоштанд. Ва пас аз намози хуфтан вай барнишаст ва ин канизакро бо канизаке чаҳор дигар барнишонданд ва биистод, то ғуломон ба ҷумла барнишастанд ва астарон сабукбор карданд ва ҳамчунон ҷаммозагон[1] – ва дар саройи Арслонҷозиб дар як карони Балх мебуд сахт дур аз саройи Султон – биронд ва бар сари ду роҳ омад – яке сӯйи Хуросону яке сӯйи Моваруннаҳр, чун мутаҳҳайир бимонд, биистоду гуфт: «Ба кадом ҷониб равем, ки ман ҷонро ҷастаам[2]?» Ғуломону қавм гуфтанд: «Бар он ҷониб, ки раъй ояд; агар ба талаб ба дар оянд, мо ҷонро бизанем.[3]» Гуфт: «Сӯйи Ҷайҳун савобтар, аз он бигзарему эмин шавем, ки Хуросон дур аст». Гуфтанд: «Фармон турост». Пас бар ҷониби Сиёҳгирд[4] кашиду тез биронд.

Посе аз шаб монда ба Ҷайҳун расид, фуруди об биронд аз Работи Зулқарнайн то баробари Тирмиз, киштие ёфт дар вай ҷойи нишаст фарох ва бод на, Ҷайҳунро орамида ёфт ва аз об гузар кард ба саломат ва бар лаби об истод. Пас гуфт: «Хато кардам, ки ба замини душманон омадам, сахт бадном шавам, ки ин ҷо душманест давлати Маҳмудро чун Алитагин, рафтан савобтар сӯйи Хуросон буд». Ва бозгашту бар ин ҷониб омад ва равшан шуда буд, то намози бомдод бикард ва бар он буд, то атфе кунад[5] бар ҷониби Колиф[6], то роҳи Омӯй гирад ва худро ба наздики Хоразмшоҳ афганад, то вай шафоъат кунаду кораш ба салоҳ боз ояд, нигоҳ кард ҷавқе[7] лашкари Султон падид омад саворони ҷаридаву[8] муборизони муборизони хийёра, ки нимшаб хабар ба Амир Масъуд оварданд, ки Ғозӣ бирафт ҷониби Сиёҳгирд, вай берун омада буд ва лашкарро бар чаҳор ҷониб фиристода буд. Ғозӣ сахт мутаҳайир шуд.

Дигар рӯз чун ба даргоҳ шудем ҳазоҳизе[9] сахт буд ва мардум сохта бар асари якдигар мерафт ва Султон машғулдил. Дар ин миёна Абдусро бихонду ангуштарии хеш бад-ӯ доду амоне ба хатти худ набишт ва пайғом дод, ки «Ҳосидонат кори худ бикарданд ва ҳанӯз дартавонӣ ёфт, бозгард, то ба ком нарасанд, ки туро ҳам бадон ҷумла дорем, ки будӣ» ва савгандони гарон ёд кард. Абдус ба таъҷил бирафт, то ба вай расид. Маҳмудиён лашкари хиёра равон

[1] шутури тезрафтор.
[2] яъне барои ҳифзи ҷон гурехтаам.
[3] барои нигаҳдории ҷон ҷанг мекунем.
[4] номи деҳае дар наздикии Балх.
[5] бозгашт кунад.
[6] номи мавзеъ; имрӯз дар ҳудуди Туркманистон қарор дорад.
[7] ҷавқ – гурӯҳ, даста.
[8] ҷарида – иддаи савори бидуни пиёда; хиёр баргузида.
[9] ҳазоҳиз – саросемагию талвоса.

карда буданд ва пинҳон мисол дода, то димор аз Ѓозӣ бароранд ва агар мумкин, бикушанд; лашкарҳо думодум буд ва Ѓозӣ хоста буд, ки боз аз об гузар кунад, то аз ин лашкар эмин шавад, мумкин нагашт, ки бод хоста буд ва Ҷайҳун бишӯрида чунонки киштӣ худ кор накард ва лашкар қасди ҷони ӯ карда, ночор ва ба зарурат ба ҷанг биистад, ки муборизе ҳавл буд ва ғуломон кӯшидан гирифтанд, чунонки ҷанги сахт шуд. Ва мардуми султонӣ думодум мерасид ва вай шикастадил мешуд ва мекӯшид, чунки бисёр тир дар сипараш нишонда буданд. Ва як чӯбаи тири сахт бар зонуяш расид ва аз он маҳҳур шуд ва наздик омад, ки кушта шавад, Абдус даррасид ва ҷанг бинишонду маломат кард лашкарро, ки «Шумоёнро фармон набуд ҷанг кардан, ҷанг чиро кардед? Баробари вай бибоястӣ истод, то фармони дигар расидӣ». Гуфтанд: «Ҷанг ба зарурат кардем, ки хост, ки аз об бигузарад ва чун мумкин нашуд, қасди гурез кард бар ҷониби Омӯй, ночораш боздоштем, ки аз маломати Султон битарсидем, акнун чун ту расидӣ, даст аз ҷанг бикашидем, то фармон чист?» Абдус наздики Ғозӣ рафт ва ӯ бар болое буд истода ва ғамӣ шуда, гуфт: «Ай сипоҳсолор, кадом дев туро аз роҳ бибурд, то хештанро душманком кардӣ?» Аз по уфтода бигристу гуфт: «Қазо чунин буд ва битарсониданд». Гуфт: «Дил машғул мадор, ки дартавон ёфт». Ва амону ангуштарӣ наздики вай фиристод ва пайғом бидод ва савгандон ёд кард. Ғозӣ аз асб бар замин омад ва замин бӯса дод; ва лашкару ғуломонаш истода аз ду ҷониб. Абдус дили ӯро гарм кард. Ва Ғозӣ силоҳ аз худ ҷудо кард ва пиле бо маҳд даррасид, Ғозиро дар маҳд нишонданду ғуломонаш ва қавмашро дар дил гарм карданд. Абдус сипари Ғозиро ҳамчунон тир дарнишонда ба дасти саворони мусриъ бифиристод ва ҳарчи рафта буд, пайғом дод. Ва нимашаб сипар ба даргоҳ расид ва Амир чун онро бидиду пайғоми Абдус бишунид, биёромид. Ва Хоҷа Аҳмад ва ҳамаи аъён ба даргоҳ омада буданд, то он вақт, ки Амир гуфт: «Бозгардед!» Ва бозгаштанд ва зуд ба сарой фурӯ рафт ва ҳамон вақт чизе бихӯрданд.

Саҳаргоҳ Абдус расида буд бо лашкар ва Ғозию ғуломонаш ва қавмашро ба ҷумла оварда. Амирро огоҳ карданд, Амир аз сарой баромад ва бо Абдус замоне холӣ кард, пас Абдус баромад ва пайғом ба навохт оварда Ғозиро ва гуфт: «Фармон аст, ки ба саройи Муҳаммадӣ[1], ки баробари боғи хосса аст, фуруд ояд ва биёсояд, то он чӣ фармуданист, фаро фармуда ояд». Ғозиро он ҷо бурданду фуруд оварданд ва дарсоат Булқосими Каҳҳолро[2] оварданд, то он

[1] саройе, ки ба Амир Муҳаммад тааллуқ дошт.
[2] каҳҳол – чашмпизишк.

тир аз вай ҷудо карду дору ниҳод ва биёромид ва аз матбахи хос хӯрданӣ оварданд ва пайғом дар пайғом буду навохту дилгармӣ ва андакмояе чизе бихӯрду бихуфт. Ва асбон аз ғуломон ҷудо карданд ва ғуломонро дар он вусоқҳо фурӯ оварданду хӯрданӣ бурданд, то биёромиданд. Ва пиёдараве ҳазор, чунонки Ғозӣ надонист биистониданд бар чапу рости сарой, Абдус бозгашт, сипаси он ки канизакон бо вай биёромида буданд.

Ва рӯз шуд, Амир бор дод ва аъён ҳозир омаданд, гуфт: «Ғозӣ марди рост асту бакоромада ва дар ин вақт вайро гуноҳе набуд, ки вайро битарсониданд. Ва ин корро бозҷуста ояд ва сазои он кас, ки ин сохт фармуда ояд». Хоҷаи Бузургу аъён гуфтанд: «Ҳамчунон бояд». Ва ин ҳадис Абдус ба каси хеш ба Ғозӣ расонид, вай сахт шод шуд. Ва пас аз бор Амир Абулҳасани Уқайлирову Яъқуби Дониёл ва Булаълоро, ки табибони хосса буданд, ба наздики Ғозӣ фиристод, ки «Дил машғул набояд дошт, ки ин бар ту бисохтанд ва мо бозҷӯем ин корро ва он чӣ бояд фармуд, бифармоем, то дил бад накунад, ки вайро ин ҷо фуруд оварданд бад-ин боғи бародари мо, ки ғараз он аст, ки ба мо наздик бошӣ ва табибон бо тафаққуду[1] риоят бад-ӯ расанд ва ин ориза зоил шавад, он чӣ ба боби вай воҷиб бошад, он гаҳ фармуда ояд». Ғозӣ чун ин шунид, нишаста замин бӯса дод, ки мумкин нагашт, ки бархостӣ ва бигристу бисёр дуъо кард. Пас гуфт: «Бар банда бисохтанд, то чунин хатое бирафт ва бандагон гуноҳ кунанду худовандон даргузоранд. Ва банда забони узр надорад, худованд он кунад, ки аз бузургии вай сазад». Ва Булҳасан бозгашт ва он чӣ гуфта буд, бозгуфт. Маҳмудиён чун ин ҳадисҳо бишуниданд, сахт ғамнок шуданд ва дар ҳилат уфтоданд, то уфтода барнахезад. Ва кадхудои Ғозию қавмаш чун ҳолҳо бар ин ҷумла диданд, пас ба ду-се рӯз аз байғулаҳо берун омадаанд ва наздики вай рафтанд.

Ва қисса беш аз ин дароз накунам, ҳоли Ғозӣ бад-он ҷой расониданд, ки ҳар рӯз раъйи Амир дар боби вай батар мекарданд. Чун суханони мухолиф ба Амир расониданд ва аз Ғозӣ низ хато ба зарурат зоҳир гашт ва қазо бо он ёр шуд, Амир бадгумонтар гашту дарандешид ва донист, ки хишт аз ҷойи хеш бирафт; Абдусро бихонду холӣ карду гуфт: «Моро ин бадраг ба ҳеч кор наёяд, ки бадном шуд бад-ин чӣ кард. Ва падарон низ аз даст мебишаванд. Ва оламеро шӯронидан аз баҳри як тан к-аз вай чунин хиёнате зоҳир гашт, муҳол аст. Он ҷо рав наздики Ғозӣ ва бигӯй, ки «Салоҳи ту он аст, ки якчанде пеши мо набошӣ ва ба Ғазнин мақом кунӣ, ки чунин хатое рафт, то батадриҷ ва тартиб ин номи зишт аз ту бияфтад ва

[1] мехрубонӣ.

корро дарёфта шавад» ва чун ин бигуфта бошӣ мардуми ӯро аз ӯ дур кунӣ, магар он ду сарпӯшидаро[1], ки бад-ӯ раҳо бояд кард. Ва ба ҷумла касоне, ки аз эшон моле гушояд[2], ба девон фиристад. Саъиди Саррофро бибояд овард ва бибояд гуфт, то ба даргоҳ меояд, ки хидматеро ба кор аст. Ва ғуломонашро ба ҷумла ба саройи мо фиристад, то бо эшон истиқсои[3] моле, ки ба дасти эшон будааст, бикунанд ва ба хизона оранд ва онгоҳ касоне, ки саройро шоянд, нигоҳ доранд ва он чӣ нашоянд дар боби эшон, он чӣ раъй воҷиб кунад, фармуда ояд. Ва эҳтиёт кун, то ҳеч аз сомиту нотиқи[4] ин мард пӯшида намояд. Ва чун аз ин ҳама фориғ шудӣ, пиёдагон гумор то Ғозиро нигоҳ доранд, чунонки бе илми ту кас ӯро набинад, то он чӣ пас аз ин аз раъй воҷиб кунад, фармуда ояд».

Абдус бирафту пайғоми Амир бигузорд. Ғозӣ чун бишнид, замин бӯса доду бигрист ва гуфт: «Салоҳи бандагон дар он бошад, ки худовандон фармоянд. Ва бандаро ҳаққи хидмат аст, агар раъйи Худованд бинад, банда ҷое нишонда ояд, ки ба ҷон эмин бошад, ки душманон қасди ҷон кунанд. То чун рӯзгор барояду дили худованд хуш шавад ва хоҳад, ки сутурбонӣ фармояд, барҷой бошам. Ва ин сарпӯшидагонро ба ман арзонӣ дорад ва пӯшишеву қуввате, ки аз он гурез нест. Ва ту, ай Хоҷа, даст ба ман деҳ, то маро аз Худо бипазирӣ, ки андешаи ман медорӣ» ва мегирист, ки ин мегуфт. Абдус гуфт: «Беҳ аз ин бошад, ки меандешӣ, дил бад набояд кард». Ғозӣ гуфт: «Ман кӯдаке нестам ва пас аз ин имрӯз чунон донам, ки Хоҷаро бинабинам».[5] Абдус даст ба ӯ дод ва вафо замон[6] кард ва вайро бипазируфт ва дар огӯш[7] гирифт ва бозгашт ва берун омад ва бад-он суфаи бузург бинишаст ва ҳарчӣ Амир фармуда буд, ҳама тамом кард, чунонки намози дигарро ҳеч шуғл намонд ва ба наздики Амир бозомад. Сипаси он, ки пиёдагон гумошт, то Ғозиро ба эҳтиёт нигоҳ доранд ва ҳарчӣ буд, бо Амир бигуфту нусхатҳо арза кард ва моле сахт бузург сомиту нотиқ ба ҷой омад. Ва ғуломонро ба вусоқ оварданд ва эҳтиёти мол бикарданд; гуфтанд, он чӣ солор бад-эшон дода буд, боз ситада буд. Ва Амир эшонро пеш хост ва ҳарчӣ хиёра буд ба вусоқ фиристод ва он чӣ набоист ба ҳоҷагону саройиён бахшид.

---

[1] манзур аз сарпӯшидагон канизакон ҳастанд.
[2] ҳосил шавад.
[3] пайҷӯӣ.
[4] манзур аз «сомит» амволи беҷон аст ва «нотиқ» ғулому канизон ва галаву рама.
[5] набинам.
[6] замонат.
[7] оғӯш.

Чун ин шуғл рост истод, Амир Абдусро гуфт: «Ғозиро гусел бояд кард ба сӯйи Ғазнин». Гуфт: «Худованд бар чӣ ҷумла фармояд?» Ва он чӣ Ғозӣ бо вай гуфта буду гириста ва дасти вай гирифта ҳама он бигуфт. Амирро дил бипечид[1] ва Абдусро гуфт: «Ин мард бегунаҳ аст ва Худой, азза ва ҷалла, бандагонро нигоҳ тавонад дошт ва набояд гузошт, ки бад-ӯ қасде бошад. Ва вайро ба ту супурдем, андешаи кори ӯ бидор». Гуфт: «Худованд бар чӣ ҷумла фармояд?» Гуфт: «Даҳ уштар бигӯй, то рост кунанд ва маҳмилу кажаваҳову[2] се астар ва бисёр ҷома пӯшиданӣ Ғозирову ҳам канизонро ва се матбахию[3] ҳазорон динор ва бист ҳазор дирам нафақотро. Ва бигӯй, то ба Буалии Кутвол нома нависанд тавқеъӣ, то вайро бо ин қавм бар қалъа ҷое некӯ бисозанд ва Ғозиро бо эшон он ҷо бинишонанд, аммо бо банд, ки шарти боздоштан ин аст эҳтиётро. Ва се ғуломи ҳинду бояд харид аз баҳри хидмат ӯро ва ҳавоиҷ[4] кашиданро. Ва чун ин ҳама рост шуд, пӯшида, чунонки ба ҷой наёранд, нимшабе эшонро гусел бояд кард, бо сесад савори ҳиндуву дусад пиёда ҳам ҳинду ва пешраве. Ва ту муътамаде номзад кун, ки аз ҷиҳати ту бо Ғозӣ равад ва бинагзорад, ки бо вай ҳеч ранҷ расад ва аз вай ҳеч чиз хоҳанд, то ба саломат ӯро ба қалъаи Ғазнин расонанд ва ҷавоби нома ба хатти Бӯалии Кутувол биёранд». Абдус биёмад ва ин ҳама рост карданд ва Ғозиро бибурданд ва кона охирал аҳди биҳ[5], ки низ ӯро дида наёмад. Қиссаи гузаштани ӯ ҷойи дигар биёрам ва он сол, ки фармон ёфт.

Ва акнун ҳадиси ин ду солори муҳташам ба поён омада ва сахт дароз кашид, аммо ночор чун қоидаву қонун бар он ниҳода омадааст, ки ҳамаи қиссаро ба тамомӣ шарҳ бояд кард ва ин ду марди бузург буданд, қонун нигоҳ доштам, ки сухан агарчӣ дароз шавад аз нукта ва нодира холӣ набошад. Ва инак оқибати кори ду сипоҳсолор кучо шуд? Ҳама ба поён омад, чунонки гуфтӣ ҳаргиз набудааст. Ва замонаву гашти фалак ба фармони Эзид, азза зикруҳу, чунин бисёр кардааст ва бисёр хоҳад кард. Ва хирадманд он аст, ки ба неъматеву ишвае, ки замона диҳад, фирефта нашавад ва бар ҳазар мебошад аз боз ситондан, ки сахт зишт ситонаду бе муҳобо! Ва дар он бояд кӯшид, ки озодмардонро истиноъ кунад ва тухми некӣ бипароканад ҳам ин ҷаҳониву ҳам он ҷаҳонӣ, то аз вай номи некӯ ёдгор монад ва чунон набошад, ки ҳама худ хӯраду худ пӯшад, ки

[1] дилтанг шуд.

[2] маҳмил ва кажова (каҷова) чизе, ки бар шутур банданд ва бар рӯйи он нишинанд.

[3] матбахӣ – ошпаз.

[4] ҳавоиҷ – ниёзмандиҳо, ҷамъи ҳоҷат.

[5] тарҷ: ва ин охирин дидор бо вай буд.

ҳеч мард бад-ин ном нагирифтааст. Дар қадимуддаҳр[1] марде будааст номи вай Зибрақон ибни Бадр бо неъмате сахт бузург ва ин одат дошт, ки худ хӯрдию пӯшидӣ, ба кас нарасидӣ, то Ҳутайъаи шоир[2] гуфт ӯро: Шеър:

Даъи-л макорима ло тарҳал ли-буғйатиҳо,
Вақъуд фа-иннака анта-т-тоъиму-л косӣ[3]

Ва чунон хондам, ки чун ин қасидаи Ҳутайъа бар Зибрақон хонданд, надимашон гуфтанд: «Ин ҳичоe[4] зишт аст, ки Ҳутайъа туро гуфтааст», Зибрақон наздики амиралмуъминин Умари Хаттоб, разияллоҳу анҳу, омад ва шикояту тазаллум кард. Гуфт: «Доди ман бидеҳ». Умар фармуд, то Ҳутайъаро биёварданд. Гуфт: «Ман дар ин фуҳшеву ҳичоe надонам ва гуфтани шеъру дақоиқу мазойиқи[5] он кори амиралмуъминин нест, Ҳассони Собитро бихонад ва савганд диҳад, то он чӣ дар ин донад, рост бигӯяд». Умар кас фиристод ва Ҳассонро биёварданд ва ӯ нобино шуда буд. Бинишаст ва ин байт ба вай хонданд, Ҳассон Умарро гуфт: «Ё амиралмӯъминин, мо ҳаҷо ва локинна салаҳа ъало Зибрақон».[6] Умар табассум карду эшонро ишорат кард, то бозгарданд. Ва ин байт бимондааст ва чаҳорсаду анд сол аст, то инро менависанду мехонанд ва инак ман батоза набиштам, ки бошад касе инро бихонад ва ба кор ояд, ки номи некӯ ёдгор монад. Ва ин байт Мутанаббӣ сахт некӯ гуфтааст, шеър:

Зикру-л-фато умруҳу-с-сонӣ ва ҳоҷатуҳу,
Мо қотаҳу ва фузулу-л айши ашғолу.[7]

Ва агар аз ин маънӣ набиштан гирам, сахт дароз шавад. Ва ин мавъизат басанда аст ҳушёрону кордононро. Ва се байт шеър ёд доштам аз они Абулатоҳия[8] фарохӯри ҳолу рӯзгори ин ду солор, ин ҷо набиштам, ки андар он ибратҳост.

Шеър:

Афнайта умрака идборан ва иқболан,
Табғийа-л банина ва табғийа-л аҳла ва-л моло.
Алам тара-л малика-л амсиййа ҳина таро,
Ҳал нола халқун мина-д-дунё камо ноло.

---

[1] рӯзгори пешин.
[2] Ҳутайъа – шоири араб, ки соли савуми ҳичрӣ (625 милодӣ) аз дунё рафтааст.
[3] тарҷ: бузургвориҳоро раҳо кун ва дар пайи онҳо марав, зеро ту касе ҳастӣ, ки худ мехӯрӣ ва худ мепӯшӣ.
[4] ҳаҷв.
[5] тангноҳо.
[6] тарҷ: ай пешвои гаравидагон, ҳичо накард, балки рид бар Зибрақон.
[7] тарҷ: номи накӯи ҷавонмард зиндагонии дувуми ӯст ва ниёзи вай он чизест, ки онро рӯзии худ созад ва афзуниҳои зиндагӣ мояи гирифторӣ ва машғулдилист.
[8] Исмоил ибни Қосим Абулатоҳия – шоири араб (725-825), ки ба забони содаву бетакаллуф шеър месуруд.

Изо йашудду ли-қавмин акда мулкиҳим,
Лоқуво замонан ли-ъақди-л мулки ҳалллоло[1]

Ва Рӯдакӣ низ некӯ гуфтааст:

Шеър:

Меҳтарони ҷаҳон ҳама мурданд,
Маргро сар ҳама фурӯ карданд.
Зери хок андарун шуданд онон,
Ки ҳама кушкҳо баровардаанд.
Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз,
На ба охир ба ҷуз кафан бурданд.
Буд аз неъмат он чӣ пӯшиданд,
В-он чӣ доданду в-он куҷо хӯрданд.

Инқазат ҳозиҳи-л қиссату ва ин кона фиҳо баъзу-т-тули, ки ал-бадеъу ғайру мамлулин[2].

Султон Масъуд разияллоҳу анҳу, пас аз он, ки дил аз ин ду шуғл фориғ кард ва эшонро сӯйи Ғазнин бурданд, чунонки бознамудам, нишоти шаробу сайд кард бар ҷониби Тирмиз бар одати падараш Амир Маҳмуд, раҳматтуллоҳу алайҳи ва аз Балх бирафт ва рӯзи панҷшанбе, нуздаҳуми моҳи рабеъулохир, санаи иснатайн ва ишрина ва арбаъа миа[3] ва бештар аз авлиёву ҳашам бо вай бирафтанд. Устодам Бунаср рафт ва мебознаистод аз чунин хидматҳо эҳтиётро, то баробари чашми вай бошад ва дар кори вай фасод насозанд ва ман бо вай будам. Ва чун ба карони Ҷайҳун расидем, Амир фуруд омад ва даст ба нишоту шароб карданд. Ва се рӯз пайваста бихӯрд. Рӯзи чаҳорум барнишасту ба шикори шеру дигар шикорҳо рафт ва чаҳор шерро ба дасти хеш кушт ва дар шуҷоъат ояте буд, чунонки дар таърих чанд ҷой биёмадааст ва бисёр сайди дигар ба даст омад, аз ҳар чизе. Ва вай хӯрданӣ хост ва сандуқҳои шикорӣ пеш оварданд ва нон бихӯрданду даст ба шароб бурданд. Ва хӯрон-хӯрон меомад, то хайма. Ва бештар аз шаб бинишаст.

Ва дигар рӯз барнишасту ба каронаи Ҷайҳун омад ва киштиҳо бар ин ҷониб оварданд. Ва қалъатро биёроста буданд ба анвоъи

[1] тарҷ: зиндагонии гузашта ва ояндаи худро табоҳ кардӣ, дар ҳоле ки фарзанду хоста меҷӯй. Оё подшоҳи дирӯзро (манзур Ҳорунуррашид – С.М.) надидӣ, ки чи гуна рафт? Оё ҳеч кас ба андозаи ӯ аз дунё баҳраманд шуда буд? Ҳар гоҳ рӯзгор камари подшоҳи қавмеро муҳкам бибандад, рӯзгори дигаре он камарро боз хоҳад кард.

[2] тарҷ: ин достон ҳам гузашту ба поён расид, агарчӣ дар он матлаб миқдоре ба дарозо кашид, чиро ки сухани тоза малоловар нест.

[3] соли 422-ҳ., ки баробар аст бо 15 апрели соли 1031-и милодӣ.

силоҳ ва бисёр пиёдагон омада бо сарҳангон ба хидмат ба бар он ҷониб, бар карони Ҷайҳун истода. Амир дар киштӣ нишаст ва надимону мутрибону ғуломон дар киштиҳои дигар нишаста буданд; ҳамчунон биронданд, то пойи қалъат ва кутволи қалъат бад-он вақт Қутлуғ буд, ғуломи Сабуктагин, марде муҳташаму сангин буд кутвол ва ҷумлаи сарҳангон замин бӯса доданду нисор карданд. Ва пиёдагон низ ба замин уфтоданд. Ва аз қалъат буққҳо бидамиданд ва таблҳо бизаданд ва наъраҳо баровардаанд. Ва хонҳо ба расми Ғазнин равон шуд аз баррагону нахчиру моҳӣ ва очорҳову[1] нонҳои пухта ва Амирро аз он сахт хуш омад ва мехӯрданд. Ва шароб равон шуд ва овози мутрибон аз киштиҳо баромад ва бар лаби об мутрибони Тирмиз ва занони пойкӯбу таблзан афзуни сесад тан даст ба кор бурданд ва пой мекӯфтанду бозӣ мекарданд ва аз ин боб чандон, ки дар Тирмиз дидам, кам ҷое дидам ва коре рафт, чунонки монандаи он касе надида буд.

Ва дар ин миёна панҷ савор расид, ду аз они Амир Юсуф ибни Носируддин аз Қусдор, ки он ҷо муқим буд, чунонки гуфтаам ва се аз они Ҳоҷиби ҷомадор Ёруқтуғмиш ва хабари фатҳи Макрон оварданд ва кушта шудани Исои Маъдон ва мондани Буласкари бародараш ва софӣ шудани ин вилоят; ва биёрам пас аз ин шарҳи ин қисса; ва бо Амир бигуфтанд ва заврақе равон карданд ва мубашширонро наздики киштии Амир оварданд. Чун ба киштии Амир расиданд, хидмат карданду нома бидоданд ва Бунасри Мушкон нома бистад ва дар киштии надимон буд, барпой хосту ба овози баланд номаро бархонд. Ва Амирро сахт хуш омад ва руй ба Кутволу сарҳангон карду гуфт: «Ин шаҳри шумо бар давлати мо муборак будааст ҳамеша ва имрӯз муборактар гирифтем, ки хабаре чунин хуш расид ва вилояте бузург гушода шуд». Ҳамагон, марду зан, замин бӯса доданд ва ҳамчунин қалъатиён бар бомҳо ва як бор хурӯш баромад сахт бузург. Пас Амир рӯй ба омилу раиси Тирмиз карду гуфт: «Сад ҳазор дирам аз хароҷи имсол ба раъийят бахшидем, эшонро ҳисоб бояд кард ва барот[2] дод, чунонки қисмат ба савийят[3] карда ояд. Ва панҷоҳ ҳазор дирам аз байтулмол силате ба пиёдагони қалъат бояд дод ва панҷоҳ ҳазор дирам бад-ин мутрибону пойкӯбон». Гуфтанд: «Чунин кунем». Ва овоз баромад, ки худованд-султон чунин се назар фармуд ва хоссу ом бисёр дуъо карданд.

---

[1] турш
[2] навишта (расид, квитансия)-и молиёт.
[3] баробар кардан.

Пас Кутволро гуфт: «Бар асари мо ба лашгаргоҳ ой бо ҷумла сарҳангони қалъат, то хилъату силати шумо низ ба расми рафта дода ояд, ки мо аз ин ҷо фардо бозхоҳем гашт сӯйи Балх». Ва киштиҳо биронданд ва наздики намози пешин ба лашгаргоҳ боз омаданд; ва Амир ба шароб биншаст. Ва кутволи Тирмизу сарҳангон даррасиданд ва ҳоҷиби бузург Билготагин эшонро ба нимтарг пеши хеш бинишонд ва Тоҳири Канда вакили дари хешро пайғом дод сӯйи Бусаҳли Завзании ориз, ки шароб мехӯрд бо Султон, то бознамояд. Бусаҳл бигуфт. Амир гуфт: «Ба нимтарг рав ва хозинону мушрифонро бигӯй, то бар нусхате, ки эшонро хилъат додандӣ, ҳамагонро хилъат диҳанду пеш оранд». Бусаҳли Завзанӣ берун омад ва кор рост карданд. Ва кутволу сарҳангон хилъат пӯшиданду пеш омаданд. Амир бифармуд, то Қутлуғи кутволро бо хилъат ва Булҳасани Бунасрро, ки сохти зар доштанд, бинишонданд ва дигаронро барпой доштанд. Ва ҳамагонро косае шароб доданд, бихӯрданду хидмат карданд. Амир гуфт: «Бозгардед ва бедору ҳушёр бошед, ки навохти мо ба шумо пайваста хоҳад буд». Гуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва замин бӯса доданду бозгаштанд ва дар киштиҳо нишастанду ба қалъат бозрафтанд. Ва Амир то нимашаб шароб хӯрд ва пас аз бомдоди пагоҳ бархост ва кӯс бизаданду барнишастанд ва манзили Сиёҳгирд карданд. Ва дигар рӯз, ал-ҷумъату ли салоти бақина мин шаҳри рабеъулохир[1] дар Балх омад ва ба саъодат ҳилоли ҷумодалуло бидид ва аз боғ ҳаракат кард ва ба кушки Дари Абдулъало фуруд омад ва фармуд, ки корҳое, ки рост карданӣ аст, рост бояд кард, ки то як-ду ҳафта сӯйи Ғазнин хоҳем рафт, ки вақт омад. Гуфтанд: «Чунин кунем». Ва корҳо гарм сохтан гирифтанд. Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоби.

Зикри қиссаи вилояти Макрон он чӣ ба рӯзгори Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, дар он ҷо гузашт

Чун Маъдон гузашта шуд, миёни ду писараш – Исову Буласкар мухолафат уфтод, чунонки кор аз дараҷаи сухан ба шамшер кашид ва лашкару раъийят майл сӯйи Исо карданд. Ва Буласкар бигрехт, ба Систон омад ва мо ба Суманот рафта будем. Хоҷа Бунасри Хофӣ – он озодмарди ба ростӣ, вайро некӯ фуруд оварда ва нузли басазо доду мизбонии шигарф[2] кард. Ва Хоҷа Абулфараҷ Олӣ ибни Музаффар, адомаллоҳу иззаҳу, ки имрӯз дар давлати фаррухи Султони муаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носируддин, атолаллоҳу

[1] тарҷ: ҷумъа се рӯз боқӣ монда аз моҳи рабеъулохир.
[2] аҷиб, камёбу беназир.

бақоаҳу ва насара авлиёаҳу, шуғли ишрофи мамлакат[1] ӯ дорад ва ноибони ӯ; ва ӯ мардест дар фазлу ақлу илму адаб ягонаи рӯзгор. Ин сол омада буд ба Систон ва он ҷо ӯро бо Хоҷа, падарам, раҳматтулоҳи алайҳи, суҳбату дӯстӣ уфтод ва з-ин ҳадис бисёр гӯяд, имрӯз дӯсти ман аст. Ва бародараш Хоҷа Бунаср, раҳматуллоҳи алайҳи ҳам ин сол ба Қойин[2] омад. Ва ҳарду ба Ғазнин омаданд ва бисёр хидмат карданд, то чунин дараҷот ёфтанд, ки Бунаср бар шуғли оризе буд, ки фармон ёфт ва марде сахт фозилу зебову адибу хирадманд буд ва писари нахусташ мондааст ва ишрофи Ғазнину навоҳии он мавсум ба вай аст. Ва Бунасри Хофӣ ҳоли Буласкар боз намуд ва чун аз ғазви Суманот боз омадем, Амир Маҳмуд нома фиристод то (вайро) ба сабили хубе ба даргоҳ фиристад ва бифиристод. Ва Амир Маҳмуд вайро бинвохт ва ба даргоҳ нигоҳ дошт. Ва хабар ба бародараш волии Макрон расид, хор дар мӯзааш уфтоду[3] сахт битарсид ва Қозии Макронро бо раис ва чанд тан аз сулаҳо ва аъёни раъийят ба даргоҳ фиристод бо номаҳову маҳзарҳо, ки: «Валиаҳди падар вай аст ва агар бародар роҳи мухолафат нагирифтию бисохтӣ ва бар фармони падараш кор кардӣ, ҳеч чиз аз неъмат аз ӯ дареғ набудӣ. Акнун, агар худованд бинад, ин вилоят бар банда нигоҳ дорад ва биниҳад, он чӣ ниҳоданӣ бошад, чунонки одил, амири бузург[4] бар падараш ниҳода буд ва ба фурсате банда мефиристад, чунонки ҳеч бенавоӣ набошад ва муътамади банда хат диҳад, бад-он чӣ мувозаъат бар он қарор гирад, то банда онро имзо кунад ба фармонбурдорӣ. Ва расуле номзад шавад аз даргоҳи олӣ ва маншури вилоят – агар раъйи олӣ арзонӣ дорад – ва хилъате бо вай бошад, ки банда ба номи худованд хутба кардааст, то қавидил шавад ва ин ноҳият, ки банда ба номи худованд хутба кард ба тамомӣ қарор гирад». Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, иҷобат кард ва он чӣ ниҳоданӣ буд, биниҳоданд ва макрониёнро бозгардониданд. Ва Ҳасани Сипоҳонии сорбонро ба расулӣ фиристоданд, то моли хароҷи Макрону Қусдор биёрад ва хилъате сахт гаронмояву маншуре бо вай доданд. Ва кори Макрон рост шуд ва Ҳасани Сипоҳонӣ бозомад бо ҳимлҳои[5] Макрону Қусдор ва расуле макронӣ бо вай ва моле оварда ҳадяи Амир ва аъёни даргоҳро аз зару марвориду анбар ва чизҳо, ки аз он диёр хезад ва мувозаъат ниҳода ҳар соле, ки хароҷе фиристад бародарро даҳ ҳазор динори ҳарейва

[1] вазифаи сардори девони ишроф ё мушриф, ки масъули чустучӯ ва таъмини амният буд.
[2] номи шаҳрак, ки имрӯз маркази Бирҷанд аст.
[3] ноором шуд; зарбулмасали тоҷикӣ ҳам ҳаст «дар кафшаш регест».
[4] манзур Сабуктагин аст.
[5] бор.

бошад берун аз ҷома ва тароиф ва як сол оварда буданд ва бад-ин ризо уфтод ва расулони макрониро бозгардониданд.

Ва Буласкар ба даргоҳ бимонду ба хидмат машғул гашт. Ва Амир Маҳмуд фармуд, то ӯро мушоҳара карданд ҳар моҳе панҷ ҳазор дирам ва дар соле ду хилъат биёфтӣ.

Ва надидам ӯро ҳеҷ вақт дар маҷлиси Амир ба хӯрдани шаробу ба чавгону дигар чизҳо, чунонки Абутоҳири Симҷурӣ ва табақоти эшонро дидам, ки Буласкар марде гаронмоягуна ва бо ҷуссаи қавӣ буд ва гоҳ аз гоҳ ба нодир[1] чун маҷлисе азим будӣ, ӯро низ ба хон фуруд овардандӣ ва чун барчидандӣ, рухсаташ додандӣ ва бозгаштӣ. Ва ба сафарҳо бо мо будӣ. Ва дар он сол, ки ба Хуросон рафтему сӯйи Рай кашида омад ва сафар дарозоҳангтар[2] шуд, умарои атроф ҳар кас хобаке дид[3], чунонки чун бедор шуд, хештанро бесар ёфту бе вилоят, ки Амир аз заъфи пирӣ сахт менолид ва кораш ба охир омада буд ва Исои Макронӣ яке аз инҳо буд, ки хоб дид ва Амир Маҳмуд Буласкарро умед дод, ки чун ба Ғазнин бозрасад, лашкар диҳад ва бо вай солоре муҳташам ҳамроҳ бошад, ки бародарашро бironад ва вилоят ба ӯ супорад. Ва чун ба Ғазнин бозомад, рӯзгор наёфт ва аз кор фуруд омад[4]. Ва Амир Муҳаммадро дар муддати вилояташ мумкин нашуд ин васиятро ба ҷой овардан, ки муҳимме бузург пеш дошт, ҳам Буласкарро навохту хилъат фармуд ва з-ин умед бидод ва нарасид, ки он уфтод, ки уфтод[5]. Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, чун ба Ҳирот кор якрӯя шуд, чунонки дар муҷаллади панҷум аз таърих ёд карда омад, Ҳоҷиби Ҷомадорро, Ёруқтуғмиш, номзад кард бо фавҷе қавӣ сипоҳи даргоҳӣ ва туркмонони Қизилу Буқаву Кӯктош[6], ки дар зинҳори хидмат омада буданд ва ба Систон фиристод ва аз он ҷо ба Макрон рафтанд. Ва Амир Юсуфро бо фавҷе лашкари қавӣ ба Қусдор фиристоду гуфт: «Пуштивони шумост, то агар ба мадад ҳоҷат ояд, мардум фиристад ва агар худ бояд омад, биёяд» ва солори ин лашкарро пинҳон мисол дода буд, то Юсуфро нигоҳ дорад. Ва ғараз аз фиристодани ӯ ба Қасдор он буд, то якчанд аз чашми лашкар дур бошад, ки номи сипоҳсолорӣ бар вай буд. Ва охир дар ин сол фурӯ гирифтандаш ба Балақ, дар пули Хумортагин, чун ба Ғазнин меомадем ва он қисса пас аз ин дар муҷаллади ҳафтум биёяд.

---

[1] аҳёнан.
[2] тулонитар.
[3] яъне, фикри саркашӣ кард.
[4] вафот ёфт.
[5] манзур баҳс ва низоъ бар сари тахт бо Амир Масъуд аст.
[6] Қизил, Буқа, Кӯктош – се нафар аз пешвоёни туркмонҳо, ки ба хидмати дарбори Ғазнин омада буданд.

Макронӣ чун хабари ин лашкарҳову бародар бишнуд, кори ҷанг бисохт ва пиёдае бист ҳазор кичию ригию макронӣ[1] ва аз ҳар ноҳият ва ҳар дасте фароз овард ва шаш ҳазор савор. Ва Ҳоҷиби Ҷомадор ба Макрон расид – ва сахт хушёру бедор солоре буд ва муборизе омад номдор ва бо вай муқаддамон буданд ва лашкари ҳарису ороста. Ду ҳазор савори султонӣ ва туркмон дар хурмостонҳошон[2] камин нишонданду кӯс бизаданд ва Макронӣ берун омад ва бар пил буд ва лашкарро пеш овард; савору пиёда ва даҳ пили хиёра. Ҷанге пайвастанд, чунонки осиё бар хун бигашт. Ва ҳарду лашкар ба нек бикӯшиданду дод бидоданд ва наздик буд, ки халале уфтодӣ Ҷомадорро, аммо пеш рафту бонг бар лашкар бизад ва муборизону аъён ёрӣ доданд ва камин даргушоданд; ва Макронӣ баргашт ба ҳазимат ва бад-ӯ расиданд дар мазиқе, ки мегурехт, бикуштандашу сараш бардоштанд. Ва бисёр мардуми вай кушта омад. Ва се рӯз шаҳру навоҳӣ ғорат карданд ва бисёр молу чаҳорпой ба дасти лашкар уфтод. Пас Буласкарро ба амирӣ бинишонданд ва чун қарор гирифту мардуми он навоҳӣ бар вай биёрамиданд, Ҷомадор бо лашкар бозгашт, чунонки пас аз ин ёд карда ояд. Ва вилояти Макрон бар Буласкар қарор гирифт, то он гоҳ, ки фармон ёфт, чунонки оварда ояд дар ин таърих дар рӯзгори подшоҳон. Худойи азза ва ҷалла бар эшон раҳмат кунод ва Султони бузург Фаррухзодро аз умру ҷавонӣ ва бахту мулк бархурдор гардонад.

Поёни муҷаллади шашум

МУҶАЛЛАДИ ҲАФТУМ

[1] кичӣ, ригӣ, макронӣ – се қавме, ки дар он минтақа мезистанд.
[2] нахлистони хурмо.

Зикри хуруҷи-л Амири Масъудин, разияллоҳу анҳу, мин Балхин ило Ғазнин[1]

Дар охири муҷаллади шашум бигуфтам, ки Амир ғурраи моҳи ҷумодалулои санаи иснайн ва ишрина ва арбаъа миа[2] аз Боғ ба кушки Дари Абдулаъло боз омад ва фармуд, то он чӣ мондааст аз корҳо бибояд сохт, ки дар ин ҳафта сӯйи Ғазнин бояд рафт ва ҳама корҳоро бисохтанд. Чун қасди рафтан кард, Хоҷа Аҳмади Ҳасанро гуфт: «Туро як ҳафта ба Балх бибояд буд, ки аз ҳар ҷинс мардум ба Балх мондааст, аз уммолу[3] ҷузоту шиҳнаи шаҳрҳо ва мутазаллимон[4], то сухани эшон бишнавӣ ва ҳамагонро боз гардонӣ. Пас ба Бағлон[5] ба мо пайвандӣ, ки мо дар роҳ дар Самангон[6] ва ҳар ҷое чанде ба сайду шароб машғул хоҳем шуд». Гуфт: «Фармонбурдорам, вале бо ман дабире бояд аз девони рисолат, то агар худованд он чӣ фармояд, набишта ояд ва хозине, ки касеро агар хилъате бояд дод, бидиҳад».

Амир гуфт: «Нек омад, Бунасри Мушконро бигӯ, то дабире номзад кунад ва аз хозинон касе биистонад бо дираму динору ҷома, то он чӣ Хоҷа савоб бинад, мисол медиҳад. Ва чунон сазад, ки дар рӯзи даҳ[7] аз ҳама шуғлҳо фориғ шаваду ба Бағлон, ба мо расад». Устодам Бунаср, маро, ки Булфазлам номзад кард ва хозине номзад шуд бо Булҳасани Қурайш – дабири хизона. Ин Булҳасан дабире буд бас кофӣ[8] ва Сомониёнро хидмат карда ва дар хизонаҳои эшон ба Бухоро буда ва Хоҷа Булаббоси Исфараойинии вазир ӯро бо хештан оварда ва Амир Маҳмуд бар вай эътимоди тамом дошт. Ва ӯро ду шогирд буд, яке аз он ду, Алии Абдулҷалил писари амми Булҳасани Абдулҷалил, ҳамагон рафтаанд, раҳимаҳумуллоҳ[9]. Ғарази ман аз овардани номи мардумон ду чиз аст: яке он, ки бо ин қавм суҳбату мумолаҳат[10] будааст, андакмояе аз они ҳар кас бознамояд, дигар, то муқарар шавад ҳоли ҳар шуғле, ки ба рӯзгори гузашта будааст ва хонандагони ин таърихро таҷрибатеву ибрате ҳосил шавад.

---

[1] Баёни берун рафтани Амир Масъуд, Худо аз ӯ хушнуд бод, аз Балх ба сӯйи Ғазнин.
[2] Соли 422-и ҳ., ки баробар аст бо 26 майи соли 1031.
[3] коргузор.
[4] ситамдида, шикояткунанда.
[5] Бағлон шаҳре дар шимоли Афғонистон
[6] Самангон шаҳре аз Тахористон наздики Балх
[7] дар мудати даҳ рӯз.
[8] бокифоят.
[9] Худованд эшонро раҳмат кунад
[10] мумолаҳат – намакхорагӣ.

Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, аз Балх бирафт рӯзи якшанбе, сездаҳуми ҷумодулуло ва ба боғи Хоҷа Алии Микойил фуруд омад, ки корҳо ҳанӯз сохта набуд ва боғ наздик буд ба шаҳр ва мизбонӣ бикард Хоҷа Абулмузаффар Алии Микойил дар он ҷо шоҳона, чунонки ҳамагон аз он мегуфтанд ва аъёни даргоҳро нузлҳо[1] доданду фаровон ҳадя пеши Амир оварданд ва зару сим. Амир аз он ҷо бардошт ба саъодату хуррамӣ бо нишоту шаробу шикор мерафт, мизбон бар мизбон. Ба Хулуму[2] ба Пирӯзу Нахҷиру[3] ба Бадахшон Аҳмад Алии Нӯштагини охурсолор, ки вилояти ин ҷойҳо ба расми ӯ буд ва ба Бағлону Тахористон ҳоҷиби бузург Билготагин.

Ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ҳар рузе ба саройи хеш ба Дари Абдулаъло бор додӣ ва то намози пешин бинишастию кор меронди. Ман бо дабирони ӯ будам ва он чӣ фармудӣ, менабиштаме ва кор мебирондаме. Ва хилъатҳову силатҳои султонӣ мефармудӣ. Чун намози пешин бикардемӣ, бегонагон бозгаштандӣ ва дабирону қавми хеш ва маро ба хон бурдандӣ ва нон бихурдемию боз гаштемӣ. Як ҳафтаи тамом бар ин ҷумла буд, то ҳама корҳо тамом гашт. Ва ман фаровон чиз ёфтам. Аз Балх ҳаракат кард ва дар роҳ ҳарчанд бо Хоҷа пили бо иморӣ[4] ва астари бо маҳде буд, вай бар тахте менишаст дар садр ва доравзаниҳо[5] дар гирифта ва онро марде панҷ мекашиданд. Ва аз Ҳиндустон ба Балх ҳам бар ин ҷумла омад, ки таносонтару бо оромтар буд. Ва ба Бағлон ба Амир расидем. Ва Амир он ҷо нишоти шаробу шикор карда буд ва мунтазири Хоҷа мебуд. Чун даррасид, бознамуд, он чӣ дар ҳар бобе карда буд; Амиро сахт хуш омад. Ва як рӯзи дигар мақом буд, пас лашкар аз роҳи дараи Зирқону Ғурванд[6] бикашиданду берун омаданд ва се рӯз мақом карданд бо нишоти шаробу шикор ба дашти Ҳурона. Ва чунин рӯзгор касе ёд надошт, ки ҷаҳон арусеро монист ва подшоҳи муҳташам бемунозеъ фориғдил мерафт, то ба Парвон; ва аз Парвон бирафтанд ва ҳамчунин бо шодиву нишот меомаданд, то манзили Балақ. Ва ҳар рӯзе гурӯҳи дигар аз мардуми Ғазнин ба хидмати истиқбол мерасид, чунонки Булмузаффар раиси Ғазнин ноиби падараш Хоҷа Алӣ ба Парвон пеш омад, бо бисёр хӯрданиҳои

---

[1] ончӣ пеши меҳмон ниҳанд

[2] Хулум мувофиқи Ҳудуду-л-олам миёни Балху Тахористон қарор доштааст.

[3] ба эҳтимоли қавӣ бояд Парвон ва Панҷҳер бошад, ки бар сари роҳи Балху Ғазнин қарор дошт.

[4] ҳавдаҷ

[5] доравзин ё дорофазин – ҳар чизи аз чӯбу санг сохташуда, ки одам бар он такя мекунад; такягоҳ.

[6] Ғурванд – номи маҳалле дар ҳудуди Кобул.

ғарибу латоиф ва дигарон думодуми вай. То ин ҷо расидем ба Балақ. Ва он касоне, ки расиданд ба миқдори маҳаллу мартаба навохт меёфтанд. Валлоҳу аъламу би-с-савоби.

Зикру-л қабзи ъала-л амири Абӣ Яъқуба Юсуфа-бни Носириддина Абӣ Мансурин Сабуктакина-л-ъодили раҳматуллоҳи ъалайҳим[1]

Ва фурӯ гирифтани ин амир бад-ин Балақ[2] буд ва ин ҳадисро қиссаву тафсилест, ночор бибояд набишт, то корро тамом бидониста ояд. Амир Юсуф марде буд сахт беғоила[3] ва думи ҳеч фасоду фитна нагирифта. Ва дар рӯзгори бародараш Султон Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳи, худ ба хидмат кардан рӯзе дубор чунон машғул буд, ки ба ҳеч кор нарасидӣ ва дар миёна чун аз хидмат фориғ шудӣ, ба лаҳву нишоту шароби хеш машғул будӣ ва дар чунин аҳвол ва ҷавонию неруву неъмат ва хостаи беранҷ[4] пайдост, ки чанд таҷрибат ӯро ҳосил шавад. Ва чун Амир Маҳмуд гузашта шуду пилбон аз сар пил дур шуд[5], Амир Муҳаммад ба Ғазна Ғазна омаду бар тахти мулк бинишаст, аммашро Амир Юсуф, сипоҳсолорӣ дод; ва рафт он корҳо чунонки рафт ва биёвардаам пеш аз ин. Мудати он подшоҳӣ рост шудану сипоҳсолорӣ кардан, худ андак моя рӯзгор будааст, ки дар он мудат вайро чанд бедорӣ тавонад буд. Ва он гоҳ чунон коре бирафт дар нишондани Амир Муҳаммад ба қалъати Куҳтиз ба Тагинобод ва ҳарчанд бар ҳавои подшоҳе бузург[6] карданду тақаррубе бузург доштанд, подшоҳон дарвақт чунон тақаррубҳо фаро ситонанд[7], валекин бар чунон кас эътимод накунанд, ки дар ахбори Яъқуби Лайс чунон хондам, ки вай қасди Нишобур кард, то Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Абдулоҳ ибни Тоҳир[8] – амири Хуросонро фурӯ гирад; ва аъёни рӯзгори давлати вай ба Яъқуб тақарруб карданду қосидони мусриъ фиристоданд бо номаҳое, ки «Зудтар бибояд шитофт, ки аз ин худованди мо ҳеч кор менаёяд, ҷуз лаҳв, то сағри Хуросон, ки бузург сағрест ба бод нашавад». Се тан аз пирони куҳантари донотар сӯйи

---

[1] Зикри гирифтори Амир Абу Яъқуб Юсуф фарзанди Носириддин Абумансур Сабуктагини одил, раҳмати Худо бар эшон бод.
[2] Балақ – ноҳияе дар наздикии Ғазна.
[3] беғоила - бе шарру шӯр.
[4] молу сарвате, ки бидуни заҳмат ба даст оварда буд, зеро бародари Султон Маҳмуд буд.
[5] киноя аз ин, ки бо мурдани Султон Маҳмуд мамлакат бе сарпараст шуд.
[6] манзур Султон Масъуд аст.
[7] яъне, салотин наздикшавии афрод ба худро дар ҳамон вақт мепазиранд.
[8]Муҳаммади Тоҳир – охирин намояндаи сулолаи Тоҳириён, ки соли 873 ба дасти Яъқуб асир шуд.

Яъқуб нанигаристанду бад-ӯ ҳеч тақарруб накарданд ва бар дари саройи Муҳаммади Тоҳир мебуданд, то он гоҳ, ки Яъқуби Лайс даррасиду Муҳаммади Тоҳирро бибастанд.

Ин се танро бигирифтанду пеши Яъқуб оварданд, Яъқуб гуфт: «Чиро ба ман тақарруб накардед, чунонки ёронатон карданд?» Гуфтанд: «Ту подшоҳе бузургӣ ва бузургтар аз ин хоҳӣ шуд, агар ҷавобе ҳаққ бидиҳему хашм нагирӣ, бигӯем». Гуфт: «Нагирам, бигӯед!» Гуфтанд: «Амир ҷуз аз имрӯз моро ҳаргиз дидааст?» Гуфт: «Надидам!» Гуфтанд: «Бар ҳеч вақт моро бо ӯ ва ӯро бо мо ҳеч мукотабату муросалат будааст?» Гуфт: «Набудааст!» Гуфтанд: «Пас мо мардумонем пиру куҳан ва Тоҳириёнро солҳои бисёр хидмат кардаву дар давлати эшон некӯиҳо дидаву пойгоҳҳо ёфта, раво будӣ моро роҳи куфрони неъмат гирифтан ва ба мухолифони эшон тақарруб кардан, агарчӣ гардан бизананд? Гуфтанд: Пас аҳволи мо ин аст ва мо имрӯз дар дасти амирему худованди мо баруфтод. Бо мо он кунад, ки Эзид, азза исмуҳу, биписандад ва аз ҷавонмардиву бузургии ӯ сазад». Яъқуб гуфт: «Ба хонаҳо боз равед ва эйман бошед, ки чун шумо озодмардонро нигоҳ бояд дошт ва моро ба кор оед, бояд, ки пайваста ба даргоҳи ман бошед». Эшон эйману шокир бозгаштанд ва Яъқуб пас аз ин, ҷумла он қавмро, ки бад-ӯ тақарруб карда буданд, фармуд, то фурӯ гирифтанд ва ҳар чӣ доштаанд, пок бистаданду биронданд ва ин се танро баркашиду эътимодҳо кард дар асбоби мулк.

Ва чунин ҳикоятҳо аз баҳри он орам, то тоъинон[1] зуд-зуд забон фарои ин подшоҳи бузург Масъуд накунанд ва сухан ба ҳаққ гӯянд, ки табъи подшоҳон ва аҳволу одоти эшон на чун дигарон аст ва он чӣ эшон бинанд, касе натавонад дид.

Ва бад-ин пайваст Амир Юсуфро ҳаводории Амир Муҳаммад, ки аз баҳри нигоҳдошти дили Султон Маҳмудро бар он ҷониб кашид, то ин ҷониб биёзурд. Ва ду духтар буд Амир Юсуфро – яке бузургшудаву даррасида ва яке хурду норасида. Амир Маҳмуд он расидаро ба Амир Муҳаммад доду ақди никоҳ карданд ва ин норасидаро ба номи Амир Масъуд кард, то наёзорад ва ақди никоҳ накаранд. Ва такаллуфе фармуд, Амир Маҳмуд арусиро, ки монандаи он кас ёд надошт, дар саройи Амир Муҳаммад, ки баробари Майдони Хурд аст. Ва чун сарой биёросту корҳо рост карданд, Амир Маҳмуд барнишасту он ҷо омад ва Амир Муҳаммадро бисёр бинавохту хилъати шоҳона дод ва фаровон чиз бахшид ва бозгаштанд ва сарой ба домоду ҳуррот[2] монданд. Ва аз

[1] таъназананда.

[2] занони озодаву хотунҳо.

қазои омада арусро таб гирифт ва намози хуфтан маҳд оварданд, вуруди Ғазнин пур шуд аз занони муҳташамон ва бисёр шамъу машъала афрӯхта, то арусро бибаранд ба кушки шоҳ, бечораи ҷаҳоннодида, ороставу дар зару зевару ҷавоҳир нишаста фармон ёфт[1] ва он кор ҳама табоҳ шуд. Ва дарсоат хабар ёфтанду ба Амир Маҳмуд расониданд, сахт ғамнок гашт ва бо қазои омада чӣ тавонист кард, ки Эзид, азза зикруҳу, ба бандагон чунин чизҳо аз он намояд, то аҷзи хеш бидонанд.

Дигар рӯз фармуд, то ақди никоҳ карданд дигар духтарро, ки ба номи Амир Масъуд буд, ба номи Амир Муҳаммад карданд ва Амир Масъудро сахт ғам омад, валекин рӯйи гуфтор набуд. Ва духтар кӯдаке сахт хурд буд. Овардани ӯ ба хона бачӯй монданд ва рӯзгор гирифту ҳолҳо бигашт; ва Амир Маҳмуд фармон ёфт ва охири ҳадис он омад, ки ин духтар ба пардаи[2] Амир Муҳаммад расид бад-он вақт, ки ба Ғазнин омад ва бар тахти мулк бинишаст ва чаҳордаҳсола гуфтанд, ки буд. Он шаб, ки вайро аз маҳаллати мо – Саросиё, аз саройпарда ба кушки иморат мебурданд, бисёр такаллуф дидам, аз ҳадд гузашта; ва пас аз нишондани[3] Амир Муҳаммад ин духтаро наздики ӯ фиристонданд, ба қалъат ва мудате бибуд он ҷо ва бозгашт, ки дилаш танг шуд ва имрӯз ин ҷо ба Ғазнӣ аст. Ва Амир Масъуд аз ин биёзурд, ки чунин дуруштиҳо дид аз аммаш ва қазои ғолиб бо ин ёр шуд, то Юсуф аз гоҳ[4] ба чоҳ уфтод ва наъузу би-л-лоҳи мина-л идбор[5].

Ва чун Султон Масъудро ба Ҳирот кор якрӯя шуд ва мустақар гашт, чунонки пеш аз ин биёварадаам, ҳоҷиб Ёруқтағмиши Ҷомадорро[6] ба Макрон фиристод бо лашкари анбуҳ, то Макрон софӣ кунад ва Буласкарро он ҷо биншонад. Амир Юсуфро бо даҳ сарҳангу фавҷе лашкар ба Қусдор фиристод, то пушти[7] Ҷомадор бошад ва кори Макрон зуд қарор гирад. Ва ин баҳона буд, чунонки хост, ки Юсуф якчанд аз чашми ваю чашми лашкар дур монад ва ба Қусдор чун шаҳрбанде[8] бошад ва он сарҳангон бар вай муваккал[9]. Ва дар ниҳон ҳоҷибашро Туғрал, ки вайро азизтар аз фарзандон доштӣ, бифиристанд ба фармони Султон ва таъбияҳо карданд, то

---

[1] вафот кард.
[2] пардасаро, ҳарам.
[3] зиндонӣ кардан.
[4] тахт.
[5] паноҳ мебарем ба Худо аз баргаштани бахт!
[6] ҷомадор – вазифае дар дарбор, ки масъули либосу дигар лавозими ороишӣбуд.
[7] пуштибон.
[8] шаҳрбанд – маҳбус, зиндонӣ ё ҳабси назар дар як шаҳр.
[9] гумошта, муроқиб ва нигаҳбон.

бар вай муширифˈ бошад ва ҳарчӣ равад, мебознамояд[2], то самароти ин хидмат биёбад, ба пойгоҳи бузург, ки ёбад. Ва ин турки аблаҳ ин чурбак[3] бихӯрду надонист, ки куфрони неъмат шум бошад; ва қосидон аз Қусдор бар кор карду мефиристод сӯйи Балх ва ғассу самин[4] мебознамуд Абдусро пинҳон ва онро ба Султон мерасониданд. Ва Юсуф чӣ донист, ки дилу ҷигару маъшуқаш бар вай муширифанд? Бар ҳар вақте ва бештар дар шароб межакид. Ва суханон фаротар мегуфт, ки «Ин чӣ буд, ки ҳамагон бар хеш кардем, ки ҳама паси якдигар хоҳем шуд ва ночор чунин бояд, ки бошад, ки бадаҳдиву бевафоӣ кардем, то кор куҷо расид». Ва ин ҳама менабиштанду бар он зиёдатҳо мекарданд, то дили Султон гаронтар мегашт.

Ва то бар он ҷойгоҳ Туғрал бознамуд, ки гуфт: «Месозад[5] Юсуф, ки хештанро ба Туркистон афганад ва бо Хониён мукотабат кардан гирифт» ва Султон дар ниҳон номаҳо мефармуд сӯйи аъён, ки муваккалони ӯ буданд, ки «Нек эҳтиёт бояд кард дар нигоҳдошти Юсуф, то сӯйи Ғазнӣ ояд. Чун мо аз Балх қасди Ғазнин кардем, вайро бихонем, агар хоҳад, ки ҷониби дигар равад, набояд гузошту бибояд баст ва баста пеши мо оварад. Ва агар рост ба сӯйи Бусту Ғазнин омад, албатта набояд, ки бар чизе, аз он чӣ фармудем, воқиф гардад». Ва он аъён фармон нигоҳ доштанд ва он чӣ аз эҳтиёт воҷиб кард, ба ҷой меоварданд. Ва мо ба Балх будем ба чанд дафъат муҷаммизон[6] расиданд, аз Қусдор севу чаҳору панч ва номаҳои Юсуф оварданд ва турунҷу анору найшакари некӯ ва бандагиҳо намуда ва аҳволи Макрону Қусдор шарҳ карда. Ва Амир ҷавобҳои неку боз мефармуд ва мухотаба ин буд ки: амиру-л ҷалил ал-ъамм Аби Яъқуб Юсуф ибни Носируддин. Ва навишт, ки «Фулон рӯз мо аз Балх ҳаракат хоҳем кард ва кори Макрон қарор гирифт, чунон бояд, ки ҳам бар ин тақдир аз Қусдор ба зудӣ биравӣ, то бо мо баробар ба Ғазнин расӣ ва ҳаққои вайро ба воҷибӣ шинохта ояд».

Ва Амир Юсуф бирафт аз Қусдор ва ба Ғазнин расид пеш аз Султон Масъуд. Чун шунуд, ки мавкиби[7] Султон аз Парвон[8] рӯй ба

---

[1] муширифˈ – касе ё чизе, ки бар баландӣ қарор дорад; касе ё чизе, ки аз баландӣ мусаллат бар касе дигар ё чизе дигар бошад; муширифˈ будан (бар чизе) аз боло назора кардан.

[2] гузориш кунад.

[3] чурбак – дурӯғи ростмонанд; чурбак хӯрдан – фиреб хӯрдан, фирефта шудан.

[4] ғассу самин – лоғару фарбеҳ; яъне ҳар итифоқро кучак ё бузургро гузориш мекард.

[5] омода мешавад.

[6] муҷаммиз – шутурсавор, қосиди шутурсавор.

[7] мавкиб – гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи подшоҳ.

[8] Парвон – шаҳраке дар назди Ғазнин.

Ғазнин дорад бо писараш Сулаймон ва ин Туғрали кофирнеъмат ва ғуломе панҷоҳ ба хидмати истиқбол омаданд сахт мухифф[1]. Ва Амир посе монанде аз шаб бардошта буд[2] аз Ситоҷ ва рӯй ба Балақ[3] дода, ки саройпарда он ҷо зада буданд ва дар амории модапил буд ва машъалаҳо афрӯхтаву ҳадискунон[4] меронданд. Наздики шаҳр машъал пайдо омад аз дур дар он саҳро аз ҷониби Ғазнӣ. Амир гуфт: «Амам Юсуф бошад, ки хондаем, ки пазира хост омад»[5]. Ва фармуд нақибе[6] дуро, ки пазираи вай раванд. Битохтанд рӯй ба машъал ва расиданд ва пас бозтохтанду гуфтанд: «Зиндагони худованд дароз бод, Амир Юсуф аст». Пас аз як соат даррасид, Амир пил бидошт ва Амир Юсуф фуруд омад ва замин бӯса дод ва ҳоҷиби бузург Билготагину ҳама аъёну бузургон, ки бо Амир буданд, пиёда шуданд. Ва асбаш бихостанду барнишонанданд бо каромате ҳарчӣ тамомтар. Ва Амир вайро сахт гарм бипурсид аз андоза гузашта. Ва бironданд ва ҳама ҳадис бо вай мекард, то рӯз шуд ва ба намоз фуруд омаданд. Ва Амир аз он пил бар асб шуд ва бironданд ва Юсуф дар дасти чапаш ва ҳадис мекарданд, то ба Лашкаргоҳ расиданд. Амир рӯй ба Абдус карду гуфт: «Амам мухифф омадааст, ҳамин ҷо дар пеши саройпарда бигӯ, то шароъеву[7] суффаҳову хаймаҳо бизананд ва ҳамин ҷо фуруд ояд, то ба мо наздик бошад». Гуфт: «Чунин кунам».

Ва Амир дар хайма даррафт. Ва ба хиргоҳ фуруд омад ва Амир Юсуфро ба нимтарг бинишонданд, чандонки суффаву шароъ бизаданд, пас он ҷо рафт ва хаймаҳои дигаре бизаданд ва ғуломонаш фуруд омаданд ва хонҳо оварданду биниҳоданд; ман аз девони худ нигоҳ мекардам. Накард даст бар чизе ва дар худ фурӯ шуда буд сахт аз ҳадд гузашта, ки шаммате[8] ёфта буд аз макруҳӣ, ки пеш омад[9]. Чун хонҳо бардоштанд ва аъёни даргоҳ парокандан гирифтанд, Амир холӣ кард ва Абдусро бихонду дер бидошт, пас берун омад ва наздики Амир Юсуф рафт ва холӣ карданд ва дере сухан гуфтанд ва Абдус меомаду мешуд ва сухан мерафт ва хиёноти ӯро мешумурданд ва охираш он буд, ки чун рӯз ба намози пешин расид, се муқаддам аз ҳиндувон он ҷо биистоданд бо понсад савори ҳинду ва дар силоҳи тамом ва се нақиби ҳинду ва сесад пиёдаи гузида ва

---

[1] сабукбор.
[2] ҳаракат карда буд.
[3] Ситоҷ ва Балақ номи мавзеъҳо миёни Парвон ва Ғазнин.
[4] гапзанон.
[5] иҷозат хост, ки биёяд.
[6] нақиб яке аз маъмурони дарбор буд, ки мақомаш поёнтар аз ҳоҷиб буд.
[7] хайма, соябон.
[8] шаммат – бӯй, бӯйи андак ва низ ба маънои каму андак.
[9] яъне, аз вазъи номатлубе, ки барояш пеш омада буд, пай бурда буд.

астаре бозин биёварданду бидоштанд. Ва Амир Юсуфро дидам, ки бар пой хост ва ҳанӯз бокулоҳу мӯзаву камар буд ва писарро дар огуш[1] гирифту бигрист ва камар боз карду бияндохт ва Абдусро гуфт, ки ин кудакро ба Худой, азза ва ҷалла, супурдам ва баъди он ба ту. Ва Туғралро гуфт: «Шод бош, ай кофирнеъмат, аз баҳри ин туро парвардам ва аз фарзанд азизтар доштам, то бар ман чунин сохтӣ ба ишвае, ки харидӣ? Бирасад ба ту он чӣ сазовори онӣ». Ва бар астар нишасту сӯйии қалъати Сагованд[2] бурдандаш ва пас аз он низ надидамаш. Ва соли дигар санаи салоса ва ишрина ва арбаъа миа[3], ки аз Балх бозгашт, аз роҳ нома расид, ки вай ба қалъати Дарута гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳи.

Ва қиссаест кӯтоҳгуна, ҳадиси ин Туғрал, аммо нодир аст, ночор бигуям ва пас ба сари таърих бозшавам.

Зикри қиссати ҳоза-л ғуломи Туғрала-л Азудӣ[4]

Ин ғуломе буд, ки аз миёни ҳазор ғулом чун ӯ берун наёяд ба дидору қадду рангу зарофату лаёқат ва ӯро аз Туркистон хотуни Арслон[5] фиристода буд ба номи Амир Маҳмуд; ва ин хотун одат дошт, ки ҳар сол Амир Маҳмудро ғуломе нодир ва канизаке дӯшизаи хиёра фиристодӣ бар сабили ҳадя ва амир вайро дасторҳои қасаб[6] ва шори[7] борику марвориду дебои румӣ фиристодӣ. Амир ин Туғралро биписандид ва дар ҷумлаи ҳафту ҳашт ғулом, ки соқиёни ӯ буданд пас аз Аёз бидошт. Ва соле ду баромад, як рӯз чунон уфтод, ки Амир ба Боғи Фирӯзӣ[8] шароб мехӯрд бар гул ва чандон гули садбарг рехта буданд, ки ҳадду андоза набуд ва ин соқиёни моҳруёни олам ба навбат дугон-дугон меомаданд. Ин Туғрал даромад қабои лаъл пӯшида ва ёри вай қабои фирӯза дошт ва ба соқигарӣ машғул шуданд ҳарду моҳруй. Туғрал шароби рангин ба даст биистод ва Амир Юсуфро шароб дарёфта буд[9], чашмаш бар вай бимонду ошиқ шуд ва ҳарчанд кӯшиду хештанро фароҳам кард, чашм аз вай барнатавонист дошт. Ва Амир Маҳмуд дуздида менигарист ва шефтагиву беҳушии бародарашро медиду тағофул

---

[1] оғуш.
[2] номи қарияе аст ба рустои Ғазнин.
[3] соли 423 ҳ., ки баробар аст бо соли 1032-и милодӣ.
[4] зикри достони ин ғулом, Туғрали Азудӣ.
[5] Арслон – яке аз хонҳои қарохонӣ.
[6] шолҳои абрешимӣ.
[7] шор – ҷомаи борику рангин, ки ба ҳиндӣ сарӣ гӯянд.
[8] Боғи Фирӯзӣ – боғи машҳури Султон Маҳмуд Ғазнавӣ, ки ӯро дар ҳамин ҷо дафн карданд.
[9] яъне, маст шуда буд.

мезад[1], то он, ки соате бигузашт. Пас гуфт: «Ай бародар, ту аз падар кӯдак мондӣ ва гуфта буд падар дар вақти марг Абдуллоҳи дабирро, ки «Муқарар аст, ки Маҳмуд мулки Ғазнин нигаҳ дорад, ки Исмоил марди он нест. Маҳмудро аз пайғоми ман бигӯ, ки маро дил ба Юсуф машғул аст[2], вайро ба ту супурдам, бояд ки вайро ба хуйи хеш барорӣ ва чун фарзандони хеш азиз дорӣ» ва мо то ин ғоят донӣ, ки ба ростои[3] ту чанд некӯӣ фармудаем. Ва пиндоштем, ки боадаб баромадаӣ ва нестӣ, чунонки мо пиндоштем, дар маҷлиси шароб дар ғуломони мо чиро нигоҳ мекунӣ? Туро хуш ояд, ки ҳеч кас дар маҷлиси шароб дар ғуломони ту нигарад? Ва чашмат аз дер боз бадин Туғрал бимондааст ва агар ҳурмати равони падарам набудӣ, туро молише[4] сахт тамом бирасидӣ. Ин як бор афв кардам ва ин ғуломро ба ту бахшидам, ки моро чун ӯ бисёр аст; ҳушёр бош, то бори дигар чунин саҳв наяфтад, ки бо Маҳмуд чунин бозиҳо наравад».

Юсуф мутаҳаййир гашту бар пой хост ва замин бӯса доду гуфт: «Тавба кардам ва низ чунин хато наяфтад». Амир гуфт: «Биншин!» Бинишаст ва он ҳадис фаро бурид[5] ва нишоти шароб боло гирифт ва Юсуфро шароб дарёфт, бозгашт. Амир Маҳмуд ходими хоссро, ки ӯро Софӣ мегуфтанд ва чунин ғуломон ба дасти ӯ буданд овоз доду гуфт: «Туғралро наздики бародарам фирист!» Бифиристоданаш ва Юсуф бисёр шодӣ кард ва бисёр чиз бахшид ходимонро ва бисёр садақа дод ва ин ғуломро баркашид ва ҳоҷиби ӯ шуд ва азизтар аз фарзандон дошт ва чун шаби сиёҳ бар рӯзи сапедаш тохтан овард ва офтобро кусуфе уфтод[6], аз хонадоне боном зан хосту дар ақди никоҳ ва арусии вай такаллуфҳои бемаҳал[7] намуд, чунонки гурӯҳе аз хирадмандон писанд надоштанд. Ва ҷазову мукофоти он меҳтар, он омад, ки боз намудам. Пас аз гузаштани худовандаш, чун дараҷагунае ёфт ва навохте аз Султон Масъуд, аммо мамқут[8] шуд ҳам наздики вай ва ҳам наздики бештар аз мардумон ва идбор[9] дар вай печиду гузашта шуд ба ҷавонии рӯзгораш дар нокомӣ ва оқибати куфрони неъмат ҳамин аст. Эзид, азза зикруҳу, морову ҳама мусалмононро дар исмати хеш нигоҳ дорад ва тавфиқи аслаҳ диҳод, то ба шукри неъматҳои Вай ва бандагони вай, ки мунъимон бошанд, расида ояд, би манниҳи ва сиъати раҳматиҳи.[1]

---

[1] худро ба бехабарӣ мезад.
[2] яъне, ман нигарони Юсуф ҳастам.
[3] дар ҳаққи, дар бораи.
[4] молиш – танбеҳ, муҷозот.
[5] он матлабро қатъ кард
[6] яъне, бузург шуд, Байҳақӣ ташбеҳро ба кор бурдааст.
[7] ноҷо.
[8] душман дошташуда.
[9] бахтбаргаштагӣ, тирабахтӣ.

Ва пас аз гузаштани Амир Юсуф раҳматуллоҳи алайҳи хидматгорони вай пароганда шуданд. Ва Бусаҳли Лакшани кадхудояшро кашокаш уфтод ва мусодарҳо дод ва марди сахт фозилу бахирад буду хештандор. Ва охираш он омад, ки он амали[2] Буст бад-у доданд, ки мард аз Буст буд ва дар он шуғл фармон ёфт. Ва Хоҷа Исмоил ранҷҳои бисёр кашиду фаровон гарму сард кашид ва ҳаққи ин хонадон нигоҳ дошт ва кори фарзандони ин Амир дар бар гирифт ва худро дар абвоби эшон дошт ва уфтоду хост ва дар рӯзгори Амир Мавдуд, раҳматуллоҳи алайҳи, маъруфтар гашт ва дар шуғлҳои хоссатари ин подшоҳ шуруъ карду кифоятхову амонатҳо намуд, то лоҷарам ваҷеҳ[3] гашт, чунонки имрӯз дар рӯзгори ҳумоюни Султони муъаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носируддиниллоҳ шуғли ваколату зиёъи хосс[4] ва бисёр кор бад-ӯ муфавваз аст. Ва муддате дароз ин шуғлҳо биронд, чунонки айбе бад-ӯ бознагашт. Ва Омӯй[5] чун бар вай кор дардид, думи офият гирифт ва пас аз Юсуф даст аз хидмати махлуқ бикашид ва меҳробу намозу Қуръону порсоӣ ихтиёр кард ва бар ин бимондааст. Ва чанд бор хостанд подшоҳони ин хонадон, разияллоҳу анҳум, ки ӯ шуғл кунад ва кард якчанде солории ғозиёни Ғазнин, салламаҳумуллоҳ[6] ва дар он сахт зебо буд ва охир шафиъон ангехт, то аз он бичаст. Ва ба чанд дафъат хостанд, то ба расулиҳо биравад, ҳилат кард, то аз вай даргузашт ва санаи тисъа ва арбаъина ва арбаъ миа[7] дар печиданадаш, то ишрофи авқофи Ғазнин биситонд ва аз он хостанд, то равнақи тамом гирад ва ҳилатҳо кард, то ин ҳадис фаро бурид. Ва тамоммарде бошад, ки чунин тавонад кард ва гардани ҳирсу оз битавонад шикаст ва ҳар бандае, ки ҷониби Эзид, азза зикруҳу, нигоҳ дорад, вай ҷаллат азаматуҳу[8] он бандаро зоеъ намонад. Ва Булқосими Ҳакимак, ки надими Амир Юсуф буд ва марде муматтаъ[9] ва бакоромада ва ҳам хидмати касе накардаву карим буд, аҳд нигоҳ дошт. Ва имрӯз ин ду тан барҷоянд, ин ҷо ба Ғазнин ва дӯстонанд, чӣ чора доштам, ки дӯстии ҳамагон ба ҷой наёвардаме, ки ин аз расми таърих дур нест. Ва чун ин қисса баҷой овардам, инак рафтам, ба сари таърихи Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу, пас аз

---

[1] ба бахшишу густурдагии раҳматаш.
[2] ин ҷо ба маънои фармонравоӣ.
[3] муътабар, боэътибор.
[4] девони аз-зиёъи Сомониёнро дар ҳукумати Ғазнавиён девони ваколат (ва амлоки хоссаи Султон) меномиданд.
[5] номи як нафар.
[6] Худованд ононро ба саломат дорад!
[7] соли 449-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо 1057-1058-и милодӣ.
[8] бузург аст азамати Ӯ.
[9] баҳравар, баҳраманд аз камол.

фурӯ гирифтани Амир Юсуф ва фиристодан ӯ сӯйи қалъати Сагованд.

Дигар рӯз аз Балақ бардошту бикашид ва ба Шаҷков[1] сарҳанг Буалии Кутвол ва Булқосим Алии Нукии соҳиббарид пеш омаданд, ки ин ду танро ба ҳама рӯзгорҳо фармони пеш омадан то ин ҷо буд. Ва Амир эшонро бинавохт бар ҳадди ҳар яке. Ва кутвол чандон хӯрдании покиза, чунонки ӯ донистӣ овардан, биёвард, ки аз ҳадд бигузашт. Ва Амиро сахт хуш омад ва бисёр некӯӣ гуфту сӯйи шаҳр бозгардонид ҳар дуро ва мисол дод кутволро, то нек андеша дорад ва пиёдаи тамом гуморад ва аз паси Халқонӣ[2], то кушк, ки хоза бар хоза[3] буд, то халале наяфтад. Ва дигар рӯз, ал-хамиса сомин мин ҷумодулухро санаи иснатайн ва ишрина ва арбаъа миа[4] Амир сӯйи ҳазрати дорулмулк[5] ронд бо таъбияе сахт некӯ ва мардуми шаҳри Ғазнин – марду зану кӯдак барҷушиду берун омад. Ва бар Халқонӣ чандон қубаҳои ботакаллуф зада буданд, ки пирон мегуфтанд бар он ҷумла ёд надорад. Ва гузаштанду нисорҳо карданд аз андоза гузашта. Ва захмате буд, чунонки сахт ранҷ мерасид бар он хозаҳо гузаштан ва бисёри мардум ба ҷониби Хушкрӯд[6] ва Дашти Шобаҳор[7] рафтанд. Ва Амир наздики намози пешин ба кушки маъмур расид ва ба саъодату ҳумоюнӣ фуруд омад. Ва амма – Ҳурраи Хутталӣ, разияллоҳу анҳо, бар одати солҳои гузашта, ки Амир Маҳмудро сохтӣ, бисёр хӯрдании ботакаллуф сохта буд, бифиристод ва Амирро аз он сахт хуш омад. Ва намози дигари он рӯз бор надоду дар шаб холӣ карданд ва ҳама саройиҳову ҳурроти бузургон ба дидори ӯ омаданд. Ва ин рӯзу ин шаб дар шаҳр чандон шодиву тарабу гаштану шароб хӯрдану меҳмон рафтану хондан буд, ки кас ёд надошт. Ва дигар руз бор доду дар суффаи давлат нишаста буд ба тахти падару ҷадд, раҳматуллоҳи алайҳимо аҷмаъин. Ва мардуми шаҳр омадан гирифтанд фавҷ-фавҷ ва нисорҳои баифрот карданд авлиёву ҳашам ва лашкариёну шаҳриён, ки ба ҳақиқат бар тахти мулк имрӯз нишаста буд султони бузург ва шоирон шеърҳо

---

[1] номи маҳал.

[2] номи майдоне дар Ғазнин.

[3] хоза ё хавоза – тоқи нусрат, дарвозаҳои тоқшакл, ки ба ҳангоми ҷашн шаҳрро меорастанд.

[4] паҷшанбе, ҳаштуми ҷумодалухрои соли 422-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо 2 майи соли 1031-и милодӣ

[5] пойтахт.

[6] мавзеъ дар Ғазнин

[7] Дашт Шобаҳор – маҳалли ба арз (намоиш) гузоштани лашкари Ғазнавиён қабл аз амалиёти ҷангӣ. Фаррухӣ мегуяд:
Ҳарчӣ дар Ҳиндустон пили масофорой буд. Пеш кардиву дардовардӣ ба Дашти Шобаҳор.

бисёр хонданд, чунонки дар давовин[1] пайдост ва ин ҷо аз он чизе наёвардам, ки дароз шудӣ. То намози пешин анбуҳе будӣ, пас бархост Амир дар сарой фуруд рафт ва нишоти шароб кард бе надимон.

Ва намоз дигар бор надоду дигар рӯз ҳам бор надод ва барнишасту бар ҷониби Сипастзор ба Боғи Фирӯзӣ рафт ва турбати падарро разияллоҳу анҳу зиёрат карду бигрист ва он қавмро, ки бар сари турбат буданд, бист ҳазор дирам фармуд ва Донишманд Набийя ва ҳокими лашкарро Наср ибни Халаф гуфт: «Мардуми анбуҳ бар кор бояд кард, то ба зудӣ ин работ, ки фармудааст, бароварда ояд ва аз авқофи ин турбат нек андеша бояд дошт, то ба туруқу субул расад[2] ва падарам ин боғро дӯст дошт, аз он фармудӣ вайро ин ҷо ниҳодан; ва мо ҳурмати бузурги ӯро ин буқъат бар худ ҳаром кардем[3], ки ҷуз ба зиёрат ин ҷо наёем. Сабзиҳову дигар чизҳо, ки тараро[4] шоист, ҳамаро барбояд канд ва ҳамдостон набояд буд, ки ҳеч кас ба тамошо ояд ин ҷо». Гуфтанд: «Фармонбурдорем!» ва ҳозирон бисёр дуъо карданд. Ва аз боғ берун омад ва роҳи саҳро гирифт ва авлиёву ҳашаму бузургон ҳамроҳи вай ба Афғоншол[5] даромад ва ба турбати Амири одил Сабукатагин, разияллоҳу анҳу, фуруд омаду зиёрат кард ва мардуми турбатро даҳ ҳазор дирам фармуд ва аз он ҷо ба кушки давлат боз омад. Ва аъён ба девонҳо биншастанд ва дигар рӯз корҳо рондан гирифтанд.

Рӯзи сешанбе, бистуми ҷумодалухро ба Боғи Маҳмудӣ рафт ва нишоти шароб карду хушаш омад ва фармуд, ки «Бунаҳо ва девонҳо он ҷо бояд оварад». Ва сароиён ба ҷумла он ҷо омаданд ва ғуломону ҳараму девонҳои вазорат ва арзу рисолату ваколат ва бузургону аъён бинишастанду корҳо барқарор мерафт ва мардуми лашкариву раъийят ва бузургону аъён ҳама шодкому дилҳо бар ин худованди муҳташам баста. Ва вай низ бар сирати некӯву писандида мерафт, агар бар он ҷумла бимондӣ, ҳеч халале роҳ наёфтӣ, аммо берун аз Хоҷаи Бузург Аҳмади Хасан, вазирони ниҳонӣ буданд, ки салоҳ нигоҳ натавонистанд дошт ва аз баҳри тамаъи худро корҳо пайвастанд, ки дили подшоҳон, хосса, ки ҷавон бошанду комрон, онро хоҳон гарданд.

---

[1] давовин – девонҳо.

[2] яъне, бояд ба авқофи қабри падар расидагӣ кард, ки дар тариқаву роҳҳои таъиншуда сарф шавад

[3] яъне, чун падарам ба он алоқа дошт, ман аз он сарфи назар кардам, то фақат маҳаллии қабри ӯ бошад

[4] барги наботот, ки дар хӯрок ва ё ҳангоми шароб хӯрдан истифода мешуд

[5] маҳали қабри Сабукатагин дар Ғазнин.

Ва нахуст, ки ҳама дилҳоро сард карданд бар ин подшоҳ он буд, ки Бусаҳли Завзанӣ ва дигарон тадбир карданд дар ниҳон, ки моли байъатӣ ва силатаҳо[1], ки бародарат Амир Муҳаммад додааст, боз бояд ситад, ки афсусу ғабн[2] аст, кори науфтодаро афзуни ҳафтоду ҳаштод бор ҳазор ҳазор дирам ба туркону тозикон ва аснофи лашкар бигузоштан. Ва ин ҳадисро дар дили подшоҳ ширин карданду гуфтанд: «Ин падариён ба рӯю риёи худ нахоҳанд, ки ин мол худованд бозхоҳад, ки эшон олудаанд ва мол ситадаанд, донанд, ки боз бояд дод ва нохушашон ояд, савоб он аст, ки аз хозинон нусхат хоста ояд ба харҷҳое, ки кардаанд ва онро ба девони арз фиристода шавад ва ман, ки Бусаҳлам лашкарро бар якдигар тасбиб кунам ва баротҳо бинависанд, то ин мол мустағриқ[3] шавад ва бистгонӣ набояд дод як сол, то моле ба хизона бозрасад. Аз лашкар ва тозикон[4], ки чиҳил сол аст, то мол мениҳанд ва ҳамагон банавоанд ва чӣ кор кардаанд, ки моле бад-ин бузургӣ паси эшон яла[5] бояд кард». Амир гуфт: «Нек омад». Ва бо Хоҷаи Бузург холӣ карду дар ин боб сухан гуфт. Хоҷа ҷавоб дод, ки «Фармон худовандрост ба ҳар чӣ фармояд, аммо андар ин кор нек бияндешидааст?» Гуфт: «Бияндешидаам ва савоб он аст ва моле бузург аст!» Гуфт: «То банда низ бияндешад, он гоҳ он чӣ ӯро фароз ояд, боз намояд, ки бар бадиҳат[6] рост наёяд, он гоҳ он чӣ раъйи олӣ бинад, бифармояд». Амир гуфт: «Нек омад». Ва бозгашт ва он рӯзу он шаб андешаро бад-ин кор гумошт ва сахт торик намуд вайро, ки на аз он бузургону зиракон ва доҳиёни рӯзгордидагон буд, ки чунин чизҳо ба хотири равшани вай пушида монад.

Дигар рӯз чун Амир бор дод ва қавм бозгашт, Амир Хоҷаро гуфт: «Дар он ҳадиси дина чӣ дидааст?» Гуфт: «Ба торам раваму пайғом диҳам». Гуфт: «Нек омад». Хоҷа ба торам омаду Хоҷа Бунасрро бихонду холӣ карду гуфт: «Хабар дорӣ, ки чӣ сохтаанд?» Гуфт: «Надорам». Гуфт: «Худованд-султонро бар ин ҳарис кардаанд, ки он чӣ бародараш додааст ба силат лашкарро ва аҳрору[7] шуароро, то буқиву дабдабазанрову[8] масхараро[9] бояд ситад

---

[1] яъне, молҳо ва ҳадяҳоеро, ки Амир Муҳамад ба касоне ки бо у байъат карда буданд дода буд.

[2] зиён

[3] мустағриқ – ғарқшаванда, ва ҳамаро фарорасанда.

[4] тоҷик; тавре, ки аз ин баёни Байҳакӣ дида мешавад, дарбори Ғазна аз лиҳози нажодӣ аз ду қавми асосии он рӯзгор тоҷикон ва туркон иборат аст.

[5] раҳо.

[6] ноандешида.

[7] озодагон; яке аз унвонҳое, ки тоҷикон бо он машҳур буданд

[8] буқзан, касе ки дар буқ бидамад; дабдабазан: духул ва нақоразан.

[9] масхарабоз.

ва худованд бо ман дар ин боб сухан гуфтааст ва сахт нописанд омадааст маро ин ҳадис ва дар ҳол чизе бештар нагуфтаам, ки амирро сахт ҳарис дидам дар боз ситадани мол, гуфтам, бияндешам. Ва дӣ ва дӯш[1] дар ин будам ва ҳарчанд назар андохтам, савоб намебинам ин ҳадис кардан, ки зиштномие бузург ҳосил ояд. Ва аз ин моли бисёр бишканад, ки мумкин нагардад, ки боз тавон ситад. Ту чӣ гӯйӣ дар ин боб?» Бунаср гуфт: «Хоҷаи Бузург меҳтар ва устоди ҳамаи бандагон аст ва он чӣ вай дид, савоб ҷуз он набошад ва ман ин гуям, ки вай гуфтааст, ки кас накардаасту нахондаасту нашнудааст дар ҳеч рӯзгор, ки ин кардаанд[2]. Аз мулуки Аҷам[3], ки аз мо дуртар аст, хабаре надорем, боре дар Ислом[4] хонда наёмадааст, ки хулафову амирони Хуросону Ироқ моли силат ва байъатӣ бозхостаанд. Аммо имрӯз чунин гуфторҳо ба ҳеч ҳол суд нахоҳад дошт. Ман, ки Бунасрам, боре ҳар чӣ Амир Муҳамад маро бахшидааст, аз зару симу ҷомаи нобурида[5] ва қабоҳову дасторҳо ва ҷуз он ҳама муъид[6] дорам, ки ҳаққо, ки аз ин рӯзгор бияндешидаам ва ҳам имрӯз ба хизона бозфиристам, пеш аз он, ки тасбиб кунанд[7] ва об бишавад[8], ки сухан гуфтан дар чунин абвоб фоида нахоҳад дошт. Ва аз они ман осон аст, ки бар ҷой дорам[9] ва агар надораме товон тавонаме дод ва он яксавора ва хурдаи мардум батар, ки бисёр гуфтору дарди сар бошад ва надонам то кор кучо боз истад, ки ин малики раҳиму ҳалиму шармгинро бад-ӯ боз нахоҳанд гузошт, чунонки бар вай кор дида омад ва ин ҳама қоидаҳо бигардад ва то оқибат чун бошад».

Хоҷаи Бузург гуфт: «Бибояд рафт! Ва аз ман дар ин боб пайғоми сахт гуфт ҷазму бемуҳобо ба дард, то фардо рӯз, ки ин зиштӣ бияфтад ва бошад, ки пушаймон шавад, ман аз гардани худ берун карда бошам ва натавонад гуфт, ки касе набуд, ки зиштии ин ҳол бигуфтӣ». Бунаср бирафту пайғоми сахту муҳкаму ҷазм[10] бидод ва

---

[1] дӣ – дина, дирӯз; дӯш – дирӯз, рӯзи гузашта.

[2] яъне, ҳеч кас надида ва нашунида, ки молеро, ки дар гузашта бахшидаанд бихоҳанд бозпас гиранд.

[3] манзур аз мулуки Аҷам шоҳони қабл аз исломии Эрон (Каёниён, Пешдодиён, Ашкониён ва Сосониён) мебошанд.

[4] дар таърихи ислом.

[5] порчаи нодӯхта.

[6] муъидд (бо касри айн ва ташдиди дол) – омодакунанда; комилан омодаему бо созу барг.

[7] тасбиб кунанд – ҳавола дар дасти ашхос бидиҳанд.

[8] обрӯям биравад.

[9] яъне, он чӣ гирифтаам мавҷуд дорам.

[10] қатъӣ.

суд надошт, ки вузарову суъ[1] корро устувор карда буданд ва ҷавоби Амир он буд, ки «Хоҷа некӯ мегӯяд, то андеша кунем ва он чӣ раъй воҷиб кунад, бифармоем». Бунаср ба торам боз омад ва он чӣ гуфта буд, шарҳ карду гуфт: «Суд нахоҳад дошт».

Хоҷа ба девон рафт ва устодам Бунаср чун ба хона бозрафт, муътамадеро ба наздики хозинон фиристод пӯшида ва дархост, то он чӣ бар рӯзгори мулку вилояти Амир Муҳаммад ӯро дода буданд аз зару симу ҷомаву қабоҳову аснофи неъмат, нусхате кунанду бифиристанд. Ва бикарданду бифиристондад. Ва вай ҷумлаи онро бидоду дар ҳол ба хизона фиристоданд ва хатти хозинон боз ситад бар он нусхат ҳуҷҷатро[2]. Ва ин хабар ба Амир бурданд, писандида омад, ки Бусаҳли Завзанӣ ва дигарон гуфта буданд, ки аз они хамагон ҳамчунин бошад[3]. Ва дар он ду-се рӯз Бунсари Мустав-фирову хозинону мушрифон ва дабирони хизонаро бинишонданд ва нусхати силоту хилъатҳо, ки дар навбати подшоҳии бародараш Амир Муҳаммад бидода буданд аъёну аркони давлат ва ҳашам ва ҳар гуна мардумро бикарданд; моле сахт бемунтаҳову азим буд ва Амир онро бидиду ба Бусаҳли Завзанӣ дод ва гуфт: «Мо ба шикори парра[4] хоҳем рафт ва рӯзе бист кор гирад[5], чун мо ҳаракат кардем, бигӯ, то баротҳо бинависанд ин гурӯҳро бар он гурӯҳ ва онро бар ин, то молҳо муқосот[6] шавад ва он чӣ ба хизона бояд оварад, биёранд. Гуфт: «Чунин кунам! » Ва инрӯз, рӯзи одина, ғурраи моҳи рачаби ин сол[7], пас аз намоз сӯйи парра рафт ба шикор бо уддатеву олате тамом. Ва Хоҷаи Бузургу ориз ва соҳиби девони рисолат ба Ғазнин монданд.

Ва пас аз рафтани вай баротҳо равон шуд ва гуфтугӯй бихост аз ҳадд гузашта ва чандон зиштномӣ уфтод, ки душвор шарҳ тавон кард. Ва ҳар кас, ки пеши Хоҷаи Бузург рафту бинолид, ҷавоб он буд, ки «Кори султон ва ориз аст, маро дар ин боб сухане нест». Ва ҳар кас аз нудамову ҳашаму ҷуз эшон бо Амир сухане гуфтӣ, ҷавоб додӣ, ки: «Кори Хоҷа ва ориз аст» ва чунон намудӣ, ки албата худ

---

[1] суъ – бад, бадхоҳ; яъне, вазирону мушовирони бад.

[2] яъне, дар ин бора аз хозинон санад ҳаст.

[3] яъне, ҳамагон мисли Бунасри Мушкон амволро пас хоҳанд дод.

[4] Парра – доману тарафу канори чизе, мисли парраи биёбон, парраи дашт; низ ба маънии ҳалқаву доираи лашкару мардум, ки манзури Байҳақӣ ҳамин аст; навъи шикоре, ки аҳли лашкар ё ҳамроҳони Амир сайдро ба шакли доира гиранд, то фирор накунад; Баъзе нусхаҳо ва мутарҷими русии асари Байҳақӣ ин вожаро Жаҳ ва номи маҳал хондаанд.

[5] яъне, бист рӯз давом мекунад.

[6] муқосот - ба ҳар сахтию ранҷ таҳаммул карда, мол ҷамъ кард.

[7] баробар аст бо 24 июни соли 1031-милодӣ.

надонад, ки ин ҳол чист. Ва унфҳову[1] ташдидҳо рафту охир бисёр мол шикаст[2] ва ба як бор дилҳо сард гашт ва он майлҳо ва ҳавохоҳиҳо, ки дида омада буд, бинишаст[3] ва Бусаҳл дар забони мардум уфтод ва аз вай диданд ҳама, ҳарчанд, ки ёрон дошт дар ин боб, номи эшон барнаёмад ва вай бадном гашту пушаймон шуд ва суд надошт. Ва дар амсол ин аст, ки «Қаддар сумма ақтаъ»[4] ва нахуст бибуриду андоза нагирифт, пас бидӯхт, то мӯзаву қабо тангу беандом омад.

Ҳикояти омадани сел ва харобӣ расидан ба Ғазнин[5]

Рӯзи сешанбе нуҳуми моҳи рачаб[6], миёни ду намоз боронаке хурд-хурд меборид, чунонки замин таргуна мекард ва гурӯҳе аз галадорон дар миёни рӯди Ғазнин фуруд омада буданд ва говон бад-он ҷо бидошта. Ҳарчанд гуфтанд аз он ҷо бархезед, ки муҳол буд бар гузари сел будан, фармон намебурданд, то борон қавитар шуд, коҳилвор бархостанду[7] хештанро ба пойи он деворҳо афкандаанд, ки ба маҳаллати деҳаи Оҳангарон[8] пайвастааст ва нуҳуфте[9] ҷустанд ва ҳама хато буд. Ва биёромиданд ва бар он ҷониби рӯд, ки сӯйи Афғоншол аст, бисёр астари султонӣ баста буданд дар миёни он дарахтон, то он деворҳо осиёву охурҳо кашидаву харпушта зада ва эйман нишаста ва он ҳам хато буд, ки бар роҳи гузари сел буданд ва Пайғамбари мо, Муҳаммади Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам гуфтааст: «Наъузу би-л-лоҳи минна-л ахрасайни-л асаммайни[10]; ва бад-ин ду гунгу ду кар обу оташро хостааст. Ва ин пули Бомиён дар он рӯзгор бар ин ҷумла набуд, пуле буд қавӣ ба сутунҳои қавӣ бардошта; ва пушти он ду раста дуккон баробари якдигар, чунонки акнун аст. Ва чун аз сел табоҳ шуд, Абуяи бозаргон – он марди порсои бохайр, раҳматуллоҳи алайҳи, чунин пуле бароварда яктоқ бар ин некӯию зебоӣ ва асари некӯ монд; ва аз мардум чунин чизҳо ёдгор монад. Ва намози дигарро пул он чунон шуд, ки бар он ҷумла

---

[1] унф – дурушти.
[2] яъне, хеле аз молҳо ба даст наёмад.
[3] яъне, алоқаву тарафдориҳо аз Амир Масъуд фурӯ нишаст.
[4] тарҷ: андоза бигир, пас бибур.
[5] дар ҳамаи нашрҳои «Таърихи Байҳақӣ» ин сарлавҳа бо забони арабӣ «Зикру-с-сайл» омадааст. Танҳо дар нашри Адиби Пешоварӣ номи фасл бо форсӣ аст, ки ҳамон оварда шуд.
[6] баробар аст бо 1 июли соли 1031-и милодӣ.
[7] коҳилвор бархостанд.
[8] ин деҳа дар яке аз қисматҳои Ғазнин будааст. Ниг. ба Ҷалолӣ Ғ. Ғазна ва Ғазнавиён. Кобул, 1351.
[9] манзур аз нуҳуфт паноҳгоҳ аст.
[10] тарҷ: паноҳ мебарем ба Худованд аз ду гунг ва ду кар.

ёд надоштанд ва бидошт аз паси намози хуфтан ба дереву посе аз шаб бигзашта сел даррасид, ки иқрор доданд пирони куҳан, ки бар он ҷумла ёд надоранд. Ва дарахти бисёр аз бех биканда меоварда ва муғофаса[1] даррасид. Галадорон бичастанду ҷонро гирифтанд[2] ва ҳамчунон астардорон; ва сел говону астаронро даррабурд ва ба пул расид ва гузари танг чун мумкин шудӣ, ки он чандон зағору[3] дарахту чаҳорпой ба як бор битавонистӣ гузашт? Токҳои пулро бигирифт, чунонки обро гузар набуд ва ба бом уфтод, мадади сел пайваста чун лашкари ошуфта медаррасид ва об аз фарози рӯдхона оҳанги боло дод ва дар бозорҳо уфтод, чунонки ба Саррофон[4] расиду бисёр зиён кард ва бузургтар ҳунар он буд, ки пулро бо дукконҳо аз ҷой биканд ва об роҳ ёфт. Аммо бисёр корвонсарой, ки бар растаи он[5] буд вайрон кард ва бозорҳо ҳама ночиз шуд ва об то зери анбуҳзадаи қалъат омад, чунонки дар қадим буд, пеш аз рӯзгори Яъқуби Лайс, ки ин шористон ва қалъати Ғазнин Амр бародари Яъқуб ободон кард ва ин ҳолҳо устод Маҳмуди Варроқ сахт некӯ шарҳ додааст дар таърихе, ки кардааст дар санаи хамсина ва арбаъа миа[6] чандин ҳазор солро то санаи тисъа ва арбаъа миа[7] биёварда ва қаламро бидошта, ба ҳукми он, ки ман аз ин тисъ оғоз кардам. Ва ин Маҳмуд сиқаву мақбулулқавл[8] аст ва дар ситоиши вай сухани дароз доштам ва то даҳ-понздаҳ таълифи нодири вай дар ҳар бобе дидем, чун хабар ба фарзандони вай расид, маро овоз доданду гуфтанд: «Мо, ки фарзандони вайем, ҳамдостон набошем, ки ту сухани падари мо беш аз ин, ки гуфтӣ бардорӣ ва фурӯ ниҳӣ»[9]. Ночор биистодам.

Ва ин сели бузург мардумонро чандон зиён кард, ки дар ҳисоби ҳеч шуморгир наёяд. Ва дигар руз аз ду ҷониби рӯд мардум истода буд ба наззора наздики намози пешинро, мадади сел бигусаст ва ба чанд рӯз пул набуд ва мардумон душвор аз ин ҷониб бад-он ва аз он ҷониб бад-ин меомаданд, то он гоҳ, ки боз пулҳо рост карданд. Ва аз чанд сиқаи зовулӣ[10] шунидам, ки пас аз он, ки сел бинишаст,

---

[1] ногаҳон.
[2] ҷони худро наҷот доданд.
[3] шохи дарахт.
[4] бозори Саррофон – бозор таъвизу мубодилаи пул.
[5] яъне, растаи пул.
[6] соли 450-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1058 – 1059-и милодӣ.
[7] соли 409-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1018 – 1019-и милодӣ.
[8] сиқаву мақбулулқавл – мавриди эътимод ва суханаш қобили қабул.
[9] каму бисёр кунӣ.
[10] зобулӣ, мардуме, ки аз Зобулистон бошанд, ки маркази он ҳамин Ғазнин аст. Маҳмудро ба ин хотир зобулӣ ҳам мегӯянд. Носири Хусрав: Ҷалоли давлати Маҳмуди Зовулистонро.

мардумон зару симу ҷомаи табоҳшуда меёфтанд, ки сел он ҷо афганда буд ва Худой, азза ва ҷалла, тавонад донист, ки ба гуруснагон чӣ расид аз неъмат.

Ва Амир аз шикори парра ба Боғи Садҳазор бозомад, рӯзи шанбе шонздаҳуми моҳи рачаб ва он ҷо ҳафт рӯз мақом кард, бо нишоту шароб, то аз ҷонвар нахҷир даррасид ва шикор карда омад, пас аз он ҷо ба Боғи Маҳмудӣ омад.

Ва аз Рай нома расида буд пеш аз ин ба чанд рӯз, ки корҳо мустақим аст ва Писари Кокуву асҳоби атроф оромида ва бар аҳд сабот карда, ки дастбурд на бар он ҷумла дида буданд, ки воҷиб кардӣ, ки хобе дидандӣ. Аммо ин ҷо солоре бояд муҳташаму кордон, ки вилояти Рай сахт бузург аст, чунонки худованд дидааст ва ҳарчанд ки акнун халале нест, бошад ки уфтад. Амир, разияллоҳу анҳу, холӣ кард бо Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ва аъёну аркони давлат – худовандон шамшеру қалам ва дар ин боб раъй заданд. Амир гуфт: «Он вилояти бузургу фарохро дахли бисёр аст ва ба ҳеч ҳол натавон гузошт, паси он кӣ гирифта омадааст ба шамшер. Ва нестанд он хасмон, чунонки аз эшон боке нест, ки агар будӣ, ки бад-он диёр ман чанде бимонамӣ, то Бағдод гирифта омадастӣ, ки дар ҳама Ироқ тавон гуфт, ки марде лашкарӣ, чунонки ба кор ояд, нест. Ҳастанд гурӯҳе киёи фарохшалвор[1] ва моро ба Рай солоре бояд сахт ҳушёру бедору кадхудое. Кадом кас шояд[2] ин ду шуғлро?»

Ҳамгинон хомӯш мебуданд, то Хоҷа Аҳмад чӣ гӯяд? Хоҷа рӯй ба қавм карду гуфт: «Ҷавоби худованд бидиҳед». Гуфтанд: «Некӯ он бошад, ки Хоҷаи Бузург ибтидо кунад ва он чӣ бояд гуфт, бигӯяд, то он гоҳ мо низ ба миқдори дониши хеш чизе бигӯем».

Хоҷа гуфт: «Зиндагони худованд дароз бод, Рай ва Ҷибол вилояти бузург асту бо дахли фаровон ва ба рӯзгори Оли Бӯя он ҷо шоҳаншоҳон[3] муҳташам буданд ва кадхудоён чун Соҳиб Исмоили Аббод[4] ва ҷуз вай, чунонки хонда омадааст, ки хазоини Оли Сомон мустақағриқ шуд[5] дар кори Рай, ки Буалии Чағонӣ[1] бо падараш

---

[1] манзур аз киёӣ дайламон мебошанд; фарохшалвор мардуми танпарварро гӯянд.

[2] шоиста аст.

[3] шоҳаншоҳон – унвони Бувайҳиён шоҳаншоҳ (унвони тоисломии Эрон) будааст ва мурод аз шоҳаншоҳон дар саросари асари Байҳақӣ Бувайҳиён бошанд.

[4] Абуқосим Исмоил ибни Аббод (937-995) вазири ҳамадону пуртадбири Оли Бӯя, ки лақаби «Соҳиб» гирифт бад-он сабаб, ки мусоҳиби Ибни Амид ё ҳамнишини Муъизуддавла буд бо донистани забон ва сарфу наҳви комили араб шинохта шуда буд.

[5] сарф шуд.

муддати дароз он ҷо мерафтанд ва Райу Ҷиболро мегирифтанд ва боз Оли Бӯя сохта меомаданду эшонро метохтанд, то он гоҳ, ки Чағонӣ ва писараш дар сари ин кор шуданду баруфтоданд ва солории Хуросон ба Булҳасани Симҷур[2] расид ва ӯ марде доҳиву гурбуз[3] буд, на шуҷоъу бодил, даристод ва миёни Сомониёну Оли Бӯя ва Фанохусрав[4] мувозаъате ниҳод, ки ҳар соле чаҳор ҳазор бор ҳазор дирам[5] аз Рай ба Нишобур оварданд, то ба лашкар додӣ ва сулҳе устувор қарор гирифт ва шамшерҳо дар ниём[6] шуд ва сӣ сол он мувозаъат бимонад, то он гоҳ, ки Булҳасан гузашта шуд ва ҳам кори Сомониён ва ҳам кори Оли Бӯя табоҳ гашт ва Амир Маҳмуд Хуросон бигирифт. Ва пас аз он Амири мозӣ дар халавот[7] бо ман ҳадиси Рай бисёр гуфтӣ, ки он ҷо қасд бояд кард ва ман гуфтамӣ, раъй раъйи худованд аст, ки он вилоятро хатаре нест ва волии он занест[8]; бихандидӣ ва гуфтӣ «Он зан агар мард будӣ, моро лашкари бисёр боястӣ доштан ба Нишобур» ва то он зан барнаяфтод, вай қасди Рай накард ва чун кард ва осон ба даст омад, худовандро[9] он ҷо бинишонд ва он вилоят аз мо сахт дур аст ва сояи худованд дигар буд ва имрӯз дигар бошад. Ва бандаро хуштар он ояд, ки он навоҳиро ба Писари Коку дода ояд, ки мард ҳарчанд нимдушманест, аз вай инсоф тавон ситад ва ба лашкари гарон ва солоре он ҷо истонидан ҳоҷат наёяд ва бо вай мувозаъате ниҳода шавад молро, ки ҳар соле медиҳад ва қузоту соҳиббаридони даргоҳи олӣ бо вай ва ноибони вай бошанд дар он навоҳӣ».

Амир гуфт: «Ин андешидаам ва нек аст, аммо як айби бузург дорад ва он айб он аст, ки вай Сипоҳон танҳо дошт ва Маҷдуддавлаву розиён[10] доим аз вай ба ранҷу дарди сар буданд;

---

[1] Абуалии Чағонӣ – Амири Чағониён ва Хуросон. Ӯ чанд муддат боиси ошуфтагии авзоъи дарбори сомонӣ гардида, пас аз бастани сулҳ бо дарбори Сомониён нуфузаш бештар гашт ва аз ҷониби Сомониён масъули гуфтушуниду равобит бо Оли Буя ҳам гардид.Ниг. ба китоби Ноҷӣ М. Фарҳангу тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011.

[2] яке аз сипаҳсолорони сомонӣ, ки фаъолияти пурсамари ӯ ба чоряки охири асри X рост меояд.

[3] зираку маккор.

[4] лақаби Азудуддавла – муқтадиртарин подшоҳи Бувайҳиён.

[5] чор миллион дирам.

[6] ғилоф.

[7] ҷамъи хилват.

[8] манзур Саййидахотун аст, ки пас аз даргузашти шавҳараш Фахруддавла ба сабаби хурдсол будани писараш Маҷдуддавла муддате дар Рай ҳукумат меронд.

[9] яъне Масъудро.

[10] аҳли Рай.

имрӯз, ки Рай ва Қуму Қошон[1] ва ҷумлаи он навоҳӣ ба дасти вай афтад, як-ду сол аз вай ростӣ ояд, пас аз он бод дар сар кунаду даъвои шоҳаншоҳӣ кунад ва мардум фароз оварда бошад ва ночор ҳоҷат ояд, ки солоре муҳташам бояд фиристод бо лашкари гарон, то вайро барканда ояд. Ва он Сипоҳон вайро басанда бошад ба халифатии мо[2] ва солору кадхудое, ки имрӯз фиристем, бар сару дили вай бошад ва Раю Ҷибол моро бошад ва Писари Коку аз буни дандон сар ба зер медорад».[3] Хоҷа гуфт: «Андар ин раъй ҳаққ ба дасти худованд аст, дар ҳаққи гургониёну Бокалиҷор[4] чӣ гӯяд ва чӣ бинад?» Амир гуфт: «Боколиҷор бад нест, валекин шуғли Гургону Табаристон бипечад[5], ки он кӯдак писари Манучеҳр наёмадааст[6], чунонки бибояд ва дар сараш ҳиммати мулк нест ва агар вай аз он вилоят дур монад, Ҷиболу он ноҳият табоҳ шавад, чунонки ҳоҷат ояд, ки он ҷо солоре бояд фиристод». Хоҷа гуфт: «Пас фариза гашт солоре муҳташамро номзад кардан ва ҳамагон пеши дил ва раъйи худованданд – чӣ он ки бар кору хидматанд ва чӣ он ки мавқуф[7], то раҳмату отифати худованд эшонро дарёбад».

Амир гуфт: «Ба ҳеч ҳол эътимод натавон кард бар боздоштагон, ки ҳар касе ба гуноҳе бузург мавқуф аст ва эътимоди тозаро нашояд ва ин аъён, ки бар даргоҳанд, ҳар касе, ки шуғле дорад ҷун ҳоҷиби бузургӣ ва солории ғуломони саройӣ ва ҷуз он, аз шуғли хеш дур натавонад шуд, ки халал уфтад, аз дигарон бояд».[8] Хоҷа гуфт: «Дар Алии Доя чӣ гӯяд, ки марде муҳташам ва корӣ аст ва дар ғайбати худованд чунон хидмате кард, ки пӯшида нест, ё Айёз, ки солоре нек асту дар ҳамаи корҳо бо Амири мозӣ буда?» Амир гуфт: «Алӣ сахт шоиста ва ба коромада аст, вайро шуғле бузурге хоҳем фармуд, чунонки бо Хоҷа гуфта ояд. Айёз бас ба ноз омадааст[9], харчанд атсаи падари мост, аз сарой дур набудааст ва гарму сард начашидааст ва ҳеч таҷрибат наяфтодааст вайро. Муддате бояд, ки пеши мо бошад, берун аз сарой, то дар ҳар хидмате гоме занад[10] ва вайро озмуда ояд, он гоҳ нигарем ва он чӣ бояд фармуд, бифармоем».

Хоҷа гуфт: «Банда он чӣ донист, боз намуд ва шакке нест, ки худованд бияндешида бошад ва пардохта, ки раъйи олӣ бартар аст

---

[1] Кошон.
[2] ҷонишинии мо.
[3] мутеъ аст.
[4] Бокалиҷор – ҳокими Гургону Табаристон.
[5] ошуфта гардад.
[6] он кудак мисли падараш нест.
[7] боздоштшуда, зиндонӣ.
[8] аз дигар касон бояд интихоб кард.
[9] бисёр нозпарварда бор омадааст.
[10] яъне, дар вазифаҳои мухталиф кор кунад, то варзида шавад.

аз ҳама». Амир гуфт: «Дилам қарор бар Тошфарош гирифтааст, ки падарӣ[1] аст ва ба Рай бо мо будааст ва он ҷо ӯро ҳашамате ниҳода будем ва бар он бимонда аст. Акнун вай биравад бар оҷили-л-ҳол[2] ва ба Нишобур моҳе ду-се бимонад, ки муҳиммест, чунонки ба Хоҷа гуфта ояд, то онро тамом кунад ва пас ба сӯйи Рай кашад, то чун мо ин зимистон ба Балх равем, кадхудойу соҳиббариду касони дигарро, ки номзад бояд кард, номзад кунем, то бираванд». Хоҷа гуфт: «Худованд сахт некӯ андешидааст ва ихтиёр карда, аммо қавме мустазҳир[3] бояд, ки равад ба мардуму олату уддат». Амир гуфт: «Чунин бояд, он чӣ фармуданӣ бошад, фармуда ояд». Ва қавм боз парогандand.

Ва Амир фармуд, то хилъате сахт некӯву фохир рост карданд Тошро: камари зару кулоҳи душоху истоми[4] зари ҳазор мисқол ва бист ғулому сад ҳазор дирҳам ва шаш пили нару се мода ва даҳ тахт ҷомаи хоссу кӯсҳову аломат ва ҳар чӣ бо он равад, рост карданд ҳар чӣ тамомтар. Ва ду рӯз боқӣ монда аз ин моҳ, Амир бор дод ва чун аз бор фориғ шуданд, Амир фармуд, то Тошфарошро ба ҷомахона бурданду хилъат бипӯшониданд ва пеш оварданд. Амир гуфт: «Муборак бод бар мову бар ту ин хилъати сипоҳсолории Ироқ ва донӣ, ки моро хидматгорон бисёранд; ин ном бар ту бад-он ниҳодему ин каромат арзонӣ доштем, ки ту моро ба Рай хидмат кардаӣ ва солори мо будаӣ. Чунонки ту дар хидмат зиёдат мекунӣ, мо зиёдат некуйӣ ва маҳаллу ҷоҳ фармоем». Тош замин бӯса доду гуфт: «Банда худ ин маҳаллу ҷоҳ надошт ва аз камтар[5] бандагон буд ва худованд он фармуд, ки аз бузургии ӯ сазид. Банда ҷаҳд кунад ва аз Худойи азза ва ҷалла тавфиқ хоҳад, то магар хидмате тавонад намуд, ки басазо афтад». Ва замин бӯса доду бозгашт сӯйи хона ва аъёни даргоҳ наздики ӯ рафтанд ва ҳаққи вай некӯ гузорданд.

Ва пас ба як ҳафта Амир бо Тош холӣ кард ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ва Хоҷа Бунасри Мушкону Бусаҳли Завзанӣ ин ҳама дар он халват буданд ва Амир Тошро мисолҳо бидод ба маънии Раю Ҷибол ва гуфт: «Ба Нишобур се моҳ бибояд буд, чандонки лашкарҳо, ки номзад аст, он ҷо расанд ва соҳибдевон Сурӣ[6] бистгониҳо[7] бидиҳад, пас сохта бибояд рафт ва Яғмуру Буқаву Кӯктошу

---

[1] аз падариён (Маҳмудиён) аст.

[2] зуд, дарҳол.

[3] ёриталабанда аз касе.

[4] лагоми махамилини ороста ба зару сим.

[5] камтарин.

[6] Абулфазли Сурӣ – яке аз риҷоли қудратманди дарбори Ғазна, ки сардори вилояти Хуросон аст ва ин вилоятро бо гирифтани андозҳои ситамгарона хароб мекунад.

[7] бистгонӣ – навъе маоши лашкар, ки соле чаҳор бор пардохт мешуд.

Қизилро[1] фармудаем, бо ҷумлаи туркмонон ба Нишобур наздики ту оянд ва Хумортоши ҳоҷиб солори эшон бошад, ҷаҳд бояд кард, то ин муқаддамонро фурӯ гирифта ояд[2], ки дар сар фасод доранду моро муқаррар гаштааст ва туркмононро дилгарм карду ба Хумортош супурд ва он гоҳ сӯйи Рай бирафт». Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва бозгашт. Хоҷа гуфт: «Зиндагони худованд дароз бод, ба ибтидо хато буд ин туркмононро овардану ба миёни хонаи хеш нишондан ва бисёр гуфтем он рӯз, Олтунтошу Арслонҷозиб ва дигарон, суд надошт, ки Амири мозӣ марде буд мустабид ба раъйи хеш ва он хато бикард ва чандон ақила[3] пайдо омад, то эшонро қафо бидариданду[4] аз Хуросон берун карданд ва худованд эшонро боз овард. Акнун имрӯз, ки орамидаанд ин қавм ва ба хидмат пайваста, равост эшонро ба ҳоҷибе супурдан, аммо муқаддамони эшонро барандохтан носавоб аст, ки бадгумон шаванд ва низ рост набошанд».

Амир гуфт: «Ин ҳам чанд тан аз муқадамони эшон дархостаанд ва карданист ва эшон биёроманд». Хоҷа гуфт: «Ман соле чанд дар миёни ин корҳо набудаам, ночор худовандро маълумтар бошад; он чӣ раъйи олӣ бинад, бандагон натавонанд дид ва салоҳ дар он бошад». Ва бархосту дар роҳ, ки мерафт сӯйи девон, Бунасри Мушкон ва Бусаҳли Завзариро гуфт: «Ин раъй сахт нодуруст аст ва ман аз гардани хеш берун кардам, аммо шумо ду тан гувоҳи манед». Ва бирафт.

Ва пас аз ин ба рӯзе чанд Амир Хоҷаро гуфт: «Ҳиндустон бе солоре рост наёяд, кадом касро бояд фиристод?» Гуфт: «Худованд бандагонро шиносад ва андешида бошад бандае, ки ин шуғлро бишояд. Ва шуғли сахт бузургу боном аст, чун Арёруқе он ҷо будааст ва ҳишмате бузург уфтода; касе бояд дар пояи ӯ ҳарчанд корҳо баҳишмати худованд пеш равад, охир солоре кордон бояд, марде шогирдӣ карда». Амир гуфт: «Дилам бар Аҳмади Янолтагин қарор гирифтааст, ҳарчанд ки шогирдии солорон накардааст, хозини падари мо будааст, дар ҳама сафарҳо хидмат карда ва аҳволу одоти Амири мозиро бидида ва бидониста». Хоҷа замоне андешид ва бад шуда буд бо ин Аҳмад бад-он сабаб, ки аз вай қасдҳо рафт бад-он вақт, ки Хоҷа мурофаъа[5] медод ва низ колои вай мехарид ба арзонтари баҳо ва Хоҷаро боздоштанду ба мукофоте нарасид, то

[1] чаҳор нафар аз саркардаҳои туркман, ки ба хидмати Ғазнавиён даромада буданд.
[2] дастгир шаванд.
[3] ақила – монеъ ва гирех дар кор.
[4] беобрӯ кардан.
[5] додгоҳ.

дар ин рӯзгор фармуд, то шумори Аҳмади Яноltагин бикарданд ва шатат[1] ҷусту муноқашатҳо рафт, то моле аз вай бистаданд, хост ки ҷароҳати дилашро марҳаме кунад, чун амир ӯро писандид. Ва дигар, ки Хоҷа ба Қозии Шероз Булҳасан Алӣ сахт бад буд, ба ҳукми он, ки чанд бор Амир Маҳмуд гуфта буд, чунонки одати вай буд, ки то кай ин нози Аҳмад? На чунон, аст ки касони дигар надорем, ки вазорати мо бикунанд, инак яке Қозии Шероз аст ва ин қозӣ даҳяки ин муҳташам бузург набуд, аммо мулук ҳар чӣ хоҳанд гӯянд ва бо эшон ҳуҷҷат гуфтан рӯй надорад ба ҳеч ҳол. Дар ин маҷлис Хоҷа раво дошт, ки чун Аҳмади Яноltагин гардане бузургро дар Қозии Шероз андохта ояд, то обаш бибарад[2]. Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, сахт некӯ андешидааст ва ҷуз Аҳмад нашояд, валекин бо Аҳмад аҳкомҳо бояд ба савганд ва писарро бояд, ки ба гаравгон ин ҷо яла кунад». Амир гуфт: «Ҳамчунин аст, то Хоҷа вайро бихонад ва он чӣ воҷиб аст дар ин боб бигӯяд ва бикунад».

Хоҷа ба девони вазорат омад ва Аҳмадро бихонданд, сахт битарсид аз табиъате[3] дигар, ки бад-ӯ боз хӯрад ва биёмад ва Хоҷа вайро бинишонду гуфт: «Донистаӣ, ки бо ту ҳисоби чандинсола буд ва маро донӣ, ки савганди гарон аст, ки дар корҳои султонӣ истиқсо[4] кунам ва набояд ки туро сурат бандад[5], ки аз ту озоре дорам ва ё қасде мекунам, то дил бад надорӣ, ки он ҷо, ки як маслаҳати худованд-султон бошад, дар он бандагони давлатро ҳеч чиз боқӣ намонад аз насиҳату шафақат». Аҳмад замин бӯса доду гуфт: «Бандаро ба ҳеч ҳоле суратҳое чунин муҳол набандад, ки на худовандро имрӯз мебинад ва солҳо бидидааст; салоҳи бандагон дар он аст, ки худованд-султон мефармояд ва худованд Хоҷаи Бузург савоб бинад».

Вазир гуфт: «Султон имрӯз халвате кард ва дар ҳар бобе сухан рафт ва муҳимтар аз он – ҳадиси Ҳиндустон, ки гуфт он ҷо марди дурроъапӯш[6] аст, чун Қозии Шерозӣ ва аз вай солорӣ наёяд; солоре бояд боному ҳашамат, ки он ҷо раваду ғазв кунаду харочҳо биситонад, чунонки Қозӣ тимори амалҳову молҳо мекашад ва он солор ба вақти худ ба ғазв меравад ва харочу пил меситонад ва бар тораки ҳиндувони осӣ мезанад. Ва чун пурсидам, ки худованд ҳама бандагонро шиносад, киро мефармояд? Гуфт: Дилам бар Аҳмади Яноltагин қарор мегирад. Ва дар боби ту сахт некӯ раъй дидам

---

[1] шатат – аз ҳад гузаронидану ҷавру ситам кардан.
[2] обрӯяш бибарад.
[3] табиъат – натиҷаи бад ва оқибати ногувор, номатлуб.
[4] истиқсо – талаби ниҳояти чизеро кардан.
[5] тасвир шавад, тасаввур шавад.
[6] дурроъа – навъе аз ҷомаи машоих, ки аз суф бошад.

худовандро ва ман низ он чӣ донистам, аз шаҳомат ва бакоромадагии ту боз намудам ва фармуд маро, то туро бихонам ва аз маҷлиси олӣ дили туро гарм кунам ва кори ту бисозам, то биравӣ; чӣ гӯйӣ?»

Аҳмад замин бӯса дод ва бар пой хосту гуфт: «Мани бандаро забони шукри ин неъмат нест ва хештанро мустаҳаққи ин дараҷа нашиносам ва бандаву фармонбурдорам хидмате, ки фармуда ояд; он чӣ ҷаҳд аст, ба ҷой орам, чунонки муқаррар гардад, ки аз шафақату насиҳат чизе боқӣ намонад». Хоҷа вайро дилгарм карду некуйӣ гуфт ва боз гардонид ва Музаффари Ҳокими надимро бихонду он чӣ рафта буд, бо вай бозронд ва гуфт: «Амирро бигӯй, ки бибояд фармуд, то хилъати вай рост кунанд зиёдат аз он, ки Арёруқро, ки солори Ҳиндустон буд, сохтанд ва Бунасри Мушкон маншураш бинависад ва ба тавқеъ ороста гардад, ки чун хилъат бипӯшид, он чӣ воҷиб аст аз аҳком ба ҷой оварда ояд, то ба зудӣ биравад ва ба сари кор расад ва ба вақт ба ғазв шитобад». Ва Музаффар бирафту пайғом бидод. Амир фармуд, то хилъати Аҳмад рост карданд: таблу аламу кӯс ва он чӣ бо он равад, ки солоронро диҳанд. Ва рӯзи якшанбе, дувуми шаъбони ин сол[1], Амир фармуд, то Аҳмади Яноltагинро ба ҷомахона бурданд ва хилъат пӯшониданд, хилъати сахт фохир ва пеш омад камари зари ҳазоргонии[2] баста ва бо кулоҳи душох ва сохташ ҳам ҳазоргонӣ буд ва расми хидмат ба ҷой овард ва Амир бинавохташ ва бозгашт бо каромати некӯ ба хона рафт ва сахт басазо ҳаққаш гузорданд.

Ва дигар рӯз ба даргоҳ омад ва Амир бо Хоҷаи Бузург ва Хоҷа Бунаср соҳибдевони рисолат холӣ карду Аҳмадро бихонданд ва мисолҳо аз лафзи олӣ бишунуд ва аз он ҷо ба торам омаданд ва ин се тан холӣ бинишастанд ва маншуру мувозаъаи ҷавобҳо набишта ва ҳар ду ба тавқеъ муаккад шуда, бо Аҳмад бибурданд ва нусхати савганднома пеш оварданд ва вай савганд бихӯрд, чунонки расм аст ва хатти худ бар он набишт ва бар Амир арза карданд ва ба давотдор супурданд. Ва Хоҷа вайро гуфт: «Он мардаки шерозии буногӯшоганда[3] чунон хоҳад, ки солорон бар фармони ӯ бошанд ва бо оҷизе чун Абдуллоҳи Қаротагин сару кор дошт. Чун номи Арёруқ бишнид ва донист ки марде бодандон[4] омад, бичуст, то он ҷо омил ва муширф фиристад, Булфатҳи Домғониро бифиристод ва

[1] баробар бо 25 июли соли 1031-и милодӣ.

[2] камари зари ҳазоргонӣ – камарбанди тиллоии ҳазординорӣ баландтарин хилъату бахшиш дар давлати Ғазнавиён будааст, ки онро танҳо вазир ва солори Ҳиндустон ба бар мекарданд.

[3] аҳмақ, кундфаҳм.

[4] устувор ва қудратманд.

Булфарачи Кирмониро ва ҳам бо Арёруқ бар наёмаданд. Ва Арёрукро он чӣ уфтод аз он уфтод, ки ба раъйи худ кор меронд, туро, ки солорӣ бояд, ки ба ҳукми мувозаъа ва ҷавоб кор мекунӣ ва албата дар аъмолу амвол сухан нагӯйӣ, то бар ту сухани кас нашнаванд, аммо шарти солориро ба тамомӣ ба ҷой орӣ, чунонки он мардак даст бар раги ту наниҳад[1] ва туро забун нагирад. Ва Булқосими Булҳакам, ки соҳиббариду муътамад аст, он чӣ равад, худ ба вақти хеш инҳо мекунад ва мисолҳои султонию девонӣ мерасад. Ва набояд, ки шумо ду тан маҷлиси олиро ҳеч дарди сар ored, он чӣ набиштанӣ аст сӯйи ман фарохтар мебояд набишт, то ҷавобҳои ҷазм мерасад[2]. Ва раъйи олӣ чунон иқтизо мекунад, ки чанд танро аз аъёни дайламон чун Бунасри Тайфур ва ҷуз вай бо ту фиристода ояд, то аз даргоҳ дуртар бошанд, ки мардумоне бегонаанд ва чанд танро низ, ки аз эшон таассуб бибошад, ба ноҳияташон чун Бунасри Бомиёнӣ ва бародари заъими[3] Балх ва писари амми раис ва тане чанд аз гарданкашону ғуломони саройӣ, ки аз эшон хиёнатҳо рафтааст ва барояшон падид карда озод хоҳанд кард ва силат дод ва чунон намуд, ки хайли[4] тавонад эшонро бо худ бояд бурд ва сахт азизу некӯ дошт, аммо албатта набояд, ки як тан аз эшон бе фармони султон аз оби Чандроҳа[5] бигзарад бе илм ва ҷавози ту. Ва чун ба ғазве равед, ин қавмро бо хештан бояд бурд ва нек эҳтиёт бояд кард, то миёни лашкари[6] Лоҳур омехтагӣ нашавад ва шароб хӯрдану ҷавгон задан набошад ва барояшон ҷосусону мушрифон дорӣ, ки ин аз он муҳиммот аст, ки албатта таъхир бар надорад ва Булқосими Булҳакам дар ин боб оятест; сӯйи ӯ набишта ояд, то даст бо ту яке кунад ва он чӣ воҷиб аст дар ин, тамомии он ба ҷой орад. Ва дар бобҳои дигар он чӣ фармони олӣ бувад, маншур ва ҷавоби мувозаъа омода аст. Ва ин чӣ шунидӣ, пӯшида туро, фармони худованд аст ва пӯшида бояд дошт. Ва чун ба сари кор расидӣ, ҳолҳои дигар, ки тоза мешавад, мебознамоед; ҳар касро он чӣ дар бораи вай бошад, то фармонҳо, ки расад, бар он кор мекунад». Аҳмади Янолтагин гуфт: «Ҳама бандаро муқаррар гашт ва ҷаҳд карда ояд, то халале наяфтад». Ва бозгашт.

Хоҷа бар асари вай пайғом фиристод бар забони Ҳасани ҳоҷиби худ, ки фармони олӣ чунон аст, ки фарзанди ту – писарат ин ҷо

---

[1] яъне, бар ту чира нашавад.
[2] бирасад.
[3] заъим – кафил ва зомин; ва ба маънии меҳтар ва раис.
[4] пайрав.
[5] Чандроҳа – номи рӯд дар Ҳиндустон.
[6] шояд миёни эшон ва лашкар будааст.

монад ва шакк нест, ки ту иёлу фарзандони сарпӯшидаро[1] бо хештан барӣ, кори ин писар бисоз, то бо муаддибеву[2] рақибеву вакиле ба саройи ту бошад, ки хештанро он ҷо фарохтар тавонад дошт, ки худованд нигоҳдошти дили туро нахост, ки он писар ба саройи ғуломони хосс бошад ва маро шарм омад ин бо ту гуфтан ва на аз ту раҳина[3] мебояд ва ҳарчанд султон дар ин боб фармоне надодааст, аз шарту расм дарнатавон гузашт ва маро чора набошад аз нигоҳдошти масолеҳи мулк андаку бисёр ва ҳам дар масолеҳи туву монандаи ту. Аҳмад ҷавоб дод, ки: «Фармонбурдорам ва салоҳи ман имрӯзу фардо дар он аст, ки Хоҷаи Бузург бинаду фармояд». Ва ҳоҷибро ҳаққи некӯ гузорд ва боз гардонд ва кори писар ба воҷибӣ бисохт. Ва дигар шуғлҳои солорӣ аз таҷаммулу олат ва ғулому ҷуз он ҳама рост кард, чунонки дида буд ва омӯхта, ки дар чунин абвоб ояте буд. Чун корҳо ба тамомӣ рост кард, дастурӣ хост, то биравад ва дастурӣ ёфт.

Ва рӯзи шанбе, панҷ рӯз монда аз шаъбон[4], Амир барнишаст ва ба Дашти Шобаҳор омад бо бисёр мардум ва дар маҳди пил буд ва бар он дуккон[5] биистод ва Аҳмади Янолтагин пеш омад қабои лаъл пӯшида ва хидмат карду мавкабе сахт некӯ бо бисёр мардуми ороста босилоҳи тамом бигузашт аз сарҳангону дайламон ва дигар асноф, ки бо вай номзад буданд ва бар асари эшон саду сӣ ғуломи султонӣ бештар хат оварда[6], ки Амир озод карда буд ва бад-ӯ супурда бигузаштанд бо се сарҳаги саройӣ ва се аломати шер ва тиродҳо[7] ба расми ғуломони саройӣ ва бар асари эшон кӯсу аломати Аҳмад, дебои сурху манҷуқ ва ҳафтоду панҷ ғулом ва бисёр ҷанибат ва ҷаммоза[8]. Амир Аҳмадро гуфт: «Ба шодӣ хирому ҳушёр бошу қадри ин неъматро бишнос ва шахси моро пеши чашм дор ва хидмати писандида намо, то мустаҳаққи зиёдати навохт гардӣ». Ҷавоб дод, ки он чӣ воҷиб аст аз бандагӣ ба ҷой орад ва хидмат кард; ва асби солори Ҳиндустон бихостанд ва барнишасту бирафт ва кона охирал-аҳди билиқоиҳи[9], ки мардро табоҳ карданд, то аз роҳи рост бигашт ва роҳи кач гирифт, чунонки пас аз ин оварда ояд ба ҷойи худ.

---

[1] занону духтарон.
[2] тарбияткунанда.
[3] гаравгон.
[4] баробар бо 17 августи соли 1031-и милодӣ.
[5] тахт.
[6] яъне, мӯй (бар рӯй) бароварда.
[7] найзаи кӯчак.
[8] ҷанибат – асби ядакӣ ва ҷаммоза – шутури тундрав.
[9] тарҷ: ва ин охирин дидори ӯ буд.

Ва Амир ба Кушки Маҳмудӣ ба Афғоншол боз омад, ки тамом доди шаъбон бидода буд ва нишот бисёр карда, бар ин байт, ки Буҳтурии шоир[1] гӯяд, шеър:

Раввиёни из ҳалла шаъбону шаҳран,
Мин сулофи-р-раҳиқи ва-с-салсабили[2]

Ва бунаҳо ба кушк боз оварданду рӯзгори гиромии моҳи рамазонро бисеҷиданд. Рӯзи душанбе, ғурраи моҳ буд[3], рӯза бигирифтанд ва сешанбе Амир ба суффаи бузург бинишасту нон хӯрд бо аъён ва такаллуфе азим карда буданд. Пас амирон Саъиду ва Мавдуд[4] бинишастанд ба навбат, ҳоҷибону надимон бо эшон бар хон ва хайлтошону нақибон бар самотини[5] дигар ва султон танҳо дар сарой рӯза мегушод. Ва Амир фармуд, то зиндонҳои Ғазнин ва навоҳии он қалоъ[6] арз кунанд ва нусхатҳо набиштанд ба номи боздоштагон, то фурӯ нигаранд ва он чӣ бояд фармуд дар боби ҳар кас, бифармояд. Ва мисол дод, то ҳазор – ҳазор[7] дирам аз хизона итлоқ карданд[8] дарвешону мустаҳаққони Ғазнин ва навоҳии онро ва ба ҷумлаи мамлакат номаҳо рафт дар маънии тахлиқи[9] масоҷиду арзи маҳобис. Ва дар маънии моли закот, ки падараш, разиялоҳу анҳу, ҳар сол додӣ, чизе нафармуд ва касеро нарасад, ки дар он боб чизе гуфтӣ, ки подшоҳони бузург он фармоянд, ки эшонро хуштар ояд ва нарасад хидматгорони эшонро, ки эътироз кунанд ва хомӯшӣ беҳтар ба эшон ҳар касеро, ки қазо[10] ба кор бошад.

Ва дар ин тобистон Булқосим Алии Нукӣ – соҳиббариди Ғазнин аз Хоҷа Бунасри Мушкон дархост, то фарзандони ӯро ба девони рисолат оварад ва миёни эшон дӯстӣ чунон дидам, ки аз бародарӣ бигузашта буд. Бунаср ӯро иҷобат кард ва писари меҳтараш Музаффари Бихрад ба хирад бар по мебуд ҳам дар рӯзгори Амир Муҳаммад ва ҳам дар ин рӯзгор. Ва дар он рӯзгор бо дабирӣ ва

---

[1] Буҳтурӣ – шоири араб (821 – 897), қасидаи маъруфе дар бораи айвони Мадоин ва ситоиши тоқикон (эрониён) дорад. Гуфта мешавад, ки Хоқонӣ дар сурудани қасидаи «Айвони Мадоин»-и худ аз он мутаасир будааст.

[2] мазмуни байт ин аст: чун моҳи шаъбон расид, маро аз бодаи ноб сероб кунед. Бо ин мазмун Ҳофиз гӯяд: Моҳи шаъбон қадҳ аз даст мадеҳ, к-ин хуршед. Аз назар то шаби иди рамазон хоҳад шуд!

[3] баробар аст бо 22 августи соли 1031-и милодӣ.

[4] Саъид ва Мавдуд – фарзандони Амир Масъуд.

[5] самотин – суфраву бисот.

[6] қалоъ - ҷамъи қалъа, дижҳо.

[7] як миллион.

[8] харҷ карданд.

[9] тахлиқ – хушбӯй кардан.

[10] дар баъзе нусхаҳо ва нашрҳо ба ҷойи «қазо» «қафо» омадааст, яъне ҳар кас, ки мехоҳад солим бимонаду қафояшро надаранд, барои ӯ хомушӣ беҳтар аст.

мушоҳарае[1], ки дошт мушрифи ғуломони саройӣ ба расми ӯ буд, сахт пӯшида, чунонки ҳавоиҷкашони вусоққо[2] наздики вай омадандӣ ва ҳар чӣ аз ғуломон розе доштӣ, бо вай бигуфтандӣ, то вай нукати он равшан набиштӣ ва арза кардӣ аз дасти хеш бевосита ва Амир Маҳмудро бар Булқосим дар ин сир эътимоди сахт тамом буд ва дидам, ки чанд бор Музаффар силатҳои гарон ёфт ва дӯсти ман буд аз ҳадд гузашта барное бакоромада ва некӯхатту дар дабирӣ пиёдагуна[3] ва ба ҷавонии рӯз гузашта шуд, раҳматтуллоҳи ъало валади ва-л волиди[4]. Устодам ҳоли фарзандони Булқосим бо Амир бигуфт ва дастуре ёфт ва Бумансуру Бубакру Бунасрро ба девони рисолат оварда ва пеши Амир фиристод, то хидмату нисор карданд ва Бумансур фозилу адибу некӯхат буд ва ба фармони Амир вайро бо Амир Маҷдуд[5] ба Лоҳур фиристоданд, чунонки биёрам ва дар ин Мансур шарорат ва заъорате[6] буд, ба ҷавонии рӯз гузашта шуд раҳматуллоҳи алайҳи. Ва Бубакр ҳам фозилу адибу некӯхат буд ва муддате ба девон бимонд ва табъаш майл ба гурбузӣ[7] дошт, то балое бад-ӯ расид ва ло маррадда ли қазои-л-лоҳи азза зикруҳу[8], чунонки биёрам ба ҷойи хеш ва аз девони рисолат бияфтод ва ба ҳаққи қадим хидмати падарашро бар вай раҳмат карданд подшоҳон ва шуғли ишрофи ноҳияти Гирӣ[9] бад-ӯ доданд ва муддати сахт дароз аст то он ҷост ва имрӯз ҳам он ҷо мебошад санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[10]. Ва Хоҷа Бунаср кеҳтари бародар буд, аммо каримуттарафайн[11] буд, ва-л-ирқу наззаъу[12]. Падар чун Абулқосим ва аз ҷониби волида бо Маҳмуди ҳоҷиб кашида, ки заъими ҳуҷҷоб Булҳасани Симҷур буд, лоҷарам чунон омад, ки бояст дар девони рисолат бимонад ба хираду хештандорие, ки дошт ва дабири некӯхат шуд ва соҳиббаридии Ғазнин ёфт ва дар миёна чанд шуғлҳои дигар фармуданд ӯро, чун соҳиббаридии лашкар ва ҷуз он, ҳама боном, ки шумурдан дароз гардад. Ва охируламр он омад, ки

---

[1] моҳиёна.
[2] касоне, ки лавозими матбах (ошпазхона)-ро мекашанд
[3] беиттило, ноогоҳ.
[4] раҳмати Худо бод бар фарзанду бар падар!
[5] Маҷдуд – фарзанди Амир Масъуд.
[6] тундхӯй.
[7] найрангу зиракӣ.
[8] ҳукми Худованди бузургу тавоноро ҳеч бозгардонидане нест!
[9] номи қалъае дар Ҳиндустон.
[10] соли 451-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1059-1060-и милодӣ.
[11] каримуттарафайн – касе, ки аҷдоду падарони модарию падарии ӯ бузургворанд.
[12] тарҷ: раг кашандааст; яъне ахлоқи модару падар ба фарзанд таъсир мегузорад.

дар рӯзгори ҳумоюни султони одил Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носирудинуллоҳ ба девони рисолат бинишаст ва чун ҳоҷат омад, ки ин ҳазрат ва шаҳри бузургворро раиси кордон бо хонаи қадим[1] бошад, ихтиёр ӯро карданд ва хилъати басазо ёфт ва имрӯз, ки ин тасниф мекунам бо ин шуғл аст ва бариди бар ин мазмум[2] ва аз дӯстони қадими ман аст. Ва хонандагони ин таърихро ба фазлу озодагӣ иброму[3] гаронӣ мебояд кашид, агар суханро дароз кашам, ки ночор ҳаққи дӯстиро бибояд гузорд, хосса, ки қадимтар бошад. Вал-л-лоҳу муваффиқу ли итмоми мо фӣ ниййатӣ бифазлиҳи[4].

Ва савуми моҳи рамазон[5] Амир Ҳоҷиби Бузург Билготагинро гуфт: «Касон бояд фиристод, то ҳашар[6] рост кунанд бар ҷониби Хормарғ, ки шикор хоҳем кард». Ҳоҷиб ба девони мо омаду писарони Ниёзии Қудуқашро, ки ин шуғл бад-эшон муфавваз будӣ, бихонду ҷаридае[7], ки ба девони мо будӣ, чунин чизҳоро бихостанд ва мисолҳо набишта омад ва хайлтошон бирафтанду пиёдаи ҳашар рост карданд. Ва Амир рӯзи шанбе сездаҳуми ин моҳ сӯйи Харвору Хормарғ рафт ва шикори сахт некӯ карда омад ва ба Ғазнин бозомад рӯзи якшанбе, ҳафт рӯз монда аз ин моҳ[8].

Ва рӯзи душанбе ду рӯз монда аз моҳи рамазон ба ҷашни Меҳргон бинишаст ва чандон нисорҳову ҳадяҳо ва тураф[9] ва сутур оварда буданд, ки аз ҳадду андоза бигзашт. Ва Сурии соҳибдевон бениҳоят чизе фиристода буд наздики вакили дараш, то пеш оварад, ҳамчунон вукалои бузургони атроф, чун Хоразмшоҳ Олтунтош ва амири Чағониёну амири Гургон ва вулоти[10] Қусдору[11] Макрон ва дигарон бисёр чиз оварданд ва рӯзе боном бигузашт.

Ва рӯзи чаҳоршанбе ид карданд ва таъбияе фармуда буд Амир, разияллоҳу анҳу, чунонки ба рӯзгори Султони мозӣ – падараш, раҳматуллоҳи алайҳи, дида будам; вақте, ки иттифоқ уфтодӣ, ки расулон, аъёну бузургону Ироқу Туркистон ба ҳазрат ҳозир будандӣ. Ва чун ид карда буд, Амир аз майдон ба суффаи бузург омад. Хоне ниҳода буданд сахт ботакаллуф, он ҷо нишаст ва

---

[1] хонадони қадим ва асил.
[2] шуғли соҳиббаридӣ ҳам ба он замима аст.
[3] малулӣ.
[4] тарҷ: ва Худованд тавфиқдиҳанда аст, ба поён расонидани он чӣ дар нияти ман аст ба караму бахшиши Ӯ.
[5] баробар бо 24 августи соли 1031-и милодӣ.
[6] лашкаре номуназзам ва довталаб; коре ки гурӯҳӣ анҷом диҳанд.
[7] дафтари гузоришии катбии корҳо дар ягон идора.
[8] баробар бо 14 сентябри соли 1031-и милодӣ.
[9] ҳадяи тоза ва аҷиб.
[10] ҷамъи волӣ.
[11] Қусдор – шаҳре, ки дар Синду Балуҷистон (ва наздик ба Ғазнин) ҷойгир буд.

авлиёву ҳашаму бузургонро бинишонданд ва шуаро пеш омаданду шеър хонданд ва бар асари эшон мутрибон задану гуфтан гирифтанд. Ва шароб равон шуд ҳам бар ин хон ва дигар хон, ки сарҳангону хайлтошону аснофи лашкар буданд, мишрабаҳои[1] бузург, чунонки аз хон мастон бозгашта буданд. Амир қадаҳе чанд хӯрда буд аз хон ва ба тахти бузурги асл дар суффаи бор омад ва маҷлисе сохта буданд, ки монандаи он кас ёд надошт ва вазиру оризу соҳибдевони рисолату нудамо ҳозир омаданд ва мутрибони саройиву берунӣ даст ба кор бурданд ва нишоте барпо шуд, ки гуфтӣ, дар ин буқъат ғам намонд, ки ҳама ҳазимат шуд. Ва Амир шоиронеро, ки бегонатар буданд, бист ҳазор дирҳам фармуд ва Алавии Зайнабиро панҷоҳ ҳазор дирам бар пиле ба хонаи ӯ бурданд ва Унсуриро[2] ҳазор динор доданд ва мутрибону масхарагонро сӣ ҳазор дирам.

Ва он шеърҳо, ки хонданд ҳама дар давовин мусаббат[3] аст ва агар ин ҷо набиштаме дароз шудӣ, ки устодон дар сифати маҷлис ва сифати шаробу таҳнияти ид ва мадҳи подшоҳон сухан бисёр гуфта буданд. Ва ин ҷо қасидае, ки доштам сахту бағоят некӯ набиштам, ки гузаштани Султон Маҳмуду нишастани Муҳаммаду омадан Амир Масъуд аз Сипоҳон, разияллоҳу анҳу ва ҳама аҳвол дар ин қасида биёмадааст. Ва сабаби ин чунон буд, ки дар ин рӯзгор, ки таърихро ин ҷо расонида будам, маро суҳбат уфтод бо устод Буҳанифаи Искофӣ[4] ва шунуда будам фазлу адабу илми вай сахт бисёр, аммо чун вайро бидидам ин байти Мутаниббиро[5], ки гуфтааст, маънии некӯтар бидонистам. Шеър:

Ва астакбиру-л ахбора қабла лиқоиҳи,
Фаламма-т-тақайно сағғара-л хабра-л хубру[6]

Ва дар миёни мазокирот вайро гуфтам: «Ҳарчанд ту дар рӯзгори султонони гузашта набудӣ, ки шеъри ту дидандӣ ва силату навохт мар туро камтар аз они дигарон набудӣ, акнун қасидае бибояд гуфт ва он гузаштаро ба шеър тоза кард, то таърих бад-он ороста

---

[1] зарфи обхӯрии дастадор.

[2] Унсурӣ – бузургтарин шоири аср ва маликушшуарои дарбори Ғазнавиён.

[3] сабтшуда.

[4] Буҳанифа – Абуҳанифаи Искофӣ, фақеҳ ва донишманди машҳури асри XI, муосири Абулфазли Байҳақӣ ва Султон Иброҳими Ғазнавӣ будааст, Искоф ноҳияе буд дар наздикии Наҳравон, байни Бағдоду Восит. Буҳанифаи Искофӣ маснади тадрис низ дошта, бе музд дарси адабу илм медод. Байҳақӣ пас аз дидор бо Искофӣ мегӯяд, ки камтарин фазлаш шоирӣ буд.

[5] Аҳмад ибни Ҳасан маъруф ба Абутаййиби Мутанаббӣ – шоири маъруфи араб, ки солҳои 915 – 965 умр ба сар бурдааст.

[6] тарҷ: пеш аз дидани вай хабарҳои ӯро бузург мепиндоштам, чун ба якдигар расидем,озмун бо дидор хабарро хурд шумурд. Фирдавсӣ мегӯяд: Бо дидан фузун омад аз огаҳӣ.

гардад». Вай ин қасида бигуфту наздики ман фиристод. Чун касе подшоҳи гузаштаро чунин шеър донад[1] гуфт, агар подшоҳе бар вай иқбол кунад ва шеър хоҳад, вай суханро ба кадом дараҷа расонад? Ва имрӯз, биҳамдиллоҳи ва манниҳӣ[2], чунин шаҳр ҳеч ҷой нишон намедиҳанд бо ободию мардуми бисёр ва эймануиву роҳат ва Султони одили меҳурбон, ки ҳамеша ин подшоҳу мардуми шаҳр бод. Аммо бозори фазлу адабу шеър косидгуна[3] мебошад ва худовандони ин саноат[4] маҳрум. Ва чун дар аввали ин таърих фасле дароз биёвардам дар мадҳи Ғазнин, ин ҳазрати бузургвор[5], ки поянда бод, он воҷиб дорам ва фариза бинам, ки касоне, ки аз ин шаҳр бошанд ва дар эшон фазле бошад зикри эшон биёвардан, хосса марде чун Буҳанифа, ки камтари фазли вай шеър аст ва бе аҷреву мушоҳара дарси адабу илм дорад ва мардумонро ройгон илм омӯзад. Ва пас аз ин бар фазли вай эътимод хоҳам кард, то он чӣ маро бибояд аз ашъоре, ки фарохури таърих бошад, бихоҳам. Ва инак бар асар, ин қасида, ки хоста будам, набишта омад, то бар он воқиф шуда ояд.

Қасида:

Чу мард бошад бар кору бахт бошад ёр,
Зи хоки тира намояд ба халқ зарри иёр[6]
Фалак ба чашми бузургӣ кунад нигоҳ дар он-к,
Баҳона ҳеч наёрад зи баҳри хурдии кор.
Савор к-аш набувад ёр асби роҳсипар,
Ба сар дарояду гардад асири бахт савор.
Ба қоби қавсайн[7] онро барад Худой, ки ӯ,
Сабук шуморад дар чашми хеш ваҳшати ғор![8]
Бузург бошу машав тангдил зи хурдии кор,
Ки сол то сол орад гуле замона зи хор.
Баланд ҳисне[9] дон давлату дараш муҳкам,
Ба авни[1] кӯшиш бар дар-ш мард ёбад бор!

---

[1] тавонад.

[2] бо сипоси Худову эҳсони вай.

[3] беравнақ, касод.

[4] саноат – ҷамъи санъат – ҳунар.

[5] Манзур пойтахти Ғазнавиён – шаҳри Ғазнин аст, ки дар асри XI ба авҷи шукӯҳу ободӣ расида буд.

[6] зари холис, беғаш.

[7] қоби қавсайн – ишора ба меъроҷи Паёмбар (с) аст, ки Худованд дар сураи Наҷм (ояи 9) фармуд, Паёмбар ба қадре ба Худо наздик шуд ба андозаи паҳноии ду камон ё наздиктар (факона қоба қавсайни ав адно).

[8] ишора дар бораи ба ғор паноҳбурдан Паёмбар ва Абубакр дар ҳангоми ҳиҷрат аз Макка ба Мадина.

[9] диж, қалъа.

Зи ҳар ки ояд коре дар ӯ падид бувад,
Чунон к-аз оина пайдо бувад туро дидор.
Пагоҳ хостан ояд нишони мард дар ӯ,
Ки рӯзи абр ҳаме боз беҳ расад ба шикор.
Шаробу хобу рубобу кабобу тараву нон,
Ҳазор кох фузун кард бо зами[2] ҳамвор.
Чу базми хусраву он разми вай бидида ба вай,
Нишоту нусрататаш афзунтар аз шумор шумор[3]
Ҳамон, ки дошт бародар-тро барон тахлит[4],
Ҳам-ӯ бибаст бародар-тро ба сад мисмор[5].
Чу рӯзи мард шавад тираву бигардад бахт,
Ҳам-ӯ бадомади худ бинад аз беҳомади кор.
Накард ҳаргиз кас бар фиребу ҳилат суд,
Магар Калилаву Димна нахондаӣ даҳ бор?!
Чу раъйи олӣ чунон савоб дид, ки боз,
Зи Балх ояду мар мулкро занад паргор[6].
Ба шаҳри Ғазнин аз марду зан набуд ду тан,
Ки як замон бувад аз хумри шавқи[7] ӯ ҳушёр.
Ниҳода мардуми Ғазнин ду чашму гӯш ба роҳ,
Зи баҳри дидани он чеҳраи чу гул ба баҳор.
Дар ин тафаккур буданд, к-офтоби мулук,
Шуъойи талъат кард аз сипеҳри маҳд изҳор.
Ба дори мулк даромад ба сони ҷадду падар,
Ба коми хеш расида зи шукр карда шиор.
Аз он сипас, ки ҷаҳон сар ба сар мар ӯро шуд,
На он кӣ гашт ба хун, бинийи касе афгор.
Ба зоду буд ватан кард, з-он ки чун хоҳад,
Ки қатра дурр гардад, ояд ӯ ба сӯйи биҳор[8].
Зи баҳри ҷунбиш гирди ҷаҳон баромад шоҳ,
На з-он ки т-ош чу шоҳон кунанд сим нисор.
Худойгон фалак асту нагуфт кас, ки фалак,
Макони дигар дорад, к-аш андар ӯст мадор.
Аё муваффақ бар хусравӣ, ки дер зиййӣ,
Ба шукри неъмат зояд зи хидматат бисёр!

---

[1] ёрӣ.
[2] Замин.
[3] шумори авал ба маънои адад ва шумори дувум феъли амр аст.
[4] фасод кардан, росту дуруғро омехтан.
[5] мех
[6] занад паргор, яъне расму қоидаи давлатдорӣ устувор кунад.
[7] бодаи иштиёқ.
[8] ҷамъи биҳор, дарё.

Аз он қибал, ки туро Эзид офарид ба хок,
Зи чокарони заминист гунбади даввор.
Бар он умед, ки бар хоки пот бӯса диҳад,
Ба сӯйи чарх барад бод солу моҳ ғубор.
Дирам рабояд теғи ту зон-ш дар сари хасм,
Кунӣ ба зиндон ва-з мағзи ӯ диҳиш завор!
Агар надидӣ кӯҳе бигашт бар як хишт,
Яке ду чашм бар он роҳвори хеш гумор!
Шитобро чу кунад пир дар вараъ рағбат,
Дирангро чу кунад бар гунаҳ ҷавон исрор!
На одамист магар лашкари ту хайли қазост,
Ки бозашон натавон дошт бар дару девор!
Наъузубиллоҳ, агар з-он яке шавад мусла,
Зи ҳирси ҳамла бувад ҳамчу Ҷаъфари Тайёр![1]
Бад-он замон, ки чу мижа ба мижа аз пайи хоб,
Дар ӯ фитанд ба найза ду лашкари ҷаррор![2]
Зи бас рукӯъу суҷуди ҳасом[3] гӯйии ту,
Ҳаво магар, ки ҳаме бандад оҳанин дастор!
Зи каркасони замин каркасон гардун ронд,
Зи зини асбон азбаски тан кунад ийсор.
Зи кафки асбон гашта куноғи[4] бор ҳаво,
Зи бонги мардон дар посух омада иқтор.
Яке дар он ки ҷигар гардад аз пайи ҳамийат,
Яке дар он ки забон гардад аз пайи зинҳор!
Чунон бисозад бо ҳазми[5] ту таҳаввури ту,
Чунонки ромишро табъи мардуми майхор.
Фалак чу дид қарори ҷаҳониён бар ту,
Қарор карду ҷаҳонат ба тавъ[6] кард иқрор.
Зи фарри ҷуди ту шуд хор дар ҷаҳон зару сим,
На хор гардад ҳар чиз к-он шавад бисёр?!
Худойгоно, бурҳони ҳаққ бар дасти ту буд,
Агарчӣ ботил якчанд чира шуд наҳмор[7].
Наёяд осон аз ҳар касе ҷаҳонбонӣ,
Агарчӣ мард бувад чарбдасту зираксор[8]

---

[1] Ҷаъфари Тайёр – писари Абутолиб, яке аз саҳобаҳои Пайёмбар (с), ки дар ҷанговариву рашодат шуҳра буд.
[2] анбуҳ, бешумор
[3] ҳасом – шамшер.
[4] куноғ – кирми абрешим, тори абрешим, тори анкабут.
[5] дурандешӣ.
[6] бандагӣ, итоъат.
[7] бешумор, фаровон.
[8] боҳуш, зиддисабуксор.

Наёяд он нафъ аз моҳ к-ояд аз хуршед,
Агарчӣ манфаъати моҳ низ[1] бе миқдор.
Ба сарварию амирӣ раъийяту лашкар,
Худой, азза ва ҷалла, гар диҳад мисоли табор.
Ки устод наёбӣ беҳ аз падар зи фалак,
Падар чӣ кард, ҳамон пеша кун ба лайлу наҳор!
Ба дод кушу ба шаб хусб, эйман аз ҳама бад,
Ки марди бедод аз бими бад бувад бедор!
Зи як падар ду писар неку бад ачаб набувад,
Ки аз дарахте пайдо шудааст минбару дор!
Азиз он кас набвад, ки ту азиз кунӣ,
Зи баҳри он, ки азизи ту зуд гардад хор.
Азиз он кас бошад ки кирдгори ҷаҳон,
Кунад азизаш бе сайри кавкаби сайёр!
На он бувад, ки ту хоҳӣ ҳамеву дорӣ дӯст,
Чӣ он бувад, ки қазо кард Эзиди додор!
Калимаке[2], ки ба дарё фиканд модари ӯ,
Зи бими Фиръавн, он бадсиришти дил чун қор![3]
Набаркашидаш Фиръавн аз обу ва-з шафақат,
Ба як замон наниҳодаш ҳаме фурӯ зи канор?!
Касе к-аш аз пайи мулк Эзид офарида бувад,
Зи чоҳ бар гоҳ орад-ш бахт юсуфвор!
Масал зананд киро сар бузург – дард бузург,
Масал дуруст, хумор аз май асту май зи хумор!
Гар устувор надорӣ ҳадис осон аст,
Мадеҳи шоҳ бихону назири шоҳ биёр!
Худойгони ҷаҳон, хусрави ҷаҳон Масъуд,
Ки шуд азиз бад-ӯ дини Аҳмади мухтор!
Зи мачд гӯяд чу обид аз афоф[4] сухан,
Зи зулм ҷӯяд чун ошиқ аз фироқ қарор!
Нигоҳ аз он накунад, дар ситам расида нахуст,
Ки то зи ҳашмати ӯ дар намонад аз гуфтор.
В-аз он наёрад бипсуд[5] ҳар касе размаш,
Ки пӯсти мор бибояд фиганд чун сари мор!
Ба ақл монад к-аз илм сохт ганҷу сипоҳ,
Ба адл монад, к-аз ҳилм кард қасру ҳисор!
Агар падар-ш мар ӯро вилояти Рай дод,

---

[1] дар баъзе нусхаҳо ба ҷойи низ нест омадааст.
[2] лақаби Мӯсо паёмбар.
[3] қор – қир, моддаи равғанмонанди сиёҳ ва часпак, ки аз нафт ҳосил мешавад.
[4] иффат, покӣ
[5] ламс кардан.

Зи меҳру шафақат буд он, на аз сари озор!
Чу кард хоҳад мар баччаро мурашшаҳ[1] шер,
Зи марғзор, на аз душмане кунад-ш овор[2]!
Чу хост кардан аз худ туро ҷудо он шоҳ,
На сим доду на зарру на зин, на зинафзор!
На модару падар аз ҷумлаи ҳама писарон,
Насиби он писар афзун диҳад, ки зору низор.
Аз он, ки то бинамояд ба хусравон ҳунараш,
Накард бо ӯ чандон, ки дар хураш кирдор.
Чу баччаро кунад аз шири хеш модар боз,
Сиёҳ кардани пистон набошад аз пайкор!
Ба молиши падарон аст болиши[3] писарон,
Ба сар буридани шамъ аст сарфарозии нор!
Чу рост гашт ҷаҳон бар амири дин Маҳмуд,
Зи Суманот ҳамегир то дари Булғор!
Ҷаҳонро чу Фаридун гирифту қисмат кард,
Ки шоҳ буд чу Фаридун муваффақ андар кор.
Чу мулки дунё дар чашми вай ҳақир намуд,
Бисохт ҳиммати ӯ бо нишоти дори қарор.
Қиёмате дигар андар ҷаҳон падид омад,
Қиёмат ояд, чун моҳ кам кунад рафтор.[4]
Аз он, ки дошт чу ҷадду падар мулк Масъуд,
Ба теғу найза шуморе дар он ҳудуду диёр.
Чунонки кард ҳаме иқтизо сиёсати мулк,
Суҳо[5] ба ҷойи қамар буд чанд гоҳи мушор![6]
Чу кори каъбаи мулки ҷаҳон бад-он омад,
Ки боди ғафлат бирбуд аз ӯ ҳаме астор[7].
Худойгони ҷаҳон мар намози нофиларо,
Ба ҷой монду бибаст аз пайи фариза изор[8].
Гусел кард расуле сӯйи бародари хеш,
Паём дод, ба лутфу латаф[9] намуд ҳазор!
Ки дори мулк туро ҷуз ба номи мо н-ояд,

---

[1] мурашшаҳ – чакидашуда ва сероб.
[2] овора, дар ба дар шудан.
[3] болидан, рушд кардан.
[4] чун қиёмат фаро расид, моҳ аз масири худ хориҷ мешавад ва роҳ гум мекунад.
[5] Суҳо – ситорае, ки бисёр хурду кӯчак дида мешавад.
[6] мушор – касе ки мавриди машварат бошад.
[7] ҷамъи сатр, пӯшиш.
[8] изор – шалвор, дар ин ҷо манзур либос аст. Маънои байт:; Масъуд корҳои ғайри зарурироро канор ниҳоду барои тасарруфи Ғазнин, ки муҳимтар буд, ҷома пӯшиду омода шуд.
[9] латаф – некӯӣ вамеҳрубонӣ.

Тарози кисвати офоқу[1] сиккаи динор.
Надошт суд аз он к-оинаи саъодати ӯ,
Гирифта буд ба гуфтори ҳосидон зангор.
На бар газоф Сикандар ба ёдгор набишт,
Ки асбу теғу зан омад сегона аздари дор.
Чу рояти шаҳи мансур аз Сипоҳон зуд,
Басичи ҳазрати маъмур кард бар ҳанҷор[2].
Зи гарди мавкаб тобанда рӯйи хусрави аср,
Чунонки дар шаби торе маҳи дупанҷу чаҳор![3]
Зи пеши он, ки Нишобур шуд бад-ӯ масрур,
Пазирааш омад фавҷе ба сони мавҷи баҳор![4]
Шарифтар зи нубувват мадон ту ҳеч сифат,
Ки мондааст аз ӯ дар ҷаҳон басе осор.
Шунидайӣ, ки Паямбар чу хост гашт бузург,
Суҳайбу[5] Салмонро[6] н-омад омадан душвор.
Масал зананд, ки ояд бичишк[7] нохонда,
Чу тандурусте тимор дорад аз бемор!
Ки шоҳ то ба Ҳирот омад аз сипоҳи падар-ш,
Чу мӯр мардум дидӣ зи ҳар сӯе ба қатор!
Ба сони Фурқон[8] омад қасидаам, бингар,
Ки қадри дониш кунад дар дилу ду дида нигор!
Агарчӣ андар вақте замонаро дидам,
Ки боз кард наёрам зи бими тай тумор.
Зи баски маънии дӯшиза[9] дида бо ман лафз,
Дил аз далолати маънӣ биканду шуд безор.
Аз он, ки ҳастам аз Ғазниву ҷавонам низ,
Ҳаме набинам мар илми хешро бозор.
Худойгоно, чун ҷомаест шеъри накӯ.
Ки то абад нашавад пуди ӯ ҷудо аз тор.

---

[1] ороиши либос.
[2] равиш, шеваи маъмул.
[3] ду панҷу чаҳор – чаҳордаҳ.
[4] амвоҷи дарёҳо.
[5] Абуяҳё Суҳайб ибни Синони Румӣ – аз асҳоби Паёмбар ва аз тирандозони маъруфи араб, ки ба зуҳду порсоӣ шӯҳрат дошт.
[6] Салмони Форс аз бузургтарини саҳоба ва ёрони Паёмбар. Вай мусалмононро ба кандани хандақ роҳнамоӣ кард. Суфия ӯро аз пешқадамони тариқа ва аз аҳли суффа шумурдаанд. Дар охири умр ҳукумати Мадоин дошт, аммо аз занбилбофӣ маоши худро фароҳам месохт. Дар Мадоин вафот кард ва ҳамон ҷо мадфун аст.
[7] пизишк.
[8] Фурқон - фарқ гузоридан байни ҳаққу ботил, номи дигари Қуръон
[9] дӯшиза – ноб, бикр.

Зи корномайи ту орам ин шигифтиҳо,
Бале, зи дарё оранд луълуи шаҳвор![1]
Магӯй шеъру пас аз чора нест аз гуфтан,
Бигӯй, тухми накӯ кору расми бад бардор.
Бигӯ, ки лафзе ин ҳаст луълуи хушоб,
Бигӯ, ки маънии ин ҳаст сурати фархор!
Ҳамеша то гузарандаст дар ҷаҳон сахтӣ,
Ту магзару ба хушӣ сад ҷаҳон чунин бигзор!
Ҳамеша то маҳу сол оварад сипеҳр ҳаме,
Ту бар замона бимон ҳамчунин шаҳу солор!
Ҳамеша то ҳаме аз кӯҳ бардамад лола,
Ҳамеша то чакад аз осмон ҳаме амтор,[2]
Ба сони кӯҳ бипою ба сони лола биханд!
Ба сони чарх битозу ба сони абр бибор!

Ба поён омад ин қасидаи ғарро[3], чун дебо дар ӯ суханони ширини бомаънӣ даст дар гардани якдигар зада! Ва агар ин фозил аз рӯзгори ситамгор дод ёбад ва подшоҳ табъи ӯро ба некӯкорӣ мадад диҳад, чунонки ёфтанд устодони асрҳо чун Унсуриву Асҷадию Зайнабию Фаррухӣ, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъина, дар сухан мӯй ба ду ним шикофад ва дасти бисёр кас дар хок молад, фа инна-л-лаҳо тафтаҳу би-л-луҳо[4] ва магар биёбад, ки ҳанӯз ҷавон аст ва мо золика ала-л-лоҳи би азиззин. Ва ба поён омад ин қисса.

Ва рӯзи якшанбе, панҷуми шаввол[5] Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, барнишаст ва дар маҳди пил буд, ба Дашти Шобаҳор омад бо такаллуфе сахт азим аз пилону ҷанибатиён, чунонки сӣ асб бо сохтҳо буд мурассаъ ба ҷавоҳиру пирӯза ва яшму тароифи дигар. Ва ғуломе сесад дар зару сим ғарқ, ҳама бо қабоҳои сақлотун[6] ва дебои румӣ ва ҷанибате панҷоҳи дигар бо сохти зар. Ва ҳама ғуломони саройӣ ҷумла бо тиру камону амудҳои зару сим пиёда дар пеш бирафтанд ва сипаркашони марвӣ ва пиёдае се ҳазор сагзию ғазниҷию[7] ҳарейваву[8] балхию сархасӣ ва лашкари бисёру аъёну авлиёву аркони мулк. Ва ман, ки Булфазлам ба наззора рафта будам ва савор истода, Амир бар он дуккон фармуд, то пилу маҳдро бидоштанд ва Хоҷа Аҳмади Ҳасан ва ориз ва Хоҷа Бунасри

[1] марворида шоҳона.
[2] борон.
[3] ғарро – фасеҳ, нағз, барҷаста.
[4] тарҷ: забони гӯянда ба сила гушодаву фасеҳ шавад.
[5] баробар бо 25 сентябри соли 1031-и милодӣ.
[6] навъе порчаи абрешими зардӯзишуда, ки онро дар Бағдод мебофтанд ва шуҳрати бисёр дошт.
[7] мансуб ва Ғазнин.
[8] мансуб ба Ҳирот.

Мушкон наздики пил буданд. Мазолим кард ва қиссаҳо[1] бихостанд ва сухани мутазаллимон[2] бишниданду бозгардониданд. Ва надимонро бихонд ва Амир шаробу мутрибон хост ва ин аъёнро ба шароб боз гирифт ва табақҳои наволаву[3] санбӯса равон шуд, то ҳоҷатмандон мехӯрданд ва шароб доданд гирифтан ва мутрибон мезаданду мехонданд ва рӯзе ағарри муҳаҷҷал[4] пайдо шуд ва шодиву тараб дар парвоз омад.

Вақти чоштгоҳ овози кӯсу таблу бук бихост, ки Тоши Фаррош ин рӯз ҳаракат мекард сӯйи Хуросону Ироқ аз роҳи Буст. Нахуст ҳоҷиби ҷомадор Ёрақтуғмиш даромад сохта бо кавкабае тамом ва мардумаш бигзашт ва вай хидмат карду биистод ва бар асари вай сарҳанги маҳмудӣ се зарринкамар ва ҳафт симинкамар бо созҳои тамом ва бар асари эшон Гавҳариойин – хазинадори ин подшоҳ, ки мар вайро баркашида ва ба маҳалле бузург расонида даромад ва чанд ҳоҷибу сарҳангони ин подшоҳ бо хайлҳо. Ва хайлҳо мегузашту муқаддамон меистоданд. Пас Тоши сипоҳсолор даррасид бо кӯсу аломатеву олатеву уддате тамом ва саду панҷоҳ ғулом аз они вай ва сад ғуломи султонӣ, ки озод карда буданд ва бад-ӯ супурда. Тош ба замин омаду хидмат кард; Амир фармуд, то барнишонданд ва асби сипоҳсолори Ироқ хостанд ва шароб додандаш ва ҳамчунон муқаддамонро, ки бо вай номзад буданд. Се ва чаҳор шароб бигашт, Амир Тошро гуфт: «Ҳушёр бош, ки шуғле бузург аст, ки ба ту муфавваз кардем ва гӯш ба мисоли кадхудой дор, ки бар асар даррасад, дар ҳар чӣ ба масолеҳ пайвандад ва нома набишта дор, то ҷавобҳо расад, ки бар ҳасби он кор кунӣ ва соҳиббариде номзад мешавад, аз муътамадон, то ӯро тамкине тамом бошад, то ҳолҳоро башарҳтар боз менамояд. Ва ин аъёну муқаддамонро бар миқдори маҳаллу маротиб бибояд дошт, ки падариён ва аз они моанд, то эшон, чунонки фармудаем, туро мутеъу фармонбурдор бошанду корҳо бар низом равад ва умедворам, ки Эзид, азза зикруҳу, ҳамаи Ироқ бар дасти шумо гушода кунад». Ва Тошу дигарон гуфтанд, бандагони фармонбурдоранд ва пиёда шуданду замин бӯса доданд. Амир гуфт: «Бисми-л-лоҳӣ! Ба шодию муборакӣ хиромед». Барнишастанду бирафтанд бар ҷониби Буст. Ва биёяд дар таърих пас аз ин боби сахт мушаббаъ[5], он чӣ рафт дар солории Тош ва

[1] арзи ҳол ва шикоятнома.
[2] шокиён, ситамдидагон.
[3] навола – ғизое, ки барои меҳмон оранд.
[4] ағарр ба маънои нуронӣ ва сапеда ва муҳаҷҷал асбе ки даст ва пой ӯ сафед аст маҷмуъан сафед ва равшан аст.
[5] муфассал.

кадхудоийи ду амид[1] – Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Тоҳири Карачӣ, ки дар он бисёр сухан аст, то дониста ояд.

Ва Амир бозгашту ба кушки давлат боз омаду ба шароб бинишаст ва ду рӯз дар он буд. Ва рӯзи сеюм бор доду гуфт: «Корҳо он чӣ мондааст, бибояд сохт, ки сӯйи Кобул хоҳем рафт, то он ҷо бар ҷонибе, ки раъй воҷиб кунад, ҳаракат карда ояд?» Ва ҳоҷиби бузург Билготагинро гуфт: «Фармуда будем то пилонро бironанду ба Кобул оянд, то арз карда оранд; кадом вақт расанд?» Билготагин гуфт: «Чанд рӯз аст, то саворон рафтаанд ва дар ин ҳафта ҷумлаи пилонро ба Кобул оварда бошанд». Гуфт: «Нек омад». Ва бор бигусаст, Хоҷаи Бузургро боз гирифт[2] бо оризу Бунасри Мушкон ва ҳоҷибон – Билготагину Багтуғдӣ ва холӣ карданд. Амир гуфт: «Бар кадом ҷониб равем?» Хоҷа гуфт: «Худовандро раъй чист ва чӣ андешидааст?» Гуфт: «Бар дилам мегардад шукри ин чандин неъматро, ки тоза гашт беранҷе, ки расид ва ё фитнае, ки ба по шуд; ғазве кунем бар ҷониби Ҳиндустони дурдасттар, то суннати падарон тоза карда бошему мардӣ ҳосил кардаву шукре гузорда ва низ ҳашамате бузург уфтад дар Ҳиндустон ва бидонанд, ки агар падари мо гузашта шуд, эшонро нахоҳем гузошт, ки хоб бинанду хушу таносон бошанд».

Хоҷа гуфт: «Худованд ин сахт некӯ дидааст ва ҷуз ин нашояд ва савоб он бошад, ки раъйи олӣ бинад, аммо ҷойи масъалате аст ва чун сухан дар машварат афганда омад, банда он чӣ донад, бигӯяд ва худованд некӯ бишнавад ва ин бандагон, ки ҳозиранд низ бишнаванд, то савоб аст ё на, он гоҳ он чӣ хуштар ояд, мебояд кард. Худованд солоре боному сохта ба Ҳиндустон фиристод ва он ҷо лашкарест сохта ва мардуми Моваруннаҳр низ омадан гирифтанд ва бо саъидон[3] низ ҷамъ шаванд ва ғазве некӯ биравад бар эшон имсол ва савоби он худовандро бошад. Ва солоре дигар рафт бар ҷониби Хуросону Рай; то кор қарор гирад бар вай рӯзгор бояд ва устувории қадими ин солор дар он диёр бошад, ки худованд дар Хуросон муқом кунад. Ва Алитагин мори думканда[4] аст, бародар баруфтода ва вай беғавс[5] монда. Ва бо Қадархон сухани ақду аҳд гуфта омадааст ва расулон рафтаанду дар мунозараанд ва қарор нагирифтааст[6], чунонки номаҳои расулон расидааст. Ва агар рояти олӣ қасди Ҳиндустон кунад, ин корҳо ҳама фурӯ монад ва бошад, ки

---

[1] сарвар, раис.
[2] нигоҳ дошт.
[3] саъидон – эҳтимол дастаи муздурон аз навъи айёрон ва ё дастаи ғозиён.
[4] мори захмӣ, ки дар пайи интиқом бошад.
[5] беёвару фарёдрас.
[6] яъне, тавофуқ ҳанӯз ба даст наёмадаст.

бипечад[1]. Ва Алитагин ба Балх наздик аст ва мардуми тамом дорад, ки Салҷуқиён бо вай яке шудаанд ва агар қасди Балху Тахористон накунад, бошад, ки сӯйи Хатлону Чағониёну Тирмиз ояд ва фасоде ангезаду обрехтагӣ бошад[2]. Бандаро савобтар он менамояд, ки худованд ин зимистон ба Балх равад, то ба ҳашмати ҳозирии[3] вай расулонро бар мурод бозгардонанд бо ақду аҳди устувор ва кадхудое номзад карда ояд, ки аз Балх бар асари Тош биравад, ки то кадхудое нарасад, корҳо ҳама мавқуф[4] бошад. Ва корҳои Алитагин рост карда ояд, ба ҷанг ё ба сулҳ, ки боде дар сари вай ниҳоданд бад-он вақт, ки худованд қасди Хуросон кард ва Амир Муҳаммади бародар бар ҷой буд ва Амир марде фиристод, ки Хатлон бад-ӯ дода ояд ва он ҳавас дар дили вай мондааст. Ва низ аз Бағдод ахбор расидааст, ки халифа Ал-Қодирбиллоҳ нолон[5] аст ва дил аз худ бардоштаву корҳо ба Қоими писараш супурда, агар хабари вафоти ӯ расид, некӯ он намояд, ки худованд дар Хуросон бошад. Ва ба Гургон низ расулон номзад карда ояд ва бо эшон мувозаъат мебояд ниҳод. Ва беруни ин[6] корҳои дигар пеш уфтад ва ҳама фароиз аст. Ва чун ин қавоид устувор гашт ва корҳо қарор гирифт, агар раъйи ғазви дурдасттар уфтад, тавон кард соли дигар бо фароғати дил. Шумо, ки ҳозиронед андар ин ки гуфтам, чӣ гӯед?» Ҳамагон гуфтанд: «Он чӣ, Хоҷаи Бузург бинаду донад, мо чун тавонем диду донист ва насиҳату шафақати вай маълум аст худовандро». Амир гуфт: «Раъйи дуруст ин аст, ки Хоҷа гуфт ва ҷуз ин нашояд. Ва вай моро падар аст, бар ин қарор дода омад. Боз гардеду бисозед[7], ки дар ин ҳафта ҳаракат хоҳад буд». Қавми он халват бозгаштанд бо санову дуъо, ки Хоҷаро гуфтанд. Ва чун ӯ дигар дар он рӯзгор набуд.

Ва амир аз Ғазнӣ ҳаракат кард рӯзи панҷшанбе, нимаи шаввол[8] ва ба Кобул омад ва он ҷо се рӯз бибуд ва пилонро арза карданд: ҳазору шашсаду ҳафтод нару мода; биписандид, сахт фарбеҳу ободон буданд. Ва муқаддами пилбонон марде буд чун ҳоҷиб Буназр ва писарони Қарохон ва ҳама пилбонон зери фармони вай. Амир Буназрро бинавохту бисёр бисутудаш ва гуфт: «Ин озодмард дар ҳавойи мо бисёр бало дидааст ва ранҷҳое бузург кашида аз

[1] аз роҳи рост берун афтад.
[2] обрӯрезӣ.
[3] аз тарси ҳузури вай.
[4] барҷоймонда.
[5] бемор.
[6] иловабар ин.
[7] омода шавед.
[8] баробар бо 6 октябри соли 1031-и милодӣ.

Амири мозӣ, чунонки ба як дафъат ӯро ҳазор чӯб заданд ва ҷониби моро дар он пурсиш[1] нигоҳ дошт ва ба ҳақиқат тану ҷон фидои мо кард. Вақт омад, ки ҳаққи ӯ нигоҳ дошта ояд, ки ҷунин мард ба заъомати[2] пилбонон дареғ бошад бокифоят ва муносаҳат[3] ва сухани некӯ, ки донад гуфт ва русуми тамом, ки дарёфтааст хидмати подшоҳонро». Хоҷа Аҳмад гуфт: «Буназрро ин ҳакқ ҳаст ва чунин мард дар пеши тахти худованд бибояд пайғомҳоро». Амир фармуд, то ӯро ба ҷомахона бурданду хилъати ҳоҷибӣ пӯшониданд, ки ба рӯзгор дошта буд ва пеш омад бо қабои сиёҳу кулоҳи душоху камари зар ва расми хидмат ба ҷой оварду ба хаймаи худ боз рафт. Ва ҳаққи ӯ ҳамаи аъёни даргоҳ ба воҷибӣ бигузорданд. Ва пас аз ин ҳар рӯзе ваҷеҳтар буд, то он гоҳ, ки дараҷаи заъомати ҳуҷҷоб ёфт, чунонки биёрам ба ҷойи хеш, ки кадом вақт буд. Ва имрӯз санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[4] биҳамдиллоҳи ба ҷой аст ва ба ҷой бод Султони муъаззам Абушуҷоъ Фаррухзод ибни Носириддиналлоҳ, ки ӯро бинавохту ҳаққи хидмати қадими вай бишнохт ва лашкарҳо мекашад ва корҳои боном бар дасти вай мебарояд, чунонки биёрам. Ва чун ба Ғазнин бошад, дар тадбири мулк сухан гӯяд ва агар расуле ояд, русум боз менамояд ва дар мушкилоти маҳмудию масъудию мавдудӣ, разияллоҳу анҳум, руҷуъ бо вай мекунанд ва кутволии қалъати Ғазнин шуғле боном, ки ба расми вай аст, ҳоҷибе аз они вай ба номи Қутлуғтагин онро рост медорад.

Ва Амир пас аз арз кардани пилон нишоти шароб кард. Ва пилбононро ба поймардии ҳоҷиби бузург Билготагин хилъат дод. Ва сад пили нар ҷудо карданд, то бо рояти олӣ ба Балх оранд. Ва дигар пилонро ба ҷойҳои худ боз бурданд. Ва аз Кобул бирафт Амир ва ба Парвон омад ва он ҷо панҷ рӯз бибуд бо шикору нишоти шароб, то бунаҳову сиқл[5] ва пилон аз бажи Ғузак[6] бигзаштанд. Пас аз баж бигзашт ва ба Чавгонӣ шароб хӯрд ва аз он ҷо ба Валволиҷ [7] омад ва ду рӯз бибуд ва аз Валволиҷ сӯйи Балх кашид ва дар шаҳр омад рӯзи сешанбе сенздаҳуми зилқаъда санаи иснатайн ва ишрина ва арбаъа миа[8] ва ба кушки Дари Абдулаъло муқом кард як ҳафта ва пас ба боғи бузург рафт ва бунаҳо ба ҷумла он ҷо оварданду девонҳо он ҷо сохтанд, ки бар он ҷумла, ки Амир мисол дода буд ва

---

[1] бозпурсӣ, тафтиш.
[2] пешвоӣ.
[3] хайрхоҳӣ.
[4] соли 451 ҳ., ки баробар аст бо соли 1059 – 1060-и милодӣ.
[5] бори гарон.
[6] баж ба маънии гардана ё ағбаи кӯҳ, Ғузак номи мавзеъ аст.
[7] Валволиҷ – шаҳре аз Бадахшон наздикии Балх.
[8] соли 422-и ҳ., ки баробар аст бо 1 ноябри соли 1031-и милодӣ.

хат баркашида даҳлезу майдонҳову девонҳо ва ҷуз он вусоқҳои[1] ғуломон ҳама рост карда буданд ва он ҷӯйи бузург, ки дар боғ меравад фаввора сохта.

Ва чун ба Ғазнин буданд, Бусаҳли Завзанӣ дар боби Хоразмшоҳ Олтунтош ҳилате сохта буд ва тазрибе[2] карда буд ва татмиъе[3] намуда, дар маҷлиси Амир чунонки Олтунтош дар сари он шуд ва Бусаҳлро низ бад-ин сабаб меҳнате бузург уфтод дар Балх ва муддате дар он меҳнат бимонд ва ин ҷо ҷойи он нест. Чун ба Балх расид ин подшоҳ ва чанд шуғли фариза, ки пеш дошт ва пеш омад ва баргузорданд, набишта ояд он гоҳ мақома[4] ба тамомӣ бironам, ки бисёр наводиру аҷоиб аст андар он донистанӣ.

Ва рӯзи сешанбе даҳ рӯз боқӣ монда аз ин моҳ[5] хабар расид, ки амирулмуъминин Ал-Қодирбиллоҳ, анораллоҳу бурҳонаҳу[6], гузашта шуд ва амирулмуъминин Абуҷаъфар ал-имом Ал-Қоим биамриллоҳ, адомаллоҳу султонаҳуро[7], ки имрӯз санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[8] ба ҷой асту ба ҷой бод ва валиаҳд буд, бар тахти хилофат нишонданд ва байъат карданд ва аъёни ҳар ду батн аз Бани Ҳошим – Алавиёну[9] Аббосиён бар тоъату мутобаъати вай биёромиданд ва кофаи[10] мардуми Бағдод ва қоф то қофи[11] ҷаҳон номаҳо набиштанд ва расулон рафтанд, то аз аъёни вуллот[12] байъат меситонанд. Ва фақеҳ Абубакр Муҳаммад ибни Муҳаммад ас-Сулаймонӣ ат-Тусӣ, номзади ҳазрати Султон ба Хуросон омад мар ин муҳимро. Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, бад-ин хабар сахт андешманд шуд ва бо Хоҷа Аҳмад ва устодам Бунаср холӣ карду гуфт: «Дар ин боб чӣ бояд кард?» Хоҷа гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод дар давлату бузургӣ, то вориси аъмол[13] бошад; ҳарчанд ин хабар ҳақиқат аст, магар савоб чунон бошад, ки ин хабарро пинҳон дошта шавад ва хутба ҳам ба номи Қодир мекунанд, ки русул,

---

[1] утоқҳо.
[2] тарзриб – суханчинӣ.
[3] татмиъ – ба тамаъ андохтан.
[4] саргузашт.
[5] баробар бо 9 ноябри соли 1031-и милодӣ.
[6] Худованд осору бурҳонашро нуронӣ кунад!
[7] Худованд салтанати ӯро идома диҳад!
[8] соли 451-и ҳичрӣ, баробар бо соли 1059 – 1060-и милодӣ.
[9] Алавиён бо вуҷуди хешовандие, ки доштанд, дар бештари даврaҳои хилофати Аббосиён дар оппозитсия қарор доштанд, аз ин рӯ баъзе халифаҳои Аббосӣ мекӯшиданд, ки Алавиёнро аз худ розӣ нигоҳ доранд.
[10] бештар, умум.
[11] қоф то қофи ҷаҳон – умуми мардум.
[12] волиён.
[13] дар ҳамаи нашрҳо аъмол омада, вале доктор Файёз саҳеҳи онро аъмор (ҷамъи умр, зиндагонӣ) медонад.

чунонки набиштаанд, бар асари хабар аст ва бошад, ки зуд даррасад ва он гоҳ чун вай расиду биёсуд, пеши худованд орандаш басазо, то номаи таъзияту таҳният бирасонанд ва бозгардад ва дигар рӯз худованд бинишинаду расми таъзият ба ҷой оварад се рӯз, пас аз он, рӯзи одина ба масҷиди одина равад, то расми таҳният низ гузорда шавад ба хутба кардан бар Қоим ва нисорҳо кунанд». Амир гуфт: «Савоб ҳамин аст» ва ин хабарро пинҳон доштанд ва ошкоро накарданд. Ва рӯзи якшанбе, даҳуми зиҳиҷа[1] расми иди Азҳо[2] бо такаллуфе азим ба ҷой оварданд ва бисёр зинатҳо рафт аз ҳама маъонӣ.

Ва рӯзи одина, нимаи зиҳиҷҷаи ин сол нома расид, ки Сулаймонии расул ба Шабурқон[3] расид ва аз Рай то он ҷо вуллоту уммол[4] ва гумоштагони Султон сахт некӯ таъаҳҳуд карданд ва расми истиқболро ба ҷой оварданд. Амир, Хоҷа Алии Микойилро, раҳматулоҳи алайҳи, бихонду гуфт: «Расуле меояд, бисоз, то бо кавкабае бузург аз ашрофи Алавиён ва қузоту уламову фуқаҳо ба истиқбол равӣ аз пештар ва аъёни даргоҳу мартабадорон бар асари ту оянд ва расулро басазо дар шаҳр оварда ояд». Алӣ дар ин боб такаллуфе сохт аз андоза гузашта, ки раису-р-руасо буд ва чунин корҳо ӯро омада буд ва хонаводаи муборакашро, ки боқӣ бод, ин хона дар бақои Хоҷаи амид Абуабдуллоҳ ал-Ҳусайн ибни Микойил, адомаллоҳу таъйдаҳу фаниъмал бақиййату ҳозас-с-садру[5]. Ва бирафт ба истиқболи расул. Ва бар асари вай Буалии расулдор бо мартабадорону ҷанибатиён бисёр бирафтанд. Ва чун ба шаҳр наздик расид, се ҳоҷиб ва Булҳасани Карачӣ ва Музаффари ҳокими надим, ки сухани тозӣ нек гуфтандӣ ва даҳ сарҳанг бо саворе ҳазор пазира шуданд. Ва расулро бо каромате бузург дар шаҳр оварданд, рӯзи одина, ҳашт рӯз монда аз зиҳиҷҷа ва ба Кӯйи Сабадбофон фуруд оварданд ба саройи некӯву ороста ва дарвақт бисёр хӯрдании ботакаллуф бурданд, валлоҳу аълам би-с-савоб.

[1] баробар бо 28 ноябри соли 1031-и милодӣ.
[2] иди Қурбон, иди гуспандкушон.
[3] шаҳре дар шимолу шарқии Хуросони қадим, воқеъ бар сари роҳи Марву Балх.
[4] коргузор, фармондор.
[5] чӣ бозмондаи хубе асту бузург.

Зикру вуруди-р-расули мин Бағдода ва изҳори мавти-л халифати-л Қодири би-л-лоҳи разия-л-лоҳу анҳу ва иқомати расми-л хутбати ли-имоми-л Қоими би-амри-л-лоҳи атола-л-лоҳу бақоаҳу ва адома сумуввааҳу ва иртиқоаҳу[1]

Ва чун расул биёсуд се рӯз сахт некӯ бидоштандаш, Амир Хоҷаро гуфт: «Расул биёсуд, пеш бояд овард». Хоҷа гуфт: «Вақт омад, фармон бар чӣ ҷумла аст?» Амир гуфт: «Чунон савоб дидаам, ки рӯзе чанд ба Кушки Дари Абдулаъло боз равем, ки он ҷо фароҳамтару сохтатар аст чунин корҳоро ва дусарой аст, ғуломону мартабдоронро ба расм битавонанд истодан ва низ расми таҳнияту таъзиятро он ҷо басазотар иқомат тавон кард, он гоҳ чун аз ин фориғ шавем, ба боғ боз оем». Хоҷа гуфт: «Худованд ин некӯ дидааст ва ҳамчунин бояд». Ва холӣ карданду ҳочиби бузургу солори ғуломон ва оризу соҳибдевони рисолатро бихонданду ҳозир омаданд ва Амир он чӣ фармуданӣ буд дар боби расулу номаву лашкар ва мартабадорону ғуломони саройӣ ҳамагонро мисол дод ва бозгаштанд. Ва Амир намози дигар барнишасту ба кушки Дари Абдулаъло боз омад ва бунаҳо ба ҷумла он ҷо бозоварданд ва ҳамчунон ба девонҳо қарор гирифтанд. Ва бар он қарор гирифт, ки нахуст рӯзи муҳаррам[2], ки сари сол бошад, расулро пеш оранд ва устодам Хоҷа Бунасри Мушкон мисоле, ки расм буд расулдор Буалиро бидод ва нома биёварданду бар он воқиф шуданд; дар маънии таъзияту таҳният набишта буданд. Ва дар охирин ин қисса набишта ояд ин нома ва байъатнома, то бар он воқиф шуда ояд, ки ин нома чанд гоҳ бичустам, то биёфтам дар ин рӯзгор, ки таърих ин ҷо расонида будам бо фарзанди устодам Хоҷа Бунаср, адомаллоҳу саломатаҳу ва раҳима волидаҳу[3]. Ва агар коғазҳо ва нусхаҳои ман ҳама ба қасд ночиз накарда буданд, ин таърих аз лавне дигар омадӣ, ҳакам-л-лоҳу байни ва байна ман фаъала золика[4]. Ва кори лашкару ғуломони сароиёу мартабадорони ҳоҷиби бузург ва солорон батамомӣ бисохтанд.

---

[1] баёни вуруди фиристодаи Бағдод ва ошкор кардани марги халифа ал-Қодирбиллоҳ, Худо аз ӯ хушнуд бод ва барпо доштани расми хутба барои Имом Қоим биамриллоҳ, Худованд зиндагонияшро дароз гардонад ва баландии мақом ва баромадани вайро бар авҷи рифъат бардавом дорад.

[2] баробар бо 19 декабри соли 1031-и милодӣ.

[3] Худованд пайваста вайро ба саломат дораду падарашро раҳмат кунад!

[4] Худованд қазоват кунад байни ману касе, ки чунин кард (яъне, асноди таърихии маро аз байн бурд).

Таърихи санаи салосу ва ишрина ва арбаъа миа[1]

Ғурраи ин муҳаррам рӯзи панҷшанбе буд. Пеш аз рӯз кори ҳама рост карданд; чун субҳ бидамид, чаҳор ҳазор ғуломи саройӣ дар ду тарафи саройи иморат ба чанд раста биистоданд: ду ҳазор бо кулоҳи душоху камарҳои гарони даҳ маолиқ[2] буданд ва бо ҳар ғуломе амуде симин ва ду ҳазор бо кулоҳи чаҳорпар[3] буданд ва кишу[4] камару шамшеру шағову[5] нимланг[6] бар миён баста ва ҳар ғуломе камоне ва се чӯба тир бар даст. Ва ҳамагон бо қабоҳои дебои шуштарӣ буданд. Ва ғуломе сесад аз хоссагон дар растаҳои суффа наздики Амир биистоданд бо ҷомаҳои фохиртару кулоҳҳои душоху камарҳои базар ва амудҳои заррин. Ва чанд тан он буданд, ки бо камарҳо буданд мурассаъ ба ҷавоҳир ва сипаре панҷоҳу шаст бадар[7] бидоштанд дар миёни Саройи Дайламон[8] ва ҳама бузургони даргоҳ ва вилоятдорону ҳуҷҷоб бо кулоҳҳои душох ва камари зар буданд ва беруни сарой мартабадорон биистоданд. Ва бисёр пилон бидоштанд. Ва лашкари барсилоҳу[9] баргустувон[10] ва ҷомаҳои дебои гуногун бо имориҳову силоҳҳо ба ду рӯя[11] биистоданд бо аломатҳо, то расулро дар миёни эшон гузаронида ояд. Расулдор бирафт бо ҷанибатиёну қавме анбӯҳ ва расулро барнишонданду оварданд ва овози буқу дуҳул ва косаи пил бархост, гуфтӣ, рӯзи Қиёмат аст ва расулро бигзарониданд бар ин такаллуфҳои азим ва чизе дид, ки дар умри хеш надида буд ва мадҳушу мутаҳаййир гашт ва дар кушк шуд ва Амир, разияллоҳу анҳу, бар тахт буд пеши суффа, салом кард расули халифа ва бо сиёҳ[12] буд. Ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ҷавоб дод ва ҷуз вай касе нишаста набуд пеши Амир, дигарон ба ҷумла бар пой буданд. Ва расулро ҳоҷиб Буназр бозу гирифту бинишонд. Амир овоз дод, ки «Худованд-амирулмуъмининро чун мондӣ?»[13] Расул гуфт: «Эзид, азза зикруҳу, музд диҳод Султони муъаззамро ба гузашта шудани Имом Ал-Қодирбиллоҳ, амирул-муъминин, анороллоҳу бурҳонаҳу, инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи

---

[1] соли 423 ҳ., ки баробар аст бо солҳои 1031-1032- и милодӣ.
[2] маъолиқ ба маънои овезон, яъне, камарҳое, ки даҳ овеза дошт.
[3] кулоҳе, ки чаҳор парра дорад; навъи кулоҳи ғуломон дар дарбори Ғазнавиён.
[4] тирдон.
[5] тиркаш.
[6] ғилофи камон.
[7] беруни дар.
[8] номи яке аз биноҳои иморат.
[9] мусаллаҳ.
[10] зиреҳ.
[11] бар ду сафф баробари ҳам.
[12] бо либоси сиёҳ, ки либосу рамзи Аббосиён буд.
[13] яъне, вақти ӯро тарк мекардӣ, чӣ ҳол дошт?

роҷиъун[1]. Мусибати сахт бузург аст, аммо мавҳибат[2] ба бақои худованд бузургтар. Эзид, азза зикруҳу, ҷойи халифаи гузашта фирдавс кунод ва Худованд дину дунёи амирулмуъмининро боқӣ дорад. Хоҷаи Бузург фасле сухан бигуфт ба тозӣ сахт некӯ дар ин маънӣ ва ишорат кард дар он фасл сӯйи расул, то номаро бирасонд. Расул бархосту нома дар харитае[3] дебои сиёҳ пеши тахт бурду ба дасти Амир доду бозгашт ва ҳамон ҷо, ки нишонда буданд, бинишаст. Амир Хоҷа Бунасрро овоз дод, пеши тахт шуду нома бистаду боз пас омад ва вай фаро тахт биистоду харита бигшоду нома бихонд. Чун ба поён омад, Амир гуфт: «Тарҷумааш бихон, то ҳамагонро муқаррар гардад». Бихонд ба порсӣ, чунонки иқрор доданд шунавандагон, ки касеро ин кифоят нест ва расулро бозгардониданд ва ба каромат ба хона боз бурданд.

Ва Амир мотам доштан бибисечид[4] ва дигар рӯз, ки бор дод бо дастору қабо буд сапед[5] ва ҳамаи авлиёву хоҷибон бо сапед омаданд. Ва расулро биёварданд, то мушоҳиди ҳол буд. Ва бозорҳо дар бибастанд ва мардуму аснофи раъийят фавҷ-фавҷ меомаданд. Ва се рӯз бар ин ҷумла буд ва расулро меоварданду чоштгоҳ, ки Амир бархостӣ, бозмегардониданд ва пас аз се рӯз мардумон ба бозорҳо боз омаданд ва девонҳо дар бигшоданд. Ва духулу дабдаба[6] бизаданд. Амир Хоҷа Алиро бихонду гуфт: «Мисол деҳ, то хоза зананд аз даргоҳ то дари масҷиди одина ва ҳар такаллуф, ки мумкин гардад, ба ҷой оранд, ки одина дар пеш аст ва мо ба тани хеш ба масҷиди одина хоҳем омад, то амирулмуъмининро хутба карда ояд». Гуфт: «Чунин кунам». Ва бозгашту аъёни Балхро бихонд ва он чӣ гуфтанӣ буд, бигуфт ва рӯй ба кор оварданд, рӯзи душанбеву сешанбеву чаҳоршанбеву панҷшанбе, то Балхро чунон биёростанд аз Дари Абдулаъло то масҷиди ҷомеъ, ки ҳеч кас Балхро бар он ҷумла ёд надошт ва бисёр хоза заданд аз бозорҳо то сари кӯйи Абдулаъло ва аз он ҷо то даргоҳ ва куйҳои муҳташамон, ки он ҷо нишаст доштанд. Пас шаби одина то рӯз меоростанд. Ва рӯзро чунон шуда буданд, ки ба ҳеч зиёдат ҳоҷат наёмад.

Ва Амир бор дод рӯзи одина ва чун бор бигусаст, Хоҷа Алии Микойил гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, он чӣ фармони олӣ буд, дар маънии хавозаҳову озин бастан, рост шуд, фармони

---

[1] мо аз Худоем ва ба сӯйи ӯ бозмегардем (сураи Бақара, ояи 156).

[2] мавҳибат – ато, бахшиш, эҳсон.

[3] кисаи чармӣ.

[4] омода шуд.

[5] чунонки дида мешавад, либоси мотам сафед будааст, чун рамзу либоси Аббосиён сиёҳ буд.

[6] як навъи табл дар замони қадим.

дигаре ҳаст?» Амир гуфт: «Бибояд гуфт, то раъийят оҳиста фурӯ нишинад ва ҳар гуруҳе ба ҷойи хеш бошанд ва андешаи хоза ва колойи хеш медоранд ва ҳеч кас чизе изҳор накунад аз бозию ромиш, то мо бигзарем, чунонки як овоз шунуда наёяд. Он гоҳ, ки мо бигзаштем, кор эшонрост, он чӣ хоҳанд кунанд, ки мо чун намоз бикардем, аз он ҷониби шористон ба боғ боз равем». Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва бозгашту ин мисол бидод ва сиёҳпӯшон баромаданду ҳуҷҷати тамом гирифтанд.

Ва Амир ҷоштгоҳи фарох барнишасту чаҳор ҳазор ғулом бар он зинат, ки пеш аз ин ёд кардам, рӯзи пеш омадани расул пиёда дар пеш рафт ва солор Багтуғдӣ дар қафои эшон ва ғуломони хосс бар асару аломати Султон ва мартабадорону ҳоҷибон дар пеш ва ҳоҷиби бузург Билготагин дар қафойи эшон ва бар асари Султон Хоҷаи Бузург бо хоҷагону аъёни даргоҳ ва бар асари вай Хоҷа Алии Микойил ва қузоту фуқаҳо ва уламову аъёни Балх ва расули халифа бо эшон дар ин кавкаба бар дасти рости Алии Микойил. Амир бар ин тартиб ба масҷиди ҷомеъ омад сахт оҳиста, чунонки ба ҷуз микраъа[1] ва бардобарди[2] мартабадорон ҳеч овози дигар шунуда наёмад. Чун ба масҷид фуруд омад, дар зери минбар бинишаст ва минбар аз сар то пой дар дебои зарбафт гирифта буданд. Хоҷаи Бузург ва аъёни даргоҳ бинишастанд. Ва Алии Микойил ва расули халифа дуртар бинишастанд ва расми хутбаро ва намозро хатиб ба ҷой овард. Чун фориғ шуд ва биёромиданд, хозинони султонӣ биёмаданд ва даҳ ҳазор динор дар панҷ кисаи ҳарир дар пойи минбар биниҳоданд нисори халифаро ва бар асари он нисорҳо овардан гирифтанд аз они худовандзодагон[3] амирону фарзандон ва Хоҷаи Бузург ва Ҳоҷиби Бузург. Пас аз они дигарон; ва овоз медоданд, ки нисори фулону нисори фулонӣ ва мениҳоданд, то бисёр зару сим биниҳоданд. Чун сипарӣ шуд, Амир бархосту барнишаст ва ба пойи шористон фурӯ рафт бо ғуломону ҳашам ва қавми даргоҳ сӯйи Боғи Бузург ва Хоҷаи Бузург бо вай бирафт. Ва хозинону дабирони хазина ва муставфиён нисорҳоро ба хизона бурданд аз роҳи бозор. Ва Хоҷа Алии Микойил барнишасту расулро бо худ бурд ва ба растаи бозор баромаданд ва мардуми Балх бисёр шодӣ карданду бисёр дираму динор ва тароиф ва ҳар чиз барафшонданд ва то наздики намози шом рӯзгор гирифт[4], то он гоҳ,

---

[1] микраъа ба маънии тозиёна. Ҳангоми ҳаракат кардани подшоҳ микраъа мезаданд.

[2] бардобард – нидоест, ки ҳангоми ҳаракати шоҳ нигаҳбонони вай баланд сар медоданд ба маънои «дур шавед».

[3] шоҳзодагон.

[4] вақт сарф шуд.

ки ба Дари Абдулаъло расиданд. Пас Алӣ аз роҳе дигар бозгашт ва расулро бо он кавкаба ба саройи хеш бурд ва такаллуфе бузург сохта буданд. Нон бихӯрданд ва Алӣ дандонмузде[1] басазо дод расулро ва он наздики Амир ба мавқеъе сахт некӯ уфтод.

Ва дигар рӯз Амир мисол дод Хоҷа Бунасри Мушконро, то наздики Хоҷаи Бузург равад, то тадбири аҳд бастани халифа ва бозгардонидани расул пеш гирифта ояд. Бунаср ба девони вазорат рафт ва холӣ карданд ва расулро он ҷо хонданд ва бисёр сухан рафт, то он чӣ ниҳоданӣ[2] буд, биниҳоданд, ки Амир бар нусхате, ки оварда омадааст аҳд бандад бар он шарт, ки чун ба Бағдод боз расад, амирулмуъминин маншури тоза фиристад, чунонки Хуросону Хоразму Нимрӯзу Зобулистон ва ҷумлаи Ҳинду Синд ва Чағониёну Хатлону Қубодиёну Тирмиз ва Қусдору Макрону Волиштону Кайконону Рай ва Ҷиболу Сипоҳон ҷумла то ақабаи[3] Ҳулвон ва Гургону Табаристон дар он бошад. Ва бо хонони Туркистон мукотабат накунанду эшонро ҳеч лақаб арзонӣ надоранд ва хилъат нафиристанд бевоситаи ин хонадон, чунонки ба рӯзгори гузашта буд, ки халифаи гузашта Ал-Қодирбилоҳ, разияллоҳу анҳу, ниҳода буд бо Султони мозӣ, тағаммадуҳуллоҳу бираҳматиҳи[4] ва вай, ки Сулаймонӣ аст, биёяд бад-ин кор ва бо вай хилъате бошад аз ҳусни раъйи амирулмуъминин, ки монанди он ба ҳеч рӯзгор касро набудааст ва дастуре диҳад, то аз ҷониби Систон қасди Кирмон карда ояд ва аз ҷониби Макрон қасди Уммону қароматаро[5] барандохта шавад ва лашкаре беандоза ҷамъ шудааст ва ба зиёдати вилоят ҳоҷат аст ва лашкарро ночор кор бояд кард. Агар ҳурмати даргоҳи хилофатро набудӣ, ночор қасди Бағдод карда омадӣ, то роҳи ҳаҷҷ гушода шудӣ, ки моро падар ба Рай ин корро монд ва чун вай гузашта шуд, агар моро ҳоҷатманд накардандӣ сӯйи Хуросон бозгаштан ба зарурат, имрӯз ба Миср ё Шом будемӣ. Ва моро фарзандони корӣ даррасиданд ва дигар мерасанд ва эшонро кор мебояд фармуд. Ва бо Оли Бӯя дӯстӣ аст ва озори эшон ҷуста наёяд, аммо бояд, ки эшон бедортар бошанду ҷоҳи ҳазрати хилофатро ба ҷойи хеш боз баранд[6] ва роҳи ҳаҷҷро гушода кунанд, ки мардуми

---

[1] дандонмузд – моли пешкашие, ки ба касе дода мешуд. Рамзист, аз он, ки ба фарз чун шумо дандон ба хӯрдани нони мо ба карам ранҷа кардаед, чунин подоше ба шумо дода мешавад.

[2] қарордод.

[3] гардана, ағба.

[4] Худованд ӯро ба раҳмати Хеш бипӯшонад!

[5] қарматиҳо – пайравони Ҳамдони Қармат, яке аз фирқаҳое, ки дар асрҳои миёна нуфузи зиёд дошт.

[6] яъне, бузургӣ ва манзилати ҷаноби хилофатро ба дараҷае, ки пештар буд, баргардонанд.

вилоятро фармуда омадааст, то кори ҳач рост кунанд, чунонки бо салоре аз они мо бираванд. Ва мо инак, ҳуҷҷат гирифтем[1] ва агар дар ин боб чаҳде наравад, мо чидд фармоем, ки Эзид, азза зикруҳу, моро аз ин бипурсад, ки ҳам ҳашматаст чониби моро ва ҳам уддату олати тамом ва лашкари беандоза.

Расул гуфт: «Ин сухан ҳама ҳаққ аст, тазкирае бояд набишт, то маро ҳуҷҷат бошад». Гуфтанд: «Нек омад!» Ва вайро бозгардониданд. Ва ҳар чӣ рафта буд, Бунаср бо Амир гуфт ва сахт хушаш омад ва рӯзи панҷшанбе, нимаи муҳарам[2] қузоту аъёни Балху содотро бихонданд ва чун бор бигусаст, эшонро пеш оварданд ва Алии Микойил низ биёмад ва расулдор расулро биёвард ва Хоҷаи Бузургу оризу Бунасри Мушкон ва ҳоҷиби бузург Билготагину ҳоҷиб Багтуғдӣ ҳозир буданд. Нахуст байъату савгандномаро устоди ман ба порсӣ карда буд, тарҷумае рост чун дебои румӣ, ҳама шароитро нигоҳ дошта, ба расул арз кард ва тозӣ бад-ӯ дод, то менигаристу ба овозе баланд бихонд, чунонки ҳозирон бишнуданд. Расул гуфт: «Айну-л-лоҳи ало шайхи[3], баробар аст бо тозӣ ва ҳеч фурӯ гузошта наёмадааст ва ҳамчунин бо амирулмуъминин атола-л-лоҳу бақоаҳу бигӯям». Бунаср нусхати тозӣ ба тамомӣ бихонд. Амир гуфт: «Шунудам ва чумлаи онро муқаррар гашт, нусхати порсӣ маро деҳ!» Бунаср бад-ӯ боз дод ва Амир Масъуд хондан гирифт, аз подшоҳони ин хонадон, разияллоҳу анҳу, надидам касе порсӣ чунон хондию набиштӣ, ки вай. Нусхати аҳдро[4] то охир бар забон ронд, чунонки ҳеч қатъ нагардид ва пас давоти хосса пеш оварданду дар зери он ба хатти хеш тозӣ ва порсии аҳд, он чӣ аз Бағдод оварда буданд ва он чӣ устодам тарҷума карда буд, набишт. Ва дигар давот оварда буданд аз девони рисолат, бинҳоданд ва Хоҷаи Бузургу ҳозирон хаттҳои хеш дар маънии шаҳодат набиштанд ва солор Багтуғдиро хат набуд[5], Бунаср аз чиҳати вай набишту расулу қавми балхиёнро бозгардониданд. Ва ҳоҷибон низ бозгаштанд ва Амир монду ин се тан. Хоҷаро гуфт Амир, ки расулро боз бояд гардонид. Гуфт: «Ночор Бунаср нома нависад ва тазкираву пайғомҳо ва ба раъйи олӣ арза кунад ва хилъату силати расул бидиҳад ва он чӣ расм аст, ҳазрати хилофатро бад-ӯ супорад, то биравад». Амир гуфт:

---

[1] ҳуҷҷатро бар шумо тамом кардем.
[2] баробар бо 2 январи соли 1032-и милодӣ
[3] тарҷ: чашми ҳифзу инояти Худованд ёри Хоҷа (Бунасри Мушкон) бод!
[4] аҳднома.
[5] яъне навиштан наметавонист.

«Халифаро чӣ бояд фиристод?» Аҳмад гуфт:«Бист ҳазор ман нил[1] расм рафтааст хоссаро[2] ва панҷ ҳазор ман ҳошияти[3] даргоҳро ва нисори батамомӣ, ки рӯзи хутба карданд ва ба хизонаи маъмур аст. Ва худованд зиёдат дигар чӣ фармояд, аз ҷомаву ҷавоҳиру атр ва расулро маълум аст, ки чӣ диҳанд. Ва дар ахбори Амри Лайс хондаам, ки чун бародараш Яъқуб ба Аҳвоз гузашта шуд ва халифа Муътамид аз вай озурда буд, ки ҷанг рафт буд ва бизадандаш, Аҳмад ибни Аби-л Асбаҳ ба расулӣ наздики Амр омад – бародари Яъқуб ва Амрро ваъда карданд, ки бозгардад ва ба Нишобур бибошад, то маншуру аҳду ливо он ҷо бад-ӯ расад. Амр расулро сад ҳазор дирам дод дарҳол ва бозгардонид, аммо расул чун ба Нишобур омад бо ду ходим ва ду хилъату каромату ливову аҳд оварданд, ҳафтсад ҳазор дирам дар кори эшон бишуд. Ва ин Сулаймонӣ ба расулию шуғле бузург омадааст, хилъате басазо бояд ӯро ва сад ҳазор дирам силат. Он гоҳ чун бозояд ва он чӣ хостаем, биёрад, он чӣ раъйи олӣ бинад, бидиҳад».

Амир гуфт: «Сахт савоб омад!» ва зиёдати халифаро бар Хоҷа бардодан[4] гирифт ва вай менабишт: сад пора ҷома ҳама қиматӣ аз ҳар дасте, аз он даҳ базар[5]. Ва панҷоҳ нофаи мушк ва сад шамома[6] кофур ва дувист мил шораи[7] бағоят некӯтар аз қасаб[8] ва панҷоҳ теғи[9] қимматии ҳиндӣ ва ҷоми заррин аз ҳазор мисқол пурмарворид ва даҳ пора ёқуту бист пора лаъли бадхашии бағоят некӯ ва даҳ асби хуросонии хатлӣ[10] ба ҷуллу[11] бурқаъи[12] дебо ва панҷ ғулом турки қиматӣ. Чун набишта омад, Амир гуфт: «Ин ҳама рост бояд кард». Хоҷа гуфт: «Нек омад». Ва бозгашт ва ба торами девони рисолат бинишаст ва хозинонро бихонданду мисолҳо бидоданду бозгаштанд. Ва ин ҳама хозинон рост карданд ва Амир бидиду биписандид. Ва устодам, Хоҷа Бунаср, нусхати нома бикард некӯ бағоят, чунонки ӯ донист кард, ки имоми рӯзгор буд дар дабирӣ. Ва

---

[1] нил – ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ, ки аз фушурдаи гиёҳи нил ҳосил мешавад ва онро ранги нилобӣ ҳам меноманд; дар наққошӣ ба кор бурда мешавад.

[2] манзур аз хосса саҳмест, ки султон ба халифа ҳадя мефиристад.

[3] ҳошия – атрофиён.

[4] баршумурдан.

[5] зарбофт.

[6] шамома бӯйи хуш; зарфе аз хушбуйиҳо, ки дар даст гиранду бӯянд.

[7] порчаи рангин ва нозук.

[8] порчаи зариф, ки аз катон ё абрешим мебофтанд.

[9] шамшер.

[10] мансуб ба Хатлон, ки асбҳои ин музофот дар он даврахо маъруф буданд.

[11] пӯшиши чаҳорпоён.

[12] суратпӯш.

онро таҳрир ман кардам, ки Булфазлам, ки номаҳои ҳазрати хилофат ва аз они хонони Туркистон ва мулуки атроф ҳама ба хатти ман рафтӣ. Ва ҳама нусхатҳо ман доштам ва ба қасд ночиз карданд ва дареғову бисёр бор дареғо, ки он равзаҳои ризвонӣ бар ҷой нест, ки ин таърих бад-он чизе нодир шудӣ ва навмед нестам аз фазли Эзид, азза зикруҳу, ки он ба ман бозрасад, то ҳама набишта ояд ва мардумонро ҳоли ин садри бузург[1] маълумтар шавад ва мо золика алалл-лоҳи би-азиз[2]. Ва тазкирае[3] набишта омад ва Хоҷа Бунаср бар вазир арза кард ва он гоҳ ҳар дуро тарҷума кард ба порсӣ ва тозӣ ба маҷлиси султон ҳар ду бихонду сахт писанд омад.

Ва рӯзи сешанбе, бистуми муҳаррам[4] расулро биёваранд ва хилъате доданд сахт фохир, чунонки фуқаҳоро[5] диҳанд: сохти зар, понсад мисқол ва астареву ду асб ва бозгардониданд ва бар асари ӯ он чӣ ба номи халифа буд, ба назди ӯ бурданд ва сад ҳазор дирам силат мар расулро ва бист ҷомаи қиматӣ ва Хоҷаи Бузург аз ҷиҳати худ расулро астаре фиристод ба ҷуллу бурқаъ ва понсад динору даҳ пора ҷома ва устодам Хоҷа Бунаср ҷавоби нома наздики вай фиристод бар дасти расулдор ва расул аз Балх рафт рӯзи панҷшанбе, бисту дувуми муҳаррам ва панҷ қосид бо вай фиристоданд, чунонки якон-яконро мебозгардонд бо ахборе, ки тоза мегардад ва ду танро аз Бағдод бозгардонд ба зикри он чӣ равад ва карда ояд. Ва дар ҷумлаи раҷулону[6] қавдкашон[7] марде мунҳиро[8] пӯшида фиристоданд, ки бар дасти ин қосидон, қалилу касир ҳар чӣ равад, боз намоянд[9]. Ва Амир Масъуд дар ин боб ояте буд, биёрам чанд ҷой он чӣ ӯ фармуд дар чунин корҳо ва номаҳо рафт ба аскудор[10] ба ҷумлаи вилоёт, ки бар роҳи расул буд, то вайро истиқболи басазо кунанд ва сахт некӯ бидорад, чунонки ба хушнудӣ равад.

---

[1] муроди Байҳақӣ аз «садри бузург» устодаш Абунасри Мушкон аст.

[2] ва он (пайдо шудани асноди гумшуда) бар Худованди бузург душвор нест (сураи Иброҳим, ояи 20)

[3] тазкира ба маънои ёдоварист, аммо дар ин ҷо ба маънои феҳристи ҳадяҳо мебошад.

[4] баробар бо 7 январи соли 1032-и милодӣ.

[5] фақеҳон.

[6] раҷулон ба маънии пиёда.

[7] қавдкаш – касе, ки асби ядакиро барад.

[8] мунҳӣ – расонандаи хабар ва пайғом, хабардиҳанда, воқеъанавис.

[9] яъне, ҳар иттифоқро гузориш диҳад.

[10] аскудор, асгудор, асгузор, ускудор, искдор – қосид, чопор, номабар; шояд мухаффафи аспгузор бошад; қосиде, ки дар ҳар манзил аспи худро бигузораду бар аспи тозанафаси дигар савор шавад ва ба таъҷил биравад. Дар рисолаи таҳиягари матн танҳо дар шакли искдор омадааст, ки танҳо яке аз шаклҳои навиштани ин вожа аст.

Чун аз ин қисса фориғ шудам, он чӣ ваъда карда будам, аз набиштани номаи халифа ва нусхати аҳд, вафо бояд кард.

Тарҷумаи номаи Қоим Биамри-л-лоҳ ба Султон Масъуд[1]

Ин навиштаест аз ҷониби бандаи Худо, зодаи бандаи Худо Абуҷаъфар Имом Қоим биамриллоҳ амирулмуъминин ба сӯйи ёридиҳандаи дини Худо ва нигаҳбони бандаҳои Ӯ ва интиқомкашанда аз душманони Ӯ ва пуштибони халифаи Ӯ Абусаъид, дӯстдори амири муъминон, фарзанди Низомуддин ва малҷои[2] ислому муслимин, бозуи давлату амини миллат Абулқосим, ёридиҳандаи амири муъминон. Ва тавқеъи[3] олӣ ин буд, ки: эътизоди[4] ман нест, илло ба Худо ва баъд аз он ба Султон Масъуд хитоб карда ва гуфта, ки саломун алайка. Ба дурустӣ, ки амири муъминон сипосгузор аст он Худоеро, ки сазовори парастиш ва худое ҷуз Ӯ нест ва дархост мекунад аз Ӯ омурзишу раҳмат. Муҳаммад, ки фиристодаи Ӯст ва ҳол он ки омурзида аст ӯро ва Олу асҳоби ӯро.

Аммо баъд; некӯ нигаҳбонӣ ва ҳиросат кунад Худованди таъоло туро ва бархурдор гардонад амири муъминонро аз туву аз он неъмати бузург ва атийяи вофиру мавҳибати нафис[5], ки туро дода, ҳаргиз маҳрум нагардонад туро аз он. Ва ҳамду сипос мар Худойро, ки қоҳир аст ба бузургии Худ ва қодир аст ба азизии худ ва доиму қадим ва азизу раҳим ва ҳокиму чаббору шоҳиду мутакаббир ва соҳиби неъмату бузургию азамату ҳусну подшоҳист. Зиндае, ки ҳаргиз намирад, шикофандаи субҳҳо ва бозгирандаи руҳҳо, ки оҷиз намекунад Ӯро ҳеч душворӣ ва мафарру[6] гурезгоҳ нест ҳеҷ аҳадеро аз қазои Ӯ ва дарнамеёбад Ӯро ҳеч чашм ва пай дар пай дар намеояд бар Ӯ шабу рӯз, он ки гардонида аст ҳар мудатеро навиштае[7] ва ҳар кореро даре ва ҳар даромадеро сабаби даромаде. Ва ҳар зиндаеро замоне тақдир карда ва Ӯст ҳисобгиранда аз нафсҳои мардум, хоҳ он ки мурданист ва хоҳ он ки намурда аст дар хобгоҳ; пас он ки мурданист мемиронад ва он дигарро мегузорад, то вақти мавъуд даррасад ва дар ин аломатҳову нишониҳост аз барои ҷамъе, ки аҳли фикру андешаанд. Он ягона ба Худоӣ ва Он фармондиҳанда бар ҳамаи халқ ба муддати маълума аз барои он, ки он чӣ лоиқ аст аз Ӯ

---

[1] дар бештари нашрҳои асари Байҳақӣ ин тарҷумаро асил намедонанд ва илҳоқӣ меҳисобанд. Забони баёну фасоҳати он низ сахт мелангад.

[2] паноҳгоҳ, пушту паноҳ.

[3] муҳри подшоҳӣ, фармони бо муҳр, ҳукм; дастахат.

[4] ёрӣ хостан.

[5] мавҳибат – ато, бахшишу эҳсон.

[6] мафарр – паноҳгоҳ.

[7] навишта: сарнавишт.

дар боби халқ ба зуҳур ояд ва адолат дар қазия пайдо гардад ва аз ин ҳукм берун нест ҳеч кас – на малики муқарраб ва на набийи мурсал ва на баргузидае бавоситаи баргузидагӣ ва на дӯсте ба ҷиҳати дӯстӣ, чӣ Худой, азза ва ҷалла, фармуд, ки ҷамиъи умматро муддатест маълума. Ҳамин ки он мерасад, пешу пас намебошад ва низ фармуд, ки мо вориси Заминем ва он чӣ бар рӯйи замин ҳаст ва бозгашти аҳли рӯйи Замин ба мост. Ва сипос мар Худоеро, ки баргузид Муҳаммадро, ки салавот бод бар ӯву бар олаш ва салом аз фозилтари Қурайш аз рӯйи ҳасабу каримтар аз рӯйи асолати насабу шарифтари Қурайш аз рӯйи асл ва поктари Қурайш аз рӯйи фаръ ва барангехт ӯро дар ҳолате, ки буд чароғи нурдеҳ ва башорат-диҳандаву тарсонандаву ҳидояткунанда ва ҳидоятёбанда ва фиристодае, ки Худованд аз ӯ хушнуд буд ва доъийи[1] мардум буд ба сӯйи Ӯ ва мехонд мардумро ба сӯйи Ӯ ва ҳуҷҷати Худо буд пеши Ӯ, то битарсонад ситамгоронро ва башорат диҳад некӯкоронро. Пас ба ҷой овард рисолатрову адо кард амонатро ва насиҳат намуд умматрову ҷиҳод кард дар роҳи Худо, ки Парвардгораш буд ва ибодат кард то замоне, ки аҷали мавъудаш расид ва омурзиш кунад Худо ӯро ва салом фиристодаш ва шарофат бахшод ва каромат диҳад ва бузург гардонид. Ва сипос мар Худоро, ки баргузид амирулмуъмининро аз аҳли ин миллат, ки баланд шуд ниҳолашу қарор гирифт асосаш ва муҳкам шуд бехаш ва русух пайдо кард бунёдаш ва ороста шуд аслашу маҳфуз монд фаръаш ва барчид ӯро аз миёни уммате, ки шарорареза аст оташаш ва баргузид ӯро аз хулосаи хилофате, ки нуронист шаҳобаш ва ягона гардонид ӯро ба ахлоқи некӯ ва ҷудо гардонид ӯро ба таврҳои пок ва махсус сохт ӯро ба расмҳои баргузида, ки аз ҷумлаи воҷибтару беҳтар ва ҳақтару сазовортар аст; таслим шуд мар фармонҳои Худорову гардан ниҳод қазои Ӯро ва ризо додан ба сахтиҳову балоҳои Ӯ. Пас баҷой овард амирулмуъминин ҳама он чӣ аз ин қабил буд ва пайравӣ кард онҳоро ва ба ҷой овард ба равиши салафи солеҳи худ ва пайравӣ кард роҳи равшани эшонро ва амирулмуъминин дар неъмат ва роҳаттари забон[2] аст ба шукри илоҳӣ ва баробарӣ мекунад бо балияи аламрасон бо сабри бисёре, ки Худо ба ӯ додааст. Ва рӯбарӯ мешавад бо воқеъа ба он тариқ, ки ризо ба қазо медиҳад бар наҳҷе[3], ки ин хулқро Худои баландрутба ба ӯ арзонӣ доштааст ва дар ҳар ду ҳол қазои ҳаққ шукри холиқаш менамояд ва соҳибаш ва мебандад неъматро ба чизе, ки он неъматро собит созаду ва хушгувор

[1] даъваткунанда.
[2] фасеҳ.
[3] равиш, тарз, тариқ.

гардонад. Ва заъми[1] амирулмуъминин он аст, ки иноятӣ Худой дар ҳар ду сурат неъмат ва нақмат[2] ба ӯ бисёр аст ва далел бар ин, ки дар ҳар ду сурат маслаҳат аст, қавист, пас мазаррати ӯро соҳиби узр ба Парвардгори худ намесозад ва ҳол он, ки муътариф аст, дар сурати неъмат ба эҳсони Ӯ розӣ аст, дар сурати балия ба озмудани ӯ самараи ин эътирофу ризо он аст, ки иҳота кунад зиёдати фазли Худоро ва дарёбад мартабаи баланди савобро ва аз ҳеч рӯ фоидаро фоидарасон немедонад ва нафъро мутааллиқи хоҳиш намесозад, чӣ медонад, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ба истиҳқоқи касе ба фазли Худ неъмат мерасонад ва бар тибқи адолат қазо рондаву меронад. Ва андоза мегирад ашёро ба доноӣ ва тадбири ихтилофи он мекунад ба хости худ ва меронад онро ба машийяти[3] Худ ва танҳост дар мулку офаридагорӣ ва ҷорӣ месозад аҳволи халқро ба муқтазои фармони худ ва воҷиб карда бар ҳар як, ки гардан ниҳанд фармонҳои Ӯро ва розӣ шаванд ба кардаҳои Ӯ. Поко, муназзаҳ Парвардгоре, ки ситоиш карда намешавад дар сахтию шиддат ба ғайр аз Ӯ, муборако Худое, ки дар сахтию нармӣ аҳкоми Ӯ туҳматпазир нест ва ҳам Ӯ, азза ва ҷалла, фармуд, ки мо шуморо дар шарру хайр меозмоем ва руҷуъи шумо ба Мост.

Ва чун ба танҳоии худ нақл фармуд, имоми парҳезгори пок Қодир би-л-Лоҳро, ки раҳмат Эзидӣ бар ӯ бод, дар мурдагию зиндагӣ ва пок бод руҳаш дар бақову фано, аз дори фонӣ ба маконе, ки дар он ҷо халқро бузург месозад ва муаззаз[4] медорад дар ҳине, ки мушарраф шуда буд ба аҷали зарурати хештан ва мулҳақ гардонид ӯро ба падарони ӯ, ки хулафои рошидин буданд, ки раҳматҳои Худо бар эшон бод, ба равише, ки лозим сохта буд бар ҳар зиндае, ки ӯро сохтаву пардохта ва ҳар махлуқе, ки ба дасти қудрат ӯро мухаммар[5] гардонид ва хуш омад амири муъминонро интиқоли он имом ба дори қарор[6], чиро, ки медонад, ки Худо иваз медихад ба ӯ ҳамсуҳбатии пайғамбарони некӯкорро ва мебахшад ба ӯ он чӣ омода кардааст ҷиҳати ӯ аз қисми роҳату каромат ва будан дар мақоми абадии безавол, лекин газанандагии сӯзишу алами ҳичрон бор овардааст ҷиҳати амирулмуъминин ҳузну тараҳҳуму таассуфу ҳамм[7], пас истода дар кашокаши амру наҳйи истирҷоъкунон[8], яъне

---

[1] пиндор, гумон.
[2] нақмат ё ниқмат – ҷазо, интиқом, қасос.
[3] ирода, хоҳиш.
[4] азиздошташуда, арҷманд.
[5] сиришташуда.
[6] охират.
[7] ҳамм (бо ҳавваз) – ғаму андӯҳ.
[8] бозгашт хостан, дар ин ҷо ба маънои хондан ояи инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун аст.

гуён, ки инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун[1] ва таслим карда мар он касро, ки амру хулқ аз Ӯст бозгарданда ва Ӯ касест, ки бар ӯ дар ҳукм ғалаба наметавон кард ва дар шикасту баст бо Ӯ гуфтугӯву баробарӣ наметавон намуд ва аз ӯ хоҳиш мекунад ҳар ки дар осмонҳову заминҳост ва ҳар рӯз ӯро шаънест, ғайри шаъни собиқ ва лоҳақ[2]. Пас паноҳ бурд амирулмуъминин дунболи ин ҳодисаи аламрасон ва воқеъае, ки соя андохт ба он чӣ Худо онро аз ӯ хостааст ва онро бар ӯ воҷиб гардонид ва фурӯтанӣ намуду истирҷоъ кард баъд аз он, ки ғуссаву навҳа бар ӯ муставлӣ шуда буд ва гуфт: «Инно ли-л-лоҳи ва инно илайҳи роҷиъун». Ва Худоро аз ҷиҳати худ бас донист ва сабр карду розӣ шуд ва шукр намуд баъд аз он, ки илоҷ кард сахтиҳои сарбастарову дафъ кард воқеъаҳои аламрасонандаро, чӣ райъи имоми марҳум Қодирбиллоҳ, ки Худо аз вай розӣ бод ва пок гардонад руҳашро, ситорае буд дурахшида ва ҳилмаш кӯҳе буд сарбарафрошта, сахтпаймон буд дар дин, муҳкамазимат[3] буд дар пайравии Худои раббулъоламин. Раҳмат кунод Худо бар ӯ он тавр раҳмате, ки ба сабаби он раҳмат сокин гардонад ӯро дар ҷаннатҳои наъим ва роҳнамоӣ кунад ӯро ба сӯйи роҳи рост ва он покруҳро буд аз амалҳои некӯ ва хулқҳои писандида, он чӣ баланд созад ҳуҷати ӯро дар миёни имомони солеҳ ва растагор созад ҳуҷҷати ӯро дар ҳама оламҳо ба дурустӣ, ки Ӯ зоеъ намегардонад аҷри некӯкоронро. Ва чунон дид амирулмуъминин ба фитрати тез ва фитрати софи худ, ки бигрдонад хотири худро аз ҷазаъ[4] бар ин мусибатҳо ба сӯйи бозёфти аҷру савоб аз раббуларбоб ва бипайвандад рағбати худро ба Худованди таъоло, чӣ радди амонат, яъне имома ба бандаи худ кард ва ӯро барангехт пайи коре, ки ӯ барои он кофист ва дархост мекунад амирулмуъминин аз Худованди таъоло, ки соҳиби манзилат созад имоми пок Қодирбиллоҳро, ки омурзишу раҳмат бар ӯ бод ба сабаби он чӣ пеш аз худ фиристод аз кардаҳои хуб наздикгардонандаи ба Худо ва соҳиби мартаба гардонадаш ба сабаби он чӣ пештар назди ӯ фиристод, то он ки малоика мулоқот намояд бо он имом дар ҳолате, ки башорат диҳанд ӯро ба омурзиш ва восил гардонанд ба ӯ туҳфаҳои карамотро. Фармудааст Таборак ва Таъоло: «Пас башорат дод Парвардгор эшонро ба раҳмати худу омурзиш ва биҳшит, ки эшонро дар он сукуни абадӣ хоҳад буд, ба дурустӣ, ки аҷре, ки Худо ба бандагон медиҳад, бузург аст».

---

[1] тарҷ: Мо аз Худоем ва ба сӯйи Ӯ бозгардандагонем (сураи Бақара, ояи 156)

[2] собиқ ва лоҳаққ – пешгиранда ва мулҳақшаванда, гузашта ва оянда.

[3] муҳкамазимат – дорандаи иродаи устувор.

[4] зорӣ.

Ва иҷобат карду муҳайё шуд амирулмуъминин аз барои истодагӣ дар он коре, ки ба ӯ ҳавола намуд Худо ва бар ӯ воҷиб шуд ба муҷиби насс[1] аз имоми пок Қодирбиллоҳ, то ба ислоҳ орад халалрову ба пой дорад суннатҳоро ва фароҳам кунад он чӣ пароканда шудааст аз кор ва дарёбад сустирову рахнаро ва талофӣ кунад он чӣ ба ҳам расидааст аз гумроҳӣ ва адои ҳаққи Илоҳӣ кунад дар раъийяташ ва нигоҳ дорад он чӣ дар уҳдаи нигаҳбонии Ӯст аз кори халқи Худо. Пас нишаст дар маҷлиси омме ба ҳузури авлиёи давлат ва даъвату заъимону бузургон ва пинҳониҳову ошкорҳо ва аъёни қозиёну фақеҳону шаҳодатдиҳандаҳову уламову акобиру солеҳон ва рағбат изҳор намуданд дар он, ки амирулмуъминин имоми эшон бошад ва истодагӣ кунад ба ҳуқуқи Худо, ки дар эшон аст ва илтизом намуданд он чӣ Худо бар эшон воҷиб сохта аз тоати имом ва ба воситаи байъат дастҳои рост доданд, даст додане аз рӯйи ризову рағбат ва фармонбурдориву баракат ҷустан ва саъодат талабидан дар ҳолате, ки равшан гардонида буд Худованди таъоло ба сиратҳои эшонрову соф сохта буд хотирҳои он ҷамоатро ва ба роҳи росташон оварда буд ва роҳнамоияшон карда буд ба чанг задан дар чизе, ки ҳаргиз нагсалад ва кор бузург шуд ва шикаст. Пас сабоҳ кард ва ҳол он ки ҳар балое дафъ шуда буд ва ҳар сахтӣ ҷилои ватан карда буд ва ҳар парешонӣ ба ҳам омада ва ҳар маслаҳате намоёну пайдо. Ва амирулмуъминин ин навиштаро фиристод дар ҳолате, ки ҳама корҳо ӯро мустақим шуда буд ва ҳама корҳо бар тибқи тадбири ӯ мерафт ва ҷоҳи падарони рушдёфтаи худро ёфт ва бар ҷойи пешинагон роҳнамоёни худ ба истиқлол нишаст, пас дарёбад раҳмати Худо ҳама эшонро. Ва дар бим аст аз қаҳри Худо дар ниҳону ошкор ва зоҳиру ботин ва мегузинад ризои Ӯро дар ҳама он чӣ мекушояду мебанданд ва намехоҳаду мехоҳад ва мегирад ба даст ҳукми Худоро дар ҳар чӣ мефармояд ва наздикӣ меҷӯяд ба Худо, ба он чӣ боиси наздикист ва муҷиби ризои Ӯ. Дар ҳолате, ки хоҳон аст чизеро, ки назди ӯст аз савоб ва тарсон аст аз бадии ҳисоб ва намегузинад ҳеч наздикеро бар наздики Ӯ ва таъхир намекунад бандагию парастишро аз истиҳқоқи зоте, ки ӯрост ҷиҳати парастиш намудан ва фикру тадбираш сарф намешавад, магар дар нигаҳбонии ҳавзаи ислому раъийят, то он ки ҳаққ биистад бар ҷойи худ ва баста шавад шикофҳову эйман гардад роҳҳо ва ширин шавад обҳо ва фурӯ нишонад чароғи ошубҳорову бимиронад оташи фитнаҳоро ва хароб кунад аломатҳои онро ва барандозад осори онро ва бидарронад пардаҳои онро ва ҷудо гардонад дунболравҳои онро ва дармехоҳад

[1] насс – сухани сареҳу возеҳ; оёти Қуръон; дар калом он аст, ки ҷуз эҳтимоли як маънӣ дар он наравад ва таъвил дар он ҷоиз набошад.

аз Худо мададгорӣ дар он чӣ ӯро бар он водошта ва роҳнамояш дар он чӣ талаби риоят карда аз ӯ ва он, ки мададгори ӯ бошад дар ҳама корҳош ва муваффақ гардонад ӯро дар азиматҳояш. Пас дароз кун, ай Султон Масъуд, ки Худо маро ба ту бархурдор гардонад ба баракати Худо ва некӯийи тавфиқаш ба байъати амирулмуъминин, дасти худро ва дароз кунад ба байъати ҳар ки дар суҳбати туст ва ҳар ки дар шаҳри туст, чиро ки ту он машъалаи давлатӣ аз барои амирулмуъминин, ки фурӯ наменишинад ва он роиди[1] давлатӣ, ки тангӣ намебинад ва он шамшери давлатӣ, ки кундию истодагӣ намедонад ва сулук кун бар тибқи сутудатари атвори[2] худ ва роҳнамояндатари ахлоқи худ ва некӯтари шимтаҳои[3] худ ва каримтари тарзҳои худ, дар риояти он чӣ мо онро дар назари ту зиннат додаем ва дар ҳифзу нигаҳбонии он. Ва бош аз барои раъийят падари мушфиқ ва модари меҳрубон, чиро ки амирулмуъминин туро нигаҳбони эшон карда, сиёсати эшонро ба ту ҳавола карда ва туро ҷиҳати ҳокимии эшон хоста. Ва бигир аз нафси худ паймон ба он қасаме, ки фиристода шудааст ба сӯйи ту ба ҳамроҳии оварандаи ин навишта ва онро бар ҳамаи мардуми худ арз кун дар ҳузури амини амирулмуъминин Муҳамад ибни Муҳаммади Сулаймонӣ, то он ки ҳуҷҷати Худо ва ҳуҷҷати амирулмуъминин бар туву бар қавми ту собит бошад ва вафо намудан ба он воҷибу лозим. Ва бидон, ки манзилати ту назди амирулмуъминин манзилати ростгӯйи амин аст, на гумонзанандаи туҳматнок[4], чиро ки амри ҳукуматро ба ту супурд ва пуштгарм шуд ба ту, чӣ медонад, ки ту хоҳӣ ба он роҳ рафт, ки соҳибони ихлос мераванд ва ту хоҳӣ буд аз растагорон чӣ ба дурустӣ, ки саъодат бо ин ёр аст ва баракат дар ин пур аст ва ҳама некӯӣ туро ба сабаби ин бисёр аст ва аз барои ту дар ин тамом асту доим. Ва собит соз назди омму хосс, ки амирулмуъминин фурӯгузошт намекунад маслаҳати хилофатро ва во намегузорад риъояти онро ва дар ин маънӣ ҳукми Худои раббилъоламин ба ҷой оварда, чӣ фармуда ӯ, ки ростгуфтортарин гӯяндаҳост, ки он ҷамоате, ки мо дар рӯйи замин соҳиби тамкин сохтем эшонро, намоз барпо доштанду закотро доданд ва ба маъруф ҳукм карданду аз мункар боздоштанд ва Худорост оқибат ҳама чиз.

Ин аст набиштаи амирулмуъминин ва гуфтугӯи ӯ бо ту, ки некӯ гардонад Худо бархурдории моро ба ту ва пайваста гардонад

---

[1] роид (бо ҳамза) касест, ки ба ҷиҳати қавм ҷарогоҳи хуррам ва чашмасор биҷӯяд ва ба сӯй мардумро роҳ намояд ва масале роиҷ аст, ки «роид ба аҳли хеш дурӯғ намегуяд.»

[2] атвор – ҷамъи тавр; расмҳову равишҳо.

[3] шима ё шимат – хулқу хӯй, табиат, одат.

[4] туҳматхӯрда, бадномгашта.

навиштаи туро дар ҳамаи аҳвол ба мо. Пас мулоқот кун навиштаро бо он тариқ, ки таъзим кунӣ онро ва бузург дорӣ қадри онро ва бар ҳамаи халқ мазмуни онро зоҳир соз, то фош шавад ва ҳама ҷо гуфта шавад ва камол ёбаду хушҳолӣ ва роҳат дар миёни мардуму дилҳои эшон қарор гирад ба он чӣ Худо ба-д эшон иноят карда аз меҳрубонии амирулмуъминин нисбат ба эшон ва нигоҳ кардан ба эшон аз рӯйи марҳамат. Ва барпой дор даъвати мардумро ба сӯйи амирулмуъминин дар минбарҳои мамлакати худ дар ҳолате, ки бишнавонӣ ба эшон даъватро ва ифода кунӣ ва ибдоъ[1] кунӣ ва иъода[2] намоӣ ва шитоб кунӣ дар ирсоли ҷавоби ин набишта ба сӯйи амирулмуъминин бо он, ки ихтиёр кунӣ он чӣ аз ӯ дар он аст, чиро ки муштоқ асту хоҳон.

Ва воқиф гардон ӯро ба дурустии ихтиёр карданат дар он чӣ хостаӣ онро ва савоби будан ба он чӣ ирода кардаӣ ва онро ба ҷой овардаӣ ва мустақим будани худро ба сутудатари равишҳо дар тоати ӯ ва некӯтари таврҳо дар пайравии ӯ чӣ ба дурустӣ, ки амирулмуъминин ҷуёи ин аст ва хоҳон асту умедвор аст ва мутаваққеъ аст иншоаллоҳ. Ва салом бар ту бод ва раҳмату баракатҳои Эзидӣ ва баракати бандааш амирулмуъминин бар ту бод ва ба он неъмати бузург ва атийяи[3] калон ва бахшиши нафис, ки ту дорӣ ва назди ту ҳаст ва маҳрум нагардонад туро аз он неъмат ва дуруди Худо бар Муҳаммад ва ҳамаи олаш бод ва бас аст моро Худо ба танҳоӣ.

Тарҷумаи байъати Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу

Байъат кардам ба саййиди худ ва мавлои худ Абдуллоҳ зодаи Абдуллоҳ Абуҷаъфар Имом Қоим биамриллоҳ амирулмуъминин, байъати фармонбурдорӣ ва пайрав будан ва розӣ будану ихтиёр доштан аз рӯйи эътиқод ва аз таҳи дил ба ростии нияту ихлоси дарунӣ ва мувофақат ва эътиқоду саботи хоҳиш дар ҳолате, ки ба ҳоли худ будам ва касе маро бар ин кор во надошта буд ва соҳибихтиёр будам ва касе ба зӯр бар ин корам надошта буд, балки иқрор доштам ба фазли ӯ ва ҷазм доштам ба он, ки имомат ҳаққи ӯст ва эътироф доштам ба баракати ӯ ва эътимод доштам ба хубию меҳрубонию манфаъати ӯ ва илм доштам ба он, ки ӯ доност ба маслаҳатҳои касе, ки дар байъати ӯст аз хоссу ом ва ҳамчунин доност ба масолеҳи ҷамъ сохтани парогандагию оқибати кор ва сокин сохтану фурӯ нишондани балийя[4], душвору азиз доштани

[1] ибдоъ – чизи нав ва тоза пайдо кардан, эҷод кардан, ба вуҷуд овардан.
[2] иъода бозгашт, рафъат, руҷуъ, бозгуфтан, дубора гуфтан.
[3] атийя – бахшиш, ато тӯҳфа, ҳадя.
[4] офат вабало.

дӯстону барондохтани бединон ва бар хок молидан бинии муъонидон бар он ки саййиди мо ва соҳиби мо Имом Қоим биамриллоҳ амирулмуъминин бандаи Худост ва халифаи Ӯст, ки воҷиб аст бар ман фармонбарии ӯ ва насиҳат кардани ӯ ва ҳамчунин воҷиб аст бар ҳамаи уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ, имомати ӯву вилояти ӯ ва бар ҳама кас лозим аст истодан ба ҳаққи ӯ ва вафо намудан ба аҳди ӯ ва дар ин ҳеч шакк надораму райб надорам; ва фурӯгузошт намекунам дар боби ӯ ва ба ғайри ӯ моил намешавам; ва бар он, ки ман дӯст бошам дӯстдорони ӯро ва душман бошам душманони ӯро аз хоссу омму наздику дур ва ҳозиру ғойиб; ва чанг дарзадаам дар байъати ӯ ба вафои аҳду барӣ сохтани зимма[1] аз ақд; даруни ман дар ин якест бо берунам ва ботинам якест бо зоҳирам. Ва бар он, ки ба фармонбарӣ оварда маро ин байъат, ки ҷо карда дар даруни ман ва ин иродате, ки лозим шуда дар гардани ман нисбат ба саййиди мо ва соҳиби мо Имом Қойим биамриллоҳ амирулмуъминин, аз рӯйи саломати нийяту истиқомату истимрори ҳаводорӣ ва раъй дар ин боб ва бар он, ки саъй накунам дар шикасти ҳеч чиз аз он чӣ байъат бар он тааллуқ гирифта ва таъвил накунам ва қасди ман ба маззарати[2] ӯ тааллуқ нагирад дар нармию сахтӣ ва насиҳат боз нагирам аз ӯ дар ҳеч ҷой, хоҳ наздик бошам ва хоҳ дур ва ҳаргиз нийяти ман холӣ нагардад аз дӯстии ӯ ва тағайюр роҳ надиҳам ба ҳеч чиз аз онҳо, ки вақти байъати мазкур шуда ва барнагардам аз он ҳаргиз. Ва пушаймон нашавам ҳеч вақт ва нийят ва дуруни худро олуда ба зидди ин гуфта нагардонам ва хилофи ӯ раво надорам дар ҳеч ҳолу ҳеч вақт. Ва коре накунам, ки инро ба фасод оварад ва ҳамчунин бар ман аст мар куттобу ходимону ҳоҷибон ва ҷамиъи тавобеъу[3] лавоҳиқи[4] ӯро мисли ин байъат дар илтизом ба шуруту[5] вафо ба уҳуд.

Ва бо ин ҳама қасам мехӯрам, дар ҳолати ризо, на дар вақти икроҳ ва дар ҳини амн, на дар замони хавф, қасаме, ки Худо бигирад маро бо он қасам рӯзе, ки арз карда хоҳам шуд бар ӯ ва бозхост кунад ба дарёфти ҳаққ, ин рӯзе, ки баробараш хоҳам истод. Пас мегӯям: ба ҳаққи он Худое, ки нест ҷуз Ӯ худое ва Ӯст донои ошкору ниҳон ва меҳрубон асту бахшояндаи бузург аст ва ғолиби

---

[1] зимма – уҳда, вазифа, масъулият.

[2] зиён

[3] тавобеъ – ҷамъи зердастон.

[4] лавоҳиқ – ҷамъи лоҳиқа; лоҳиқа – чизи илҳоқшуда, ба охири чизе зам гардида, чизи вобаста, тобеъ.

[5] илтизом ба шурут : ӯҳдадорӣ гирифтан, бар асоси шартҳое ӯҳдадор шудан.

дарёбанда[1] аст ва қоҳири миронанда; ончунон Худое, ки доност бар он чӣ дар осмонҳо асту замин ва донистани Ӯ ояндаро, ҳамчун донистани Ӯст гузаштаро; ва ба ҳаққи асмои ҳуснои[2] Ӯ ва аломатҳои бузурги Ӯ ва калимоти томоти[3] Ӯ ва ба ҳаққи ҳар аҳде, ки Худо гирифтааст аз ҳама халқаш; ва ба ҳаққи Қуръони азим ва Он, ки онро фурӯ фиристода ва Он ки ба ӯ фиристода шуд ва ба ҳаққи Тавроту Инҷилу Забуру Фурқон; ва ба ҳаққи Муҳаммад, ки набийи баргузида аст ва ба ҳаққи аҳли байти ӯ, ки поконанд ва асҳоби ӯ, ки баргузидагонанд ва азвоҷи ӯ, ки покизагонанду модарони аҳли имон; ва ба ҳаққи фариштаҳои наздик ба Худо ва ба ҳаққи пайғамбароне, ки фиристода шудаанд ба сӯйи халқ, ки ин байъат, ки дасту дили ман онро бастаанд, байъати фармонбарист. Ва Худо, чунонки доност бар он, ки ман онро ба гардан гирифтаам ва доност бар он, ки ман вафо хоҳам карда бар ҳама он чӣ байъат ба он тааллуқ гирифтааст ва бар он, ки ман аз мададкории он соҳиби ихлосам ва дӯст дорам аҳли онро ва маъруз[4] медорам ин суханро ба хушии дил; ва мудоҳана[5] ва ҳилае нест ва айбу макр надорад, то вақте, ки бирасам ба Парвардгори худ дар ҳолате, ки вафо карда бошам ба аҳди худ дар байъат ва адо карда бошам амонатро бешакку бешикастани аҳду бетаъвил ва бешикастани қасам, чиро, ки муқаддар аст, ки онҳое, ки байъат мекунанд ба волиёни амр, дасти Худо болои дасти эшон аст. Пас ҳар ки байъатро мешиканад, бар нафси худ шикаста оварда ва ҳар ки вафо ба аҳд намуда аз Худо музди бисёр хоҳад ёфт.

Ва бар он, ки ин байъат, ки тавқи гардани ман аст ва даст барои он гушодаам ва ба ҷиҳати ақд даст бар даст задаам ва он чӣ шарт шуда бар ман аз ин байъат аз вафову дӯстию насиҳат ва пайравию фармонбарию ҳамроҳию ҷаҳду ҷидди аҳди Худост ва ба дурустӣ, ки аҳди Худо пурсида хоҳад шуд ва аҳдест, ки бар пайғамбарону фиристодаҳои Ӯ, ки бар эшон бод дуруд, гирифта шуда ва паймонест, ки бар ҳар як аз бандаҳои Худо баста шуда аз сахттарин паймонҳо ва бар он, ки чанг дарзанам ба он чӣ гирифта шудааст бар ман аз байъат ва онро нагардонаму пайравӣ кунам ва сар назанаму ихлос варзаму шакк наёраму бар як ҳол бошам ва нагардаму ба даст

---

[1] ғолиби дарёбанда – пирӯзу чира ва мададрасону раҳонанда; дарёбанда – аз дарёфтан; фарёдрас.

[2] асмои ҳусно – номҳои зебои Худованд; баргирифта аз як ояи қуръонӣ, ки дар он Худовандро соҳиби номҳои зебо медонад.

[3] калимоти томот – суханони комил.

[4] маъруз – арз кардашуда.

[5] мудоҳана – чоплӯсӣ, хушомадгӯйӣ;

гирам он чиро бо Худо паймон бастам бар он ба даст гирифтани аҳли тоат тоати худро ва аҳли ҳаққу вафо ҳаққу вафои худро.

Пас, агар бишканам ин байъатро ё чизеро аз он ё бигардонам шартеро аз шартҳои он, ё бишканам расмеро аз расмҳои он, ё бигардонам кореро аз корҳои он, ниҳон ё ошкоро ҳилакунанда ё таъвиловаранда, ё муаммогӯянда ё каффорадиҳанда, ё фурӯгузошт кунам ё вогузорам чизеро аз онҳо, ки бар нафси худ паймон гирифтаам аз аҳду мисоқи Илоҳӣ ба он тариқ, ки бозгардам аз роҳе, ки ба он роҳ меравад касе, ки забун намегирад амонатро ва ҳалол намедонад ғадру хиёнатро ва бознамедорад ӯро ҳеч чиз аз паймонҳои баста, имон наёвардаам ба Қуръони бузург ва ба он, ки ӯро фурӯ фиристода ва ба он чӣ ба ӯ фиристода ва ба он ки бар ӯ фиристода ва яксӯ шудам аз Худову расулаш ва Худову Расул аз ман як сӯ шуданд ва имон наёвардаам ба фариштаҳои Худо ва китобҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ ва Рӯзи Охир. Ва ҳарчизе, ки мулки ман аст дар вақти гӯёии ман ба ин савганд ё мулки ман шавад дар бозмондаи умрам аз зар ё варақ бо чавҳар, ё зарф ё пӯшиданӣ, ё фарш, ё матоъ, ё замину чой, ё боғ, ё чаранда, ё кишт, ё пистон, ё ғайри ин, аз ақсоми мулк, ки одат ба доштани он чорӣ бошад, хоҳ бузург, хоҳ ҳақир аз мулки ман берун аст ва тасдиқ аст бар мискинон дар роҳи Худо ва ҳаром аст бар ман он, ки баргардад ҳамаи он ё баъзе аз он ба мулкияти ман ба ҳилае аз ҳилаҳо, ё рӯе аз рӯйҳо, ё боисе аз боисҳо, ё таврияе[1] аз таврияҳо. Ва ҳар бандае, ки дар бандагии ман аст, хоҳ нару хоҳ мода, дар вақти гӯёийи ман ба ин қасам ё молики он хоҳам шуд, баъд аз ин ҳама озоданд дар роҳи Худо, ҳеч кадом ба бандагӣ бар намегарданд ва ҳар чорво[2], ки дорам аз асби наълӣ ва астару хару шутур ё он чӣ хоҳам дошт, раҳо карда шудааст ба сари худ дар роҳи Худо. Ва ҳар зане, ки дар ақди ман аст, ё баъд аз ин дар ақд хоҳад омад, муталлақа аст ба се талоқи боин[3], ки рачъат дар ӯ нагунчад ва дар ин, ки гуфтам, муаммо ва таъвил нест ба ҳеч мазҳаб аз мазоҳибе, ки истеъмол рухсат мекунад дар масали чунин ҳоле ва низ ҳар гоҳ бишканам шарте аз шароити ин байъатро ё ба чой орам хилофи яке аз ин қоидаҳои онро, ё муаммое дар он чо ба кор барам, ё каффора диҳам ё таъвил кунам ва ба забон гӯям, хилофи он чӣ дар дил аст, ё баробар набошад зоҳири гуфтаам бо ботини кирдорам, пас лозим бод бар ман зиёрати хонаи Худо, ки дар миёни Макка аст себор пиёда, на савора. Ва агар ба ин қасам, ки хӯрдаам, вафо

[1] таврия – пӯшонидани ҳақиқат, бар хилоф нишон додани амре.

[2] чаҳорпо.

[3] талоқи боин – талоқе, ки марду занро чудо кунад, дар мақобили талоқи рачъӣ.

накунам, пас қабул накунад ҳаргиз Худо аз ман тавбаву фидя[1] ва хор гардонад маро рӯзе, ки чашми ёрӣ аз Ӯ хоҳам дошт ва муҳтоҷ хоҳам буд ба мадади Ӯ ва маро бозгузорад ба қудрату қуввати худам ва дур гардонад аз ман ҳавлу қуввати Худро ва маҳрум гардонад маро аз офият дар дунё ва аз афв дар Охират. Ва ин қасам қасами ман аст ва ин байъати навишта байъати ман аст; қасам хӯрдаам ба он аз аввал то охири қасаме, ки эътиқод дорам ба он, ки ба ҷой орам онро ва он лозим аст бар гардани ман ва пайваста аст баъзе ба баъзе ва ният дар ҳама нияти саййиди мост Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Абуҷаъфар Имом Қоим Биамриллоҳ амирулмуъминин, дароз гардонад Худои Таъоло зиндагии ӯро ва бибахшад ӯро ҳаёте, ки вафо кунад ба кори дунёву дин ва умре, ки кифоят кунад маслаҳатҳоро ва фирӯзӣ бахшад рояти ӯро ва гиромӣ дорад хитоби ӯро ва баланд созад сухани ӯро бар вай, ба рӯй андозад душманони ӯро ва азиз дорад дӯстони ӯро ва гувоҳ мегирам Худованди Таъолоро бар нафси худ ба он чӣ навиштам ва гуфтам ва бас аст ӯ аз барои гувоҳӣ.

Зикри аҳволи Хоҷа Бусаҳл Муҳаммад ибни Ҳусайн Завзании ориз ва фурӯ гирифтани ӯ

Аз ин пеш дар ин муҷаллад биёвардаам, ки чун Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, аз Ғазнин қасди Балх кард, Бусаҳли Завзанӣ пеш, то аз Ғазнин ҳаракат кардем, вай фасоде карда буд дар боби Хоразмшоҳ Олтунтош ва тазрибе қавӣ ронда ва татмиъе[2] намуда ва бад-ин сабаб ӯро меҳнати бузург пеш омад. Қиссаи ин тазриб ба шарҳ бигӯяму боз намоям, ки сабаби фурӯ гирифтан ӯ чӣ буд. Аз Хоҷа Бунаср шунудам, ки Бусаҳл дар сари Султон ниҳода буд, ки «Хоразмшоҳ Олтунтош рост нест ва ӯро ба Шабурқон фурӯ мебоист гирифт. Чун бирафт, тир аз шаст ба дар рафт. Ва гарданоне[3] чун Алии Қарибу Арёруқу Ғозӣ ҳама баруфтоданд, Хоразмшоҳ Олтунтош мондааст, ки ҳашмату олату лашкаре дорад, агар ӯро барондохта ояд ва муътамаде аз ҷиҳати Худованд он ҷо нишонда ояд, подшоҳии бузург ва хизонаву лашкари бисёр барафзояд». Амир гуфт: «Тадбир чист, ки он ҷо лашкаре ва солоре муҳташам бояд, то ин кор бикунад». Бусаҳл гуфт: «Сахт осон аст, агар ин кор пинҳон монад. Худованд ба хатти хеш сӯйи Қоиди[4] Манҷуқ[5], ки меҳтари

---

[1] фидя – мол ё чизе, ки барои харидани ҷони худ, барои раҳоии худ ва ё касе аз қайд ё бандагӣ дода шавад.

[2] ба тамаъ андохтан.

[3] гарданон – гарданҳо; ҷамъи гардан, касоне, ки соҳиби қудрату шавкат буданд.

[4] қоид – пешво; аммо дар ин ҷо исми хосс аст.

[5] манҷуқ дар луғат ба маънии моҳичаи парчам аст, вале дар ин ҷо Қоиди Манҷуқ исми хосс аст.

лашкари куҷот[1] асту ҳазратӣ[2] ва ба Хоразм мебошаду ба хуни Хоразмшоҳ ташна аст, мулаттафае нависад, то вай тадбири куштану фурӯ гирифтани ӯ кунад. Ва он ҷо қариб се ҳазор савораи ҳашам аст, пайдост, ки Хоразмшоҳу ҳашами вай чанд бошанд, осон вайро бартавон андохт. Ва чун мулаттафа ба хатти Худованд бошад, эътимод кунанд ва ҳеч кас аз дабирон ва ҷуз он бар он воқиф нагардад».

Амир гуфт: «Сахт савоб аст, ориз туӣ, номи ҳар як нусхат кун». Ҳамчунон кард ва Султон ба хатти хеш мулаттафа набишт ва номи ҳар як аз ҳишамдорон бибурд бар маҳал[3] ва Бусаҳл андеша накард, ки ин пӯшида намонад ва Хоразмшоҳ аз даст бишавад ва дар бедориву ҳушёрӣ чун ӯ нест, бад-ин осонӣ ӯро барнатавон андохт ва оламе бишӯрад. Пас аз қазои Эзид, азза ва ҷалла, бибояд донист, ки Хуросон дар сари кори Хоразм шуд ва Хоҷа Аҳмади Абдуссаммад[4], кахудои Хоразмшоҳ, дар кордонию кифоят ёр надошт; ин ҳама ба ҷойи худ оварда шавад.

Хоҷа Бунасри устодам гуфт: «Чун ин мулаттафа ба хатти Султон гусел карданд, Амир бо Абдус он сирр бигуфт. Абдус дар маҷлиси шароб бо Булфатҳи Ҳотамӣ, ки соҳибсирри[5] вай буд, бигуфт ва миёни Абдусу Бусаҳл душманоягии[6] ҷонӣ буд ва гуфт, ки Бусаҳл ин давлати бузургро ба бод хоҳад дод. Булфатҳи Ҳотамӣ дигар рӯз бо Бумуҳаммади Масъадӣ – вакили дари Хоразмшоҳ бигуфт ба ҳукми дӯстӣ ва чизе некӯ бистад. Масъадӣ дар вақт ба муаммое[7], ки ниҳода буд, бо Хоҷа Аҳмади Абдуссамад ин ҳол башарҳ боз намуд. Ва Бусаҳл роҳи Хоразм фурӯ гирифта буд ва номаҳо мегирифтанду эҳтиёт ба ҷой меоварданд. Муаммои Масъадӣ бозоварданд, Султон ба Хоҷаи Бузург пайғом дод, ки вакили дари Хоразмшоҳро муаммо чиро бояд ниҳоду набишт? Бояд ки эҳтиёт кунӣ ва бипурсӣ. Масъадиро бихонданд ба девон ва ман он ҷо ҳозир будам, ки Бунасрам ва аз ҳоли муаммо пурсиданд. Ӯ гуфт: «Ман вакили дари муҳташамеам ва аҷреву мушоҳараву силате гарон

---

[1] куҷот – номи тоифае аз туркон.

[2] ҳазратӣ – лашкар ё касоне, ки ба Амир (ҳазрат) мансубанд.

[3] мақом, мансаб.

[4] Хоҷа Аҳмади Абдуссамад, Аҳмад ибни Муҳамад ибни Абдуссамади Шерозӣ. Байҳақи номи вайро дар чанд ҷой бо лақаби Хоҷаи Бузург ва Хоҷаи амид овардааст. Ӯ аз бузургону муҳташамони даврааи ғазнавӣ аст ва шоирони ин даврон ӯро мадҳ гуфтаанд. Аз он ҷумла Манучеҳрӣ, ки мегӯяд:

Бодом чун шубоне борад ба руз бод,
Чун кафи род Аҳмади Абдусамад бувад.

[5] роздор

[6] душманоя – оя дар ин ҷо ба маънои нишон; душманоягӣ нишон аз душманӣ.

[7] ба рамз

дорам ва бар он савганди муғаллаз[1] додаанд, ки он чӣ аз маслаҳати эшон бошад, зуд бознамоям. Ва худованд[2] донад, ки аз ман фасоде наояд ва Хоҷа Бунасрро ҳоли ман маълум аст ва чун муҳимме буд, ин муаммо набиштам». Гуфтанд: «Ин муҳим чист?» Ҷавоб дод, ки «Ин мумкин нагардад, ки бигӯям». Гуфтанд: «Ночор бибояд гуфт, ки барои ҳашмати хоҷаи ту ин пурсиш бар ин ҷумла аст ва илло ба навъе дигар пурсидандӣ».[3] Гуфт: «Чун чора нест, лобудд[4] амоне бояд аз ҷиҳати худованд-султон». Бознамуданд ва амон истуданд аз Султон. Он ҳол бозгуфт, ки аз Абулфатҳи Ҳотамӣ шунуда будам ва ӯ аз Абдус. Хоҷа чун бар он ҳол воқиф гашт, фарошуд ва рӯй ба ман карду гуфт: «Бинӣ, чӣ мекунанд?»

Пас Масъадиро гуфт: «Пеш аз ин набиштаӣ?» Гуфт: «Набиштаам ва ин истизҳори онро[5] фиристодам». Хоҷа гуфт: «Ночор чун вакили дари муҳташамест ва ачреву мушоҳараву силат дорад ва савгандони муғаллаза хӯрда, ӯро чора набудааст, аммо Булфатҳи Ҳотамиро молише бояд дод, ки дурӯғе гуфтааст». Ва пӯшида маро гуфт: «Султонро бигӯй ин роз бар Абдусу Бусаҳли Завзанӣ пайдо набояд кард, то чӣ шавад». Ва Масъадиро гуфта омад, то ҳамакнун, муаммономае нависад бо қосиде аз они хеш ва яке ба аскудор[6], ки он чӣ пеш аз ин набишта шуда буд, ботил будааст, ки салоҳ имрӯз ҷуз ин нест, то фардо бигӯям, ки он нома он ҷо расад, чӣ раваду чӣ кунанду чӣ бинем ва Султон аз ин ҳадис боз истад ва Ҳотамиро фидои ин кор кунад, ҳарчанд ин ҳол пӯшида намонад ва сахт бузург халале уфтад.

Ман рафтам ва пайғоми Хоҷа бозгуфтам. Чун бишнид, мутаҳаййир фурӯ монд, чунонки сухан натавонист гуфт ва ман нишастам. Пас рӯй ба ман карду гуфт: «Ҳар чӣ дар ин боб салоҳ аст, бибояд гуфт, ки Булфатҳи Ҳотамӣ ин дуруғ гуфтааст ва миёни Бусаҳлу Абдус бад аст ва ин саг чунин тазрибе кардааст ва аз ин гуна талбис[7] сохта». Боз омадам ва он чӣ рафта буд, бозрондам бо Хоҷа ва Масъадиро Хоҷа дилгарм кард ва чунонки ман нусхат кардам дар ин боб ду номаи муаммо набишт: яке ба дасти қосид ва яке ба дасти савори султонӣ, ки он чӣ набишта будааст он тазрибе

---

[1] муғаллаз – дурушт, сахт.

[2] мақсуд Хоҷа (вазир), ки тарафи хитоб аст, бошад.

[3] яъне, бо озору шиканҷа мепурсидем.

[4] ночор, ногузир

[5] яъне ин рамзро барои пуштибонии хабари қаблӣ навиштам.

[6] аскудор, асгузор, ускудор, искдор – қосид, чопор, номабар; шояд мухаффафи аспгузор бошад; қосиде, ки дар ҳар манзил аспи худро бигузораду бар аспи тозанафаси дигар савор шавад ва ба таъҷил биравад. Дар рисолаи таҳиягари матн танҳо дар шакли искдор омадааст.

[7] талбис – маккорӣ, фиребгарӣ, макр, ҳила.

будааст, ки Булфатҳ миёни ду меҳтар сохт, ки бо якдигар бад будаанд ва бад-ин сабаб Ҳотамӣ молиш ёфт, бад-он чӣ кард ва Масъадиро бозгардониданду Булфатҳро понсад чуб бизаданд ва ишрофи[1] Балх, ки бад-ӯ дода буданд, боз ситаданд.

Чун Масъадӣ бирафт, Хоҷа бо ман холӣ карду гуфт: «Дидӣ, ки чӣ карданд, ки оламеро бишӯрониданд ва он Олтунтош аст на деви сиёҳ ва чун Аҳмади Абдуссамад бо вай ин хабар кай раво шавад? Олтунтош рафт аз даст; он аст, ки турки хирадманд аст ва пир шуда, бинахоҳад, ки хештанро бадном кунад, вагарна, бисёр бало ангезад бар мо. Турфатар он аст, ки ман худ аз чунин корҳо сахт дурам, чунонки бинӣ ва Олтунтош ин хама дар гардани ман кунад. Наздики Амир раву бигӯй, ки ба ҳама ҳол чизе рафтааст, пӯшида аз ман, худованд агар бинад, бандаро огоҳ кунад, то он чӣ воҷиб аст аз дарёфтан, ба ҷой оварда шавад». Бирафтаму бигуфтам. Амир сахт тофта буд. Гуфт: «Нарафтааст аз ин боб чизе, ки дил бад-он машғул бояд дошт». Бусаҳл ин миқдор бо мо мегуфт, ки Олтунтош ройгон аз даст бишуд ба Шабурқон. Ман бонг бар вай задам, Абдус бишнудааст ва бо Ҳотамӣ ғаму шодӣ гуфта, ки ин Бусаҳл аз фасод фурӯ нахоҳад истод. Ҳотамӣ аз он бозоре сохтааст[2], то сазои хеш бидид ва молиш ёфт».

Гуфт: «Ин салим аст.[3] Зиндагонии худованд дароз бод, ин боб дартавон ёфт, агар чизи дигар нарафтааст. Ва биёмадаму бо Хоҷа бозгуфтам. Гуфт: «Ё Бунаср рафтааст ва ниҳон рафтааст; бар мо пӯшида кардаанд ва бубинӣ, ки аз ин зер чӣ берун ояд». Ва бозгаштам.

Пас аз он, намози дигаре пеши Амир нишаста будам, ки аскудори Хоразм ба девон оварда буданд, халқа барафканда ва бар дар зада; девонбон[4] дониста буд, ки ҳар аскдоре, ки чунон расад сахт муҳим бошад, онро биёвард ва бистудаму бигшодам, номаи соҳиби барид буд, бародари Булфатҳи Ҳотамӣ. Ба Амир додам, бистуду бихонд ва нек аз ҷой бишуд. Донистам, ки муҳимме уфтодааст. Чизе нагуфтам ва хидмат кардам. Гуфт: «Марав». Бинишаст ва ишора кард, то нудамову ҳуҷҷоб[5] бозгаштанд ва бор бигусаст[6] ва он ҷо касе намонд. Нома ба ман андохту гуфт: «Бихон!» Набишта буд, ки

---

[1] шуғли сардори раёсати ишроф ё мушриф;назорат бурдан ба муҳиммоти шаҳри Балх.

[2] яъне моҷароро бузург кардааст.

[3] яъне, агар мавзӯъ ба ҳамин содагӣ бошад, ки коре дуруст аст ва қобили ҷуброн.

[4] масъули девон.

[5] надимону ҳоҷибон.

[6] маҷлис тамом шуд.

имруз – одина, Хоразмшоҳ бор дод ва авлиёву ҳашам биёмаданд ва Қоиди Манчуқ солори куҷотон сармаст буд, на ба ҷойи худ нишаст, балки фаротар омад. Хоразмшоҳ бихандид, ӯро гуфт: «Солор дӯш бор бештар дар ҷой кардааст дертар хуфтааст».[1] Қоид ба хашм ҷавоб дод, ки «Неъмати ту бар ман сахт бисёр аст, то ба лаҳву шароб мепардозам. Аз ин бероҳӣ ҳалок мешавам: нахуст нон, он гоҳ шароб. Он касе, ки неъмат дорад, худ шароб мехӯрад». Хоразмшоҳ бихандиду гуфт: «Сухани мастон бар ман магӯед!». Гуфт: «Оре, сер хӯрда гуруснаро масту девона пидоранд! Гуноҳ морост, ки бар ин сабр мекунем». Тоши Моҳрӯй – сипоҳсолори Хоразмшоҳ, бонге бад-ӯ заду гуфт: «Медонӣ, ки чӣ мегӯйӣ? Меҳтаре бузург бо ту ба мазоҳу ханда сухан мегӯяд ва ту ҳадди хеш нигоҳ намедорӣ! Агар ҳурмати ин маҷлиси олӣ нестӣ, ҷавоби ин ба шамшер бошадӣ!» Қоид бонг бар ӯ зад ва даст ба қарочулӣ[2] кард. Ҳоҷибону ғуломон дар вай овехтанду кашокаш карданд ва вай сақат[3] мегуфту бо эшон мебаромехт ва Хоразмшоҳ овоз медод, ки яла кунед. Дар он изтироб аз эшон лагаде чанд ба хояву синаи вай расид ва ӯро ба хона бозбурданд. Намози пешин фармон ёфту[4] ҷон ба маҷлиси олӣ дод. Худованди олам боқӣ бод. Хоразмшоҳ бандаро бихонду гуфт: «Ту, ки соҳиббаридӣ, шоҳиди ҳол будаӣ, чунонки рафта инҳо[5] кун, то сурате дигаргуна ба маҷлиси олӣ нарасонанд. Банда ба шарҳ боз намуд, то раъйи олӣ зодаҳуллоҳу улувван[6], бар он воқиф гардад, иншоалоҳу таъоло. Ва руқъате дарҷи нома буд, ки чун Қоидро ин ҳол бияфтод дар боби хона ва асбоби ӯ эҳтиёт фармуд, то халале наяфтад ва дабирашро бо писари Қоид ба девон оварданд ва мавқуф карданд, то муқаррар гардад, биизниллоҳӣ»[7].

Чун аз хондани номаҳо фориғ шудам, Амир маро гуфт: «Чӣ гӯйӣ, чӣ тавонад буд?» Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод. Ғайб натавонистам донист, аммо ин миқдор донам, ки Хоразмшоҳ марде бас бихраду муҳташаму хештандор аст ва касро заҳра набошад, ки пеши ӯ ғавғо битавонад кард, то бад-он ҷойгоҳ, ки солоре чун Қоид бояд, ки ба хато кушта шавад. Ва ба ҳама ҳолҳо дар зери ин чизҳо бошад. Ва соҳиби барид ҷуз ба муроду имлои эшон чизе натавонад набишта ба зоҳир. Ва ӯро савганд дода

[1] яъне, дишаб ғизо бештар хӯрдаву бардавом хобида.
[2] дар фарҳангҳо ба шакли қарочур ё қарочурӣ аст, навъе аз шамшер, шамшери дароз.
[3] сақат – носазо, ҳақорат.
[4] фармон ёфтан – мурдан.
[5] инҳо (инҳоъ) – расонидани пайғом, расонидани хабар, иттилоъ додан.
[6] Худованд бартарии онро афзун кунад!
[7] ба хости Худо.

омадааст, ки он чӣ равад пӯшида инҳо кунад, чунон к-аш даст диҳад, то номаи пӯшидаи ӯ нарасад, бар ин ҳол воқиф натавон шуд». Амир гуфт: «Аз ту, ки Бунасрӣ, чанд пӯшида кунам, Бусаҳл моро бар чунину чунин доштааст ва мулаттафае ба хатти мост чунину чунин ва чун номаи вакили дар расида бошад, Қоидро бикушта бошанд ва чунин баҳона сохта. Ва дилмашғулӣ на аз куштани Қоид аст моро, балки аз он аст, ки набояд, ки он мулаттафа ба хатти мо ба дасти эшон уфтаду ин дароз гардад, ки боздоштани писари Қоид ва дабираш ғавре тамом дорад ва он мулаттафа ба дасти он дабирак бошд. Тадбири ин чист?» Гуфтам: «Хоҷаи Бузург тавонад донист дармони ин, беҳозирии[1] вай рост наёяд». Гуфт: «Имшаб ин ҳадисро пӯшида бояд дошт, то фардо, ки Хоҷа биёяд». Ман бозгаштам сахт ғамноку мутаҳаййир, ки донистам, ки Хоразмшоҳ ба тамомӣ аз даст бишуд ва ҳама шаб ба андеша будам.

Дигар рӯз чун бор бигусаст, холӣ кард бо Хоҷа ва он номаҳо бихост. Пеш бурдам ва ба Хоҷа дод. Чун фориғ гашт, гуфт: «Қоиди бечораро бад омад ва инро дартавон ёфт». Амир гуфт: «Ин ҷо ҳоле дигар аст, ки Хоҷа нашнудааст ва дӯш бо Бунаср бигуфтаам. Бусаҳл моро бар чунину чунин доштааст, то ба Қоид мулаттафае ба хатти мо рафтааст. Ва андеша акнун аз он аст, ки набояд, ки мулаттафа ба дасти Олтунтош уфтад». Хоҷа гуфт: «Уфтода бошад[2], ки он мулаттафа ба дасти он дабир бошад ва хат бар Хоразмшоҳ бояд кашид. Ва кошки фасоде дигар таваллуд накунадӣ, аммо чунон донам, ки накунад, ки турк пиру хирадаманд аст ва донад, ки худовандро бар ин дошта бошанд ва миёни бандаву Олтунтош нек набудааст ба ҳеч рӯзгор ва ба ҳама ҳол ин чӣ рафт, аз ман донад. Ва Бусаҳл некӯ накард ва ҳаққи неъмати худовандро нашинохт бад-ин тадбири хато, ки кард. Ва банда надонад, то ниҳон доштани он чӣ карда омад, аз банда чиро будааст, ки хатову савоби ин кор боз намудаме». Амир гуфт: «Будан буд[3], акнун тадбир чист?» Гуфт: «Ба оҷили-л-ҳол ҷавоб ба номаи соҳиби барид боз бояд набишт ва ин кори Қоидро узме[4] набояд ниҳод ва албатта сӯйи Олтунтош чизе набояд набишт, то нигарем, ки пас аз ин чӣ равад? Аммо ин миқдор ёд бояд кард, ки Қоид аблаҳӣ карду ҳаққи хештан нигоҳ надошт ва қазои Эзидӣ бо он ёр шуд, то фармон ёфт ва ҳаққи вайро риъоят бояд кард дар фарзандонаш ва хайлашро[5] ба писар додан, то диҳанд ё на ва ба ҳама ҳолҳо дар ин рӯзҳо номаи соҳиббарид расад пӯшида,

---

[1] беҳозирии вай, яъне бидуни ҳузури вай (вазир) ин кор иттифоқ уфтода аст.
[2] яъне, мусалламан мулаттафа ба дасти Хоразмшоҳ уфтода аст.
[3] сарнавишт чунин буд.
[4] узм – азамат ва аҳамият.
[5] хайл – гурӯҳ, тоифа, ҷамоат.

агар тавонад фиристод ва роҳҳо фурӯ нагирифта бошанд ва ҳолҳоро ба шарҳ боз намуда бошад, он гоҳ бар ҳасби он чӣ хонем, тадбири дигар месозем. Ва бародари ин Булфатҳи Ҳотамӣ аст он ҷо ноиби барид, Булфатҳ ин тақриб аз баҳри бародар карда бошад». Амир гуфт: «Ҳамчунин аст, ки Абулфатҳ бад-он вақт, ки ба девони Бунаср буд, ҳар чӣ дар кори падари мо рафтӣ, ба мо менабиштӣ аз баҳри падараш, ки ба девони халифати Ҳирот буд». Ман, ки Бунасрам гуфтам: «Дареғо, ки ман имрӯз ин сухан мешунавам». Амир гуфт: «Агар бад-он вақт мешунудӣ, чӣ мекардӣ?» Гуфтам: «Бигуфтамӣ, то қафош бидаридандӣ ва аз девон берун кардандӣ, ки дабири хоин ба кор наёяд». Ва бархостему бозгаштем. Ва Амир Бусаҳли оризро бихонда буду ба забон бимолида ва сард кардаву[1] гуфта, ки то кай аз ин тадбирҳои хатои ту? Агар пас аз ин дар пеши ман ҷуз дар ҳадиси арз сухан гӯӣ, гӯем, гарданат бизананд. Ва Абдусро низ хонда ва бисёр ҷафо гуфта, ки сирри моро, ки бо ту гуфтем, ошкоро кардӣ ва шумо ҳеҷ кас сирр доштанро нашоед ва бирасад ба шумо хоинон он чӣ муставҷиби онед. Ва Амир пас аз ин сахт машғулдил мебуд ва он чӣ гуфтанӣ буд дар ҳар бобе бо Хоҷаи Бузург ва бо ман мегуфт ва боди ин қавм бинишаст[2], ки муқаррар гашт, ки ҳар чӣ мегӯянду мешунаванд хатост.

Як рӯз ба хонаи хеш будам. Гуфтанд: «Сайёҳе бар дар аст, мегӯяд, ҳадиси муҳим дорам». Дилам бизад, ки аз Хоразм омадааст. Гуфтам: «Биёредаш! Даромаду холӣ хост[3] ва ин асое, ки дошт, баршикофту рукъати хурд аз они Буабдуллоҳи Ҳотамии ноиби барид, ки сӯйи ман[4] буд, берун гирифту ба ман дод. Набишта буд, ки «Ҳилатҳо кардам ва ин сайёҳро моле бидода ва моле замон карда[5], ки ба ҳазрат силат ёбад[6], то ин хатар бикарду биёмад. Агар дар замони саломат ба даргоҳи олӣ расид, ин ҷо мушоҳиди ҳол будааст ва пайғомҳои ман бидиҳад, ки марде ҳушёр аст. Бибояд шуниду бар он эътимод кард, иншоаллоҳ». Гуфтам: «Пайғом чист?» Гуфт: «Мегӯяд, ки он чӣ пеш аз ин навишта будам, ки Қоидро дар кашокаш лагаде чанд заданд дар саройи Хоразмшоҳ бар хояву дил ва гузашта шуд, он бар он нусхат набиштам, ки кадхудояш[7] Аҳмади Абдуссамад кард ва маро симу ҷома доданд ва агар ҷуз он

[1] мавриди бемаҳриву хорӣ қарор додан.
[2] такаббури ин қавм фурӯ нишаст.
[3] тақозои мулоқот дар танҳоӣ кард.
[4] яъне, номае ки ба унвон ман (Бунасри Мушкон) буд.
[5] молу пули дигар ваъда додам.
[6] яъне, миқдоре мол ҳам ваъда кардам, ки пас аз он ки сайёҳ он ҷо расид ва нома дод, ҷоиза бигирад.
[7] манзур аз кадхудо мушовиру вазири Хоразмшоҳ Аҳмади Абдуссамад аст.

набиштам, бими ҷон буд ва ҳақиқат он аст, ки Қоид он рӯз, ки дигар рӯз кушта шуд, даъвате бузург сохта буд ва қавмеро аз сарғавғоёни[1] ҳашами куҷоту чуғрот[2] хонда ва бармало аз Хоразмшоҳ шикоятҳо карда ва суханони номулоим гуфта, то бад-он ҷой, ки «кори чаҳон яксон бинамонад ва Олтунтошу Аҳмад хештанрову фарзандону ғуломони хештанроанд[3], ин ҳолро ҳам охире бошад ва пайдост, ки ман ва ин дигар озодмардон бенавоийе чанд тавонем кашид». Ва ин хабар наздики Хоразмшоҳ оварданд. Дигар рӯз дар боргоҳ Қоидро гуфт: «Дӣ ва дӯш мизбоне будаӣ?» Гуфт: «Оре!» Гуфт: «Магар гӯшт наёфта будиву нуқл, ки марову кадхудоямро бихӯрдӣ?» Қоид мар ӯро ҷавобе чанд зафттар[4] боздод. Хоразмшоҳ бихандиду дар Аҳмад нигарист. Чун Қоид бозгашт, Аҳмадро гуфт Хоразмшоҳ, ки «Боди ҳазрат дидӣ дар сари Қоид?» Аҳмад гуфт: «Аз он ҷо дур карда ояд». Ва бозгашт ба хона.

Ва расм буд, ки рӯзи одина Аҳмад пагоҳтар бозгардад ва ҳамагон ба саломи вай раванд. Банда он ҷо ҳозир будам, Қоид омад ва бо Аҳмад сухани итобомез гуфтан гирифт ва дар ин миёна гуфт: «Он чӣ буд, ки имрӯз Хоразмшоҳ бо ман мегуфт?» Аҳмад гуфт: «Худованди ман ҳалиму карим аст, ва, агар на сухан ба чӯбу шамшер гуфтӣ, турову монанди туро чӣ маҳалли он бошад, ки чун дурде[5] ошомед, ҷуз сухани хеш гӯед?» Қоид ҷавобе чанд дурушт дод, чунонки даст дар рӯйи Аҳмад андохт. Аҳмад гуфт: «Ин бод аз ҳазрат омадааст[6], боре якчанд пӯшида бояст дошт, то он ки хоразмшоҳӣ ба ту расидӣ»[7]. Қоид гуфт: «Ба ту хоразмшоҳӣ напояд»[8]. Ва бархост то биравад. Аҳмад гуфт: «Бигиред ин сагро!» Қоид гуфт, ки «ҳамоно маро натавонӣ гирифт». Аҳмад даст бар даст заду гуфт: «Дихед!»[9] Марде дувист[10] чунонки сохта буданд, пайдо омаданд ва Қоид ба миёни сарой расида буд ва шамшеру ночаху[11] табар андар ниҳоданду вайро табоҳ карданд ва расане дар пойи ӯ бастанду гирди шаҳр бигардониданд ва сарояш фурӯ гирифтанд ва писарашро бо

---

[1] сарони фитна
[2] куҷоту чуғрот – номи ду тоифае аз туркон.
[3] яъне, танҳо ба фикри худу фарзандону ғуломони хешанд.
[4] дурушт
[5] дурд – таҳмондаи шароб.
[6] яъне, ин амал бо ишораи пойтахт ва дарбори Амир шудааст.
[7] каме сабр кун, то ба вазифае, ки дар сар мепарварӣ (яъне хоразмшоҳӣ) бирасӣ.
[8] яъне, агар ту вазири хоразмшоҳ бошӣ, он дер давом накунад.
[9] яъне, бизанед
[10] дусад.
[11] ночах – найзаи кӯчак.

дабираш боздоштанд. Ва маро такаллуфе карданд[1], то нома набиштам бар нусхате, ки карданд, чунонки хонда омадааст. Ва дигар рӯз аз дабираш мулаттафа хостанд, ки гуфтанд, аз ҳазрат омадааст. Мункир шуд, ки Қоид чизе бад-ӯ надодааст. Хонаву коғазҳои Қоид нигоҳ карданд, ҳеч мулаттафа наёфтанд, дабирро мутолабати сахт карданд, муқирр[2] омад ва мулаттафа бад-эшон дод. Бистаданду нанамуданд[3] ва гуфтанд: «Пинҳон карданд, чунонки касе бар он воқиф нагашт». Ва Хоразмшоҳ се рӯз бор надоду бо Аҳмад холӣ дошт. Рӯзи чаҳоруми одина бор доданд бар он ҷумла, ки ҳар рӯз будӣ, балки бо ҳашматеву такаллуфе дигаргуна. Ва вақти намоз хутба ба расми рафта карданд ва ҳеч чиз изҳор намекунад, ки ба исён монад. Аммо маро бар ҳеч ҳол воқиф намедоранд, магар кори расмӣ. Ва ғуломону сутурони зиёдат, афзун аз одат харидан гирифтанд. Ва ҳар чӣ ман пас аз ин, нависам ба муроду имлои эшон бошад, бар он ҳеч эътимод набояд кард, ки кори ман бо сайёҳону қосидони пӯшида уфтод[4]. Ва бими ҷон аст, ва-л-лоҳу валиййул кифояти[5].

Ман ин пайғомро нусхат кардаму ба даргоҳ бурдам. Ва Амир бихонду нек аз ҷой бишуд. Ва гуфт: «Инро муҳр бояд кард, то фардо, ки Хоҷа биёяд». Ҳамчунон кардам. Дигар рӯз чун бор бигусаст, холӣ кард бо Хоҷаи Бузург ва бо ман. Чун Хоҷа номаи ноиби барид ва нусхати пайғом бихонд, гуфт: «Зиндагони худованд дароз бод, кори ноандешидаро оқибат чунин бошад. Дил аз Олтунтош барбояд дошт, ки моро аз вай низ[6] хайре наёяд ва кошки фасоде таваллуд накунадӣ, бад-он, ки бо Алитагин яке шавад, ки ба якдигар наздиканд ва шарри бузург ба пой кунад». Ман гуфтам: «На! Ҳамоно, ки ӯ ин кунад ва ҳаққи худованди мозиро нигоҳ дорад ва бидонад, ки ин худовандро бадомӯзе ба роҳи каж ниҳод». Амир гуфт: «Хатти хеш чӣ кунам, ки ба ҳуҷҷат ба даст гирифтанд ва агар ҳуҷҷат кунанд[7], аз он чун бозтавонам истод?» Хоҷа гуфт: «Акнун ин ҳол бияфтод ва як чиз мондааст, ки агар карда ояд, магар би оҷилил-ҳол ин корро лахте таскин тавон дод ва ин чизро иваз аст, ҳарчанд бар дили худованд ранҷгунае бошад, аммо Олтунтош ва он саҳри[8] бузургро иваз нест». Амир гуфт: «Он чист? Агар фарзанди азизро

---

[1] маро маҷбур карданд.

[2] мутолабат – талаб кардан, рӯёнда гирифтанд; муқирр – иқроркунанда, иқроршаванда.

[3] номаро гирифтанд, аммо нишон надоданд.

[4] қосидони махфӣ.

[5] тарҷ: Худованд нигаҳбону уҳдадори идораи умур ба ваҷҳи нек аст.

[6] минбаъд.

[7] агар онро мадрак созанд.

[8] марз, сарзамин.

базл бояд кард, бикунам, ки ин кор барояду дароз нагардад ва дареғ надорам».

Гуфтам: «Бандаро салоҳи кори худованд бояд; набояд ки сурат бандад, ки банда ба таассуб мегӯяд ва бандаеро аз бандагони даргоҳи олӣ наметавонад дид». Амир гуфт: «Ба Хоҷа ин занн[1] нест ва ҳаргиз набошад». Гуфт: «Асли ин табоҳӣ аз Бусаҳл будааст ва Олтунтош аз вай озурдааст, ҳарчанд мулаттафа ба хатти худованд рафтааст, ӯро муқаррар бошад, ки Бусаҳл андар он ҳилатҳо карда бошад, то аз дасти худованд бистаду ҷудо кард, ӯро фидои ин кор бояд кард, бад-он, ки бифармояд, то ӯро бинишонанд[2], ки вай ду тадбиру таълими бад кард, ки рӯзгорҳо дар он бояд, то онро дар тавон ёфт в-аз ҳар ду худованд пушаймон аст. Яке он, ки силоти[3] Амир Муҳаммад – бародари худованд, боз ситаданд ва дигар он, ки Олтунтошро бадгумон кард, ки чун вайро нишонда ояд, ин гуноҳ ҳасб дар гардани вай карда шавад. Аз худованд дар ин боб нома тавон набишт, чунонки бадгумонии Олтунтош зоил шавад, ҳарчанд ба даргоҳ наёяд, аммо боре бо мухолифе якӣ нашаваду шарре нангезад ва мани банда низ нома битавонам набишту ойина фароруйи ӯ битавонам дошт[4] ва бад-он ки маро дар ин кор, ноқа ва ҷамале[5] набудааст, сухани ман бишнаваду корӣ уфтад». Гуфт: «Сахт савоб омад, ҳам фардо фармоям, то ӯро биншонанд, Хоҷа эҳтиёти вай ва мардуми вай ин ҷову ба навоҳӣ бикунад, то аз даст нашаванд ва чизе зоеъ нагардад». Гуфт: «Чунин кунам!» Ва мо бозгаштем. Хоҷа дар роҳ маро гуфт: «Ин худованд акнун огоҳ шуд, ки рама дур бирасид[6], аммо ҳам нек аст, то беш чунин наравад».

Ва дигар рӯз чун бор бигусаст, Хоҷа ба девони хеш рафту Бусаҳл ба девони арз ва ман ба девони рисолат холӣ[7] биншастам ва номаҳо ба таъҷил бирафт, то мардуму асбоби Бусаҳл ба Марву Завзану Нишобуру Ғуру Ҳирот ва Бодғису Ғазнин фурӯ гирифтанд. Чун ин номаҳо бирафт, фармони Амир расид ба Хоҷа бар забони Абулҳасани Кудёнии надим, ки «номаҳо дар он боб, ки дӣ бо Хоҷа гуфта омада буд, ба мушофаҳа ба атроф гусел карданд ва саворони мусриъ рафтанд. Хоҷа кори он мард тамом кунад». Хоҷаи Бузург

---

[1] гумон.

[2] яъне, зиндонӣ кунанд.

[3] силот – ҷамъи сила, ато, инъом, бахшиш.

[4] яъне, гузаштаро ба бифаҳмонам, то ҳақиқатро дарк намояд

[5] ноқа ва ҷамал – ишора ба масали арабӣ аст ва вақте гуфт амешавад, ки гӯянда хоҳад иброз дорад, ки дар ину он коре ҳеч суду зиёне надорад ва бетараф асу холис.

[6] вақте кор аз кор гузашт.

[7] танҳо.

Бусаҳлро бихонд бо ноибони девони арз ва шуморҳо бихост[1] аз они лашкар ва холӣ карду бад-он машғул шуданд. Ва пӯшида мисол дод, то ҳоҷиби навбатӣ[2] барнишаст ва ба хонаи Бусаҳл рафт бо мушрифон ва сиқоти[3] Хоҷа ва саройи Бусаҳл фурӯ гирифтанд ва аз они қавм ва дар пайвастагони ӯ чумла, ки ба Балх буданд, мавқуф карданд[4] ва Хоҷаро бознамуданд он чӣ карданд. Хоҷа аз девон бозгашт ва фармуд, ки Бусаҳлро ба қуҳандиз[5] бояд бурд. Ҳоҷиби навбатӣ ӯро бар астаре нишонд ва бо савору пиёдаи анбӯҳ ба қуҳандиз бурд. Дар роҳ ду ходим ва шаст ғулом ӯро меоварданд, пеши вай омаданд ва эшонро ба сарой оварданд ва Бусаҳлро ба қуҳандиз бурданду банд карданд ва он феъли бади ӯ дар сари ӯ печид ва Амирро он чӣ рафта буд, боз намуданд.

Дигар руз чун бор бигусаст, Амир холӣ кард бо Хоҷа ва маро бихонданду гуфт: «Ҳадиси Бусаҳл тамом шуд ва хайрият буд, ки мард намегузошт, ки салоҳ пайдо ояд». Гуфт: «Акнун чӣ бояд кард?» Хоҷа гуфт: «Савоб бошад, ки Масъадиро фамуда ояд, то номае нависад ҳамакнун ба Хоразмшоҳ, чунонки расм аст, ки вакили дар нависад ва боз намояд, ки «чун муқаррар гашт маҷлиси олиро, ки Бусаҳл хиёнате кардааст ва мекунад дар мулки мо то бад-он ҷойгоҳ, ки дар боби пире муҳташам чун Хоразмшоҳ чунон тахлитҳо[6] карда ба аввал, ки ба даргоҳ омад, то ӯро мутараббидгуна[7] боз бояст гашт ва пас аз он фурӯ наистод ва ҳам дар боби вай ва дигарон иғро[8] мекард, раъйи олӣ чунон дид, ки дасти ӯро аз шуғли арз кӯтоҳ кард ва ӯро нишонда омад, то тазрибу фасоди вай аз мулку хидматгорон дур шавад». Ва он гоҳ банда пӯшида ӯро бигӯяд, то ба муаммо нависад, ки «Худованд-султон ин ҳама аз баҳри он кард, ки Бусаҳл фурсат нигоҳ доштааст ва нусхате карда ва вақте ҷуста, ки худовандро шароб дарёфта буд ва бар он нусхат ба хатти олӣ мулаттафае шуда ва дарвақт ба Хоразм фиристода ва дигар рӯз чун худованд андар он андеша кард ва он мулаттафа бозхост, вай гуфта ва ба ҷону сари худованд савганд хӯрда, ки ҳам вай андар он бияндешид ва донист, ки хатост, онро пора кард ва чун муқаррар гашт, ки дурӯғ гуфтааст, сазои ӯ бифармуд». То имрӯз ин нома биравад ва пас аз он ба як ҳафта Бунаср номае нависад ва ин ҳолро

---

[1] яъне, омору арқом талаб кард (чунонки қабл аз таҳвил гирифтани коре аз нафаре мекунанд).
[2] навбатдор
[3] афроди мавриди эътимод.
[4] боздошт карданд.
[5] қуҳандиз – муарраби куҳандиж
[6] дарҳам кардан, ба ҳам омехтан.
[7] мутараббид – дигаргуншаванда, туршрӯ ва низ осмони абрдор.
[8] иғро (иғроъ) – барангехтан, таҳрик кардан, шӯрондан.

шарҳ кунад ва дили вайро дарёфта ояд ва банда низ бинависад ва муътамадеро аз даргоҳи олӣ фиристода ояд марде садиди ҷалди[1] сухандону сухангӯй, то ба Хоразм шавад ва номаҳоро бирасонаду пайғомҳо бигузораду аҳволҳо муқаррари хеш гардонад ва бозгардад. Ва ҳарчанд ин ҳама ҳол низ найранг аст ва бар он доҳиягону сӯхтагон[2] бинашавад ва донанд, ки офрӯшаи нон[3] аст, боре муҷомалате[4] дар миён бимонад, ки турк ором гирад. Ва ин писари ӯро Сатӣ[5] ҳам фардо бибояд навохту ҳоҷибӣ дод ва диноре панҷ ҳазор силат фармуд, то дили он пир қарор гирад». Амир гуфт: «Ин ҳама савоб аст, тамом бояд кард ва Хоҷаро бибояд донист, ки пас аз ин, ҳар чӣ карда ояд дар мулку мол ва тадбирҳо ҳама ба ишорати ӯ равад ва мушоварат бо вай хоҳад буд». Хоҷа замин бӯса доду бигрист ва гуфт: «Худовандро бибояд донист, ки ин пире сечаҳор, ки ин ҷо мондаанд, аз ҳазор ҷавон беҳтаранд, Худованди азза ва ҷалла эшонро аз баҳри таъйиди давлати худовандро мондааст, эшонро зуд-зуд ба бод набояд дод». Амир ӯро ба хештан хонду дар огуш[6] гирифту бисёр некӯӣ гуфт. Ва маро ҳамчунон бинвохту бозгаштем. Масъадиро бихонду холӣ кард ва ман нусхат кардам, то он чӣ набиштанӣ буд ба зоҳир ва муаммо набишту гусел карда омад. Ва пас аз он ба як ҳафта Булқосими Домғониро Хоҷа номзад кард, то ба Хоразм равад ва ин Булқосим марде пиру бихрад ва сухангӯй буд в-аз хештан номае набишт сахт некӯ наздики Хоразмшоҳ ва ман аз маҷлиси олӣ номае набиштам бар ин нусхат.

Зикри мисоле, ки аз ҳазрати Шаҳобу-д-давла Абусаъид Масъуд, разияллоҳу анҳу, набиштанд ба Олтунтош Хоразмшоҳ

Бисмилоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Ҳоҷиби фозил амм Хоразмшоҳ, адомаллоҳу таъйидаҳу, моро имрӯз ба ҷойи падар аст ва давлатро бузургтар рукне вай аст ва дар ҳама ҳолатҳо ростию якдилию худотарсии хеш изҳор кардааст ва бериё миёни дил ва эътиқоди хешро бинамуда, ки он чӣ ба вақти вафоти падари мо – Амири мозӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, карду намуд аз шафақату насиҳатҳо, ки воҷиб

---

[1] садид – устувор; рост ва дуруст; ҷалд – чусту чолок, зирак.

[2] доҳиягон - доҳиён, хирадмандон; сӯхтагон – манзур мардуми ботаҷрибаву хирадманд аст.

[3] офрӯша – як қисми ҳалво, ки бо орду равғани асал ва ё ширу шакка бипазанд; ин ҷо киноя аст, ки на офрӯша, балки нон омада, яъне дурӯғгӯйи шудааст.

[4] муҷомалат – бо касе некӯиву хушрафторӣ кардан, чарбзабонию хушомадгӯйӣ.

[5] Дар ҳама ҷойи асари Байҳақӣ номи писари Олтунтош, ки раҳина ё гаравгон дар Ғазнин буд, Сатӣ зикр шудааст, вале баъзе муаррихон, аз ҷумла Ибни Асир номи ин писарро Рашид гуфтааст (ниг. Ибн ал-Асир. Ал-Комил. Ҷ. 9.). Албатта қавли Байҳақӣ, ки ҳамрӯзгори Олтунтошу Сатӣ аст, бештар қобили қабул аст.

[6] оғуш.

дошт навхостагонро ба Ғазнин он аст, ки воҷиб накунад, ҳаргиз фаромӯш шавад ва пас аз он омадане ба даргоҳ аз дили бериёву нифоқ ва насиҳат кардане дар асбоби мулк ва таъйиди он бар он ҷумла, ки таърихе бар он тавон сохт. Ва он кас, ки эътиқоди вай бар ин ҷумла бошад ва давлатеро, ки пӯсту гӯшту устухони хешро аз он донад, чунин вафо дорад ва ҳаққи неъмати худованди гузашта ва худованди ҳолро ба воҷибӣ бигузорад ва ҷаҳд кунад, то ба ҳаққҳои дигар худовандон расад, тавон донист, ки дар дунёву уқбо насиби худ аз саъодат тамом ёфта бошад ва ҳосил карда, чунонки гуфтаанд ъоша саъидан ва мота ҳамидан[1]. Вуҷудаш ҳамеша бод ва фақди[2] вай ҳеч гӯш машнавод. Ва чун аз ҷониби вай ҳама ростиву якдилӣ ва эътиқоди дурусту ҳавохоҳӣ будааст ва аз ҷиҳати мо дар муқобили он навохти басазо ҳосил наёмадааст, балки аз мутасаввиқону[3] музаррибону[4] оқибатнангарон[5] ва ҷавонони корнодидагон низ корҳо рафтааст норафтанӣ[6], то хиҷил мебошем ва эътиқоди некӯи хешро, ки ҳамеша дар масолеҳи вай доштаем, маломат мекунем. Аммо бар шаҳомат ва тамомии ҳасофати[7] вай эътимод ҳаст, ки ба асл нигарад ва ба фаръ дил машғул надорад ва ҳамоно Олтунтош ягонаи рости якдил мебошад. Ва агар ӯро чизе шунавонанд ё шунавонидаанд ё ба муояна чизе бад-ӯ намоянд, ки аз он дили вайро машғул гардонанд, шахси Амири мозӣ, адомаллоҳу бурҳонаро пеши дилу чашм ниҳад ва дар неъматҳову навохтҳову ҷоҳу ниҳоди вай нигарад, на андар он чӣ ҳосидону мутасаввиқон пеши вай ниҳанд, ки вайро он хираду тамизу басирату равийят[8] ҳаст, ки зуд-зуд санги вайро заиф дар рӯд набитвонанд гардонид. Ва мо аз Худойи азза ва ҷалла тавфиқ хоҳем, ки ба ҳаққҳои вай расида ояд ва агар чизе рафтааст, ки аз он ваҳне[9] ба ҷоҳи вай ё кароҳияте ба дили вай пайвастааст, онро ба воҷибӣ дарёфта шавад. Ва ҳува субҳонаҳу валиййу золика ва-л мутафаззилу ва-л муваффиқу би манниҳи васиъати раҳматиҳи[10].

Ва мо чун аз Рай ҳаракат кардем, то тахти мулки падарро забт карда ояд ва ба Домғон расидем, Бусаҳли Завзанӣ ба мо пайваст ва

---

[1] тарҷ: некбахт зист ва писандида мурд.
[2] гум кардан, аз даст додан.
[3] мутасаввиқ – марди бозорӣ, харанда ва фурӯшанда, савдогар.
[4] музарриб – миёнабаҳамзан, суханчин.
[5] оқибатнандешон
[6] яъне, корҳое анҷом шудааст, ки набояд анҷом мешуд.
[7] устувории хираду ақлу рой.
[8] равийят – фикр, андеша ва тафаккур.
[9] ваҳн – сустӣ, заъф, осеб, халал.
[10] тарҷ: Ва ӯ Худованди муназзаҳест, ки дорандаи он (тавони бар ҷуброн) аст ва бахшандаву тавфиқдиҳанда ба неъматаш ва бахшоиши густурдааш.

вай ба рӯзгор моро хидмат карда буд ва дар ҳавои мо меҳнати бузург кашида ва ба қалъати Ғазнин монда, ба мо чунон намуд, ки вай имрӯз носеҳтару мушфиқтари бандагон аст. Ва пеши мо кас набуд аз пирони давлат, ки кореро баргузорадӣ ё тадбире рост кардӣ ва рӯй ба коре бузург доштеме ночор; чун вай муқаддамтар буд, он рӯз дар ҳар бобе сухан вай мегуфт ва мо онро ба истисвоб[1] ороста медоштем ва мард манзуртар гашт ва мардумон умедҳо дар вай бастанд, чунонки расм аст ва тане чанд дигар буданд, чун Тоҳир ва Абдус ва ҷуз эшон ӯро мунқод[2] гаштанд. Ва ҳоли вай бар он манзилат бимонд, то мо ба Ҳирот расидем ва бародари моро ҷое бознишонданд ва авлиёву ҳашаму ҷумлаи лашкар ба хидмати даргоҳи мо пайвастанд ва корҳо ин мард мебигузорд ва падариён мунхазал[3] буданду мунҳариф, то кори вай бад-он дараҷа расид, ки аз вазорат тараффуъ менамуд[4].

Ва мо чун корҳоро некӯтар бозҷустем ва пасу пеши онро бинигаристем ва ин мардро дониста будему озмуда, савоб он намуд, ки Хоҷаи фозил Абулқосим Аҳмад ибн ал-Ҳасанро, адомаллоҳу таъйдаҳу, аз Ҳиндустон фармудем, то биёваранд ва дасти он меҳнати дарозро аз вай кӯтоҳ кардем ва вазоратро ба кифояти вай ороста кардем ва ин Бусаҳлро низ ба шуғли арз машғул кардем, то бар як кор биистад ва маҷлиси мо аз тасаҳҳубу[5] табассути[6] вай баросояд. Аммо вай роҳи рушди хешро бинадид ва он бод, ки дар сари вай шуда буд, аз он ҷо дур нашуд ва аз тасаҳҳубу табассут боз наистод, то ба он чойгоҳ, ки ҳамаи аъёни даргоҳи мо ба сабаби вай дилрешу дурушт гаштанд ва аз шуғлҳое, ки бад-эшон муфавваз буд, ки ҷуз бад-эшон рост наёмад ва каси дигар набуд, ки истиқлоли он доштӣ, истеъфо хостанд ва дилҳо аз мову корҳои мо бардоштанд ва халали он ба мулк пайваст. Ва бо ин ҳама, забон дар худовандони шамшер дароз мекард ва дар боби эшон талбисҳо[7] месохт, чунонки, инак, дар боби хоҷиб сохтааст ва дили вайро машғул гардонид ва Қоиди Манҷукро таъбия карда ва аз вай бозоре сохта ва моро бар он дошта, ки раъйи некӯро дар боби хоҷиб, ки мар моро ба ҷойи падар ва амм аст, бибояд гардонид.

Ва чун кори ин мард аз ҳадд бигузашт ва хиёнатҳои бузурги вай моро зоҳир гашт, фармудем, то дасти вай аз арз кӯтоҳ карданд ва

---

[1] истисвоб – писандидан, савоб шумурдан.
[2] мутеъ, фармонбурдор.
[3] инхизол – худро бечора ва оҷиз диданд.
[4] яъне, мақоми худро аз вазир ҳам болотар мешумурд.
[5] тасаҳҳуб – нозу дилбарӣ кардан.
[6] густохӣ.
[7] найранг.

вайро ҷойе нишонданду неъмате, ки дошт пок бистаданд, то дигар мутаҳаввирон бад-ӯ молида гарданд[1] ва ибрат гиранд ва шакк нест, ки муътамадони ҳоҷиб ин ҳолро тақрир карда бошанд ва вуҷуҳи онро боз намуда. Ва акнун ба оҷили-л-ҳол фарзанди ҳоҷибро – Сатӣ, валадӣ ва муътамадӣ[2], навохте тамом арзонӣ доштем ва ҳоҷибӣ ёфт ва пеши мо азиз бошад чун фарзанде, ки кадом кас буд ин корро сазовортар аз вай ба ҳукми писари падаре ва наҷобату шойистагӣ; ва ин дар ҷанби ҳаққҳои ҳоҷиб сахт андак аст. Ва агар то ин ғоят навохте бавоҷибӣ аз маҷлиси мо ба ҳоҷиб нарасидааст, акнун пайваста бихоҳад буд, то ҳама нафратҳову бадгумониҳое, ки ин мухаллит[3] афганда аст, зоил гардад. Ва Хоҷаи фозил ба фармони мо муътамадеро фиристод ва дар ин маъонӣ гушодатар набишту пайғомҳо дод, чунонки аз лафзи мо шунидааст, бояд ки бар он эътимод кунад ва дилро софтар аз он дорад, ки пеш аз он дошт ва он муътамадро ба зудӣ бозгардонида ояд биайниҳи ва он чӣ дархост аст ва ба фароғи дили вай бозгардад, ба тамомӣ дархоҳад, чӣ бад-он иҷобат бошад, биизниллоҳи.

Ин нома набишта омад ва муътамади девони вазорат рафту бозомад ва сукуне зоҳир пайдо омаду фасоде бузург дарвақт таваллуд накард.

Ва охири кори Хоразмшоҳ Олтунтош печон мебуд, то он ки аз ҳазрат лашкаре бузург номзад карданд ва вайро мисол доданд, то бо лашкари Хоразм ба Омуй омад ва лашкарҳо бад-ӯ пайваст ва ба ҷанги Алитагин рафт ва ба Дабусӣ ҷанг карданд ва Алитагин молида шуд ва аз лашкари вай бисёр кушта омад ва Хоразмшоҳро тире расид ва нотавон шуду дигар шабро фармон ёфт ва Хоҷа Аҳмади Абдуссамад, раҳимаҳуллоҳ, он марди кофии донои бакоромада пеш то марги Хоразмшоҳ ошкор шуд, бо Алитагин дар шаб сулҳ бикард ва Алитагин он сулҳро сипос дошт ва дигар рӯз он лашкару хазоин ва ғуломони саройиро бардошт ва латоифу-л-ҳиял[4] ба кор оварда, то ба саломат ба Хоразм боз бурд, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин, чунонки биёрам чигунаги он бар ҷойи хеш.

Ва ман, ки Булфазам, куштани Қоиди Манҷукро ба таҳқиқтар аз Хоҷа Аҳмади Абдуссамад шунудам дар он сол, ки Амир Мавдуд ба Данбур[5] расид ва кинаи Амири Шаҳид боз хост ва ба Ғазнин рафту

---

[1] яъне, дигар саркашон бо дидани сарнавишти Бусаҳл панд гиранд.

[2] фарзандамон ва мавриди эътимодамон.

[3] мухаллит – суханчину фасодафкан, мурод Бусаҳли Завзанӣ аст

[4] чорақӯиҳои борик, тадобири нозуку зариф.

[5] Дунбур (Данбур) ё Данпур дар сари роҳи Кобулу Пешовар ҷойгир аст (ба масофати 12 фарсанг); Ин шаҳр ба қавли муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» маркази бозаргонони тамоми Хуросон будааст. Масъудро писарони бародараш

ба тахти мулк бинишаст ва Хоҷа Аҳмадро вазорат дод ва пас аз вазорат Хоҷа Аҳмади Абдуссамад андак мояи рӯзгор бизисту гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳи. Як рӯз наздики ин Хоҷа нишаста будам ва ба пайғоме рафта будам ва Бусаҳли Завзанӣ ҳанӯз аз Буст дарнарасида буд. Маро гуфт: «Хоҷа Бусаҳл кай расад?» Гуфтам: «Хабаре нарасидааст аз Буст, валекин чунон бояд, ки то рӯзе даҳ бирасад». Гуфт: «Амир девони рисолат бад-ӯ хоҳад супурд?» Гуфтам: «Кист аз ӯ шоистатар, ба рӯзгори Амири шаҳид, разияллоҳу анҳу, вай дошт»; то ҳадис ба ҳадиси Хоразм ва Қоиди Манҷуқ расид ва аз ҳолҳо бозгуфтам, ки ба ҳукми он, ки дар миёни он будам. Гуфт: «Ҳамчунин ҳаст, ки гуфтӣ ва ҳамчунин рафт; аммо як нукта маълуми ту нест ва он донистанист». Гуфтам: «Агар худованд бинад, боз намояд, ки бандаро он ба кор ояд»; ва ман мехостам, ки ин таърих бикунам, ҳар куҷо нуктае будӣ дар он овехтаме[1]. Чигунагии ҳоли Қоиди Манҷуқ аз вай боз пурсидам. Гуфт: «Рӯзи нахуст, ки Хоразмшоҳ маро кадхудоӣ дод, расм чунон ниҳод, ки ҳар рӯз ман танҳо пеши ӯ шудамеву бинишастаме ва як-ду соат бибудаме; агар овоз додӣ, ки бор диҳед, дигарон даромадандӣ. Ва агар муҳимме будӣ ё набудӣ, бар ман холӣ кардиву гуфтӣ: «Дӯш чӣ кардӣ ва чӣ хӯрдӣ ва чун хуфтӣ, ки ман чунин кардам». Бо худ гуфтаме: «Ин чӣ ҳавас аст, ки ҳар рӯз халвате кунад?» То як рӯз ба Ҳирот будем, муҳимме бузург дар шаб даруфтод ва аз Амири мозӣ номае расид, дар он халват он кор баргузорда омад ва касе ба ҷой наёвард[2]. Маро гуфт: «Ман ҳар рӯз холӣ аз баҳри чунин рӯз кунам». Бо худ гуфтам, дар бузург ғалато, ки ман будам, ҳаққ ба дасти Хоразмшоҳ аст ва дар Хоразм ҳамчунин буд.

Чун муаммои Масъадӣ бирасид, дигар рӯз бо ман холӣ дошт, ин халват дер бикашид ва бисёр навмедӣ кард ва бигиристу гуфт: «Лаънат бар ин бадомӯзон бод. Чун Алии Қариберо, ки чун ӯе набуд, барандохтанд ва чун Ғозӣ ва Арёруқ. Ва ман низ наздик будам ба Шабурқон, Худои таборак ва таъоло нигоҳ дошт. Акнун даст дар чунин ҳилатҳо бизаданд ва ин миқдор пӯшида гашт бар эшон, ки чун Қоид мард, маро фурӯ натавонад гирифт[3] ва гирифтам, ки ман баруфтодам, вилояте бад-ин бузургӣ, ки Султон дорад, чун нигоҳ тавон дошт аз хасмон? Ва агар ҳазор чунин бикунанд, ман номи некӯи худ зишт накунам, ки пир шудаам ва соат то соат марг

Муҳаммад маҳз дар ҳамин шаҳр кушта буданд. Аз ин рӯ Мавдуд ба ин шаҳр лашкар кашида, қасди падарро аз қотилони ӯ меситонад.

[1] яъне, чун аз қабл мехостам китоби таърих бинависам, ҳар ҷо нуктае муфид буд, онро мечустам.

[2] касе мутавҷҷеҳ нашуд.

[3] яъне, наметавонанд маро аз кор бияндозанду зиндонӣ кунанд.

даррасад». Гуфтам: «Худ ҳамчунин аст, аммо дандоне бояд намуд[1], то ҳам ин ҷо ҳашмате уфтад ва ҳам ба ҳазрат низ бидонанд, ки Хоразмшоҳ хуфта нест ва зуд-зуд[2] даст ба вай дароз натавон кард». Гуфт: «Чун Қоид боде пайдо кунад, ӯро боз бояд дошт». Гуфтам: «Беҳ аз ин бояд[3], ки сареро, ки подшоҳе чун Масъуд боди хоразмшоҳӣ дар он ниҳод, бибояд буридан, агар на зиёне сахт бузург дорад». Гуфт: «Ин бас зишту беҳашамат бошад». Гуфтам: «Ин яке бар ман боз гузорад худованд». Гуфт: «Гузоштам».

Ва ин халват рӯзи панҷшанбе буд ва мулаттафа ба хатти Султон ба Қоид расида буд ва боди азим дар сар кард ва он даъвати бузург ҳам дар ин панҷшанбе бисохт ва кори шигарф пеш гирифт ва рӯзи одина Қоид ба саломи Хоразмшоҳ омад ва маст буду носазоҳо гуфт ва таҳдидҳо кард. Хоразмшоҳ иҳтимол кард[4], ҳарчанд Тоши Моҳрӯй – сипоҳсолори Хоразмшоҳ, вайро душном дод. Ман ба хонаи хеш рафтам ва кори ӯ бисохтам. Чун ба наздики ман омад, бар ҳукми одат, ки ҳамагон ҳар одина бар ман биёмадандӣ, боде дидам дар сари ӯ, ки аз он тезтар набошад. Ман оғозидам арбада[5] кардану ӯро молидан, то чиро ҳадди адаб нигоҳ надошт пеши Хоразмшоҳ ва сақатҳо[6] гуфт? Вай дар хашм шуд ва мардаке пурманишу жожхойу[7] бодгирифта буд, суханҳои баланд гуфтан гирифт. Ман даст бар даст задам, ки нишони он буд ва мардумони куҷоти анбӯҳ даромаданду пора-пора карданд ӯро ва Хоразмшоҳ он гоҳ хабар ёфт, ки бонги ғавғо аз шаҳр баромад, ки дар пойи вай расан карда буданду мекашиданд ва ноиби баридро бихондаму симу ҷома додам, то бад-он нусхат, ки хондандӣ, инҳо кард[8]. Хоразмшоҳ маро бихонду гуфт: «Ин чист ай Аҳмад, ки рафт?» Гуфтам: «Ин савоб буд». Гуфт: «Ба ҳазрат[9] чӣ гуед?» Гуфтам: «Тадбири он кардаам». Ва бигуфтам, ки чӣ набишта омад. Гуфт: «Далер мардеӣ ту». Гуфтам: «Хоразмшоҳӣ натавон кард ҷуз чунин». Ва сахт бузург ҳашмате бияфтод.

Чун ҳадиси ин маҳбус Бусаҳли Завзанӣ охир омад, фариза доштам қиссаи маҳбусе кардан.

---

[1] дандон намудан – қудрат нишон додан.
[2] ба ин осониҳо.
[3] яъне, муҷозоти болотар аз зиндон барои ӯ лозим аст.
[4] иҳтимол кард – таҳаммулу бурдборӣ нишон дод
[5] арбада – ситеза, ҷанҷол.
[6] суханони зишт ва бад
[7] жожхой – беҳудагӯй.
[8] гузориш кард.
[9] яъне, ба пойтахт, ба Султон Масъуд.

Ҳикоят

Чунон хондам, ки чун Бузурҷмеҳри ҳаким[1] аз дини габракон[2] даст бидошт, ки дини бохалал будааст ва дини Исо Пайғамбар, салавотуллоҳи алайҳи, гирифт ва бародаронро васият кард, ки дар китоб хондаам, ки охири замон паёмбаре хоҳад омад, номи ӯ Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, агар рӯзгор ёбам[3], нахуст касе ман бошам, ки бад-ӯ бигаравам ва агар наёбам, уммедворам, ки ҳашри[4] маро бо уммати ӯ кунанд. Шумо фарзандони худро ҳамчунин васийят кунед, то Биҳишт ёбед. Ин хабар ба Кисрои Нушервон[5] бурданд. Кисро ба омили худ нома набишт, ки дарсоат чун ин нома бихонӣ, Бузурҷмеҳрро бо банди гарону ғул ба даргоҳ фирист. Омил ба фармон ӯро бифиристод. Ва хабар дар Порс[6] уфтод, ки боздоштаро фардо бихоҳанд бурд. Ҳукамову уламо наздики вай меомаданду мегуфтанд, ки моро аз илми хеш баҳра додӣ ва ҳеч чиз дареғ надоштӣ, то доно шудем; ситораи равшани мо будӣ, ки моро роҳи рост намудӣ ва оби хуши мо будӣ, ки сероб аз ту шудем ва марғзори пурмеваи мо будӣ, ки гуна-гуна аз ту ёфтем. Подшоҳ бар ту хашм гирифт ва туро мебаранд ва ту низ аз он ҳакимон нестӣ, ки аз роҳи рост боз гардӣ. Моро ёдгоре деҳ аз илми хеш.

Гуфт: «Васийят кунам шуморо, ки Худойи азза ва ҷалла ба ягонагӣ шиносед ва вайро тоъат дореду бидонед, ки кирдори зишту некӯи шумо мебинад ва он чӣ дар дил доред, медонад ва зиндагонии шумо ба фармони Ӯст. Ва чун карона шавед[7], бозгашти шумо бад-Ӯст ва ҳашру Қиёмат хоҳад буд ва суолу ҷавобу савобу иқоб[8] ва некӯӣ гӯеду некӯкорӣ кунед, ки Худой, азза ва ҷалла, ки шуморо офарид, барои некӣ офарид ва зинҳор то бадӣ накунед ва аз бадон дур бошед, ки бадкунандаро зиндагӣ кӯтоҳ бошад. Ва порсо бошеду чашму гӯшу дасту фарҷ[9] аз ҳарому моли мардум дур доред! Ва

---

[1] Бузурҷмеҳр – муъарраби Бузургмеҳр, вазири Хусрави Анушервон.

[2] габрак, габракӣ – кофир, куфр (дар мақоми таҳқир ва тавҳин); манзур дини зардуштӣ аст, ки назди мусулмонон бо таҳқир чунон хонда мешуд.

[3] агар умрам вафо кунад

[4] ҳашр – гирд омадан дар рӯзи қиёмат.

[5] Хусрави Анушервон шоҳаншоҳи муқтадири Сосониён, ки пас аз марги падараш Қубод бар тахт нишаст ва солҳои 531-579 ҳукумат ронд. Ӯ дар сиёсати дохиливу хориҷӣ муваффақ буда, некномтарин намояндаи хонадони сосонӣ аст. Арабҳо хусравро Кисро мегӯянд.

[6] Порс (Форс) – қисмате аз Эрон, ки Шероз, Исфаҳон, Кирмон ва Язд аз он ҷумла аст. Гоҳе ба маънии тамоми Эрон гуфта мешавад, чун шоҳони ҳахоманишӣ ва сосонӣ аз ин қисмати Эрон бархоста буданд.

[7] яъне, аз дунё канор равед; бимиред.

[8] шиканҷа, азоб.

[9] шармгоҳ.

бидонед, ки марг хонаи зиндагонист[1], агарчӣ бисёр зийед, он ҷо мебояд рафт. Ва либоси шарм мепӯшед, ки либоси аброр[2] аст ва рост гуфтан пеша гиред, ки рӯйро равшан дорад ва мардумон ростгӯёнро дӯст доранд ва ростгӯй ҳалок нашавад ва аз дурӯғ гуфтан дур бошед, ки дурӯғзан агарчӣ гувоҳи рост диҳад, напазиранд! Ва ҳасад коҳиши тан асту ҳосидро ҳаргиз осоиш набошад, ки бо тақдири Худой, азза-смуҳу[3], доим ба ҷанг бошад ва аҷал ноомада, мардумро ҳасад бикушад! Ва ҳарисро роҳат нест, зеро, ки ӯ чизе металабад, ки шояд вайро наниҳодаанд![4] Ва дур бошед аз занон, ки неъмат пок биситонанду хонаҳо вайрон кунанд! Ҳар ки хоҳад, ки занаш порсо монад, гирди занони дигарон нагардад! Ва мардумонро ғайбат накунед, ки ҳеч кас беайб нест! Ҳар ки аз айби худ нобино шуд, нодонтари мардумон бошад. Ва хӯйи нек бузургтари атоҳои Худой аст, азза ва ҷалла. Ва аз хӯйи бад дур бошед, ки он банди гарон аст бар дилу пой; ҳамеша бадхӯй дар ранҷи бузург бошад ва мардумон аз вай ба ранҷ! Ва некӯхуйро ҳам ин ҷаҳон бувад ва ҳам он ҷаҳон ва дар ҳар ду ҷаҳон ситуда аст. Ва ҳар ки аз шумо ба зод[5] бузургтар бошад, вайро бузургтар дореду ҳурмати ӯ нигоҳ доред ва аз ӯ гардан макашед! Ва ҳама бар умед эътимод макунед, чунонки даст аз кор кардан бикашед. Ва касоне, ки шаҳрҳову деҳҳо ва биноҳову корезҳо сохтанд ва ғами ин ҷаҳон бихӯрданд, он ҳама бигзоштанду бирафтанд ва он чизҳо мадрус[6] шуд. Ин, ки гуфтам басанда бошад ва чунин донам, ки дидори мо ба Қиёмат уфтод.

Чун Бузурҷмеҳрро ба майдони Кисро расонидаанд, фармуд, ки ҳамчунон бо банду ғул пеши мо ored. Чун пеш оварданд, Кисро гуфт: «Ай Бузурҷмеҳр, чӣ монд аз каромоту маротибе, ки онро на аз ҳусни раъйи мо биёфтӣ? Ва ба дараҷаи вазорат расидӣ ва тадбири мулки мо бар ту буд. Аз дини падарони хеш чиро даст боздоштӣ; ва ҳакими рӯзгорӣ, бар мардумон чиро намудӣ, ки ин подшоҳу лашкару раъийят бар роҳи рост нест? Ғарази ту он буд, ки то мулк бар ман бишӯронӣ ва хоссу омро бар ман берун орӣ[7], туро бар куштане кушам, ки ҳеч гунаҳкорро накуштаанд, ки туро гуноҳест

---

[1] яъне, зиндагӣ саранҷом ба хонаи марг меравад (поёни роҳи зиндагонӣ марг бувад).
[2] некӯкорон, некон.
[3] номи Ӯ гиромӣ бод.
[4] яъне, ҳарис чизе мехоҳад, ки шояд Худованд ӯро қисмат накардааст.
[5] яъне, аз назари синну сол.
[6] кӯҳна, фарсуда, бекор.
[7] яъне, аз фармону итоъати ман боз дорӣ.

бузург ва илло[1] тавба кунию бар дини аҷдоди хеш боз ойӣ, то афв ёбӣ, ки дареғ бошад чун ту ҳакиме куштан ва дигаре чун ту нест».

Гуфт: «Зиндагонии малик дароз бод, маро мардумон ҳакиму донову хирадманди рӯзгор мегӯянд, пас, чун ман аз торикӣ ба равшаноӣ омадам, ба торикӣ боз наравам, ки нодони бехирад бошам». Кисро гуфт: «Бифармоем, то гарданат бизананд!» Бузурҷмеҳр гуфт: «Доваре, ки пеши Ӯ хоҳем рафт, одил асту гувоҳ нахоҳад ва мукофот кунаду раҳмати хеш аз ту дур кунад». Кисро чунон дар хашм шуд, ки ба ҳеч вақт нашуда буд. Гуфт: «Ӯро боздоред, то бифармоем, ки чӣ бояд кард!» Ӯро боздоштанд. Чун хашми Кисро бинишаст, гуфт: «Дареғ бошад табоҳ кардани ин». Фармуд, то вайро дар хонае карданд сахт торик, чун гӯр ва ба оҳани гарон ӯро бибистанду суфе сахт дар вай пӯшиданд ва ҳар рӯз ду қурси ҷаву як каффа[2] намак ва сабӯе об ӯро вазифа[3] карданд ва мушрифон гумошт, ки анфоси вай мешумаранд ва бад-ӯ мерасонанд.

Ду сол бар ин ҷумла бимонд. Рӯзе сухани вай нашнуданд. Пеши Кисро бигуфтанд. Кисро тангдил шуду бифармуд зиндони Бузурҷмеҳр бигшоданд ва хавосу[4] қавми ӯро наздики вай оварданд, то бо вай сухан гӯянд, магар ӯ ҷавоб диҳад. Вайро ба рӯшноӣ оварданд. Ёфтандаш ба тан қавӣ ва гуна[5] бар ҷой. Гуфтанд: «Ай ҳаким, туро пашминаи ситабру[6] банди гарон ва ҷойе тангу торик мебинем. Чӣ гуна аст, ки гуна бар ҷой асту тан қавитар аст? Сабаб чист?» Бузурҷмеҳр гуфт, ки барои худ гуворише[7] сохтаам аз шаш чиз: ҳар рӯз аз он лахте бихӯрам, то бад-ин бимондаам. Гуфтанд: «Ай ҳаким, агар бинӣ[8] он маъҷун[9] моро биёмуз, то агар касе аз морову ёрони моро коре уфтад ва чунин ҳол пеш ояд, онро пеш дошта ояд». Гуфт: «Нахуст, сиқа дуруст кардам[10], ки ҳар чӣ Эзид, азза зикруҳу, тақдир кардааст, бошад. Дигар ба қазои Ӯ ризо додам. Савум пироҳани сабр пӯшидаам, ки меҳнатро ҳеч чиз чун сабр нест.

---

[1] магар ин ки.

[2] каффа – панҷа ва кафи даст.

[3] вазифа – музди ҳаррӯза, моҳона, маош; як миқдор хӯрокворӣ, ки ба касе ба муддати муайян таин шуда бошад.

[4] хавос - ҷамъи хосс, ки муқобили ом бошад; ба маънии хидматгорон ва парасторон.

[5] гуна дар ин ҷо ба маънои вазъ.

[6] дурушт

[7] гувор (гувориш) – ҳар чизи хӯрданӣ ва нӯшиданӣ, ки ба зоиқа хушмаза ояд ва зудҳазм бошад.

[8] салоҳ бинӣ.

[9] маъҷун – сиришташуда ва хамир кардашуда; ба истилоҳи тиббӣ адвияе чанд чиз сойида, ки ба шаҳд ё қивоми қанд омехта бошанд, хоҳ хушмаза бошад ё талх, ба хилофи гувориш, ки дар он хушмаза будан шарт аст.

[10] ба дурустӣ ва эътиқод эътимод ёфтаму бовар кардам.

Чаҳорум, агар сабр накунам, боре савдову[1] ношакебоиро ба худ роҳ надиҳам. Панҷум он, ки андешам, ки махлуқеро чун ман кор батар аз ин аст, шукр кунам. Шашум он, ки аз Худованд, субҳонаҳу ва таъоло, навмед нестам, ки соат то соат фарағ диҳад». Он чӣ рафт ва гуфт бо Кисро расониданд. Бо хештан гуфт: «Чунин ҳакимеро чун тавон кушт?» Ва охир бифармуд, то ӯро куштанду мусла[2] карданд ва вай ба Биҳишт рафту Кисро ба Дӯзах.

Ҳар ки бихонад, донам, ки айб накунад ба овардани ин ҳикоят, ки бефоида нест ва таърих ба чунин ҳикоят ороста гардад. Акнун ба сари таърих боз шавам. Бимашиййати-л-лоҳи ва авниҳи ва би-л-лоҳи тавфиқу[3].

Чун аз нишондани Бусаҳли Завзанӣ фориғ шуданд, Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, бо Хоҷа Аҳмад Ҳасани вазир халват кард ба ҳадиси девони арз, ки кадом касро фармуда ояд, то ин шуғлро андеша дорад?[4] Хоҷа гуфт: «Аз ин қавм Бусаҳли Ҳамдавӣ шоистатар аст». Амир гуфт: «Вайро ишрофи мамлакат[5] фармудаем ва он муҳимтар аст ва чун ӯ дигаре надорӣ, касе дигар бояд». Хоҷа гуфт: «Ин дигаронро худованд медонад, киро фармояд?» Амир гуфт: «Булфатҳи Розиро меписандам, чандин сол пеши Хоҷа кор карда аст». Хоҷа гуфт: «Марди дидорию[6] некӯву кофист, аммо як айб дорад, ки бастакор[7] аст ва ин корро кушодакоре[8] бояд». Амир гуфт: «Шогирдон баддилу[9] бастакор бошанд, чун устод шуданду ваҷеҳ гаштанд, кори дигар кунанд. Ва бибояд хондану бад-ин шуғл, умедвор кардан». Вазир гуфт: «Чунин кунам». Чун бозгашт, Булфатҳи Розиро бихонд ва холӣ карду гуфт: «Дар боби ту имрӯз сухан рафтааст ва дар шуғли арз ихтиёри Султон бар ту уфтодааст ва рӯзгори дароз аст, то туро озмудаам. Ин шуғл ту дархоста бошӣ бе фармону ишорати ман ва тавфире намуда[10]. Ва бар ман, ки Аҳмадам, чунин чизҳо пӯшида нашавад. Ва дар ҳама аҳвол ман туро ин тартиб хостамӣ, некӯтар буд, ки бо ман бигуфтӣ. Акнун равост ва

---

[1] савдо – девонагӣ, шайдоӣ, орзуи беҳуда, ғаму ғусса.
[2] мусла – гӯшу бинӣ буридан ва уқубат кардан.
[3] тарҷ: ба хосту ёрии Худованд, ки тавфиқ аз Худост.
[4] дилсӯзӣ кунад.
[5] раиси девони ишроф (муширф).
[6] ба ду маънӣ кор фармуда мешавад, яке соҳиби раъйу назар ва дигар хушманзар ё хубдидор.
[7] бастакор – кундкор, сусткор.
[8] кушодакор – он ки дар корҳо ҷуръат намояд ва зуд онҳоро файсала диҳад, муқобили бастакор.
[9] баддил – бадгумон; тарсу, буздил.
[10] тавфир – бисёр кардан; ин ҷо манзур сарфаҷӯйӣ дар махориҷ ва ба истилоҳ кам кардани миқдоре аз буҷа.

даргузаштам; дил қавӣ бояд дошту кор бар вақҳ[1] биронд. Ва ба ҳеч ҳол тавфир фаро наситонам[2], ки лашкар кам кунӣ, ки дар мулк рахна уфтад ва фасод дар оқибати он бузург аст. Аммо агар ин дуздиҳову хиёнатҳо, ки Булқосими Касиру шогирдони вай кардаанд, дарёбӣ ва ба байтулмол боз орӣ, писандида хидмате карда бошӣ». Гуфт: «Аз бист сол боз мани банда муставфии худованд будаам ва маро озмудаасту рост ёфта ва медидам, ки хиёнатҳо меравад ва мехостам, ки дар рӯзгори вазорати худованд асаре бимонад. Ин тафвир бинамудам ва ба маҷлиси олӣ муқаррар кардам. Агар раъйи сомӣ[3] бинад аз банда даргузарад, ки ба райъи худованд боз намудам. Пеш чунин саҳв наяфтад»[4]. Гуфт: «Даргузаштам, бозгард, ин шуғл бар ту қарор гирифтааст!»

Ва рӯзи дигар – шанбе Булфатҳро ба ҷомахона бурданду хилъати оризӣ пӯшид, дар он хилъат камари ҳафтсадгонӣ баст ва пеш омаду хидмат кард ва ба хона бозгашт ва аъёни ҳазрату лашкар ҳаққе гузорданд некӯ. Ва дигар рӯз ба даргоҳ омаду кор забт кард ва марде шаҳму[5] кофӣ буд ва то Хоҷа Аҳмади Ҳасан зинда буд, гоме фарох наёраст ниҳод[6] ва чун ӯ гузашта шуд, майдон фарох ёфт ва даст ба тавфири лашкар бурду дар он бисёр халалҳо уфтод, ба ҷойи худ биёрам ҳар як.

Ва дар ин вақт мулаттафа расид аз мунҳиёни[7] Бухоро, ки Алитагин албата намеоромад ва жож мехояду лашкар месозад. Ва аз ду чиз бар дили вай ранҷе бузург аст: яке он ки Амири мозӣ бо Қадархон дидор кард, то бад-он ҳашамати хонӣ Туркистон аз хонадони эшон бишуд ва дигар ӯро умед карда буд худованд, ки мулк ҳанӯз якрӯя нашуда буд, ки чун ӯ лашкар фиристад бо писаре, ки ёрӣ диҳад, ӯро вилояте диҳад. Чун бечангу изтироб кор якрӯя шуд ва бемунозеъ тахти мулк ба худованд расид, дар он аст, ки фурсате ёбаду шарре бапой кунад, ҳарчанд, то худованд ба Балх аст, набояд андешид.

Чун Амир бар ин ҳол воқиф гашт, Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ва Бунасри Мушконро бихонду холӣ кард ва дар ин боб раъй хост, ҳар гуна сухан гуфтанду рафт. Амир гуфт: «Алитагин душмани бузург аст ва тамаъи вай, ки уфтодааст, муҳол аст. Савоб он бошад, ки вайро аз Мовароуннаҳр баркананда ояд. Агар Буғротагин –

---

[1] яъне ба тариқи дуруст.
[2] напазирам.
[3] сомӣ – олӣ, олидараҷа.
[4] дигар чунин иштибоҳ нахоҳам кард.
[5] шаҳм – бошаҳомату далер, чолоку сарвару тезхотир.
[6] яъне, ёрои қадам аз андоза берун гузоштан надошт.
[7] мунҳӣ расонандаи хабару пайғом, огоҳкунанда, паёмрасон.

писари Қадархон, ки бо мо васлат дорад, биёяд, халифати мо бошад ва хоҳаре, ки аз они мо ба номи вай аст, фиристода ояд, то моро домоду халифа бошад ва шарри ин фурсатҷӯй дур шавад. Ва агар ӯ наёяд, Хоразмшоҳ Олтунтошро бифармоем, то рӯй ба Мовароуннаҳр кунад бо лашкаре қавӣ, ки кори Хоразм мустақим аст, як писар ва фавҷе лашкар он ҷо нишаста бошад». Хоҷа гуфт: «Мовароуннаҳр вилояте бузург аст. Сомониён, ки умарои Хуросон буданд, ҳазрати худ он ҷо сохтанд. Агар ба даст ояд, сахт бузург коре бошад, аммо Алитагин гурбузи муҳтол[1] аст, сӣ сол шуд, то вай он ҷо мебошад. Агар Олтунтошро андешидааст, савоб он бошад, ки расуле боном наздики Хоразмшох фиристода ояд ва дар ин боб пайғом дод. Агар баҳона орад ва он ҳадиси Қоиди Манҷуқ дар дили вай мондааст, ин ҳадис тай бояд кард[2], ки бе ҳашмати вай Алитагинро барнатавон андохт, то он гоҳ, ки аз навъи дигар андешида ояд ва агар нишоти рафтан кунад, муқаррар гардад, ки он реш[3] намондааст». Амир гуфт: «Муваҷҷаҳ ин аст. Кадом кас равад?» Хоҷа Бунаср гуфт: «Амираки Байҳақиро – соҳиббариди Балх бифиристем. Ва агар хоҳем, ки Хоразмшоҳ биравад, кахудои лашкар Абдусро бояд фиристод». Амир гуфт: «Ҷуз ин нашояд». Дарсоат Абдусро бихонданд ва устодам номаҳо нусхат кард сахт ғарибу нодир ва хилъате боном, ки дар он пили нару мода буд, панҷ сар Хоразмшоҳро ва хилъатҳои дигар Хоҷа Аҳмади Абдуссамад ва хоссагони Хоразмшоҳро ва авлиёву ҳашами султониро. Ва Абдус аз Балх сӯйи Хоразмшоҳ рафт ва Хоразмшоҳ қасди Алитагин кард ва кушта шуд. Ва дар он муддат чанд кор Султон Масъуд баргузорд ҳама боном, онҳоро низ мебояд набишт, ки шарту расми таърих ин аст.

Амир, рӯзи одина, дувуми рабеъулаввал[4], сӯйи манҷуқиён рафт ба шикор ва он ҷо бисёр такаллуф рафт ва ҷаҳоне сабзу зарду сурх буд. Бо ин фармуд, то тародаҳо[5] ғуломони саройӣ аз дур бизаданд ва бар он шароб хӯрду нишот кард ва ба боғ боз омад дар боқии рабеъулаввал.

Ва ғурраи рабеъулохир[6] чанд қосид омаданд аз наздики Абдус, ки корҳо бар мурод аст ва Олтунтош хилъат пӯшида ва басиҷи рафтан кард. Ва Тоҳири дабирро номзад карда буд Амир, то сӯйи Рай равад ба кадхудоии лашкаре, ки бар сипоҳсолор Тошфаррош

---

[1] гурбузи муҳтол – фиребгари ҳиласоз

[2] яъне, ин ҳодисаро фурӯгузор бояд кард.

[3] реш – ҷароҳат; ишора ба ранҷидагии Олтунтош пас аз қазияест, ки зикри он дар боло омад.

[4] баробар бо 18 феврали соли 1032.

[5] тарова ё тарода – ҷомаи рангин, ки бар сари алам ва нишон банданд.

[6] баробар бо 17 марти соли 1032

аст. Ва соҳиббариду хозин номзад шуд. Ва хилъати вай рост карданд ва Булҳасани Карачии надимро хозинӣ дод ва Булҳасани Ҳабаширо соҳиббаридӣ ва Гаҳаройини хазинадорро солорӣ. Ва Ҳочиби Ҷомадор Маҳмуди Ёруқтағмишро ва чанд тани дигарро аз ҳуҷҷобу сарҳангони Қуму Кошону Ҷиболу он навоҳӣ номзад кард. Ва сешанбе, шашуми рабеъулохир[1], хилъатҳо рост карданд ва дарпӯшиданд ва пеш омаданд ва Амир эшонро бинавохт. Ва рӯзи панҷшанбе ҳаштуми ин моҳ равон карданд.

Ва ҳам дар ҳамин рӯзгор хабар расид, ки Нӯшервон, писари Манучеҳр[2], ба Гургон гузашта шуд ва гуфтанд: Бокалиҷори холаш[3] бо Ҳочиби бузурги Манучеҳр сохта буд ва ӯро заҳр доданд. Ва ин кӯдак норасида буд, то подшоҳӣ Бокалиҷор бигирад. Ва номаҳо расида буд ба Ғазнин, ки аз табори Мардовезу[4] Вушмагир[5] кас намондааст нарина, ки мулк бад-ӯ тавон дод. Агар худованд-султон дар ин вилоят Бокалиҷорро бидорад, ки ба рӯзгори Манучеҳр корҳо ҳама ӯ меронд, тартиб ба ҷойгоҳ бошад. Ҷавоб рафт, ки «савоб омад, рояти олӣ Меҳргон қасди Балх дорад, расулон бояд фиристод, то он чӣ ниҳоданист, бо эшон ниҳода ояд». Ва чун ба Балх расид, Булмаҳосин – раиси Гургону Табаристон он ҷо расид ва қозии Гургон Бумуҳаммади Бастомӣ ва Шарифи Булбаракот ва Дайламии муҳташам ва Шерачи Лайлӣ ва эшонро пеш оварданд. Ва пас аз он Хочаи Бузург нишасту корҳо рост карданд: Амир Бокалиҷор духтарашро аз Гургон бифиристад ва устодам маншури Бокалиҷор таҳрир карду хилъати сахт фохир рост карданд ва ба расулон супурданд ва эшонро хилъат доданд. Ва Тоҳирро мисол буд, то моли замони гузашта ва он чӣ акнун замон карда буданд, биталабад ва ба Нишобур фиристад наздики Сурии соҳибдевон, то бо ҳимли[6] Нишобур ба ҳазрат оранд.

Ҳаждаҳуми ин моҳ нома расид ба гузашта шудани волидаи[7] Бунасри Мушкон ва зане оқила буд ва аз устодам шунудам, ки чун Султон Маҳмуд Ҳасанакро вазорат дода буд ва душман гирифта[8], бо чунон дӯстӣ, ки ӯро дошт, волидаам гуфт: «Ай писар, чун Султон касеро вазорат дод, агарчӣ дӯст дорад он касро, дар ҳафтае душман

---

[1] баробар бо 22 марти соли 1032
[2] яке аз амирони Оли Зиёр (Зиёриён)
[3] тағои Нӯшервон.
[4] Мардовиз ё Мардовиҷ (928-935) – муассиси сулолаи Зиёриён (928 – 1013).
[5] Вушмагир яке аз подшоҳони Оли Зиёр (935 – 968)
[6] ҳимл – бор.
[7] волида – модар.
[8] бо ӯ душман шуд.

гирад, аз он ҷиҳат, ки ҳамбози[1] ӯ шавад дар мулк ва подшоҳӣ ба анбозӣ натавон кард». Ва Бунаср ба мотам бинишаст. Ва некӯ ҳаққ гузорданд. Ва Хоҷаи Бузург дар ин таъзият биёмад ва чашм сӯйи ин боғча кашид, ки биҳштро монист, аз бисёрии ёсамини шукуфта ва дигар раёҳину мурду[2] наргису сарви озод. Бунасрро гуфт: «Набоястӣ, ки мо ба мусибат омада будеме, то ҳаққи ин боғча гузорда омадӣ, чунонки дар рӯзгори Султон Маҳмуд ҳаққи Боғчаи Ғазнин гузордем». Ва асбаш ба каронаи ривоқ[3], ки ба мотам он ҷо нишаста буданд, оварданду барнишаст ва Бунаср дар рикобаш бӯса доду гуфт: «Худованд боқӣ бод, он фахр, ки бар сари ман ниҳод, бад-ин ранҷа шудан, ки ҳаргиз мадрус[4] нашавад ва аҷиб набошад, ки ин боғ он саъодат, ки Боғи Ғазнин ёфт, биёбад. Ва ҳарчанд Амир бар забони Булҳасани Уқайлӣ пайғом фиристода буд дар маънии таъзият, рӯзи чаҳоршанбе ба хидмат рафт, Амир ба лафзи олии худ таъзият кард.

Қиссаи Боғи Ғазнин ва омадани Хоҷа бигӯям, яке он, ки бинамоям ҳашмати устодам, ки вазире бо бузургии Аҳмади Ҳасан ба таъзият ва даъват наздики вай омад. Аз устодам шунудам, ки Амири мозӣ ба Ғазнин рӯзе нишоти шароб кард ва бисёр гул оварда буданд ва он чӣ аз боғи ман аз гули садбарг бихандид, шабгир онро ба хидмати амир фиристодам ва бар асар ба хидмат рафтам. Хоҷаи Бузург ва авлиёву ҳашам бирасиданд. Амир дар шароб буд. Хоҷарову маро боз гирифт[5] ва бисёр нишот рафт ва дар чоштгоҳ Хоҷа гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, шарт он аст, ки вақти гул сотгине[6] хӯрданд, ки меҳмонест чиҳилрӯза, хосса чунин гуле, ки аз ин рангинтару хушбӯтар натавонад буд». Амир гуфт: «Бунаср фиристодааст аз боғи хеш». Хоҷа гуфт: «Боястӣ, ки ин боғро дида шудӣ». Амир гуфт: «Мизбоне меҷӯйӣ?» Гуфт: «Ночор». Амир рӯй ба ман карду гуфт: «Чӣ гӯӣ?» Гуфтам: «Зиндагони худованд дароз бод, рӯбоҳонро заҳра набошад аз шери хашмолуд, ки сайд ба юзон[7] намоянд, ки ин дар сахт бибаста аст». Амир гуфт: «Агар шер дастурӣ диҳад?» Гуфт: «Бале, битавон намуд». Гуфт: «Дастурӣ додам, бибояд намуд». Ҳарду хоҷа хидмат карданд. Ва сотгине

---

[1] ҳамбоз – анбоз, шарик, ҳамто, монанд.

[2] мурд – номи дарахте, ки баргаш дар ниҳояти сабзӣ ва тароват бошад

[3] ривоқ, равоқ ё рувоқ – сақфе, ки дар мақдами хоан созанд, пешгоҳи хона, айвон.

[4] кӯҳна, фарсуда.

[5] назди худ нигоҳ дошт.

[6] сотгин – пиёла ва қадаҳи бузурге, ки бо он бода нӯшанд.

[7] юз – ҷонварест шабеҳи паланг ва кӯчактар аз он, ки чун зуд аҳлӣ мешавад, дар қадим онро барои шикори оҳуву гавазн тарбият мекарданд.

оварданду нишоти тамом рафт ва он шароб хӯрдан ба поён омад. Пас аз як ҳафта Султонро устодам бигуфт ва дастурӣ ёфт ва Хоҷа Аҳмад ба боғ омаду кори шигарфу бузург пардохта буданд. Намози дигар Амир Абулҳасани Уқайлиро он ҷо фиристод ба пайғом ва гуфт: «Булҳасанро нигоҳ бояд дошт ва дастурӣ додем, фардо сабуҳ[1] бояд кард, ки бомдод боғ хуштар бошад». Ва ҳарду меҳтар бад-ин навохт шодмона шуданд ва дигар рӯз бисёр нишот рафт ва намози дигар бипарогандand.

Рӯзи сешанбе, бистум ин моҳ[2] номаи Абдус расид бо саворони мусриъ, ки «Хоразмшоҳ ҳаракат кард аз Хоразм бар ҷониби Омӯй ва маро сӯйи даргоҳ бозгардонид ба мурод». Амир рӯзи дигар барнишаст ва ба саҳро омад ва солору лашкарро, ки номзад карда буданд, то бо Олтунтош пайвандад, дидан гирифт ва то намози дигар саворон мегузаштанд бо созу силоҳи тамом ва пиёдаи анбӯҳ. Гуфтанд, адади эшон понздаҳ ҳазор аст. Чун лашкар ба таъбия[3] бигузашт, Амир овоз дод, ин ду солор Багтагини Чавгонии падарӣ[4] ва Пирии охурсолор[5] Масъудиро ва сарҳангонро, ки «ҳушёру бедор бошед ва лашкарро аз раъийят чӣ дар вилояти худ ва чӣ дар вилояти бегонаву душман, даст кӯтоҳ доред, то бар касе ситам накунанд. Ва чун ба сипоҳсолор Олтунтош расед, некӯ хидмат кунеду бар фармони ӯ кор кунед ва ба ҳеч чиз мухолафат макунед». Ҳама бигуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва пиёда шуданду замин бӯса доданду бирафтанд. Ва Амираки Байҳақии соҳиббаридро бо он лашкар ба соҳиббаридӣ номзад карданд ва ӯро пеш хонду бо вазиру Бунасри Мушкон холӣ кард ва дар ҳама маъонӣ мисол дод ва ӯ ҳам хидмат карду равон шуд.

Рӯзи душанбе, ғурраи моҳи ҷумодалулои ин сол[6] Алии Дояро ба ҷомахона бурданд ва хилъати сипоҳсолорӣ пӯшониданд, ки Хоҷаи Бузург гуфта буд, ки «аз вай ваҷеҳтар мардеву пире нест ва олату уддат ва мардуму ғулом дорад». Ва чунон хилъате, ки расми қадим буд сипоҳсолоронро пӯшониданд ва бозгашт ва ӯро некӯ ҳаққ гузорданд.

---

[1] сабуҳ – шаробе, ки бомдодон нӯшида шавад; сабуҳ кардан ба маънии шароб дар бомдод нӯшидан.

[2] манзур моҳи рабеъулохир аст; баробар бо 5 апрели соли 1032.

[3] таъбия – оростан; дар ин асар зиёд ба кор рафтааст, ки асосан ба маънои сафороийи лашкар ва ба ҷанг омода кардани лашкар аст.

[4] аз падариён, яъне атрофиёни Маҳмуд; касоне, ки дар замони салтанати Маҳмуд дар сари кор буданд.

[5] охурсолор – мирохур; сарвари истабл (оғил)-и шоҳӣ.

[6] баробар бо 15 апрели соли 1032.

Дигар рӯз сӯйи Хуросон рафт бо чаҳор ҳазор савори султонӣ, чунонки чумла гӯш ба мисолҳои Тошфарроши сипоҳсолор доранд ва аз они Тоҳири дабир ва ба Тӯс муқом кунанд ва пуштивони он қавм бошанд ва ҳамгинонро дил медиҳад ва эҳтиёт кунад, то дар Хуросон халал наяфтад.

Ва муаммое расид аз они Амирак, ки «Хоразмшоҳ чун лашкари султонӣ бидид, аввал бишкӯҳид[1], ки Алитагин таъбия аст[2]. Худро фароҳам бигирифт ва киштӣ аз миёни Ҷайҳун боз гардонида буд, то кадхудояш Аҳмади Абдуссамад ӯро қуввати дил дод. Ва ҳарчанд чунин аст, Хоразмшоҳ чун дилшудае[3] мебошад ва банда чанд дафъа ба наздики вай рафт, то оромгунае ёфт, магар оқибати кор хуб шавад, ки акнун боре ба ибтидо торик менамояд». Вазир гуфт: «Хоразмшоҳ боз нагашт ва бирафт, ин кор бархоҳад омад ва халале назояд».

Ва бар роҳи Балх аскудор нишонда буданд ва дил дар ин ахбор баста ва ҳар рӯз аскудор мерасид, то чоштгоҳ аскудоре расид, халқа барафкандаву бар дар зада, ки «чун Хоразмшоҳ аз Ҷайҳун бигзашт, Алитагинро маълум шуд, шаҳри Бухоро ба ғозиёни Мовароуннаҳр супурд ва хизона ва он чӣ хифф[4] дошт, бо хештан бурд ба Дабусӣ[5], то он ҷо ҷанг кунад. Ва ғуломе саду панҷоҳро, ки хиёра[6] омаданд, мисол дод, то ба қуҳандиз эшонро нигоҳ доранд».

Хоразмшоҳ чун бишнид, даҳ сарҳанг бо хайл сӯйи Бухоро тохтане бидоранд ва худ ба таъбия рафт ва роҳҳо аз чапу рост бигирифт, то аз камин халале назояд. Ва чун ба Бухоро расид, шиҳнаи Алитагин ба Дабусӣ гурехт ва ғозиёни Мовароуннаҳру мардуми шаҳр ба тоъат пеш омаданд ва давлати олиро бандагӣ намуданду гуфтанд: «Дер аст то дар орзуи онанд, ки раъийяти Султони аъзам, малики ислом, Шаҳобуддавла, адомаллоҳу султонаҳу, бошанд. Хоразмшоҳ эшонро бинвохту мисол дод, то қуҳандизро дарпечиданд ва ба қаҳру шамшер бистаданд. Ва ғуломе ҳафтод турки хиёра ба даст омаданд, ҷудо карданд, то ба даргоҳи олӣ фиристанд ва қуҳандизу ҳисор ғорат карданду бисёр ғанимату сутур ба дасти лашкар уфтод. Ва Хоразмшоҳ дигар рӯз қасди Дабусӣ кард ва ҷосусон расиданд, ки Алитагин лашкари анбӯҳ овардааст, чӣ он чӣ дошт ва чӣ он чӣ туркмонону салҷуқиёну ва ҳашарӣ ва ҷанг ба Дабусӣ хоҳад кард, ки ба ҷониби Сағониён пайваста аст. Ва ҷойгоҳи

---

[1] битарсид
[2] яъне, Алитагин худро омодаи ҷанг кардааст.
[3] парешон.
[4] сабук.
[5] Дабусӣ номи маҳалле дар Суғд.
[6] баргузида.

камин аст ва оби равону дарахтони бисёр. Ва ба давлати олӣ зафару нусрат хоҳад намуд».

Ва Амир суффае фармуда буд, бар дигар ҷониби боғ баробари хазро, суффае сахт баланду паҳно дархурди боло, муширф бар боғ ва дар пеш ҳавзе бузург ва саҳне фарох, чунонки лашкар дурӯя биистодӣ. Ва муддате буд, то бароварда буданд, ин вақт тамом шуда буд. Фармуданд Хоҷа Абуабдуллоҳ Ҳусайн ибни Алии Микойилро то коре сахт некӯ бисохтанд, ки Амир сешанбе, ҳаждаҳуми моҳи ҷумодалуло[1] дар ин суффаи нав хоҳад нишаст. Ва ин рӯз он ҷо бор дод ва чандон нисор карданд, ки ҳадду андоза набуд. Ва пас аз бор барнишаст ба майдоне, ки наздики ин суффа буд, чавгон бохтанду тир андохтанд. Ва дар ин суффа хоне ниҳоданд сахт бузург. Ва Амир ба гармоба рафт аз майдон ва аз гармоба ба хон рафт ва аъёну арконро ба хон бурданд ва нон хӯрдан гирифтанд ва шароб гардон шуд ва аз хон мастон бозгаштанд. Ва Амир нишоти хоб кард ва гул бисёр оварданд ва мисол доданд, ки бознагарданд, ки нишоти шароб хоҳад буд.

Ва аз гулшан устодам ба девон омад, аскудори Байҳақӣ расид, ҳалқа барафганда ва бар дар зада, устодам бигшоду ранг аз рӯяш бигашт; расм он буд, ки чун номаҳо расидӣ, руқъате набиштӣ ва Бунасри девонбонро додӣ, то ба ходим расонад. Ва агар муҳим будӣ, ба ман додӣ, ин мулаттафа бардошту ба наздики Оғоҷии ходим бурд хосса. Ва Оғоҷӣ хабар кард, пеш хонданд, даррафт. Мутрибонро боз гардониданд ва Хоҷаи Бузургро бихонданд ва Амир аз сарой баромад ва бар эшон холӣ дошт то намози дигар. Вазир бозгашт ва устодам ба девон нишаст ва маро бихонду нома нусхат кардан гирифтам. Номаҳои Амираки Байҳақӣ буд бар он ҷумла, ки «Олтунтош чун ба Дабусӣ расид, талеъаи[2] Алитагин пайдо омад, фармуд, то кӯс фурӯ кӯфтанд ва буққо бидамиданд, бо таъбияи тамом биронд ва лашкаргоҳе карданд баробари хасм ва обе бузург дар миён ва дастовезе ба по шуд қавӣ ва ҳар ду лашкарро, ки талеъа буданд, мадад расид, то миёни ду намоз лашкар фуруд омад ва талоеъ бозгаштанд. Хоразмшоҳ бар болое биистод ва ҷумлаи солорону аъёнро бихонду гуфт: «Фардо ҷанг бошад ба ҳама ҳол, ба ҷойи худ боз равед, имшаб некӯ пос доред ва агар овозе уфтад, дил аз хештан мабуред ва наздики дигар маравед, ки ман эҳтиёт дар кайд[3] кардану талеъа доштану ҷанг ба ҷой овардаам, то чун хасм пайдо ояд, ҳукм ҳол ва мушоҳадатро бошад». Ва Амираки

[1] баробар бо 2 майи соли 1032-и милодӣ

[2] талеъа (талиъа) – фавҷе, ки ба шаб ҳифозати лашкар кунанд; муқаддама ё гурӯҳи пешгарди лашкар.

[3] кайд – макр, ҳила, фиреб.

Байҳақиро бо худ бурду нон дод ва кадхудо ва хоссагонашро ҳозир намуданд. Чун аз нон фориғ шуд, бо Аҳмад ва Тоши сипоҳсолор ва чанд сарҳанги маҳмудӣ холӣ карду гуфт: «Ин Алитагин душмане бузург аст. Аз бими Султони мозӣ оромида буд, ӯро умеде карданд ва чун кор якрӯя шуд, агар бар он бирафтандӣ, ин мард фасоде напайвастӣ ва мухолафате изҳор накардӣ. Чун мунҳиён навиштанд, ки ӯ норост аст, худованд-султон Абдусро наздики ман фиристод ва дар ин маъонӣ фармон дод, чӣ чора буд аз фармонбурдорӣ, ки музаррибон сурати ман зишт карда буданд. Акнун кор ба шамшер расид, фардо ҷанги саъб хоҳад буд ва ман на аз он мардонам, ки ба ҳазимат бишавам; агар ҳол дигаргуна бошад, ман нафси худ ба Хоразм набарам, агар кушта шавам равост, дар тоъати худованди худ шаҳодат ёбам, аммо бояд, ки ҳаққи хидмати қадими ман дар фарзандони ман риъоят карда ояд. Ҳамгинон гуфтанд: «Иншоаллоҳу таъоло, ки хайру нусрат бошад». Пас мисол дод, то бар чаҳор ҷониб талеъа рафт ва ҳар эҳтиёт, ки аз солоре бузург хонда омад ва шунуда, ба ҷой оварду қавм бозгаштанд. Ва мухолифон ба чанд дафъат қасд карданд, овозҳо уфтод, душманон куру кабуд[1] бозгаштанд.

Чун субҳ бидамид, Хоразмшоҳ бар болое биистоду солорону муқаддамон наздики вай ва таъбияҳо бар ҳоли хеш. Гуфт: «Ай озодмардон, чун рӯз шавад, хасме сахт шӯху гурбуз пеш хоҳад омад ва лашкаре якдил дорад, ҷонро бихоҳанд зад. Ва мо омадаем, то ҷону моли эшон биситонем ва аз бех барканем. Ҳушёру бедор бошед ва чашм ба аломати ман дар қалб доред, ки ман он ҷо бошам, ки агар иёзанбиллоҳ, сустӣ кунед, халал уфтад, Ҷайҳуни бузург дар пеш аст ва гурезгоҳи Хоразм сахт дур аст ва ба ҳақиқат ман ба ҳазимат[2] нахоҳам рафт, агар маро фаро гузоред, шуморо ба оқибат рӯйи худованд мебояд дид. Ман он чӣ донистам, гуфтам». Гуфтанд: «Хоразмшоҳ доди мо бидод, то ҷон бизанем!» Ва Хоразмшоҳ дар қалб истод ва дар ҷаноҳ он чи лашкари қавитар буд, ҷониби қалб номзад кард, то агар майманаву майсараро ба мардум ҳоҷат уфтад, мефиристад. Ва Багтагини Чавгонию Пирии Охурсолорро бигуфт, то бар маймана биистоданд бо лашкаре сахт қавӣ. Ва Тоши сипоҳсолорашро бар майсара бидошт ва баъзе лашкари султонӣ. Ва соқаи қавӣ бигумошт ҳар ду тарафро ва панҷ сарҳанги муҳташамро бо муборизон мисол дод, ки ҳар кас аз лашкар бозгардад, миён ба ду ним кунанд. Ва баробари талеъа саворони гузидатар фиристодан гирифт.

---

[1] куру кабуд – зишт ва нодилпазир ва маҷозан навмеду зиёндида.

[2] ҳазимат – шикаст хӯрдан, фирор кардани лашкар.

Чун рӯз шуд, кӯс фурӯ кӯфтанду буқ бидамиданду наъра баромад. Хоразмшоҳ ба таъбия ронд, чун фарсанге канораи рӯд бирафт, об поёб[1] дошт ва махуф буд. Саворе чанд аз талеъа битохтанд, ки Алитагин аз об бигузашт ва дар саҳрое сахт фарох биистод аз як ҷониби рӯд ва дарахти бисёр ва дигар ҷониб давродаври лашкар, ки ҷанг ин ҷо хоҳад буд. Ва чунин мегӯянд, ки се ҷойи камин сӯйи буна ва соқа сохтааст, ки аз лаби рӯд дароянд ва аз паси пушт машғулӣ[2] диҳанд. Ҳарчанд Хоразмшоҳ кадхудояшро бо буна ва соқаи қавӣ истонида буд, ҳазор савору ҳазор пиёда боз гардонид, то сохта бошанд бо он қавм. Ва нақибон тохт сӯйи Аҳмад ва соқаву сӯйи муқаддамон, ки бар лаби рӯде мураттаб буданд, пайғом дод, ки ҳол чунин аст. Пас биронд, бо якдигар расиданд ва Амиракро бо хештан бурд, то мушоҳиди ҳол бошад ва гувоҳи вай. Ва Амиракро бо хештан дар боло биистонид ва Алитагин ҳам бар болое биистод, аз аломати сурх ва чатр ба ҷой оварданд[3].

Ва ҳар ду лашкар ба ҷанг машғул шуданд ва овезише[4] буд, ки Хоразмшоҳ гуфт дар муддати умр чунин ёд надорад. Майманаи Алитагин намози пешин бар майсараи Хоразмшоҳ баркӯфтанд ва нек бикӯшиданду ҳазимат бар Хоразмшоҳ уфтод. Хоразмшоҳ бонг бар зад ва мададе фиристод аз қалб, забт натавонист кард ва лашкари майсара бирафтанд, Тоши Моҳрӯй монд, сипоҳсолораш ва саворе дувист хештанро дар рӯд афганданд ва ҳама бигзаштанд. Хоразмшоҳ майманаи худро бар майсараи эшон фиристод, нек сабот карданд, душман сахт чира шуд, чунонки аз ҳар ду рӯй бисёр кушта шуд ва хаста омад ва лашкари маймана бозгашт. Ва Багтагини Ҳоҷиби Чавгонӣ ва Пирии Охурсолор бо саворе понсад меовехтанд ва душман анбӯҳтар рӯй бар эшон ниҳод ва бим буд, ки ҳамагон табоҳ шаванд, Хоразмшоҳ ва қалб аз ҷой бирафтанд ва рӯй ба қалби Алитагин ниҳоданд ва Багтагину Пирӣ бад-ӯ пайвастанд ва қавме савори ҳазиматиён. Ва Алитагин низ бо қалбу майсараи худ даромад ва Хоразмшоҳ найза бистаду пеш рафт, чун аломаташ лашкар бидиданд, чун кӯҳи оҳан даромаданд ва чандон кушта шуд аз ду рӯй, ки саворонро ҷавлон душвор шуд ва ҳар ду лашкар бад-он бало сабр карданд, то ба шаб, пас аз якдигар бозгаштанд, чунонки

---

[1] поёб – обе, ки пой бар замини он расад ва аз он ҷо пиёда тавон гузаштан, бар хилофи ғарқоб.

[2] машғулӣ – нигаронию изтироб ва парешонии хотир.

[3] ба ҷо овардан – фаҳмидан, шинохтан.

[4] овезиш – овехтан ба маънои ҷангу пайкор, набард. Низомӣ мефармояд:

Чӣ созем тадбираш аз созу ҷанг,
Ки омад ба овезиш ин кор танг.

ҷанг қоим[1] монд ва агар Хоразмшоҳ он накардӣ, лашкаре бад-он бузургӣ ба бод шудӣ.

Ва тире расида буд Хоразмшоҳро ва коргар[2] уфтода бар ҷое, ки аз сангҳои қалъате, ки дар Ҳиндустон аст, санге бар пойи чапи ӯ омада буд. Он шаҳомат бин, ки он дард бихӯрд ва дар маърака изҳор накард ва ғуломро фармуд, то тир аз вай ҷудо карду ҷароҳат бибаст ва чун ба лашкаргоҳ расид, ёфт қавмро бар ҳоли хеш, ҳеч халал наяфтода буд ва ҳазиматиёнро дил дода ва ба ҷойи хеш бидошта. Ҳарчанд каминҳо чанд бор қасд карда буданд, Хоҷа Аҳмади кадхудояш ва он қавм, ки он ҷо мураттаб буданд, эҳтиёт карда буданд, то халале наяфтода буд. Хоразмшоҳ эшонро бисёр некӯӣ гуфт ва ҳарчанд маҷруҳ буд, кас надонист ва муқаддамонро бихонду фуруд овард ва чанд танро маломат кард ва ҳар як узр хостанд. Узр бипазируфту гуфт: «Бозгардед ва сохта пагоҳ биёед, то кори хасм файсал карда ояд, ки душман мақҳур шудааст ва агар шаб наёмадӣ, фатҳ баромадӣ». Гуфтанд: «Чунин кунем!» Аҳмадрову маро бозгирифту гуфт: «Ин лашкар имрӯз ба бод шуда буд, агар ман пой наяфшурдамӣ ва ҷон базл накардаме, аммо тире расид бар ҷойгоҳе, ки вақте ҳамон ҷой санге расида буд, ҳарчанд чунин аст, фардо ба ҷанг равам». Аҳмад гуфт: «Рӯй надорад маҷруҳ ба ҷанг рафтан, магар маслаҳате бошад, ки боде дар миён ҷаҳад, то нигарем, ки хасм чӣ кунад, ки ман ҷосусон фиристодаам ва шабгир даррасанд». Ва талеъаҳо номзад кард мардуми осуда[3]. Ва ман бозгаштам. Вақти саҳар касе омад ва касе ба таъҷил маро бихонд, наздики вай рафтам. Гуфт: «Дӯш ҳама шаб нахуфтам аз ин ҷароҳат». Ва соате шуд, то ҷосусон биёмаданду гуфтанд: «Алитагин сахт шикаставу мутаҳаййир шудааст, ки мардумаш кам омадааст ва бар он аст, ки расулон фиристад ва ба сулҳ сухан гӯяд, ҳарчанд чунин аст, чора нест, ба ҳила барнишинему пеш равем». Аҳмад гуфт: «То Хоҷа чӣ гӯяд?» Гуфтам: «Аъёни сипоҳро бибояд хонд ва намуд[4], ки ба ҷанг хоҳад рафт, то лашкар барнишинад, он гоҳ кас битозем, ки аз роҳи мухолифон дарояд аз талеъагоҳ, то гӯяд, ки хасмон ба ҷанг пеш нахоҳанд омад, ки расул меояд, то имрӯз осоише бошад Хоразмшоҳро, он гоҳ нигарем». Хоразмшоҳ гуфт: «Савоб аст». Аъёну муқаддамонро бихонданд ва Хоразмшоҳро бидиданду бозгаштанд ва савор биистоданд.

---

[1] қоим – пойдор, устувор; ба истилоҳи шатранҷбозон он ки ду ҳариф баробар бошанд.

[2] коргар – таъсирнок, таъсирбахш, муссир; коргар уфтодан – таъсир бахшидан, асар кардан.

[3] осуда – тозанафас.

[4] вонамуд кард.

Ва кӯси ҷанг бизаданд, Хоразмшоҳ асб хост ва ба ҷаҳд барнишаст, асб тундӣ кард, аз қазои омада, бияфтод, ҳам бар ҷониби афгор ва дасташ бишикаст; пӯшида ӯро дар саройпарда бурданд ба хиргоҳ ва бар тахт бихобониданд ва ҳуш аз вай бишуд, Аҳмад ва Амиракро бихонду гуфт: «Маро чунин ҳол пеш омад ва ба худ машғул шудам он чӣ савоб аст бикунед, то душман комӣ[1] набошад ва ин лашкар ба бод нашавад». Аҳмад бигристу гуфт: «Беҳ аз ин мебошад, ки худованд меандешад, тадбири он карда шавад». Амиракро ба наздики лашкар бурд ва эшонро гуфт, ки «Имрӯз ҷанг нахоҳад буд, мегӯянд Алитагин кӯфта шудааст ва расул хоҳад фиристод, талеъаи лашкар думодум[2] кунед, то лашкаргоҳи мухолифон, агар ҷанг пеш орад, барнишинему кор пеш гӯем, агар расуле бифиристад, ҳукм мушоҳадатро бошад». Гуфтанд: «Сахт савоб аст». Ва равон карданд ва кӯс мезаданд ва ҳазм[3] нигоҳ медоштанд.

Ин гурги пир[4] ҷанги пешин рӯз бидида буд ва ҳоли заъфи худовандаш; дар шаб кас фиристода буд назди кадхудойи Алитагин – Маҳмудбек ва пайғом дода ва гуфта намуда, ки асли таҳаввур ва тааддӣ аз шумо буд, то Султон Хоразмшоҳро ин ҷо фиристод ва чун мо аз об гузора кардем, воҷиб чунон кардӣ ва ба хирад наздик будӣ, ки меҳтарат расуле фиристодӣ ва узр хостӣ аз он фарохсуханиҳо ва табассутҳо, ки Султон аз ӯ биёзурд, то Хоразмшоҳ дар миён омадӣ ва ба шафоъат сухан гуфтӣ ва кор рост кардӣ ва чандин хун рехта нашудӣ. Қазо кор кард. Ин аз аҷз намегӯям, ки чошнӣ дида омад ва худованд-султон ба Балх асту лашкар думодум, мо кадхудоёни пешкори муҳташамон бошем, бар мо фариза аст салоҳ нигоҳ доштан ва ҳарчанд Хоразмшоҳ аз ин чӣ гуфтам, хабар надорад ва агар бидонад ба ман балое расад, аммо нахоҳам, ки беш хуне рехта шавад. Ҳаққи мусалмонӣ ва ҳаққи муҷоварати[5] вилоят аз гардани хеш берун кардам, он чӣ салоҳи хеш дар он донед, мекунед.

Кадхудои Алитагин ва Алитагин ин ҳадисро ғанимат шумурданд ва ҳам дар шаб расулро номзад карданд, марде алавии ваҷеҳ аз муҳташамони Самарқанд ва пайғомҳо доданд. Чоштгоҳи ин рӯз лашкар ба таъбия барнишаста буд, расул биёмад ва Аҳмад бигуфт Хоразмшоҳро, ки бе ту чӣ кардам. Ҳарчанд ба тани хеш

[1] душмаком комӣ – бар муроди душман набошад.
[2] ба дунболи ҳам.
[3] ҳушёрӣ дар кор.
[4] гурги пир ё гурги борондида, шахси кордида; мурод Аҳмади Абдуссамад кадхудои Хоразмшоҳ аст.
[5] ҳамсоягӣ.

машғул буд ва он шаб карона хост кард[1]. Гуфт: «Аҳмад, ман рафтам, набояд, ки фарзандонамро аз ин бад ояд, ки Султон гӯяд ман бо Алитагин мутобиқат кардам». Аҳмад гуфт: «Кор аз ин дараҷа гузаштааст, савоб он аст, ки ман пайвастаам, то сулҳ падид ояд ва аз ин ҷо ба саломат ҳаракат карда шавад ҷониби Омӯй ва аз он ҷониби Ҷайҳун рафта ояд, он гоҳ ин ҳол боз намоям. Муътамаде чун Амирак ин ҷост, ин ҳолҳо чун офтоб равшан шуд, агар чунин карда наёмадӣ, бисёр халал уфтодӣ. Хоразмшоҳро ранҷ бояд кашид, як соат бибояд нишаст, то расул пеш оранд». Хоразмшоҳ мӯзаву кӯлоҳ бипӯшиду ба хаймаи бузург омад ва ғуломон биистоданд ва кавкабае бузургу лашкару аъён. Расул пеш омад ва замин бӯса доду бинишонданд, чунонки ба Хоразмшоҳ наздиктар буд, дар сулҳ сухан рафт. Расул гуфт, ки Алитагин мегӯяд: «Маро худованд-султони мозӣ фарзанд хонд ва ин Султон чун қасди бародар карду Ғазнин, ман лашкару фарзанд пеш доштам, мукофоти ман ин буд? Акнун Хоразмшоҳ пири давлат аст, он чӣ рафт дарбояд гузошт ба ризои султон, бо Омӯй равад ва он ҷо бо лашкар муқом кунад ва восита шавад то худованд-султон узри ман бипазирад ва ҳол латиф шавад, чунонки дар навбати худованд-султони мозӣ буд, то хуне рехта нашавад». Хоразмшоҳ гуфт: «Сахт некӯ гуфт, ин кор тамом кунам ва ин салоҳ ба ҷой орам ва ҷанг бархост. Мо сӯйи Омӯй биравем ва он ҷо муқом кунем». Алавӣ дуъо гуфт ва бозгардонидандашу ба хайма бинишонданд ва Хоразмшоҳ Багтагину Пирии Охурсолорро ва дигар муқаддамонро гуфт: «Чӣ гӯеду чӣ бинед?» Гуфтанд: «Фармони худованд- султон он аст, ки мо мутобеъи Хоразмшоҳ бошему ба фармони ӯ кор кунем. Ва яксаворагони мо нек ба дард омадаанд ва бад-он зиштӣ ҳазимат шуда ва агар Хоразмшоҳ он сабот накардӣ ва даст аз ҷон бинашустӣ, халале уфтодӣ, ки дарёфт набудӣ ва Хоразмшоҳ мағруҳ шудааст ва бисёр мардум кушта шудаанд. Акнун гуфтугӯй макунед ва савору пиёда бар таъбия мебошед ва ҳазми тамом ба ҷой оред ва бар чаҳор ҷониб талеъа гуморед, ки аз макри душман эмин нашояд буд». Гуфтанд: «Чунин кунем!»

Хоразмшоҳ бархост ва заъфаш қавитар шуд, чунонки исҳол[2] уфтод се бор. Хоразмшоҳ Аҳмадро бихонду гуфт: «Кори ман буд, кори расул зудтар бигузор». Аҳмад бигиристу берун омад аз саройпарда ва дар хаймаи бузург биншасту хилъате фохир ва силате басазо бидод расулрову бозгардонид ва марде ҷалди сухангӯй аз муътамадони хеш бо ӯ фиристод ва сухан бар он ҷумла қарор

[1] поёни умраш расида буд ва ҳамон шаб аз дунё рафт.
[2] исҳол – ҷорӣ шудани шикам.

доданд, ки чун Алавӣ наздики Алитагин расид, бояд, ки расули моро бозгардонад ва Алитагин бар як манзил бозпас нишинад, чунонки пеши расули мо ҳаракат кунад, мо низ як манзил имшаб сӯйи Омӯй бихоҳем рафт.

Ва лашкарро фурӯд оварданду талеъа аз чаҳор ҷониб бигумоштанд ва исҳолу заъфи Хоразмшоҳ зиёдатар шуд. Шаккари ходим меҳтари саройро бихонду гуфт: «Аҳмадро бихон!» Чун Аҳмадро бидид гуфт: «Ман рафтам ва рӯзи ҷазаъ[1] нест; набояд гирист, охири кори одамӣ марг аст, шумоён мардумон пушт ба пушт ored, чунон кунед, ки марги ман имшабу фардо пинҳон монад. Чун як манзил рафта бошед, агар ошкор шавад, ҳукми мушоҳадат шуморост, ки агар иёзанбиллоҳ хабари марги ман ба Алитагин расад ва шумо Ҷайҳун гузора накарда бошед, шумову ин лашкар он бинанд, ки дар умр надида бошед. Ва Амирак ҳоли ман чун бо лашкар ба даргоҳ наздики Султон равад, боз намояд, ки ҳеч чиз азизтар аз ҷон набошад, дар ризои худованд базл кардам, умедворам, ки ҳаққи хидмати ман дар фарзандонам риъоят кунад. Пеш тоқати сухан намедорам ва ба ҷон додану шаҳодат машғулам». Аҳмаду Шакар бигиристанд ва берун омаданду ба забти корҳо машғул шуданд. Ва намози дигар чунон шуд, ки беш умед намонд. Аҳмад ба хаймаи бузурги худ омад ва нақибонро бихонду ба лашкар пайғом дод, ки кори сулҳ қарор гирифт ва Алитагин манзил кард бар ҷониби Самарқанд ва расул то намози хуфтан ба талеъаи мо расид ва талеъаро бозгардонид, ки Хоразмшоҳ ҳаракат хоҳад кард. Мунтазири овози кӯс бошед ва бояд маймана ва талеъа ва соқа сохта равед, ки ҳарчанд сулҳ бошад, ба замини душманем ва аз хасм эмин натавон буд. Ва муқаддамон хоҳони ин буданд ва ин аст оқибати одамӣ, чунонки шоир гуфтааст:

Ва инна умриан қад сора сабъина ҳиққатан,
Ило манҳалин мин вирдиҳи ла-қарибу[2]

Хирадманд он аст, ки даст дар қаноат занад, ки бараҳна омадааст бараҳна хоҳад гузашт. Ва дар хабар омадааст: *ман асбаҳа оминан фӣ сирбиҳи муъофо фӣ баданиҳи ва индаҳу қуту явмиҳи фа кааннамо ҳоза-д-дунё би ҳозо фириҳо*[3]. Эзид таъоло тавфиқи хайрот

[1] ҷазаъ – бесабрӣ, нолаву зорӣ, бетобӣ дар марги касе.

[2] тарҷ: ва агар марде ҳафтод сол роҳи умр паймуда бошад, бо обишхӯре аз машраби марги худ наздик аст. Фирдавсӣ ҳам ба ин маънӣ мегӯяд:

Зи ҳафтод бар нагзарад бас касе.
Зи даврони чарх озмудам басе.

[3] тарҷ: он ки эй ман дар ошёнаи худ бомдод кунад ва танаш нигоҳ дошта аз озор монда ва назди вай хӯриши рӯзаш бувад, пас гӯӣ дунёро карон то карон гирд оварда бошад.

диҳод ва саъодати ин ҷаҳону он ҷаҳон рӯзӣ кунод. Чун Хоразмшоҳ фармон ёфт, мумкин нашуд тобуту ҷуз он сохтан, ки хабар фош шудӣ, маҳди пил рост карданд ва шабгир вайро дар маҳд бихобониданд ва ходимеро бинишонданд, то ӯро нигоҳ медошт ва гуфтанд: аз он ҷароҳат наметавонад нишаст ва дар маҳд барои осонӣ ва осудагӣ меравад. Ва хабари марг уфтода буд дар миёни ғуломонаш, Шаккари ходим фармуд, то кӯс фурӯ кӯфтанд ва ҷумлаи лашкар босилоҳу таъбия ва машъалҳои бисёр афрӯхта равон гардид. То вақти намози бомдод ҳафт фарсанг бironда буданд ва хаймаву хиргоҳу саройпардаи бузург зада, ӯро аз пил фурӯ гирифтанд ва хабари марг гӯшо-гӯш[1] уфтод. Ва Аҳмаду Шаккари ходим тане чанд аз хаввосу табибу ҳокими лашкарро[2] бихонданду гуфтанд, шумо ба шустану тобут сохтан машғул шавед.

Аҳмад нақибон фиристоду аъёни лашкарро бихонд, ки пайғомест аз Хорамзшоҳ, ҳар кас фавҷе лашкар бо худ ored. Ҳамгинон сохта биёмаданд ва лашкар биистод. Аҳмад эшонро фуруд овард ва холӣ карду он чӣ пеш аз марги Хорамзшоҳ сохта буд, аз набишта ва расули сулҳ то ин манзил, ки омад, бозгуфт. Ғаме бисёр хӯрданд бар марги Хоразмшоҳ ва Аҳмадро бисёр биситуданд. Ва гуфт: «Акнун худро зудтар ба Омӯй афканем». Хоҷа гуфт: «Алитагин задаву кӯфта имрӯз аз мо бист фарсанг дур аст ва то хабари марги Хоразмшоҳ бад-ӯ расад, мо ба Омӯй расида бошем. Ва ғуломони гардановартари Хоразмшоҳ аз марг шаммате ёфта буданд, шуморо бад-ин ранҷа кардем, то эшонро забт карда ояд ва намози дигар барнишинем ва ҳама шаб бironем, чунонки рӯз ба рӯд расида бошем ва ҷаҳд кунем то зудтар аз Ҷайҳун бигзарем». Ҷавоб доданд, ки некӯ андешида аст ва мо ҷумла мутобеъи фармони вайем ба ҳар чӣ мисол диҳад. Шаккари ходимро бихонду гуфт: «Сарҳангони Хоразмшоҳро бихон!» Чун ҳозир шуданд, сарҳангонро бинишонд ва ҳашмат медоштанд, пеши Аҳмад наменишастанд, ҷаҳди бисёр кард, то бинишастанд. Гуфт: «Шумо донед, ки Хоразмшоҳ чанд кӯшид, то шуморо бад-ин дараҷа расонид. Вайро дӯш вафот буд, ки одамиро аз марг чора нест ва худованд-султонро зиндагонӣ бод, ба ҷой аст ва ӯ фарзандони шоиста дорад ва хидматҳои бисёр кардааст ва ин солорону Амирак, ки муътамадони Султонанд, ҳаройина чун ба даргоҳ расанд ва ҳол бознамоянд, фарзанди шоистаи Хоразмшоҳро ҷойи падар диҳад ва ба Хоразм фиристад ва ман бад-ин бо Алитагин сулҳ кардаам ва ӯ аз мо дур аст ва то намози дигар барҳоҳем дошт, то ба Омӯй расем зудтар. Ин меҳтарон сӯйи Балх

[1] гӯш ба гӯш

[2] ҳоким ё қозии лашкар – масъули доварӣ дар артиш ва барпо доштани аъмоли шаръӣ.

кашанд ва мо сӯйи Хоразм. Агар бо ман аҳд кунед ва бо ғуломони саройӣ ҳуҷҷат кунед, то ба хирад бошанд, ки чун ба Омӯй расем, аз хазонаи хораҳмшоҳӣ силате дода ояд, бадном нашавед ва ҳамагон некӯном монед. Агар, иёзубиллоҳ, шиғабе ва ташвише кунед, пайдост, ки адади шумо чан даст, ин шаш ҳазор савору ҳошият[1]димор аз шумо бароранд ва тане чанд низ агар ба Алитагин пайвандед, шуморо пеши ӯ ҳеч қадре намонад ва қароре ба ҷойе. Ин пӯстбозкарда[2] бад-он гуфтам, то хобе дида наёяд, ин меҳтарон, ки нишастаанд, бо ман дар ин як сухананд». Ва рӯй ба қавм кард, ки шумо ҳамин мегӯед? Гуфтанд: «Мо бандагони фармонбурдорем». Аҳмад эшонро ба савгандони гарон бибаст ва бирафтанду бо ғуломон гуфтанд. Ҷумла даршӯриданду бонг баровардан ва сӯйи асбу силоҳ шуданд. Ин муқаддамон барнишастанд ва фармуд, то лашкар барнишаст ба ҷумла. Чун ғуломон диданд, як замон ҳадис карданд бо муқаддамони худ ва муқаддамон омаданд, ки қарор гирифт, аз Хоҷаи амид[3] аҳде мехоҳанд ва савганде, ки эшонро наёзорад ва ҳамчунон дорадашон, ки ба рӯзгори Хоразмшоҳ. Хоҷа Аҳмад гуфт: «Раво бошад, беҳтар аз он дошта ояд, ки дар рӯзгори Хоразмшоҳ». Рафтанду боз омаданд ва Аҳмад савганд бихӯрд, аммо гуфт: «Як имшаб асбон аз шумо ҷудо кунанд ва бар уштурон нишинед, фардо асбон ба шумо дода ояд, ин як манзил рӯй чунин дорад». Дар ин боб лахте тааммул карданд, то охир бар ин ҷумла гуфтанд, ки фармонбурдорем, бад-он чӣ Хоҷа фармояд. Аз ҳар вусоқии[4] даҳ ғуломӣ як ғулом савор бошад ва бо сарҳангон равад, то дили мо қарор гирад. Гуфт: «Сахт савоб аст». Бар ин ҷумла бозгаштанду чизе бихӯрданд ва кор рост карданд ва ҳама шаб биронданд ва бомдод фуруд омаданд ва асбон ба ғуломон боз надоданд ва ҳамчунон меомаданд, то аз Ҷайҳун гузора карданд ва ба Омӯй омаданд ва Амираки Байҳақӣ он ҷо бибуд. Аҳмад гуфт: «Чун ин лашкари бузург ба саломат боз расид, ман хостам, ки ба даргоҳи олӣ оям ба Балх, аммо ин хабар ба Хоразм расад, душвор халал зоил тавон кард. Он чӣ маълуми шумост, бо Султон бозгӯед ва подшоҳ аз ҳақшиносӣ дар ҳаққи ин хонадони қадим тарбият фармояд». Ҳама Хоҷа Аҳмадро саноҳо гуфтанду вайро пидруд карданд ва Хоҷа Аҳмад фармуд, то асбон ба ғуломон боз доданд. Ва

[1] ходимону ҳашами лашкари Хоразм

[2] пӯстканда, бепарда, ошкор

[3] амид – меҳтар ва пешвои қавм; Хоҷаи амид лақабе барои бузургон; ин ҷо манзур аз Хоҷаи амид Аҳмади Абдуссамад кадхудои Хоразмшоҳ аст, ки баъдтар вазири Султон Масъуд гардид.

[4] вусоқ (висоқ) – ҳуҷра, сарой.

банда мулаттафае пардохта буд мухтасар, ин мушарраҳ[1] пардохтам, то раъйи олӣ бар он воқиф гардад, иншоаллоҳу таъоло.

Агарчӣ ин ақосис аз таърих дур аст, чӣ дар таворих чунон мехонанд, ки фулон подшоҳ фулон солорро ба фулон ҷанг фиристод ва фулон рӯз сулҳ карданд ва ин онро ё ӯ инро бизад ва бар ин бигзаштанд, аммо ман он чӣ воҷиб аст ба ҷой орам.

Ва Хоҷаи Бузургу устодам дар халват буданд ва ҳар ду Булҳасан – Абдуллоҳу Абдуҷалилро бихонданд ва ман низ ҳозир будам ва номаҳо нусхат карданд сӯйи Амираки Байҳақӣ, ки пеш аз лашкар бибояд омад ва Багтагину Пириро мисол доданд, то ба Колиф ва Зам[2] бибошанд ва лашкари мо аз раъийят даст кӯтоҳ доранд ва Муҳаммади Аъробӣ меояд, то ба Омӯй биистад бо лашкари курду араб. Ва нома рафт ба амири Чағониён ба шарҳи ин аҳвол, то ҳушёр бошад, ки Алитагин расуле хоҳад фиристод ва тақарруби ӯ қабул хоҳад буд, то фасоде таваллуд нагардад. Ва ба Хоҷа Аҳмади Абдуссамад нома рафт, мухотаба «шайхано»[3] буд, «шайхӣ ва муътамадӣ» карданд ва бо бисёр навохт ба Аҳмад ва гуфта: «Он чӣ Хоразмшоҳ бад-ин хидмат ҷони азиз базл кард ва бидод, лоҷарам, ҳаққҳои он пири мушфиқ нигоҳ дорем дар фарзандони вай, ки пеши моанд ва муҳаззаб[4] гашта дар хидмат ва якеро ки раъй воҷиб кунад бар асар фиристода мешавад, то он корҳо ба воҷибӣ қарор гирад. Ва нома набишта омад сӯйи ҳашами Хоразм бо иҳмоди ин хидмат, ки карданд. Ин номаҳо ба тавқеъ ва хатти хеш муқайяд кард. Ва дигар рӯз бор дод Ҳорун писари Хоразмшоҳро, ки аз рофиъиён буд аз ҷониби модар, иморати Хуросон пеш аз Яъқуби Лайс Рофеъ ибни Сайёр[5] дошт ва нишасти ӯ ба Пушанг буд. Хоразмшоҳ модарашро он вақт ба занӣ карда буд, ки ба Ҳирот буд дар рӯзгори Ямину-д-давла пеш аз хоразмшоҳӣ. Ҳорун як соат дар боргоҳ монд, муқаррар гашт мардумонро, ки ба ҷойи падар ӯ хоҳад буд. Ва миёни ду намози пешину дигар ба хонаҳо боз шуданд.

Маншури Ҳорун ба вилояти Хоразм ба халифатии худовандзода Амир Саъид ибни Масъуд нусхат карданд. Дар маншур ин подшоҳзодаро «Хоразмшоҳ» набиштанду лақаб ниҳоданд ва Ҳорунро «халифату-д-дори Хоразмшоҳ» хонданд. Маншур тавқеъ

---

[1] мушарраҳ – муфассал шарҳ додашуда.

[2] Колиф ва Зам ду шаҳр дар наздикии рӯди Ҷайҳун.

[3] яъне, дар унвони нома ба Аҳмади Абдуссамад гуфта шуд «Хоҷаи мо».

[4] муҳаззаб – таҳзиб кардашуда, пок кардашуда аз айбу нуқсонҳо.

[5] Рофеъ ибни Лайс, ки насабаш ба Насри Сайёр охирин амири Хуросон дар замони Умавиён мерасид. Ӯ дар Мовароуннаҳр, ки дар он замон ҷузви аморати Хурсон буд солҳои 806-807 шӯриш кард ва саросари Мовароуннаҳрро ишғол кард ва муддате Хуросонро ноором сохт.

шуд ва номаҳо набишта омад ба Аҳмади Абдуссамад ва ҳашам, то Аҳмад кадхудой бошад. Мухотабаи Ҳорун «валадӣ ва муътамадӣ» карда омад. Ва хилъати Ҳорун панҷшанбе, ҳаштуми ҷумодалулои санаи сулса ва ишрина ва арбаъа миа[1], бар нимаи он чӣ хилъати падараш буд, рост карданду дарпӯшониданд ва аз он ҷо рафт ба хона ва некӯ ҳаққ гузориданд. Ва Сатӣ, писари дигари Хоразмшоҳ, мардтар аз Ҳорун буду дидоритар ва чашм дошта буд, ки вайро фиристанд; ғамноку навмед шуд. Амир ӯро бинавохту гуфт: «Ту хидматҳои бономтар аз инро ба корӣ!» Вай замин бӯса доду гуфт: «Салоҳи бандагон он бошад, ки худованд бинад ва банда як рӯз хидмату дидори худовандро ба ҳамаи неъмати вилояти дунё баробар наниҳад».

Рӯзи одина Ҳорун ба торам омад ва Бунаср савганднома набишта буд, арз кард ва Ҳорун бар забон ронд ва аъёну бузургон гувоҳ шуданд. Ва пас аз он пеши Амир омад ва дастуре хост рафтанро. Амир гуфт: «Ҳушёр бош ва шахси моро пеши чашм дор, то пойгоҳат зиёдат шавад ва Аҳмад туро ба ҷойи падар аст, мисолҳои ӯро кор банд ва хидматкорони падарро некӯ дор ва хидмати ҳар як бишносу ҳаққи истиноъи[2] бузурги моро фаромӯш макун». Оқибат ӯ он ҳаққро фаромӯш кард, пас ба чанд сол, ки дар Хуросон ташвиш уфтод аз ҷиҳати туркмонон, дев роҳ ёфт бад-ин ҷавони корнодида, то сар ба бод дод. Ва ба ҷойи худ биёрам, ки аз гунагун чӣ кор рафт, то Хоҷа Аҳмади Абдуссамадро бихонданду вазорат доданд ва писарашро бадали вай ба наздики Ҳорун фиристоданд ва кор ба ду ҷавон расид ва дар сари якдигар шуданду он вилояту навоҳӣ музтариб гардид. Ва чунин аст ҳоли он ки аз фармони худованди тахт Амир Масъуд берун шавад, он гоҳ ин боб пеш гирам ва боз пас шавам ва корҳои сахт шигифт бironам, иншоаллоҳу таъоло.

Ва Амираки Байҳақӣ бирасиду ҳолҳо ба шарҳ бознамуд. Ва дили Амир бо вай гарон карда буданд, ки Хоҷаи Бузург бо вай бад буд аз ҷиҳати Буабдуллоҳи Порсии чокараш, ки Амирак рафта буд, аз ҷиҳати фурӯ гирифтани Абдуллоҳ ба Балх ва соҳиббаридӣ ба рӯзгори меҳнати[3] Хоҷа. Ва Хоҷа ҳама рӯз фурсат меҷуст аз ин сафар, ки ба Бухоро рафта буд аз вай суратҳо нигошт ва устодиҳо кард, то соҳиббаридии Балх аз вай боз ситаданд ва Булқосими Ҳотамакро доданд. Ва Амиракро Султон қавидил кард, ки шуғли бузургтар фармоем ва аз ту моро хиёнате зоҳир нашудааст, чӣ аз Султон

[1] соли 423-и ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо 22 апрели соли 1032-и милодӣ.
[2] некӯдошт.
[3] ранҷи

каримтару шармгинтар одаме натавонад буд ва биёрам аҳволи вай пас аз ин.

Чун ин қоидаи корҳо бар ин ҷумла буд ва ҳавои Балх гарм истод, Амир аз Балх ҳаракат кард, ҳашт рӯз монда буд аз ҷумодалулои санаи салосина ва ишрина ва арбаъа миа[1] бар роҳи Дараи Газ[2] бо нишоти шароб ва шикор. Ёздаҳуми ҷумодалухро[3] дар Кушки Маҳмудӣ, ки саройи иморат аст ба Ғазнин муқом кард ва нимаи ин моҳ ба Боғи Маҳмудӣ рафт. Ва асбон ба марғзор фиристоданд ва уштурони султонӣ ба девлохҳои работи Карвон[4] ба расми рафта гусел карданд, валлоҳу аълам би-с-савоб.

Зикри ахбор ва аҳволи расулоне, ки аз ҳазрати Ғазна ба дори хилофат рафтанд ва боз омадани эшон, ки чӣ гуна буд

Чун ин Сулаймонӣ расули ал-Қоим Биллоҳ амирулмуъмининро аз Балх гусел карда омад ва аз ҷиҳати ҳаҷҷ ва бастагии роҳ Амир ғам намуда буд, ки ҷаҳд карда ояд, то он роҳ гушода шавад. Ҷавобе расид, ки «халифа Оли Бӯяро фармон дод, аз дори хилофат, то роҳи ҳаҷҷ ободон карданд ва ҳавзҳо рост карданд ва монеъе намондааст. Аз ҳазрати Масъудӣ солоре муҳташам номзад шавад ва ҳоҷҷи[5] Хуросону Мовароуннаҳр биёянд». Мисолҳо рафт ба Хуросон ба таъҷил сохта шудан; ва мардумон орзуманди хонаи Худой, азза ва ҷалла, буданд, Хоҷа Алии Микойилро номзад кард бар солории ҳуҷҷоҷ ва ӯ аз ҳадду андоза берун такаллуф бар даст гирифт, ки ҳам уддату ҳам неъмату ҳам мурувват дошт. Ва донишманд Ҳасани Бармакиро номзади расулӣ кард, ки расулиҳо карда буд ба ду-се дафъат ба Бағдод рафта. Ва ба халифа ва вазири халифа номаҳо устодам бипардохт ва ба Тоши Фаррош – солори Ироқ ва ба Тоҳири Дабиру дигарон номаҳо набишта шуд. Якшанбе, ҳашт рӯз монда буд аз ин моҳ[6], Хоҷа Али Микойил хилъате фохир пӯшид, чунонки дар ин хилъат маҳд буд ва сохти зару ғошияву мухотаба «Хоҷа». Ва Хоҷа сахт бузург будӣ дар он рӯзгор, акнун хоҷагӣ тарҳ шудааст[7] ва ин тартиб гузаштааст. Ва яке ҳикоят, ки ба Нишобур гузаштааст аз ҷиҳати ғошия биёрам.

---

[1] соли 423-и ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо 7 майи соли 1032-и милодӣ.
[2] Дараи Газ – маҳалле, ки дар гузашта тобеъи Балх буд.
[3] баробар бо 25 майи соли 1032-и милодӣ
[4] работи Карвонро муаллифи Ҳудуду-л-олам шаҳре дар марзи Гузгонон меҳисобад.
[5] ҳоҷҷ касе, ки ба зиёрат хонаи Каъба рафта бошад, ҳаҷкунанда, ҳоҷиён.
[6] баробар бо 5 июни соли 1032-и милодӣ.
[7] коҳиш ёфтааст.

Ҳикоят

Хоҷае, ки ӯро Булмузаффари Барғашӣ гуфтандӣ ва вазири Сомониён буд. Чун вай дар охири кор дид, ки он давлат ба охир омадааст, ҳилат он сохт, ки чун гурезад. Табибе аз Сомониёнро силати некӯ дод, панҷ ҳазор динор, мар ӯро даст гирифту аҳд кард ва рӯзе, ки яхбанди азим будааст, асб бар ях биронд ва худро аз асб ҷудо кард ва оҳ карду худро аз ҳуш бибурд. Ва ба миҳаффа[1] ӯро ба хона бибурданд ва садақоту қурбонӣ равон шуд беандоза. Он вақт пайғом оварданд ва ба пурсиш Амир омад ва ӯро ба ишорат хидмат кард ва табиб чӯббандеву тале оварду гуфт: «Ин пой бишикаст!» Ва ҳар рӯз табибро мепурсид Амир ва ӯ мегуфт «оризае қавӣ уфтод», ҳар рӯз навъ дигар мегуфту Амир навмед мешуд ва корҳо фурӯ мебимонд, то ҷавонеро, ки муътамад буд пешкори Амир кард ба хилофати худ. Ва он ҷавон боди вазорат дар сар кард, Амирро бар вай тамаъ омад[2].

Ва ҳар рӯз табиб Амирро аз вай навмед мекард. Чун Амир дил аз вай бардошт ва ӯ он чӣ хифф[3] буд ба Гузгонон ба вақти фурсат мефиристод ва зайъате[4] некӯ харид он ҷо. Баъд аз он он чӣ аз сомиту нотиқу сутуру барда дошт, нусхате пардохт ва фуқаҳову муътабаронро бихонду савгандон бар забон ронд, ки ҷуз зайъате, ки ба Гузгонон дорад ва ин ҷо нусхат кардааст, ҳеч чиз надорад аз сомиту нотиқ дар милки худ ва амонат ба дасти касе нест ва наздики Амир фиристод ва дархост, ки маро дастурӣ диҳад, то бар сари он зайъат равам, ки ин ҳаво маро намесозад, то он ҷо дуъои давлат гӯям. Ва Амирро устувор омаду мувофиқ ва дастурӣ доду ӯро афв кард ва зиёъи Гузгонон ба вай арзонӣ дошт ва мисол набишт ба Амири Гузгонон, то ӯро азиз дорад ва дастурӣ дод. Ва чанд уштур дошт ва касоне, ки ӯро тааҳҳуд кардандӣ он ҷо қарор гирифт, то хонадони Сомониён баруфтоданд.

Вай зиёъи Гузгонон бифрӯхту бо тане дурусту диле шоду пойе дуруст ба Нишобур рафт ва он ҷо қарор гирифт. Ман, ки Булфазлам, ин Булмузаффарро ба Нишобур дидам, дар санаи арбаъа миа[5] пире сахт башукӯҳ, дарозболой ва рӯйсурху мӯйе сафед чун кофур, дурроъаи сапед пӯшидӣ бо бисёр тоқаҳои мулҳами марғазӣ. Ва асбе баланд барнишастӣ буногӯшӣ ва бар банду

---

[1] миҳаффа (маҳаффа) – каҷоваи одамнишини соябондор; аморӣ.

[2] яъне, амири сомонӣ ба ин ҷавон умед баст, ки ҷонишини Барғашии вазир мегардад.

[3] хифф (хафиф) сабук; тез; сареъ; муқобили сақил (вазнин, гарон).

[4] зайъат – обу замин, милк, замини зироатӣ.

[5] соли 400-ум, ки баробар аст бо 1009-1010-и милодӣ

пордуму сохти оҳани симкӯфти сахт покиза ва ҷаноғии адим сапед[1] ва ғошия рикобдораш дар бағал гирифтӣ. Ва ба саломи кас нарафтию касро наздики худ нагзоштӣ ва бо кас наёмехтӣ. Се пир буданд надимони вай ҳамзоди ӯ, бо ӯ нишастандӣ ва кас ба ҷой наёвардӣ. Ва боғе дошт Муҳаммадобод – каронаи шаҳр, он ҷо будӣ бештар ва агар муҳташаме гузашта шудӣ, вай ба мотам омадӣ. Ва дидам ӯро, ки ба мотами Исмоили Девонӣ омада буд ва ман понздаҳсола будам. Хоҷа Имом Саҳли Саълукӣ ва Қозӣ Имом Абулҳайсам ва Қозӣ Соъид ва соҳибдевони Нишобур ва раиси Пушанг ва шиҳна Багтагин ҳоҷиби амир – сипоҳсолор[2] ҳозир буданд, садр ба вай доданд ва вайро ҳурмате бузург доштанд. Чун бозгашт, асби Хоҷаи Бузург хостанд. Ва ҳам бар ин хештандорию изз гузашта шуд. Амир Маҳмуд вайро «Хоҷа» хондӣ ва хитоби ӯ ҳам бар ин ҷумла набиштӣ. Ва чанд бор қасд кард, ки ӯро вазорат диҳад, тан дар надод.

Ва марде буд ба Нишобур, ки вайро Абулқосими Розӣ гуфтандӣ ва ин мард – Булқосим, канизак парвардию наздики Амир Наср овардӣ ва бо сила бозгаштӣ. Ва чанд канизак оварда буд вақте, Амир Наср Булқосимро дасторе дод ва дар боби вай иноятномае набишт. Нишобуриён ӯро таҳният карданд ва нома биёварданд, ба мазолим бархонданд. Аз падар шунудам, ки Қозӣ Булҳайсам пӯшида гуфт ва вай марде фарохмазоҳ[3] буд, «Ай Булқосим ёд дор, қавводӣ[4] беҳ аз қозигарӣ!» Ва Булмузаффари Барғашӣ он соат аз боғи Муҳаммадобод меомад, Булқосими Розиро дид – асби қиммативӣ барнишаста ва сохте гарон афганда зарандуд ва ғошияе фарохи пурнақшу нигор. Чун Булмузаффари Барғаширо бидид, пиёда шуду заминро бӯса дод. Булмузаффар гуфт: «Муборак бод хилъати сипоҳсолорӣ!» Дигарбора хидмат кард. Булмузаффар биронд, чун дуртар шуд, гуфт рикобдорро, ки он ғошия зери он девор бияфкан. Бияфканд ва заҳра надоштӣ, ки бипурсидӣ. Ҳафтае даргузашт; Булмузаффар хост, ки барнишинад, рикобдор надимеро гуфт: «Дар бораи ғошия чӣ мефармояд?» Надим биёмаду бигуфт. Гуфт: «Дасторе домғонӣ дар қабо бояд ниҳод, чун ман аз асб фурӯд оям, бар суффаи зин пӯшид». Ҳамчунин карданд то охири умраш. Ва нудамои қадим дар миёни маҷлис ин ҳадис бозафганданд, Булмузаффар гуфт: «Чун Булқосими Розӣ ғошиядор шуд, муҳол

[1] буногӯшӣ – он чӣ то бехи гӯши асбро бипӯшонад; барбанд – синабанд; пордум – тасмаи зери думи асп; симкӯфт – нуқракӯб; чаноғ – доманаи зини асб.
[2] манзур аз ин амир-сипоҳсолор Наср ибни Сабуктагин бародари Маҳмуд аст.
[3] фарохмазоҳ – шухтабъ.
[4] қаввод – даллол; касе, ки воситаи шаҳватронии дигарон аст; ба маънии марди беғайрату даюс

бошад пеши мо ғошия бардоштан». Ин ҳадис ба Нишобур фош шуд ва хабар ба Амир Маҳмуд расид, тира шуду бародарро маломат кард ва аз даргоҳ амирон Муҳаммаду Масъудро дар боби ғошияву ҷаноғ фармон расид ва ташдидҳо[1] рафт. Акнун ҳар ки панҷоҳ дирам дорад ва ғошия тавонад харид, пеши ӯ ғошия мекашанд. Подшоҳонро ин огоҳӣ набошад, аммо мунҳиёну ҷосусон барои ин корҳо бошанд, то чунин даҳоиқҳо напӯшонанд, аммо ҳар чӣ бар коғаз набишта ояд, беҳтар аз коғаз бошад, агарчӣ ҳамчунин биравад[2]. Омадем бар сари таърих.

Амир Масъуд пас аз хилъати Алии Микойил ба Боғи Садҳазора рафту ба саҳро омад ва Алии Микойил бар вай гузашт бо уҳбате ҳар чӣ тамомтар. Пиёда шуду хидмат кард, устодам мунҳии мастур[3] бо вай номзад кард, чунонки думодум қосидони инҳо[4] мерасиданд ва музди эшон медоданд, то кор фурӯ намонад ва чизе пӯшида нашавад; чӣ ҷаридае доштӣ, ки дар он муҳиммот набишта будӣ ва Амир Масъуд дар ин боб ояте буд ва ӯро дар ин боб бисёр даҳоиқ аст. Хоҷа Алӣ ва ҳоҷиён сӯйи Балх бирафтанд то ба ҳазрати хилофат раванд ба Бағдод. Ва Султон як ҳафта ба Боғи Садҳазора бибуд ва мисол дод, то кушки куҳани маҳмудии зовулӣ[5] биёростанд, то аз амирон-фарзандон чандин татҳир[6] кунанд. Ва биёростанд чанд гуна ҷомаҳои ба зар ва бисёр ҷавоҳир ва маҷлисхонаҳои заррин ва анбаринҳову кофуринҳо ва мушку уди бисёр дар он ҷо ниҳоданд ва он такаллуф карданд, ки кас ба ёд надорад. Ва ғурраи моҳи рачаб[7] меҳмонӣ буд ҳамаи авлиёву ҳашамро. Ва панҷшанбе Султон барнишасту ба Кушки Сапед рафт, бо ҳафт тан аз худовандзодагону муқаддамону ҳуҷҷобу акрабо[8]. Ва як ҳафта он ҷо муқом карданд, ки то ин шуғл бипардохтанд, пас бозгаштанду ба саройи иморат бозомаданд.

---

[1] ташдид – сахтгирӣ кардан.

[2] маънии ҷумла: ҳар чӣ аз ин нукта дақиқ нигошта шавад, беҳтар аз ногуфтану ва сапед мондани коғаз аст, агар чӣ мисли ман норасо навишта бошад. (Байҳақӣ изҳори фурӯтанӣ мекунад).

[3] мунҳӣ – хабаргузор, хабардиҳанда; мунҳии мастур – хабаррасони пинҳонӣ; мастур бо «то»-и дунукта.

[4] инҳо – хабар додан.

[5] Султон Маҳмудро Зовулӣ ё Зобулӣ мегуфтанд. Носири Хусрав мегӯяд:

Ба мулки Турк чиро ғарраед ёд кунед
Ҷалоли давлати Маҳмуди Зовулистонро.

[6] татҳир – покиза кардан, дар ин ҷо ба маънои хатна кардан.

[7] баробар бо 13 июни соли 1032-и милодӣ.

[8] акрабо – хешовандон.

Понздаҳуми ин моҳ[1] қосидон омаданд аз Туркистон аз наздики Хоҷа Булқосими Ҳасирӣ ва Бутоҳири Таббонӣ. Ва ёд карда буданд, ки «Муддате дароз моро ба Кошғар муқом уфтод ва он ҷо бидоштанд». Фармуд қосидонро фурӯд оварданд ва силатҳо фармуд, то биёсуданд. Ва худ нияти Ҳирот кард, то бар он ҷониб биравад ва саройпарда ба ҷониби Ҳирот бизаданд. Ғурраи моҳи зиҳиҷҷа[2] ба Работи Шербуз шикори шер кард ва чанд шер бикушт ба дасти худ ва шароб хӯрд. Нимаи моҳ ба Ҳирот омад сахт бошукӯҳу олату ҳашмате тамом. Ва ин шаҳрро сахт дӯст доштӣ, ки он ҷо рӯзгор ба хӯшӣ гузошта буд.

Соли арбаъа ва ишрина ва арбаъа миа[3]

Ғурраи моҳ ва сол рӯзи панҷшанбе[4] буд. Дар роҳ номаи соҳиббариди Рай расид, ки «Ин ҷо Тошфаррош ҳашмате бузург ниҳодааст ва Писари Кокуву ҳамагон, ки ба атроф буданд, сар даркашиданд[5]. Ва Тоҳири Дабир шуғли кадхудоӣ некӯ меронаду ҳеч халале нест. Ва Писари Гавҳарогини Шаҳриюш боде дар сар карда ва Қазвин, ки аз они падараш буд фурӯ гирифта ва Тошу Ёруқтағмиши Ҷомадорро бо солоре чанд қавӣ ва Гавҳардоси Хозину Хумортошу хайле аз туркмонон фиристод ва шуғли ин махзул кифоят карда омад. Ва Тош бад-он азм аст, ки ҳоло тавфе[6] кунад, то ҳашмате уфтад. Ва ҳазоҳизе дар Ироқ уфтодааст».

Ҷавобҳо рафт ба иҳмод[7], ки мо аз Буст қасди Ҳирот кардаем, чун он ҷо расем, муътамаде номзад кунем ва бар дасти вай хилъатҳои Тош ва Тоҳири дабир ва тоифае, ки ба ҷанги Ғавҳарогини Шаҳриюш рафта буданд ва мисолҳои рафтани сӯйи Раю Ҷиболу Ҳамадон бифиристем. Ва чун ба Ҳирот расид, Масъуди Муҳаммади Лайс, ки боҳиммату хирадманду доҳӣ буд ва амирро ба Ҳирот хидмат карда ва бо фуҳулу-р-риҷол[8] ба ҷавонӣ рӯз гузаронида, бар дасти вай ин хилъатҳо рост карданду бифиристоданд ва гуфтанд, ки рояти олӣ бар асар қасди Нишобур хоҳад кард, чунонки ин зимистон ва фасли баҳор он ҷо бошад. Ва Масъуд бо хилъатҳо бирафт.

---

[1] яъне моҳи рачаб, ки баробар буд бо 27 июни соли 1032-и милодӣ.
[2] баробар бо 8 ноябри соли 1032-и милодӣ.
[3] соли 422, ки баробар аст бо соли 1032-1033-и милодӣ.
[4] баробар бо 17 декабри соли 1032-и милодӣ.
[5] яъне, сар фурӯ карданд, мутеъ шуданд.
[6] тавф – гардиш, сайр.
[7] иҳмод – ситоиш карданд, сутудан.
[8] фуҳул – ҷамъи фаҳл, яъне нар; манзур боорбӯ, муътабар дар ягон соҳа, саромад; фуҳулу-р-риҷол – мардони номдор.

Даҳуми моҳи муҳаррам [1]Хоҷа Аҳмади Хасан нолон шуд нолонии сахт қавӣ, ки қазои марг омада буд. Ба девони вазорат наметавонист омад ва ба саройи худ менишаст ва қавмеро мегирифт ва мардумон ӯро мехойиданд[2]. Ва Абулқосими Касирро, ки соҳибдевонии Хуросон дода буданд, дарпечиду фаро шумор кашид[3] ва қасдҳои бузург кард, чунонки бифармуд, то уқобайн, тозиёна ва ҷаллод оварданд ва хоста буд, то бизананд. Ӯ даст ба устодам заду фарёд хост. Устодам ба Амир руқъате набишт ва бар забони Абдус пайғом дод, ки «банда нагӯяд, ки ҳисоби девони мамлакат набояд гирифт ва моле, ки бар ӯ бозгардад, аз дидаву дандон[4] ӯро бибояд дод, фааммо, чокарону бандагони худованд баркашидагони султон – падар набояд, ки ба қасд ночиз гарданд. Ва ин вазир сахт нолон аст ва дил аз хештан бардошта, мехоҳад, ки пеш аз гузашта шудан интиқоме бикашад. Булқосими Касир ҳаққи хидмати қадим дорад ва ваҷеҳ гаштааст, агар раъйи олӣ бинад, вайро дарёфта шавад».

Амир чун бар ин воқиф шуд, фармуд, ки ту, ки Бунасрӣ, ба баҳонаи иёдат наздики Хоҷаи Бузург рав, то Абдус бар асари ту биёяд ва иёдат бирасонад, аз мо ва он чӣ бояд кард дар ин боб, бикунад. Бунаср бирафт, чун ба саройи вазир расид, Абулқосими Касирро дид дар суффа бо вай мунозираи мол мерафт ва мустахричу[5] уқобайну тозиёнаву шиканҷаҳо оварда ва ҷаллод омад ва пайғоми дурушт меоварданд аз Хоҷаи Бузург. Бунаср мустахричрову дигар қавмро гуфт: «Як соат ин ҳадис дар таваққуф доред, чандон ки ман Хоҷаро бубинам». Ва наздики Хоҷа рафт. Ӯро дид дар садре халватгуна, пушт боз ниҳода ва сахт андешаманду нолон. Бунаср гуфт: «Худованд чӣ гуна мебошад?» Хоҷа гуфт: «Имрӯз беҳтарам, валекин ҳар соат маро танг дил кунад ин набасаи[6] Касир. Ин мардак моле бидуздидаву дар дил карда, ки бибарад ва надонад, ки ман пеш то[7] бимирам аз дидаву дандони вай бархоҳам кашид ва мефармоям, ки то бар уқобайнаш кашанд ва мезананд, то он чӣ бурдааст, боз диҳад». Бунаср гуфт: «Худованд дар тоб чиро мешавад? Абулқосим ба ҳеч ҳол заҳра надорад, ки моли байтулмол бибарад ва агар фармоӣ, наздики вай раваму пунба аз гӯши вай берун кунам». Гуфт: «Киро накунад, худ сазои худ бинад».

---

[1] баробар бо 26 декабри соли 1032-и милодӣ.
[2] яъне бад мегуфтанд, неш мезаданд, интиқод мекарданд.
[3] ба ҳисобу китоб кашонд.
[4] аз дидаву дандон – аз дилу ҷон, бо майлу хоҳиш.
[5] мустахрич – беруноваранда; касе, ки ҳисобу китоби касонро расидагӣ мекард.
[6] набераи.
[7] аз он ки.

Дар ин буданд, ки Абдус даррасид ва хидмат карду гуфт: «Худованд-султон мепурсад ва мегӯяд, ки имрӯз Хоҷаро чӣ гуна аст?»

Болиш бӯса доду гуфт: «Акнун ба давлати худованд беҳтар аст. Яке дар ин ду- се рӯз чунон шавам, ки ба хидмат тавонам омад.» Абдус гуфт: «Худованд мегӯяд, мешунавем Хоҷаи Бузург ранҷе бузург беруни тоқат бар хеш мениҳаду дилтанг мешавад ва бо аъмоли Булқосими Касир дарпечидааст аз ҷиҳати мол ва кас захра надорад, ки моли байтулмолро битавонад барад, ин ранҷ бар хештан наниҳад. Он чӣ аз Абулқосим мебояд ситад, маблағи он бинависад ва маблағи он ба Абдус диҳад, то ӯро ба даргоҳ оранд ва офтоб то соя нагузоранд[1], то он гоҳ, ки мол бидиҳад». Гуфт муставфиён зикре набиштанду ба Абдус доданд. Ва гуфт: «Булқосимро бо вай ба даргоҳ бояд фиристод!» Бунасру Абдус гуфтанд: «Агар раъйи худованд бинад, аз пеши худованд биравад». Гуфт: «ло ва ло кароматан!»[2] Гуфтанд: «Пир асту ҳаққи хидмат дорад». Аз ин навъ бисёр гуфтанд, то дастурӣ дод. Пас Булқосимро пеш оварданд, сахт некӯ хидмат кард ва бинишондаш. Хоҷа гуфт: «Чиро моли султон надиҳӣ?» Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳар чӣ ба ҳаққ фуруд ояд ва худованд бо ман сар гарон надорад, бидиҳам». Гуфт: «Он чӣ бидуздидайӣ бездеҳӣ ва боди вазорат аз сар биниҳӣ, касеро ба ту коре нест». Гуфт: «Фармонбурдорам, ҳар чӣ ба ҳаққ бошад, бидиҳам ва дар сар боди вазорат несту набудааст. Агар будастӣ, Хоҷаи Бузург бад-ин ҷой нестӣ, бад-он қасдҳои бузург, ки карданд дар боби вай». Гуфт: «Аз ту буд ё аз каси дигар? [3]» Булқосим даст ба соқи мӯза фурӯ карду номае бароварда ба ғуломе дод, то пеши Хоҷа онро бурд. Бардошту бихонд ва сар мепечид ба дасти хеш. Чун ба поён расид, боз бинавишт ва унвон пӯшида карду пеши худ биниҳод. Замоне нек андешид ва чун хиҷилгунае шуд. Пас Абдусро гуфт: «Бозгард, то ман имшаб мисол диҳам, то ҳосилу боқии вай пайдо оранд ва фардо бо вай ба даргоҳ оранд, то он чӣ раъйи худованд бинад бифармояд».

Абдус хидмат карду бозгашт ва беруни сарой биистод, то Бунаср бозгашт. Чун ба якдигар расиданд, Бунасрро гуфт: «Абдус, аҷаб коре дидам, дар марде печидаву уқобайн ҳозир оварда ва кор ба ҷон расида ва пайғоми султон ба он ҷумла расида, коғазе ба дасти вай дод, бихонд ин, нақш бинишаст». Бунаср бихандид. Гуфт: «Ай Хоҷа, ту ҷавонӣ, ҳамакнун ӯро раҳо кунад ва Булқосим меояд

[1] «офтоб то соя нагузоранд» – яъне, муҳлаташ надиҳанд.

[2] тарҷ: на ва гиромӣ намедорам ӯро гиромидоште; яъне, пеши ман наёяд, ки гиромиву азиз нест.

[3] яъне, қасд аз ту буд ё аз касе дигар?

ба хонаи ман, ту низ дар хонаи ман ой». Намози шом Булқосим ба хонаи Бунаср омад ва вайрову Абдусро шукр кард бар он тимор, ки доштанд ва султонро бисёр дуъо гуфт бад-он назари бузург, ки арзонӣ дошт. Ва дархост, ки ба вақҳе некӯтар Амирро гуянд ва боз намоянд, ки аз байтулмол бар вай чизе боз нагашт[1], аммо муште завоид[2] фароҳам ниҳоданад ва муставфиён аз бими Хоҷа Аҳмад ноне, ки ӯ ва касони ӯ хӯрда буданд дар муддати соҳибдевонӣ ва мушоҳарае, ки истудаанд[3] онро ҷамъ карданд ва узме ниҳоданд[4]. Он чӣ дорад барои фармони худованд дорад, чун гузашта наёмад, ки ба банда қасде карданд. Бунаср гуфт: «Ин ҳама гуфта шавад ва зиёдат аз ин, аммо бозгӯй ҳадиси нома, ки чӣ буд, ки мард нарм шуд, чун бихонд, то фардо Абдус бо Амир бигӯяд». Гуфт: «Фармони Амир Маҳмуд ба тавқеъи вай, то Хоҷа Аҳмадро ночиз карда ояд, чӣ қисоси хунҳо, ки ба фармони вай рехта омадааст, воҷиб шудааст. Ман подшоҳе чун Маҳмудро мухолафат кардаму ҷавоб додам, ки кори ман нест, то мард зинда бимонад. Ва агар маро мурод будӣ, дарсоат вайро табоҳ кардандӣ. Чун нома бихонд, шарманда шуд ва пас аз бозгаштани шумо бисёр узр хост».

Ва Абдус рафту он чӣ рафта буд, бозгуфт. Амир гуфт: «Хоҷа бар чӣ ҷумла аст?» Гуфт: «Нотавон аст ва аз табиб пурсидам, гуфт ба зод баромадааст[5] ва ду-се иллати мутазод, душвор аст илоҷи он. Агар аз ин ҳодиса бичаҳад, нодир бошад». Амир гуфт: «Абулқосими Касирро бибояд гуфт, то хештанро бад-ӯ диҳад ва лаҷуҷию сахтсарӣ[6] накунад, ки ҳайфе[7] бар ӯ гузашта наёяд. Ва мо дар ин ҳафта сӯйи Нишобур бихоҳем рафт, Булқосимро бо Хоҷа ин ҷо бибояд буд, то ҳоли нолонии вай чун шавад». Ва бад-ин умед Булқосим зинда шуд.

Ҳаждаҳуми муҳаррам[8] султон аз Ҳирот бар ҷониби Нишобур рафт ва Хоҷа ба Ҳирот бимонд бо ҷумлаи уммол. Ва Амир ғурраи сафар[9] ба Шодёх фуруд омад ва он рӯз сармои сахт буду барфе қавӣ. Ва мисолҳо дода буд, то вусоқи ғуломону саройчаҳо сохта будаанд ба Нишобур наздик бад-ӯ ва дуртар қавмро фуруд оварданд.

---

[1] яъне, бар уҳдаи ман чизе нест.
[2] афзунӣ, зиёдӣ.
[3] ситонидаанд.
[4] аҳамият додан, бузург шумурдан.
[5] ба зод баромадан – ба авҷи син расидан.
[6] сарсахтӣ.
[7] ситаме.
[8] баробар бо 24 декабри соли 1032-и милодӣ.
[9] баробар бо 6 январи соли 1032-и милодӣ.

Шанбе аскудори Ҳирот расид, ки Хоҷа Аҳмад ибни Ҳасан пас аз ҳаракати рояти олӣ ба як ҳафта гузашта шуд, пас аз он, ки бисёр уммолро биёзурд. Ва устодам чун нома бихонд, пеши Амир шуд ва нома арза кард, гуфт: «Худованди оламро бақо бод, Хоҷаи Бузург Аҳмад ҷон ба маҷлиси олӣ дод». Амир гуфт: «Дареғи Аҳмад – ягонаи рӯзгор, чун ӯ кам ёфт мешавад ва бисёр таассуф хӯрд ва тавоҷҷуъ[1] намуду гуфт, агар боз фурӯхтандӣ, моро ҳеч захира аз вай дареғ набудӣ». Бунаср гуфт: «Ин бандаро ин саъодат басанда аст, ки дар хушнудии худованд гузашта шуд». Ва ба девон омад. Ва як-ду соат андешаманд буд ва дар марсияи ӯ қитъае гуфт, дар миёни дигар нусхатҳо бишуд[2], маро ин як байт ба ёд буд:

Ё ноъиян би кусуфи-ш-шамси ва-л қамари,
Бушширта би-н-нақси ва-т-тасвиди ва-л кадар[3]

Ба марги ин муҳташам шаҳомату диёнату кифояту бузургӣ бимурд. Ва ин ҷаҳони гузарандаро хулуд нест ва ҳама бар корвонгоҳему паси якдигар меравем ва ҳеч касро ин ҷо муқом нахоҳад буд, чунон бояд зист, ки пас аз марг дуъои нек кунанд. Ва Хоҷа Бунасри Мушкон, ки ин муҳташамро марсия гуфт, ҳам ба Ҳирот бимурд, ба ҷойи худ биёрам. Ва Писари Румӣ[4] дар ин маънӣ некӯ гуфтааст:

Ва таслубнуйи-л аййёму кулла вадиъатин,
Ва ло хайра фи шайъин йурадду ва йуслабу.
Касатнӣ ридоан мин шабобин ва минтақан,
Фасавфа-л-лази қидман касатниҳи йунҳабу[5].

Ва ба аҷаб мондам аз ҳирсу муноқашат бо якдигар ва чандин визру вуболу ҳисобу табаъат, ки дарвеши гурусна дар меҳнату заҳир ва тавонгари бо ҳама неъмат, чун марг фароз ояд, аз якдигар бозашон натавон шинохт. Мард он аст, ки пас аз марг номаш зинда бимонад. Рӯдакӣ гуфт, қитъа:

Зиндагонӣ чӣ кӯтаҳу чӣ дароз,
На ба охир бимурд бояд боз?
Ҳам ба чанбар гузор хоҳад буд,
Ин расанро агарчӣ ҳаст дароз.

---

[1] тавоҷҷуъ – дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ изҳор кардан.

[2] гум шуд, яъне аз даст рафт.

[3] тарҷ: ай ки хабари баду ногувори пинҳон шудан ва гирифтагии меҳру моҳро додӣ, туро мужда бод ба костану сиёҳ гардонидан ва тира шудан.

[4] Ибни Румӣ, Алӣ ибни Аббос (836-897) – шоири араб дар асри Аббосиён.

[5] тарҷ: рӯзгор ҳар амонатеро аз ман мерабояд ва ҳеч хайру некӯӣ дар чизе, ки бозгардонида ва рабуда шавад набошад. Айём бар ман ҷома ва камарбанде аз ҷавонӣ пӯшид, пас зуд бошад, ки он чӣ пеш бар ман пӯшондааст, ғорат шавад. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ҳам дар ин маънӣ мегӯяд:

Хӯш-хӯш аз ман саройи ҳазлу маҷоз,
Ориятҳо ҳаме ситонад боз.

Хоҳӣ андар инову[1] шиддат зӣ,
Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз.
Хоҳӣ андактар аз ҷаҳон бипазир,
Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тароз.
Ин ҳама боди дев бар ҷон аст,
Хобро ҳукм не, магар, ки маҷоз.
Ин ҳама рӯзи марг яксон аст,
Нашиносӣ зи якдигар-шон боз.

Амир Масъуд чун бор бигусаст, халват кард бо аъёну аркон ва сипоҳсолор Алии Доя ва ҳоҷиби бузург Билготагину Булфатҳи Розии ориз ва Бусаҳли Ҳамдавию Бунасри Мушкон. Пас гуфт: «Хоҷа Аҳмад гузашта шуд, пире пурдону бо ҳашмати қадим буд ва моро бедарди сар медошт. Ва ночор вазире мебояд, ки бевосита кор рост наёяд. Кадом касро шиносед, ки бад-ин шуғли бузург қиём кунад?» Гуфтанд: «Худованд бандагонро медонад ва аз они худ ва онон ки баркашидаи худованди мозиянд, ҳар киро ихтиёр кунад, ӯро мутеъ бошанд ва ҳашмати шуғли вайро нигоҳ доранд ва касро заҳра набошад, ки бар раъйи рафеъи худованд эътироз кунад». Гуфт: «Равед он ҷо ва холӣ бинишинед, ки ҷойгоҳи дабирон аст».

Ва ба торам, ки миёни боғ буд, бинишастанд, ки ҷойгоҳи девони рисолат буд. Бунасрро бозхонду гуфт: «Падарам он вақт, ки Аҳмадро бинишонд[2], чанд танро ном бурда буд, ки бар Ҳасанак қарор гирифт, он касонро бигӯй!» Бунаср гуфт: «Булҳасани Сайёриро султон гуфт, марде кофист, аммо болову имомаи[3] ӯро дӯст надорам, кори вай соҳибдевонист, ки ҳам кифоят дораду ҳам амонат. Ва Тоҳири муставфиро гуфт, ӯ аз ҳама шоистатар аст, аммо бастакор[4] асту ман шитобзада, дар хашм шавам ва дасту пойи ӯ аз кор бишавад. Ва Булҳасани Уқайлӣ ному ҷоҳу кифоят дорад, аммо рустоитабъ аст ва пайғомҳо, ки диҳам, ҷазм[5] нагузорад ва ман бар он, ки ӯ бемуҳобо бигӯяд, хӯ кардаам ва ҷавоби басанда[6] бозорад. Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ баркашидаи мост ва шогирдии Аҳмад Ҳасан бисёр кардааст, ҳанӯз ҷавон аст, муддате дигар шогирдӣ кунад, то муҳаззабтар гардад, он гоҳ коре бономро шояд. Ва низ шуғли Ғазнин ва ҳудуди он сахт бузург асту касе бояд, ки моро бе дарди

[1] ино – ранҷ
[2] зиндонӣ кард.
[3] боло – қадду қомат; иммома – дастор, салла; мурод аз «болову иммома» дар ин ҷо шакли зоҳир аст..
[4] кундкор, оҳистакор.
[5] ҷазм – яқин, бовар, қатъият.
[6] дар бештари нусхаҳо ба ҷои «басанда» вожаи ситада омадааст.

сар дорад. Ва Ҳасанак ҳашмат гирифтааст, шумору[1] дабирӣ надонад, ҳарчанд ноибони ӯ шуғли Нишобур рост медоранд ва ин ба қуввати ӯ метавонанд кард. Аҳмади Абдуссамад шоистатар аз ҳамагон аст, Олтунтош чун ӯ дигар надорад ва Хоразм сағре бузург аст». Аҳволи ин қавм, зиндагонии худованд дароз бод, бар ин ҷумла рафт. Султон охир ба Ҳасанак дод ва пушаймон шуд. Акнун ҳама бар ҷоянд, магар Ҳасанак ва худованд ҳам бандагону чокарони шоиста дорад. Амир гуфт: «Номи ин қавм бибояд набишт ва бар аъён арза кард». Бунаср набишт ва наздики он қавм рафт. Гуфтанд: «Ҳар як аз дигаре шоистатаранд ва худованд донад, ки эътимод бар кадом банда бояд кард».

Амир Бунасрро гуфт: «Булҳасани Сайёрӣ соҳибдевонии Рай ва Ҷибол дорад ва он кор бад-ӯ низоме гирифтааст. Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ ба Рай хоҳад рафт, ки аз Тоҳири Дабир ҷуз шароб хӯрдану руъунат[2] дигар коре барнаёяд. Ва Тоҳири Муставфӣ девони истифоро ба кор аст ва Булҳасани Уқайлӣ маҷлиси моро. Ва чунонки султон ба охир дида буд, дилам бар Аҳмади Абдуссамад қарор мегирад, ки лашкаре бад-он бузургӣ ва Хоразмшоҳи мурдаро ба Омӯй донад оварда ва дабириву шумору муомалот некӯ донад ва марде ҳушёр аст». Бунаср гуфт: «Сахт некӯ андешидааст, дар айёми хулафои Бани Аббос ва рӯзгори Сомониён кадхудоёни умарову ҳуҷҷобро вазорат додаанд. Ва Касир кадхудои Булҳасани Симҷур буд, ки Булқосим набасаи ӯст ва чанд бор ӯро Сомониён аз Булҳасан бихостанд, то вазорат диҳанд, Булҳасан шафеъон ангехт, ки ҷуз вай кас надорад. Ва кори Хоразм акнун мунтазам аст ва Абдулҷаббор, писари Хоҷа Аҳмад чун падараш дараҷаи вазорат ёфт, ба сар тавонад бурд.» Амир фармуд, то давот оварданд ва ба хатти хеш мулаттафае набишт сӯйи Аҳмад бар ин ҷумла, ки «Бо Хоҷа моро корест муҳим ба шуғли мамлакат ва ин хайлтошро ба таъҷил фиристода омад, чунонки дарвақт, ки бар ин набишта, ки ба хатти мост воқиф гардӣ, аз роҳи Нисо сӯйи даргоҳ ойӣ ва ба Хоразм диранг накунӣ». Ва мулаттафа ба Бунаср доду гуфт: «Ба хати хеш чизе набис, хитоб «шайхӣ ва муътамадӣ», ки дорад ва ёд кунад, ки агар ба ғайбати вай халале уфтад ба Хоразм, муътамаде ба ҷойи худ насб кунад. Ва Абдулҷаббор писари худро бо худ дорад, ки чун ҳурмати боргоҳ биёбад, бо хилъату навохт ва қоидаву тартиб ба Хоразм бозгардад. Ва аз хештан низ нома навису мусарраҳ боз намой, ки аз «барои вазорат, то вайро дода ояд, хонда шудааст ва дар сирр Султон бо ман гуфтааст», то мард қавидил шавад.

---

[1] шумор – илми ҳисоб.

[2] руъунат – нодонӣ; саркашӣ, худбинӣ; худоройӣ.

Ва Бунаср номаи Султон набишт, чунонки ӯ донистӣ набишт, ки устоди замона буд дар ин абвоб ва аз ҷиҳати худ мулаттафае набишт бар ин ҷумла: «Зиндагонии Хоҷаи саййид дароз бод ва дар иззу давлат солҳои бисёр бизиёд![1]. Бидонад, ки дар замири замона тақдирҳо будааст ва бар он сирр Худой, азза ва ҷалла, воқиф аст, ки тақдир кардааст. Дигар худованд-султони бузург, валию-н-ниъам, ки ба ихтиёр ин дӯсти вай Бунасри Мушконро ҷойгоҳи он сирр доштааст ва номаи султон ман набиштам ба фармони олӣ, зодаҳуллоҳу улувван[2], ба хатти хеш ва ба тавқеъ муаккад гашт. Ва ба хатти олӣ мулаттафае дарҷи он аст. Ва ин нома аз хештан ҳам ба мисоли олӣ набиштам. Чанд дароз бояд кард, сахт зуд ояд, ки садри вазорат муштоқ аст, то он кас, ки сазовори он гаштааст ва он Хоҷаи саййид аст, ба зудӣ ин ҷо расад ва чашми кеҳтарон ба лиқои вай равшан гардад *ва-л-лоҳу таъоло йумиддуҳу би биқоиҳи азизан мадидан ва йублиғуҳу гоята ҳаммиҳи ва йаблиғуни фиҳӣ мо таманнайту лаҳу би манниҳӣ*[3]». Ва ин номаҳоро тавқеъ кард ва аз хайлтошони девсаворон яке номзад карданд ва бо вай ниҳоданд, ки даҳрӯзӣ[4] ба Хоразм раваду ба Нишобур бозояд. Ва дарвақт рафт.

Ҳафтуми сафар[5] нома расид аз Буст бо аскудор, ки фақеҳ Бубакри Ҳасирӣ, ки он ҷо нолон монда буд, гузашта шуд. Ва чун аҷаб аст аҳволи рӯзгор, ки миёни Хоҷа Аҳмади Ҳасан ва он фақеҳ ҳамеша бад буд, марги ҳар ду наздик уфтод.

Ва дар миёнҳо хабар расид, ки расули ал-Қоим Биамриллоҳ ба Рай расид, Бубакри Сулаймонӣ ва бо вай ходимест аз хеши хадами халифа, каромот[6] ба дасти вай аст ва дигар муҳиммот ба дасти расул. Фармуд, то эшонро истиқболи некӯ карданд. Ва як ҳафта муқом карданд ва сахт некӯ дошт ва бар ҷониби Нишобур омаданд бо бадрақаи тамом ва касоне, ки вазоифи эшон рост дорад. Амир фармуд, то ба таъҷил касон рафтанду ба рустои Байҳақ улуфот рост карданд. Ҳаштуми рабеъулохир[7] фуқаҳову қузоту аъёни Нишобур ба истиқбол рафтанд. Чаҳоршанбе, мартабадорону расулдорон бирафтанд. Аз дарвозаи Роҳи Рай то дари масҷиди одина биёроста буданд ва ҳамчунон ба бозорҳо бисёр дираму динору шаккару

---

[1] зинда бимонад.

[2] Худованд ӯро бартарӣ афзун кунад!

[3] тарҷ: Худои мутаъол вайро ба зистану монданаш бо иззату дарозии зиндагонӣ ёрӣ кунод ва вайро ба ниҳояти ҳимматаш бирасонад ва маро бо он чӣ барои вай орзу мекунам, восил кунод!

[4] дар давоми даҳ рӯз.

[5] баробар бо 12 январи соли 1033-и милодӣ.

[6] каромат – ҳадя, хилаът ва ашёи нафис.

[7] баробар бо 13 марти соли 1033-и милодӣ.

тароиф[1] нисор карданду андохтанд ва ба боғи Абулқосими Хазонӣ фурӯд оварданд ва то намози пешин рӯзгор гирифт ва нузли бисёр ботакаллуф аз хӯрданиҳо бурданд ва дах ҳазор дирам сими гармоба ва ҳар рӯз лутфе дигар.

Чун як ҳафта баромад ва биёсуданд, кавкабае сохтанд аз дари Боғи Шодёх то дари саройи расул, тамомии лашкар ва аъёну сарҳангон барнишастанду аломатҳо бидоштанд ва пиёдагони бо силоҳи сахт бисёр дар пеши саворон биистоданд ва мартабадорон ду раста. Ва дар суффа Амир, разияллоху анҳу, бар тахт нишаст ва солорону ҳуҷҷоб бо кулоҳҳои душох ва рӯзе сахт бошукӯҳ буд. Ва ҳочибеву чанд сиёҳдору пардадор ва сипаркашону ҷанибатиён ва астаре бист хилъатро, расулдор пагоҳ ба саройи расул рафта буд ва бурда. Расулу ходимро барнишонданд ва хилъатҳои халифаро бар астарон дар сандуқҳо бор карданд ва шогирдон хазина бар сар ва асбон ҳашт сар, ки ба миқвад[2] бурданд бо зину сохти зар баста, ливо ба дасти саворе ва маншуру нома дар дебои сиёҳ печида ба дасти саворе дигар дар пеши расул ба тартиб бидошта ва ҳочибону мартабадорон пеши эшон.

Овози буқу духул бихосту наъра баромад, гуфтӣ, қиёмат аст он даҳшат бар лашкар ва пиле чанд бидошта; ва расулу ходимро фуруд оварданду пеши Амир бурданд ва расул даст бӯса дод ва ходим замин бӯсид ва биистоданд. Амир гуфт: «Худованд – валинеъмат амирулмуъминин бар чӣ ҷумла аст?» Расул гуфт: «Бо тандурустию шодкомӣ ҳама корҳо бар мурод ва аз султони муаззам, ки бақош бод ва ӯро бузургтар рукнест, хушнуд». Ва Ҳочиб Бунаср бозӯи расулро гирифт, вайро аз миёни суффа наздики тахт оварду бинишонд.

Ва дар ин суффа сипоҳсолор Алии Доя буд нишаста ва оризу вазир худ набуд, чунонки боз намудаам. Расул гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, чун ба ҳазрати хилофат расидам ва муқаррари маҷлиси олӣ гардонидам, ҳоли тоатдорию инқиёд ва мутобаъати султон ва он чӣ воҷиб дошт, аз ба ҷой овардани таъзияти ал-Қодир Биллоҳ ва пас аз он таҳнияти бузургии амирулмуъминин, ки тахти хилофатро биёрост, бар чӣ ҷумла кард ва расми хутбаро бар чӣ сифат иқомат намуд, пас аз он шароити байъат чигуна ба ҷой овард ва бандаро басазо гардонид. Амирулмуъминин чунонки аз ҳиммати баланди ӯ сазид, бар тахти хилофат бинишаст ва бори омм дод дар он ҳафта, чунонки ҳар ки пеши тахти ӯ расид, вайро бидид, султонро бистуду бисёр некӯӣ воҷиб дид, то бад-он ҷойгоҳ, ки фармуд: бузургтар рукне морову қавитар имрӯз Носиридину-л-лоҳ ва Ҳофизи

[1] тароиф – ҷамъи турфа; чизи камёб, нодир, ҳайратангез.
[2] афсор.

билоди-л-лоҳ ал-мунтақами мин аъдои-л-лоҳ Абусаъид Масъуд аст. Ва ҳам дар он маҷлис фармуда буд ба номи султон маншур набиштанд мулкатҳои маврусу мактасаб ва он чӣ ба тозагӣ гирад». Ва бармало бихонд ва давот оварданд ва ба хатти олӣ ва тавқеъ биёрост ва бар лафзи олӣ муборакбод рафт ва он гоҳ бифармуд, муҳр карданд ва пас ба ходими дуъогӯ биспурданд бо нома.

Ва ливо хост, биёварданд ва ба дасти хеш бибасту тавқу камар ва ёраву[1] тоҷ пеш оварданд, якон-якон биспурду дуъо гуфт, то Худой, азза ва ҷалла, муборак гардонад. Ва ҷомаҳои дӯхта пеш оварданд, дар ҳар бобе сухан гуфт, ки дар он фахр аст ва ҳамчунон дар боби маркабони хосса, ки бидошта буданд дар ақаби ин. Фазолик[2] он буд, ки имома пеш оварданду шамшер ва бар лафзи олӣ рафт, ки ин имома дастбастаи мост, бояд бар ин тай[3] ба дасти Носириддин ояд ва вай бар сар ниҳад пас аз тоҷ. Шамшер бар-кашиду гуфт: «Занодиқаву қарохатаро барбояд андохт ва суннати падар Ямину-д-давла ва-д-дин дар ин боб нигоҳ дошт ва ба қуввати ин теғи мамлакатҳои дигар, ки ба дасти мухолифон аст, бигирифт». Ва ин ҳама дар он маҷлис ба ман таслим карданд ва имрӯз пеш оварданд, то он чӣ раъйи султон иқтизо кунад, дар ин боб бифармояд.

Амир, разияллоҳу анҳу, ишорат кард сӯйи Бунасри Мушкон, ки маншуру нома бибояд ситад. Бунаср аз саф берун омад ва ба тозӣ расулро гуфт, то бар пой хост ва он маншури дар дебои сиёҳ печида пеши Амир бурду бар тахт ниҳод. Ва Бунаср бистаду з-онсутар шуд ва биистод. Расул истода султонро гуфт: «Агар бинад, ба зери тахт ояд, то ба муборакӣ хилъати амирулмуъминин бипӯшад». Гуфт: «Мусалло бияфганед!» Силоҳдор бо хештан дошт, бияфганд. Амир рӯй ба қибла кард ва буққои заррин, ки дар миёни боғ бидошта буданд, бидамиданд ва овоз бо овози дигар буққо пайваст ва ғирев бихост ва бар даргоҳ кӯс фурӯ куфтанд ва буққо ва ойинаи пилон бичунбониданд. Гуфтӣ, растахез аст ва Билготагин ва дигар ҳуҷҷоб дардавиданд, бозӯи Амир гирифтанд, то аз тахт фурӯд омад ва бар мусалло биншаст. Расул сандуққои хилъат бихост, пеш оварданд. Ҳафт фарачӣ[4] баровардаанд, яке аз он дебои сиёҳ ва дигар аз ҳар ҷинс ва ҷомаҳои бағдодӣ ва муртафеъ. Амир бӯса бар он дод ва ду ракъат намоз бикарду ба тахт омад ва ба тоҷи мурассаъ ба ҷавоҳир ва тавқу ёраи мурассаъ ҳама пеш бурданду бибӯсиданду бар дасти росташ бар тахт биниҳоданд. Ва имомаи баста ходим пеш бурд ва Амир бибӯсиду кӯлоҳ бардошт ва бар сар ниҳод. Ва ливо бидошт

[1] ёра – дастбанд, дастпона; зеваре, ки бо он дастро биёроянд.
[2] фазолик – хулоса.
[3] яъне бар ҳамин печидагӣ
[4] фарачӣ – як намуд қабои бебанди кушода.

бар дасти росташ ва шамшеру ҳамоил баст ва бӯса дод ва бар канор биниҳод. Ва Бунасри Мушкон нома бихонду ба порсӣ тарҷума кард ва маншур бихонд ва нисор кардан гирифтанд, чунонки миёни суффа заррин шуд аз нисор ва миёни боғ симин аз кисаҳо. Ва расулро бозгардониданд ва тароиф андохтанд, ки ҳадд набуд. Ва намози дигар расул ба хона расид бо чунин ороиш ва чандин рӯз пайваста ҳамвора нишоту ромиш буд, шабу рӯз ба шодиву нишот машғул мебуданд ва ба ҳеч рӯзгор кас он ёд надошт.

Ва дар миёнҳо хабар расида буд, ки писари Яғмари туркмон ва писарони дигар муқаддамони туркмонон, ки Тошфаррош – сипоҳсолори Ироқ, мисол дод, то эшонро бикуштанд бад-он вақт, ки сӯйи Рай мерафт, аз Балхонкӯҳ даромаданд бо бисёр туркмонони дигар, қасди атрофи мамлакат медоранд, ки кини падар аз мусалмонон бикашанд. Амир, разияллоҳу анҳу, сипоҳсолор Алии Дояро мисол дод, то ба Тӯс равад ва ҳоҷиби бузург Билготагин сӯйи Сарахс ва талеъа фиристанд ва аҳволи туркмонон мутолаъа кунанд. Ва ҳоҷиби бузург Билготагин аз Нишобур бирафт бо ғуломон ва хайли худ ва сипоҳсолор Алӣ дигар рӯз, чаҳоршанбе. Ва номаҳо рафт ба Бокалиҷор бо муҷаммизон, то ҳушёру бедор бошад ва лашкаре қавӣ ба Деҳистон фиристад, то ба работ муқом кунанд ва роҳҳо нигоҳ доранд. Ва ҳамчунин номаҳо рафт ба Нисо ва Боварду, то шиҳнаву мардуми он навоҳӣ гӯш ба сипоҳсолор Алӣ ва ҳоҷиб Билготагин доранд.

Ва хайлтоши мусриъ, ки ба Хоразм рафта буд, наздики Хоҷа Аҳмади Абдуссамад ҷавоби нома бозоварду гуфт: «Маро ду рӯз нигоҳ дошт ва асбе қиммативӣ ва бистто ҷома ва бист ҳазор дирам бахшид ва гуфт бар асар ба се рӯз ҳаракат кунам». Ва ҷавоби нома бар ин ҷумла буд, ки «Фармони олӣ расид ба хатти Хоҷа Бунасри Мушкон ороста ба тавқеъ ва дарҷи он мулаттафа ба хатти олӣ ва банда онро бар сару чашм ниҳод». Ва Бунасри Мушкон низ мулаттафае набишта буд ба фармони олӣ ва сухане дар гӯши банда афганда, ки аз он сахт бишкӯҳид, бад-он сабаб, ки чизе шунуд, ки на боби ӯст ва ҳаргиз ба хотир нагузаштааст ва хештанро маҳалли он надонад. Хайлтошро бозгардонид ва ин шуғлро, ки банда меронад ба Бунасри Барғашӣ муфавваз[1] хоҳад кард, ки марде кофию писандида аст. Ва Ҳорун сахт хирадманду хештандор аст, иншоаллоҳи таъоло, ки дар ғайбати банда ҳамчунин бимонад. Ва Абдулҷаббори бо хештан меорад, банда ба ҳукми фармони олӣ то пухта бозгардад ва саъодати хидмати даргоҳи олӣ ёфта. Банда бар асари хайлтош ба се рӯз аз ин ҷо биравад, то ба зудӣ ба даргоҳи олӣ

[1] муфавваз – ба касе вогузошташуда; муфаввиз – кор ба касе вогузоранда.

расад». Ва ҷавоби устодам набишта буд ҳам ба мухотабаи муътод[1]: аш-шайх-ул-ҷалил ус-саййид Аби Наср ибн Мушкон Аҳмади Абдуссамад сағируҳу ва вазиуҳу[2]. Ва бо вай сухан бисёр ба тавозуъ ронда, чунонки Бунаср аз он шигифт дошт ва гуфт: «Тамом мардест ин меҳтар, вайро шинохта будам, аммо надонистам, ки то ин ҷойгоҳ аст». Ва номаҳо ба наздики Амир бурд.

Чун хабар омад, ки Хоҷа наздики Нишобур расид, Амир фармуд, то ҳамчунон ба истиқбол раванд. Ҳама басичи рафтан карданд, то хабар ёфтанд, вай ба даргоҳ омада буд бо писар, рӯзи чаҳоршанбе, ғурраи моҳи ҷумодалуло[3]. Мардум, ки мерасиданд, вайро салом мегуфтанд. Ва Амир бор дод ва огоҳ карданд, ки Хоҷа Аҳмад расидааст. Фармуд, ки пеш бояд омад. Ду-се ҷойи замин бӯса дод ва ба рукни суффа биистод. Амир сӯйи Билготагин ишорате кард, Билготагин хоҷиберо ишорат кард ва мисол дод, то вайро ба суффа оварад ва сахт дур аз тахт бинишонд ва ҳазор динор аз ҷиҳати Хоҷа Аҳмад нисор биниҳоданд ва вай иқде гавҳар гуфтанд ҳазор динор қимати он буд, аз остин берун гирифт, ҳоҷиб Билготагин аз вай бистад ва ҳоҷиб Бунназрро дод, то пеши Амир ниҳод. Амир Аҳмадро гуфт: «Кори Хоразму Ҳоруну лашкар чун мондӣ?» Гуфт: «Ба фарри давлати олӣ бар мурод! Ва ҳеч халал нест». Амир гуфт: «Ранҷ дидӣ, бибояд осуд!» Хидмат карду бозгашт ва асби ба кунят[4] хостанд, ба таъҷил мураттаб карданд ва бозгашт ба саройи Абулфазли Микойил, ки аз баҳри вай пардохта буданд ва рост карда фурӯд омад ва писараш ба саройи дигар наздики хонаи падар. Ва вакилро[5] мисол буд, то хӯрданиву нузл фиристоданд сахт тамом. Ва ҳар рӯз ба даргоҳ меомад ва хидмат мекарду бозмегашт.

Чун се рӯз бигзашт, Амир фармуд, то ӯро ба торам наздики суффа бинишонданд ва Амир низ маҷлиси хеш холӣ кард. Ва Бунасри Мушкону Абулҳасани Уқайлӣ ва Абдус дар миёни пайғом буданд. Ва он холӣ бидошт то намози пешин ва бисёр сухан рафт дар маънии вазорат, тан дар намедоду мегуфт: «Банда ғариб аст миёни ин қавм ва расми ин хидмат намешиносад, вайро ҳамин шогирдию пойкорӣ[6] савобтар». Ва он қисса агар ронда ояд, дароз

---

[1] муътод – одаткарда, хӯгирифта.

[2] кеҳтар ва фурӯдасти вай, кӯчак ва пойиндараҷа; дар ин навишта Аҳмади Абдуссамад нисбат ба Бунасри Мушкон изҳори фурӯтанӣ карда, ҷойгоҳу мақоми худро аз Бунаср поёнтан меҳосиобад.

[3] баробар бо 4 апрели соли 1033-и милодӣ.

[4] бо зикри ному насаб (мисол Абулҳасан), ки нишони бузургдошти тараф ба ҳисоб меомад.

[5] вакил – нозири сарой ва коргузори масъул.

[6] пойкорӣ (покорӣ) – хидматкорӣ, шогирдӣ.

гардад. Охир қарор гирифту вазорат қабул кард ва пеши Амир оварданд ва дилгамию навохт аз маҷлиси олӣ ва лафзи муборак биёфт. Ва бозгашт бад-он, ки мувозаъа набисад ба расм ва дар ӯ шароити шуғл хоҳад. Ва асбаш ҳам ба кунят хостанд[1]. Ва мардумонро чун муқаррар шуд вазорати ӯ, тақарруб намуданду[2] хидмат карданд.

Ва мувозаъа набишту наздики устодам фиристод ва Амир ба хатти худ ҷавоб набишт ва ҳар чӣ хоста буд ва илтимос намуда, ин шароит иҷобат фармуд. Ва хилъате сахт фохир рост карданд ва душанбе шашуми ҷумодалуло[3] хилъат пӯшониданд, камари ҳазоргонӣ буд дар он. Ва ҳоҷиб Билготагин камари вай гирифт ва наздики тахт бинишонд. Амир гуфт: «Муборак бод хилъат бар мову бар Хоҷаву бар лашкару бар раъийят». Хоҷа бар пой хосту хидмат кард ва иқде гавҳари қимати панҷ ҳазор динор пеши Амир бинҳод. Амир як ангуштарии пирӯза, номи Амир набишта бар он ҷо, ба дасти Хоҷа доду гуфт: «Ин ангуштарии мамлакат аст, ба Хоҷа додем ва вай халифаи мост, ба диле қавӣ ва нишоти тамом кор пеш бояд гирифт, ки пас аз фармони мо фармони вай аст дар ҳар коре, ки ба салоҳи давлату мамлакат бозгардад». Хоҷа гуфт: «Банда фармонбурдор аст ва он чӣ ҷаҳд бояд карду бандагист, бикунад, то ҳаққи неъмати худованд шинохта бошад». Ва замин бӯса доду бозгашт. Ва ғуломе аз они вайро хилъат доданд ба расми ҳоҷибӣ ва бо вай бирафт. Ва чун ба хона фурӯд омад, ҳамаи авлиёву ҳашами аъёни ҳазрат ба таҳният рафтанд ва бисёр нисор карданд. Ва зару сим ва он чӣ оварда буданд ҳамаро нусхат карда, пеши Амир фиристод сахт бисёр. Ва ҷудогона он чӣ аз Хоразм оварда буд низ, бифиристод бо писари Тоши Моҳрӯй, ки чун падару писар дар ҷамол набуданд. Ва Тош дар ҷанги Алитагин пеши Хоразмшоҳ кушта шуд.

Ва Амир он ҳама писандид ва ин писари Тошро аз хоссагони худ кард, ки чун ӯ се-чаҳор тан набуданд дар се-чаҳор ҳазор ғулом. Ва ӯро ҳосидону ошиқон хостанд ҳам аз ғуломони саройӣ, то чунон уфтод, ки шабе ҳамвусоқе[4] аз они вай бо оҳанги вай, ки бар вай ошиқ будӣ, наздики вай омад, вай корд бизад, он ғулом кушта шуд, наъузу биллоҳи мин қазоъи савъ[5]. Амир фармуд, ки қисос бояд кард; меҳтари сарой гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, дареғ бошад

[1] яъне, ҳанӯз ҳамчун вазир барои ӯ асб омода накарданд, зеро ҳанӯз шартнома (мувозаъа) миёни ӯву Амир ба имзо нарасида буд.
[2] яъне барои наздик шудан ба вазир кӯшиданд.
[3] баробар бо 9-уми апрели соли 1033- милодӣ.
[4] ҳамвусоқ – ҳамҳуҷра.
[5] паноҳ бар Худо аз қазои бад!

ин чунин рӯйе зери хок кардан». Амир гуфт: «Вайро ҳазор чӯб бибояд зад ва хасӣ[1] кард, агар бимирад, қасос карда бошанд, агар бизияд, нигарем, то чӣ корро шояд. Бизист ва бо оби[2] худ боз омад дар ходимӣ, ҳазор бор некӯтар аз он шуду зеботар. Давотдори Амир шуд ва оқибати кораш он буд, ки дар рӯзгори иморати Абдуррашид туҳмат ниҳоданд, ки бо Амир Мардоншоҳ[3], разияллоҳу анҳу, ки ба қалъат боздошта буданд, мувофақате кардааст ва байъате бистадааст. Ва гурӯҳе бо ин бечора кушта шуданд ва бар дандони пил ниҳоданд бо чанд тан аз ҳуҷҷобу аъёну сарҳангон ва аз майдон берун оварданду бияндохтанд, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин.

Ва Хоҷа Аҳмад ба девон нишаст ва шуғли вазорат сахт некӯ пеш гирифт ва тартибеву низоме ниҳод, ки сахт кофӣ ва шоиставу оҳиста[4] ва адибу фозилу муъомалатдон буд ва бо чандин хисоли ситада марде тамом. Ва корҳои некӯ бисёр кард, ки муқаррар гашт, ки ин муҳташам чӣ тамом марде буд, гӯйӣ ин ду байт дар ӯ гуфтаанд: Шеър:

Ататҳу-л визорату мунқодатан,
Илайҳи туҷарриру азйолаҳо.
Фалам таку таслуҳу илло лаҳу,
Ва лам йаку йаслуҳу илло лаҳо[5].

Ва бо ин кифоят далеру шуҷоъ ва бозаҳра, ки дар рӯзгори мубораки ин подшоҳ лашкарҳо кашид ва корҳои боном кард. Ва дар ҳамаи рӯзгори вазорат як-ду чиз гирифтанд[6] бар вай ва одамӣ маъсум натавонад буд. Яке он, ки дар ибтидои вазорат як рӯз бармало хоҷагон Алӣ ва Абдураззоқ писарони Хоҷа Аҳмади Ҳасанро сухане чанд сард гуфт ва андар он падари эшонро чунон муҳташам, сабӯк бар забон овард. Мардумони шарифу вазеъ нописанд шуданд. Ва дигар дар охири вазорати Амир Мавдуд дар боби Артагин, ки хоҳари ӯро дошт, сухане чанд гуфт, то ин турк аз вай биёзурду бадгумон шуд ва ин Хоҷа дар сари он шуд ва биёрам қисса ба ҷойи худ ва ин сахт нодир аст ва айна-р-риҷолу-л муҳаззабуна[7].

---

[1] хасӣ – ахта, он ки хоящояш кашида шуда бошад.
[2] об – обрӯй.
[3] Мардоншоҳ – писари панҷуми Масъуд.
[4] оҳиста – орому бурдбор.
[5] тарҷ: вазорат ба фармонбурдорӣ доманкашон-доманкашон ба назди вай омад. Пас вазирӣ шоиста набудааст ҷуз вайро ва ӯ шоиста набудааст магар вазоратро!
[6] хӯрда ё айб гирифта.
[7] тарҷ: мардони пироста куҷоянд?

Одина, даҳуми ҷумодалуло, Амир фармуд, то писари вазир Абдулҷаббарро хилъат пӯшониданд ва дар ҳол фармуд, ки моли замон аз Бокалиҷор, волии Гургон бибояд хост ва духтари ӯро, ки ақди никоҳ карда будааст, бояд овард, пеш аз он, ки аз Нишобур ҳаракат бошад. Ва қарор гирифт, ки Абдулҷаббор – писари вазирро он ҷо ба расулӣ фиристода ояд, бо донишманде ва хидматкороне, ки расм аст. Ва гуфт Амир, ки ин нахустин хидмат аст, ки фарзанди туро фармуда шуд ва устодам Бунаср номаҳо ва мушофаҳот нусхат кард ва набишта омад ва донишманд Булҳасани Қаттон аз фуҳули[1] шогирдони Қозӣ Имом Соъид бо Абдулҷаббор номзад шуд ва Кофури Муаммарии Ходим муътамади маҳмудӣ. Ва маҳд рост карданду хидматкорону ҳадоё, чунонки одату расм аст. Дувоздаҳуми ҷумодалуло Абдулҷаббор сӯйи Гургон аз Нишобур бо ин қавм равона шуд.

Фасл дар маънии дунё

Фасле хонам аз дунёи фиребандаи ба як даст шаккарпошандаву ба дигар даст заҳри кушанда. Гурӯҳеро ба меҳнат озмуда ва гурӯҳеро пироҳани неъмат пӯшонида, то хирадмандонро муқаррар гардад, ки дил ниҳодан бар неъмати дунё муҳол аст. Ва Мутанаббӣ гӯяд, шеър:

Ва ман саҳиба-д-дунё тавилан тақаллабат,
Ъало айниҳи ҳатто йаро сидқаҳо кизбо[2]

Ин муҷаллад ин ҷо расонидам аз таърих, подшоҳ Фаррухзод ҷони ширину гиромӣ ба ситонандаи ҷонҳо доду супурд ва об бар вай рехтанд ва шустанду бар маркаби чӯбин бинишаст ва ӯ аз он чандон боғҳои хурраму баноҳову кохҳои ҷадду падару бародар ба чаҳор панҷ газ замин басанда кард ва хок бар вай анбор карданд. Дақиқӣ мегӯяд дар ин маънӣ, шеър:

Дареғо мир Бунасро дареғо,
Ки бас шодӣ надидӣ аз ҷавонӣ,
Валекин родмардони ҷаҳондор,
Чу гул бошанд кутаҳзиндагонӣ.

Шеър:

Айна Кисро, Кисра-л мулуки Анушир,
Ва ану ам айна қаблаҳу Собуру.
Ва бану-л асфари-л кирому мулуки-л,
Арзи лам ябқа минҳум мазкуру.
Ва аху-л ҳазри из баноҳу ва изо,

[1] бузургон, баргузидагон.

[2] тарҷ: касе, ки замоне дароз бо дунё мусоҳиб бошад, дунё дар чашми вай дигаргуна шавад, то ростии онро дурӯғ бинад.

Дизлату туҷбо илайҳи ва-л хобуру.
Лаб яҳабҳу райбу-л мануни фабода-л
Мулку анҳу фа бобуҳу маҳҷуру.
Сумма сору ка аннаҳум варақун ҷаффа,
Фа алват биҳи Сабо ва-д-дабуру[1]
Ли Аби Тайиб ал-Мусъабӣ[2]
Ҷаҳоно, ҳамоно фусусиву[3] бозӣ!
Ки бар кас напойиву бо кас насозӣ!
Чу моҳ аз намудан, чу хор аз пасудан![4]
Чу заҳр аз чашидан, чу чанг аз шунидан!
Чу бод аз базидан[5], чу алмоси гозӣ!
Чу уди қиморӣ ва чун мушки Таббат,
Чу анбарсиришта Ямону Ҳиҷозӣ!
Ба зоҳир яке байти пурнақши озар!
Ба ботин чу хуки палиду гурозӣ!
Якеро наъимӣ, якеро Ҷаҳимӣ,
Якеро нишебӣ, якеро фарозӣ!
Яке бӯстоне бароганда неъмат,
Бад-ин сахт баста бар он мехрбозӣ!
Ҳама озмоиш, ҳама пурнамоиш,
Ҳама пурдироиш[6] чу карги Тарозӣ![7]
Ҳам аз басти шаҳмоти шатранҷбозон,
Туро муҳра дода ба шатранҷбозӣ!
Чиро зираконанд бас тангрӯзӣ?!
Чиро аблаҳонанд бас бениёзӣ?!
Чиро умри товусу дурроҷ[8] кӯтаҳ?!
Чиро мору каркас зияд дар дарозӣ?!
Саду анд сола яке марди ғарча[1],

---

[1] тарҷ: Хусрав куҷост? Хусрави хусравон Анушервон ё пеш аз вай Шопур куҷост? Ва румиён (бану-л асфар) подшоҳони бузургвори замин куҷоянд. Аз онон касе, ки дархури зикр бошанд, намондааст ва куҷост соҳиби Ҳазр (номи қасре дар Мавсил), ки онро сохт ва Дақлаву Хобур (номи шаҳр) ба ӯ хароҷ медод. Сахтиҳову ҳаводиси рӯзгор аз вай натарсид ва подшоҳияш аз миён рафт ва даргоҳи ӯ валангор монд. Пас чунин гаштанд, ки онон гӯӣ барге хушк буданд, ки онро Сабову дабур (боди шимол ва ҷануб) бурду пароканда кард.

[2] Аби Тайиб ал-Мусъабӣ – шоири замони Сомониён, ки бо арабию порсӣ шеър мегуфт. Ӯ муддате соҳибдевони рисолати Наср ибни Аҳмади Сомонӣ будааст.

[3] фусӯс – фиребу истеҳзо, беҳуда, дурӯғ.

[4] пасудан ё писудан – бисудан ё бусудан, бисовидан, судан, суфтан.

[5] вазидан

[6] дироиш – ба маънии бонг кардан ва гуфтан

[7] карг – мухаффафи каргадан; ба фатҳатайн (карак) номи паррандаест думдароз; доктор Файёз тахмин кардааст, ки шояд турки Тароз бошад

[8] дурроҷ – парандае аз тираи мокиён.

Чиро шасту се зист он марди тозӣ[2]?!
Агар на ҳама кори ту божгуна,
Чиро он, ки нокас, ту ӯро навозӣ?!
Ҷаҳоно, ҳамоно аз ин бениёзӣ,
Гунаҳкор моему ту ҷойи озӣ!

Амир Фаррухзод, раҳматуллоҳи алайҳи, муқаддиру-л-аъмор ва холиқу-л-лайлу ва-н-наҳор ал-азизу-л-ҷаббор молику-л мулук ҷалла ҷалолаҳу ва тақаддасат асмоуҳу[3], рӯзгори умру муддати подшоҳӣ ин миқдор ниҳода буд ва дарде бузург расид бадали хоссу омм аз гузашта шудани ӯ ба ҷавонӣ ва чандон осори ситудаву сиратҳои писандида ва адле зоҳир, ки ба ақтори[4] олам расидааст. Шеър:

Ва иннама-н-носу ҳадисун ҳасанун,
Факун ҳадисан ҳасанан лиман ваъо[5].

Чун вай гузашта шуд, Худои азза ва ҷалла ёдгори хусравон ва гузидатари подшоҳон султони муъаззам валию-н-ниъам Абулмузаффар Иброҳим ибни Носиридиниллоҳро[6] дар саъодату фаррухӣ ва ҳумоюнӣ ба дорулмулк расонид ва тахти аслофро ба нишастан бар он ҷо биёрост, пирони қадим осори мадрусшудаи маҳмудиву масъудӣ бидиданд. Ҳамеша ин подшоҳ комраво бод ва аз мулку ҷавонӣ бархурдор бод. Рӯзи душанбе, нуздаҳуми сафари санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[7], ман таърих ин ҷо расонида будам, султони муъаззам Абулмузаффар Иброҳим ибни Носиридиниллоҳ мамлакати ин иқлими бузургро биёрост, замона ба забони ҳарчӣ фасеҳтар бигуфт:

Подшоҳе бирафт поксиришт,
Подшоҳе нишаст ҳурнажод!
Аз бирафта ҳама ҷаҳон ғамгин,
В-аз нишаста ҳама ҷаҳон дилшод!
Гар чароғе за пеши мо бардошт,
Боз шамъе ба ҷойи он биниҳод!
Ёфт чун шаҳрёр Иброҳим,
Ҳар ки гум кард Шоҳ Фаррухзод!

---

[1] ғарча – аблаҳ, номард.
[2] марди тозӣ (араб); мурод Пайғамбари Ислом (С) мебошад.
[3] тарҷ: Худованди андозакунандаи умрҳо ва офаринандаи шабу рӯз, тавоно, қоҳир, подшоҳи подшоҳон, бузург бод азамати Ӯ ва муназзаҳу пок бод номҳояш!
[4] каронаи
[5] тарҷ: мард худ пас аз марг афсонаест, пас достони хубе барои он ки ёд гирад бош. Дар забони форсӣ ҳам ба ин маънӣ гуфта шудааст:
Боре чу фасона мешавӣ ай бахирад. Афсонаи нек шав на афсонаи бад.
[6] Султон Иброҳим ибни Масъуд, ки солҳои 1059-1099 ҳукумат кардааст.
[7] соли 451, ки баробар аст бо 6 апрели соли 1060-и милодӣ

Бузургии ин подшоҳ яке он буд, ки аз зулмати қалъате, офтобе бад-ин равшанӣ, ки ба нуздаҳ дараҷа расид[1], ҷаҳонро равшан гардонид. Дигар чун ба саройи иморат расид, авлиёву ҳашам ва коффаи мардумро бар тартибу тақрибу навохт бар андоза бидошт, чунонки ҳоли сиёсат ва дараҷаи мулк он иқтизо кард. Ва дар ишорату сухан гуфтан ба ҷаҳониён маънии ҷаҳондорӣ намуд ва зоҳир гардонид. Аввал иқомати таъзияти бародар фармуд ва ба ҳақиқат бидонед, ки ин рамаро шубоне омад, ки зарари гургону дадгон[2] беш набинанд. Ва лашкаре, ки дилҳои эшон бишуда буд, ба бахшиши подшоҳона ҳамаро зинда ва якдилу якдаст кард ва сухани мазлумону мумтаҳанон[3] шуниду дод бидод. Чашми бад дур, ки Нушервони дигар аст.

Ва агар касе гӯяд, «Бузурго ва борифъато, ки кори иморат аст, агар ба дасти подшоҳи комгору кордони муҳташам уфтад, ба ваҷҳе ба сар барад ва аз уҳдаи он чунон берун ояд, ки дину дунё ӯро ба даст ояд ва агар ба дасти оҷизе уфтад, ӯ бар худ дармонад ва халқ бар вай», маъозаллоҳ[4], ки харидаи неъматҳояшон бошад касе ва дар подшоҳии мулуки ин хонадон сухан ноҳамвор гӯяд. Аммо пирони ҷаҳондида ва гарму сарди рӯзгорчашида аз сари шафақату сӯз гӯянд, фулон коре шоиста кард ва фулонро хатое бар он дошт. Ва аз Одам ило явмино ҳозо[5] чунин будааст. Дар хабар аст: инна раҷулан ҷоа ила-н-набиййи сала-л-лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, қола лаҳу: биъса шайъу-л иморату. Фа қола алайҳи-с-салом: ниъма шайъу-л иморату ин ахазаҳо би ҳаққиҳо ва ҳиллиҳо ва айна ҳаққуҳо ва ҳиллуҳо[6]. Султони муъаззам ба ҳаққу ҳилл гирифт ва он намуд, ки подшоҳони муҳташам намоянд. Ва дигар ҳадис: чун Кисро Парвиз[7] гузашта шуд, хабар ба Пайғамбар, алайҳиссалом расид. Гуфт: «*Ман истахлафу?» Қолу: «Ибнатаҳу Бурона». Қола алайҳиссалому: «Лан*

---

[1] Аз зулмати қалъате – ишора ба он, ки пас аз кушта шудани Туғрали ғосиб, ки тахту тоҷи Ғазнавиёнро ғасб карда буд, Султон Иброҳим бо бародараш Фаррухзод дар қалъаи Бадғдод маҳбус буд. Ҳангоми ба тахт нишастани ӯ нӯздаҳ сол дошт.

[2] даррандагон.

[3] меҳнатрасида, бадҳол.

[4] паноҳ бар Худо.

[5] то имрӯз.

[6] тарҷ: марде назди Паёмбар, дуруду салом бар вай ва бар хонадонаш бод, омаду гуфт: чӣ бад чизе аст фармонравоӣ. Пас гуфт бар вай Паёмбар (дуруд бар ӯ бод), чи некӯ чизе аст фармонравоӣ, агар фармонравоиро ба ҳаққу ҳалоли он бигирад ва куҷост ҳаққу ҳалоли он?

[7] Хусрави Парвиз (590-628) охирин шоҳаншоҳи қудратманди Сосониён.

йуслаҳа қавмун аснаду амраҳум ило имраатин»[1]. Ин далели бузургтар аст, ки марде шаҳми[2] кофии муҳташам бояд мулкро, ки чун бар ин ҷумла набошад, марду зан яке аст. Ва Каъби Аҳбор[3] гуфтааст: «Масали султон ва мардумон чун хаймаи муҳкам ба як сутун аст бардошта ва танобҳои боз кашида ва ба мехҳои муҳкам нигоҳ дошта; хаймаи мусалмонӣ мулк аст ва сутун подшоҳ ва танобу мехҳо раъийят. Пас чун нигоҳ карда ояд, асл сутун асту хайма бад-он ба пой аст, ҳар гаҳ, ки ӯ суст шуду бияфтод, на хайма монад ва на танобу на мех». Ва Нӯшервон гуфтааст: «Дар шаҳре муқом макунед, ки подшоҳе қоҳиру қодир ва ҳокиме одил ва бороне доим ва табибе олим ва обе равон набошад. Ва агар ҳама бошад ва подшоҳи қоҳир набошад, ин чизҳо ҳама ночиз гашт». Тадуру ҳозиҳи-л умуру би-л амири ка даврони-л курати ъала-л қутби ва-л қутбу ҳува-л малику[4]. Подшоҳе одилу меҳрбон пайдо гашт, ки ҳамеша пайдову поянда бод. Ва агар аз нажоди Маҳмуду Масъуд подшоҳи муҳташаму қоҳир нишаст, аҷаб нест, ки Яъқуби Лайс писари рӯйгаре буд ва Бушуҷоъ Азудуддавлала ва-д-дин писари Булҳасани Бӯя буд, ки саркашида[5] пеши Сомониён омад аз миёни дайламон ва аз саркашӣ ба нафс қавитар омад аз падару хешовандон ва он карду он намуд, ки дар «Китоби Тоҷӣ»[6] Буисҳоқи Собӣ бирондааст. Ва ахбори Бумуслим соҳибдаъвати Аббосиён ва Тоҳири Зуляминайн ва Насри Аҳмад аз Сомониён бисёр хонанд. Ва Эзид, ҷалла ва аъло, гуфтааст: ва ҳува асдақу-л қоилина[7] дар шаъни Толут[8] «*ва зодаҳу бастатан фи-л илми ва-л ҷисми*»[9]. Ва ҳар куҷо иноятӣ Офаридгор, ҷалла ҷалолаҳу, омад, ҳама ҳунарҳову бузургиҳо зоҳир кард ва аз хокистар оташе фурӯзон кард.

Ва ман дар мутолаъати ин китоби таърих аз фақеҳ Буҳанифаи Искофӣ дархостам, то қасидае гуфт ба ҷиҳати гузашта шудани Султон Маҳмуду омадани Амир Муҳаммад бар тахт ва мамлакат

---

[1] тарҷ: «Киро ҷонишин карданд? » Гуфтанд: «Духтараш Бурон». Паёмбар, дуруд бар вай, гуфт: «Ҳоли қавме ҳаргиз некӯ нашавад, ки ба зане такя карданд».

[2] шаҳм – бошаҳомату далер, чолоку сарвару тезхотир.

[3] Каъби Аҳбор ё Каъбу-л-аҳбор яке аз саҳобагон, ки дар ибтидо бар дини калимӣ (яҳудӣ) будааст.

[4] тарҷ: ин корҳо ба дасти подшоҳ мегардад, чун гардиши кура бар гирди қутб ё меҳвар ва қутб худи подшоҳ бошад.

[5] нофармонӣ карда.

[6] «Китоби Тоҷӣ дар ахбори Дайламиён» асари Абу Исҳоқ Иброҳим ибни Ҳилол маъруф ба Собӣ (ваф. соли 995-и милодӣ)

[7] ва Ӯ ростгӯтарини гӯяндагон аст.

[8] Толут номи шахсе, ки дар Қуръон омадааст.

[9] тарҷ: бияфзуд ӯро зиёда дар донишу тан (порае аз ояи 247 сураи Бақара)

гирифтани Масъуд ва баъоят некӯ гуфт. Ва фоле зада будам, ки чун бесилату мушоҳара инчунин қасида гӯяд, агар подшоҳе ба вай иқбол кунад, Буҳанифа сухан ба чӣ ҷойгоҳ расонад! Ал-фолу ҳаққун[1], аз он чӣ бар дил гузашта буд, бар он қалам рафта буд. Чун пеш, то тахти мулк ба худованд султони муаззам Иброҳим расид, ба ҳаққи фақеҳ Буҳанифа чанд китоб дида буд ва хатту лафзи ӯро биписандида ва фоли халос гирифта[2]. Чун ба тахти мулк расид, аз Буҳанифа пурсид ва шеър хост, вай қасидае гуфт ва силат ёфт ва бар асари он қасидае дигар дархост ва шоирони дигар пас аз он ки ҳафт сол бетарбияту бозҷуст ва силат монда буданд, силат ёфтанд. Буҳанифа манзур гашт ва қасидаҳои ғарро гуфт. Яке аз онҳо ин аст, қасида:

Сад ҳазор офарини Рабби алим,
Бод бар абри раҳмат Иброҳим!
Офтоби мулуки ҳафт иқлим,
Ки бад-ӯ нӯшад ин ҷалоли қадим!
Аз пайи хуррамии боғи сано,
Боз борони ҷуд гашт муқим.
Андалеби ҳунар ба боғ омад,
В-омад аз бӯстони фахр насим!
Гарчӣ аз гашти рӯзгори ҷаҳон,
Дар садаф дер монд дурри ятим.
Шукру миннат Худойро к-охир,
Он ҳама ҳоли саъб гашт салим.
З-осмони ҳунар даромад Ҷам,
Боз шуд луку[3] ланг деви раҷим!
Шер дандон намуду панҷа гушод,
Хештан гови фитна кард сақим![4]
Чӣ кунад кори ҷодуӣ Фиръавн?
К-аждаҳое шуд ин асои Калим!
Ҳар ки донист мар Сулаймонро,
Тахти Билқисро нахонд азим!
Донад аз Кирдигор, кор, ки шоҳ,
Накунад эътиқод бар тақвим!
Раҳ наёбад бад-ӯ пушаймонӣ,
З-он, ки бошад ба вақти хашм ҳалим!
Дорад аз раъйи хуби хеш вазир,
Дорад аз хӯйи неки хеш надим.

---

[1] фол ҳаққ аст, яъне шугун ба ҳақиқат мепайвандад
[2] яъне, ҳангоми дар зиндон будан дидори хатти зебои Абуҳанифаро барои худ шугун гирифта буд
[3] лук – он, ки бо ҳар ду кафи даст ва зону роҳ равад.
[4] сақим – бемор, ранҷур.

Малик, хусраво, худовандо,
Як сухан гӯямат чу дурри назим –
Подшаҳро футуҳ кам н-ояд,
Чун занад лаҳвро миён ба ду ним!
Кор хоҳӣ ба коми дил бодат,
Сабр кун бар ҳавои дил тақдим!
Ҳар киро вақти он бувад, ки кунад,
Модари мамлакат зи шир фатим[1].
Хештан дорад ӯ ду ҳафта нигоҳ,
Ҳам бар он сон, ки аз ғарим, ғарим[2]
То накарданд дар буни чаҳ сахт,
Пок н-омад зи об ҳеч адим[3]!
Боз шатранҷи мулк бо ду се тан,
Ба ду чашму ду ранг бетаълим!
То чӣ бозӣ кунад нахуст ҳариф,
То чӣ дорад замона зери гилим?!
Теғ баргиру май зи даст бинеҳ,
Гар шунидӣ, ки ҳаст мулк ақим[4]
Бо қалам чунки теғ ёр кунӣ,
Дар намонӣ зи мулки ҳафт иқлим.
На фулон ҷурм карду не баҳмон,
На ба кас буд умед, на з-кас бим.
Ҳар чӣ бар мо расад зи некӯ зи бад,
Бошад аз ҳукми як Худои Карим!
Мард бояд, ки мори гурза[5] бувад,
На нигор оварад чу моҳии шим![6]
Мормоҳӣ набоядаш будан,
Ки на ину на он бувад чун ним![7]
Дунтар аз марди дун касе бимадон,
Гарчӣ доранд ҳар касаш таъзим!
Одату расми ин гурӯҳи залум[8],

---

[1] фатим – аз шир бозгирифта

[2] ғарим – қарздор; қарздиҳанда ва қарзхоҳ. Ишора дорад ба боз гирифтани модар кӯдаки худро аз шир ва маҷозан мурод сабр кардан бар мусибатҳост.

[3] адим – пӯсти даббоғишуда; маънои байт он аст, ки адим (пӯст)-ро муддате бояд дар буни чоҳи об гузошт, то хуб дабоғат шавад ва пиройиш пазирад.

[4] ҳаст мулк ақим – тарҷумаи «ал-мулку ақиму», яъне, дар мулку салтанат насаб суде надорад, чӣ дар талаби он падару бародару фарзанд ба қатл мерасад.

[5] мори гурза як намуди мори захрдор аст.

[6] моҳии шим – моҳии гулдор, гулмоҳӣ.

[7] дар гузашта олимони ҳисоб мегуфтанд, ки ним ҷузви ададҳо нест; яъне мормоҳӣ на моҳӣ аст на мор.

[8] залум – бисёр ситамгар.

Нек монад, чу бингарӣ ба залим[1].
На касаш ёвару на Эзид ёр,
Ҳар киро нафс хӯрад нори ҷаҳим.
Қисса кутаҳ, беҳ аст аз татвил[2],
К-он наёвард дурру дарё сим.
Саркашу тунд ҳамчу девон бош,
З-ин ҳунар бар фалак шудаст раҷим![3]
То бувад қадди некӯвон чу алиф,
То бувад зулфи некӯвон чун ҷим,
Сари ту сабз боду рӯйи ту сурх!
Он ки бад хост, дар азоби алим!
Бод майдони ту зи муҳташамон,
Чун ба ҳангоми ҳаҷҷ рукни ҳатим![4].
Ҳамчу ҷадди ҷаду чу ҷадди падар,
Бош бар хоссу оми хеш раҳим!

Айзан лаҳ[5]

Офарин бод бар он оризи покиза чу сим!
В-он ду зулфайни сиёҳи ту бад-он шакли ду ҷим!
Аз саропойи туам ҳеч наёяд дар чашм,
Агар аз хубии ту гӯям як ҳафта муқим.
Бинӣ он қомати чун сарви хиромон дар хоб,
Ки кунад хирмани гул дасти табиат бар сим.
Дӯст дорам ва надорам ба каф аз васли те ҳеч,
Марди боҳимматро фақр азобест алим!
Моҳу моҳиро монӣ ту зи рӯю андом,
Моҳ дидаст касе нармтар аз моҳии шим!
Ба ятимиву дурӯият ҳаме таъна зананд,
На гул аст он ки дурӯиву[6] на дурр аст он, ки ятим.
Гар наёромад зулфи ту, аҷаб набвад з-онк,
Барҷаҳондаш ҳама он дурри буногӯши ту сим.
Мабар аз ман хирад, он бас набувад, к-аз пайи ту,
Баставу куштаи зулфи ту бувад марди ҳаким?!

---

[1] залим – шутурмурғ; ишора ба масали маъруф, ки чун ба шутурмурғ гӯянд парвоз кун, мегӯяд ман шутурам ва чун гуфта шавад, ки бор бардор, гӯяд, ман мурғам.
[2] татвил – ба дарозо кашидан.
[3] раҷим – рондашуда; мурод шайтон аст.
[4] ҳатим – девори каъба миёни рукни Замзам ва Мақом.
[5] айзан лаҳ – ҳам ӯрост (яъне абёти зер ҳам аз Абуҳанифаи Искофиянд).
[6] дурӯй – гули раъно, як рӯяш зард ва рӯйи дигараш сурх аст.

Дижаму тарсон кай будӣ он чашмаки ту,
Гар накардиш бад-он зулфаки чун зангӣ бим!
Зулфи ту кист, ки ӯ бим кунад чашми туро,
Ё кийӣ ту, ки кунӣ бим касеро таълим?!
Ин далериву ҷасорат накунӣ бори дигар,
Гар шунидастӣ номи малаки ҳафт иқлим.
Хусрави Эрон, мири Арабу шоҳи Аҷам,
Қисса муҷаз, ба султони ҷаҳон Иброҳим!
Он ки чун ҷадду падар дар ҳама аҳвол мудом,
Зокиру шокир ёбиш ту аз Рабби алим!
Подшо дар дили халқу порсо дар дили хеш,
Подшоҳ, к-эдун бошад, нашавад мулк сақим!
Нанамояд ба ҷаҳон ҳеч ҳунар, то накунад,
Дар дили хеш бар он ҳиммати мардон тақдим!
Толибу собиру бар сирри дили хеш амин,
Ғолибу қодиру бар мунҳазими хеш раҳим!
Ҳиммати ӯст чу чарху дирами ӯ чу шаҳоб,
Тамаъи пиру ҷавон боз чу шайтони раҷим!
Бе аз он к-омад аз ӯ ҳеч хато аз каму беш,
Сездаҳ сол кашид ӯ ситами даҳри замим[1].
Сездаҳ сол агар монад дар хулд касе,
Бар сабили ҳабс он Хулд намояд чу Ҷаҳим.
Он чӣ хоҳӣ бинӣ нокарда гуноҳ,
Некувон чеҳраи озода баранду дайҳим.
Сездаҳ сол шаҳаншоҳ бимонд андар ҳабс,
К-аз ҳама неъмати гетиш яке сабри надим!
Ҳам Худо дошт мар ӯро зи бади халқ нигоҳ,
Гарчӣ бисёр ҷафо дид зи ҳар гуна зи бим!
Чу диҳад мулк Худо боз ҳам ӯ бистонад,
Пас чиро гӯянд андар масал «ал-мулку ақим?»[2]
Хусраво, шоҳо, миро, малико, додгаро,
Пас аз ин табл чиро бояд зад зери гилим?!
Бишнав аз ҳар ки бувад панду бад-он боз машав,
Ки чу ман банда бувад аблаҳу бо қалби салим.
Хирад аз бехирадон омӯз, ай шоҳи хирад!
Ки ба таҳрифи қалам гашт хати мард қавим!
Расми маҳмудӣ кун тоза ба шамшер қавӣ,
Ки зи пайғому зи нома нашавад мард хасим![3]
Теғ бар дӯш неҳу аз диву аз дӯш мапурс,

[1] замим – накӯҳида;
[2] ал-мулку ақим – подшоҳӣ бе оқибат аст.
[3] хасим – хасм, душман.

Гар бихоҳӣ, ки расад номи ту то рукни ҳатим!
Қудрате бинмой аз аввалу бас ҳилм гузин,
Ҳилм к-аз қудрат набвад, набувад мард ҳалим!
Кист аз ***тозику аз турк*** дар ин садри бузург,
Ки на андар дили ӯ дӯсттарӣ аз зару сим?
Бо чунин пирон, ло балки ҷавонони чунин,
Зуд бошад, ки шавад иқди Хуросон танзим.
Он чӣ аз сирати некӯ ҳама нашр кунӣ,
На фулон хусрав кард на амиру на заъим!
Чӣ зиён аст? Агар гуфт, надонист калом,
К-аз асо мор тавонист ҳамекард Калим!
Ба тамомӣ зи аду пой набояд шуд аз он-к,
Вақт бошад, ки накӯ монад нуқта ба ду ним.
Ҳосид имрӯз чунин мутаворӣ гашту хамӯш,
Дӣ ҳаме боз надонистамӣ аз Добшалим[1].
Мард к-ӯро на гуҳар бошаду на низ ҳунар,
Ҳилати ӯст хамӯшӣ чу тиҳидасти ғаним.
Шукр кун, шукри Худованди ҷаҳонро, ки бидошт,
Ба ту арзонӣ бе саъйи кас ин мулки қадим!
На фулон карду на баҳмону на пиру на ҷавон,
На зи таҳвили сари сол бад-ӯ на-з тақвим.
Балки аз ҳукми Худованди ҷаҳон буд ҳама,
Аз Худованди ҷаҳон ҳукму зи банда таслим!
То бигӯянд, ки султони шаҳид аз ҳиммат,
Буд аз ҳар чӣ малак буд ба некӯӣ хим[2].
Шоду хуррам зиву май мехӯру аз дасти буте,
Ки бувад ҷойгаҳи бӯсаи ӯ танг чу мим!
Душманат хаставу бишкаставу побаста ба банд,
Гашт дилхаста ва з-он хастадиле гашта сақим.
Ту кун аз доду дили шод вилоят обод,
Ҳаргиз обод мабод, он ки нахоҳад-т азим!

Ин ду қасида бо чандин танбеҳу панд набишта омад. Ва подшоҳони муҳташаму бузурги моҷидро[3] чунин сухан боз бояд гуфт, дурусту дурушт ва панд, то набишта ояд. Ва подшоҳони муҳташамро ҳасс[4] бояд кард бар афроштани банои маъолиро[5], ки

[1] Добшалим – роҷаи ҳиндӣ, ки марде бисёр донову одил буда, қиссаҳои калила аз ӯст.
[2] хим – хӯ.
[3] моҷид – номдор, машҳур, бузург.
[4] ҳасс – барангехтан.
[5] маъолӣ – баландиҳо.

ҳарчанд дар табъи эшон сириштааст, ба сухан ва баъс[1] кардан онро бичунбонанд. Ва амирони гарданкаш бо ҳиммати баланд ҳама аз он будаанд, ки суханро хазинадорӣ кардаанд ва ба мо наздиктар Сайфуддавла Абулҳасан Алӣ[2] аст. Нигоҳ бояд кард, ки чун марде шаҳиму кофӣ бувад ва ҳама чидди маҳзи Мутанаббӣ дар мадҳи вай бар чӣ чумла сухан гуфтааст, ки то дар чаҳон сухани тозӣ аст, он мадрус нагардад ва ҳар рӯз тозатар аст ва номи Сайфуддавла бад-он зинда мондааст, чунонки гуфтааст. Шеър:

Халилаййа иннӣ ло аро ғайра шоъирин,
Факам минҳуму-д-даъво ва минни-л қасоиду.
Фало таъчабо инна-с-суйуфа касиратун,
Валокинна сайфа-д-давлати-л йавма воҳиду.
Лаҳу мин карими-т-табъи фи-л ҳарби мунтазин,
Ва мин одита-л иҳсони ва-с-сафҳи ғомиду.
Ва ламмо раайту-н-носа дуна маҳиллиҳи,
Табаййанту анна-д-даҳра ли-н-носи ноқиду.
Аҳаққуҳум би-с-сайфи ман зараба-т-туло,
Ва би-л амри ман ҳонат алайҳи-ш-шадоиду.
Ва ашқо билоди-л-лоҳи ма-р-Руму аҳлуҳо,
Би ҳозо ва мо фиҳо лимачдика чоҳиду.
Шананта биҳа-л ғороти ҳатто тарактаҳо,
Ва чуфну-л-лази халфа-л фаранчати соҳиду.
Ва тузҳа-л ҳусуну-л-мушмаххироту фи-з-зуро,
Ва хайлука фӣ аъноқиҳинна қалоиду.
Аху ғазувотин мо тағуббу суйуфуҳу,
Риқобаҳум илло ва сайҳону чомиду.
Фа лам йабқа илло ман ҳамоҳо мина-з-зубо,
Ламо шафатайҳо ва-с-судиййу-н навоҳиду.
Тубаккий алайҳинна баторику фи-д-дучо,
Ва ҳунна ладайно мулқаётун кавосиду.
Бизо қазати-л айёму мо байна аҳлиҳо,
Масоибу қавмин инда қавмин фавоиду.
Ва мин шарафи-л иқдоми аннака фиҳим,
Ала-л қатли мавмуқун ка аннаку шокиду.
Наҳабта мина-л аъмори мо лав ҳавайтаҳу,
Лаҳуниати-д-дунё би аннака холиду.
Фа анта ҳисому-л мулки ва-л-лоҳу зорибун,
Ва анта ливоу-д-дини ва-л-лоҳу оқиду.

[1] баъс – барангехтан.

[2] Сайфуддавла Абулҳасан Алӣ намояндаи сулолаи Ҳамдониён (905 – 1004), ки бар Байнаннаҳрайну Сурия дар замони парокандагии Аббосиён ҳукумат кардаанд, – мамдуҳи шоири араб Мутанаббӣ.

Уҳиббука ё шамса-з-замони ва бадраҳу,
Ва ин ло мано фика-с-суҳо ва-л фароқиду.
Ва зока лианна-л фазла индака боҳирун,
Ва лайса ли анна-л айша индака бориду[1].

Ва агар ин мард бо ин ҳунар набудӣ, кай заҳра доштӣ Мутанаббӣ, ки вайро чунин сухан гуфтӣ, ки бузургон танз фаро наситонанд ва бар он гардан зананд. Ва то ҷаҳон аст, подшоҳон корҳои бузург кунанду шуъаро бигӯянд. Ва иззати ин хонадони бузург Султон Маҳмудро, разияллоҳу анҳу, нигоҳ бояд кард, ки Унсурӣ дар мадҳи вай чӣ гуфтааст, чунонки чанд қасидаи ғаррои вай дар ин таърих биёвардаам. Ва далел равшану зоҳир аст, ки аз ин подшоҳи бузург Султон Иброҳим осори маҳмудӣ хоҳанд дид, то саворони назму наср дар майдони балоғат дароянду ҷавлонҳои ғариб намоянд. Чунонки пешинагонро даст дар хок моланд. Ва-л-лоҳу азза зикруҳу би фазлиҳи ва қудратиҳи йуйассиру золика ва йусаҳҳилуҳу фа иннаҳу-л қодиру алайҳи ва мо золика ъала-л-лоҳи би азизин[1].

---

[1] тарҷ: Ай ду дӯсти ман, ҳамоно ман ғайр аз шоир намебинам, пас то кай онон даъвои шеъру шоирӣ мекунанд ва ман қасоид месароям. Тааҷҷуб накунед, зеро шамшерҳо бисёр аст, вале шамшери Давлати Ислом имрӯз якест. Ӯро аз табъи карим дар ҷанг баркашандаи шамшерест ва аз шеваи некӯ гузашт дар ниёмкунандае. Чун мардумро фурӯдасти вай дидам, ба ҷой овардаму донистам, ки рӯзгор беҳ гузинанда аст, сазовортарини мардум ба шамшер доштан касест, ки гарданҳоро бизанад ва сазовортарини онон ба фармонравоӣ он аст, ки сахтиҳо бар ӯ осон бошад. Бадбахттарин шаҳрҳои Худованд дар кори шамшер задану куштор карданат сарзаминҳоест, ки румиён аҳли онанд ва касе бузургии туро дар он шаҳрҳо мункир нест. Торочро аз ҳар сӯйе бар он шаҳрҳо мутаваҷҷеҳ сохтӣ, то он гоҳ, ки тарк кардӣ ин сарзаминҳоро дар ҳоле ки чашми касе, ки дар пушти сарзамини Фаранг буд, аз бим бедор мондааст. Дижҳои баланд дар ҷойгоҳҳои муртафеъ намудор мешавад ва ҳол он, ки сипоҳи ту гардани он дижҳоро чун гарданбанд фаро гирифтааст. Ӯ (Сайфуддавла) ҷангҷӯест, ки шамшерҳояш аз гарданҳои онон дур наменонад, ҷуз он ки рӯдхонаи Сайҳон (рӯде дар Туркияи имрӯза) ях бибандад. Пас зинда боқӣ намонад аз онон ҷуз заноне, ки ҳимоят кард аз тезии шамшер сиёҳии даруни лаб ва синаҳои баромадаашон, яъне занони асиршуда. Битриқон (насронӣ) бар онон (занҳо) дар торикии шабҳо бисёр мегирянд ва ҳол он ки дар пеши мо уфтодагони беқадранд. Рӯзгор дар миёни аҳлаш чунин ҳукм кардааст, ки масоиби қавме назди қавме дигар дар ҳукми судҳо бошад. Аз бузургии иқдоми туст, ки бо он ки онҳоро куштаӣ, назди эшон маҳбубӣ, чунонки гӯӣ ту ба онон некикунанда мебошӣ. Аз умрҳо он миқдор ба тороҷ бурдӣ, ки агар онро гирд оварӣ, ба дунё шодбош гуфта мешуд, ки ту дар он ҷовидон мемонӣ. Ту шамшери мамлакатӣ ва худованд занандаи он аст, ту дирафши динӣ ва ҳол он ки ин дирафш бастаи дасти Худост. Э меҳру моҳи рӯзгор, туро дӯст дорам ва агарчӣ душманони ту, ки чун ситорагони кӯчак дар муқобили офтоб ҳастанд, маро сарзаниш кунанд. Иллати ин дӯстӣ ин аст, ки бартарӣ ва фазли ту бар ҳама ошкор аст ва ба ҷиҳати ин нест, ки зиндагии ман назди ту дар рифоҳу хушӣ мегузарад, яъне дӯстии ман ба иллати фазоиле аст, ки дар ту мебинам, на ба иллати эҳсоне, ки ба ман мекунӣ.

[1] тарҷ: ва Худованд, ки ёди вай гиромӣ бод, бо эҳсон ва тавоноии худ онро муяссар гардонад ва осон созад, чӣ ҳамоно Худованд бар он тавоност ва бар вай душвор нест.

Ва он чӣ Дақиқӣ гуфтааст бар асари ин фусул низ набиштам, то хонандагони таърих чун бад-ин ҷо расанд ва бар ин воқиф шаванд, фоида гиранд. Ва ба пас аз он ба сари таърихи рӯзгори Султони шаҳид Масъуд, раҳматуллоҳи алайҳи, бозгардам, то аз он ҷо, ки расида будам ва қаламро бидошта, оғоз карда ояд. Иншоа-л-лоҳи азза ва ҷалла. Дақиқӣ гӯяд, шеър:

Зи ду чиз гиранд мар мамлакатро,
Яке парниёнӣ, яке заъфаронӣ
Яке зарри номи малик барнабишта
Дигар оҳани обдода ямонӣ.
Киро бӯяи васлати мулк хезад,
Яке ҷунбише боядаш осмонӣ.
Забоне сухангӯю дасте гушода,
Диле ҳамаш кина, ҳам-ш меҳрбонӣ.
Ки мулкат шикорист, к-ӯро нагирад,
Уқоби паранда ва шери жиёнӣ.
Ду чиз аст к-ӯро ба банд андар орад –
Яке теғи ҳиндӣ дигар зарри конӣ!
Ба шамшер бояд гирифтан мар ӯро,
Би динор бастан-ш пой, ар тавонӣ.
Киро бахту шамшеру динор бошад,
Ба боло тани найза пушти каёнӣ!
Хирад бояд он ҷову ҷуду шуҷоъат,
Фалак мамлакат кай диҳад ройгонӣ?!

Ин қасида низ набишта шуд, чунонки пайдо омад дар ин наздик аз аҳволи ин подшоҳи муҳташам. Мо пирон агар умр ёбем, бисёр осори ситуда хоҳем дид, ки чун шукӯфаи ниҳолро сахт тамому равшану обдор бинанд, тавон донист, ки мева бар чӣ ҷумла ояд. Ва ман, ки Булфазлам, агар дар ин дунёи фиребандаи мардумхор чандон бимонам, ки корномаи ин хонадон бironам ва рӯзгори ҳумоюни ин подшоҳ, ки солҳои бисёр бизиёд, чун он ҷо расам, баҳра аз набиштан бардорам ва ин дебои хусравонӣ, ки пеш гирифтаам, ба номаш зарбафт гардонам. Ва-л-лоҳу азза зикруҳу валиййу-т-тавфиқи фи-н-нийати ва-л иътиқоди би манниҳи ва фазлиҳи[1].

Поёни муҷаллади ҳафтум

[1] тарҷ: ва Худованд, ки ёди вай гиромӣ бод, ба нияту эътиқоди нек ба неъмат ва эҳсони Хеш тавфиқбахшанда аст!

МУҶАЛЛАДИ ҲАШТУМ

Бақияти соли арбаъа ва ишрина ва арбаъа миа[1].

Таърихи ин сол пеш аз ин бironда будам дар ҷилди ҳафтум, то он ҷо, ки Амири Шаҳид Масъуд, разияллоҳу анҳу, Абдулҷаббор писари Хоҷа Аҳмади Абдуссамадро ба рисолати Гургон фиристод бо ходим ва маҳд, то вадиъати Бокалиҷорро аз он парда ба пардаи ин подшоҳ орад. Ва он рӯз, ки ман набиштам ин қисса ва достонро, корҳо нав гашт дар ин ҳазрати бузургвор, чунинки бирондам ва аз он фароғат уфтод. Инак ба қарори таърих бозрафтам.

Ва номаҳо пайваста гашт аз Рай, ки «Тоҳири дабир – кадхудойи Рай ва он навоҳӣ, ба лаҳву нишот ва одоби он машғул мебошад ва бад-он ҷой таҳаттук[2] аст, ки як рӯз вақти гул Тоҳир гулафшонӣ кард, ки ҳеч малик бар он гуна накунад, чунонки миёни барги гул динору дирам буд, ки барандохтанд[3] ва Тош ва ҳамаи муқаддамон наздики вай буданд ва ҳамагонро дандонмузд дод. Чун бозгаштанд мастон, вай бо ғуломону хоссагони хеш халъи изор кард ва то бад-он ҷойгоҳ сухф[4] рафт, ки фармуд, то машрабаҳои заррину симин оварданд ва онро дар илоқаи абрешимин кашиданд ва бар миён баст чун камаре, тоҷе аз мурд[5] бофта ва бо гули сурӣ биёроста бар сар ниҳоду пой куфт. Ва надимону ғуломонаш пой куфтанд бо гарзанҳо[6] бар сар. Ва пас дигар рӯз ин ҳадис фош шуд ва ҳама мардуми шаҳр – ғарибу шаҳрӣ аз ин гуфтанд ва агар ин ахбор ба мухолифон расад, ки кадхудойи аъмолу амволу тадбир бар ин ҷумла аст ва сипоҳсолор Тош низ ва дигарон дар лаҳву тараб бад-ӯ иқтидо мекунанд, чӣ ҳашмат монад? Ва ҷуз дарду шуғли дил[7] наяфзояд. Ва ночор инҳо[8] бояст кард, ин бетиморӣ, ки зиён доштӣ пӯшонидан, раъйи олӣ бартар дар он чӣ фармояд».

Амир сахт тангдил шуду дарҳол чизе нагуфт. Дигар рӯз чун бор бигусаст, вазирро боз гирифту устодам Бунасрро ва гуфт, ки номаҳо, ки муҳр карда буданд, биёваранд ва бо ин ду тан холӣ карданду ҳолҳо боз гуфтанд. Амир гуфт: «Ман Тоҳирро шинохта

---

[1] тарҷ: бозмондаи соли 424 ҳ.қ. ки баробар аст бо соли 1032-1033-и милодӣ.

[2] таҳаттук - пардадарӣ, расво шудан, бешармӣ, беҳаёӣ.

[3] барандохтанд – нисор карданд, афшонданд.

[4] сабукии ақл

[5] сухф – сабукии ақл, сабуксорӣ.

[6] мишраба – зарфе, ки аз он об хӯранд; илоқа – ҳар чиз, ки бад он чизеро овезанд, банд; мурд – дарахти ҳамешасабз ва дорои барги хушбӯй; гарзан – тоҷ ё нимтоҷе аз гавҳар.

[7] шуғли дил – нигаронӣ, гирифтории хотир.

[8] инҳо – хабар додан.

будам дар руъунату[1] нобакорӣ ва муҳол будӣ вайро он ҷо фиристоданд». Хоҷа гуфт: «Ҳанӯз чизе нашудааст, номаҳо бояд набишт ба инкори вай ва маломат, то низ чунин накунад ва савганд диҳад, то як сол шароб нахӯрад». Амир гуфт: «Ин худ бошад ва Бунаср нависад, аммо тадбири кадхудойи дигар бояд сохт; кадом касро фиристам?» Гуфтанд: «Агар раъйи олӣ бинад, ба як хато к-аз вай рафт, табдиле набошад». Амир гуфт: «Шумо ҳоли он диёр надонед ва ман бидонистаам; қавмеанд, ки хуросониёнро дӯст надоранд; он ҷо хашмате бояд ҳар чӣ тамомтар, ба он кор пеш равад ва агар ба хилофи ин бошад забун[2] гиранд ва он ҳама қавоид зеру забар шавад». Гуфтанд: «Худованд бандагони даргоҳро шиносад, он ҷо марде бояд муҳташам ва Булқосими Касир аз Ҳирот биёмадааст ва ном дорад ва Бусаҳли Ҳамдавӣ низ марде шаҳиму кофист ва Бусаҳли Завзанӣ ҳам меҳнате дароз кашиду бандаи худованд аст ва ҳам номе дорад ва Абдус низ ному ҷоҳ ёфт, инанд муҳташамтари бандагони худованд, ки банда ном бурд, акнун худованд менигарад бар он кас, ки раъй ва дил қарор гирад, мефармояд». Амир гуфт: «Ҳанӯз Абулқосими Касир аз уҳдаи шуғл берун наёмадааст, ҳисоби ӯ пеш бояд гирифт ва баргузорад, ки Аҳмади Ҳасан нарасид ва чун ҳисоби вай фасл шуд, он чӣ раъй воҷиб кунад, дар боби вай фармуда ояд ва Бусаҳли Завзанӣ ҳеч шуғлро андаку бисёр нашояд, магар тазрибу фасод ва зеру забари корҳоро; он хиёнатҳо, ки вай кард дар боби Хоразмшоҳ ва бобҳои дигар, басанда нест? Ва Абдус пеши мо ба кор аст, Бусаҳли Ҳамдавӣ шояд ин корро, ки ҳам шаҳим асту ҳам кофию кордон ва шуғлҳои бузург кардааст».

Хоҷа гуфт: «Худованд некӯ андешидааст ва ҷуз вай нашояд». Амир ходимеро, ки парда нигоҳ медошт, овоз дод, ки Бусаҳли Ҳамдавиро бихон. Бар ҳукми фармон бихонданд ва биёмад ва пеш рафту бинишаст. Амир гуфт: «Мо туро озмудаем дар ҳамаи корҳо ва шаҳиму кофӣ ва муътамад ёфта, шуғли Рай ва он навоҳӣ муҳимтари шуғлҳост ва аз Тоҳир он менаёяд». Ва ҳоли вай бигуфт ва он гоҳ боз намуд, ки ихтиёри мо бар ту меуфтад, бозгард ва кор бисоз, то биравӣ, ки он чӣ бояд фармуд, мо мефармоем». Бусаҳл замин бӯса доду гуфт: «Ихтиёри банда он буд, ки бар даргоҳи олӣ хидмате мекунад, аммо бандагонро ихтиёр нарасад, фармон худовандро бошад, агар раъйи худованд бинад, то банда бо Хоҷа ва Бунаср бинишинад ва он чӣ донад дар ин боб бигӯяд ва мувозаъа бинависад ва он чӣ дархостанист дархоҳад, ки чунонки банда шунавад он шуғл халақгуна[3] шудааст, то бар қоида дуруст равад». Амир гуфт: «Савоб

[1] руъунат – нодонӣ; саркашӣ, худбинӣ; худоройӣ.
[2] забун бечора, хор, оҷиз, зердаст, нотавон.
[3] халақгуна – куҳнаву нимфарсуда; дар ин ҷо мурод беравнақу эътибор.

чунин бошад!» Ҳар се тан холӣ бинишастанд ва ҳамчунон карданду сахт дер сухан рафт ва он чӣ гуфтанию ниҳоданӣ буд, биниҳоданд ва бигуфтанду бипарогананд.

Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ мувозаъа набишт дар ҳар бобе бо шароити тамом, чунонки ӯ донистӣ набишт, ки марде сахт кофӣ ва дарёфта[1] буд ва Бунасри Мушкон арза кард. Амир ба хатти хеш ҷавоб набишт: яке он ки Бусаҳлро андар он ҷамоле[2] бузург бошад ва дигар, ки дар он бо дидору басорати[3] тамом бувад ва ҳама нукат[4] набиштӣ ва онро тавқеъ кард ва назди вай бурданд бо чиҳилу анд пора номаи тавқеӣ, ки ман набиштам, ки Булфазлам он ҳама ва нусхати[5] он устодам кард. Амир фармуд вайро хилъате рост карданд, чунонки вазиронро кунанд, ки андар он хилъат камару маҳд буд ва даҳ ғуломи турки савор ва сад ҳазор дираму сад пора ҷома ва мухотабаи вай «аш-шайху-л-амид» фармуд.

Ва Ҳоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамадро озор омад аз ин мухотаба ва маро, ки Булфазлам, бихонду итоб кард бо устодам ва навмедӣ намуду пайғоми дароз дод. Ва биёмадаму бигзордам ва Бунаср марде муҳташам буд ва ҳудудро нигоҳ доштӣ ва бо мардум бар сабили тавозуъ намудану хидмат кардан сахт некӯ рафтӣ. Пас гуфт, ки «Мукошафат дар чунин абвоб аҳмақон кунанд, ки агар Султон рикобдореро баркашаду вазорат диҳад, ҳашмат ва ҷониби фармони олии Султон нигоҳ бояд дошт, на аз он кас, ки истонида[6] бошад ӯро; агар хомилуззикр[7] бошад ва агар набошад». Ва бо он, ки чунин ҳудуд нигоҳ доштӣ, лаҷуҷе[8] буд аз андоза гузашта, ки албатта ризо надодӣ, ки ваҳне ба ҷойи вай ва девони вай бозгаштӣ. Маро гуфт: «Хоҷаи Бузургро бигӯй, ки ман худованд – Хоҷаи Бузургро сахт дер аст, то шинохтаам ва дониста, ки садре шаҳиму фозил ва дабиру бо камоли хирад аст ва агар бад-ин сифат набудӣ, он дараҷаи бузург наёфтӣ, ки аз чандон мардони фуҳул, ки ном набишта буданд ва ӯ донад, ки ҳама бузургонанд ва ба ҷоҳу хидмати салотин тақдим доштанд, ихтиёри Амир бар вай уфтод. Ва русуми хидмати подшоҳон бошад, ки бар раъйи вай пӯшида мондааст, ки ба хидмати подшоҳ машғул набудааст ва одобу ахлоқи эшон пеши чашм намедорад ва сару кор набудааст ӯро бо эшон, балки бо

---

[1] дарёфта – оқил.
[2] ҷамол – зебу некӯӣ.
[3] басорат –бинодилӣ.
[4] нукат – ҷамъи нукта.
[5] пешнавис
[6] мансуб карда ва гумошта.
[7] хомилуззикр – касе, ки номаш зикр намешавад, гумном.
[8] лаҷуҷ – ситезакор, якрав, гарданшах.

атбоъи эшон будааст ва нагӯйӣ ки дар кутуб мебихондааст. Дар чунин абвоб ҳоли кутуб дигар аст ва ҳоли мушоҳадат дигар. Ва ин султони мо имрӯз нодираи рӯзгор аст, хосса дар набиштан ва нома фармудан ва мухотаба ниҳодан. Ва мухотабаи ин Бусаҳл ба лафзи олии хеш гуфтааст, ки амид[1] бояд набишт, ки мо аз Оли Бӯя бешем ва чокари мо аз Соҳиби Аббод беш аст. Ва Хоҷаи Бузург донад, ки худованд дар ин гуфтор барҳаққ аст, валекин агар инсоф хоҳад дод, Бусаҳл Ҳамдавӣ ба ҷавонии рӯз[2] аз подшоҳе чун Маҳмуд сохти зар ёфтаст ва соҳибдевони ҳазрати Ғазнину атрофи мамлакат ва Ҳиндустон, ки ба Ғазнин наздик аст, буда ва муддати дароз шогирдии вазире чун Аҳмади Ҳасан карда ва ба рӯзгори Амир Муҳаммад, ки қадам бар тахт бигузошт, вазорат ёфта ва хилъати вазорат пӯшида ва Хоразмшоҳи Олтунтош бад-ӯ нома набишта ва Хоҷа донад, ки аз хештан чун набишта бошад ва ман бар он воқиф нестам; пас инсоф бояд дод, агар ман, ки соҳибдевони рисолатам ва мухотабот ба истисвоби[3] ман меравад, ӯро ин набиштаме, кас бар ман айб накардӣ, ки бар истиҳқоқ набишта будаме, пас чун худованд-подшоҳ фармудааст ва бо ман дар ин итоб равад, инсоф набошад. Ва Хоҷа ҳанӯз дар ин корҳо нав аст, магар рӯзгор барояд, маро некӯтар бишносад ва ҳарчанд чунин аст, фармони Хоҷаи Бузургро дар ин боб ба ҳеч ҳол сабук надорам ва агар дар ин боб руқъате нависад, ба маҷлиси олӣ расонам ва агар пайғоме диҳад низ бигӯям».

Ман ин пайғом наздики Хоҷа Аҳмад бурдам; замоне андешид, пас гуфт: «Ҳаққ ба дасти Хоҷа Бунаср аст дар ин боб. Раво нест ба маҷлиси олӣ ин ҳол боз намудан, ки муҳол аст. Ва низ бояд, ки ин ҳадис ба Бусаҳл нарасад, ки аз ман наёзорад ва чашмдорам[4] аз Хоҷа Бунаср, ки чунин насиҳатҳо аз ман боз нагирад, ки ҳар чӣ гӯяд, мақбулу-л-қавл ва муҷибу-ш-шукр[5] бошад». Ва ман бозгаштаму он фусул бо устодам бигуфтам ва сахт хуш шуд ва дигар рӯз ба мушофаҳа[6] дар ин маънӣ сухан гуфтанд ва ин ҳадис фаро бурид[7].

Рӯзи сешанбе, шаш рӯз аз ҷумодалухро[8] гузашта, пас аз бор Бусаҳли Ҳамдавӣ хилъат бипӯшиду пеш омад ва замин бӯса доду иқде гавҳар пеши Амир ниҳод ва бинишондандаш. Амир гуфт: «Муборак бод» ва ангуштарие номи султон бар вай набишта ба

[1] амид – пешвои қавм.
[2] дар ҷавонӣ.
[3] истисвоб – савобдид.
[4] чашмдорам – умедворам.
[5] сазовори сипос
[6] шифоҳӣ, яъне бо забон.
[7] тамом гашт, қатъ шуд.
[8] баробар бо 9 июли соли 1033.

Бусаҳл доду гуфт: «Ин ангуштари мамлакати Ироқ аст ва ба дасти ту додем ва халифати моӣ дар он диёр ва пас аз фармонҳои мо бар мисоли ту кор бояд кард лашкарӣ ва раъиятро дар он чӣ ба масолеҳи мамлакат пайвандад. Он корҳоро ба дили қавӣ пеш бояд бурд». Бусаҳл гуфт: «Фармонбурдор аст банда ва ҷаҳд кунад ва аз Эзид, азза зикруҳу, тавфиқ хоҳад, то ҳаққи ин эътимодро гузорда шавад». Ва замин бӯса доду бозгашт сӯйи хона ва ҳама бузургон наздики вай рафтанд ва сахт некӯ ҳаққ гузорданд.

Дигар рӯз Амир, разияллоҳу анҳу, бор дод ва пас аз бор холӣ кард бо вазиру Бусаҳли Ҳамдавию Бунасри Мушкон. Амир Бусаҳлро гуфт: «Дӯш дар ҳадиси Рай ва Ҷиболи Ироқ андеша кардем, савоб чунон намуд моро, ки фарзанд Амир Саъидро бо ту бифиристем сохта бо таҷаммуле басазо, то вай нишона[1] бувад ва ту ба кадхудойӣ қиём кунӣ, чунонки ҳаллу акду хафзу[2] рафъ[3] ва амру наҳӣ ба ту бошад ва фарзанд гӯш ба ишорати ту дорад ва ҳашамате бузург бошад». Бусаҳл гуфт: «Раъйи олӣ бартари раъйҳост ва худовандро аҳволе, ки он ҷост, муқаррартар аст ва фармони худовандрост, агар дастуре бошад, банда ба миқдори дониши хеш ва он чӣ дидор уфтодааст, вайро донад ва пас аз он ба фармони олӣ кор мекунад». Амир гуфт: «Башарҳ боз бояд намуд, ки муносаҳати[4] ту муқаррар аст».

Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳоли Рай ва Ҷибол имрӯз бар хилофи он аст, ки худованд бигзошта буд ва он ҷо фатратҳо[5] уфтодааст ва бад-ин қавм, ки он ҷо рафтанд пас қуввате зоҳир нагашт, чунонки муқаррар аст, ки агар гашта будӣ, бандаро ба тозагӣ фиристода наёмадӣ. Ва Раю Ҷибол пур аз мухолифон аст ва хуросониёнро мардуми он диёр дӯст надоранд ва хазоини Оли Сомон ҳама дар сари Рай шуд, то он гоҳ, ки Булҳасани Симҷур бо эшон сулҳе ниҳод миёни худовандони хеш ва Оли Бӯя ва муддате мухолафат бархосту шамшерҳо дар ниём шуд. Ва Писари Коку, ки имрӯз вилояти Сипоҳону Ҳамадон ва баъзе аз Ҷибол вай дорад, мухолифе доҳӣ асту гурбуз, ҳам мол дораду ҳам лашкар ва ҳам зарқу[6] ҳилату макр, то дандоне бад-ӯ намуда наёяд[7], чунонки сазои хеш бинад ва бар неъмати вилоят намонад ва ё сар бар хат орад[8] ва

---

[1] намоянда
[2] хафз – фурӯ овардан.
[3] рафъ – баланд бардоштан, тараққӣ.
[4] муносаҳат – панду насиҳатдиҳӣ ба ҳамдигар; хайрхоҳӣ.
[5] фатрат – заъфу шикастагӣ, нотавонӣ.
[6] зарқ – дурӯягӣ, риё, макр, фиреб.
[7] хашме ба вай нишон дода нашавад.
[8] итоъат кунад.

писарро ба даргоҳи олӣ фиристад ва бандаву тоъатдор бошад ва моли қавӣ, ки бо вай ниҳода ояд[1] сол ба сол медиҳад ва асҳоби атроф бад-ӯ нигаранду дам даркашанд, ҷуз чунин кор Рай ва Ҷибол низом нагирад. Ва Тоҳиру Тош ва он қавм, ки он ҷоанд, ба шаробу нишот машғуланду ғофил нишаста, кор чун пеш равад? Ва мани банда, ки ба Рай расидам, он ҷо як моҳ бибошам ва қасди Сипоҳону Писари Коку кунам ва то аз шуғли вай фориғдил нагардам, дил ба Рай наниҳам ва агар худовандзода бо ман бошад, ба ҳеч ҳол раво надорам, ки вайро ба Рай монам, ки бар розиён эътимод натавонам кард ва ночор вайро бо хештан барам ва чашм аз вай барнатавонам дошт ва чун рӯй ба хасме ниҳодам, надонам, ки сулҳ бошад ё ҷанг, агар сулҳ бошад, худ нек ва агар ҷанг бошад, чун мани банда, бисёр бандагон дар хидмат ва ризои худованд равон шаванд, дар тоъати хеш бошад, надонам то ҳоли худовандзода чун шавад ва аз он масофати дур то ба Нишобур расад, сад ҳазор душман беш аст, гар худованд бинад номи вилояти Рай ва Ироқ бар вай ниҳода шавад ва банда ба халифатии вай биравад, ба номи вай хутба кунад ва як моҳе ба Рай бибошад, то уммол барканор шаванд ва кори Тошу лашкаре, ки он ҷост бисозад ва ҳамчунин кори лашкаре, ки аз даргоҳ бо банда номзад шаваду сохта, қасди Писари Коку кунем ва кори ӯро ба сулҳ ё ба ҷанг бар қоида рост бидорем ва фориғдил сӯйи Рай бозгардем ва худовандро огоҳ кунем, он гоҳ худовандзода бар қоида дуруст ҳаракат кунад ва ба Рай ояду машғулдил намонда бошад. Бандаро он чӣ фароз омад, боз намуд, раъйи олӣ бартар аст».

Амир Хоҷаи Бузург ва Бунасрро гуфт: «Шумо чӣ гӯед?» Аҳмад гуфт: «Раъйи сахт дуруст аст ва худ ҷуз ин нашояд; воҷиб аст имзо кардан». Бунаср гуфт: «Ҳарчанд ин на пешаи ман аст, ман боре аз ин сухан бӯйи фатҳи Сипоҳон ёфтам». Амир хандиду гуфт: «Раъйи ман ҳамчунин буд, ки Бусаҳл гуфт ва савоб ҷуз ин нест ва он ҷо лашкаре қавист ва зиёдат чанд бояд? Ва уммолро ихтиёр бояд кард аз ин қавм, ки ба даргоҳанд». Бусаҳл гуфт: «Ҳарчанд он ҷо лашкаре бисёр аст, банда бояд, ки аз ин ҷо сохта равад бо лашкари дигар, то ҳам ҷониби бандаро ҳашмате афтад дар дили мувофиқу мухолиф ва ҳам Писари Коку ва дигарон бидонанд, ки аз ҷониби Хуросон лашкаре дамодам аст ва ҳашме тамом уфтад». Амир гуфт: «Нек омад, ту аъёну муқаддамони лашкарро шиносӣ, нусхате кун ва дархоҳ, то номзад кунем». Бусаҳл давоту коғаз хост, аз девони рисолат биёварданд, Бусаҳл набиштан гирифт. Писари Арслонҷозибро бихосту гуфт: «Ҳам ном дораду ҳам ба тани хеш мард аст». Иҷобат ёфт. Ва ду сарҳанги саройии муҳташам низ бихост бо дувист ғуломи

[1] қарор гузошта шавад.

саройии гарданкаши муборизтари ба риш наздик[1]. Иҷобат ёфт. Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, панҷ пили нари хиёра ва панҷ модаи деворафкани дарвозашикан бибояд. Бошад, ки ба кор ояд шахреро, ки ҳисор гиранд». Иҷобат ёфт. Ва аз уммол Булҳасани Сайёрию Бусаъди Ғассону Абдураззоқи Муставфиро дархост. Иҷобат ёфт. Амир гуфт вазирро: «Ба девон рав ва шуғли лашкару уммол ҳама рост кун, то бифармоям кори ғуломону пилон рост кардан, чунонки ғурраи рақабро[2] сӯйи Рай равад, ки мо ба ҳама ҳолҳо савум ё чаҳоруми рақаб бар ҷониби Ҳирот ҳаракат хоҳем кард, то дил аз ҷониби Рай ва Ироқ фориғ карда бошем». Бозгаштанд аз пеши Амир; ва вазир он рӯз то намози шом ба девон бимонд, то ин муқаддамонро бихонданду бистгонӣ бидоданд ва гуфт: «Сохта бошед, ки бо Бусаҳл сӯйи Рай бираведʼ» Эшон бозгаштанду корҳо сохтан гирифтанд. Ва Амир меҳтари сарой ва дабири ғуломонро бихонду дувист ғулом, бештар хат оварда[3], ҳама хиёраву мубориз; ва аҳли силоҳ бигзид ва ном набиштанду пеш оварданд бо ду сарҳанги гарданкаш ва ҳамагонро озод карду силату бистгонӣ бидоданд ва асбони нек додандашон; ва сарҳангонро хилъату аломат доданд ва фармуданд, то наздики Бусаҳл рафтанд. Ва пилон низ бигзиданду наздики вай бурданд. Ва Бусаҳл ба гарм сохтан гирифт ва таҷаммулу олати бисёр фароз меоварду кор месохт ва ғуломе бист дошт ва панҷоҳу шасти дигар харид, то бо Рай бирафт.

Ва Абдулҷаббор, писари Хоҷаи Бузург, даррасид, бо вадиъати моли замон ва ҳама муродҳо ҳосил карда ва мувозаъате дуруст Бокалиҷор биниҳода ва наздики Амир ба мавкеъе сахт тамом уфтод. Ва фармуд, то расулони Гургонро ба рӯз дароваранд[4] ва пас маҳдҳо, ки рост карда буданд, бо занони муҳташамони Нишобур аз они раису қузоту фуқаҳо ва акобиру уммол ба шаб пеши маҳди[5] духтари Бокалиҷор бурданд ва бар ним фарсанг аз шаҳр буд ва хадаму қавми гургониёнро ба азизиҳо[6] дар шаҳр даровардand ва сарою кушкҳои ҳасанакӣ чун дараҷоти Фирдавсу-л-аъло биёроста буданд ба фармони Амир. Маҳдро он ҷо фуруд оварданд бо бисёр занон; чун доягону додгону[7] хидматкорон ва занону ходимону канизакон ва муҳташамони Нишобур бозгаштанд. Ва он шаб Нишобур чун рӯз

---

[1] наздик ба синни балоғат ва ҳанӯз риш набароварда.
[2] баробар бо 2 июни соли 1032-и милодӣ.
[3] яъне, ба ҷавонӣ расида, хатти изор бардамидаву мӯй бар чеҳра рӯйида.
[4] яъне, ҳамон рӯз ба ҳузури Амир даромаданд.
[5] маҳд – тахти равоне, ки бар болои пил ва шутур ё асб бошад ва занонро бар вай савор кунанд
[6] бо иззату эҳтиром.
[7] додгон – додгон ҷамъи дада, ба маънии зане, ки тарбияти тифле кунад.

шуда буд аз шамъҳову машъалҳо ва ходимони ҳарами султонӣ ба дари ҳарам бинишастанд ва навбатии бисёр аз пиёдагон ба даргоҳи сарой номзад шуданд ва ҳоҷибе бо бисёр мардум ва чандон чиз сохта буданд ба фармони олӣ, ки андоза набуд ва фурӯд фиристоданд. Ва нимишаб ҳамаи қавми саройи ҳарами султонӣ аз Шодёх он ҷо омаданд.

Ва дигар рӯз Амир фармуд, то бисёр зару ҷавоҳир ва тароиф он ҷо бурданд ва такаллуфе сахт азим сохтанд андар меҳмониҳо. Ва занони муҳташамони Нишобурро ба ҷумла он ҷо бурданд ва нисорҳо бикарданду нон бихӯрданду бозгаштанд ва вадиъатро[1], ки сокини маҳд буд, кас надид. Ва намози хуфтан Амир аз Шодёх барнишаст бо бисёр мардум аз ҳошият ва ғуломе сесад хосса, ҳама савор ва ғуломе сесад, ҳама пиёда дар пеш ва панҷ ҳоҷиби саройӣ ва бад-ин Кушки Ҳасанакӣ омад ва фурӯди саройи ҳарам рафт бо ходиме даҳ аз хавосс, ки раво будӣ, ки ҳарамро дидандӣ ва ин хадаму ғуломон ба вусоққо[2], ки гирд бар гирди даргоҳ буд фуруд омаданд, ки вазир Ҳасанак он ҳамаро бисохта буд аз ҷиҳати понсаду шашсад ғуломи хешро. Ва офтоби дидори султон бар моҳ уфтод[3] ва гургониёнро аз рӯшноии он офтоб фахру шараф афзуд ва он кор пеш рафт ба хубӣ, чунонки Эзид, азза зикруҳу, тақдир карда буд. Ва беруниёнро бо чунин ҳадис шуғле набошад на дар он рӯзгор ва на имрӯз ва маро ҳам нарасад, ки қалами ман адо кунад аз хотири ман[4]. Ва дигар рӯз Амир ҳам дар он халвату нишот буд ва рӯзи савум, вақти шабгир ба Шодёх рафт ва чун равшан шуду бор дод, авлиёву ҳашам ба хидмат омаданд ва Хоҷа Бусаҳли Ҳамдавӣ ва қавме, ки бо вай номзад буданд, ҷомаи роҳ пӯшида пеш омаданд ва хидмати видоъ карданд. Амир эшонро некуӣ гуфт ва тоза бинавохт ва сӯйи Рай бирафтанд пас аз намози рӯзи одина, ғурраи рақаби ин соли арбаъа ва ишрина ва арбаъа миа[5].

Ва корҳо рафт сахт бисёр дар ин муддат, ки ин меҳтари бузург ба Рай буд бар дасти вай аз ҳар лавне писандида ва нописандида, он чӣ мисоли вай нигоҳ доштанд ва он чӣ бар тариқи истибдод рафтанд, то он гоҳ, ки ба Нишобур бозомаданд, наздики ин подшоҳ, ки пас аз он ҳодисаи Дандонқон иттифоқ уфтод. Ва ёд кунам

---

[1] вадиъат ба маънои амонат; ва ба истиъора дар ин ҷо мурод духтари Бокалиҷор, ки ба ақди никоҳи Султон Масъуд даромада буд.

[2] утоқҳо.

[3] яъне, домод (Султон Масъуд) ва арус (духтари Бокалиҷор) бо ҳам дар шаби зуфоф дидор карданд.

[4] яъне, ман ҳам (Байҳақӣ) маҳрам нестам, ки маҷлиси занону ҳарами Амир Масъудро тасвир кунам.

[5] баробар бо 2 июни соли 1033-и милодӣ.

ҷудогона дар ин тасниф ин ҳолҳоро бобе, ба ҳукми он, ки аз мо дур буданд ва бар ҷойи ноназдик рафта, чунонки аз он боб он ҳолҳо муқаррар гардад, чунонки боби Хоразм хоҳад буд. Ва аз ин ду боб боби Хоразм пеш гираму бironам, ки Ҳорун писари Хоразмшоҳ Олтунтош исёни хеш ошкоро кард ва Абдулҷаббор писари Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад мутаворӣ[1] шуд, ки дар ин ду боб ғароибу наводири бисёр аст. Акнун таърих, ки дар он будам, бар сиёқати хеш бironам ва он чӣ шарт аст, ба ҷой орам.

Ва рӯзи дувуми рачаб[2] расулон ва хадами Бокалиҷорро, ки бо маҳд аз Гургон омада буданд, хилъате фарохур бидоданд ва хилъате сахт фохир, чунонки вулотро[3] диҳанд, ба номи Бокалиҷор бад-эшон супурданд. Ва дигар рӯз – ал-аҳад, солис мин рачаб[4], сӯйи Гургон бирафтанд. Ва бо духтари Бокалиҷор чандон чиз оварда буданд аз ҷаҳизи[5] муайян, ки онро ҳадду андоза набуд ва тафсили он душвор тавон дод. Ман, ки Булфазлам, аз Ситии Заррини мутриба шунудам ва ин сахт наздик буд ба Султон Масъуд, чунонки чун ҳоҷибае шуд фуруди сарой ва пайғомҳо додӣ Султон ӯро ба саройиён дар ҳар бобе. Мегуфт, ки духтар тахте дошт, гуфтӣ, бустоне буд, дар ҷумлаи ҷаҳизи ин духтар оварда буданд; замини он тахтҳои симин дар ҳам бофтаву сохта ва бар он се дарахти заррин мураттаб карда ва баргҳои дарахтон пирӯза буду зумуррад ва бори он анвоъи явоқит[6], чунонки Амир андар он бидид ва онро сахт биписандид ва гирд бар гирди он дарахтон бист наргисдон ниҳода ва ҳама сипарғамҳои он аз зару сим сохта ва бисёр анвоъи ҷавоҳир ва гирд бар гирди ин наргисдонҳо сими табақи заррин ниҳода, ҳама пуранбар ва шамомаҳои кофур; ин як сифати ҷаҳиз буд ва дигар чизҳо бар ин қиёс мебояд кард.

Ва Хоҷа Булҳасани Уқайлиро охири ин ҷумодалухро[7] оризае[8] уфтод ва бар пушти вай, наъузубиллоҳи мин золик, чизе пайдо шуд. Амир атибборо[9] наздики вай фиристод ва табиб чӣ тавонад кард бо қазои омада, рӯзи душанбе, чаҳоруми рачаб[10] фармон ёфт, раҳматуллоҳи алайҳи.

---

[1] мутаворӣ – пинҳон.
[2] баробар бо 3 июни соли 1033-и милодӣ.
[3] вулот – ҷамъи волӣ, волиён.
[4] якшанбе, рӯзи савуми рачаб.
[5] ҷаҳиз – чизу чорае, ки барои арусӣ омода кунанд.
[6] явоқит – ҷамъи ёқут.
[7] охири моҳи майи соли 1032-и милодӣ.
[8] ориза – дард, беморӣ.
[9] атиббо – ҷамъи табиб, пизишк.
[10] баробар бо 5 июни соли 1032-и милодӣ.

Зикри он чӣ ба Нишобур тоза гашт дар тобистони ин сол аз наводиру аҷоиб

Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, як рӯз бор дод ва пас аз намози бомдод номаи соҳиббариди Рай расида буд, ки «туркмонон ба ҳеч ҳол ором намегиранд ва то хабари писари Яғмур бишнудаанд, ки аз Балхонкӯҳ ба биёбон даромад, бо лашкаре, то кини падар ва куштагон бозхоҳад аз лавне дигар шуданд ва аз эшон замон-замоне фасоде хоҳад рафт. Ва сипоҳсолор Тош ва Тоҳир бад-ин сабаб дилмашғул мебошанд ва гуфтанд, боз бояд намуд. Банда инҳо кард, то муқаррар гардад». Ман, ки Булфазлам, истода будам, ки навбат маро буд ва устодам Бунаср наёмада буд. Амир маро овоз дод, ки кас фирист, то Бунаср биёяд; ман вакили дарро битохтам[1], дарсоат Бунаср биёмад ва бегоҳгуна шуда буд. Амир бо вай холӣ кард, то наздики шом. Пас пӯшида маро гуфт: «Агар Амир пурсад, ки Бунаср бозгашт, бигу ки коғаз бурд, то он чӣ набиштанист набишта ояд». Ва намози шом бозгашт. Гуфт: «Бидон ё Булфазл, ки тадбире пеш гирифта омадааст, ки аз он бисёр фасод тавлид хоҳад кард». Ва Амир пас аз рафтани ӯ маро бихонду гуфт: «Бунаср кай рафт?» Гуфтам: «Намози шом ва бо вай коғаз бурданд». Гуфт: «Руқъате аз хештан бинавис ба вай ва бигӯй он номаро, ки фармудаем, нусхат бояд кард ва баёз набояд кард, то фардо дар нусхат тааммул кунем ва бо Хоҷа низ андар он боб раъй занем, он гоҳ он чӣ фармуданист, фармуда ояд». Ва ман бозгаштам ва руқъат набиштаму бифиристодам.

Дигар рӯз чун бор бигусаст, холӣ кард бо вазир ва Бунаср то чоштгоҳи фарох; пас бархостанд ва бар карони чамани боғ дукконе буд, ду ба ду он ҷо бинишастанд ва бисёр сухан гуфтанд.

Ва Аҳмад ба девони хеш рафт ва Бунасро бар он дуккон миёни дарахтони маҳфуре[2] афганданд ва маро бихонд. Наздики вай рафтам, нусхате карда сӯйи Тоҳири дабир, маро доду гуфт: «Мулаттафаи хурд бояд набишт». Мисол буд Тоҳирро, ки «Азимати мо бар он қарор гирифт, ки Хоҷаи амид Бусаҳли Ҳамдавиро бо фавҷи лашкаре қавию муқаддаме бо ном фиристода ояд ва сахт зуд хоҳад омад бар асари ин мулаттафа. Ва мо панҷуми раҷаб[3] ҳаракат хоҳем кард сӯйи Ҳирот ва чун дар замони саломат он ҷо расем, гурӯҳеро аз туркмонон фурӯ гирифта ояд он ҷо ва бунаҳои эшонро сӯйи Ғазнин бурда шавад. Чунон бояд, ки ту низ, ки Тоҳирӣ, тадбири ин кор пӯшида бисозӣ ва ба баҳонаи он, ки арз хоҳӣ кард, эшонро, фурӯ

[1] фиристодам.
[2] маҳфурӣ мансуб ба Маҳфур – номи шаҳре дар канори Баҳри Рум, ки дар он фарш бофта мешуд.
[3] баробар бо 6 июни соли 1032-и милодӣ.

гирифта ояд. Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ низ он ҷо расида бошад, ишорати вай дар ин боб нигоҳ дошта ояд. Ин муҳиммро, ки на хурд ҳадисест ва ин мулаттафаи хурд ба тавқеъи мо муаккад гашт ва рикобдорро пӯшида фармуда омадааст, то онро дар асби намад ё миёни остари мӯза, чунонки савоб бинад, пинҳон кунад. Ва номаест тавқеъӣ, бо вай фарох набишта дар маънии шуғлҳои он ҷониб бар коғази бузург, то чунон намуда ояд, ки бад-он корҳо омадааст». Ва номаи дигар буд дар хабар шуғли фаризае ба ҷониби Рай ва Ҷибол. Ва ман, ки Булфазлам, ин мулаттафаи хурд ва номаи бузург таҳрир кардам ва устодам пеш бурду ҳар ду тавқеъ кард ва боз оварда ва рикобдоре аз муътамадон биёварданд ва вайро асбе нек бидоданду ду ҳазор дирам силат ва ин мулаттафаву нома бад-ӯ дода омад ва устодам вайро мисолҳо дод, ки мулаттафаи хурдро чӣ кунад ва номаи бузургро бар чӣ ҷумла расонад. Ва гушоднома набиштам ва рикобдор бирафт ва Бунаср наздики Амир шуд ва он чӣ карда буд, бозгуфт ва Амир бархосту фурӯди сарой рафт ва нишоти шароб кард холӣ.

Ва Бунаср ҳам бар он ҷой боз омаду холӣ бинишаст ва маро гуфт: «Номае навис аз ман ба вакили Гузгонону Карвон[1] то даҳ ҳазор гуспанд аз они ман, ки ба дасти вай аст, мешу барра, дарсоат, ки ин нома бихонад, дар баҳо афганаду ба нархи рӯз бифурӯшад ва зару сим накд кунаду ба Ғазнин фиристад». Ман нома набиштам ва вай онро ба хатти хеш устувор кард ва харита карданд дар аскудори Гузгонон ниҳоданд ва ҳалқа барафганданду бар дар заданд ва гусел карданд. Ва устодам ба андешаи дароз фурӯ шуд ва ман бо хештан мегуфтам, ки агар Амир фармуд, то туркмононро ба Рай фурӯ гиранд, ин гӯспандонро ба работи Карвон ба нархи рӯз фурӯхтан маънӣ чист? Маро гуфт: «Ҳамоно ҳамеандешӣ ҳадиси туркмонону фурӯ гирифтани эшон ва номаи ман, то гуспандонро фурӯхта ояд?» Гуфтам: «Валлоҳ, ба ҷону сари худованд, ки ҳамин меандешам!» Гуфт: «Бидон, ки ин фурӯ гирифтани туркмонон раъйест нодурусту тадбире хато, ки ба ҳеч ҳол мумкин нашавад се чаҳор ҳазор саворро фурӯ гирифтан. Ва аз он ҷо султонро нома норасида, ки туркмононро ба чӣ ҳила фурӯ гирифтанд, шитобе кунад ва тане чандро фармояд, то ба Ҳирот фурӯ гиранд ва бунаҳои эшонро бironанд ва ин қавмро, ки бо бунаанд биҷунбонанд ва хабар ба Рай расад ва эшонро даршӯронанд ва писари Яғмур аз Балхонкӯҳ дарояд бо фавҷе саворе дигар сахт қавӣ ва ҳамгинон ба ҳам пайванданду ба Хуросон дароянд ва ҳар чӣ дарёбанд аз чаҳорпой даррабоянд ва бисёр фасод кунанд. Ман пештар бидидам ва мисол додам, то гӯспандони ман бифурӯшанд, то агарчӣ ба арзонбаҳотар бифурӯ-

[1] работе дар сарҳади Гузгонон

шанд, боре чизе ба ман расад ва хир-хир[1] ғорат нашавад, ки ин тадбири хато пеш гирифтаанд ва Хоҷаи Бузургу ман дар ин боб бисёр бигуфтему оқибати кор боз намудем, суд надошт, ки ин худованд ба ҳиммату ҷигар ба хилофи падар аст. Падараш марде буд ҳаруну[2] дурандеш, агар гуфтӣ чизе носавобро, ки ман чунин хоҳам кард аз сари ҷабборӣ ва подшоҳии хеш гуфтӣ ва агар кас савобу хатои он боз намудӣ, дар хашм шудию машғала кардӣ ва душном додӣ; боз чун андешаро бар он гумоштӣ, ба сари роҳи рост боз омадӣ. Ва табъи ин худованд дигар аст, ки истибдоде мекунад ноандешида, надонам, то оқибати ин корҳо чун бошад?»

Ин бигуфту бозгашт ба хона. Ва ман бо хештан гуфтам, ки сахт дур дидааст ин мард ва бошад, ки чунин набошад. Ва хаққо сумма ҳаққо[3], ки ҳамчунон омад, ки вай андешида буд, ки тадбири фурӯ гирифтани туркмонон ба Рай рост наёмад ва даррамиданд, чунонки он қисса биёварам; ва аз Рай сӯйи Хуросон биёмаданд ва аз эшон он фасод рафт, ки рафт ва чаҳорпойи Гузгонон бештар бironданд[4]. Ва пас як сол ба Ғазнин бо устодам нон мехӯрдам ва барраи сахт фарбеҳ ниҳода буданд, маро ва Бунасри Тайфурро, ки сипоҳсолори шоҳаншоҳон[5] буд. Гуфт: «Барра чун аст?» Гуфтам: «Бағоят фарбеҳ!» Гуфт: «Аз Гузгонон овардаанд!» Мо дар якдигар нигаристем. Бихандид, гуфт: «Ин барра аз баҳои он гӯспандон харидаанд, аз он ки ба работи Карвон фурӯхтаанд» ва ин қисса, ки набиштам, бозгуфт.

Ва ҳам дар ин тобистон ҳоле дигар рафт аз ҳадиси Яноltагин – солори Ҳиндустон. Ва ба ситам мардеро осӣ карданд, ки сабаби фитнаи Хуросон ва қувват гирифтани туркмонону Салҷуқиён баъда қазоу-л-лоҳу[6], азза зикруҳу, он буд. Ҳар кореро сабабест. Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан бад буд бо ин Аҳмад, бад-он сабаб, ки пеш аз ин боб боз намудаам, ки вай қасдҳо кард дар маънии колои вай, бад-он вақт, ки он мурофаъа[7] уфтод бо вай ва бо қозии Шероз ҳам бад

---

[1] хир-хир – бесабаб, беҳуда, ройгон.

[2] ҳарун – саркаш.

[3] ҳаққан сумма ҳаққо – такрор барои таъкиди ҳақиқат. Ҳамзамони Байҳақӣ шоири дарбори Ғазнавиён Фаррухӣ мегӯяд: Ай муътамади шоҳ бад-ин иззу бад-ин ҷоҳ. Ҳаққо, ки сазоворӣ, ҳаққо, ки сазовор!

[4] рабуданд.

[5] манзур Бувайҳиён, мебошанд, ки унвони шоҳаншоҳ доштанд.

[6] пас аз сарнавишти Худованд.

[7] Манзур мурофиъае аст, ки пас аз азли Маймандӣ дар замони Маҳмуд иттифоқ афтод. Нигаред ба мақолаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ // Коғази зар. Теҳрон, 1387; ва мақолаи С.Муллоҷон. Вазири хушноми ғазнавӣ. //Маводи конфронси дуюми илмии олимони чавони Точикистон. Душанбе. 2000.

буд, аз он чӣ боре чанд Амир Маҳмуд гуфта буд, ки қозӣ вазоратро шояд. Аҳмади Ҳасан вақти гусел кардани Аҳмади Яноltагин – солори Ҳиндустон дар вай дамида буд, ки аз Қозии Шероз набояд андешид, ки ту солори Ҳиндустонӣ, ба фармони Султон ва вайро бар ту фармоне нест, то чунон набошад, ки афсуне бар ту хонад ва туро бар фармони хеш орад. Ва Аҳмади Яноltагин бар иғро ва заҳра[1] бирафт ва ду ҳабба[2] аз Қозӣ наяндешид дар маънии солорӣ. Ин Аҳмад марде шаҳим буд ва ӯро атсаи Амир Маҳмуд гуфтандӣ ва бад-ӯ нек бимонастӣ[3] ва дар ҳадиси модару валодати вай ва Амир Маҳмуд суханон гуфтандӣ ва буда буд миёни он подшоҳу модараш ҳоле ба дӯстӣ, ҳақиқат Худойи азза ва ҷалла донад. Ва ин мард аҳволу одати Амир Маҳмуд нек дарёфта буд, дар нишастану сухан гуфтан. Чун ба Ҳиндустон расид, ғуломе чанд гарданкаши мардона дошт ва созеву тақаммули некӯ; миёни вай ва Қозии Шероз лаҷоҷ[4] рафт дар маънии солорӣ. Қозӣ гуфт: «Солорӣ Абдуллоҳи Қаротагинро бояд дод ва дар фармони ӯ буд». Аҳмад гуфт: «Ба ҳеч ҳол набошам, султон ин шуғл маро фармудааст ва аз Абдуллоҳ ба ҳама рӯзгор ваҷеҳтару муҳташамтар будаам ва вайрову дигаронро зери аломати ман бояд рафт». Он ҳадис дароз кашид ва ҳашами Лоҳуру ғозиён Аҳмадро хостанд ва ӯ бар муғоязаи[5] Қозӣ бирафт бо ғозиён ва қасди ҷойи дурдаст кард. Ва Қозӣ ба шикоят аз вай қосидон фиристод ва қосидон ба Буст расиданд ва мо ба сӯйи Ҳироту Нишобур хостем рафт. Амир Масъуд Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасанро гуфт: «Савоб чист дар ин боб?» Гуфт: «Аҳмади Яноltагин солориро аз ҳамагон беҳ шояд. Ҷавоби Қозӣ боз бояд набишт, ки ту кадхудойи молӣ, туро бо солорию лашкар чӣ кор аст, Аҳмад худ он чӣ бояд кард, кунад ва молҳои таккурон[6] бистонад аз хароҷ ва мувозаъат ва пас ба ғазо раваду моли бузург ба хазона расад ва мобайна-л-боби ва-д-дори[7] низоъ бинашавад». Амирро ин хуш омад ва ҷавоб бар ин ҷумла набиштанд.

Ва Аҳмади Яноltагин сахт қавидил шуд, ки Хоҷа бад-ӯ нома фармуда буд, ки «Қозии Шероз чунину чунин набишт ва ҷавоб

---

[1] иғро – барангехтан; заҳра – ҷуръат, далерӣ; яъне, Яноltагин бо дили қавӣ бирафт.

[2] ҳабба – дона; яъне, Аҳмади Яноltагин ба андозаи дона ё зарра ҳам Қозиро писанд накард.

[3] монанд буд.

[4] лаҷоҷ – ҷидол, хусумат, ситезакорӣ.

[5] муғояза – хашм гирифтан.

[6] таккурон – афроди соҳибнуфузу сарватманд дар Ҳинд, ки маъмурони ҷамъоварии молиёт дар Ҳинд буданд.

[7] миёни дар ва хона; яъне байни ду солори дарбор.

чунину чунин рафт». Ва бо ғозиёну лашкари Лоҳур рафт ва хароҷҳо аз таккурон ба тамомӣ биситаду даркашид. Ва аз оби Ганг гузора шуд ва бар чап рафт ва ногоҳ бар шаҳре зад, ки онро Банорас[1] гӯянд, аз вилояти Ганг буд ва лашкари Ислом ба ҳеч рӯзгор он ҷо нарасида буд, шаҳре фарсанг дар ду фарсанг ва обҳои бисёр. Ва лашкар аз бомдод то намози дигар беш муқом[2] натавонист кард, ки хатар буд ва бозори баззозону[3] атторону гавҳарфурӯшон, аз ин се бозор мумкин нашуд беш ғорат кардан. Лашкар тавонгар шуд, чунонки ҳама зару сим ва атру ҷавоҳир ёфтанд ва ба мурод бозгаштанд. Ва Қозӣ аз баромадани[4] ин ғазви бузург хост, ки девона шавад. Қосидони мусриъ фиристод, ба Нишобур ба мо расиданду бознамуданд, ки «Ахмади Ялтагин моли азим, ки аз мувозаъат буд аз таккурон ва хароҷгузорон биситад ва моле, ки ҳосил шуд, бештар пинҳон кард ва андак моя чизе ба даргоҳи олӣ фиристод. Ва муътамадони ман бо вай буданд пӯшида, чунонки вай надонист ва аз они мушрифу соҳиббарид низ буданд ва ҳарчӣ биситад, нусхат карданд ва фиристода омад, то раъйи олӣ бар он вуқуф гирад, то ин марди хоин талбис надонад кард. Ва ба Туркистон пӯшида фиристода будааст ба рохи Панҷҳир, то вайро ғуломҳои турк оранд ва то ин ғоят ҳафтоду анд ғулом овардаанд ва дигар думодум[5] аст. Ва туркмононро, ки инҷоанд ҳамаро бо хештан ёр кард ва озурдаанд ва бар ҳолҳои ӯ кас воқиф нест, ки гӯяд «ман писари Маҳмудам». Бандагон ба ҳукми шафақат огоҳ карданд, раъйи олӣ бартар аст».

Ин номаҳо бар дили Амир кор карду бузург асаре кард ва мисол дод устодамро Бунаср, то онро пӯшида дорад, чунонки кас бар он воқиф нагардад. Ва думодум ин мубашширон расиданд ва номаҳои солори Ҳиндустон Аҳмади Ялтагин ва соҳиббариди лашкар оварданд ба хабари фатҳи Банорас, ки «кори сахт бузург баромад ва лашкар тавонгар шуд ва моли азим аз вай ва хароҷҳое, ки аз таккурон баста будааст ва чанд пил ҳосил гашт ва бандагон номаҳо аз Андарбидӣ[6] набиштаанд ва рӯй ба Лоҳур ниҳоданду хуш–хуш меоянд». Ва он чӣ рафта буд боз намуда буданд.

Аз аҷоиб ки дар ин асно рух намуд Сатӣ – писари Олтунтош рӯзе мастон ба бом баромад, то тафарруҷ[7] кунад. Аз қазои омада, аз

---

[1] Банорас – шаҳри бузург дар Ҳиндустон, ки дар соҳили Ганг аст ва маъбади бузурги ҳиндиҳо дар он ҷо қарор дорад.
[2] иқомат.
[3] баззоз – порчафурӯш, матоъфурӯш.
[4] яъне, муяссар шудан.
[5] думодум – ба дунбол.
[6] Андарбидӣ – номи мавзеъ дар Ҳиндустон.
[7] тафарруҷ – сайру гашт, саёҳат, тамошо кардан.

бом ба зер уфтоду ҷон дод ва он барноро дафн карданд. Ва Амир сахт ғамнок шуд, чӣ Сатӣ шоиставу шаҳим ва бо қадду манзару ҳунар буд ва айбаш ҳама шаробдӯстӣ, то ҷон дар сари он кард. Ва батар он омад, ки музаррибону фасодҷӯён пӯшида нома набиштанд сӯйи Ҳоруни бародараш, ки Хоразмшоҳ буд ва боз намуданд, ки «Амир[1] ғодире[2] фаро кард, то бародаратро аз бом бияндохту бикушт ва ба ҷойи[3] як-як ҳамин хоҳанд кард аз фарзандони Хоразмшоҳ». Ҳорун худ лахте бадгумон шуда буд аз Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад ва аз тасаҳҳубҳову[4] табассутҳои[5] писараш Абдулҷаббор сарзада[6] гашта. Чун ин нома бад-ӯ расид ва худ лахте шайтон дар ӯ дамида буд, боде дар сар карду бадгумон шуд ва оғозид оби Абдулҷабборро хир-хир рехтан ва ба чашми сабукӣ дар ӯ нигаристан ва бар савобдидҳои вай эътироз кардан. Ва охир кор бад-он дараҷа расид, ки осӣ шуд ва Абдулҷабборро мутаворӣ бояст шуд аз бими ҷон ва ҳар ду дар сари якдигар шуданд ва ин аҳволро шарҳи тамом дода ояд дар бобе, ки Хоразмро хоҳад буд, дар ин таърих, чунонки аз он боб ба тамомӣ ҳама дониста ояд иншоаллоҳ.

Рӯзи одина, чаҳоруми ҷумодалухро[7], пеш аз намоз Хоҷаи Бузургро хилъати ризо дод, ки сӯйи Тахористону Балх хост рафтан бад-он сабаб, ки навоҳии Хатлон шӯрида гашта буд аз омадани кумиҷиён[8] ба ноҳият ва ҳамчунин то ба Валволиҷ[9] ва Панҷоб[10] равад ва шиҳнаи навоҳӣ бад-ӯ пайвандад ва рӯй бад-он муҳим оранду он хаворичро бирамонанд. Ва Амир вайро ба забон бинавохт ва некӯӣ гуфт ва вай ба хона бозрафт ва аъёни ҳазрат ҳаққи вай ба тамомӣ бигузорданд ва пас аз намоз бирафт. Ва чаҳор ҳоҷибу даҳ сарҳанг ва ҳазор савори сохта бо вай рафтанд. Ва фақеҳ Бубакри Мубашширро соҳиби девони рисолат номзад кард, то ба соҳиббаридии лашкар бо вай бирафт ба фармони Амир. Ва номаҳо набишта омад ба ҳамаи аъёну ҳашам, то гӯш ба мисолҳои вазир доранд ва Бубакрро низ мисоле доданд, то он чӣ Хоҷа савоб бинад ва ба масолеҳи мулк бозгардад, ҳар рӯз ба султон менависад. Ва вазир

---

[1] манзур Амир Масъуд аст.
[2] ғодир – хоин.
[3] ҷони
[4] тасаҳҳуб ба маънии ноз, ки маъшуқонро ба ошиқон бошад.
[5] табассут – густурдан, кушодагӣ, муомилаи озод, бетакаллуфӣ.
[6] сарзаниш карда ва димоғ сӯхта.
[7] баробар бо 7 майи соли 1033-и милодӣ
[8] кумиҷиён – мардуме, ки дар Кумед, (ҳавзаи дарёи Вахш ва болооби Кофарниҳон) мезистанд ва сарчашмаҳо (Ҳудуд-ул-олам) онҳоро диловару дуздпеша номидаанд.
[9] Валволиҷ – шаҳре дар минтақаи Бадахшон.
[10] дарёи Панҷ.

бар роҳи бажи[1] Ғузак рафт ва биёрам пас аз ин ба ҷойи хеш, он чӣ бар дасти ин меҳтар омад аз корҳои бо ном, чунонки расми таърих аст. Ва дигар рӯз Амир ба Боғи Садҳазора[2] рафт бар он ҷумла, ки он ҷо як ҳафта бибошад ва бунаҳо ба ҷумла он ҷо бурданд.

Ва дар ин миёнҳо номаҳо пайваста мерасид, ки «Аҳмади Янолтагин ба Лоҳур бозомад бо туркмонон. Ва бисёр муфсидони Лоҳур ва аз ҳар ҷинс мардум бар вай гирд омад ва агар шуғли ӯро ба зудӣ гирифта наёяд, кор дароз гардад, ки ҳар рӯзе шавкату иззати вай зиёдат аст». Амир дар ин вақт ба Боғи Садҳазора буд, халвате кард бо сипоҳсолор ва аъёну ҳашам ва раъй хост, то чӣ бояд кард дар нишондани фитнаи ин хориҷию осӣ, чунонки дил ба тамомӣ аз кори вай фориғ гардад. Сипоҳсолор гуфт: «Аҳмадро чун аз пеши вай бигрехт, намонда буд пас шавкате ва ҳар солор, ки номзад карда ояд, то пазираи ӯ равад ба осонӣ шуғли ӯ кифоят шавад, ки ба Лоҳур лашкари бисёр аст ва агар худованд бандаро фармояд рафтан, биравад дар ҳафтае, ҳарчанд ҳаво гарм аст». Амир гуфт: «Бад-ин миқдор шуғл, зишту муҳол бошад туро рафтан, ки ба Хуросон фитна аст аз чанд гуна ва ба Хатлону Тахористон ҳам фитна уфтодааст ва ҳарчанд вазир рафта ва вай онро кифоят кунад, моро чун Меҳргон бигзашт, фариза аст ба Буст ё ба Балх рафтан ва туро бо рояти мо бояд рафт, солоре фиристем басанда бошад». Сипоҳсолор гуфт: «Фармон худовандрост ва солорону гурӯҳе ин ҷо ҳозиранд дар мачлиси олӣ ва дигар бар даргоҳанд, кадом бандаро фармояд рафтан?» Тилаки Ҳиндӣ гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ман биравам ва ин хидмат бикунам, ки то шукри навохту неъмат гузорда бошам ва дигар, ки ман аз Ҳиндустонам ва вақт гарм аст ва дар он замин ман роҳ беҳтар барам, агар раъйи олӣ бинад ин хидмат аз банда дареғ наёяд». Амир ӯро бистуд бад-ин мусобақат[3], ки намуд ва ҳозиронро гуфт: «Чӣ гӯянд?» Гуфтанд: «Мард ном гирифтааст ва шояд ҳар хидматро, ки теғу олату мардум дорад ва чун ба фармони олӣ зиёдат навохт ёфт, ин кор ба сар тавонад бурд». Амир гуфт: «Бозгардед, то дар ин бияндешам». Қавм бозгаштанд ва Амир бо хоссагони хеш фуруди сарой гуфта буд, ки «Ҳеч кас аз ин аъён дил пеши ин кор надошт ва ба ҳақиқат рағбати содиқ нанамуд, то Тилакро магар шарм омаду пой пеш ниҳод».

Ва Ироқии дабирро пӯшида наздики Тилак фиристод ва вайро ба пайғоми бисёр бинавохту гуфт: «Бар мо пӯшида нест аз ин чӣ ту имрӯз гуфтӣ ва хоҳӣ кард ва ҳеч хуш наёмад сухани ту он қавмро, ки

---

[1] ағбаи

[2] Боғи Садҳазора – боғе дар наздикии Ғазнин.

[3] мусобақат пешӣ ҷустан.

пеши мо буданд; акнун ту эшонро бозмолидӣ, ночор мо туро ростгӯй гардонем ва фардо бад-ин шуғл номзад кунем ва ҳарчӣ мумкин аст дар ин боб ба ҷой орем ва мол ва бисёр мардуми бешумор ва уддати тамом диҳем, то бар дасти ту ин кор биравад ва мухолафат барафтад бенозу сипоси эшон. Ва ту ваҷеҳтар гардӣ, ки ин қавмро ҳеч хуш менаёяд, ки мо мардеро баркашем, то ҳамеша ниёзманди эшон бошем ва эшон ҳеч кор накунанд ва дар баркашидани ту бисёр изтироб кардаанд, акнун пой афшор бад-ин ҳадис, ки гуфтӣ, то биравӣ. Ва ин хато, ки рафтааст, ба гуфтору тазриби эшон будааст ва гузашта боз натавон оварда». Тилак замин бӯса доду гуфт: «Агар банда берун шуд, ин бинадидӣ пеши худованд дар маҷмаъе бад-он бузургӣ, чунин далерӣ накардӣ[1]. Акнун он чӣ дархост аст дар ин боб, дархоҳам ва нусхате кунам, то ба раъйи олӣ арза кунанд ва ба зудӣ биравам, то он махзулро[2] барандохта ояд». Ироқӣ биёмад ва ин ҳол бозгуфт. Ва Амир гуфт: «Сахт савоб омад, бибояд набишт». Ва Ироқӣ дар ин кор ҷон ба миён баст ва нусхате, ки Тилак муфассал дар боби хоҳиши худ набишта буд, бар раъйи Амир арза дод ва Амир дасти Тилакро гушода гардонид, ки чун аз пажи[3] Ғузак[4] бигзарад, ҳар чӣ хоҳад кунад, аз исбот кардани[5] ҳиндувон. Ва соҳибдевони рисолатро пайғом дод бар забони Ироқӣ, ки маншур ва номаи Тилак бибояд набишт ва Бунасрро одате буд дар чунин абвоб, ки муболағате сахт тамом кардӣ, дар ҳар чӣ худовандони тахт фармудандӣ, то ҳаволате сӯйи ӯ мутаваҷҷеҳ нагаштӣ, ҳар чӣ набиштанӣ буд, набишта омад. Ва аъёни даргоҳро ин ҳадис сахиф[6] менамуд, валекин рамйатун мин ғайри ромин[7] уфтод ва кушта шудани Аҳмад Яналтагинро сабаб ин мард буд, чунонки биёрам ба ҷойи хеш, аммо нахуст шарти таърих ба ҷой орам ва ҳолу кори ин Тилакро аз ибтидо чун буд, то он гоҳ, ки бад-ин дараҷа расид, бознамоям, ки фоидаҳо ҳосил шавад аз набиштани чунин чизҳо.

---

[1] маънои чумла: агар ман (яъне Тилак) ба худ бовар намедоштам дар он маҷлиси пуршукӯҳ чунин даъво намекардам.

[2] махзул – хоршуда (манзур Аҳмади Яналтагин аст).

[3] Паж ё бож – гардан, ағба.

[4] Ғузак – номи кӯҳе, воқеъ дар масири аз Ғазнин то Лоҳур; дар баъзе нусхаҳо ба ҷойи Ғузак Пажон омадааст.

[5] исбот кардан – устувор кардан, баланд бардоштани мақом.

[6] сахиф – сабӯк, паст.

[7] тарҷ: тирандохтане бе тирандоз. Дар масал аст, ки «чӣ басо тире, ки бидуни тирандози моҳир ба ҳадаф расад». Саъдӣ ҳам мегӯяд: Гоҳ бошад, ки кӯдаке нодон Ба ғалат бар ҳадаф занад тире.

Зикру ҳоли Тилак ал-Ҳинду

Ин Тилак писари ҳаҷҷоме[1] буд, валекин лиқоеву[2] мушоҳадатеву забоне фасеҳ дошт ва хатти некӯ ба ҳиндуию форсӣ; ва муддате дароз ба Кашмир рафта буду шогирдӣ карда ва лахте зарқу ишва ва ҷодӯӣ[3] омӯхта. Ва аз он ҷо наздики Қозии Шероз – Булҳасан омад ва бад-ӯ гаравид, ки ҳар меҳтар, ки ӯро бидид, ночор шефтаи ӯ шуд ва аз дасти вай амале карду моле бибурд ва тан пеш ниҳод. Ва Қозӣ фармуд, то ӯро аз ҳар ҷонибе боздоштанд. Ва Тилак ҳила сохт, то ҳоли ӯ бо Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан, разияллоҳу анҳу, расониданд ва гуфтанд, шарорати Қозӣ дафъ тавонад кард. Ва миёни Хоҷа ва Қозӣ бад буд; Хоҷа тавқеъе султонӣ фиристод, бо се хайлтош, то алорағми Қозиро Тилакро ба даргоҳ оварданд. Ва Хоҷа Аҳмади Ҳасан сухани ӯ бишнуд ва роҳ ба деҳ бурд[4] ва даристод[5], то руқъати ӯро ба ҳилат ба Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, расониданд, чунончӣ ба ҷой наёвард[6], ки Хоҷа сохтааст. Ва Амир Хоҷаро мисол дод, то сухани Тилак бишнавад ва Қозӣ дар бузург балое уфтод.

Чун ин дорот[7] бигзашт, Тилак аз хавосси муътамадони Хоҷа шуд ва ӯро дабирию мутарҷимӣ кардӣ бо ҳиндувон, ҳамчунонки Бирбол[8] ба девони мо ва кораш боло гирифт. Ва ба девони Хоҷа, ман, ки Булфазлам, вайро бар пой истода дидаме, ки беруни дабирию мутарҷимӣ пайғомҳо бурдиву овардӣ. Ва корҳо сахт некӯ баргузордӣ. Чун Хоҷаро он меҳнат уфтод[9], ки биёвардаам ва Амир Маҳмуд чокарону дабиронашро бихост, то шоистагонро хидмати даргоҳ фармояд, Тилакро биписандид ва бо Баҳроми тарҷумон ёр шуд ва мард ҷавонтару сухангӯйтар буд; ва Амир Маҳмуд чунин касеро хостӣ, кораш сара шуд. Султон Масъудро дар ниҳон хидматҳои писандида кард, ки ҳамаи ҳиндувони Катвар[10] ва баъзеро

---

[1] ҳаҷҷом – ҳаҷоматкунанда, хунгир.

[2] лиқо – чеҳра, рӯй, симо.

[3] зарқ – тазвир, дурангию риёкор; ишва – кори пинҳонӣ ва ғайриошкор; ҷодуӣ – соҳирӣ, ҷодугарӣ.

[4] муваффақ шуд. Ҳофиз мегӯяд:

Роҳи риндони навомӯхта роҳе ба деҳ аст.
Ман ки бадноми ҷаҳонам, чӣ салоҳ андешам?!

[5] кӯшид.

[6] нафаҳмид, дарк накард.

[7] дорот ба маънии шаъну шукӯҳ, карру фар.

[8] Бирбол – яке аз ҳиндувоне, ки дар девони рисолат корҳои тарҷума аз ҳиндиро ӯҳдадор буд.

[9] ишора ба ранҷу гирифториҳои Маймандӣ, ки ба дастури Маҳмуд зиндонӣ гашта буд.

[10] Катвар ё Катур – мавзеъе дар Ҳиндустон.

аз беруниён дар аҳди вай овард ва вай бо чун Маҳмуд подшоҳе хатаре бад-ин бузургӣ бикард. Чун Шоҳ Масъуд аз Ҳирот ба Балх расид ва кори мулк якрӯя шуда буд ва Сундҳрой – сипоҳсолори ҳиндувон бар ҷой набуд, Тилакро бинавохту хилъати зар дод ва тавқи заррини мурассаъ ба ҷавоҳир дар гардани вай афканду вайро хайл[1] дод; ва мард ном гирифт ва саройпардаи хурду чатр сохт ва бо вай тунбак[2] мезаданд, табле, ки муқаддамони ҳиндувонро расм аст ва аломати манҷуқ бо он ёр шуд. Ва ҳалумма ҷарран[3], то кораш бад-он поя расид, ки дар миёни аъён менишаст дар халвату тадбирҳо, то ба чунин шуғл, ки бознамудам аз они Аҳмади Яналтагин, даст пеш кард[4], ки тамом кунад ва бахту давлаташ он кор биронд ва баромад ва ликулли амрин сабабун ва-р-риҷолу йатлоҳақуна[5]. Ва хирадмандон чунин иттифоқҳоро ғариб надоранд, ки кас аз модар вачеҳ назояд ва мардумон мерасанд, аммо шарт он аст, ки номи некӯ ёдгор монанд.

Ва ин Тилак марде ҷалд[6] омаду ахлоқи сутуда намуд ва он муддат, ки умр ёфт зиёнеяш надошт, ки писари ҳаққоме буд. Ва агар бо он нафсу хираду ҳиммат асл будӣ некӯтар намудӣ[7], ки изомӣ[8] ва исомӣ[9] бас некӯ бошад. Валекин изомӣ ба як пашиз наярзад, чун фазлу адаби дарс надорад ва ҳама суханаш он бошад, ки падарам чунин буд. Ва шоир сара гуфтааст. Шеър:

Мо қулта фӣ насабин лав қулта фӣ ҳасабин,
Лақад садақта валокин биъса мо валаду[10]

Ва дар ин исомӣ ва изомӣ урҷуза[11] ва байте ёд доштам, набиштам. Шеър:

Нафсу ъисому саввадат ъисоман
Ва ъаламатҳу-л-карра ва ло иқдомо.

---

[1] хайл – гурӯҳ, гурӯҳи саворон.
[2] тунбак – асбоби мусиқӣ, ки ба шакли кӯзаи бедаста аз сафол месозанд ва ба тарафи кушодааш пӯст кашида дар зери бағал ниҳода менавозанд.
[3] тарҷ: ҳамин тавр.
[4] даст пеш кард – иқдом кард.
[5] тарҷ: ҳар кореро сабабе ҳаст ва мардон яке пас аз дигаре меоянд.
[6] ҷалд – зирак.
[7] яъне Байҳақӣ мегӯяд, ки агар Тилак фарзанди ҳаққом, аз табақае болотар мешуд, беҳтар мебуд.
[8] изомӣ ба касе гӯянд, ки ба устӯхонҳои пӯсидаи ниёгонаш фахр кунад.
[9] исомӣ ба касе гӯянд, ки ба нафс (касбу ҳунар)-и худ фахр кунад.
[10] тарҷ: агар фахре кардӣ ба падароне, ки даргузаштаанд, рост гуфтӣ, вале чӣ фарзанди баде зоданд!
[11] қасида аз баҳри рачаз, байти кутоҳ, шеъри кутоҳ.

Ва саййартҳу маликан ҳумомо[1].
Ва қавлу-л-охири фи-л ъизомиййи-л аҳмақ[2]:
Изо мал-маръу ъоша би азми майтин,
Фазолика-л-азму ҳаййун ва ҳува майту.
Йақулу бано илал обоу байтан,
Фаҳаддамту-л баноа фамо банайту,
Ва ман йаку байтуҳу байтан рафиъо,
Ва йаҳдамҳу фалайса лизока байту[3].

Ва чунон хондам, ки марде хомилуззикр наздики Яҳё ибни Холид ал-Бармакӣ омад ва дар мачлиси омм аз ҳар гуна мардуми кофӣ ва хомил ҳозир. Мард забон баргушоду чавоҳир пошидан гирифт ва садаф баргушодан. Тане чандро аз ҳозирони изомиён ҳасаду хашм рабуд, гуфтанд: «Зиндагонии вазир дароз бод, дареғо чунин мард, кошкӣ ӯро асле будӣ». Яҳё бихандиду гуфт «Ҳува бинафсиҳи аслун қавиййун[4]». Ва ин мардро баркашид ва аз фуҳули мардумони рӯзгор шуд. Ва ҳастанд дар ин рӯзгори мо гуруҳе изомиён бо асбу истому[5] чомаҳои гаронмоя ва ғошияву чуноғ[6], ки чун ба сухан гуфтану ҳунар расанд, чун хар бар ях бимонанд ва ҳолату суханашон он бошад, ки гӯянд: «Падари мо чунин буду чунин кард». Ва турфа он, ки афозилу мардумони ҳунарманд аз сиъояту батари[7] эшон дар ранчанд. Ва-л-лоҳу валиййул кифоя[8].

Ва чун шуғли номаҳову мисолҳои Тилак рост шуд, Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, фармуд, то вайро хилъате сахт фохир рост карданд, чунонки дар он хилъат кӯсу алам буд. Ва хилъат бипӯшид ва Амир вайро ба забон бинавохту лутфи бисёр фармуд. Ва дигар рӯз таъбия кард ва ба Боғи Фирӯзӣ омад ва Амир барнишаст, то лашкари ҳинду бар вай бигзашт, бисёр савору пиёдаи ороста ба силоҳи тамом ва он саворони даргоҳӣ, ки бо вай номзад шуда буданд, фавче бо уҳбате[9] некӯ, ки Қозии Шероз набишта буд, ки он чо мардум ба тамом ҳаст, солоре бояд аз даргоҳ, ки вайро номе

---

[1] тарч: шахсияти исом вайро ба сарварӣ расонид ва ба ӯ ҳамла кардану далерӣ намуданро омӯхт ва вайро подшоҳе бузург гардонид.
[2] тарч: гуфтори шоири дигар дар бораи изомии бехирад.
[3] тарч: ҳаргоҳ мард бо устухони мурдае зист кунад, пас он устухон зинда ва ӯ мурдааст. Мегӯйӣ, ки падарон барои ман хонае сохтанд, пас ман онро вайрон кардам ва насохтам. Ва касе, ки хонаи ӯ саройи баланду рафеъ бошад ва онро хароб кунад, вайро хонае набошад.
[4] тарч: ӯ ба худии худ бунёде устувор аст!
[5] истом, ситом – зеварест, ки хос ба асп тааллуқ дорад.
[6] ғошия – зинпӯш, чули асп, полон; чуноғ ё чаноғ – доманаи зин, зинпӯш.
[7] сиъоят бадгӯйӣ, суханчинӣ; батар (бо итқе) такаббур ва ифода кардан.
[8] тарч: ва Худованд дар гузоридани кори бандагон ёру мадагор аст!
[9] уҳбат – созу сомон, таҷҳизот ва силоҳи лашкар.

бошад. Ва Тилак пиёда шуд ва замин бӯса дод ва барнишаст ва асби солори ҳиндувон хостанд ва бирафт рӯзи сешанбе, нимаи ҷумодалухро[1].

Ва Амир намози дигари ин рӯз ба Кушки Давлат бозомад ба шаҳр. Ва дигар рӯз, ба Кушки Сапед рафт ва он ҷо нишот карду чавгон бохт ва шароб хӯрд се рӯз. Пас бо Боғи Маҳмудӣ омад ва бунаҳо он ҷо оварданд ва то нимаи рачаб[2] он ҷо буд. Ва аз он ҷо қасди қалъати Ғазнин кард ва сарҳанг Буалии Кутвол мизбон буд. Он ҷо омад рӯзи панҷшанбе, бисту савуми рачаб[3] ва чаҳор рӯз он ҷо муқом кард; як рӯз меҳмони сарҳанг кутвол ва дигар рӯз ҳашам меҳмони Амир буданд. Ва рӯзи дигар халват кард; гуфтанд, мисолҳо дод пӯшида дар боби хазоин, ки ҳаракат наздик буд ва шароб хӯрданд бо надимону мутрибон. Ва ғурраи шаъбонро[4] ба Кушки куҳани Маҳмудӣ бозомад ба шаҳр.

Ва рӯзи сешанбе, панҷуми шаъбон[5], Амир аз пагоҳӣ нишоти шароб кард, пас аз бор дар суффаи бор бо надимон. Ва ғуломе, ки ӯро Нӯштагини Навбатӣ гуфтандӣ, аз он ғуломон, ки Амир Маҳмуд оварда буд, бад-он вақт, ки бо Қадархон дидор кард, ғуломе чун сад ҳазор нигор, ки зеботар ва мақбулсураттар аз вай одамӣ надида буданд. Ва Амир Маҳмуд фармуда буд, то ӯро дар ҷумлаи ғуломони хоссатар бидошта буданд, ки кӯдак буд ва дар дил карда, ки ӯро ба рӯйи Аёз[6] бар кашад, ки зиёдат аз дидор, ҷилфӣ ва бадорамӣ[7] дошт, ки ба Пушанг гузашта шуд. Ва чун Маҳмуд фармон ёфт, фарзандаш Муҳаммад, Нӯштагинро баркашид бад-он вақт, ки ба Ғазнин омаду бар тахт нишаст ва вайро чошнӣ гирифтан[8] ва соқигарӣ кардан фармуд ва беаноза мол дод. Чун рӯзгори мулк ӯро ба сар омад, бародараш Султон Масъуд ин Нӯштагинро баркашид, то бад-он ҷойгоҳ, ки вилояти Гузгонон бад-ӯ дод ва ба ғуломе, ки хосс шудӣ, як ходим будӣ, бо вай ду ходим номзад шуд, ки ба навбат шабу рӯз бо у будандӣ. Ва-з ҳамаи корҳои ӯ Иқболи Ходими Зарриндаст андеша доштӣ, ки меҳтари сарой буд. Чунон уфтод аз қазо, ки Бунаъими надим, магар ба ҳадиси ин турк дил ба бод дода буд ва дар маҷлиси шароб сӯйи ӯ бисёр нигаристӣ ва ин подшоҳ он медида

---

[1] баробар бо 20 майи соли 1033-и милодӣ.
[2] баробар бо 16 июни соли 1033-и милодӣ.
[3] баробар бо 24 июни соли 1033-и милодӣ.
[4] баробар бо 2 июли соли 1033-и милодӣ.
[5] баробар бо 26 июли соли 1033-и милодӣ
[6] ғуломи маҳбуби Маҳмуд, ки дар бораи дилбастагиву робитаи Маҳмуд бо ӯ ҳикояту ашъор фаровон аст
[7] ҷилфӣ – дуруштӣ, дағалӣ, беадабӣ; бадорамӣ – нороҳатӣ;
[8] барои озмоиш чизеро чашидан

буд ва дил дар он баста. Ин рӯз чунон уфтод, ки Бунаъим шароби шабона дар сар дошт[1] ва Амир ҳамчунон. Дастае шаббӯй ва савсани озод[2] Нӯштагинро дод ва гуфт: «Бунаъимро деҳ». Нӯштагин онро ба Бунаъим дод. Бунаъим ангуштро бар дасти Нӯштагин фишурд. Нӯштагин гуфт: «Ин чӣ беадабист, ангушти ноҳифозӣ[3] бар дасти ғуломони султон фишурдан?» Ва Амир аз он сахт дар тоб шуд ва Эзид, азза зикруҳу, тавонист донист чигунагии он ҳол, ки хотири мулук ва хаёли эшонро кас ба ҷой наёрад овард. Бунаъимро гуфт: «Ба ғуломборагӣ[4] пеши мо омадаӣ?» Ҷавоби зафт[5] боздод ва сахт устох[6] буд, ки «Худованд аз ман чунин чизҳо кай дида буд? Агар аз банда сер шудааст, баҳонае тавон сохт ширинтар аз ин». Амир сахт дар хашм шуд, бифармуд, то пойи Бунаъим гирифтанду бикашиданд ва ба ҳучра боздоштанд ва Иқболро гуфт: «Ҳар чӣ ин саги ноҳифозро ҳаст сомиту нотиқ, ҳама ба Нӯштагин бахшидам». Ва касон рафтанду сарояш фурӯ гирифтанд ва ҳама неъматҳош мавқуф карданд ва Иқбол намози дигари ин рӯз ба девони мо омад бо Нӯштагин ва номаҳо ситаду маншуреву тавқеъе, то ҷумлаи асбобу зиёъи ӯро ба Систону ҷойҳои дигар фурӯ гиранд ва ба касони Нӯштагин супоранд. Ва Бунаъим муддате бас дароз дар ин сахат[7] бимонд, чунонки иртифоъи[8] он зиёъҳо ба Нӯштагин расид. Ва боде дар он миён ҷаст ва шафоъат карданд, то Амир хушнуд шуду фармуд, то вайро аз қалъа ба хона боз бурданд. Ва пас аз он бихондаш ва хилъат доду бинавохташ ва зиёъаш боздод ва даҳ ҳазор динор сила фармуд, то тақаммулу ғулому сутур созад, ки ҳама ситада буданд. Ва гоҳ аз гоҳе мешунудам, ки Амир дар шароб Бунаъимро гуфтӣ: «Сӯйи Нӯштагин нигарӣ?» Ва вай ҷавоб додӣ, ки «Аз он як нигаристан бас нек наёмадам, то дигар нигарам» ва Амир бихандидӣ ва з-ӯ каримтару раҳимтар, раҳматуллоҳу алайҳи, кас подшоҳ надида буду нахонда. Ва пас аз он, ин Нӯштагинро бо ду шуғл, ки дошт, давотдорӣ дод ва сахт ваҷеҳ гашт, чунонки чун лахте шамшод бо рухони гулнораш ошноӣ гирифту ёл баркашид[9], кораш

---

[1] яъне, асри шароби дишаб бар сараш буд.
[2] шаббӯй – гуле, ки шабона бӯяш зиёдтар шавад; савсани озод – савсани сафед.
[3] ноҳифозӣ – бешармӣ, беиффатӣ.
[4] ғуломбора ба касе гуфта мешуд, ки бо ғуломони мард амали шаҳвонӣ ва ғайриахлоқӣ намояд
[5] зафт – дурушт, дағал.
[6] густох
[7] сахат – хашм, нохушнудӣ
[8] иртифоъ – ҳосили зироат.
[9] яъне, бар сару рӯяш нишони мардӣ (мӯй) баромад.

ба солории лашкарҳо кашид, то мардумон байтҳои Собиро[1] хондан гирифтанд, ки гуфта буд бад-он вақт, ки Амири Ироқ Муъиззуддавла Тагини Ҷомадорро ба солории лашкар фиристод. Ва-л абёт:

Тифлу йариффу-л моу мин ва ҷанотиҳи ва йариққу удуҳу,
Ва йакоду мин шабаҳи-л ъазори фиҳи ан табду наҳудуҳу.
Ноту бимақъади хасриҳи сайфан ва минтақатун таудуҳу,
Ҷаълуҳу қоида ъаскарин, зоъа-р-раъилу ва ман йақудуҳу[2]

Ва пас бар Бунаъиму Нӯштагини навбатӣ корҳо гузашт, то онгоҳ, ки гузашта шуданд, чунонки гарму сарди рӯзгор бар сари одамӣ; ва оварда ояд ба ҷойи худ ва ин ҷо ин миқдор кифоят аст.

Рӯзи шанбе, шонздаҳуми шаъбон[3], Амир, разияллоҳу анҳу, ба шикори парра рафт. Ва пеш ба як ҳафта касон рафта буданд фароз овардани ҳашрро аз баҳри нахҷир рондан ва ронда буданд ва бисёр нахҷир омада ва шикор сахт некӯ бирафт. Ва Амир ба Боғи Маҳмудӣ бозомад ва даҳ рӯз монда аз шаъбон[4] соҳибдевони Хуросон Булфазли Сурии Муътаз аз Нишобур даррасид ва пеш омад ба хидмат ва ҳазор динори нишобурӣ ва иқде гавҳари сахт гаронмоя пеши Амир ниҳод ва Амир аз Боғи Маҳмудӣ ба кушки кӯҳани падар боз омад ба шаҳр рӯзи шанбе. Нахустрӯзи моҳи рамазон рӯза гирифтанд.

Ва савуми моҳи рамазон ҳадяҳо, ки соҳибдевони Хуросон сохта буд, пеш оварданд, понсад ҳимл[5] ҳадяҳо, ки Ҳасанакро дида будам, ки бар он ҷумла овард Амир Маҳмудро, он сол к-аз ҳаҷ боз омад ва зи Нишобур ба Балх расид. Ва чандон ҷомаву тароиф ва заринаву симина ва ғулому канизак ва мушку кофуру уннобу марворид ва маҳфурию қолию кеш[6] ва аснофи неъмат буд дар ин ҳадяи Сурӣ, ки Амир ва ҳамаи хозирон ба тааҷҷуб бимонданд, ки аз ҳама шаҳрҳои Хуросону Бағдод ва Раю Ҷиболу Гургону Табаристон нодиртари чизҳо ба даст оварда буд ва хӯрданиҳову шаробҳо дархури ин. Ва он чӣ зари нақд буд дар кисаҳои ҳарири сурху сабз ва сим дар кисаҳои

---

[1] доктор Халил Хатиби Раҳбар менависад, ки ин абёт ба Муҳаллабӣ мансубанд, на ба Собӣ.

[2] тарҷ: кӯдаке, ки оби ҷавонӣ аз рухсори ӯ медурахшад ва уд (шохаи қомат)-и ӯ нарму нозук аст ва наздик аст, ки аз ҳамонандӣ ба дӯшизагон дар ӯ пистонҳое баромада намудор шавад, шамшеру камаре бар бастангоҳи миёни вай овехтанд, ки ӯро гаронбор мекунад ва ӯро ба солории лашкаре гумоштанд, табоҳ шуд он, ки фармондеҳи гурӯҳ буд.

[3] баробар бо 17 июли соли 1033-и милодӣ.

[4] баробар бо 28 июли соли 1033-и милодӣ.

[5] бор; дар ин давра, бореро, ки меоварданд ба хазина чунин меномиданд.

[6] кофур – моддаи хушбӯй; унноб – меваи дарахте, ки сурхранг бошад; маҳфурӣ – навъе фарш; кеш – навъе ҷомаи каттонӣ.

зарди дидорӣ[1]. В-аз Бумансури Муставфӣ шунудам – ва ӯ он сиқаву амин буд, ки мӯй дар кори ӯ натавонистӣ хазид ва нафсе бузургу ройе равшан дошт, гуфт, Амир фармуд, то дар ниҳон ҳадяҳоро қимат карданд, чаҳор бор ҳазор ҳазор дирам омад. Амир маро, ки Бумансурам, гуфт: «Нек чокарест ин Сурӣ, агар моро ду се чокари дигар будӣ, бисёр фоида ҳосил шудӣ». Гуфтам: «Ҳамчунон аст». Ва заҳра надоштам, ки гуфтамӣ аз раъоёи Хуросон бояд пурсид, ки бад-эшон чанд ранҷ расонида бошад, ба шарифу вазеъ, то чунин ҳадя сохта омадааст ва фардо рӯз пайдо ояд, ки оқибат ин кор чигуна шавад.

Ва рост ҳамчунон буд, ки Бумансур гуфт, ки Сурӣ марде мутаҳаввиру[2] золим буд, чун дасти ӯро гушода карданд бар Хуросон, аъёну руасоро барканд ва молҳои беандоза ситад ва осеби ситами ӯ ба зуъафо расид ва аз он чӣ ситад аз даҳ дирам панҷ султонро дод ва он аъён мустаъсал[3] шуданд ва номаҳо набиштанд ба Моваруннаҳр ва расулон фиристоданду ба аъёни туркон бинолиданд, то эшон иғро карданд туркмононро. Ва зуъафо низ ба Эзид, азза зикруҳу, ҳоли хеш бардоштанд ва мунҳиёнро заҳра набуд, ки ҳоли Суриро ба ростӣ инҳо кардандӣ ва Амир, разияллоҳу анҳу, сухани кас бар вай намешунуд ва бад-он ҳадяҳои ба ифроти вай менигарист, то Хуросон ба ҳақиқат дар сари зулму дароздастии вай бишуд. Чун он шикаст рӯй дод, Сурӣ бо мо ба Ғазнин омад ва ба рӯзгори мулки Мавдудӣ соҳибдевони ҳазрати Ғазнинро пеш гирифт ва хост, ки ҳамон дороти хуросонӣ биравад ва бинарафту дасти вай кӯтоҳ карданд ва охир кори ин мард он омад, ки бар қалъаи Ғазнин гузашта шуд, чунонки оварда ояд ба ҷойи хеш. Худойи азза ва ҷалла бар вай раҳмат кунод, ки кораш бо ҳокиме адилу раҳим уфтодааст, магар сар ба сар биҷаҳад, ки бо ситамкорӣ марде некӯсадақаву намоз буд ва осорҳои хуш вайро ба Тус ҳаст. Аз он ҷумла, он ки Машҳади Алӣ ибни Мусо ар-Ризо[4] алайҳиссалом, ки Бубакри Шаҳмард кадхудойи Фоиқ – ходими хосса[5] ободон карда буд, Сурӣ дар он зиёдатҳои бисёр фармуда буд ва манорае кард ва деҳе харид фохиру бар он вақф кард. Ва ба Нишобур мусаллоро чунон кард, ки ба ҳеч рӯзгор кас накарда буд аз умаро ва он асар барҷой аст. Ва дар

---

[1] дидорӣ – диданӣ, қобили тамошо.

[2] мутаҳаввир – нотарс, бебок, диловар.

[3] мустаъсал бенаво, бечора; аз бех барканда, решаканшуда.

[4] Алӣ ибни Мусо ар-Ризо (Имом Ризо) - имоми ҳаштуми шиъа, ки турбаташ дар Санободи Тӯс воқеъ буда, ба ифтихори ин мазор номи Машҳадро гирифт ва ҳамакнун зиёратгоҳ аст.

[5] Бубакри Шаҳмард кадхудо (вазир)-и Фоиқ; Фоиқ Амири Хуросон дар рӯзгори Сомониён, ки лақаби «ходими хосса» дошт.

миёни маҳаллати Балқободу Ҳира[1] рӯдест хурд ва ба вақти баҳор он ҷо сели бисёр омадӣ ва мусалмононро аз он ранҷи бисёр будӣ, мисол дод, то бо сангу хишти пухта рехта карданд ва он ранҷ дур шуд ва бар ин ду чиз вақфҳо кард, то мадрус нашавад. Ва ба работи Фарова ва Нисо низ чизҳое боном фармуд ва барҷой аст ва ин ҳама ҳаст, аммо эътиқоди ман ҳама он аст, ки бисёре аз ин, баробари ситаме, ки бар заъифе кунанд, нестанд. Ва сахт некӯ гуфтааст шоир. Шеър:

Касориқати-р-румони ман карми ҷориҳо,
Таъуду биҳа-л марзо ва татмаъу фил фазли[2].

Нони ҳамсоягон дуздидану ба ҳамсоягон додан дар шаръ нест ва бас музде набошад. Ва надонам, то ин навхостагон дар ин дунё чӣ бинанд, ки фаро хезанду муште ҳутом гирд кунанд ва аз баҳри он хун резанду мунозаъат кунанд ва он гоҳ онро осон фурӯ гузоранду бо ҳасрат бираванд. Эзид, азза зикруҳу, бедорӣ каромат кунод, биминниҳи ва карамиҳи[3].

Ва Булфазли Ҷумаҳӣ ба охири рӯзгори Сурӣ ба Нишобур рафт ба соҳиббаридӣ ба фармони Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу; ва ҳоли ин фозил дар ин таърих чанд ҷой биёмадааст ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад ӯро сахт некӯву гиромӣ доштӣ ва мисол дод ӯро пӯшида, то инҳо кунад бемуҳобо, он чӣ аз Сурӣ равад ва мекардӣ ва Сурӣ дар хуни ӯ шуд[4] ва набиштаҳои ӯ асар кард бар дили Амир ва фарохтар сӯйи ин вазир набиштӣ. Вақте байте чанд фиристода буд сӯйи вазир, онро дидам ва ин ду се байт, ки аз он ёд доштам, набиштам ва Хоҷа ҳилат кард, то Амир ин бишнид, ки сӯйи Амир набишта буд ва сухан коргар омад. Ин аст, шеър:

Амиро ба сӯйи Хуросон нигар,
Ки Сурӣ ҳаме банду соз оварад!
Агар дасти шумаш бимонад дароз,
Ба пеши ту коре дароз оварад!
Ҳар он кор к-онро ба Сурӣ диҳӣ,
Чу чӯпони бад, доғ боз оварад!

Ва охир он омад, ки мухолифон биёмаданду Хуросон бигирифтанд, чунонки бар асар шарҳ карда ояд.

Ва аз ин ҳадис маро ҳикояте сахт нодиру бофоида ёд омадааст, воҷиб доштам набиштани он, ки дар ҷаҳон монандаи ин, ки Сурӣ кард, бисёр будааст, то хонандагонро фоида ҳосил шавад, ҳарчанд сухан дароз гардад.

---

[1] Балқободу Ҳира – номи маҳаллаҳое дар Нишобури қадим.

[2] тарҷ: монанди зане, ки анор аз боғи ҳамсоя медуздаду бо он ба аёдати бемор меравад ва умед дорад, ки ба ӯ савоб дода мешавад.

[3] ба неъматбахши ва карами Худ.

[4] хост ӯро бикушад.

Ҳикоя

Дар ахбори хулафо хондаам, ки чун кори Оли Бармак боло гирифт ва амирулмуъминин Ҳорунуррашид, Яҳё ибни Холид ал-Бармакиро, ки вазир буд, падар хонд ва ду писари ӯро Фазл ва Ҷаъфар, баркашид ва ба дараҷаҳои бузург расонид. Чунонки маъруф аст ва дар кутуб мусаббат, марде алавӣ[1] хуруҷ карду Гургону Табаристон бигирифт ва ҷумла кӯҳи Гелон ва кораш сахт қавӣ шуд. Ҳорун беқарору ором гашт, ки дар кутуб хонда буд, ки нахуст халал, ки ояд дар кори хилофати Аббосиён он аст, ки ба замини Табаристон ноҷиме[2] пайдо ояд аз Алавиён. Пас Яҳё ибни Холид ал-Бармакиро бихонду холӣ кард ва гуфт: «Чунин ҳоле пайдо омад ва ин шуғл на аз он аст, ки ба солоре рост шавад; ё маро бояд рафт ё туро, ё писаре аз они ту Фазл ё Ҷаъфар».

Яҳё гуфт: «Раво нест ба ҳеч ҳол, ки амирулмуъминин ба ҳар ноҷиме, ки пайдо ояд, ҳаракат кунад ва ман пеши худованд бипоям, то тадбири марду мол мекунам ва бандазодагон Фазлу Ҷаъфар пеши фармони олиянд, чӣ фармояд?» Гуфт: «Фазлро бибояд рафт». Ва вилояти Хуросону Рай ва Ҷиболу Хоразму Систону Моваруннаҳр вайро дод, то ба Рай бинишинаду ноибон фиристад ба шаҳрҳо ва шуғли ин ноҷим пеш гираду кифоят кунад, ба ҷанг ё ба сулҳ боз орад. Ва шуғли вай ва лашкари вай рост бояд кард, чунонки фардо хилъат бипӯшад ва пасфардо биравад ва ба Наҳравон[3] муқом кунад, то лашкарҳову мадад ва олат батамомӣ бад-ӯ расад. Яҳё гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва бозгашту ҳар чӣ бояст, бисохт ва пӯшида Фазлро гуфт: «Ай писар, бузург корест, ки халифа туро фармуд ва дараҷаи тамом, ки туро арзонӣ дошт ин ҷаҳонӣ, валекин онҷаҳонӣ бо уқубати қавӣ, ки фарзандеро аз они Пайғамбар алайҳиссалом бармебояд андохт. Ва ҷуз фармонбурдорӣ рӯй нест, ки душманони бисёр дорем ва муттаҳам ба алавиёнем[4], то аз чашми ин худованд наюфтем». Фазл гуфт: «Дил машғул мадор, ки ман даристам ва агар ҷонам бишавад, то ин кор ба сулҳ рост шавад».

Дигар рӯз Яҳё ва Фазл пеш омаданд, Ҳорунуррашид найзаву рояти[5] Хуросон бибаст ба номи Фазл ва бо маншур бад-ӯ доданд ва

---

[1] Алавӣ – мансуб ба Алӣ, касе, ки аз авлоди халифа Алӣ бошад. Ин ҷо мурод Яҳё бародари Нафси Закия аст, ки соли 792 дар Гелон бо даъвои хилофат бар зидди Аббосиён шӯриш кард. Ҳорунуррашид барои фурӯ нишондани ин шӯриш Фазл ибни Яҳёи Бармакиро фиристод. Муфассалниг. ба «Таърихи Табарӣ».

[2] ноҷим – тулуъкунанда, осӣ, тоғӣ; хоричӣ.

[3] Наҳравон – шаҳраке дар ҳудуди Ироқ, наздикии Бағдод.

[4] Бармакиёнро атрофиён, душманон ва ҳатто халифа Ҳорун ба гаравиш ба Алавиён муттаҳам мекарданд.

[5] дирафш, парчам.

хилъат бипӯшиду бозгашт бо кавкабае сахт бузург ва ба хона бозомад. Ҳамаи бузургони даргоҳ ба наздики вай рафтанд ва вайро хидмат карданд. Дигар рӯз бирафт ва ба Наҳравон омад ва се рӯз он ҷо муқом кард, то панҷоҳ ҳазор савор ва солорону муқаддамон наздики вай рафтанд. Пас даркашиду ба Рай омад ва он ҷо фуруд омаду муқаддамаро бо бист ҳазор савор ба роҳи Данбованд[1] ба Табаристон фиристод ва лашкарҳо бо дигар пешравон ба Хуросон дарпароганд. Ва пас расулон фиристод ба Яҳё Алавӣ ва талаттуфҳо[2] кард, то ба сулҳ иҷобат кард, бад-он шарт, ки Ҳорун ӯро аҳдномае фиристад ба хатти хеш бар он нусхат, ки кунад. Ва Фазл ҳол боз намуд ва Ҳорунаррашид иҷобат кард ва сахт шод шуд, то Яҳё нусхате фиристод, бо расул аз сиқоти[3] хеш ва Ҳорун онро ба хатти хеш набишт ва қузоту адулро[4] гувоҳ гирифт. Пас аз он ки савгандонро ба забон бironда буд ва Яҳё бад-он ором гирифт ва наздики Фазл омад ва бисёр каромат дид ва ба Бағдод рафт ва Ҳорун вайро бинавохту бисёр мол бахшид. Ва Фазл ба Хуросон рафт ва ду сол бибуд ва моле сахт ба зоирону шоирон бахшид ва пас истеъфо хост ва биёфт ва ба Бағдод боз омад ва Ҳорун ба ростои вай он некуӣ фармуд, к-аз ҳад бигузашт.

Ҳоли он Алавӣ боз намудан, ки чун шуд, дароз аст, ғарази ман чизе дигар аст, на ҳоли он Алавӣ баён кардан. Фазл, Рашидро ҳадяе оварда ба расм[5]. Пас аз он ихтиёр чунон кард, ки ба Хуросон амире фиристад ва ихтиёраш бар Алӣ ибни Исо ибни Моҳон уфтод ва бо Яҳё бигуфту раъй хост, Яҳё гуфт: «Алӣ марде ҷаббору ситамкор аст ва фармон худовандрост». Ва халал ба ҳоли Оли Бармак роҳ ёфта буд. Рашид бар муғоязаи[6] Яҳё, Алии Исоро ба Хуросон фиристод ва Алӣ даст баргушоду мол бар ифрот барситадан гирифт ва касро заҳра набуд, ки боз намудӣ. Ва мунҳиён сӯйи Яҳё менабиштанд, ӯ фурсате нигоҳ дошт ва ҳилате сохтӣ, то чизе аз он ба гӯши Рашид расонидӣ ва мазлуме пеш кардӣ, то ногоҳ дар роҳ пеши халифа омадӣ ва албатта суд намедошт, то кор бад-он манзалат расид, ки Рашид савганд хӯрд, ки ҳар кас, ки аз Алӣ тазаллум кунад, он касро наздики вай фиристад ва Яҳё ва ҳамаи мардумон хомӯш шуданд.

Алӣ Хуросону Мовароуннаҳр ва Раю Ҷиболу Гургону Табаристон ва Кирмону Сипоҳону Хоразм ва Нимрӯзу Систон биканду бисӯхт ва он ситад к-аз ҳадду шумор бигзашт. Пас аз он мол ҳадяе

---

[1] кӯҳи Дамованд.
[2] меҳрубонӣ.
[3] афроди мавриди эътимоди худ.
[4] адул - ҷамъи одил.
[5] тибқи суннат.
[6] муғояза – ба хашм овардан.

сохт Рашидро, ки пеш аз вай кас насохта буд ва на пас аз вай бисохтанд ва он ҳадя наздики Бағдод расид ва нусхати он бар Рашид арза карданд, сахт шод шуд ва ба тааҷҷуб бимонд. Ва Фазли Рабеъ[1], ки ҳоҷиби бузург буд, миён баста буд таассуби[2] Оли Бармакро ва поймардии[3] Алии Исо мекард. Рашид, Фазлро гуфт: «Чӣ бояд кард дар боби ҳадяе, ки аз Хуросон расидааст?» Гуфт: «Худовандро бар манзар[4] бояд нишаст ва Яҳёву писаронаш ва дигар бандагонро бинишонд ва биистонид, то ҳадя пеш оранд ва дилҳои Оли Бармак битаракад[5] ва муқаррар гардад хоссу омро, ки эшон чӣ хиёнат кардаанд, ки Фазл ибни Яҳё, ҳадя он миқдор оварда аз Хуросон, ки омиле аз як шаҳр беш аз он орад ва Алӣ чандин фиристад. Ин ишорат Рашидро сахт хуш омад, ки дил гарон карда буд бар Оли Бармак ва давлати эшон ба поён хост омад.

Дигар рӯз бар хазрои майдон омаду бинишаст ва Яҳёву ду писаронашро бинишонд ва Фазли Рабеъ ва қавми дигар ва гурӯҳе биистоданд. Ва он ҳадяҳоро ба майдон оварданд: ҳазор ғуломи турк буд, ба дасти ҳар яке ду ҷомаи мулавван[6] аз шуштарию сипоҳонӣ[7] ва сақлотуну мулҳами дебоҷӣ[8] ва дебои туркию дидорӣ ва дигар аҷнос[9]. Ғуломон биистоданд бо ин ҷомаҳо ва бар асари эшон ҳазор канизаки турк омад, ба дасти ҳар яке ҷоми заррин ё симини пур аз мушку кофуру анбар ва аснофи[10] атру тароифи шаҳрҳо ва сад ғуломи ҳиндуву сад канизаки ҳинду ва бағоят некурӯ ва шорҳои қиматии пӯшида; ва ғуломон теғҳои ҳиндӣ доштанд ҳар чӣ хиёратар ва канизакон шорҳои борик дар сафатҳои[11] некутар аз қасаб. Ва бо эшон панҷ пили нар оварданду ду мода, нарон бо баргустувонҳои дебо ва ойинаҳои заррину симин[12] ва модагон бо маҳдҳои зар, камарҳо ва сохтҳои мурассаъ ба ҷавоҳири бадахшӣ ва пирӯза ва асбони гелӣ[13]. Ва дувист асби хуросонӣ бо ҷулҳои дебо ва бист уқобу бист шоҳин. Ва ҳазор уштур оварданд, дувист бополон

---

[1] Фазл ибни Рабеъ душмани ашаддии Бармакиён, ки дар қатли онҳо саҳм дошт ва пас аз барафтодани Бармакиён ба вазорат расид.
[2] душманӣ ва кинаварзӣ.
[3] дастёрӣ, ёрӣ, миёнҷигӣ, шафоъат.
[4] дидгоҳ, назаргоҳ (исми макон).
[5] битаракад, аз таракидан, ки дар тоҷикӣ ба шакли таркидан маъмул аст.
[6] рангоранг.
[7] исфаҳонӣ.
[8] дебоҷӣ муарраби дебог ё дебо, ба маънои абрешимӣ.
[9] ҷинсҳо.
[10] намудҳои.
[11] сабадҳои.
[12] таблҳои заррин, ки одатан бар болои филҳо мегузоштанду менавохтанд.
[13] гелонӣ.

ва афсорҳои абрешимин, дебоҳо даркашида дар полон, дигар асбоб ва ҷуволи сахт ороста ва сесад уштур аз он бо маҳмилу маҳд, бист бо маҳдҳои базар ва понсад ҳазору сесад пора булур аз ҳар дасте ва сад ҷуфт гов ва бист иқд гавҳари сахт қиматӣ ва сесад ҳазор марворид ва дувист адад чинии фағфурӣ[1] аз саҳну коса ва ғайра, ки ҳар як аз он дар саркори[2] ҳеч подшоҳе надида буданд ва ду ҳазор чинии дигар аз лангарӣ[3] ва косаҳои калон ва хумраҳои чинии калону хурд ва анвоъи дигар. Ва сесад шодурвон[4] ва дувист хона қолӣ ва дувист хона маҳфурӣ.

Чун ин аснофу неъмат ба маҷлиси хилофат ба майдон расид, такбире аз лашкар баромад ва духулу буқ бизаданд, онҷунонки кас монанди он ёд надошт ва нахонда буду нашнуда. Ҳорунуррашид рӯй сӯйи Яҳёи Бармакӣ карду гуфт: «Ин чизҳо куҷо буд, дар рӯзгори писарат Фазл?» Яҳё гуфт: «Зиндагонии амирулмуъминин дароз бод, ин чизҳо дар рӯзгори иморати писарам дар хонаҳои худовандони ин чизҳо буд, ба шаҳрҳои Ироқу Хуросон!» Ҳорунуррашид аз ин ҷавоб сахт тира шуд, чунонки он ҳадя бар вай мунағғас[5] шуд ва рӯй турш карду бархост аз он хазро ва бирафт; ва он чизҳо аз маҷлис ба майдон бибурданд ба хизонаҳову саройҳову сутургоҳу сорбонон расониданд ва халифа сахт дижам[6] бинишаст аз он сухани Яҳё, ки Ҳорунаррашид оқил буд ғаври[7] он донист, ки чӣ буд.

Ва Яҳё чун ба хона бозомад, Фазлу Ҷаъфари писаронаш гуфтанд, ки мо бандагонем ва нарасад моро, ки бар сухан ва раъйи падар эътироз кунем, мо сахт битарсидем аз он сухани бемуҳобо[8], ки халифаро гуфтӣ; бояст, ки андар он гуфтор нармию андеша будӣ. Яҳё гуфт: «Ай фарзандон, мо аз шудагонему[9] кори мо ба охир омадааст ва сабаби меҳнат баъди қазоуллоҳ шумоед. То барҷоям, сухани ҳаққ ночор бигӯям ва ба тамаллуқу зарқ[10] машғул нашавам, ки ба ифтиъолу шаъбада[11], қазои омада боз нагардад, ки гуфтаанд

---

[1] шоҳони Чинро дар кишварҳои исломӣ фағфур меномиданд; яъне колои боарзиши чинӣ (шоҳӣ).
[2] дастгоҳи.
[3] лангарӣ – зарфи бузурге, ки дар он палав кунанд.
[4] шодурвон – фарши нақшдор ва пардаву соябон.
[5] муғаннас – ногуворгардонида.
[6] ғамгин
[7] ғавр – жарфо, умқ.
[8] бемуҳобо – бепарво ва бидуни фурӯгузошт.
[9] шудагон – яъне, мурдагон, рафтагон.
[10] зарқ – риёву фиреб.
[11] ифтиъол – дурӯғ бофтану риё кардан; шаъбада ё шуъбада - бар вазни ваҷраҳа; ба маънии бозӣ, ки бо сеҳру фан кунанд.

изан-таҳати-л муддату кона-л ҳатфу фи-л ҳилати[1]. Он чӣ ман гуфтам, имшаб дар сари ин ҷаббор бигардад ва ночор фардо дар ин боб сухан гӯяд ва раъй хоҳад равшан, ба шумо расонам он чӣ гуфта ояд. Бозгардеду дил машғул мадоред». Эшон бозгаштанд сахт ғамнок, ки ҷавонони корнодидагон буданд ва ин пири муҷарраб[2] ҷаҳондида буд, таъоми хуш бихӯрд бо надимон; пас фуруди сарой рафту холӣ кард ва рӯду канизаку шароб хост ва даст ба шароб хӯрдан кард. Ва китобе буд, ки онро «Латоифу-л-ҳияли куфот»[3] ном буд, бихост ва хушк-хушк май мехӯрду нармак-нармак самоъеву[4] захмаеву[5] гуфторе мешунид ва китоб мехонд, то боқии рӯз ва нимае аз шаб бигузашт. Пас бо хештан гуфт «ба даст овардам!» Ва бихуфт ва пагоҳ бархосту ба хидмат рафт.

Чун бор бигусаст, Ҳорунаррашид бо Яҳё холӣ карду гуфт: «Ай падар, чунон сухани дурушт дӣ[6] дар рӯйи ман бигуфтӣ, чӣ ҷойи чунон ҳадис буд?» Яҳё гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, сухани росту ҳаққ дурушт бошад ва буд дар рӯзгори пешин аз ин, ки сутуда меомад, акнун дигар шудааст ва чунин аст кори дунёи фиребанда, ки ҳолҳо бар яксон нагузорад ва ҳарчанд ҳосидон раъйи худованд дар бораи ман бигардониданд ва осори танаккуру[7] тағайюр мебинам, ночор то дар миёни корам, албатта насиҳат боз нагирам ва куфорони неъмат наварзам». Ҳорун гуфт: «Ай падар, сухан бар ин ҷумла магӯй ва дил бад макун, ки ҳоли туву фарзандони ту ҳамон аст, ки буд ва насиҳат боз магир, ки дурусту нодуруст ҳама моро хуш асту писандида ва он ҳадис, ки дӣ гуфтӣ, азим бар дили мо асар кардааст, бояд ки шарҳи тамом диҳӣ, то муқаррар шавад!»

Яҳё бар пой хосту замин буса дод ва бинишасту гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, тафсили сухани дина баъзе имрӯз тавонам намуд ва бештар фардо намуда шавад ба шарҳтар». Гуфт: «Нек омад». Яҳё гуфт: «Худованд дасти Алиро гушода кардааст, то ҳарчӣ хоҳад мекунад ва мунҳиёнро заҳра нест, ки он чӣ равад боз намоянд, ки ду танро, ки мани банда пӯшида гумошта будам, бикушт ва раъоёи Хуросонро ночиз кард ва ақвиёву[8] муҳташамонро барканд ва зиёъу амлок биситад ва лашкари худовандро дарвеш

---

[1] тарҷ: чун замони одамӣ ба сар ояд, марги ӯ дар чорачӯияш хоҳад буд.
[2] муҷарраб – ботаҷриба, корозмуда.
[3] тарҷ: Ҳилаҳои латифи коргузорони кордон.
[4] самоъ – овози хуш.
[5] захма – оҳанг.
[6] дӣ – дирӯз.
[7] танаккур – аз ҳол бигардидан ва дигаргун шудан.
[8] ақвиё – ҷамъи қавӣ; тавонгарон.

кард. Ва Хуросон сағре бузург аст ва душмане чун турк наздик, бад-ин ҳадя, ки фиристод, набояд нигарист, ки аз даҳ дирам, ки биситадааст, ду ё се фиристодааст ва бад-он бояд нигарист, ки соат то соат халале афтад, ки онро дарнатавон ёфт, ки мардумони Хуросон чун аз худованд навмед шаванд, даст ба Эзид, азза зикруҳу, зананд ва фитнаи бузург ба пой кунанду аз туркон мадад хоҳанд ва битарсам, ки кор бад-он расад, ки худовандро ба тани хеш бояд рафт, то онро дартавонад ёфт. Ва ба ҳар дираме, ки Алии Исо фиристод, панҷоҳ дирам нафақот бояд кард ё зиёда, то он фитна бинишинад. Банда он чӣ донист бигуфт ва аз гардани хеш берун кард ва фармон худовандро бошад ва намудорӣ[1] ва далеле равшантар фардо бинамоям». Ҳорунуррашид гуфт: «Ҳамчунин аст, ки ту гуфтӣ, ай падар, ҷазокаллоҳу хайран[2], он чӣ ҳоҷат аст дар ин карда ояд. Бозгард ва он чӣ гуфтӣ, бинамой». Қавидил бозгашт ва он чӣ рафта буд бо фарзандон – Фазлу Ҷаъфар бигуфт. Эшон шод шуданд.

Ва Яҳё кас фиристод ва даҳ тан аз гавҳарфурӯшони Бағдодро бихонд, ки тавонгартар буданд ва гуфт: «Халифаро ба сӣ бор ҳазор ҳазор[3] дирам ҷавоҳир мебояд ҳар чӣ нодиртару қиматитар». Гуфтанд: «Сахт нек омад, ба давлати худованд ва адли вай агар касе ба сӣ бор ҳазор-ҳазор динор ҷавоҳир хоҳад, дар Бағдод ҳаст ва мо даҳ тан ин чӣ мехоҳад дорем ва низ ба зиёдати бисёр». Яҳё гуфт: «Боракаллоҳу фӣ кум[4], бозгардед ва фардо бо ҷавоҳир ба даргоҳ оед, то шуморо пеши халифа оранд, то он чӣ раъйи олӣ воҷиб кунад, карда ояд». Гавҳарфурӯшон бозгаштанд ва дигар рӯз бо сафатҳои ҷавоҳир ба даргоҳ омаданд ва Яҳё халват хост бо Ҳорунуррашид. Карда омад ва эшонро пеш оварданд бо ҷавоҳир ва арза карданд ва халифа биписандид ва Яҳё эшонро хатте[5] бидод ба бисту ҳафт бор ҳазор-ҳазор дирам ва Ҳорунуррашид онро тавқеъ карду гуфт: «Бозгардед, то раъй чӣ воҷиб кунад дар ин ва фардо наздики Яҳё оед, то он чӣ фармуда бошем, тамом кунад». Гавҳарфурӯшон бозгаштанд ва сафатҳоро қуфлу муҳр карданду ба хизона монданд. Ҳорунуррашид гуфт: «Ин чист, ки кардӣ ай падар?» Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҷавоҳир нигоҳ дор, то фардо хат биситонаму пора кунам ва худовандони гавҳар заҳра надоранд, ки сухан гӯянд ва агар ба тазаллум пеши худованд оянд, ҳавола ба ман бояд кард, то ҷавоб диҳам». Ҳорун гуфт: «Мо ин тавонем кард,

[1] намудорӣ – нишону аломат ва шоҳиду бурҳон.
[2] тарҷ: Худованд ба ту подоши нек диҳад!
[3] сӣ миллион.
[4] тарҷ: Худованд ба шумо баракат диҳад!
[5] санад, расид.

аммо пеши Эзид, азза зикруҳу, дар арасоти Қиёмат чӣ ҳуҷҷат орем ва раъоёву ғурабо аз ин шаҳр бигрезанд ва зиштном шавем дар ҳамаи ҷаҳон». Яҳё гуфт: «Пас ҳоли Алии Исо бар ин ҷумла аст дар Хуросон, ки бинамудам. Ва чун худованд раво намедорад, ки даҳ тан аз вай тазаллум кунанд ва ба дард бошанд, чиро раво дорад, ки сад ҳазор ҳазор мусалмон аз як волии вай ғамнок бошанд ва дуъои бад кунанд?» Ҳорун гуфт: «Аҳсант ай падар, неку пайдо кардӣ. Сафатҳо ба хона бар ва ба худовандони ҷавоҳир боз деҳ ва ман донам, ки дар боби ин золим – Алии Исо чӣ бояд кард». Ва Яҳё бозгашт ва дигар рӯз гавҳарфурӯшон биёмаданд ва сафатҳо фармуд то ба эшон боздоданд ба қуфлу муҳр ва байъ иқолат[1] карданд ва хат бозситаданд ва гуфт: «Ин мол гушода нест, чун аз Мисру Шом ҳимл даррасад, он гоҳ ин ҷавоҳир харида ояд. Эшон дуъо карданд ва бозгаштанд».

Ва ин ҳадис дар дили Рашид бимонд ва боз меандешид, то Алиро чун барандозад. Ва давлати Оли Бармак ба поён омада буд, эшонро фуруд бурд, чунонки сахт маъруф аст. Ва Рофеъи Лайси Насри Сайёр[2], ки аз дасти Алии Исо амир буд, ба Мовароуннаҳр осӣ шуд ва бисёр мумаккинон[3] аз Марв сӯйи вай рафтанд ва бо вай низ лашкари бисёр буд ва аз Мовароуннаҳр низ бо вай бисёр гирд омад ва сӯйи вай рафтанду ҳамаи Хуросон пурфитна гашт. Ва чанд лашкарро аз они Алии Исо, ки бифиристод, бишкаст, то кор бад-он манзалат расид, ки аз Ҳорун мадад хост. Ҳорун Ҳарсамаи Аъянро бо лашкари бузург ба мадади Исо фиристод ва бо вай пӯшида биниҳоду ба хатти худ маншуре додаш ба вилоят, то Алиро бигирад ногоҳ ва банд кунад ва инсофи раъоёи Хуросон аз вай ситонаду он гоҳ вайро ба Бағдод фиристад ва кори Рофеъро пеш гирад, то ба ҷангу сулҳ кифоят карда ояд. Ва Ҳарсама бирафту Алиро ба муғофаса ба Марв фурӯ гирифт ва ҳар чӣ дошт биситад, сипас баста, ба ходиме аз они Рашид ба Бағдод фиристод ва Хуросонро забтгунае кард. Ва ҳар рӯз кори Рофеъ қавитар мебуд ва Ҳарсама оҷиз шуд аз кори вай, то ҳоҷат омад Рашидро, ки мояи умр ба охир расида ва он тан дармонда ба тани хеш ҳаракат бояд кард, бо лашкари бисёр ва Маъмун писараш бар муқаддамаи вай. Дар ин роҳ ба чанд каррат гуфт: «Дареғи Оли Бармак! Сухани Яҳё маро имрӯз

[1] иқола – байъро фасх кардан ё барандохтани байъ (хариду фурӯш).

[2] Рофеъ ибни Лайс, ки насабаш ба Насри Сайёр охирин Амири Хуросон дар замони Умавиён мерасид. Ӯ дар Мовароуннаҳр, ки дар он замон ҷузви иморати Хурсон буд солҳои 806-807 шӯриш кард ва саросари Мовароуннаҳрро ишғол кард ва муддате Хуросонро ноором сохт.

[3] қудратмандон.

ёд меояд, ма-ставзара-л хулафоу мислу Яҳё[1]». Ва охири кораш он омад, ки Маъмун то Марв бирафт ва он ҷо муқом кард ва лашкарро бо Ҳарсама ба Самарқанд фиристод ва Ҳорунаррашид чун ба Тус расид, он ҷо гузашта шуд.

Ва ин ҳикоят ба поён омад ва чунин ҳикоёт аз он орам, ҳарчанд дар тасниф сухан дароз мешавад, ки аз ин ҳикоёт фоидаҳо ҳосил шавад, то дониста ояд. Вассалом[2].

Ва рӯзи якшанбе, даҳуми моҳи Рамазон санаи хамса ва ишрина ва арбаъа миа[3] сайёҳе расид аз Хоразм ва мулаттафае хурд оварда ва дар миёни руква[4] духта аз они соҳиббариди он ҷо миқдори панҷ сатр ҳаволат ба саёҳ карда, ки аз вай боз бояд пурсид аҳволро. Саёҳ гуфт: «Соҳиббарид мегӯяд, ки кори ман, ки боз намудани аҳвол аст, ҷонбозӣ шудааст ва Абдулҷаббор, писари вазир[5] рӯй пинҳон кард, ки бими ҷон буд, меҷӯянд ӯрову намеёбанд, ки ҷойе устувор дорад ва Ҳорун ҷабборе шудааст ва лашкар месозаду ғулому асби бисёр зиёдат бихарид ва қасди Марв дорад. Ва касони Хоҷаи Бузургро ҳама гирифтанду мусодара карданд, аммо ҳанӯз хутба ба ҳоли хеш аст, ки исён ошкоро накардааст ва мегӯяд, ки: «Абдулҷаббор аз сояи хеш мебитарсад ва аз дароздастии хеш бигрехтааст». Ва ман, ки соҳиббаридам, ба ҷойи хеш бидоштаанд ва хидмати эшон мекунам ва ҳар чӣ боз менависам ба муроди эшон аст, то дониста ояд. Ва Бойтагини Ҳоҷибу Ойтагини Шаробдору Қалбоқ ва ҳиндувон ва бештари муқаддамони маҳмудӣ инро сахт кориҳанд[6], аммо ба дасти эшон чист, ки бо хайлҳо[7] бар наёянд ва тадбир бояд сохт, агар ин вилоят ба кор аст, ки ҳар рӯз шарраш зиёдат аст, то дониста ояд. Вассалом».

Амир Масъуд чун бар ин ҳол воқиф гашт, машғулдил шуду холӣ кард бо Бунасри Мушкон ва бисёр сухан рафт ва бар он қарор доданд, ки сайёҳро боз гардонида ояд ва ба муқаддамон нома набишта шавад, то Ҳорунро насиҳат кунанду фуруд орандӣ[8], то

---

[1] тарҷ: вазорат накард касе хулафоро мисли Яҳё (Бармакӣ).

[2] профессор А.К.Арендс дар тарҷумаи русии асари Байҳақӣ менависад, ки пас аз ин ҳикоя воқеъаҳои як сол баён карда намешаванд. Яъне, як навъ буридагӣ дар баёни ҳаводис дида мешавад. Шояд қисмате аз ҳаводисро котибон бо дастури афроде аз ҳукуматдорон ҳазф карда бошанд.

[3] тарҷ: соли 425, ки баробар аст бо 29 июли соли 1034-и милодӣ.

[4] руква (бар вазни ғурфа) – кӯзаи оби сафарӣ, ки дорои порчаи намадӣ буда, номаҳоро он ҷо пинҳон мекарданд.

[5] манзур вазир Аҳмаи Абдуссамад аст.

[6] кориҳ – кароҳатдоранда, нохушнуд; манзур ин аст, ки афроди зикршуда аз ин кори Ҳорун норозиянд.

[7] манзур аз хайл лашкар ё гурӯҳи хоссе аз лашкар аст.

[8] яъне, аз саркашӣ боз доранд.

фасоде напайвандад, то чандон ки рояти олӣ ба Хуросон расад, тадбири ин шуғл сохта шавад. Ва қарор доданд, то Амир азиматро бар он ки сӯйи Буст ҳаракат карда ояд, то аз он ҷо ба Ҳирот рафта шавад, дуруст кард. Ва нома фармуд ба Хоҷа Аҳмади Абдуссамад дар ин маъонӣ, то вай дар ин муҳим чӣ бинад ва он чӣ воҷиб аст, бисозад ва аз хештан бинависад. Ва Бунаср холӣ бинишасту мулаттафаҳо ба Хоразм набишта омад сахт хурд ва Амир ҳама тавқеъ кард ва сайёҳро силате бузург дода омад ва бирафт сӯйи Хоразм. Ва сӯйи вазир он чӣ бояст дар ин абвоб набишта омад. Ва бобе хоҳад буд аҳволи Хоразмро муфрад[1] аз ин[2] тамомтар, ин ҷо ҳолҳо ба шарҳ намекунам.

Ва нимаи ин моҳ[3] номаҳо расид аз Лоҳур, ки Аҳмади Янолтагин бо бисёри мардум он ҷо омад ва Қозии Шероз ва ҷумлаи муслиҳон дар қалъаи Мандкукур[4] рафтанд ва пайваста ҷанг аст ва навоҳӣ мекананду[5] пайваста фасод аст. Амир сахт андешаманд шуд, ки дилмашғул буд аз се ҷониб, ба сабаби туркмонони ироқӣ ва Хоразму Лоҳур, бад-ин сабаб, ки шарҳ кардам.

Ва аз Нишобур низ номаҳо расид, ки тусиёну бовардиён[6] чун Сурӣ ғоиб аст, қасд хоҳанд кард[7] ва Аҳмад Алии Нӯштагин, ки аз Кирмон гурехта он ҷо омадааст, бо он мардум, ки бо вай аст, месозад ҷанги эшонро. Амир, разияллоҳу анҳу, Суриро фармуд, ки ба зудӣ сӯйи Нишобур бояд рафт. Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва рӯзи чаҳоруми ин моҳ вайро хилъате доданд сахт фохир ва некӯ.

Ва рӯзи сешанбе ид карданд ва Амир, разияллоҳу анҳу, фармуд, то такаллуфи азим карданд; ва пас аз он хон ниҳода буданд ва авлиёву ҳашам ва лашкарро фармуд, то бар хон шароб доданд ва мастон бозгаштанд. Ва Амир бо надимон нишоти шароб кард ва нанамуд бас тарабе, ки дилаш сахт машғул буд ба чанд гуна манзилат. Ва мулаттафаҳо расид аз Лоҳур сахт муҳим, ки Аҳмади Янолтагин қалъа бистадӣ, аммо хабар шуд, ки Тилаки хинду лашкари қавӣ бисохт аз ҳар дастеву рӯй ба ин ҷониб дорад, ин махзулро дил бишикаст ва ду гурӯҳӣ уфтод миёни лашкари ӯ. Амир ҳам дар шароб хӯрдан ин мулаттафаҳоро, ки бихонд, нома фармуд

---

[1] муфрад – ҷудогона; Байҳақӣ боби Хоразм ва ҳоводиси онро дар муҷҷалади даҳум баён кардааст.

[2] аз ин рӯ.

[3] манзур моҳи рамазон аст, ки баробар бо аввалҳои августи соли 1034-и милодӣ аст.

[4] Мандкукур – номи қалъае дар наздикии Лоҳур.

[5] яъне, хароб мекунанд.

[6] бовардиён – аҳолии шаҳри Абеварди Хуросон.

[7] яъне, мехоҳанд шӯриш бардоранд.

ба Тилаки ҳинду ва ин мулаттафаҳо фармуд, то дар дарҷи[1] он ниҳоданд ва мисол дод, то ба зудӣ қасди Аҳмад карда ояд ва номаро Амир тавқеъ кард ва ба хатти хеш фасле зери нома набишт сахт қавӣ, чунонки ӯ набиштӣ мулукона[2]. Ва мухотабаи Тилак дар ин вақт аз девони мо «ал-муътамад» буд ва ба таъҷил ин номаро бифиристоданд.

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳаждаҳуми шаввол[3] аз Гардез нома расид, ки сипоҳсолор Ғозиро, ки он ҷо боз дошта буданд, вафот ёфт. Ва чунон шунудам, ки вайро бар қалъат медоштанд сахт некӯ ва банди сабук. Касе пӯшида наздики кутволи он қалъа омаду гуфт: «Ғозӣ ҳилате сохт ва корде қавӣ наздики вай бурдаанд ва сумче[4] меканад ба шаб ва хоки он дар зери шодурвон[5], ки ҳаст паҳн мекунад, то ба ҷой наёранд ва вай сумҷро пӯшида дорад ба рӯз; то ба шаб кутвол муғофаса наздики вай рафт ва хоку корду сумҷ бидид ва вайро маломат кард, ки ин «чиро кардӣ? Дар ҳаққи ту аз некӯдошт чизе боқӣ нест». Ҷавоб дод, ки «ӯро гуноҳе набуд, мар худованд-султонро ҳосидон бар он доштанд, то дил бар вай гарон кард ва умед ёфта буд, ки назари олӣ вайро дарёбад, чун дарнаёфт ва ҳабсе дароз кашид, чора сохт чунонки маҳбусону дармондагон созанд, агар халос ёфтӣ, хештанро пеши худованд афгандӣ, ночор раҳмат кардӣ». Кутвол вайро аз он хона ба хонаи дигар бурд ва эҳтиёти зиёдат карду фармуд, то он сумҷ ба хишту гил устувор карданд ва ҳол боз намуд.Ҷавоб боз расид, ки Ғозӣ бегуноҳ аст ва назари подшоҳона вайро дарёбад, чун вақт бошад, дили вайро гарм бояд гардонид ва бояд, ки вайро некӯ дошта ояд. Ғозӣ бад-ин суханон шод шуд ва дарёфт ӯро назари Амир, аммо қазои марг, ки аз он чора нест одамиро фароз расид ва гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳ ва нек солоре буд.

Зикри расулони ҳазратӣ, ки боз расиданд аз Туркистон бо маҳду вадиъат ва расулони Хониён, ки бо эшон омаданд

Кариб чаҳор сол буд, то расулони мо Хоҷа Абулқосими Ҳасирии надим ва Қозӣ Бутоҳири Таббонӣ ба Туркистон рафта буданд аз Балх бастани аҳдро бо Қадархон ва духтаре аз они вайро хостанд ба номи Султон Масъуд ва духтаре аз они Буғротагин[6] ба номи худовандзода Амир Мавдуд ва аҳд баста буданду ақдҳо карда.

---

[1] зимни.
[2] шоҳона.
[3] баробар бо 5 сентябри соли 1034-и милодӣ.
[4] сумҷ – нақб.
[5] шодурвон – саропарда, соябон.
[6] Буғротагин – яке аз хонҳои қарохонӣ.

Қадархон гузашта шуд ва Бағротагин, ки писари меҳтар буду валиаҳд ба хонии Туркистон бинишаст ва ӯро Арслонхон лақаб карданд ва бад-ин сабаб фатарот[1] уфтоду рӯзгор гирифт. Ва расулони мо дер бимонданд ва аз ин ҷо номаҳо рафт ба таҳнияту таъзият ала-р-расми фи амсолиҳо[2]. Чун кори Туркистон ва хонӣ қарор гирифт, расулони моро бар мурод бозгардонид ва Арслонхон ба эшон расулон фиристодаву маҳдҳо биёварданд. Аз қазои омада духтаре, ки ба номи худовандзода Амир Мавдуд буд, фармон ёфт. Шоҳхотунро духтари Қадархон, ки номзад буд ба Султон Масъуд биёварданд. Чун ба Парвон расиданд, Қозӣ Бутоҳири Таббонӣ он ҷо фармон ёфт ва қиссаҳо гуфтанд ба ҳадиси марги вай. Гурӯҳе гуфтант: исҳоле[3] қавӣ уфтоду бимурд. Гурӯҳе гуфтанд: мурғе чанд бирён назди вай бурданд, масмум[4] буд, бихӯрд, аз он мурд. Ло йаъламу-л ғайба илло азза ва ҷалла[5]. Ва басо розҳо, ки ошкор хоҳад шуд рӯзи қиёмат. Йавма ло йанфаъу-л молу ва ло бануна илло ман ата-л-Лоҳа биқалбин салим[6]. Ва сахт бузург ҳамоқате донам, ки касе аз баҳри ҷоҳу ҳутоми дунёро хатари рехтани хуни мусалмонон кунад. Ва-л-лоҳу азза зикруҳу йаъсимуно ва ҷамиъа-л муслимина мина-л ҳароми ва шарраҳи ва мутобаъати-л ҳаво би манниҳи ва сиъати фазлиҳи[7].

Рӯзи одина, нуздаҳуми шаввол[8] шаҳри Ғазнӣ биёростанд, оростане бар он ҷумла, ки он сол диданд, ки Амир аз роҳи Балх ба ин ҷо омаду бар тахти мулк нишаст. Чандон хоза зада буданд ва такаллуфҳои гуногун карда, ки аз ҳадди васф бигзашт, ки нахуст маҳд буд, ки аз Туркистон ин ҷо оварданд. Амир чунон хост, ки туркон чизе бинанд, ки ҳаргиз чунон надида буданд. Чун расулон ва маҳд ба Шаҷков[9] расиданд, фармон чунон буд, ки он ҷо муқом карданд; ва Хоҷа Булқосими надим вақте ба дарбор омаду султонро бидид, бисёр навохт ёфт, ки бисёр ранҷ кашида буд ва бо вай халвате чунон кард, ки ҷуз соҳибдевони рисолат Хоҷа Бунасри Мушкон он ҷо касе набуд ва он халват то наздики намози дигар

[1] фатарот – заъф, сустӣ.
[2] тарҷ: бар асоси расму ойин дар ин ҳодиса.
[3] исҳол – ҷорӣ шудани шикам.
[4] масмум – заҳролудшавӣ.
[5] тарҷ: ғайби нопайдо ва нопадидро ҷуз Худои тавонову бузург надонад.
[6] тарҷ: он рӯз, ки суд надорад молу фарзандон, илло он ки диле орад ба Ҳазрат салими саломатёфта аз ширку шакк.
[7] тарҷ: ва Худованд, ёди вай гиромӣ бод, моро ва ҳамаи мусалмононро аз ҳарому оз ва пайравии хоҳиши нафс ба эҳсону фарохии бахшиши худ нигоҳ дорад.
[8] баробар бо 6 сентябри соли 1034-и милодӣ.
[9] маҳалле дар наздикии Ғазнин, ки имрӯзҳо Шашгов номида мешавад.

бикашид. Пас ба хона бозгашт ва дигар рӯз, явму-л иснайн ли самони бақйина мин шавволи[1] мартабадорону волии ҳарас[2] ва расулдор бо ҷанибатиён бирафтанд ва расулони хонро биёварданд. Ва саросари шаҳрро зиннату ойин баста буданд ва такаллуфи азиме карда ва чун расулонро бидиданд, чандон нисор карданд ба Афғоншол[3] ва дар майдони Расулаву дар бозорҳо аз динору дираму ҳар чизе, ки расулон ҳайрон фурӯ монданд. Ва эшонро фуруд оварданду хӯрдании сохта пеш бурданд. Ва намози дигарро ҳамаи занони муҳташамон ва ходимон равон шуданд ба истиқболи маҳд ва аз Шаҷков низ он кавм равон гардида буданд бо кавкабае бузург, ки гуфтанд, бар он ҷумла касе ёд надошт. Ва кушкро чунон биёроста буданд, ки Ситтии Заррину Андалеб[4] маро ҳикоят карданд, ки ба ҳеч рӯзгор Амир он такаллуф накарда буду нафармуда. Ва дар он вақт ҳама ҷавоҳиру олати мулк барҷо буд, ки ҳамеша ин давлат бар ҷой бод. Ва чанд рӯз шаҳр ороста буд ва раъоё шодӣ мекарданду аъён анвоъи бозиҳо мебурданд[5] ва нишоти шароб мерафт, то ин айш ба сар ояд. Ва пас аз якчанд расулонро, пас аз он, ки чанд бор ба маҷлиси султон расида буданду аҳдҳои ин ҷониб устувор карда ва ба хонҳову шаробу чавгон буда ва шарафи он биёфта ба хубӣ бозгардониданд сӯйи Туркистон сахт хушнуд. Ва номаҳо рафт дар ин абвоб сахт некӯ ва дар рисолате, ки таълифи ман аст, сабт аст. Агар ин ҷо биёвардаме, қисса сахт дароз шудӣ ва худ сахт дароз мешавад ин таълиф ва донам, ки маро аз мубримон[6] бишмаранд, аммо чун мехохам, ки ҳаққи ин хонадони бузургро ба тамомӣ гузорда ояд, ки ба дасти ман имрӯз ҷуз қалам нест, боре хидмате мекунам .

Ва рӯзи панҷшанбе, бисту панҷуми шаввол[7] аз Нишобур мубашширон расиданд бо номаҳо аз они Аҳмади Алии Нӯштагин ва шиҳна, ки миёни нишобуриёну тусиён таассуб[8] будаст аз қадиму-д-даҳр боз ва чун Сурӣ қасди ҳазрат карду бирафт, он махозил[9] фурсате ҷустанд ва бисёр мардуми муфсид биёмаданд, то Нишобурро ғорат кунанд. Ва аз иттифоқ Аҳмади Али Нӯштагин аз

[1] тарҷ: рӯзи душанбе, ҳашт рӯз монда аз шаввол.
[2] ҳарас – нигаҳбон.
[3] Афғоншол ва Расула – номи маҳалла ва майдоне дар Ғазнини он рӯз.
[4] Ситти Заррин ва Андалеб – ду нафар аз занон, ки дар маҳфилҳои дарборӣ мутрибӣ ва овозхонӣ мекарданд.
[5] шояд дар он замон бозӣ карданро бозӣ овардан мегуфтанд.
[6] мубрим малолатовар, бемазагӯйӣ.
[7] баробар бо 12 сентябри соли 1034-и милодӣ.
[8] манзур аз тассуб зиддияту душманӣ аст.
[9] махозил – хоршуда, фурӯмоя.

Кирмон ба роҳи Тун[1] ба ҳазимат он ҷо омада буд ва ба хиҷолат он ҷо муқом карда ва сӯйи ӯ нома рафта, то ба даргоҳ боз ояд. Пеш то бирафт, ин махозил ба Нишобур омаданд ва Аҳмад марде буд мубориз ва солориҳо карда ва дар саворию чавгону табтоб[2] ягонаи рӯзгор буд ва пас бисохт пазира шудани тусиёнро аз роҳи Пажи Харв ва Пушанқаону Холанҷуй[3] даромаданд бисёр мардум бештар пиёда ва бенизом, ки солорашон муқаддаме будӣ Тарӯдӣ аз мудаббирони бақоёи Абдурраззоқиён[4]. Ва бо бонгу шағабу хурӯш меомаданд давону пӯён, чунонки гӯйӣ, корвонсароҳои Нишобур ҳама даргушода аст ва шаҳр бемонеъу мунозеъ, то говони Тӯс[5] хештанро бар кор кунанд ва бор кунанду боз гарданд. Аҳмади Алии Нӯштагин – он шермард, чун бар ин воқиф шуд ва эшонро бидид, таъбия гусаста, қавми хешро гуфт: «Бидидам инҳо ба пойи хеш ба гӯристон омадаанд. Мисолҳои[6] маро нигоҳ дореду шитоб накунед». Гуфтанд: «Фармон амиррост ва мо фармонбурдорем». Ва мардуми омма ва ғавғо, ки афзун аз бист ҳазор буд, босилоҳу чӯбу санг, гуфт, то аз ҷойҳои хеш зинҳор, ки маҷунбед ва маро ба наъра ёрӣ диҳед, ки агар аз шумо фавҷе бебасират пеш равад, тӯсиён даст ёбанду дили нишобуриён бишканад, агар тане чанд аз оммаи мо шикаста шавад». Гуфтанд: «Чунин кунем!» Ва дар ҷойе бибуданд ва наъра баровардаанд, гуфтӣ рӯзи Растахез аст.

Аҳмад саворе сесадро пӯшида дар камин бидошт дар деворбастҳо ва эшонро гуфт: «Сохтаву ҳушёр мебошеду гӯш ба ман доред, ки чун тӯсиён танг даррасанд, ман пазира хоҳам шуд». Ва як замон дастовез[7] бикард, пас пушт доду ба ҳазимат баргашт, то мудаббирон ҳаристар дароянду пиндоранд, ки ман ба ҳазимат бирафтам ва эшонро хуш-хуш[8] меоварам, то аз шумо бигзаранд; чун бигзаштанд, баргардам ва пой бифшорам, чун ҷанг сар шавад ва шумо буқу табл ва наъраи нишобуриён бишнавед, каминҳо баргушоед ва нусрат аз Эзид, азза зикруҳу, бошад, ки чунон донам бад-ин тадбири рост, ки кардам моро зафар бошад». Гуфтанд: «Чунин кунем!» Ва Аҳмад аз камингоҳ бозгашт ва давр боз омад, то

---

[1] Тун – шаҳре дар Хуросон.
[2] табтоб ё тобтоб – чӯби кафчадори чавгонбозӣ.
[3] Пажи Харв, Пушанқон ва Холанҷуй – маҳаллаҳое дар Хуросон миёни Тӯс ва Нишобур.
[4] Абдураззоқиён – хонаводаи ҳокими пешини Тӯс Абумансур.
[5] дар он замон мардуми Тӯсро ба шӯхӣ гов меномидаанд, чуноне ки дар баъзе рустоҳову манотиқи тоҷикнишин то кунун чунин мазоҳу шӯхихо мавҷуд мебошанд.
[6] мисолҳо – фармонҳо.
[7] дастовез - ҷанги мухтасар.
[8] хуш-хуш – оҳиста-оҳиста.

он саҳро, ки гузораи Майдони Абдурраззоқ аст, пиёда ва савораи хеш таъбия кард ва майманаву майсараву қалбу ҷиноҳҳову соқа ва саворе панҷоҳ некасба бар муқаддама ва талеъа[1] ва овози такбиру Қуръон хондан баромад ва дар шаҳр ҳазоҳизи азим буд. Тӯсиён наздики намози пешин даррасиданд сахт бисёр мардум чун мӯру малах. Ва аз ҷумлаи эшон саворе сесад аз ҳар дасте ва пиёдае панҷ-шаш ҳазор босилоҳ бигашту бошитоб даромад ва дигар боз истод. Аҳмад оҳиста пеш рафт бо саворае чорсад ва пиёдае ду ҳазор ва аз он ҷо, ки камин сохта буд, бигзашт, ёфт муқаддамаи хешро бо талеъаи эшон ҷанге қавӣ пеш гирифта. Пас ҳарду лашкар ҷанг пеш гирифтанд ва ҳарду лашкар ҷанги саъб ва кории ришориш[2] ва як замон бидошт ва чанд тан аз ҳарду ҷониб кушта шуданд ва мачруҳро андоза набуд ва тӯсиёнро мадад меомад.

Аҳмад мисол дод пиёдагони хешро ва бо эшон ниҳода буд, то тан бозпас доданду хуш-хуш боз мегаштанд. Ва тӯсиён чун бар он ҷумла диданд, боз хуштар шуданд, дармеомаданд ва Аҳмад ҷанг мекарду бозпас мерафт, то донист, ки аз камингоҳ бигзашт дур. Пас саботе кард қавитар, пас саворон осудаву пиёдагон, ки истонида дар соқа бад-ӯ пайвастанд ва ҷанг сахттар шуд ва фармуд, то буққо ва таблҳо бизаданд ва мардуми омму ғавғо ба як бор хурӯш бикарданд, чунонки гуфтӣ замин бидарид. Ва саворони осуда аз замин баромаданд ва буқ бизаданду бонги доругир баромад ва тӯсиёнро аз пешу пас гирифтанд ва низом бигашт ва дар ҳам уфтоданд ва мутаҳаййир гаштанду ҳазимат шуданд ва хештанро бар дигарон заданд, ки меомаданд ва беш кас мар касро наистод ва нишобуриён бо дилҳои қавӣ дар думи эшон нишастанд ва аз эшон чандон бикуштанд, ки онро ҳадду андоза набуд, ки аз саъбии ҳазимат ва бими нишобуриён, ки аз ҷони худ битарсидандӣ, дар он разон[3] ва боғҳо афганданд хештанро силоҳҳо бияндохтанд. Ва нишобуриён ба разу боғ мешуданд ва мардонро риш мегирифтаанду берун мекашиданд ва сарашон мебуриданд, чунонки бидиданд панҷу шаш зан дар боғҳои поён бисту анд мардро пеш карда бурданд ва силӣ мезаданд. Ва Аҳмади Алии Нӯштагин бо саворони хиёратар бар асари он махозил то Холанҷуй се фарсанги шаҳр бирафт ва бисёр аз эшон бикуштанд ва бисёр бигирифтанд ва аз он ҷо музаффару мансур бо ғанимату сутур ва силоҳи бисёр намози шомро ба шаҳр боз омаданд. Ва дигар рӯз фармуд, то дорҳо бизаданду бисёр аз тӯсиёнро он ҷо кашиданд ва сарҳои дигар куштагон гирд карданд ва

[1] талеъа (талиъа) ё талоя – қисми пешрави лашкар.
[2] ришориш ё ҷанги ришориш – ҷанги тан ба тан, дастогиребон.
[3] боғи ангур, токзор.

ба поёни дорҳо биниҳоданд. Ва гурӯҳеро, ки мустазъаф[1] буданд, раҳо карданд ва ҳашмате бузург уфтод, ки беш тӯсиён суйи нишобуриён наёристанд нигарист». Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ба ин ҳадис, ки Аҳмад кард, аз вай хушнуд гашт ва бад-ин сабаб зиштномии ҳазимати Кирмон аз вай бияфтод.

Зикри аҳволи Кирмон ва хазимати он лашкаре, ки он ҷо мураттаб буд.

Ва ночор аз ҳадис хадисе шикофад ва боз бояд намуд кори Кирмон ва сабаби ҳазимат, то муқаррар гардад, ки дар таърих ин бибояд. Бад-он вакт, ки Амир Масъуд аз Ҳирот ба Балх омад ва лашкаре бо Ҳоҷиби Ҷомадор ба Макрон фиристода буд ва коре бад-он некӯӣ бирафта буд ва Буласкар қарор гирифт ва он вилоят мазбут[2] шуд ва мардум биёромиданд. Мунҳиён, ки ба вилояти Кирмон буданд, Амирро боз намуданд, ки ҳокими ин ҷо амири Бағдод аст ва муфсидон фасод мекунанд ва ба дод намерасад ба иллати он, ки худ ба хештан машғул асту дармонда. Амирро ҳиммати бузург бар он дошт, ки вилоятро гирифта ояд, чӣ Кирмон ба поёни[3] Систон пайваста буд ва дигар рӯй Раю Сипоҳон то Ҳамадон фармонбурдорону ҳашами ин давлат доштанд. Дар ин маънӣ ба Балх раъй заданд бо Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасан ва чанд рӯз дар ин ҳадис буданд, то қарор гирифт, ки Аҳмад Алии Нӯштагинро номзад карданд, ки волӣ ва сипоҳсолор бошад ва Булфараҷи Порсӣ кадхудойи лашкар ва аъмолу амволу маншурҳои он набишта омаду ба тавқеъ ороста гашт. Ва сахт некӯ хилъате рост карданд ва волиро камару кулоҳи душох ва кусу аломат ва панҷ пилу он чӣ фарохӯри ин бошад аз олати дигар ба тамомӣ ва кадхудойро сохти зар ва шамшери ҳамоил ва хилъат бипӯшид. Ва корҳо рост карданду таҷаммуле сахт некӯ бисохтанд ва Амир ҷаридаи арз бихост ва ориз биёмаду чаҳор ҳазор бо вай номзад карданд – ду ҳазор ҳинду ва ҳазор турку ҳазор курду араб, понсад пиёда аз ҳар дасте. Ва ба омили Систон набишта омад, то ду ҳазор пиёда сакзӣ сохта кунад ва бистгонии инҳо ва аз они эшон аз моли Кирмон Булфараҷ медиҳад.

Чун ин корҳо рост шуд, Амир барнишасту ба саҳро шуд, то ин лашкар бо муқаддамони зарринкамар бар вай бигзаштанд ороста ва бо сози тамом буданд ва ба таври мушофаҳа мисолҳои дигар дод волию кадхудову муқаддамонро. Ва расми хидмат ба ҷой оварданду бирафтанд ва Кирмон бигирифтанду муште авбоши Дайлам, ки он

[1] мустазъаф – нотавон.
[2] мазбут – забтшуда.
[3] дар баъзе нашрҳо ба ҷойи поёни «биёбони» омадааст.

ҷо буданд, бигрехтанд ва кори воливу кадхудо мустақим шуд ва раъийят биёромиду мол додан гирифтанд. Ва амири Бағдод, ки бо Амири мозӣ суҳбат дошту мукотабату муросалат, аз ин ҳадис биёзурду расуле фиристод ва ба итоб сухан гуфт ва ҷавоб рафт, ки «он вилоят аз ду ҷониб ба вилояти мо пайваста аст ва муҳмал буд ва раъоё аз муфсидон ба фарёд омаданд ва бар мо фариза буд мусалмононро фарағ додан, дигар ки амирулмуъминин моро маншуре фиристода, ки чунин вилоят, ки бехудованду тиморкаш бубинем бигирем». Амири Бағдод дар ин боб бо халифат итоб карду навмедӣ намуд, ҷавоб дод, ки «ин ҳадис кӯтоҳ бояд кард, Бағдоду Куфаву Савод, ки бар болини мост, чунон босазо забт карда наёмадааст, ки ҳадиси Кирмон мебояд кард». Ва он ҳадис фаро буриду озор дар миён бимонд ва тарсиданд, ки Кирмон бозситандӣ, ки лашкарҳои мо бар он ҷониби Ҳамадон он неру мекард ва дар бими он буданд, ки Бағдод низ аз дасти эшон бишавад.

Ва муддате баромад ва дар Хуросону Хоразм ва ҳар ҷое фатарот уфтод ва заифие пайдо шуду туркмонон муставлӣ шуданд ва мардуми мо низ дар Кирмон даст баргушодаву берасмӣ мекарданд, то раъийят ба сутуҳ шуду ба фарёд омаданд, пӯшида тане чанд наздики вазири амири Бағдод омаданд, Писари Мофана ва номаҳои аъёни Кирмон бурданду фарёд хостанд ва гуфтанд: «Ин лашкари Хуросон ғофиланду ба фасод машғул, фавҷе савор бояд фиристод бо солоре муҳташам, то раъийят даст барорад ва бозраҳем аз ситами хуросониён ва эшонро овора кунем». Писари Мофана ва ҳоҷиби амири Бағдод бар муғофаса[1] бирафтанд бо сафоре панҷ ҳазор ва дар роҳ марде панҷ ҳазор дилангез бо эшон пайваст; ва ногоҳ ба Кирмон омаданду аз ду ҷониб даромаданд ва ба Нармошир ҷанге азим бибуд ва раъоё ҳама ба ҷумла даст баровардand бар сипоҳи Хуросон ва Аҳмади Алии Нӯштагин нек бикӯшида буд, аммо ҳиндувон сустӣ карданд ва пушт ба ҳазимат бидоданд, дигаронро дил бишикаст ва Аҳмадро ба зарурат бибояст рафт. Вай бо фавҷе аз хавосси хеш ва лашкари султон аз роҳи Қоин ба Нишобур омаданд ва фавҷе ба Макрон уфтоданду ҳиндувон ба Систон омаданд ва аз он ҷо ба Ғазнин.

Ман, ки Булфазлам бо Амир ба хидмат рафта будам ба Боғи Садҳазора, муқаддамони ин ҳиндувонро дидам, ки он ҷо омада буданд ва Амир фармуда буд, то эшонро дар хонаи бузург, ки он ҷо девони рисолат доранд, бинишонда буданд ва Бусаъиди муширф пайғомҳои дурушт меовард сӯйи эшон аз Амир. Ва кор бад-он ҷо расид, ки пайғоме омад, ки шуморо чӯб фармуда ояд, шаш тан

[1] муғофаса – ногаҳонӣ.

муқаддамтари эшон хештанро катора[1] зад, чунонки хун дар он хона равон шуд. Ва ману Бусаъиду дигарон аз он хона бирафтем ва ин хабар ба Амир расонданд, гуфт: «Ин катора ба Кирмон бояст зад!» Ва бисёр бимолидашону охир афв кард ва пас аз он корҳо ошуфта гашту мумкин нашуд дигар лашкар ба Кирмон фиристодан. Ва Аҳмади Алии Нӯштагин низ биёмад ва чун хиҷил ва мандурӣ[2] буд ва пас рӯзгор бар наёмад, ки гузашташуд.

Зикри хуручи Амир Масъуд аз Ғазнӣ ба ҷониби Буст ва аз Буст ба Хуросон ва Ҷурҷон

Ва чун вақти ҳаракат фароз омад ва кори Хуросону Хоразму Рай ва Ҷибол ва дигар навоҳӣ бар ин ҷумла буд, ки боз намудем, Амир Масъуд разияллоҳу анҳу азиматро қарор дод бар он, ки сӯйи Буст равад, то аз он ҷо сӯйи Ҳирот кашад ва аз Ҳирот, ки воситаи Хуросон бошад, менигарад, то дар ҳар бобе чӣ бояд фармуд. Амир Масъуд Амир Саъидро хилъат дод ва ҳазрати Ғазнин бад-ӯ супурд, чунонки бар қалъат ба саройи иморат нишинад ва мазолим он ҷо кунад ва сарҳанг Буъалии Кутвол пеши худовандзода бошад муширу мудаббири корҳо. Ва дигар фарзандони умароро бо хонагиёну ходимону хидматкорон ба қалъатҳои Ной ва Дирӣ[3] фиристод ва Амир Мавдудро хилъат дод, то бо рикоби вай равад. Ва номаҳо фармуд ба Тилак, то шуғли Аҳмади Яноltагинро, ки ба ҷидд пеш гирифтаасту вайро аз Лоҳур бирамонида ва Қозӣ[4] ва ҳашам аз қилъат фуруд омада, баҷиддтар пеш гирад, чунонки дил ба якборагӣ аз кори вай фориғ гардад ва сӯйи вазир Аҳмади Абдуссамад, то чун аз шуғли Хатлону Тахористон фориғ гардад, мунтазир бошад фармонро, то ба даргоҳ ояд, он ҷо, ки рояти олӣ бошад.

Ва пас аз он ки фароғат уфтод аз ин муҳиммот, Амир, разияллоҳу анҳу, аз Ғазнин бирафт рӯзи шанбе, се рӯз монда аз шаввол[5] ва ҳафтуми зилқаъда ба Тагинобод расид ва он ҷо ҳафт рӯз бибуд ва як бор шароб хӯрд, ки дилмашғул мебуд ба чанд руй. Пас аз он ҷо ба Буст омад, рӯзи панҷшанбе, ҳабдаҳуми ин моҳ ва ба кушки Дашти Лангон нузул карду он ҷо зиёдатҳо карда буданд аз боғҳову баноҳову саройчаҳо.

---

[1] катора – шамшери кӯтоҳи дудама.
[2] мандурӣ – ғамгинӣ, парешонҳолӣ.
[3] Ной ва Дирӣ – номи қалъаҳо; яке аз онҳо (Ноӣ) ба сабаби маҳалли зиндонӣ шудани шоир Масъуди Саъди Салмон баъдҳо машҳур шуд.
[4] манзур Қозии Шерозӣ аст
[5] баробар бо

Ва номаҳои муҳим расид аз Хуросон ба ҳадиси туркмонону омадани эшон ба ҳудуди Марву Сарахсу Бодғису Боварад ва фасодҳои ба ифрот, ки меравад ва аҷзи гумоштагону шиҳна аз муқовамат ва манъи эшон. Ва Сурӣ набишта буд, ки агар валъиёзубиллоҳ, Худованд ба зудӣ қасди Хуросон накунад, бим аст, ки аз даст бишавад, ки эшонро мадад аст пӯшида аз Алитагин ва Ҳорун низ аз Хоразм иғвои тамом мекунад; ва мегӯянд, ки дар ниҳон бо Алитагин биниҳодаст, ки вай аз Хоразм сӯйи Марв ояд, то Алитагин ба Тирмизу Балх кашад ва дидор кунанд. Амир ба расидани ин ахбор сахт беқарор шуд.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, салхи ин моҳ[1] аз Буст бирафт; ва дар роҳ мубашширон расиданду номаи Тилак оварданд ба кушта шудани Аҳмади Яноltагини осии мағрур ва гирифтор шудани писараш ва ба тоъат омадан туркмонон, ки бо вай мебуданд. Амир бад-ин хабар сахт шод шуд, ки шуғлдиле[2] аз пасу пушт бархост ва фармуд то дуҳулу буқ заданд ва мубаширронро хилъату силат доданд ва дар лашкаргоҳ бигардониданд ва бисёр мол ёфтанд. Ва номаҳои Тилак ва Қозии Шероз ва мунҳиён бар он ҷумла буданд, ки Тилак ба Лоҳур расид ва чанд танро аз мусалмонон, ки бо Аҳмад ёр шуда буданд, бигирифтанд. Мисол дод, то дасти рост бибуриданд ва мардум, ки бо вай ҷамъ шуда буданд, аз ин сиёсату ҳашмат, ки зоҳир шуд, битарсиданд ва амон мехостанд ва аз вай ҷудо мешуданд ва кори аъмолу амвол мустақим гашт. Ва Тилак сохта ва мустаҳзар бо мардуми бисёр ағлаб ҳинду думи Аҳмад гирифт ва дар роҳ ҷангҳо ва дастовезҳо мебуд ва Аҳмад хизлони[3] эзадӣ медид ва Тилак мардуми ӯро мефиребонид ва меомаданд. Ва ҷанге қавитар бибуд, ки Аҳмад сабот кард ва бизаданд ӯро ва ба ҳазимат бирафт ва туркмонон аз вай бачумла ҷудо шуданду амон хостанд ва Тилак амон дод; ва Аҳмад бо хоссагони хеш ва тане чанд, ки гунаҳкортар буданд савораи сесад бигурехтанд. Ва Тилак аз думи ӯ боз нашуд ва номаҳо набишта буд ба ҳиндувони осии ҷатон[4], то роҳи ин махзул фаро гиранд ва нек эҳтиёт кунанд, ки ҳар ки вайро ё сарашро наздики ман орад, вайро понсад ҳазор дирам диҳам. Ва ҷаҳон бад-ин сабаб бар Аҳмад танги зиндонӣ шуда буд ва мардум аз вай мебозшуд. Ва охир кораш он омад, ки ҷатон ва ҳар гуна куффор думи ӯ гирифтанд ва як рӯз ба обе расид ва бар пиле буд, хост ки бигзарад, ҷатон марде дусе ҳазор савору пиёда бар вай хӯрданд ва бо вай кам аз дусад савор

[1] баробар бо 16 октябри соли 1034-и мелодӣ
[2] шуғлдил -
[3] хизлон (хазлон) – бечорагӣ, дармондагӣ, шикаст мағлубият.
[4] ҷатон – номи як тоифае аз ҳиндувон.

монда буд ва худро дар об андохт ва ҷатон ду се руя[1] даромаданд бештар тамаъи он коло ва неъматро, ки бо вай буд, чун бад-ӯ наздик шуданд, хост, ки писари хешро бикушад ба дасти хеш, ҷатон нагузоштанд. Писараш бар пил буд, бирабуданд ва тиру шулу[2] шамшер дар Аҳмад ниҳоданд ва вай бисёр кӯшид, охираш бикуштанду сараш бибуриданд ва мардум, ки бо вай буданд, бикуштанд ё асир гирифтанд ва моли сахт азим ба дасти он ҷатон уфтод. Ва меҳтарашон дарвақт касон фиристод наздики Тилак ва дур набуд ва ин мужда бидод, Тилак сахт шод шуд ва касон дар миён омаданд ва сухан гуфтанд, то писари Аҳмад ва сараш фиристода ояд, ҳадиси понсад ҳазор дирам мерафт. Тилак гуфт: «Моле азим аз они ин мард ба дасти шумо уфтодааст ва хидмате бузург буд, ки султонро кардед ва самараи он ба шумо бирасад, мусомаҳат бояд кард»[3]. Ду бор расул шуду омад, бар сад ҳазор дирам қарор гирифт ва Тилак бифиристод ва сару писари Аҳмадро ба наздики ӯ оварданд ва бар мурод сӯйи Лоҳур бозгашт, то бақияти корҳоро низом диҳад, пас ба даргоҳи олӣ шитобад, ҳарчӣ зудтар, би изниллоҳи азза ва ҷалла.

Амир ҷавобҳои некӯ фармуд ва Тилакрову дигаронро бинавохту иҳмод кард[4] ва мубашширонро боз гардонида омад ва Тилакро фармуд, то қасди даргоҳ кунад бо сари Аҳмади Яноltагин ва бо писараш. Ва инки оқибати хоинону осиён чунин бошад ва аз Одам алайҳиссалом то явмино ҳозо[5] бар ин ҷумла буд, ки ҳеч банда бар худованди хеш берун наёмад, ки на сар ба бод дод; ва чун дар китоб мусаббат[6] аст, дароз надиҳам. Ва Амир дар ин боб номаҳо фармуд ба аъёну бузургон ва ба атрофи мамолику фармонбурдорону мубашширон фиристод, ки сахт бузург фатҳе буд.

Ва Амир ба Ҳирот расид, рӯзи панҷшанбе, нимаи зиҳиҷҷа[7] ва рӯзи чаҳоршанбе бисту якуми ин моҳ аз Ҳирот бирафт ба роҳи Пушанг то сӯйи Сарахс равад ва лашкар онҷо арз кард. Ва Музаффари Тоҳирро оварда буданд бо банд, ки омилу заъими[8] Пушанг буд ва соҳибдевони Хуросон Сурӣ дар боби вай талбисҳо сохта ва ёрон гирифта чун Бусаҳли Завзанӣ ва дигарон, то магар вайро барандохта ояд, ки ризои олӣ Бусаҳлро дарёфта буд ва ба

[1] яъне, аз ҳар тараф ба у ҳамлавар шуданд.
[2] шул – найзаи кӯчак.
[3] яъне, дар миқдори маблағ гузашт кунанд.
[4] иҳмод кард – ситоиш кард.
[5] то ин рӯзгори мо
[6] сабт
[7] баробар бо
[8] заъим – раис.

даргоҳ бозомада ва ба надимӣ нишаста. Аз қазои омада, ки онро дафъ натавон кард, чунон уфтод, ки дар он соат, ки ҳадиси вай бардоштанд, Амир қаддасаллоҳу руҳаҳу[1], сахт тофта[2] ва машғулдил, ки номаҳо расида буд ба ҳадиси туркмонон ва фасодҳои эшон; амир ба зачрат[3] гуфт: «Ин қавводи[4] Музафарро бар по бояд овехт!» Ва ҳоҷиби саройии аблаҳгунае, ки ӯро Хумортагин Туршак гуфтандӣ, маҳмудӣ[5] ва ба тани хеш мард буду шаҳим, берун омаду ин ҳадис бигуфт ва касони Сурӣ ва он қавм, ки хасмони Музаффар буданд, ин сухан ба ғанимат шумурданд ва ҳазор динор зуд бад-ин ҳоҷиб доданд, вай муроҷаат накарда бо Амир, Музафари Тоҳирро бифармуд, то ба даргоҳ дар дарахтоне, ки он ҷо буд бар дарахте кашиданду баровехтанд ва ҷон бидод. Ва Хоҷа Бунасри Мушкон ба девон буд, аз ин ҳадис сахт тофта шуд ва амири ҳарас ва Муҳтоҷро бихонду бисёр маломат кард ба забон ва бимолиду гуфт: «Ин хурд коре нест, ки рафт; султон ба хашм фармонҳо диҳад, андар он таваққуф бояд кард, ки мард на дузде буд». Гуфтанд: «Ҳоҷибе баромад ва ин фармон дод ва мо хато кардем, ки инро боз напурсидем ва акнун қазо кори худ кард, Хоҷа чӣ фармояд?» Гуфт: «Ман чӣ фармоям, ин хабар ночор ба Амир расад, натавонам донист, ки чӣ фармояд». Эшон ба дасту пой мурда бирафтанд.

Ва Амирро хашм бинишаст ва ба нон хӯрдан рой карду Бунасрро бихонд. Дар миёни нон хӯрдан ҳадиси Пушанг хост, Амир гуфт: «Ин саги нохештаншинос чӣ узр меорад, яъне Музаффар аз ситаме, ки бар дарвешон ин навоҳӣ кардааст?» Бунаср гуфт, ки «Музаффар кай сухан гӯяд ва ё тавонад гуфт? Худовандро бақо бод». Амир гуфт: «Ба чӣ сабаб ва чӣ уфтодаш?» Бунаср дар солори ғуломони сароӣ ҳоҷиб Багтуғдӣ нигирист. Багтуғдӣ гуфт: «Худовандро бақо бод, Музафарро ба фармони олӣ баровехтанд». Амир гуфт: «Чӣ мегӯйӣ?» Ва бонге сахт бикарду даст аз нон бикашид ва солор башарҳтар гуфт. Амир сахт дар хашм шуду гуфт: «Бас аҷиб бошад, ки бад-ин осонӣ мардум тавон кушт, хосса чун Музафаре. Ту ҳоҷиб бошӣ ва бар даргоҳ будӣ, бад-ин чиро ризо додӣ ва моро огоҳ накардӣ?» Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ман солори ғуломони сароям ва шуғле сахт гарон дорад ва аз он ба чизе напардозам ва дар корҳои дигар бар даргоҳ сухан нагӯям ва ман хабари ин мард он вақт шунидам, ки бикушта буданд». Амир аз хон бархост ба ҳоле ҳавл ва даст бишуст ва ҳоҷиб Багтуғдиро

[1] Худованд руҳи вайро покиза гардонад!
[2] тофта – хашмгин.
[3] зачрат – тангдилӣ.
[4] қаввод – касе, ки воситаи шаҳватронии дагарон аст, дала, қалтабон.
[5] аз гурӯҳи маҳмудиён ё падариён буд.

бихонданд ва бинишонданду гуфт: «Бихонед ин ҳоҷиби саройиро!» Бихонданд ва меларзид аз бим. Гуфт: «Ай саг, ин мардро чиро куштанд?!» Гуфт: «Худованд чунину чунин гуфт, пиндоштанд, ки ҳақиқат аст». Гуфт: «Бигиредаш!» Ходимон бигирифтандаш. Гуфт: «Беруни хайма бареду ҳазор чӯби ходимона занед, то муқаррар ояд, ки ин ҳол чун буд!» Бибурдандаш ва задан гирифтанд, муқаррар омад ва Амирро муқаррар гашт ҳадиси мол ва сахт мутағаййир гашт бар Бусаҳлу Сурӣ ва волии ҳарас ва Муҳтоҷро бихонданд. Амир гуфт: «Музафарро чиро куштед?» Гуфт: «Фармони худованд расид бар забони ҳоҷибе». Гуфт: «Чиро дигар бор боз напурсидед?» Гуфтанд: «Чунин бояст кард, пас аз ин чунин кунем». Амир гуфт: «Агар ҳадиси ин ҳоҷиби саройӣ дар миён набудӣ, фармудаме, то шуморо гардан заданди, акнун ҳар якеро ҳазор тозиёна бояд зад, то пас аз ин ҳушёр бошанд». Ҳар ду танро бибурданду бизаданд.

Санаи сита ва ъиширина ва арбаъа миа[1]

Ғурраташ рӯзи шанбе буд. Амир, разияллоҳу анҳу, ба Сарахс омад чаҳоруми муҳаррам[2]. Ва бар каронаи чӯйи бузург саройпардаву хаймаи бузург зада буданд ва сахт бисёр лашкар буд дар лашкаргоҳ. Ва рӯзи якшанбе, нуҳуми ин моҳ, номаи соҳиббариди Рай расид ба гузашта шудани Булҳасани Сайёрӣ, раҳматуллоҳи алайҳи ва соҳибдевониро ӯ медошт ва марде сахт кофиву шоиста буд. Ва Амир нома фармуд ба Систон ва Азизи Бушанҷӣ он ҷо буд ба мустаҳиссӣ[3], то сӯйи Рай раваду ба соҳибдевонӣ қиём кунад. Ва номае рафт ба Хоҷа Бусаҳли Ҳамдавӣ – амиди Ироқ ба зикри ин ҳол.

Ва дар ин ду-се рӯз мулаттафаҳои пӯшида расид аз Хоразм, ки Ҳорун корҳо ба гарм месозад, то ба Марв ояд. Он мулаттафаҳоро наздики Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад фиристонд. Ва мулаттафае аз ҷониби Хоҷаи Бузург даррасид, онро пӯшида берун овардам. Набишта буд, ки «Ҳарчанд ба шуғли Хатлону Тахористон машғул буд, банда кори Ҳоруни махзул ва Хоразм, ки фаризатару муҳимтари корҳост, пеш дошт ва шуғли бештар рост шуд ба юмни давлати олӣ ва бисёр зар бишуд[4]. Ва кор бад-он манзилат расонида омадааст, ки он рӯз, ки Ҳоруни махзул аз Хоразм биравад, то ба Марв равад, он даҳ ғуломе, ки байъат кардаанд бо муътамадони банда, вайро ба мукобара бикушанд. Чун вай кушта шуд, он кор табоҳ гардад ва он қасд ночиз ва бандазода Абдулҷаббор аз

[1] соли 426, ки баробар аст бо соли 1034 – 1035 милодӣ.
[2] баробар бо 19 ноябри соли 1034-и милодӣ.
[3] мустаҳисс – таҳсилдории молиётӣ.
[4] пули зиёд сарф шуд.

мутаворигоҳ берун ояд сохта ва шаҳр забт кунаду лашкарро ба шамшеру динор биёрояд, ки бештар аз лашкар – маҳмудиёну олтунтошиён бо банда дар ин байъатанд. Он чӣ ҷаҳди одамист, банда бикард, то чун равад ва Эзид, азза зикруҳу, чӣ тақдир кардааст. Ва ин даҳ ғулом, наздиктари ғуломонанд ба Ҳорон, ба чанд бор бикӯшиданд, ки ин кор тамом кунанду мумкин нашуд, ки дар кушк мебошад ва эҳтиёти тамом мекунанд ва ҳеч ба тамошову сайду чавгон барнанишастааст, ки пайваста ба кор сохтан машғул аст, то қасди Марв кунад. Ва иншоаллоҳ, ки ин мудбири нохештаншинос бад-ин мурод нарасад ва шумии исён вайро ночиз кунад».

Чун муамморо берун овардам ва нусхате равшан набиштам, намози дигар Хоҷа Бунаср онро бихонду сахт шод шуд ва ба хидмат пеш рафт. Чун бор бигсаст ва ман истода будам, ҳадиси Аҳмади Янолтагин хост ва ҳар кас чизе мегуфт, ҳадиси Ҳоруну Хоразм низ гуфтан гирифтанд. Ҳоҷиб Буназр гуфт: «Кори Ҳорун ҳамчун кори Аҳмад бояд донист ва соат то соат хабар расад». Гуфт: «Ал-фолу ҳаққун, иншоаллоҳ, ки чунин бошад». Бунаср тарҷумаи муаммо ба Турки давотдор дод ва Амир бихонду бинавиштанд ва ба Бунаср боз доданд. Ва як соати дигар ҳадис карданд, Амир ишорат карду қавм бозгашт. Хоҷа Бунаср боз омада буд, боз хонданд ва то намози шом холӣ бидоштанд, пас бозгашт ва ба хайма боз шуду маро бихонду гуфт: «Амир бад-ин муаммо, ки расид, сахт шод шуд ва гуфт: раъйи ман чунон буд, ки ба Марв равем, агар шуғли Ҳорун кифоят шавад, сӯйи Нишобур бояд рафт, то кори Рай ва Ҷибол, ки ошуфта шудааст, низом гирад ва гургониён мол бифиристанд». Ман гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, агар шуғли Ҳорун кифоят шавад ва иншоаллоҳ, ки шавад, сахт зуд ки иморати он дида мешавад ва агар дертар рӯзгор гирад, раъйи дурустари банда он аст, ки худованд ба Марв равад, ки ин туркмонон дар ҳудуди он вилоят парогандаанд ва бештар неру бар ҷониби Балху Тахористон мекунанд, то эшонро барандохта ояд ва дигар, то мадади эшон аз Мовароуннаҳр гусаста шавад, ки мунҳиёни Бухорову Самарқанд набиштаанд, дигар муфсидон месозанд, то аз Ҷайҳун бигзаранд ва чун рояти олӣ ба Балху Ҷайҳун наздик бошад, дар Марв, ки воситаи Хуросон аст, ин ҳама халалҳо зоил шавад». Амир гуфт: «Ҳамчунин аст, акнун боре рӯзе чанд ба Сарахс бибошем, то нигарем ҳолҳо чӣ гуна гардад». Ва Бунаср дар чунин корҳо дурандештари ҷаҳониён буд, Эзид, азза ва ҷалла, бар ҳамагон, ки рафтаанд, раҳмат кунод, би манниҳи ва фазлиҳи васиъати ҷудиҳи[1].

[1] тарҷ: ба неъматбахшӣ ва эҳсону густурдагии карамаш.

Ва рӯзи шанбе нимаи муҳаррам[1] сипоҳсолор Алии Абдуллоҳ ба лашкаргоҳ омад ва амирро бидид ва он чӣ рафта буд, бознамуд аз корҳо, ки карда буду бад-он рафта буд. Ва рӯзи чоршанбе, бисту шашуми ин моҳ[2] аз Балх нома расид ба гузашта шудани ҳоҷиб Багтагин-домоди сипоҳсолор ва кутволӣ ва вилояти Тирмиз ӯ дошт ва чунон хидматҳо карда буд ба рузгори Амир Маҳмуд ба рустои Нишобур, ки Бунасри Тайфур – сипоҳсолори шоҳаншоҳиёнро бигирифту ба Ғазнин овард. Ва дар рӯзгори ин подшоҳ ба Тагинобод хидматҳои писандида намуд ба ҳадиси Амир Муҳаммад, бародари Султон Масъуд, чунонки пеш аз ин ёд кардаам.

Ва дар ин вақт чунон уфтод аз қазои омада, ки фавҷе туркмонони қавӣ ба ҳудуди Тирмиз омаданд ва ба Қубодиён бисёр фасод карданду ғорат ва чаҳорпой ронданд. Багтагини ҳоҷиб сохта бо мардуми тамом думи эшон гирифт. Аз пеши вай ба Андхуду Мила даромаданд ва Багтагин ба тафт меронд, ба ҳудуди Шабурқон бад-эшон расид ва ҷанг пайвастанд аз чоштгоҳ то ба гоҳи ду намоз ва коре рафт сахт ба неру ва бисёр мардум кушта шуд, бештар аз туркманон ва он махозил ба охир хазимат шуданд ва роҳи биёбон гирифтанд. Ва Багтагин ба дум рафт, хоссагонаш гуфтанд: «Хасмон задаву кӯфта бигрехтанд, ба дум рафтан хатост». Фармон набурд, ки аҷал омада буд ва тане чанд аз муборизтари хасмон дарёфт ва боз ҷанге сахт шуд, ки гурехтагон ҷонро мезаданд[3]. Багтагин дар саворе расид. Аз эшон хост, ки ӯро бизанад, хештанро аз зин бардошт, миёни зиреҳ пеши зиҳораш[4] пайдо шуд, туркмоне ногоҳ тире андохт он ҷо расид, ӯ бар ҷой биистод ва он дард мехӯрду тир берун кашид ба ҷаҳду сахтӣ ба кас нанамуд, то душвор шуду бозгашт. Чун ба манзил бирасид, ки фуруд ояд, дар миёни роҳ сундус[5] аз чанибат бикушоданд ва ӯро аз асб фурӯ гирифтанду бихобониданд, гузашта шуд ва лашкар ба Шабурқон омаду вайро дафн карданд. Ва туркмонон чун пас аз се рӯз хабари ин ҳодиса бишниданд, боз омаданд.

Амир, разияллоҳу анҳу, бад-ин хабар ғамнок шуд, ки Багтагин солоре нек буд. Дарвақт сипоҳсолор Алии Абдуллоҳро бихонду ин ҳол боз ронд. Алӣ гуфт: «Ҷони ҳамаи бандагон, фидои хидмат бод, ҳарчанд Хоҷаи Бузург онҷост, Тахористону Гузгонон то лаби об холӣ монд аз солоре, ночор солоре бибояд бо лашкаре қавӣ». Амир

[1] баробар бо 30 ноябри соли 1034-и милодӣ.
[2] баробар бо 11 декабри соли 1034-и милодӣ.
[3] яъне гурехтагон барои ҳифзи ҷони худ ҷанг мекарданд.
[4] аврат, олоти таносул.
[5] сундус дар луғат ба маъни навъе аз либос аст ва дар ин ҷо манзур он аст, ки порчаи дебое, ки бар ҷанибат буд бардоштанд, то беморро бар он бихобонанд.

гуфт: «Сипоҳсолорро бибояд рафт ва гузар ба муфсидони сорбонон танг бояд кард бо лашкаре ва эшонро бимолиду сӯйи Балх рафт». Гуфт: «Фармонбурдорам! Кай мебояд рафт?» Гуфт: «Пасфардо, ки чунин хабаре муҳим расид, зуд бояд рафт». Алӣ гуфт: «Чунин кунам» ва замин бӯса доду бозгашт ва он мардум, ки бо вай номзад буданд ва дар ин ҳафта омада буданд, боз номзад шуданд. Рӯзи одина, бисту ҳаштуми моҳи муҳаррам ба хидмат омад, Амирро бидиду сӯйи Гузгонон рафт ва Хоҷа Бунаср Бусаҳли Ҳамадонии дабирро ба фармони олӣ номзад кард ба соҳиббаридии лашкар бо сипоҳсолор ва бирафт. Ва Алӣ он хидмати некӯ ба сар бурд, ки марде боэҳтиёт буд ва лашкар сахт некӯ кашидӣ ва сорбононро ба тоъат оварду мувозаъатҳо ниҳод, пас сӯйи Балх кашид ва ҳашмате бузург уфтод.

Ва дигар рӯз, шанбе номае расид аз Нӯштагини хоссаи ходим бо ду савори мубашшир аз Марв. Набишта буд, ки «Фавҷе туркмонон, ки аз ҷониби Сарахс бар ин ҷониб омаданд, аз пеши лашкари мансур. Банда чун хабар ёфт, сохта бо ғуломони хеш ва лашкар ба тохтан рафт ва бад-эшон расид ва ҷанге сахт рафт, чунонки аз намози пешин то шаб бидошт, охир ҳазимат шуданд ва бар ҷониби биёбони Нуҳгунбадон бирафтанд ва шаб савоб набуд дар биёбон рафтан. Дигар рӯз чун хабар расид, ки эшон нек миёна карданд, банда бозгашт ва ҳашмате нек биниҳод ва сарҳои куштагон қариб дусад адад бар чӯбаҳо зада ниҳоданд ибратро ва бисту чаҳор танро, ки дар ҷанг гирифта буданд аз муборизони эшон фиристода омад, то он чӣ раъй воҷиб кунад, фармуда ояд». Амир шароб мехӯрд, ки ин башорат расид, фармуд, то мубашширонро хилъату силат доданду бигардониданд ва буқу дуҳул заданд. Ва намози дигари он рӯз дар шароб буд, бифармуд, то асиронро пеши пилон андохтанд дар пеши хаймаи бузург ва ҳавл рӯзе буду хабари он ба дуру наздик расид.

Ва рӯзи сешанбе, ҳаштуми сафар[1] Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад даррасид ғониман зофиран[2], ки бузург коре бар дасти вай баромада буд ба ҳудуди Хатлону Тахористон ва он навоҳиро ором додаву ҳашмате бузург уфтода; ва навоҳиро ба ҳоҷиби бузург Билготагин супурда ба ҳукми фармони олӣ, ки расида буд бозгашт ва вайро истиқболи босазо карданд. Чун наздики Амир расид, бисёр навохт ёфт бармало ва бо вай ҳамон соат холӣ кард. Соҳибдевони рисолат он ҷо буд; аз вай шунидам, ки Амир вазирро гуфт: «Кори Тахористону Хатлон мунтазам гашт ба ҷидду саъйи некӯи Хоҷа ва

[1] баробар бо 23 декабри соли 1034-и милодӣ.
[2] бо ғанимат ва пирӯзӣ.

шуғли Ҳорун низ иншоаллоҳ, ки ба зудӣ кифоят шавад. Ва туркмонон даррамиданду бирафтанд ва муаззамми эшонро аз сӯйи Боварду Нисо хештанро ба Фарова андохтанд ва лашкаре қавӣ дар думи эшон рафт бо Пирии охурсолор ва чанд ҳоҷибу муқаддами бономтар ва Абдус кадхудою муширу мудаббари он лашкар аст ва Сурӣ низ аз Нишобур ба фармон аз роҳи Астуво бо Қадари ҳоҷиб ва шиҳнаи Нишобуру Тус сохта бад-ин лашкар пайванданд ва бознагарданд аз думи хасмон, то он гоҳ, ки дар кӯҳи Балхон гурезанд. Ва алафу олати биёбон, ҳарчӣ аз ин бобат бибояд, Сурӣ бо худ бибурдааст. Ва раъйи мо бар он ҷумла қарор гирифт, ки сӯйи Марв равему ин зимистон он ҷо бошем, то корҳо батамомӣ мунтазам шавад, Хоҷа дар ин боб чӣ гуяд?» Аҳмад гуфт: «Раъйи дуруст ҷуз ин нест, ки бад-ин раъйу тадбир Хоразм ба даст бозояд ва ин туркмонон аз Хуросон баруфтанд ва дигар рӯй заҳра надоранд, ки аз Ҷайхун гузора шаванд». Амир гуфт: «Бозгардед, то дар ин корҳо беҳтар бияндешем, ки ҳанӯз рӯзе чанд ин ҷо хоҳем буд». Эшон бозгаштанд ва Хоҷа ба хаймаи хеш рафт, бузургон ва аъёну ҳашам ба хидмат ва салом наздики вай рафтанд.

Рӯзи якшанбе чаҳордаҳуми сафар Тоҳири дабирро бо чанд тан ва Булмузаффари ҳабаширо, ки соҳиббарид буд, аз Рай биёварданд хайлтошон бебанд ва бар дари хаймаи бузург ва саройпарда бидоштанд бар астарон дар канисаҳо[1] ва Амирро огоҳ карданд, фармуд, ки ба хаймаи ҳарас боз бояд дошт. Ҳамагонро боздоштанд ва намози дигар Амир бор дод ва пас аз бор Ироқии дабир ба пайғом мерафту меомад сӯйи эшон ва охир он буд, ки Булмузаффарро ҳазор тозиёна ба уқобайн бизаданд ва ин марде буд сахт корӣ ва озодмард бағоят дӯсти соҳибдевони рисолат, аммо соҳибдевон дам наёраст задан[2], ки Амир сахт дар хашм буд. Ва пас аз вай чаҳор танро аз аъмоли Тоҳир ва касони вай бизаданд ҳазоргон ва Тоҳирро ҳам фармуд, ки бояд зад аммо, талаттуфҳову хоҳишҳо карданд ҳар кас, то чӯб бибахшид ва Тоҳирро ба Ҳиндустон бурданд ва ба қалъати Гирӣ боздоштанд ва дигаронро ба шаҳри Сархас бурданду ба зиндон боздоштанд. Ва Бунаср иноятҳо кард дар боби Булмазаффар, то вайро некӯ доштанд ва як сол маҳбус бимонд ва пас фурсат ҷустанд ва иноят карданд, то халос ёфт ва Тоҳир аз чашми Амир бияфтод ва обаш тира шуд, чунонки низ ҳеч шуғл накард ва дар утлат гузашта шуд, наъузу биллоҳ аз инқилоби ҳол.

---

[1] каҷова.

[2] яъне ёрои нафас кашидан надошт.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, ҳабдаҳуми сафар, пас аз бор халвате кард Амир бо вазир ва соҳибдевони рисолату авлиёву ҳашам ва Хоҷа Ҳасани Микойил низ он ҷо буд ва раъй заданд дар маънии ҳаракат; ва қарор гирифт, бад-он, ки сӯйи Марв рафта ояд ва бар ин боз парогандand. Ва Хоҷа Ҳасани вакил шуғл бисохт ва бистуми ин моҳ сӯйи Марв бирафт, то мисол диҳад улуфот ба тамомӣ сохтан, чунонки ҳеч бенавоӣ набошад, чун рояти мансур он ҷо расад. Ва пас аз рафтани ӯ то се рӯз Амир фармуд, то саройпарда бар роҳи Марв бизаданд бар се фарсанги лашкаргоҳ. Ва Сада наздик буд, уштурони султониро ва аз они ҳамаи лашкар ба саҳро бурданд ва газ[1] кашидан гирифтанд, то Сада карда ояд ва пас аз он ҳаракат карда ояд. Ва газ меоварданду дар саҳрое, ки ҷӯйи оби бузург буд пур аз барф меафканданд, то ба болои қалъате баромад. Ва чаҳортоқҳо бисохтанд аз чӯб сахт баланд ва онро ба газ биёганданд. Ва гази дигар ҷамъ карданд, ки сахт бисёр буд ва ба болои кӯҳе баромад бузург. Ва алуҳи[2] бисёр ва кабутар ва он чӣ расм аст аз дороти[3] ин шаб ба даст карданд[4].

Аз Хоҷа Бунаср шунудам, ки Хоҷаи Бузург маро гуфт: «Чӣ шояд буд, ки ин тадбири рафтан сӯйи Марв рост меравад?» Гуфтам: «Ҳанӯз то ҳаракат накунад, дар гумон мебояд буд». Гуфт: «Гумон чист, ки навбатӣ[5] бизаданду вакил рафт». Гуфтам: «Ҳам навбатӣ боз тавон оварду ҳам вакил боз тавонад гашт, ки ба ҳеч ҳол то як ду манзил ба роҳи Марв рафта наёяд, дил дар ин кор натавон ниҳод».

Ва Сада фароз омад, нахуст шаб Амир бар он лаби ҷӯйи об, ки шароъӣ зада буданд, бинишаст ва надимону мутрибон биёмаданду оташ ба ҳезум заданд ва пас аз он шунидам, ки қариб дах фарсанг фурӯғи он оташ бидида буданд ва кабутарони нафтандуд бигузоштанд ва дадгони барфандуд ва оташзада давидан гирифтанд ва чунон садае буд, ки дигар ончунон надидам ва он ба хуррамӣ ба поён омад.

Ва Амир дигар рӯз бор надод ва савум рӯз пас аз бор халвате кард бо вазиру аъён ва аркони давлат ва гуфт: «Азиматам бар он чумла буд, ки сӯйи Марв равем ва акнун андеша кардам Нӯштагини Хоссаи ходим онҷост бо лашкаре тамом ва фавҷе туркмононро бизад ва аз пеши вай бигрехтанд. Фавҷе савори дигар фиристем, то

---

[1] газ номи дарахтчаест дорои шохҳои нозуку баргҳои рез, ки бештар дар канори ботлоқҳову заминҳои шӯр мерӯяд.

[2] уқоб.

[3] дорот – шаъну шавкат ва карру фарр.

[4] ба даст карданд – омода карданду фароҳам оварданд.

[5] яъне, саропардаи навбатӣ.

бад-ӯ пайвандад ва ба мардум мустазҳир[1] гардад. Ва Суриву Абдус ва лашкаре қавӣ сӯйи Нисо рафт ва сипоҳсолор Алӣ сӯйи Гузгонону Балх. Ва ҳоҷиби бузург ба Тахористон аст бо лашкаре ва ин лашкарҳо бо якдигар наздиканд. Ҳамоно Алитагин, ки аҳд кардааст ва дигарон заҳра надоранд, ки қасде кунанд. Раъйи дуруст он мебинам, ки сӯйи Нишобур равем, то ба Рай наздик бошем ва ҳашмате афтад ва он корҳо, ки печида мебошад гушода гардад ва гургониён битарсанду моли замони дусола бифиристанд».

Хоҷа гуфт: «Савоб он бошад, ки раъйи олӣ бинад». Ва Бунаср дам назад. Ва ҳоҷибон Багтуғдиву Субошиву Буназрро рӯйи он набуд, ки дар чунин корҳо сухан гуфтандӣ, хосса, ки вазир бар ин ҷумла сухан гуфт. Ва Амир фармуд, ки нома бояд набишт, сӯйи Ҳасани вакил, то бозгардад ва саройпардаи навбатӣ бозоранд. Гуфтанд: «Чунин кунем ва бозгаштанд». Ва ду хайлтош номзад шуд ва нома набишта омад ва ба таъҷил барнишастанду бирафтанд. Бунаср вазирро гуфт, ки «Хоҷаи Бузург дид, ки нагузоштанд, ки як тадбир рост бирафтӣ?» Гуфт: «Дидам ва ин ҳама Ироқии дабир кардааст, хабар ёфтам ва имрӯз ба ҳеч ҳол рӯйи гуфтор нест. То Нишобур боре биравем ва он ҷо муқом кунад, пас агар ин Ироқӣ дар сари вай ниҳода бошад, ки сӯйи Гургону Сорӣ бояд рафт аз баҳри ғарази хеш, то тақаммулу олат ва наздикии вай бо Амир мардумони он вилоят бубинанд ва қасди рафтан кунад, беҳашамат хатои ин рафтан боз намоям ва аз гардани хеш берун кунам, ки Ироқӣ мардест девона ва ҳарчияш[2] фароз ояд мегӯяду ин Худованд мешунавад ва чунон намудааст бад-ӯ, ки аз вай носеҳтар кас нест ва Хуросону Ироқ ба ҳақиқат дар сари кори ӯ хоҳад шуд, чунин ки мебинем».

Ва навбатиро[3] фаррошон бозоварданд ва сӯйи Нишобур бизаданд. Рӯзи якшанбе, ду рӯз бимонда аз сафар[4] Амир, разияллоҳу анҳу, аз Сарахс бирафт ва ба Нишобур расид рӯзи шанбе чаҳордаҳуми моҳи рабеъулаввал[5] ва ба Шодёх фуруд омад. Ва ин сол хушк буд, зимистон бад-ин чойгоҳ кашида, ки қариб бист рӯз аз баҳманмоҳ бигузашта буд, ки ба Нишобур як барф карда буд чаҳор ангушт ва ҳамаи мардумон аз ин ҳол ба тааҷҷуб монда буданд. Ва пас аз ин пайдо омад натиҷаи хушксолӣ, чунонки биёрем ин аҷоибу наводир.

---

[1] қавипушт.
[2] ҳар чӣ ӯро.
[3] пардасаро, чодар.
[4] баробар бо 11 январи соли 1035-и милодӣ.
[5] баробар бо 27 январи соли 1035 -и милодӣ.

Се дигар рӯз аз расидани ба Нишобур халвате кард бо вазиру аъёни давлат ва Булҳасани Ироқӣ наздики тахт буд истода ва ҳар гуна сухан мерафт. Амир гуфт: «Ман ин ҷо як ҳафта беш нахоҳам буд, ки Хуросон оромида шуд ва туркмонон ба дӯзах бирафтанд ва лашкар ба думи эшон аст, то алафи Нишобур бар ҷой бимонад тобистонро, ки ин ҷо бозоем. Ва Сурӣ ба зудӣ ин ҷо боз ояду корҳои дигар бисозад. Ва ба Деҳистон мегӯянд даҳ ман гандум ба дирамест ва понздаҳ ман ҷав ба дираме, он ҷо равем ва он алафро ройгон хӯрда ояду лашкарро фарохӣ бошад ва аз ранҷи сармо бираҳанд ва ба Хоразму Балхонкӯҳ наздик бошем; Ва Абдусу лашкар хабари мо аз Деҳистон ёбанд, қавидил гарданд ва ба Раю Ҷибол хабар расад, ки мо аз Нишобур бар он ҷониб ҳаракат кардем ва Бусаҳлу Тош ва ҳашам, ки онҷоанд, қавидил гарданд ва Писари Кокуву дигар осиён сар ба хат оранд. Ва Тош то Ҳамадон биравад, ки он ҷо мунозеъе нест ва он чӣ гирд шудааст ба Рай аз зару ҷома ба даргоҳ оранд. Ва Бокалиҷор моли мувозеъатии Гургон дусола бо ҳадяҳо бифиристад ва низ хидмат кунад ва агар рост наравад, яке то Саторобод[1] биравем ва агар низ ҳоҷат ояд, то ба Сориву Омул, ки масофат наздик аст, биравем. Мегӯянд, ки ба Омул ҳазор ҳазор мард аст, агар аз ҳар марде диноре ситада ояд, ҳазор ҳазор динор бошад, ҷома ва зар низ ба даст ояд. Ва ин ҳама ба се-чаҳор моҳ рост шавад ва пас аз Наврӯз ба муддате чун ба Нишобур боз расем, агар мурод бошад, тобистон он ҷо битавон буд ва Сурӣ ва раъийят он ҷо бояд аз алаф батамомӣ бисозанд. Раъйи мо бар ин ҷумла қарор гирифтаст ва ночор бихоҳем рафт, шумо дар ин чӣ мебинеду гӯед?»

Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад дар қавм нигаристу гуфт: «Аъёни сипоҳ шумоед, чӣ мегӯед?» Гуфтанд: «Мо бандагонему моро аз баҳри кори ҷангу шамшер задану вилоят зиёдат кардан оранд ва ҳарчӣ худованд-султон бифармояд, бандавор пеш равему ҷонҳо фидо кунем, сухани мо ин аст, сухани бояду набояд ва шояду нашояд кори Хоҷа бошад, ки вазир аст ва ин кори мо нест». Хоҷа гуфт: «Ҳарчанд Аҳмади Янолтагин баруфтод, Ҳиндустон шӯридааст ва аз ин ҷо то Ғазнин масофатест дур ва пушт ба Ғазнину Ҳиндустон кардан носавоб аст ва-з дигар сӯй, ба ирҷоф[2] хабар уфтод, ки Алитагин гузашта шуд ва ҷон ба маҷлиси олӣ дод ва маро ин дуруст аст, чунонки шунудам аз нолонӣ, ки вайро уфтода буд, рафта бошад. Ва вай марде зираку гурбуз ва кордида буд, мудоро медонист кард бо ҳар ҷонибе ва туркмонону Салҷуқиён уддати вай буданд ва эшонро нигоҳ медошт ба сухану сим, ки донист, ки агар

[1] манзур Астаробод аст.

[2] ирҷоф – суханҳои дурӯғу беасл ва ҷамъи он арҷиф бошад.

эшон аз ӯ ҷудо шаванд, заиф гардад. Ва чун ӯ рафт, кори он вилоят ба дӯ кудак уфтод ва чунонки шунудам, миёни Салҷуқиён ва ин ду писар ва Қунаш – сипоҳсолори Алитагин нохӯш аст, бояд ки он нохӯшӣ зиёдат гардаду Салҷуқиён онҷо натавонанд буд. Ва ба Хоразм рӯйи рафтан несташон, ки чунонки муқаррар асту ниҳодаам, то ин ғоят Ҳорун ҳаракат карда бошад ва вайро кушта бошанду он навоҳӣ музтариб гашта. Ва Шоҳмалик он ҷо шуда ва ӯ душмани бузург аст Салҷуқиёнро ва эшонро ҷуз Хуросон ҷое набошад, тарсам ки аз зарурат ба Хуросон оянд, ки шунида бошанд, ки кори гурӯҳи Буқаву Яғмуру Кӯктош ва дигарон, ки чокарони эшонанд ин ҷо бар чӣ ҷумла аст, онгоҳ агар иёзанбиллоҳ бар ин ҷумла бошад ва худованд ғоиб, кор сахт дароз гардад. Ва тадбири рост он буд, ки Худованд андешида буд, ки ба Марв равад ва раъйи олӣ дар он бигашт. Банда он чӣ донист ба миқдори дониши хеш, бознамуд, фармон Худовандро бошад».

Амир гуфт: «Нӯштагини Хосса бо лашкаре тамом ба Марв асту ду солори муҳташам бо лашкарҳо ба Балху Тахористонанд, чӣ гуна мумкин гардад, туркмонони Рудборро қасди Марв кардану аз биёбон баромадан? Ва олтунтошиён[1] ба худ машғуланд ба коре, ки пеш доранд. Моро савоб ҷуз ин нест, ки ба Деҳистон равем, то нигарем, ки кори Хоразм чун шавад». Хоҷа гуфт: «Ҷуз муборак набошад». Амир ҳочиб Субоширо гуфт: «Сорбононро бибояд гуфт, то уштурон дурдасттар набаранд, ки то панҷ рӯз бихоҳем рафт. Ва ҳоҷибе ин ҷо хоҳем монд бо ноибони Сурӣ, то чун Сурӣ даррасад, бо вай даст яке дорад, то алаф сохта кунанд боз омадани моро ва дигар лашкар ба ҷумла бо рояти[2] мо раванд». Гуфт: «Чунин кунам». Бунасри Мушконро гуфт: «Номаҳо бояд набишт ба Марву Балх, то ҳушёру бедор бошанд ва сари биёбонҳову гузарҳои Ҷайҳун ба эҳтиёт нигоҳ доранд, ки мо қасди Деҳистон дорем, то аз ин ҷониб дар рӯйи Хоразму Нисову Балхонкӯҳ бошем ва туркмононро ба ҷумла аз Хуросон рамонида ояд ва шуғли дил[3] намонад. Ва солори ғуломони саройиро ҳоҷиб Багтуғдӣ гуфт, ки кори ғуломони саройӣ рост кун, ки беморон ин ҷо монанд дар қуҳандиз ва дигар сохта бо рояти мо раванд ва ҳамчунон асбони қавд»[4]. Ва бархостанду бирафтанд.

Аз Хоҷа Бунасри Мушкон шунидам, гуфт: «Чун бозгашта будем, Амир маро бихонд танҳо ва бо ман халвате карду гуфт: «Дар ин бобҳо ҳеч сухан нагуфтӣ». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз

---

[1] фарзандони Хоразмшоҳ Олтунтош, ки пас аз марги падар бо дарбори Ғазна хасм гаштанд.

[2] роят – парчам, алам.

[3] шуғли дил – гирифтории хотир, нигаронӣ.

[4] асбони қавд – аспони ядакӣ.

бод, маҷлисе дароз бирафту ҳар касе он чӣ донист гуфт, бандаро шуғл дабирист ва аз он зосутар[1] чизе нагуяд». Гуфт: «Оре, дерест, то ту дар миёни муҳиммоти мулкӣ ва бар ман пӯшида нест, ки падарам ҳарчӣ бикардиву раъй задӣ, чун ҳамагон бигуфта буданду бозгашта, бо ту мутораҳа[2] кардӣ, ки раъйи ту равшан асту шафақати ту дигар ва ғаразат ҳама салоҳи мулк». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, агар чунон аст, ки ин чӣ худовандро гуфтаанд аз ҳоли Деҳистону Гургону Табаристон ба ҷой ояд аз алафу зару ҷома ва дар Хуросон халале наяфтад, ин сахт некӯ кореву бузург фоидаҳоест ва агар халале хоҳад уфтод, наузубиллоҳ ва ин чизҳо ба даст наёяд, беҳтар дар ин боб ва некӯтар бибояд андешид. Ва банда беш аз ин нагӯяд, ки сурат бандад[3], ки банда дар боби Бокалиҷору гургониён поймардӣ[4] мекунад, ки дар маҷлиси олӣ сурат кардаанд, ки банда вакили он қавм аст ва валлоҳ, ки нестаму ҳаргиз набудаам ва ба ҳеч рӯзгор ҷуз маслаҳат наҷустаам. Ва ба пандномаву расул шуғли гургониён рост шавад, агар ғаразе дигар нест».

Амир гуфт: «Ағроз дигар аст, чунонки чанд маҷлис шунидай ва ночор мебояд рафт». Гуфтам : «Эзид, азза ва ҷалла, хайру хайрият бад-ин ҳаракат макрун кунод!» Ва бозгаштам. Ва вазир мунтазир мебуду хабар шунуда буд, ки бо ман танҳо халват кардааст. Чун он ҷо омадам, вазир гуфт: «Дер мондӣ?» Бозгуфтам, ки чӣ рафт? Гуфт: «Тадбири ин Ирокӣ дар сари ин мард печидааст устувор ниҳода ба Сархас ва ин ҷо ба Нишобур ҳар рӯз мепарваронаду ширин мекунад ва бубинӣ, ки аз ин ҷо чӣ шикофад ва чӣ бинем. Ва ҳарчанд чунин аст, ман руқъате хоҳам набишт ва суханро гушодатар бигуфт ва он ҷуз туро арза набояд кард». Гуфтам: «Чунин кунам, аммо пиндорам, ки суд надорад». Хоҷа гуфт: «Он чӣ бар ман аст, бикунам, то фардо рӯз, ки аз ин рафтан пушаймон шавад ва валлоҳ, ки шавад ва ба тамаъи муҳол ва истибдод дар ин кор печидааст, натавонад гуфт, ки касе набуд, ки моро бознамудӣ хатову носавобии ин рафтан. Ва бар дасти ту аз он мехоҳам, то ту гувоҳи ман бошӣ. Ва донам, ки сахт нохӯшаш ояду маро муттаҳам медорад, муттаҳамтар гардам ва сақат[5] гӯяд, аммо раво дораму ба ҳеч ҳоле насиҳат боз нагирам». Гуфтам: «Худованд сахт некӯ мегӯяд, ки дину эътиқот ва ҳаққи неъмат шинохтан ин аст». Ва ба девон рафтаму номаҳо фармуда буд ба Марву Балх ва чойҳои дигар набишта омад ва гусел карда шуд.

---

[1] зосутар – фаротар.
[2] мутораҳа – машварат кардан.
[3] тасаввур шавад, ба дуруғ ҷилва додан.
[4] шафоъат, миёнҷигарӣ.
[5] сақат – душном.

Дигар рӯз чун бор бигсасту Хоҷа бозгашт, Амир гуфт: «Ҳам бар он чумлаем, ки пасфардо биравем». Хоҷа гуфт: «Муборак бошад ва ҳама мурод ҳосил шавад ва банда ҳам бар ин маъно руқъате набиштааст ва Бунасрро пайғоме дода, агар раъйи олӣ бинад, расонад». Гуфт: «Нек омад!» Бозгаштанду он руқъат ба Бунаср дод ва сахт мушаббаъ[1] навишта буду насиҳатҳои ҷазм карда ва мусарраҳ[2] бигуфта, ки «Бандагонро, ки худовадонро гӯянд, ки фулон кор бояд кардан, ки худовандони бузург ҳарчӣ хоҳанд кунанду фармоянд, аммо расму шарт аст, ки бандае ки ин маҳал ёфта бошад аз эътимоди худованд, ки ман ёфтаам, насиҳатро сухан боз нагирад дар ҳар бобе. Дӣ сухан рафтааст дар ин рафтан бар ҷониби Деҳистон ва раъйи олӣ қарор гирифтааст, ки ночор бибояд рафт ва худовандони шамшер дар маҷлиси худованд, ки гуфтанд эшон фармонбурдоранд ҳарчӣ фармон бошад, шарти кори эшон он аст, валекин бо банда чун берун омаданд, пӯшида бигуфтанд, ки ин рафтан носавоб аст ва аз гардани хеш берун карданд. Он чӣ раъйи олӣ бинад, ҷуз салоҳу хайру хубӣ набошад, пас агар ва-л-ъиёзубиллоҳ, халале пайдо ояд, худованд нагӯяд, ки аз бандагон касе набуд, ки моро хатои ин рафтан боз намудӣ ва фармон худовандро бошад аз ҳарчӣ фармояд ва бандагонро аз имтисол[3] чора нест». Бунаср гуфт: «Ин руқъат сахт тезу мушаббаъ аст, пайғом чист?» Гуфт: «То чӣ шунавӣ ҷавоб мебояд дод, ки пайғом фарохӯри набишта бошад». Бирафту руқъат расонид ва Амир ду бор ба тааммул бихонд. Пас гуфт: «Пайғом чист?» Бунаср гуфт: «Хоҷа мегӯяд банда ҳадди адаб нигоҳ медорад, дар ин фарох-суханӣ, аммо чора нест ва то дар миёни кор аст, ба миқдори дониши хеш он чӣ донад, мегӯяду боз менамояд ва дар руқъат ҳар чизе набиштааст. Нуктаи бозпасин ин аст, ки банда мегӯяд носавоб аст рафтан бар ин ҷониб ва Хуросонро фурӯ гузоштан бо бисёр фитнаву хавориҷ ва фурсатҷӯй, бокӣ фармон худовандрост». Амир гуфт: «Ин чӣ Хоҷа мегӯяд, чизе нест, Хуросон ва гузарҳо пурлашкар аст ва туркмонони ироқӣ бигрехтанду эшонро то Балхонкӯҳ битохтанд ва лашкар дар думи эшон аст. Ва пайдост то Деҳистону Гургон чӣ масофат аст, ҳар гоҳ, ки мурод бошад ба ду ҳафта ба Нишобур боз тавон омад». Бунаср гуфт: «Ҳамчунин аст ва фармон худованд-султонро бошад ва бандагонро аз ин чӣ гӯянд, чора нест, хосса Хоҷа». Гуфт: «Ҳамчунин аст».

[1] мушаббаъ – муфассал.
[2] мусарраҳ – ошкоро, ба сароҳат.
[3] фармонбурдорӣ.

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, аз Нишобур бирафт бар роҳи Исфаройин[1] то ба Гургон равад, рӯзи якшанбе дувоздаҳуми моҳи рабеъулаввал[2]. Ва дар роҳ сармо ва боде буд сахт банеру хосса то сари дараи Динори Сорӣ[3]. Ва ин сафар исфандормузмоҳ[4] буд ва ман, ки Булфазлам бар он ҷумла дидам, дар миёвари ҳавосил[5] доштам ва қабои рубоҳи сурх ва боронӣ ва дигар чизҳо фарохӯри ин ва бар асб чунон будам аз сармо, ки гуфтӣ ҳеч чиз пӯшида надорамӣ. Чун ба дараи Динори Сорӣ расидем ва дар дара даромадем ва масофати ҳама ду фарсанг буд, он ҷомаҳо ҳама бар ман вабол[6] шуд. Ва аз дара берун омадам ва ҳама ҷаҳон наргису бунафша ва гуна-гунаи раёҳину хазро буд ва дарахтони бар саҳро дарҳамшударо андозаву ҳадд пайдо набуд, ки тавон гуфт буқъате нест назиҳтар[7] аз Гургону Табаристон, аммо сахт вабист[8], чунонки Булфазли Бадеъ гуфтааст: Ҷурҷона ва мо адро камо Ҷурҷону! Аклатун минат-т-тина ва мавтатун фӣ-л ҳина ва-н-наҷору изо раъйа-л хуросонийя наҳата-т-тобута ъало қаддиҳи[9].

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ба Гургон расид рӯзи якшанбе бисту шашуми моҳи рабеъулаввал[10] ва аз Турбати Қобус[11], ки бар роҳ аст, бигзашт ба бар он ҷониб шаҳрҷое, ки Муҳаммадобод гӯянд, фуруд омад бар канори рӯде бузург. Ва бар роҳ, ки мерафт аз ин ҷониби шаҳр то бад-он ҷониб фуруд ояд, мавлозодае даст ба гуспанде дароз карда буд. Мутазаллим[12] пеши Амир омаду бинолид, Амир асб бидошту нақибонро гуфт: «Ҳамакнун хоҳам, ки ин мавлозодаро ҳозир кунед». Битохтанд ва аз қазои омадаву аҷали расида мавлозодаро биёварданд ва бистгонихор[13] буд. Бо гуспанд, ки истода буд ва Амир ӯро гуфт: «Бистгонӣ дорӣ?» Гуфт: «Дорам,

---

[1] Исфаройин – қасабае дар шимолии Сабзавор (дар Хуросон).
[2] баробар бо 25 январи соли 1035-и милодӣ.
[3] Динори Сорӣ – номи маҳалле дар кӯҳи байни Хуросон ва Гургон.
[4] моҳи дувоздаҳуми солшумории офтобии эронӣ, ки аз 20 феврал то 20 мартро дар бар мегирад.
[5] миёзарии ҳавосил ба маънои ридо ё шалвори аз пусти ҳавосил (мурғи калони сафед) сохташуда аст.
[6] вабол – сахтӣ ва азоб, ранҷ, зарар, зиён.
[7] назиҳ – покиза, босафо.
[8] яъне, вабохез аст.
[9] тарҷ: Гургон ва чӣ чиз огоҳ кард туро, ки чист Гургон? Як бор хӯрдан аз анҷир ва марг дар ҳамон дам ва наҷҷор (дуредгар) чун хуросониро он ҷо бинад, ба болои вай тобут тарошад.
[10] баробар бо 8 феврали соли 1035-и милодӣ.
[11] гӯр ё гунбади Қобус ибни Вушмагир амир аз силсилаи Зиёриён
[12] мутазаллим – додхоҳ.
[13] бистгонихор-касе, ки аз хазина бар ивази хидмати низомӣ ҳуқуқ (маош) бигирад.

чандину чандин». Гуфт: «Гуспанд чиро ситадӣ аз мардумони ноҳияте, ки вилояти мост ва агар ба гушт муҳтоҷ будӣ, ба сим чиро нахаридӣ, ки бистгонӣ ситадаиву бенавоӣ нест». Гуфт: «Гуноҳ кардаму хато кардам». Гуфт: «Лоҷарам сазои гунаҳкорон бубинӣ». Фармуд, то вайро аз дарвозаи Гургон биёвехтанду асбу созаш ба худованди гуспанд дод ва мунодӣ карданд, ки ҳар кас, ки бар раъоёи ин навоҳӣ ситам кунад, сазои ӯ ин бошад. Ва бад-ин сабаб ҳашмати бузург уфтод. Ва роъӣ[1] раъиятро бад-ин ва монанди ин нигоҳ тавонад дошт, ки ҳар гоҳ, ки подшоҳ, ато надиҳаду сиёсат ҳам бар ҷойгоҳ наронад, ҳамаи корҳо бар вай шӯридаву табоҳ гардад, валлоҳу аълам.

Ҳикоят дар маънои сиёсат аз Амири одил Сабуктагин, раҳматуллоҳи алайҳи

Аз Хоҷа Бунаср шунидам, раҳматуллоҳ, гуфт: «Як рӯз Хоразмшоҳ Олтунтош ҳикоят кард ва аҳволи подшоҳону сирати эшон мерафту сиёсат, ки бавақт кунанд, ки агар накунанд, рост наёянд. Гуфт: «Ҳаргиз мард чун Амири одил Сабуктагин надидам дар сиёсату бахшишу кадхудоиву дониш ва ҳамаи русуми мулк». Гуфт: «Бад-он вақт, ки ба Буст рафт ва Бойтузиёнро бад-он макру ҳилат барандохту он вилоят ӯро софӣ шуд, як рӯз гармгоҳ дар саройпарда ба хиргоҳ буд, ба саҳрои Буст ва ману нуҳ ёри ман аз он ғуломон будем, ки шабу рӯз як соат аз пеши чашми вай ғоиб набудаем ва ба навбат меистодем дугон-дугон. Мутазаллиме ба дари саройпарда омаду бихурӯшид ва навбат маро буду ман беруни хиргоҳ будам бо ёрам ва бо сипару шамшеру камону ночах будам. Амир маро овоз дод, пеш рафтам. Гуфт: «Он мутазаллим, ки хурӯш мекунад биёр». Биёвардам. Ӯро гуфт: «Аз чӣ менолӣ?» Гуфт: «Марди дарвешам ва буни хурмо дорам, як пилро наздики хурмобунони ман медоранд, пилбон ҳама хурмои ман ройгон мебабарад, Аллоҳ, Аллоҳ, Худованд фарёд расад маро». Амир, разияллоҳу анҳу, дарсоат барнишаст ва мо ду ғуломи савора бо вай будем, бирафтем ва мутазаллим дар пеш. Аз иттифоқи аҷибро чун ва хурмобунон расидем, пилбонро ёфтем, пил зери ин хурмобун баставу хурмо мебурид ва огоҳ на, ки Амир аз дур истодаасту малакулмавт омадааст ба ҷон ситадан. Амир ба туркӣ маро гуфт: «Зеҳи камон ҷудо куну бар пил рав ва аз он ҷо бар дарахт ва пилбонро ба зеҳи камон биёвез». Ман рафтам ва мардак ба хурмо бурдан машғул, чун ҳаракати ман бишнид, бознигирист, то бар хештан биҷунбид, бад-ӯ расида будам ва ӯро гирифта ва оҳанги зеҳ дар гардан кардан

[1] роъӣ – нигаҳбон ва сарпарасти қавм.

кардам. Вай ҷонро овехтан гирифт ва бим буд, ки маро бияндохтӣ, Амир бидид ва биронду бонг ба мардак бизад. Вай чун овози Амир бишнид, аз хӯш бишуду суст гашт, ман кори ӯ тамом кардам. Амир фармуд, то расане оварданд ва пилбонро бар расан устувор бибастанд ва мутазаллимро ҳазор дирами дигар бидоду дарахти хурмо аз вай бихарид ва ҳашмате бузург уфтод, чунонки дар ҳамаи рӯзгори иморати ӯ надидаму нашунидам, ки ҳеч касро заҳра буд, ки ҳеҷ ҷой себе ба ғасб аз кас бистадӣ. Ва чанд бор ба Буст рафтем ва пилбон бар он дарахт буд, охир расан бибуриданду мард аз он ҷо бияфтод. Ва аз чунин сиёсат бошад, ки ҷаҳонеро забт тавон кард».

Ва Бокалиҷор ва ҷумлаи гургониён хону монҳо бигузошта буданд пурнеъмат ва сохта сӯйи Сорӣ бирафта; Анушервон писари Манучеҳрро бо хештан бибурда бо аъёну муқаддамон чун Шаҳрогиму Мардовез ва дигар гарданон[1], ки Бокалиҷор бо эшон дармонда буд. Дигар рӯз, Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, омад ва ҷумлаи муқаддамони араб бо ҷумлаи хайлҳо ва гуфтанд чаҳор ҳазор савор аст, ба даргоҳ омаданд ва Амир эшонро бинавохту муқаддамонро хилъатҳо дод ва ҳамаи қуввати гургониён ин араб буданд ва бар даргоҳ бимонданд ва инак, бақоёи эшон аст ин ҷо[2]. Ва Бокалиҷор гуфтанд ин корро ғанимат дошт, ки дар таҳаккум ва иқтироҳоти[3] эшон монда буд.

Ва соҳибдевонии Гургон ба Саъиди сарроф доданд, ки кадхудойи сипоҳсолор Ғозӣ буда буд ва хилъат пушиду ба шаҳр рафт ва молҳо ситадан гирифт ва саройҳову молҳои гурехтагон меҷустанд ва он чӣ меёфтанд, меситаданд; ва андак чизе ба хизона мерасид, ки бештар мерабуданд, чунонки расм асту дар чунин ҳол бошад. Ва расуле расид аз они Писари Манучеҳр ва Бокалиҷор ва пайғом гузорд, ки «Худованди олам ба вилояти хеш омадааст ва эшон бандагони фармонбурдоранд ва сабаби пеш ноомадан он буд, ки басазо мизбониву хидмат натавонистанд кард ва хиҷил шуданду ба Сорӣ муқом кардаанд, мунтазири фармони олӣ, то ба тоқати хеш хидмате кунанд, он чӣ фармуда ояд». Ҷавоб дод ки «Азимат қарор гирифтааст ки ба Саторобод оему муқом кунем, ки ҳавои он ҷо сазовортар аст. Аз он ҷо, он чӣ фармуданист, фармуда ояд». Ва расулро бар ин ҷумла бозгардонида шуд.

Чун рӯзе даҳ бигзашт ва дар ин муддат пайваста шароб мехӯрдем, Амир халвате кард бо вазиру аъёни давлат ва қарор гирифт, ки Амир Мавдуд бад-ин лашкаргоҳ бибошад бо чаҳор ҳазор

---

[1] гарданкашон.

[2] яъне, дар Ғазнин.

[3] таҳаккум – дар ин ҷо ба маънии таъаддӣ ва ҷавр кардан; иқтироҳот – ҷамъи иқтироҳ ба маънии дархост ва талаб кардан;

савор аз ҳар дасте ва муқаддамони эшон ва Олтунтоши ҳоҷиб муқаддами ин фавҷ ва ҳамагон гӯш ба ишорати худовандзода доранд ва ду ҳазор савор аз ин араби мустаъмина[1] ба Деҳистон раванд бо Пирии охурсолор ва се ҳазор савори султонӣ ниме турку ниме ҳинду ва эшон низ гӯш ба фармони Амир Мавдуд доранд. Ва халват бигзашт ва лашкар ба Деҳистон рафт ва мисолҳо, ки бояст, султон фарзандро бидод.

Ва рӯзи душанбе, дувоздаҳуми моҳи рабеъулохир[2] аз Гургон бирафт ва аз ин ҷо ду манзил буд то Асторобод ба роҳе, ки онро Ҳаштодпул мегуфтанд бешаҳои беандоза ва обҳои равон. Ва осмон он сол ҳеҷ родӣ[3] накард ба борон, ки агар як борон омадӣ, Амирро боз боястӣ гашт ба зурурат, ки замини он навоҳӣ бо тангии роҳ суст асту ҷуйҳову ҷарҳо беандоза, ки агар як борон дар як ҳафта биёяд, чанд рӯз бибиёяд, то лашкаре на бисёр битавонад рафт, чандон лашкар ки ин подшоҳ дошт, чун тавонистӣ гузашт? Валекин чун мебоист, ки аз қазои омада бисёр фасод дар Хуросон пайдо ояд, тақдири эзадӣ чунон омад, ки дар буқаъте[4], ки пайваста борон ояд, ҳеҷ наборид, то ин подшоҳ ба осонӣ бо лашкаре бад-ин бузургӣ бар ин роҳ гузашту ба Омул омад, чунонки биёрам.

Сездаҳуми моҳи рабеъулохир Амир ба Асторобод омад ва хаймаи бузург бар боло бизада буданд аз шаҳр бар он ҷониб, ки роҳи Сорӣ буд, анбардеҳе[5] сахт фароху баланд ва ҳама саводи Сорӣ зери он, ҷойе сахт назиҳ. Ва саройпардаву девонаҳо ҳама зери он парда бизада буданд. Буқии посбони лашкар ва масхара – марде хуш, Хоҷа Бунасрро гуфт ва сахт хуш марде буду Амиру ҳамаи аъёни лашкар ӯро дӯст доштандӣ ва танбӯр задӣ, ки «бад-он рӯзгор, ки Тош сипоҳсолори Сомониён зада[6] аз Абулҳасани Симҷур ба Гургон омад ва Оли Бӯяву Соҳиб Исмоили Аббод ин навоҳӣ ӯро доданд, хаймаи бузург бар ин боло бизад ва ман, ки Буқиям ҷавон будаму посбони лашкар. Ӯ рафт ва Симҷуриён рафтанд ва Султон Маҳмуд низ бирафт ва инак ин худованд омад ва ин ҷо хайма зад, тарсам, ки гоҳи рафтани ман омадааст». Мискинин фол бизаду рост баромад, ки дигар рӯз бинолиду шаб гузашта шуд ва он ҷо дафн карданд. Ва моно[7], ки ӯ ҳазорон фарсанг рафта буд ва бештар бо Амир Маҳмуд дар Ҳиндустон ва ба тани хеш, марде мард буд, ки

[1] ба паноҳомада.
[2] баробар бо 24 феврали соли 1035-и милодӣ.
[3] ҷавонмардӣ, караму бахшиш.
[4] сарзамин, шаҳр.
[5] анбардеҳ ба маънои тудаи хоки анборшуда.
[6] зада – яъне, мағлубшуда.
[7] ҳамоно.

дидам ба ҷанги қалъатҳо, ки ӯ пой пеш ниҳоду бисёр ҷароҳатҳо ёфт аз сангу аз ҳар чизе, хатарҳо карду ба муродҳо расид ва охир наваду се сол умр ёфту ин ҷо гузашта шуд бар бистар. Ва мо тадри нафсун би аййи арзин тамуту[1]. Ва некӯ гуфтааст Буисҳоқ, шеър:

Ва руббамо йарқаду зу ғирратин,
Асбаҳу фи-л-лаҳди ва лам йасқами.
Йо возиъа-л маййити фи-л қабриҳ,
Хотабака-л қабру ва лам тафҳами[2]

Ва се рӯзи дигар Амир аз пагоҳии рӯз нишоти шароб кард бар ин боло. Ва вақти турунҷу норинҷ[3] буд ва боғҳои ин буқъат аз он беандоза пайдо карда буд ва аз ин боло падидор буд. Фармуд, то аз дарахтҳо бисёр турунҷу норинҷу шохҳои бо бор боз карданду биёварданд ва гирд бар гирди хайма бар он боло бизаданд ва он ҷойро чун фирдавс биёростанд. Ва надимонро бихонд ва мутрибон низ биёмаданду шароб хӯрдан гирифтанд. Ва алҳаққ рӯзе сахт хушу хуррам буд. Ва устодам Бунасрро фармон расид, то номаҳое, ки расидааст, пеш барад. Чун аз хондан фориғ шуд, вайро ба шароб боз гирифт. Дар ин миён, Амир вайро гуфт: «Буқӣ гузашта шуд». Устодам гуфт: «Худовандро бақо боду бархурдорӣ аз мулку ҷавонӣ, то ҳамаи бандагон пеши вай дар ризову хидмати ӯ гузашта шаванд, ки салоҳи эшон андарон бошад. Аммо худованд бидонад, ки Буқӣ бирафту банда ӯро ёре нашиносад дар ҳамаи лашкар, ки ба ҷойи вай битавонад истод». Амир ҷавобе надод ва ба сари он нашуд, ки бад-он сухан хидматгорони дигарро хостааст, ки ҳар касе меравад, чун хештанеро намегузорад. Ва ҳаққо, ки Бунаср он рост гуфт, чун Буқӣ дигар наёяд ва пас аз вай битавон гуфт, ки агар дар ҷаҳон биҷустандӣ, посбоне чун Буқӣ наёфтандӣ. Аммо кор дар ҷустан асту ба даст овардан, валекин чун осон гирифта ояд, осон гардад ва дар ин тасниф биёвадаам, ки Султон Маҳмуд, ки Худой, азза ва ҷалла бар вай раҳмат кунод, тарбияти мардон бар чӣ ҷумла фармуд, чунонки ҳоҷат наёяд ба такрор, лоҷарам ҳамеша бар мардум мустазҳир буд. Ба маънии посбонӣ ин нуктаи чанд аз он бирондам, ки ба кор ояд.

Ва ин ҷо расуле дигаре расид аз они Бокалиҷору дигарон ва пайғом гузорданд, ки «Эшон бандагонанд фармонбурдор ва роҳҳо танг аст, киро накунад, ки рикоби олӣ бартар хиромад. Ҳар мурод,

---

[1] тарҷ: касе намедонад, ки ба кадом сарзамин ҷон месупорад (қисме аз ояи 34, сураи Луқмон)

[2] тарҷ: чӣ бисёр мағрур ба умрдарозе, ки шаб ором мегирад ва бомдод бемор ношуда дар гӯр ба сар мебарад. Ай гузорандаи мурда дар гӯраш, қабр бо ту сухан дар рӯй мегӯяд ва ту дар наёфтаӣ!

[3] турунҷу норинҷ – намудҳое аз мева.

ки ҳаст, гуфта ояд, то ба тоъату тоқат пеш баранд». Ҷавоб дода омад, ки «Мурод уфтодааст, ки то ба Сорӣ боре ойем, то ин навоҳӣ дида ояд ва чун он ҷо расидем, он чӣ фармуданист, фармуда шавад». Расулон бозгаштанд.

Ва рӯзи Наврӯз буд, ҳашт рӯз монда аз моҳи рабеъулохир, Амир ҳаракат кард аз Асторобод ва ба Сорӣ расид, рӯзи панҷшанбе се рӯз монда аз ин моҳ[1]. Ва дигар рӯз, одина, ҳоҷиб Нӯштагини Валволҷиро бо фавҷи лашкар ба деҳе фиристоданд, ки онро қалъате буд ва дар вай пире аз аъёни гургониён то он қалъатро гушода ояд. Ва Абулҳасани Дилшоди дабирро бо вай номзад карданд ба соҳиббаридии лашкар ва нахуст коре буд, ки Булҳасанро фармуданд. Ва ин қалъат сахт наздик буд ба Сорӣ ва бирафтанд ва ин қалъат аз адоти[2] набард надошт, ҳасонате[3] ба як рӯз ба танг[4] бистаданду бозомаданд. Чунон ки Булҳасан ҳикоят кард Хоҷа Бунасрро, ки он ҷо бисёр ғорату берасмӣ рафт. Ва кори Булҳасан тамкин наёфта буд ва пас чизе ба хазина расид, ҳарчӣ рафт дар ниҳон маълуми худ карда буд, чунонки дар мачлиси олӣ боз намуд ба мавқеъ уфтод ва муқаррар гашт, ки вай садиду[5] ҷалд[6] аст. Ва ин пирро ба даргоҳ оварданд бо пиразане ва се духтари ғоратзадаву сӯхташуда. Ва Амир пушаймон шуд ва пирро бинавохту аз вай биҳилӣ[7] хост ва бозгардонидаш. Ва маро чора нест аз боз намудани чунин ҳолҳо, ки аз ин бедорӣ афзояду таърих бар роҳи рост биравад, ки раво нест дар таърих тахсиру таҳрифу тақтиру табзир кардан[8]. Ва Нӯштагини Валволичӣ агар бад кард, худ бичашид.

Ва рӯзи якшанбе ғурраи чумодалуло Амир аз Сорӣ бирафт, то ба Омул равад. Ва ин роҳҳо, ки омадем ва дигар, ки рафтем, сахт танг буд, чунонки ду-се савор беш мумкин нашуд, ки бар он роҳ бирафтӣ ва аз чапу рост ҳама беша буд ҳамвор то кӯҳу обҳои равон, чунонки пилро гузора набудӣ. Ва дар ин роҳ пуле омад чубини бузург ва рӯде сахт булаҷаб ва нодир чун камоне хамохам ва сахт ранҷ расид лашкарро, то аз ин пул бигзашт ва оби рӯд сахт бузург на, аммо заминаш чунон сахт, ки ҳар сутуре бар вай бирафтӣ, фурӯ шудӣ, то гардан ва ҳисонати он замин аз ин аст. Ин ҷо фуруд

---

[1] баробар бо 6 март ва 11 марти соли 1035-и милодӣ.
[2] олоту созу барг.
[3] устуворӣ.
[4] зуд.
[5] устуворрой.
[6] чобук.
[7] ҳалолият, бахшиш.
[8] тахсир – зиёнрасонӣ; таҳриф – ивазкунӣ; тақтир – танг гирифтан; табзир – исрофкорӣ.

омаданд, ки сари роҳи шаҳр буд ва гиёҳхурди[1] бузург буд, ки соҳати[2] бисёр дошт чунонки лашкари бузург фурӯ тавонистӣ омад.

Ва аз наздики Носири Алавӣ ва муқаддамони Омулу раъоё се расул расид ва боз намуданд, ки «Писари Манучеҳр ва Бокалиқору Шаҳрогиму дигарон, чун хабари омадани Султон сӯйи Омул шуниданд, ба таъҷил сӯйи Нотилу Каҷуру Руён[3] рафтанд бар он ҷумла, ки ба Нотил, ки он ҷо мазоиқ[4] аст, бо лашкари мансур дасте бизананд, агар муқом натавонанд кард, ақабаи Калорро[5] гузора кунанд, ки мухиффанд[6] ва ба Гилон гурезанд. Ва банда Носиру дигар муқаддамон ва раъоё бандагони Султонанд ва муқом карданд, то фармон бар чӣ ҷумла бошад». Ҷавоб дод, ки «Хароҷи Омул бахшида шуд ва раъоёро бар ҷой бибояд буд, ки бо эшон шуғл[7] нест ва ғараз ба даст овардани гурехтагон аст». Ва расулон бар ин ҷумла бозгаштанд.

Ва Амир ба шитоб биронду ба Омул расид, рӯзи одина, шашуми ҷумодалуло[8]. Ва афзуни понсаду шашсад ҳазор мард берун омада буданд, мардумони покизарую некӯтар. Ва ҳеч кадомро надидам бетайласони шатавӣ ё тузӣ ё тустарӣ ё ресмонӣ[9] ё дасткор, ки фӯта[10] аст. Ва гуфтанд, одати эшон ин аст. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, аз намозгоҳи шаҳр роҳ битофт бо фавҷе аз ғуломони хосс ва ба каронаи шаҳр бигзашт ва бар дигар ҷониби шаҳр миқдори ним фарсанг хайма зада буданд, фуруд омад. Ва солор Багтуғдӣ бо ғуломони сароӣ бо дигар лашкар таъбия карданд ва ба шаҳр дар рафтанд ва аз он ҷо ба лашкаргоҳ омаданд. Ва ҷанбошиён гумошта буданд, чунон ки ҳеч касеро як дирҳам зиён нарасид ва раъоё дуъо карданд, ки лашкареву уддате диданд, ки ҳаргиз чунин надида буданад. Ва ман, ки Булфазлам, пеш аз таъбияи лашкар дар шаҳр рафта будам, сахт некӯ шаҳре дидам ҳамаи дукконҳо даркушода ва мардум шодком. Ва пас аз ин бигӯям, ки ҳол чӣ шуд ва бадомӯзон чӣ боз намуданд, то биҳишти Омул дӯзахе шуд.

Ва Амир дигар рӯз бор дод ва пас аз бор халвате кард бо вазир ва аъёни давлат ва гуфт: «Ба тани хеш тохтан хоҳам кард суйи

---

[1] гиёҳхурд – алафзор.
[2] кушодагӣ.
[3] мавзеъҳое дар самти Гургону Табаристон (Мозандарон).
[4] тангно.
[5] Калор – номи шаҳр ва гардана (ағба) дар Табаристон.
[6] сабукбор.
[7] кор.
[8] баробар бо 19 марти соли 1035-и милодӣ.
[9] тайласони шатавӣ, тузӣ, тустарӣ, ресмонӣ – намудҳои либосе, ки дар шаҳрҳои Шато (Миср), Туз (Форс) ва Тустар истеҳсол карда мешуданд..
[10] фута – миёнбанд, дасторча, рӯймол.

Нотил». Вазир гуфт: «Гургониёнро ин хатар набояд ниҳод, ки худованд ба думи эшон равад, ки ин ҷо биҳамдуллоҳ солорони боном ҳастанд». Ва аъён гуфтанд: «Мо ба чӣ кор оем, ки худовандро ба тани азизи хеш ин ранҷ бояд кашид?» Амир гуфт: «Руй чунин медорад, Хоҷа ин ҷо бибошад бо буна ва андеша мекунад ва Бунасри Мушкон бо вай, то ҷавоби номаҳо нависад. Ва ҳоҷиб ҳам муқом кунад, то эҳтиёте, ки воҷиб кунад дар ҳар бобе ба ҷой меорад. Ва фавҷе ғуломи қавӣ миқдори ҳазор ва понсад бо мо биёяд ва саворе ҳашт ҳазор тафориқ гузидатар ва даҳ пилу олати қалъат кушодан ва уштуре понсад зарродхона. Мебозгардед ва ба нимтарг биншинеду ин ҳама корҳо рост кунед, ки ман фардо шаб бихоҳам рафт ба ҳама ҳолҳо. Ва Ироқии дабир бо мо ояд ва надимону дигарон ҷумла бар ҷой бошанд. Ҳозирон бозгаштанд ва ҳарчӣ фармуда буд, бикарданд.

Ва Амир нимашаб шуда аз шаби якшанбе, ҳаштуми ҷумодалуло[1]

барнишаст ва бар муқаддама бирафт кӯс фурӯ куфтанд ва ин фавҷи ғуломони саройӣ бирафтанд. Ва бар асари эшон дигар лашкар фавҷан баъди фавҷ сохта ва бисеҷида[2] бирафтанд. Ва дигар рӯз намози пешин ба Нотил расиданд ва манзил бибурида ёфтанд гургониёнро ва он ҷо сабот карда ва ҷанг бисеҷида ва надониста буданд, ки султон ба тани хеш омадааст ва ҷанге саъб буд, чунонки бар асар шарҳ диҳам. Рӯзи сешанбе, чоштгоҳ даҳ рӯз гузашта аз ҷумодалуло, се ғуломи саройӣ расиданд бо башорати фатҳ ва ангуштвонаи Амир ба нишон биёварданд, ки аз ҷангҷой фиристода буд, чун фатҳ баромад, ки Амир эшонро битохта буд дуасба буданд. Ангуштвонаро ба солори ғуломони саройӣ ҳоҷиб Багтуғдӣ доданд, бистаду бӯса дод ва бар пой хосту замин бӯса дод ва фармуд, то дуҳулу буқ заданд ва овоз аз лашкаргоҳ бархост ва ғуломони саройиро бигардониданд ва аъён, ки ҳозир буданд чун вазиру ҳоҷиб Бунназр ва дигарон ҳаққи некӯ гузорданд. Ва намози дигарро фуруд омаданд ва нома набиштанд ба Амир ба шукри ин фатҳ аз вазиру ҳоҷиб ва қавм ва соҳибдевони рисолат Бунасри Мушкон номае набишт ва сахт нодир номае буд, чунонки вазир икрор дод, ки бар он ҷумла дар маънии ангуштвона надидаам ва ин байтро Мутанаббӣ гуфта буд, дарҷ карда дар миёни нома. Шеър:

Ва ли-л-лоҳи сиррун фӣ улока ва иннамо,
Калому-л-ъида зарбун мина-л-ҳазёнӣ[3].

[1] баробар бо 21 марти соли 1035-и милодӣ.
[2] бисеҷида – омода гардида.
[3] тарҷ: Худойро розе ҳаст дар бартарии ту ва ҳамоно сухани душманон гунае аз жожхоӣ аст.

Ва нахуст ин нома ман доштам ба хати Хоҷа ва бишуд[1], чунонки чанд ҷое дар ин китоб ин ҳол бигуфтам. Ва солор Багтуғдӣ ду ғуломи хешро номзад кард то ин нома бибаранд.

Ва намози шом номаи фатҳ расид бо хатти Ироқӣ ва Амир имло карда буд, ки «Чун мо аз Омул ҳаракат кардем ва ҳама шаб бирондем ва бешаҳо бурида омад, ки мор дар ӯ ба душворӣ тавонист хазид, дигар рӯз, намози пешин ба Нотил расидем. Ва сахт ба шитоб ронда будем, чунонки чун фуруд омадем, ҳама шаб лашкар мерасид; то ними шаб тамомии мардум биёмаданд, ки ду манзил буд, ки ба як дафа бурида омад.

Дигар рӯз, душанбе ҷосусон даррасиданд ва чунон гуфтанд, ки бунаро гургониён бо писари Манучеҳр гузора кардаанд аз шаҳри Нотил ва бар он ҷониби шаҳр лашкаргоҳ карда ва хаймаҳо зада ва сиқлу[2] мардуме, ки нобакор аст бо буна раҳо карда ва Бокалиҷору Шаҳрогим ва бисёр савору пиёдаи гузида ва ҷангитар бо муқаддамону муборизон бар ин ҷониби шаҳр омада ва пуле аст тангтар ва ҷуз он гузар нест, онро бигрифта. Аз он ҷониби саҳро тангтар ва ҷанг бар он пул хоҳанд кард, ки роҳ якест гирд ба гирди беша ва обҳо ва ғадирҳову[3] ҷуйҳо. Ва гуфтаанду ниҳода, ки агар ҳазимат бар эшон уфтад, саворон аз ин мазоиқ бозгарданд ва пиёдагони гилу[4] Дайлам марде панҷоҳ хиёратар пул нигоҳ доранд ва нек бикӯшанду чандон бимонанд, ки донанд, ки аз лашкаргоҳ бирафтанд. Ва миёна карданд, ки мазойиқи ҳавл[5] бар он ҷониб ва эшонро дар натавон ёфт.

Чун ин ҳол моро муқаррар гашт дармони ин кор ба воҷибӣ сохтем ва он чӣ фармуданӣ буд, бифармудем ва ҷавшан пӯшидему бар модапил нишастем ва силоҳҳо дар маҳд пеш ниҳодему фармудем, то кӯсҳои ҷанг фурӯ кӯфтанд ва ғуломон гурӯҳе савораву бештар пиёда, гурӯҳе гирди пили мо биистоданд ва гурӯҳе пеш рафтанд ва як пили бузург, ки қавитару номитару ҷангитар буд, пеш бурданд; ва бирондему бар асари мо савораву пиёдаи беандоза. Чун бар он саҳрову пил расидем, гургониён пеш омаданд, савораву пиёдаи бисёр. Ва ҷанге пайваста шуд, ҷанге сахт ва ба неру. Ва душвор аз он буд, ки лашкарро маҷоли гузар набуд аз он тангиҳо, сад ҳазор савору пиёда, он ҷо ҳамон буд ва понсад ҳазор ҳамон, ки агар бар ин ҷумла набудӣ, эшонро заҳраи сабот кай будӣ, ки ба як соат камтар фавҷе аз лашкари мо эшонро барчидӣ. Саворае чанд аз

---

[1] гум шуд

[2] боргирон.

[3] ғадир – кӯл; ба маънои толоб, ки оби борону сел дар он ҷамъ шуда бошад.

[4] гил – мардуми сокини Гелон.

[5] тарснок

они эшон бо пиёдаи бисёр ҳамла оварданд ба неру ва як савори рӯпушида[1] муқаддами эшон буд, ки русуми карру фар[2] нек медонист. Ва чунон шуд, ки зубин ба маҳду пили мо расид ва ғуломони саройӣ эшонро ба тир боз мемолиданд. Ва мо ба тани хеш неру мекардем ва эшон неру карданд ва пили нарро, ки аз они мо пеши кор буд, ба тиру зубин афгору ғамин карданд, ки аз дард баргашту руй бар мо ниҳод ва ҳар киро ёфт, мемолид ва аз мардуми мо ва мухолифон ба дум даромаданд ва наъра заданд. Ва агар ҳамчунон пили нар ба мо расидӣ, ночор пили моро бизадӣ ва бузург халале будӣ, ки онро дар натавонистемӣ ёфтан, ки ҳар пили нар, ки дар ҷанг чунон баргашту ҷароҳатҳо ёфт, бар ҳеч чиз ибқо накунад.

Аз иттифоқи нек дар ин баргаштан бар ҷониби чап омад каронаи саҳро ва ҷуйеву обе тунук дар ӯ, пилбон ҷалд буду озмуда, пилро он ҷо андар андохт ва осеби вай ба фазли Эзид, азза зикруҳу, аз мо ва лашкари мо дар он мазойиқ баргардонид ва ҳама дар шукр уфтоданд. Муборизони ғуломони савор ва хайлатошону пиёдагон бар эшон неру карданд ва аз муқаддамони гургониён як тан муқаддам пеши мо уфтод, мо аз пил бо он муқаддам ба амуд захме задем бар сару гардан, чунонки аз наҳиби[3] он ӯ аз асб бияфтод ва ғуломон даромаданд, то вайро тамом кунанд, моро овоз доду зинҳор хост ва гуфт Шаҳрогим аст. Мо мисол додем, то вайро аз асб гирифтанд. Ва гургониён чун вайро гирифтор диданд, ба ҳазимат баргаштанд ва то ба пил расиданд. Муборизони ғуломони саройӣ аз эшон бисёр куштанд ва бисёре дастгир карданд. Ва беандоза мардуми эшон бар чапу рост дар он ҳадҳо гурехтанд ва куштаву ғарқа шуданд.

Ва он ҷо, ки пул буд, заҳмате азим ва ҷанге қавӣ бапой шуд ва бар ҳам уфтоданд ва халқе аз ҳарду руй кушта омад ва мо дар умри худ чунин ҷанге надида будем. Ва пулро нигоҳ доштанд, то наздики намози дигар ва сахт нек бикӯшиданд ва аз ҳеч ҷониб бад-он пиёдагонро роҳ набуд. Охир пиёдагони гузидатар аз они мо пеш рафтанд бо сипару найза ва камону силоҳи тамом ба думи эшон. Ва тирбороне рафт, чунонки офтобро бипӯшид ва нек неру карданд, то он пулро бистаданд ва аз он натавонистанд ситад, ки панҷ-шаш пиёдаи кории эшон сарҳангшуморон[4] зинҳор хостанду амон ёфтанд ва пеши мо омаданд. Чун пул холӣ монд, муқаддимаи мо ба таъҷил битохтанд ва мо бирондем, саворе чанд пеши мо боз омаданд ва

[1] ниқобдор
[2] карр – ҳамла кардан; фарр – фирор кардан; истилоҳе ки имрӯзҳо миёни тоҷикон хеле машҳур аст ва ба маънои худнамоӣ ба кор меравад.
[3] осеб
[4] сарҳангмонанд ё ҳамрутбаи сарҳанг

чунон гуфтанд, ки гургониён аз он вақт, ки Шаҳрогим гирифтор шуд, ҷумла ҳазимат шуданд ва лашкаргоҳу хаймаҳо ва ҳар чӣ доштанд, бар мо яла карда буданд, то дегҳои пухта ёфтанд. Ва мо он ҷо фуруд омадем, ки ҷуз он мавзеъ набуд ҷойи фуруд омадан. Ва саворони осуда[1] ба думи ҳазиматиён рафтанд ва бисёр пиёда аз ҳар дасте бигирифтанд. Аммо аъёну муқаддамон ва саворон нек миёна карда буданд ва роҳ низ сахт танг буд, бозгаштанд. Ва он чӣ рафт, ба шарҳ боз намуда омад, то чигунагии хол муқаррар гардад. Ва мо аз ин ҷо сӯйи Омул бозгардем,чунонки ба зудӣ он ҷо боз расем, иншоаллоҳи азза ва ҷалла».

Ва Амир Масъуд рӯзи шанбе, дувоздаҳуми рабеъулаввал ба Омул бозрасид дар замони саломату зафару нусрат ва ҷойи дигар биистод ва фармуд, то саройпарда ва хаймаи бузурге он ҷо бизананд ва ба саъодат фуруд омад. Ва соҳибдевони рисолат Бунасрро гуфт, то номаҳои нусрат фиристод моро ба мамлакат бар дасти мубашширон. Ва навишта омад ва хайлтошону ғуломони саройӣ бирафтанд. Ва рӯзи одина бор дод сахт боҳашмату ном. Алавӣ ва аъёни шаҳр ҷумла ба хидмат омада буданд. Амир вазирро гуфт ба нимтарг биншин ва Алавиро бо аъёни шаҳр биншон, ки моро бадэшон пайғоме аст. Хоҷа ба нимтарг рафт ва он қавмро бинишонд. Ва Амир нишоти шароб кард ва даст ба кор заданд ва надимону мутрибон ҳозир омаданд.

Ва Бунаср бозгашт, ки сахт бисёр ранҷ дида буд аз гусел кардани номаҳои фатҳ ва мубашширон. Ва маро навбат буд ба девони рисолат муқом кардам. Фаррош омаду маро бихонд; бо давоту коғаз пеш рафтам пеши тахт. Ишорат кард ба нишастан, бинишастам. Гуфт: «Бинавис он чӣ мебояд аз Табаристон ҳосил шавад ва онро Бусаҳли Исмоил ҳосил гардонад: зари нишобурӣ ҳазор-ҳазор динор ва ҷомаҳои румӣ ва дигар аҷнос ҳазорто ва маҳфурию[2] қолӣ ҳазор даст ва панҷ ҳазорто киш»[3]. Ман бинишастаму бархостам. Гуфт: «Ин нусхатро наздики Хоҷа бар ва пайғоми мо бигӯ, то он қавмро бигӯяд, ки тадбири ин бояд сохт, ки ба зудӣ он чӣ хоста омадааст, рост кунад, то ҳоҷат наёяд, ки мустахраҷ[4] фиристанд ва барот нависанд лашкарро ва ба унф[5] биситонанд». Ман нусхат наздики вазир бурдаму пӯшида ба вай арз кардам ва пайғом бидодам. Бихандиду маро гуфт, ки «Бубинӣ, ки ин навоҳӣ бикананду бисӯзанд ва бисёр бадномӣ ҳосил ояд ва се ҳазор

[1] тозанафас
[2] як намуди фарш
[3] навъе ҷомаи катонӣ
[4] маъмури ҷамъоварии молиёт
[5] унф – дурушти, сахтгирӣ.

дирҳам наёбанд. Ин-т бузург ҷурме! Агар ҳама Хуросон зеру забар кунанд, ин зару ҷома ба ҳосил наёяд. Аммо Султон шароб мехӯрад ва аз сари неъмату молу ҳазоини хеш ин сухан гуфтааст».

Пас руй бад-ин Алавӣ ва аъёни Омул карду гуфт: «Пас бидонед, ки сипаси он, ки гургониён бар рӯйи худованди хеш шамшер кашиданд ва осиву овора шуданд низ[1] ин ноҳият ба чашм набинанд ва ин ҷо муҳташаме ояд, чунонки ба Хоразм рафт, то ин навоҳиро забт кунад ва шумо аз ранҷҳо осуда гардед». Омулиён бисёр дуъо карданд. Пас гуфт: «Бидонед, ки худованд-султонро моли азиме сарф шуд, то лашкар ин ҷо кашид ва ин ситамгоронро бирамонид, бояд, ки аз ин навоҳӣ вайро нисоре бошад басазо». Гуфтанд: «Фармонбурдорем! Он чӣ ба тоқати мо бошад, ки ин навоҳӣ танг аст ва мардумоне дарвеш. Ва нисори мо, ки аз қадим боз расм рафтааст аз они Омулу Табаристон дираме сад ҳазор будааст ва фарохӯри ин тое чанд[2] маҳфурӣ ва қолӣ, ки агар зиёдатар аз ин хоста ояд, раъоёро ранҷи бисёр расад. Акнун Хоҷаи Бузург чӣ мефармояд?»

Хоҷа гуфт: «Султон чунин нусхате фармудааст ва Булфазлро чунину чунин пайғоме дода ва нусхат арза кард ва пайғом боз намуда гуфт: ман талаттуф[3] кунам, то он чӣ дар нусха набишта омадааст аз Гургону Табаристону Сорӣ ва ҳама маҳҳол[4] ситада ояд, то шуморо ранҷе нарасад». Омулиён чун ин хадис бишунуданд ба дасту пой бимурданд ва мутаҳаййир гаштанду гуфтанд: «Мо ин ҳадисро бар бадеҳат[5] ҳеч ҷавобе надорем ва тоқати ин мол кас надорад. Агар фармон бошад, то бозгардему ба коффаи[6] мардум бигӯем». Вазир маро гуфт: «Он чӣ шунидӣ, ба Султон бигӯ». Рафтаму гуфтам. Ҷавоб дод, ки «Нек омад! Ва имрӯз бозгарданду фардо пухта боз оянд, ки ин мол сахт зуд мебояд, ки ҳосил шавад, то ин ҷо дер намонем». Биёмадаму бигуфтам ва омулиён бозгаштанд сахт ғамнок. Ва вазир низ бозгашт.

Ва дигар рӯз Амир бор дод ва пас аз бор холӣ карду вазирро гуфт: «Ин молро имрӯз вачҳ бояд ниҳод». Хоҷа гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ман шодтар бошам, ки хизона маъмур гардад ва ин мол бузург аст ва омулиён сахт суст ҷавобе доданд, чӣ фармояд?» Гуфт: «Он чӣ нусхат карда омадааст, хостанист аз Омул

[1] дигар, пас аз ин.
[2] чандто.
[3] нармӣ, меҳрубонӣ.
[4] маҳаллҳо.
[5] бадеҳат – беандеша сухан гуфтан.
[6] ҳамаи

танҳо. Агар ба тавъ[1] пазируфтанд, фабиҳо ва ниъма[2] ва агар напазируфтанд, Бунасри Исмоилро ба шаҳр бояд фиристод, то ба лат аз мардумон бистонанд ва бар миқдори бисёр». Вазир ба нимтарг бозомад ва омулиёнро ва бисёр мардум камтар омада буд, дарпечид ва он чӣ Султон гуфта буд эшонро бигуфт. Алавӣ ва Қозӣ гуфтанд: «Мо дӣ маҷмаъе[3] кардему ин ҳол бозгуфтем, хурӯше сахт баромад ва албатта ба чизе иҷобат накарданду рафтанд. Чунонки муқаррар гашт, дӯш бисёр мардум аз шаҳр бигурехт ва моро мумкин набуд гурехтан, ки гуноҳе накардаему тоъат дорем. Акнун фармон Султонрову Хоҷаи Бузургро бошад ва он чӣ фарохӯри ин ҳол аст, мефармояд».

Вазир донист, ки чунон аст, ки мегӯянд, валекин рӯйи гуфтор набуд, Бусаҳли Исмоилро бихонд ва ин ашрофро бад-ӯ супурд ва ба шаҳр фиристод. Ва Бусаҳл девоне бинҳод ва мардумро дарпечид ва он мардум, ки ба дасти вай уфтод, гурехтагонро медардоданд[4], ки ҳеч шаҳре набинанд, ки он ҷо бадону рофеъон[5] набошанд; ва савору пиёда мерафт ва мардумонро мегирифтанду меовардану. Ва бароти бистгонии лашкар равон шуд бар Бусаҳли Исмоил. Ва оташ дар шаҳр заданд ва ҳарчӣ хостанд, мекарданд ва ҳар киро хостанд, мегирифтанд ва қиёматро монист[6] девони бозниҳода ва Султон аз ин огоҳ не ва касеро заҳра не, ки бознамояду сухане рост бигӯяд, то дар муддати чаҳор рӯз саду шаст ҳазор динор ба лашкар расид ва ду чандин бистада буданд ба газоф ва маунот[7]. Ва бадномие сахт бузург ҳосил шуд, чунонки пас аз он ба ҳафт-ҳашт моҳ муқаррар гашт, ки мутазаллимон аз ин шаҳр ба Бағдод рафта буданд ва бар даргоҳи халифат фарёд карда; ва гуфтанд, ки ба Макка ҳаррасаҳуллоҳ[8] ҳам рафта буданд, ки мардумони Омул заъифанд, вале гӯяндаву лаҷуҷ[9]. Ва эшонро ҷойи сухан буд ва он ҳама визру вабол[10] ба Булҳасани Ироқӣ ва дигарон бозгашт. Аммо ҳам бояст, ки Амир, разияллоҳу анҳу, дар чунин абвоб тасаббут[11] фармудӣ. Ва сахт душвор аст барои ман, ки ба қалами ман чунин сухан меравад,

---

[1] тавъ – рағбат; ба фармонбурдорӣ.
[2] тарҷ: пас бисёр хуб ва чӣ беҳтар.
[3] ҷамъомад.
[4] таслим мекарданд.
[5] рофеъ – касе ки хабар бурда меорад; ин ҷо манзур хабаррасонҳои махфиянд.
[6] монанд буд.
[7] маунот – мауна, ранҷ, заҳмат, сахтӣ.
[8] тарҷ: Худованд онро нигаҳбонӣ кунад!
[9] сарсахт ва ситезанда.
[10] визр – ҷурм; вабол – саранҷоми бад, азоб.
[11] тасаббут – пойдорӣ, сахт истодан.

валекин чӣ чора аст? Дар таърих муҳобо[1] нест. Ононки бо мо ба Омул буданд, агар ин фусул бихонанд ва дод хоҳанд дод бигӯянд, ки ман он чӣ набиштам ба расм[2] аст.

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, дар ин ҷо ба шаробу нишот машғул буд ва рӯзи одина ду рӯз монда аз ҷумодалуло Амир то ба Алҳум[3] рафт, каронаи дарёи Обискун[4]. Ва он ҷо хаймаҳо ва шароъиҳо заданду шароб хӯрданд ва моҳӣ гирифтанду киштиҳои Рус диданд, ки аз ҳар ҷой омаду бигзашт ва мумкин набуд, ки дасти кас бад-эшон расид, ки маълум аст, ки ҳар киштӣ ба кадом фарза[5] дар гузар буд. Ва ин Алҳум шаҳраке хурд аст, ман надидам, аммо Булҳасани Дилшод, ки рафта буд, ин ҳикоятҳо маро вай кард.

Ва рӯзи душанбе, дувуми ҷумодалухро Амир, разияллоҳу анҳу ба лашкаргоҳи Омул боз омад. Ва мардуми Омул бештар он буд, ки бигрехта буданд ва дар бешаҳо пинҳон шуда. Ва дар ин миёнҳо марде фуқоъии[6] ҳоҷиб Багтуғдӣ рафта буд, то лахте барфу ях орад. Дар он карони он бешаҳо деҳе буд; даст дар духтаре душиза зад, то ӯро русво кунад, падару бародаронаш нагузоштанд ва ҷойи он буд[7] ва лаҷоҷ рафт бо ин фуқоъӣ ва ёронаш ва зубине расид фуқоъиро. Биёмад ва солор Багтуғдиро бигуфту тез кард[8]. Ва вай дигар рӯз бефармон бар пил нишаст бо фавҷе ғуломи султонии савор бад-он деҳ ва бешаҳо рафт ва бисёр ғорату куштан рафт, чунонки боз намуданд, ки чанд тан аз зуҳҳоду[9] порсоён бар мусаллои намозу мусҳафҳо[10] дар канор бикушта буданд ва ҳар кас, ки ин бишнид суханони зишт гуфт. Ва хабар ба Амир расид, зуҷрат[11] намуду итобҳои дурушт кард бо Багтуғдӣ, ки Амир пушаймон шуда буд аз ҳар чӣ рафт бад-ин буқъат ва пайваста ҷафо[12] мегуфт Булҳасани дабирро ва ал-хавху асфалу[13], ки чун бозгаштем, бозиҳои бузург пеш омад.

---

[1] саҳлангорӣ
[2] мувофиқи қоида
[3] номи маҳал
[4] Баҳри Хазар
[5] бандар, лангар
[6] фуқоъӣ – касе, ки нӯшобаи кайфовар аз ҷаву биринҷ бисозад; обиҷавсоз.
[7] сазовор буд
[8] хамшгин кард, шӯронид
[9] зоҳидон
[10] манзур қуръон аст
[11] дилтангӣ
[12] ҷафо – носазо, ҳақорат.
[13] тарҷ: шафтолу пасттар аст; маънои ин масал он аст, ки кори асосӣ пас аз ин меояд.

Ва дар ин ҳафта мулаттафаҳои муҳим расид аз Деҳистону Нисову Фарова, ки боз гурӯҳе туркмонон аз биёбон баромаданд ва қасди Деҳистон доранд, то чизе рабоянд. Ва Амир Мавдуд набишта буд, ки «банда бар чаҳор ҷониб талеъа фиристод саворе анбӯҳ ва мисол дод, то уштурон ва асбони рамакро[1] наздиктари Гургон оранд ва бар ҳар саворе, ки бо чаҳорпой буд, ду-се зиёдат кард». Ва ҷавобҳо рафт, то нек эҳтиёт кунанд, ки рояти олӣ бар асар мебозгардад.

Ва рӯзи сешанбе, сеюми ҷумодалухро, расуле омад аз они Бокалиҷор ва писари хешро бо расул фиристода буд ва узрҳо хоста буд ба ҷанге, ки рафт ва афв хоста буд ва гуфта, ки «як фарзанди ман бар дари худованд бар хидмат машғул аст ба Ғазнин ва аз банда дур аст, нарасидӣ, ки шафоъат кардӣ, бародараш омад ба хидмат ва сазад аз назару отифати худованд, ки раҳмат кунад, то ин хонадони қадим ба коми душманон нашавад».

Расул ва писарро пеш оварданду бинвохтанд ва фуруд оварданд. Ва Амир раъй хост аз вазиру аъёни давлат. Вазир гуфт: «Бандаро он савобтар менамояд, ки ин писарро хилъат диҳанд ва бо расул ба хуррамӣ бозгардонанд, ки моро муҳиммот аст дар пеш, то нигарем, ки ҳолҳо чун шавад, онгоҳ ба ҳукми мушоҳадат тадбири ин навоҳӣ сохта ояд, боре ин мард якборагӣ аз даст бинашавад». Амирро сахт хӯш омад ва ҷавоби номаҳо ба хубӣ навишта шуд ва писарро хилъати некӯ доданд ва расулро низ хилъате ва ба хубӣ боз гардонида омад.

Ва рӯзи шашум аз ҷумодалухро рӯзи одина буд[2], ки номае расид аз Балх ба гузашта шудани Алитагин ва қарор гирифтани мулки вай бар писари бузургтараш. Амирро бад-ин сабаб дил машғул шуд, ки кор бо ҷавонони корнодида уфтод, андешид, ки набояд таҳаввуре[3] равад ва номаҳо фармуд ба сипоҳсолор Алии Доя дар ин боб, то ба Балх раваду роҳҳо фурӯ гирад ва эҳтиёти тамом ба ҷой орад, то халале наяфтад. Ва ҳамчунон ба Тирмиз ва кутволи қалъат ва саранҳангон Бунасру Булҳасан. Ва кутволи ин вақт Қутлуғи падарӣ буд, марде нармгуна, вале боэҳтиёт. Ва ду рикобдор номзад шуданд бо номаҳо сӯйи Бухоро ба таъзияту таҳният сӯйи писари Алитагин ало расми фӣ амсолиҳо[4], то ба зудӣ бираванд ва ахбори дуруст биёранд ва агар ин ҷавони корнодида фасоде хоҳад пайваст, магар

[1] рамак ба ду маънӣ меояд, асб ё ҳайвоне, ки аз рама ояд ва ҳамчунон ба маънои мода ё модиён.

[2] баробар бо 18 апрели соли 1035-и милодӣ.

[3] таҳаввур – шуҷоъати аз ҳад зиёд, далерии барзиёд.

[4] чунонки дар ин маврид расм аст

бар ин нома шарм дорад ва мухотабаи вай ал-амир ал-фозил ал-валад[1] карда омад.

Ва ҳарчанд ин нома бирафт, ин морбача ба ғанимат дошта буд мурдани падараш ва дур мондани султон аз Хуросон ва мешунуд, ки чандон изтироб аст. Ва Ҳоруни осии махзул месохта буд, ки ба Марв ояд бо лашкари бисёр ва Хуросон бигирад ва ҳар ду ҷавон бо якдигар бисохтанд ва кор рост карданд бад-он, ки Ҳорун ба Марв ояд ва писарони Алитагин Чағониёну Тирмиз ғорат кунанд ва аз он ҷо аз роҳи Қубодиён ба Андухуд[2] раванд ва ба Ҳорун бипайванданд. Писарони Алитагин Чағониён ғорат карданд ва волии Чағониён Булқосими домод аз пеши эшон бигрехт ва дар миёни кумиҷиён рафт. Ва чун димор аз Чағониён бароварда буданд, аз роҳи Дорзангӣ ба Тирмиз омаданд. Ва аз он қалъаташон ханда омада буд[3], Авкорро бо аломате ва саворе сесад ба дари қалъат фиристоданд ва пиндоштанд, ки чун Авкор он ҷо расид, дарвақт қалъат бо ҷанг ё босулҳ ба дасти эшон ояд, то аломати мардеро бар болои бом бизананд. Ва занну йухтиъу ва йусибу[4]. Ва огоҳ намуданд, ки он ҷо шеронанд ва чунон буд, ки ба қалъат расиданд, ки он далерони шерон дари қалъат бикушоданд ва овоз доданд, ки бисмиллоҳ, агар дил доред ба танураи қалъат бояд омад. Ва Алитагиниён пиндоштан, ки ба полуда[5] хӯрдан омадаанд ва коре саҳл аст, чандон буд, ки пеш рафтанд, савораву пиёдаи қалъат дар эшон париданд ва ба як соат ҷамоъате аз эшон бигирифтанду дастгир карданд. Эшон ба ҳазимат ба назди писари Алитагин рафтанд, Авкорро маломат карданд ва ҷавоб дод, ки он деги пухта бар ҷой аст ва мо як чошнӣ бихӯрдем, ҳар касро, ки орзуст, пеш мебояд рафт. Авкорро душном доданду муханнас[6] хонданд ва буқ бизаданду Тунуши сипоҳсолор бар муқаддимае бирафт ва дигарон бар асари ӯ. Ва ҳама лашкар гирд бар гирди қалъат бигирифтанд ва фуруд омаданд.

Аз устод Абдурраҳмони қаввол шунудам ва вай аз ғорати Чағониён ба Тирмиз уфтода буд. Гуфт: «Алитагиниён чанд ҷанг карданд бо қалъатиён ва дар ҳама ҷангҳо шикаста шуда, ба сутуҳ омаданд ва дар ғайз[7] мешуданд аз душномҳои зиште, ки занони

[1] тарҷ: фармонравои соҳибфазилат, фарзандам.
[2] Андхуд – шаҳре, ки миёни Балх ва Марв қарор дошт.
[3] аз қалъа садои ханда шуниданд.
[4] тарҷ: тири гумон гоҳ ба хато меравад, гоҳ ба савоб.
[5] полуда – навъе ҳалво, ки аз орд, қанд ва асал созанд.
[6] муханнас – номард, ҳез.
[7] ғайз – хашму ғазаб.

сагзиён[1] медоданд. Як рӯз Авкор, ки сахт муҳташам буд ва ҳазор савораи хайл дошт, ҷанги қалъат хост ва пеш омад бо сипари фарох ва пиёда буд. Бунаср ва Булҳасани Халаф бо арродаандоз[2] гуфт: панҷоҳ динор ва ду ҷома бидиҳам, агар Авкорро баргардонӣ. Ва вай санге панҷу шаш манӣ рост карду замоне нигарист ва андеша кард ва пас расанҳои аррода бикашиданд ва санг равон шуд ва омад, то бар миёни Авкор, дарсоат ҷон бидод. Ва дар он рӯзгор ба як санги панҷ манӣ, ки аз аррода бар сари касе омадӣ, он кас низ сухан нагуфтӣ. Авкор чун бияфтод, хурӯше бузург аз лашкари мухолифон баромад, ки марде сахт бузург буд ва вайро қавмаш бирабуданду бибурданд ва пушти алитагиниён бишикаст. Ва ғурии арродаандоз зару ҷома бистад. Ва писарони Алитагинро хабар расида буд, ки Ҳоруни махзулро куштанд ва сипоҳсолор ба Балх омад, хоибан хосиран[3] бозгаштанд аз Тирмиз ва аз роҳи Дараи Оҳанин сӯйи Самарқанд рафтанд.

Ва мулаттафае аз соҳиббариди Рай Бунасри Байҳақӣ – бародари Амираки Байҳақӣ пас аз қосиде расид, аз он, ки Булмузаффари Ҳабашӣ маъзул гашт аз шуғли баридӣ ва кор ба Бунаср доданд. Ва ин озодмард ба рӯзгори Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, вакилидари ин подшоҳ буд, раҳматуллоҳи алайҳи ва бисёр хатарҳо карду бисёр хидматҳои писандида намуд ва шермардест, дӯсти қадими ман. Ва пас аз он, ки Рай аз дасти мо бишуд, бар сари ин Хоҷа корҳои нарму дурушт гузашт, чунон ки биёяд пас аз ин дар тасниф ва имрӯз санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[4] ин ҷо ба Ғазнин дар зилли[5] худованди олам, султони бузург Абулмузаффар Иброҳим ибни Носируддиналлоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу. Набишта буд дар мулаттафа, ки «Сипоҳсолор Тошро молише расид аз муқаддимаи Писари Коку». Ва ҷавоб рафт, ки «Дар корҳо беҳтар эҳтиёт бояд кард ва мо аз шуғли Гургону Табаристон фориғ шудем ва инак аз роҳи Омул ба Дамованд меоем сӯйи Рай, ки ба Хуросон ҳеч дилмашғулӣ нест». Ва ин аз баҳри таҳвил[6] набиштем, то мухолифони он ҷо битарсанд, ки ба Хуросон чандон муҳим доштем, ки Рай ва Писари Коку ёд намеомад. Ва аз ҳоли Рай ва Хоразм набз-набз[7] ва андак-андак аз он гӯем, ки ду боб хоҳад буд сахт мушаббаъ,

---

[1] систониён

[2] аррода – асбобе, ки аз манҷаниқ хурдтар буда, бо он ба сари душман санг меандохтанд.

[3] хойибан хоссиран – навмеду зиёнкор.

[4] соли чаҳорсаду панҷоҳу як, ки баробар аст бо солҳои 1059-1060-и милодӣ.

[5] сояи, паноҳи.

[6] таҳвил – ҳавл ангехтан, бим кардан, тарсондан, ба воҳима андохтан.

[7] набз-набз – кам-кам.

аҳволи ҳарду ҷонибро, чунон ки пеш аз ин ёд кардаам ва ҳофизи таърихро дар моҳҳо ва солҳо ин басанда бошад.

Ва рӯзи якшанбе, бисту дувуми ҷумодалухро[1] Амир, разияллоҳу анҳу, аз Омул бирафт ва муқом ин ҷо чиҳилу шаш рӯз буд ва дар роҳ, ки меронд, пиёдагони даргоҳро дид, ки чанд тан аз омулиёнро ба банд мебурданд. Пурсид, ки инҳо кистанд? Гуфтанд: «Омулиёнанд, ки мол надоданд». Гуфт: «Раҳо кунед, ки лаънат бар он кас, ки тадбир кард ба омадани ин ҷо». Ва ҳоҷиберо мисол дод, ки дар ин кор бибошад, то аз касе чизе наситонанд ва ҳамагонро раҳо кунанд ва ҳамчунон карданд. Ва боронҳо пайваста шуд дар роҳ ва мардум ва сутурро бисёр ранҷ расид.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, савуми моҳи раҷаб[2] дар роҳ нома расид, ки Ҳорун писари Олтунтошро куштанд ва он лашкар, ки қасди Марв доштанд, суйи Хоразм бозгаштанд. Амир ба расидани ин хабар шод шуд ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамадро бисёр некӯӣ гуфт, ки афсунӯ сохта буд, чунонки боз намудаам пеш аз ин, то он кофирнеъмат баруфтод. Ва сахт некӯ гуфтааст Маъруфии Балхии шоир. Шеър:

Кофири неъмат ба сони кофири дин аст,
Ҷаҳд кун ва саъй кун ба куштани кофир.

Эзид, азза зикруҳу, ҳама ноҳақшиносони куффори неъматро бигирод би ҳаққи Муҳаммадин ва олиҳи. Ва Пайғомбар алайҳиссалом гуфтааст: иттақи шарра ман аҳсанта илайҳи[3]. Ва сухани соҳиби шаръ ҳаққ аст ва онро ваҷҳи бузургон чунин гуфтаанд, ки дар зимни ин аст: ай ман ло асла лаҳу[4], ки ҳеч мардуми покизаасл ҳаққи неъмати мустаниъ ва мунъими хешро фаромӯш накунад. Ва чунон буд, ки чун Ҳорун аз Хоразм бирафт, дувоздаҳ ғуломе, ки куштани ӯро сохта буданд, бар чаҳор фарсангӣ аз шаҳр, ки фурӯ хост омад, шамшеру ночах ва даббус[5] дарниҳоданд ва он саги кофирнеъматро пора-пора карданд ва лашкар дар ҳам ҷӯшид ва бозгашт. Ва он ақосис[6] наводирест, биёрам дар он боби худ муфрад, ки ваъда кардам, ин ҷо ин миқдор кифоят бошад.

Ва рӯзи шанбе, шашуми раҷаб[7] хабар расид ба гузашта шудани ҳоҷиби бузург Билготагин, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва чун сипоҳсолор Алии Доя ба Балх расид, ҳоҷиби бузург бар ҳукми

[1] баробар бо 4 майи соли 1035-и милодӣ.
[2] баробар бо 14 майи соли 1035-и милодӣ.
[3] тарҷ: бипарҳез аз бадии касе, ки ба вай некӣ кардӣ.
[4] яъне, касе, ки ҳеч аслу гавҳари нек надорад.
[5] даббус – гурз, гурзи оҳанӣ.
[6] ақосис – қиссаҳо.
[7] баробар бо 17 майи соли 1035-и милодӣ.

фармон бар Нишобур ва аз Нишобур ба Гургон ва бештар аз араби мустаъмина[1] Гургонро бад-ӯ супурданд, то ба Нишобур бурд рост ва чун он ҷо расид фармон ёфт. Ва мо тадри нафсун би аййи арзин тамут[2].

Ва рӯзи душанбе ҳаштуми раҷаб Амир ба Гургон расид ва ҳаво сахт гарм истода буд, хосса он ҷо, ки гармсер буд ва сутурони сустшуда, ки ба Омул ва дар роҳ коҳ ба ранҷ хӯрда буданд.

Аз Хоҷа Бунасри Мушкон, раҳматуллоҳи алайҳи, шунудам, гуфт: Амир аз шудан ба Омул сахт пушаймон буд, ки медид, ки чӣ таваллуд хоҳад кард, маро бихонду холӣ кард ва ду ба ду будем. Гуфт: «Ин чӣ буд, ки мо кардем, лаънати Худо бар ин Ироқияк бод, фоидае ҳосил наёмад ва чизе ба лашкар нарасид ва шунудам, ки раъоёи он навоҳӣ молида шуданд». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, Хоҷа ва дигар бандагон мегуфтанд, аммо ба раъйи олӣ мумкин набуд беш аз он эътироз кардан, ки сурати дигар мебаст. Ва он чӣ, ки бар лафзи олӣ рафт, ки «чӣ фоида буд аз омадан бар ин навоҳӣ», агар худовандро набуд, дигар касеро буд ва боз гуфтан зиштӣ дорад, ки сурат бандад, ки ин сухан ба шамотат[3] гуфта меояд». Гуфт: «Сухани ту ҷидд аст ҳама на шамотату ҳазл ва маслаҳати мо нигоҳ дорӣ, ба ҷону сари мо, ки беҳашамат бигӯй». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, Бокалиҷорро бузург фоидае ҳосил шуд, ки марде буд мустазъаф ва на мутоъ[4], дар миёни лашкарӣ ва раъийят, худованд гарданонро[5], ки ӯ аз эшон бо ранҷ буд гирифт ва ба банд меоранд ва муқаддамони араб бо хайлҳо, ки ӯро аз эшон ҷуз дарди сар ва моли бо ифрот додан набуд, аз ин навоҳӣ баруфтоданд ва вай аз эшон бираст. Ва аз он чӣ Бунасри Исмоил бар ин раъийят кард аз ситамҳои гуногун қадри Бокалиҷор бидонанд. Ва ин ҳама саҳл аст, зиндагонии худованд дароз бод, ки ба андак таваҷҷӯҳе рост шавад, ки Бокалиҷор марде хирадманд асту бандае рост, ба як номаву расул ба ҳадди бандагӣ бозояд, умед доранд бандагон ба фазли Эзид, азза зикруҳу, ки дар Хуросон бад-ин ғайбат халале наяфтад». Амир гуфт: «Ҳамчунин аст!» Ва ман бозгаштам. Ва ҳам бинагзоштанд, ки Бокалиҷорро пас аз чандин нафрат ба даст боз оварда омадӣ. Ва гуфтанд, ки ин ҷо омилу шиҳна бояд гумошт ва он миқдор надонистанд, ки чун ҳашмати рояти олӣ аз он диёр дур шуд, Бокалиҷор боз ояд ва раъийяте дардзадаву

[1] мустаъмина ба паноҳ омада, зинҳорхоҳ.
[2] тарҷ: касе намедонад, ки ба кадом сарзамин ҷон месупорад (қисме аз ояи 33 сураи Луқмон).
[3] шамотат – шоду хурсанд шудан ба ғаму ранҷи касе.
[4] мутоъ - фармонравое, ки мардум ба вай итоат мекунанд.
[5] гарданон – сарварон, бузургон, соҳибқудратон.

ситамрасида бо ӯ ёр шаванд ва омилу шиҳнаро ночор ба зарурат боз бояд гашт ва ба тамомӣ об рехта шавад. Булҳасани Абдуҷалилро, раҳматуллоҳи алайҳи, ба соҳибдевонӣ ва кадхудоийи лашкар бо фавҷе қавии лашкар номзад карданд, то чун рояти олӣ сӯйи Нишобур боз гардад, он ҷо бибошад.

Чун кор бар ин ҷумла қарор гирифт, ат-томату-л-кубро[1] он буд, ки намози дигари он рӯз, ки Амир ба Гургон расид ва шодмона шуда буд ба ҳадиси Хоразм ва баруфтода шудани Ҳоруни махзул ва ҷойи он буд, ки сахт офате зоил шуд, нишоти шароб кард ва ҳама шаб бихӯрд. Ва ба расми падар дигар рӯз бор набуд, ҳама қавм аз даргоҳ бозгаштанд. Ва ҳарчанд ҳаво гарм буд, азимат бар он қарор дода омад, ки ду ҳафта ба Гургон муқом бошад. Ва Хоҷа Бунаср пас аз намози пешин маро бихонд ва ба нон хӯрдан машғул шудем ва ду савора аз они Булфазли Сурӣ даррасид дуасба, аз он девсаворони фаровӣ[2]. Пеш омаданду хидмат карданд. Ва Бунаср гуфт эшонро: «Чӣ хабар аст?» Гуфтанд: «Аз Нишобур ба дуним рӯз омадаем ва ҳама роҳ асби осуда гирифта ва ба муноқила[3] тезрафта, чунонки на ба рӯз осоиш будаасту на ба шаб, магар он миқдор, ки чизе хӯрдем, ки соҳибдевон фармон чунин дод ва надонем, то ҳол ва сабаб чист». Хоҷа даст аз нон бикашид ва эшонро ба нон шинонд ва номаҳо биситад ва харитаҳо боз кард ва хондан гирифт ва нек аз ҷой бишуд ва сар меҷунбонид. Ман, ки Булфазлам, донистам, ки ҳодисае уфтода бошад. Пас гуфт: «Сутур зин кунед!» Ва даст шусту ҷома хост. Мо бархостем ва бар ман гуфт: «Бар асари ман ба даргоҳ ой».

Ин саворонро фуруд оварданд ва ман ба даргоҳ рафтам, даргоҳ холӣ ва Амир то саҳар шароб хурда ва пас нишоти хоб карда. Бунаср маро гуфт, – ва танҳо буд, – ки «Туркмонону Салчуқиён бо бисёри мардум аз об бигзаштанд ва аз роҳи биёбони Даҳгунбадон гузар бар ҷониби Марв карданд ва ба Нисо рафтанд. Аммо соҳибдевон Суриро шафеъ кардаанд, то поймард бошад ва Нисоро паси эшон яла карда шавад, то аз се муқаддам яке ба даргоҳи олӣ ояд ва ба хидмат машғул гардад ва эшон лашкарӣ бошанд, ки ҳар хидмате фармуда ояд, тамом кунанд. Ай Булфазл Хуросон шуд[4]! Наздики Хоҷаи Бузург рав ва ин ҳол бозгӯй». Ман рафтам, вайро ёфтам аз хоб бархоста ва китоб мехонд. Чун маро бидид, гуфт: «Хайр?» Гуфтам: «Бошад». Гуфт: «Донам, ки Салчуқиён ба Хуросон омада бошанд». Гуфтам: «Ҳамчунин аст» Ва бинишастаму ҳол

[1] томату-л-кубро – балои бузург; манзур аз томату-л-кубро асосан рӯзи қиёмат аст.
[2] девсавори фаровӣ – савори тезҳаракат аз шаҳри Фарова.
[3] муноқила – давидани сутур чунонки пояш он ҷо меояд, ки дасташ буда бошад.
[4] аз даст рафт

бозгуфтам. Гуфт: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л ъалийил ъазим». Гуфт: «Инак, натиҷаи шудани Омул ва тадбири Ироқии дабир!» Сутур зин кунед. Ман берун омадам ва Бунаср наздики вай омад аз девони хеш ва холӣ кард ва ҷуз ман каси дигар набуд. Номаи Сурӣ бар ӯ дод, ки набишта буд, ки «Салчуқиён ва Янолиён саворе даҳ ҳазор аз ҷониби Марв ба Нисо омаданд ва туркмонон, ки он ҷо буданд ва дигар фавҷе аз Хоразмиён. Салчуқиён эшонро пеши худ барпой доштанд ва нанишонданд ва маҳалли он надиданд. Ва номае, ки набишта буданд сӯйи банда дарҷи ин ба хидмат фиристодам, то раъйи олӣ бар он воқиф гардад».

Ва нома бар ин ҷумла буд: «Ило шайху-р-раис ал-ҷалилу-с-саййид Мавлоно Абилфазли Сурӣ ибна-л Муътаз мина-л абиди Ябғу ва Туғрал ва Довуд мавло амирулмуъминин. Мо бандагонро мумкин набуд дар Моваоуннаҳр дар Бухоро будан, ки Алитагин то зист миёни мо муҷомалату[1] дӯстию васлат буд. Имрӯз, ки ӯ бимурд, кор бо ду писар уфтод – кудакони корнодида ва Тунуш, ки сипоҳсолори Алитагин буд бад-эшон муставлӣ ва бар подшоҳӣ ва лашкар ва бо мо вайро мукошафатҳо[2] уфтод, чунонки он ҷо натавонистем буд. Ва ба Хоразм изтироби бузург уфтод ба куштани Ҳорун, мумкин набуд он ҷо рафтан, ба зинҳори худованди олам, султони бузург валиюнниъам омадем, то Хоҷа поймардӣ кунад сӯйи Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад бинависад ва ӯро шафеъ кунад, ки моро бо ӯ ошноӣ аст. Ва ҳар зимистон Хоразмшоҳ Олтунтош морову қавми моро ва чаҳорпоёни моро ба вилояти хеш ҷой дод, то баҳоргоҳ ва поймард Хоҷаи Бузург будӣ, то агар раъйи олӣ бинад, моро ба бандагӣ пазируфта ояд, чунонки як тан аз мо ба даргоҳи олӣ хидмат мекунад ва дигарон ба ҳар хидмат, ки фармони худованд бошад, қиём кунанд ва мо дар сояи бузурги вай биёромем ва вилояти Нисову Фарова, ки сари биёбон аст, ба мо арзонӣ дошта ояд, то бунаҳо он ҷо биниҳему форигдил шавем ва нагузорем, ки аз Балхонкӯҳ ва Деҳистон ва ҳудуди Хоразм ва ҷавониби Ҷайҳун ҳеч муфсиде сар барорад ва туркмонони ироқию хоразмиро битозем. Ва агар ал-ъиёзубиллоҳ, худованд моро иҷобат накунад, надонем то ҳол чун шавад, ки моро бар замин ҷойе нест ва намондааст. Ва ҳашмати маҷлиси олӣ бузург аст, заҳра надоштем бад-он маҷлиси бузург чизе набиштан, ба Хоҷа набиштем, то ин кор ба худовандӣ тамом кунад, иншоаллоҳи азза ва ҷалла».

Чун вазир ин номаҳо бихонд, Бунасрро гуфт: «Ай Хоҷа то акнун сару кор бо шубонон буд ва нигоҳ бояд кард, то чанд дарди сар

[1] муҷомалат – бо касе некӯиву хушрафторӣ кардан, чарбзабонию хушомадгӯйӣ.
[2] мукошафат – ошкоро душманӣ кардан, ҷанги рӯйрост кардан.

уфтод, ки ҳанӯз балоҳо ба пой аст, акнун амирони вилоятгирон омаданд. Бисёр фарёд кардам, ки ба Табаристону Гургон омадан рӯй нест ва худовандгор фармон набурд, мардаке чун Ироқӣ, ки дасти рости худро аз чап надонад, муште зарқу ишва пеш дошт ва аз он ҳеч пеш нарафт, ки муҳолу ботил буд. Вилояте орамида чун Гургону Табаристон музтариб гашту ба бод шуд ва мардумони бандаву мутеъ осӣ шуданд, ки низ[1] Бокаличӯр рост набошад ва ба Хуросон халале бад-ин бузургӣ уфтод. Эзиди таъоло оқибати ин кор ба хайр кунод. Акнун бо ин ҳама нагузоранд, ки бар тадбири рост равад ва ин Салҷуқиёнро бишӯронанд ва тавон донист, ки он гоҳ чӣ таваллуд шавад. Пас гуфт ин муҳимтар аз он аст, ки як соат бад-ин фурӯ тавон гузошт, Амирро огоҳ бояд кард». Бунаср гуфт: «Ҳама шаб шароб хӯрдааст, то чошгоҳи фарох нишоти хоб кардааст». Гуфт: «Чӣ ҷойгоҳи хоб аст, огоҳ бояд карду гуфт, ки шуғле бузург уфтодааст, то бедор кунанд».

Маро, ки Булфазлам наздики Оғоҷии хоссаи ходим фиристоданд, бо вай бигуфтам. Даррафт дари саройпарда биистод ва танҳанухӯ[2] кард. Ман овози Амир шунидам, ки гуфт: «Чист?» Он ходим гуфт: «Булфазл омадаасту мегӯяд, ки Хоҷаи Бузург ва Бунаср ба нимтарг омадаанд ва мебояд, ки худовандро бубинанд, ки муҳимме уфтодааст». Гуфт: «Нек омад!» Ва бархост. Ва ман дуъо бигуфтам. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ташту об хост ва обдаст бикарду аз саройпарда ба хайма омад ва эшонро бихонду холӣ кард. Ман истода будам, номаҳо бихонданд ва нек аз ҷой бишуд ва Ироқиро бисёр душном дод. Хоҷаи Бузург гуфт: «Тақдири Эзид кори худ мекунад, Ироқӣ ва ҷуз вай ҳама баҳона бошад. Худовандро дар аввали ҳар кор, ки пеш гирад, беҳтар андеша бояд кард ва акун, ки ин ҳол бияфтод, ҷаҳд бояд кард, то дароз нашавад». Гуфт: «Чӣ бояд кард?» Вазир гуфт: «Агар раъйи олӣ бинад, ҳоҷибон Багтуғдӣ ва Бунназро хонда ояд, ки сипаҳсолор ин ҷо нест ва ҳоҷиб Субошӣ, ки фарорӯйтар[3] аст, ӯ ҳозир ояд бо касоне, ки худованд бинад аз аҳли силоҳу тозикон, то дар ин боб сухан гуфта ояд ва раъй зада шавад». Гуфт: «Нек омад!»

Эшон берун омаданд ва касон рафтанду муқадамонро бихонданд ва мардум омадан гирифт ба расм. Намози дигар бор дод, Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад ва ориз Булфатҳи Розӣ ва соҳибдевони рисолат Буннасри Мушкон ва ҳоҷибон Багтуғдию Бунназру

[1] дигар
[2] танаҳнуҳ – овоз аз сина баровардан барои соф кардани гулӯ, то садо некӯ гардад; сулфа кардан.
[3] фарорӯйтар – манзуртар, саршиностар.

Субоширо боз гирифт[1]. Ва Бусаҳли Завзаниро бихонданд аз ҷумлаи надимон, ки гоҳ-гоҳ мехонд ва менишонд ӯро дар чунин халавот[2]. Дар ин боб аз ҳаргуна сухан гуфтанд ва раъй заданд. Амир гуфт: «Ин на хурд ҳадисест, даҳ ҳазор савори турк бо бисёри муқаддам омадааанду дар миёни вилояти мо нишаста ва мегӯянд моро ҳеҷ ҷойи маъво намондааст рост, ҷониби мо забунтар аст. Мо эшонро нагузорем, ки бар замин қарор гиранду пару бол кунанд, ки нигоҳ бояд кард, ки аз ин туркмонон, ки падарам овард ва аз об гузора кард ва дар Хуросон ҷой дод ва сорбонон буданд, чанд бало ва дарди сар дида омад. Инҳоро, ки Хоҷа мегӯяд, ки вилоятҷӯёнанд, натавон гузашт, то дам зананд, савоб он аст, ки ба тани хеш ҳаракат кунем ҳам аз Гургон бо ғуломони саройӣ ва лашкари гузидатар ба роҳи Самангон, ки миёни Испаройин ва Устуво берун шавад ва ба Нисо берун ояд, тохтане оварем ҳарчӣ қавитар, то димор аз эшон бароварда шавад».

Вазир гуфт: «Савоб он бошад, ки раъйи олӣ бинад». Оризу соҳибдевони рисолат ва Бусҳали Завзанӣ ҳамин гуфтанд. Вазир ҳуҷҷобро гуфт: «Шумо чӣ гӯед?» Гуфтанд: «Мо бандагонем, ҷангро бошем ва ба фармоне, ки дарёбем кор мекунему шамшер мезанем, то мухолифон ба мурод нарасанд, тадбири кор Хоҷаро бошад». Вазир гуфт: «Боре аз ҳоли роҳ барбояд пурсид, то бар чӣ ҷумла аст?» Дарвақт тане чандро, ки ба он роҳ ошноӣ доштанд биёварданд. Се роҳ нусхат карданд, яке биёбон – аз ҷониби Деҳистон сахт душвор ва беобу алаф; ва ду бештар дурушту пуршикастагӣ[3]. Вазир гуфт: «Банда он чӣ донад аз насиҳат бигӯяд, фармон худовандро бошад. Сутурони яксаворагон ва аз они ғуломони саройӣ бештар коҳи баранҷ хӯрдаанд ба Омул муддате дароз ва то биёмадаем гиёҳ мехӯранд. Ва аз ин ҷо то Нисо бар ин ҷумла аст, ки нусхат карданд: дурушту душвор. Агар худованд ба тани хеш ҳаракат кунад ва ба таъҷил бошад, сутурон бимонанд ва пухтаи лашкар, ки бар сари кор расад, андак моя бошад ва хасмон осуда бошанду сохта ва сутурон қавӣ, мебояд андешид, ки набояд халале уфтад ва об бишавад, ки ҳаракати худованд ба тани азизи хеш хурд коре нест. Ва дигар, ки ин туркмонон орамидаанд ва аз эшон фасоде зоҳир нашуда ва ба ин ҷумла ба Сурӣ набиштаву бандагӣ намудаанд. Бандаро он савобтар менамояд, ки Суриро ҷавоби некӯ набишта ояд ва гуфта шавад, ки деҳқононро бояд гуфт, ки дил машғул надоранд, ки ба хонаи хеш омадаанд ва дар вилоят ва зинҳори моянд ва мо қасди Рай медоштем, чун он ҷо расем он чӣ раъй воҷиб кунад ва салоҳи

[1] яъне, назди худ нигаҳ дошт.
[2] халавот – ҷамъи халват (хилват).
[3] яъне, ноҳамвор.

эшон дар он бошад, фармуда ояд. То ин нома биравад ва худованд аз ин ҷо ба муборакӣ сӯйи Нишобур равад ва сутурон даме зананду қуввате гиранд ва ҳоли ин навомадагон низ некӯтар пайдо ояд, он гоҳ агар ҳоҷат ояд ва роҳи савоб он бошад, ки эшонро аз Хуросон берун карда ояд, фавҷе лашкари қавӣ бо солори ҳушёру кордон биравад сохта ва шуғли эшонро кифоят карда шавад, ки ҳашмат бишавад. Агар худованд ба тани хеш қасди эшон кунад, хосса, ки аз ин ҷо тохтан карда ояд. Бандаро он чӣ фароз омад бигуфт ва фармон Худовандрост».

Ҳозирон муттафиқ шуданд, ки роҳи дуруст ин аст ва бар он қарор гирифт, ки то се рӯз сӯйи Нишобур бозгашта ояд. Амир фармон дод, то Абулҳасани Абдуҷалилро бар ин маҷлис бихонданд ва биёмад ва мисол ёфт, то ба сӯйи шаҳри Гургон равад бо панҷ муқаддам аз сарҳангон ва ҳоҷибе ва ҳазор савор ва кадхудои лашкар бошад, то Бокалиҷор чӣ кунад, дар он чӣ замон кардааст аз амвол. Он гоҳ он чӣ раъй воҷиб кунад, вайро фармуда ояд. Замоне дар ин боб мунозара рафт. Ва ӯро ба ҷомахона бурданд ва хилъат пӯшиду пеш омад бо муқаддамону ҳоҷиб ва эшонро низ хилъат дода буданд ва бозгаштанду аз даргоҳ таъбия карданду ба шаҳр рафтанд.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, даҳуми моҳи раҷаб, тозандаҳо[1] расиданд аз Хоразм ва хабари кушта шудани Абдулҷаббор писари Хоҷаи Бузург ва қавми вай оварданд, ки Абдулҷаббор шитоб карда буд, чун Ҳорунро бикуштанд, дарсоат аз мутаворичӯй[2] берун омад ва бар пил нишаста буд ва ба майдони саройи иморат омад. Ва дигар писари Хоразмшоҳ, ки ӯро Хандон гуфтандӣ бо Шакари ходим ва ғуломон гурехта буданд, аз иттифоқи бад Шакари ходим бо ғуломе чанд ба шуғле ба майдони саройи иморат омад, бо Абдулҷаббор дучор шуд ва Абдулҷаббор ӯро душном дод, Шакар ғуломонро гуфт: «Диҳед!»[3] Тиру ночах дарниҳоданд ва Абдулҷабборро бикуштанд бо ду писари вай ва аммзода ва чиҳилу анд тан аз пайвастагони ӯ ва Хандонро бозоварданду ба амирӣ бинишонданд ва шарҳи ин ҳолҳо дар боби Хоразм биёяд. Вазир ба мотам нишаст ва ҳама аъёну бузургон наздики ӯ рафтанд. Ва аз шаҳамоти ӯ он дидам, ки об аз чашми вай берун наёмад. Ва дар ҳама абвоби бузургӣ ин мард ягона буд, дар ин боб низ сабур ёфтанд ва писандиданд. Ва рост бад-он монист, ки шоир бад-ин байт ӯро хоста аст. Шеър:

Йубки ъалайно ва ло набки ъало аҳадин,

[1] тозанда – қосидони тезрав.
[2] мутаворичӯй - ҷойи пинҳоншуда.
[3] яъне, занед

Ла-наҳну ағлазу акбодан мина-л ибли[1].

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, фақеҳ Абдулмалики Тусии надимро назди вай фиристод ба пайғоми таъзият. Ин фақеҳ марде некӯсухан буду хирадманд. Чун пайғом бигузорд, Хоҷа бар пой хоста замин бӯса дод ва бинишасту гуфт: «Банда ва фарзандону ҳар кас ки дорад, фидойи як тори муйи худованд бод, ки саъодати бандагон он бошад, ки дар ризои худованд каронаи умр кунанд»[2]. Ва колбади мардон ҳама якест ва кас ба ғалат ном нагирад ва ин ҷазаъ нокардан рост бад-он монад, ки Амр ибни Лайс[3] кард ва бигӯям он чӣ дар ин боб хондам, то муқарар гардад. Валлоҳу аълам биссавоб.

Ал-ҳикояту мин Амр-у-бни Лайси ал-амири би Хуросона фи-с-сабри бивақти наъйӣ ибниҳи[4]

Амр ибни Лайс як сол аз Кирмон бозгашт сӯйи Систон ва писараш Муҳаммад, ки ӯро ба лақаби фата-л-ъаскар[5] гуфтандӣ, барное сахт покиза даррасида буд ва ба кор омада. Аз қазо дар биёбони Кирмон ин писарро иллати қулинҷ[6] гирифт бар панҷ манзиле аз шаҳри Систон ва мумкин нашуд Амрро он ҷо муқом кардан. Писарро он ҷо монд бо атиббову[7] муътамадон ва як дабиру сад муҷаммиз ва бо заъим[8] гуфт: «Чунон бояд, ки муҷаммизон бар асари якдигар меоянд ва дабир менависад, ки бемор чӣ карду чӣ хӯрд ва чӣ гуфт ва хуфт ё нахуфт, чунонки Амр бар ҳамаи аҳвол воқиф мебошад, то Эзид азза зикруҳу чӣ тақдир кардааст».

Ва Амр ба шаҳр омад ва фуруди саройи хосс рафт ва холӣ бинишаст бар мусаллои намози хушк[9], чунончи рӯзу шаб он ҷо буд ва ҳамон ҷо хуфтӣ бар замин ва болиш фаросар[10] на. Ва муҷаммизон пайваста мерасиданд дар шабонарӯзӣ бисту сӣ ва он чӣ дабир менабишт бар вай мехонданд ва ӯ ҷазаъ[11] мекарду мегирист ва садақа ба ифрот медод. Ва ҳафт шабонарӯз ҳам бар ин ҷумла буд,

---

[1] тарҷ: бар мо мегирянд ва мо бар касе намегирйем, ҳар ойина мо сахтдилтар аз шутурем.

[2] зиндагонӣ ба поён баранд.

[3] Амр ибни Лайси Саффорӣ – амири Хуросон (879 – 900), намояндаи сулолаи Саффориён.

[4] тарҷ: Саргузашти Амр фарзанди Лайс амири саффорӣ ба Хуросон дар шакебойӣ варзидан ба ҳангоми хабари марги писараш.

[5] ҷавонмарди лашкар.

[6] қулинҷ ё қуланҷ – дарде маъруф, ки дар рӯдаи қулун ҳодис шавад.

[7] атиббо – ҷамъи табиб.

[8] заъим – раис.

[9] ҳайрон.

[10] зери сар.

[11] бесабрӣ.

рӯз ба рӯза будан ва шаб ба ноне хушк гушодан ва нонхӯрише нахӯрдан ва бо ҷазаъе бисёр. Рӯзи ҳаштум, шабгир меҳтари муҷаммизон даррасид бе нома, ки писар гузашта шуда буд ва дабир наёраст хабари марг набиштан, ӯро бифиристод, то магар ба ҷой орад ҳоли уфтодаро. Чун пеши Амр омад, замин бӯса дод ва нома надошт. Амр гуфт: «Кӯдак фармон ёфт?» Заъими муҷаммизон гуфт: «Худовандро солҳои зиёд бақо бод». Амр гуфт: «Алҳамдулиллоҳ, сипос Худойро, азза ва ҷалла, ки ҳарчӣ хост кард ва ҳарчӣ хоҳад кунад, бирав ин ҳадис пӯшида дор». Ва худ бархосту ба гармоба рафт ва мӯяш боз карданду бимолиданд ва баромаду биёсуду бихуфт. Ва пас аз намоз вакилро[1] бифармуд, то бихонданд; Ва биёмаду мисол дод, ки бирав меҳмонии бузург бисоз ва се ҳазор барра ва он чӣ бо он равад ва шаробу олати он ва мутрибон рост кун фардоро. Вакил бозгашт ва ҳамаро бисохтанд. Ҳоҷибро гуфт: «Фардо бори ом хоҳад буд, огоҳ кун лашкарро ва раъоёро аз шарифу вазеъ».

Дигар рӯз пагоҳ нишаст ва бор доданду хонҳои бисёр ниҳода буданд. Пас аз бор даст бад-он карданд ва шароб оварданду мутрибон бар кор шуданд. Чун фориғ хостанд шуд, Амри Лайс рӯй ба хавосс ва авлиёву ҳашам карду гуфт: «Бидонед, ки марг ҳаққ аст ва мо ҳафт шабонарӯз ба дарди фарзанд Муҳаммад машғул будем. Бо мо на хобу на хӯрд ва на қарор буд, ки набояд, ки бимирад. Ҳукми Худойи азза ва ҷалла чунон буд, ки вафот ёфт ва агар боз фурӯхтандӣ ба ҳар чӣ азизтар боз харидемӣ, аммо ин роҳ бар одамӣ баста аст. Чун гузашта шуд ва муқаррар аст, ки мурда боз наёяд, ҷазаъу гиристан девонагӣ бошад ва кори занон. Ба хонаҳо боз равед ва бар одат мебошед ва шод мезийед, ки подшоҳонро сӯг доштан муҳол бошад». Ҳозирон дуъо карданду бозгаштанд. Ва аз чунин ҳикоят мардонро азимат[2] қавитар гардад ва фурӯмоягонро дархӯрд[3] моя диҳад.

Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, аз Гургон бирафт рӯзи панҷшанбе, ёздаҳуми моҳи раҷаб[4] ва ба Нишобур расид рӯзи душанбе ҳашт рӯз монда аз ин моҳ[5] ва ба Боғи Шодёх фуруд омад. Ва рӯзи якшанбе, ду рӯз монда аз ин моҳ Аҳмад Алии Нӯштагин гузашта шуд ба Нишобур, раҳматуллоҳи алайҳи, ва ли-кулли аҷалин китобун[6]. Ва ба гузашта шудани ӯ тавон гуфт, ки саворию чавгону

[1] коргузорро.
[2] азм, ирода.
[3] андархӯр, муносиб.
[4] баробар бо 22 майи соли 1035-и милодӣ
[5] баробар бо 3 июни соли 1035-и милодӣ
[6] тарҷ: барои поёни умри ҳар кас навиштаест.

тобтоб[1] ва дигар одоби ин кор мадрус[2] шуд. Ва Амир чун ба шаҳр расид, ба гарм кори лашкар месохт, то ба Нисо фиристад ва туркмонон оромида буданд, то худ чӣ равад. Ва номаҳои мунҳиён Боварду Нисо бар он ҷумла буд, ки аз он вақт боз, ки аз Гургон бирафта будем, то ба Нишобур қарор буд, аз эшон хиёнате ва дастдарозие нарафтааст. Ва бунаҳошон бештар он аст, ки Шоҳмалик[3] ғорат карда ва бибурда ва сахт шикастадиланд ва он чӣ мондааст, бо хеш доранд ва бар ҷониби биёбон бурда ва нек эҳтиёт мекунанд ба рӯзу ба шаб ва ҳам ҷангро месозанд ва ҳам сулҳро. Ва ба ҷавобе, ки аз Сурӣ расидааст, лахте сукун ёфтаанд, валекин нек мешикӯҳанд[4]. Ва ҳар рӯзе Салҷуқиёну Янолиён бар пушти асб бошанд аз бомдод то чоштгоҳи фарох, бар болое истода ва пӯшида тадбир мекунанд, ки то бишнудаанд, ки рояти олӣ сӯйи Нишобур кашид, нек метарсанд. Ва ин номаҳо арза кард Хоҷа Бунаср ва Амир даст аз шароб бикашиду сахт андешаманд мебуд ва пушаймон аз ин сафар, ки ҷуз бадномӣ аз Табаристон чизе ба ҳосил наёмад ва Хуросонро ҳол бар ин ҷумла. Ироқиро беш заҳра набуд, ки пеши вай сухан гуфтӣ дар тадбири мулк.

Ва турфатар он омад, ки бар Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад Амир бадгумон шуд бо он хидматҳои писандида, ки ӯ карда буд ва тадбирҳои рост, то Ҳоруни махзулро бикуштанд. Ва сабаби исёни Ҳорун аз Абдулҷаббор донист – писари Хоҷаи Бузург. Ва дигар сурат карданд, ки ӯро бо аъдо забоне[5] будааст ва мурод ба ин ҳадис омадани Салҷуқиён ба Хуросон аст. Ва аз Хоҷа Бунаср, раҳматуллоҳи алайҳи, дар халвате, ки бо Мансури Тайфур ва бо ман дошт гуфт: «Худой, азза ва ҷалла, донад, ки вазир росту носеҳ аст ва аз ин туҳматҳо дур, аммо мулукро хаёлҳо бандаду кас ба эътиқоду ба дили эшон чунонки бояд, роҳ набарад ва аҳволи эшонро дарнаёбад. Ва ман, ки Бунасрам, ба ҳукми он, ки сару корам аз ҷавонӣ боз ило явмино ҳозо[6] бо эшон будааст ва бар аҳволи эшон воқифтарам, ҳам аз қазои омадааст, ки ин худованди мо бар вазир бадгумон аст, то ҳар тадбири рост, ки вай мекунад, дар ҳар бобе бар зид меронад ва изо ҷоъа-л қазо амийа-л басар[7]. Ва чанд бор ин меҳтарро биёзмуд ва хидматҳои муҳим фармуд, бо лашкарҳои гарон номзад кард бар

---

[1] тобтоб – чӯби кафчадори чавгонбозӣ.
[2] мадрус – кӯҳнаву фарсуда.
[3] Шоҳмалик ҳокими шаҳри Ҷунд, ки Хоразмро аз дасти фарзандони Олтунтош кашида гирифт
[4] метарсанд
[5] паймон
[6] то ин рӯзгори мо
[7] тарҷ: чун қазо ояд, чашм кӯр гардад

ҷониби Балху Тахористону Хатлон ва бар вай дар ниҳон муваккил[1] дошт солоре муҳташамро. Ва Хоҷа ин ҳама медонист ва аз сари он мегузашт ва ҳеч насиҳат боз нагирифт. Акнун чун ҳадиси Салҷуқиён уфтодааст ва Амир ғамнок мебошаду машғулдил бад-ин сабаб ва месозад, то лашкар ба Нисо фиристад».

Дар ин маънӣ халвате кард ва аз ҳар гуна сухан мерафт, ҳар чӣ вазир мегуфт, Амир ба таъна ҷавоб медод. Чун бозгаштем, Хоҷа ба ман халвате карду гуфт: «Мебинӣ он чӣ маро пеш омадааст? Ё субҳоналлоҳи-л-ъазим! Фарзанде аз ман, чун Адулҷаббор бо бисёри мардум аз пайвастагон кушта ва дар сари Хоразм шуданд, то ин худованд лахте бидонист, ки ман дар ҳадиси Хоразм бегуноҳгуна будаам. Ман ба ҳар вақте, ки ӯро занне[2] уфтаду хаёл бандад, писареву чандин мардум надорам, ки ба бод шаванд, то бидонад ё надонад, ки ман бегуноҳам. Ва аз он, ин туркмонон турфатар аст ва аз ҳама бигзашта маро ба-д эшон майл чиро бошад, то агар бузург гарданд пас аз он, ки маро бисёр замину даст бӯса додаанд, вазорати хеш ба ман диҳанд? Ба ҳамаи ҳолҳо ман имрӯз вазири подшоҳеам чун Масъуд писари Маҳмуд. Чунон донам, ки бузург аз он бошам, ки то ҷамъе, ки маро бисёр хидмат кардаанд вазири эшон бошам ва чун ҳол бар ин ҷумла бошад, бо ман дил кучо монад ва дасту поям кор чун кунаду раъйи тадбирам чун фароз ояд?»

Гуфтам: «Зиндагонӣ худованд дароз бод, ин бар ин ҷумла нест, дил ба чунин ҷойҳо набояд бурд, ки чун баддилу бадгумон бошад ва чандин муҳим пеш омадааст, рост наёяд». Гуфт: «Ай Хоҷа маро мебифиребӣ? На кӯдаке хурдам. Надидӣ, ки имрӯз чанд сухан ба таъна рафт? Ва дер аст, то ман ин медидаму мегузоштам, аммо акнун худ аз ҳадд мебигзарад». Гуфтам: «Хоҷа раво дорад, агар ман ин ҳол бар маҷлиси олӣ бигуям?» Гуфт: «Суд надорад, ки дили ин худованд табоҳ кардаанд. Агар вақте сухане равад аз ин абвоб, агар насиҳате рост чунонки аз ту сазад ва он чӣ аз ман донӣ ба ростӣ боз намойӣ раво бошад ва озодмардӣ карда бошӣ». Гуфтам: «Нек омад».

Аз иттифокро Амир халвате кард ва ҳадиси Балх ва писарони Алитагину Хоразм ва Салҷуқиён мерафт. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, муҳиммотро набояд гузошт, ки анбор шавад ва хор[3] гирифтани корҳо ин дилмашғулӣ овардааст. Якчанде даст аз тараб кӯтоҳ бояд кард ва тан ба кор дод ва бо вазир раъй зад». Амир гуфт: «Чӣ мегуйӣ? Ин ҳама аз вазир хезад, ки бо мо рост нест». Ва

[1]ҷосус
[2]гумоне
[3] нодида

даристоду[1] аз Хоҷаи Бузург гилаҳо кардан гирифт, ки дар боби Хоразм чунину чунин рафт ва писараш чунин кард ва инак Салҷуқиёнро овард. Гуфтам: «Зиндагони худованд дароз бод, Хоҷа бо ман дар ин боб дӣ маҷлиси дароз кардааст ва сухани бисёр гуфта ва аз андоза гузашта ноумедиҳо намуда. Ман гуфтам ӯро: «Ба маҷлиси олӣ расонам?» Гуфт: «Агар ҳадисе равад, раво бошад, агар аз худ бозгуйӣ?» Акнун, агар фармон бошад, то бозгӯям. Гуфт: «Нек омад!» Даристодам ва ҳарчӣ вазир гуфта буд, батамомӣ боз гуфтам. Замоне нек андешид, пас гуфт: «Алҳақ рост мегуяд, ки хону мону писару мардумаш ҳама дар сари Хоразм шуд ва тадбирҳое рост кард аз дил, то он мағрур баруфтод»[2].

Гуфтам: «Чун худованд медонад, ки чунин аст ва ин мард вазир аст ва чанд хидмат, ки вайро фармуда омад, некӯ ба сар бурд ва ҷону мол пеш дошт, бар вай бадгумон будану вайро муттаҳам доштан фоида чист, ки халали он ба корҳои худованд бозгардад, ки вазири бадгумон тадбири рост чун донад кард, ки ҳар чӣ бияндешаду хоҳад, то бигӯяд, ба дилаш ояд, ки дигаргуна хоҳад шунуд, ҷуз бар муроди вақт сухан нагӯяд ва савобу салоҳ дар миён гум шавад». Амир, разияллоҳу анҳу, гуфт: «Ҳамчунин аст, ки гуфтӣ ва моро то ин ғоят аз ин мард хиёнате пайдо наёмадааст, аммо гӯши мо аз вай пур кардааанду ҳанӯз мекунанд». Гуфтам: «Худовандро имрӯз муҳиммоти бисёр пеш омадааст, агар раъйи олӣ бинад, дили ин мардро дарёфта ояд ва агар пас аз ин дар боби вай сухане гӯянд бевақҳ[3], бонг бар он кас зада ояд, то ҳӯшу дил бад-ин мард бозояд ва корҳои худованд напечад ва некӯ пеш равад». Гуфт: «Чӣ бояд кард дар ин боб?» Гуфтам: «Худованд агар бинад, ӯро бихонад ва халвате бошад ва дили ӯ гарм карда ояд». Гуфт: «Моро шарм ояд». Худой, азза ва ҷалла он подшоҳи бузургро биёмӯрзад, тавон гуфт, ки аз вай ҳалимтар подшоҳ натавонад буд. Гуфтам: «Пас худованд чӣ бинад?» Гуфт: «Туро намози дигар наздики вай бояд рафт ба пайғоми мо, ҳар чӣ донӣ, ки савоб бошад ва ба фароғати дили ӯ бозгардад бигуфт ва мо низ фардо ба мушофаҳа[4] бигӯем, чунонки ӯро ҳеч бадгумонӣ намонад ва чун бозгардӣ, моро бибояд дид, то ҳар чӣ рафта бошад, бо ман боз гуйӣ». Гуфтам: «Агар раъйи олӣ бинад, Абдус ё каси дигар аз наздикони Худованд, ки савоб дида ояд, бо банда ояд, ду тан на чун як бошад». Гуфт: «Донам, ки чӣ андешидаӣ. Моро бар ту мушриф ба кор нест ва ҳоли шафақату ростии ту сахт

---

[1]оғоз кард

[2]ишора ба тадбири Аҳмади Абдуссамад ва бар он асос кушта шудани Ҳорун, ки зикраш дар боло омад

[3] бедалел

[4] рӯ ба рӯ

муқаррар аст». Ва бисёр некӯӣ гуфт, чунонки шарм гирифтам ва хидмат кардаму бозгаштам.

Ва намози дигар наздики Хоҷа рафтам ва ҳарчӣ рафта буд, бо ӯ бигуфтам ва пайғоме ҳама сар то сар навохту дилгармӣ бидодам. Чун тамом шуд, Хоҷа бархосту замин бӯса дод ва бинишасту бигирист ва гуфт: «Ман ҳаргиз ҳаққи худовандии ин подшоҳ фаромӯш накунам бад-ин дараҷаи бузург, ки маро ниҳод, то зиндаам аз хидмату насиҳат ва шафақат чизе боқӣ намонам. Аммо чашм дорам, ки сухани ҳосидону душманони маро бар ман шунуда наёяд ва агар аз ман хатое равад, маро андар он бедор карда ояд ва худ гӯшмол дода шавад ва онро дар дил нигоҳ дошта наёяд. Ва бад-он чӣ бар ман бадгумон мебошад ва ман тарсонхотиру даст аз кор бишуда, зарари он ба корҳои мулк бозгардад ва чигуна дар муҳиммот сухан тавонад гуфт?» Гуфтам: «Худованд Хоҷаи Бузург ба тамомӣ дили хеш қавӣ кунад ва фориғ гардонад, ки агар пас аз ин нифоқе равад, бад-он Бунасрро бояд гирифт». Ва дили вайро хуш кардаму бозгаштам ва он чӣ рафта буд, ба тамомӣ ба Амир бигуфтам ва гуфтам агар раъйи олӣ бинад, фардо дар халват Хоҷаи Бузургро некӯӣ гуфта шавад, ки он чӣ аз лафзи олӣ мешунавад дигар бошад. Гуфт: «Чунин кунам!» Дигар рӯз пас аз бор халвате кард бо Хоҷа, ки қавм бозгаштанд ва маро бихонду фасле чанд сухан гуфт бо вазир сахт некӯ, чунонки вазирро ҳеч бадгумонӣ намонд. Ва ин сухан фариза буд, то ин корҳо магар бигшояд, ки бевазир рост наёяд[1]. Мо гуфтем: «Ҳамчунин аст!» Ва вайро дуъо гуфтем, ки чунин масолеҳ нигоҳ медорад

Ва чун Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, азимат дуруст кард бар фиристодани лашкаре қавӣ бо солоре муҳташам сӯйи Нисо, холӣ кард бо вазиру ориз ва соҳибдевони рисолату Бусаҳли Завзанӣ ва ҳоҷибон Багтуғдию Бунназару Субошӣ ва кас рафт ва аъёну сарҳангону ҳуҷҷоб ва вилоятдоронро бихонданд, чун ҳоҷиб Нӯштагини Валволиҷӣ ва Пирии Охурсолор ва дигарон. Чун ҳозир омаданд, Амир гуфт: «Рӯзе чанд муқом уфтод ва лашкар биёсуд ва сутурон даме заданд[2], ҳарчанд номаҳои мунҳиёни Нисову Бовард бар он ҷумла мерасад, ки Салҷуқиён оромидаанду тарсон мебошанд ва раъийятро намеранҷонанд, моро ҳарчанд андеша мекунем, баристод намекунанд, ки даҳ ҳазор савори турк дар миёни мо бошанд, тадбири ин чист?» Ҳамагон дар якдигар нигаристанд. Вазир гуфт: «Сухан гӯед, ки худованд шуморо мегӯяд ва аз баҳри ин муҳиммро

[1] ин ҷо суханони Бунасри Мушкон ба поён мерасанд ва Байҳақӣ суханони худро мегӯяд.

[2] яъне, нафасе рост карданд; дам гирифтанд.

хондааст ва ҳамчунин аст, ки раъйи олӣ дидааст. Аз ин мардумон ё Хуросон холӣ бояд кард ва ҳамагонро бар он ҷониби об афганд ва ё ба хидмат ва тоати худованд оянд фавҷ-фавҷ ва муқаддамони эшон раҳина ба даргоҳи олӣ фиристанд». Багтуғдӣ гуфт: «Муқаррар аст, ки Амири Мозӣ ба ихтиёри хеш гуруҳи туркмононро ба Хуросон оварда, аз эшон чӣ фасод рафт ва ҳанӯз чӣ меравад! Ва ин дигаронро орзуи омадан аз эшон хост. Ва душман ҳаргиз дӯст нагардад, шамшер бояд инонро, ки Арслони Ҷозиб ин гуфт ва шунуда наёмад ва буд он чӣ буд». Ва дигар аъён ҳамин гуфтанд. Ва қарор гирифт, ки лашкаре равад сӯйи Нисо бо солоре кордида. Амир гуфт: «Кадом касро фиристем?» Гуфтанд: «Агар раъйи олӣ бинад, мо бо вазир берун бинишинему ба пайғом ин кор рост карда ояд». Гуфт: «Нек омад!»

Ва бозгаштанд. Бунасри Мушкон меомаду мешуд ва бисёр сухан рафт, то қарор гирифт бар даҳ солор, ҳама муқадамони ҳашам, чунонки сари эшон ҳоҷиб Багтуғдӣ бошад ва кадхудой Хоҷа Ҳусайни Алии Микойил. Ва понздаҳ ҳазор савор сохта ояд аз ҳар ҷинсе ва ду ҳазор ғуломи саройӣ. Багтуғдӣ гуфт: «Ман бандаи фармонбурдорам, аммо гуфтаанд, ки дег ба ҳанбозони[1] бисёр ба ҷӯш наёяд, тане чанд номзаданд дар ин лашкар аз солорони номдори гурӯҳи маҳмудӣ ва чанде баркашидагони худованд ҷавонони корнодида ва мисол бояд, ки яке бошад ва сипаҳсолор диҳад ва ман мардеам пир шуда ва аз чашму тан дармонда ва мушоҳадат натавонам кард ва дар солорӣ набояд мухолафате равад ва аз он халале бузург таваллуд кунад ва худованд он аз банда донад». Амир, разияллоҳу анҳу, ҷавоб дод, ки «Касро аз ин солорон заҳра набошад, ки аз ин мисоли ту зостар шавад». Ва қавмеро хуш наёмад рафтани солор Багтуғдӣ. Гуфтанд: «Чунон аст, ки ин пир мегӯяд, набояд, ки ин кор бипечад». Амир гуфт: «Ночор Багтуғдиро бояд рафт»; то бар вай қарор гирифт ва қавм бозгаштанд, то он касоне, ки рафтаниянд, корҳо бисозанд. Хоҷаи Бузург пӯшида Бунасрро гуфт, ки «Ман сахт кореҳам[2] рафтани ин лашкарро ва заҳра намедорам, ки сухане гӯям, ки бар вай дигар ниҳанад»[3]. Гуфт: «Ба чӣ сабаб?» Гуфт: «Нуҷумӣ сахт бад аст». Ва вай илми нуҷум нек донист. Бунаср гуфт: «Ман ҳам кореҳам, нуҷум надонам, аммо ин миқдор донам, ки гурӯҳе мардуми бегона, ки бад-ин замин уфтоданд ва бандагӣ менамоянд, эшонро қабул кардан авлотар аз рамонидану

[1] ҳанбоз – анбоз, шарик. Фирдавсӣ низ дар байти зерин масали «дег ба ҳанбозон ба чӯш наёяд»-ро ин тавр баён медорад: Хирадманд гӯяд, ки дар як сарой, Чу фармон ду гардад намонад ба ҷой.

[2] кореҳ – нописанддоранда.

[3] яъне, ба Амир дигар хел шарҳ диҳанд, фаҳмонанд.

бадгумон гардонидан. Аммо чун худованду солорон ин мебинанд, ҷуз хомӯшӣ рӯй нест, то Худойи азза ва ҷалла чӣ тақдир кардааст». Хоҷа гуфт: «Ман ночор боз намоям, агар шунуда наёмад, ман аз гардани хеш берун карда бошам». Ва боз намуду суд надошт, ки қазои омада буд ва бо қазои омада барнатавон омад.

Дигар рӯз, Амир барнишаст ва ба саҳрое, ки пеши Боғи Шодёх аст, биистод ва лашкареро ба сари тозиёна бишмурданд[1], ки ҳамагон иқрор доданд, ки ҳама Туркистонро кифоят аст ва ду ҳазор ғуломи саройии сохта, ки оламеро басанда буданд. Амир солори ғуломон ҳоҷиб Багтуғдиро бисёр некӯӣ гуфту бинавохт ва ҳамаи аъёну муқаддамонро гуфт: «Солори шумову халифати мо ин мард аст, ҳамагон гӯш ба ишорати ӯ доред, ки мисолҳои вай баробари фармонҳои мост». Ҳамагон замин бӯса доданду гуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва Амир бозгашт ва хонҳо ниҳода буданд, ҳамаи аъёну муқаддамону авлиёву ҳашамро, бинишонданд ба нон хӯрдан. Чун фориғ шуданд, солор Багтуғдӣ ва дигар муқаддамонро, ки номзади ин ҷанг буданд, хилъатҳо доданд ва пеш омаданду хидмат карданд ва бозгаштанд. Ва дигар рӯз, панҷшанбе, нуҳуми шаъбон[2] ин лашкар сӯйи Нисо рафт бо уҳбатеву уддатеву олате сахт тамом ва Хоҷа Ҳусайни Алии Микойил бо эшон, бо вай ҷомаву зари бисёр, то касоне, ки рӯзи ҷанг некӯ кор кунанд ва вай бубинад, ба андоза ва ҳадди хидматаш силат диҳад. Ва ду пилбон номзад шуданд бо эшон, то чун солор пил дорад маркаби хешро, Ҳусайн низ бар пил нишинад рӯзи ҷанг ва мебинад он чӣ равад.

Ва рӯзи одина, даҳуми ин моҳ, хитобати[3] Нишобурро Амир фармуд, то муфавваз[4] карданд ба устод Абуусмон Исмоил Абдурраҳмони Собунӣ, раҳимаҳуллоҳ ва ин мард дар ҳама анвоъи ҳунар ягонаи рӯзгор буд, хусусан дар маҷлиси зикру фасоҳат ва мушоҳадати ӯ бар ин ҷумла диданд, ки ҳама фусаҳо[5] пеши ӯ сипар бияфканданд ва ин рӯз хутбае кард сахт некӯ. Ва Қозӣ Абулаъло Соъид, тағаммадаҳуллоҳу бираҳматиҳи[6] аз ин ҳадис биёзурд ва пайғомҳо дод, ки «қонуни ниҳода бигардонидан носутуда бошад». Ҷавоб рафт, ки чунин рӯй дошт, то дил бад дошта наёяд.

---

[1] яъне, ба ишораи сар ва тозиёнае, ки дар даст доштанд, теъдоди лашкарро ҳисоб карданд.
[2] баробар бо 19 июни соли 1035-и милодӣ.
[3] хитобат – хутба хондан.
[4] вогузор.
[5] фасеҳон, суханварон.
[6] тарҷ: Худованд ба бахшоиши хеш ӯро фурӯ пӯшад.

Ва намози дигар, рӯзи сешанбе, бисту якуми шаъбон[1] мулаттафа расид аз мунҳӣ, ки бо лашкари мансур буд, ки «Туркмононро бишикастанд ба нахуст дафъат, ки муқаддамаи лашкар бад-эшон расид, чунонки ҳоҷат наёмад ба қалбу майманаву майсара ва қариб ҳафтсад-ҳашсад сар дарвақт бибуриданд ва бисёр мардум дастгир карданд ва бисёр ғанимат ёфтанд». Дарвақт, ки хабар бирасид, фаррошон ба башорат ба хонаҳои муҳташамон рафтанд ва ин хабар бидоданд ва бисёр чиз ёфтанд ва бифармуд, то буқу духул бизаданд ба расидани мубашширон. Ва надимону мутрибон хост биёмаданд ва даст ба кор бурданд ва ҳама шаб то рӯз бихӯрду бисёр нишот рафт, ки чанд рӯз буд, то шароб нахӯрда буд ва моҳи рамазон наздик ва чунонки вай нишот кард, ҳамагон карданд ба хонаҳои хеш. Вақти саҳаргоҳ хабар расид, ки лашкари султонро ҳазимати ҳавл расид ва ҳарчӣ доштанд аз тачаммулу олат ба дасти мухолифон уфтод ва солор Багтуғдиро ғуломонаш аз пил ба зер оварданд ва бар асб нишонданду ба таъчил бибурданд ва Хоҷа Ҳусайни Алии Микойилро бигирифтанд, ки бар пил буд ва бад-ӯ асб нарасид ва лашкар дар бозгаштан бар чанд роҳ уфтод. Дарвақт, ки ин хабар бирасид, дабири навбатӣ Хоҷа Бунасрро огоҳ кард, Бунаср хона ба Муҳаммадобод дошт наздик Шодёх, дарвақт ба даргоҳ омад, чун нома бихонд ва сахт мухтасар буд, бағоят мутаҳҳаййир шуду ғамнок гашт ва аз ҳоли Амир пурсид. Гуфтанд: вақти саҳар хуфта аст ва ба ҳеч гуна мумкин нашуд, то чоштгоҳи фарох бедор шавад ва вай ба сӯйи вазир руқъате набишт ба зикри ин ҳол ва вазир биёмаду авлиёву ҳашам ва бузургон бар одат омадан гирифтанд. Ман, ки Булфазлам, чун ба даргоҳ расидам, вазиру ориз ва соҳибдевони рисолат ва Бусаҳли Завзанӣ ва Сурӣ соҳибдевони Хуросон ва ҳоҷиб Субошӣ ва ҳоҷиб Буназарро ёфтам, холӣ нишаста бар дари боғ ва дар баста, ки боғ холӣ буд ва ғами ин воқеъа мехӯрданду мегуфтанд ва бар чигунагии он чӣ уфтод воқиф набуданд. Вақти чоштгоҳ руқъате набишитанд ба Амир ва боз намуданд, ки чунин ҳодисаи саъб бияфтод ва ин руқъати мунҳӣ дар дарҷи он ниҳоданд. Ходим он баста бирасонид ва ҷавоб овард, ки ҳамагонро боз набояд гашт, ки соат то соат хабари дигар расад, ки бар роҳ саворон мураттабанд. Пас аз намоз бор бошад, то дар ин боб сухан гуфта ояд. Қавми дигарро бозгардониданд ва ин аъён ба даргоҳ бибуданд.

Наздики намози пешин ду савора расид фаровӣ[2] аз они Сӯрӣ, аз он девсаворони ӯ бо асбу соз ва аз маърака бирафта буданд мардони кор ва сахт зуд омада. Эшонро ҳозир карданд ва ҳол бозпурсиданд,

[1] баробар бо 1 июли соли 1035-и милодӣ.
[2] яъне, аз мардуми Фарова.

ки сабаб чӣ буд, ки номаи пешин чунон буд, ки туркмононро бикуштанду бишкастанд ва дигар нома бар ин ҷумла, ки хасмон чира шуданд. Гуфт: «Ин коре буд худоӣ ва бар хотири кас нагузашта, ки хасмон тарсону бесилоҳу бемояву бекорӣ, ки бикарданд лашкари бад-ин бузургӣ хира-хира зеру забар шуд. Аммо бибояд донист ба ҳақиқат, ки агар мисоли солор Багтуғдӣ нигоҳ доштандӣ, ин халал наяфтодӣ, надоштанд ва ҳар кас ба муроди хеш кор карданд, ки солорон бисёр буданд. То аз ин ҷо бирафтанд ҳазм[1] ва эҳтиёт нигоҳ медоштанд ва ҳаракати ҳар манзиле бар таъбия буд, қалбу майманаву майсара ва ҷиноҳҳову моядору соқа ва муқаддама рост мерафтанд. Рост, ки ба хиргоҳҳо расиданд, муште чанд бидиданд аз хиргоҳҳои тиҳӣ ва чаҳорпой ва шӯбоне чанд. Солор гуфт: ҳушёр бошед ва таъбия нигоҳ доред, ки хасмон дар парраи[2] биёбонанд ва каминҳо сохта, то халале наяфтад, чандонки талеъаи[3] мо биравад ва ҳолҳо некӯ бидонад. Фармон набурданд ва чандон буд, ки талеъа аз ҷой бирафт ва дар он хиргоҳҳо ва қумошҳову лоғариҳо[4] уфтоданд ва бисёри мардум аз ҳар дасте куштанд ва ин он хабари пешин буд, ки туркмононро бизаданд. Солор чун ҳоло бар он ҷумла дид, коре бесару сомон, ба зарурат қалби лашкарро биронд ва дарҳам уфтоданду низоми таъбияҳо бишикаст, хосса чун бад-он деҳа расиданд, ки мухолифон он ҷо каминҳо доштанд, ҷангро сохта буданд ва даст ба ҷанг карданд; ва Хоҷа Ҳусайн бар пил буд ва ҷанге бапой шуд, ки аз он сахтар набошад, ки хасмон кор дар мутовалат[5] афганданд ва нек бикӯшиданд ва на чунон омад ва бар он ҷумла, ки андешида буданд, ки ба нахуст ҳамла хасмон бигурезанд ва рӯз сахт гарм шуд ва рег битафт[6] ва лашкару сутурон аз ташнагӣ битосиданд[7]. Обе буд дар пасу пушти эшон, низ чанд аз солорони корнодида гуфтанд: хуш-хуш лашкар боз бояд гардонид ба карру фарр[8], то ба об расанд. Ва он моя[9] надонистанд, ки он

[1] ҳазм – ҳушёрӣ ва бедорӣ дар кор.
[2] канори.
[3] талеъа – пешсафони дашкар; дастае аз лашкар, ки пешопеши сипоҳ ҳаракат мекарданд
[4] қумош – газвори абрешимӣ; мурод аз лоғариҳо гусфандони лоғар аст. (нақл аз ҳавошии доктор Файёз).
[5] мутовалат – бо касе ҷанг кардан тӯлонӣ.
[6] сӯзон шуд.
[7] яъне, аз сустӣ аз рафтор монданд; тосидан низ ба маънои пӯсидан ба кор меравад.
[8] карр – ҳамла кардан; фарр – фирор кардан; имрӯзҳо ба маънои худнамоӣ ба кор меравад.
[9] андоза.

баргаштан ба шибҳи[1] ҳазимате бошад ва хурдамардум[2] натавонад ба фикр донист, ки он чист. Беогоҳии солор баргаштанд ва хасмон чун он бидиданд, ҳазимат донистанд ва каминҳо баргушоданду сахт ба ҷидд даромаданд. Ва солор Багтуғдӣ мутаҳаййир монда, чашме заъиф, бедасту пой бар модапил чӣ гуна мумкин шудӣ он ҳолро дарёфтан ва лашкаре сари хеш гирифта ва хасмон ба нерӯ даромада ва даст ёфта. Чун гирди пил даромаданд хасмон, вайро ғуломонаш аз пил ба зер оварданду бар асб нишонданд ва ҷангкунон бибурданд, агар на ӯ низ гирифтор шудӣ ва кадом об[3] ва фуруд омадани он ҷо! Низ кас ба кас нарасид ва ҳар кас сари ҷони хеш гирифт ва молеву таҷаммулеву олате бад-он азимӣ ба дасти мухолифони мо уфтод, ки қавми мо ҳама бирафтанд; ҳар гурӯҳе ба роҳе дигар ва мо ду тан ошно будем, то туркмонон аз думи қавми мо бозгаштанду эмин шудем. Пас бирондем ҳама шаб ва инак омадем ва пеш аз мо кас нарасидааст ва ҳақиқат ин аст, ки боз намудем, ки моро ва ҳашт ёри моро соҳибдевон номзад кард бо ин лашкар овардани ахборро. Ва мо надонем, то ҳоли ёрони мо чун шуд ва куҷо уфтоданд ва агар кас гӯяд, ки хилофи ин буд набояд шунуд, ки моро ҷуз ин шуғл набуд дар лашкар, ки аҳволу ахборро бидонистемӣ. Ва дареғо, лашкаре бад-ин бузургию сохтагӣ, ки ба бод шуд аз мухолифати пешравон, аммо қазо чунин буд».

Аъёну муқаддамон чун бишниданд ин сухан, сахт ғамнок шуданд, ки бад-ин ройгонӣ лашкаре бад-ин бузургию сохтагӣ ба бод шуд. Хоҷа Бунаср он чӣ шунуд, бар ман имло кард ва набишта омад ва Амир пас аз намоз бор дод ва пас холӣ карданду ин аъён бинишастанд, чунонки он халват то намози шом бидошт ва Амир нусхат бихонд ва аз ҳар гуна сухан рафт. Вазир дили Амир хӯш карду гуфт: «Қазо чунин буд ва то ҷаҳон аст ин чунин будааст ва лашкарҳои бузургро чунин уфтодааст бисёр ва худовандро бақо бод, ки ба бақои худованду давлати вай ҳама халалҳо дартавон ёфт». Ва ориз гуфт: «Пас аз қазои Худойи азза ва ҷалла аз номусоъидии муқаддамони лашкарӣ ин шикаст уфтодааст». Ва ҳар кас ҳам бар ин ҷумла мегуфтанд, нармтару дурушттар.

Ва чун бозгаштанд, вазир Бунасрро гуфт: «Бисёр хомӯш будию сухан нагуфтӣ»; ва чун бигуфтӣ, санги манҷаниқ дар обгинахона[4] андохтӣ. Гуфт: «Чӣ кунам? Мардеам дуруштсухан во бо сафрои[5] худ бас наёям ва аз ман он нашнавад ин худованд, ки ту гуфтӣ ва

---

[1] монанди.
[2] мардуми табақаи поён, мардуми оддӣ.
[3] обрӯ.
[4] обгинахона – хонае, ки аз шиша сохта бошанд.
[5] сафро – хашму ғазаб.

ҳодисае бад-ин саъбӣ бияфтод, то маро зиндагонист талхии ин аз комам нашавад ва накарда будам хӯй[1] ба монанди ин воқеъа дар ин давлати бузург. Нахуст худованд Хоҷаи Бузургро гӯям, пас дигаронро: аз баҳри нигоҳдошти дили худованд-султонро то ҷурҳун ъало ҷурҳин[2] набошад бар дили вай хуш мекарданд ва ман низ саре меҷунбонидаму оре мекардам, чӣ чора набуд, дар ман печид, ки Бунаср ту чи гӯӣ? Ва такрор ва илҳоҳ[3] кард чӣ кардаме, ки сухане рост нагуфтаме ва насиҳате рост накардаме, то магар даст аз истибдод бикашаду гӯш ба корҳои беҳтар дорад». Ҳамагон гуфтанд: «Ҷазокаллоҳу хайран! Сахт некӯ гуфтӣ ва мегӯйӣ». Ва бозгаштанд.

Ва ман пас аз он аз Хоҷа Бунаср пурсидам, ки он чӣ сухан буд, ки рафт, ки чунон ҳавл омада буд қавмро? Гуфт: «Ҳамагон ишваомез сухан мегуфтанд ва коре бузург уфтода саҳл мекарданд, чунонки расм аст, ки кунанд ва ман албатта дам намезадам ва аз хашм бар хештан мепечидам ва Амир инкор меовард». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳарчанд ҳадиси ҷанг на пешаи ман аст ва чизе нагуфтам, на он вақт, ки лашкар гусел карда меомад ва на акнун, ки ҳодисаи бузург бияфтод. Акнун чун худованд илҳоҳ мекунад, беадабӣ бошад сухан ногуфтан. Дили банда пурзаҳир[4] аст ва хостаме, ки мурда будаме, то ин рӯз надидаме». Амир гуфт: «Беҳашамат бибояд гуфт, ки моро бар насиҳати ту туҳмате нест». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, якчанде даст аз шодиву тараб мебояд кашид ва лашкарро пеши хеш арза кард ва ин тавфирҳо[5], ки ин Хоҷаи ориз мепиндорад, ки хидмат аст, ки мекунад барандохт ва дили лашкарро дарёфту мардумонро нигоҳ дошт, ки молҳои бузург, Амири мозӣ ба мардони мард фароз овардааст, агар мардонро нигоҳ дошта наёяд, мардон оянд, ва-л-ъиёзубиллоҳ, молҳо бибаранд ва бими ҳар хатаре бошад ва банда донад, ки худовандро ин сухан нохӯш ояд ва сухани ҳаққу насиҳат талх бошад, аммо чора нест, бандагони мушфиқ ба ҳеч ҳол сухан боз нагиранд». Амир гуфт: «Ҳамчунин аст, ки гуфтӣ ва муқаррар аст ҳоли муносаҳату шафақати ту». Ва аз ҳар гуна сухан рафт ва қарор доданд, ки расуле фиристода ояд ва пеш аз ин бояст фиристод, то ин обрехтагӣ[6]

---

[1] хуй – одат.
[2] тарҷ: захм болои захм.
[3] илҳоҳ – дархост, илтимоси боисрор ва илтиҷо.
[4] пурранҷ.
[5] тавфир – андӯхтани мол, гирд кардан; дар ин ҷо ба сарфаҷӯйӣ дар харҷ ба суди хазина.
[6] беобрӯйӣ.

набудӣ. Ва ман ба ҳеч гуна роҳ бад-ин кор намебарам ва надонам, то оқибат чун хоҳад шуд. Валлоҳу валиййу-л кифояти биманниҳи[1].

Ва рӯзи шанбе, шаш рӯз монда аз шаъбон[2], нома расид аз Ғазнин ба гузашта шудани Булқосим Алии Нукӣ, разияллоҳу анҳу, падари Хоҷа Бунаср, ки имрӯз муширифи мамлакат аст дар ҳумоюнрӯзгори Султони муъаззам Абулмузаффар Иброҳим ибни Носириддинуллоҳ Масъуд, разияллоҳу анҳу. Ва шуғли баридӣ, ки Булқосим дошт, Амир, разияллоҳу анҳу, дар ин ду сол ба Ҳусайн писари Абдуллоҳи дабир дода буд ва ишрофи Ғазнин бадали он ба Булқосим муфавваз шуд на аз хиёнате, ки зоҳир шуд, балки Хусайн баридӣ бихост ва писари соҳибдевони рисолати Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, буд ва ба Ҳирот вазорати ин худованд карда ба рӯзгори падар. Шарм дошт ӯро иҷобат нокардан, баридӣ бад-ӯ дод ва ишроф, ки муҳимтар буд, ба Булқосим ва ман ночор чунини ҳоло шарҳ кунам, то доди меҳтарону пирони ин хонадони бузург дода бошам ва ҳаққи мумолаҳат[3], ки бо эшон дорам, бигузорда.

Ва пас аз ин, ҳазиматиён омадан гирифтанд ва ба роҳе меомаданд шикастадилу шармзада ва Амир фармуд, то эшонро дил доданд ва он чӣ рафт ба қазо боз бастанд. Ва бо муқаддамон Амир ба мушофаҳа итобҳое дурушт мекард мухолифат кардани солорро ва эшон узр мебознамуданд. Ва аз ҳоҷиб Нӯштагини Валволиҷӣ шунудам, ки пеши Хоҷа Бунаср мегуфт, ки вайро танҳо ду бор ҳазор ҳазор дирам зиёдат шудааст[4]. Ва солор Багтуғдӣ низ биёмад ва ҳол ба мушофаҳа бознамуд бо Амир ва гуфт: «Агар муқаддамон номардӣ накарандӣ, ҳама Туркистонро бад-ин лашкар битавонистем зад». Амир гуфт, разияллоҳу анҳу, ки моро ин ҳол муқаррар гаштааст ва хидмату муносаҳати ту зоҳир гаштааст. Ва ғуломони сароӣ низ даррасиданд шикаставу баста, аммо савор.

Ва ин нахуст ваҳне[5] буд бузург, ки ин подшоҳро уфтод. Ва пас аз ин ваҳн бар ваҳн буд, то хотимат, ки шаҳодат ёфт ва аз ин ҷаҳони фиребанда бо дарду дареғ рафт, чунонки шарҳ кунам ҳамаро ба ҷойҳои хеш, иншоаллоҳу азза ва ҷалла. Ва чӣ гуна дафъ тавонистӣ кард қазои омадаро, ки дар илми ғайб чунон буд, ки Салҷуқиён бадин маҳал хоҳанд расид, йафъалуллоҳу мо яшоъу ва йаҳкуму мо йуриду[6]. Ва давлат ҳама иттифоқи хуб аст ва кутуби сияру[1] ахбор

---

[1] тарҷ: Худованд дар гузоридани кори бандагон ёру мададгор аст.
[2] баробар бо 4 июли соли 1035-и милодӣ.
[3] мумолаҳат – бо ҳам нону намак хӯрдан, ҳаққи нону намакро нигоҳ доштан.
[4] аз даст рафтааст
[5] ваҳн – сустӣ, осеб, халал.
[6] тарҷ: Худованд он чӣ хоҳад мекунад ва он чӣ ирода фармояд фармон диҳад. (бахше аз ояи 27 сураи Иброҳим ва ояи 1 сураи Моида).

бибояд хонд, ки аҷоибу наводир бисёр аст ва бисёр будааст аз ин гуна, то зуд-зуд забон фаро ин подшоҳи муҳтарам дароз карда наёяд ва аҷзе бад-ӯ боз баста нашавад; ҳарчанд дар-ӯ истибдоде қавӣ буд ва хатоҳо рафтӣ дар тадбирҳо, валекин он ҳама аз Эзид, азза зикруҳу, бояд донист, ки ҳеч банда ба хештан бад нахоҳад ва пас аз он, ки ин ҷанг бибуд, ҳама ҳадис аз ин мегуфт ва бо ориз Булфатҳи Розӣ тангдилӣ мекард ва лашкарро менавохту корҳои эшон мебозҷуст, хосса аз они ин қавм, ки ба ҷанг рафта буданд, ки бештар он буданд, ки созу сутурон аз дасти эшон бишуда буд.

Ва моҳи рамазон фароз омад ва рӯза гирифтанд ва аз он мунҳиён, ки буданд пӯшида ба Нисо пайғомҳо расид. Набишта буданд, ки чандон олату неъмату сутур ва зару симу ҷома ва силоҳу таҷаммул ба дасти туркмонон уфтод, ки дар он мутаҳаййир шуданд ва гуфтӣ боварашон менаёяд, ки чунин ҳол рафтааст. Ва чун эйман шуданд, маҷлисе карданд ва аъёну муқаддамону пирон дар хиргоҳе бинишастанд ва раъй заданду гуфтанд, ки ноандешида ва нобаюсон[2] чунин ҳоле рафт ва пеши хеш баристодан муҳол бошад ва ин лашкари бузургро на мо задем, аммо беш аз он набуд, ки хештанро нигоҳ медоштем. Ва аз бетадбирии эшон будааст хости Эзид, азза зикруҳу, ки чунин ҳол бирафт, то мо ба якборагӣ ночиз нашудем ва ноандешида чандин неъмату олат ба дасти мо омад ва дарвеш будем тавонгар шудем. Ва Султон Масъуд подшоҳе бузург ва дар Ислом чанди ӯ[3] дигар нест ва ин лашкари ӯро аз бетадбирию бесолорӣ чунин ҳол уфтод. Солорону лашкари бисёр дорад, моро бад-он чӣ уфтод, ғарра набояд шуд ва расуле бояд фиристоду сухан бандавор гуфту узр хост, ки сухани мо ҳамон аст, ки пеш аз ин буд ва чӣ чора буд моро аз кӯшиш, чун қасди хонҳову ҷонҳо карданд, то чӣ ҷавоб расад, ки роҳ ба кори хеш тавонем бурд.

Чун аз ин номаҳо воқиф гашт, Амир лахте биёромид ва дар халват бо вазир бигуфт. Вазир гуфт: «Ин тадбир нест, то чи кунанд, ки ба ҳеч ҳол раво нест моро бо эшон сухан ҷуз ба шамшер гуфтан ва носавоб буд лашкар фиристодан ва дар ин абвоб Бунаср гувоҳи ман аст, ки бо вай гуфта будам, аммо чун худованд заҷир[4] шуд ва ҳар касе сухане ноандешида мегуфт, ҷуз хомӯшӣ рӯй набуд, то пас аз ин чӣ тоза гардад?»

Ва думодуми ин мулаттафаҳои мунҳиён расул ба даргоҳ омад аз они туркмонони салҷуқӣ; марде пири бухорӣ, донишманду сухангӯй, номае дошт ба Хоҷаи Бузург сахт ба тавозуъ набиштаву гуфта,

---

[1] сияр – ҷамъи сира; ахбори гузаштагон.
[2] нобаюсон - ногоҳ, якбора.
[3] баробари ӯ.
[4] заҷир – дилтанг, хашмгин.

ки мо хато кардем дар мутавассит[1] ва шафиъу поймард Суриро кардан, ки вай мутаҳаввир аст ва салоҳу оқибати худ нигоҳ надошт, лоҷарам худованд султонро бар он дошт, ки лашкар фиристод ва маъозаллоҳ, ки моро заҳраи он буд, ки шамшер кашидеми бар рӯйи лашкари мансур, аммо чун даруфтоданд чун гург дар рама ва зинҳориён будем қасди хонаҳо ва зану фарзанди мо карданд, чӣ чора буд аз дафъ кардан, ки ҷон хуш аст. Акнун мо бар сухани хешем, ки дар аввал гуфта будем ва ин чашмзахме буд, ки уфтод бе муроди мо. Агар бинад Хоҷаи Бузург ба ҳукми он, ки моро ба Хоразм навбат доштааст ба рӯзгори Хоразмшоҳ Олтунтош ва ҳаққи нону намак бувад, миёни ин кор дарояду поймард бошад ва дили худованд-султонро хуш кунад, то узри мо пазируфта ояд ва ин каси моро бо ҷавоби нома боз гардонида шавад бар қоидае, ки дили мо бар он қарор гирад, то накӯҳиш кӯтоҳ гардад. Ва агар муътамаде бо ин каси мо фиристад, Хоҷаи Бузург аз они хеш ҳам некӯтар бошад, то сухани мо бишнавад ва муқаррар гардад, ки мо бандагонему ҷуз салоҳ намечӯем.

Хоҷаи Бузург ин нома бихонд ва сухани расул бишнид, ҳам фарохӯри нома, балки тамомтар. Мисол дод, то расулро фуруд оварданд ва ин ҳол бо Амир бигуфт дар халвате, ки карданд ва аъён ҳозир омаданд. Ва Амирро ин тақарруб нохуш наёмад ва бар он қарор доданд, ки Қозӣ Бунасри Синиро фиристода ояд бо ин донишманди бухорӣ, то биравад ва сухани аъёни туркмонон бишнавад ва агар зарқе несту роҳ ба деҳе мебарад[2], он чӣ гуфтаанд, дархоҳад, то бо вай расулон фиристанд ва сухан гушода бигӯянд ва қоидаи рост ниҳода шавад, чунонки дилҳо қарор гирад. Ва аз пеши Амир бозгаштанд бар-ин ҷумла. Вазир ва соҳибдевони рисолат холӣ бинишастанд ва чунон намуданд, ки бисёр ҷаҳд карда омад, то дили худованд-султон нарм карда шуд, то ин узр бипазируфт ва ин расул аз муътамадони он даргоҳ аст, бояд, ки вайро пухта бозгардонида ояд, то ин корҳои табоҳшуда ба салоҳ бозояд.

Ва ночор ҳоли ин Синӣ боз намоям, то шарти таърих ба ҷой оварда бошам. Ин марде буд аз духотурриҷол[3] бо фазле на бисёр ва на ишваву зарқ бо вай. Падараш Амир Маҳмудро, разияллоҳу анҳу, муаддабӣ[4] карда буд ба гоҳи кӯдакӣ Куръонро ва Амири одил[5], раҳимаҳуллоҳро пешнамоз буд ва он гоҳ аз бадхӯӣ хашм гирифта ва

---

[1] миёнрав.

[2] масали роҳ ба деҳ бурдан ба маънии ҳақиқат доштан ба кор мерафт; дар ин ҷо яъне, агар дуруст бошад.

[3] марде зираку кордон, доҳӣ.

[4] омӯзгорӣ.

[5] лақаби Сабуктагин.

ба Туркистон рафта ва он ҷо ба Узганд қарор гирифта, наздики илиги мозӣ[1] ва Амир Маҳмуд дар ниҳон вайро мунҳӣ сохта ва аз ҷиҳати вай бисёр фоида ҳосил шуда. Ва Бунасри Синӣ бад-ин ду сабаб ҳолате қавӣ дошт ва охири рӯзгори Амир Маҳмуд ишрофи даргоҳ бад-ӯ муфавваз шуд. Ва Синӣ шуғлро қоидае қавӣ ниҳод ва Амир Масъуд ба ибтидои кор ин шуғл бар вай бидошт ва аз табассуту тасаҳҳуби[2] ӯ дил бар вай гарон кард ва шуғл ба Бусаъиди мушриф дод ва Синиро заъомати Толиқону Марв фармуд. Ва вай писари хешро он ҷо фиристод ба ниёбат ва бо мо мегашт дар ҳама сафарҳо ва охири кораш он буд, ки ба рӯзгори мавдудӣ Бусаҳли Завзанӣ ба ҳукми он ки бо ӯ бад буд, ӯро дар қалъате афканд ба Ҳиндустон ба сурате, ки дар боби вай фаро кард[3], то аз вай бисохтанд ва он ҷо гузашта шуд. Ва ҳадиси марги ӯ аз ҳар лавне гуфтанд, аз ҳадиси фуқоъ[4] ва шаробу кабобу хоя[5] ва ҳақиқати он Эзид, азза зикруҳу, тавонад донист. Ва аз ин қавм кас намондааст ва қиёмате хоҳад буд ва ҳисобе бемуҳобо ва доваре одилу доно ва бисёр фазиҳатҳо[6], ки аз ин зери замин барҳоҳад омад! Эзид, азза зикруҳу, салоҳ ба арзонӣ дород, ба ҳаққи Муҳаммад ва олиҳи аҷмаъин.

Ва қозӣ Синиро силате некӯ фармуд Амир ва вайро пеш хонду ба мушофаҳа пайғом дод дар ин маъонӣ ба машҳади вазир ва соҳибдевони рисолат. Ва бозгашту кор бисохт ва пири бухориро силате доданд; ва вазир ӯро бихонду он чӣ гуфтанӣ буд ҷавоби пайғомҳо, бо ӯ бигуфт ва аз Нишобур бирафтанд, рӯзи панҷшанбе, дувуми моҳи рамазон[7] ва он ҷо муддате бимонд. Ва бо Синӣ қосидон фиристода будем, биёмаданд ва номаҳо оварданд ба мунозара дар ҳар бобе, ки рафт ва ҷавобҳо рафт, то бар чизе қарор гирифт.

Ва Синӣ ба Нишобур омад, рӯзи чаҳоршанбе, даҳ рӯз монда аз шаввол[8]. Ва бо вай се расул аз туркмонон; яке аз они Ябғу, яке аз они Туғрал ва яке аз они Довуд[9] ва донишманд бухорӣ бо эшон. Ва

---

[1] илиг ё илак (элак) унвони хонҳои қарохонӣ; манзур Шамсуддавла Наср ибни Алӣ (993-1013) аст.

[2] табассут – кушодагӣ, бетакаллуфӣ, густохӣ; тасаҳҳуб – ноз кардан.

[3] водошт.

[4] фуқоъ – нӯшобаи кайфоваре, ки аз ҷав ё биринҷ тайёр мекунанд.

[5] хоя – тухм, байза.

[6] фазиҳат – расвоӣ, беобрӯӣ.

[7] баробар бо 11 июли соли 1035-и милодӣ.

[8] баробар бо 28 августи соли 1035-и милодӣ.

[9] Ябғу, Туғрал ва Довуд – се бародар, ки фарзандони Исроил ибни Салҷуқ буда, иттиҳоди туркмонон ва Салҷуқиёнро ба вуҷуд оварданд. Аз ин пас дар баробари Масъуду дарбориёни ӯ ин се нафар қаҳрамонони асари Байҳақиянд, ки бо амалиёти худ орому қарорро аз Масъуд ва дарбору девони Ғазна

дигар рӯз эшонро ба девони вазорат фиристоданд ва бисёр сухан рафт ва то намози дигар рӯзгор шуд ва бо Амир сухан ба пайғом буд. Охир қарор гирифт бад-он, ки вилояти Нисову Фароваю Деҳистон[1] бад-ин се муқаддам дода ояд ва эшонро хилъату маншуру ливо фиристода шавад ва Синӣ биравад, то хилъат бад-эшон расонад ва эшонро савганд диҳад, ки султонро мутеъу фармонбурдор бошанд ва бад-ин се вилоят иқтисор кунанд[2]. Ва чун султон ба Балх ояд ва эшон эмин шаванд, як тан аз ин се муқаддам он ҷо ба даргоҳ ояду ба хидмат бибошад. Ва расулдор расулонро ба хубӣ фуруд овард. Ва устодам маншурҳо нусхат кард ва таҳрири он ман кардам: Деҳистон ба номи Довуд ва Нисо ба номи Туғрал ва Фарова ба номи Ябғу ва Амир онро тавқеъ кард. Ва номаҳо набиштанд аз Султон ва муқаддамонро деҳқон[3] мухотаба карданд ва се хилъат бисохтанд, чунонки расми волиён бошад: кулоҳи душоху ливо ва ҷомаи дӯхта ба расми мо[4] ва асбу истому камари ба зар ҳам ба расми туркон ва ҷомаҳои нобурида аз ҳар дасте ҳар якеро се то. Дигар рӯз расулонро бихонданд ва хилъат доданду силат. Ва рӯзи одина, пас аз намоз, ҳашт рӯз монда аз шаввол[5], Синӣ ва ин расулон аз Нишобур бирафтанд сӯйи Нисо ва Амир лахте сокинтар шуду даст ба нишоту шароб бурд, ки муддате дароз буд, то нахӯрда буд.

Ва дар ин ҳафта номаҳо расид аз сипоҳсолор Алии Абдуллоҳ ва соҳиббариди Балх Булқосими Ҳотамак, ки «Писарони Алитагин чун шунуданд, ки солор Багтуғдӣ ва лашкари мо ба ноком аз Нисо бозгаштанд, дигарбора қасди Чағониёну Тирмиз хостанд, ки кунанд ва ду се манзил аз Самарқанд бирафта буданд, хабар расид эшонро, ки волии Чағониён Амир Булқосим мардуми бисёр фароз овардааст аз канҷина ва кумиҷиён[6] ва сипоҳсолор Алӣ ба Балх расид бо лашкаре гарону қасди оби Чайҳун гузаштан дорад, бозгаштанд ва он тадбир ботил карданд». Чавоб рафт, ки «Кори туркмонони салҷуқӣ, ки ба Нисо буданд, қарор ёфт ва бандагӣ намуданду бидонистанд, ки он чӣ рафт аз боз гаштани ҳоҷиб Багтуғдӣ, на аз

мерабоянд ва саранҷом Хуросону Эрони Марказиро аз дасти Оли Сабуктагин берун мекунанд.

[1] Деҳистон – вилояте, дар соҳили Баҳри Хазар (дар ҳудуди Туркманистони кунунӣ ҷойгир буд).

[2] яъне, басанда кунанд.

[3] деҳқон – деҳгон, муқобили шаҳргон, соҳиби замин ва раиси деҳ. Ин истилоҳ ва унвони тоҷикӣ (эронӣ) аз ҷониби дарбори Масъуд ба сарони туркман эҳдо мешавад, вале тавре дида мешавад, туркмонон онро ба ришханду масхара мегиранд.

[4] яъне, ба расму таомули тоҷикон (эрониён).

[5] баробар бо 30 августи соли 1035-и милодӣ.

[6] канҷина ва кумиҷиён номи ду қавми ҷангпешаи он давра.

ҳунари эшон буд. Ва аз ҳусни раъйи мо хилъати вилоят ёфтанду биёромиданд ва муқаддаме ба хидмати даргоҳ хоҳад омад. Ва мо ба Нишобур чандон мондаем, то расули мо боз расад. Ва Меҳргон[1] наздик аст, пас аз Меҳргон аз роҳи Ҳирот, сӯйи Балх оем, то зимистон он ҷо бошем ва посухи ин таҳаввур[2] дода ояд, биизниллоҳи азза ва ҷалла.

Рӯзи одина, шонздаҳуми зилқаъда[3] Меҳргон буд. Амир, разияллоҳу анҳу, бомдод ба ҷашн бинишаст, аммо шароб нахӯрд. Ва нисорҳову ҳадяҳо оварданд аз ҳадду андоза гузашта. Ва пас аз намоз нишоти шароб кард ва расми Меҳргон ба ҷой оварданд сахт некӯ бо тамоми шароити он. Ва Синӣ аз пеши Салҷуқиён биёмад ва дар халват бо вазиру соҳибдевони рисолат гуфт, ки «Султонро ишва додан муҳол бошад, ин қавмро бар боде азим дидам. Акнун, ки шудам[4] ва менамояд, ки дар эшон дамидаанд ва ҳарчанд аҳде карданд. Маро, ки Синиам бар эшон ҳеч эътимод нест ва шунудам, ки ба халватҳо истихфоф карданду[5] кулоҳҳои душохро бапой бияндохтанд[6]. Ва Султонро кори рафтан сӯйи Ҳирот пеш набояд гирифт ба ҷидд, набояд, ки халале уфтад. Ман аз гардани хеш берун кардам». Вазир гуфт: «Чӣ муҳол мегӯӣ, саройпарда берун бурдаанду фардо бихоҳад рафт, аммо фариза аст ин нукта боз намудан, агар мебиравад, боре лашкаре қавӣ ин ҷо мураттаб кунад ва муқим шаванд». Ва пайғом дод сӯйи Амир дар ин боб Хоҷа Бунасрро; ва вай бирафту бо Амир бигуфт. Амир ҷавоб дод, ки «На ҳамоно, ки аз эшон хилоф ояд ва агар кунанд, тадбири кори эшон ба воҷибӣ фармуда ояд, ки ин ҷо беш аз ин мумкин нест муқом кардан, ки кори алаф сахт душхор[7] шудааст. Ва Қадири ҳоҷибро бо хайлҳо ва ҳазор савори тафориқ[8] ба Нишобур бояд монд бо Сурии соҳибдевон ва вай низ мардуми бисёр дорад ва ба Сарахс лашкар аст ва ҳамчунон ба Қоину Ҳирот низ фавҷе қавӣ яла кунем. Ва ҳамгинонро бояд гуфт, то гӯш ба ишорати соҳибдевон доранд ва агар ҳоҷат ояду эшонро бихонад, ба зудӣ бад-ӯ пайванданд. Ва мо аз Балх ба ҳукми он, ки номаҳои мунҳиён мехонем, аз ҳоли ин қавм тадбирҳои дигар

---

[1] Тавре дида мешавад, ҷашни тоҷикӣ (эронӣ)-и Меҳргон ба андозае муҳим аст, ки то баргузории он Масъуд мунтазир мемонад ва дар баргузории бошукӯҳи ин ҷашн ҳам аз ҳеч чиз дареғ намеварзад.

[2] таҳаввур – шуҷоъати аз ҳад зиёд, далерии барзиёд, ҷасорати бефикру мулоҳиза.

[3] баробар бо 22 сентябри соли 1035-и милодӣ.

[4] рафтам (назди Салҷуқиён).

[5] хор доштанд, беэҳтиромӣ намуданд.

[6] зери пой партофтанд.

[7] душвор.

[8] ҷамъи тафриқ; манзур сипоҳе аз ҳар даста (гуногун).

фармуда ояд, ки масофат дур нест. Хоҷаро бояд гуфт, то он чӣ фармудаем, имрӯз тамом кунад, ки ба ҳама ҳол мо фардо ҳаракат хоҳем кард».

Бунаср биёмад ва бо вазир бигуфт ва ҳама тамом карданд. Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, дигар рӯз явму-л-иҳдау-т-тосиъа ашара мин зилқаъда[1] аз Нишобур рафт ва салхи ин моҳ ба Ҳирот омад. Ва аз Ҳирот рӯзи якшанбе, шашуми зиҳиҷҷа[2] бар роҳи Бавну Бағ ва Бодғис[3] бирафт. Ва дар ин роҳ сахт шодком буду ба нишоти шаробу сайд машғул. Ва солор Тилак ба Марварруд пеш омаду хидмат кард аз ҷанги Аҳмади Янолтагини осии мағрур бо зафару нусрат бозгашта. Ва бо вай лашкаре сахт ороста ва бисёр муқаддамон бо аломату чатр. Ва Тамаки ҳиндӣ бо Тилак ҳамроҳ буд ва Тилаке дигар буд[4]. Амир вайро бисёр бинавохту некӯиҳо гуфту умедҳо кард ва ҳамчунон пешравони ҳиндувонро. Ва бар болое биистод, то лашкари ҳинду савору пиёда бар вай бигузашт оҳиста ва некӯ лашкаре буд. Ва пилонро низ бигузарониданд панҷоҳу панҷ, ки ба хароҷ[5] сутуда буданд аз таккурон[6]. Амирро сахт хӯш омад ин лашкар. Ва дар ҳудуди Гузгонон Хоҷа Бунасрро гуфт: Масъуди Муҳаммади Лайс барное шоиста омад ва хидматҳои писандида кард, бар бар ҷониби Рай ва дар ҳарчӣ фармудем, вайро муътамад ёфтем, вайро ба девони рисолат бояд бурд. Бунаср гуфт: фармонбурдорам ва вай мустаҳақи ин навохт ҳаст. Вайро ба девон оварданд.

Таърихи саннаи сабъа ва ишрина ва арбаъамиа[7]

Ва ғурраи муҳаррам, рӯзи якшанбе[8] буд. Рӯзи чаҳоршанбе, чаҳоруми ин моҳ[9], Амир, разияллоҳу анҳу, дар Балх омад ва нахуст буд аз озармоҳ[10] ва дар Кушки Дари Абдулаъло нузул кард. Рӯзи душанбе, нуҳуми ин моҳ ба Боғи Бузург омад ва вусоқҳову девонҳо он ҷо бурданд, ки некӯ сохта буданд ва ҷойи фарох буду хуррамтар.

---

[1] баробар бо 25 сентябри соли 1035-и милодӣ.
[2] баробар бо 12 октябри соли 1035-и милодӣ.
[3] се мавзеъ, ки ҳама дар ҳудуди имрӯзаи Афғонистон қарор доранд.
[4] яъне, пас аз пирӯзӣ бар Аҳмади Янолтагин боҳайбат гашта буд.
[5] ба ҷойи хароҷ.
[6] таккурон – афроди соҳибнуфузу сарватманд дар Ҳинд, ки маъмурони ҷамъоварии молиёт буданд.
[7] таърихи соли 427 ҳичрӣ, ки баробар аст бо соли 1035 – 1036-и милодӣ.
[8] дурустараш чоршанбе буда ва он баробар аст бо 5 ноябри соли 1035-и милодӣ.
[9] баробар бо 8 ноябри соли 1035-и милодӣ, ки рӯзи шанбе мешавад, на чаҳоршанбе (А.К. Арендс).
[10] Озар – моҳи 9-уми тақвими эронӣ, ки баробар аст бо 23 ноябр – 23 декабр.

Ва волии Чағониён ҳамин рӯз, ки Амир ба Балх расид, он ҷо омад ва вайро истиқболи некӯ ва ҷойи басазо фуруд оварданд ва хурданию нузли беандоза доданд. Ва дигар рӯз ба хидмат омаду Амирро бидид ва бисёр иъзозу[1] навохт ёфт ва ҳам бад-он кушк, ки рост карда буданд, боз шуд[2]. Ва дар рӯзе ба чанд дафъат Буалии расулдор ба хидмат наздики вай рафт ва ҳар боре карометеву туҳфае бурд ба фармони олӣ. Ва ҳадяҳо, ки оварда буд волии Чағониён аз асбони гаронмояву ғуломони турк ва бозу юз ва чизҳое, ки аз навоҳӣ хезад пеши Амир оварданд сахт бисёр ва ба мавқеъе хуб уфтод.

Ва рӯзи панҷшанбе, нуҳуми моҳи муҳаррам, меҳмонии бузургу некӯ бисохта буданд, ҷанибатон бурданд ва волии Чағониёнро биёварданд ва чавгон бохтанду пас аз он ба хон фуруд оварданд ва баъд аз он шароб хӯрданду рӯз ба хушӣ ба поён омад. Ва рӯзи чаҳоршанбе, нимаи муҳаррам[3], волии Чағониён хилъате сахт фохир пӯшид, чунонки вулотро диҳанд ва низ бар он зиёдатҳо карданд, ки ин озодмард домод буду бо ин ҷониби бузург васлат дошт ба ҳуррае[4] ва ҳокими Чағониён имрӯз дар соли чаҳорсаду панҷоҳу як[5] бар ҷой аст, кораш табоҳшуда, ки хештандор наёмад ва Хоҷа раис Алии Микойил буд ӯро ба Чағониён[6] ва ин миқдор, ки намудем кифоят бошад. Ва волии Чағониён чун хилъат бипӯшид, пеш оварданд, расми хидмат ба ҷой овард ва Амир бисёр иъзозу навохт арзонӣ дошту гуфт: «Бар Амир ранҷи бисёр омад аз ин навхостагони нохештаншиносон – писарони Алитагин ва чун хабар ба мо расид, сипоҳсолорро бо лашкарҳо фиристода шуд ва мо талофии ин ҳолҳоро омадаем ин ҷо. Ба муборакӣ сӯйи ноҳият боз бояд гашт ва мардуми хешро гирд кард, то аз ин ҷо солоре муҳташам бо лашкари гарон аз Ҷайҳун гузора кунад ва даст ба даст кунанд, то ин фурсатҷуёнро барандохта ояд». Гуфт: «Чунин кунам!» Ва хидмат карду бозгашт ва вайро ба тораме ба боғ бинишонданд ва вазиру соҳибдевони рисолат он ҷо омаданд ва аҳд тоза карданд вайро бо Султон ва савганди дигар бидоданду бозгардониданд. Ва намози дигар барнишаст ва сӯйи Чағониён бирафт.

---

[1] гиромидошт.

[2] бирафт.

[3] баробар аст бо 20 ноябри соли 1035-и милодӣ.

[4] ҳурра – духтари озода, яъне нафаре аз духтарони амир зани волии Чағониён буд.

[5] баробар аст бо солҳои 1059-1060-и милодӣ.

[6] дар ҳамаи нусхаҳо ва нашрҳои «Таърихи Байҳақӣ» ин ҷумла нофаҳмо аст ва шояд манзури Байҳақӣ он буда, ки Хоҷа Алии Микойил волии Чағониёнро бизаду ба ҷойи ӯ ба сари кор будааст.

Ва Амир рӯзи якшанбе, чаҳор рӯз монда аз моҳи муҳаррам[1] ба Дараи Газ[2] рафт ба шикор бо хоссагону надимону мутрибон ва рӯзи якшанбе, саввуми сафар[3] ба Боғи Бузург омад. Ва дигар рӯз, расуле расид аз писарони Алитагин Уко лақаб, номи вай Мусотагин ва донишманде самарқандӣ. Эшонро расулдор ба шаҳр оварду нузли некӯ дод ва пас аз се рӯз, ки биёсуданд, пеш овардандашон ва Амир чизе нагуфт, ки озурда буд аз фиристодагон. Вазир пурсид, ки «Амиронро чун мондед?»[4] Уко чизе натавонист гуфт. Донишманд ба сухан омад ва фасеҳ буд, гуфт: «Мо вафди узр[5] овардем ва сазад аз бузургии Султони муъаззам, ки бипазирад, ки амирони мо ҷавонанд ва бадону бадкешон эшонро бар он доштанд, ки бар ин ҷониб омаданд». Хоҷаи Бузург гуфт: «Худованди олам ба эътиқод нигарад, на ба кирдор». Ва эшонро ба торам бурданд. Амир бо вазиру соҳибдевони рисолат халват кард дар ин боб. Хоҷаи Бузург гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, Хуросону Рай ва Гургону Табаристон ҳама шӯрида шудааст ва худованд Булҳасани Абдулҷалилро бо лашкар аз Гургон бозхонд ва мувозиъагунае уфтод бо гургониён ва савоб буд, то Булҳасан бар ваҷҳгунае[6] бозгардад ва писарони Алитагин моро нимдушмане бошанд, муҷомалате дар миён беҳтар, ки душмани тамом. Бандаро он савоб менамояд, ки узри ин ҷавонон пазируфта ояд ва аҳде карда ояд, чунон ки бо падари эшон». Гуфт: «Нек омад! Ба торам бояд рафт ва ин кор баргузорд. Хоҷаи Бузург ва Хоҷа Бунаср ба торам омаданд ва номаи писарони Алитагинро тааммул карданд ва номае буд бо тавозуъи бисёр, узрҳо хоста ба ҳадиси Тирмизу Чағониён, ки «Он саҳве буд, ки уфтод ва он кас, ки бар он дошт, сазои вай карда шуд, агар Султони муъаззам бинад, он чӣ рафт даргузашта ояд, то дӯстиҳои маврусӣ тоза гардад». Ва пайғомҳо ҳам аз ин намат буд. Бунаср наздики Амир рафт ва боз гуфту ҷавобҳои хуб оварду сахт бо дилгармӣ. Ва расулдор расулонро бозгардонид ва Масъадиро номзад кард вазир ба расулӣ ва кори ӯ бисохтанд ва номаву мушофаҳа набишта шуд ва расулони Алитагинро хилъату силат доданд, ҷумла бирафтанд. Ва сулҳе бияфтоду аҳде бастанд, чунонки оромӣ бибошад ва волии Чағониёнро ба миёни ин кор даровардаанд, то низ бад-ӯ қасде набошад.

---

[1] баробар бо 30 ноябри соли 1035-и милодӣ.
[2] мавзеъе дар атрофи Балх.
[3] баробар бо 7 декабри соли 1035-и милодӣ.
[4] яъне, вақте амири худро тарк мекардед, ҳоли ӯ чигуна буд?
[5] вафд – ҳайати сафорат, намояндагон.
[6] обруманд.

Ва рӯзи якшанбе, даҳуми сафар[1], вазирро хилъат доданд сахт некӯ хилъате. Ва ҳамин рӯз ҳоҷиб Субоширо Ҳоҷибии бузург доданд ва хилъате тамом аз аламу манҷуқу таблу дуҳулу коса ва тахтаҳои ҷомаву харитаҳои сим ва дигар чизҳо, ки ин шуғлро диҳанд. Ва ҳарду муҳташам ба хонаҳо боз шуданд ва эшонро сахт некӯ ҳаққ гузорданд. Ва дигар рӯз Тилакро хилъат доданд ба солории ҳиндувон – хилъате сахт некӯ. Чун пеши Амир омад ва хидмат кард, Амир хазинадорро гуфт: «Тавқе биёр мурассаъ ба ҷавоҳир, ки сохта буданд». Биёварданд, Амир бистад ва Тилакро пеш хонду он тавқро ба дасти олии хеш дар гардани вай афканд ва некӯиҳо гуфт ба забон ба хидмате, ки намуда буд дар кори Аҳмади Янолтагин ва бозгашт.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, чаҳордаҳуми моҳи раббеъулаввал[2] меҳмонии бузург сохта буданд бо такаллуф ва ҳафт хон ниҳода дар суффаи бузург ва ҳамаи чаманҳои Боғи Бузург; ва ҳама бузургону авлиёву ҳашам ва қавми тафорикро[3] фуруд оварданд ва бар он хонҳо бинишонданд ва шароб доданду коре шигарф бирафт ва аз хонҳо мастон бозгаштанд. Ва Амир аз боғ ба дукконе рафту ба шароб бинишаст ва рӯзе некӯ ба поён омад. Ва рӯзи сешанбе, бистуми ин моҳ, Булҳасани Ироқии дабирро хилъату камари зар доданд ба солории курду араб[4] ва бародарашро Бусаъид хилъат доданд, то ноиби ӯ бошад ва халифат бар сари ин гуруҳ ва бо эшон ба Хуросон равад, то он гоҳ, ки Булҳасан бар асари вай биравад. Ва рӯзи якшанбе, бисту панҷуми ин моҳ[5] нома расид аз Ғазнин ба гузашта шудани Булҳасан писари Хоҷа Алии Микойил, раҳматуллоҳи алайҳи ва марде шаҳму кофӣ ва корӣ буд ба халифатии падар.

Ва дар ин миёнҳо қосидони соҳибдевони Хуросон Сурӣ ва аз они соҳиббаридон мерасиданд, ки туркмонони салҷуқиён ва ироқиён[6], ки бад-онҳо пайвастаанд, даст ба кор задаанд ва дар ноҳиятҳо мефиристанд ҳар ҷое ва раъоёро меранҷонанд ва ҳарчӣ биёбанд меситонанд ва фасод бисёр аст аз эшон. Ва нома расид аз Буст, ки гурӯҳе аз эшон ба Фароҳ[7] ва Зиркон[8] омаданд ва бисёр чаҳорпой биронданд. Ва аз Гузгонону Сарахс низ номаҳо расид ҳам

---

[1] баробар бо 7 декабри соли 1035-и милодӣ.
[2] баробар бо 18 декабри соли 1035-и милодӣ.
[3] дастаҳои гуногуни сипоҳу дарбор.
[4] тавре аз ин ҷо ва мавориди дигар бармеояд, дар сипоҳи Ғазнавиён дастаҳои курду араб дар як воҳид (горд) ва зери як раҳбар қарор доштанд.
[5] баробар бо 29 декабри соли 1035-и милодӣ.
[6] туркмононе, ки дар Ироқ буданд.
[7] Фароҳ – шаҳраке дар наздикии Ҳирот.
[8] Зиркон – мавзеъе дар сарҳади Систон.

дар ин абвоб ва ёд карда буданд, ки тадбири шофӣ[1] бояд дар ин боб, вагарна вилояти Хуросон ночиз шавад. Амир Масъуд, раҳматуллоҳи алайҳи, халвате кард бо вазиру аркони давлат ва авлиёву ҳашам ва раъй заданду бар он қарор доданд, ки Ҳоҷиби бузург Субошӣ бо даҳ ҳазор савор ва панҷ ҳазор пиёда ба Хуросон равад ва бародари Булҳасани Ироқӣ бо ҳамаи лашкари курду араб ба Ҳирот бошад, то Булҳасан дар асари вай даррасад ва ҳамагон гӯш ба мисоли Ҳоҷиби бузург доранд ва ба ҳукми мушоҳадати якдигар кор мекунанд ва соҳибдевони Хуросон Сурӣ моли лашкар рӯй мекунад[2], то лашкарро бенавоӣ набошад ва Хуросон аз туркмонон холӣ карда шавад ба зудӣ.

Ва рӯзи душанбе, чаҳордаҳуми моҳи раббеъулохир[3], Амир барнишасту ба саҳро рафт ва бар болое биистод бо такаллуфе ҳар кадом азимтар; ва худовандзода Амир Мавдуд ва Хоҷаи Бузург ва ҷумлаи аъёни давлат пеши хидмат истода, савору пиёда ҳама ороставу ба силоҳи тамом ва пилони масти хиёраи бисёр дар зери баргустувон ва амориҳову полонҳо. Ва аз он ҷумла, он чӣ Хуросонро номзад буданд аз лашкар ҷудо-ҷудо, фавҷ-фавҷ биистоданд ҳар тоифа ва Ҳоҷиби бузург Субошӣ такаллуфи азим карда буд, чунонки Амир биписандид ва ҳамчунон Булҳасани Ироқию дигар муқаддамон ва намози пешин карда аз ин арз[4] бипардохтанд.

Ва дигар рӯз, шабгир, бародари Ироқӣ бо лашкари курду араб бирафт. Ва се дигар рӯз, ҳоҷиб Субошӣ бо лашкаре, ки бо вай номзад буд, бирафт. Ва кадхудойи лашкар ва инҳои лашкар[5] Амир Саъиди саррофро фармуд ва мисолҳо биёфту бар асари ҳоҷиб бирафт. Ва гуфтанд: Оризе бояд ин лашкарро, марде садиду муътамад, ки арз мекунад ва мол ба лашкар ба бароти[6] ӯ диҳанд ва ҳаллу ақду исботу исқот[7] бад-ӯ бошад, ки ҳол дар Хуросон мегардад ва ба ҳар вақт мумкин нагардад, ки ручуъ ба ҳазрат кунанд. Ихтиёр ба Бусаҳли Аҳмади Алӣ уфтод ва устодаш Хоҷа Булфатҳ Розии ориз вайро пеши Амир фиристод ва вазир вайро бисёр бистуд ва Амир дар боби вай мисолҳои тавқеъӣ фармуд. Ва номаи вай набиштам ман, ки Булфазлам, ва вай низ бирафт ва сахт ваҷеҳ шуд дар ин хидмат. Ва чун Ҳоҷиби бузургро дар Хуросон он халал уфтод,

---

[1] яъне, қотеъ.
[2] фароҳам мекунад.
[3] баробар бо 15 феврали соли 1035-и милодӣ.
[4] арз – сон дидан (назорат)-и сипоҳ.
[5] хабаррасонии лашкар.
[6] барот – навиштае, ки бар асоси он аз хазина чизе диҳанд.
[7] исбот – сабти номи касе дар дафтари лашкар; исқот – аз дафтари лашкар пок кардани номи касе.

чунонки биёрам, ин озодмардро моле азиму таҷаммуле бузург бишуд ва ба дасти туркмонон уфтод ва ранҷҳои бузург расонд-андаш. Моле дигар ба мусодара бидод ва охир халос ёфту ба ҳазрат боз омад ва акнун бар ҷой аст, ки ин тасниф мекунам ва рукнест қавӣ девони арзро ва албатта аз сафи шогирдӣ зостар нашавад, лоҷарам таносону фард мебошад ва рӯзгор карона мекунад ва касро бар вай шуғл нест, агар оризе маъзул шавад ва дигаре нишинад. Ва ҳама хирадмандон ин ихтиёр кунанд, ки ӯ кардааст. Ӯ низ бирафт ва ба Ҳоҷиби бузург пайваст ва ҳамагон сӯйи Хуросон кашиданд.

Ва рӯзи панҷшанбе, нуҳуми ҷумодалуло[1] Амир ба шикор барнишаст ва ба домани Марварруд рафт ва душанбе, сездаҳуми ин моҳ ба Боғи Бузург омад. Ва рӯзи чаҳоршанбе, ҳафдаҳуми ҷумодалухро[2] аз Боғи Бузург ба Кушки Дари Абдулаъло боз омад ва дигар рӯз аз он ҷо ба шикори шер рафт ба Тирмиз ва ҳафт рӯз шикоре некӯ бирафт ва ба кушк боз омад. Рӯзи шанбе, ғурраи раҷаб[3] аз шаҳри Балх бирафт бар роҳи ҳазрати Ғазнин ва рӯзи одина, бисту якуми моҳ[4] ба саломату саъодат ба дорулмулк расид ва ба Кушки куҳани Маҳмудӣ ба Афғоншол ба муборакӣ фуруд омад.

Ва Кушки Масъудӣ рост шуда буд, чоштгоҳе барнишаст ва он ҷо рафт ва ҳама бигашт ва ба истиқсо[5] бидид ва номзад кард хонаҳои кордоронро ва вусоқҳои ғуломони саройиро ва девонҳои вазиру оризу соҳибдевони рисолат ва вакилро, пас ба Кушки куҳани Маҳмудӣ бозомад ва мардум ба шитоб дар корҳо уфтоданд ва ҳар касе ҷойи хеш рост мекард ва фаррошон ҷомаҳои султонӣ меафганданду пардаҳо мезаданд. Ва чунин кушк нишон надиҳанд ҳеч ҷой ва ҳеч подшоҳ чунин бино нафармуд ва ҳама ба донишу ҳандасаи хеш сохт ва хатҳое ӯ кашид ба дасти олии хеш, ки дар чунин адавот, хусусан дар ҳандаса ояте буд, разияллоҳу анҳу. Ва ин кушк бар чаҳор сол баровардand ва беруни мол, ки нафақот кард[6] ҳашар ва марди бегорӣ[7] ба изъофи он омад, чунонки аз Абдулмалики наққоши муҳандис шунудам, ки рӯзе пеши сарҳанг Буалии Кутвол гуфт: ҳафт бор ҳазор ҳазор[8] дирам набишта дорам, ки нафақот шудааст. Буалӣ гуфт: «Маро маълум аст, ки ду чандин ҳашар ва

[1] баробар бо 10 марти соли 1036-и милодӣ.
[2] баробар бо 17 апрели соли 1036-и милодӣ.
[3] баробар бо 30 марти соли 1036-и милодӣ.
[4] баробар бо 20 майи соли 1036-и милодӣ.
[5] кӯшиши бисёр.
[6] маънои ҷумла: ғайр аз он чӣ, ки барои бунёди кушк харҷ кард.
[7] бемузд.
[8] 7 миллион.

бегорӣ будааст ва ҳама ба илми ман[1] буд». Ва имрӯз ин кушк оламест, ҳар чанд бисёр халал уфтодааст, гувоҳ биноҳо ва боғҳо басанда бошад. Ва бист сол аст, то зиёдатҳо мекунанд бар баноҳо ва аз баноҳои он чанд чиз накс[2] уфтодааст. Ҳамеша ин ҳазрати бузург ва биноҳои номдор монод ва бархурдор аз он суккон[3], биҳаққи Муҳаммадин ва олиҳи.

Амир, разияллоҳу анҳу, рӯзи сешанбе, панҷ рӯз монда аз моҳи рачаб[4] бад-ин кушки нав омад ва он ҷо қарор гирифт. Ва рӯзи душанбе, нуҳуми шаъбон[5], чанд танро аз амирон-фарзандон хатна карданд ва даъвате бузург сохта буданду коре ботакаллуф карда ва ҳафт шабонарӯз бозӣ оварданд ва нишоти шароб буд ва Амир ба нишоти ин ҷашн ва кулухандоз[6], ки моҳи рамазон наздик буд, бад-ин кушку бад-ин боғҳо тамошо мекард ва нишот мебуд.

Пас моҳи рӯзаро кор бисохтанд ва рӯзи душанбе рӯза гирифтанд. Ва рӯзи одина, панҷуми он моҳ[7] ахбори пӯшида расид аз Хоразм сахт муҳим, ки ин навоҳӣ бар Исмоили Хандон – писари Хоразмшоҳ Олтунтош қарор гирифт ва ҷумлаи он ғуломон, ки бародарашро кушта буданд, ба даст оварданду ба зудӣ бикуштанд ва ҳамчунон ҳар кас, ки аз они Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад буд ва дигар писараш низ бикуштанд ва хутба ба амирулмуъминин карданду бар Хандон. Ва ҳамаи корҳо Шакари Ходим дорад ва роҳҳо фурӯ гирифтаанд. Ва аз туркмонон расулон наздики ӯ пайваста аст ва аз они вай сӯйи эшон. Амир бад-ин хабар сахт андешаманд шуд ва фармуд, то бародараш Рашидро ба Ғазнин боз доштанд ва духтарони Хоразмшоҳро гуфт таъарруз набояд намуд.

Ва рӯзи чаҳоршанбе ид карданд сахт ба расму ботакаллуф ва авлиёву ҳашамро ба хон фуруд оварданду шароб доданд. Ва рӯзи якшанбе, панҷуми шаввол[8], Амир ба шикори парра рафт бо хоссагони лашкар ва надимону мутрибон ва бисёр шикор ронда буданду ба Ғазнин оварданд муҷаммизон ҳар касе аз муҳташамони давлатро. Ва рӯзи якшанбе, нуздаҳуми моҳ ба Боғи Садҳазора ва якшанбеи дигар бисту шашуми шаввол[9] Булҳасани Ироқии дабир, ки солори

---

[1] ба огоҳии ман.
[2] ноқис
[3] суккон – сокинон.
[4] баробар бо 25 майи соли 1036-и милодӣ.
[5] баробар бо 7 июни соли 1036-и милодӣ.
[6] Кулухандоз – ҷашне, ки дар охири моҳи шаъбон (қабл аз даромадани рамазон) барпо мекарданд ва сайру гашт ва шаробхӯриву айшу нӯш дар он барпо мекарданд.
[7] баробар бо 2 июли соли 1036-и милодӣ.
[8] баробар бо 1 августи соли 1036-и милодӣ.
[9] баробар бо 22 августи соли 1036-и милодӣ.

курду араб буд, сӯйи Ҳирот рафт бар роҳи Ғур бо сохту таҷаммуле сахт некӯ ва ҳоҷиб Субошӣ пештар бо лашкар ба Хуросон рафта буд ва Ҷибол низ бад-ин сабаб шӯрида гашта.

Ва рӯзи шанбе, саввуми зилқаъда[1], худовандзода Амир Маҷдуд хилъат пӯшид ба амирии Ҳиндустон, то сӯйи Лоҳур равад, хилъате некӯ чунонки амиронро диҳанд хосса, ки фарзанди чунин подшоҳ бошад. Ва вайро се ҳоҷиби босиёҳ доданд ва Бунаср писари Булқосим Алии Нукӣ аз девони мо бо вай ба дабирӣ рафт ва Саъди Салмон[2] ба муставфӣ ва ҳаллу ақд сарҳанг Муҳаммад биситад. Ва бо ин маликзода таблу алам ва кӯсу пилу маҳд буд. Ва дигар рӯз, пеши падар омад, разияллоҳу анҳумо, таъбия карда ба Боғи Пирӯзӣ ва султон дар канораш гирифт ва вай расми хидмат ва видоъ ба ҷой оварду бирафт. Ва Рашид писари Хоразмшоҳро бо банд бар асари вай бибурданд, то ба Лоҳур шаҳрбанд[3] бошад.

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳаштуми зилқаъда[4] нома расид аз Рай бо се савори мубашшир, ки Аллоуддавла писари Кокуро аз лашкари мансур ҳазимат уфтод ва он навоҳии Ҷибол ором гирифт ва саворе чанд туркмонон к-аз Хуросон сӯйи худ навохта буду зар дода, сӯйи Хуросон бозгаштанд бар роҳи Табас. Амир ба расидани ин хабар шодмона шуд ва буқу дуҳул заданду мубашширонро хилъат доданду бигардониданд ва бисёр чиз ёфтанд. Ва ҷавобҳо набишта омад ба иҳмоди Хоҷа амиди[5] Ироқ Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Тоши сипоҳсолор ва гуфта шуд, ки инак рояти мо ҳаракат хоҳад намуд ҷониби Буст ва аз он ҷо ба Ҳирот оему ҳолҳо дарёфта ояд. Ва мубашширон бозгаштанд ва васфи ин ҷангҳо аз он наменависем, ки таърих аз насақ[6] наяфтад ва шарҳи ҳар чӣ ба Рай ва Ҷибол рафт ҳама дар бобе муфассал бихоҳад омад аз он вақт боз, ки Бусаҳл ба Рай рафт, то ба Нишобур бозомад ва Рай ва Ҷибол аз дасти мо бишуд, дар он боб ҳамаи ҳолҳо муқаррар гардад.

Ва рӯзи шанбе, бисту чаҳоруми зилқаъда[7] Меҳргон буд. Амир, разияллоҳу анҳу, ба ҷашни Меҳргон бинишаст, нахуст дар суффаи саройи нав дар пешгоҳ ва ҳанӯз тахти заррину тоҷ ва маҷлисхона рост нашуда буд, ки онро заргарон дар қалъат рост мекарданд ва пас аз ин ба рӯзгори дароз рост шуд ва онро рӯзе дигар аст, чунонки набишта ояд ба ҷойи хеш. Ва худовандзодагону авлиёву ҳашам пеш

---

[1] баробар бо 28 августи соли 1036-и милодӣ.
[2] падари шоири маъруф Масъуди Саъди Салмон.
[3] шаҳрбанд – маҳбус, зиндонӣ.
[4] баробар бо 2 сентябри соли 1036-и милодӣ.
[5] амид – пешво, сардор.
[6] насақ – тарз, равиш.
[7] баробар бо 18 сентябри соли 1036-и милодӣ.

омаданд ва нисорҳо бикарданду бозгаштанд. Ва ҳамагонро дар он суффаи бузург, ки бар чапу рости сарой аст, ба маротиб бинишонданд ва ҳадяҳо овардан гирифтанд аз они волии Чағониён ва Бокалиҷор волии Гургон, ки чун Булҳасани Абдулҷалил аз он ноҳият бозгашт ва Хуросон музтариб шуд, савоб чунон дид, ки Боколиҷорро истимолат кунад, то ба даст бозояд. Ва расуле омад ва аз ин ҷо муътамаде рафт ва аз сар мувозаъате ниҳода омад. Боколиҷор ҳар чанд озурд ва задаву куфта буд, боре биёромид ва аз ҷиҳати вай қасде нарафт ва фасоде пайдо наёмад. Ва аз они волии Макрон ва соҳибдевони Хуросон Сурӣ ва дигар уммоли атрофи мамолик ва нек рӯзгор гирифт, то он гоҳ, ки аз ин фароғат уфтод.

Пас Амир бархосту ба саройчаи хосса рафт ва ҷома бигардонид[1] ва бад-он хонаи зимистонии ба гунбад омад, ки бар чапи суффаи бор аст ва чунон ду хона – тобистонӣ ба рост ва зимистонӣ ба чап, ки кас надидааст ва гувоҳи адл[2] хонаҳо бар ҷой аст, ки бар ҷой бод, бибояд рафту бидид! Ва ин хонаро озин баста буданд сахт азиму фаррох ва он ҷо тануре ниҳода буданд, ки ба нардбон фаррошон бар он ҷо рафтандию ҳезум ниҳодандӣ ва танур бар ҷой аст. Оташ дар ҳезум заданд ғуломони хонсолор[3] бо билискҳо[4] дар омаданд ва мурғон гардонидан гирифтанд ва хояву[5] кавожа[6] ва он чӣ лозимаи рӯзи Меҳргон аст мулукро аз сӯхтаву[7] баррагон руда мекарданд[8]. Ва бузургони давлат ба маҷлис ҳозир омаданду надимон низ бинишастанд ва даст ба кор карданду хурданӣ ъало тариқи-л-истилот[9] мехӯрданд. Ва шароб равон шуд ба бисёр қадаҳҳову булбулаҳову[10] сотгинҳо[11] ва мутрибон задан гирифтанд ва рӯзе буд, чунонки чунин подшоҳ пеш гирад. Ва вазир шароб нахурдӣ, як ду давр шароб бигашт, ӯ бозгашту Амир то наздики намози пешин буд, чунонки надимони берунӣ бозгаштанд. Пас ба суффаи ноибон омад, ки аз боғ дур нест ва он ҷо маҷлисе хусравонӣ сохта буданд ва надимони хоссу мутрибон он ҷо омаданд ва то намози дигар бибуд, пас аз он бозгаштанд.

---

[1] яъне либосашро иваз кард, дигаргун кард.
[2] шоҳиди одил
[3] хонсолор – сарошпаз.
[4] билиск – сихкабоб.
[5] хоя – тухми мурғ.
[6] кавожа – тухми нимбирён.
[7] сӯхта – ноне, ки хамири онро бо оби пиёз мекарданд.
[8] яъне, баррараро пас аз пок кардан аз пашму мӯй дар равған мепӯхтанд.
[9] яъне, ғизоро то таҳи коса мехӯрданд.
[10] булбула – кӯзаи лӯладор, зарфи шароб.
[11] сотгин – пиёлаи шаробхӯрӣ.

Ва рӯзи душанбе, нуҳуми зиҳиҷҷа ва дувуми рӯз[1] аз он ид карданд. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, бад-он хазро омад, ки бар забари майдон аст ва рӯй ба Дашти Шобаҳор ва биистоду намози ид карда омад ва расми қурбон ба ҷой оварда шуд. Ва Амир аз хазро ба зер омаду дар суффаи бузург, ки хон рост карда буданд, бинишаст ва авлиёву ҳашаму бузургонро ба хон фуруд оварданд ва бар хон шароб доданду боз гардониданд.

Дигар рӯз, Амир бор дод ва пас аз бор бо вазиру аъёни давлат холӣ кард ва пас аз мунозараи бисёр қарор гирифт, ки Амир бар ҷониби Буст раваду вазир бо вай бошад, то агар ҳоҷат ояд, раъйи олӣ ба Ҳирот равад вагарна, вазирро бифиристад. Ва худовандзода Амир Мавдуд ва сипоҳсолор Алии Абдуллоҳ мисол ёфтанд, то бо мардуми хеш ва лашкаре қавии султонӣ ба Балх раванд ва он ҷо муқом бошанд, то ҳамаи Хуросон машҳун[2] бошад ба бузургону ҳашам. Ва бозгаштанду корҳо рост карданд ва дигар рӯз Амир бар пил нишасту бо хоссагон ба Дашти Шобаҳор биистод, то фарзанди азиз ва сипоҳсолору лашкаре ороста пеш омаданд таъбия карда ва бигузоштанд ва ин ду муҳташам ва муқаддамон расми хидмат ба ҷой оварданду сӯйи Балх рафтанд ва хилъат ёфта буданд пеш аз он, ки бирафтанд. Ва Амир ба саъодат ба кушк омад.

Ва Амир Саъидро хилъате фохир рост карда буданд, бипӯшиду пеш омад ва Султон ӯро бинавохту мисол дод, то ба Ғазнин муқом кунад ба Кушки Хоҷаи Бузург Абулаббоси Исфаройинӣ ба деҳи Оҳангарон. Ва ба қалъат сарҳанг Буалии Кутволро хилъат доданд ва мисол ёфт, то пешкори фарзанд ва корҳои Ғазнин бошад. Ва фақеҳ Нуҳро ин сол надимии худовандзода фармуд Султон ва вай мардест, ки ҳоли ӯ дар ваҷоҳат имрӯз пӯшида нест ва дӯсти ман аст. Ин миқдор аз ҳоли ӯ боз намудам ва бар асар дигар намоям бар расми таърих, ки ҳолҳо бигардад. Ва Хоҷа Муҳаммади Мансури Мушконро, раҳматуллоҳи алайҳи, ҳам надимии вай фармуданд. Ва Султон ин фарзандро бармекашид ва дар боби таҷаммул ва ғуломону олату ҳошият ва хидматкорони вай зиёдатҳо мефармуд ва менамуд, ки ӯро дӯсттар дорад. Падар дигар хосту Худойи азза ва ҷалла дигар, ки подшоҳзода ба кудакию ҷавонӣ гузашта шуд, чунонки биёрам бар асар. Ва тахти мулк пас аз падар Мавдуд ёфт ва кинаи ӯ[3] ин шербача бозхост. Ва ҳама рафтаанд Худой, азза ва ҷалла, бар эшон раҳмат кунод ва султони муъаззам Иброҳимро бақо бод би ҳаққи Муҳаммадин ва олиҳи аҷмаъин.

---

[1] баробар бо 3 октябри соли 1036-и милодӣ.

[2] машҳун – пур, мамлу.

[3] манзури Байҳақӣ интиқоми Масъуд аст, ки онро аз қотилон (амак ва амакбачаҳо) Мавдуд хост.

Чун Амир Масъуд аз ин корҳо фориғ, шуд саройпарда ба роҳи Буст бизаданд ва аз Ғазнин ҳаракат кард, рӯзи панҷшанбе сездаҳуми зиҳиҷҷа ва дар Тагинобод фуруд омад, рӯзи чаҳоршанбе, бисту шашуми[1] ин моҳ ва ҳафт рӯз он ҷо машғул буд ба нишоту шароб ва пас сӯйи Буст кашид. Валлоҳу аълам.

Таърихи санаи самона ва ишрина ва арбаъа миа[2]

Ғурраи муҳаррам рӯзи душанбе буд. Ва ба кушки Дашти Лагон[3] фуруд омад рӯзи панҷшанбе, чаҳоруми муҳаррам, Амир, разияллоҳу анҳу ва ин кушк аз Буст бар як фарсангӣ аст. Наздики намози пешин, ки ҳама лашкар парра доштанд ва аз дадгону нахчир бironда буданд ва андоза нест нахчири он навоҳиро. Чун парра танг шуд, нахчирро дар боғ ронданд, ки дар пеши кушк аст ва афзун аз понсаду шашсад буд, ки ба боғ расид ва ба саҳро бисёр гирифта буданд ба юзону сагон. Ва Амир бар хазро бинишасту тир меандохт ва ғуломон дар боғ медавиданду мегирифтанд ва сахт некӯ шикоре рафт. Ва ҳамчунин дида будам, ки Амир Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳи, кард вақте ҳам ин ҷо ва ҳам ба Буст ва гурхаре дар роҳ бигирифтанду бидоштанд ба ишколҳо[4]. Пас фармуд, то доғ барниҳоданд ба номи Маҳмуд ва бигузоштанд, ки муҳаддисон пеши вай хонда буданд, ки Баҳроми Гӯр чунин кардӣ.

Ва рӯзи одина, нуздаҳуми муҳаррам[5], ду расули Салҷуқиёнро ба Лашкаргоҳ оварданд ва нузли некӯ доданд, донишманде буд бухорӣ марде сухангӯй ва туркмоне, ки гуфтандӣ аз наздикони он қавм аст. Ва дигар рӯз шанбе, Амир бор дод сахт бошукӯҳу такаллуф; ва расулонро пеш оварданд ва хидмат карданду бандагӣ намуданд ва ба девони вазир бурданду соҳибдевони рисолат он ҷо рафт Хоҷа Бунасри Мушкон ва холӣ карданд. Номае сӯйи вазир Хоҷа Аҳмади Абдуссамад набишта буданд ва ҳаволат ба пайғом карда; ва пайғом чунон буд, ки «Аз мо то ин ғоят ҳеч дастдарозӣ нарафтааст, аммо пӯшида нест, ки дар Хуросон туркмонони дигаранд ва дигар меоянд, ки роҳи Ҷайҳуну Балхонкӯҳ гушода аст ва ин вилоят, ки моро дода омадааст, танг аст ва ин мардумро, ки дорем бар

---

[1] баробар бо 19 октябри соли 1036-и милодӣ.

[2] таърихи соли 428, ки баробар аст бо солҳои 1036 – 1037-и милодӣ.

[3] Дашти Лагон – мавзеъи маъруф дар наздикии шаҳри Буст. Фаррухии Систонӣ – шоири дарбори Ғазна дар бораи ин дашт чунин мегӯяд:

Андарин андеша будам к-аз канори шаҳри Буст, Бонги оби Ҳирманд омад ба гӯшам ногаҳон.

Манзари олии шаҳ бинмуд аз болои диж, Кохи султонӣ падидор омад аз Дашти Лагон.

[4] ишкол – банд, таноб, завлона, расан.

[5] баробар бо 12 ноябри соли 1036-и милодӣ.

намегирад. Бояд, ки Хоҷаи Бузург ба миёни кор дарояд ва дархоҳад аз худованд-султон, то ин шаҳракҳо, ки ба атрофи биёбон аст, чун Марву Сарахсу Боварад моро дода ояд, чунонки соҳиббаридону қузот ва соҳибдевони[1] худованд бошанд ва мол меситонанд ва ба мо медиҳанд ба бистагонӣ, то мо лашкари худованд бошему Хуросон пок кунем аз муфсидон. Ва агар хидмате бошад ба Ироқ ё ҷойи дигар тамом кунем ва ба ҳар кори душвортар миён бандем ва Субошии ҳоҷиб ва лашкар ба Нишобуру Ҳирот муқом кунанд, агар қасди мо кунанд, ночор моро ба дафъи он машғул бояд шудан ва ҳурмат аз миён бархезад, илтимоси мо ин аст, раъйи олӣ бартар».

Бунаср бирафт ва он чӣ гуфтанд бо Амир бигуфт. Ҷавоб дод, ки расулонро бозгардонед ва шумо ду тан биёед, то дар ин боб сухан гӯем. Вазиру Бунаср наздики султон рафтанд. Амир сахт дар хашм шуда буд, вазирро гуфт:«Ин таҳаккуму[2] табассуту иқтироҳи[3] ин қавм аз ҳадд бигзашт, аз як сӯ Хуросонро ғирбол карданд ва аз дигар сӯ инчунин ишва ва сухани нигорин[4] мефиристанд. Ин расулонро боз бояд гардонид ва мусарраҳ[5] бигуфт, ки миёни мо ва шумо шамшер аст ва лашкарҳо аз барои ҷанг фиристода омадааст ва мо инак аз Буст ҳаракат мекунем ва ба Ҳирот хоҳем рафт». Вазир гуфт: «То ин қавм сухан бар-ин ҷумла мегӯянд ва низ орамидаанд, пардаи ҳашмат бар нодошта беҳтар. Бандаро савоб он менамояд, ки ҷавоби дурушту нарм дода ояд, то муҷомалате дар миён бимонад, он гоҳ агар худованд фармояд, банда ба Ҳирот равад ва Ҳоҷиби бузург ва ҷумлаи лашкар ин ҷо оянд ва кори эшон сохта ояд ва ба сулҳ ва ё ҷанг баргузорда ояд ва худованд низ ба мо наздик бошад, агар ҳоҷат ояд, ҳаракат кунад». Амир гуфт: «Ин сара аст, ин расулонро бар ин ҷумла боз бояд гардонид ва он чӣ бояд набишт, Хоҷа Бунаср аз хештан бинависаду эшонро нек бедор кунад, то хоб набинанд. Ва бигӯяд, ки инак ту ки Аҳмадӣ меойӣ, то ин корро баргузорда ояд». Ҳарду бозгаштанд ва ду-се рӯз дар ин мунозара буданд, то ба расулон қарор гирифт. Ҷавоби номаву пайғом бидоданд ва эшонро сулҳ дода шуд ва бозгардониданд сӯйи Хуросон, рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз монда аз муҳаррам[6].

---

[1] соҳибдевон – уҳдадори молиётии шаҳр ё кишвар; коргузор.
[2] таҳаккум – ҳукмронӣ бо зӯрӣ.
[3] табассут – густурдан, кушодагӣ, муомилаи озод, бетакаллуфӣ; иқтироҳ – хостан, талаб кардан.
[4] нигорин – рангин, ҳар чизи рангомезишуда, ороста.
[5] мусарраҳ – ошкор.
[6] баробар бо 19 ноябри соли 1036-и милодӣ.

Ва рӯзи сешанбе, ғурраи сафар[1] мулаттафаи ноиби бариди Ҳироту Бодғису Ғарҷистон расид, ки «Довуди туркмон бо чаҳор ҳазор савор сохта аз роҳи работи Разану Ғуру Сиёҳкуҳ қасди Ғазнин кард, он чӣ тоза гашт боз намуда омад ва ҳақиқат Эзиди таъоло тавонад донист». Амир сахт тангдил шуд бад-ин хабар ва вазирро бихонду гуфт: «Ҳаргиз аз ин қавм ростӣ наёяд ва душман дӯст чун тавонад буд, бо лашкаре сохта туро сӯйи Ҳирот бояд рафт, то мо сӯйи Ғазнин равем, ки ба ҳеч ҳол хона холӣ натавон гузошт.

Вазир гуфт: «Фармонбурдорам, аммо бандаро ин хабар ҳақиқат наменамояд, ки аз Меҳргон мудате дароз бигузаштааст ва мурғ низ аз роҳи работи Разан ба Ғазнин натавонад рафт». Амир гуфт: «Ин чӣ муҳол аст, ки мегӯӣ? Душман кай муқайяди[2] яхбанд мешавад? Бархез, кори рафтан бисоз, ки ман пасфардо ба ҳамаи ҳолҳо сӯйи Ғазнин боз равам». Вазир бозгашт ва қавме, ки дар он халват буданд, ҷое бинишастанду бар забони Бунаср пайғом доданд, ки «Агар иёзанбиллоҳ[3] ин хабар ҳақиқат аст, марде расад. Худовандро чунон муқом бояд кард, то хабаре дигар расад». Бирафту пайғом бигузорд. Амир гуфт: «Нек омад! Се рӯз муқом кунем, аммо бояд, уштурону асбони ғуломон аз сипанҷ[4] бозоранд». Гуфтанд: «Нек омад!» Ва касон рафтанд овардани асбону уштуронро. Ва ҳазоҳизе азим[5] дар лашкаргоҳ уфтод ва мардумон алафҳо, ки нигоҳ доштанро сохта буданд ба баҳои арзон фурӯхтан гирифтанд. Хоҷа Бунаср маро гуфт: «Алаф нигоҳ дор ва дигар хар, ки ин хабар сахт мустаҳил[6] аст ва ҳеч гуна дилу хирад ин қабул намекунад ва гуфтаанд: ло тусаддиқанна мина-л ахбори мо ло йастақиму фиҳи раъйу[7]. Ва ин худованди мо ҳама ҳунар асту мардӣ, аммо истибдоде азим дорад, ки ҳунарҳоро мепӯшад». Ва рост чунон омад, ки вай гуфт. Рӯзи шанбе панҷуми сафар[8] номае дигар расид, ки «Он хабар дурӯғ буд ва ҳақиқат чунон буд, ки саворе саду панҷоҳ туркмон бад-он ҳудуд бигзашта буданд ва гуфта, ки эшон муқаддамаи Довуданд. Аз бими он, то талабе[9] думи эшон наравад, он хабар афканда буданд». Амир бад-ин нома биёромид ва рафтан сӯйи Ғазнин ботил гашт ва мардумон биёромиданд.

---

[1] баробар бо 24 ноябри соли 1036-и милодӣ.
[2] муқайяд – побанд, вобаста.
[3] тарҷ: паноҳ бар Худо
[4] сипанҷ – чарогоҳе, ки дар он обу алафи бисёр бошад.
[5] ҳазоҳизи азим – ғавғои бузург.
[6] мустаҳил – номумкин, боварнакарданӣ.
[7] тарҷ: зинҳор аз хабарҳо ончиро, ки дар он раъйи мустақим намеояд, рост машумор.
[8] баробар бо 28 ноябри соли 1036-и милодӣ.
[9] ҷӯяндае.

Ва рӯзи душанбе, ҳафтуми сафар, Амир шабгир барнишасту ба карони рӯди Ҳирманд рафт бо бозону юзон ва ҳашаму надимону мутрибон ва хурданиву шароб бурданд ва сайди бисёр ба даст омад, ки то чоштгоҳ ба сайд машғул буданд. Пас ба карони об фуруд омаданд ва хаймаҳову широяҳо[1] зада буданд, нон бихӯрданду даст ба шароб карданд ва бисёр нишот рафт. Аз қазои омада, пас аз намоз Амир киштиҳо бихост ва нове[2] дах, биёварданд, яке бузургтар аз чиҳати нишасти ӯ рост карданд ва чомаҳо афганданду шароъӣ бар вай кашиданд ва вай он чо рафт бо ду надим ва касе, ки шароб паймояд аз шаробдорон ва ду соқиву ғуломеву силоҳдор. Ва надимону мутрибону фаррошон ва аз ҳар дасте мардум дар киштиҳои дигар буданд ва касро хабар на. Ногоҳ он диданд, ки чун об нерӯ карда буд ва киштӣ пур шуда, нишастан[3] ва даридан гирифт, он гоҳ огоҳ шуданд, ки ғарқ хост шуд, бонгу ҳазоҳизу ғирев хост. Амир бархост ва ҳунар он буд, ки киштиҳои дигар бад-ӯ наздик буданд. Эшон дарчастанд ҳафту ҳашт тан ва Амирро бигирифтанду бирабуданд ва ба киштии дигар расониданд ва нек куфта шуду пойи рост афгор шуд, чунонки як дувол[4] пӯсту гӯшт бигусаст ва ҳеч намонда буд аз ғарқ шудан, аммо Эзид, азза зикруҳу, раҳмат кард, пас аз намудани қудрат ва суру шодие бад-он бисёр тира шуд ва айёу наъимин ло йукаддируҳу-д-даҳру[5].

Ва чун Амир ба киштӣ расид, киштиҳо бирондану ба каронаи рӯд расониданд ва Амири аз он чаҳон омада ба хайма фуруд омаду чома бигардонид ва тару табоҳ шуда буд ва барнишасту ба зудӣ ба кушк омад, ки хабаре сахт нохуш дар лашкаргоҳ уфтода буд ва изтиробеву ташвише бузург ба пой шуда. Ва аъёну вазир ба хидмати истиқбол рафтанд. Чун подшоҳро саломат ёфтанд, хурӯшу дуъо буд аз лашкариву раъийят ва чандон садақа доданд, ки онро андоза набуд. Ва дигар рӯз, Амир номаҳо фармуд ба Ғазнину чумлаи мамлакат бар-ин ҳодисаи бузургу саъб, ки уфтод ва саломат, ки бад-он макрун[6] шуд ва мисол дод, то ҳазор ҳазор дирам ба Ғазнин ва ду ҳазор бор ҳазор дирам ба дигар мамолик ба мустаҳаққону дарвешон диҳанд шукри инро ва набишта омаду ба тавқеъ муаккад гашт ва мубашширон бирафтанд. Ва рӯзи панчшанбе, Амирро таб гирифт, таби сузони сарсомӣ[7] уфтод, чунонки бор натавонист дод ва маҳчуб[1]

---

[1] широяа – саропардаҳо.
[2] нов – сафина, заврақ.
[3] зери об шудан.
[4] дувол (давол) – тасма.
[5] тарч: кадом неъмат аст, ки рӯзгор онро тира нагардонад.
[6] пайваста
[7] сарсомӣ – навъе беморӣ, ки дар димоғ варам пайдо мешавад.

гашт аз мардумон, магар аз атиббо[2] ва тане чанд аз хидматгорони марду занро ва дилҳо сахт мутаҳаййиру машғул шуд, то ҳол чун шавад.

Рӯзи чаҳоршанбе, ҳафдаҳуми сафар[3] расуле расид аз они писарони Алитагин, Албтагин ном ва бо вай хатиби Бухоро Абдуллоҳи Порсӣ. Ва расулдор пеш рафт бо ҷанибатону мартабадорон ва эшонро ба каромат ба лашкаргоҳ расониданду некӯ доштанд ва нузли бисёр фиристоданд. Ва Амирро огоҳ бикарданд, пайғом фиристод бар забони Булъалои табиб наздики вазир, ки «Ҳарчанд нотавонем аз ин иллат, аз таҷаллуд[4] чора нест. Фардо бори ом диҳем, чунонки ҳамаи лашкар моро бубинад, расулонро пеш бояд оварад, то моро дида ояд, он гоҳ пас аз он тадбири боз гардонидани эшон карда шавад». Гуфт: «Сахт некӯ мегӯяд худованд, ки дилҳо машғул аст ва чун ин ранҷ бар тани мубораки худ ниҳад, бисёр фоида ҳосил шавад». Дигар рӯз Амир бар тахт нишаст, разияллоҳу анҳу, дар суффаи бузург ва пешгоҳ ва вазиру аркони давлат ва авлиёву ҳашам ба даргоҳ омаданд сахт шодмона гашта ва дуъоҳои фаровон карданду садақаҳо равон карданд. Ва расулонро пеш оварданд, то хидмат карданду бинишонданд. Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, гуфт: «Бародари мо Илагро чун мондед?» Гуфтанд: «Ба давлати Султони бузург шодкому бар мурод, то дӯстиву навохти ин ҷониби бузург ҳосил шудааст, ҷониби Илагро шодию эътиқод ва ҳашамат зиёд аст ва мо бандагонро бад-он фиристод, то улфату мувофақат зиёд гардад». Ва расулдор эшонро ба девони вазорат оварду ва Амир холӣ кард бо вазир Аҳмади Абдуссамад ва ориз Булфатҳи Розию Бунасри Мушкон ва ҳоҷибон Багтуғдию Бунназр. Ва ҳашамати Бунназр бисёр дараҷа зиёдат шуда буд ва ҳамаи шуғли даргоҳ ӯ бармегузорд ба хилофати Ҳоҷиби бузург Субошӣ, ки ба вақти рафтан аз Балх сӯйи Хуросон ин дархоста буд аз Амир ва иҷобат ёфта. Амир гуфт: «Сухани ин расулон бибояд шунид ва ҳам дар ин ҳафта боз бояд гардониду эҳтиёт бояд кард, то ҳеч кас наздики эшон наёяд бе фармон ва қавми эшонро гӯш бояд дошт ва чунон бояд, ки бар ҳеч ҳол воқиф нагарданд ва маро беш аз ин мумкин нест, ки бинишинам, Булъалои табибро бихонед ва бо хештан баред, то ба пайғом ҳамин рӯз корро қарор дода ояд». Гуфтанд: «Чунин кунем ва бар худованд ранҷе бузург омад аз ин бор додан, валекин салоҳе бузург буд». Гуфт: «Чунин аст».

---

[1] маҳҷуб – пӯшида.
[2] атиббо – ҷамъи табиб.
[3] баробар бо 10 декабри соли 1036-и милодӣ.
[4] таҷаллуд – сабру тоқат кардан.

Қавм ҳама бозгаштанд ва Амир бархосту ба ҷойи худ боз шуд ва Булъало ба девони вазорат омад. Номаҳову мушофаҳот устодам бистаду бихонд. Набишта буд, ки «Надонем, ки узри он саҳве, ки бирафт, чун хоҳем? Бо чандин назари худовандӣ, ки аз худованд-султон мебошад ва акнун чун ҳоли улфату мувофақат бад-ин дарҷа расид, моро се ғараз аст, ки ин расулонро бад-он фиристода омадааст, ки чун аҳд баста ояд аз ҳар ду ҷониб ва ин се ғараз тамом гардад, ҳамаи муродҳо батамомӣ ҳосил шавад. Яке он, ки маро бузург карда ояд, бад-он ки вадиъате аз он ҷониби карим номзад шавад; ва дигар он, ки моро ариф[1] карда ояд бад-он, ки вадиъате аз ин ҷониби мо номзади яке аз фарзандони Султон шавад, то ҳамаи тамаъҳо аз ин вилоят, ки пайваста аст, ба мамлакати худованд бурида гардад; ва се дигар он, ки моро бо Арслонхон, ки меҳтару хони Туркистон аст, ба дастуру васотати Султон аҳду мукотабат бошад, то эшонро муқаррар гардад, ки адоват бархоста аст ва хонаҳо яке шудаасту асбоби мунозаъату мукошафат бурида шавад. Ва ин расулонро бо мушофаҳоту пайғомҳо бад-ин сабаб фиристодем ва сазад аз ҳимати бузурги Султон, ки моро бад-ин иҷобат бошад ва бо расулони мо расулон оянд аз ҳазрати бузург, то мо низ он чӣ илтимос карда ояд, ба ҷой орем, ки чун ин ағроз[2] ҳосил шуд, лашкарҳои мо аз об бигзарад ва даст бо лашкарҳои Султон яке кунанду оташи ин фитна нишонда ояд. Ва фармонро дар ин боб нигоҳ дорем ва он чӣ шарти ягонагист, дар ҳар бобе ба ҷой орем, биизниллоҳи азза ва ҷалла».

Устодам ин мушофаҳоту пайғомҳо ба хатти хеш набишту Булъалоро дод, то наздики Амир барад ва пас ба як ду соат ҷавоб оварад, ки нек омад. Расулонро бозгардониданд ва Булъало низ бирафт. Пас бозомаду вазиру Бунасри Мушконро гуфт: «Худованд мегӯяд дар ин боб чӣ мебояд кард ва савоб чист?» Гуфтанд: «Шатате[3] нахостааст ин ҷавон, агар ӯро бад-ин иҷобат карда ояд, фоида ҳосил шавад, яке он ки аз ҷониби ӯ эймонӣ уфтад, ки низ дарди сареву фасоде таваллуд нагардад ва дигар, ки мардум дорад ва бошад, ки бад-эшон ҳоҷате уфтад; бандагонро ин фароз меояд ва савоб он бошад, ки раъйи олӣ бинад». Булъало бирафт ва бозомаду гуфт: «Он чӣ мегӯянд, сахт савоб омад, иҷобат бояд кард ба ҳар се ғараз ва номаҳоро ҷавоб набишту расуле номзад кард, то бо эшон биравад». Ва чанд танро ном набиштанд, то ихтиёр карда ояд касеро ва ба дасти Булъало бифиристоданд. Амир Абдуссалом –

[1] ариф – меҳтари мардумон ва раиси қавм; ба киноя мурод ифтихор бахшидану маъруф сохтан.
[2] ағроз – ҷамъи ғараз.
[3] шатат – беэътидолӣ, аз андоза гузаштан ва ҷавр кардан.

раиси Балхро ихтиёр кард ва аз ҷумлаи нудамо буду ба расулӣ рафта. Хоҷа Бунаср бозгашт ва номаҳову мушофаҳот бад-ӯ супурданд ва бар он ниҳода омад, ки хоҳаре аз они Илаг ба номи худовандзода Амир Саъид ақди никоҳ кунанд ва аз ин ҷониб духтаре аз они Амир Насри сипоҳсолор ба номи Илаг кунанд ва расулон бар ин ҷумла бирафтанд рӯзи сешанбе бисту савуми сафар[1] бо муродҳо.

Ва пеш, то ориза[2] зоил шуд, номаҳо расид аз Бусаҳли Ҳамдавӣ – амиди Ироқ, ки «Чун Писари Кокуро сар ба девор омад[3] ва бидонист, ки ба ҷанг мебарнаёяд, узрҳо хосту илтимос мекунад, то Сипоҳонро ба муқотаъа[4] бад-ӯ дода ояд ва банда бефармони олӣ ин кор барнатавонист гузорд. Расули ӯро нигоҳ дошту номаҳо, ки вазири халифарост Муҳаммади Аюб[5] ба маҷлиси олӣ ва ба банда, ки дар ин боб шафоъат кардааст, то ин мард ба ҷой бидошта ояд, онро фиристода омад ва банда мунтазир аст фармони олиро дар ин боб, то бар ҳасби фармон кор карда ояд». Бунаср ин номаҳоро ба хатти хеш нукат берун оварад, то ин ориза уфтода буд, беш чунин мекард ва аз бисёр нукта чизе, ки дар он кароҳияте набуд, мефиристод фуруди сарой ба дасти ман ва ман ба Оғоҷии ходим медодаму хир-хир ҷавоб меовардам ва Амирро ҳеч надидаме, то ин нукта бурдам ва башорате буд, Оғоҷӣ биситад ва пеш бурд, пас аз як соат баромаду гуфт: «Ай Булфазл туро Амир мебихонад». Пеш рафтам, ёфтам хона торик карда ва пардаҳои катон овехтаву тар карда ва бисёр шохаҳо ниҳодаву тосҳои бузурги пурях бар забари он. Ва Амирро ёфтам он ҷо бар забари тахт нишаста пироҳани тузӣ[6] бар тан ва михнақа дар гардан, икде ҳама кофур ва Булъалои табибро он ҷо зери тахт нишаста дидам. Гуфт: «Бунасрро бигӯй, ки имрӯз дурустам ва дар ин ду се рӯз бор дода ояд, ки иллату таб тамомӣ зоил шуд. Ҷавоби Бусаҳл бибояд набишт, ки ин мувозаъатро имзо бояд кард, сипаси онки аҳком тамом карда ояд ва ҳуҷҷат бар ин мард гирад, ки ин бор дигар ин мувозаъат арзонӣ доштем, ҳурмати шафоъати вазири халифаро ва агар пас аз ин хиёнате зоҳир гардад, истисоли[7] хонадонаш бошад. Ва ҷавоби вазири халифа бибояд набишт, чунонки расм аст ба некӯӣ дар ин

[1] баробар бо 16 декабри соли 1036-и милодӣ.
[2] ориза – ҳодиса; ранҷ. мурод бемории Масъуд аст, ки пас аз ғарқ шудан иттифоқ афтод.
[3] яъне, садама дид.
[4] муқотаъа – молиёти минтақаеро дар муқобили маблағе муайян ба касе вогузор кардан.
[5] пас аз чирагии Бувайҳиён бар Бағдод вазири онҳо ва халифаи аббосӣ бештари вақт яке буд.
[6] тузӣ – ҷомаи нозуки тобистонӣ аз катон.
[7] истисол – аз бех баркандан.

боб, он нома, ки ба Бусаҳл набишта ояд, ту биёрӣ, то тавқеъ кунам, ки мисоли дигар аст».

Ман бозгаштам ва ин чӣ рафт, бо Бунаср бигуфтам. Сахт шод шуду саҷдаи шукр кард Худойро, азза ва ҷалла, бар саломати Султон. Ва нома набишта омад, наздики Оғоҷӣ бурдаму роҳ ёфтам, то саъодати дидори ҳумоюни худованд дигарбора ёфтам ва он номаро бихонд ва давот хосту тавқеъ кард ва ба ман андохту гуфт: «Ду хайлтоши маъруфро бояд дод, то эшон бо савори Бусаҳл ба зудӣ бираванду ҷавоб биёранд. Ва ҷавоби номаи бариди Рай бибояд набишт, ки азимати мо қарор гирифтааст, ки аз Буст сӯйи Ҳироту Нишобур оем, то ба шумо наздиктар бошем ва он корҳо, ки дар пеш доред, зудтар қарор гираду некӯтар пеш равад. Ва ба соҳибдевон Сурӣ нома бояд набишт бар дасти ин хайлтошону мисол дод, то ба Нишобур ва мароҳил алафҳои мо ба тамомӣ сохта кунанд, ки оризае, ки моро уфтод, зоил шуд ва ҳаракати рояти мо зуд хоҳад буд, то халалҳоро, ки ба Хуросон уфтодааст, дарёфта ояд ва чун номаҳо гусел карда шавад, ту бозой, ки пайғомест сӯйи Бунаср дар бобе, то дода ояд». Гуфтам: «Чунин кунам». Ва бозгаштам бо номаи тавқеъӣ ва ин холҳоро бо Бунаср бигуфтам ва ин марди бузургу дабири кофӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, ба нишот қалам дарниҳод, то наздики намози пешин аз ин муҳимот фориғ шуда буд ва хайлтошону саворро гусел карда. Пас руқъате набишт ба Амир ва ҳарчӣ карда буд, боз намуд; ва маро дод, бибурдаму роҳ ёфтаму бирасонидам; ва Амир бихонду гуфт: «Нек омад!» Ва Оғоҷии ходимро гуфт: «Кисаҳо биёвар ва маро гуфт: Биситон! Дар ҳар киса ҳазор мисқол зари поракарда аст, Бунасрро бигӯй, ки зарҳост, ки падари мо, разияллоҳу анҳу, аз ғазви Ҳиндустон овардааст ва бутони заррин шикаставу бигудохтаву пора карда ва ҳалолтари молҳост ва дар ҳар сафаре моро аз ин биёранд, то садақае, ки хоҳем кард, ҳалоли бешубҳат бошад, аз ин фармоем. Ва мешунавем, ки қозии Буст Булҳасани Булонию писараш Бубакр сахт тангдастанд ва аз кас чизе наситонанд ва андак моя зайъате[1] доранд, як киса ба падар бояд доду як киса ба писар, то хештанро зайъатаке ҳалол харанду фарохтар битавонанд зист ва мо ҳақи ин неъмати тандурустӣ, ки боз ёфтем, лахте гузорда бошем».

Ман кисаҳо бистадаму назди Бунаср овардам ва ҳол боз гуфтам. Дуъо карду гуфт: «Худованд ин сухани некӯ кард ва шунудам, ки Булҳасану писараш вақт бошад, ки ба даҳ дирам дар мондаанд». Ва ба хона бозгашт ва кисаҳо бо вай бурданд ва пас аз намоз кас фиристоду Қозӣ Булҳасану писарашро бихонд ва биёмаданд. Бунаср

[1] зайъат – обу замин.

пайғоми Султон ба Қозӣ расонид, бисёр дуъо карду гуфт: «Ин силат фахр аст, пазируфтаму боз додам, ки маро ба кор нест ва қиёмат сахт наздик аст, ҳисоби ин натавонам дод. Ва нагӯям, ки маро сахт дар бояст[1] нест, аммо чун бад-он чӣ дораму андак аст, қонеъам ва зару ваболи ин чӣ ба кор ояд?» Бунаср гуфт: «Ай субҳоналлоҳ! Заре, ки Султон Маҳмуд ба ғазв аз бутхонаҳо ба шамшер биёварда бошаду бутон шикаставу пора карда ва онро амирулмуъминин мераво дорад ситадан, он Қозӣ ҳаме наситонад?» Гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳоли халифа дигар аст, ки ӯ худованди вилоят аст ва Хоҷа бо Амир Маҳмуд ба ғазвҳо будаасту ман набудаам ва бар ман пӯшида аст, ки он ғазвҳо бар тариқи суннати Мустафо ҳаст, алайҳиссалом, ё на. Ман ин напазираму дар уҳдаи ин нашавам». Гуфт: «Агар ту напазирӣ ба шогирдони хеш ва ба мустаҳаққону дарвешон дех». Гуфт: «Ман ҳеҷ мустаҳаққро нашиносам дар Буст, ки зар бад-эшон тавон дод ва маро чӣ уфтодааст, зар касе дигар барад ва шумори он ба қиёмат маро бояд дод, ба ҳеч ҳол ин ба уҳда қабул накунам».

Бунаср писарашро гуфт: «Ту аз они хеш биситон». Гуфт: «Зиндагонии Хоҷаи амид дароз бод, ало аййи ҳол[2], ман низ фарзанди ин падарам, ки ин сухан гуфт ва илм аз вай омухтаам ва агар вайро як рӯз дида будаме ва аҳволу одоти вай бидониста, воҷиб кардӣ, ки дар муддати умр пайравии ӯ кардаме, пас чӣ ҷойи он, ки солҳо дидаам ва ман ҳам аз он ҳисобу таваққуфу пурсиши қиёмат битарсам, ки вай метарсад ва он чӣ дорам аз андак моя ҳутоми дунё ҳалол асту кифоят аст ва ба ҳеч зиёдат ҳоҷатманд нестам». Бунаср гуфт: «Лиллоҳи даррукумо[3], бузурго, ки шумо ду танед». Ва бигиристу эшонро бозгардонид ва боқии рӯз андешаманд буду аз ин ёд мекард. Ва дигар рӯз руқъате набишт ба Амир ва ҳол боз намуду зар боз фиристод. Амир ба тааҷҷуб бимонд ва чанд дафъат шунудам, ки ҳар куҷо мутасаввиферо[4] дидӣ ё суҳонсаблатеро[5] доми зарқ ниҳода ё палосе пӯшида дилсиёҳтар аз палос, бихандидӣ ва Бунасрро гуфтӣ: «Чашми бад дур аз Булониён!». Ва ин ҷо ҳикояте ёд омад сахт нодиру хуш, ки дар ахбори хулафои Аббосиён хондам, воҷиб доштам ин ҷо набиштан.

---

[1] зарур

[2] ба ҳар ҳол

[3] тарҷ: шумо ду танро аз Худованд хайри бисёр бод.

[4] суфинамоеро.

[5] суҳонсаблат – касоне, ки ба ҳукми суннат бурути хешро бисёр борик (мурчаӣ ё суҳонӣ) мегузоштаанд, суҳонсаблат меномиданд.

Ҳикояту амирулмуъминина маъа Ибни-с-Самоки ва-бни Абдулъазизи зоҳидайни[1]

Ҳоруннаррашид як сол ба Макка рафта буд, ҳарасаҳаллоҳу таъоло[2]. Чун маносик гузорда омад ва боз намуда буданд, ки он ҷо ду тананд аз зоҳидони бузург: якеро Ибну-с-Самок гӯянд ва якеро Ибни Абдулазизи Умарӣ ва наздики ҳеч султоне нарафтанд. Фазли Рабеъро гуфт: «Йо Аббосӣ, ва вайро чунон гуфтӣ, маро орзуст, ки ин ду порсомардро, ки наздики салотин нараванд, бубинаму сухани эшон бишнавам ва бидонам ҳолу сирати даруну беруни эшон. Тадбир чист?» Гуфт: «Фармон амирулмуъмининро бошад, ки чӣ андешидааст ва чӣ гуна хоҳаду фармояд, то банда тадбири он бисозад». Гуфт: «Муроди ман он аст, ки мутанаккир наздики эшон шавем, то ҳардуро чигуна ёбем, ки муроиёнро[3] ба ҳутоми дунё битавон донист». Фазл гуфт: «Савоб омад, чӣ фармояд?» Гуфт: «Бозгард ва ду хари мисрӣ рост куну ду киса, дар ҳар яке ҳазор динор зар ва ҷомаи бозаргононпӯш ва намози хуфтан наздики ман бош, то бигӯям, ки чӣ бояд кард». Фазл бозгашту ин ҳама рост кард ва намози дигарро наздики Ҳорун омад, ёфт ӯро ҷомаи бозаргонон пӯшида. Бархосту ба хар барнишаст ва Фазл бар дигар хар ва зар ба касе дод, ки саройи ҳар ду зоҳид донист ва вайро пеш карданд бо ду рикобдори хосс ва омаданд мутанаккир, чунонки кас ба ҷой наёрад ва бо эшон машъалаву шамъе на.

Нахуст ба дари саройи Умарӣ расиданд, дар бизаданд ба чанд дафъат, то овоз омад, ки «Кист?» Ҷавоб доданд, ки «Дар бигшоед, касест, ки мехоҳад, ки зоҳидро пӯшида бубинад». Канизаке камбаҳо биёмаду дар бигшод. Ҳоруну Фазл ва далели муътамад[4] – ҳар се даррафтанд, ёфтанд Умариро дар хона ба намоз истода ва бурёе халақ афгандаву чароғдоне бар кавни сабуйе ниҳода. Ҳоруну Фазл бинишастанд муддате, то мард аз намоз фориғ шуду салом бидод. Пас рӯй бад-эшон карду гуфт: «Шумо кистед ва ба чӣ шуғл омадаед?» Фазл гуфт: «Амирулмуъминин аст, табаррукро ба дидори ту омадааст». Гуфт: «Ҷазокаллоҳу хайран. Чиро ранҷа шуд, маро бояст хонд, то биёмадаме, ки дар тоъату фармони ӯям, ки халифаи Пайғомбар аст, алайҳиссалом ва тоъаташ бар ҳамаи мусалмонон фариза аст». Фазл гуфт: «Ихтиёри халифа ин буд, ки ӯ ояд». Гуфт: «Худой, азза ва ҷалла, ҳурмату ҳашмати ӯ бузург кунод, чунонки ӯ ҳурмати бандаи Ӯ бишнохт». Ҳорун гуфт: «Моро панде деҳу сухане

---

[1] тарҷ: достони амири муъминон (Ҳорунуррашид) бо ду зоҳид Ибни Саммок ва Ибни Абдулазиз.

[2] Худованди таъоло онро нигаҳбонӣ кунад.

[3] муроӣ – риёкор.

[4] раҳнамои мавриди эътимод.

гӯй, то онро бишнавему бар он кор кунем». Гуфт: «Ай марди гумошта бар халқи Худойи азза ва ҷалла, Эзид, азза ва ъало бештар аз замин ба ту додааст, то ба адолат бо аҳли он хештан аз оташи дӯзах боз харӣ. Ва дигар, дар ойина нигоҳ кун, то ин рӯйи некӯи хеш бинию донӣ, ки чунин рӯй ба оташи дӯзах дареғ бошад, хештанро нигар ва чизе макун, ки сазовори хашми Офаридагор гардӣ, ҷалла ҷалолуҳу». Ҳорун бигиристу гуфт: «Дигар гӯй!» Гуфт: «Ай амирулмуъминин, аз Бағдод то Макка донӣ, ки бисёр гуристон гузаштӣ, бозгашти мардум онҷост, раву он сарой ободон кун, ки дар ин сарой, муқом андак аст». Ҳорун бештар бигирист. Фазл гуфт: «Ай Умарӣ, бас бошад, то чанд аз ин дурушти, донӣ, ки бо кадом кас сухан мегӯйӣ?» Зоҳид хомӯш гашт. Ҳорун ишорат кард, то як киса пеши ӯ ниҳод. Халифа гуфт: «Хостем, то туро аз ҳоли танг бираҳонем ва ин фармудем». Умарӣ гуфт: «Соҳибу-л-ъиёли ло йуфлиҳу абадан[1], чаҳор духтар дорам ва агар ғами эшон нестӣ, напазируфтаме, ки маро бад-ин ҳоҷат нест». Ҳорун бархост ва Умарӣ бо вай то дари сарой биёмад, то вай барнишасту бирафт. Ва дар роҳ Фазлро гуфт: «Марде қависухан ёфтам Умариро, валекин ҳам сӯйи дунё гароид, саъбо фиреребанда, ки ин дираму динор аст! Бузурго мардо, ки аз ин рӯй бартавонад гардонид! То писари Саммокро чун ёбем».

Ва рафтанд, то ба дари саройи ӯ расиданд. Ҳалқа бар дар бизаданд сахт бисёр, то овоз омад, ки «Кист?» Гуфтанд: «Ибни Саммокро мехоҳем!» Ин овоздиҳанда бирафт, дер бибуд ва бозомад, ки «Аз Ибни Саммок чӣ мехоҳед?» Гуфтанд, ки «Дар бигшоед, ки фариза шуғлест». Муддате дигар бидоштанд бар замини хушк, Фазл овоз дод он канизакро, ки дар гушода буд, то чароғ орад. Канизак биёмаду эшонро гуфт: «То ин мард маро бихаридааст, ман пеши ӯ чароғ надидаам». Ҳорун ба шигифт бимонд ва далелро берун фиристоданд, то нек ҷаҳд карду чанд дар бизад ва чароғе оварду сарой равшан шуд. Фазл канизакро гуфт: «Шайх куҷост?» Гуфт: «Бар ин бом». Бар боми хона рафтанд, писари Саммокро диданд дар намоз, мегиристу ин оят мехонд: Афаҳасибтум аннамо халақнокум абасо[2]. Ва боз мегардониду[3] ҳамин мегуфт. Пас салом бидод, ки чароғ дида буд ва ҳисси мардум шунида. Рӯй бигардониду гуфт: «Саломун алайкум». Ҳоруну Фазл ҷавоб доданду ҳамон лафз гуфтанд. Пас писари Саммок гуфт: «Бад-ин вақт чиро омадаед ва шумо кистед?» Фазл гуфт: «Амирулмуъминин аст, ба зиёрати ту омада аст, ки чунон хост, ки туро бубинад». Гуфт: «Аз ман дастурӣ

[1] тарҷ: аёлманд ҳаргиз растагор нашавад.
[2] тарҷ: шумо пиндоштед, ки мо шуморо ба бозӣ офаридаем? (ояи 115 сураи Муъминун).
[3] такрор мекард.

бояст ба омадан ва агар додаме, он гоҳ биёмадӣ, ки раво нест мардумонро аз ҳолати хеш дарҳам кардан». Фазл гуфт: «Чунин боястӣ, акнун гузашт, халифаи Пайғомбар аст, алайҳиссалом ва тоъати вай фариза аст бар ҳамаи мусалмонон ва ту дар ин ҷумла даромадӣ, ки Худойи азза ва ҷалла мегӯяд: «Атиъуллоҳа ва атиъур-р-расула ва ули-л-амри минкум[1]». Писари Саммок гуфт: «Ин халифа бар роҳи шайхайн[2] меравад ва ба ин адад хоҳам Бубакру Умар, разияллоҳу анҳуморо, то фармони ӯ баробари фармони Пайғомбар алайҳиссалом доранд?» Гуфт: «Равад!» Гуфт: «Аҷаб донам, ки дар Макка, ки ҳарам аст, ин асар намебинам ва чун ин ҷо набошад, тавон донист, ки ба вилояти дигар чун аст». Фазл хомӯш истод. Ҳорун гуфт: «Маро панде деҳ, ки бад-ин омадаам, то сухани ту бишнаваму маро бедорӣ афзояд». Гуфт: Йо амирулмуъминин, аз Худойи азза ва ҷалла битарс, ки якест ва ҳанбоз[3] надорад ва ба ёр ҳоҷатманд нест. Ва бидон, ки дар қиёмат туро пеши ӯ бихоҳанд истонид ва корат аз ду берун набошад, ё сӯйи биҳишт баранд ё сӯйи дӯзах ва ин ду манзилро се дигар нест».

Ҳорун ба дард бигирист, чунонки рӯй ва канораш тар шуд. Фазл гуфт: «Аййуҳаш-ш-шайх! Донӣ, ки чӣ мегӯй? Шакк аст дар он, ки амирулмуъминин ҷуз ба биҳишт равад?» Писари Саммок ӯро ҷавоб надод ва аз ӯ бок надошт ва рӯй ба Ҳорун карду гуфт: «Йо амирулмуъминин, ин Фазл имшаб бо туст ва фардои қиёмат бо ту набошад ва аз ту сухан нагӯяд ва агар гӯяд, нашнаванд, тани хешро нигар ва бар хештан бибахшой». Фазл мутаҳаййир гашт ва Ҳорун чандон бигирист, то бар вай битарсиданд аз ғаш. Пас гуфт: «Маро обе диҳед!» Писари Саммок бархосту кӯзаи об оварду ба Ҳорун дод. Чун хост, ки бихӯрад, ӯро гуфт: «Бидон ай халифа, савганд диҳам бар ту ба ҳаққи қаробати расул, алайҳиссалом, ки агар туро боз доранд аз хӯрдани ин об ба чанд бихарӣ?» Гуфт: «Ба як нима аз мамлакат». Гуфт: «Бихӯр гуворанда бод!» Пас чун бихӯрд, гуфт: «Агар ин чӣ хурдӣ бар ту бибандад, чанд диҳӣ, то бигшояд?» Гуфт: «Як нимаи мамлакат». Гуфт: Йо амирулмуъминин, мамлакате, ки баҳои он як шарбат аст, сазовор аст, ки бад-он бас нозише[4] набошад ва чун дар ин кор уфтодӣ, боре дод деҳ, бо халқи Худо некӯӣ кун». Ҳорун гуфт: «Пазируфтам!» Ва ишорат кард, то киса пеш оварданд. Фазл гуфт: «Аййуҳаш-ш-шайх, амрулмуъминин шунуда буд, ки ҳоли ту танг аст ва имшаб муқаррар гашт, ин силати ҳалол фармуд,

[1] тарҷ: ай онон, ки имон овардаед, фармон баред Худойро ва фармон баред пайғомбарро ва худовандони фармонро аз шумо (ояи 59, сураи Нисо)
[2] манзур ду халифаи аввал – Абубакру Умар мебошанд.
[3] анбоз, шарик
[4] нозиш – фахр.

биситон!» Писари Саммок табассум карду гуфт: «Субҳоналлоҳи-л-азим, ман амирулмуъмининро панд диҳам, то хештанро сиёнат[1] кунад аз оташи дӯзах ва ин мард бад-он омада-аст, то маро ба оташи дӯзах андозад? Ҳайҳот, ҳайҳот бардоред ин оташ аз пешам, ки ҳамакнун мову сарой ва маҳаллат сӯхта шавем!» Ва бархосту ба бом берун шуд. Ва биёмад канизак ва бидавиду гуфт: «Бозгардед, ай озодмардон, ки ин пири бечораро имшаб бисёр ба дард бидоштед». Ҳоруну Фазл бозгаштанд ва далел зар бардошт ва барнишастанду бирафтанд. Ҳорун ҳамаи роҳ мегуфт: «Мард ин аст!» Ва пас аз он ҳадиси Писари Саммок бисёр ёд кардӣ.

Ва чунин ҳикоёт аз он орам, то хонандагонро бошад, ки суде дорад ва бар дил асаре кунад. Ва ба сари таърих боз шудам.

Ва рӯзи панҷшанбе, ғурраи моҳи раббеъулаввал[2] Амир Масъуд бор дод, ки сахт тандуруст шуда буд, бори ом; ва ҳашаму авлиёву раъоёи Буст пеш омаданду нисорҳо карданд ва раъоё ӯро дуъоҳои фаровон гуфтанду бисёр қурбонӣ оварданд ба даргоҳ ва қурбон карданду бо нон ба дарвешон доданд ва шодие буд, ки монанди он кас ёд надошт.

Ва рӯзи душанбе, дувоздаҳуми ин моҳ[3] нома расид аз Марв ба гузашта шудани Нӯштагини хосса, ки шиҳнаи он навоҳӣ буд. Ва ёд карда буданд, ки вай ба вақти рафтан аз ҷаҳон гуфтааст, ки вайро Амир Маҳмуд озод накарда буд, ҳарчӣ вайрост аз они Султон аст, боз бояд намуд, то агар бинад, ӯро озод кунаду биҳил фармояд ва авқофи ӯро имзо кунад ва дигар ҳарчӣ ӯро ҳаст аз ғулому таҷамулу олату зиёъ – ҳама худовандрост; ва ғуломонаш кориянд ва дар эшон ранҷи бисёр бурдааст, бояд, ки аз ҳам наяфтанд. Ва ғуломест муқаддами эшон, ки ӯро Хумортагини қуръонхон гӯянд ва банда парвардааст ӯро ва носеҳу амин аст ва ба тани хеш мард. Бояд, ки Амир ӯро ба сари эшон бимонад, ки салоҳ дар ин аст. Амир, Нӯштагини хоссаро озод кард ва авқофи ӯро имзо фармуд ва номаҳоро ҷавоб набиштанду ғуломонро бинавохтанд ва Хумортагинро бар муқаддамаи эшон бидошта омад. Ва гуфта шуд, ки эшонро ҳамон ҷо муқом бояд кард, то омил аҷрӣ[4] ва бистгонии эшон медиҳад ва ба шуғле, ки бошад қиём мекунанд, то он гоҳ, ки эшонро бихонему ба фарзанде аз они хеш арзонӣ дорему бад-ӯ супорем ва номаҳо ба тавқеъ муаккад гашт ва ду хайлатош бибурданд.

---

[1] сиёнат – нигаҳдорӣ, муҳофизат.

[2] баробар бо 23 декабри соли 1036-и милодӣ.

[3] баробар бо 3 январи соли 1037-и милодӣ.

[4] аҷрӣ – подош; яъне, ба ғайр аз маош (бистгонӣ) ба лашкар ба тариқи ҷинсӣ (мол) низ хӯроку лавозими зарурӣ дода мешуд.

Ва рӯзи панҷшанбе, бисту дуввуми ин моҳ[1] номаҳо расид аз Хуросон, ки туркмонон дар ҳудуди мамолик бипарогандand ва шаҳри Тун[2] ғорат карданд. Ва Булҳасани Ироқӣ, ки солори курду араб аст, шабу рӯз ба Ҳирот машғул аст ба шароб ва омил Буталҳаи Шайбонӣ аз вай ба фарёд[3] ва ваю дигар аъёну сиқот ба ӯ сахт дармондаанд ва ғуломеро аз они хеш бо фавҷе курду араб ба тохтани гуруҳе туркмонон фиристод бебасират, то сақате[4] бияфтод ва бисёр мардум бикуштанду дастгир карданд. Амир бад-ин ахбор сахт тангдил шуд ва вазирро бихонду аз ҳар гуна сухан рафт, охир бар он қарор гирифтанд, ки Амир ӯро гуфт: «Туро ба Ҳирот бояд рафт ва он ҷо муқом кард, то ҳоҷиб Субошию ҳама лашкари Хуросон наздики ту оянд ва ҳамагонро пеши чашм кунию молҳои эшон дода ояд ва сохта бираванд. Ва рӯй ба туркмонон ниҳанд, то эшонро аз Хуросон овора карда ояд ба шамшер, ки аз эшон ростӣ нахоҳад омад ва он чӣ гуфтанд то ин ғоят ва ниҳоданд, ҳама ишваву зарқ буд, ки ҳар куҷо ки расиданд на насл гузоштанду на ҳарс[5]. Ва ин нобакор Ироқиякро даст кутоҳ кунӣ аз курду араб ва эшонро ду солори кордон гумор ҳам аз эшон ва ба ҳоҷиб супору Ироқиро ба даргоҳ фирист, то сазои хеш бубинад, ки Хуросону Ироқ ба сари ӯ ва бародараш шуд. Ва чун ба сари кор расидию шоҳиди ҳолҳо будӣ, номаҳо пайваста навис, то мисолҳои дигар, ки бояд дод, медиҳем». Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва бозгашт. Ва бо Бунаср бинишасту дар ин абвоб бисёр сухан гуфтанд ва дигар рӯз мувозаъат набишт, ба даргоҳ оварданд ва Бунаср онро дар халват бо Амир арза дошт ва ҳам дар маҷлис ҷавобҳо набишт, чунонки Амир фармуду савоб дид ва ба тавқеъ муаккад гашт.

Ва рӯзи сешанбе, панҷуми моҳи раббеъулохир[6] Хоҷаи Бузургро хилъате доданд сахт фохир, ки дар ӯ пили нару мода буд ва астари маҳд ва боз ғуломони турк зиёдат буд. Ва пеш омад, Амир вайро бинавохт ба забон то бад-он ҷойгоҳ, ки гуфт: «Хоҷа моро падар аст ва ранҷҳо, ки моро бояд кашид, ӯ мекашад, дили моро аз ин муҳим фориғ кунад, ки мисолҳои ӯ баробари фармонҳои мост». Вазир гуфт: «Ман бандаам ва ҷон фидои фармонҳои худованд дорам ва ҳарчӣ ҷаҳди одамист дар ин кор ба ҷой орам». Ва бозгашт ба карорматеву кавкабае сахт бузург ва чунон ҳақ гузорданд ӯро, ки монанди он кас

[1] баробар бо 13 январи соли 1037-и милодӣ.
[2] Тун – шаҳре дар шимолу шарқии Табас; номи имрӯзааш Фирдавсӣ мебошад.
[3] яъне а ӯ норозӣ аст.
[4] сақат – расвоӣ.
[5] ҳарс – кишт; маънии ҷумла талмеҳе дорад бо ояи 205 сураи Бақара; ва нобуд кунад киштрову наслро.
[6] баробар бо 15 январи соли 1037-и милодӣ.

ёд надошт. Ва миёни ӯ ва Хоҷа Бунаср лутфи ҳоле[1] уфтод дар ин вақт аз ҳад гузашта, ки Бунаср ягонаи рӯзгорро нек бидонист ва дархост аз вай, то бо вай муътамаде аз девони рисолат номзад кунанд, ки номаҳои султонӣ нависад ба истисвоби вай ва ҳар ҳоле низ ба маҷлиси султон боз намояд, он чӣ вай кунад дар ҳар коре. Донишманд Бубакри Мубашшири дабирро номзад фармуд бад-ин шуғл ва Бунаср мисолҳое, ки мебоист ӯро бидод ва дигар рӯз вазир бирафт бо ҳашматеву уддатеву уҳбате[2] сахт тамом сӯйи Ҳирот ва бо вай саворе ҳазор буд.

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, рӯзи душанбе биступанҷуми моҳи раббеъулохир сӯйи Юмнобод ва Майманд[3] рафт ба тамошову шикор. Ва Хоҷа Абдурразоқи Ҳасан ба Майманд мизбонӣ кард, чунонки ӯ донистӣ кард, ки дар ҳамаи корҳо зебову ягонаи рӯзгор буд ва дандонмузди басазо дод ва вакилонаш басазо нузл доданд қавмеро, ки бо Султон буданд. Ва Амир бад-он баноҳои подшоҳона, ки Хоҷа Аҳмади Ҳасан сохтааст, раҳматуллоҳи алайҳи, ба Майманд бимонд ва рӯзи чаҳоршанбе, чаҳоруми ҷумодалуло[4] ба кушки Дашти Лангон боз омад. Ва дигар рӯз нома расид ба гузашта шудани Сотилмиш ҳоҷиби Арслон. Ва Амир ӯро баркашида буду шиҳнагии Бодғис фармуда ба ҳукми он, ки ба рӯзгори Амир Муҳаммад хазинадор буд ва нахуст кас ӯ буд, ки аз Хуросон пазира рафт пеши Амир Масъуд ва чандин ғуломи Арслонро бо хештан бурд, чунонки пеш аз ин овардаам.

Рӯзи якшанбе, ҳаштуми ин моҳ[5] Бусаъиди Маҳмуди Тоҳир хазинадори Буст гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳи ва сахт ҷавонмарду корӣ буд ва хиради пирон дошт. Хоҷа Бунаср бо вай бисёр набиштӣ ва гуфтӣ «Ҳоли ин ҷавон бар ин ҷумла бинамонад, агар умр ёбаду даст аз шароби пайваста, ки бештар бар риқ[6] мехӯрад бидорад». Ва бинадошт ва гуфтанд аз он мурд. Ин чӣ ҳадис аст! Инналлоҳи ҷунудан минҳа-л-асал[7]. Ба аҷали хеш мурд ва аҷаб он омад, ки дар он ду се-рӯз, ки гузашта шуд, даъвате сохт сахт некӯ ва Бунасрро бихонд бо қавме ва ман низ он ҷо будам ва нишотҳо

---

[1] лутфи ҳол – самимияту якдилӣ.

[2] уҳбат – созу сомони кор

[3] Юмнобод – қасабае дар атрофи Ғазнин, ки маҳалли шикору истироҳати салотини ғазнавӣ будааст; Майманд – қасабае дар наздикии Ғазнин, зодгоҳи Маймандии вазир.

[4] баробар бо 23 феврали соли 1037-и милодӣ.

[5] баробар бо 27 феврали соли 1037-и милодӣ

[6] риқ – ношто, наҳор.

[7] тарҷ: Худойро лашкариёнест ва аз онҳо яке асал аст.

рафт ва ӯро видоъ буд. Ва пас аз он ба се рӯз рафт, рафтане, ки низ боз наёмад ва ин байт ба мо ёдгорӣ монд, ки шоир гуфтааст, шеър

Факум ататна-л-лайолӣ ва мо атат илайно,
Ва рубба йавма йаъуду валам йаъуд ъалайно[1].

Ва Маҳмуди Тоҳир – падараш, марде муҳташам буд аз хозинони Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу ва бар вай эътимоде бузург дошт ва ҳам ҷавон мурд. Ва он подшоҳ ҳаққи гузаштаро дар ин фарзанди наҷиб нигоҳ дошт ва ин озодмард вақеҳ гашту ном гирифт. Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу дар истиноъи[2] вай риъояти дигар карда буд, то вақеҳтар гашт, валекин рӯзгор наёфту дар ҷавонӣ бирафт. Ва бо хонадоне бузург пайвастагӣ карда буд, чун Бунназри Рахвазӣ – меҳтаре бузургвор муътамадтари қавми Хоразмшоҳ Олтунтош ва шинохтаи Амир Маҳмуд ва ду фарзанди ба коромада монд. Ва холи[3] эшон Хоҷа Масъуди Рахвазӣ марде, ки ду бор оризӣ кард ду подшоҳро, чун Мавдуду Фаррухзод, раҳматуллоҳи алайҳимо ва осори сутуда намуд ва аз вай ҳиммати мардон ва базли кофитари меҳтарону ҷавонмардон диданд. Ва агар дар санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[4] аз замонаи ноҷавонмард кароҳияте диду дуруштие пеш омад, охир некӯ шуд; ва ба ҷӯйе, ки об рафт як ду бор, об боз ояд. Ва давлат афтону хезон беҳтар бошад, ҷон бояд, ки бимонад ва мол ояду шавад ва меҳнате, ки аз он бар дили озодмардон ранҷ ояд, ъала-л-итлоқ ҳар кас бишнавад, гӯяд ин бибоист ва ба меҳнат нашмаранд. Ин фасл бирондам, ки ҷойгоҳи он буд ва кор дорам бо ин меҳтару бо шуғлҳои вай, ки наздик омад, ки Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, ӯро бархоҳад кашид ва ба миёни муҳиммоти мулк дархоҳад овард ва вай аз рӯзгор нарму дурушт хоҳад дид, то ҳама барвило[5] оварда ояд, бимашйатиллоҳи таъоло.

Ва рӯзи шанбе, ҳафдаҳуми ҷумодулуло[6] Булҳасани Ироқии дабири маъзул аз солории курду араб ба даргоҳ омад. Ва Хоҷаи Бузург Аҳмади Абдуссамад ӯро ба хубӣ гусел карда буд, аммо панҷ савори муваккал номзади ӯ карда. Ва Амир вайро пеши худ нагузошт ва наздики Масъуди Муҳаммади Лайси дабир фиристод, то чун боздоштае бошад. Ва ҳар касе ба зиёрати ӯ рафт. Ва сахт мутаҳаййиру дилшикаста буд. Ва охир Бунаср ба ҳукми он ки номи

---

[1] тарҷ: чӣ бисёр шабҳо бар мо гузашт ва ӯ (маъшуқ) ба назди мо наёмад ва чӣ бисёр рӯзҳо биёяд ва он рӯз (рӯзи дидор) ба назди мо наёяд (зеро мо дигар мурда хоҳем буд).

[2] истиноъ – накӯӣ кардан, некӯдошт.

[3] хол – таға.

[4] соли 451, ки баробар аст бо соли 1059 – 1060-и милодӣ.

[5] вило ё вало – паёпай.

[6] баробар бо 8 марти соли 1037-и милодӣ.

китобат бар ин мард буд, дар боби вай сухан гуфту шафоъат кард, то Амир дил хуш кард ва вай пеш омаду хидмат кард ва ба девони рисолат боз нишаст, валекин об рехтаву бод бинишаста, ки низ заҳра надошт сухан фарохтар гуфтан ва охири кораш он буд, ки гузашта шуд, чунонки биёварам пас аз ин.

Ва рӯзи якшанбе, бисту якуми ин моҳ[1] номаҳо расид аз Бусаҳли Ҳамдавӣ ва соҳиби бариди Рай, ки «Сухани Писари Коку зарқу ифтиъол[2] буд ва дафъулвақт ва мардум гирд кард аз атрофу фароз омаданд ва баъзе аз туркмонони Қизилиёну Яғмариёну[3] Балхонкуҳиён[4] низ, ки аз пеши Салҷуқиён бигрехтаанд, бад-ӯ пайвастанд, ки мард зари бисёр дорад ва хизонаву аснофи неъмат. Ва сохта рӯй ба Рай ниҳод ва бим аз он аст, ки медонад, ки Хуросон музтариб аст аз Салҷуқиён ва мадад ба мо натавонанд расонид. Ва он чӣ ҷаҳд аст, бандагон мекунанд, то Эзид, азза зикруҳу, чӣ тақдир кардааст». Амир сахт андешаманд шуд ва ҷавобҳо фармуд, ки «Вазиру Ҳоҷиби бузург ва лашкарҳо ба Хуросон аст кифоят кардани кори Салҷуқиёнро ва мо низ қасди Хуросон дорем, дил қавӣ бояд дошт ва мардвор пеши кор рафт, ки бад-ин лашкар, ки бо шумост ҳамаи Ироқ забт тавон кард». Ва ин ҷавобҳо ба аскудор ва ҳам бо қосидон бирафт. Ва дар бобе фард[5] ба ҳадиси Рай ин аҳвол ба тамомӣ шарҳ кунам, ин ҷо ин миқдор кифоят аст.

Ва рӯзи сешанбе, салхи ҷумодулухро[6] номаҳои вазир расид. Набишта буд, ки «Банда корҳо ба ҷидд пеш гирифтааст ва уммоли шаҳрҳоро, ки хонда буд, меоянду молҳо ситада меояд ва Ҳоҷиби бузург ва лашкарҳо ба Ҳирот расиданд. Бусаҳли Алӣ – ноиби оризи арз ба истиқсо[7] мекунад пеши банда ва сим медиҳад. Чун кори лашкар сохта шавад ва рӯй ба мухолифон оранд, банда тадбири рост пеши эшон ниҳад ва ҷаҳди бандагӣ ба ҷой оварад. Умед дорад ба фазли Эзид, азза зикруҳу, ки муродҳо ҳосил шавад ва бандаро савоб он менамояд, ки худованд ба Ҳирот ояд, пас аз он, ки Наврӯз бигзарад ва тобистон ин ҷо муқом кунад, ки корҳо сохта аст. Ба ҳадиси алаф ва ҷуз он ҳеч дилмашғулӣ набошад, то банда ба Марв равад ва Ҳоҷиби бузург бо лашкаре рӯй ба мухолифон ниҳад ва аз

---

[1] баробар бо 12 марти соли 1037-и милодӣ.

[2] ифтиъол - дурӯғу буҳтон.

[3] қизилиёну яғмариён – тоифае аз туркманҳо, ки пешвои онҳо Қизилу Яғмар маҳсуб мегаштанд.

[4] балхонкуҳиён – туркманҳое, ки аз Балхонкӯҳ буданд.Ниг. ба китоби Садриддин Ҳусайнӣ «Ахбор ад-давлат ас-салҷуқия». М., 1981.

[5] яъне, чудогона.

[6] баробар бо 19 апрели соли 1037-и милодӣ.

[7] истиқсо – ба тамом кор кардан.

ҳама ҷавониб қавидил бошад ва ин фитнаро бинишонда ояд. Ва кори Раю Ҷибол низ, ки печида аст, рост шаваду худованд фориғдил гардад».

Амир ҷавоб фармуд, ки «Хоҷа халифаи мост ба Хуросон ва Марву дигар шаҳрҳо ҳама пурлашкар аст, ба ҳозирии мо ба Ҳирот чӣ ҳоҷат аст? Мо сӯйи Ғазнин хоҳем рафт, ки савоб ин аст. Ва писарони Алитагин бар роҳи рост омаданд, ба ҷониби Балху Тахористон ҳеч дилмашғулӣ нест. Ва фарзанди азиз Мавдуд ва сипоҳсолор Алӣ онҷоанд, агар ба зиёдати лашкар ҳоҷат ояд, аз эшон бибояд хост». Ин ҷавобҳо бар ин ҷумла бирафт. Ва аз Бунаср шунидам, ки гуфт: «Тадбири рост ин аст, ки ин вазир бикард, аммо Амир намешунавад ва ночор ба Ғазнин хоҳад рафт, ки орзуи Ғазнин хоста аст ва Ғазнин аз вай намеситонанд, субҳоналлоҳ! Ӯро ба Ҳирот ё ба Марв ё ба Нишобур мебояд рафт ва як-ду сол ба Хуросон бинишаст, то магар ин фитнаи бузург бинишинад. Ва ба чанд дафъат ба Амир он чӣ вазир сӯйи ман набишту беҳашматтар ҳам набишта буд, низ арза кардам, ҳеч суд надошт. Ва Эзидро, субҳонаҳу ва таъоло, хостаҳост, ки бандагон ба сари он натавонанд шуд».

Рӯзи ёздаҳуми моҳи раҷаб[1], Амир, разияллоҳу анҳу, аз Буст бар ҷониби Ғазнин равон кард ва он ҷо расид, рӯзи панҷшанбе, ҳафтдаҳуми шаъбон[2] ва ба Боғи Маҳмудӣ фуруд омад, бар он, ки муддате он ҷо бибошад ва даст ба нишоту шароб кард ва пайваста мехӯрд, чунонки ҳеч менаёсуд.

Ва рӯзи сешанбе, дувоздаҳуми шаъбон[3], худовандзода Амир Мавдуд, разияллоҳу анҳу, аз Балх ба Ғазнин расид, ки аз Буст нома рафта буд, то ҳаракат кунад; бар ин миъод[4] биёмаду навохт ёфт. Ва рӯзи сешанбе[5], нуздаҳуми шаъбон, Амир бар қалъа рафт ва сарҳанг Буалии Кутвол мизбонӣ сохта буд. Ва рӯзи одина, бисту дувуми ин моҳ, ба кушки нави Масъудӣ боз омад ва пеш, то аз боғи Маҳмудӣ боз ояд, номаи вазир расид, ки «Корҳои лашкар сохта шудааст ва ба рӯйи хасмон рафтанд бо диле қавӣ ва туркмонон чун донистанд, ки корҳо ба ҷиддтар пеш гирифта омадааст, сӯйи Нисову Фарова рафтанд ба ҷумла, чунонки дар ҳудуди Гузгонону Ҳироту ин навоҳӣ аз эшон касе намонд. Ва Ҳоҷиби бузург ба Марв рафт ва беруни шаҳр лашкаргоҳ заду ҳар ҷое шиҳнае фиристод ва фармон равон шуд. Бандаро чӣ бояд кард?» Ҷавоб рафт, ки «Чун ҳол бар ин ҷумла

[1] баробар бо 30 апрели соли 1037-и милодӣ.
[2] баробар бо 26 майи соли 1037-и милодӣ.
[3] баробар бо 5 июни соли 1037-и милодӣ.
[4] миъод – ваъдагоҳ.
[5] дурусташ якшанбе мешавад.

аст, Хоҷаро аз Ғур ба Ғазнин бояд омад, то моро бубинаду ба мушофаҳа он чӣ боз намуданист, боз намояд ва тадбири корҳо қавитар сохта шавад».

Ва моҳи рӯза даромад ва Амир рӯза гирифт ба кушки нав. Ва ҳар шабе худовандзодагон Амир Саъиду Мавдуду Абдурразоқ, разияллоҳу анҳум, ба хонаи бузург мебуданд ва ҳоҷибону ҳашаму надимон ба навбат бо эшон. Ва султон фуруди сарой рӯза мегушод холӣ[1].

Ва рӯзи шанбеи нимаи рамазон[2], вазир ба Ғазнин расид ва Амирро бидиду халвате буд бо вай ва соҳибдевони рисолат то намози пешин, ҳарчӣ рафта буду карда ҳама боз намуд ва Амирро сахт хуш омад ва вазирро бисёр некӯӣ гуфт ва вазир бозгашт. Ва дигар рӯз халвате дигар карданд, вазир гуфта буд, ки «Агар худованд ба Ҳирот омадӣ, дар ҳама Хуросон як туркмон намондӣ ва магар ҳануз муддате сипарӣ нашуда буд мондани эшонро. Боре, то Ҳоҷиби бузург ва лашкарҳо дар шаҳрҳо бошанд, аз эшон фасоде наравад, аммо дили банда ба ҳадиси Рай ва Бусаҳл ва он лашкар ва ҳимли зару ҷома, ки бо эшон аст ва хасме чун Писари Коку сахт машғул аст, ки аз ноомадани рояти олӣ ба Хуросон натавон донист, то ҳоли эшон чун шавад». Амир гуфт: «Набошад он ҷо халале, ки он ҷо лашкаре тамом аст ва солорони нек ва Бусаҳл марде корӣ. Надоранд бас ҳамийяте Писари Кокуву дайламону курдон. Эшонро дидааму озмуда ва он аҳвол пеши чашми ман аст». Вазир гуфт: «Иншоаллоҳ, ки ба давлати худованд ҳама хайру хубӣ бошад».

Ва рӯзи душанбе, ҳафдаҳуми моҳи рамазон, сипаҳсолор Алӣ низ аз Балх даррасид бо ғуломону хоссагони хеш мухифф[3] бар фармони олӣ, ки рафта буд, то лашкарро ба Балх яла кунаду ҷарида[4] биёяд, ки бо вай тадбирҳост; ва султонро бидиду навохт ёфт ва ба хона боз рафт. Ва рӯзи душанбе иди фитр буд. Амир пеш ба як ҳафта мисол дода буд сохтани таъбияҳои ин рӯзро ва таъбияе карда буданд, ки иқрор доданд пирони куҳан, ки ба ҳеч рӯзгор бар ин ҷумла ёд надоранд ва савори бисёр буд низ ба дашти Шобаҳор. Ва Амир ба суффаи бузург ба саройи нав бинишаст бар тахте аз чуб, ки ҳануз тахти заррин сохта нашуда буд ва ғуломони саройӣ, ки адади эшон дар ин вақт чаҳор ҳазор ва чизе буд, омадан гирифтанд. Ва дар он саройи бузург чандин рада биистоданд; пас Амир бор доду рӯза бигушоданд; ва ғуломони саройӣ ба майдони нав рафтан гирифтанд

[1] танҳо.
[2] баробар бо 2 июли соли 1037-и милодӣ.
[3] мухифф – сабукбор.
[4] ҷарида – муҷаррад, танҳо.

ва меистоданд, ки майдон ва ҳама дашти Шобаҳор лоластон[1] шуда буд. Пас Амир бинишаст ва бар он хазро омад бар майдон ва Дашти Шобаҳор ва намози ид бикарда омад. Ва Амир бад-он хонаи баҳорӣ, ки бар рости суффа аст, ба хон бинишаст ва фарзандону вазиру сипаҳсолор ва амирони дайламон ва бузургони ҳашамро бар ин хон нишонданд ва қавми дигарро бар хонҳои дигар. Ва шоирон шеър хонданд ва пас аз он мутрибон омаданду пиёла равон шуд, чунонки аз хонҳо мастон бозгаштанд. Ва Амир барнишасту ба хонаи заррин омад бар бом, ки маҷлиси шароб он ҷо рост карда буданд ва ба нишот шароб хурданд.

Ва дигар рӯз бор набуд ва рӯзи савум бор дод. Ва ғуломони Нӯштагини хоссаи ходим аз Марв даррасиданд бо муқаддамаи Хумортагин ном ва кадхудои Нӯштагин Маҳмудаки дабир ва чанд тан аз ҳошия, ҳама ороставу бо таҷаммули тамом ва пеши Амир омаданду навохт ёфтанд. Ва фармуд, то ғуломони вусоқиро ҷудо ба Кушки куҳани Маҳмудӣ фуруд оварданду некӯ бидоштанд. Ва дигар рӯз, эшонро пеш бихост холитар ва ғуломе сӣ хиёратар хештанро бозгирифт ва дигаронро ба чаҳор фарзанд бахшид – Саъиду Мавдуду Маҷдуд ва Абдурразоқ. Ва насиби Абдурразоқ ба изъофи[2] дигарон фармуд, ки дигарон доштанд бисёр ва вай надошт ва хоста буд, ки вайро вилояте диҳад.

Ва ҳам дар шаввол Амир ба шикори парра рафт бо фавҷе ғуломи саройӣ ва лашкару нудамову ромишгарон ва сахт некӯ шикоре рафт ва нишот карданд бар ниҳолаҷой[3] ва шароб хӯрданд. Ва ман бад-ин шикор ҳозир будам ва Хоҷа Бунаср набуд ва бар ҷаммозагон шикоре бисёр ба Ғазнин оварданд ва авлиёву ҳашам ва амирон-фарзандон бо Султон буданд, разияллоҳу анҳум аҷмаъин.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, бисту чаҳоруми ин моҳ[4] ба Боғи Садҳазора бозомад; ва дигар рӯз мисол дод, то асбобу зиёъ, ки монда буд аз Нӯштагини хосса ба истиқсои[5] тамом боз нигаристанд ба ҳозирии кадхудояш ва дабираш Маҳмудак ва дигар вакилон ва авқофи турбати ӯ бар ҳоли худ бидоштанд. Ва олати сафари ӯро аз хаймаву хиргоҳ ва асбе чанду уштуре чанд ба фарзанд Амир Абдурразоқ бибахшид бо се деҳа: яке ба Зовулистон ва ду ба Паршавар[6]. Ва дигар ҳарчӣ буд, хоссаро нигоҳ доштанд. Ва сарояш ба фарзанд Амир Мардоншоҳ бахшид бо бисёр фаршу чанд пора симина. Ва на

---

[1] лолазор.
[2] чанд баробар.
[3] камингоҳи сайёдон.
[4] баробар бо 11 июли соли 1037-и милодӣ.
[5] истиқсо – тафтиш кардан, таҷассус дар ҳусули амре.
[6] Пуршавар ё Паршавар – Пешовари кунунӣ, ки дар Покистон қарор дорад

ҳадд буд онро, ки Нӯштагин боз гузошту на андоза аз аснофи неъмат. Ва вилояти Марв, ки ба расми ӯ буд, солори ғуломони саройӣ ҳоҷиб Багтуғдиро дод ва маншур набиштанд ва вай кадхудои хеш Буъалии Завзаниро он ҷо фиристод.

Ва дар ин ҳафта ҳадис рафт бо солор Багтуғдӣ, то васлате бошад худовандзода Амир Мардоншоҳро бо вай, ба духтаре, ки дорад. Пайғом бар забони Бунасри Мушкон буд ва Багтуғдӣ лахте гуфт, ки «Тоқати ин навохт надорад ва чун тавонад дошт?». Бунаср он чӣ гуфтанӣ буд, бо вай бигуфт, то рост истод ва даст гирифтанду забон дода шуд, то он гоҳ, ки фармон бошад, ки ақди никоҳ кунанд. Ва солор Багтуғдӣ донист, ки чӣ мебояд кард ва ғараз чист, ҳамакнун фарокор сохтан гирифт. Ва пас аз он ба як соле ақди никоҳе бастанд, ки дар ин ҳазрат, ман монандаи он надида будам, чунонки ҳеч мазкуру[1] шогирдпеша ва вазеъу шариф ва сипоҳдору пардадор ва буқию дабдабазан намонд, ки на силати солор Багтуғдӣ бад-ӯ бирасид: аз дувоздаҳ ҳазор дирам то панҷу севу ду ва як ҳазор ва понсаду сесаду дувисту сад ва камтар аз ин набуд. Ва Амир Мардоншоҳро ба кушки солор Багтуғдӣ оварданду ақди никоҳ он ҷо карданд ва динору дирам равона шуд сӯйи ҳар кас. Ва Амир Мардоншоҳро қабои дебои сиёҳ пӯшонид мувашшаҳ[2] ба марворид ва кулоҳе чаҳорпари зар ба сараш ниҳод мурассаъ ба ҷавоҳир ва камар бар миёни ӯ баст ҳама мукаллал[3] ба ҷавоҳир ва асбе буд сахт қиматии наъли зар зада ва зин дар зар гирифта ва истом ба ҷавоҳир ва даҳ ғуломи турк бо асбу сози ходимӣ ва даҳ ҳазор динору сад пора ҷомаи қиматӣ аз ҳар ранге. Чун аз ақди никоҳ фориғ шуданд, Амир Мардоншоҳро назди Амир оварданд, то ӯро бидид ва он чӣ рафта буду карда буданд, бозгуфтанд ва бозгашт сӯйи волида[4].

Ва сахт кӯдак буд Амир Мардоншоҳ, чӣ сездаҳсола буд, пас аз он ба муддате бузург дар авоили санаи салосина ва арбаъа миа[5] духтари солор Багтуғдиро ба пардаи ин подшоҳзода оварданд ва сахт кӯдак буд; ва ба ҳам нишонданду арусӣ карданд, ки кас монанди он ёд надошт, ки такаллуфҳои ҳавл фармуд Амир, ки ин фарзандро сахт дӯст дошт ва модараш муҳташам буд. Ва аз Бумансури Муставфӣ шунудам, гуфт: «Чандин рӯз бо чандин шогирд машғул будам, то ҷиҳозро нусхат карданд даҳ бор ҳазор ҳазор дирам буд». Ва ман, ки Булфазлам, пас аз марги Султон Масъуд ва Амир Мардоншоҳ, разияллоҳу анҳумо, он нусхат дидам, ба тааҷҷуб

---

[1] яъне, маъруф.
[2] мувашшаҳ – ороста, зинат додашуда.
[3] мукаллал – бо чизе оросташуда.
[4] волида – модар.
[5] соли 430, ки баробар аст бо соли 1038 – 1039-и милодӣ.

бимондам, ки худ касе он тавонад сохт. Як ду чиз бигӯям: чаҳор тоҷи заррини мурассаъ ба ҷавоҳир ва бист табақи заррин – меваи он анвоъи ҷавоҳир ва бист дукдони[1] заррин ҷавоҳир дар-ӯ нишонда ва ҷоруби заррини решаҳои марворид баста, аз ин чизе чанд боз намудам ва аз ҳазор яке гуфтам кифоят бошад ва битавон донист аз ин маънӣ, ки чизҳои дигар чӣ будааст.

Зикри ваҳшате, ки уфтод миёни Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу ва Буғрохон ва фиристодани Амир Бусодиқ Таббониро, раҳматуллоҳи алайҳи, ба рисолат сӯйи Кошғару Тарози Туркистон, то он ваҳшат ба тавассути Арслонхон бархост

Ва биёвардаам дар рӯзгори Амири Мозӣ, ки Буғрохон дар рӯзгори падараш – ва онгоҳ ӯро лақаб Бағотагин буд, – ба Балх омад, ки ба Ғазнин ояд ба ҳукми он, ки домод буд ба ҳурра Зайнаб – духтари Амири Мозӣ, разияллоҳу анҳу, ки ба номи ӯ шуда буд, то ба маъунати[2] мо Бухорову Самарқанд ва он навоҳӣ аз Алитагин биситонад, чунонки аз мо умед ёфта буду ҷавоб ёфта, ки: «Боз бояд гашт ва даст яке кард, ки қасди Суманот дорем, чун аз он фориғ шавем ва шумо низ хонии Туркистон бигрифтед он гоҳ тадбири ин сохта ояд». Ва бозгаштани Бағотагин мутаваҳҳишгуна аз Балх ва пас аз он бозомадани мо аз ғазв ва гирифтани эшон хонӣ ва омадан ба ҷанги Алитагин чун бародараш Туғонхон баруфтод ва фиристодан аз ин ҷо фақеҳ Бубакри Ҳасириро ба Марв ва ҷангҳо, ки рафт ва ба сулҳ, ки бозгаштанд, ки нахост Арслонхон, ки бародараш Буғрохон муҷовири мо бошад ва навмедӣ, ки афзуд Буғрохонро, чунонки дар бобе муфрад дар ин тасниф биёмадааст. Ва пас аз он фаро нарафт, ки ҳурра Зайнабро фиристода омадӣ, ки Амир Маҳмуд гузашта шуд ва Амир Масъуд ба тахти мулк нишаст. Ва Қадархон пас аз ин, ба як сол гузашта шуд, Арслонхон, ки валиаҳд буд, хони Туркистон гашт ва вилояти Тарозу Испиҷоб[3] ва он навоҳӣ ҷумла ба Буғрохон бародараш дод ва вайро ин лақаб ниҳод ва миёни эшон ба зоҳир неку ба ботин бад буд.

Амир Масъуд, чунонки боз намудаам пеш аз ин, Хоҷа Булқосими Ҳасириро ва Қозӣ Бутоҳири Таббониро, хеши ин Имом Бусодиқи Таббонӣ ба расулӣ фиристод наздики Арслонхону Буғрохон, то ақду аҳд тоза карда ояд. Ва эшон бирафтанду муддате дароз бимонданд, то кор рост шуд ва бар мурод бозгаштанд бо як хотун

[1] дукдон – чархае, ки бар он ресмон (ришта) ресанд.
[2] маъунат – ёрӣ додан.
[3] Исфиҷоб шаҳри маъруф ва обод дар Осиёи Миёна, ки дар замони Сомониён 1700 работ доштааст.

духтари Қадрхон, ки номзади Султон Масъуд буд ва дигар хотун духтари Арслонхон, ки номзади Амир Мавдуд буд ва ин хотун, ки номзади Амир Мавдуд буд, дар роҳ гузашта шуд ва Қозӣ Таббонӣ низ ба Парвон фармон ёфт ва Булқосим бо хадаму маҳд ба Ғазнин омад ва он арусӣ карда шуд. Буғрохон бо расулони мо ҳоҷиберо ба расулӣ фиристода буд, бо донишманде ва дархоста, то ҳурра Зайнабро фиристода ояд ва Арслонхон дар ин боб сухан гуфта ва гусел хостанд кард, аммо ба гӯши Амир расониданд, ки Буғрохон сухани ноҳамвор гуфтааст ба ҳадиси мерос, ки «Зайнабро насиб аст ба ҳукми хоҳарию бародарӣ».

Амир аз ин ҳадис сахт биёзурд ва расули Буғрохонро беқазои ҳоҷат бозгардонид бо ваъдаи хуб ва миъод ва ба Арслонхон ба шикоят нома набишт ва дар ин хомтамаъӣ сухан гуфт. Ва Арслонхон бо бародар итоб кард, то чиро чунин сухани ёваи ноандешида гуфт. Буғрохон нек биёзурд ва тамом аз даст бишуд, чунонки душмани ба ҳақиқат гашт, ҳам бародарро ва ҳам моро ва ҳол бад-он манзилат расид, ки чун Салҷуқиён ба Хуросон омаданду Багтуғдиро бишикстанд ва он хабар ба Туркистон расид, мунҳиён боз намуданд, ки Буғрохон шамотат карда буд ва шодмонагӣ намуд, яке он ки бо мо бад буд ва дигар он, ки Туғрал дӯсту баркашидаи вай буд ва дар ниҳон эшонро иғро карду қавидил гардонид ва гуфт, ки «Ҷанг бояд кард, ки чандон мардум, ки хоҳанд аз Хониён бар шибҳи[1] туркмонон бифиристад». Ва Амир ба тоза гаштани ахбор сахт ғамнок шуд, ки на хурд ҳадисе буд ин.

Пас кафшгареро ба гузари Омӯй бигирифтанд мутаҳамгуна ва мутолабат[2] карданд, муқир[3] омад, ки ҷосуси Буғрохон аст ва наздики туркмонон меравад ва номаҳо дорад сӯйи эшон ва ҷое пинҳон кардааст. Ӯро ба даргоҳ фиристоданд ва устодам Бунаср бо вай холӣ кард ва аҳвол тафаҳҳус кард, ӯ муътариф шуду олати кафшдӯзон аз тубра[4] берун кард ва миёни чубҳо тиҳӣ карда буданд ва мулаттафаҳои хурд он ҷо ниҳода, пас ба тарошаи чуб онро устувор карда ва ранги чубгун карда, то ба ҷой наёранд ва гуфт: «Ин Буғрохон пеши хеш кардааст». Мардро пӯшида ба ҷое бинишонд ва мулаттафаҳоро наздики Амир бурд, ҳама нишони тамғо дошт ва ба Туғралу Довуду Ябғу ва Янолиён буд, иғрои тамом карда буд ва кори

[1] монанди, либоси.
[2] пурсучӯ.
[3] иқроркунанда.
[4] тубра – мухаффафи тубара, ба маънии киса, ки дар он дона андохта, ба хӯрдани асбпон диҳанд.

моро дар чашму дили эшон сабук кардаву гуфта, ки пой афшоред[1] ва ҳарчанд мардум бибояд, бихоҳед, то бифиристем. Амир аз ин сахт дар хатар шуд ва гуфт: «Нома бояд набишт, сӯйи Арслонхон ва расули мусриъ бояд фиристод ва ин мулаттафаҳо бифиристод. Ва гуфт, ки ин некӯ набошад, ки чунин равад ва хон ризо диҳад.

Бунаср гуфт: «Зиндагонӣ худованд дароз бод, туркон ҳаргиз моро дӯст надоранд ва бисёр бор аз Амир Маҳмуд шунудам, ки гуфтӣ «Ин муқорабат бо мо туркон аз зарурат мекунанд ва ҳар гоҳ, ки даст ёбанд, ҳеч ибқо ва муҷомалат накунанд. Ва савоб он аст, ки ин ҷосусро ба Ҳиндустон фиристода ояд, то дар шаҳри Лоҳур кор мекунад ва ин мулаттафаҳоро ба муҳр ҷойе ниҳода ояд, он гоҳ расул равад наздики Арслонхону Буғрохон, чунонки ба талаттуф сухан гуфта ояд, то мукошафат бархезад ба тавассути Арслонхон ва фасоде дигар накунад Буғрохон». Амир гуфт: «Сахт савоб мегӯӣ ва мулаттафаҳоро муҳр карду ниҳода омад ва ҷосусро сад динор дод ва устодам бад-ӯ гуфт: «Ҷонат бихостам, ба Лоҳур раву он ҷо кафш медӯз». Мардро он ҷо бурданд.

Ва Амиру вазиру Бунасри Мушкон бинишастанд холӣ ва ихтиёр дар ин расулӣ бар Имом Бусодиқи Таббонӣ уфтод, ба ҳукми он, ки Бутоҳир хешовандаш буда буд дар миёни кор ва вайро бихонду бинавохту гуфт: «Ин як расулӣ бикун, чун бозойӣ қазои Нишобур ба ту додем, он ҷо рав». Ва вай бисохту бо таҷаммуле афзун аз даҳ ҳазор динор бирафт аз Ғазнин, рӯзи сешанбе, ҳафтуми зилқаъдаи санаи самона ва ишрина[2]. Ва як солу ним дар ин ранҷ буд ва мунозара кард, чунонки Буғрохон гуфт: «Ҳама мунозара ва кори Буҳанифа меорад». Ва ҳамагон иқрор доданд, ки чунин мард надидаанд ба ростию амонат ва аҳдҳо устувор кард, пас аз мунозараи бисёр, ки рафт ва илзом кард ҳамагонро ба ҷиҳати дӯстӣ. Ва мунҳиён ҳама боз намуданд ва Амир бар он воқиф гашт ва чанд дафъат Хоҷаи Бузург ва Бунасрро гуфт «На ба ғалат падари мо ин мард нигоҳ медошт». Ва ин Имом бозгашт ва волии Ҷирм[3] ӯро бигирифт дар роҳ ва ҳарчӣ дошт биситад, ки волиёни кӯҳ сар бароварда буданд ва ба ҳилат аз дасти он муфсидон биҷаст, ки бими ҷон буд ва ба Ғазнин омад ва дар санаи салосина ва арбаъа миа[4] он ҷо бирасид, рост дар он вақт, ки мо ҳаракат хостем кард сӯйи Балх ба даҳ рӯз пеш; ва аз Султон аз ҳадди васф гузашта навохт ёфт ва бар лафзи Амир рафт, ки «Ҳар чи туро аз дуздон зиён шудааст ҳама ба ту боз дода ояд ва зиёдат аз он ва Нишобур, ки гуфтаем».

---

[1] яъне, пофишорӣ кунед.
[2] баробар бо 22 августи соли 1037-и милодӣ.
[3] Ҷирм – шаҳре дар наздикии Бадахшон.
[4] соли 430, баробар бо 1038 – 1039-и милодӣ.

Ва рӯзи одина пеш аз намоз, ёздаҳуми зилқаъда[1], Амир ба шикор рафт ва устодаму ҳама қавм бо вай буданд ба Дашти Рахомурғ[2] ва кори некӯ рафт ва бисёр шикор ёфтанд аз анвоъ. Ва ба кушки нав боз омад, рӯзи якшанбе бисту якуми ин моҳ[3].

Ва рӯзи якшанбе, чаҳоруми зиҳиҷҷа[4] ба ҷашни Мехргон нишаст ва аз офоқи мамлакат ҳадяҳо, ки сохта буданд пешкашро, дар он вақт биёварданд ва авлиёву ҳашам низ бисёр чиз оварданд ва шуаро, шеър хонданду силат ёфтанд, ки ин худованд шеър мехост ва бар он силатҳои шигарф мефармуд. Ва он қасоид нанабиштам ва агар тоъине[5] гӯяд, чиро аз они Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, биёвардааст ва аз они Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, наёварда, ҷавоб он аст, ки ин рӯзгор ба мо наздиктар аст ва агар он ҳама қасоид оварда шудӣ, сахт дароз гаштӣ ва маълум аст, ки дар ҷашнҳо бар чи намат гӯянд ва пас аз шеър, ба сари нишоту шароб рафт ва рӯзи хуррам ба поён омад.

Ва рӯзи шанбе[6], иди Азҳо карданд сахт ботакаллуф ва корҳо рафт ин рӯз, аз таъбияи лашкари пиёдаву савор ба даргоҳ будан ва олату зинати беандоза изҳор кардан, ки расулони Арслонхону Буғрохон ва Лашкархон – волии Сакмон[7] омада буданд ва хонҳои ботакаллуф ниҳоданду шароб хӯрданд.

Ва рӯзи дигар, Амир Мавдудро хилъат доданд, хилъате, ки чунон наёфта буд, ки дар он кӯсу аломатҳо ва дабдаба буд ва вилояти Балх ӯро фармуд ва маншур дод ва вай бар ин ҷумла ба хона боз шуд ва ҳамаи бузургону авлиёву ҳашам ба фармони султон наздики ӯ рафтанд. Ва ба саройи Арслонҷозиб мебуд ва сахт басазо ҳаққ гузорданд, чунонки ба ҳеч вақт чунон нагузорда буданд.

Ва се дигар рӯзи ид[8] пас аз бор холӣ кард ва вазиру сипоҳсолору оризу устодам ва ҳоҷибон Багтуғдию Бунназрро боз гирифт ва сухан рафт дар боби ҳаракати Амир, то бар кадом ҷониб савобтар аст. Ин қавм гуфтанд: «Худованд он чӣ андешидааст бо бандагон бигӯяд, ки савоб он бошад, ки раъйи олӣ бинад, то бандагон он чӣ донанд, бигӯянд». Амир гуфт: «Маро имсол, ки ба Буст он нолонӣ уфтод пас аз ҳодисаи об, назр кардам, ки агар Эзид, азза зикруҳу, шифо арзонӣ дорад, бар ҷониби Ҳиндустон равам, то қалъати

[1] баробар бо 26 августи соли 1037-и милодӣ.
[2] номи мавзеъе, ки макони он маълум нагашт.
[3] баробар бо 5 сентябри соли 1037-и милодӣ.
[4] баробар бо 18 сентябри соли 1037-и милодӣ.
[5] тоъин – таънакунанда.
[6] 10 зиҳиҷҷа, ки баробар аст бо 24 сентябри соли 1037-и милодӣ.
[7] Сакмон эҳтимол номи сарзамине аст, ки маълум нашуд.
[8] се рӯз пас аз ид.

Ҳонсиро гушода ояд. Ва аз он вақт боз, ки ба ноком аз он ҷо бозгаштам ба зарурат, чӣ нолонӣ уфтоду боз бояст гашт, ғусса дар дил дорам ва ба дили ман мондааст ва масофат дур нест азиматро. Бар он мусаммам кардам, ки фарзанд Мавдудро ба Балх фиристам ва Хоҷаву сипоҳсолор бо вай раванд бо лашкарҳои тамом; ва ҳоҷиб Субошӣ ба Марв аст бо лашкаре қавӣ, чунонки туркмонон заҳра намедоранд, ки ба ободониҳо дароянд ва Сурӣ низ ба Нишобур аст ва бо фавҷе мардум ва ба Тӯсу Қаҳистону Ҳирот ва дигар шаҳрҳо шиҳна тамом аст, набошад дар Хуросон фитнае ва наравад фасоде ва агар равад шумо ҳама ба якдигар наздикеду сахт зуд дартавон ёфт. Ва писарони Алитагин биёромиданд ба мувозаъат ва Абдуссалом наздики эшон аст ва аҳдҳо устувортар мекунад ва чунонки Бусаҳли Ҳамдавӣ набиштааст, писари Кокуро қавме нест ва аз мардуми ӯ ҳеч коре наёяд ва туркмонон бар гуфтори вай эътимод намекунанд, набошад он ҷо халале. Ман боре ин назр аз гардан бияфганам ва пас аз он, ки қалъати Ҳонсӣ гушода омад, ҳеч шуғле дигар пеш нагирам ва бозгардем, чунонки пеш аз Наврӯз ба Ғазнин боз расем ва мо ин андешидаему ночор ин андешаро имзо бояд кард. Акнун он чӣ шумо дар ин донед, бемуҳобо боз гӯед».

Вазир дар ҳозирин нигарист. Гуфт: «Чӣ гуед дар ин, ки худованд мегӯяд?» Сипоҳсолор гуфт: «Ману монанди ман, ки худовандони шамшерем, фармони Султон нигоҳ дорем ва ҳар куҷо фармояд, биравему ҷон фидо кунем. Айбу ҳунари ин корҳо Хоҷаи Бузург донад, ки дар миёни муҳиммоти мулк аст ва он чӣ ӯ хондаву шунуда ва донаду бинад, мо натавонем донист ва ин шуғли вазирон аст на пешаи мо». Ва рӯй ба ҳуҷҷоб карду гуфт: «Шумо ҳамин мегӯед, ки ман гуфтам?» Гуфтанд: «Гӯем». Вазир, ориз ва Бунасрро гуфт: «Сипоҳсолору ҳоҷибон ин кор дар гардани ман ман карданду хештанро дур андохтанд, шумо чи гӯед?» Ориз марди камарсахт[1] буд, гуфт: «Маълум аст, ки пешаи ман оризӣ аст, ман аз он зосутар надонам шуд ва чунон гарон аст шуғли арз, ки аз он ба ҳеч коре набояд пардохт». Бунасри Мушкон гуфт: «Ин кор чунонки менамояд, дар гардани Хоҷаи Бузург уфтод, сухан ҷазм бибояд гуфт, ки худованд чунин мефармояд ва мани банда низ он чӣ донам, бигӯям ва ба неъмати Султон, ки ҳеч мудоҳинат[2] накунам».

Вазир гуфт: «Ман ба ҳеч ҳол раво надорам, ки худованд ба Ҳиндустон равад, чӣ савоб он аст, ки ба Балх равад ва ба Балх ҳам муқом накунад ва то Марв биравад, то Хуросон ба даст ояд ва Раю

[1] сахткӯш ва собитраъй
[2] мудоҳинат – хӯшомадгӯй.

Ҷибол мазбут[1] шавад ва назр вафо тавон кард ва агар мурод гушодани Ҳонсӣ аст, солори ғозиёну лашкари Лоҳур ва ҳочибе, ки аз даргоҳ номзад шавад, он корро басанда бошад, ҳам он мурод ба ҷой ояд ва ҳам Хуросон бар ҷой бимонад. Ва агар худованд ба Хуросон наравад ва туркмонон як ноҳият бигиранд, як ноҳият на, агар як деҳа бигиранд ва он кунанд, ки одати эшон аст, аз мусла[2] кардану куштану сӯхтан, дах ғазви Ҳонсӣ баробари он нарасад. Шудани ба Омул ва омадан, ин бало бор овард, ин рафтан ба Ҳиндустон баттар аз он аст. Он чӣ миқдори дониши банда аст, бознамуд ва аз гардани хеш берун кард, раъйи олӣ бартар аст».

Устодам гуфт: «Ман ҳам ин гӯям ва нуктае бар ин зиёдат дорам. Агар худованд бинад, пӯшида касон гуморад, то аз лашкарию раъият ва вазеъу шариф пурсад, ки ҳоли Хуросону Хоразму Рай ва Ҷибол дар изтироб бад-он ҷумла аст, ки ҳаст ва Султон ба Ҳонсӣ меравад, савоб аст ё носавоб, то чи гӯянд, ки банда чунон донад, ки ҳамагон гӯянд, носавоб аст. Бандагон сухан фаррохтар мегӯянд, ки дастурӣ додааст ва фармон худовандро бошад».

Амир гуфт: «Маро муқарар аст дӯстдорию муносаҳати шумо ва ин назр аст, ки дар гардани ман омадааст ва ба тани хеш хоҳам кард ва агар бисёр халал уфтад дар Хуросон, раво дорам, ки ҷониби Эзид, азза зикруҳу, нигоҳ дошта бошем, ки Худои таъоло ин ҳама рост кунад». Вазир гуфт: «Чун ҳол бар ин ҷумла аст, он чӣ ҷаҳди одамист, ба ҷой оварда ояд, умед аст, ки дар ин ғайб халале наяфтад ва бозгаштанд. Ва дигар қавм ҳамчунон хидмат карданду бозгаштанд. Чун берун омаданд, ҷойе холӣ бинишастанду гуфтанд: «Ин худовандро истибдодест аз ҳадду андоза гузашта ва гушодатар аз ин натавон гуфт ва муҳол бошад дигар сухан гуфтан, ки беадабӣ бошад ва он чӣ аз Эзид, азза зикруҳу, тақдир карда шудааст, дида ояд». Ва бипарогандand.

Ва рӯзи панҷшанбе, нимаи зиҳиҷҷа[3], сипоҳсолор Алиро хилъат пӯшониданд сахт фохир ва пеш омаду хидмат кард ва Амир вайро биситуду бинавохт ва гуфт: «Эътимоди фарзанд ва вазиру лашкар бар ту мақсур[4] аст. Хоҷа бо шумо ояд ва ӯ халифати мост, тадбири рост ва моли лашкар сохтан бад-ӯст ва кори лашкар кашидану ҷанг ба ту, мисолҳои ӯро нигоҳ мебояд дошт ва ҳамагонро дасту дилу раъй яке бояд кард, то дар ғайби мо халал наяфтад». Сипоҳсолор замин бӯса доду гуфт: «Бандаро ҷоне аст, пеши фармонҳои худованд

[1] мазбут – устувор, нигаҳдошта.
[2] мусла кардан – укубат кардан ва гӯшу бинӣ буридану пӯст кандан.
[3] баробар бо 29 сентябри соли 1037-и милодӣ.
[4] мақсур – мунҳасир ва мухтасс; яъне ҳама эътимод ва масъулият ба ту вогузор шудааст.

дорад!» Ва бозгашт. Ва рӯзи сешанбе, ҳафдаҳуми ин моҳ вазирро хилъат доданд, хилъате сахт фохир, бад-он чӣ қонун буд ва бисёр зиёдат, ки дили вайро дар ҳар бобе нигоҳ медошт, зеро, ки муқаррар буд, ки мадори кор бар вай хоҳад буд дар ғайбати Султон. Ва чун пеш омад Амир гуфт: «Муборак бод хилъат! Ва эътимоди мо андарин шудан ба Ҳиндустон баъди фазлуллоҳи таъоло, бар Хоҷа аст ва назр асту онро вафо хоҳем кард, нахуст фарзандро ва пас сипоҳсолоррову ҷумлаи ҳашамро, ки мемонанд, ба вай супурдем ва ҳамагонро бар мисоли вай кор бояд кард». Гуфт: «Банда фармонбурдорам ва он чӣ шарти бандагист, ба ҷой орам!» Ва бозгашту вайро сахт некӯ ҳаққ гузорданд.

Ва рӯзи душанбе, нуздаҳуми зиҳиҷҷа, Амир пагоҳ барнишасту ба саҳрои Боғи Пирӯзӣ биистод, то лашкар фавҷ-фавҷ бигузашт ва пас аз он наздики намози пешин ин се бузург – фарзанду вазиру сипоҳсолор, пиёда шуданд ва расми хидмат ба ҷой оварданду бирафтанд. Ва Хоҷа Бунасри Нукиро устодам номзад кард ба фармони олӣ ва бо вазир бирафт инҳоро[1].

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз боқӣ монда аз зиҳиҷҷа Амир разияллоҳу анҳу, аз Ғазнӣ бирафт бар роҳи Кобул, то ба Ҳиндустон равад ғазви Ҳонсиро ва дах рӯз ба Кобул муқом кард.

Таърихи санаи тисъа ва ишрина ва арбаъа миа[2]

Ғурраи муҳаррам[3], рӯзи шанбе буд. Ва панҷшанбе, шашуми ин моҳ аз Кобул бирафт. Ва рӯзи шанбе, ҳаштуми ин моҳ номаҳо расид аз Хуросону Рай: ҳама муҳим ва Амир албатта бад-он илтифот накард. Устодамро гуфт: «Нома бинавис ба вазиру ин номаҳо дарҷи он неҳ, то бар он воқиф гардад ва он чӣ воҷиб аст дар ҳар бобе ба ҷой орад, ки мо сари ин надорем».

Ва рӯзи сешанбе, панҷ рӯз монда аз муҳаррам[4], Амир ба Ҷайлам[5] расид ва бар карони об наздики Диноргуна[6] фуруд омад ва оризае уфтодаш аз нолонӣ ва чаҳордаҳ рӯз дар он бимонд, чунонки бор надод ва аз шароб тавба карду фармуд, то ҳар шаробе, ки дар шаробхона бардошта буданд, дар рӯди Ҷайлам рехтанд ва олоти малоҳиро[7] бишикастанд ва ҳеч касро заҳра набуд, ки шароб ошкор

---

[1] инҳо – пӯшида хабар расонидан.
[2] соли 429, ки баробар аст бо соли 1037 – 1038-и милодӣ.
[3] баробар бо 14 октябри соли 1037-и милодӣ.
[4] баробар бо 9 ноябри соли 1037-и милодӣ.
[5] номи дарёе миёни Лоҳуру Пешовар, ки то Ҷиболи Кашмир мерасад, яке аз панҷ руди Панҷоб.
[6] номи мавзеъ дар Ҳиндустон.
[7] малоҳӣ – олоти бозиву тараб.

хӯрдӣ, ки ҷанбошиёну[1] муҳтасибон гумошта буд ва ин корро сахт гирифта. Ва Бусаъиди Мушрифро ба муҳимме наздики Ҷангии ҳинду фиристод ба қалъаташ ва кас бар он воқиф нагашт. Ва ҳанӯз ба Ҷайлам будем, ки хабари ройи бузург[2] ва аҳволи ройи Кашмир расид ва ин ҷо будем, ки ройи Кашмир даргузашт.

Ва рӯзи шанбе, чаҳордаҳуми сафар[3] Амир беҳ шуда буд, бор дод ва сешанбе ҳафдаҳуми ин моҳ, аз Ҷайлам бирафт ва рӯзи чаҳоршанбе нуҳуми рабеъулаввал[4] ба қалъати Ҳонсӣ расид. Ва ба пойи қалъат лашкаргоҳ заданд ва онро дарпечиданд; ва ҳар рӯз пайваста ҷанг будӣ, ҷанге, ки аз он саъбтар набошад, ки қалъатиён ҳавл бикӯшиданд ва ҳеч тақсир накарданд ва лашкари мансур, хосса ғуломони саройӣ дод бидоданд. Ва қалъат ҳамчунин арусе бикр буд ва охир сумҷ гирифтанд[5] панҷ ҷой ва девор фуруд оварданду ба шамшер он қалъат бистаданд рӯзи шанбе, даҳ рӯз монда аз моҳи раббеъулаввал[6]. Ва бараҳамнонро бо дигар мардуми ҷангӣ бикуштанд ва занону фарзандони эшонро барда карданд ва он чӣ буд аз неъмат ба лашкар уфтод. Ва ин қалъаро аз Ҳиндустон «қалъату-л-ъузро» ном буд, яъне душиза, ки ба ҳеч рӯзгор кас онро натавониста буд ситадан.

Ва аз он ҷо бозгашта омад, рӯзи шанбе, чаҳор рӯз монда аз ин моҳ. Ва ба Ғазнин расид, рӯзи якшанбе, савуми ҷумодалуло[7] ва аз дараи Сакованд берун омад ва чандон барф буд дар саҳро, ки кас андоза надонист. Ва аз ин пештар, нома рафта буд ба Буалии Кутвол, то ҳашар берун кунад ва роҳ бирубанд ва карда буданд, ки агар наруфта будандӣ, мумкин набудӣ, ки касе битавонистӣ рафт. Ва рост ба кучае монист аз работи Муҳаммад султон то шаҳр. Ва дар он се рӯз, ки наздики шаҳр омадем, пайваста барф меборид. Ва Амир Саъид ва кутволу раису дигарон то ба ду манзил истиқбол карданд. Ва Амир ба кушки куҳани Маҳмудӣ фуруд омад ва як ҳафта бибуд, чандон ки кушки навро ҷома афганданду озинҳо бастанд. Пас аз он ҷо боз омад ва бунаҳо ва азизону худовандзодагон, ки ба қалъатҳои сипанҷ буданд ба Ғазнин боз омаданд. Ва то хидмати ин давлати бузург мекардам, сахтӣ аз зимистони ин сол дидам ба Ғазнин, акнун худ фарсуда гаштам, ки бист сол аст, ки ин ҷоам ва ба фарри давлати султони муъаззам Иброҳим ибни

---

[1] хайлбошиён
[2] ройи бузург – роҷаи бузург ё ҳокими Кашмир.
[3] баробар бо 26 ноябри соли 1037-и милодӣ.
[4] баробар бо 20 декабри соли 1037-и милодӣ.
[5] яъне, аз зери қалъа нақб канданд.
[6] баробар бо 31 декабри соли 1037-и милодӣ.
[7] баробар бо 11 январи соли 1038-и милодӣ.

Носириддинуллоҳ халадаллоҳу султонаҳу[1], иншоаллоҳу, ки ба қонуни аввал боз расад.

Ва рӯзи сешанбе чаҳор рӯз боқӣ монда аз ҷумодалуло[2], Амир ба ҷашни Наврӯз нишаст ва доди ин рӯз бидоданд кеҳтарон ба овардани ҳадяҳо ва Амир ҳам дод бидод ба нигоҳдошти расм ва нишоти шароб рафт сахт басазо, ки аз тавбаи Ҷалим то ин рӯз нахӯрда буд.

Ва рӯзи сешанбе, савуми ҷамодулухро[3] номаҳо расид аз Хуросон ва Рай сахт муҳим ва дар ин ғайбат туркмонон дар аввали зимистон биёмада буданд ва Толиқону[4] Форёб[5] ғорат карда ва осеб ба ҷойҳои дигар расида, ки лашкарҳои мансурро мумкин нашуд, ки чунон вақте ҳаракат кардандӣ. Ва бад-ин рафтани султон ба Ҳонсӣ бисёр халалҳо уфтода буд аз ҳадд гузашта ва Рай худ ҳисор[6] шуда буд. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, пушаймон шуд аз рафтан ба Ҳиндустон ва суд надошт ва бо қазои эзидӣ кас натавонад омад. Ва ҷавобҳо фармуд, ки дил қавӣ бояд дошт, ки чун ҳаво хуш шуд, рояти олиро ҳаракат хоҳад буд.

Ва рӯзи шанбе, нимаи ин моҳ[7], Амир Мавдуд ва сипоҳсолор Алӣ аз Балх ба Ғазнин омаданд ва вазир ба фармон он ҷо монд, ки бисёр шуғли фариза дошт. Ва рӯзи чаҳоршанбе, бисту савуми раҷаб[8] Амир Абдурразоқ хилъати амирии Паршавар пӯшид ва расми хидмат ба ҷой овард. Ва ду ғуломашро сиёҳ доданд ба ҳоҷибию шуғли кадхудоӣ ба Саҳли Абдулмалик доданд ва хилъат ёфт ва марде сахт кофӣ буд аз чокарзодагони Аҳмади Микойил ва муддате дароз шогирдии Бусаҳли Ҳамдавӣ карда. Ва рӯзи сешанбе нуҳуми ин моҳ[9] сӯйи Паршавар рафт ин амир, бас ба ороиш ва ғуломе дувист дошт.

Ва дигар рӯз, нома расид аз Нишобур, ки Бусаҳли Ҳамдавӣ ин ҷо омад, ки ба Рай натавонист буд, чун Тошфаррош кушта шуд ва чандон аз аъён бигирифтанд ва муддате дароз вай ба ҳисор шуд. Ва туркмонон муставлӣ шуданд ва биёрам ин ҳолҳоро дар бобе муфрад, ки гуфтаам, ки хоҳад буд Рай ва Ҷиболро бо бисёр наводиру аҷоиб, то фурсат ёфт ва бигрехт.

---

[1] тарҷ: Худованд қудрати вайро ҷовидона гардонад.
[2] баробар бо 7 марти соли 1038-и милодӣ.
[3] баробар бо 13 марти соли 1038-и милодӣ.
[4] Толиқон номи шаҳр; курсӣ (пойтахт)-и вилояти Тахористон, ки дар Афғонистони кунунӣ воқеъ аст.
[5] Форёб – шаҳре дар наздикии Балх, дар қисмати ғарбии Ҷайҳун; дар Афғонистони кунунӣ воқеъ аст.
[6] муҳосира.
[7] баробар бо 25 марти соли 1038-и милодӣ.
[8] дурустараш савуми раҷаб мешавад, ки баробар аст бо 11 апрели соли 1038-и милодӣ.
[9] баробар бо 17 апрели соли 1038-и милодӣ.

Ва дар ин вақт, ки Бусаҳл ба Нишобур расид, Ҳоҷиби бузург Субошӣ он ҷо буд ва туркмонон ба Марв буданд ва ҳар ду қавм ҷангро месохтанд ва аз якдигар бар ҳазар мебуданд. Ва Амир сахт муқассир медонист ҳоҷибро ва бар лафзи ӯ пайваста мерафт, ки «Ӯ ин корро барнахоҳад гузорд ва Амирии Хуросон ӯро хуш омадааст, ӯро бояд хонд ва солоре дигар бояд фиристод, ки ин ҷанги масоф[1] бикунад». Ва ин бад-он мегуфт, ки номаи Саъиди Сарроф кадхудой ва мунҳии лашкар пайваста буд ва менабишт, ки «Ҳоҷиб, ки шароб нахурдӣ, акнун солест, ки дар кор омадааасту пайваста мехӯрад ва бо канизакони турки моҳрӯй меғалтад[2] ва мекунад. Ва ба ҳар вақте лашкарро саргардон медорад ҷойе, ки ҳафт ман гандум ба дираме мебошад, бо шутуре ҳазорборӣ, ки зиёдатӣ дорад, ғалла бор кунаду лашкарро ба ҷойе кашад, ки мане нон ба дираме мебошад ва гӯяд эҳтиёт мекунам ва ғалла ба лашкар фурӯшад ва моле азим бад-ӯ расад, чунонки моли лашкар бад-ин баҳона сӯйи ӯ мешавад». Ва Амир ночор аз ин тангдил мешуд ва он на чунон буд, ки мегуфтанд, ки Субошӣ нек эҳтиёт мекард, чунонки туркмонон ӯро «Субошии ҷоду» мегуфтанд ва чун истибто[3] ва итоби[4] Амир аз ҳад бигузашт, ҳоҷиб низ музтар[5] шуд, то ҷанг карда ояд, чунонки биёрам ва Эзид, азза ва ҷалла, илми ғайб ба кас надиҳад, чун қазо карда буд, ки Хуросон аз дасти мо бишавад ва кори ин қавм бад-ин манзилат расад, ки расид, ночор ҳамаи тадбирҳо хато меуфтод ва бо қазо барнатавон омад.

Пас рӯзи чаҳоршанбе, дувоздаҳуми моҳи рачаб[6] Бусаҳли Пардадор муътамади ҳоҷиб Субошӣ ба се рӯз аз роҳи Ғур ба Ғазнин омад. Устодам дарвақт нома аз вай бистаду пеш бурд ва арза кард ва набишта буд, ки: «Дили худованд бар банда гарон кардаанд, аз бас муҳол, ки набиштаанд ва банда насиҳат қабул кардааст, то ин ғоят, чунонки муътамадонро муқаррар аст. Ва дарвақт, ки фармоне расид бар дасти хайлтош, ки ҷанги масоф бояд кард, банда аз Нишобур бихост рафт сӯйи Сарахс, то ҷанг карда ояд, аммо бандагон Бусаҳли Ҳамдавӣ ва соҳибдевон Сурӣ гуфтанд: «Савоб нест, моя нигоҳ мебояд дошт ва суд талаб мекард, ки чун кор ба шамшер расад, дар рӯз баргузорда ояд». Ва натавон донист, ки чун

[1] ҷанги масоф – ҷанги муназзам, рӯ ба рӯ ва сафбандишуда, бар хилофи ҷанги чирикии туркманҳо.
[2] яъне, паҳлӯ ба паҳлӯ мегардад; ҳамдаму ҳамрози канизакон аст.
[3] истибто – даранг (диранг) кардан.
[4] сарзаниш
[5] музтар – ночор, бетоқат, дармонда.
[6] баробар бо 20 апрели соли 1038-и милодӣ.

бошад ва Қозӣ Соъиду пирони Нишобур ҳамин диданд[1]. Банда аз маломат тарсид ва аз эшон маҳзаре хост, ақд карданд ва ҳамагон хатҳои хеш бар он набиштанд ва банда фиристод, то раъйи олӣ бар он воқиф гардад ва банда мунтазири ҷавоб аст, ҷавобе ҷазм, ки ҷанги масоф мебояд кард ё на, то бар он кор кунад. Ва ин муътамади хешро, Бусаҳл, бад-ин муҳим фиристод ва бо вай ниҳодааст, ки аз роҳи Ғур ба понздаҳ рӯз ба Ғазнин ояд, ва се рӯз бибошад ва ба понздаҳ рӯз ба Нишобур боз ояд. Ва чун вай боз расад ва бандаро ба коре доранд, бар ҳасби фармон кор кунад, иншоаллоҳу азза ва ҷалла».

Ин номаро Амир бихонд ва бар маҳзар воқиф гашт ва Бусаҳлро пеш хонд ва вай аз чоштгоҳ, то намози пешин холӣ кард ва устодамро бихонду бозпурсид аҳвол аз Бусаҳл; ва ӯ бозмегуфт аҳволи туркмонони Салҷуқиён, ки эшон хештан бисту се пора кунанд ва биёбон эшонро падару модар аст, чунонки моро шаҳрҳо. Ва банда Субошӣ, то ин ғоят бо эшон овехт ва талеъа дошт ва ҷангҳо буд ва сомони ҳолу кори эшон нек бидонист ва моя нигоҳ дошт то ин ғоят, то эшон дар ҳеч шаҳр аз Хуросон натавонистанд нишаст ва ҷибоят[2] равон аст ва уммоли худованд бар кор. Ва ҳадиси Форёбу Толиқон аз куштану ғорат яке дар тобистон ва яке дар зимистон муғофаса уфтод, ки Субошӣ дар рӯйи муъазами эшон буд ва фавҷе бигусаста буданд ва муғофасакорӣ карда, то банда хабар ёфт, кор табоҳ шуда буд ва мумкин нест, ки ин лашкар ҷуз ба мадад равад, ки кори хаворичӣ дигар аст. Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ ва дигарон, ки хат дар маҳзар набиштанд, он росту дуруст аст, ки мегӯянд, савоб нест ин ҷанги масоф кардан ва раъйи дуруст он бошад, ки худованд бинад. Ва банда мунтазири ҷавоб аст ва сохта ва агар як захм мебибояд зад ва ин ҷанг масоф бикард, нома бибояд набишт ба хати Бунасри Мушкон ва тавқеъи худованд ва дар зери нома чанд сатр ба хатти олӣ фармоне ҷазм, ки ин ҷанг бибояд кард, ки чун ин нома расид банда як рӯз ба Нишобур набошад, дарвақт сӯйи Сарахсу Марв биравад ва ҷанг карда ояд, ки ҳеҷ узр нест ва лашкаре нек аст ва тамомсилоҳанд ва бистгониҳо нақд ёфта».

Амир Бунасрро гуфт: «Чӣ бинӣ?» Гуфт: «Ин кори банда нест ва ба ҳеч ҳол дар боби ҷанг сухан нагӯяд, сипоҳсолор инҷост, агар бо вай раъй зада ояд, сахт савоб бошад ва агар ба Хоҷа низ набишта ояд, носавоб набошад». Амир гуфт: «Бусаҳлро ин ҷо натавон дошт, то нома ба Балх расад ва ҷавоб боз ояд, бо сипоҳсолор фардо боз гӯем ва имрӯзу имшаб дар ин андеша кунем». Бунаср гуфт:

---

[1] яъне маслаҳат дидаанд.

[2] ҷибоят – гирд кардани моли хароҷ, боҷ гирифтан.

«Ҳамчунин бояд карду бозгашт». Ва ба хона бозомад сахт андешаманд, маро гуфт: «Масъалате сахт бузургу борик уфтодааст, надонам то оқибати ин кор чун хоҳад буд, ки Арслони Ҷозиб гурбузе буд, ки чун уйе ёд надоштанд бо чандон уддату олату лашкар ва хасмон ба бад-он қуввату шавкат, ки имрӯз ин туркмононанд ва маълум асту равшан, ки кори ҷангу мукошафат миёни эшон муддате дароз чун печида буд ва Амир Маҳмуд то ба Пушанг нарафту ҳоҷиб Ғозиро бо лашкаре бад-он сохтагӣ нафиристод, он муродгуна ҳосил нашуд ва кори ин қавм дигар аст ва Султонро ғурур медиҳанд ва як об рехтагӣ бибуд ба ҳадиси Багтуғдӣ бад-он ҳавле аз истибдоде, ки рафт. Агар, ва-л-ъиёзубиллоҳ, ин ҳоҷибро халале уфтад, ҷуз он намонад, ки худовандро ба тани хеш бояд рафт ва ҳашамат якборагӣ бишавад.

Ва ман медонам, ки дар ин боб чӣ бояд кард, аммо заҳра намедорам, ки бигӯям, то хости Эзид, азза зикруҳу чист? Кори Рай ва Ҷибол чунин шуд ва лашкаре бад-он оростагӣ зеру забар гашт ва ҳоли Хуросон чунин ва аз ҳар ҷониб халале ва худованди ҷаҳон шодидӯсту худраъй ва вазир муттаҳаму тарсон ва солорони бузург, ки буданд, ҳама ройгон баруфтоданд ва халифаи ин ориз лашкарро ба тавфир зеру забар кард ва худованд зарқи ӯ мехарад ва надонам, ки охири ин кор чун бувад. Ва ман боре хуни ҷигар мехурам ва кошкӣ зинда нестаме, ки ин халалҳо наметавонам дид».

МУҶАЛЛАДИ НУҲУМ

Чунин гуфт Хоҷа Абулфазли дабир, мусаннифи китоб, ки дар он муддат, ки Султон Масъуд ибни Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳимо, аз Ҳиндустон ба Ғазнин расид ва он ҷо рӯзе чанд муқом буд, ки савори солор, Бусаҳл бар даргоҳ расид ва он чӣ рафта буд ба мушофаҳа боз гуфт ва Султон ба тамомӣ бар он воқиф гашт ва фармонҳо буд ҷанги масоф карданро паси рӯзи якшанбе, бисту якуми моҳи раҷаб[1], ки Бусаҳл расида буд ва биёсуда. Ва дигар рӯз чун бор бигусаст, Амир ба сипоҳсолору устодам холӣ кард ва то чоштгоҳи фарох дар ин боб раъй заданд ва қарор гирифт, ки Субошӣ ночор ин ҷанг бикунад. Ва сипоҳсолор бозгашт ва Бунаср давоту коғаз бихост ва пеши Амир ин нома набишт ва Амир, разияллоҳу анҳу, давоту қалам хосту тавқеъ кард ва зери нома фасле набишт, ки «Ҳоҷиби фозил бар ин ки Бунаср набиштааст ба фармони мо дар маҷлиси мо, эътимод кунад ва ин ҷанги масоф[2] бо хасмон бикунад, то он чӣ Эзид, азза зикруҳу, тақдир карда бошад, карда шавад ва умед дорем, ки Эзид, азза зикруҳу, нусрат диҳад. Вассалом».

Ва Амир Бусаҳлро пеш хонду нома бад-ӯ доданд ва гуфт: «Ҳоҷибро бигӯй, то он чӣ аз эҳтиёт воҷиб кунад, ба ҷой бояд овард ва ҳушёр бояд буд». Вай замин бӯса доду берун омад. Ва панҷ ҳазор дирам, панҷ пора ҷома силат биситаду асбе ғурӣ ва бар роҳи Ғур бозгашт. Ва Амир нома фармуд ба вазир дар ин боб ва ба аскудор гусел карда омад ва ҷавоб расид пас ба ду ҳафта, ки «салоҳу савоб бошад дар он чӣ раъйи худованд бинад». Ва сӯйи устодам ба хатти хеш мастурае[3] навишта буд ва сухани сахте гушода бигуфт, ки «Воҷиб накардӣ мутлақ бигуфтан, ки бо ин кори бузург даст набояст кард ва натавон донист, ки чун шавад? Кор ба ҳукми мушоҳадати[4] вай мебояст баст, аммо тир аз камон бирафт ва иншоаллоҳу таъоло, ки ҳама хайру хубӣ бошад». Ва устодам ин номаро бар Амир арза кард.

Ва рӯзи душанбе, ду рӯз монда аз моҳи рачаб[5], Амир ба Боғи Маҳмудӣ рафт, бад-он, ки муддате он ҷо бибошад ва бунаҳоро он ҷо бурданд.

---

[1] баробар бо 9 апрели соли 1038-и милодӣ.

[2] ҷанги масоф – ҷанги муназзам, рӯ ба рӯ ва сафбандишуда, бар хилофи ҷанги чирикии туркманҳо.

[3] мастура – номаи пинҳонӣ.

[4] мушоҳадат – яъне, пас аз музокираву машварат ва дидану омӯхтани вазъ бояд қарор қабур кунад.

[5] баробар бо 7 майи соли 1038-и милодӣ.

Ва рӯзи душанбе, шашуми шаъбон[1], Булҳасани Ироқии дабир гузашта шуд раҳматуллоҳи алайҳи. Ва чунон гуфтанд, ки занон ӯро дору доданд, ки зани мутрибае марвазиро ба занӣ карда буд ва марди сахт бадхӯ буду борикгир[2], надонам, ки ҳол чун бошад. Аммо дар он ҳафта, ки гузашта шуд ва ман ба иёдати ӯ рафта будам, ӯро ёфтам чун тори мӯе гудохта, валекин сахт ҳушёр. Гуфт: «Васият бикард, то тобуташ ба машҳади Алии Мусо ар-Ризо[3], ризвонуллоҳи алайҳи, бурданд ба Тӯс ва он ҷо дафн карданд, ки моли он корро дар ҳаёти худ бидода буд[4]. Ва корези Машҳадро, ки хушк шуда буд, боз равон карду корвонсарое бароварда ва деҳе мустағали[5] сабукхароҷ[6] бар корвонсарою бар корез вақф карда. Ва ман дар санаи иҳдо ва салосин[7], ки ба Тӯс рафтам бо рояти мансур пеш, ки ҳазимати Дандонақон уфтод ва ба Нуқон[8] рафтаму турбати Ризоро, разияллоҳу анҳу, зиёрат кардам, гӯри Ироқиро дидам, дар масҷиди он ҷо, ки машҳад аст, дар тоқе панҷ газ аз замин, то тоқи ӯро зиёрат кардам ва ба тааҷҷуб бимондам аз ҳоли ин дунёи фиребанда, ки дар ҳашту нуҳ сол ин мардро баркашид ва бар осмони ҷоҳ рафт ва бад-ин зудӣ бимурду ночиз гашт.

Ва дар ин рӯзгор Амир дар кору ахбори Субошӣ бипечид ва ҳама сухан аз ин мегуфту дил дар таваккул баста ва фармуда буд, то ба роҳи Ғур саворони мураттаб нишонда буданд овардани ахборро, ки муҳимтар бошад. Ва тахти зарину бисоту маҷлисхона, ки Амир фармуда буд ва се сол бад-он машғул буданду беш аз ин, рост шуд ва Амирро бигуфтанд, фармуд, то дар суффаи бузурги саройи нав биниҳанд. Ва биниҳоданду кушкро биёростанд ва ҳар касе, ки он рӯз он зинат бидид, пас аз он ҳарчӣ бидид, вайро ба чашм ҳеч нанамуд. Аз они ман[9] боре чунин аст, аз они дигарон надонам. Тахт ҳама аз зари сурх буд ва тимсолҳову суратҳо чун шохаҳои набот аз вай барангехта ва бисёр ҷавҳар дар ӯ нишонда ҳама қиматӣ ва дораф-

---

[1] баробар бо 14 майи соли 1038-и милодӣ.

[2] борикгир – сахтгир.

[3] Алӣ ибни Мусо ар-Ризо (машҳур ба Имом Ризо) имоми ҳаштуми шиъаён, ки маҳалли дафни ӯ дар Санободи Тӯс ҳамчун шаҳодатгоҳ (Машҳад) дар асрҳои минбаъда ба шаҳри бузург мубаддал гардид.

[4] яъне, харҷи дафни худро дар назди қабри Имом Ризо дар замони ҳаёти худ дода буд.

[5] деҳе, ки аз он ҷо ғалла ва даромад рӯяд.

[6] мулке, ки молиёташ кам ва сабук аст.

[7] соли чаҳорсаду сиву як, ки баробар бо 1040-и милодӣ аст.

[8] Нуқон – деҳе дар наздикии Тӯс.

[9] дар тасвири ман.

зинҳо[1] баркашида ҳама мукаллал[2] ба анвои гавҳар ва шодурвонаки[3] дебои румӣ ба рӯйи тахт пӯшида ва чаҳор болиш аз шушаи зар бофта ва абрешими оганда – мусалло ва болишт – паси пушт ва чаҳор болиш ду бар ин даст ва ду бар он даст ва занҷире зарандуд аз осмони хонаи суффа овехта то наздики суффаи тоҷу тахт ва тоҷро бар ӯ баста. Ва чаҳор сурати руйин[4] сохта бар мисоли мардум ва эшонро бар амудҳои ангехта[5] аз тахт устувор карда, чунонки дастҳо биёзида ва тоҷро нигоҳ медоштанд ва аз тоҷ бар сар ранҷе набуд, ки силсилаҳову амудҳо онро устувор медошт ва бар забари кулоҳи подшоҳ буд. Ва ин суффаро ба қолиҳову дебоҳои румии ба зар ва буқаламуни ба зар биёроста буданд ва сесаду ҳаштод пора маҷлис-хонаи зарина ниҳода, ҳар пора як газ дарозӣ ва гази хушктари паҳно ва бар он шамомаҳои кофур ва нофаҳои мушк[6] ва пораҳои уду анбар ва дар пеши тахти аъло понздаҳ пора ёқути руммонию[7] бадахшӣ ва зумурраду марвориду пирӯза. Ва дар он баҳорхона[8] хоне сохта буданд ва ба миёни хон кушке аз ҳалво то ба осмони хона[9] ва бар ӯ бисёр барра.

Амир, разияллоҳу анҳу, аз Боғи Маҳмудӣ бар ин кушки нав боз омад ва дар ин суффа бар тахтии зарин бинишаст, рӯзи сешанбе, бисту якуми шаъбон[10] ва тоҷ бар забари кулоҳаш буд бидошта[11] ва қабо пӯшида, дебои лаъли ба зар, чунонки ҷома андаке пайдо буд ва гирд бар гирди дорафзинҳо ғуломони хоссагӣ буданд бо ҷомаҳои сақлотуну бағдодию сипоҳонӣ ва кулоҳҳои душоху камарҳои зару маолиқу амудҳо аз зар ба даст. Ва даруни суффа бар дасти росту чапи тахт даҳ ғулом буд, кулоҳҳои чаҳорпар бар сар ниҳода ва камарҳои гарон ҳама мурассаъ ба ҷавоҳиру шамшерҳо ҳамоили мурассаъ. Ва дар миёни сарой ду раста ғулом буд, як раста наздики

---

[1] дорафзин – доробзин, такягоҳ.

[2] мукаллал – аклилпӯшидаву оросташуда, тоҷбасарниҳодашуда, зевардодашуда.

[3] шодурвонак – парда ва фарши мунаққаш.

[4] сурати рӯйин – муҷассамаи биринҷӣ.

[5] амудҳои ангехта – сутунҳои бархеста.

[6] чун нофаро аз шикам ва нофи оҳу берун меоварданд, онро нофа (мансуб ба ноф) номидаанд.

[7] ёқути бисёр сурх; руммон – дарахти анор.

[8] хонаи баҳорӣ.

9 яъне, аз ширинӣ мисли тортҳои чандтабақаи ҷашнҳои арусии имрӯз сохта буданд.

[10] баробар бо 29 майи соли 1038-и милодӣ

[11] тоҷ бар забари кулоҳаш буд бидошта: яъне ҳамон тавр, ки қаблан ишора шуд ба сабаби сангинии тоҷ султон дар зери тоҷ менишаст, чун бар сар ниҳодан мумкин набуд.

девор истода бо кулоҳҳои чаҳорпар ва тир ба даст ва шамшеру шақову[1] нимланг[2] ва як раста дар миёни сарой фуруд дошта бо кулоҳҳои душох ва камарҳои гарон ба симу маолиқ ва амудҳои симин ба даст. Ва ин ғуломон ду раста ҳама бо қабоҳои дебои шуштарӣ ва асбон: даҳ ба сохти мурассаъ ба ҷавоҳир ва бист ба зари сода. Ва панҷоҳ сипари зар дайламон доштанд – аз он даҳ мурассаъ ба ҷавоҳир; ва мартабадорон истода ва беруни саропарда бисёр даргоҳӣ истода ва ҳашар[3] ҳама босилоҳ.

Ва бор доданд ва аркони давлату авлиёву ҳашам пеш омаданд ва беандоза нисор карданд ва аъёну вилоятдорону бузургонро бад-он суффаи бузург бинишонданд. Ва Амир то чоштгоҳ бинишаст ва ба тахт буд, то надимон биёмаданд ва хидмату нисор карданд. Пас бархосту нишаст ва сӯйи боғ рафту ҷома бигардонид[4] ва савора боз омад ва дар хонаи баҳорӣ ба хон бинишаст ва бузургону аркони давлатро ба хон оварданд. Ва симотҳои[5] дигар кашида буданду беруни хона бар ин ҷониби сарой, сарҳангону хайлтошон ва аснофи лашкар бар он хон нишонданд. Ва нон хӯрдан гирифтанд ва мутрибон мезаданд ва шароб равон равон шуд чун оби ҷӯй, чунонки мастон аз хонҳо бозгаштанд. Ва Амир ба шодкомӣ аз хон бархост ва барнишасту ба боғ омад ва он ҷо ҳамчунин маҷлисе ботакаллуф сохта буданд ва надимон биёмаданд ва то наздики намози дигар шароб хӯрданд, пас бозгаштанд.

Ва дар ин миёнҳо Амир сахт тангдил мебуду мултафит[6] ба кори Субошӣ ва лашкар, ки номаҳо расид аз Нишобур, ки чун Бусаҳли Пардадор аз он ҷо[7] боз расид, ҳоҷиб маҷлисе кард ва Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Сурӣ ва тане чанд дигар, ки он ҷо буданд, бо вай холӣ бинишастанд ва номаи султонӣ арз карду гуфт: «Фармон бар ин ҷумла расид ва ҳадис кӯтоҳ шуд ва фардо ба ҳама ҳолҳо биравем, то он кор гузорда ояд, чунонки Эзид азза зикруҳу тақдир кардааст. Ва шумоёнро ин ҷо эҳтиёт бояд кард ва он чӣ аз Рай оварда шудааст, аз нақду ҷома ҳама ҷое устувор биниҳед, ки натавон донист, ки ҳолҳо чун гардад ва эҳтиёт кардан ва ҳазм нигоҳ доштан ҳеч зиён надорад». Гуфтанд: «Чунин кунем ва ин рафтани туро сахт

---

[1] шақо – тирдон.
[2] нимланг – камондон, зарфи чармие, ки дар он камон гузоранд.
[3] ҳашар – саворони пароканда ва ғайринизомӣ, довталаб.
[4] ҷома гардонидан – либос иваз кардан.
[5] симот – дастархони калоне, ки бо неъматҳои гуногун зинат дода шудааст; фарши меҳмонӣ ва зиёфат.
[6] мултафит – таваҷҷуҳкунанда, андешаманд.
[7] яъне аз Ғазнин.

кориҳем[1], аммо чун чунин фармон расидааст, ҳукм ҷазм шуда, тағофул[2] кардан ҳеч рӯй надорад».

Ва дигар рӯз Субошии ҳоҷиб аз роҳи Нишобур бирафт бар ҷониби Сархас бо лашкари тамому ороста ва уддату олати бисёр. Ва пас аз рафтани ӯ Сурӣ он чӣ нақд дошт, аз моли ҳимли[3] Нишобур ва аз он чӣ хеш, ҳама ҷамъ кард ва Бусаҳли Ҳамдавиро гуфт: «Ту низ он чӣ овардаӣ, муъадд[4] кун, то ба қалъаи Миколӣ фиристода ояд, ба рустои Буст, то агар фа-л-ъиёзубиллоҳ коре ва ҳоле дигар бошад, ин мол ба дасти касе наюфтад». Гуфт: «Сахт савоб дидаӣ, аммо ин раъйро пӯшида бояд дошт». Ва он чӣ ҳар ду тан доштанд, дарбастанд ва саворони ҷалд[5] номзад карданд бо он пӯшида, чунонки касе ба ҷой наёвард ва нимшаб гусел карданд ва ба саломат ба қалъа расиданд ва ба кутволи қалъаи Миколӣ супурданд. Ва муътамадони ин ду меҳтар бо пиёдае панҷоҳ бар сари он қалъа бибуданд ва он чӣ сиқли[6] Нишобур буд аз ҷомаву фуруши[7] Шодёх ва силоҳ ва чизҳои дигар, ки мумкин нашуд, ба қалъаи Миколӣ фиристодан, Сурӣ мисол дод, то ҳама дар хизона ниҳоданд ва мунтазир бинишастанд ин ду меҳтар, то чӣ равад. Ва ба роҳи Сарахс саворони мураттаб нишонданд, то хабаре ки бошад, ба зудӣ биёранд».

Аз устодам Бунсар шунудам гуфт: «Чун он нома бирасид, бар Амир арза кардам, ки аз Бусаҳлу Сурӣ расид, маро гуфт, ки мо шитоб кардем, надонем ки кори ҳоҷиб ва лашкар бо он мухолифон чун шавад?» Гуфтам: «Иншоаллоҳ, ки ҷуз хайру хубӣ дигар ҳеч набошад». Амир низ шароб нахӯрд рӯзи бозпасини шаъбон, ки машғулдил буд. Ва мулаттафаҳо расид аз Сарахсу Марв, ки чун мухолифон шунуданд, ки ҳоҷиб аз Нишобур қасди эшон кард, сахт дилмашғул шуданду гуфтанд: «Кор ин аст, ки пеш омад. Ва бунаҳоро дар миёни биёбони Марв фиристоданд бо савороне, ки нобакортар[8] буданду ҷарида[9], лашкар бисохтанд, чунонки ба Талхоби[10] Сарахс пеш оянд ва ҷанг он ҷо кунанд ва агар шикаста шаванд, ба таъҷил бираванду бунаҳо бардоранд ва сӯйи Рай

---

[1] кориҳ – аз икроҳ нохушнуд будан, майл надоштан.
[2] тағофул – ғафлат варзидан.
[3] ҳимл – бор, ҳимли Нишобур, яъне моли хазинаи Нишобур.
[4] муъадд – омода, муҳайё ва ҳозир.
[5] ҷалд – чобук.
[6] сиқл – бори сангин.
[7] фуруш – ҷамъи фарш.
[8] нобакортар – корноозмуда, камтаҷриба.
[9] ҷарида -сабукбор. Ҳофиз мегӯяд:
Ҷарида рав, ки гузаргоҳи офият танг аст, Пиёла гир, ки умри азиз бебадал аст.
[10] Талхоб – исми маҳал дар Сарахс.

кашанд, ки агар эшонро қадам аз Хуросон бигусаст, ҷуз Рай ва он навоҳӣ, ки забунтар аст, ҳеҷ ҷой нест».

Ва рӯзи панҷшанбе[1] рӯза гирифт Амир, разияллоҳу анҳу ва нон бо надимону қавм мехӯрд ин моҳи рамазон. Ҳар рӯз, ду бор бор медод ва бисёр менишаст бар расми падар, Амири мозӣ, разияллоҳу анҳу, ки сахт машғулдил мебуду ҷойи он буд, аммо бо қазои омада тафаккур ва тааммул ҳеҷ суд надорад.

Ва рӯзи чаҳоршанбеи чаҳоруми ин моҳ[2], то наздикии намози пешин нишаста буд дар суффаи бузурги кушки нав ва ҳар коре ронда ва пас бархоста бар хазро шуда. Устодам оғоз кард, ки аз девон боз гардад; саворе даррасид аз савороне, ки бар роҳи Ғур истонида буданд, аскудоре дошт ҳалқаҳо барафганда ва бар дар зада ба хатти Булфатҳи Ҳотамӣ ноиббариди Ҳирот. Устодам онро бистаду бигшод, як харита ҳам бар дар зада ва аз нома фасле ду бихонду аз ҳол бишуд[3]. Пас нома дарнавашту[4] гуфт, то дар харита карданд ва муҳри аскудор ниҳоданд ва Бумансури девонбонро бихонду пайғом фиристод ва ӯ бирафт. Ва устодам сахт ғамноку андешаманд шуд, чунонки ҳама дабиронро муқаррар гашт, ки ҳодисае сахт бузург уфтод. Ва Бумансури девонбон боз омад бенома ва гуфт: «Мебихонад!»[5] Устодам бирафт ва наздики Амир бимонд то намози дигар. Пас ба девон бозомад ва он мулаттафаи Булфатҳи Ҳотамии ноиббарид маро доду гуфт: «Муҳр кун ва дар хизонаи ҳуҷҷат неҳ!» Ва вай бозгашту дабирон низ.

Пас ман он мулаттафа бихондам. Набишта буд, ки «Дар ин рӯз Субошӣ ба Ҳирот омад ва бо вай бист ғулом буд ва Буталҳаи Шайбонии омил ӯро ҷойи некӯ фуруд овард ва хӯрданию нузли[6] бисёр фиристод ва намози дигар наздики ӯ рафт бо банда ва аъёни Ҳирот. Сахт шикастадил буд ва ҳамагон ӯро дилхуш мекарданд ва гуфтанд «То ҷаҳон аст, ин будааст, султони муъаззамро бақо бод, ки лашкару уддату олат сахт бисёр аст, чунин халалҳоро дар битавон ёфт[7], алҳамдулиллоҳ, ки ҳоҷиб ба ҷой аст». Вай бигиристу гуфт: «Надонам дар рӯйи худованд чун нигарам? Ҷанге рафт маро бо мухолифон, ки аз он саъбтар набошад, аз бомдод то намози дигар, рост[8], ки фатҳ бархост омад, ноҷавонмардон ёронам маро фурӯ

[1] баробар бо 7 июни соли 1038-и милодӣ.
[2] баробар бо 10 июни соли 1038-и милодӣ.
[3] ҳолаш дигаргун шуд.
[4] навоштан – печидан.
[5] даъват мекунад.
[6] нузл – хӯрданӣ барои меҳмон, зиёфат.
[7] ҷуброн метавон кард.
[8] ҳамин ки.

гузоштанд, то маҷрӯҳ шудам ва ба зарурат бибояст рафт бар ин ҳол, ки мебинед». Қавм бозгаштанд ва Буталҳаву бандаро боз гирифт ва холӣ карду гуфт: «Султонро хиёнат карданд мунҳиён ҳам ба ҳадиси хасмон, ки эшонро пеши ӯ сабук карданд ва ман мехостам, ки ба сабр эшонро бар он орам, ки ба зарурат бигрезанд. Ва ҳам талбис[1] карданд, ки дили худовандро бар ман гарон карданд, то фармони ҷазм дод, ки ҷанги масоф бояд кард. Ва чун ба хасмон расидам, ҷарида буданду корро сохта ва аз буна дил фориғ карда. Ҷанге пеш гирифта омад, ки аз он сахттар набошад то намози пешин ва қавми мо бикӯшиданд ва наздик буд, ки фатҳ баромадӣ, сустӣ ба эшон роҳ ёфт ва ҳар кас гардани хареву зане гирифтанд[2]. Ва сад ҳазор фарёд карда будам, ки занон маёред, фармон накарданд, то хасмон чун ҳол бар он ҷумла диданд, далертар даромаданд. Ва ман мисол додам, то широъӣ[3] заданд дар миёни корзоргоҳ ва он ҷо фуруд омадам, то иқтидо ба ман кунанд ва бикӯшанд, то халале наяфтад, накарданду маро фурӯ гузоштанд ва сари хеш гирифтанду маро танҳо гузоштанд. Ва аъёну муқаддамон ҳама гувоҳи мананд, ки тақсир накардам ва агар пурсида ояд, бозгӯянд, то халал бияфтод. Ва маро тире расид, ба зарурат бозгаштам ва бо ду асбу ғуломе бист ин ҷо омадам ва ҳарчӣ марову он ноҷавонмардонро будааст, ба дасти хасмон уфтод, чунонки шунидам аз некасбон[4], ки бар асар расиданд. Ва ин ҷо рӯзе чанд бибошам, то касоне, ки омаданиянд, даррасанд, пас ба роҳи Ғур, сӯйи даргоҳ равам ва ҳолҳоро ба мушофаҳа[5] шарҳ кунам. Ин чӣ шунидед аз ман, боз бояд намуд».

Амир намози дигари ин рӯз бор надод ва ба рӯза гушодан берун наёмад. Ва гуфтанд, ки ба шарбат рӯза гушод ва таом нахӯрд, ки на хурд ҳадисе буд, ки уфтод. Ва устодамро дидам, ки ҳеч чиз нахӯрд ва бар хон будам бо ӯ. Ва дигар рӯз Амир бор дод ва пас аз бор холӣ кард бо сипоҳсолору ориз ва Бунасру ҳоҷибон Багтуғдию Бунназр ва ин ҳол бозгуфту мулаттафаи ноиби бариди Ҳирот устодам бар эшон хонд. Қавм гуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, то ҷаҳон аст, чунин ҳолҳо мебудааст ва инро талофӣ уфтад. Магар савоб бошад касеро аз муътамадон пеши хоҷиб фиристодан, то дили ваю аз они лашкар қавӣ кунад, ки чун марҳаме бошад, ки бар дили эшон ниҳода ояд». Гуфт: «Чунин кунам, ҳанӯз дур[6] аст, он чӣ

---

[1] талбис зоҳирсозӣ, фиребгарӣ.
[2] яъне, ҳар кас дар фикри он буд, ки зани худро гирифта бору бунаашро аз майдони ҷанг берун барад.
[3] широъӣ – навъе аз хайма.
[4] некасбон – савороне, ки дорои асби тундрав буданд.
[5] мушофаҳа – рӯ дар рӯ сухан гуфтан.
[6] зуд

фармуданӣ аст дар ин боб фармуда ояд. Аммо чӣ гуед дар ин боб, чӣ бояд кард?» Гуфтанд: «То ҳоҷиб бирасад, дар ин боб чизе натавон гуфт. Агар раъйи олӣ бинад, сӯйи Хоҷаи Бузург набишта ояд, ки чунин ҳоле уфтод, ҳарчанд он хабар бад-ӯ расида бошад, то он чӣ ӯро фароз ояд дар ин боб, ба ҷавоб боз намояд». Гуфт: «Савоб аст!» Ва устодамро мисол дод, то набишта ояд. Ва қавм дили Амир хуш карданд ва ҳар касе навъе сухан гуфтанду бандагӣ намуданд ва молу ҷон пеш доштанд ва бозгаштанд. Ва ба вазир дар ин маънӣ набишта омад сахт мушаббаъ[1] ва раъй хоста шуд. Пеш аз ин дар маҷлиси Амир дар боби туркмонон ва сустию ҳақорати эшон бад-он чӣ гуфтандӣ, манъ набуд, пас аз ин ҳодиса касеро заҳр набудӣ, ки сухани ноҳамвор гуфтӣ, як-ду танро бонг бар заду сард кард ва сахт боғам буд.

Ва дар ин бақийяти моҳи рамазон ҳар рӯз, балки ҳар соате хабари муваҳҳиш[2] расидӣ, то номаи соҳиббариди Нишобур расид – Булмузаффари Ҷумаҳӣ. Набишта буд, ки банда мутаворӣ[3] шудааст ва дар сумҷе[4] мебошад ва чун хабар расид ба Нишобур, ки ҳоҷиби бузургро бо лашкари мансур чунон воқеъае уфтодааст, дарсоат Сурӣ зиндон арз кард, тане чандро гардан заданд ва дигаронро даст боз доштанд. Ва ӯ бо Бусаҳли Ҳамдавӣ ба таъҷил бирафт ва ба рустои Буст рафтанд ва ҳар касе аз лашкари мо, ки дар шаҳр буданд, бад-эшон пайвастанду бирафтанд ва маълум нагашт, ки қасди куҷо доранд. Ва бандаро мумкин нашуд бо эшон рафтан, ки Сурӣ ба хуни банда ташна аст, аз ҷони худ битарсид ва ин ҷо пинҳон шуд, ҷое устувору пӯшида; ва ҳар ҷое касон гумошт овардани ахборро, то худ пас аз ин чӣ равад ва ҳолҳо бар чӣ қарор гирад. Чунонки даст диҳад, қосидон фиристаду ахбор бознамояд ва он чӣ муҳимтар бошад, ба муаммо[5] ба вазир фиристад, то ба раъйи олӣ арза кунад».

Амир чун ин нома бихонд, ғамнок шуд ва устодамро гуфт: «Чӣ гӯйӣ то ҳоли Бусаҳлу Сурӣ чун шавад ва куҷо раванд ва ҳоли он молҳо чун гардад?» Гуфт: «Худованд донад, ки Бусаҳл марди хирадманд ва бораъй аст ва Сурӣ марде мутаҳаввиру шаҳм[6], тадбири хеш бикарда бошанд ё бикунанд, чунонки дасти ҳеч мухолиф бад-эшон нарасад. Ва агар мумкинашон гардад, хештанро

[1] мушаббаъ – муфассал.
[2] муваҳҳиш – ваҳшатнок.
[3] мутаворӣ пинҳон, махфӣ.
[4] сумҷ – дахма, сардоба.
[5] ба таври рамзӣ.
[6] мутаҳаввир – бебок, шаҳм – чолок, далер; меҳтари бузургу сарвар.

ба даргоҳ афгананд аз роҳи биёбони Табасайн[1] аз сӯйи Буст, ки бар ҷониби рустои Буст рафтаанд. Пас агар зарурте уфтад, натавон донист, ки ба куҷо раванд, аммо ба ҳеч ҳол хештанро ба дасти ин қавм надиҳанд, ки донанд, ки бад-эшон чӣ расад». Амир гуфт: «Ба ҳеч ҳол ба ҷониби Рай натавонанд рафт, ки он ҷо Писари Кокуст ва туркмонону лашкари бисёр. Ба Гургон ҳам нараванд, ки Бокалиҷор ҳам аз даст бишудааст. Ҳеч надонам, ки кори эшон чун бошад ва дареғ аз ин ду марду чандон молу неъмат, агар ба дасти мухолифон уфтад». Бунаср гуфт: «Дасти касе бад-он мол нарасад, ки ба қалъаи Миколист, ки мумкин нест, ки касе он қалъаро бигшояд. Ва он кутвол[2], ки он ҷост, пири бахирад аст ва чокари деринаи худованд, қалъа ва мол нигоҳ дорад, ки ба алафу об мустазҳар[3] аст. Ва Бусаҳлу Сурӣ саворони мураттаб доштаанд, бар роҳи Сарахс то Нишобур ба се рӯз хабари ин ҳодиса бад-эшон расида бошад ва ҳарду ҳаракат карда ба таъҷил. Ва хасмонро чун ин кор баромад, ба вақт сӯйи Нишобур нарафта бошанд, ки як ҳафтаашон муқом бошад, то аз корҳо фориғ шаванд, пас тадбир кунанду бипарогананд, то ба Нишобур расанд, ин ду тан ҳамоно ҷаҳоне дар миён карда бошанд»[3].

Амир гуфт: «Сӯйи эшон нома бояд фиристод бо қосидон, чунонки савоб бинӣ». Бунаср гуфт: «Фоида надорад қосид фиристодан бар амё[4], то он гоҳ, ки маълум нашавад, ки эшон куҷо қарор гирифтаанд. Ва эшон чун ба ҷое уфтоданду эйман бинишастанд, дарсоат қосидон фиристанд ва ҳол боз намоянд ва истилои[5] раъйи олӣ кунанд, аммо фариза аст ду-се қосид бо мулаттафаҳои тавқеъӣ ба қалъати Миколӣ фиристодан, то он кутвол қавидил гардад. Ва ночор аз они вай низ қосид ва нома расад». Амир гуфт: «Ҳамакнун бибояд набишт, ки ин аз корҳои зарурат аст». Устодам ба девон омад ва мулаттафа набишту тавқеъ шуд ва ду қосиди мусриъ бирафтанд ва кутуволро гуфта омад, ки «ҳолро нома фиристода омад ва мо, инак, пас аз Меҳргон ҳаракат кунем бар ҷониби Хуросон ва он ҷо бибошем ду сол, то он гаҳ, ки ин халалҳо дарёфта ояд. Қалъатро нек нигоҳ бояд дошт ва эҳтиёт карду бедор буд».

---

[1] Табассайн – ҷуғрофинависони араб минтақаи байни ду Табас дар Кӯҳистонро чунин меномиданд.

[2] кутвол — дижбон, раиси қалъа.

[3] пуштқавӣ, таъмин.

[3] яъне, масофаи зиёдеро тай карда бошанд.

[4] кӯр-кӯрона.

[5] огоҳӣ ва иттилоъ хостан.

Ва рӯзи одина иди фитр карда омад, Амир на шеър шунуду на нишоти шароб кард аз тангдилӣ, ки буд, ки ҳар соат соиқаи дигар[1], хабаре расидӣ аз Хуросон.

Ва рӯзи якшанбе Бусаҳли Ҳамадонии дабир ба фармони Амир номзад шуд, то пазираи[2] ҳоҷибу лашкар равад ва дили эшон хуш кунад, бад-ин ҳол, ки рафт ва аз маҷлиси султон умедҳои хуб кунад, чунонки хиҷолат ва ғами эшон бишавад. Ва дар ин боб устодам мисоле нусхат кард набишта омад ва ба тавқеъ муаккад гашт ва вай намози дигари ин рӯз бирафт.

Ва дигар рӯзи ин[3], номаи вазир расид, бисёр шуғли дил ва ғам намуда бад-ин ҳодисаи бузург, ки уфтод ва гуфта: «Ҳарчанд чашмзахме[4] чунин уфтод, ба сарсабзиву иқболи худованд ҳама дартавон ёфт[5] ва корҳо аз лавне дигар[6] пеш бояд гирифт». Ва номаи Буисҳоқ писари Илиги мозӣ Иброҳим, ки сӯйи ӯ набишта буд аз ҷониби Урканҷ[7] фиристода, ки «раъйи олиро бар он воқиф бояд гашт ва тақарруби ин мардро, ҳарчанд душманбачча аст, қабул кард, ки марде аст марду ба раъй ва аз пеши писарони Алитагин ҷаста бо фавҷе савори сохта ва номе бузург дорад, то бар ҷонибе дигар фитна бапой нашавад». Ва сӯйи устодам номае сахт дароз набишта буд ва дилро ба тамомӣ пардохтаву гуфта «Пас аз қазои Эзид, азза зикруҳу, ин халалҳо падид омад аз рафтани дубора[6] – як бор ба Ҳиндустон ва як бор ба Табаристон ва гузаштаро боз натавон оварду талофӣ кард. Ва кори мухолифон имрӯз ба манзилате расид, ки ба ҳеч солор шуғли эшон кифоят натавон кард, ки ду солори муҳташамро бо чандин лашкарҳои гарон бизаданд ва бисёр неъмат ёфтанду далер шуданд. Ва кор ҷуз ба ҳозирии худованд рост наёяд ва худовандро кор аз лавне дигар пеш бояд гирифт ва даст аз малоҳӣ[7] бибояд кашид ва лашкар пеши хеш арз кард ва ба ҳеч кас боз нагузошт ва ин ҳадиси тавфир[8] барандохт, ин номаро арз бояд кард ва он чӣ гуфтанист бигуфт, то он гоҳ, ки дидор бошад, ки дар ин маъонӣ сухан гушодатар гуфта ояд».

Устодам ин нома арз кард ва он чӣ гуфтанӣ буд, бигуфт. Амир гуфт: «Ҳоҷа дар ин чӣ мегӯяд, барҳақ аст ва насиҳати ӯ бишунавему

---

[1] соиқа – озарахш, овози ҳавлнок; дар ин ҷо манзур овози хабари бад аст.
[2] пазира – истиқбол.
[3] дигар рӯзи ин – фардои ин рӯз.
[4] чашмзахм – осеб.
[5] яъне, метавон ҷуброн кард.
[6] тарзе дигар.
[7] Урканҷ ё Урганҷ – шаҳре дар Хоразм.
[6] яъне, аз ду рафтан, ду сафар.
[7] малоҳӣ – лаҳву бозӣ.
[8] тавфир – фоидаву суд, даромад; сарфаҷӯӣ дар харочот.

бар он кор кунем. Ҷавоби ӯ бояд набишт бар ин ҷумла ва ту низ аз хештан он чӣ дар ин маънӣ бояд, бинавис. Ва ҳадиси Буритагин писари Илиги мозӣ, ки мардест меҳтарзода ва чун ӯ мардумон моро имрӯз ба кор аст. Хоҷа номае ӯро нависаду бигӯяд, ки ҳоли ӯро ба маҷлиси мо боз намуда омад ва хонаи мо ӯрост; расуле бояд фиристоду нома набишт ба ҳазрат, то ба иғрози вай воқиф гардем ва он чӣ раъй воҷиб кунад, бифармоем». Ин нома набишта омад ва ба аскудор гусел карда омад.

Ва рӯзи якшанбе, даҳуми шавол[1], ҳоҷиб Субошӣ ба Ғазнин расид ва аз роҳ ба даргоҳ омаду хидмат кард. Ва Амир ӯро бинавохту дилгарм кард ва ҳамчунон тане чандро аз муқаддамон, ки бо вай расида буданд. Ва бозгаштанду ба хонаҳо рафтанд ва бар асари эшон мардум мерасиданд ва дилҳои эшонро хуш мекарданд. Ва Амир пас аз расидани ҳоҷибон ба як ҳафта халвате кард бо ӯ ва сахт дер бикашид ва ҳама ҳолҳо муқаррар гашт. Ва ҷудо-ҷудо Амир ҳар касеро мехонду ҳоли Хуросону мухолифону ҳоҷибу ҷанг, ки рафт мебозпурсид, то ӯро чун офтоб равшан гашт, ҳарчӣ рафта буд. Ва чун рӯзгори он набуд, ки воҷиб кардӣ бо касе итоб кардан, албатта сухан нагуфт ҷуз ба некуӣ ва талаттуф[2]. Ва ҳарчӣ рафта буд ба вазир набишта омад.

Ва салхи[3] шаввол[3] номаи вазир расид дар маънии Буритагин ва бигуфта, ки сӯйи ӯ нома бояд аз маҷлиси олӣ, ки «Он чӣ ба Аҳмад набишта буд, муқаррари мо гашт ва хона ӯрост ва мо пас аз Меҳргон қасди Балх дорем. Акнун бояд, ки расуле фиристад ва ҳоли омадани ба Хуросон ва ғаразе, ки ҳаст боз намояд, то ба он воқиф шуда ояд ва он чӣ ба салоҳу ҷамоли[4] ӯ боз гардад, фармуда шавад». Амир Бунасрро гуфт: «Он чӣ савоб бошад дар ин боб, бояд набишт, хитобе ба расм, чунонки агар ин нома ба писарони Алитагин расад, зиёне надорад». Ва устодам нома нусхат кард, чунонки ӯ кардӣ, ки лоиқ буд дар чунин абвоб, мухотаба «Амири фозил» бидоду вайро Амир хонд ва дарҷи номаи вазир фиристода шуд.

Ва рузи чаҳоршанбе, сеюми зилқаъда, мулаттафаҳои Бусаҳли Ҳамдавӣ ва соҳибдевон Сурӣ расид бо қосидони мусриъ аз Гургон. Набишта буданд, ки «Чун ҳоҷибу лашкари мансурро ҳоле бад-он саъбӣ уфтод ва хабар ба зудӣ ба бандагон расид, ки саворони мураттаб истонида буданд ба роҳи Сарахс овардани ахборро, дарвақт аз Нишобур бирафтанд ба роҳи Буст ва ба пойи Қалъати

[1] баробар бо 16 июли соли 1038-и милодӣ.
[2] талаттуф – некӣ ва меҳрубонӣ.
[3] салх – охир.
[3] баробар бо 16 июли соли 1038-и милодӣ.
[4] ба салоҳу ҷамол - ба салоҳи ҳолу кор.

Амирӣ омаданд, то он ҷо бинишинанд бар қалъат. Пас ин раъй савоб надиданд, кутволро ва муътамадони хешро, ки бар пойи қалъат буданд, бар сари молҳо бихонданд ва он чӣ гуфтанӣ буд, гуфтанд, то нек эҳтиёт кунанд дар нигоҳдошти қалъат. Ва моли яксолаи бистгонии кутвол ва пиёдагон бидоданд. Ва чун аз ин муҳимми бузургтар фориғ шуданд, андохтанд[1], то ба кадом роҳ ба даргоҳ оянд. Ҳама дар он оҳанг[2] буданд ва мухолифон думодум омаданд ва низ хатар будӣ, чун хештанро бад-ин ҷониб намуда буданд, роҳбарон нек доштанд, шабро дар кашиданд[3] ва аз роҳу бероҳи Исфаройин ба Гургон рафтанд ва Боколиҷор ба Астаробод буд ва вайро огоҳ карданд, дарвақт биёмаду гуфт, ки бандаи султон аст ва некӯ карданд, ки бар ин ҷониб омаданд, ки то ҷон дар тани вай аст, эшонро нигоҳ дорад, чунонки ҳеч мухолифро даст бад-эшон нарасад. Ва гуфт: «Гургон маҳали фатрат[4] аст ва ин ҷо будан рӯй надорад, ба Астаробод бояд омад ва он ҷо муқом бояд кард, то агар иёзанбиллоҳ, аз мухолифон қасде бошад бар ин ҷониб, ман ба дафъи эшон машғул ва шумо ба Астаробод равед, ки дар он мазоиқ[5] натавонад омад ва дасти кас ба шумо нарасад. Бандагон ба Астаробод бирафтанд ва Бокалиҷор бо лашкарҳо ба Гургон муқом кард, то чӣ пайдо ояд. Ва мо, бандагон, ба Астаробод ҳастем, бо лашкаре аз ҳар дасте беруни ҳошият ва Бокалиҷор барги эшон бисохт ва аз мардумӣ ҳеч бокӣ намегузорад. Агар раъйи олӣ бинад, ӯро дилхуш карда ояд ба ҳама бобҳо ба ҳадиси моли замон, ки бад-ӯ арзонӣ дошта ояд, чун бар вай чандин ранҷ аст аз ҳар ҷинсе, хосса акнун, ки чокарону бандагони даргоҳ бад-ӯ илтиҷо карданд[6]. Ва эшонро нигоҳ бояд дошт ва гуфта шавад, ки бар асар ҳаракати рикоби олӣ бошад, ки газоф нест, чӣ Хуросон натавон ба чунон қавме гузоштан, то ин мард қавидил гардад, ки чун Хуросон софӣ гашт, Рай ва Ҷибол ва ин навоҳӣ ба даст боз ояд. Ва ба боби бандагон ва ҷафқи[7] лашкар, ки бо эшон аст, иноятe бошад, ки аз даргоҳи олӣ дур мондаанд, то халале наяфтад».

Амир чун ин номаҳо бихонд, сахт шод шуд, ки дилаш бад-ин ду чокар ва моле, ки бад-он азимӣ доштанд, нигарон буд. Ва қосидони эшонро пеш бурданд ва ҳар чизе пурсиданд, ҷавобҳо доданд. Гуфтанд: «Туркмонон роҳҳо ба эҳтиёт фурӯ гирифтаанд ва эшонро

---

[1] яъне ройзанӣ карданд.
[2] дар баъзе нусхаҳо дарозоҳанг омадааст, ба маънои тӯлонӣ.
[3] дар кашидан – ҳаракат кардан, роҳ рафтан.
[4] фатрат – сустӣ, заъифӣ.
[5] мазоиқ – тангно.
[6] илтиҷо карданд – паноҳ оварданд.
[7] ҷафқ – гурӯҳ, даста.

бисёр ҳилат боист кард, то аз роҳи бероҳ битавонистанд омад». Эшонро низ расулдор ҷойи мутанаккир[1] бинишонд, чунонки касе эшонро набинад. Ва Амир номаҳоро ҷавоб фармуд, ки «Нек эҳтиёт бояд кард, агар туркмонон қасди Астаробод кунанд, ба Сорӣ равед ва агар ба Сорӣ қасд уфтод, ба Табаристон, ки мумкин нашавад, ки дар он мазоиқ бад-эшон битвонанд расид. Ва нома пайваста доранд ва қосидон думодум фиристанд, ки аз ин ҷо ҳамчунон бошад. Ва бидонанд, ки пас аз Меҳргон ҳаракат хоҳем кард бо лашкаре, ки ба ҳеч рӯзгор кашида наёмадааст аст сӯйи Тахористону Балх, чунонки ба ҳеч ҳол аз Хуросон қадам наҷунбонем, то он гоҳ, ки оташи ин фитна нишонда ояд. Дил қавӣ бояд дошт, ки чунин фатарот[2] дар ҷаҳон бисёр будааст ва дарёфта ояд ва он чӣ набишта буд, сӯйи Бокалиҷор набишта омад ва фиристода шуда, то бар он воқиф гарданд, пас бирасонданд».

Ва сӯйи Бокалиҷор номае буд дар ин боб сахт некӯ бағоят ва гуфта, ки: «Ҳар моле, ки итлоқ мекунад[3], он аз они мост ва он чӣ ба ростои[3] муътамадони мо карда ояд, зоеъ нашавад ва мо, инак, меоем ва чун ба Хуросон расидем ва халалҳоро талофӣ фармуда ояд, бад-ин хидмати вафодорӣ, ки намуд, вайро ба маҳалле расонида ояд, ки ба хотири вай нагузаштааст[4]». Ва он номаро тавқеъ кард ва қосидон бибурданд ва бар асари эшон чанд қосиди дигар фиристода шуд бо номаҳои муҳим дар ин маъонӣ.

Дар рӯзи панҷшанбе, ҳафтуми зилқада[5], мулаттафае расид аз Булмузаффари Ҷумаҳӣ – соҳиббариди Нишобур. Набишта буд, ки «Банда ин аз мутаворичӯй[6] набишт, ба бисёр ҳилат ин қосидро тавонист фиристод ва боз менамояд, ки пас аз расидани хабар, ки ҳочиб Субоширо он ҳол уфтод ва ба дувоздаҳ рӯз Иброҳими Янол ба карони Нишобур расид бо марде дувист. Ва пайғом дод ба забони расуле, ки вай муқаддамаи Туғралу Довуду Ябғуст[7], агар ҷанг хоҳед кард, то боз гардад ва огоҳ кунад ва агар нахоҳед кард, то дар шаҳр ояду хутба бигардонад, ки лашкари бузург бар асари вай аст. Расулро фуруд оварданд ва ҳазоҳиз[8] дар шаҳр уфтод. Ва ҳама аъён ба хонаи Қозӣ Соъид омаданду гуфтанд: «Имом ва

[1] мутанаккир – он ки дар либоси ношинос бошад, касе ки барои шинохта ношудан қиёфаву либоси худро дигар карда бошад.
[2] фатарот – сустиҳо, заифҳо.
[3] итлоқ кардан – харҷ кардан.
[3] ростои – дар ҳаққи.
[4] яъне, мақоме ба ӯ дода хоҳад шуд, ки тасаввурашро ҳам накардааст.
[5] баробар бо 7 августи соли 1038-и милодӣ.
[6] мутаворичӯй – махфигоҳ.
[7] Туғрал, Довуд ва Ябғу – се пешвои туркманҳои салҷуқӣ.
[8] ҳазоҳиз – шӯру ғавғо.

муқаддами мо туйӣ, дар ин пайғом чӣ гӯйӣ, ки расидааст?» Гуфт: «Шумо чӣ дидаед ва чӣ ният доред?» Гуфтанд: «Ҳоли ин шаҳр бар ту пӯшида нест, ки ҳасонате[1] надорад ва чун рег аст дар дида[2], мардумони он аҳли силоҳ на, лашкаре бад-он бузургиро, ки ба ҳочиб Субошӣ буд, бизаданд, мо чӣ хатар[3] дорем? Сухани мо ин аст». Қозӣ Соъид гуфт: «Некӯ андешидаед, раъийятро нарасад даст бо лашкаре баровардан ва шуморо худовандест муҳташам, чун Амир Масъуд, агар ин вилоят ӯро ба кор аст, ночор биёяд ё касе фиристаду забт кунад. Имрӯз оташе бузург аст, ки боло гирифтааст ва гурӯҳе даст бо хуну ғорат шуста омадаанд, ҷуз тоъат рӯй нест».

Муваффақ – имоми соҳибҳадисон[4] ва ҳама аъён гуфтанд: «Савоб ҷуз ин нест, ки агар ҷуз ин карда ояд, ин шаҳр ғорат шавад хир-хир[5] ва султон аз мо дур ва узри ин ҳол боз тавон хост ва қабул кунад». Қозӣ гуфт: «Бад-он вақт, ки аз лашкарҳои Илиг бо Субошитагин биёмад ва мардумони Балх бо эшон ҷанг карданд, то вай куштану ғорат кард ва мардумони Нишобур ҳамин карданд, ки имрӯз мекарда ояд, чун Амир Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳи, аз Мултон ба Ғазнин омад, муддате бибуд ва корҳо бисохт ва рӯй ба Хуросон овард. Чун ба Балх расид, Бозори Ошиқонро, ки ба фармони ӯ бароварда[6] буданд, сӯхта дид, бо балхиён итоб карду гуфт: «Мардумону раъийятро бо ҷанг кардан чӣ кор бошад? Лоҷарам шаҳратон вайрон ва мустағалле[7] бад-ин бузургӣ аз они ман бисӯхтанд. Товони ин аз шумо хоста ояд. Мо он даргузаштем, нигаред, то пас аз ин чунин накунед, ки ҳар подшоҳе, ки қавитар бошад ва аз шумо хароҷ хоҳаду шуморо нигоҳ дорад, хароҷ бибояд дод ва худро нигоҳ дошт. Ва чиро ба мардумони Нишобуру шаҳрҳои дигар нигоҳ накардед, ки ба тоъат пеш рафтанд ва савоб он буд, ки эшон карданд, то ғорат наюфтод. Ва чиро ба шаҳрҳои дигар

---

[1] ҳасонат – устуворӣ.

[2] «рег дар дида» – рег дар чашм душман, ки мехоҳад зудтар онро берун биёварад ё чун қалъае аз рег, ки ба вазидани як бод фурӯ резад.

[3] қадру аҳамият.

[4] Ҳабатуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн маъруф ба Имом Муваффақ, ки пешвои шофеъимазҳабони Нишобур буда, бо ҳукумати Ғазнавиён, ки ҳанафимазҳаб буданд, ихтилоф дошт. Ӯ дар зиддияту гирудори Ғазнавиёну Салҷуқиён ба тарафи Салҷуқиён гузашта, дар пирӯзии онон бар Ғазнавиён нақши муҳим гузошт. Имом Муваффақ устоди Хоҷа Низомулмулк вазири ояндаи Салҷуқиён буд. Дар аҳди Низомулмулк мазҳаби шофеъӣ дар Хурсон хеле густариш меёбад. Нигаред ба мақолаи Буллиет Р. Религиозно-политическая история Нишапура в XI в. // Мусульманский мир 950-1150. М., Наука, 1981.

[5] хир-хир – беҳуда, ройгон.

[6] баровардан – сохтан.

[7] мустағалл – мулке, ки аз он даромад ба даст ояд; замине, ки дар он ғалла кошта мешавад.

нигоҳ накардед, ки хароҷ аз эшон беш нахостанд, ки онро маҳсуб карда ояд?» Гуфтанд: «Тавба кардем ва беш чунин хато накунем. Имрӯз масъала ҳамон аст, ки он рӯз буд». Ҳамагон гуфтанд, ки чунин аст. Пас расули Иброҳимро бихонданду ҷавоб доданд, ки «Мо раъийятем ва худованде дорем ва раъийят ҷанг накунанд. Амиронро бибояд омад, ки шаҳр пеши эшон аст ва агар султонро вилоят ба кор аст, ба талаб ояд ё касеро фиристад. Аммо бибояд донист, ки мардумон аз шумо тарсида шудаанд бад-он чӣ рафтааст то ин ғоят ба ҷойҳои дигар аз ғорат ва мусла[1] ва куштану гардан задан, бояд, ки одати дигар гиред, ба беруни ин ҷаҳон ҷаҳони дигар аст. Ва Нишобур чун шумо бисёр дидааст ва мардуми ин буқъатро[2] силоҳ дуъои саҳаргоҳон аст. Ва агар султони мо дур аст, Худойи азза ва ҷаллаву бандаи вай малаку-л-мавт наздик аст».

Расул бозгашт ва чун Иброҳими Янол бар ҷавоб воқиф гашт, аз он ҷо, ки буд ба як фарсангии шаҳр омад ва расулро боз фиристод ва пайғом дод, ки сахт некӯ дидаед ва сухани хирадмандон гуфта. Ва дарсоат набиштам ба Туғрал ва ҳол боз намудам, ки меҳтари мо ӯст, то Довуду Ябғуро ба Сарахсу Марв мураттаб кунад ва дигар аъёнро, ки бисёранд, ба ҷойҳои дигар ва Туғрал, ки подшоҳе одил аст, бо хоссагони худ ин ҷо ояд. Ва дил қавӣ бояд дошт, ки он чӣ то акнун мерафт аз ғорату берасмӣ, аз хурдамардум[3] ба зарурат буд, ки эшон ҷанг мекарданд ва имрӯз ҳол дигар аст ва вилоят моро гашт, касро заҳра набошад, ки биҷунбад. Ман фардо ба шаҳр хоҳам омад ва ба Боғи Хуррамак[4] нузул кард, то дониста ояд.

Аъёни Нишобур чун ин суханон бишнуданд, биёромиданд ва мунодӣ[5] ба бозорҳо баромаду ҳол боз гуфтанд, то мардуми омма таскин ёфтанд. Ва Боғи Хуррамакро ҷома афганданду нузл сохтанд ва истиқболро бисеҷиданд[6] ва солори Бузгон Булқосим[7] – марде аз куффоту духоту-р-риҷол[8] зада ва куфтаи Сурӣ[9] кори туркмононро ҷон бар миён баст[10]. Ва Муваффақ – имоми соҳибҳадисон ва дигар

---

[1] мусла – буридани аъзои бадан, гӯшу бинӣ ва забон.
[2] буқъат – шаҳр, сарзамин.
[3] хурдамардум – мардуми табақаи поён.
[4] Хуррамак – боғи маъруфи Нишобур дар аҳди Ғазнавиён.
[5] мунодӣ – нидокунанда.
[6] бисеҷиданд – муҳайё шуданд.
[7] Бузгон (Бузҷон) – номи яке аз навоҳи Нишобур; Абулқосим Алкубонӣ нахустин вазири Салҷуқиён.
[8] куффот – лоиқ ва коромад; духоту-р-риҷол – мардони зирак, ҳушёр.
[9] яъне, Сурии соҳибдевон дар вақташ ӯро озурда аз мақому ҷойгоҳи худ поён кашида буд.
[10] яъне, барои сомон гирифтани кори туркманҳо доман бар зад ва то ҷон дошт кӯшиш кард.

аъён ҷамъ шуданду ба истиқболи Иброҳими Янол омаданд, магар Қозӣ Соъид ва Саййид Зайд – нақиби Алавиён[1], ки нарафтанд. Ва бар ним фарсанг аз шаҳр Иброҳим пайдо омад бо саворе дувисту сесад ва як аломату ҷанибате ду ва таҷаммуле даридаву фусурда[2]. Чун қавм бад-ӯ расиданд, асб бидошт, барное сахт некӯрӯй ва сухан некӯ гуфт ва ҳамагонро дилгарм карду биронд ва халқи беандоза ба наззора рафта буданд. Ва пирони куҳантар дуздида мегиристанд, ки ҷуз маҳмудиёну масъудиёнро надида буданд ва бар он таҷаммулу кавкаба механдиданд. Ва Иброҳим ба Боғи Хуррамак омад ва бисёр хӯрданиву нузл, ки сохта буданд, наздики вай бурданд. Ва ҳар рӯз ба саломи вай мерафтанд ва рӯзи одина Иброҳим ба масҷиди ҷомеъ омад ва сохтатар[3] буд ва солори Бузгон марде се-чаҳор ҳазор оварда буд бо силоҳ, ки кори ӯ бо вай мерафт ва мукотабат дошта будааст бо ин қавм, чунонки ҳама дӯст гашт аз ситезаи Сурӣ, ки Хуросон ба ҳақиқат ба сари Сурӣ шуд[4]. Ва бо Исмоили Собунии хатиб бисёр кӯшида буданд, ки дуздида[5] хутба кунад ва чун хутба ба номи Туғрал бикарданд, ғиреве сахт ҳавл аз халқ баромад ва бими фитна буд, то таскин[6] карданд. Ва намоз бигзорданду бозгаштанд.

Ва пас аз он бо ҳафт рӯз саворон расиданд ва номаҳои Туғрал доштанд солори Бузгон ва Муваффақро ва бо Иброҳими Янол набишта буд, ки аъёни шаҳр он карданд, ки аз хиради эшон сазид, лоҷарам бубинанд, ки ба ростои эшон ва ҳама раъоё чӣ карда ояд аз некӯӣ. Ва бародар Довуд ва амм Ябғуро[7] бо ҳама муқаддамони шаҳр номзад кардем бо лашкарҳо ва бар муқаддама мо бо хоссагони хеш инак омадем, то мардуми он навоҳиро чунин ки тоъат намуданду худро нигоҳ доштанд, ранҷе нарасад». Мардум бад-ин нома ором гирифтанд ва ба Боғи Шодёхи Ҳасанакӣ ҷомаҳо бияфганданд.

Ва пас аз он, ба се рӯз Туғрал ба шаҳр расид ва ҳама аъён ба истиқбол рафта буданд, магар Қозӣ Соъид. Ва бо саворе се ҳазор

---

[1] нақиб – сарвари содоти алавӣ; дар бештари шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр (аз ҷумла Самарқанд, Бухоро, Балх, Марв, Нишопур ва ғ.), ки теъдоди зиёди Алавиён мезистанд, онҳо пешвои худро доштанд, ки аз номи ҷамоъа дар маросимҳои расмӣ иштирок мекард ва онҳоро намояндагӣ мекард.

[2] яъне, Иброҳим сарвари туркманҳо бо либосҳое вориди Нишопур шуд, ки сабаби тааҷҷубу истеҳзо гаштани ӯ аз ҷониби мардумони Нишопур гардид.

[3] яъне, сару либоси Иброҳими Янол нисбат ба рӯзи ворид шуданаш ба шаҳр беҳтар шуда буд.

[4] яъне, ҷавру ҷаво ва ситаму тааддии молиётии Сурӣ ва гумоштагони ӯ боиси аз дасти Ғазнавиён рафтани Хуросон гардид.

[5] дуздида – яъне, бе огоҳии мардум.

[6] таскин карданд – ором карданд.

[7] Байҳақӣ Ябғуро амаки Туғралу Довуд донистааст, дар ҳоле ки ин се тан бародарон буданд.

буд бештар зиреҳпӯш ва ӯ камоне ба зеҳ карда дошт дар бозу афганда ва чӯба тир дар миён зада ва силоҳ тамом бардошта ва қабои мулҳам[1] ва асобаи тузӣ[2] ва мӯзаи намадин дошт. Ва ба Боғи Шодёх фуруд омад ва лашкар чандонки он ҷо гунҷиданд, фуруд омаданд ва дигарон гирд бар гирди боғ. Ва бисёр хӯрданию нузл сохта буданд, он ҷо бурданд ва ҳама лашкарро алаф[3] доданд. Ва дар роҳ, ки меомад, сухан ҳама ба Муваффақ ва солори Бузгон мегуфту кор ҳама солор бармегузорд. Ва дигар рӯз Қозӣ Соъид пас аз он, ки дар шаб бисёр ба ӯ гуфта буданд, наздики Туғрал рафт ба салом бо фарзандону набасагону[4] шогирдон ва кавкабае бузург. Ва нақиби Алавиён низ бо ҷумлаи содот биёмаданд. Ва надошт нуре боргоҳ ва муште авбош дар ҳам шуда буданду тартибе на; ва ҳар кас, ки мехост густохӣ мекарду бо Туғрал сухан мегуфт. Ва вай бар тахти худованд-султон нишаста буд дар пешгоҳи суффа. Қозӣ Соъидро[5] бар пой хост ва ба зери тахт болише ниҳоданду бинишаст. Қозӣ гуфт: «Зиндагони худованд дароз бод, ин тахти Султон Масъуд аст, ки бар он нишастаӣ ва дар ғайб чунин чизҳост[6]. Ва натавон донист, ки дигар чӣ бошад; ҳушёр бош ва аз Эзид, азза зикруҳу, битарсу дод деҳ ва сухани ситамрасидагону дармондагон бишнав ва яла макун[7]. Лашкар ситам кунанд, ки бедодӣ шум бошад. Ва ман ҳаққи туро бад-ин омадан бигузордам ва низ наоям, ки ба илм хондан машғулам ва аз он ба ҳеч коре дигар напардозам. Ва агар бо хирад ручуъ хоҳӣ кард, ин панд, ки додам, кифоят бошад». Туғрал гуфт: «Ранҷи қозӣ нахоҳам ба омадани беш аз ин, ки он чӣ бояд, ба пайғом гуфта меояд. Ва пазируфтам, ки бад-он чӣ гуфтӣ, кор кунам. Ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тозикон надонем[8]. Қозӣ ба пайғом насиҳатҳо аз ман боз нагирад». Гуфт: «Чунин кунам!» Ва бозгашт. Ва аъён, ки бо вай омада буданд, ҷумла бозгаштанд. Ва

---

[1] мулҳам – навъи порча, ки тори он аз абрешим бошад.
Рӯдакӣ гӯяд: Хаз ба ҷойи мулҳаму хиргоҳ, Бадали боғу бӯстон омад.

[2] асоба – сарбанд, дастор; Тузӣ – мансуб ба шаҳри Тузи Форс.

[3] алаф – хӯриши мардум ва чаҳорпоён (сутурон).

[4] набаса – набера.

[5] барои эҳтироми Қозӣ Соъид.

[6] яъне, дар олами ғайб чунин муқаддар будааст, ки ту бар тахти Султон Масъуд бишинӣ ва пас аз ин маълум нест, ки чӣ касе бар ин тахт хоҳад нишаст. Саъдӣ дар ин маънӣ мегӯяд:
Он чӣ дидӣ бар қарори худ намонд, Он чӣ бинӣ ҳам намонад барқарор.

[7] яла макун – раҳо макун.

[8] тавре ки мушоҳада мешавад, Туғрал русуму таомули дарбори Ғазнавиёнро «расмҳои тозикон», яъне суннати тоҷикӣ (эронӣ) меномад ва бегона будани худу ҳамқавмонаш ба ин фарҳангро гӯшзад мекунад. Ниг. ба асари Сайфуллоҳи Муллоҷон. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ. Муруре пиромуни сохтори идорӣ ва русумоти дарбори Ғазнавиён». -Душанбе, 2013.

дигар рӯз солори Бузгонро вилоят дод[1] ва хилъат пӯшид: чубба ва дурроъа, ки худ рост карда буд ва астоми зари туркивор[2]. Ва ба хона боз рафт ва кор пеш гирифт. Ва дар дурроъа сиёҳпӯше[3] диданд сахт ҳавл, ки ин Туғралро амир ӯ мекунад. Ва банда[4] наздики Саййид Зайд – нақиби Алавиён мебошад ва ӯ сахт дӯстдору ягона аст. Ва пас аз ин қосидони банда равон гарданд ва ба қуввати ин алавӣ банда ин хидмат ба сар тавонад бурд».

Амир бар ин мулаттафа воқиф гашт ва нек аз ҷой бишуд ва дар ҳол чизе нагуфт. Дигар рӯз устодамро дар халват гуфт: «Мебинӣ кори ин туркмонон ба куҷо расид?» Ҷавоб дод, ки «Зиндагонии худованд дароз бод, то ҷаҳон будааст, чунон мебудааст ва ҳаққ ҳамеша ҳаққ бошаду ботил ботил. Ва бо ҳаракати рикоби олӣ умед аст, ки ҳама муродҳо ба ҳосил шавад». Гуфт: «Ҷавоби мулаттафаи Ҷумаҳӣ бибояд набишт сахт ба дилгармӣ ва иҳмоди[5] тамом ва мулаттафае сӯйи нақиби Алавиён, то аз кори Булмузаффари Ҷумаҳӣ нек андеша дорад, то дасти касе бад-ӯ нарасад. Ва сӯйи Қозӣ Соъиду дигар аъён, магар Муваффақ, мулаттафаҳо бояд набишт ва мусарраҳ[6] бигуфт, ки «Инак мо ҳаракат мекунем ба панҷоҳ ҳазор савораву пиёда ва сесад пил ва ба ҳеч ҳол ба Ғазнин боз намегардем, то он гоҳ, ки Хуросон софӣ карда ояд», то шодмона шаванду дил ба тамомӣ бар он қавм наниҳанд». Гуфт: «Чунин кунам!» Биёмад ва ҷой холӣ карду бинишасту нусхат кард номаҳоро ва мулаттафаҳои хурд набиштам ва Амир тавқеъ кард ва қосидро силате сахт тамом доданду бирафт.

Ва ин ахбор бад-ин ишбоъ[7], ки мебиронам, аз он аст, ки дар он рӯзгор муътамад будам ва бар чунин аҳвол кас аз дабирон воқиф набудӣ, магар устодам Бунаср, раҳимаҳуллоҳу, нусхат кардӣ ва мулаттафа ман набиштаме. Ва номаҳои мулуки атроф ва халифа, атолаллоҳу бақоаҳу[8] ва хонони Туркистон ва ҳарчӣ муҳимтар дар девон ҳам бар ин чумла буд, то Бунаср зист. Ва ин лофе нест, ки

---

[1] яъне, вазорати худро ба солори Бузгон дод.

[2] ситоми тилоӣ (зин ва силоҳи тиллоӣ) бар одати туркон. Ин чо мушаххас мегардад, ки Ғазнавиён дар муқояса бо Салҷуқиён намунаи давлати мардуми бумӣ (тоҷикон) мебошанд.

[3] сиёҳпуш – шабгард, асас, миршаб; касе ки пешопеши подшоҳ равад ва «дур бош!» гӯяд. Ин гурӯҳ дар қадим барои ҳайбату салобат сиёҳ мепӯшиданд.

[4] манзур нависандаи нома соҳиббарид Булмузаффари Ҷумаҳист, ки ин гузоришро махфиёна навишт.

[5] иҳмод – сутудан.

[6] мусарраҳ – ошкоро.

[7] ишбоъ – муфассал.

[8] Худованд пойдории ӯро идома диҳад.

мезанам ва борномае[1] нест, ки мекунам, балки узрест, ки ба сабаби ин таърих мехоҳам, ки меандешам, набояд, ки сурат бандад[2] хонандагонро, ки ман аз хештан менависам. Ва гувоҳи адли ман бар ин чӣ гуфтам, тақвимҳои[3] солҳост, ки дорам бо хештан ҳама бо зикри он аҳвол нотиқ. Ҳар кас ки бовар надорад ба мақлиси қазои хирад ҳозир бояд омад, то тақвимҳо пеши ҳоким оянд ва гувоҳӣ диҳанд ва эшонро мушкил ҳал гардад, вассалом.

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳаштуми зилқъада[4], номаи вазир расид истилоъи раъйи олӣ карда, то бибошад ба Балху Тахористон ё ба ҳазрат[5] ояд, ки машғул аст ва мехоҳад, ки пеши худованд бошад, то дар ин муҳиммоту дилмашғулиҳо, ки нав уфтодааст, сухане бигӯяд. Амир ҷавоб фармуд, ки «Ҳаракати мо сахт наздик аст ва пас аз Меҳргон хоҳад буд. Бояд, ки Хоҷа ба Валволиҷ ояд ва он ҷо муқом кунад ва мисол диҳад, то он ҷо якмоҳа алаф бисозанд ва ба Ровану Баруқону Бағлон[6] бистрӯза, чунонки ба ҳеч рӯй бенавоӣ набошад. Ва муътамаде ба Балх монад, то аз боқии улуфот андеша дорад, чунонки ба вақти расидани рояти мо моро ҳеч бенавоӣ набошад». Ва набишта омад ва ба аскудор гусел карда шуд.

Ва рӯзи чаҳоршанбе, нуҳуми зиҳиҷҷа[7], ба ҷашни Меҳргон бинишаст ва ҳадяи бисёр оварданд ва рӯзи арафа буд. Амир рӯза дошт ва касеро заҳра набуд, ки пинҳону ошкоро нишот кардӣ. Ва дигар рӯз иди азҳо[8] карданд ва Амир бисёр такаллуф карда буд ҳам ба маънии хон ниҳодан ва ҳам ба ҳадиси лашкар, ки ду лашкар дарҳам уфтода буданд[9] ва Амир муддате шароб нахӯрда. Ва пас аз намозу қурбонӣ Амир бар хон нишаст ва аркони давлату авлиёву

---

[1] борнома - дар луғатномаҳо ба маънии рухсат додан барои дохил шудан ба хонаи подшоҳон аст; гоҳе ба маънии дигар, назири тафохур ва ғурур ҳам омадааст. Зеро борнома сабаби фахрфурӯшиву ғурур мегашт. Дар ҳоле, ки чунин борнома ё иҷозатномаи подшоҳ то замоне эътибор дошт, ки он султон дар ҳаёт буд ва салтанат меронд, сипас беарзиш мешуд. Чунонки Сӯзанӣ мегуяд:
Чу борномаи Сомониён ҳаме нахаранд, Ғалат шуда сару сомону роҳу рафторам.

[2] сурат бандад – тасаввур шавад.

[3] тақвим – солнома, дафтари айём, чун дафтарҳое, ки имрузҳо баъзе дар он сабти хотирот мекунанд.

[4] баробар бо 12 августи соли 1038-и милодӣ.

[5] яъне, ба пойтахт.

[6] Рован, Баруқон, Бағлон – деҳаҳои Тахористон.

[7] баробар бо 12 сентябри соли 1038-и милодӣ.

[8] иди азҳо – иди қурбон, иди гуспандкушон.

[9] манзур аз ду лашкар дарҳам афтода, лашкари шикастхӯрдаи Субошӣ ва лашкари мустақар дар пойтахт мебошад, ки якҷо омода мешуданд барои сафар ба Хуросон.

ҳашамро фуруд оварданд ва ба хонҳо бинишонданд. Ва шоирон шеър хонданд, ки иди фитр шеър нашнуда буд ва мутрибон бар асари эшон задан гирифтанду гуфтан[1] ва шароб равон шуд ва мастон бозгаштанд. Ва шуароро сила фармуд ва мутрибонро нафармуд. Ва аз хон бархост ҳафт пиёла шароб хӯрда ва ба сарой фуруд рафт ва қавмро ҷумла боз гардониданд.

Ва пас аз ин ба як ҳафта пайваста шароб хӯрд ва бештар бо надимон. Ва мутрибонро панҷоҳ ҳазор дирам фармуду гуфт: «Кор бисозед, ки бихоҳем рафт ва дар Хуросон нахоҳад буд шароб хӯрдан, то хоб набинанд мухолифон[2]. Муҳаммад Башнудии Барбатӣ гуфт ва сахт хуш устоде буд ва бо Амир бустох[3], ки «Чун худовандро фатҳҳо пайваста гардад ва надимон биншинанду дубайтҳо гӯянд ва мутрибон биёянд, ки дар маҷлис рӯду барбат зананд, дар он рӯз шароб хӯрданро чӣ ҳукм аст?» Амирро ин сухан хуш омад ва ӯро динор фармуд ҷудогона.

Ва пас аз ин ба як ҳафта тамом бинишаст аз бомдод то намози дигар, то ҳама лашкарро арз карданд, пас моли эшон на бар мақтаъи тақдир[4] оварданд. Ва рӯзи сешанбе, ҳоҷиб Субоширо хилъате доданд сахт фохир ва чанд танро аз муқаддамон, ки бо вай аз Хуросон омада буданд. Ва дигар рӯз, Амир бинишасту ба Дашти Шобаҳор омад ва бар он дуккон бинишасту лашкар ба таъбия[5] бар вай бигузашт ва лашкаре сахт бузург, гуфтанд панҷоҳу анд ҳазор савору пиёда буданд, ҳама сохтаву некасбаву тамомсилоҳ. Ва муҳаққиқон гуфтанд: чиҳил ҳазор буд ва то миёни ду намоз рӯзгор гирифт, то он гоҳ, ки лашкар ба тамомӣ бигузашт.

Таърихи санаи салосина ва арбаъа миа[6]

Ғурраи муҳаррам рӯзи чаҳоршанбе[7] буд. Ва рӯзи панҷшанбе, дувуми муҳаррам саройпарда берун бурданд ва бар дуккони паси Боғи Фирӯзӣ бизаданд. Ва Амир бифармуд, то Амир Саъидро ин рӯз хилъат доданд, то ба Ғазнин монад ба амирӣ ва ҳоҷибону дабирону надимонашро ва Буалии Кутволро ва соҳибдевон Бусаъиди Саҳл ва соҳиббарид Ҳасани Убайдуллоҳро низ хилъатҳои

---

[1] яъне овоз хонданд.

[2] яъне, дар Хуросон шароб набояд хӯрд, то душманон аз ин сӯистифода накунанд.

[3] бустох – густох.

[4] яъне, моҳонаи лашкарро аз рӯйи меъёри муқаррар неву балки пурраву барзиёд пардохтанд.

[5] таъбия – оростан; тавре дида шуд, дар ин асар зиёд ба кор рафтааст, ки асосан ба маънои сафороийи лашкар ва ба ҷанг омода кардани лашкар аст.

[6] соли 430, ки баробар аст бо соли 1038 – 1039-и милодӣ.

[7] баробар бо 3 октябри соли 1038-и милодӣ.

гаронмоя доданд, ки дар он хилъат ҳар чиз буд аз олати шаҳрёрӣ ва ҳамчунон ҳочибону дабирону надимонашро. Ва дигар худованд-зодагонро бо саройи ҳарам намози хуфтан ба қалъатҳои Нойи Масъудӣ[1] ва Дидиру[2] бурданд, чунонки фармуда буду тартиб дода. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, бирафт аз Ғазнин рӯзи чаҳоруми муҳаррам ва ба саройпарда, ки ба Боғи Фирӯзӣ зада буданд, фуруд омад ва ду рӯз он ҷо бибуд, то лашкарҳову қавм ба ҷумла берун рафтанд, пас даркашиду[3] тафт биронд.

Ва ба Ситоҷ[4] нома расид аз вазир. Набишта буд: «Банда ба ҳукми фармони олӣ алафҳо дар боғ бифармуд, то ба тамомӣ бисохтанд ва чун қасди Валволиҷ кард, Булҳасани Ҳарейваро халифати хеш ба Балх монд, то он чӣ боқӣ мондааст аз шуғлҳо, рост кунад. Ва аъёни ноҳиятро ҳуҷҷат бигрифт, то нек ҷаҳд кунанд, ки омадани рояти олӣ сахт зуд хоҳад буд. Ва чун ба Хулм[5] расида омад, нома расид аз бариди Вахш[6], ки Буритагин аз миёни кумиҷиён ба Паркад[7] мехоҳад биёяд ва фавҷе аз эшон ва аз турки канҷина бад-ӯ пайвастааст ба ҳукми васалте, ки кард бо меҳтарони кумиҷиён ва қасди Ҳулбук[8] доранд. Ва бо вай, чунонки қиёс карданд, се ҳазор савори нек аст. Ва он ҷо биёр берасмӣ карданд ин лашкар, ҳарчанд Буритагин мегӯяд, ки ба хидмати султон меояд. Ҳол ин аст, ки боз намуда омад. Банда ба ҳукми он чӣ хонд, ин ҷо чанд рӯз муқом кард. Ва номаҳои дигар пайваста гашт аз ҳудуди Хатлон ба нафир[9] аз ӯ ва он лашкар, ки бо ӯст, чунонки ҳар куҷо бирасанд, ғорат аст. Банда савоб надид ба Паркад рафтан, роҳро бигардонид ва сӯйи Пирӯз ва Нахчир[10] рафт, то Бағлон равад аз он ҷо аз роҳи Ҳашимгирд[11] ба

---

[1] Ноӣ – номи қалъае, ки зиндони сиёсии шоҳони ғазнавӣ (дар ҳудуди Ҳиндустон) будааст. Шоири маъруф Масъуди Саъд муддати се сол дар он ҷо зиндонӣ будааст.

[2] дар сарчашмаҳои марбута доир ба ин қалъа маълумот дода нашудааст. Эҳтимол дар шимоли Ғазнин будааст.

[3] даркашид – ҳаракат кард.

[4] Ситоҷ – номи мавзеъ.

[5] Хулм – маконе миёни Балху Тахористон.

[6] Вахш – ноҳияи маъруф миёни Балху Хатлон (Муъҷаму-л-булдон), воқеъ дар Тоҷикистони имрӯза.

[7] Паркад – яке аз қарияҳои тобеи Бухоро (Муъҷаму-л-булдон); ҳамчунин номи қаряе дар ҳошияи Чоч.

[8] Ҳулбук – қасабаи Хатлон, «шаҳре аст бар кӯҳ ниҳода бо бисёр мардум бо рустоҳои бисёр» (Ҳудуду-л-олам), ки харобаҳои он дар мавзеъи Қурбоншаҳиди ноҳияи Восеъи Тоҷикистон воқеъ аст.

[9] нолаву фарёд

[10] Пируз ва Нахчир – номи ду маҳалле бар сари роҳи Балху Ғазнин ва тобеъи Тахористон.

[11] Ҳашимгирд – ҷое мобайни Бағлону Валволиҷ.

Валволиҷ равад. Ва агар вай ба шитоб ба Хатлон дарояд, аз оби Панҷ бигзарад ва дар сари ӯ фузулист, банда ба Дараи Шанкуй биравад ва ба хидмати рикоби олӣ шитобад, ки рӯй надорад ба Тахористон рафтан, ки аз ин ҳодиса, ки ҳоҷиби бузургро ба Сарахс уфтод, ҳар ноҷавонмарде боде дар сар кардааст. Ва ба Валволиҷ алаф сохта омадааст ва нома набишта, то эҳтиёт кунанд бар он ҷониб, ҳам уммол ва ҳам шиҳна. Ва бо ин ҳама нома набишт ба Буритагин ва расул фиристод ва зиштии ин ҳол, ки рафт ба Вахшу Хатлон боз намуд ва мусарраҳ бигуфт, ки «Султон аз Ғазнин ҳаракат кард ва агар ту ба тоъат меойӣ, асари тоъат нест». Ва гумони банда он аст, ки чун нома бад-ӯ расад, он ҷо, ки будаст, муқом кунад. Ва он чӣ рафт, боз намуда шуд, то муқаррар гардад ва ҷавоб ба зудӣ чашм дорад, то бар ҳасби фармон кор кунад, иншоаллоҳи таъоло».

Амир аз ин нома андешаманд шуда, ҷавоб фармуд, ки «Инак мо омадем ва аз роҳи Пажи Ғузак[1] меоем, бояд ки Хоҷа ба Бағлон ояд ва аз он ҷо ба Андароб[2], ба манзили Чавгонӣ[3] бо мо пайвандад». Ва ин номаро бар дасти хайлтошони мусриъ гусел карда омад. Ва амир ба таъҷилтар бирафт ва ба Парвон[4] як рӯз муқом кард ва аз Пажи Ғузак бигзашт. Чун ба Чавгонӣ расид, ду-се рӯз муқом буд, то бунаву зарродхонаву пилону лашкар даррасиданд. Ва вазир биёмад ва амирро бидид ва халвате буд сахт дароз ва дар ин абвоб сухан рафт. Амир ӯро гуфт: «Нахуст аз Буритагин бояд гирифт, ки душман ва душманбачча аст. Ва чун ӯро наздики бародараш Айнуддавла ҷое набудааст ва заҳра надошта аз бими писари Алитагин, ки атрофи вилояти эшон бигзаштӣ ва ҳамчунин аз волии Чағониён, ки ба ҷониби мо омадааст. Рост ҷониби мо забунтар аст, ки ҳар гурехтаро, ки ҷой намонад, ин ҷо боядаш омад». Вазир гуфт: «Худованд то ба Валволиҷ биравад, он ҷо пайдо ояд, ки чӣ бояд кард».

Дигар рӯз ҳаракат кард Амир ва нек биронд ва ба Валволиҷ фуруд омад рӯзи душанбе, даҳ рӯз монда аз муҳаррам[5] ва он ҷо диранг кард ва ба Парвон омад ва тадбири бирамонидани Буритагин кард. Ва гуфт ба тани хеш биравам тохтанро ва бисохт бар он, ки бар сари Буритагин биравад. Ва Буритагин хабари Султон шунида буд, бозгашт аз оби Панҷ ва бар он рӯйи об муқом кард. Ва ҷавоби вазир набишта буд, ки ӯ ба хидмат меояд ва он чӣ ба Вахшу ҳудуди

---

[1] Пажи Ғузак – гардана (ағба)-и Ғузак.
[2] Андароб – шаҳре байни Ғазнину Балх.
[3] Чавгонӣ – номи маконе дар наздикии Валволиҷ.
[4] Парвон – шаҳраке дар наздикии Ғазнин.
[5] баробар бо 23 октябри соли 1038-и милодӣ.

Ҳулбук рафт, бе илми[1] вай будааст. Вазир султонро гуфт: «Магар савоб бошад, ки худованд ин тохтан накунад ва аз ин ҷо ба Парвон муқом кунад, то расули Буритагин бирасад ва сухани вай бишнавем. Агар роҳ бар деҳа биравад, вайро бихонем ва навохта ояд ва ҳар аҳкомеву васиқат[2], ки карданист, карда ояд, ки марде ҷалду корӣ ва шуҷоъ аст ва фавҷе лашкари қавӣ дорад, то ӯро лашкаре тамом ва солоре дар рӯйи туркмонон кунем ва сомони ҷанги эшон беҳтар донад. Худованд ба Балх бинишинад ва моядор бошад ва сипоҳсолор бо лашкаре сохта бар ҷониби Марв ва ҳоҷиби бузург бо лашкаре дигар сӯйи Ҳироту Нишобур кашад ва бар хасмон занад ва ҷидд намояд, то эшонро гум кунанд ва ҳама ҳазимат шаванду куштаву гирифтор ва бигрезанд. Ва карони Ҷайҳун гирифта ояд ва банда ба Хоразм равад ва он ҷониб ба даст боз орад, ки ҳашами султон, ки онҷоанд ва Олтунтошиён чун бишнаванд омадани Амир ба Балх ва рафтани банда аз ин ҷо ба Хоразм, аз писарони Олтунтош ҷудо шаванд ва ба тоъат боз оянд ва он ноҳият софӣ гардад».

Амир гуфт: «Ин ҳама носавоб аст, ки Хоҷа мегӯяд. Ва ин корҳо ба тани хеш хоҳам пеш гирифт ва инро омадаам, ки лашкар, чунонки гӯям кор намекунанд ва пеши ман ҷон диҳанд, агар хоҳанд вагар на[3]. Буритагин бадтар аст аз туркмонон, ки фурсате ҷусту дартохт ва бештаре аз Хатлон ғорат кард ва агар мо пастар расидемӣ, вай он навоҳӣ хароб кардӣ. Ман нахуст аз вай хоҳам гирифт[4] ва чун аз вай фориғ шавам, он гоҳ руй ба дигарон орам». Вазир гуфт: «Ҳама ҳолҳоро, ки бандагон хайр бубинанду донанд боз бояд намуд, валекин раъйи худованд дурусттар аст». Сипоҳсолор ва ҳоҷиби бузург ва солорон, ки дар ин халват буданд, гуфтанд: «Буритагин дузде ронда аст, ӯро ин хатар[5] чиро бояд ниҳод, ки худованд ба тани хеш тохтан оварад? Пас мо ба чӣ шуғл ба кор оем?» Вазир гуфт: «Рост мегӯянд». Амир гуфт: «Фарзанд Мавдудро бифиристем». Вазир гуфт: «Ҳам носавоб аст». Охир қарор доданд бар он, ки сипоҳсолор равад. Ва ҳам дар ин маҷлис даҳ ҳазор савор ном набиштанду бозгаштанд ва кор рост карданд ва лашкар дигар

[1] яъне, беогоҳии вай.
[2] васиқат – он чӣ бад-он эътимол тавон кард дар коре; муҳкамкорӣ ва аҳду паймон.
[3] яъне, агар ман (амир) бошам, лашкар хоҳ- нохоҳ меҷанганд ва ба кушта шудан ҳам омода мебошанд.
[4] аз ӯ (Буритагин) шурӯъ хоҳам кард.
[5] хатар – ин ҷо хатар ба маънои эътибор, бузургӣ, аҳамият.

рӯз явм-ул-хамис ли ситтин бақина мина-л муҳаррам[1], сӯйи Хатлон бирафтанд. Ва аз устодам Бунаср шунудам, гуфт: «Чун аз ин халват фориғ гаштем, вазир маро гуфт, мебинӣ ин истибдодҳо ва тадбирҳои хато, ки ин худованд пеш гирифтааст? Тарсам, ки Хуросон аз дасти мо бишавад, ки ҳеч далели иқбол намебинам». Ҷавоб додам, ки Хоҷа муддате дароз аст, ки аз мо ғоиб будааст, ин худованд на он аст, ки ӯ дида буд ва ба ҳеч ҳол сухан наметавонад шунуд. Ва Эзид, азза зикруҳуро тақдирест дар ин корҳо, ки одамӣ ба сари он натавонад шуд ва ҷуз хомӯшӣ ва сабр рӯй нест, аммо ҳаққи неъматро он чӣ донем, боз бибояд намуд, агар шунуда ояд ва агар наёяд. Ва чун сипоҳсолор бирафт, Амир бар ҳудуди Гузгонон кашид.

Шарҳи аҳволи Али Қуҳандизӣ ва гирифтории ӯ

Дар он навоҳӣ марде буд, ки ӯро Али Қуҳандизӣ хондандӣ ва муддате дар он вилоят ба сар бурда ва дуздиҳову ғоратҳо карда ва муфсиде чанд мардумони ҷалд бо вай ёр шуда ва корвонҳо мезаданду деҳаҳо ғорат мекарданд. Ва ин хабар ба Амир расида буд, ҳар шиҳна, ки мефиристод, шарри ӯ дафъ намешуд. Чун он ҷо расид, ин Алии Қуҳандизӣ, ҷое ки онро Қуҳандиз[2] гуфтандӣ ва ҳисоре қавӣ дар сӯрохӣ бар сари кӯҳе дошт, ба даст оварда буд, ки ба ҳеч ҳол мумкин набуд онро ба ҷанг ситадан ва он ҷо бозшуда ва бисёр дузду айёр бо бунаҳо он ҷо нишонда. Ва дар ин фатарот, ки ба Хуросон уфтод, бисёр фасод карданд ва роҳ заданду мардум куштанд ва номе гирифта буданд[3]. Ва чун хабари рояти олӣ шунид, ки ба Парвон расид, дар ин сӯрохӣ хазид ва ҷангро бисохт, ки алаф дошт сахт бисёр ва обҳои равон ва марғзоре бар он кӯҳ ва гузар яке[4] ва эмин, ки ба ҳеч ҳол онро ба ҷанг натавон ситад.

Амир, разияллоҳу анҳу, бар лаби обе дар ин роҳ фуруд омад ва то ин сурох ним фарсанг буд. Лашкар бисёр алаф гирд кард, ниёз наёмад, ки ҷаҳони гиёҳ буд ва андоза нест ҳудуди Гузгононро, ки марғзори хуш ва бисёр хуб аст. Ва Нӯштагини Навбатӣ ба ҳукми он, ки иморати Гузгонон ӯ дошт, он ҷанг бихост, ҳар чанд бериш[5] буд ва дар сарой буд, Амир иҷобат кард ва вай бо ғуломе панҷоҳ бериши хеш, ки дошт ба пойи он сӯрох рафт ва ғуломе понсад

[1] рӯзи панҷшанбе шаш рӯз монда аз муҳаррам, баробар бо 28 октябри соли 1038-и милодӣ.
[2] Қуҳандиз арабшудаи куҳандиж, куҳандиз.
[3] номе гирифта буданд – номдор шуданд.
[4] яъне, он қалъа фақат як гузаргоҳ дошт.
[5] бериш – муханнас, амрад; низ ба маънии номард, паст ва дунҳиммат.

саройӣ низ бо ӯ бирафтанд ва мардуми тафориқ[1] низ марде се-чаҳор ҳазор чӣ ба ҷанг ва чӣ ба наззора. Ва Нӯштагин дар пеш буд ва ҷанг пайвастанд. Ва ҳисориёнро бас ранҷе набуд ва санг мегардониданд[2].

Ва ғуломи устодам Бойтагин низ рафта буд бо сипаре барои ёрӣ додан. Ва ин Бойтагин ба ҷой аст[3], марде ҷалду корӣ ва савора, ба шӯронидани ҳамаи силоҳҳо устод, чунонки анбоз[4] надорад ба бозии гӯй. Ва имрӯз санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[5], ки таърихро бад-ин ҷой расонидам, хидмати худованд султони бузург Абулмузаффар Иброҳим, анороллоҳу бурҳонаҳу, мекунад. Хидмате хоссатар ва он хидмат чавгону силоҳу найзаву тир андохтан ва дигар риёзатҳост ва охир фарру шукӯҳ ва хушнудии устодам вайро дарёфт, то чунин пояи бузург вайро дарёфта омад. Ин Бойтагин хештанро дар пеши Нӯштагини Навбатӣ афганд, Нӯштагин гуфт: «Куҷо меравӣ, ки он ҷо санг меояд, ки ҳар санге ва марде[6] ва агар ба ту балое расад, кас аз Хоҷаи амид Бунаср боз нараҳад». Бойтагин гуфт: «Пештарак равам ва дастгарӣ[7] кунам». Ва бирафт ва санг равон шуд ва вай хештанро нигоҳ медошт.

Пас овоз дод, ки ба расулӣ меоям, мазанед. Даст бикашиданд ва вай бирафт, то зери сӯрох. Расане фурӯ гузоштанд ва вайро баркашиданд. Ҷое дид ҳавлу манеъ[8], бо хештан гуфт: «Ба дом уфтодам!» Ва бурданд ӯро то пеши Алии Қуҳандизӣ ва бар бисёр мардум гузашт ҳама тамомсилоҳ[9]. Алӣ вайро пурсид «Ба чӣ омадаӣ? Ва Бунасрро агар як рӯз дидаӣ, муҳол будӣ, ки ин мухотара[10] бикардӣ, зеро ки ин раъй аз раъйи Бунаср нест. Ва ин кӯдак, ки ту бо вай омадаӣ кист?» Гуфт: «Ин кӯдак, ки ҷанги ту бихостааст, амири Гузгонон аст ва як ғулом аз ҷумлаи шаш ҳазор ғулом, ки султон дорад. Маро сӯйи ту пайғом додааст, ки дареғ бошад, ки аз чун ту марде раъийяту вилоят барбод шавад, ба сулҳ пеш ой, то туро пеши худованд барам ва хилъати сарҳангӣ ситонам».

Алӣ гуфт: «Амоне ва дилгармие мебояд». Бойтагин ангуштарии яшм дошт, берун кашиду гуфт: «Ин ангуштарии худованд-султон аст ба Амир Нӯштагин додааст ва гуфта, ки наздики ту фиристад».

---

[1] мардуми тафориқ – афроди гуногун.
[2] барои дифоъ аз худ сангҳои бузургро аз кӯҳ меғалтонданд.
[3] дар қайди ҳаёт аст.
[4] анбоз – ҳамто, монанд, назир, мисл.
[5] соли саду панҷоҳу як, ки баробар аст бо соли 1059 – 1060-и милодӣ.
[6] яъне, ҳар санге ба марде мерасад ва ӯро аз пой меафтонад.
[7] дастгарӣ – дасту панҷа нарм кардан, мубориза талабидан.
[8] маконе пурбиму баланди дастнорас.
[9] ҳама саропо мусаллаҳ .
[10] мухотара – худро ба хатар афкандан.

Он ғарчаро[1] аҷал омада буд, бад-он сухан фирефта шуд ва бархост, то фуруд ояд. Қавмаш бад-ӯ овехтанду[2] аз даҳал[3] битарсониданд ва фармон набурд, то наздики дар биёмад ва пас пушаймон шуду бозгашт. Ва Бойтагин афсун равон кард ва аҷал омада буд ва далерӣ бар хунҳо чашми хирадаш бибаст[4], то қарор гирифт бар он, ки зер ояд. Ва то дар ин буд, ғуломони султон беандоза ба пойи сӯрох омада буданд ва дар бигшоданду Алиро Бойтагин остин гирифта, фурӯ рафт. Ва фурӯ рафтан он буду қалъат гирифтан, ки мардуми мо бирафтанду қалъат бигирифтанд бад-ин ройгонӣ ва ғорат карданду мардуми ҷангии ӯ ҳама гирифтор шуд.

Ва хабар ба Амир расид. Нӯштагин гуфт: «Ин ӯ[5] кардааст!» Ва ному ҷоҳаш зиёдат шуд ва ин ҳама Бойтагин карда буд. Бад-он вақт сахт ҷавон буд ва чунин донист кард. Имрӯз чун подшоҳе бад-ин бузургӣ, адомаллоҳу султонаҳу, ӯро баркашид[6] ва ба хештан наздик кард, агар зиёдат иқболу навохт ёбад, тавон донист, ки чӣ донад кард. Ва ҳаққи баркашидаи устодам, ки маро ҷойи бародар аст, низ бигузордам ва шарти таърих ба ситадани ин қалъат ба ҷой овардам. Амир фармуд, ки ин муфсиди малъунро, ки чандон фасод карда буд ва хунҳо рехта баноҳақ, ба ҳарас[7] боздоштанд бо муфсидони дигар, ки ёронаш буданд. Ва рӯзи чаҳоршанбе ин Алиро бо саду ҳафтод тан бар дорҳо кашиданд, дур аз мо[8]. Ва ин дорҳо дурӯя буд, аз дари он сӯрох то он ҷо, ки расид ва он сӯрох биканданд ва қалъат вайрон карданд, то ҳеч муфсид паноҳ насозад.

Ва Амир аз он ҷо бархост ва сӯйи Балх кашид. Дар роҳ нома расид аз сипоҳсолор Алӣ, ки Буритагин бигрехт ва дар миёни кумиҷиён шуд, бандаро чӣ фармон бошад? Аз Хатлон думи ӯ гирад[9] ва ё он ҷо бибошад ва ё боз гардад? Ҷавоб рафт, ки ба Балх бояд омад, то тадбири ӯ сохта ояд. Ва Амир ба Балх расид, рӯзи панҷшанбе чаҳордаҳуми сафар[10] ва ба боғ фуруд омад ва сипоҳсолор Алӣ низ даррасид пас аз мо ба ёздаҳ рӯз ва Амирро бидиду гуфт: «Савоб буд думи ин душман гирифтан, ки вай дар сар

---

[1] ғарча – нодон, аблаҳ, ахмақ.
[2] атрофиёнаш ӯро аз рафтан боз медоштанд.
[3] даҳал – макру ҳила.
[4] далерӣ ва густохии ӯ дар одамкушӣ муҷиби баста шудани чашми хирадаш гардид.
[5] яъне, Нӯштагин.
[6] яъне, соҳиби мақому мартаба кард.
[7] ҳарас – маҳбас, зиндон.
[8] дур аз мо – яъне ин сарнавишти бад аз ҷони мо дур бод!
[9] думи ӯ гирад – ӯро таъқиб кунад.
[10] баробар бо 24 ноябри соли 1038-и милодӣ.

ҳама фасод дошт». Ва боз намуд[1], ки мардумони Хатлон аз вай ва лашкараш ранҷ диданд ва чӣ лофҳо заданду гуфтанд, ки «Ҳар гоҳ ки Салҷуқиёнро расад, ки Хуросон бигиранд, ӯро сазовортар, ки маликзода аст».

Амир дигар руз халвате кард бо вазиру аъён ва гуфт: «Фариза шуд нахуст шуғли Буритагинро пеш гирифтан ва-з ӯ пардохтан дар ин зимистон ва чун баҳор фароз ояд, қасди туркмонон кардан». Вазир овоз надод. Амир гуфт: «Албатта сухан бигӯед». Гуфт: «Кори ҷанг нозук аст, худованд-султонро дар ин боб сухан бояд гуфт, банда, то тавонад, дар чунин абвоб сухан нагӯяд, чӣ гуфти банда худовандро нохӯш меояд». Устодам гуфт: «Хоҷаи Бузургро неку бад мебояд гуфт, ки султон агарчӣ дар коре мусирр[2] бошад, чун андешае боз гуморад[3], охир сухани носеҳону мушфиқонро бишнавад». Вазир гуфт: «Ман ба ҳеч ҳол савоб намебинам дар чунин вақт, ки об барандозанд ях шавад, лашкар кашида ояд, ки лашкар ба ду вақт кашанд – ё вақти наврӯз, ки сабза расад, ё вақти расидани ғалла. Мо коре муҳимтар пеш дорем ва лашкарро ба Буритагин машғул кардан сахт носавоб аст, наздики ман[4] нома бояд кард ҳам ба волии Чағониён ва ҳам ба писарони Алитагин, ки ақду аҳд бастанд, то думи ин мард гиранд ва ҳашами ӯро битозанд, то ҳам коре барояд ва ҳам агар осебе расад, боре ба яке аз эшон расад, ба лашкари мо нарасад». Ҳамагон гуфтанд: «Ин раъйи дуруст аст!» Амир гуфт: «То ман дар ин нек бияндешам». Ва бозгаштанд. Ва пас аз он Амир гуфт: «Савоб он аст, ки қасди ин мард карда ояд».

Ва ҳаштуми моҳи рабеъулаввал[5] нома рафт сӯйи Багтагини Чавгондори маҳмудӣ[5] ва фармуда омад, то бар Ҷайҳун пуле баста ояд, ки рикоби олиро ҳаракат хоҳад буд сахт зуд. Ва кутволии Тирмиз пас аз Қутулғи Сабуктагинӣ Амир бад-ин Багтагин дода буд ва вай марде муборизу шаҳм[6] буд ва солориҳо карда, чунонки чанд ҷой дар ин тасниф биёвардаам. Ва ҷавоб расид, ки пул баста омад ба ду ҷой ва дар миёна ҷазира, пуле сахт қавию муҳкам, ки олат ва киштӣ ҳама бар ҷой буд аз он вақт боз, ки Амир Маҳмуд фармуда буд. Ва банда касон гумошт пулро, ки баста омадааст аз ин ҷониб ва он ҷониб, ба шабу рӯз эҳтиёт нигоҳ медоранд, то душман ҳилате насозад ва онро табоҳ накунад. Чун ин ҷавоб бирасид, Амир кори ҳаракат сохтан гирифт, чунонки хеш биравад ва ҳеч касро заҳра

[1] боз намуд – ошкор сохт.
[2] мусир – исроркунанда пофишоранда.
[3] нек андеша кунад.
[4] ба ақидаи ман.
[5] баробар бо 8 декабри соли 1038-и милодӣ
[6] шаҳм – бошаҳомат, далер; тезхотир.

набуд, ки дар ин боб сухане гӯяд, ки Амир сахт зағир[1] мебуд, азбас ахбори гуногун мерасид, ҳар рӯз халале нав.

Ва корҳои ноандешида мукаррар карда омада буд дар муддати нуҳ сол ва оқибат акнун пайдо меомад. Ва турфатар[2] он буд, ки ҳам фуруд намеистод аз истибдод. Ва чун фурӯ тавонист истод, ки тақдири Офаридгор, ҷалла ҷалолаҳу, дар камин нишаста буд. Вазир чанд бор устодамро гуфт: «Мебинӣ ки чӣ хоҳад кард? Аз об гузора хоҳад шуд дар чунин вақт ба рамонидани Буритагин, бад-он ки вай ба Хатлон омад ва аз Панҷоб бигузашт. Ин корест, ки Худой беҳ донад, ки чун шавад, авҳом ва хавотир[3] аз ин оҷизанд». Бунаср ҷавоб дод, ки «ҷуз хомӯшӣ рӯй нест, ки насиҳат, ки ба туҳмат бозгардад, нокарданист»[4]. Ва ҳама ҳашам медонистанд ва бо якдигар мегуфтанд беруни парда[5] аз ҳар ҷинсе ва чизе. Ва Бусаъиди мушрифро мефароз карданд[6], то менабишт ва суд намедошт ва чун пеши Амир расидандӣ ба мувофақати вай сухан гуфтандӣ, ки дар хашм мешуд.

Рӯзи одина, сездаҳуми моҳи рабеъулаввал, Булқосими дабир, ки соҳиббаридии Балх дошт, гузашта шуд. Ва ҳоли ин Булқосим як ҷой боз намудам дар ин таърих[7], дигар бор гуфтан шарт нест. Дигар рӯз шуғли баридӣ ба Амираки Байҳақӣ[8] боз дод Амир ва устодам нек ёрӣ дод ӯро дар ин боб ва озоре[9], ки буд, миёни вай ва вазир бардошт, то он кор рост истод ва хилъати некӯ доданд ӯро.

Рӯзи шанбе, нимаи ин моҳ[10], номаи Ғазнин расид ба гузашта шудани Амир Саъид, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва Амир фуруди сарой буд ва шароб мехӯрд, нома биниҳоданд ва заҳра надоштанд, ки чунин хабаре дар миёни шароб хӯрдан бад-ӯ расонанд. Дигар рӯз, чун бар тахт бинишаст, пеш то[11] бор бидод, сохта буданд, ки ин нома ходим пеш бурд ва бидоду бозгашт. Амир чун нома бихонд, аз тахт фуруд омад ва оҳе бикард, ки овозаш фуруди сарой бишниданд.

---

[1] заҷир – дилтанг, хашмгин.
[2] турафатар – аҷибтар.
[3] авҳому хавотир – пиндорҳо ва тасаввурҳо.
[4] яъне, насиҳату панди хайрхоҳӣ агар боиси туҳмат шавад набояд гуфт.
[5] беруни парда – ошкоро; берун аз маҷлиси султонӣ.
[6] мефароз карданд – водор мекарданд.
[7] шояд ин шарҳи ҳол ки Байҳақӣ мегӯяд дар қисматҳои ба салтанати Маҳмуд бахшида омада бошад, зеро дар ин китоб чунин чизе ба чашм нахӯрд.
[8] Амираки Байҳақӣ дар гузашта ин мансабро уҳдадор шуда буд.
[9] озурдагӣ.
[10] баробар бо 15 декабри соли 1038-и милодӣ.
[11] пеш аз он ки.

Ва фармуд ходимонро, ки пешравоқ[1], ки бардошта буданд, фурӯ гузоштанд ва овоз омад, ки имруз бор нест. Ғуломонро боз гардониданд ва вазиру авлиёву ҳашам ба торам омаданд ва то чоштгоҳи фарох бинишастанд, ки магар Амир ба мотам нишинад. Пайғом омад, ки ба хонаҳо боз бояд гашт, ки нахоҳам нишаст ва қавм бозгаштанд.

Ва гузашта шудани ин ҷавон нодира қиссаест, ночор биёрам, ки Амир аз ҳамаи фарзандон ӯро дӯсттар дошт ва ӯро валиаҳд мекард ва Худой, азза ва ҷалла, номзади ҷойи падар Амир Мавдудро кард, падар чӣ тавонист кард? Ва пеш то хабари марг расид, номаҳо омад, ки ӯро обила омадааст, Амир, раззияллоҳу анҳу, дилмашғул мебуду мегуфт: «Ин фарзандро як бор обила омада буд, ин дигарбора ғариб аст». Ва обила набуд, ки иллат уфтод ҷавони ҷаҳоннодидаро ва роҳи мардӣ бар вай баста монд, чунонки бо занон натавонист буд ва мубошират кард. Ва бо табибе нагуфта буданд, то муолаҷате кардӣ рост устодона, ки иннин[2] набуд ва уфтад ҷавононро аз ин иллат. Занон гуфта буданд, чунонки ҳилатҳо ва дуккони эшон аст, ки «Ин худовандзодаро бастаанд» ва пирзане гардезӣ заҳре дар гушод ва аз он об бикашид ва чизе бар он афганд ва бад-ин азизи гиромӣ дод, хӯрдан буду ҳафт андомро ифлиҷ[3] гирифтан. Ва ёздаҳ рӯз бихусбиду пас карона шуд[4]. Амир, разияллоҳу анҳу, бар ин фарзанд бисёр ҷазаъ[5] карда буд фуруди сарой. Ва ин марги нобиюсида[6] ҳам яке буд аз иттифоқи бад, ки дигар кас наёраст гуфт ӯро, ки аз об гузаштан савоб нест, ки касро бор намедод ва муғофаса барнишасту сӯйи Тирмиз рафт.

Ва пас дар ин ду рӯз пайғом омад сӯйи вазир, ки ночор бибояд рафт. Туро бо фарзанд Мавдуд ба Балх муқом бояд кард бо лашкаре, ки ин ҷо номзад кардем аз ғуломони саройӣ ва дигар асноф. Ва ҳоҷиб Субошӣ ба дараи Газ равад ва асбону ғуломони саройиро он ҷо бад-он навоҳӣ бо силоҳ бидошта бувад ва бо вай ду ҳазор турку ҳинду беруни ғуломон ва хайли вай. Ва ҳоҷиб Багтуғдӣ он ҷо монад бар сари ғуломон ва сипоҳсолор боз омад ва лашкариёне аз муқаддамону сарҳангону ҳоҷибон, ки набишта

---

[1] равоқ – айвони хона, манзур аз пешравоқ пардаҳоест, ки назди хона меовезанд, яъне пардае, ки барои бор додан бардошта буданд, дубора бияндохтанд, ки касе ба ҳузури султон наёяд.

[2] иннин (ъиннин) – касе, ки аз қуввати мардӣ маҳрум аст; марде, ки қодир бар ҷимоъ набошад; ҳез.

[3] ифлиҷ сустӣ ки дар нимаи бадан ё дар тамоми он ҳодис гардад; фалаҷ.

[4] даргузашт.

[5] ҷазаъ – бетобӣ, ношикебоӣ, нолаву зорӣ.

[6] ногаҳон, ғайримунтазира.

омадааст, он корро ҳама рост бояд кард. Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва то наздики намози шом ба даргоҳ бимонд, то ҳамаи корҳо рост карда омад.

Ва Амир аз Балх бирафт бар ҷониби Тирмиз рӯзи душанбе, нуздаҳуми ҳамин моҳ[1], бар пул бигузашт ва бар саҳрое, ки баробари қалъати Тирмиз аст, фуруд омад. Ва устодам дар ин сафар бо Амир буд ва ман бо вай бирафтам ва сармое буд, ки дар умри хеш монанди он кас ёд надошт. Ва аз Тирмиз бардошт[2] рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз монда аз ин моҳ ва ба Чағониён расид рӯзи якшанбе, салхи ин моҳ[3]. Ва аз он ҷо бардошт рӯзи чаҳоршанбе савуми моҳи рабеъулохир ва бар роҳи дараи Шумон[4] бирафт, ки нишони Буритагин он ҷо доданд. Ва сармои он ҷо аз лавне дигар буд ва барф пайваста гашт ва дар ҳеч сафар лашкарро он ранҷ нарасид, ки дар ин сафар.

Рӯзи сешанбеи нуҳуми ин моҳ номаи вазир расид бар дасти саворони мураттаб, ки бар роҳ рост истонида буданд. Боз кард, набишта буд, ки «Ахбор расид, ки Довуд аз Сарахс бо лашкаре қавӣ қасди Гузгонон кард, то аз роҳи Андхуд ба каронаи Ҷайҳун ояд. Ва менамояд, ки қасди он дорад, ки пул табоҳ кунад, то лаби об бигирад ва фасоде ангезад бузург. Банда боз намуд, то тадбири он сохта ояд, ки дарде сахт аст. Агар фа-л иёзубиллоҳ пул табоҳ кунад, обрехтагӣ[5] бошад». Амир сахт дилмашғул шуд. Ва Буритагин аз Шумон бирафта буд ва дара гирифта, ки бо он замин ошно буд ва раҳбарони сара[6] дошт. Амир бозгашт аз он ҷо, коре норафта рӯзи одина дувоздаҳуми ин моҳ ва ба таъҷил биронд, то ба Тирмиз омад. Буритагин фурсате нигоҳ дошт[7] ва баъзе аз буна бизад ва уштуре чанду асбе чанд ҷанибат бирабуданду бибурданд ва обрехтагӣ ва дилмашғулӣ бибуд. Ва Амир ба Тирмиз расид рӯзи одина, бисту шашуми моҳи рабеъулохир[8]. Ва кутвол Багтагини Чавгондор дар ин сафар бо Амир рафта буд ва хидматҳои писандида карда ва ҳамчунон ноибонаш ва сарҳангони қалъат ин ҷо эҳтиёти тамом карда буданд. Амир эшонро иҳмоди тамом кард ва хилъат фармуд. Ва дигар рӯз ба Тирмиз бибуд, пас бар пул бигузашт рӯзи якшанбе,

[1] баробар бо 19 декабри соли 1038-и милодӣ.
[2] бардошт – ҳаракат кард.
[3] баробар бо 3 январи соли 1039-и милодӣ.
[4] мурод аз Шумон, ки ҳамсарҳади Чағониён буд, Ҳисори Тоҷикистон мебошад.
[5] обрехтагӣ – обрӯрезӣ.
[6] раҳбарони сара – раҳбарони огоҳу кордон.
[7] ғанимат шумурд.
[8] баробар бо 25 январи соли 1039-и милодӣ.

ду рӯз монда аз ин моҳ. Ва пас ба Балх омад рӯзи чаҳоршанбе дувуми моҳи ҷумодалуло[1] .

Номаҳо расид аз Нишобур рӯзи душанбе ҳафтуми ин моҳ[2], ки Довуд ба Нишобур шуда буд ба дидани бародар ва чиҳил рӯз он ҷо муқом кард ҳам дар Шодёх дар он кушк ва понсад ҳазор дирам силатӣ дод ӯро Туғрал. Ва ин молу дигар мол он чӣ даркор буд, ҳама солори Бузгон сохт. Пас аз Нишобур бозгашт сӯйи Сарахс бар он ҷумла, ки ба Гузгонон ояд.

Амир ба ҷашни Наврӯз бинишаст рӯзи чаҳоршанбе, ҳаштуми ҷумодалухро[3]. Рӯзи одина, даҳуми ин моҳ, хабар омад, ки Довуд ба Толиқон омад бо лашкаре қавӣ ва сохта. Ва рӯзи панҷшанбе, шонздаҳуми ин моҳ[4], хабари дигар расид, ки ба Порёб[5] омад ва аз он ҷо ба Шабурқон хоҳад омад ба таъҷил ва ҳар куҷо расанд, ғорат асту куштан. Ва рӯзи сешанбе, ҳаждаҳуми ин моҳ дар шаб даҳ саворе туркмон биёмаданд ба дуздӣ то наздики боғи султон ва чаҳор пиёдаи ҳиндуро бикуштанд ва аз он ҷо наздики қуҳандиз баргаштанд. Ва пилонро он ҷо медоштанд, пилеро диданду бинигаристанд, кӯдаке бар қафои пил буд хуфта. Ин туркмонон биёмаданду пилро ронданд ва кӯдак хуфта буд, то як фарсангӣ аз шаҳр бирафтанд. Пас кӯдакро бедор карданду гуфтанд: «Пилро шитобтар бирон, ки агар наронӣ бикушем!» Гуфт: «Фармонбурдорам!» Рондан гирифт ва саворон ба дум меомаданд ва неру мекарданду найза мезаданд. Рӯз масофате сахт дур шуда буданд ва пил ба Шабурқон расониданд. Довуд саворонро силат доду гуфт, то пил сӯйи Нишобур бурданд в-аз он зиштномӣ ҳосил шуд, ки гуфтанд: «Дар ин мардумон чандин ғафлат аст, то мухолифон пил тавонанд бурд». Ва Амир дигар рӯз хабар ёфт, сахт тагдил шуд ва пилбононро бисёр маломат кард ва сад ҳазор дирам фармуд, то аз эшон бистаданд баҳои пил. Ва чанд танро бизаданд аз пилбонони ҳинду.

Ва рӯзи душанбе, бистуми ин моҳ[6] Олтии туркмон, ҳоҷиби Довуд, бо ду ҳазор савор ба дари Балх омад ва ҷое, ки он ҷоро Банди Кофирон гӯянд, биистод ва дехе ду ғорат карданд. Чун хабар ба шаҳр расид, амир тангдил шуд, ки асбон ба Дараи Газ буданд ва Ҳоҷиби Бузург бо лашкар бар сари он. Силоҳ хост, то бипӯшад ва

[1] баробар бо 1 марти соли 1039-и милодӣ.
[2] баробар бо 6 марти соли 1039-и милодӣ.
[3] баробар бо 7 марти соли 1039-и милодӣ.
[4] баробар бо 15 марти соли 1039-и милодӣ.
[5] Порёб ё Форёб шаҳри машҳури Хуросон, ки дар наздикии Балх ва бар каронаи Ҷайҳун воқеъ буд.
[6] баробар бо 19 марти соли 1039-и милодӣ.

барнишинад бо ғуломони хос, ки асб доштанд ва ҳазоҳиз дар даргоҳ уфтод. Вазиру сипоҳсолор биёмаданду бигуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, чӣ уфтодааст, ки худованд ба ҳар боре силоҳ хоҳад? Муқаддамгунае омадааст, ҳамчун ӯ касеро бояд фирстод ва агар қавитар бошад, сипоҳсолор равад». Ҷавоб дод, ки чӣ кунам, ин беҳамиятон[1] – лашкариён кор намекунанд ва об[2] мебаранд. Ва душноми бузурги ин подшоҳ ин будӣ. Охир қарор доданд, ки ҳочибе бо саворе чанд хайлтош ва дигар асноф бирафтанд ва сипоҳсолор мутанаккир бе кӯсу алам ба думи эшон рафт ва намози дигар дастовез карданд ва ҷанге сахт буд ва аз ҳар ду рӯй чанд тан куштаву маҷрӯҳ шуд. Ва шаб Олтӣ бозгашт ва ба Алиобод[3] омад.

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳафт рӯз монда аз моҳ, хабар расид ва растохезу нафир аз Алиобод бихост. Амир фармуд, то лашкар ҳозир ояд ва асбон аз Дараи Газ биёварданд ва ҳочиб Субошӣ биёмад бо лашкар. Амир, разияллоҳу анҳу, аз Балх бирафт рӯзи паншанбе, ғурраи раҷаб[4] ва ба Пули Корвон фуруд омад ва лашкарҳо даррасиданд. Ва он ҷо таъбия фармуд; ва ман рафта будам ва бирафт аз он ҷо бо лашкаре сохта ва пиле сӣ бештар маст.

Ва рӯзи душанбе, нуҳуми моҳ[5], мухолифон пайдо омаданд ва ба саҳрои Алиобод аз ҷониби биёбон ва султон ба болое биистод ва бар модапил буд ва лашкар даст ба ҷанг карду ҳар касе мегуфт: инак шӯху далер марде, ки ӯст! Бе бародар ва қавму аъён рӯ ба рӯйи подшоҳе бад-ин бузургӣ омадааст. Ва ҷанг сахт шуд аз ҳар ду рӯй. Ман ҷанги масоф ин рӯз дидам дар умри хеш, гумон мебурдам, ки рӯз ба чоштгоҳ нарасида бошад, ки хасмонро барчида бошад лашкари мо, шаш ҳазор ғуломи сароӣ буд беруни[6] дигар аснофи мардум. Худ ҳол ба хилофи он омад, ки занни[7] ман буд, ки ҷанги сахт шуд ва дар майдони ҷанг ками понсад савор кор мекарданд ва дигар лашкар ба наззора буд, ки чун фавҷе монда шуд, фавҷе дигар осуда пеши кор рафтӣ. Ва бар ин ин ҷумла бидошт, то наздики намози пешин, Амир заҷир шуд, асб хост ва аз пил силоҳ пӯшида ба асб омад ва кас фиристод пеши Багтуғдӣ, то аз ғуломон ҳазор муборизи зиреҳпӯши некасба, ки ҷудо карда омадааст, бифиристад ва бисёр тафориқ низ гирд омаданд. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ба тани хеш ҳамла бурд ба майдон, пас биистод ва ғуломон неру

[1] беҳамият – беномус, беғайрат, беорият.
[2] об – обрӯ.
[3] Алиобод – деҳае дар наздикии Балх.
[4] баробар бо 29 марти соли 1039-и милодӣ.
[5] баробар бо 6 апрели соли 1039-и милодӣ.
[6] берун – илова, бар ғайр аз.
[7] гумони.

карданд ва хасмон ба ҳазимат бирафтанд, чунонки кас мар касро наистод[1]. Ва тане чанд аз хасмон бикуштанд ва тане бист дастгир карданд ва дигарон пароканда бар қониби биёбонон рафтанд ва лашкари султонӣ хостанд, ки бар асари эшон раванд, Амир нақибон фиристод, то нагузоштанд, ки ҳеч кас ба думи ҳазимат бирафтӣ ва гуфтӣ биёбон асту хатар кардан муҳол аст. Ва ғараз он аст, ки қумларо зада ояд ва инҳо, ки омада буданд дастбурде[2] диданд. Ва агар ба талаби дум шудӣ, кас аз хасмон нарастӣ, ки пас аз он ба як моҳ муқарарр гашт ҳол, ки қосусону мунҳиёни мо боз намуданд, ки хасмон гуфта буданд, ки пеши масофи ин подшоҳ мумкин нест, ки кас биистад ва агар бар асари мо, ки ба ҳазимат бирафта будем, кас омадӣ, кори мо зор будӣ. Ва асирон пеш оварданд ва ҳолҳо пурсиданд, гуфтанд, Довуд беризову фармони Туғрал омад бар ин қониб, гуфт: яке баргароем[3] ва наззора кунем. Амир фармуд, то эшонро нафақот доданд ва раҳо карданд. Ва Амир ба Алиобод фуруд омад як рӯз ва пас бозгашт ба Балх рӯзи шанбе, ҳабдаҳуми рақаб[4] ва он қо бибуд, то ҳарчӣ зиёдат хоста буд аз Ғазнин, даррасид.

Ва номае расид аз Буртагин бо расул ва узрҳо хоста ва Амир қавоби некӯ фармуд, ки ин мард чун волии Чағониён гузашта шуд бад-он қавонӣ ва аз вай фарзанде намонд, бирафт ва ба пуштии[5] кумиқиён Чағониён бигирифт ва миёни вай ва писарони Алитагин мукошафате[6] сахт азим ба пой шуд ва Амир чун шуғле ба пеш дошт, қуз он надид ба оқили-л-ҳол[7], ки миёни ҳар ду гуруҳ тазриб[8] бошад, то ал-килобу ала-л бақар[9] бошад. Ва эшон ба якдигар машғул шаванд ва фасоде дар ғайбати вай аз ин ду гурӯҳ дар мулки вай наёяд. Ва охир на чунон шуд ва биёрам, ки чӣ сон шуд, ки аҳоибу наводир аст, то муқаррар гардад, ки дар пардаи ғайб чӣ будааст ва авҳому хавотири ҳамагон аз он қосир[10].

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, аз Балх ҳаракат кард бад-он, ки ба Сарахс равад, рӯзи сешанбе, нимаи шаъбон[11], бо лашкареву уддате

---

[1] кас мар касро наистод – яъне, ҳар кас дар андешаи наҷоти қони худ буд.
[2] дастбурд – муҷозот, гӯшмол
[3] баргароем – як бор биёзмоем
[4] баробар бо 6 апрели соли 1039-и милодӣ
[5] пуштии – пуштибонии.
[6] мукошафат – ошкоро душманӣ кардан, ҷанги рӯйрост кардан.
[7] бошитоб
[8] тазриб – барангезиш, таҳрик, фитнаангезӣ, иғвогарӣ.
[9] дар форсӣ масалест: «Гушти хару дандони саг».
[10] яъне бар хилофи пиндору чашмдошт, чизе рух дод, андешаву дарки ҳамагон аз он кӯтоҳ омад.
[11] баробар бо 12 майи соли 1039-и милодӣ.

сахт тамом ва ҳамагон иқрор доданд, ки кулли Туркистонро[1], ки пеш оянд битвон зад. Ва дар роҳ диранге мебуд, то лашкар аз ҳар ҷойи дигар, ки фармуда буд, мерасиданд. Ва дар рӯзи якшанбе, ғурраи моҳи рамазон[2], ба Толиқон расид ва он ҷо ду рӯз бибуд, пас бирафт таъбия карда.

Ва қосидону ҷосусон расиданд, ки Туғрал аз Нишобур ба Сарахс расида ва Довуд худ он ҷо бибуд ва Ябғу аз Марв он ҷо омад ва саворе бист ҳазор мегӯянд, ҳастанд ва тадбир бар он ҷумла карданд, ки ба ҷанг пеш оянд, то худ чӣ пайдо ояд. Ва ҷанг ба Талхоб[3] ва деҳи Бозаргонон хоҳанд кард. Ва Туғрал ва Янолиён мегуфтанд, ки Рай ва Ҷиболу Гургон пеши мост ва муште мустаъкилаву[4] дайламу курданд он ҷо, савоб он аст, ки равем ва рӯзгоре фарох карона кунем, ки Дарбанди Рум[5] бехасм аст, Хуросону ин навоҳӣ яла кунем бо султон бад-ин бузургиву ҳашамат, ки чандин лашкару раият дорад.

Довуд гуфт: «Бузурго ғалато, ки шумоёнро уфтодааст! Агар қадами шумоён аз Хуросон бичунбад, ҳеч ҷой бар замин қарор набошад аз қасди ин подшоҳ ва хасмони қавӣ, ки вай аз ҳар ҷонибе бар мо ангезад. Ва ман ҷанги лашкар ба Алиобод дидам, ҳар чӣ хоҳӣ мардуму олат ҳаст, аммо буна гарон аст, ки эшонро мумкин нагардад онро аз хештан ҷудо кардан, ки бе вай зиндагонӣ натавон кард ва бад-он дармондаанд, ки худро нигоҳ тавонанд дошт ё бунаро. Ва мо муҷаррадему бе буна ва Багтуғдӣ ва Субоширо он чӣ уфтод аз гаронии буна уфтод ва бунаи мо аз паси мо ба се фарсанг аст ва сохтаем, мардвор пеши кор равем, то нигарем Эзид, азза зикруҳу, чӣ тақдир кардааст».

Ҳамагон ин тадбирро бипасандиданд ва бар ин қарор доданд ва Буритагин[6] бар ҷанг бештар неру мекард ва он чӣ гурехтагони инҷоиянд аз они Амир Юсуф ва ҳоҷиб Алии Қариб ва Ғозӣ ва Арёруқ ва дигарон. Ва Туғрал ва Ябғу гуфтанд, набояд, ки инҳо ҷое халале кунанд, ки мабодо эшонро ба номаҳо фирефта бошанд. Довуд гуфт: «Инҳоро паси пушт доштан[7] савоб нест,

---

[1] Туркистон – манзур аз Туркистон Кошғар ва атрофи он аст, ки гаҳвораи тавлид ва ташаккули давлати Қарохониён маҳсуб мегардад.

[2] баробар бо 27 майи соли 1039-и милодӣ.

[3] Талхоб – мавзеъе дар наздикии Сарахс.

[4] хурандагони моли мардум.

[5] Дарбанди Рум – қалъае дар ҳудуди Рум (Византия), ки дар ҳудуди Осиёи Хурд воқеъ буд.

[6] ин Буритагин чунон ки аз матолиби баъдӣ маълум мешавад, ғайр аз Буритагини қарохонӣ аст, ки дар Хатлону Чағониён бар зидди омилони ғазнавӣ ҷангида буд.

[7] паси пушт доштан – пушти сар андохтан.

худовандкуштагонанд[1] ва ба зарурат ин ҷо омадаанд ва дигарон, ки меҳтаронанд чун Сулаймони Арслони Ҷозиб ва Қадари ҳочиб ва дигарон, ҳар касе, ки ҳаст эшонро пеш бояд фиристонд, то чӣ пайдо ояд. Агар ғадр доранд, гурӯҳе аз эшон бираванд ва ба худованди хеш бипайванданд ва агар ҷанг кунанд, беҳтар то эмин шавем». Гуфтанд: «Ин ҳам савобтар». Ва эшонро гуфтанд, ки Султон омад ва мешунавем, ки шуморо бифирефтаанд ва миёни ҷанг бихоҳед гашт[2], агар чунин аст, биравед, ки агар аз миёни ҷанг равед, бошад, ки боз оранд ва ба шумо балое расад ва ҳаққи нону намак ботил гардад. Ҳамагон гуфтанд, ки «Худовандони моро бикуштаанд ва мо аз биму зарурат наздики шумо омадаем ва то ҷон бихоҳем зад ба далел он аст, ки мехоҳем, то моро бар муқаддамаи хеш бар сабили талеъа[3] бифиристед, то дида ояд, ки мо чӣ кунем ва чӣ асар намоем». Гуфтанд: «Ҳеч чиз намонд!»[4] Ва Буритагинро номзад карданд ва бар муқаддама бирафт бо саворе ҳазор, бештар султонӣ, ки аз ин лашкаргоҳ рафта буданд ва бар эшон илтиҷо карда ва Сулаймони Арслони Ҷозиб бар асари вай ҳам бар ин ададӣ мардум.

Ҷанг кардан бо Салҷуқиён дар биёбони Сарахс ва ҳазимат уфтодани эшон

Чун Амир бад-ин аҳвол воқиф шуд, корҳо аз лавне дигар пеша гирифт ва чунон дониста буд, ки чун алами вай падид ояд, он ғуломон ба ҷумла баргарданд ва ин ишва[5] дода буданду мо бихарида будем[6]. Ва рӯзи чаҳоршанбе, ҳаждаҳуми моҳи рамазон[7], наздики чоштгоҳ, талеъаи мухолифон падид омад саворе сесад наздики Талхоб ва мо наздики манзил расида будем ва буна дар қафо меомад. Амир бидошт[8] ва бар пил буд, то хайма мезаданд, талеъаи хасмон дартохт ва аз ин ҷониб низ мардум битохт ва дастовезе қавӣ буд. Ва мардуми эшон мерасид ва аз ин ҷониб низ мардум мерафт. Ва хаймаҳо бизаданд ва Амир фуруд омад бо лашкар ва хасмон бозгаштанд. Ва эҳтиёти тамом карданд бад-он шаб дар лашкаргоҳ, то халал наяфтад. Ва пагоҳ кӯс фурӯ кӯфтанд ва лашкар барнишаст сохта ва ба таъбия бирафтанд. Чун ду фарсанг

---

[1] худовандкуштагон – манзур касонеанд, ки сарварон (худовандон)-и онҳоро Масъуд кушта буд.
[2] яъне, ба тарафи лашкари ғазнавиён мегузаред.
[3] талеъа(талиъа, талоя) – қисми пешрави лашкар.
[4] ҳама маълум шуд.
[5] ишва – фиреб.
[6] яъне, мо давлатмардони ғазнавӣ (аз ҷумла Байҳақӣ) ин фиребро бовар карда будем.
[7] баробар бо 13 июни соли 1039-и милодӣ.
[8] яъне, маркаби худро нигоҳ дошт ва мутаваққиф кард.

рафта омад, лашкаре бузург аз они мухолифон пайдо омад ва талеъаи ҳар ду ҷониб ҷанг пайвастанд, ҷанге сахт ва аз ҳар ду ҷониб мардум нек бикӯшиданд, то наздики деҳи Бозаргон пайдо омад ва рӯду чашмасор дошт ва саҳро регу сангреза бисёр дошт. Ва Амир бар модапил буд, дар қалб биронд, то ба бологунае[1] расид на бас баланд, фармуд, ки хаймаи бузург он ҷо бизананд, то лашкар карони об фуруд ояд.

Ва хасмон аз чаҳор ҷониб даромадан гирифтанд ва ҷанге сахт ба пой шуд ва чандон ранҷ расид лашкарро, то фуруд тавонист омад ва хаймаҳо бизаданд, ки андоза набуд. Ва нек бим буд, ки халале бузург уфтодӣ, аммо аъёну муқаддамони лашкар нек бикӯшиданд, то кор забт шуд[2] ва бо ин ҳама бисёр уштур бирабуданд хасмон ва чанд тан бикуштанду хаста[3] карданд. Ва бештар неруи ҷанг гурехтагони мо карданд, ки хоста буданд, то ба туркмонон намоянд, ки сурате ки эшонро бастааст на чунон аст[4] ва эшон ростанд, то эмин шаванд, ки як тан аз эшон бар ин ҷониб наёмад. Ва ҷосусони мо ба рӯзгори гузашта дар ин боб бисёр дурӯғ гуфта буданд ва зар ситада ва ин рӯз пайдо омад, ки ҳама зарқ[5] буд.

Ва чун лашкар бо таъбия фуруд омад, дар қалб Султон фуруд омада буд ва маймана сипоҳсолор Алӣ дошт ва майсара ҳоҷиби бузург Субошӣ дошт ва бар соқа[6] Артагин. Ва он хасмон низ боз гаштанд ва наздик аз мо дар карони марғзоре лашкаргоҳ сохтанд ва фуруд омаданд, чунонки овози духул ҳар ду лашкар, ки мезаданд ба якдигар мерасид. Ва бо мо пиёдаи бисёр буд, кандаҳо[7] карданд гирд бар гирди лашкаргоҳ ва ҳарчӣ аз эҳтиёт мумкин буд, ба ҷой оварданд дар ин рӯз, ки Амир, разияллоҳу аннҳу, ояте буд дар боби лашкар кашидан. Ва он чӣ дар ҷаҳди одамӣ буд, ба ҷой меовард, аммо истораи[8] ӯ намегашт ва Эзиди таъоло чизе дигар хост ва он буд, ки хост.

Ва дар ҳама лашкари мо як уштурро як гом натавонистанд бурд ва уштур ҳар кас пеши хаймаи худ медошт. Ва намози дигар фавҷе қавӣ аз хасмон биёмаданд ва намегузоштанд лашкари моро, ки об

---

[1] бологуна – ҷое баланд.
[2] яъне, ҷанг сару сомон гирифт.
[3] хаста – маҷруҳ, захмӣ.
[4] яъне, то ба туркманҳо нишон диҳанд, ки тасаввуре, ки дар бораи онҳо карда буданд, дуруст нест.
[5] зарқ – дурӯягӣ, макр, дуруғу риё.
[6] қалб – миёнаи лашкар; маймана – самти рости лашкар; майсара – самти чапи лашкар; соқа – қисми ақибгарди лашкар, дунбола ё бозпасинони сипоҳ.
[7] канда – хандақ, кандагии замин барои пеш бурдани амалиёти ҷангӣ
[8] истора – ситора; яъне бахту иқбол бо ӯ ҳамроҳ намебуд. Фирдавӣ мегӯяд:
К-аз ин пас шикаст ояд аз тозиён. Ситора нагардад магар бар зиён.

ованд аз он рӯдхона. Амир Бадри ҳоҷиб ва Артагинро бо ғуломе понсад бифиристод, то димор аз мухолифон баровардан ва дандоне қавӣ бад-эшон намуданд[1]. Ва чун шаб наздик омад, бар чаҳор ҷониби талеъа эҳтиёте қавӣ рафт. Ва дигар рӯз мухолифон анбӯҳтар даромаданд ва бар се ҷониб ва ба ҳар чаҳор ҷониб ҷанг пайвастанд. Ва аз он ҷиҳат, ки охири моҳи рамазон буд, Амир ба тани хеш ба ҷанг барнаменишаст ва ихтиёр чунон кард, ки пас аз ид ҷанг кунад, то дар ин моҳ хуне рехта наёяд. Ва ҳар рӯз ҷанг мебуд ба чанд ҷониб ва бисёр ҷаҳд мебояст кард, то уштурон гиёҳ меёфтанд ва алаф тавонистанд оварда ва бо ҳазору бо ду ҳазор савор, ки мухолифон чапу рост метохтанд ва ҳарчӣ мумкин буд аз ҷалдӣ[2], мекарданд. Ва аз ҷиҳати алаф кор танг шуд ва Амир сахт андешаманд мебуд ва ба чанд дафъат халватҳо кард бо вазиру аъён ва гуфт: «Надонистам, ки кори ин қавм бад-ин манзилат аст ва ишва доданд маро ба ҳадиси эшон ва рост нагуфтанд, чунонки воҷиб будӣ, то ба ибтидо тадбири ин кор карда омадӣ. Ва пас аз ид ҷанги масоф[3] бибояд кард ва пас аз он шуғли эшонро аз лавне дигар пеш бояд гирифт». Ва бидошт[4] ин кор ва ин ҷанг қоим шуд боқии моҳи рамазон.

Ва чун моҳи рамазон ба охир омад, Амир ид кард ва хасмон омада буданд қариб чаҳору панҷ ҳазор ва бисёр тир андохтанд бад-он вақт, ки мо ба намоз машғул будем. Ва лашкари мо пас аз намоз эшонро молише қавӣ доданд ва тане дувистро бикуштанд ва доди дил аз эшон бистаданд, ки чошние қавӣ чашониданд[5]. Ва Амир он муқаддамонро, ки ҷанг канораи об карданд, бинавохту силат[6] фармуд.

Ва ҳама шаб кор месохтанд ва бомдод кӯс фурӯ куфтанд ва Амир бар модапил нишаст ва асбе панҷоҳ ҷанибат гирдогирди пил буд. Ва муқаддамон омада буданд ва истода аз они майманаву майсараву ҷаноҳҳо ва моядору[7] муқаддамаву соқа. Амир овоз дод сипоҳсолоррову гуфт – ба ҷойгоҳи хеш рав ва ҳушёр бош ва то тавонӣ ҷанг мапайванд[8], ки мо имрӯз ин кор бихоҳем гузорд ба неруи Эзид, азза зикруҳу. Ва ҳоҷиби бузургро фармуд, ки ту бар

---

[1] дандон намуданд – қудрат нишон доданд
[2] ҷалдӣ – чобукӣ.
[3] ҷанги масоф – ҷанги рӯ дар рӯ бо душман.
[4] яъне, тӯл кашид.
[5] яъне тамъи шикастро ба онҳо чашонданд.
[6] ҷоиза,
[7] ҷаноҳ – қисми паҳлуийи лашкар, яке аз ду тарафи лашкар, ки маймана ё майсара мебошад; моядор – афроди ба истилоҳи имрӯз захираву эҳтиёт.
[8] яъне, ту имрӯз ба ҷанг ворид машав ва танҳо пас аз ҳамлаи ман даст ба кор зан.

майасара рав ва нек андеша дор ва гӯш ба фармони мову ҳаракати мо медор. Ва чун мо тохтан кунем, бояд ки ту оҳиста рӯй ба майманаи мухолифон орӣ ва сипоҳсолор рӯй ба майсараи эшон орад ва ман нигоҳ мекунам ва аз ҷаноҳҳо шумоёнро мадад мефиристам, то кор чун гардад? Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва сипоҳсолор биронд ва Субошӣ низ биронд. Ва Артагинро бар соқа фармуд бо саворе понсад саройии қавитар ва саворе понсад ҳинду ва гуфт: «Ҳушёр бош, то бунаро халале наяфтад ва роҳ нек нигоҳ дор, то агар касе бинӣ аз лашкари мо, ки аз саф бозгардад, бар ҷой миён ба ду ним карда ояд»[1]. Гуфт: «Чунин кунам!» Ва биронд. Амир чун аз ин корҳо фориғ шуд, пил биронд ва лашкар аз ҷой бирафт, гуфтӣ, ҷаҳон мебичунбад ва фалак хира шуд аз ғиреви мардумону овози кӯсҳову буқҳову таблҳо. Чун фарсанге рафта омад, хасмон пайдо омаданд бо лашкари сахт қавӣ, бо созу олати тамом ва таъбия карда буданд ба расми мулук. Ва бар ҳама рӯйҳо ҷанги сахт шуд ва ману монанди ман тозикон[2] худ намедонистем, ки дар ҷаҳон куҷоем ва чун меравад.

Ва намози пешинро боде хост ва гардеву хоке, ки кас мар касро натвонист дид ва низоми таъбияҳо бад-он бод бигусаст ва ман аз паси пилону қалб ҷудо уфтодам ва касоне аз кеҳтарон, ки бо ман буданд, аз ғулому чокар, аз мо дур монданд ва нек битарсидам, ки нигоҳ кардам хештанро бар тале дигар дидам, ёфтам Булфатҳи Бустиро, панҷу шаш ғуломаш аз асб фурӯ гирифта ва мегирист ва бар асб натвонист буд аз дарди никрис[3]. Чун маро бидид гуфт: «Чӣ ҳол аст?» Гуфтам: «Дил машғул мадор, ки ҳама хайру хубист». Ва чунин боде хосту таҳайюре афзуд. Дар ин сухан будем, ки чатри султон падид омад ва аз пил ба асб шуда буд ва мутанаккир[3] меомад бо ғуломе понсад аз хоссагон ҳама зиреҳпӯш ва найзаи кӯтоҳ бо вай меоварданд ва аломати сиёҳро ба қалб[4] монда. Булфатҳро гуфтам: «Амир омад ва ҳеч наюфтода аст!» Шодмон шуду ғуломонро гуфт: «Маро бар асб нишонед!» Ман асб тез кардаму ба Амир расидам, истода буд ва Халаф – муътамади Маъруфи Рабеъ кадхудойи ҳоҷиби бузург Субошӣ ва Амираки Қатлӣ[5] – муътамади сипоҳсолор, он ҷо тохта буданд. Мегуфтанд: «Худованд дил машғул надорад, ки

---

[1] дар ҳамонҷой камараш бо шамшер қатъ карда шавад.

[2] тавре дида мешавад, Байҳақӣ сароҳатан мардуми бумии Хуросонро тозик (тоҷик) меномад ва дар ин ҷо мансубияти қавмӣ (миллӣ)-и худро таъкид мекунад.

[3] никрис вараму омосу дарди шадиди дарди пову ангуштон; подагра.

[3] мутанаккир – он ки дар либоси ношинос бошад, касе ки барои шинохта ношудан қиёфаву либоси худро дигар карда бошад.

[4] қалб ин ҷо мурод қалби лашкар, яъне маркази сипоҳ аст.

[5] шояд Хатлӣ (Хатлонӣ) бошад.

таъбияҳо бар ҳоли хеш аст ва мухолифон мақҳуранд[1] ва ба мурод намерасанд, аммо ҳар се муқаддами Туғралу Довуду Ябғу рӯй ба қалб ниҳодаанд бо гузидатари мардуми хеш ва Янолиёну дигар муқаддамон дар рӯйи мо: худованд аз қалб андеша дорад, то халале наюфтад». Амир эшонро гуфт: «Ман аз қалб аз баҳри ин гусастаам, ки ин се тан руй ниҳоданд ва камин сохта меояд, то коре биравад. Ва бигӯед, то ҳама ҳушёр бошанду нек эҳтиёт кунанд, ки ҳамакнун ба неруи Эзиди азза ва ҷалла ин кор баргузорда ояд». Эшон тозон бирафтанд. Амир, нақибон битохт сӯйи қалб, ки ҳушёр бошед, ки муаззами лашкари хасмон рӯй ба шумо доранд ва ман камин месозам, гӯш ба ҷумла ба ман доред, аз чапи хасмон бароед, то эшон ба шумо даровезанд ва ман аз ақиб дароям. Ва Багтуғдиро фармуд, ки ҳазор ғуломи гардановартари[2] зиреҳпӯшро назди ман фирист. Дарвақт ҷавоб бирасид, ки худованд дили қавӣ дорад, ки ҳамаи олам ин қалбро натавонанд ҷунбонид ва хасмон омадаанд ва мутаҳаййир монда ва майманаву майсараи мо бар ҷойи хеш аст.

Ғуломон бирасиданд ва саворе ду ҳазор расида буд аз муборизон ва пиёдае ду ҳазор сагзиву ғазничию ғурию балхӣ. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, найза бистаду биронд бо ин лашкари бузурги сохта ва бар талле дигар рафту биистод. Ва ман бо ӯ будам ва аз қавми хеш дур уфтода, се аломати сиёҳ дидам аз дур бар талле аз рег, ки бидошта буданд, дар муқобалаи ӯ омадам ва ҳар се муқаддамони Салҷуқиён буданд ва хабар ёфта буданд, ки Амир аз қалб рӯй сӯйи эшон ниҳодааст. Ва саҳрои азим буд миёни ин ду талл, Амир пиёдагонро фурӯ фиристод ва бо найзаҳои дарозу сипарҳои фарох буданд ва бар асари эшон саворе сесад. Ва хасмон аз ҳар ду ҷониб саворе ҳазор равона карданд ва чун ба саҳро расиданд, пиёдагони мо бо найза он қавмро боз бидоштанд ва саворон аз паси эшон неру карданд ва ҷанг бағоят гарм шуд, ки як аломати сиёҳ аз боло бигусаст бо саворе ду ҳазор зиреҳпӯш. Гуфтанд, ки Довуд буд ва рӯй ба саҳро ниҳоданд, Амир биронд сахт тез ва овоз дод: «Ҳон, ай фарзандон!» Ғуломон битохтанд ва Амир дар зери талл биистод. Ғуломону боқии лашкари камин ба хасмон расиданд ва гард баромад ва ман аз он ҷо фаротар қадам наҷунбондам, то чӣ равад бо саворе саломатҷуй[3] ва чашм бар чатри Амир медоштам. Ва қалби Амир аз ҷой бирафт ва ҷаҳон пурбонгу овоз шуд ва таркотарк[4] бихост, гуфтӣ ҳазор ҳазор путк мекӯбанд ва шуъои синонҳову

[1] мақҳур – шикастхӯрдаву рамондашуда.
[2] гардановартар ба маънои шуҷоъ ва тануманд.
[3] саломатҷӯй – касе, ки дар фикри ҷанг набошад
[4] тарко-тарк – садои ҷанг, мисли чако-чак, ки садои бархурди шамшеру гурзу сипар аст.

шамшерҳо дар миёни гард медидам. Ва Яздон фатҳ арзонӣ дошт ва ҳар се ба ҳазимат бирафтанд ва дигарон низ бирафтанд, чунонки аз хасмон кас намонд.

Ва Амир ба маҳди пил омад ва бар сари ҳазиматиён[1] ним фарсанге биронд ва ману ин савор тез бирондем, то Амирро биёфтем ва ҳоҷиби бузург ва муқаддамон меомаданду замин бӯса медоданду таҳнияти фатҳ мекарданд. Амир гуфт: «Чӣ бояд кард?» Гуфтанд: «Хайма зада омад бар карони фалон об, бар чап бояд рафт ва ба саъодат фуруд омад, ки мухолифон ба ҳазимат рафтанд ва молише[2] бузург ёфтанд, то солоре, ки худованд номзад кунад бар асари ҳазиматиён биравад».

Булҳасани Абдулҷалил гуфт: «Худовандро ҳам дар ин гармӣ[3] фарсанге ду бибояд рафт бар асари ҳазиматиён ва ранҷе дигар бикашед, то якбора боз раҳад ва манзил он ҷо кунад». Сипоҳсолор бонг бад-ӯ барзад ва миёни эшон бад будӣ ва гуфт: «Дар ҷанг низ сухан бironӣ?[4] Чиро ба андозаи хеш сухан нагӯӣ?!» Ва дигар муқаддамон ҳаме гуфтанду Амирро нохуш наёмад. Ва Булҳасан хушк шуд[5] ва пас аз он пайдо омад, ки раъйи дуруст он буд, ки он бечора зад, ки агар ба дум рафтӣ, аз туркмонон низ кас ба кас нарасидӣ, валекин ҳар ки махлуқ бошад, бо Холиқ барнатавонад омад, ки чун мебоист, ки кори ин қавм бад-ин манзилат расад, тадбири рост чӣ гуна рафтӣ? Ва аз он ҷо Пирии Охурсолорро бо муқаддаме чанд бифиристоданд ба думи ҳазиматиён. Эшон бирафтанд кӯфта бо савороне ҳам аз ин тароз ва хоку намаке бехтанд ва ҷое биёсуданд ва намози шом ба лашкаргоҳ боз омаданду гуфтанд: дуре рафтанд ва касро наёфтанду бозгаштанд, ки хасмон сӯйи рег ба биёбон кашиданд ва бо эшон олати биёбон набуд ва тарсиданд, ки халале уфтад. Ва ин узри эшон фаро ситаданд[6], то пас аз ин, он чӣ рафт, биёрам. Ва агар фуруд наёмадӣ ва бар асари мухолифон рафтӣ, ҳамагон мин таҳти-л-қурт[7] бирафтандӣ, валекин гуфтам, ки Ээид, азза зикруҳу, нахост ва қазо чунон буд ва ло маҳраба мин қазоиҳи[8].

Ва дар ин миён овоз дод маро, ки Бунасри Мушкон куҷост? Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, бо Бусаҳли Завзанӣ ба

---

[1] ҳазиматиён – шикастхурдагону фирориён
[2] молиш – гушмол, танбеҳ.
[3] гармӣ – вақти доғ будани ҳодиса, ҳарорату илтиҳоби ҷанг
[4] яъне, ту аҳли ҷанг нестӣ, дар бори ҷанг изҳор назар макун
[5] хушк шудан – сард шудан, шах шудан, карахт шудан.
[6] яъне, қабул карданд.
[7] мин таҳти-л-қурт – аз буни гӯш, аз таҳти дил ва бидуни чуну чиро.
[8] аз қазову ҳукми Худованд гурезгоҳе нест.

ҳам буданд дар пеши пилон ва мани банда бо эшон будам ва чун боду гард хост, танҳо ва ҷудо уфтодам ва то ин ҷо биёмадам, магар эшон фуруд омада бошанд». Гуфт: «Бираву Бунасрро бигӯй, то фатҳнома нусхат кунад!» Гуфтам: «Фармонбурдорам!» Ва бозгаштам. Ва Амир ду нақибро мисол доду гуфт: «Бо Булфазл равед то лашкаргоҳ. Ва нақибон бо ман омаданд ва роҳи бисёр гузоштам[1], то ба лашкаргоҳ расидам. Ёфтам устодам ва Бусаҳли Завазнӣ нишаста бо қабову мӯза ва асбони базин ва хабари фатҳ ёфта. Бархостанд ва нишастаму пайғом бидодам. Гуфт: «Нек омад!» Ва ҳолҳо бозпурсид. Ҳама бигуфтам. Бусаҳлро гуфт: «Роҳи дуруст он буд, ки Булҳасани Абдулҷалил дида буд, валекин ин худовандро нахоҳанд гузошт, ки коре рост бironад». Ва ҳар ду нишастанду пазираи[2] Амир рафтанду ба хидмат пайвастанд ва муборакбоди фатҳ бикарданд ва аз ҳар навъ раъй заданд ва хидмат карданду рафтанд. Чун устодам боз омад, нусхат кард ин фатҳро сахт некӯ ва баёзи[3] он ман кардам ва намози дигар пеш бурд ва Амир бихонду биписандид ва гуфт: «Нигоҳ бояд дошт, ки фардо сӯйи Сарахс хоҳем рафт ва чун фуруд оем, онҷо низ номае набишта ояд ва мубашширон бираванд».

Ва дигар рӯз, савуми шаввол[4], Султон барнишасту ба таъбия бironд сахт шодком ва ба ду манзилии Сарахс расид ва рӯзи панҷшанбе, панҷуми шаввол дар паси ҷӯйи обе бар сони дарёе фуруд омаданд. Ва талеъаи хасмон падид омаданд ва ҷанге накарданд, аммо рӯй бинамуданду[5] бозгаштанд. Ва шаҳри Сарахсро харобу беоб дида омад, бад-он хуррамиву ободонӣ, ки онро дида будем. Амир андешаманд шуд, ки талеъаи хасмонро ин ҷо дида омад ва бо аъён гуфт: «Аз ин шӯхтар[6] мардум тавонад буд, ки аз он молиш, ки эшонро расидааст, андешаи мо чунон буд, ки эшон то канори Ҷайҳун ва кӯҳи Балхон[7] инон боз накашанд». Гуфтанд: «Ҳазимати подшоҳону мулук чунин бошад, ки хониён аз пеши султони мозӣ ҳазимат шуданд, низ якеро аз он қавм кас надид ва ин қавм муште хаворичанд[8], агар хоҳанд, ки бозоянд, зиёдат аз он

---

[1] роҳи бисёр гузоштам – роҳи дароз паймудам.
[2] пазира рафтан – ба пешвоз рафтан, ба истиқбол баромадан.
[3] баёз – покнавис.
[4] баробар бо 28 июни соли 1039-и милодӣ.
[5] рӯй бинмуданд – намудор шуданд, зуҳур карданд.
[6] шӯх – ин ҷо ба маънои беҳаё, бадҳаракат, беадаб, бешарм, сабукфикр.
[7] кӯҳи Балхон ё Балхонкӯҳ дар чанд ҷойи ин асар зикр шудааст ва он силсилаи қаторкӯҳоест дар қисмати ғарбии Туркманистон ва наздик ба соҳили шарқии Баҳри Каспий.
[8] хаворич – ҷамъи хоричӣ, касе, ки ба мухолафат бо ҳукумати исломӣ қиём кунад, чунин номида мешуд, аз масдари «хуруҷ», ки маънои «берун омадан»-ро

бинанд, ки диданд». Ва намози дигар хабар расид, ки хасмон ба дуфарсангӣ бозомаданд ва ҳашар[1] оварданд ва оби ин ҷуй мебигардонанду боз ҷанг хоҳанд кард ва Амир сахт тангдил шуд.

Ва шабро ҷосусону қосидон расиданд ва мулаттафаҳои мунҳиён оварданд ва набишта буданд, ки «Ин қавм ба тадбир бинишастанду гуфтанд: савоб нест пеши масофи ин подшоҳ рафтан, расми хеш нигоҳ дорем ва моро ба бунаву сиқл[2] дил машғул на, чунин неруе ба мо бозрасид, бимепароганем[3], то зафир шавад ва агар хоҳаду агар на, боз гардад. Ва дай рафту тамуз даромадааст[4] ва мо мардумони биёбониему сахткӯш ва бар гармову сармо сабр тавонем кард ва вай ва лашкараш натавонанд кард ва чанд тавонанд буд дар ин ранҷ, бозгарданд». Пас устодам ин мулаттафаҳо бар Амир арз кард, Амир сахт ноумеду мутаҳаййир гашт. Ва дигар рӯз пас аз бор холӣ кард ва бо вазиру аъён ин хабар бигуфт ва мулаттафаҳо бар эшон хонда омад. Амир гуфт: «Тадбир чист?» Гуфтанд: «Ҳарчӣ худованд фармояд, мекунем ва худованд чӣ андешида аст?» Гуфт: «Он андешидаам, ки ин ҷо бимонаму олати биёбон рост кунам ва ҷанги дигар ба масоф пеш гирам ва чун ба ҳазимат шуданд, то карони об аз думи эшон боз нагардем».

Вазир гуфт: «Андешае беҳ аз ин бояд кард, вақт бад аст ва хатар кардан муҳол аст». Эшон ин сухан мегуфтанд, ки об аз ҷӯй боз истод ва бо Амир бигуфтанд ва вақти чоштгоҳ буд ва талеъаи мо дартохт, ки хасмон омаданд бар чаҳор ҷониб аз лашкаргоҳ. Ва чунон танг ва барҳам зада буданд хаймаҳо, ки аз мавозеъи майманаву майсараву қалб андак моя масофат буд, чунонки ба ҳеч рӯзгор ман бар ин ҷумла надидам. Амир рӯй бад-ин аъён карду гуфт: «Бисмиллоҳ, бархезед, то мо бар нишинем!»[5] Гуфтанд: «Худованд бар ҷойи худ бибошад, ки муқаддамони эшон мегӯянд, наёмадаанд, мо бандагон биравем ва он чӣ воҷиб аст, бикунем ва агар ба мададе ҳоҷат ояд, бигӯем». Ва бозгаштанду сохта ба рӯйи мухолифон шуданд. Ва вазиру устодам замоне бинишастанд ва дили Амир хуш карданд ва тадбири гусел кардани номаҳо ва мубашширон дар вақф доштанд[6], то боз чӣ пайдо ояд ва бозгаштанд.

дорад. Нахустин ҷунбиши хоричӣ дар замони хилофати Алӣ ибни Абутолиб (656 – 661) ба вуҷуд омаду минбаъд бо чунин ном садсолаҳо давом ёфт.

[1] ҳашар – довталаб, чирик, сипоҳ.

[2] бори гарон.

[3] яъне, чун пештара пароканда шуда, ҷанги чирикӣ (партизанӣ) мекунем, на ҷанги рӯ дар рӯ.

[4] фазли сармо гузашт ва тобистон расид.

[5] яъне, шумо савор шавед то ман низ асп зин кунам.

[6] таваққуф карданд, интизор шуданд

Ва оби равон аз мо дур монд ва уфтодем ба оби чоҳҳо ва бисёр чоҳ буд ин ҷо, ки мо будем ба андак масофати шаҳри Сарахс ва он чӣ ях боқӣ буд монда, ки натвонистанд оварда аз тохтан ва сахт гирифтани хасмон. Ва то намози дигар ҷанге сахт буд ва бисёр мардум хаставу кушта шуд аз ҳарду ҷониб. Ва бозгаштанд қавми мо сахт ғамгин. Ва чирагии бештар мухолифонро буд ва заъфу сустӣ бар лашкари мо чира шуд ва гуфтӣ аз тоб мебишаванд[1]. Ва мунҳиёни пӯшида, ки бар лашкар буданд, ин ахбор ба Амир расониданд ва аъёну муқаддамон низ пӯшида наздики вазир пайғом фиристоданд бар забони муътамадони хеш ва бинолиданд аз коҳилии лашкариён, ки кор намекунанд ва аз тангии алафу бенавоӣ мебиноланду мегӯянд, ки «ориз моро бикуштааст, азбас тавфир[2], ки кардааст ва мо мебитарсем, ки ин ҷо халале бузург афтад, чун лашкар дар гуфтугӯй омад ва мухолифон чира шаванд ва набояд, ки кор ба ҷое расад». Вазир намози шом барнишасту биёмад ва халвате хосту то намози хуфтан бимонд ва ин ҳолҳо бо Амир бигуфту бозгашт ва бо устодам ба ҳам дар роҳ бо якдигар аз ин сухан мегуфтанд ва ба хаймаҳо боз шуданд.

Ва дигар рӯз хасмон қавитару далертар ва бисёртару бакортар[3] омаданд ва аз ҳама ҷавониб ҷанг пайвастанд ва кор сахт шуд ва бонгу нафир[4] аз лашкаргоҳ бихост. Ва Амир барнишаст ва пӯшидаву мутанаккир ба ҷонибе берун рафт ва ба муояна[5] бидид он чӣ солорон гуфта буданд. Ва намози пешин бозгашту ба вазир пайғом фиристод ва гуфт: «Он чӣ, ки Хоҷа боз намуд ба раъйу-л-ъайн[6] дида шуд». Ва намози дигар аъёнро бихонду гуфт: «Кор сахт суст меравад, сабаб чист?» Гуфтанд: «Зиндагонии худованд дороз бод, ҳаво сахт гарм аст ва алаф ноёфта ва сутурон ночиз мешаванд[7] ва тадбири шофитар[8] мебояд дар ҷанги ин қавм». Ва гуфтанд: «Сӯйи Ҳоҷаи Бузург пайғом фиристода будем ва узри хеш боз намуда ва шакк нест, ки бигуфта бошад. Ва худовандро низ мунҳиёнанд дар миёни лашкар, боз намуда бошанд».

Вазир гуфт: «Бо худованд-султон дар ин боб маҷлис кардаам ва дӯш ҳама шаб дар ин андеша будаам ва тадбире ёд омадааст, бо худованд нагуфтаам ва холӣ бихоҳам гуфт». Ва аъён ба ҷумла

---

[1] аз ҳуш мераванд, бетоқат мешаванд

[2] тавфир – бисёр кардан; ин ҷо манзур сарфаҷӯйӣ дар махориҷ ва ба истилоҳ кам кардани миқдоре аз буҷа.

[3] чобуктар, сахткортар

[4] нафир – бонг, фарёд, ғавғо.

[5] раъйу-л-ъайн – ба чашми худ дидан, худ шоҳиду нозир будан.

[6] дидани чашм.

[7] мемиранд, нобуд мешаванд.

[8] қотеътар, дурусттар.

бозгаштанд, Амир монду вазир ва устодам. Вазир гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод ва ҳама корҳо ба муроди худованд бод, на чунон аст, ки агар лашкари мо сутуҳ[1] шудаанд, туркмонон сутуҳтар нестанд, фааммо эшон мардумонеанд сабуртар ва ба ҷон дармонда ва ҷонро мекӯшанд[2]. Ва бандаро савоб чунон менамояд, ки расуле фиристад ва аз хештан насиҳат кунад ин қавмро, ки сахт тарсонанд аз он як қафо[3], ки хӯрдаанд ва бигӯяд, ки «Агар худованд бар асари эшон биёмадӣ, як тан зинда намондӣ ва ҷон набурдӣ, агар дигарбора камари ҷанг банданд, як тан аз шумо намонад. Ва савоб он аст, ки узре хоҳед ва тавозуъе намоед, то ман худованд-султонро бар он дорам, ки тақарруби шумо қабул кунад ва гӯям, ки кӯшиши эшон аз бими ҷон аст ва талаттуф кунам, то сӯйи Ҳирот равад ва эшон дар ин ҳудуд бошанд ва расулон оянду раванд, то қоидаи рост ниҳода ояд, чунонки мукошафат бархезад[4] ва лутфи ҳол пайдо ояд». Амир гуфт: «Ин сара менамояд, валекин дӯсту душман донанд, ки аҷз аст»[5]. Вазир гуфт: «Чунин аст, аммо беҳтар асту саломаттар ва мо дар ин ҳол ба саломат бозгардем. Ва худованд ҷанги эшон бидиду сомони кор дарёфт; агар хоҳанд аз Ҳирот сохта ва ба сирати тамом пас аз Меҳргон руй бад-ин қавм орад. Агар бар қарори мо роҳи рост гиранд, чунонки мурод бошад, кор гузорда шавад ва агар ба хилофи он бошад, фа-л ъиёзубиллоҳ, об шуд[6], ки бошад халале афтад, ки онро дарнатавон ёфт. Агар худованд бингарад ва дар ин некӯ андеша кунад ва бар хотири мубораки хеш бигардонад, то он чӣ раъйи олияш қарор гирад, кор карда ояд».

Эшон[7] бозгаштанд ва устодам чун ба хайма боз омад, маро бихонду гуфт: «Мебинӣ, ки ин кор ба кадом манзилат расид? Ва кошки мурда будемӣ ва ин расвоиро надидемӣ». Ва даристоду ҳарчӣ рафта буд ва раъйи вазир бар он қарор гирифта, бозгуфт ва гуфт, ки ҳамчунон аст, ки Амир мегӯяд, ин аҷзе бошад ва зоҳир аст, аммо зарурат аст. Ва маро гуфт: «Ай Булфазл, вазир раъйи некӯ дидааст, магар ин тадбир рост биравад, то ба номи некӯ ба Ҳирот равем, ки набояд, ки халале уфтаду шуғли диле[8] пеш ояд, ки ин аҷзро боз ҷӯем. Эзиди аззаву ҷалла некӯ кунод». Мо ин ҳадис мекардем, ки фарроши

---

[1] хаста, ошуфта, оҷиз.
[2] барои ҳифзи ҷон меҷанганд.
[3] қафо дар ин ҷо ба маънии аз пас лат (шатта) хӯрдан аст, паси гарданӣ.
[4] мукошафат бархезад – низоъ аз байн биравад.
[5] маънои ҷумла: дӯсту душман хоҳанд донист, ки мо аз рӯйи аҷзу нотавонӣ чунин гуфтаем.
[6] об шуд – обрӯ рафт.
[7] яъне вазир ва Бунаср.
[8] шуғли дил – ба маънои ташвишу ранҷу машаққат.

султонӣ биёмаду гуфт: «Амир мебихонад!» Ва устодам бархосту бирафт ва ман ба хаймаи хеш боз рафтам сахт ғамнок.

Ва шаб дур кашида буд, ки устодам бозомад ва маро бихонд. Ман наздики вай рафтам. Холӣ карду гуфт: «Чун наздики Амир расидам, дар хиргоҳ буд танҳо, маро бинишонду ҳар ки буданд, ҳамаро дур кард ва маро гуфт: «Ин кор бипечиду[1] дароз шуд, чунинки мебинӣ ва хасмони задашуда, чунин шӯх бозомаданд ва акнун маро муқаррар гашт ва муояна шуд, ки Багтуғдию Субоширо бо эшон ҷанг кардан савоб набуд ва пеши эшон фиристодан. Ва гузаштанӣ гузашту эшонро қавме муҷаррад[2] бояд чун эшон – бемояву бебуна, то эшонро молида ояд. Ва бо ҳар касе, ки дар ин сухан мегуем, намеёбем ҷавобе шофӣ, ки ду солори муҳташам задаву кӯфтаи ин қавманд ва раво медоранд, ки ин кор печида монад, то эшонро маъзур дорем. Ва Хоҷа аз гунаи дигар мардест, ки роҳ бад-ӯ намебарам[3], ҳаволат ба сипоҳсолор кунад ва солор бад-ӯ. Раъйи мо дар ин мутаҳаййир гашт; ту мардеӣ[4], ки ҷуз рост нагӯйӣ ва ғайри салоҳ нахоҳӣ; дар ин кор чӣ бинӣ? Бе ҳашмат[5] боз гӯй, ки моро аз ҳама хитматкорон дил бар ту қарор гирифтааст, ки пеши мо сухан гуйӣ ва ин ҳайрат аз мо дур кунӣ ва салоҳи кор боз намоӣ». Ман, ки Бунасрам гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, худованд саргушода бо банда бигӯяд, ки акнун чӣ андешидааст ва раъйи олӣ бар чӣ қарор додаанд, то салоҳу савоб боз намояд ба миқдори дониши хеш ва бевуқуф[6] бар муроди худованд ҷавобе надиҳад».

Амир гуфт: «Савоб омад он чӣ Ҳоҷа имрӯз намози дигар гуфт, ки расуле фиристад ва бо ин қавм гургоштие кунад ва мо сӯйи Ҳирот биравем ва ин тобистон он ҷо бибошем, то лашкар осоиш ёбад ва аз Ғазнин низ асбу уштур ва силоҳи дигар хоҳем ва корҳо аз лавне дигар бисозем, акнун ки сомон кори ин қавм бидонистем. Чун Меҳргон фароз ояд, қасди Пушанг ва Тӯсу Нишобур кунем, агар пеш оянду сабот кунанд, мухифф[7] бошем, ки нест эшонро, чун чунин карда омад, бас хатаре. Ва агар сабот накунанду бираванд бар асари эшон то Боварду Нисо биравем ва ин зимистон дар ин кор кунем, то ба тавфиқи Эзид азза зикруҳу Хуросонро пок карда ояд аз эшон».

Гуфтам: «Некӯ дидааст, аммо ҳеч кас, аз вазиру солорони лашкар бар худованд ишорат накунад, ки ҷанге қоим шуда ва

---

[1] мушкил ва пургирех шуд.
[2] сабукбор
[3] яъне ӯро намешиносам
[4] яъне марде ҳастӣ, ки
[5] бетарс
[6] беогоҳӣ.
[7] мухиф – сабукбор.

хасмонро нозада боз бояд гашт, ки тарсанд, ки фардо рӯз, ки худованд ба Ҳирот боз расад, эшонро гӯяд, коҳилӣ кардед, то маро ба зарурат боз бояст гашт. Ва ман банда ҳам ин ишорат накунам, ки ин ҳадиси ман набошад. Аммо масъалате мушкил уфтодааст, ки ночор мебояд пурсид». Гуфт: «Чист?» Гуфтам: «Ҳар куҷо санглохе ва ё хористоне бошад, лашкаргоҳи мо он ҷо мебошад ва ин қавм бар хавиду[1] ғалла фуруд оянд ва ҷойҳои гузидатар. Ва яху оби равон ёбанд ва моро оби чоҳ бибояд хӯрд, оби равону ях наёбем ва эшон ба куноми[2] алаф тавонанд шуд ва аз дурҷой алаф тавонанд оварда ва моро уштурон дар лашкаргоҳ бар дари хайма бояд дошт, ки ба карони лашкаргоҳ натвонанд чаронид». Гуфт: «Сабаб он аст, ки бо эшон буна гарон нест, чунонки хоҳанд меоянду мераванд ва бо мо бунаҳои гарон аст, ки аз нигоҳдошти он ба корҳои дигар натавон расид. Ва ин аст, ки ман мегӯям, ки моро аз бунаҳо дил фориғ мебояд, ки бошад, ки эшонро бас хатаре набошад, кори эшонро фасл тавон кард». Гуфтам: «Масъалате дигар аст, ҳам бе вазиру сипоҳсолор ва ҳоҷиби бузургу аъёни лашкар рост наёяд, агар раъйи олӣ бинад, фардо маҷлис карда ояд, то дар ин боб раъй зананд ва коре пухта пеш гиранду тамом кунанд». Гуфт: «Нек омад!»

Гуфтам: «Нуктае дигар аст, зиндагонии худованд дароз бод, ки банда шарм медорад, ки боз намояд». Гуфт: «Бибояд гуфт ва боз намуд, ки ба гӯши ризо шунуда ояд!» Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, маълум аст, ки он чӣ имрӯз дар Хуросон аз ин қавм меравад аз фасоду мардум куштан ва мусла кардану занони ҳурами[3] мусалмононро ба ҳалол доштан, чунон аст, ки дар ин сад сол нишон надодаанд ва набудааст ва дар таърих наёмадааст ва бо ин ҳама дар ҷангҳо, ки кунанд, зафар эшонро мебошад. Бадо қавмо, ки моем, ки Эзид, азза зикруҳу чунин қавмро бар мо мусаллат кардааст ва нусрат медиҳад. Ва кори ҷаҳон бар подшоҳону шариат баста аст ва давлату миллат ду бародаранд, ки ба ҳам бираванд ва аз якдигар ҷудо набошанд ва чун подшоҳеро, Эзид азза ва ҷалла, аз иноятӣ хеш фурӯ гузорад, то чунин қавме бар вай даст ёбанд, ки Эзиди таъоло аз вай биёзурдааст. Худованд андеша кунад, ки кор бад-он Ҳазрати бузурги осмонӣ чӣ гуна дорад?» Гуфт: «Нашиносам, ки чизе рафта аст бо ҳеч кас ё карда омадаст, ки аз ризои Эзиди таъоло дур будааст». Гуфтам: «Алҳамдулиллоҳ ва ин беадабист, ки кардаму мекунам, аммо аз шафақат аст, ки мегӯям. Худованд беҳтар бингарад миёни хеш ва Худойи азза ва ҷалла, агар узре бояд хост,

---

[1] хавид – гиёҳи навсабзида, тоза, бутаи ҷав ё гандум, ки ҳанӯз хуша набаста бошад; ҷави норас.

[2] куном ҷойгоҳ ё ошёни чарандаву даранда; ин ҷо ба маънои макони алаф.

[3] ҳурам – пардагӣ, мастур.

бихоҳад ва ҳам ин шаб пеш гирад ва пеши Офаридгор равад ва бо тазарруъу зорӣ, рӯй бар хок ниҳаду назрҳо кунад ва бар гузаштаҳо, ки миёни вай ва Худойи азза ва ҷалла агар чизе будааст, пушаймонӣ хӯрад, то ҳам аз фардо бубинанд, ки асари он пайдо ояд, ки дуъои подшоҳонро, ки аз дили росту этиқоди дуруст равад, ҳеч ҳиҷоб нест. Ва бандаро бад-ин фарохсуханӣ[1] агар бубинад, набояд гирифт, ки худ дастурӣ додааст»[2]. Чун ин бигуфтам, гуфт: «Пазируфтам, ки чунин кунам ва туро маъзур доштам, ки ба фармони ман гуфтӣ, ҳаққи неъмати маро ва аз они падарам бигузордӣ. Бозгард ва ҳар вақте, ки хоҳӣ, ҳамчунин мегӯӣ ва насиҳат мекунӣ, ки бар ту ҳеҷ туҳмат нест». Хидмат кардаму[3] боз гаштам ва уммедворам, ки Худой, азза ва ҷалла, маро подош диҳад бар ин ҷумла, ки гуфтам. Ва надонам, ки хуш омад ва ё наёмад: боре аз гардани хеш берун кардам». Ман, ки Булфазлам, гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, он чӣ бар ту буд, кардӣ ва ҳаққи неъмату давлат бигузордӣ». Ва бозгаштам.

Ва чун дигар рӯз буд, маҷлисе карданд ва аз ҳаргуна сухан рафт ва раъй заданд, он суханоне, ки хасмон гуфта буданд ва коре, ки карда буданд, ёд оварда. Бад-он қарор гирифт, ки вазир расуле фиристад ва насиҳат кунад, то бипарогананд ва расулон дар миён оянду ба қоидаи аввал боз шаванд, то кор ба салоҳ бозояд ва ҷангу мукошафат бархезад. Чун бозгаштанд аз пеши Амир, вазир ҳоким Бунасри Мутавваъии Завзариро бихонд ва ӯ марде ҷалду сухангӯй буд ва рӯзгори дароз хидмати Муҳаммади Аъробӣ[4] солоре бад-он муҳташамӣ карда ва русуми корҳо бидониста ва пас аз вай ин подшоҳ ӯро бишнохта ба кифояту кордонӣ ва шуғли араб[5] ва кифояти неку бади эшон ба гардани ӯ карда. Ва ин сухан бо вай боз ронд ва мисолҳо бидоду гуфт: «Албатта набояд гуфт, ки Султон огоҳӣ дорад, аммо чун ман вазирам ва масолеҳи кори мусалмонону дӯсту душманро андеша бояд дошт, ночор дар чунин корҳо сухан гӯям, то шамшерҳо дар ниём шавад ва хунҳои ноҳақ рехта наёяд ва раъийят эмин гардад. Ва шумо чандин ранҷ мебинед ва задаву кӯфтаву кушта мешавед ва ин подшоҳест бас муҳташам, ӯро хасми

[1] фарохсуханӣ – пургӯйӣ, беҳудагӯйӣ.
[2] яъне, Султон агар дар ман пургуфторию беҳудасуханӣ бинад, набояд сарзанишам кунад, ки худ ба ин дастур додааст.
[3] хидмат кардам – таъзим кардам.
[4] Муҳаммади Аъробӣ яке аз солорони замони Маҳмуд буд. Утбӣ вайро Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Иброҳим (Абуабдуллоҳи Тоӣ – заъими араб) номидааст, ки дар бештари муҳорабаҳо иштирок дошт.
[5] шуғли араб – мақсуд масъули сарвари гурӯҳи арабнажодони сипоҳи ғазнавист.

хеш кардаед, фардо аз думболи шумо боз нахоҳад истод, то бар наяндозад. Агар шуморо дар ин биёбон вақт аз вақт[1] коре меравад, онро оқибате натавон буд. Агар сар бар хат ореду фармон мекунед[2], ман дар ҳазрати ин подшоҳ дар ин боб шафоъат кунаму боз намоям, ки эшон ҳам ин ҷангу ҷидол ва машаққату парешонӣ аз бими ҷони хеш ва зану бачаи хеш мекунанд, ки дар ҷаҳон ҷое надоранд, ки он ҷо мутаваттин шаванд[3]. Агар раҳмату отифати подшоҳона эшонро дарёбад, ба чарохӯре ва вилояте бад-эшон арзонӣ дошта ояд, бандагӣ намоянд ва бандагони худованд аз ин тохтҳову ҷангҳо баросоянд. Ва чунон созам, ки мавзеъе эшонро муайян шавад, то он ҷо сокин гарданд ва осудаву мураффаҳ рӯзгор гузаронанд». Аз ин ва монанди ин суханони хурду бузургу гарму сард боз гуфт ва бисёр танбеҳу инзору[4] изот[5] намуду ӯро гусел кард.

Ҳокими Мутавваъӣ наздики он навхостагон рафт ва пайғоми худованди бузург мушаббаъ боз ронд ва он чӣ ба масолеҳи эшон бозгашт намуд, боз намуду савгандон хӯрд, ки Султони аъзам Носируддин аз ин ҳол ҳеч хабар надорад, аммо вазир аз ҷиҳати салоҳи кори шумо ва дигар мусалмонон маро фиристодааст. Эшон ӯро табҷил[6] карданд ва ба ҷое фуруд оварданду нузлҳои гарон фиристоданд. Баъд аз он ҷумлаи сарон якҷо шуданд ва дар ин боб раъй заданд, ки ҷавоби вазир ба чӣ ҷумла боз фиристем? Аз ҳар навъ сухан гуфтанд ва андешиданд, охир раъйҳо бар он қарор гирифт, ки ин кор бар ин ҷумла, ки вазир маслаҳат дидааст, бипардозанд, ки подшоҳе аст бузург ва лашкару хазоину вилояти беандоза дорад. Агар чанд корҳо моро баромад ва чанд лашкари ӯро бишикастем ва вилоят бигрифтем, дар ин як тохтан, ки ба нафси хеш кард, никояте қавӣ[7] ба мо расид ва агар ҳамчунон бар фавр[8] дар ақиби мо биёмадӣ, яке аз мову занону бачагони мо бознарастӣ. Аммо давлате буд моро, ки ба ҷое фуруд омаданд ва дар дунболи мо наёмаданд ва маслаҳат ҳамин бошад, ки вазир гуфтааст. Чун бар ин қарор доданд, дигар рӯз Ҳокими Мутавваъиро бихонданду бандагӣ намуданд ва муроъот карданду гуфтанд: «Ҳол бар ин ҷумла аст, ки Хоҷаи Бузург боз дидааст, акнун меҳтарию бузургӣ мебояд кард ва дар боби мо иноят арзонӣ дошт ва шафоъат кард, то озори дили Султони

---

[1] вақт аз вақт – гоҳ-гоҳ.
[2] фармонбурдорӣ кунед.
[3] мутаваттин шудан – миҳан гирифтан, ҷой гузидан.
[4] инзор – бим кардану тарсондан.
[5] изот – ба маънии панду андарзу вазъ.
[6] табҷил – бузургдошт.
[7] никоят – осеб, газанди сахт.
[8] бар фавр – бо шитоб.

муъаззам баргирифта ояд ва моро вилоятеву биёбоневу чарохӯре фармояд, то он ҷо сокин шавем ва дар давлати ин Султон бибошем ва рӯй ба хидмат орем ва мардумони Хуросон аз хасорату торочу тохтан фориғ оянд». Ва муътамадони худ бо Ҳокими Мутавваъӣ номзад карданд ва ҳам бар ин ҷумла пайғоми мутаввал[1] доданд ва Мутавваъиро ҳаққе некӯ гузорданд ва бо расули худ ба ҳам боз гардониданд.

Ва чун эшон ба лашкаргоҳ расиданд, Ҳоким пештар биёмад ва дар хидмати Хоҷаи Бузург пайваст ва ҳолҳо ба тамом шарҳ доду гуфт: «Ин тоифа агарчӣ ҳоле пайғомҳо бар ин ҷумла доданд ва ризоталабӣ мекунанд, аммо ба ҳеч ҳол аз эшон ростӣ наёяд ва нахвати подшоҳӣ, ки дар сари эшон шудааст, зуд берун нашавад, валекин ҳоле[2] таскин хоҳад буд ва эшон нахоҳанд орамид. Он чӣ маълум шуд, бар раъй Хоҷаи Бузург боз намуд, то он чӣ маслаҳат бошад, онро ба имзо[3] расонад. Чун вазир бар ин аҳвол воқиф гашт, бифармуд, то расули навхостагонро[4] хонданду пеш оварданд ва иҳмод кард ва расул хидмате ба воҷиб кард ва бандагӣ намуду фармон боз ронд. Ва ӯро боз гардониданд ва дар расулхона фуруд оварданд ва нузли бисёр доданд. Ва вазир дар хидмати Султон рафту холӣ карданд ва Хоҷа Бунаср буд ва он чӣ аҳвол бишнида буд аз Мутавваъӣ ва пайғоме, ки расул оварда буд, бозронд ва ҳама маълуми раъйи олӣ гашт. Фармуд, ки агарчӣ ин кор рӯ ба ачз дорад, чун Хоҷаи Бузург маслаҳат бинад ва салоҳи вақт ин аст, баргузорад, чунонки воҷиб кунад.

Вазир бозгашту дигар рӯз расулро бихонд ва Хоҷа Бунасри Мушкон дар хидмати вазир бинишаст ва он чӣ гуфтанӣ буд, бигуфтанд ва пардохтанӣ буд, бипардохтанд бар ин ҷумла, ки вазир гуфт, ки: «Дар боби шумо шафоъат кардам ва подшоҳро бар он овардам, ки шумо дар ин вилоят, ки ҳастед, бибошед ва мо бозгардему ба Ҳарӣ[5] равем ва Нисову Боварду Фарова ва ин биёбонҳову ҳадҳо шумоёнро мусаллам фармуд ба шарте, ки бо мусалмонон ва неку бади раъоё таъарруз нарасонед ва мусодара[6] ва мувозаъат накунед ва аз ин се ҷой, ки ҳаст бархезед ва бад-ин вилоятҳо, ки номзади шумо шуд, биравед, то мо бозгардем ва ба

[1] мутаввал – дароз, тулонӣ; муқобили мухтасар.
[2] акнун, дар ҳоли ҳозир.
[3] ичро.
[4] манзур аз «навхостагон» Салҷуқиёнанд, ки даъвои давлатдорӣ доштанд.
[5] Ҳирот.
[6] мусодара – моли касеро ба зӯр гирифтан, моли касеро барои товони чизе гирифтан, забт; ҷарима.

Ҳарӣ равем ва шумо он ҷо расулон ба урду[1] фиристед. Ва шарти хидмат ба ҷой оред, то кори сахта[2] пеш гирем ва қароре диҳем, ки аз он руҷуъ набошад, чунонки раъоёву вилоятҳо осуда гарданд ва аз ин гурехтану тохтану ҷангу ҷидолу шӯриш бозраҳанд». Бар ин ҷумла пайғомҳо бидод ва расули навхостагонро ҳаққе бигзорданд аз ташрифу силати босазо ва хушнуд бозгардониданд. Ва Ҳокими Мутавваъиро ҳам бад ин муҳим номзад карданд, бо расул якҷо бирафт ва ба навхостагон расид ва расули эшон бисёр шукру дуъо гуфт ва бо ӯ холӣ карданд. Ва Ҳокими Мутавваъӣ низ пайғоми вазир бигуфт, эшон хидмат карданд ва ӯро некӯӣ гуфтанд ва ҳоле таскин пайдо омад. Агарчӣ эшон ҳаргиз наёромиданд, ки нахвати подшоҳӣ ва ҳаллу ақду амру наҳӣ ва вилоят гирифтан дар сари эшон шуда буд, муҷомалате[3] дар миён оварданд ва Ҳокими Мутавваъиро хидмате карданд бо маъзарате беандоза. Ва гуфтанд, ки: «Мо ба фармони вазир мутоваъат[4] намудем, аммо бояд, ки бо мо рост равед ва аз ҳеч тараф бо мо ғадреву макре наравад, то биёромему ба зарурат дигар бор мукошафате пайдо нагардад. Ва ин чӣ гуфтанду фармуданд аз он руҷуъ нанамоянд ва бар он бираванд, то раъоёву лашкарҳо аз ҳар ду тараф осуда гарданд ва хунҳои ноҳаққ рехта наёяд». Ҳам бар ин қарор аз он ҷо, ки буданд, манзил карданд[5] ва бар ин, ки эшонро вилоят мусаммо[6] шуда буд, бирафтанд.

Ва чун эшон манзил карда буданд ва бирафта Ҳокими Мутавваъӣ бозгашт ва ба лашшкаргоҳи мансур омад ва дар хидмати вазир холӣ карду он чӣ диду шунид аз аҳволи навхостагон ва ҳаракати эшон ва суханони бо танз, ки мегуфтанд боз ронду гуфт, ки ба ҳеч навъ бар эшон эътимод набояд кард. Ва сохтани кори хеш ва барандохтани эшон ё аз вилоят берун кардан аз муҳиммот бибояд донист ва бар он суханони ишваомезу ғурурангези[7] эшон дил набояд ниҳод, ки ҳаргиз рост нараванд. Ва ин подшоҳию фармону нафози амр аз сари эшон берун нашавад, ҷуз ба шамшери тез. Ва дар ин ҳол, аз он чӣ никояте қавӣ аз эшон, ки як тохтан, ки подшоҳ ба нафси хеш кард, бад-эшон расида буд, ин сулҳгуна[8] карданду бозгаштанд. Аммо ба ҳарчӣ эшонро даст дар хоҳад шуд, аз макру дағалу

[1] урду – лашкаргоҳ.
[2] кори сахта – кори санҷида ва вазншуда
[3] муҷомалат – хушрафторӣ, хушмуомалагӣ, рафтори нағз бо ҳамдигар.
[4] мутоваъат – фармонбурдорӣ кардан.
[5] истилоҳи «манзил кардан» ба маънои фуруд омадан барои иқомати муваққат ба кор бурда мешуд.
[6] яъне, вилояти муайян (Нисо, Фарова ва Бовард) ба номи онҳо (туркмонҳо) карда шуд.
[7] фиребгорона.
[8] сулҳгуна – созишмонанд, сулҳе, ки аз рӯйи зарурат ва маслаҳат шуда бошад.

фирефтани ғуломону забти вилоёт ва зиёдат кардани лашкар ва аз Мовароуннаҳр мардумон хондан, ки бо эшон ёр шаванду бисёр гарданд, ҳеч боқӣ нахоҳанд гузошт ва ҳаргиз ростӣ наварзанд. Ва суханони фарох беруни андоза мегӯянд бо якдигар ва маро чунон маълум шуд, ки эшонро бовар гаштааст, ки ин подшоҳ оҷиз гаштааст ва вазираш аз кифояти хеш моро илтиёме кард[1] ва фитна фурӯ нишонд, чандоне ки лашкарҳои эшон биёсоянд ва сохтагӣ бикунанд, дунболи мо хоҳанд гирифт ва ба ҳеч навъ наёроманд, то моро дафъ накунанд ё аз ин вилоят берун кунанд. Ин сулҳу муҷомалат дар миён оварданд бад-ин сабаб ва мо низ раво доштем, то якчанд аз ин тохтанҳо биёсоем ва кори хеш бисозем ва лашкарҳо ҷамъ кунему сохта мебошем ва ғафлат накунему муҳайёву мустаъиди ҳарбу мукошафат, то чун ногоҳ қасди мо кунанд, пеши эшон боз равему ҷавоб гӯем ва ҷонро бизанем, ё бароем ё фурӯ шавем[2], ки подшоҳе бас бузург аст, ки мо даст дар камари ӯ задаем. Аз ин навъ суханон бисёр гуфтанд ва хушдилу хуштабъ бозгаштанду биронданд, ки чун мо ба Ҳарӣ равем, эшон расулони боном фиристанд ва иқтидорҳо кунанд ва аз рӯйи хидмату бандагӣ пеш оянд ва дигар вилоятҳо хоҳанд, ки мо анбуҳ шудаем ва он чӣ моро додаед, басанда намебошад, чун аз ихроҷоту дахлҳо фурӯ монем, заруратро даст ба мусодараву мувозаъату тохтанҳову додану гирифтани вилоятҳо бояд кард, аз мо айб нагиранд, ки ба зарурат бошад. Ва ҷуз ин, он чӣ равшан шуда буд, тамомӣ дар хидмати Хоҷаи Бузург бозоранд.

Ӯ гуфт: «Бидонистаму воқиф гаштам. Ва ман донам, ки чӣ бояд кард. Агар подшоҳ сухани ман бишнавад ва бар раъйи ман кор кунад, чунон созам ба мурури айём, ки эшонро қадам бар ҷое яла накунам, ки ниҳанд[3], то куллу ҷумла баруфтанд ва ё овора аз замини Хуросон бираванд ва аз об[4] бигзаранду моро фитнаи эшон мунқатеъ шавад ба тадбири соиб[5] ва матонати раъй. Аммо медонам, ки ин подшоҳро бадв нагузоранд[6] ва бар раъйҳои ман эътироз кунанду бар он басанда накунанд ва лашкарҳо фиристанд ба атроф ва ин кори сохтаро дарҳам кунанд[7] ва эшонро бишӯронанду бирамонанд ва ҳар рӯз ин кор шӯридатар гардад ва ин қавм қавитару анбуҳтар гарданд ва бештар шаванд ва Хуросону Ироқ ба тамом аз дасти мо

[1] илтиём кард – пайвастагӣ дод, яъне дилхӯш ва дилҷӯӣ зоҳир намуд.
[2] яъне, ё пирӯз мегардем ва ё аз байн меравем.
[3] намегузорам, ки пояшон ба ҷое расад.
[4] манзур аз об руди Ҷайҳун аст.
[5] соиб – дуруст, рост.
[6] ба ҳоли худ намегузоранд.
[7] яъне, ин тарҳу нақшаро ошуфта месозанд.

бишавад ва ҷуз ин нокомиҳо дида ояд, то ҳукми Ҳаққ, азза ва ҷалла, чист; иншоаллоҳ, ки ҳама некӯӣ бошад, ту ин суханон, ки бо ман гуфтӣ ва аз ман шунудӣ, бо ҳеч кас магуй, то чӣ пайдо ояд».

Ӯро бозгардонд ва ба хидмати маҷлиси олӣ рафт ва Хоҷа Бунасри Мушкон биёмаду холӣ карданд, то бегоҳӣ ва вазир он чӣ бишнида буд ва пурсида аз Ҳокими Мутавваъӣ, тамомтар бо шарҳу баст ба раъйи олӣ боз ронд ва салоҳу фасоде, ки буд, боз намуд; ҳоле сукунате[1] пайдо омад. Ва ҳам дар ин маҷлис қарор доданд, ки дигар рӯз манзил кунанд бар тарафи Ҳарейв[2] ва он ҷо раванд, то лашкар аз тангиву қаҳт боз раҳад ва биёсоянду асбон фарбеҳ кунанд ва он чӣ бибояд аз уҳбату уддат[3] ва хазоину силоҳу лашкарҳо аз ҳазрати Ғазнин ва атрофи вилоёт бихоҳанд ва сохта шаванд ва чун тамомати сохтагӣ[4] пайдо омад ва лашкарҳо биёсуд ва дигарҳо даррасид, баъд аз он бингаранд, ки ин ноҷимон[5] чӣ кунанд. Агар оромида бошанд ва муҷомалате дар миён меоранд, худ якчанд бибошад ва эшонро нашӯронанд; чун сохтагӣ ва ҷамъияти лашкар ва авфоҷи ҳашам пайдо омад, он гоҳ ба ҳукми мушоҳадат кор кунанд ва маҷлиси олии вазирро бисёр некуӣ гуфт ва қавидил гардониду фармуд, ки ба кифояти ту ҳоле ин кор таскин ёфт. Акнун, баъд аз ин, он чӣ ба масолеҳи мулку давлат бозгардад, нигоҳ медор, ки моро ба раъйҳои ту эътироз нест, то ба дили қавӣ ин халалро ба кифояту кордонӣ ва матонати раъй дарёбӣ[6]. Вазир хидмат карду бандагӣ намуд ва ҳам бар ин қарор парогананд ва дигар рӯз ин мавокибу лашкарҳо бозгашт ва ба тарафи Ҳарейв манзил карданд. Ва оҳиста-оҳиста мерафтанд, то аз он биёбонҳо берун омаданд ва дар саҳро уфтоданд ва биёсуданду хуш-хуш мерафтанд, то ба Ҳарейв расиданд ва он ҷо нузул карданд. Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоби ва илайҳи-л марҷиъу ва-л маоб[7]

[1] оромиш.
[2] Ҳарейв, Ҳарӣ – Ҳирот.
[3] уҳбат ва уддат – ҳарду ба маънои созу барг.
[4] омодагӣ.
[5] ноҷим – саркашон, сарбаровардагон, хоричиён.
[6] дарёбӣ – чуброн кунӣ.
[7] тарҷ: Худой донотар аст ба ростӣ ва бозгаштану бозомадани ҳама ба сӯйи Ӯст.

Зикри расидани Султон Шаҳобу-д-давла ва қутбу-л-милла Абисаъид Масъуд ибни Йамину-д-давла ва амину-л-милла, разиялллоҳу таъоло анҳумо, ба шаҳри Ҳарӣ ва муқом кардан он ҷо ва боз намудани аҳволи он чӣ ҳодис гашт он ҷо, то он гоҳ, ки ба тохтани туркмонон рафт ва маҷории он аҳвол.

Дар зилқаъдаи санаи сулсина ва арбаъа миа[1], Султон Шаҳобу-д-давла ва қутбу-л-милла, разияллоҳу анҳу, дар маркази изз[2] ба Ҳарӣ расид ва он ҷо нузул фармуд ва рӯзе чанд биёсуд бо лашкарҳо. Пас тадбир кард, ки лашкарҳо ба атроф фиристад ва тартиби талоеъ ва авфоҷ[3] кунад, то ҳам ҳудуд оганда бошад ба мардон, ҳам лашкар алаф ёбад ва сутур коҳу ҷав ёбанду баросоянд. Аввал Амир Ҳоҷиби Бузургро сӯйи Пушанг фиристод бо лашкаре гарон ва мисол дод, то талоеъ доранд аз он ҷо то ба Хоҷа бираванд ва он рустоест аз Нишобур ва ҳоҷиб Бадрро бо лашкаре қавӣ ба Бодғис фиристод. Ва ҳамчунин ба ҳар ноҳияте фавҷе қавӣ фиристод ва рафтанду забт карданд ҳама навоҳиро ва уммол бар кор шуданду мол меситаданд. Ва Амир ба нишоту шароб машғул гашт, чунонки ҳеч наёсуд ва боре медоду кор месохт. Ва нома рафт ба Ғазнин сӯйи Буалии Кутвол ва чанд чиз хоста шуда аз олати ҷанги биёбону асбу уштуру зару ҷома, то ба зудӣ фиристода ояд.

Ва аз Ҳирот ва навоҳии он Бодғису Ганҷрусто[4] ва ҳар куҷо даст расид ба ҳазор динор барот набиштанд лашкарро ва ба унф[5] бистаданд, баҳона он, ки бо туркмонон чиро мувофақат карданд. Ва корҳои дигар шуд, ки ин подшоҳро умр ба охир расида буд ва касе заҳра намедошт, ки ба ибтидо сухан гуфтӣ бо вай ва насиҳат кардӣ. Ва аъёни Ҳирот чун Булҳасани Алавӣ ва дигарон бигрехта буданд ва Буталҳаи Шиблии омилро насиҳат карданд, ки рӯй пинҳон бояд кард ва вай накарда буд. Амир муғофаса[6] фармуд, то Буталҳаро бигирифтанду боздоштанд ва ҳарчӣ дошт, пок бистаданд, пас пӯсташ бикашиданд[7], чун астари[8] ҳаҷҷом бар он расид, гузашта шуд, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва ман вайро дидам ба саргиндоне[9] афганда дар ҷавори Кушки Аднонӣ, ки онро Саргин гӯянд ва

---

[1] соли чаҳорсаду сӣ, баробар бо 1039-1040-и милодӣ.
[2] изз (ъизз) – арҷмандӣ ва азизӣ; маркази изз – миёнаи доираи иззат.
[3] талоеъ – пешоҳанг; авфоҷ – дастаҳои лашкар.
[4] Ганҷрусто - Ганҷрустоқ вилоятест байни Бодғис ва Марваррӯд, дар ҳудуди Афғонистони кунунӣ.
[5] ба унф – ба зӯр.
[6] муғофаса – ногаҳонӣ.
[7] пусташ канданд.
[8] астари ҳаҷҷом – теғи рагзан.
[9] сангиндон – ҷои ахлоти ҳайвонот.

Тагини Сақлобии пардадор бар вай муваккал[1]. Ва ин Буталҳа чун ҳоҷиб Субоширо туркмонон бизаданд, он гоҳ ба Ҳирот омаданд, истиқболи эшон рафта буд ва мизбонӣ додаву нузл ва сабаби гузашта шудани ӯ ин буд. Ва Булфатҳи Ҳотамиро, ноиббариди Ҳирот, ба ниёбати устодам Бунаср ҳам бигирифтанд. Ва ӯ низ пеши ин қавм шуда буд ва устодам албатта сухан нагуфт, ки рӯйи он набуд дар ин вақт. Ва ӯро ба Абуалӣ Шодони Тӯсӣ, кадхудойи шиҳнаи Хуросон, бинишонданд ва сӯйи Қалъаи Баркаж бурданд ба ҳудуди Паршавар ва он ҷо боздоштанд.

Ва номаҳо расид, ки Туғрал ба Нишобур бозрафт ва Довуд ба Сарахс муқом кард ва Янолиён ба Нисо ва Бовард рафтанд. Вазир устодамро гуфт: «Чун мебинед ҳолҳо, ки худованд он чӣ рафт, фаромӯш карду даст ба нишот зад ва ҳадиси расулу мухолифон ва мувозаъат ниҳодан намеравад ва маро ин сахт нохуш меояд, ки масъала бар ҳоли хеш аст, балки мушкилтар». Устодам гуфт: «Ин ҳол аз он даргузаштааст, ки талофӣ бипазирад ва сухане, ки нохуш хоҳад омад, ногуфта беҳ. Худовандро имрӯз сухани мо пирон нохуш меояд ва ин ҳама ҷавонони корнодида[2] мехоҳанд ва бад-ин сабаб сурати пирон зишт мекунанд; ва ҷуз хомӯшӣ рӯй нест». Вазир гуфт: «Ҳамчунин аст, агар аз ин ҳадис чизе пурсид хомӯш мебошем».

Ва рӯзи шанбе, ғурраи зиҳиҷҷа[3], панҷ хайлтош номзад кард, то ба Гургон раванд ва нома фармуд ба Бусаҳли Ҳамдавию Сурӣ ва Бокалиҷор бар он ҷумла ки «Дар замони нусрату саъодат ба Ҳирот омадем ва муддате ин ҷо муқом аст, то он чӣ хостаем, даррасад аз Ғазнин, аз уштуру молу асбу зарродхона[4] ва олати биёбон ва пас сохта сӯйи Тӯсу Нишобур равем, ки бар ҷумла одоту шаъбадаи[5] хасмон воқиф гаштем ва сару сомони ҷанги эшон дарёфтем. Ҳамчунин эшон қавме бебуна бар эшон хоҳем гумошт ва мо моядор[6] бошем, то ҷаҳон аз эшон пок карда шавад. Ва Бокалиҷор сахт некӯ хидмате бикарду асаре намуд ва самароти он аз маҷлиси мо бар он ҷумла хоҳад буд, ки касеро то ин ғоят аз фармонбурдорони ин давлат набудааст ва ин номаҳо фармудем, то қавидил гардад. Ва чун мавокиби мо ба Нишобур расад, ба дили қавӣ ба даргоҳ ҳозир оед. Ва хайлтошонро он ҷо нигоҳ доред, то бо шумо оянд». Амир ин

---

[1] нигаҳбон.
[2] корнодида – бетаҷриба.
[3] баробар бо 24 августи соли 1039-и милодӣ.
[4] зарродхона – аслиҳахона.
[5] шаъбада ё шуъбада - бар вазни ваҷраҳа; ба маънии бозӣ, ки бо сеҳру фан кунанд.
[6] моядор – чунон ки қаблан ҳам омад, дар «Таърихи Байҳақӣ» ин калима ба маънои афроди захираи низомӣ истифода шудааст.

номаҳоро тавқеъ карду хайлтошонро фармуд, то роҳбарон бардоранд, чуноки аз роҳи бероҳ эшонро ба сарҳади Гургон расонанд ва бирафтанд.

Ва иди азҳо фароз омад, Амир такаллуфе бузург фармуд аз ҳадду андоза гузашта. Ва Ҳирот шаҳрест, ки он силоҳ, ки он ҷо буд, ба ҳеч шаҳр набудӣ; рӯзи ид чандон савору пиёдаи тамомсилоҳ ба майдон омад, ки қарор доданд пирони муътамад, ки ба ҳеч рӯзгор монанди он ёд надоранд. Ва ид карда омад ва хонҳо ниҳоданду шароб доданд. Паси ид лашкар арз кард Амир ба Дашти Худобон[1] ва ҳар кас, ки наззораи он рӯз бидид иқрор дод, ки ба ҳеч рӯзгор чунин лашкар ёд надорад.

Ва устодамро аҷал наздик расида буд ва дар ин рӯзгор суханоне мерафт бар лафзи вай нописандида, ки хирадмандон намеписандиданд. Яке он буд, ки он рӯзи арз[2] ба гӯристоне баргузашт ва ман бо ӯ будам, ҷое биистод ва нек биандешиду пас биронд. Наздики шаҳр Бусаҳли Завзанӣ бад-ӯ расид ва ҳар ду биронданд. Ва саройи Бусаҳл бар роҳ буд, мизбонӣ кард, устодам мегуфт: «Дили шароб надорам, ки ғамнокам». Суд надошт, ки мизбон дарпечид[3] ва охир фуруд омад ва ман низ он ҷо омадам. Басичи хӯрданӣ ва надимону мутрибон кард. То рост шуд, устодам ҳамчунон андешаманд мебуд. Бусаҳл гуфт: «Сахт бенишотӣ, коре наюфтодааст?» Гуфт: «Аз ин ҳолҳо меандешам, ки дар миёни онем, ки кор баста мебинам, чунонки ба ҳеч гуна андешаи ман аз ин берун намешавад. Ва метарсам ва гӯӣ бад-ин менигарам, ки моро ҳазимате уфтад дар биёбоне, чунонки кас ба кас нарасад ва он ҷо беғулому ёр монам ва ҷон бар хира бишавад ва чизе бояд дид, ки ҳаргиз надидаам. Имрӯз, ки аз арзи лашкар бозгаштам, ба гӯристоне бигузаштам, ду гӯр дидам покизаву ба гач карда, соате таманно кардам, ки кошкӣ ман чун эшон будаме дар изз, то зулл[4] набояд дид, ки тоқати он надорам». Бусаҳл бихандиду гуфт: «Ин савдоест муҳтариқ[5], ишраб ва итраб вадаъи-д-дунё[6], бихӯр, хӯрдане некӯ». Ва шаробҳои некӯ пеш оварданду мутрибону надимон даррасиданд ва нон бихӯрдему даст ба кор бурдем ва рӯзе сахт хуш ба поён омад, ки бисёр музокара рафт дар адабу самоъу иқтироҳот[7] ва мастон[8] бозгаштем.

---

[1] Дашти Худобон – маҳалле дар Ҳирот; дар баъзе нусхаҳо ба ҷои Худобон Хиёбон омадааст.

[2] яъне, рӯзи арзи лашкар.

[3] мизбон дарпечид – яъне, Бусаҳл исрор варзид.

[4] изз – иззат; зулл – хорӣ.

[5] муҳтариқ – сӯзонанда.

[6] тарҷ: бинӯшу шодмонӣ кун ва ғами дунёро фаромӯш кун.

[7] самоъ – овозу суруд; иқтироҳот – ҷамъи иқтироъ, дархостан, орзу кардан.

[8] мастон – сармаст.

Ва пас аз ин ба рӯзе чиҳил устодам гузашта шуд, разияллоҳу анҳу ва пас аз ин биёрам. Ва мо аз Ҳирот бирафтем ва пас аз ҳафт моҳ ба Дандонақони[1] Марв он ҳазимат ва ҳодисаи бузург уфтод ва чандин нокомиҳо дидем. Ва Бусаҳл дар роҳ маро чанд бор гуфт: «Субҳоналлоҳа-л-ъазим! Чӣ равшанрой марде буд Бунасри Мушкон, гуфтӣ, ин рӯзро медид, ки мо дар онем».

Ва ин чӣ бар лафзи Бунаср рафт дар ин маҷлис, фаро карданд, то ба Амир расониданду гуфтанд: «Чун аз лафзи соҳибдевони рисолат чунин суханон ба мухолифон расонанд ва вай хирадмандтари аркони давлат аст, бисёр халал уфтаду эшонро далерӣ афзояд». Амир бад-ин сабаб мутағаййир шуд сахт, аммо хашмашро нигоҳ дошт, то он гоҳ, ки карона шуд[2].

Ва гуфтам дар ин қисса, ки дар адаби музокират рафт дар он маҷлис, ҳарчанд ин таърих «Ҷомеъ»-и Суфён[3] мешавад аз дарозӣ, ки онро дода меояд, байте чанд аз музокироти маҷлиси он рӯз сабт кунам, қисса тамомтар бошад. Ва ман ин абёт надоштам. Бигӯям, ки ба дасти ман чун уфтод. Марде буд ба Ҳирот, ки ӯро Қозӣ Мансур гуфтандӣ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳи дар фазлу илму дабирию шеъру рисолату фазоил дасте тамом дошт. Ва шаробу ишрат дӯст дошт ва бидониста, ки хуззиъ айша вадиъа-т-тайша[4] ва дод аз дунёи фиребанда бибояд ситад ва роҳи дигар гирифт ва хуш бизисту хуш бихӯрд. Ва шамомаи[5] маҷлис пеши бузургон буд, чунонки ҳар маҷлис, ки вай он ҷо набудӣ, ба ҳеч нашмурдандӣ. Ва ҳоле дошт бо Бусаҳли Завзанӣ ба ҳукми муносибат дар адаб ва пайваста баҳам будандӣ ва шароб хӯрдандӣ. Ва имрӯз Қозӣ Мансур пагоҳ рафта буд ва ба нишот машғул шуда ва шароб нек вайро дарёфта. Бусаҳл сӯйи ӯ қитъаи шеър фиристод ва ӯ дарҳол ҷавоб набишт бар он рӯй[6]. Бусаҳл дигар набишт ва вай ҳам набишту наёмад ва рӯз бигзашт. Ман дар ҳасрати ин қатаъот будам, то он гоҳ, ки ба даст боз омад. Сабаби ёфтан он уфтод, ки фозиле аз хонадони Мансур хоста буд, номи ӯ Масъуд ва ихтилоф дошт[7] наздики ин Қозӣ ва ҳарчӣ аз ин боб рафтӣ, таълиқ кардӣ. Ва чун кори Ҳирот шӯрида гашт, ин

---

[1] Дандонақон – маҳалле дар наздикии Марв, ки ба сабаби ҷанги Ғазнавиёну Салҷуқиён дар моҳи майи соли 1040 дар таърих машҳур гашт. Дар ҳамин ҷилд достони муфассали ин ҷанг омадааст.

[2] карона шуд – аз дунё рафт.

[3] «Ҷомеъ»-и Суфёни Сурӣ – номи асаре, ки дар фиқҳ зарбулмасал аст, барои чизе, ки шомили ҳама чиз бошад, ба монанди он ки киштии Нуҳро ҳам барои ин гуна ашё масал меоранд.

[4] тарҷ: ғанимат шумор зиндагонии хушро ва фурӯ гузор тундмизочию андӯҳро.

[5] шамома – буйи хуш.

[6] яъне, бар пушти нома навишт.

[7] ихтилоф дошт – омаду рафт доштан бо касе, муровада.

фақеҳи озодмард аз ватани хеш бияфтод ва гаштогашт рафт, то наздики Арслонхон писари Қадархон, ки малики Туркистон буд ва солҳо он ҷо бимонд дар некӯдошти ҳарчӣ некӯтар, ки мард ягонаи рӯзгор буд дар илму тазкир[1]. Ва чун дид, ки кори он подшоҳ аз низом бихоҳад гашт, аз таассубе[2], ки уфтод ба ду гурӯҳе миёни бародарону хешовандон ва ли оқили шамматун[3], дастурӣ хост, то ин ҷо ояд ва ёфту биёмад дар санаи самонина ва сулсина ва арбаъа миа[4]. Ва дилҳои хоссу оми ин шаҳр бирабуд ба ширинсуханӣ ва қабулу иъзозу тақарруб ёфт[5] аз маҷлиси малик ва бад-ин сабаб ваҷеҳу манзур гашт. Ва имрӯз дар санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[6] ваҷеҳтар шуд ба некӯ нигористани Султони муъаззам Абулмузаффар Иброҳим, адомаллоҳу султонаҳу. Ва кораш бар ин бинамонд[7], ки ҷавон асту бомуруввату шигарфӣ[8] ва чун маро дӯстест ба кор омадаву муътамад ва чун мумолаҳату[9] музокарот уфтод дар ин таърих номи ӯ биёвардам ва шарти дӯстӣ нигоҳ доштам.

Ал-абёту-л-лати катабаҳо аш-Шайх Абусаҳлу Завзанииййа[10]

Аййуҳа-с-садру-л-лази донат ли иззатиҳи-р-риқобу
Интадиб турзи-н-надомо ҳум ало даҳри киоб.
Ва асиғ ғуссата шарбин лайса йакфиҳа-ш-шароб.
Ваҳзарана лутфан банодин фиҳи ли-ш-шавқи илтиҳоб.
Вадаъи-л узро ва зурно аййуҳа-л маҳзу-л-лубоб.
Байнука-л мурру азобун ва саҷойока изоб,
Иннамо анта ғиноун ва шаробун ва шабоб,
Ҷудука-л мавҷуду баҳрун фазлука вофийа саҳоб.
Иннамо дунё заломун ва маъолика шиҳоб[11].

---

[1] тазкир – ёдоварӣ ва ба маънии ёддиҳӣ кардан; ин ҷо ба маънии мавъиза ва иршод кардан.
[2] таассуб – ба маънои душманӣ.
[3] тарҷ: хирадмандро дарёфту идроке аст.
[4] соли 438, баробар бо соли 1046 – 1047-и милодӣ.
[5] азизу муҳтарам гашт.
[6] соли 451, баробар бо 1059 – 1060-и милодӣ.
[7] яъне, ӯ бештар аз ин, ки ҳаст, болотар меравад, зеро ҳам донишу фазилат дорад ва ҳам мавриди иноятӣ подшоҳ қарор дорад.
[8] шигарфӣ – бузургӣ ва шукӯҳ.
[9] мумолаҳат - ҳаққи нону намак, ҳамсуфра будан, намакхорагӣ.
[10] Байтҳое, ки шайх Абусаҳл Завзанӣ навиштааст. Доктор Файёз ин абётро пурғалат ва аз лиҳози санъати шеърӣ «мутавассит ва балки паст» меномад
[11] Маънои абёт: Ай суруде, ки дар баробари бузургӣ ва иззати ту гарданҳо пойин меоянд. Посух гуй ба надимони хеш ва ононро розиву хушнуд кун, ки аз дасти рӯзгор ғамгинанд. Андӯҳи бодахоронро ба шодӣ мубаддал кун, ки шароб онҳоро шод намекунад ва кифоят намекунад ва ҳозир шав аз рӯи лутф дар ҷамъе, ки оташи шавқ дар он сар мекашад. Узрро бигузор ва ба дидори мо биё,

Фа иҷобаҳу Қози фи-л вақти:[1]

Аййуҳа-с-садру саъиду-л моҷиду-л қарму-л лубоб,
Ваҷҳука-л ваҷҳу-л музиййу раъйука раъйу-с-савоб.
Индака-д-дунё ҷамиъан ва илайҳо ли маоб,
Ва лақад ақъадани сукру ва аъёни-л ҷавоб.
Фи зуро ман қад ҳаво мин шайъин йустатоб,
Ва лавистаъту қасамту-л ҷисми қисмайну латоб.
Ғайра инни оҷизун анҳу ва қалби зу-л-тиҳоб
Фабасату-л узро анни фи асотиру-л китоб[2].

Фа иҷобаҳу Абусаҳлин[3]**:**

Аййуҳа-с-садру таанна лайса ли анка заҳоб,
Куллу мо индака фахрун куллу мо дунака ъоб.
Ваҷҳука-л бадрун валокин баъда ман ҷоба-с-саҳоб,
Қурбука-л маҳбубу равзун саддука-л макруҳу ғоб.
Удука-л мақбулу инди абада-д-даҳри йусоб,
Анта ин убта илайно факамо оба-ш-шабоб.
Ав камо кона алоа-л маҳли мина-л ғайси-н сибоб,
Бал камо йунтош майту ва ароҳу-т-туроб[4].

Факатаба Мансурун баъда мо адрокаҳу-с-сукру[5]

Нома риҷло муз абарту-л қантарати,
Фақбалан ин шиъта мини-л маъзура.

ай касе, ки вуҷуди ту ақли холис аст. Ҷудоии ту талх азобест ва хислатҳои ту гуворост, ҳамоно ки ту вуҷудат ҳам мусиқӣ ва ҳам овои хуш аст ва ҳам шаробу ҷавонӣ. Бахшиши ҳамешагӣ ту дарёест ва карами ту абри боранда ҳамоно ки дунё торикӣ аст ва баландиҳои мартабаи ту мисли тири шаҳоб, равшан.

[1] Қозӣ бедаранг ба вай посух дод.

[2] Маънои абёт: ай меҳтари некбахти бузургвор ва сарвари баргузида, чеҳраи ту чеҳраи равшан ва раъйи ту раъйи росту дуруст аст, неъмати дунё ҳама назди ту аст ва маро ба сӯйи он бозгашт мебошад. Ва ҳамоно маро мастӣ барҷоймонда дорад ва посухгӯйӣ (ба шеъри ту) дар остонаи баланди касе, ки ҳар чизи покизаро гирд оварад, бар ман душвор шуд ва агар метавонистам тани худро ду нима кунам (ва як нимаро ба ҳузури ту фиристам), хуб буд, ҷуз он, ки аз ин кор нотавонам ва дилам пур аз оташи дурӣ аст, пас узргустарӣ дар сатрҳои ин нома кардам.

[3] Пас Бусаҳл ӯро посух дод

[4] Маънои абёт: ай меҳтари оромгир, маро аз ту фаромӯшӣ набошад, ҳарчи назди туст, фахр аст ва ҳар чӣ ҷуз туст, айб бошад, чеҳраи ту моҳи шаби чаҳордаҳ аст, валекин пас аз он, ки абрҳо боз шавад (ва бадр намоён шавад). Наздикии маҳбуби ту бустоне аст ва боз доштан нохушоянди ту моро аз дидори бешае бошад (тираву тор), бозгашти дилпазири ту назди ман то поёни рӯзгор савоб аст, ту агар ба назди мо бозгардӣ, гӯӣ рӯзгори ҷавонӣ бозгашта аст. Ёр чунон бошад, ки дар хушксолӣ резише аз борон, балки чун мурдае бошам, ки чун хок ӯро дар худ ниҳон созад, аз дасти марг раҳонида ояд.

[5] Мансур пас аз он, ки шароб дар ӯ асар бахшид, навишт:

Инна ҳаза-л каъса шайъун аҷабун,
Куллу ман ағрақа фиҳи аскара[1]

Инак чунин бузургон будаанд ва ин ҳар се рафтаанд, раҳимаҳумуллоҳу ва моро низ бибояд рафт, оқибати кори мо ба хайр бошад, иншоаллоҳу азза ва ҷалла.

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ба ҷашни Меҳргон нишаст рӯзи сешанбе бисту ҳафтуми зиҳиҷҷа[2] ва бисёр ҳадяву нисор оварданд. Ва шуароро ҳеч нафармуд[3] ва бар Масъуди Розӣ[4] хашм гирифт ва фармуд ӯро ба Ҳиндустон фиристоданд, ки гуфтанд, ки ӯ қасидае гуфтааст ва Султонро дар он насиҳатҳо карда ва дар он қасида ин ду байт буд:

Мухолифони ту мӯрон буданду мор шуданд,
Барор зуд зи мӯрони моргашта димор!
Мадеҳ замонашон з-ин бешу рӯзгор мабар,
Ки аждаҳо шавад ар рӯзгор ёбад мор!

Ин мискин сахт некӯ насиҳате кард, ҳарчанд фузул[5] буд ва шуароро бо мулукон ин нарасад. Ва мутрибонро ҳам силат нафармуд, ки дар ин рӯзгор он абри зарпош сустӣ гирифта буд ва кам боридӣ[6] ва муноқашаҳо мерафту умр ба поён омада буд. Ва ҳоли мардум ва давлати дунё ин аст. Ва ин рӯзгори Меҳргон низ бигузашту ба поён омад.

Дар санаи иҳдо ва сулсина ва арбаъа миа[7], ки ғурраташ сешанбе буд, Амир ҳар рӯз фариза кард бар хештан, ки пеш аз бор, халвате кардӣ ва то чоштгоҳ бо вазиру аркони давлату солорон ва сухан гуфтандӣ аз ин муҳимм, ки дар пеш доштанд ва бозгаштандӣ ва Амир бинишастӣ ва дар ин боб то шаб кор меронди. Ва ба ҳеч рӯзгор надиданд, ки ӯ тан чунин дар кор дод. Ва номаҳо мерасид аз ҳар ҷое, ки хасмон низ корҳои хеш месозад ва ёрӣ доданд Буритагинро ба мардум, то чанд ҷанги қавӣ бикард бо писарони Алита-

[1] Маънои абёт: аз он гоҳ, ки аз пул ва марзи ҳушёрӣ гузаштам, пойи ман ба хоб рафт (ва наметавонам омад), пӯзиши маро агар хоҳӣ бипазир, ҳамоно ҷоми бода чизе шигифт аст, ҳар кас дар нӯшидани соғар иғроқу ифрот кунад, ӯро масту бехештан созад.

[2] баробар бо 19 сентябри соли 1039-и милодӣ.

[3] яъне силат ва ҷоиза нафармуд

[4] ба ғайр аз Байҳақӣ Авфӣ дар «Лубобу-л-албоб» ва Низоми Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ҳам аз Масъуди Розӣ ёдовар шудаанд. Ин шоир бо ҳамин насиҳат ба Масъуди Ғазнавӣ ва ба дунболи он зиндон шудан машҳур гардидааст.

[5] фузул – пургӯй, забондароз.

[6] киноя аз ин ки Султон Масъуд, ки қаблан бисёр бахшанда буд, ин рӯзҳо кам атову ҷоиза медод.

[7] Соли 431, ки баробар аст бо соли 1039 – 1040-и милодӣ.

гин ва эшонро бизад. Ва наздик аст, ки вилояти Моваройуннаҳр аз эшон биситонад. Ва писари Олтунтош – Хандон низ бо он қавм дӯстӣ пайваст. Ва банди Ҷайҳун аз ҳар ҷонибе гушода карданд ва мардум омадан гирифт ба тамаъи ғорати Хуросон, чунонки дар номае хондем аз Омӯй, ки пиразанеро диданд якдасту якчашму якпой табаре дар даст. Пурсиданд аз вай, ки «чиро омадӣ?» Гуфт: «Шунудам, ки ганҷҳои замини Хуросон аз зери замин берун мекунанд, ман низ биёмадам, то лахте бибарам». Ва Амир аз ин ахбор бихандидӣ, аммо касоне, ки ғаври кор медонистанд, бар эшон ин сухан саъб буд[1].

Ва он чӣ аз Ғазнин хоста будем, овардан гирифтанд ва лашкарҳои зиёдатӣ мерасид. Булҳасани Абдуҷалил халвате кард бо Амир, разияллоҳу анҳу, гуфт: «Мо тозикон асбу уштури зиёдатӣ дорем бисёр ва Амир ҷиҳати лашкари омада ба зиёдат ҳоҷтаманд аст ва ҳама аз неъмату давлати вай сохтаем, нусхате бояд кард ва бар номи ҳар кас бояд набишт». Ва ғараз дар ин на хидмат буд, балки хост бар номи устодам Бунаср чизе нависад ва аз бадхӯӣ ва заъорати[2] ӯ донист, ки напазирад ва сухан гӯяд ва Амир бар вай дилгаронтар кунад. Амирро ин сухан номувофиқ наёмад ва Булҳасан ба хатти хеш нусахте набишт ва ҳамаи аъёни тозикро дар он даровард ва он арза карданд ва ҳар кас гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва аз дилҳои эшон Эзиди азза ва ҷалла донист. Ва Бунаср бар осмон об бияндохт, ки «То як сар асбу уштур ба кор аст!»[3] Ва изтиробҳо карду гуфт: «Чун кори Бунаср бад-он манзилат расид, ки ба гуфтори чун Булҳасани Айдунӣ[4] бар вай сутур нависанд[5], зиндону хориву дарвешию марг бар вай хуш шуд». Ва пайғом дод ба забони Булаълои табиб, ки «Банда пир гашта ва ин андак моя таҷаммуле, ки дорад хидматрост ва чун бад-ин ҳоҷат ояд, фармон худовандро бошад, кадом қалъат фармояд, то банда он ҷо раваду бинишинад». Булаъло гуфт: «Хоҷаро муқаррар аст, ки ман дӯстдори қадими ӯям?» Гуфт: «Ҳаст!» Гуфт: «Ин пайғом носавоб аст, ки Султон на он аст, ки буд ва бо ҳар кас баҳона мечӯяд, набояд, ки чашмзахме уфтад ва маро аз ин афв кунад, ки сухани ноҳамвор дар боби ту натавонам шунид».

---

[1] яъне, касоне ки оқибати корро меандешиданд ин суханон барои онон душвор меомад.

[2] заъорат – тундмиҷозӣ ва бадхӯӣ.

[3] яъне, то як асбу шутур дорем, даст аз сари мо бар намедоранд, то он аз мо бигиранд.

[4] яъне Булҳасани фулоншуда.

[5] яъне бинависад, ки асбатро бидеҳ.

Устодам руқъате набишт сахт дурушт ва ҳар чӣ ӯро буд сомиту нотиқ[1] дар он тавсил дод ва ин пайғом, ки Булаълоро медод дар руқъате мушаббаътар[2] уфтод ва ба вусоқи[3] Оғоҷӣ омад ва ҳаргиз ин сабукӣ накарда буд дар умри хеш ва оғозид бисёр бандагиву хидмат намудан ва руқъат бад-ӯ доду ва ӯ замон кард[4], ки вақти сара[5] чӯяду бирасонад. Ва устодам ба девон бозомад ва бар Оғоҷӣ пайғомро шитоб мекард, то ба зарурат бирасонид, вақте ки Амир дар хашм буд аз ахбори дардкунанда, ки бирасида буд. Баъд аз он Оғоҷӣ аз пеши Султон берун омад ва маро бихонду гуфт: «Хоҷаи амидро бигуй, ки расонидам ва гуфт[6] «афв кардем вайро аз ин». Ва ба хушӣ гуфт, то дил машғул надорад. Ва руқъа ба ман боз доду пӯшида гуфт: «Устодатро магӯ, ки ғамнок шавад: Амир руқъа бияндохту сахт дар хашм шуду гуфт: «Гуноҳ на Бунасррост, морост, ки сесад ҳазор динор, ки вақиъат[6] кардаанд, бигзоштаем». Ман ба девон омадам ва руқъат пеши ӯ ниҳодам ва пайғоми нахустин бидодам. Хидмат карду лахте сукун гирифт. Ва бозгашту маро бихонд; чун нон бихӯрдем, холӣ карду гуфт: «Ман донам, ки ин на сухани Амир буд, ҳаққи суҳбат ва мумолаҳати дерина нигоҳ дор ва агар Оғоҷӣ сухани дигар гуфтааст ва ҳуҷҷат гирифта[7], то бо ман нагуӣ, бигӯй, то роҳи кор бингарам»[8]. Он чӣ гуфта буд Оғоҷӣ, бигуфтам. Гуфт: «Донистам ва ҳамчунин чашм доштам[9], хок бар сари он хоксор, ки хидмати подшоҳон кунад, ки бо эшон вафову ҳурмату раҳмат нест, ман дил ба ҳамаи балоҳо хуш кардам ва ба гуфтори чун Булҳасане чизе надиҳам». Бозгаштам. Ва вай пас аз он ғамноку андешаманд мебуд ва Амир, разияллоҳу анҳу, ҳурмати вай нигоҳ медошт. Як рӯзаш шароб дод ва шодкому қавидил ба хона бозомад. Ва Бунасри табиби Тайфурро бихонад ва ман ҳозир будам ва дигарон биёмаданд ва мутрибон ва Бусаъиди Бағлонӣ низ биёмад ва ноиби устодам буд дар шуғли баридии Ҳирот. Дар миёна Бусаъид гуфт: «Ин боғчаи банда дар ним фарсанги шаҳр хуш истодааст, худованд

---

[1] сомиту нотиқ –хомӯшу гӯянда; киноя аз милк, моли нақдина ва ҳайвоноту ғулому канiз ва ғ.
[2] мушабаътар – муфассалтар, машруҳтар.
[2] вусоқ ё висоқ– уток, ҳучра.
[3] замон кард – ба ӯҳда гирифт.
[4] сара – некӯ.
[5] яъне, Султон Масъуд гуфт.
[7] ҳуҷҷат гирифта – қавл гирифта.
[8] яъне, ҳақиқатро бигуй, ки Султон дар ҳаққи ман чӣ гуфта, то таклифи худро бидонам.
[9] ҳамчунин чашм доштам – ҳамин интизорро доштам.

нишот кунад[1], ки фардо он ҷо ояд». Гуфт: «Нек омад!» Бусаъид бозгашт, то кор созад ва мо низ бозгаштем.

Ва маро дигар рӯз навбат буд, ба девон омадам. Устодам ба боғ рафт ва Булҳасани Дилшодро фармуд, то он ҷо омад ва Бунасри Тайфур ва тане чанди дигар. Ва намози шомро бозомад, ки шаби одина буд. Ва дигар рӯз ба даргоҳ омад ва пас аз бор ба девон шуд ва рӯзе сахт сард буд ва дар он суффаи Боғи Аднонӣ дар байғула[2] бинишаст. Боде ба неру мерафт. Пас пеши Амир рафту панҷу шаш нома арз кард ва ба суффа боз омад. Ва ҷавобҳо бифармуду фурӯ шуд[3] ва як соат лақваву фоличу сакта[4] уфтод вайро ва рӯзи одина буд. Амирро огоҳ карданд, гуфт: «Набояд, ки Бунаср ҳол меорад[5], то бо ман сафар наёяд». Булқосими Касиру Бусаҳли Завзанӣ гуфтанд: «Бунаср на аз мардон бошад, ки чунин кунад». Амир Булаълоро гуфт, то он ҷо равад ва хабаре биёрад. Булъало омад ва мард уфтода буд, чизҳо ки нигоҳ мебоист кард, нигоҳ карду ноумед бирафт ва Амирро гуфт: «Зиндагонии Худованд дароз бод, Бунаср бирафт ва Бунасри дигар талаб бояд кард». Амир овозе дод бо дарду гуфт: «Чӣ мегӯӣ?» Гуфт: «Ин аст, ки банда гуфт ва дар як рӯзу як соат се иллати саъб[6] уфтод, ки аз яке аз он бинатвон ҷаст ва ҷон дар хизонаи Эзид аст таъоло, агар ҷон бимонад, ними тан аз кор бишавад»[7]. Амир гуфт: «Дареғи Бунаср!» Ва бархост ва хоҷагон ба болини ӯ омаданд ва бисёр бигиристанду ғам хӯрданд ва ӯро дар маҳмили пил ниҳоданд ва панҷу шаш ҳаммол бардоштанд ва ба хона боз бурданд. Он рӯз монду он шаб, дигар рӯз сипарӣ шуд[8], раҳматуллоҳи алайҳи.

Ва гуфтанд, ки шароби каду бисёр додандаш бо набиз[9] он рӯз, ки бад-он боғ буд меҳмони ноиб, аз он ноиб панҷ ҳазор динор бистад Амир. Ва аз ҳар гуна ривоятҳо карданд марги ӯро[10] ва маро бо он кор нест, Эзид, азза зикруҳу, тавонад донист, ки ҳама рафтаанд. Ва пеши ман боре он аст, ки мулки рӯйи замин нахоҳам

---

[1] нишот кунад – ирода кунад, азм намояд.
[2] байғула – пайғула, гӯшае дур аз ободӣ.
[3] хира шуд ва дар худ фурӯ рафт.
[4] лақва – каҷии даҳон ва ё рӯй ба сабаби беморӣ; фолиҷ – гирифтори бемории фалаҷ, он ки қисме аз танаш фалаҷ шуда, аз ҳиссу ҳаракат монад; сакта – фалаҷи ногаҳонӣ дар натиҷаи резиши хун ба мағз ва ё баста шудани раги мағз.
[4] ҳол меорад – ноз мекунад.
[6] се иллати саъб – се бемории шадид.
[7] агар зинда бимонад ниме аз баданаш аз кор монад.
[8] даргузашт.
[9] набиз – шароб, шароби хурмо ё ангур.
[10] яъне гапҳои гуногун дар бораи марги ӯ мегӯянд, ки шояд ӯро заҳр дода бошанд

бо табиъати[1] озоре бузург, то ба хун чӣ расад, ки пайдост, ки чун мард бимурд ва агарчӣ бисёр молу ҷоҳ дорад, бо вай чӣ ҳамроҳ хоҳад буд. Ва чӣ буд, ки ин меҳтар наёфт аз давлату неъмату ҷоҳ ва манзилату хираду равшанройиву илм? Ва сӣ соли тамом меҳнат бикашид, ки як рӯз дили хуш надид ва осору ахбору аҳволаш он аст, ки дар «*Мақомот*»[2] ва дар ин таърих биёмад. Ва аммо ба ҳақиқат бибояд донист, ки хутимату-л-кифояту ва-л балоғату ва-л ақлу биҳи[3]. Ва ӯ авлотар аст бад-он чӣ ҷиҳати Булқосими Искофии дабир[4], раҳматуллоҳи алайҳи, гуфтаанд. Шеър:

Алам тара девона-р-расоили ъутилат,
Би фиқдониҳи ақломуҳу ва дафотируҳу[5].

Ва чун маро азиз дошт ва нуздаҳ сол дар пеши ӯ будам азизтар аз фарзандони вай ва навохтҳо дидаму ному молу ҷоҳу изз ёфатам, воҷиб доштам баъзеро аз маҳосину маъолии[6] вай, ки маро муқаррар гашт, боз намудан ва онро тақрир кардан ва аз даҳ яке натавонистам намуд, то як ҳаққро аз ҳаққҳо, ки дар гардани ман аст, бигузорам. Ва чун ман аз хутба фориғ шудам, рӯзгори ин меҳтар ба поён омад ва боқии таърих чун хоҳад гузашт, ки низ номи Бунаср набишта наёяд дар ин таълиф, қаламро лахте бар вай бигирёнам[7] ва аз назму насри бузургон, ки чунин мардум ва чунин мусибатро омадааст, боз намоям, то ташаффие[8] бошад маро ва хонандагонро. Пас ба сари таърих боз шавем, иншоаллоҳи таъоло.

Фасл

Ва пас аз марги вай ҳаргиз набуд, ки ман аз он суханони бузурги бомаънии вай андеша кардам, ки гуфтӣ бад-он монастӣ, ки ман ин абёт ёд кардам, ки Музаффари Қоинии дабир гуфтааст дар марсияти Мутанаббӣ, раҳматуллоҳи алайҳи ва он ин аст, шеър

---

[1] табиъат – табоъат, ба маънии дунболаравӣ ва пайравӣ ва оқибати бад.

[2] тавре дар муқаддима гуфта омад, Байҳақӣ дар чанд ҷой аз осори дигари худ зикр мекунад, ки «Таърихи Йаминӣ», «Мақомоти Маҳмудӣ» ва «Мақомоти Бунасри Мушкон» аз он ҷумлаанд.

[3] поён ёфт кифоят (шоистагии коргузорӣ) ва расоийи сухану хирад ба вай!

[4] Абулқосим Искофӣ – дабири Сомониён, ки дар замони Абдумалик ибни Нӯҳ (954 – 961) вафот мекунад.

[5] тарҷ: Оё надидӣ девон расоилро, ки қаламҳову дафтарҳояш аз фуқдони вай бекору маътал мондааст.

[6] маҳосин – хубиҳо ва некӯиҳо; маъолӣ – ҷамъи маъло, шарафу рифъат, бузургӣ ва баландии қадр.

[7] «қаламро лахте бар вай бигирёнам» – ин аз ҷумлаҳои шохис ва камназири «Таърихи Байҳақӣ» аст!

[8] ташаффӣ – шифо ёфтан, оромиши хотир ёфтан, беҳбудию осудагии қалб пайдо кардан.

Ло раъа-л-лоҳу сирба ҳоза-з-замони,
Из даҳано фи мисли зока-л-лисони.
Ма раъайа-н-носу сонийа-л Мутанаббиййу,
Аййу сонин йуро ли бикри-з-замони.
Кона фи нафсиҳи-л ъаллийати фи ъиззан,
Ва фи кибриёи зий султони.
Кона фи лафзиҳи набиййан валокин,
Заҳарат муъҷизотуҳу фи-л маъони[1].

Ва ба ҳеч вақт набудааст, ки ба дари саройи ӯ гузаштам, ки ин ду байт нахондам, ки Булаббоси Забӣ[2] гуфт рӯзе, ки ба дари саройи Соҳиб бигзашт пас аз марги вай, раҳматуллоҳи алайҳи ва он ин аст шеър:

Аййуҳа-л бобу лимо алока иктиобу,
Айна зока-л ҳиҷобу ва-л ҳуҷҷоб.
Айна ман кона йафзаъу-д-даҳру минҳу,
Фаҳува ал-она фи-т-туроби туробу[3].

Ва Бунувос[4], раҳматуллоҳи алайҳи, сахт некӯ гуфтааст, шеър:

Аё рубба ваҷҳин фи-т-туроби атиқи,
Ва ё рубба ҳуснин фи-т-туроби рақиқи.
Ва ё рубба ҳазмин фи-т-туроби ва наҷдатин,
Ва ё рубба қаддин фи-т-туроби рашиқи.
Илло куллу ҳаййин ҳоликун ва-б-ну ҳоликин,
Ва зу насабин фи-л ҳоликина ариқи[5]

Ва Рӯдакӣ гуфтааст:
Ай он ки ғамгиниву сазоворӣ,
В-андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ.

---

[1] тарҷ: Худовандо галаи ин рӯзгорро начаронд (яъне нафрин бар ин рӯзгор бод), ки моро мусибат ва балое расонд дар аз даст рафтани чунин сухангузоре забоновар. Мардум дувуми Мутанаббиро надиданд, чӣ дувумӣ барои ягонаи замон дида мешавад? Аз назари нафси баландмартабаи худ дар арҷмандӣ ва бо бузургманишии тавонманде буд. Ба сухан Паёмбар буд, вале муъҷизоташ дар маъонӣ намоён шуд.

[2] Абулабосси Забӣ яке аз шоирони ҳамзамон ва наздик ба Соҳиб ибни Уббод – вазири Бувайҳиён.

[3] тарҷ: ай даргоҳ чиро андуҳ бар ту чира омад? Куҷо мебошанд пардадорон ва пардасарой? Куҷост он ки рӯзгор аз вай дар бим буд? Пас ӯ акнун дар хок хок шудааст.

[4] Абунувос – шоири маъруфи арабзабон (ваф. соли 814).

[5] тарҷ: чӣ басо чеҳраи баргузида ва ай басо ҷамоли латиф, ки дар хок ниҳон аст. Ай басо дурандешӣ ва далерӣ ва болои рост, ки дар хок нуҳуфтааст. Ҳон! Ҳар зиндае миранда ва зодаи миранда аст ва нажодаи асил дар миёни ҳалокшудагон.

Аз баҳри он куҷо набарам номаш,
Тарсам зи бахт андуҳи дӯшворӣ.
Рафт он, ки рафту омад он к-омад,
Буд он-чӣ буд, хира чӣ ғам дорӣ.
Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро?
Гетист, кай пазирад ҳамворӣ?!
Мустӣ[1] макун, ки нашнавад ӯ мустӣ!
Зорӣ макун ки нашнавад ӯ зорӣ!
Шав то Қиёмат ай дар, зорӣ кун,
Кай рафтаро ба зорӣ боз орӣ?!
Озор беш бинӣ з-ин гардун,
Гар ту ба ҳар баҳона биёзорӣ!
Гӯӣ гумоштааст балои ӯ,
Бар ҳар ки ту бар ӯ дил бигморӣ.
Абре падид неву кусуфе[2] не,
Бигрифт моҳу гашт ҷаҳон торӣ.
Фармон кунӣ ва ё накунӣ, тарсам,
Бар хештан зафар надиҳӣ борӣ!
То бишканӣ сипоҳи ғамон бар дил,
Он беҳ, ки май биёриву бигсорӣ!
То бишканӣ сипоҳи ғамон бар дил,
Бар хештан зафар надиҳӣ борӣ!
Андар балои сахт падид ояд,
Фазлу бузургвориву солорӣ!

Ва мусибати ин марди муҳташамро бад-он вафқ[3] нашмаранд, балки чунон буд, ки гуфтаанд: аква-л фуода ва-л қулуба ва маззақаҳо ва ҷараҳа-н-нуфуса ва-л акбода ва аҳрақаҳо ва ағасса-с-судура биҳаммин асобаҳо ва ақза-л ъуйуна ъало фазаъин нобаҳо ва малоа-с-судура иртиёан ва қассама-л албоба шуъоан ва тарака-л худуда маҷруҳатан ва-д-думуъа масфуҳатан ва-л қуво маҳдудатан ва-т-туруфа масдуватан. Мо аъзамаҳу мафқудан ва акрамаҳу малҳудан ва инни ло навуҳа ъалайҳи навҳа-л маноқиби ва арсиҳи маъа-н-нуҷуми-с-савоқиби ва аскалуҳу маъа-л маъолӣ ва-л маҳосини ва усни алайҳи саноа-л масоъӣ ва-л маосир. Лав кона ҳулулу-л маниййати миммо йуфдо би-л амволи ва-л ансори бали-л асмоъи ва-л абсори лавуҷида инда-л аҳрори мин фидйати золика-с-садри мо

[1] шиква, шикоят
[2] кусуф – гирифтани моҳ
[3] вафқ – мувофиқ, мутобиқ; маънии ҷумла ин аст, ки бо мусибати марги амири шаҳид Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ, ки Рӯдакӣ дар ин қасида баён кардааст, мутобиқ ва баробар натавон шумурд

тустахласу бихӣ муҳҷатуҳ. Ҳозо ва ло мусибата маъа-л имони ва ло фаҷиъата маъа-л Қуръони. Ва кафо би китоби-л-лоҳи муъаззиян ва би умуми-л мавти мусаллиян. Ва инна-л-лоҳа ъазза зикруҳу йухаффифу сиқала-н-навоиби ва йуҳдису сулувва ъинда-л масоиби би зикри ҳукми-л-лоҳи фӣ саййиди-л мурсалина ва хотами-н-набиййина салла-л-лоҳу алайҳи ва алайҳим аҷмаъина ва разийа ан золика-л амиди-с-садри-л комили ва арзоҳа ва ҷаъала-л ҷанната маъвоҳу ва масвоҳу ва ғафара лаҳу занбаҳу ва хаффафа ҳисобаҳу ва наббаҳно ан навмати-л ғофилина. Омин йо рабба-л оламин[1].

Ва Амир, разияллоҳу анҳу, Булқосими Касиру Бусаҳли Завзаниро бифиристод, то бинишинанду ҳаққи таъзиятро бигузоранд ва эшон биёмаданд ва ҳама рӯз бинишастанд, то шуғли ӯ рост карданд. Тобуташ ба саҳро бурданд ва бисёр мардум бар вай намоз гузорданд ва он рӯз сипоҳсолору ҳоҷиби бузург омада буданд бо бисёр муҳташамон. Ва аз аҷоибу наводир работе буд наздики он ду гӯр, ки Бунаср онро гуфта буд, ки кошкӣ савуми эшон шудӣ. Вайро дар он работ гӯр карданд ва рӯзе бист бимонд[2], пас ба Ғазнин оварданд ва дар работе, ки ба Лашкарӣ сохта буд дар боғаш, дафн карданд.

Ва ғуломони хуб ба кор омада, ки бандагон буданд ба саройи Султон бурданд ва асбону уштурону астаронро доғи султонӣ

---

[1] тарҷ: бар дилҳову қалбҳо доғ гузошт ва пораву маҷруҳ сохт ҷону нафсу ҷигарҳоро ва сӯзонду андӯҳгин сохт синаҳоро, ки бад-онҳо расид ва хоку хошок дар чашмҳо аз зорӣ афканд ва пур кард дилҳоро аз ҳарос ва мағзҳоро парокандаву парешон сохт. Рухсорҳоро маҷруҳ ва ашкҳоро ҷорӣ сохт, неруҳоро таҳдид кард ва роҳҳоро баст. Чӣ қадр бузург буд ӯ, ки мафқуд гашт ва чӣ бузург буд он, ки дар лаҳаду гӯр орамида ва ҳамоно, ки ман нолаву таваҷҷуъ мекунам бар ӯ ончунон, ки сифоти нек барои ӯ мегирянд ва марсия мехонам барои ӯ ҳамроҳи ситорагони тобанда ва азодори ӯям ҳамроҳи дараҷоти баланд ва некӯиҳо ва ситоиш мекунам ӯро ситоише дархӯри кӯшишҳо ва осори нек. Агар духули марг аз он даста чизҳое буд, ки мешуд ба додани хунбаҳо аз амволу ёрон, балки бо додани гӯшҳо ва чашмҳо аз он барканор монд, ҳамоно ки озодагон чунин хунбаҳое барои ин олиҷаноб медоданд, то ҷони ӯро бад-он раҳоӣ бахшанд. Ин мусибати бузург аст ва нест сӯге бо доштани имон ва эътиқод ба Қуръон (ҳамчун он) ва кофиву басанда аст китоби Худованд барои таъзият ва барои ҳамагонӣ будани марги таслиятдиҳандае. Ва ҳамоно Худованд, ки бузург аст ёди Ӯ, сабук мекунад сангинии олому дардро ва падид меоварад хурсандӣ дар мусибатҳо бо ёд кардани фармони Худои хеш дар бораи пешвои фиристодагон ва охирини паёмбарон, ки саломи Худо бар ӯ ва бар ҳамагии эшон бод ва хушнуд бод аз ин сарвари муътамади комил ва ӯро хушнуд кунод ва қарор диҳод биҳиштро маъвову манзилгоҳи ӯ ва биёмӯрзод гуноҳонаш ва осон гирад ҳисоби ӯро дар Қиёмат ва огоҳу бедор кунад моро аз хоби бехабарон. Чунин бод чунин, ай Парвардгори ҷаҳониён.

[2] маънои ҷумла он аст, ки бист рӯз ҷанозаи ӯро ба амонат дар он работ гузоштанд

ниҳоданд. Ва чанд сар аз он[1], ки бихоста буданду изтироб мекард, он гоҳ бад-он осонӣ фурӯ гузошту бирафт. Ва Бусаъиди Муширф ба фармон биёмад, то хизонаро нусхат кард он чӣ дошт мард, рости он руқъати вайро, ки набишта буд, ба Амир бурд ва хабар ёфт ва феҳристи он омад[2], ки риштатое аз он, ки набишта буд, зиёдат наёфтанд. Амир ба тааҷҷуб бимонд аз ҳоли ростии ин мард, фи-л-ҳаёти ва-л-мамоти[3]. Ва вайро бисёр биситуд. Ва ҳар гоҳ, ки ҳадиси вай рафтӣ, таваҷҷуъу тараҳҳум[4] намудӣ ва Булҳасани Абдулҷалилро душном додӣ ва кофирнеъмат хондӣ.

Ва шуғли девон рисолати вайро Амир дод дар халвате, ки карданд ба Хоҷа Бусаҳли Завзанӣ, чунонки ман ноибу халифати вай бошам. Ва дар халват гуфта буд, ки «Агар Булфазл сахт ҷавон нестӣ, он шуғл ба вай додемӣ, чӣ Бунаср пеш то гузашта шуд, дар ин шароб хӯрдани бозпасин бо мо пӯшида гуфт, ки ман пир шудам ва кор ба охир омадааст, агар гузашта шавам, Булфазлро нигоҳ бояд дошт»[5]. Ва вазир низ суханони некӯ гуфта буд. Ва ман намози дигар наздики вазир рафтам, ба даргоҳ буд, шукраш кардам[6], гуфт: «Маро шукр макун, шукр устодатро кун, ки пеш аз марг чунину чунин гуфтааст ва имрӯз Амир дар халват мебозгуфт». Ва ман дуъо кардам ҳам зиндагонрову ҳам мурдаро.

Ва кор қарор гирифт ва Бусаҳл меомаду дар ин боғ ба ҷонибе менишаст, то он гоҳ, ки хилъат пушид, хилъате фохир. Бо хилъат ба хона рафт, вайро ҳаққе бузург гузорданд, ки ҳашмате тамом дошт. Ва ба девон бинишаст бо хилъат рӯзи чаҳоршанбе, ёздаҳуми моҳи сафар[7] ва кор рондан гирифт. Сахт бегона буд дар шуғл[8], ман он чӣ ҷаҳд буд ба ҳашмату ҷоҳи вай мекардам. Ва чун лахте ҳоли шарорату заъорати вай дарёфтаму дидам, ки зидди Бунасри Мушкон аст, ба ҳама чизҳо, руқъате набиштам ба Амир, чунонки расм аст, ки нависанд дар маънии истеъфо аз дабирӣ. Гуфтам:

---

[1] ишора ба достоне, ки зикр шуд ва норозигии Бунаср дар бораи додани асбу уштур ба Амир

[2] яъне хулоса ва натиҷаи ҳисобу китоби амволи Бунасри Мушкон он шуд, ки худ қабл навишта буд

[3] дар замони зиндагӣ ва пас аз мурдан

[4] таваҷҷуъ – андӯҳ намудан, нолидан аз дард; тараҳҳум – Худо биёмӯрзад гуфтан.

[5] манзур он аст, ки пас аз Бунаср бояд Байҳақӣ ҷонишин шавад. Байҳақӣ дар ин вақт 45 сола буд, аммо тавре дида шуд, амир ӯро «сахт ҷавон» номидааст. Яъне яке аз шартҳои ба вазифаи баланд расидан сину сол ва таҷрибаи кофӣ ба ҳисоб мерафт.

[6] сипосгузорӣ кардам.

[7] баробар бо 3 ноябри соли 1039-и милодӣ.

[8] яъне, вазифаи девони рисолатро хуб сарфаҳм намерафт ва балад набуд.

«Бунаср қуввате буд пеши банда ва чун вай ҷон ба маҷлиси олӣ дод, ҳолҳо дигар шуд, бандаро қуввате, ки дар дил дошт, бирафт ва ҳақи хидмати қадим дорад, набояд, ки[1] устодам носозгорӣ кунад, ки марде бадхӯй аст. Ва худовандро шуғлҳои дигар аст, агар раъйи олӣ бинад, банда ба хидмати дигар машғул шавад». Ва ин руқъат ба Оғоҷӣ додам ва бирасониду боз овард: хатти Амир ба сари он набишта, ки «Агар Бунаср гузашта шуд, мо бачоем ва туро ба ҳақиқат шинохтаем ин навмедӣ баҳри чирост?» Ман бад-ин ҷавоби мулконаи худованд зиндаву қавидил шудам.

Ва бузургии ин подшоҳу чокардории ӯ то бад-он ҷой буд, ки дар халвате, ки бо вазир дошт, Бусаҳлро гуфт: «Булфазл шогирди ту нест, ӯ дабири падарам будаасту муътамид, вайро некӯ дор, агар шикояте кунад, ҳамдостон набошам». Гуфт: «Фармонбурдорам!» Ва пас вазирро гуфт: «Буфазлро ба ту супурдам, аз кори вай андеша дор!» Ва вазир пӯшида бо ман ин бигуфту маро қавидил кард. Ва бимонд кори ман бар низом. Ва ин устодам[2] маро сахт азиз дошту ҳурмати некӯ шинохт, то он подшоҳ барҷой буд. Ва пас аз вай, кор дигар шуд, ки мард бигашт[3] ва дар баъзе маро гуноҳ буд ва навбати дурушт аз рӯзгор расид ва ман ба ҷавонӣ ба қафас боз уфтодам[4] ва хатоҳо рафт, то уфтодаму хостам ва бисёр нарму дурушт дидам ва бист сол баромад ва ҳанӯз дар табаъати онам ва ҳама гузашт.

Ва марди бузург буд ин устодам, сухани ноҳамвор нагӯям ва чӣ чора буд аз боз намудани ин аҳвол дар таърих, ки агар аз он дӯстону меҳтарон боз менамоям, аз они хеш[5] ҳам бигуфтаму пас ба кор боз шудам, то нагӯянд ки Булфазл суливор[6] омад ва хештанро ситоиш гирифт, ки Сулӣ дар ахбори хулафои Аббосиён, разияллоҳу анҳум, таснифе кардааст ва онро «Авроқ» ном ниҳодааст. Ва сахт бисёр ранҷ бурда, ки марди фозил ва ягонаи рӯзгор буд дар адабу наҳву луғат; рост, ки ба рӯзгор чун ӯ кам пайдо шудааст. Ва даристодаасту хештанрову шеъри хешро сутудан гирифтааст ва бисёр ашъор оварда ва мардумон аз он ба фарёд омада ва онро аз баҳри фазлаш фаро ситадандӣ[7]. Ва аз онҳо он аст, ки зери ҳар қасидае набиштааст,

---

[1] набояд ки – мабодо ки.

[2] мурод Бусаҳли Завзанӣ аст, ки саравари девони рисолат, яъне раиси Байҳақӣ гардида буд.

[3] яъне, Бусаҳли Завзанӣ тағйир ёфт, дигаргун шуд.

[4] яъне, зиндонӣ гаштам.

[5] камбудҳои худро.

[6] Сулӣ, Муҳаммад ибни Яҳё ибни Абдуллоҳ ибни Аббос ибни Муҳаммад, маъруф ба Сулии Шатранчӣ, адиби араб, ки соли 945 вафот кардааст. Надими чанд халифаи аббосӣ буда, соҳиби таълифоти фаровон аст.

[7] қабул карданд.

ки «Чун онро бар Абулҳасан Алӣ ибн ал-Фуроти вазир[1] хондам, гуфтам: «агар аз Буҳтурии шоир[2] вазир қасидае бад-ин равӣ ва вазну қофият хоҳад ҳам, аз он пой бозпас ниҳад»[3]. Вазир бихандиду гуфт: «Ҳамчунин аст!» Ва мардумони рӯзгор бисёр аз он бихандидаанд. Ва хонандагон акнун низ биханданд. Ва ман, ки Булфазлам, чун бар чунин ҳол воқифам, роҳи Сулӣ нахоҳам гирифту хештанро сутудан ва он навиштам, ки пирони маҳмудиву масъудӣ, чун бар он воқиф шаванд, айбе накунанд. Ва-л-лоҳу йаъсимуно мина-л хатоа ва-з-залали би манниҳи ва сиъати фазлиҳи[4].

Қиссаи ҷанги Султон Масъуд ва Салҷуқиён дар Марв.

Рӯзи чаҳоршанбе, ҳаждаҳуми моҳи сафар[5], Амир, разияллоҳу анҳу, аз Ҳирот бирафт ба ҷониби Пушанг бо лашкаре сахт гарон ороста ва пилони ҷангию пиёдаи бисёр ва бунаи сабуктар. Ва ба Пушанг таъбия фармуд ва Султон дар қалбу сипоҳсолор Алӣ дар маймана ва ҳоҷиби бузург Субошӣ дар майсара ва Пирии Охурсолор ва Бойтагини Обдор бар соқа ва Санқару Бубакри Ҳоҷиб бо ҷумлаи курду араб ва понсад хайлтош бар муқаддама. Ва Артагин – ҳоҷиби саройиро хилъате фармуд фохир ва Охурсолорро кулоҳи душоху камар дод ва халифати ҳоҷиб Багтуғдӣ кард, то он чӣ бояд фармуд аз мисоли вай ғуломони саройиро мефармояд. Ва бисёр ҳинду буд, чӣ савори доғӣ[6] ва чӣ пиёда бо солорони номдор пароганда карда бар ҷониби майманаву майсара ва соқа. Ва ҳамчунон пиёдагони даргоҳӣ бештар бар ҷаммозагон. Ва панҷоҳ пил аз гузидатари пилон дар ин лашкар буд. Ва ҳамагон иқрор доданд, ки чунин лашкар надидаанд ва ҳазоҳиз дар ҷаҳон уфтод аз ҳаракати ин лашкари бузург.

Ва Туғрал ба Нишобур буд, чун Амир ба саройи Санҷад[7] расид, бар сари дуроҳи Нишобуру Тӯс азмаш бар он қарор гирифт, ки сӯйи

---

[1] Абулҳасан Алӣ ибн ал-Фурот – вазири халифа Муқтадир, ки соли 925-и милодӣ ба қатл мерасад.

[2] Буҳтурӣ – шоири араб (821 – 897), қасидаи маъруфе дар бораи айвони Мадоин ва ситоиши эрониён дорад. Гуфта мешавад, ки Хоқонӣ дар сурудани қасидаи «Айвони мадоин»-и худ аз он мутаасир будааст. Осори дигаре ҳам дорад, аз ҷумла китобҳои «Ҳамоса» ва «Маъонии шеър» ба қалами вай мансуб аст

[3] маънои иборат: Буҳтурӣ ҳам монанди ин қисса наметавонад бисарояд.

[4] тарҷ: Ва Худованд пок дорад моро аз хатову лағзиш ба фазли густардааш!

[5] баробар бо 10 ноябри соли 1039-и милодӣ.

[6] доғӣ – яъне савор бар асби доғӣ, асби давлатӣ; доғӣ сифати нисбӣ аз доғ, чун бар пӯсти (гӯши) асбу сутурони давлатӣ нишонии махсус мезаданд, то мансубияти онҳо мушаххас гардад.

[7] Саройи Санҷад – мавзеъе дар наздикии Машҳади имрӯза.

Тӯс равад, то Туғрал эмингуна фаро истад ва дертар аз Нишобур биравад, то вай аз роҳи Нуқ тохтане кунад сӯйи Устуво[1] ва роҳ фурӯ гирад, чунонки натавонад андар Нисо равад ва чун натавонад ба он роҳ рафтан, агар ба роҳи Ҳироту Сарахс равад, мумкин бошад ӯро гирифтан. Пас бар ин азм сӯйи Тобирони Тӯс рафт ва он ҷо ду рӯз бибуд ба Саъдобод[2], то ҳамаи лашкар даррасид. Пас ба Чашмаи Ширхон[3] рафт ва доруи мусҳил[4] хӯрд ва аз дору берун омад ва хобе сабук бикард. Ва намози дигар пили мода бихосту барнишаст ва вазирро мисол дод, то намози хуфтан бironад ва бар асари вай пиёдаву бунаву таблу алам ва ҳочиб Багтуғдӣ ва ғуломи саройӣ ва худи лашкар бар асари вай бошад. Ин бигуфту пил ба таъҷил бironд, чунонки тохтан бошад. Ва бо вай ҳазор ғуломи саройӣ буд ва ду ҳазор савор аз ҳар дасте ва ду ҳазор пиёда бо силоҳи тамом бар ҷаммозагон. Ва пеш аз рафтани вай лашкар номзад нокарда рафтан гирифт, чунонки вазир ҳарчанд кӯшид эшонро фурӯ доштан, мумкин нашуд, то вай низ мисол дод, ки бираванд. Намози шом бардоштанду бирафтанд.

Ва Туғрал саворони некасба дошта буд ба роҳ, чун шунуда буд, ки Амир сӯйи Тӯс рафт, муқаррар гашт, ки роҳҳо бар вай фурӯ хоҳад гирифт, ба таъҷил сӯйи Устуво кашид. Аз иттифоҷи аҷоиб, ки намебоист, ки Туғрал гирифтор ояд, он буд, ки Султон андак тарёке хӯрда буд ва хоби тамом наёфта, пас аз намози хуфтан бар пил ба хоб шуд. Ва пилбонон чун бидонистанд, заҳра надоштанд пилро ба шитоб рондан ва ба гом[5] хуш-хуш меронданд. Ва Султон хуфта буд то наздики саҳар ва ин фурсат зоеъ шуд, ки агар он хоб набуд, саҳаргоҳ бар сари Туғрал будӣ. Ва ман бо Амир будам; саҳаргоҳ тез бирондем, чунонки бомдодро ба Нуқ будем. Он ҷо фуруд омаду намози бомдод бикард ва кӯси рӯйин, ки бар ҷаммозагон буд фурӯ куфтанд. Амир пил бironд башитобтар ва Бадри ҳочиб бо фавҷе курду араб ва Артагини ҳочиб ба ғуломе понсад саройӣ бирафтанд ба тохтане сахт қавӣ. Чун ба Хучон[6] расиданд, қасабаи Устуво, Туғрал бомдод аз он ҷо бironда буд, ки овози кӯс расида буд ва бар роҳи ақаба[7] берун рафта, чунонки бисёр ҷой сиқл[1] бигзошта буданд

---

[1] Нуқ ва Устуво – номи маҳаллҳое дар наздикии Кӯчони кунунӣ; Устуво номи қадими Қучон аст.

[2] Саъдобод – ба ҳамин ном имрӯз дар ин минтақа (наздикии Машҳад) деҳае мавҷуд аст.

[3] имрӯз дар Саъдобод чашмае мавҷуд аст, ки номаш Чашмаи Ширин аст.

[4] мусҳил – дорӯе, ки барои нармии шикам ва ронандагии он хӯранд; аз калимаи исҳол – нармӣ, осонӣ.

[5] ҳаракати мулоим ва одӣ.

[6] Хучон – Қучони имрӯза (дар Хуросон, воқеъ дар кишвари Эрон).

[7] ақаба – гардана, дар гӯиши тоҷикӣ ағба.

аз шитоб, ки карданд. Ва Амир думодум даррасид. Ва ин рӯзи якшанбе буд, панҷуми моҳи рабеъулаввал[2] ва фуруд омад сахт зафир аз шудани ин фурсат. Ва дар хештану мардумон меуфтоду душноми фахш медод, чунонки ман вайро ҳаргиз бар он зафрат надида будам. Ва дарсоат Тагини Ҷилмиро, ки саворе муборизу далер ва вусоқиён[3] ӯ дошт, бо понсад ғуломи саройии осудаву хайлтош гусел кард ба дунболи гурехтагон. Ва мардумони дигар бирафтанд сахт бисёр ба тамаъи он, ки чизе ёбанд. Ва намози шомро боз омаданд ва бисёр колову қумош[4] оварданд ва гуфтанд, ки «Туғрал нек таъҷил карда буд ва бар роҳ асбони осуда[5] дошт, ки ӯро дида наёмад. Аммо дар фавҷе расидем ва мегуфтанд: Сулаймони Арслони Ҷозиб ва Қадри ҳоҷиб сари эшон буданд ва дарае танг буд ва эшон роҳе донистанд ва ба кӯҳ бар шуданд сохта ва гурӯҳе ёфтем ва менамуд, ки на туркмонон буданд».

Амир ин ҷо ду рӯз бор афганд, то лашкар биёсояд. Ва Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Сурӣ ин ҷо ба мо расиданд бо Ҳоҷиби Ҷомадор ва Гавҳаройини Хазинадор ва дигар муқаддамону саворе понсад. Амир фармуд эшонро, ки сӯйи Нишобур бояд рафт ва шаҳр забт кард, ки номаи Булмузаффари Ҷумаҳӣ расидааст, ки соҳиббарид аст ва аз мутаворичӯй берун омада ва Алавиён бо вай ёранд, аммо аъён хостаанду[6] фасод мекунанд, то шаҳр забт карда ояд. Ва алаф бояд сохт чандон, ки мумкин гардад, ки мо бақияти зимистон он ҷо макон хоҳем кард. Эшон бирафтанд.

Ва Амир тохтан карду сӯйи Бовард битохт ва вазирро бо савороне, ки номзади ин тохтан буданд гуфт, ки бар асари вай оянд. Ва Амир ба тохтан рафт бо саворони ҷаридаву некасба, Дараи Бероҳӣ[7] гирифта буданд. Ва Туғрал чун ба Бовард расид, Довуду Янолиёнро ёфт бо ҳамон лашкари туркмонон ва ҷумла бунаҳоро гуфта буданд, ки рӯй ба биёбон баред ба таъҷил, то дар биёбон бибошемӣ ва яке даст камоне[8] бикунем, ки ин подшоҳ аз лавне дигар омадааст. Андар ин буданд, ки дидабонон, ки дар кӯҳ буданд, истода ба якдигар тохтанду гуфтанд, ки Султон омад. Ва хабар ба

---

[1] сиқл – бору бунаи вазнин.
[2] баробар бо 25 ноябри соли 1039-и милодӣ.
[3] вусоқиён – касе, ки риёсати ғуломони махсусии наздик ба Амирро роҳбарӣ мекард
[4] қумош – коло (чиз) аз ҳар ҷинс ва рахти хона.
[5] асабони осуда – асбҳои тозанафас, барои расонидани паём дар чанд маҳал асбу уштур мегузоштанд.
[6] хоста ё хеста – хуруҷкарда, қиёмкарда.
[7] эҳтимол номи дарае дар Хуросон; ба тахмини дигар шояд дарае, ки ба бероҳа барад.
[8] яъне, даст ба тиру камон барему бичангем.

Туғралу Довуду дигар муқаддамони қавм расониданд ва бунаҳо бирониданд ва то мо аз он ишкастаҳо[1] ба саҳрои Бовард расидем, лахте миёна карда будаанд[2], чунонки дархостӣ ёфт, агар ба таъҷил рафтӣ. Аммо аз қазои омада ва он, ки бе хости Эзид, азза зикруҳу, ҳеч кор пеш наравад, мавлозодаеро бигирифтанду ҳоҷиб пеши Амир оварда. Аз вай хабари туркмонон пурсида омад, гуфт: «Чанд рӯз аст, то бунаҳо ва Ҳусайни Алии Микойилро сӯйи реги[3] Нисову Фарова бурданд ва аъёну муқаддамон бо лашкари анбӯҳу сохта дар парраи биёбонанд аз роҳи дур бар даҳ фарсанг ва маро асб ланг шуд бимондам». Амир, разияллоҳу анҳу, аз кор фурӯ монд. Саворе чанд аз муқаддамони талеъаи мо даррасиданду Амирро гуфтанд: «Мавлозода дурӯғ мегӯяд ва бунаҳо чоштгоҳ рондаанд ва мо гард дидем. Сипоҳсолор Алӣ ва дигарон гуфтанд: «Он гарди лашкар будааст, ки инҳо бад-ин ғофилӣ набошад, ки буна ба хештан чунин наздик доранд». Ва раъйи Амир рост карданд ва бисёр ронда буд ва рӯз гарм истода ба карони Бовард фуруд омад ва агар ҳамчунон тафт бирондӣ ва ё лашкар фиристодӣ, ин ҷумла ба даст омадӣ, ки шабро ҷосусони мо омаданду гуфтанд, ки туркмонон ба дасту пой бимурда буданд[4] ва дастҳо, аз ҷон шуста ва буна бад-эшон сахт наздик, агар он ҷо расидӣ, муроде бузург баромадӣ ва чун нарасиданд, бунаҳоро ба таъҷил бирониданд, то сӯйи Нисо раванд, ки руъбеву фазаъе[5] бузург бар эшон роҳ ёфтааст. Ва агар Султон ба Фарова равад, на ҳамоно эшон сабот хоҳанд кард, ки ба алаф сахт дармондаанд ва мегуфтанд: ҳарчанд ба думи мо меоянд, мо пештар меравем, то зимистон фароз ояд ва заҷир шаванду бозгарданд ва вақти баҳор мо бебуна ба ҷанг боз оем.

Амир, чун бар ин ахбор воқиф гашт ба Бовард муқом кард ва аъёнро бихонду дар ин боб раъй заданд ва Бусаҳл устоди девони нукат[6] он ҷо хост ва он чӣ ҷосусон хабар оварда буданд, бозгуфт ва ҳар гуна сухан рафт. Вазир гуфт: «Раъйи Худованд бартару олитар ва аз ин ҷо роҳ дур нест, бандаро савобтар он менамояд, то ба Нисо биравем ва он ҷо рӯзе чанд бибошем ва алафи он ҷо хӯрда ояд, ки ҳам фазаъу бими хасмон он ҷо зиёдат гардад ва дуртар гурезанд ва ҳам ба Хоразм хабар уфтад ва суд дораду муқаррар гардад ба дуру

[1] ишкастаҳо – замини пуртеппа, талу кӯҳ.
[2] каме дур шуда буданд.
[3] регзор, биёбон.
[4] дасту по мурдан – киноя аз тарсу ваҳшат, зиёд суст шудани андом, ларза бар андом афтодан.
[5] руъбу фазаъ – ваҳшату тарс.
[6] нукат – нукта, матлаби муҳим; ғараз девони рисолат аст, ки нуктаву сухан аз он ҷо берун меомад.

наздик, ки худованд чунон омадааст ба Хуросон, ки боз нагардад, то халалҳо ба ҷумла дарёфта ояд». Амир гуфт: «Савоб ҷуз ин нест». Ва дигар рӯз ҳаракат карду ба Нисо рафт ва ҳазоҳиз дар он навоҳӣ уфтоду хасмон аз Фарова ба биёбонҳо кашиданд[1] ва бунаҳоро ба ҷониби Балхонкӯҳ бурданд ва агар қасде будӣ ба ҷониби эшон бисёр мурод ҳосил шудӣ. Ва пас аз он муддати дароз муқаррар гашт, ки ҳоли хасмон чунон буд, ки Туғрал чандин рӯз мӯза ва зиреҳ аз худ дур накарда буд ва чун бихуфтӣ, сипар болин кардӣ. Чун ҳоли муқаддами қавм бар ин ҷумла бошад, тавон донист, ки аз они дигарон чӣ бувад.

Ва Амир ба Нисо рӯзе чанд муқом карду шароб хӯрд, ки ноҳияте хуш буд. Ва лашкари Султон аз Хоразм мулаттафаи ниҳонӣ фиристоданду тақаррубҳо карданд ва онро ҷавобҳо набиштем мулаттафаҳои тавқеъӣ[2]. Вазир маро гуфт: «Ин ҳама ишва аст, ки донанд, ки мо қасди эшон натавонем кард, яке он ки қаҳт аст дар ин навоҳӣ ва лашкар ин ҷо муддате дароз муқом натавонад кард, то сӯйи Хоразм кашида ояд ва дигар хасмон андар Хуросон чунин ба мо наздик ва аз баҳри эшонро омадаем пеш, моро ба хоб карданд ба шишаи таҳӣ[3]. Ҷавоби некӯ мебояд дод хоразмиёнро, то агар дар дил фасоде доранд, сарафгкандаву хомӯш истанд. Ва чун хасмон ба атрофи биёбон уфтоданд ва кори алаф ёфтан он ҷо ба ҷойгоҳе саъб кашид[4] ва аз лашкариён бонги нафир[5] баромад. Амир, разияллоҳу анҳу, аз Нисо бозгашт ҳам аз роҳи Боварду Устуво ва сӯйи Нишобур кашид. Ва қузоту уламову фуқаҳо ва писарони Қозӣ Соъид, ба ҷуз Қозӣ Соъид, ки натавонист омад ба сабаби зафъ ба истиқбол омаданд, то қасабаи Устуво, ки Хучон гӯянд, рӯзи панҷшанбе, нимаи моҳи рабеъулохир[6]. Ва Амир ба Нишобур расиду бисту ҳафтуми моҳ[7] ба Боғи Шодёх фуруд омад. Ва Сурӣ мисол дода буд, то он тахти Масъуд, ки Туғрал бад-он нишаста буд ва фарши суффа ҷумла пора карда буданду ба дарвешон дода ва нав сохтаву бисёр мараммат фармуда ва охӯрҳо карда буданд биканда ва Амирро ин хӯш омад ва вайро иҳмод кард. Ва бисёр ҷаҳд карда буд, то бист рӯза алаф тавонист сохт. Ва Нишобур ин бор на чунон буд, ки дида

---

[1] кашиданд – рахт барбастанду рафтанд.
[2] мулаттафаҳои тавқеъӣ – номаҳои дастхати подшоҳ.
[3] моро ба хоб карданд бо шишаи таҳӣ – бо фиреб додан касеро ором кардан.
[4] душвор шуд.
[5] нафир – фарёд, бонг.
[6] баробар бо 4 январи соли 1040-и милодӣ.
[7] баробар бо 16 январи соли 1040-и милодӣ.

будаш, ки ҳама хароб гашта ва андак мояи ободонӣ монда ва мане[1] нон ба се дирам ва кадхудоён сақфҳои хонаҳои худ бишкофтаву бифрӯхта ва аз гуруснагӣ бешӣ[2] бо аёлу фарзандон бимурда ва қимати зиёъ[3] бишуда ва дирам ба донге боз омада[4] ва Муваффақ – имоми соҳибҳадисон[5] бо Туғрал бирафта буд. Ва Амир пас аз як ҳафта Бадри Ҳоҷибро ба рустои Буст фиристод ва Олтунтоши ҳоҷибро ба рустои Байҳақ ва ҳоҷиби бузургро ба Хофу Бохарзу Исфанд[6] ва сипоҳсолорро ба Тӯс ва ҳама атрофро ба мардум биёганд[7] ва ба шаробу нишот машғул гашт. Ва бибуд ҳаво бас сард ва ҳол ба ҷойгоҳи саъб расид. Ва чунин қаҳт ба Нишобур ёд надоштанд ва бисёр мардум бимурд, лашкарӣ ва раъийят.

Ва чанд чизи нодир дидам дар ин рӯзгор, ночор буд боз намудани он, ки дар ҳар яке аз он ибратест, то хирадмандон ин дунёи фиребандаро некӯ бидонанд[8]. Дар Нишобур деҳе буд Муҳаммадобод ном дошт ва ба Шодёх пайваста аст ва ҷое азиз аст, чунонки як ҷуфтвор[9] аз он ки ба Исфаҳону Нишобуру Кирмон ҷариб гӯянд, замини сода ба ҳазор дирам бихаридандӣ ва чун бо дарахту киштварзӣ[10] будӣ ба се ҳазор дирам. Ва устодамро Бунаср он ҷо сарое буду сахт некӯ бароварда ва ба се ҷониб боғ. Он сол, ки аз Табаристон боз омадаем ва тобистон муқом уфтод ба Нишобур, хост, ки дигар замин харад, то саройи чаҳорбоғ бошад ва ба даҳ ҳазор дирам бихарид аз се кадхудоӣ ва қабола[11] набиштанду гувоҳ гирифтанд. Ва чун баҳо хостанд дод, ман ҳозир будам, устодам гуфт: «Ҷинсе бо сим бояд бардошт ва дигар зар»[12]. Фурӯшандагон лаҷоҷ карданд, ки ҳама зар бояд. Вай замоне андешиду пас қабола бардошту бидариду гуфт: «Замин ба кор нест». Ва худовандони

---

[1] ман – миқёси вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст, масалан мани Самарқанд – 8 пуд, мани Табрез қариб 3 кг аст ва дар истилоҳи шариъат як ман (мани шаръӣ) 180 мисқол (846 г) аст.

[2] бештарин, аксар.

[3] зиёъ – обу замин; яъне арзиши обу замин ва мулк тамоман пойин омада буд.

[4] як дирам ба қадри як донг шуда буд (қабл аз ин як дирам баробар бо шаш донг буд)

[5] соҳибҳадисон – асҳоби ҳадис; пайравони Имом Шофеъӣ, Имом Молик, Суфиёни Сурӣ ва Аҳмади Ҳанбал.

[6] Буст ё Бушт (Кошмари кунунӣ) Байҳақ, Хоф, Бохарз, Исфанд деҳаҳое, ки дар гирду атрофи Нишобур воқеъ буданд.

[7] пур кард.

[8] бишносанд.

[9] ҷуфтвор – ба андозаи як ҷуфт замин ё як ҷариб; ҷуфт ба маънии гови зироаткунанда.

[10] киштварзӣ – кишту киштзор.

[11] қабола – санаде, ки дар вақти хариду фурӯш тартиб дода мешуд, васиқа.

[12] яъне, қисми маблағро ба нуқра бояд пардохт ва қисми дигарро ба тилло.

замин пушаймон шуданду узр хостанд, гуфт: «Албатта нахоҳам!» Ва қавм бозгаштанд. Маро гуфт: «Ин чӣ ҳавас буд, ки ман дар сар доштам, ки замин мехаридам ва агар ҳоли ҷаҳон ин аст, ки ман мебинам ҳар кас, ки зиндагонӣ ёбад, бинад, ки ин ҷо чунон шавад, ки ҷуфтворе замин ба даҳ дирам фурӯшанд».

Ман бозгаштам ва ба хештан гуфтам: «Ин ҳама аз савдоҳои муҳтариқи ин меҳтар аст». Ва ин сол ба Нишобур омадему Бусаҳли Завзанӣ дар ин саройи устодам фуруд омад. Як рӯз наздики вай рафтам, ёфтам чанд тан аз деҳқонон надики вай ва се ҷуфтвор замин наздики ин сарой байъ мекарданд, ки баннои[1] ӯ он ҷо боғу сарой кунад. Ва ҷуфтворе ба дусад дирам мегуфтанд ва ӯ лаҷҷоҷ мекарду охир бихариду баҳо бидоданд. Ман табассум кардаму ӯ бидид ва сахт бадгумон марде буд, ҳеч чиз на дил ба ҷойҳо кашидӣ[2]. Чун қавм бозгаштанд, маро гуфт: «Ранҷи ин муҳимм доштам, то баргузорда омад». Ва хостам, ки бозгардам, гуфт: «Табассуме кардӣ вақти баҳо додани замин, сабаб чӣ буд?» Ҳоли устодам Бунаср ва замин, ки хост харид, бо вай гуфтам. Дер бияндешид[3], пас гуфт: «Дареғо Бунаср, ки рафт, хирадманду дурандеш буд ва агар ин ту бо ман пеш аз ин мегуфтӣ, ба ҳеч ҳол ин нахаридаме ва акнун чун харида омад ва зар дода шуд, зишт бошад аз байъ бозгаштан».

Ва пас аз ин чун ба Дандонақон моро ин ҳол пеш омад[4] хабар ёфтам ки ҳоли ин Муҳаммадобод чунин шуд, ки ҷуфтворе замин ба як ман гандум мефурӯхтанду кас намехарид. Ва пешбози[5] ҳодисаи иттифоқи ин сол бояд рафт, ки ҷуфтворе замин ба ҳазор дирам бихаранд ва пас аз он ба дусад дирам бифрӯшанд ва пас аз он ба як ман гандум фурӯшанду кас нахарад шабонрӯзӣ[6], ибрат бояд гирифт аз чунин чизҳо. Ва дигар обгинаҳои бағдодии маҷруд ва махрут[7] дидам, ки аз ин бағдодӣ ба диноре харида буданд ва ба се дирам фурӯхтанд. Ва пас аз бозгаштани мо ба Нишобур мане нон сездаҳ дирам шуда буд ва бештар аз мардуми шаҳру навоҳӣ бимурд.

Ва ҳоли алаф чунон шуд, ки як рӯз дидам ва маро навбат буд ба девон, ки Амир нишаста буд ва вазиру соҳибдевони рисолат ва то намози пешин рӯзгор шуд, то панҷрӯза алаф рост карданд, ки ғуломонро нону гӯшт ва асбонро коҳу ҷав набуд. Пас аз намози

---

[1] банноъ – созандаи сохтмон.

[2] бе он ки чизе шуда бошад, бадгумон мешуд.

[3] хеле фикр кард.

[4] яъне, шикасти мудҳише, ки Ғазнавиён аз Салҷуқиён хӯрданд.

[5] пешбоз, пешвоз – истиқбол.

[6] шабонрӯзӣ – истилоҳи кишоварзӣ аст, ки мулкро ба шабонарӯз тақсим мекунанд.

[7] маҷруд – пӯст аз вай боз карда; махрут – тарошида; ҳарду маънои сайқалдодашуда доранд.

пешин аз кори алаф фориғ шудем, Амир бо ханда мегуфт ин ҳадис ба тариқи ғароибу аҷоиб. Ва аскудори Ғазнин расид дар ин соат, пеш бурд, номаи кутволи Ғазнин буд Буалӣ, бихонд ва руй ба надимон оварду гуфт: «Кутвол навиштааст ва гуфта: бисту анд ҳазор қафиз[1] ҳама дар кандуҳо[2] анбор карда шудааст, бояд фурӯхт ё нигоҳ бояд дошт? Маро ба Ғазнин чандин ғалла аст ва ин ҷо чунин дармондагист». Надимон тааҷҷуб намудаанд. Ва пас аз ин то он гоҳ, ки ин подшоҳ гузашта шуд, разияллоҳу анҳу, аҷоиби бисёр уфтод ва бознамоям ба ҷойи хеш он чӣ нодиртар бувад, то хонандагонро муқарар гардад, ки дунё дар кулл ба ним пашиз[3] наярзад. Ва ҳоли алаф чунон шуд, ки уштур то Домғон бибурданд ва аз он ҷо алаф оварданд ва туркмонон, албатта, пиромуни мо нагаштаанд, ки эшон низ ба хештан машғул буданд, ки ин қаҳту тангӣ ба ҳама ҷойҳо буд.

Ва бо Бусаҳли Ҳамдавӣ Амир сар гарон медошт ва вай бад-ин ғамноку мутаҳаййир будӣ ва вазир пӯшида нифоқе мезад[4]. Ва Бусаҳл Масъуди Лайсро дар миёна оварад ва чанд рӯз пайғом мерафту меомад, то қарор гирифт бар он, ки худовандро панҷоҳ ҳазор динор хидмате кунад[5]. Ва хат бидоду мол дар ниҳон ба хизона фиристод. Амир фармуд, то вайро хилъате доданд фохир ва ба маҷлиси Амир меомаду ба надимӣ менишаст. Пас аз ин, ба рӯзе чанд бифармуд вайро, ба сӯйи Ғазнин биравад ва шуғли Нишобур рост дорад[6] ва он чӣ ба қалъаи Микойилӣ аст ниҳода, фуруд оранд ва аз роҳи рустои Буст сӯйи Систон кашад ва аз он ҷо ба роҳи Буст равад ба Ғазнин. Кори ӯ бисохт ва Майта[7] бо дусад савори сохта номзад шуд, ки бо вай биравад. Бирафтанд аз Нишобур. Нома рафт ба Бадри Ҳоҷиб, то ба эшон бадрақаи[8] роҳ берун кунад ва эшонро ба сарҳад расонад ва бикард. Эшон ба саломат ба Ғазнин расиданд бо он чӣ доштанд ва он бало, ки мо дидем, эшон надиданд.

Ва Булҳасани Абдулҷалилро Амир риёсати Нишобур дод ҳам бар он хатту тароз, ки Ҳасанакро дод Амир Маҳмуд[9], хилъате фохир додаш ва тайласону дурроъа. Пеш омаду хидмат кард ва бозгашт ва асби Хоҷаи Бузург, раиси Нишобур, хостанд ва ба хона боз рафт ва вайро сахт некӯ ҳаққ гузорданд ва аъёну муқаддамони

---

[1] қафиз – паймона, зарфи ғаллапаймоӣ.
[2] канду – анбори ғалла.
[3] пашиз – пули хурди мисин, пули сиёҳ ва хеле кам.
[4] яъне, дурӯйӣ мекард.
[5] яъне, ба Амир панҷоҳ ҳазор динор пешкаш кунад.
[6] дар баъзе нусхаҳо «аз шуғли Нишобур даст бардорад» омадааст.
[7] Майта – номи яке аз муқаддамони артиш.
[8] бадрақа – роҳнамо.
[9] яъне, ба ҳамон фармону тартиб (хилъатпӯшӣ ва ғ.), ки қаблан Маҳмуд ба Ҳасанак дода буд.

Нишобур ҳама наздики вай омаданд ва вай руъунатро[1] бо эшон ба кор дошт̄, ки ман ҳам чун Ҳасанакам. Ва бихоидандаш[2], ки ин рӯзгор ба рӯзгори Ҳасанак чун монист?[3]

Ва дар ин рӯзгор номаҳо аз халифа, атолаллоҳу бақоаҳу[4], ба навохти тамом расид Султонро. Мисол чунон буд ки «Аз Хуросон начунбад, то он гоҳ, ки оташи фитна, ки ба сабаби туркмонон иштиғол пазируфта аст, нишонда ояд. Чун аз он фориғ гашт, сӯйи Рай ва Ҷибол бояд кашид, то он биқоъ[5] низ аз мутағаллибон софӣ шавад». Ва ҷавоб он буд, ки «Фармони олиро ба самъу тоъат пеш рафт ва банда бар ин ҷумла буд азиматаш ва акнун ҷидд зиёдат кунад, ки фармон расид». Ва амири Бағдод низ нома набишта буд ва тақаррубҳо карда, ки бишкӯҳид[6] аз ҳаракати ин подшоҳ. Вайро низ ҷавоби некӯ рафт. Ва Бокалиҷорро низ, ки волии Гургону Табаристон буд, амир хилаъте сахт некӯ фиристод бо расулу нома, ба дилгармиву навохт, ки хидматҳои писандида карда буд дар он рӯзгор, ки Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Сурӣ он ҷо буданд. Ва Булҳасани Курҷиро, ки хозини Ироқ буд ва бо ин қавм боз омада, Амир боз надимӣ фармуду хилъат дод. Ва пир шуда буд ва на он Булҳасан омад, ки дида будаш ва рӯзгор дигар гашту мардуму ҳама чизҳо.

Ва рӯзи панҷшанбе, ҳаждаҳуми моҳи ҷумодалухро[7], Амир ба ҷашни Наврӯз бинишаст ва ҳадяҳои бисёр оварда буданд ва такаллуф бисёр рафт ва шеър шунуд аз шуаро, ки шодком буд дар ин рӯзгори зимистон ва фориғдил ва фатрате[8] наяфтод ва сила фармуд ва мутрибонро низ фармуд. Масъудии шоирро шафоъат карданд, сесад динор сила фармуд ва номаву ҳазор динор мушоҳараи[9] ҳармоҳӣ аз муомалоти Ҷайлам[10] ва гуфт: «Ҳам он ҷо мебояд буд». Пас аз Наврӯз кори ҳаракат пеш гирифт ва бисохтанд бақияти он чӣ сохта буд. Ва соҳибдевон Суриро гуфт, бисоз[11], то бо мо ойӣ, чунонки ба Нишобур ҳеч намонӣ ва бародарат ин ҷо ба Нишобур ноиб бошад. Гуфт: «Фармонбурдорам ва худ бар ин азм будам, ки як лаҳза аз рикоби худованд дур набошам, аз он чӣ ба ман расид дар ин рӯзгор». Ва бародарро ноиб карду кор бисохт ва низ гуфта буд, ки «Суриро ба худ бояд бурд, ки агар Хуросон софӣ шавад, ӯро боз

---

[1] руъунат – такаббур, худписандӣ.
[2] бихоидандаш – яъне неш заданд, таъна заданд.
[3] монист – монанд буд.
[4] Худованд зиндагонии ӯро дароз гардонад.
[5] ҷамъи буқъа, ба маънии сарзамин ва иморат ва саро.
[6] яъне, тарсид.
[7] баробар бо 6-уми марти соли 1040-милодӣ.
[8] заъфу сустӣ, футур.
[9] моҳиёна.
[10] даромадҳои музофоти Ҷайлам.
[11] омода шав.

тавон фиристод ва агар ҳоле бошад дигаргун, то ин мард ба дасти мухолифон наёяд, ки ҷаҳон ба ман бишӯронад». Ва низ гуфтанд, ки Бусаҳли Ҳамдавӣ ин дар гӯши Амир ниҳод. Ва Булмузаффари Ҷумаҳиро Амир хилъат фармуду шуғли баридӣ бар вай муқаррар дошт. Ва Алавиёну нақиби Алавиёнро хилъат дод ва Булмузаффарро бад-ӯ супурд. Ва Қозӣ Соъид Амирро дар ин рӯзгор як бор дида буд, аммо ду писараш пайваста ба хидмат меомаданд. Дар ин вақт Қозӣ биёмада буд ба видоъ ва дуъо гуфту пандҳо дод. Ва Амир ҳар ду писарашро хилъат доду ба азизӣ ба хона боз фиристоданд.

Ва Амир аз Нишобур ҳаракат бар ҷониби Тӯс рӯзи шанбе, ду рӯз монда буд аз ҷумодалухро[1], даҳуми Наврӯз, ба роҳи Деҳи Сурх[2] ва ба саҳро фуруд омад бар сари роҳҳои Сарахсу Нисо ва Боварду Устуво ва Нишобур. Ва бар чаҳор ҷониб лашкар фиристод сохта бо муқаддамони ҳушёр ва бо солорони боном, то талоеъ бошанд. Ва мухолифон низ биҷунбиданду ба Сарахс омаданд, мардуми сохтаи бисёр ва талоеъ фиристоданд бар рӯйи лашкари мо. Ва ҳар ду гурӯҳ ҳушёр мебуданд ва ҷангҳо мерафту дастовезҳо. Ва Амир хайма бар боло зада буд ва ба таъбия сохта фуруд омада буд ва шароб мехӯрду ба тани хеш бо муъзами[3] лашкар ба рӯйи хасмон намерафт, мунтазири он, ки то ғалла даррасад. Ва ҳоли нарх ба ҷойгоҳе расид, ки мане нон ба сездаҳ дирам шуду ноёфт ва ҷав худ касе ба чашм намедид. Ва Тӯсу навоҳии онро бикананд[4] ва аз ҳар кас, ки мане ғалла дошт, бистаданд ва Сурӣ оташ дар ин навоҳӣ зад. Ва мардуму сутури бисёр аз беалафӣ[5] бимурд, ки пайдо буд, ки ба гиёҳ зиндагӣ чанд битавонистанд кард. Ва кор ба ҷойе расид, ки бим буд, ки лашкар аз беалафӣ хуруҷе кардӣ ва кор аз даст бишудӣ. Амирро огоҳ карданду мусарраҳ бигуфтанд, ки кор аз даст мебишавад, ҳаракат бояд кард, ки агар карда наёяд, коре равад, ки талофӣ душвор пазирад. Амир аз он ҷо ҳаракат кард бар ҷониби Сарахс рӯзи шанбе, нуздаҳуми шаъбон[6], ва то ба Сарахс расидем дар роҳ чандон сутур бияфтод, ки онро андоза набуд. Ва мардум ҳама ғамӣ ва сутуҳ монданд[7] аз беалафиву гуруснагӣ. Он ҷо расидем, дар роҳ чандон сутур бияфтод, як рӯз монда аз шаъбон, шаҳр харобу ябоб[8] буд ва шохе ғалла набуд ва мардум ҳама гурехта ва дашту ҷибол гӯӣ

[1] баробар бо 16-уми марти соли 1040-милодӣ.
[2] ин деҳа ҳанӯз бо ҳамин ном мавҷуд аст.
[3] бештари.
[4] вайрон карданд.
[5] бетӯшагӣ, беозуқа будан.
[6] баробар бо 5 майи соли 1040-и милодӣ.
[7] дилтанг, дармонда шуданд, ба ҷон омаданд.
[8] ябоб – вайрон, хароб.

ҳама сӯхтаанд, ҳеч гиёҳ на. Мардум мутаҳаййир гаштанду мерафтанд ва аз дурҷой гиёҳи пӯсида меоварданд, ки ба рӯзгори гузашта борон онро дар саҳро андохта буд ва онро об мезаданду пеши сутур меандохтанд як-ду дам бихӯрандӣ ва сар баровардандию менигаристандӣ, то аз гурӯснагӣ ҳалок шудандӣ. Ва мардуми пиёдаравро ҳол бадтар аз ин буд.

Амир бад-ин ҳолҳо сахт муттаҳаййир шуду маҷлисе кард бо вазиру Бусаҳл ва аркони давлат ва аъёни сипоҳ ва гуфтанд: «Ин корро чӣ руй аст? Агар бар ин ҷумла монад, на мардум монад на сутур». Амир гуфт: «Хасмон агарчӣ ҷамъ шудаанд, донам, ки эшонро ҳам ин тангӣ ҳаст». Гуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, ҳоли Марв дигар аст дар фарохии алаф ва аз ҳама хубтар он, ки акнун ғалла расида бошад ва хасмон бо сари ғаллаанд ва то мо он ҷо расем, сутури эшон осуда бошаду фарбеҳу ободон ва мо дар ин роҳ чизе наёбем. Савоб он менамояд, ки худованд ба Ҳирот равад, ки он ҷо ба Бодғис ва он навоҳӣ алаф аст, то он ҷо бибошем рӯзе чанд ва пас сохта қасди хасмон кунем». Амир гуфт: «Ин муҳол аст, ки шумо мегӯед. Ман ҷуз ба Марв наравам, ки хасмон он ҷо оянд, то ҳарчӣ бошад, ки ҳар рӯз ба сари ин кор натавонам омад». Гуфтанд: «Фармон худовандро бошанд, мо фармонбурдорем, ҳар куҷо равад».

Ва аз пеши вай ноумед бозгаштану холӣ бинишастанд ва бар забони Булҳасани Абдулҷалилу Масъуди Лайс пайғом доданд, ки савоб нест суйи Марв, ки хушксол аст ва мегӯянд дар роҳ об несту алаф ёфта намешавад ва мардум заҷир шаванд дар ин роҳ, набояд фа-л-ъиёзубиллоҳ, халале уфтад, ки онро душвор дартавон ёфт. Бирафтанд ва ин пайғом бигузорданд, Амир сахт дар тоб шуд ва ҳардуро сард карду душном доду гуфт: «Шумо ҳама қавводон[1] забон дар даҳони якдигар кардаед[2] ва намехоҳед то ин кор барояд, то ман дар ин ранҷ мебошам ва шумо дуздӣ мекунед, ман шуморо ҷойе хоҳам бурд, ки ҳамагон дар чоҳ уфтеду ҳалок шавед, то ман аз шумову аз хиёноти шумо бираҳам ва шумо низ аз мо бираҳед. Дигар бор кас сӯйи ман дар ин боб пайғом наёред, ки гардан задан фармоям». Ҳарду мадҳуш бозгаштанд наздики қавм ва хомӯш бинишастанд. Аъён гуфтанд: «Ҷавоб чӣ дод?» Булфатҳи Лайс ороста[3] сухан гуфтан гирифт ва Булҳасан гуфт: «Машнавед, ки на бар ин ҷумла гуфт ва муҳол бошад, ки шумо меҳтаронро ишва диҳанд, хосса дар чунин рӯзгоре бад-ин муҳиммӣ, Амир чунону

[1] қаввод –касе ки даллолии кори ношоиста мекунад, далла, даюс.

[2] забон дар даҳони якдигар кардаед – яъне ба ҳамдигар гап ёд додаед, маслаҳат кардаед.

[3] яъне боадабона ва боэҳтиёт гап зада, ҳарфҳои тунди Амирро намегуфт.

чунин гуфт». Вазир дар сипоҳсолор нигарист ва ҳоҷиби бузург сипаҳсолорро гуфт: «Ин ҷо сухан намонд, фармон худовандро бошад ва мо бандагонему моро беҳтар он аст, ки худованд бар мо хоҳад». Ва бархостанду бирафтанд ва ин хабар ба Амир расониданд.

Ба сипоҳсолор чандин чиз бирафт ҳамчунин, бар Алии Доя, ки Амирро аз он озоре бузург ба дил омад, яке он буд, ки чун ба Тӯс будем, нома расид аз ҷониби Олтунтош, ки бар ин ҷониб, ки манам, неру мекунанд ва бар мададе ҳоҷат аст. Ҷавоб рафт, ки дил қавӣ дор, ки фармудем сипоҳсолорро, то ба ту пайвандад. Ва ба сӯйи сипоҳсолор нома рафт, ки Олтунтошро дарёб. Сипоҳсолор гуфт: «Маро, ки тобеъи Олтунтош мебояд буд, кӯсу духулу дабдаба чӣ ба кор аст?» Ва фармуд, то ҳама бидариданду бисӯхтанд. Ва ин хабар ба Амир расониданд ва ҳоҷат омад, бад-он ки Масъуди Лайсро наздики ӯ фиристод, то дили ӯро хуш гардонад ва бирафту рост наёмад, то Амир ӯро бихонду ба мушофаҳа дилгарм кард. Чуниин ҳолҳо мебуду фатарот меуфтод ва дили Амир бар аъён табоҳ мешуд ва эшон низ ноумеду шикастадил меомаданд, то он гоҳ, ки ат-томату-л-кубро[1] пеш омад.

Амир, разияллоҳу анҳу, чун фуруди сарой рафту холӣ ба хиргоҳ бинишаст, гила кард фаро[2] ходимон аз вазиру аз аъёни лашкар ва гуфт: «Ҳеч хости эшон нест, ки ин кор баргузорда ояд, то ман аз ин дарду ғам эмин бошам. Ва имрӯз чунин рафт. Ва ман ба ҳама ҳол фардо бихоҳам рафт сӯйи Марв». Эшон гуфтанд: «Худовандро аз эшон набояд пурсид, ба раъйу тадбири хеш кор бояд кард». Ва ин хабар ба вазир расониданд. Бусаҳли Завзаниро гуфт: «Оҳ, чун тадбир бар хадам уфтод, то чӣ бояд кард?!» Ва аз он хадам яке Иқболи Зарриндаст буд ва даъвои зиракӣ кардӣ ва нагӯям, ки дар бораи хеш марде зираку гурбузу бисёрдон набуд, аммо дар чунин корҳои бузург ӯро дидор чун уфтодӣ? Бусаҳл гуфт: «Агар чунин аст, Хоҷа салоҳ нигоҳ дорад ва ба як-ду ҳамла сипар наяфганад ва мебозгӯяд». Гуфт: «Ҳамин андешидаам». Ва сӯйи хаймаи хеш бозгашт ва кас фиристоду Олтунтошро бихонд. Биёмад ва холӣ кард вазиру гуфт: «Туро бад-он хондаам аз ҷумлаи ҳамаи муқаддамони лашкар, ки марде дуто[3] нестӣ ва салоҳи кор росту дуруст боз менамойӣ ва ману сипоҳсолору ҳоҷиби бузург бо худованд-султон дармондем, ки ҳарчӣ гӯему насиҳати рост кунем намешунавад ва моро муттаҳам медорад. Ва акнун чунин мусибат бияфтод, ки сӯйи

---

[1] ат-томату-л-кубро – рӯзи Қиёмат; баргирифта аз ояи 35-уми сураи Нозиъот; манзур аз ат-томату-л-кубро воқеъаи шикасти Дандонақон аст, ки зикри он дар зер меояд, ҳодисае, ки ба ҳукумати Ғазнавиён дар Хуросон поён бахшид.

[2] ба

[3] дуто – дурӯя, мунофиқ.

Марв меравад ва моро носавоб менамояд, ки яксаворагонро ҳама дар мазаррату гуруснагӣ ва бесутурӣ мебинем. Ва ғуломони саройӣ қавме бар уштуранд ва ҳоҷиб Багтуғдӣ фарёд мекунад, ки ин ғуломон кор нахоҳанд кард, ки мегӯянд эшонро чӣ уфтодааст, ки гурусна бояд буд, ки бисёр талаб карданд гандуму ҷав ва ҳосил нашуд ва бо ҳеч подшоҳ бар ин ҷумла нарафтанд ва пайдост, ки тоқат чанд доранд. Ва ҳиндувон боқӣ пиёдаанду гурусна. Чӣ гӯӣ, ки корро рӯй чист?» Гуфт: «Зиндагонии Хоҷаи Бузург дароз бод, ман туркеам яклахт[1] ва ман рост гӯям бемуҳобо; ин лашкарро чунонки ман дидам, кор нахоҳанд кард ва моро ба даст хоҳанд дод[2], ки бенавову гуруснаанд ва битарсам, ки агар душман пайдо ояд, халале уфтад, ки онро дар натавон ёфт». Вазир гуфт: «Ту инро бо худованд битавонӣ гуфт?» Гуфт: «Чиро натавонам гуфт? Ман нақиби хайлтошони Амир Маҳмуд будам ва ба Рай монд маро бо ин худованд ва он ҷо ҳоҷибии бузург ёфтам ва бисёр неъмату ҷоҳ арзонӣ дошт ва имрӯз ба дараҷаи солоронам, чиро боз гирам чунин насиҳат?» Вазир гуфт: «Пас аз намоз халвате хоҳ ва ин бозгӯй, агар бишнавад бузург миннате бошад туро, бар ин давлат ва бар мо бандагон, то дониста бошӣ ва агар нашнавад ту аз гардани хеш берун карда бошӣ ва ҳаққи неъмати худовандро гузорда». Гуфт: «Чунин кунам». Ва бозгашт.

Ва вазир маро, ки Булфазлам, бихонду сӯйи Бусаҳл пайғом дод, ки чунину чунин рафт ва ин бозпасин ҳилат[3] аст, то чӣ равад. Ва агар турки сахту содадил набудӣ, тан дар ин надодӣ[4]. Ман бозгаштаму ба Бусаҳл бигуфтам. Гуфт: «Он чӣ бар ин марди носеҳ буд, бикард, то нигарем чӣ равад». Ва вазир муътамадони хеш бифиристод назди сипоҳсолор ва ҳоҷиби бузург Багтуғдӣ ва боз намуд, ки чунин чора сохта шуд. Ҳама қавм ӯро бар ин шукр карданд[5]. Ва миёни ду намоз ҳамагон ба даргоҳ омаданд, ки бо кас дил набуд ва Амир дар хиргоҳ буд, Олтунтошро ҳасс карданд[6], то наздики хадам рафту бор хост ва гуфт: «Ҳадисе фаризаву муҳимм дорад». Бор ёфт ва даррафту сухан тамоми яклахтвор туркона бигуфт. Амир гуфт: «Туро фаро кардаанд[7], то чунин сухан мегӯӣ ба содагӣ ва агар на туро чӣ ёройи ин бошад? Бозгард, ки афв кардам туро, ки аз оне, ки марде росту нодонӣ ва нигар, то чунин далерӣ низ

---

[1] яклахт - якрӯй, якрангу содадил, якрав, гарданшах.
[2] яъне, ба дасти душман хоҳанд дод.
[3] охирин чора.
[4] яъне, ин корро қабул намекард ва розӣ намешуд.
[5] ташаккур гуфтанд.
[6] ҳасс – барангехтанд.
[7] водоштаанд.

накунӣ». Олтунтош бозгашту пӯшида он чӣ рафта буд, бо ин бузургон бигуфт. Гуфтанд: «Он чӣ бар ту буд, кардӣ, ин сухан пӯшида дор». Ва вазир бозгашт.

Ва Булсаҳлро дил бар ин муҳимм баста буд, маро наздики вазир фиристод, то боз пурсам. Бирафтаму гуфтам, ки мегӯяд чӣ рафт? Гуфт: «Бигуй Бусаҳлро, ки Олтунтошро ҷавоб чунин буд ва ин ҷо коре хоҳад уфтод ва қазои омадаро боз натавон гардонид, ки рост масъалаи Амри Лайс аст, ки вазираш ӯро гуфт, ки аз Нишобур ба Балх раву моядор бош[1] ва лашкар мефирист, ки ҳар чӣ шикананду шикаста шавад, то ту ба ҷойӣ, тавон дарёфт ва агар ту биравию шикаста шавӣ, беш пой қарор нагирад бар замин. Гуфт: ай Хоҷа дурусту рост ин аст, ки ту дидаӣ ва бигуфтӣ ва бар он кор мебояд кард, аммо дар ин чизест ки рост бад-он монад, ки қазои омадаро расан дар гардан кардааст устувор ва мекашад. Ва оқибат он буд, ки хондаӣ, аз они ин худованд ҳамин тароз[2] аст, суд нахоҳад дошт. Мо дил ба ҳама балоҳо ниҳодем, ту низ бинеҳ, бошад, ки беҳ аз он бошад, ки меандешем». Бозгаштаму бигуфтам ва Бусаҳл аз кор бишуд, ки сахт баддил марде буд.

Ва Амир рӯза дошт, намози дигар бор надод ва пайғом омад, ки бозгардеду кор бисозед, мо фардо сӯйи Марв хоҳем рафт. Ва қавм ноумед бозгаштанду корҳо рост карданд.

Ва дигар рӯз, ал-ҷумуъату-с-сонӣ мин шаҳри рамазон[3], кӯс бизаданд ва Амир барнишасту роҳи Марв гирифт, аммо мутаҳаййиру шикастадил мерафтанд, рост бад-он монист, ки бозпасашон мекашанд; гармое сахту тангии нафақа ва алаф ноёфту сутурон лоғар ва мардумон рӯза ба даҳан[4]. Дар роҳ Амир бар чанд тан бигзашт, ки асбон мекашиданду мегиристанд, дилаш бипечиду гуфт: «Сахт табоҳ шудааст ҳоли ин лашкар». Ва ҳазоргон дирам фармуд эшонро ва ҳамагон умед гирифтанд, ки магар боз гардад[5] ва қазо ғолибтар буд, ки намози дигар худ он ҳадис фаро афганду пас гуфт: «Ин ҳама ранҷу сахтӣ то Марв аст». Ва дигар рӯз аз он ҷо бардошт[6]. Ва турфа он омад, ки об ҳам набуд дар ин роҳ ва кас ёд надошт тангии об бар он лавн, ки ба ҷӯйҳои бузург мерасидем, ҳам хушк буд. Ва ҳам бад-он ҷо расид савум рӯз аз ҳаракати Сарахс, ки ҳоҷат омад, ки чоҳҳо бояст канд аз баҳри обро ва бисёр канданд ва

---

[1] моядор – гирдоварандаи сипоҳ ва таҷҳизкунанда. Фирдавсӣ мегӯяд:
Ман инак ба ҳар кор ёри туам, Чу ҷанг оварӣ моядори туам.

[2] тарз.

[3] ҷумъаи дувуми моҳи рамазон, ки баробар аст бо 17 майи соли 1040-и милодӣ.

[4] яъне, рӯзадор.

[5] яъне, шояд аз тасмими рафтан ба Марв сарфи назар кунад.

[6] равона шуд.

ҳам оби ширин баромад ва ҳам талх. Ва оташ дар он найистонҳо заданду бод бивазид ва дуд онро бирабуд ва бар харпуштаҳои[1] мардум заду сиёҳ кард. Ва ин гуна чизҳо дар ин сафар кам набуд.

Рӯзи чаҳоршанбе, ҳафтуми моҳи рамазон[2], чун бардоштем, чоштгоҳ саворе ҳазор туркмонон пайдо омаданд ва гуфтанд янолиёнанд ва саворе понсад гурехтагони мо. Гуфтанд, солорашон Пуртагин буд ва аз чаҳор ҷониб даромаданду ҷанг сахт шуд ва бисёр уштур бурданд. Ва нек кӯшиш буд ва мардуми мо пазира рафтанд ва эшонро бимолиданд, то дуртар шуданд ва ҳамчунин овезон-овезон[3] омаданд бо мо то ба манзил. Ва Амир лахте бедор шуд ин рӯз, чун чирагии хасмон бидид ва ҳамагонро муқаррар гашт, ки пушаймон шудааст. Ва намози дигар чун бор дод, вазиру сипоҳсолор ва аъён ҳозир омаданд ва аз ин ҳадис фаро афганду мегуфт, ки аз ин гуна хоҳад буд, ки кам аз ду ҳазор савор хештанро бинамоянд ва уштур рабоянду беҳашматӣ кунанд ва лашкаре бад-ин бузургӣ, ки таъбия меравад, сазои эшон нафгананд[4]. Сипоҳсолору ҳоҷиби бузург гуфтанд: «Зиндагонии Худованд дароз бод, хасмон имрӯз муғофаса омаданд ва фардо агар оянд, кӯшиш аз лавне дигар бинанд». Ин бигуфтанду бархостанд. Амир эшонро бозхонду бо вазиру Бусаҳли Завзанӣ холӣ кард ва бисёр сухан гуфта гашт, то наздики шом, пас бипарогананд.

Ва Бусаҳл маро бихонду холӣ карду гуфт: «Хунук Бунасри Мушкон[5], ки дар изз карона шуд[6] ва ин рӯз намебинад ва ин қолу қил[7] намешунавад. Чандонки бигуфтанд ин подшоҳро суд надошт. Имрӯз ба як чошнии андак, ки ёфт бедор шуд ва пушаймон гашт ва чӣ суд хоҳад дошт пушаймонӣ дар миёни дом?» Ва аъёну муқаддамон дар ин халвати намози дигар аҳвол пӯст боз карда бознамуданду гуфтанд: як саворагон коҳилӣ мекунанд, ки ранҷҳо кашидаанд ва навмеданд ва ба солорону муқаддамон беш аз он набошад, ки ҷонҳо дар ризои худованд бидиҳанд, аммо пайдост, ки ададӣ эшон ба чанд кашад ва бе яксаворагон кор рост нашавад. Ва пӯшида мондааст, ки дармони ин кор чист. Ва ҳарчанд Амир аз ин ҳадис беш мегуфт, сухани эшон ҳамин буд, то Амир тангдил шуду гуфт: «Тадбири ин чист?» Гуфтанд: «Худованд беҳтар тавонад

---

[1] харпушта – хайма.
[2] баробар бо 22 майи соли 1040-и милодӣ.
[3] ҷанг ва гурезкунон.
[4] яъне, лашкаре ба ин бузургӣ, ки мо (ғазнавиҳо) дорем наметавонад дар муқобили ду ҳазор туркман он тавре ки бояд амал кунад.
[5] хунук – хуш, форам, осуда; яъне, хӯшо ба ҳоли Бунасри Мушкон.
[6] яъне дар авҷи иззат аз дунё рафт.
[7] қолу қил – гуфтугӯ, ҳаёҳу, сару садо.

донист». Вазир гуфт: «Ба ҳеч ҳол боз натавон гашт, чун ба сари кор расидем, ки ҳазимат бошад. Ва овезише набудаасту молише нарасидаст хасмонро, ки фарохӯри вақту ҳол сухан тавон гуфт. Бандаро савоб он менамояд, ки ҷангро дар қоим афганда шавад[1], ки масофат наздик аст, ки чун ба Марв расидем шаҳру ғаллот ба дасти мо уфтод ва хасмон ба параҳои биёбон афтанд, ин кор рост ояд. Ин ду манзил, ки монандааст нек эҳтиёт бояд кард». Ҳамагон ин раъй биписандиданд ва бар ин бархостанд, ки он чӣ воҷиб аст, аз ҳар халале ба ҷой оранд, то зоил шавад. Ва Хоҷаи Бузург ин маслаҳат некӯ дид, аммо боз руъбе[2] бузург дар дил аст, ки аз ин лашкари мо набояд, ки моро халале уфтад, наъузубиллоҳ, ки ҳоҷиб Багтуғдӣ Амирро сарбаста гуфт, ки ғуломон имрӯз мегуфтанд, ки мо бар уштур пайдост, ки чанд тавонем буд, моро фардо агар ҷанг бошад, асбони тозикон[3] биситонем, ки бар уштур ҷанг натавон кард. Ва Амир ҷавоб надод, валекин нек аз ҷой бишуд.

Мо дар ин ҳадис будем, ки пайке даррасиду мулаттафаҳои мунҳиён[4] оварданд, ки «Чун хабар расид аз Султон, ки аз Сарахс бирафт руъбеву фазаъе[5] бузург бар ин қавм уфтод ва Туғрал аъёнро гирд карду бисёр сухан рафт аз ҳар лавне, охир гуфтанд Туғралро, ки «меҳтари мо туйӣ, бар ҳарчӣ ту савоб дидӣ, мо кор кунем». Туғрал гуфт: «Моро савоб он менамояд, ки буна пеш кунему сӯйи Деҳистон равем ва Гургону он навоҳӣ бигирем, ки тозикон сабукмояву беолатанд[6] ва агар он ҷо натавон буд, ба Рай биравем, ки Рай ва Ҷиболу Сипоҳон морост ва ба ҳеч ҳол подшоҳ ба думи мо наёяд, чун мо аз вилояти ӯ бирафтем, ки ин подшоҳе бузург аст ва лашкару олату уддату вилояти бисёр дорад ва сомони ҷанги мо бидонист ва аз думи мо боз нахоҳад гашт. Ва мо медонем, ки дар ин зимистон чанд ранҷ кашидем, забуниро гирем ҳанӯз аз чунин муҳташаме беҳтар».[7]

Ҳамагон гуфтанд ин писандидатар райъ бошад ва бар ин кор бояд кард. Довуд ҳеч сухан нагуфт ва вайро гуфтанд, ки ту чӣ гӯйӣ? Гуфт: «Он чӣ шумо гуфтеду қарор додед, чизе нест, ба ибтидо чунин набоист кард ва даст ба камари чунин мард набоист зад, имрӯз ки

---

[1] яъне, сафҳои лашкар бояд рост карду ба ҷанг пардохт.

[2] руъб – тарс, бим.

[3] тозикон – тоҷикон; ин ҷо манзур лашкариёни тоҷик набуда, аъёну ашроф ва дабирону дигар кормандони дастгоҳи Ғазнавиён (аз ҷумла Байҳақӣ) манзур аст, ки бештар бар асб савор буданд.

[4] мулаттафаҳои пинҳонӣ – номаҳои мухтасари хабарнависони пинҳонӣ.

[5] фазаъ – тарс, бим.

[6] яъне, мардуми тоҷик (мардуми бумии Деҳистону Гургон) асбобу олати ҷангӣ надоранд.

[7] яъне, ҷанг нокарда чунин подшоҳи бузург таслим шавем беҳтар аст.

задем ва аз мо биёзурд ва ҷангҳо рафту чанд вилояти ӯ хароб кардем, то ҷон бибояд зад, ки агар ӯро задем ба ҳама ҷаҳон даст ёбем ва агар ӯ моро зад, аз ин фирор дар намонем, ки пайдост ба думи мо чанд оянд, агар зада шавем. Аммо буна аз мо сахт дур бояд, ҳар куҷо бошем, ки савори муҷаррад[1] фориғдил бошад. Ва бидонед, ки агар дасте нозада биравем, андешад ин подшоҳ, ки мо битарсидему бигрехтем ва думи мо гирад ва ба нома ҳама вилоятдоронро бар мо оғолидан[2] гирад ва ночор дӯст бар мо душман шавад. Ва ин қаҳт, ки бар мо будаст ва имрӯз низ ҳаст, эшонро ҳамчунин будааст ва ҳанӯз ҳаст, чунонки аз ахбори дуруст моро маълум гашт. Ва мо боре имрӯз дерест, то бар сари алафем ва асбону мардуми мо биёсуданд ва эшон аз биёбонҳо мебароянд, ин аҷз аст, мар ӯро набояд тарсид. Ябғу ва Туғрал ва Янолиёну ҳама муқаддамон гуфтанд ин раъйи дурусттар аст. Ва буна гусел карданд бо саворе ду ҳазор кӯдактару бадасбтар[3] ва дигар лашкарро арз карданд шонздаҳ ҳазор савор буд ва аз ин ҷумла муқаддама хоҳанд фиристод бо Янолиийён ва Пуритагин. Нек эҳтиёт бояд кард, ки ҳол ин аст ба ҳақиқат, ки боз намуда омад».

Бусаҳл дарвақт барнишасту ба даргоҳ рафт ва ман бо вай рафтам ва он мулаттафаҳо Амир бихонду лахте сокинтар шуд, Бусаҳлро гуфт: «Шӯрида коре дар пеш дорем ва савоби мо рафтан ба Ҳирот буд ва бо он қавм сулҳе ниҳодан. Акнун ин гузашт, то Эзид, азза зикруҳу, чӣ тақдир кардааст, ки бузург офате бошад шонздаҳ ҳазор савори нек бо қавме коҳилу баддил[4], ки мо дорем». Бусаҳл гуфт: «Ҷуз хайр набошад, ҷаҳд бояд кард, то ба Марв расем, ки он ҷо ин корҳо ё ба ҷанг ё ба сулҳ дар тавон ёфт». Гуфт: «Чунин аст» Ва касон рафтанд ва вазиру сипоҳсолору ҳоҷиби бузургу аъёнро бихонданд ва ин мулаттафаҳо бар эшон хонда омад. Қавидил шуданду гуфтанд: «Хасмон нек битарсидаанд». Вазир гуфт: «Ин шуғли Довуд менамояд[5] ва масъала он аст, ки намози дигар рафт, ҷаҳд дар он бояд кард, ки хештанро дар Марв афканем ва халале наяфтад, ки он ҷо ин корро ваҷҳе тавон ниҳод[6], чун ҳоли хасмон ин аст, ки мунҳиён набиштаанд». Ҳама гуфтанд: «Чунин аст!» Ва бозгаштанд. Ва ҳама шаб кори ҷанг месохтанд. Солорон яксаворагонро насиҳатҳо карданду умедҳо доданд. Ва Амир

---

[1] савори танҳо ва сабукбор

[2] оғолидан – бар якдигар шӯронидан, тез кардан, хусумат афкандан, барангехтан.

[3] кӯдактар – ҷавонтар; бадасбтар касе ки асбаш лоғар ва нотавон бошад.

[4] баддил – тарсанда, камҷуръат, буздил; бадандеш.

[5] яъне, ин кори Довуд (бародари Туғрал) аст.

[6] барои ин кор тадбире тавон муайян кард.

Артагини ҳоҷибро, ки халифаи Багтуғдӣ буд, бихонду бо сарҳангҳои саройҳо ва ғуломони гарданкаштар он чӣ гуфтанӣ буд гуфт, то нек ҳушёр бошанд. Ва ин ҳам аз иттифоқҳои бад буд, ки Багтуғдиро нахонду биёзурд, ки Багтуғдӣ ба масал чун амири ғуломон буд ва ҳарчӣ вай гуфтӣ, он кардандӣ. Ва ҳарчӣ мерафт, нопасандида буд, ки қазо кори хеш бихост кард. Изо арода-л-лоҳу шайъан ҳаййаъа асбобаҳу[1].

Дигар рӯз, панҷшанбе ҳаштуми моҳи рамазон, Амир барнишаст бо таъбияи тамом ва биронд. Ва чандон буд, ки як фарсанг бирондем, ки хасмон пайдо омаданд сахт анбӯҳ аз чапу рост, аз каронаҳо ва ҷанг пайвастанд ва кор сахт шуд, ки чун эшон шӯхӣ карданд[2] аз ҳар ҷонибе аз ин ҷониб дафъе ҳаме буд аз тоб бозшуда[3] ва ҷанге мерафт ночор ва хасмон чиратар шудандӣ ва ҳамчунон овезон-овезон мерафтем. Ва чанд бор дидам, ки ғуломони султонӣ ба гурехтагон[4] дар меомаданд ва бо ғуломони султонӣ, ки бар уштурон савор мебуданд ҳамбар мегаштанду сухан мегуфтанд. Ва Ҳоҷиб Багтуғдӣ дар маҳди пил буд ва меронд бо ғуломони худ, ки ҷуз бар пил натавонист буд ва чашму дасту пой халал карда[5], ҳарчӣ аз вай мепурсиданд аз ҳадиси ғуломон инрӯз, ки тадбир чист, ё фавҷе ғулом фулон ҷой бояд фиристод, ҷавоб медод, ки «Артагин донад ва Султон мисол ӯрову сарҳангонро додааст ва ман чизе намебинам ва аз кор бишудаам, аз ман чӣ мехоҳед?» Ва ғуломон кор суст мекарданд. Ҳоли ғуломон ин буд, ки яксаворагон наззора мекарданду хасм ҳар соат чиратару мардуми мо коҳилтар. Ва аъёну муқаддамон нек мекӯшиданд бо Амир. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, ҳамлаҳо ба неру мекард ва муқаррар гашт чун офтоб, ки вайро ба даст бихоҳанд дод[6]. Ва аҷаб буд, ки имрӯз халале наяфтод, ки ҳеч чиз намонда буд. Ва хасмон бисёр уштуру қумош[7] бурданд. Ва то вақти намоз ҷанг буд, то манзил бурида омад, чунонки аз он ҷо, ки баромадем то канори об се фарсанг буд; бар каронаи об фуруд омадем бетартиб чун дилшудагон[8] ва ҳама мардум навмед шуда. Ва муқаррар гашт, ки халале бузург хоҳад уфтод ва оғозиданд пинҳон ҷаммозагон рост кардану сутурони қавӣ ҷанибат кардан ва аз

---

[1] тарҷ: чун Худованд чизеро бихоҳад, асбоби онро фароҳам фармояд.
[2] густохӣ ва далерӣ карданд.
[3] яъне, сусту аз ҳам пошида ба монанди риштае, ки аз тобаш во шуда бошад.
[4] гурехтагон – ғуломоне, ки қаблан дар артиши ғазнавӣ буда, фирор карда буданд.
[5] осеб дида.
[6] яъне, маълум буд, ки султонро мехостанд ба душман таслим кунанд.
[7] қумош – матоъу коло аз ҳар чинс.
[8] манзур аз дилшуда ғамзадаву парешон аст.

колову нақд андеша кардан ва рост чунонки қиёмат хоҳад уфтод, якдигарро пидруд кардан.

Ва Амир сахт ноумед шуда буд ва аз таҷаллуд[1] чӣ чора будӣ, мекард; то намози дигар бор дод ва аъёнро бихонду холӣ кард ва сухан бисёр рафт ва гуфтанд: «То Марв ду манзил мондааст, ҳамин ки имрӯз рафт, эҳтиёт бояд кард, ки чун ба Марв расидем, ҳама муродҳо ҳосил шавад. Ва яксаворагон имрӯз ҳеч кор накарданд. Ва ҳиндувон ҳеч кор намекунанд ва низ дигар лашкарро баддил мекунанд, ҳар куҷо даҳ туркмон бар понсад аз эшон ҳамла афганад, бармегурезанд. Надонем, то эшонро боре чӣ шуд, ки гурехтанӣ дидандӣ ва ҷанги Хоразм эшон карданд[2]. Ва ғуломони саройӣ бояд, ки ҷаҳд кунанд, ки эшон қалбанд. Имрӯз ҳеч кор накарданд». Амир Багтуғдиро гуфт: «Сабаб чист, ки ғуломон неру намекунанд?» Гуфт: «Бештар асб надоранд ва он ки доранд суст аст аз бечавӣ. Ва бо ин ҳама имрӯз тақсир накарданд ва банда эшонро гӯш баркашад[3], то он чӣ фардо мумкин аст аз ҷидд ба ҷой оранд». Сухане чанд чунин нигорин[4] бирафт ва бозгаштанд.

Амир бо Бусаҳли Завзанӣ ва бо вазир холӣ карду гуфт: «Ин кор аз ҳадд мебигзарад, тадбир чист?» Вазир гуфт: «Намебоист омад ва мегуфтанду банда фарёд мекард ва Бусаҳл гувоҳи ман аст. Акнун ба ҳеч ҳол руйи бозгаштан нест ва ба Марв наздик омадем. Ва Багтуғдиро бояд хонд ва аз он, ки Булҳасани Абдуҷалил бо вай мунозараи дурушт кард ба Ҳирот ба ҳадиси эшон, чунонки вай бигирист, онро ҳам тадорук набуд. Ва се дигар ҳадиси Артагин, Багтуғдӣ аз будани ӯ девона шудааст ва турк бузург аст, ҳарчанд аз кор бишудааст, агар ғуломонро ба масал бигӯяд бояд мурд, бимиранд ва чун дили вай қавӣ гашт, ғуломон кор кунанд ва набошад хасмонро бас хатаре. Ва солори ҳиндувонро низ гӯш бибояд кашид». Кас бирафту Багтуғдиро танҳо бихонд ва биёмад. Амир ӯро бисёр бинавохту гуфт: «Ту моро ба ҷойи аммӣ ва он чӣ ба Ғазнин бо касони ту рафт, бо нома рост наёмадӣ ва ба ҳозирии мо рост ояд, чун он ҷо расем, бинӣ, ки чӣ фармуда ояд. Ва Булҳасани Абдуҷалилро он хатар набояд ниҳод, ки аз вай шикояте бояд кард, ки сазои хеш дид ва бинад. Ва Артагинро ҳоҷиб худ хосту писандид, то пеши кори ӯ бошад, агар ношоиста аст, дур карда ояд». Багттуғдӣ замин бӯса доду гуфт: «Бандаро чиро ин маҳал бояд ниҳод, то бо

[1] таҷаллуд – нирумандию бурдборию салобат.

[2] яъне, ҳиндуҳо аҳли фирору гурехтан нестанд ва дар ҷанги Хоразм (забти Хоразм дар соли 1017) ҳам асосан ҳаминҳо пешгом буданд, чиро имрӯз аз майдон мегурезанд?

[3] гӯш баркашад – яъне гӯшмол диҳад.

[4] нигорин – рангин, ҳар чизи рангомезишуда, ороста.

вай сухан бар ин ҷумла бояд гуфт? Аз худованд то ин ғоят ҳама навохт будааст. Ва кутвол амири Ғазнин аст, он ҷо ҷуз хештанро натавонад дид, худованд он чӣ бояст фармуд дар он таъаддӣ, ки ӯ кард ва банда низ забун нест, ки ба даврони худованд инсофи хеш аз вай натавонад ситад. Ва Булҳасани дабир кист? Агар ҳурмати маҷлиси худованд набудӣ, сазои хеш дидӣ ва бандаро нанг ояд, ки аз вай гила кунад. Ва Артагин сахт бахираду бакоромада аст ва ҷуз вай нашояд, ки бошад. Ва кор нокардани ғуломон аз асб аст, агар бинад худованд асбе дувист тозиву хиёра ба сарғавғои онон диҳад, аз асбони қавӣ, то кор нек биравад». Амир гуфт: «Сахт савоб омад, ҳам имшаб мебояд дод». Ва ҳиндувонро низ бихонданду гӯш баркашиданд ва мукаддамонашон гуфтанд, ки «моро шарм ояд аз худованд, ки бигӯем, ки мардуми мо гурусна аст ва асбони суст, ки чаҳор моҳ аст то касе орду ҷав наёфтааст аз мо. Ва ҳарчанд чунин аст, то ҷон бизанем ва ҳеч тақсир накунем. Ва имшаб он чӣ бояд гуфт бо ҳамагон бигӯем». Ва бозгаштанд.

Ва лахте аз шаб гузашта Бусаҳл маро бихонд ва сахт мутаҳаййиру ғамнок буд ва ин ҳолҳо ҳама бозгуфт бо ман. Ва ғуломонро бихонду гуфт, ки чизе нақд аст ва ҷомаи хуфтан бар ҷаммозагон бояд имшаб, ки рост кунед. Коре наяфтодааст, аммо эҳтиёт зиён надорад. Ва ҳама пеши хеш рост кард бар ҷаммозагон. Ва чун аз он фориғ шуд, маро гуфт: «Сахт метарсам аз ин ҳол». Гуфтам: «Иншоаллоҳ, ки хайру хубӣ бошад». Ва ман низ ба хаймаи хеш бозомадам ва ҳамчунин эҳтиёте бикардам. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, бештаре аз шаб бедор буд, кор месохту ғуломонро асб медод ва дар маънии хизона ва ҳар бобе эҳтиёт мефармуд. Ва солорону муқаддамон ҳама бар ин сифат буданд.

Ва намози бомдод бикарданду кӯс фурӯ кӯфтанд ва биронданд. Ва ман гирд бар гирди Амир панҷоҳу шаст ҷаммозаи ҷанибатӣ медидам ва ғуломе сесад дар силоҳ ғарқ ва дувоздаҳ пил бо баргустувон ва уддате сахт қавӣ буд. Ва ин рӯз ним фарсанге бирондем, ғирев аз хасмон баромад ва аз чаҳор ҷониб бисёр мардум неру кард ва даст ба ҷанг бурданд, ҷанге сахт. Ва ҳеч ҷой аломати Туғралу Ябғуву Довуд пайдо набуд, ки гуфтанд бар соқаанд, ҳама мардуми хиёраву ҷангӣ пеш карда ва худ дар қафои эшон мустаъид[1], то агар чизе буд бираванд бар асари буна. Ва аз сахтии сахт[2], ки ин рӯз буд роҳ наметавонист бурид мардуми мо ва нек мекӯшиданд.

Ва овезон-овезон чоштгоҳи фарох ба ҳисори Дандонақон расидем. Амир он ҷо бар болое биистоду об хост. Ва дигарон ҳам

[1] яъне, худ бар пайи эшон омода буданд.

[2] душвории шадид; бар асари қаҳтӣ, беобӣ ва гармӣ, ки имсол Хуросонро фаро гирифта буд.

биистоданд. Ва хасмон рост шуданд ва биистоданду ғамӣ буданд. Ва мардуми бисёр ба девори ҳисор омада буданд ва кӯзаҳаҳои об аз девор фуруд медоданд ва мардумон меистуданду[1] мехӯрданд, ки сахт ташнаву ғамӣ буданд ва ҷӯйҳои бузург ҳама хушк ва як қатра об набуд. Амир гуфт: «Пурсед аз ҳавзи оби чаҳорпоён». Гуфтанд: «Дар ҳисор панҷ чоҳ асту лашкарро об диҳанд ва низ берун аз ҳисор чор чоҳ аст, ки хасмон мурдор[2] он ҷо андохтаанд ва сар устувор карда[3] ва дар як соат мо ин рост кунем. Ва аз ин ҷо то он ҳавзи об, ки худовандро гуфтаанд панҷ фарсанг аст ва ҳеч ҷой об наёбад».

Ва гуфтанд Амирро «Ин ҷо фуруд бояд омад, ки имрӯз кори сара рафт ва даст моро буд[4]». Гуфт: «Ин чӣ ҳадис бувад? Лашкари бузургро ҳафту ҳашт чоҳ об чун диҳад? Якборагӣ ба сари ҳавз равем». Ва чун фуруд омадемӣ, ки бояст ҳодисае бад-ин бузургӣ бияфтад. Рафтан буду уфтодани халал, ки чун Амир биронд аз он ҷо, низом бигусаст, ки ғуломони саройӣ аз уштур ба зер омаданд ва асбон ситадан гирифтанд аз тозикон, аз ҳар кас, ки заъифтар буданд, ба баҳонаи он, ки ҷанг хоҳем кард. Ва бисёр асб бистаданд. Ва чун савор шуданд, ба он ки ба шаб асбони тозию хатлӣ[5] ситада буданд, ёр шуданд ва ба як дафъат сесаду ҳафтод ғулом бо аломатҳои шер[6] бигаштанду ба туркмонон пайвастанд. Ва он ғуломон, ки аз мо гурехта буданд ба рӯзгори Пуртагин биёмаданд ва якдигарро гирифтанду овоз доданд, ки ёр-ёр[7] ва ҳамла карданд ба неру ва кас касро наистод ва низом бигусаст аз ҳама ҷавониб. Ва мардуми мо ҳама руй ба ҳазимат ниҳоданд. Амир монд бо Хоҷа Абдураззоқи Аҳмади Ҳасан ва Бусаҳлу Бунназр ва Булҳасан ва ғуломони эшон. Ва ман ва Булҳасани Дилшод низ ба нодир[8] он ҷо уфтода будем, қиёмат бидидем дар ин ҷаҳон. Багтуғдӣ ва ғуломон дар параи биёбон меронданд бар уштур ва ҳиндувон ба ҳазимат бар ҷониби дигар ва курду арабро кас намедид ва хайлтошон бар ҷониби дигар уфтода ва низоми майманаву майсара табоҳ шуда ва ҳар касе мегуфт: нафсӣ – нафсӣ[9]. Ва хасмон дар буна уфтодаву мебурданд ва ҳамлаҳо ба неру меоварданд ва Амир истода. Пас

---

[1] меситонданд.
[2] мурдор – ҷасади мурдаи бӯйгирифтаи инсон ва ҳайвон.
[3] яъне, сари ҳавзҳоро бастаанд.
[4] яъне, пирӯзӣ моро буд.
[5] асби хатлӣ ё хутталӣ, ки дар асрҳои миёна хеле маъруф буд.
[6] яъне, бо парчамҳое ки бар рӯйи онҳо акси шер тасвир ёфта буд; Парчами Ғазнавиён бар суннати парчамҳои давлатҳои мардуми тоҷик акси шер дошт.
[7] яъне, барои ба тарафи худ ҷалб кардани ғуломон ба онҳо мегуфтанд, ки мо ёру ёвари шумоем.
[8] яъне, аз иттифоқи нодир.
[9] яъне, ҷони худам, ҷони худам.

ҳамла бад-ӯ оварданд ва вай ҳамла ба неру кард ва ҳарбаи захрогин[1] дошт ва ҳар касро зад на асб монду на мард. Ва чанд бор муборизони хасмон наздики Амир расиданду овоз доданд ва як-як дастбурд бидидандӣ ва бозгаштандӣ. Ва агар ин подшоҳро он рӯз ҳазор савори нек якдаст ёрӣ доданди, он корро фурӯ гирифтӣ, валекин надоданд. Ва Амир Мавдудро дидам, разияллоҳу анҳу, худ руй ба қарбуси зин[2] ниҳодаву шамшере кашида ва асб метохту овоз медод лашкарро, ки «Ай ноҷавонмардон! Саворе чанд сӯйи ман оед». Албатта як савор посух надод, то навмед наздики падар боз омад.

Ва ғуломони тозикон бо Амир нек биистоданду ҷанги сахт карданд аз ҳадд гузашта[3]. Ва хосса ҳоҷибе аз они Хоҷа Абдураззоқ ғуломе дарози бо дидор[4] марде туркмон даромад ӯро, найза бар гулӯ заду бияфганд ва дигарон даромаданду асбу силоҳ бистаданд ва ғулом ҷон бидоду дигаронро дил бишикаст ва туркмонону ғуломони қавӣ даромаданду наздик буд, ки халале бузург уфтад. Абдураззоқу Бунназр ва дигарон гуфтанд: «Зиндагонии худованд дароз бод, беш истоданро рӯй нест, бибояд ронд». Ҳоҷиби Ҷомадор низ ба туркӣ гуфт: «Худованд акнун ба дасти душман уфтад, агар рафта наёяд ба таъҷил». Ва ин ҳоҷибро аз ғам захра битарқид, чун ба Марваррӯд расиданд. Амир ба зудӣ бирон, пас фармуд, ки роҳи ҳавз гиред ва он роҳ гиред ва ҷӯйе пеш омад хушк ва ҳар ки бар он ҷониби ҷӯй бирон, аз бало раҳоӣ дид.

Ва маро, ки Булфазлам, ходиме хосс бо ду ғулом ба ҳилаҳо аз ҷуй бигзарониданд ва худ битохтанду бирафтанд ва ман танҳо мондам, тохтам бо дигарон, то ба лаби ҳавз расидам. Ёфтам Амирро он ҷо фуруд омада ва аъёну муқаддамон руй бад-он ҷо ниҳода ва дигарон ҳамеомаданд. Ва маро гумон уфтод, ки магар ин ҷо сабот хоҳад кард ва лашкарро забт кард. Ва худ аз ин бигзашта буд ва кори рафтан месохтанд ва аломатҳо фурӯ мегушоданд ва онро мемонданд, то касоне аз аъён, ки расиданист, даррасанд. Ва то намози пешин рӯзгор гирифт ва афвоҷи туркмонон пайдо омад, ки

[1] ҳарбаи захрогин – найзаи кӯтоҳи ба захр обдодашуда.
[2] қарбус – кӯҳаи зин.
[3] тавре дида мешавад аз миёни турку арабу курду ҳинду танҳо лашкариёни тоҷик ба Амир Масъуд садоқат нишон дода, то охирин нафас ҷангиданд, чун дар симои туркмонҳои салҷуқӣ мардуми бегонаву ба русуми дарбору ойину суннаи тоҷикӣ (эронӣ)-и ин марз бегона медиданд; баръакси Ғазнавиён, ки ба суннани бумии Хуросон ҳамнаво буданд.
[4] яъне, рӯ ба рӯ.

андешиданд, ки магар он ҷо муқом бад-он кардааст, то муъовадате[1] кунад.

Амир, разияллоҳу анҳу, барнинишаст бо бародару[2] фарзанд ва ҷумлаи аъён ва мазкурону манзурон[3] ва гарм биронд, чунонки бисёр кас бимонд ва роҳи ҳисор гирифт ва ду марди ғарҷистонӣ бадрақа гирифт[4]. Ва туркмонон бар асар меомаданд ва фавҷе намоише мекарданд ва дигарон дар ғорати бунаҳо машғул. Ва офтоби зардро[5] Амир ба оби равон расид, ҳавзе сахт бузург. Ва ман он ҷо намози шом расидам. Ва Амирро ҷаммозагон баста буданд[6] ва ба ҷаммоза хост рафт, ки шонздаҳ асб дар ин як манзил дар зери вай бимонда буд. Ва Туркчаи ҳоҷиб ба дум меомад ва асбони мондаро, ки қиматӣ буданд, бар мекард[7]. Ман чун даррасидам, ҷавқи[8] мардумро дидам, он ҷо рафтам, вазир буду ориз Булфатҳи Розӣ ва Бусаҳли Исмоил ва ҷаммоза месохтанд. Чун эшон маро диданд, гуфтанд: «Ҳон, чун растӣ?» Боз намудам зориҳои хеш ва мондагӣ. Гуфтанд: «Биё, то биравем». Гуфтам: «Басе мондаам». Яке фарёд бароварда, ки равед, ки Амир рафт. Эшон низ бирафтанд ва ман бар асари эшон бирафтам.

Ва ман низ Амирро надидам то ҳафт рӯз, ки муқом дар Ғарҷистон кард ду рӯз, чунонки бигӯям ҷумлату-л-ҳадис[9] ва тафсили он. Бибояд донист, ки умрҳо бояду рӯзгорҳо, то касе он тавонад дид. Ва дар роҳ мерондам, то шаб ду модапил дидам бемаҳд хӯш-хӯш меронданд. Пилбони хосс ошнои ман буд, пурсидам, ки чиро боз мондаед? Гуфт: «Амир ба таъҷил рафт, роҳбаре бар мо кард ва инак меравем». Гуфтамаш: «Бо Амиру аъёну бузургон кадом кас буд?» Гуфт: «Бародараш буд, Амир Абдуррашид ва фарзандаш Амир Мавдуд ва Абдураззоқи Аҳмади Ҳасан ва ҳоҷиб Бунназру Сурӣ ва Бусаҳли Завзанӣ ва Булҳасани Абдулҷалил ва солори ғозиёни Лоҳур Абдуллоҳи Қаротагин ва бар асари вай ҳоҷиби бузург ва бисёр ғуломи сароийи пароганда ва Багтуғдӣ бо ғуломони хеш бар асари

---

[1] муъовадат – бозгашт кардан, баргаштан.

[2] мурод аз бародар Абдурашид аст, зеро бародари дигари ӯ Муҳаммад дар ин замон зиндонӣ буд.

[3] мазкурону манзурон – ашхоси қобили зикр (машҳур) ва мавриди таваҷҷӯҳ ва назари подшоҳ.

[4] чун Масъуд мехост, ки аз роҳи Ғарчистон (минтақаи кӯҳистонӣ миёни Ҳироту Кобул) ба Ғазнин биравад, ду марде аз Ғарчистонро ба сифати роҳнамо интихоб кард.

[5] яъне, наздик ба намози шом, ки ранги офтоб зардгуна менамояд.

[6] яъне, барои Амир шутури тезравро омода карда буданд.

[7] ба ҳаракат меовард ва мехезонд.

[8] гурӯҳи.

[9] ҳамаи достон, сухан.

эшон». Ман бо ин пилбон мерондам ва мардуми пароганда мерасиданд ва ҳама роҳ бар зиреҳу ҷавшану сипару сиқл[1] мегузаштем, ки бияфганда буданд.

Ва саҳаргоҳ пилон тезтар бирондану ман ҷудо мондам ва фуруд омадам ва аз дур оташи лашкаргоҳ дидам. Ва чоштгоҳи фарох ба ҳисори Баркард расидам. Ва туркмонон бар асар он ҷо омада буданд ва ба ҳилатҳо оби Баркардаро гузора кардам. Амирро ёфтам сӯйи Марв[2] рафта. Бо қавме ошно бимондам ва бисёр балоҳову меҳнатҳо ба рӯйи мо расид. Пиёда бо тане чанд аз ёрон ба қасабаи Ғарҷистон расидем, рӯзи одина, шонздаҳуми моҳи рамазон[3]. Амир чун он ҷо расида буд, муқом кард, то касоне, ки даррасиданиянд, даррасанд. Ман наздики Бусаҳли Завзанӣ рафтам ба шаҳр, ӯро ёфтам, кори роҳ месохт. Маро гарм пурсид ва чанд тан аз они ман[4] расида буданд ҳама пиёда ва чизе бихариданду бо вай бихӯрдему ба лашкаргоҳ омадем. Ва дар ҳама лашкаргоҳ се харпушта[5] дидам – яке Султонро ва дигар Амир Мавдудро ва се дигар Аҳмади Абдуссамадро ва дигарон соябонҳо доштанд аз карбос ва мо худ латанбон[6] будем.

Намози дигар бардоштем тане ҳафтод ва роҳи Ғур гирифтем. Ва Амир низ бар асари мо ними шаб бардошт. Бомдодро манзиле рафта будем, Булҳасани Дилшодро он ҷо ёфтам савор шуда ва ман низ асбе ба даст овардаму ба насия бихаридам ва бо ёрон ба ҳам уфтодем. Ва Масъуди Лайс маро гуфт, ки Султон аз ту чанд бор пурсид, ки Булфазл чун уфтода бошад ва андуҳи ту мехӯрд. Ва намози дигар ман пеш рафтам бо мӯзаи тангсоқ ва қабои куҳан ва замин бӯса додам. Бихандиду гуфт: «Чун уфтодӣ? Ва покиза сохте дорӣ!» Гуфтам: «Ба давлати худованд ҷон берун овардам ва аз додаи худованд дигар ҳаст».

Ва аз он ҷо бардоштему ба Ғур омадем ва бар манзиле фуруд омадем. Гурӯҳе дигар мерасиданд ва ахбори тозатар меоварданд. Ин ҷо ошноеро дидам сагзӣ, марде ҷалд, ҳар чизе мепурсидам. Гуфт: «Он рӯз, ки Султон бирафту хасмон чунон чира шуданду даст ба ғорат бурданд, Булҳасани Караҷиро дидам дар зери дарахте уфтода, маҷрӯҳ менолид, наздики вай шудам, маро бишнохту бигирист. Гуфтам: «Ин чӣ ҳол аст?» Гуфт: «Туркмонон расиданд ва созу сутур диданду бонг бар заданд, ки фуруд ой!» Оғози фуруд омадан кардам

---

[1] сиқл – рахту бор ва бунаи сангин.
[2] манзур Марваррӯд аст.
[3] баробар бо 31 майи соли 1040-и милодӣ.
[4] аз касони ман.
[5] харпушта – хайма.
[6] латанбон – анбони пора, беҳуда; яъне, ҳеч қадру эътибор надоштем.

ва дертар аз асб ҷудо шудам ба сабаби пирӣ. Пиндоштанд, ки сахтсарӣ[1] мекунам, найза заданд бар пушту ба шикам берун оварданд ва асб бистаданд. Ва ба ҳилат дар зери ин дарахт омадам ва ба марг наздикам. Ҳолам ин аст, то ҳар ки пурсад аз ошноёну дӯстонам бозгуй». Ва об хост, бисёр ҳилат кардам, то лахте об дар кӯза наздики вай бурдам, бинӯшиду аз ҳуш бишуд ва боқии об наздики вай бигзоштаму бирафтам, то ҳолаш чун шуда бошад. Ва чунон донам, ки шабро гузашта бошад. Ва миёни ду намоз аломатҳо дидам, ки даррасид. Гуфтанд: «Туғралу Ябғу ва Довуд аст. Ва Писар Коку, ки бо банд бар сари уштуре буд, дидам, ки вайро аз уштур фуруд гирифтанду бандаш бишикастанд ва бар астаре нишонданд, ки аз они Ҳоҷа Аҳмади Абдуссамад гирифта буданд ва наздики Туғрал бурданд. Ва ман бирафтаму надонам, то ҳолҳои дигар чун рафт». Ва ман он чӣ шунудам, ба Амир бигуфтам.

Ва манзил ба манзил Амир ба таъҷил мерафт. Се пайк даррасид аз мунҳиёни мо, ки бар хасмон буданд бо мулаттафаҳо дар як вақт. Бусаҳли Завзанӣ онро наздики Амир бурд ба манзиле, ки фуруд омада будем ва Амир бихонду гуфт: «Ин мулаттафаҳоро пӯшида доранд, чунонки кас бар ин воқиф нагардад». Гуфт: «Чунин кунам». Ва биёварду маро дод ва ман бихондаму муҳр кардам ва ба девонбон супурдам. Набишта буданд, ки «Сахт наводир рафт ин дафъат, ки бо ин қавм дилу ҳуш набуд ва бунаро шонздаҳ манзил бурда буданд ва гурезро сохта ва ҳар рӯз ҳар саворе, ки доштандӣ ба рӯйи лашкари Султон фиристондандӣ, мунтазири он, ки ҳамакнун мардуми эшонро баргардонанд ва бар эшон зананду бираванд ва худ ҳол чунин уфтод, ки ғуломони саройӣ чунон бефармонӣ карданд, то ҳоле бад-ин саъбӣ пеш омад. Ва нодиртар он буд, ки мавлозодаест ва илми нуҷум донаду мунаҷҷимро шогирдӣ кардааст ва бад-ин қавм уфтода ва сухане чанд аз они вай рост омада ва фурӯ доштааст[2] эшонро ба Марв ва гуфта, ки агар эшон амирии Хуросон накунанд, гардани ӯ бибояд зад. Рӯзи одина, ки ин ҳол уфтод, ӯ ҳар соате мегуфт, ки як соат пой фишоред, то намози пешин, рост бад-он вақт саворон он ҷо расиданд ва мурод ҳосил шуд ва лашкари Султон баргашт. Ҳар се муқаддам аз асб ба зер омаданду саҷда карданд ва ин мавлозодаро дарвақт чанд ҳазор динор бидоданд ва умедҳои бузург карданд.

Ва бирондand, то он ҷо, ки ин ҳол уфтода буд, хаймае бизаданд ва тахт биниҳоданду Туғрал бар тахт бинишаст ва ҳамаи аъён биёмаданду ба амирии Хуросон бар вай салом карданд. Ва

[1] гарданшахӣ.
[2] боз доштааст, аз ҳаракат доштааст.

Фаромурз писари Кокуро пеш оварданд ва Туғрал ӯро бинавохту гуфт: «Ранҷҳо дидӣ, дил қавӣ дор, ки Исфаҳону Рай ба шумо дода ояд». Ва то намози шом ғорате оварданд ва ҳама мебахшиданд. Ва мунаҷҷим моле ёфт сомиту нотиқ[1]. Ва коғазҳову давотхонаи султонӣ гирд карданд ва бештар зоеъ шуда буд, нусхате чанд ва китобе чанд ёфтанд ва бад-он шодмонагӣ намуданд. Ва номаҳо набиштанд ба хонони Туркистон ва писарони Алитагин ва Айнуддавла[2] ва ҳама аъёни Туркистон ба хабари фатҳ ва нишонҳои давотхона ва аламҳои лашкар фиристоданд бо мубашширон. Ва он ғуломони бевафоро, ки он ноҷавонмардӣ карданд, бисёр бинавохтанд ва амирии вилояту хиргоҳ доданд ва ҳар чизе ва эшон худ тавонгар шуданд, ки андозае нест, ки чӣ ёфтанд аз ғорат ва касеро заҳра нест, ки фаро эшон сухане гӯяд баландтар, ки мегӯянд, ки ин мо кардаем. Ва фармуданд, то пиёдагони ҳазиматиро аз ҳар ҷинс, ки ҳастанд сӯйи биёбони Омуй ронданд, то ба Бухоро ва он навоҳӣ мардумон эшонро бинанд ва муқаррар гардад, ки ҳазимат ҳақиқат аст. Ва андозае нест онро, ки ба дасти ин қавм уфтод аз зару симу ҷомаву сутур ва сухан бар он ҷумла мениҳанд, ки Туғрал ба Нишобур равад бо саворе ҳазор ва Ябғу ба Марв нишинад бо Янолиён ва Довуд бо муаззами лашкар сӯйи Балх равад, то Балху Тахористон гирифта ояд. Он чӣ рафт, то ин вақт боз намуда омад ва пас аз ин таърих, он чӣ тоза гардад, боз намояд. Ва қосидон бояд, ки акнун пайвастатар оянд ва кор аз лавне дигар пеш гирифта ояд, ки қоидаи корҳо он чӣ буд, бигашт, то ин хидмат фурӯ намонад».

Чун Амир наздики дехи Булҳасани Халаф расид, муқаддамон ба хидмат он ҷо омаданд ва бисёр олат рост карданд аз хаймаву хиргоҳ ва ҳар чизе, ки ночор мебояст. Ва ду рӯз он ҷо муқом уфтод, то мардумон низ, лахте чунонки омад, корҳо рост карданд. Ва сахт некӯ хидмат карданд ғуриён ва нузлҳои бисёр доданд ва Амирро таскин пайдо омад. Ва он ҷо ид кард, сахт бенаво иде. Ва намози дигар ба хидмат истода будам, маро гуфт, сӯйи хонони Туркистон чӣ бояд набишт дар ин боб? Гуфтам: «Худованд чӣ фармояд?» Гуфт: «Ду нусхат кардаанд Булҳасани Абдулҷалил ва Масъуди Лайс бад-ин маънӣ, дидаӣ?» Гуфтам: «Надидаам ва ҳар ду он чӣ набиштаанд хиёра[3] бошад». Бихандиду давотдореро гуфт: «Ин нусхатҳо биёр!» Биёвард, тааммул кардам, алҳаққ ҷониби худованд-султон нек нигоҳ дошта буданд ва ситоишҳо карда ва ба муаммо сухане чанд бигуфта. Ва айб он буд, ки набишта буданд, ки «Мо руй сӯйи Ғазнин доштем, колову сутуру уддат ба Дандонқон ниҳода». Ва ин ду озодамард

[1] сомиту нотиқ – киноя аз зару сим ва ғулому чаҳорпоён.
[2] Айнуддавла – яке аз сарони давлати қарохонӣ, бародари Буритагин.
[3] хиёра – баргузида, писандида.

ҳамеша бо Бусаҳл механдидандӣ, ки дандон тез карда буданд соҳибдевони рисолатро ва асрати[1] ӯ мечустанд ва ҳар гоҳ аз мазоиқи[2] дабирӣ чизе бияфтодӣ ва Амир сухане гуфтӣ, гуфтандӣ «Бусаҳлро бояд гуфт, то нусхат кунад», ки донистанд, ки ӯ дар ин роҳ пиёда аст ва маро ночор мушт мебоястӣ зад ва мезадаме[3].

Нусхатҳо бихондаму гуфтам: «Сахт некӯст». Амир, разияллоҳу анҳу, гуфт ва дар дунё ӯро ёр набуд дар донистани дақоиқ, ки «беҳ аз ин мебояд, ки ин узрҳост ва хонони Туркистон аз он мардумонанд, ки чунин ҳолҳо бар эшон пӯшида намонад». Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод, агар эҳтиёҷе хоҳад буд бо хонон уддате ва маъунате[4] хостан, нома аз лавне дигар бояд». Гуфт: «Ночор хоҳад буд, ки чун ба Ғазнин расем, расуле фиристода ояд бо номаҳо ва мушофаҳот. Акнун бад-ин ҳодиса, ки уфтод нома бояд набишт аз роҳ бо рикобдоре». Гуфтам: «Пас сухане рост бояд, то айб накунанд, ки то номаи мо бирасад, мубашшириони хасмон рафта бошанд ва нишонҳову аломатҳо бурда, ки туркмононро расм ин аст». Амир фармуд, ки ҳамчунин аст, нусхате кун ва биёр, то дида ояд. Бозгаштам. Ин шаб нусхат карда омад ва дигар рӯз ба дигар манзил, пеш аз он, то бо чокарон расидем, пеш бурдам. Давотдор бистад ва ӯ бихонду гуфт: «Рост, ҳамчунин мехостам, бихон». Бихондам бармало ва устоди девон ҳозир буд ва ҷумлаи надимон ва Булҳасани Абдуҷалил ва ҳамагон нишаста ва Булфатҳи Лайс ва ман бар пой. Чун бар хатм омад, Амир гуфт: «Чунин мехостам». Ва ҳозирон истиҳсон доштанд[5] мутобаъатан ли қавли-л малик[6], ҳарчанд тане дуро нохуш омад. Ва маънии мафҳуми он нусхат ночора[7] буд ин ҷо набиштан, чунонки чанд чизи дигар дар ин тасниф набишта омадааст ва ҳар чӣ хонандагон гӯянд, раво дорам, маро бо шуғли хеш кор аст ва ҳадис биёвардам пеш аз ин, то дониста ояд.

Зикри нусхати-л китоби ило Арслонхона[8]

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Атола-л-лоҳу бақоа-л хони-л аҷалли-л ҳамим. Ҳозо китобун минни илайҳи би работи Карвон ъа-

---

[1] асрат – лағзиш, хато.
[2] мазоиқ – ҷамъи мазиқа, ҷойи танг, тангно.
[3] яъне, дар ин ҳолат ман (Абулфазли Байҳақӣ) сипари раиси девон – Бусаҳли Завзанӣ мегаштам.
[4] маъунат – ёрӣ додан.
[5] истиҳсон – некӯ шумурдан, ситоиш кардан.
[6] бо пайравӣ аз гуфтори подшоҳ.
[7] ночор.
[8] ёд кардани руйнавиште аз номаи ба Арслонхон.

ло сабъа мароҳала мин Ғазната ва-л-лоҳу азза зикруҳу фи ҷамиъи-л аҳволи маҳмудун ва-с-салоту ало набиййи-л Мустафо Муҳаммадин ва олиҳи-т-таййибина[1]. Ва баъд бар Хон пӯшида нагардад, ки Эзид, азза зикруҳуро тақдирҳост чун шамшере бурранда, ки равишу буриши он натавон дид ва он чӣ аз он пайдо хоҳад шуд, дарнатавон ёфт ва аз ин аст, ки аҷзи одамӣ ба ҳар вақте зоҳир гардад, ки натавон донист дар ҳол, ки аз шаби обистан чӣ зояд. Хирадманд он аст, ки хештанро дар қабзаи таслим ниҳад ва бар ҳавлу қуввати хеш ва уддате, ки дорад, эътимод накунад ва корашро ба Эзид, азза зикруҳу, боз гузорад ва хайру шарру нусрату зафар аз Вай донад, ки агар як лаҳза аз қабзаи таваккул берун ояд ва кибру батарро[2] бар хештан роҳ диҳад, чизе бинад ба ҳеч хотире ногузашта ва авҳом[3] бад-он норасида ва оҷиз монда ояд. Ва мо Эзид, азза зикруҳуро хоҳем ба рағбате содиқу нияте дуруст ва эътиқоде покиза, ки моро дар ҳар ҳол фи-с-сароъи ва-з-зарроъи ва шиддати ва-р-рахоъи[4] муъину дастгир бошад ва як соат, балки як нафасе моро ба мо нагузорад ва бар неъмате, ки диҳад ва шиддате, ки пеш ояд, илҳом арзонӣ дорад, то бандавор сабру шукр пеш орем ва даст ба тамосуки[5] вай занем, то ҳам неъмат зиёдат гардад ба шукр ва ҳам савоб ҳосил ояд ба сабр. Иннаҳу субҳонаҳу хайру муваффиқин ва муъинин[6].

Ва дар қариби ду сол, ки рояти мо ба Хуросон буд аз ҳар чӣ рафту пеш меомад ва кому ноком ва нарму дурушт[7] Хонро огоҳ карда меомад ва расми мушоракату мусоҳамат[8] дар ҳар бобе нигоҳ дошта меояд, ки мусофот[9] ба ҳақиқат миёни дӯстон он аст, ки ҳеч аз андаку бисёр пӯшида дошта наёяд. Ва охирин номае, ки фармудем бо саворе чун нимрасуле[10], ки аз Тӯс буд бар панҷ манзил аз Нишобур ва боз намудем, ки он ҷо қарор гирифтаем бо лашкарҳо, ки он ҷо сарҳадҳост ба ҷавониби Сарахсу Боварду Нисо ва Марву

---

[1] тарҷ: Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон. Худованд пойдории Хони бузурги сиддикро дароз гардонад. Ин нома аз ман аст ба вай дар работи Карвон бар ҳафт манзилии шаҳри Ғазнин, Худованд ёди вай гиромӣ бод дар ҳама ҳол сутуда аст ва дуруд бар Пайёмбар Муҳаммади Мустафо ва хонадони поки вай.

[2] батар (бо итқӣ) – носипосии неъмат кардан, такаббур доштан.

[3] авҳом – гумонҳо (ҷамъи ваҳм).

[4] дар шодмонӣ ва ғам ва дар сахтию осоиш.

[5] тамосук – чанг дар задан, ба маънии сабру таҳаммул омадааст.

[6] ҳамоно, ки Ӯ поку муназзаҳ аст, беҳтарин тавфикдиҳанда ва ёрикунанда аст.

[7] нарму дурушт: осудагӣ ва сахтӣ.

[8] мусоҳамат – ҳамнасиб ва ҳамбаҳра шудан бо касе, муродифи мушоракат.

[9] мусофот – дӯстии поку холис бо касе доштан.

[10] нимрасул – қосиде, ки дар шаъни як сафиру намоянда набуд, аммо кори як сафирро анҷом медод.

Ҳирот, то нигарем, ки ҳукми ҳол[1] чӣ воқиб кунад ва навхостагон чӣ кунанд, ки ба атрофи биёбонҳо уфтода буданд.

Ва пас аз он, ки савор рафт шаш рӯз муқом буд ва чунон иқтизо кард, ки ҷониби Сарахс кашидем, чун он ҷо расидем, ғурраи рамазон буд, ёфтем он навоҳиро хароб аз ҳарсу насл[2] чизе накошта бад-он ҷойгоҳ расида, ки як зарра гиёҳ ба диноре ба масал намеёфтанд[3]. Нарх худ ба ҷойгоҳе расида буд, ки пирон мегуфтанд, ки дар ин сад сол, ки гузашт монанди он ёд надорад, мане орд ба даҳ дирҳам шудаву ноёфт ва ҷаву коҳ ба чашм кас намедид, то бад-ин сабаб ранҷе бузург ба яксаворагон ва ҳама лашкар расид, ки чун дар ҳашами хосси мо бо бисёр сутуру уддат, ки ҳаст халале беандоза зоҳир гашт, тавон донист, ки аз они авлиёву ҳашам ва хурда мардум[4] бар чӣ ҷумла бошад. Ва ҳол бад-он манзилат расид, ки ба ҳар вақте ва ба ҳар ҳоле миёни аснофи лашкар ва саройиён лаҷоҷу мукошафат[5] мерафт ба ҳадиси хурду алафу сутур, чунонки ин лаҷоҷ аз дараҷаи сухан бигузашт ва ба дараҷаи шамшер расид ва сиқот он ҳол боз намуданд ва бандагон, ки эшонро ин дараҷа ниҳодем, то дар муҳиммот раъй зананд, бо мо ва салоҳро боз намоянд, ба таъризу тасреҳ[6] сухан мегуфтаанд, ки «райъи дуруст он аст, ки сӯйи Ҳирот кашида ояд, ки алаф он ҷо фарох ёфт бувад, ки ба ҳар ҷонибе аз вилоят наздик аст ва воситаи Хуросон». Ва салоҳ он буд, ки гуфтанд, аммо моро лаҷоҷиву ситезае гирифта буд ва аз он ҷиҳат, ки кор бо навхостагон печида мемонд, хостем, ки сӯйи Марв равем, то кор баргузорда ояд. Ва дигар, ки тақдир соиқ[7] буд, ки ноком мебояст дид, он нодира[8], ки уфтод.

Сӯйи Марв рафтем ва дилҳо гувоҳӣ медод, ки хатои маҳз аст. Роҳ чунон буд, ки мебояст аз беалафиву беобӣ ва гармову реги биёбон. Ва дар се-чаҳор марҳала, ки бурида омад[9], довариҳои фоҳиш[10] рафт миёни ҳама аснофи лашкар дар манзил бардоштан[11] ва алафу сутуру хӯрданӣ ва дигар чизҳо. Ва он довариҳоро аъёни

---

[1] ҳукми ҳол – тақозои вақту замон.
[2] ҳарс – кишт, киштзор; насл – зоду фарзанд, нажод.
[3] яъне, ба қадре харобӣ карданду ҳама чизро аз байн бурданд, ки як зарраи гиёҳро ба як сиккаи тилло намешуд харид.
[4] хурда мардум – мардуми табақаи пойин.
[5] мукошафат – низоъи ошкор.
[6] таъриз – бо киноя сухан гуфтан; тасреҳ – кушоду равшан баён кардан.
[7] соиқ – савқдиҳанда, баранда, кашонанда.
[8] он нодира – он иттифоқе нодир, манзур шикасти Ғазнавиён аз Салҷуқиён дар Дандонақон аст.
[9] паймуда шуд.
[10] довариҳои фоҳиш – низоъҳои ошкори зишт.
[11] манозил бардоштан – манзил ва марҳилаҳо паймудан.

ҳашам, ки мураттаб буданд дар қалб ва дар майманаву майсара ва дигар мавозеъ таскин медоданд[1] ва чунонки бояст аз он боло гирифта буд[2] фурӯ нанишаст ва рӯзе, балки ҳар соате қавитар мебуд, то фулон[3] рӯз, ки намози дигар аз фулон манзил бардоштем, то фулон ҷое фуруд оем, фавҷе аз мухолифон бар атрофи регҳои биёбон пайдо омаданд ва дарпариданду нек шухӣ карданду[4] хостанд, ки чизе рабоянд, ҳашам, эшонро нек боз молиданд, то ба муроде нарасиданд. Ва он дастовез то намози шом бидошт, ки лашкар ба таъбия мерафт ва муқораъату[5] кӯшиш мебуд, аммо ҷанге қавӣ бапой намешуд, чунонки бояст ба сари синон менаёмаданд ва муқотала намебуд, ки агар мардумон коре ба ҷиддтар пеш мегирифтанд, муборизони лашкар ба ҳар ҷонибе мухолифон медаррамиданд. Ва шабро фулон ҷой фуруд омадем, халале науфтода ва номдоре кам ношуда ва он чӣ бибояст сохта шуд аз дарроҷа[6] ва талеъа то дари шаб ва торикии нодирае наяфтод. Ва дигар рӯз ҳам бар ин ҷумла рафт ва ба Марв наздик расидем.

Рӯзи севвум бо лашкари сохтатар ва табъияи тамом ала-р-расми фӣ мислиҳо[7] ҳаракат карда омад. Ва роҳбарон гуфта буданд, ки чун аз қалъаи Дандонақон бигзашта шавад бар як фарсанг, ки рафтанд, оби равон аст. Ва ҳаракат карда омад ва чун ба ҳисори Дандонақон расидем вақти чоштгоҳи фаррох чоҳҳо, ки бар дари ҳисор буд, мухолифон бианбошта буданд ва кӯр карда, то мумкин нагардад он ҷо фуруд омадан. Ва мардумони Дандонақон аз ҳисор овоз доданд, ки дар ҳисор панҷ чоҳ аст, ки лашкарро оби тамом диҳад ва агар фуруд оем, чоҳҳое, ки беруни ҳисор аст, низ сар боз кунанд ва оби тамом бошад ва халале наяфтад. Ва рӯз сахт гарм истода буд[8], савоб ҷуз фуруд омадан набуд, аммо мебояст, ки тақдири фароз омада[9] кори хеш бикунад, аз он ҷо бирондем, як фарсанге гаронтар ҷуйҳои хушк ва ғуфҷ[10] пеш омад ва роҳбарон мутаҳаййир гаштанд, ки

---

[1] яъне, он низоъҳоро лашкариёне, ки дар миёни лашкар ва дар росту чап буданд, оромиш мебахшанд.

[2] шояд манзури муаллиф он аст, ки оташ боло гирифта буд.

[3] зикри калимаи фулон барои он аст, ки муаллиф рӯнавишти номаро барои намуна нақл мекунад.

[4] дарпариданду нек шухӣ карданд – яъне ба сӯйи мо ҳуҷум карда бисёр густохӣ карданд.

[5] муқораъат – вокуфтани далерон якдигарро (Луғатномаи Деҳхудо).

[6] дарроҷа – яке аз олоти ҷанги қадим, ки сипоҳиён дар паноҳи он ба тарафи душман ҳамла мекарданд.

[7] тибқи маъмул ва марсум дар мавориди назири он.

[8] яъне, ҳаво бисёр гарм буд.

[9] тақдири фароз омада – сарнавишти бар сари мо расида.

[10] ғуфҷ – ҷойи амиқ, чоҳ, ҳавзҳои кӯчак.

пиндоштанд он ҷо об аст, ки ба ҳеч рӯзгор он ҷуйҳоро касе беоб ёд надошт.

Чун об набуд, мардум тарсиданд ва низоми ростиҳода бигусаст ва аз чаҳор ҷониб мухолифон неру карданд сахт қавӣ, чунонки хоҷат омад, ки мо ба тани хеш аз қалби пеши кор рафтем. Ҳамлаҳо ба неру рафт аз ҷониби мо ва андеша чунон буд, ки курдусҳои[1] майманаву майсара бар ҷойи хеш аст ва хабар набуд, ки фавҷе аз ғуломони саройӣ, ки бар уштурон буданд, ба зер омаданду сутури ҳар кас, ки меёфтанд мерабуданд, то барнишинанду пеши кор оянд. Лаҷоҷи он сутур ситадан ва якдигарро пиёда кардан ба ҷойгоҳе расид, ки дар якдигар уфтоданд ва марокизи хеш холӣ монданд ва хасмон он фурсатро ба ғанимат гирифтанду ҳоле саъб бияфтод, ки аз дарёфти он чӣ раъйи мо ва раъйи номдорон оҷиз монданд ва ба хасмон ночор олатеву таҷамулле, ки буд, мебояст, гузошту бирафт ва мухолифон бад-он машғул гаштанд.

Ва мо бирондем як фарсанге, то ба ҳавзи бузурги оби истода расидем ва ҷумла авлиёву ҳашам аз бародарону фарзандону номдорону фармонбурдорон он ҷо расиданд дар замони саломат, чунонки ҳеч номдореро халале наяфтод. Ва бар мо ишорат карданд, ки набояд рафт, ки ин ҳолро дар натавон ёфт[2]. Моро ин раъй, ки диданд, носавоб наёмад, бирондем. Ва рӯзи ҳаштум ба қасабаи Ғарҷистон омадем ва он ҷо ду рӯз муқом кардем, то ғуломону ҷумлаи лашкар даррасиданд, чунонки ҳеч мазкур[3] вопас намонд ва касоне, ки монданд аз пиёдагони даргоҳ ва хурда мардум, ки эшонро номе нест. Ва аз Ғарҷистон бар роҳи работи Базӣ[4] ва ҷиболи Ҳироту ҷониби Ғур ба ҳисори Булаббос Булҳасани Халаф омадем, ки вай яке аст аз бандагони давлат ва муқаддамони Ғур ва он ҷо осоиш буд се рӯз ва аз он ҷо бад-ин работ омадем, ки бар шаш ва ҳафт манзилии Ғазнин аст.

Ва раъй чунон иқтизо кард, ки сӯйи Хон – ҳарчанд дилмашғул гардад, – ин нома фармуда ояд, ки чигунагии ҳол аз мо бихонад, некӯтар аз он бошад, ки ба хабар бишнавад, ки шакк нест, ки мухолифон лофҳо зананд ва ин корро узме[5] ниҳанд, ки ин халлал аз лашкари мо уфтод, то чунон нодира бояст дид. Ва агар дар аҷал таъхир аст[6], ба фазли Эзид, азза зикруҳу ва неку сунъу тавфиқи вай

---

[1] курдус – дастае аз саворон, бахшҳое аз сипоҳ дар майдони набард.
[2] дар натавон ёфт – ҷуброн наметавон кард.
[3] мазкур – афроде, ки номашон гирифта мешавад, машҳур ва маъруф.
[4] Базӣ номи работ, ки барои пазироии корвонсаройҳо буд, дар баъзе нусхаҳо Барӣ ва Пазӣ зикр шуда.
[5] узм – азамат.
[6] яъне, агар умре боқӣ бошад.

ин ҳолҳо дарёфта ояд. Хон ба ҳукми хираду таҷориби рӯзгор, ки андар он ягона аст, донад, ки то ҷаҳон будааст, мулуку лашкарҳоро чунин ҳол пеш омадааст. Ва Муҳаммади Мустафоро, саллаллоҳу алайҳи, аз кофирони Қурайш рӯзи Уҳуд[1] он нокомӣ пеш омад ва нубуввати ӯро зиёне надошт ва пас аз он ба муроде тамом расид. Ва ҳаққ ҳамеша ҳаққ бошад ва бо хасмон дар ҳол агар боде чаҳад, рӯзе чанд дертар нишинад, ки мо қутбем, биҳамдиллоҳ дар садри мулкему бар иқбол ва фарзандону ҷумла авлиёву ҳашам, насараҳумуллоҳ[2], ба саломатанд ин халалҳоро зуд дар тавон ёфт, ки чандон олату уддат ҳаст, ки муқаррар аст ҳеҷ ҳазркунанда[3] ба шумору адди[4] он натавонад расид, хосса, ки дӯсте ва мушорике[5] дорем чун Хон ва муқаррар аст, ки ҳеч чиз аз лашкару мард аз мо дареғ надорад ва агар илтимос кунем, ки ба нафси хеш ранҷа бошад, аз мо дареғ надорад, то ин ғазозат[6] аз рӯзгори мо дур кунад ва ранҷ нашмарад. Эзид азза зикруҳу моро ба дӯстию якдилии вай барҳӯрдор кунод биманниҳи ва фазлиҳи.

Ва ин нома бо рикобдори мусриъ[7] фиристода омад ва чун дар замони саломат ба Ғазнин расем, аз он ҷо расуле номзад кунем аз муътамадони маҷлис ва дар ин маъонӣ гушодатар сухане гӯем ва он чӣ ниҳоданист[8], ниҳода ояду гуфтанӣ гуфта шавад. Ва мунтазирем ҷавоби ин номаро, ки ба зудӣ боз расад, то раъй ва эътиқоди Хонро дар ин корҳо бидонем, то дӯстӣ тоза гардад ва либоси шодӣ пӯшем ва мар онро аз аъзами мавоҳиб[9] шумарем, би изниллоҳи азза ва ҷалла».

Ва дар он рӯзгор, ки ба Ғазнин боз омадем бо Амир ва касро дил намонда буд аз саъбии ин ҳодиса ва худ бас бақо набуд ин подшоҳи бузургро, раҳматуллоҳи алайҳи, ман мехостам, ки чунин, ки ин номаро набиштам ба узри ин ҳолу ин ҳазимат[10] дар маърази хубтар берун овардам. Фозиле байте чанд шеър гуфтӣ, то ҳам назм будӣ ва ҳам наср. Касро наёфтам аз шуарои аср, ки дар ин бист сол

---

[1] ишора ба ғазви Уҳуд, ки 26-уми марти соли 625 байни лашкари Пайғамбар ва куффори Қурайш бо роҳбарии Абусуфён рух дода, дар он Қурайш бар лашкари Ислом аввалин ва охирин пирӯзиро ба даст оварданд, ба мусалмонон хисороти зиёд ворид карданд, аз ҷумла амаки он ҳазрат Ҳамзаро ба шаҳодат расонданд.

[2] насраҳумуллоҳ – Худованд ёрияшон диҳад.

[3] ҳазркунанда – баровардкунанда, тахминзананда.

[4] адд – шумурдан, теъдод.

[5] мушорик – шарик, анбоз.

[6] ғазозат – хорӣ, нуқсон.

[7] рикобдори мусриъ – саворкори шитобанда.

[8] ниҳоданӣ – қарордод.

[9] мавоҳиб – бахшиш.

[10] ҳазимат – шикаст.

буданд андар ин давлат, ки бихостам, то акнун, ки ин таърих ин ҷо расонидам, аз фақеҳ Буҳанифа[1], аййадаҳуллоҳ[2], бихостам ва вай бигуфту сахт некӯ гуфт ва бифиристод ва куллу хайрин индано мин индиҳи[3]. Ва кори ин фозил бар ин бинамонад ва фоли ман кай хато кунад?[4] Ва инак дар муддате наздик аз давлати худованд Султон Абулмузаффар Иброҳим[5], атолаллоҳу бақоаҳу ва иноятиолии вай чандин тарбият ёфт ва силатҳои гарон истад ва шуғли ишрофи Тарнак[6] бад-ӯ муфавваз[7] шуд ва ба чашми хурд ба Тарнак набояд нигарист, ки нахуст вилояти Хоразмшоҳ Олтунтош буд, раҳматуллоҳи алайҳи. Ва қасида ин аст:

Шоҳ чу барканд дил зи базму гулистон,
Осон орад ба чанг мамлакат, осон.
Ваҳшӣ чизест мулку донам аз он ин,
К-ӯ нашавад ҳеч гуна баста ба инсон.
Бандаш адл аст, чун ба адл бубандиш,
Унсе гардад, дигар ҳама шавадаш сон.
Ихвон з-ихвон ба хайлу адд нафиребад,
Йавма ҳунайн изо аҷабтакум[8] бархон.
Ихвон бисёр дар ҷаҳону чун шамс,
Ҳам дилу ҳам пушт ман надидам з-ихвон.
Исо омад сабук ба чашми аду з-онк,
Теғ нахост аз фалак чу хост ҳамхон.
Кист, ки гӯяд туро магар нахӯрӣ май?
Мехӯру доди тараб зи мастон бистон!
Шир хӯру ончунон махӯр, ки ба охар,
З-ӯ нашикебӣ чу ширхора зи пистон!
Шоҳ чӣ донад, ки чист хӯрдану хуфтан –
Ин ҳама донанд кӯдакони дабистон!
Шоҳ чу дар кори хеш бошад бедор,

---

[1] Буҳанифа – Абуҳанифаи Искофӣ, фақеҳ ва донишманди машҳури асри XI, муосири Абулфазли Байҳақӣ ва Султон Иброҳими Ғазнавӣ будааст, Искоф ноҳияе буд дар наздикии Наҳравон, байни Бағдоду Восит. Буҳанифаи Искофӣ маснади тадрис низ дошта, бе музд дарси адабу илм медод. Байҳақӣ пас аз дидор бо Искофӣ мегӯяд, ки камтарин фазлаш шоирӣ буд.

[2] Худованд ӯро неру ва қувват диҳад.

[3] ва ҳар хайру хубӣ, ки назди мост аз они ӯст.

[4] пешбинии ман хато намешавад.

[5] Султон Иброҳим – амири ғазнавӣ, ки солҳои 1059 – 1099 ҳукумат кардааст.

[6] Тарнак – водие дар ноҳияи Буст.

[7] муфавваз – вогузор.

[8] Ишора ба ояи 25-уми сураи Тавба, ки дар он аз достони ҷанги Ҳунайн ёдовар мешавад: Худо шумо мусалмононро дар мавоқеъи бисёр сахту душвор ёрӣ кард ва низ дар ҷанги Ҳунайн, ки фирефта ва мағрури бисёрии лашкари ислом шудед ва он лашкари зиёда аслан ба кори шумо наёмад ва замини бад-он фарохӣ ба шумо танг шуд, то ҳама рӯ ба фирор ниҳодед.

Баста адуро барад зи боғ ба зиндон.
Мор бувад душману ба кандани дандон-ш,
З-ӯ машав эмин, агар-т бояд дандон!
Аз аду он гоҳ кун ҳазар, ки шавад дӯст,
В-аз муғ тарс, он замон, ки гашт мусалмон!
Номаи неъмат зи шукр унвон дорад,
Битавон донист ҳашви нома[1] зи унвон.
Шоҳ чу бар худ қабои уҷб[2] кунад рост,
Хасм бидаррад-ш то банди гиребон!
Ғарра нагардад ба иззи пилу аморӣ[3],
Ҳар ки бидааст, зулли[4] аштару полон.
Марди ҳунарпеша худ набошад сокин,
К-аз пайи коре шудаст гардуни гардон!
Чанг чунон дар занад дар тани хусрав,
Чун бишиносад, ки чист ҳол тану ҷон!
Маъмун он к-аз мулуки давлати ислом,
Ҳаргиз чун ӯ надид тозиву деҳқон[5].
Ҷуббае аз хазз[6] бидошт бар тан чандон-к,
Судаву фарсуда гашт бар вайю хулқон[7].
Мар нудаморо аз он фузун тааҷҷуб,
Карданд аз вай суол аз сабаби он.
Гуфт: зи шоҳон ҳадис монад боқӣ,
Дар Арабу дар Аҷам, на тузиву каттон[8].
Шоҳ чу бар хаззу баз[9] нишинаду хусбад,
Бар тани ӯ бас гарон намояд хафтон[10].
Мулке к-онро ба диръ[11] гириву зубин,
Додаш натвон ба оби ҳавзу ба райҳон!
Чун дили лашкар малик нигоҳ надорад,
Даргаҳи айвон чунонки даргаҳи майдон!
Кор чу пеш оядаш ба майдон ногаҳ,

---

[1] ҳашви нома – муҳтавои нома.
[2] уҷб – худписандӣ, ҳавобаландӣ.
[3] аморӣ – маҳмиле, ки бар пушти фил ё шутур мебанданд ва дар он менишинанд; ҳавдаҷ, маҳд, каҷова
[4] зул – хорӣ; муқобили изз – тавоноӣ, иззат.
[5] тозӣ – араб; деҳқон ё деҳгон яке аз номҳои халқи тоҷик (эронӣ) дар асрҳои IX-XI. Фирдавсӣ мегӯяд:
На деҳқон, на турку на тозӣ бувад, Суханҳо ба кирдор бозӣ бувад.
[6] хазз – ҷомаи абрешимин; номи як ҳайвон, ки аз пӯсти он пӯстин созанд.
[7] хулқон – кӯҳна, фарсуда.
[8] тузӣ – порчае, ки дар шаҳри Туз мебофтанд; каттон – порчае, ки аз гиёҳ (каттон) мебофанд.
[9] базз – ҷома, газвор.
[10] ҳафтон – қисме ҷомаи кажоганд, ки ба ҳангоми ҷанг мепӯшанд.
[11] диръ – зиреҳ, либоси ҷанг, ки аз тунука ё ҳалқаҳои оҳан тайёр мекарданд.

Хорӣ бинад зи хоркардаи айвон.
Гачӣ шавад лашкарӣ ба сим қавидил,
Охир дилгармие бибояд-ш аз хон!
Дор накӯ мар пизишкро гаҳи суҳбат,
Т-от накӯ дорад ӯ ба доруву дармон.
Хоҳӣ, то бошӣ эмин аз бади акрон[1],
Рӯй зи Қуръон матобу гӯй зи Қуръон!
Зуҳд муқаййяд[2] ба дину илм ба тоъат,
Мачд муқайяд ба чуду шеър ба девон.
Халқ ба сурат қавию хулқ ба сират,
Дин ба сарират қавию мулк ба султон!
Шоҳи ҳунарпеша мири мирон Масъуд,
Баста саъодат ҳамеша бо вай паймон.
Ай ба ту ороста ҳамеша замона,
Рост бад-он сон, ки боғ дар маҳи найсон![3]
Роде[4] гар даъвати нубувват созад,
Беҳ зи кафи ту наёфт хоҳад бурҳон.
Қуввати исломрову нусрати ҳаққро,
Ҳоҷати пайғамбариву ҳуҷҷати имон!
Дасти қавӣ дориву забони сухангӯй,
З-ин ду яке дошт ёр Мусии Имрон[5].
Шукри Худовандро, ки боз бидидам,
Неъмати дидори ту дар ин хуррам айвон!
Чун ба саломат ба дори мулк расидӣ,
Бок надорем, агар бимирад баҳмон!
Дар масал аст он, ки чун ба чой бувад сар,
Нояд мар кам мардро забунии аркон[6].
Рост на имрӯз шуд Хуросон з-ин сон,
Буд чунин то ҳамеша буд Хуросон.
Мулки Худои чаҳон зи мулки ту беш аст,
Бештар аст аз чаҳон, на инак вайрон?[7]
Душмани ту гар ба чанг рахти ту бигрифт,
Дев гирифт аз нахуст тахти Сулаймон[1].

---

[1] акрон – чамъи қарин, ҳамрадифон.
[2] муқаййяд – гирифтор, побанд, вобаста.
[3] найсон – моҳи дувуми баҳорӣ дар тақвими сурёнӣ.
[4] род – сахӣ, карим, чавонмард.
[5] Имрон – номи падари Мусо пайғамбар.
[6] маънои байт: агар сар, ки узви аслӣ бар тан аст бимонад, заъфи дигар андомҳоро метавон дармон кард.
[7] барои тасаллои Амир Масъуд, ки дар набарди Дандонақон аз туркманҳо шикаст хӯрда буд, шоир мегӯяд, ки чаҳон, мулки Худост ва аз подшоҳии ғазнавӣ бузургтар аст, аммо имрӯз бештари қисмати он хароб аст.

В-ар ту зи хасмони хеш ранҷа шудӣ низ,
Муштарӣ онак на ранҷа гашт зи Кайвон[2]?!
Борон к-он раҳмати Худои ҷаҳон аст,
Соиқ гардад ҳаме василати борон.
Аз мо бар мост, чун нигоҳ кунӣ нек,
Дар табару дар дарахту оҳану суҳон.
Кор зи сар гиру асбу теғ дигар соз,
Хосса ки пайдо шуд аз баҳор зимистон.
Дил чу кунӣ рост, бо сипоҳи раъийят,
Оядат аз як раҳӣ ду Рустами Дастон!
З-он ки туйӣ саййиди мулуки замона,
З-он ки туро бигзид аз ҳама Яздон!
Шеру наҳангу уқоб з-ин хабари бад,
Хира шуданд андар обу қаъри биёбон.
Кас накунад эътиқод бар караҳи хеш,
То накунӣ шон зи хуни душман меҳмон.
Гар париву одамӣ дижам[3] шуд з-ин ҳол,
Нояд касро аҷаб зи ҷумлаи ҳайвон.
Май нахӯрад лола баргу абр нахандад,
То надиҳӣ ҳар дуро з-ин пас фармон.
Хусрави Эрон туйиву будиву бошӣ,
Гарчӣ фурудаст ғарра гашт ба исён!
К-инак ба ҷанги Худо шуд ба ҷаҳолат,
Тираш дар хун заданд аз пайи хизлон.
Фиръавн он рӯз ғарқа шуд, ки бахондан,
Нил бишуд чанд гоме аз пайи Ҳомон[4]!
Қоидаи мулки носириву йаминӣ[5],
Муҳкамтар з-он шинос дар ҳама кайҳон.
К-охир з-ин ҳавли захми теғи заҳирӣ[6],
Ба тани хаста раванд ҷумлаи хасмон!
Гар натавонад кашид асб туро низ,
Пил кашад мар туро чу Рустами Дастон!

---

[1] ишора ба достоне, ки бар асоси он дев ангуштарии Сулаймон пайғамбарро рабуда ба мулки Сулаймон мусаллат гашт, вале ба сабаби нопокдилӣ коре натавонист кард ва ба амри Худованд ангуштарӣ боз ба Сулаймон баргашт.

[2] яъне Кайвон (Зуҳал), ки сайёраи наҳс шумурда мешавад, ба сайёраи Муштарӣ (Ҳурмуз, Юпитер), ки мунаҷҷимон онро муборак медонанд, газанд мерасонад.

[3] дижам – андуҳгин.

[4] Ҳомон – вазири Фиръавн; мувофиқи ривоят дар ҷараёни ғарқ шудани Фиръавн Ҳомон дар оғоз дуъое хонд, ки Нил чанд гом ақаб нишаст, вале баъд Фиръавну Ҳомонро ғарқ кард.

[5] носирӣ – лақаби Масъуд; Йаминӣ – лақаби Маҳмуд.

[6] заҳирӣ – ишора ба лақаби Масъуд – Заҳири халифатуллоҳ.

Гар гунаҳе кард чокарият на аз қасд,
Кардаш гетӣ ба нону ҷома гарвагон.
Гар бипазирӣ, равост узри замона,
З-он ки шудаст ӯ зи феъли хеш пушаймон!
Луълуи хӯшоб баҳри мулк ту дорӣ,
То дигарон ҷон кананд аз пайи марҷон!
Афсари заррин турову давлати бедор,
В-он ки туро душман аст бадсаги каҳдон.
Гул зи ту чун бӯйи хеш боз надорад,
Кард чӣ бояд ҳадиси хори Муғилон!
Беҳ, ки бад-он дил ба шуғл боз надорад,
К-ин сухан андар ҷаҳон намонад пинҳон.
Ҳарбу сахояст дар дам чун ричолест,
К-он хиҷил аст сояро додани савон.
Шеър нагӯям, чу гӯям, эйдун гӯям,
Карда музаммин[1] ҳама ба ҳикмати Луқмон.
Пайдо бошад, ки худ нагӯям дар шеър,
Аз хату аз холу зулфу чашмаки хубон.
Ман, ки мадеҳи Амир гӯям бетамаъ,
Мира[2] чӣ донам, чӣ бошад андар ду ҷаҳон.
Ҳимматаке ҳаст ҳам дар ин сар чун гӯй,
З-он ба ҷавонӣ шудаст пуштам чавгон.
Шоҳо, дар умри ту фузуд Худованд,
Ҳар чӣ дар ин роҳ шуд зи сози ту нуқсон!
Ҷуз ба мадҳи ту дам наёрам зад з-онк,
Ном ҳаме боядам, ки ёфтаам нон!
То ба фалак бар ҳаметобад хуршед,
Рост чу дар обгири зарринпингон[3].
Шод ҳаме бошу симу зар ҳамепош,
Мулк ҳамедору амру наҳй ҳаме рон!
Рӯят бояд, ки сурх бошаду сарсабз,
К-охир гардад аду ба теғи ту қурбон!

Ин сухан дароз мешавад, аммо аз чунин суханон бо чандон санъат ва маънӣ коғаз тоҷе мурассаъ бар сар ниҳод. Ва дареғ мардуми фозил, ки бимирад ва дер зиёд ин озодмард. Ва чун аз ин фориғ шудам, инак ба сари таърих боз шудам. Ва-л-лоҳу-л мусаҳҳилу би ҳавлиҳи ва тавлиҳи[4] .

[1] музаммин тазминкарда ва чизеро дар тайи чизе оварда.
[2] мира - хору бор, озуқа
[3] пингон – коса, ҷом; муарраби он финҷон мебошад.
[4] ва Худованд осонгардонандаи душвориҳост ба тавоноӣ ва фазли худ!

Ва пеш, то Амир, разияллоҳу анҳу, ҳаракат кард аз работи Карвон[1] муътамаде бирасид аз они кутвол Буалӣ ва ду чатри сиёҳ ва аломати сиёҳ ва найзаҳои хурд ҳама дар ғилоф дебои сиёҳ биёвард бо маҳди пилу маҳди астар ва олати дигар, ки ин ҳама бишуда буд ва бисёр ҷомаи нобурида ба ҳавоиҷ ва ҳар чизе аз ҷиҳати хеш фиристода. Ва ба зарурат ба мавқеи хуб уфтод ин хидмат, ки кард. Ва волидаи Амир ва Ҳурраи Хуттолӣ ва дигар аммоту хоҳарону холагон, ҳамчунин муътамадон фиристода буданд бо бисёр чиз. Ва авлиёву ҳашаму аснофи лашкарро низ касони эшон ҳар чизе бифиристоданд, ки сахт бенаво буданд.

Ва мардуми Ғазнин ба хидмати истиқбол меомаданд ва Амир, разияллоҳу анҳу, чун хиҷиле[2] буд, ки ба ҳеч рӯзгор омадани подшоҳ ва лашкар ба Ғазнин бар ин ҷумла набуда буд, йафъалу-л-лоҳу мо йашоу ва йаҳкуму мо йурид[3]. Ва Амир дар Ғазнин омад, рӯзи шанбе, ҳафтуми шаввол[4] ва ба кушк нузул кард.

Ва дили вай хуш мекарданд, ки аҳволи ҷаҳон яксон нест ва то сар ба ҷой аст, халалҳоро дарёфт бошад[5]. Аммо чунон набуд, ки вай надонист, ки чӣ уфтода аст, ки дар роҳи Ғур, ки меомад як рӯз ин подшоҳ меронд ва қавм бо вай чун Булҳасани Абдулҷалил ва солори ғозиён Абдуллоҳи Қаротагину дигарон. Ва Булҳасан ва ин солор сухани нигорин дар пайвастанду мегуфтанд, ки «Ин чунин ҳоле бирафт нодира, бияфтод на аз ҷалодати[6] хасмон, балки аз қазои омада ва ҳолҳои дигар, ки пӯшида нест ва чун худованд дар замони саломат ба дорулмулк расид, корҳо аз лавне дигар битавон сохт, ки инак Абдуллоҳи Қаротагин мегӯяд, ки агар худованд фармояд, вай ба Ҳиндустон равад ва даҳ ҳазор пиёдаи гузида орад, ки ҷаҳонеро басанда бошад ва савори бисёр орад ва сохта аз ин ҷо қасди хасмон карда ояд, ки сомони ҷанги эшон шинохта омад, то ин халал зоил гардад». Ва аз ин гуна сухан мегуфтанд ҳам Булҳасан ва ҳам Абдуллоҳ.

Амир рӯй ба Хоҷа Абдураззоқ карду гуфт: «Ин чӣ ҳавас аст, ки эшон мегӯянд, ба Марв гирифтем ва ҳам ба Марв аз даст бирафт». Ва сухани подшоҳон сабуку хурд набошад, хосса аз инчунин подшоҳ, ки ягонаи рӯзгор буд. Ва вай бад-ин сухани Марв он хост,

---

[1] Карвон – работ ё шаҳре бар сарҳади Гузгонон.

[2] ончунон шармсоре.

[3] тарҷ: Худо ҳукм кунад он чӣ хоҳад (бахше аз ояи 27 сураи Иброҳим); Худо ҳукм кунад он чӣ ирода фармояд (бахше аз ояи 1 сураи Моида).

[4] баробар бо 21 июни соли 1040-и милодӣ.

[5] яъне, то вақте ки инсон намурдааст зафъҳову харобиҳоро метавонад ҷуброн кунад.

[6] ҷалодат – чобукӣ, далерӣ.

ки падари мо – Амири мозӣ мулки Хуросон ба Марв ёфт, ки Сомониёнро бизад ва Хуросон ин ҷо аз дасти мо бишуд. Ва ин қисса ҳам чунин нодира уфтод ва мо аъҷаба аҳвола-д-дунё[1], ки Амири мозӣ омада буд, то кори Ироқу Рай дар уҳдаи Амир Масъуд биниҳаду боз гардад ва ҷояш бо амирии Хуросон Амир Муҳаммадро бошад ва Эзид, азза зикруҳу, на чунон хост ва хилофи он воҷиб дошт. Ва ин қисса набиштам, то ҳар касе бидонад, ки ин аҳвол чун буд, то хонандагонро фоида ба ҳосил ояд, ки аҳволи таърихи гузашта аҳли ҳақоиқро маълум бошад ва ман ночор дар тасниф кори хеш мекунам. Ва-л-лоҳу аъламу биссавоб.

Қиссаи Амир Мансури Нуҳи Сомонӣ

Чунон хондам дар ахбори Сомониён, ки чун Амир Нуҳ ибни Мансур[2] гузашта шуд ба Бухоро, писараш, ки валиаҳд буд, Абулҳориси Мансурро[3] бар тахти мулк нишонданд ва авлиёву ҳашам бар вай биёромиданд ва сахт некӯрую шуҷоъу сухангӯй ҷавоне буд, аммо одате дошт ҳавл, чунонки ҳамагон аз вай битарсидандӣ. Ва нишастани вай ба ҷойи падар дар рачаби санаи сабъа ва самонина ва сулса миа[4] буд. Корро сахт некӯ забт кард ва сиёсате қавӣ намуд. Ва Бактузун[5] сипоҳсолор буд ба Нишобур ва бар хилофи Амир Маҳмуд. Ва Амир Маҳмуд ба Балх буд баристод накард[6] ӯро, ки Нишобур бар Бактузун яла кунад. Ва Амири Хуросон дили ҳарду нигоҳ медошт, аммо ҳимматаш бештар сӯйи Бактузун буд. Чун Амир Маҳмудро ин ҳол муқаррар гашт, сохтан гирифт, то қасди Бактузун кунад. Бактузун битарсиду ба Амири Хуросон бинолид ва вай аз Бухоро қасди Марв кард бо лашкарҳо ва Фоиқу-л-хосса[7] бо вай буд ва хостанд, то ин корро бар вачҳе биниҳанд, чунонки ҷанге ва мукошафате[8] набошад.

Рӯзе чанд ба Марв буданд, пас сӯйи Сарахс кашиданд ва Бактузун ба хидмати истиқбол бо лашкаре анбуҳ то он ҷо биёмад, наёфт амири Хуросонро чунонки раъйи ӯ буд, ки қиёси бештар сӯйи Амир Маҳмуд буд. Дар сирр Фоиқро гуфт, ки «Ин подшоҳ ҷавон

---

[1] тарҷ: чӣ шигифт аст аҳволи ин ҷаҳон.

[2] дар асл Нуҳи II ибни Мансур аст, ки солҳои 997 – 999 ҳукумат кардааст. Доктор Файёз таъкид мекунад, ки тасҳеҳи қиёсӣ аст ва ба ҷойи он дар матн Нуҳ ибни Мансур омадааст.

[3] Абулҳорис Мансури II ибни Нуҳ.

[4] баробар бо июл – августи соли 997.

[5] Бактузун – яке аз риҷоли низомӣ ва сиёсии авохири замони Сомониён.

[6] яъне бар Маҳмуд дуруст наёмад.

[7] Фоиқу-л-хосса – ғуломи Сомониён, ки ба дараҷаи баланди низомӣ ва вазифаи сиёсӣ расида, саранҷом бар зидди Сомониён исён кард.

[8] мукошафат- низоъи ошкор.

аст ва майл ба Амир Маҳмуд медорад, чандон аст, ки ӯ қавитар шуд[1], на ман монаму на ту». Фоиқ гуфт: «Ҳамчунин аст, ки ту гуфтӣ. Ин Амир мустахифф[2] аст ва ҳаққи хидмат намешиносад ва майли тамом дорад ба Маҳмуд ва эмин[3] нестам, ки марову туро ба дасти ӯ бидиҳад, чунонки падараш дод Буалии Симҷурро ба падари ин Амир Маҳмуд – Сабуктагин. Рӯзе маро гуфт: «Чиро лақаби туро «Ҷалил»[4] кардаанд ва ту на ҷалилӣ». Бактузун гуфт: «Раъйи дуруст он аст, ки дасти вай аз мулк кӯтоҳ кунем ва яке аз бародаронаш бинишонем». Фоиқ гуфт: «Сухани сахт некӯ гуфтӣ ва раъй ин аст». Ва ҳар ду ин корро бисохтанд.

Булҳарис[5] як рӯз барнишаст аз саройи раиси Сарахс, ки он ҷо фуруд омада буд ва ба шикор берун омад ва Фоиқу Бактузун ба каронаи Сарахс фуруд омада буданд ва хайма зада буданд. Чун бозгашт, бо ғуломе дувист буд, Бактузун гуфт: «Худованд нишот кунад, ки ба хаймаи банда фуруд ояд ва чизе хӯрад ва низ тадбире аст дар боби Маҳмуд». Гуфт: «Нек омад». Ва фуруд омад, аз ҷавониву камандешагӣ ва қазои омада. Чун бинишаст, ташвише дид, бадгумон гашту битарсид, дарсоат банд оварданду вайро бибастанд ва ин рӯзи чаҳоршанбе буд, дувоздаҳуми сафари санаи тисъа ва самонина ва сулса миа[6]. Ва пас аз он, ба як ҳафта милаш кашиданду ба Бухоро фиристоданд ва муддати вай[7] беш аз нуздаҳ моҳ набуд.

Ва Бактузуну Фоиқ чун ин кори саъб бикарданд, дар кашиданду[8] ба Марв омаданд ва Амир Абулфаворис Абдулмалик ибни Нуҳ[9] наздики эшон омад ва бериш[10] буду бар тахт нишаст. Ва мадори мулкро бар Садиди Лайс[11] ниҳоданд ва кор пеш гирифт ва сахт музтариб буду бохалал. Ва Булқосими Симҷур он ҷо омад бо лашкаре анбуҳ ва навохт ёфт. Ва чун ин ахбор ба Амир Маҳмуд расид, сахт хашмаш омад аз ҷиҳати Абулҳорис ва гуфт: «Ба Худо агар чашми ман бар Бактузун уфтад, ба дасти хеш чашмаш кур кунам». Ва даркашиду аз Ҳирот ба Марваррӯд омад бо лашкаре гарон ва дар баробари ин қавм фуруд омад чун шери ошуфта. Ва ба

---

[1] яъне, қавитар шавад.
[2] мустахифф – хоркунанда, сабукшумаранда.
[3] эмин, эйман.
[4] Ҷалил – бузург; лақаби Фоиқ.
[5] Мансури II ибни Нуҳ.
[6] соли 389, ки баробар аст бо 2 феврали соли 999-и милодӣ.
[7] айёми салтанати Мансури II ибни Нуҳ.
[8] дар кашиданд – ҳаракат карданд.
[9] Абдумалик ибни Нуҳ – охирин амири сомонӣ.
[10] бериш – хурдсол, ноболиғ.
[11] номи вазири Абдумалик; дар баъзе нусхаҳо Саъди Лайс омадааст.

якдигар наздиктар шуданд ва эҳтиёт бикарданд ҳар ду гурӯҳ ва расулон дар миён омаданд аз аркону қузот ва аиммаву фуқаҳо ва бисёр сухан рафт, то бар он қарор гирифт, ки Бактузун сипоҳсолори Хуросон бошад ва вилояти Нишобурро ӯро доданд бо дигар ҷойҳо, ки ба расми сипоҳсолор будааст. Ва вилояти Балху Ҳирот Амир Маҳмудро бошад ва бар ин аҳд карданду кор устувор карданд. Ва Амир Маҳмуд ба ин ризо дод ва моле бузург фармуд, то ба садақа бидоданд, ки бехунрезӣ чунин сулҳ уфтод. Ва рӯзи шанбе, чаҳор рӯз бокӣ монда аз ҷумодалулои санаи тисъа ва самонина ва сулса миа[1], Амир фармуд, то кӯс фурӯ кӯфтанд ва бародарро Амир Наср[2] бар соқа бидошту худ бирафт.

Доро ибни Қобус гуфт: «Садидиёну Ҳамидиён[3] ва дигар аснофи лашкарро, ки бузург ғабне буд, ки ин Маҳмудро ягонагӣ аз шумо бичаст, боре бираведу аз бунаи вай чизе бирабоед». Мардуми бисёр аз ҳирси зару ҷома бе фармон ва ризои муқаддамон битохтанд ва дар бунаи Амир Маҳмуду лашкар уфтоданд. Амир Наср чун чунон дид, мардвор пеш омаду ҷанг кард ва саворон фиристоду бародарро огоҳ кард. Ва Амир Маҳмуд дарсоат бигашт ва бironду дарниҳод[4] ва ин қавмро ҳазимат кард ва мебуд, то ду рӯз ҳазоҳиз уфтод дар лашкаргоҳ ва беш кас мар касро наистод[5] ва ҳар чӣ доштанд ба дасти Амир Маҳмуд ва лашкараш омад ва Амири Хуросон шикаставу беуддат ба Бухоро уфтод. Ва Амир Маҳмуд гуфт: «Ина-л-лоҳа ло йуғаййиру мо биқавмин ҳатто йуғаййиру мо бианфусиҳим[6]. Ин қавм бо мо сулҳу аҳд карданд, пас бишикастанд, Эзид, азза зикруҳу, написандиду моро бар эшон нусрат дод ва чун худовандзодаи хешро чунон қаҳр карданд, тавфиқ ва исмати хеш аз эшон дур кард ва мулку неъмат аз эшон бистаду ба мо дод».

Ва Фоиқ дар шаъбони ин сол фармон ёфт[7]. Ва Бактузун аз пеши Амир ба Бухоро гурехт ва Булқосими Симҷур ба зинҳор омад[8]. Ва аз

---

[1] соли 389, ки баробар аст бо 14 майи соли 999 -и милодӣ.

[2] Наср ибни Сабуктагин, яке аз бародарони Маҳмуд аст, ки пас аз амири Хуросон гаштани Маҳмуд сипоҳсолори Хуросон тайин гардид.

[3] Садидиён – аз номи лақаби Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ гирифта шудааст, тарафдорони ӯро садидиён мегуфтанд; Ҳамид – лақаби Нуҳ ибни Насри Сомонӣ, тарафдорони ӯро ҳамидиён мехонданд.

[4] яъне шамшеру теғ ниҳод.

[5] кас мар касро наистод – яъне, ҳар кас сари худ гирифту дар андешаи наҷоти худ шуд.

[6] Худованд (бо он ҳама мехрубонӣ ба халқ) ҳоли ҳеч қавмеро дигаргун нахоҳад кард, то замоне, ки худи он қавм сарнавишташонро тағйир диҳанд (бахше аз ояи 11, сураи Раъд).

[7] фармон ёфт – даргузашт, фавтид.

[8] зинҳор омад – амон хост.

дигар сӯй Илаг Булҳасан Насри Алӣ[1] аз Ӯзганд тохтан оварда дар ғурраи зилқаъдаи ин сол[2] ба Бухоро омад ва чунон намуд, ки ба тоъат ва ёрӣ омадааст. Ва пас як рӯз муғофаса Бактузунро бо бисёр муқаддам фурӯ гирифтанду банд карданд ва амири Хуросон рӯй пинҳон кард, бигирифтандаш бо ҳамаи бародарону хешон ва дар амориҳо сӯйи Ӯзганд бурданд ва давлати Оли Сомон ба поён омад ва Амир Маҳмуд ноандешида бад-он зудӣ амири Хуросон шуд.

Ва ин қисса ба поён расид, то муқаррар гардад маънии сухани Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу ва низ ибрате ҳосил шавад, к-аз чунин ҳикоятҳо фавоид пайдо ояд.

Ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, чун донист, ки ғам хӯрдан суд нахоҳад дошт, ба сари нишот боз шуд, валекин осори такаллуф[3] зоҳир буд. Ва Нӯштагини навбатиро озод кард ва аз сарой берун рафт ва бо духтари Арслони Ҷозиб фурӯ нишаст[4]. Ва пас аз он ӯро ба Буст фиристод бо лашкаре қавӣ аз савору пиёда, то он ҷо шиҳна бошад ва ҳаллу ақди[5] он навоҳӣ ҳама дар гардани ӯ кард. Ва ӯ бар он ҷониб рафт. Ва Масъуди Муҳаммади Лайсро ба расулӣ фиристод наздики Арслонхон бо номаҳову мушофаҳот дар маънии мадад ва мувофақату мусоадат. Ва вай аз Ғазнин бирафт ба роҳи Панҷҳир[6], рӯзи душанбе, бисту чаҳоруми шаввол.

Ва мулаттафаҳо расид муаммо[7] аз соҳиббариди Балх Амираки Байҳақӣ, тарҷума кардам[8], набишта буд, ки «Довуд он ҷо омад ба дари Балх бо лашкари гарон ва пиндошт, ки шаҳр бихоҳанд гузошт ва осон бад-ӯ хоҳанд дод. Банда ҳар кор устувор карда буд ва аз русто айёрон[9] оварда. Ва волии Хатлон шаҳрро холӣ гузошту биёмад, ки он ҷо натавонст буд, акнун даст яке кардаем[10]. Ва ҷанг аст ҳар рӯз, хасм ба мудоро ҷанг мекард, то расуле фиристод, то шаҳр бад-ӯ диҳему биравем, чун ҷавоби дурушт ва шамшер ёфт, навмед шуд. Агар раъйи худованд бинад, фавҷе лашкар бо

---

[1] Булҳасан Насри Алӣ – Наср ибни Алӣ, ки соли 999 Бухороро тасарруф кард (ваф. соли 1011).

[2] баробар бо июл – августи соли 999-и милодӣ.

[3] такаллуф – зоҳирсозӣ.

[4] фурӯ нишаст – эҳтимол меравад, ки манзури муаллиф издиҳоҷ кардани Масъуд аст.

[5] ҳаллу ақд – гушоду басти корҳо.

[6] Панҷҳир – номи шаҳре дар ҳудуди Балх. Яъқубӣ дар «ал-Булдон» онро ба сурати Банҷҳор навишта.

[7] муаммо – яъне номае, ки бо рамз навишта шудааст ва онро танҳо афроди хосс мехонданд.

[8] тарҷума кардам – яъне рамзи номаро кушодам.

[9] айёрон – гурӯҳе аз мардуми омма, ки бо ҷасуриву далерӣ маъруф буда, дар ҳангоми зарурат ба ҷанг мепардохтанд.

[10] ҳамдаст шудаем.

муқаддаме ҳушёр аз Ғазнин ин ҷо фиристода ояд, то ин шаҳрро бидорем, ки ҳамаи Хуросон дар ин шаҳр баста аст[1] ва агар мухолифон инро бигиранд, об[2] ба якборагӣ пок бишавад».

Амир бо вазиру ориз ва Бусаҳли Завзанӣ ва сипоҳсолору ҳоҷиби бузург холӣ кард ва мулаттафа бо эшон дар миён ниҳод. Гуфтанд: «Нек бидоштаанд он шаҳрро ва Амирак доштааст андар миёни чандин фатрат[3], ки уфтод. Ва лашкар бояд фиристод, магар Балх ба дасти мо бимонад, ки агар онро мухолифон бистаданд, Тирмизу Қубодиёну Тахористон бишавад». Вазир гуфт: «Амирак некӯ гуфтаасту набишта, аммо ин ҳол, ки Хуросонро уфтод, ҷуз ба ҳозирии худованд дар натавон ёфт ва бад-он, ки тане чанд чаҳор девореро нигоҳ доранд, кор рост нашавад, ки хасмонро мадад бошад ва бисёр мардуми муфсиду шаррҷӯю шаррхоҳ дар Балх ҳастанд ва Амиракро ҳеч мадад набошад. Банда он чӣ донист, бигуфт, раъйи олӣ бартар аст». Бусаҳли Завзанӣ гуфт: «Ман ҳам ин гӯям, ки Хоҷаи Бузург мегӯяд, Амирак мепиндорад, ки мардуми Балх ӯро мутеъ бошанд, чунонки пеш аз ин буданд. Ва агар он ҷо лашкаре фиристода ояд, кам аз ду ҳазор савор набояд, ки агар кам аз ин бошад, обрехтагӣ[4] бошад ва расул рафт наздики Арслонхон ва бандаро савоб он менамояд, ки дар чунин абвоб таваққуф бояд кард, то Хон чӣ кунад. Ва ин ҷо корҳо сохта мебояд кард ва агар эшон бичунбанду мувофақате намоянд, аз дил фуруд оянд ва лашкарҳо оранд, аз ин ҷо низ худованд ҳаракат кунаду лашкарҳо дар ҳам омезанд ва коре сара[5] биравад. Ва агар наёянд ва сухан нашнаванду ишва[6] гӯянд, он гоҳ ба ҳукми мушоҳадат кори хеш мебояд кард[7], аммо ин лашкар фиристодан, ки Балхро нигоҳ доранд, раво набошад». Сипоҳсолору ҳоҷиби бузург ва дигар ҳашам гуфтанд, ки: «Чунин аст, валекин аз фиристодани солоре бо фавҷе мардум зиён надорад ба сӯйи Тахористон, ки аз они мост. Агар мумкин гардад, ки Балхро забт тавонанд кард, кори сара бошад ва агар натавонанд, зиён набошад. Ва агар лашкар фиристода наёяд, ба тамомӣ навмед шаванд хуросониён аз ин давлат, ҳам лашкарӣ ва ҳам раъийят». Пас суханро бар он қарор доданд, ки Олтунтоши ҳоҷибро бо ҳазор савор аз ҳар дасте гусел карда ояд ба таъҷил.

---

[1] вобаста аст.
[2] об – обрӯ.
[3] фатрат – сустӣ, заъф.
[4] обрехтагӣ – обрӯрезӣ.
[5] кори сара – кори некӯву писандида.
[6] ишва – фиреб.
[7] яъне, вобаста ба вазъе, ки дида мешавад, қарор қабул мекунанд.

Ва бозгаштанду кори Олтунтош сохтан гирифтанд ба гармӣ ва вазиру оризу сипоҳсолору ҳоҷиби бузург менишастанду мардуми хиёраро[1] ном менабиштанду сими нақд медоданд, то лашкаре қавӣ сохта омад. Ва ҷавоб набишта будем Амиракро ба аскудор[2] ва чӣ бо қосидони мусриъ, ки «Инак лашкари қавӣ меояд бо солори номдор, дил қавӣ бояд дошт турову аҳли шаҳрро ва дигаронро ва дар нигоҳдошти шаҳр эҳтиёти тамом бикард, ки бар асари мулаттафа лашкаре аст». Ва рӯзи сешанбе, Амир бад-он қаср омад, ки баробари майдони Дашти Шобаҳор аст ва бинишаст ва ин лашкар таъбия карда бар вай бигузашт сахт ороста ва бо созу асбе нек. Ва Олтунтоши ҳоҷиб бо муқаддамон бар он хазроъ[3] омаданд, Амир гуфт: «Ба диле қавӣ биравед, ки бар асари шумо лашкари дигар фиристем бо солорону худ бар асар оем. Аз ин хасмон, ки инчунин коре рафт, на аз эшон рафт, балки аз он буд, ки қаҳт уфтод. Ва хони Туркистон хоҳад омад бо лашкари бисёр ва мо низ ҳаракат кунем, то ин корро дарёфта ояд. Ва шумо дил қавӣ доред ва чун ба Бағлон расидед, менигаред, агар муғофаса[4] дар шаҳри Балх тавонед шуд, эҳтиёти қавӣ кунеду биравед, то шаҳр бигиред ва мардуми шаҳру он лашкарро, ки он ҷост аз чашм уфтодан бар шумо дил қавӣ гардад ва дастҳо яке кунанд. Ва пас агар мумкин набошад он ҷо рафтан, ба Валволиҷ[5] раведу Тахористон забт кунед, то он чӣ фармуданист, шумоёнро фармуда ояд ва гӯш ба номаҳои Амираки Байҳақӣ доред». Гуфтанд: «Чунин кунем». Ва бирафтанд.

Ва Амир ба шароб бинишаст ва вазир маро бихонду гуфт: «Пайғоми ман бар Бусаҳл бар ва бигӯй, ки набинӣ, ки чӣ меравад? Хасме омада чун Довуд бо лашкари бисёр ва Балхро дарпечида[6] ва ба гуфтори дармондае севу чаҳор[7], ки ғурури эшонро бихӯрд, лашкаре дар бари кулоғ ниҳоданд[8], то бубинӣ, ки чӣ равад!» Биёмадаму бигуфтам. Ҷавоб дод, ки: «Ин кор аз ҳадд бигзашт ва ҷазмтар аз ин натвон гуфт, ки Хоҷаи Бузург гуфт. Ва ман ба тақвияти он шунидӣ, ки чӣ гуфтам ва бишнуда наёмад. Ин ҷо худ биёбони Сарахс нест ва ин тадбири вазорат акнун Булҳасани Абдуҷалил мекунад, то нигарем, ки чӣ пайдо ояд».

---

[1] хиёра – баргузида.
[2] аскудор – қосид, номабар.
[3] хазро – чамани боғ.
[4] муғофаса – ногаҳонӣ.
[5] Валволиҷ - шаҳре аз тавобеъи Бадахшон.
[6] дар печида – аз чанд самт муҳосира карда.
[7] дармондае се-чаҳор – се чор очиз.
[8] лашкаре дар бари кулоғ ниҳод – яъне, лашкареро муфт ҳалок кард, ба бод дод.

Ва рӯзи сешанбе, ҳафдаҳуми зилқаъда[1], Амир бар қалъат рафт ва кутвол мизбон буд, сахт некӯ коре сохта буданд ва ҳама қавмро ба хон фуруд оварданду шароб хӯрданд. Ва Амир сипоҳсолору ҳоҷиб Субоширо бинавохту некӯӣ гуфт ва намози пешин бозгаштанд ҳама қавм шодком ва Амир холӣ кард, чунонки он ҷо дер бимонд. Ва дигар рӯз – чаҳоршанбе, Амир бор дод бар қалъат ва мазолим кард. Ва пас аз мазолим халвате буд ва то чоштгоҳ бидошт. Амир гуфт: «Бипароганед, ки кутвол имрӯз ҳар чизе сохтааст». Сипоҳсолор берун омад, вайро ба сӯйи саройчае бурданд, ки дар он даҳлези саройи иморат асту хизона; он ҷо бинишонданд[2] ва Субошии ҳоҷибро ба саройчаи дигари хизона ва Багтуғдиро ба хона – саройи кутвол, то аз он ҷо ба хон раванд, ки дигар рӯз ҳамчунин карда буданд. Ва чун эшонро нишонда омад, дарсоат, чунонки ба шаб сохта буданд, пиёдагони қалъат бо муқаддамону хоҷибон бирафтанд ва саройи ин се кас фурӯ гирифтанд ва ҳамчунин ҳама пайвастагони эшон бигирифтанд, чунонки ҳеч кас аз даст бинашуд[3]. Ва Амир ин дар шаб рост карда буд бо кутвол ва Суриву Булҳасани Абдуҷалил, чунонки касе дигар бар ин воқиф набуд. Ва вазиру Бусаҳл пеши Амир буданд нишаста ва ману дигар дабирон дар он масҷиди даҳлез, ки девони рисолат он ҷо оранд, ба вақте, ки подшоҳон бар қалъат раванд, будем. Фарроше омаду маро бихонд, пеш рафтам, Суриро ёфтам истода бо Булҳасани Абдуҷалил ва Булаълои табиб. Амир маро гуфт: «Бо Сурӣ сӯйи Субошӣ ва Алии Доя рав, ки пайғомест сӯйи эшон, ту онро гӯш дору ҷавоби онро бишунав, ки туро мушриф кардем, то бо мо бигӯӣ». Ва Булҳасанро гуфт: «Ту бо Булаъло наздики Багтуғдӣ раведу пайғоми мо бо Багтуғдӣ бигӯед ва Булаъло мушриф бошад». Берун омадем ба ҷумла ва эшон сӯйи Багтуғдӣ рафтанд ва мо сӯйи ин ду тан.

Нахуст наздики Субошӣ рафтем, камаркаши[4] ӯ Ҳасан пеши ӯ буд, чун Суриро бидид, руйи сурхаш зард шуду бо вай чизе нагуфт ва маро табҷил[5] кард ва ман бинишастам. Рӯй ба ман кард, ки фармон чист? Гуфтам: «Пайғомест аз Султон, чунонки ӯ расонад ва ман мушрифам, то ҷавоб бурда ояд». Хушк шуд ва андешид замоне, пас гуфт: «Чӣ пайғом аст?» Ва камаркашро дур кард Сурӣ ва ӯ берун рафту бигирифтандаш. Сурӣ тӯморе[6] берун гирифт аз бари қабо ба

[1] баробар бо 30 июли соли 1040-и милодӣ.
[2] боздошт карданд.
[3] яъне, нарафт.
[4] камаркаш – яке аз ғуломоне, ки масъули нигоҳдории камарбанду шамшер ва ҳамоил буд.
[5] табҷил – бузургдошт, эҳтиром, ҳурмат.
[6] тӯмор – нома, мактуби дароз, номае, ки ба шакли лӯла печонда шуда бошад.

хатти Булҳасан, хиёнатҳои Субошӣ якон-якон[1] набишта, аз он рӯз боз, ки ӯро ба ҷанги туркмонон ба Хуросон фиристоданд, то ин вақт, ки воқеъаи Дандонақон уфтод ва ба охир гуфта, ки «Моро ба даст бидодиву қасд кардӣ, то маъзур шавӣ ба ҳазимати хеш». Субошӣ ҳама бишниду гуфт: «Ин ҳама имло ин мард кардааст, яъне Сурӣ, худованд-султонро бигӯй, ки ман ҷавон ин суратҳо[2] бидодаам, бад-он вақт, ки аз Ҳирот ба Ғазнин омадаам, худованд некӯ бишнуд ва муқаррар гашт, ки ҳама суратҳо, ки карда буданд, ботил аст ва ба лафзи олӣ рафт, ки «Даргузаштем, ки дурӯғ будааст» ва насазад аз ин пас, ки худованд ба сари ин боз шавад. Ва сурате, ки бастааст, ки ман қасд кардам, то ба Дандонақон он ҳол уфтад, худовандро маълум аст, ки ман ғадр[3] накардаму гуфтам, ки ба Марв набояд рафт. Ва маро сузиёне[4] намондааст, ки ҷое барояд. Агар ба нишонидани[5] ман кори ин мухолифон рост хоҳад шуд, ҷони сад чун ман фидойи фармони худованд бод. Ва чун ман бегуноҳам, чашм дорам, ки ба ҷони ман қасд набошад ва фарзанде, ки дорам дар сарой бароварда шавад, то зоеъ намонад». Ва бигирист, чунонки ҳолам сахт бипечид[6]. Ва Сурӣ мунозараи дурушт кард бо ӯ. Пас аз ин рӯзгоре ҳам дар ин ҳуҷра боз доштанд, чунонки оварда ояд ба ҷойи хеш. Ва аз он ҷо бирафтем ва Сурӣ маро дар роҳ гуфт: «Ҳеҷ тақсир кардам дар гузордани пайғом?» Гуфтам: «Накардӣ». Гуфт: «То ҳама боз гӯй». Гуфтам: «Сипос дорам».

Ва наздики сипоҳсолор рафтем, пушт ба сандуқе боз ниҳода ва либос аз хазинаи мулҳам[7] пӯшида, чун маро дид, гуфт: «Фармон чист?» Гуфтам: «Пайғоме додааст Султон ва ба хатти Булҳасани Абдулҷалил аст ва ман муширифам, то ҷавоб шунавам. Гуфт: биёред. Сурӣ тӯморе дигар бар вай хондан гирифт, чун ба охир расид, маро гуфт: «Бидонистам, ин муште жож[8] аст, ки Булҳасану дигарон набиштаанд аз гӯш буридани дар роҳ ва ҷуз ва ба даст бидодан[9]. Ва ба чизе, ки марост, тамаъ кардаанд, то бардошта ояд. Кор кори шумост. Султонро бигӯй, ки ман пир шудаам ва рӯзгори давлати

---

[1] якон-якон – як-як.
[2] суратҳо – гузориши дурӯғ, суханчинӣ ва иғвоангезӣ.
[3] ғадр – хиёнат.
[4] сузиён – мухаффаф (кӯтоҳкардашуда)-и суду зиён.
[5] нишондан – зиндонӣ кардан.
[6] ҳолам бад шуд, сахт ба ҳам хурд.
[7] хазинаи мулҳам – навъе аз ҷома, ки онро аз хаз ва тори абрешим бофта бошанд.
[8] жож – беҳуда; дар асл жож бунаи гиёҳест бемазза ва чун ҷавидани он кори абас аст, жожхоӣ ба киноя ба маънои беҳудагӯӣ ба кор рафтааст.
[9] бадаст бидодан – онтавре, ки қаблан гуфта шуд ба маънои ба душман супоридан истифода шудааст.

хеш бихӯрдаам ва пас аз Амир Маҳмуд то имрӯз зиёдат зистаам, фардо бинӣ, ки аз Булҳасан чӣ бинӣ! Ва Хуросон дар сари ин Сурӣ шудааст, боре бар Ғазнин дасташ мадеҳ!»[1] Бозгаштам. Сурӣ дар роҳ маро гуфт: «Ин ҳадиси ман бигзор»[2]. Гуфтам: «Натавонам хиёнат кардан». Гуфт: «Боре пеши вазир магӯй[3], ки бо ман бад аст ва шамотат кунад ва холӣ бояд кард бо Амир». Гуфтам: «Чунин кунам».

Ва наздики Амир омадам ва ҷавоби ин ду тан гуфта шуд, магар ин фасл[4] ва Булҳасану Буалаъло низ омаданд ва ҳам аз ин тарз ҷавоби Багтуғдӣ биёварданд ва ҳар ду фарзанд: писару духтарро ба Амир супурда ва гуфта, ки ӯро маза намондааст аз зиндагонӣ, ки чашму дасту пой надорад. Ва вазиру Бусаҳлу мо, ҷумла боз гаштем ва қавмро чумла боз гардониданду холӣ карданд, чунонки бар қалъат аз мардшумор дайёр намонд[5].

Ва дигар рӯз бор набуд. Ва намози дигар Амир аз қалъат ба кушки нав бозомад ва рӯзи одина бор доду дер бинишаст, ки шуғли солорон ва нақду коло ва сутурони боздоштагон пеш доштанд. Аз они Субошӣ чизе намеёфтанд, ки ба ду дафъат ғорат шуда буд, аммо аз они Алию Багтуғдӣ сахт бисёр меёфтанд. Наздики намози дигар Амир бархост. Ман бирафтаму Оғочиро гуфтам: «Ҳадисе дорам, холӣ»[6]. Маро пеш хонд, ман он нуктаи Сурӣ боз намудаму гуфтам: «Он рӯз аз он ба таъхир уфтод, ки Сурӣ чунину чунин гуфт». Амир гуфт: «Бидонистам ва рост чунин аст. Ту Суриро агар пурсад, чизе дигар гуй». Бозгаштам. Ва Сурӣ пурсид муғолата овардаму[7] гуфтам: «Амир гуфт, дармондагон муҳол[8] бисёр гӯянд».

Ва рӯзи чаҳоршанбе, панҷ рӯз монда буд аз зилқада[9], ду хилъати гаронмоя доданд Бадри Ҳоҷибро ва Артагини Ҳоҷибро; аз они Бадр ҳоҷиббузургӣ ва аз они Артагин солории ғуломон ва ба хонаҳо боз рафтанд. Ва эшонро ҳаққе некӯ гузорданд. Ва ҳар рӯз ба даргоҳ омадандӣ бо ҳашматеву уддате тамом.

---

[1] даст мадеҳ – тасаллут мадеҳ, яъне Хуросон ба сабаби ситами Сурӣ аз даст рафт, Ғазнинро ба ӯ мадеҳ.

[2] ин ҳадиси ман бигзор – яъне ҳарфҳоеро ки дар бораи ман (Сурӣ) гуфт (сипоҳсолор) ба Амир магӯ.

[3] ҳадди ақал дар ҳузури вазир магу.

[4] яъне, он сухане, ки сипоҳсолор (Алии Доя) дар бораи Сурӣ гуфта буд, ба Амир нагуфтам.

[5] яъне, аз касоне ки мард ва номовар шуморида мешуданд кас (дайёр) намонд.

[6] ҳадисе дорам холӣ – матлабе ҳаст, ки бояд дар халват гӯям.

[7] муғолата – ғалат дар сухан афкандан.

[8] муҳол – беҳуда, хато.

[9] баробар бо 8 августи соли 1040-и милодӣ.

Ва дар ин ҳафта Амир ба мушофаҳаву пайғом итоб кард бо Бусаҳли Завзанӣ ба ҳадиси Булфазли Курникӣ[1] ва гуфт: «Сабаби исёни ӯ ту будай, ки он чо соҳиббарид ноиби ту буд ва бо вай бисохту мутобақат кард[2] ва ҳоли ӯ ба ростӣ боз нанамуд ва чун касе дигар боз намудӣ, дар хуни он кас шудӣ. Ва ба ҳилат Булфазл ба даст омад, ту ва Булқосими Ҳасирӣ истодеду вайро аз дасти ман биситадед, то имрӯз бо туркмонон мукотабат пайваста кард ва чун ташвише уфтод ба Хуросон осӣ шуд ва ба чониби Буст қасд мекунад. Акнун ба Буст бояд рафт, ки Нӯштагини Навбатӣ онҷост бо лашкаре тамом, то шуғли ӯро ба салоҳ боз орӣ ба сулҳ ва ё ба ҷанг». Бусаҳл бисёр изтироб карду вазирро ёр гирифт ва шафиъон ангехт ва ҳарчанд беш гуфтанд, Амир ситеза бисёр кард[3], чунонки одати подшоҳон бошад дар коре, ки сахт шаванд. Ва вазир Бусаҳлро пӯшида гуфт: «Ин Султон на он аст, ки буд ва ҳеч надонам, то чӣ хоҳад уфтод. Лаҷоҷ макун ва тан дар деҳ[4]. Ва чун тавон донист, ки дар пардаи ғайб чист?» Асо ан такраҳу шайъан ва ҳува хайрун лакум[5]. Агар ба Буст нарафта будӣ ва Амир Муҳаммад бар ин подшоҳ даст ёфта ба Морикала[6] нахуст касе, ки миёни ӯ ба ду ним кардандӣ, Бусаҳл будӣ, ба ҳукми дандоне[7], ки бар вай дошт. Ва чун тан дар дод ба рафтан, маро халифати хеш кард ва тоза тавқеъе аз Амир биситад, ки андеша кард, ки набояд, ки дар ғайбати ӯ фасоде кунанд ба ҳадиси девон душманонаш. Ва ман мувозаъат набиштам дар маънии девону дабирон ва ҷавобҳо набишту мисолҳо дод. Ва бомдод Амирро бидиду ба забон навохтҳо ёфт. Ва аз Ғазнин бирафт рӯзи панҷшанбе, савуми зиҳиҷҷа ва ба каронаи шаҳр ба боғе фуруд омад. Ва ман он чо рафтам ва бо вай муаммо ниҳодам[8] ва пидруд кардаму бозгаштам.

Ва иди Азҳо фароз омад, Амир мисол дод, ки ҳеч такаллуфе набояд кард ба ҳадиси ғуломону пиёдаву ҳашам ва хон. Ва бар хазро аз бари майдон омад ва намози ид карданду расми қурбон ба ҷой оварданд, иде сахт оромидаву бемашғала[9] ва хон наниҳоданд ва

---

[1] мансуб ба шаҳри Курник, ки дар се фарсахии Систон воқеъ буд.
[2] мутобақат кард – ҳамроҳӣ кард.
[3] яъне, ситезаро зиёд кард, бар ситеза афзуд.
[4] яъне, сарсахтӣ макун ва ба он чӣ Султон мегӯяд, таслим шав.
[5] тарҷ: шояд, ки ту чизеро нохуш дорӣ ва он барои ту беҳтар бошад (бахше аз ояи 216 сураи Бақара).
[6] Морикала (дар «Зайну-л-ахбор» Моригала) – номи мавзеъе, ки байни Ғазнин ва Лоҳур ҷойгир буд, Амир Муҳаммад ва писаронаш дар ин макон бар Масъуд пирӯз гардида, ӯро ба қатл расониданд.
[7] ҳукми дандони – хашму қаҳр.
[8] муаммо ниҳодан – барои навиштан номаи рамзӣ рамзро муайян кардем.
[9] бемашғала – ором ва бесару садо.

қавмро ба ҷумла боз гардониданд. Ва мардумон онро ба фоли некӯ надоштанд. Ва мерафт чунин чизҳо, ки умраш ба поён наздик омада буд ва кас намедонист.

Ва рӯзи якшанбе, ду рӯз монда аз зиҳиҷҷа[1] аскудоре расид аз Дарбанди Шаквард[2], ҳалқа барафганда ва чанд ҷой бар дар зада. Онро бигшодам ва наздики намози пешин буд. Амир фуруди сарой холӣ кард, ҷиҳати хабари асукдор; набишта буд соҳиббариди Дарбанд, ки «Дар ин соат хабари ҳавл коре уфтод, банда инҳо нахост кард, то намози дигар бирафт, то мададе расад, ки андешид ароҷиф[3] бошад. Намози дигар мадад расид ва мулаттафае муаммо, аз они Амираки Байҳақӣ; банда фиристод, то бар он воқиф шуда ояд». Муаммо берун овардам, набишта буд «То хабар расид, ки ҳоҷиб Олтунтош аз Ғазнин бирафт, мани банда ҳар рӯзе як-ду қосид пеши ӯ берун мефиристодам ва он чӣ тоза мегашт аз ҳоли хасмон, ки мунҳиён менабиштанд, ӯро боз менамудаму мегуфтам, ки чун бояд омад ва эҳтиёт бар ин ҷумла бояд кард ва вай бар муҷиби он чӣ мехонд, кор мекард ва ба эҳтиёт меомад таъбия карда.

Рост, ки аз Бағлон бирафт ва ба душман наздиктар шуд, он эҳтиёт яла карданд[4] ва даст ба ғорат баргушоданд, чунонки раият ба фарёд омада ва ба таъҷил бирафтанду Довудро огоҳ карданд. Ва ӯ шунуда буд, ки аз Ғазнин солор меояду солор кист ва эҳтиёти кор бикарда буд, чун муқаррар гашт аз гуфтори раъийят; дарвақт ҳуҷҷатро ҳоҷибе[5] номзад кард бо шаш ҳазор савору чанд муқаддам пазираи Олтунтош фиристод ва мисол дод, ки чанд ҷой камин бояд кард ва бо саворе ду ҳазор хештанро намуд ва овезише[6] қавӣ карда. Пас пушт бидод[7], то эшон ба ҳирс аз паси пушт оянд ва аз камин бигзаранд, он гоҳ каминҳо бигшоянд[8] ва дуруя[9] дароянду кор[10] кунанд. Чун мулаттафаи мунҳӣ бирасид бар ин ҷумла, дарвақт[11] наздики Олтунтош фиристодаму набиштам, то эҳтиёт кунад; чун ба душман наздик шуданд, накарда буданд эҳтиёт, чунонки бояст кард

---

[1] баробар бо 8 сентябри соли 1040-и милодӣ.

[2] Дарбанди Шаквард – номи маконе, ки пажӯҳандагон натавонистаанд дар куҷо будани онро муайян кунанд.

[3] ароҷиф – хабарномаи нодуруст.

[4] раҳо карданд.

[5] шояд дар асл ҷангро (на ҳуҷҷатро) ҳоҷибе будааст (Ҳошияи нашри Ғанӣ ва Файёз).

[6] овезиш – даровехтан, даргирӣ.

[7] пас пушт бидод – яъне фирор кард

[8] аз камингоҳ берун омадан.

[9] дурӯя – аз ду тараф.

[10] яъне, корзор.

[11] дарвақт – фавран.

ба лашкаргоҳ, то халале бузург уфтод ва пас шабгир хасмон бад-ӯ расиданд ва даст ба ҷанг бурданду нек бикӯшиданд ва пас пушт бидоданд ва қавми мо аз ҳирси он, ки чизе рабоянд, ба дум тохтанд ва мардумони солор ба муқаддамон даст боз доштанд ва хасмон камингоҳ бигшоданду бисёр бикуштанду бигирифтанд бисёр ва Олтунтош овезон-овезон худро дар шаҳр афганд бо саворе дувист ва мо бандагон ӯро бо қавми ӯ, ки бо ӯ буданд, дилгарм кардем, то қароре пайдо омад ва надонем, ки ҳоли он лашкар чун шуд».

Номаи Дарбанд бо мулаттафаи муаммо бо тарҷума дар миёни руқъате ниҳодам назди Оғочӣ бурдам, фуруди сарой бурду дер бимонд, пас баромаду гуфт: «Мебихонад»[1]. Пеш рафтам, Амирро низ он рӯз иттифоқ дидам. Маро гуфт: «Ин кор ҳар рӯз печидатар аст ва ин дар шарт набуд[2], қалъат бар Амирак бод, номаш аз Балх боз буридаанд[3], лашкаре аз они мо ночиз кард[4]. Ин мулаттафаҳо он ҷо бар, наздики Хоҷа[5], то бар ин ҳол воқиф гардад ва бигӯй, ки раъйи дуруст он буд, ки Хоҷа дид, аммо моро ба мо нагузоранд[6]. Алии Доя ва Субошӣ ва Багтуғдӣ моро бар ин доштанд ва инак чунин хиёнатҳо аз эшон зоҳир мегардад. То Хоҷа нагӯяд, ки эшон бегуноҳ буданд». Наздики вай рафтам, мулаттафаҳо бихонду пайғом бишнид. Маро гуфт: «Ҳар рӯз аз ин якест. Ва албатта Султон аз ин истибдоду тадбири хато даст нахоҳад дошт. Акнун, ки чунин холҳо уфтод, сӯйи Амирак ҷавоб бояд набишт, то шаҳр нек нигоҳ дорад ва Олтунтошро дилгарм кард, то боре он ҳашам ба бод нашавад ва тадбире сохта ояд, то эшон хешро ба Тирмиз натавонанд афганд наздики кутвол Багтагини Чавгонӣ, ки бим аст, ки шаҳри Балху чандон мусалмонон паси руъунат[7] ва солории Амирак шаванд». Бозгаштаму бо Амир бигуфтам. Гуфт: «Ҳамчунин бибояд набишт». Набишта омад ва ҳам ба аскудор бирафт наздики кутвол Багтагин ва ҳам ба дасти қосидон. Ва пас аз ин фатрат Амир дил ба тамомӣ аз Ғазнин бардошт. Ва аҷалаш фароз омада буд, руъбеву фазаъе[8] дар дил афганда, то навмед гашт.

---

[1] яъне, амир туро даъват мекунад.

[2] расмаш ин набуд.

[3] қалъат бар Амирак… – Устод Файёз навиштаанд, ки эҳтимол дар асл ин ҷумла чунин будааст: «лаънат бар Амирак бод, нофаш гӯӣ бар Балх боз буриданд».

[4] нобуд карданд.

[5] Хоҷа – манзур вазир Аҳмади Абдуссамад аст.

[6] яъне, атрофиёни мо моро ба ҳоли худ намегузоранд, ки тасмими дуруст бигирем.

[7] руъунат – нодонӣ, беақлӣ

[8] тарсу бим

Санаи исно ва сулсина ва арбаъа миа[1]

Ва рӯзи одина, ғурраи ин моҳ буд[2] ва сари сол Амир пас аз бор халвате кард бо вазиру кутволу Бусаҳли Ҳамдавӣ ва оризу Булфатҳи Розию Бадри ҳоҷиби бузург ва Артагин – солори нав. Ва пардадори хосс бирафт ва худовандзода Амир Мавдудро боз хонд. Ва ҷаридаи девони арз боз хостанду биёварданд ва фаррош биёмаду маро гуфт: «Қоғазу давот бибояд овард». Бирафтам. Бинишонд. Ва то[3] Бусаҳл рафта буд, маро менишонданд дар маҷлиси мазолим ва ба чашми дигар менигарист. Пас оризро мисол дод ва номи муқаддамон мебурд ӯ ва Амир маро гуфт, то ду фавҷ менабиштам – яке ҷое ва яке дигар ҷой, то ҳашам бештар мустағрақ шуд[4], ки бар ҷониби Ҳайбон[5] бошад. Ва чун аз ин фориғ шудем, дабири саройиро бихонд ва биёмад бо ҷаридаи ғуломон; вай номзад мекарду ман менабиштам, ки ҳар ғуломе, ки он хиёратар буд, набишта омад Ҳайбонро ва он ғуломони хоссатару некӯрӯйтар хешро боз гирифт[6]. Чун аз ин ҳам фориғ шудем, руй ба вазир карду гуфт: «Олтунтошро чунин ҳоле пеш омад ва бо саворе чанд хештанро ба Балх афганд ва он лашкар, ки бо вай буданд, ҳарчанд зада шуданд ва он чӣ доштанд ба бод додаанд. Ночор ба ҳазрат оянд, то кори эшон сохта ояд. Фарзанд Мавдудро номзад хоҳем кард, то ба Ҳайбон равад ва он ҷо муқом кунад бо ин лашкарҳо, ки набишта омад ва ҳоҷиб Бадр бо вай равад ва Артагину ғуломон ва туро, ки Аҳмадӣ, пеши кор бояд истод ва ӯро кадхудое буд, то он лашкарҳо аз Балх наздики шумо оянду арз кунанд ва моли эшон ноиби ориз бидиҳад. Ва мо лашкарҳои дигарро кор месозему бар асари шумо мефиристем. Он гоҳ шумо бар муқаддамаи мо биравед ва мо бар асари шумо сохта биёему ин корро пеш гирифта ояд баҷиддтар, то он чӣ Эзид, азза зикруҳу, тақдир кардааст, мебошад. Боз гардеду корҳои хеш бисозед, ки он чӣ бибояд фармуд, мо шуморо мефармоем, он муддат, ки шуморо ин ҷо муқом бошад». Гуфтанд: «Фармонбурдорем!» Ва бозгаштанд.

Хоҷа ба девон рафту холӣ кард ва маро бихонду гуфт: «Боз ин чӣ ҳол аст, ки пеш гирифт?» Гуфтам: «Натавонам донист чигунагии ҳолу тадбире, ки дар дил дорад, аммо ин миқдор донам, ки то аз Амирак нома расидааст ба ҳодисаи Олтунтош, ҳоли ин худованд ҳама дигар шудааст ва навмедӣ сӯйи ӯ роҳ ёфта». Гуфт: «Чун ҳол бар

---

[1] соли 432 ҳичрии қамарӣ, ки баробар аст бо соли 1040 – 1041-и милодӣ

[2] баробар бо 11 сентябри соли 1040-и милодӣ

[3] аз замоне ки.

[4] фаро гирифт.

[5] Ҳайбон – дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ мавзеъе бо номи Ҳапён дар шимолии Кобул зикр шудааст, ки эҳтимол меравад, ин ҷо ҳамон мавзеъ бошад.

[6] яъне, барои худ нигаҳ дошт.

ин ҷумла аст, рӯй надорад, ки гӯям равам ё наравам, пайғоми ман бибояд дод». Гуфтам: «Фармонбурдорам». Гуфт: «Бигӯй, ки Аҳмад мегӯяд, ки худованд бандаро мисол дод, ки бо худовандзода ба Ҳайбон бояд рафт бо аъёну муқаддамон ва лашкарҳои дигар ба мо пайвандад. Ва инро нусхати дуруст ин аст, ки банда бидонад, ки вайро чӣ ҳаме бояд кард. Агар раъйи олӣ бинад, то банда мувозаъате бинависад ва он чӣ дар хостанист, дархоҳад, ки ин сафар нозуктар аст ба ҳукми он, ки худовандзода ва ин аъён бар муқаддама хоҳанд буд ва менамояд[1], ки худованд ба саъодат бар асари мо ҳаракат хоҳад кард ва фармон ӯро бошад ва бандагон фармонбурдоранд. Ва бар ҳар хидмат, ки фармуда ояд, то ҷон доранд, биистанд, аммо шарт нест, ки аз ин банда, ки вазири худованд аст, он чӣ дар дил аст, пӯшида доранд, ки банда шикастадил шавад. Ва агар раъйи худованд бинад[2], бо банда бигшояд, ки ғараз чист, то бар ҳасаби[3] он бишнавад, ки кор бояд сохт, то банда бар ҳукми мувозаъа кор мекунад ва худовандзодаву муқаддамони лашкар бар ҳукми фармон мераванд ва халале наяфтад ва бошад, ки бандагонро фармоне расад, ки ё сӯйи Балху Тахористон бояд рафт ба таъҷилтар ва ба ҳеч ҳол он вақт ба нома рост наёяд. Ва низ худовандзодаро шуғле бузург фармудааст ва халифатии худованду солории лашкар имрӯз хоҳад ёфт, воҷиб чунон кунад, ки олати вай аз ғуломон ва аз ҳар чизе, зиёдат аз они дигарон бошад. Ва вайро ночора кадхудое[4] бояд, ки шуғлҳои хоссаи вайро андеша дорад ва ин сухан фариза аст, то банда вайро ҳидоят кунад дар масолеҳи худовандзода».

Ман бирафтаму ин пайғом бидодам. Амир нек замоне андешид, пас гуфт: «Бираву Хоҷаро бихон!» Бирафтаму вайро бихондам, вазир биёмад. Оғоҷӣ вайро бурд ва Амир дар саройчаи боло, ки вай даррафт ва он се дар дошт ва сахт дер бимонд бар вай. Пас Оғоҷӣ биёмаду маро бихонд ва бо давоту коғаз пеш рафтам. Амир маро гуфт: «Ба хонаи Хоҷа рав ва бо вай холӣ бинишин, то он чӣ гуфтааму фармуда ӯ бигӯяд ва мувозаъа нависад, намози дигар бо хештан биёр, то ҷавобҳо набишта ояд. Он чӣ кунед ва аз вай шунавӣ, пӯшида бояд дошт». Гуфтам: «Чунин кунам!» Ва бозгаштам. Ва рафтам бо вазир ба хонаи вай ва чизе бихӯрдему биёсудем ва пас холӣ кард ва маро бихонд, бинишастам. Гуфт: «Бидону огоҳ бош, ки Амир сахт битарсидааст аз ин хасмон ва

[1] чунин ба назар мерасад.
[2] яъне, салоҳ бинад.
[3] мувофиқи.
[4] кадхудой – пешкор.

ҳарчанд бисёр таҷаллудҳо[1] додам, суд надошт ва магар қазоест ва ба вай расида, ки мо паси он наметавонем шуд. Ва чунон сурат бастааст ӯро, ки чун Олтунтошро ин ҳол уфтод, Довуд ночор сӯйи Ғазнин ояд. Ва бисёр бигуфтам, ки ин ҳаргиз набошад, ки аз Балх фориғ ношуда қасди ҷое дигар кунанд, хосса Ғазнин, албатта суд надошт». Ва гуфт: «Он чӣ ман донам, шумо надонед, бибояд сохт ва ба зудӣ сӯйи Парвону Ҳайбон рафт». Чунонки ба рӯйи кор дидам, чандон аст, ки ман он ҷо расидам, вай сӯйи Ҳиндустон хоҳад рафт. Ва аз ман пӯшида кард ва мегӯяд, ки «Ба Ғазнин хоҳем буд якчанде, он гоҳ бар асари шумо биёмад». Ва донам, ки наёяд. Ва муҳол буд истиқсо[2] зиёдат кардан. Ва фармудааст, то мувозаъат набишта ояд, то бар вай арза кунӣ ва ҷавоб набишта ва тавқеъ карда, боз расонӣ. Ва кадхудоийи худовандзода қарор гирифт бар домод Абулфатҳи Масъуд, ки шоистатар аст». Гуфтам: «Ихтиёре сахт некӯ кард ва иншоаллоҳ, ки ин кори вай ба салоҳ орад». Гуфт: «Тарсонам ман аз ин ҳолҳо». Ва мувозаъа ба хатти хеш набиштан гирифт ва замоне рӯзгор гирифт, то набишта омад ва ин худованд Хоҷа чизе буд дар ин абвоб ва он чӣ ӯ набиштӣ, чанд мард набиштӣ, ки кофитару дабиртари абнои аср буд[3] дар маънии он, ки худовандзодаро хидмат бар кадом андоза бояд кард ва вай ҳурмати банда бар чӣ ҷумла бояд, ки нигоҳ дорад ва дар маънии ғуломони саройӣ ва солори эшон фасле тамом ва дар маънии ҳоҷиби бузург ва дигар муқаддамони лашкар фасле ва дар боби рафтану фуруд омадан ва танассуми[4] ахбори хасмон фасле ва дар боби бистгонии лашкар ва исбот ва асқоти[5] ноиби девони арз фасле ва дар боби моли хизона ва ҷомае, ки бо эшон хоҳад буд фасле.

Мувозаъа бистадаму ба даргоҳ бурдам, Амирро ба забони ходим огоҳ кардам, ки мувозаъа овардам. Маро пеш хонду мисол дод, ки касеро бор набояд дод ва мувозаъа бистаду тааммул кард. Пас гуфт: «Ҷавобҳои инҳо бар чӣ ҷумла хоҳӣ набишт, ки шак нест, ки туро маълумтар бошад, ки Бунасри Мушкон дар чунин абвоб чӣ набиштӣ?» Гуфтам: «Маълум аст бандаро, агар раъйи олӣ бинад, ҷавоби мувозаъа банда нависад ва худованд ба хатти олӣ тавқеъ кунад». Гуфт: «Биншину ҳамин ҷо нусхат кун». Мувозаъа биситадам ва бинишастаму фусулро ҷавоб набиштаму бихондам. Амирро хуш омад ва чанд нукта тағйир фармуд, рост кардам бар он ҷумла, ки

[1] таҷаллуд – сабру тоқат кардан.
[2] истиқсо – кӯшиши бисёр кардан.
[3] яъне, Аҳмади Абдуссамад кордонтару нависандатари марди он рӯзгор буд.
[4] танассум – нафас кашиданд, бӯйидан; маҷозан хабар гирифтан.
[5] исбот – сабти ном дар дафтари лашкар; исқот – афкандан, андохтан аз дафтар, муқобили исбот.

бар лафзи вай рафт ва пас бар он қарор гирифт. Ва зери фусули мувозаъа набиштам ва Амир тавқеъ кард ва зери он ба хатти хеш бинабишт, ки: «Хоҷаи фозил, адомаллоҳу таъйидаҳу, бар ин ҷавобҳо, ки ба фармони мо бинабиштанд ва ба тавқеъ муаккад гашт, эътимод кунад ва кифояту муносаҳати[1] хеш дар ҳар бобе аз ин абвоб бинамояд, то муставҷиби иҳмод ва эътимод гардад, иншоаллоҳ. Ва мувозаъа ба ман доду гуфт бо вай муаммое ниҳам, то ҳар чӣ муҳимтар бошад аз ҳар ду ҷониб бад-он муаммо набишта ояд. Бигӯй, то Масъуди Рахузиро[2] имшаб бихонаду аз мо дилгарм кунаду умедҳо диҳад ва фардо ӯро ба даргоҳ орад бо хештан, то моро бубинад ва шуғли кадхудоийи фарзанд бад-ӯ муфавваз кунем ва бо хилъат боз гардад. Гуфтам: «Чунин кунам!»

Наздики вазир рафтам ва мувозаъа вайро додаму пайғом гузордам, сахт шод шуду гуфт: «Ранҷ дидӣ, ки имрӯз дар шуғли ман саъй кардӣ». Гуфтам: «Бандаам, кошкӣ коре ба ман рост шаваде». Ва оғоз кардам, ки биравам. Гуфт: «Бинишин, ин ҳадиси муаммо фаромуш кардӣ». Гуфтам: «Накардам фаромуш ва хостам, ки фардо пеш гирифта ояд, ки худовандро малол гирифта бошад». Гуфт: «Туро чизе биёмӯзам: нигар, то кори имрӯз ба фардо наяфганӣ, ки ҳар рӯзе, ки меояд, кори хеш меорад ва гуфтаанд, ки «на фардо шояд марди фардокор!» Гуфтам: «Дидору маҷлиси худованд ҳама фоида аст». Қалам бардошту бо мо муаммое ниҳод ғариб ва китобе аз раҳл[3] баргирифту онро бар пушти он набишт ва нусхате ба хатти худ ба ман дод. Ва ба туркӣ ғуломеро сухане гуфт, кисае сим ва зару ҷома оварду пеши ман ниҳод. Замин бӯса додаму гуфтам: «Худованд бандаро ин афв кунад». Гуфт, ки «ман дабирӣ кардаам, муҳол аст дабиронро ройгон шуғл фармудан». Гуфтам: «Фармон худовандрост». Ва бозгаштам. Ва симу ҷома ба каси ман доданд панҷ ҳазор дирам ва панҷ пора ҷома буд. Ва дигар рӯз Хоҷа Масъудро бо хештан оварду, барное меҳтарзодаву бахираду некӯрӯй ва зебо, аммо рӯзгорнодида ва гарму сард ночашида, ки барноёнро ночора гӯшмоли замона ва ҳаводис бибояд.

Ҳикояти Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холиди Бармакӣ

Дар ахбори хулафо чунон хондаам, ки Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холиди Бармакӣ ягонаи рӯзгор буд ба ҳама одоби сиёсату фазлу

---

[1] муносаҳат – панду насиҳатдиҳӣ ба ҳамдигар.

[2] Абулфатҳ Масъуд домоди вазир Аҳмади Абдуссамад буда, аз шаҳри Рахуз ё Рахаҷ дар Қандаҳори кунунӣ будааст (Зайн-ул-ахбор. Тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ).

[3] раҳл – лавҳи китобхонӣ, тахтаи салибшакл, ки китоб, махсусан Қуръонро ҳангоми хондан бар он ниҳанд.

адабу хираду хештандориву кифоят, то бад-он ҷойгоҳ, ки вайро дар рӯзгори вазорати падараш ал-вазира-с-сонӣ гуфтандӣ ва шуғл бештар вай рондӣ. Як рӯз ба маҷлиси мазолим нишаста буд ва қиссаҳо[1] мехонду ҷавоб менабишт, ки расм чунин буд; қариб ҳазор қисса буд, ки ҳама тавқеъ кард, ки дар фулон кор чунину чунин бояд кард ва дар фулон чунин ва охирин қисса туморе буд афзун аз сад хатти муқармат[2] ва ходиме хосс омада буд, то яла кунад[3], то беш[4] кор накунад. Ҷаъфар бар пушти он қисса набишт: йанзару фиҳо ва йуфъалу фи бобиҳо мо йуфъалу фи амсолиҳо[5]. Ва чун Ҷаъфар бархост, он қиссаҳо ба маҷлиси қазову вазорат ва аҳкому авқоф ва назру ҳароҷ бурданд ва тааммул карданд ва мардумон ба тааҷҷуб бимондандӣ ва Яҳёву падарашро таҳният гуфтанд. Ҷавоб дод: «Абуаҳмад, яъне Ҷаъфар, воҳиду замониҳи фи кулли шайъин мина-л-адаби илло иннаҳу муҳтоҷун ило миҳнатин туҳаззибуҳу»[6].

Ва ҳоли Хоҷа Масъуд, салламаҳуллоҳ[7], ҳамин буд, ки аз хона ва дабиристон пеши тахти мулук омад[8], лоҷарам дид аз замона он чӣ диду кашид он чи кашид, чунонки боз намоям дар ин тасниф ба ҷойи хеш. Ва имрӯз дар санаи иҳдо ва хамсина ва арбаъа миа[9] ба фармони худованди олам Султону-л муъаззам Абулмузаффар Иброҳим, атолаллоҳу бақоаҳу ва насара авлиёаҳу[10], ба хонаи хеш нишастааст, то он гоҳ, ки фармон бошад, ки боз пеши тахт ояд. Ва гуфтаанд, ки давлат афтону хезон бояд, ки пойдор бошад ва давлате, ки ҳамвора меравад бар мурод ва бе ҳеч кароҳият, ба як бор худовандаш бияфтад, наъузу биллоҳи мина-л идбори ва тақаллуби-л аҳволи[11].

Амир, разияллоҳу анҳу, бор дод ва вазиру аъён пеш рафтанд. Чун қарор гирифтанд, Хоҷа Масъудро пеш оварданд ва расми хидмат ба ҷой оварду биистод. Амир гуфт: «Туро ихтиёр кардем ба кадхудоийи фарзанд Мавдуд, ҳушёр бошу бар мисолҳо, ки Хоҷа

---

[1] қисса – шикоят ва арзи ҳол.
[2] муқармат – бо хати реза ва баҳам хеле зичу наздик навишташуда.
[3] яъне, озод кунад ӯро аз кор кардан.
[4] дигар.
[5] тарҷ: дар ин шикоят нигариста ва дар бораи он чун корҳои назираш иқдом кунанд.
[6] тарҷ: Абуаҳмад ягонаи рӯзгор дар ҳар чизе аз адаб аст, ҷуз он, ки ниёзманди озмудани душворӣ (бало) аст, ки ӯро пироста созад.
[7] Худованд ӯро ба саломат дорад.
[8] яъне, таҷрибаи кор надошт.
[9] соли 451, ки баробар аст бо соли 1059 – 1060-и милодӣ.
[10] Худованд зиндагонии вайро дароз гардонад ва дӯстони вайро пирӯзӣ ва нусрат диҳад.
[11] аз бадбахтӣ ва пушт додани давлат ва баргашту инқилоби аҳвол ба Худо паноҳ мебарам.

диҳад, кор кун». Масъуд гуфт: «Банда фармонбурдор аст». Ва замин бӯса доду бозгашт ва сахт некӯ ҳаққаш гузорданду ба хона бозрафт; як соат бибуд, пас ба наздики Амир Мавдуд омад ва ҳарчӣ вайро оварда буданд, он ҷо оварданд. Ва Амир Мавдуд ӯро бисёр бинавохт. Ва аз он ҷо ба хонаи вазир омад хусураш, вазир бо вай бисёр некӯӣ кард ва бозгардонид.

Ва рӯзи якшанбе, даҳуми моҳи муҳаррам[1], Амир Мавдуд вазиру Бадр ҳоҷиби бузургро ва Артагини солор ва дигаронро хилъатҳо доданд сахт фохир, чунонки ба ҳеч рӯзгор монанди он касе ёд надошт ва надода буданд чунин. Ва қавм пеш омаданду расми хидмат ба ҷой оварданд ва бозгаштанд. Амир Мавдудро ду пили нару мода ва духулу дабдаба доданд ва фарохӯри ин бисёр зиёдатҳо ва дигаронро ҳамчунин ва корҳо ба тамомӣ сохта шуд.

Ва рӯзи сешанбе, дувоздаҳуми ин моҳ, Амир, разияллоҳу анҳу, барнишасту ба Боғи Фирӯзӣ омад ва бар хазрои майдони зерин бинишаст ва он банову майдон имрӯз дигаргун шудааст, он вақт бар ҳоли хеш буд. Ва фармуда буд, то даъвате ботакаллуф сохта буданд ва ҳариса[2] ниҳода. Ва Амир Мавдуду вазир низ биёмаданду бинишастанд. Ва лашкар гузаштан гирифтанд ва нахуст кавкабаи Амир Мавдуд буд: чатру аломатҳои фарох ва ғуломе саду ҳафтод бо силоҳи тамом ва хайли вай ороста бо кавкабаи тамом, бар асари вай Артагини ҳоҷиб ва ғуломони Артагин ҳаштоду анд ва бар асари эшон ғуломони саройӣ фавҷе панҷоҳ ва сарҳанге бист пешрави эшон сахт ороста бо ҷанибатону ҷаммозагони бисёр ва бар асари эшон сарҳангони ороста, то ҳама бигзаштанд. Ва наздики намози пешин расида буд, Амир фарзандрову вазиррову ҳоҷиби бузург ва Артагину муқаддамонро фармуд, то ба хон бинишонданд ва худ бинишасту нон бихӯрданд ва ин қавм хидмати видоъ ба ҷой оварданду бирафтанд ва кона охира-л-аҳди би лиқои ҳоза-л малики[3], раҳматуллоҳи алайҳи.

Ва Амир пас аз рафтани эшон Абдулраззоқро гуфт: «Чӣ гӯйӣ, шаробе чанд пилпо[4] бихӯрем?» Гуфт: «Рӯзе чунин ва худованд шодкому худовандзода бар мурод бирафта бо вазиру аъён ва бо ин ҳама ҳариса хӯрда, шароб кадом рӯзро боз дорем?»[5] Амир гуфт:

---

[1] баробар бо 20 сентябри соли 1040-и милодӣ.

[2] ҳариса – таоме, ки аз гушт ва ҳубуб тартиб диҳанд.

[3] ин буд поёни дидори рӯзгор бо ин подшоҳ; Тавре маълум аст, Масъуд пас аз ин ба сӯйи Ҳиндустон роҳ пеш гирифта, дар роҳ бар асари як сӯйиқасд кушта мешавад. Ин қисмати достонро Байҳақӣ дар ҷилди даҳуми асар нақл кардааст, ки муттаассифона то ба замони мо нарасидааааст.

[4] пилпо – қадаҳи бузурги шаробхӯрӣ, ратли гарон.

[5] даст бикашем; яъне ҳоло беҳтар аст барои шаробнӯшӣ; Акнун накунам нишот кай хоҳам кард?

«Бетакаллуф бояд, ки ба дашт оему шароб ба Боғи Пирӯзӣ хӯрем». Ва бисёр шароб оварданд дарсоат. Аз майдон ба боғ рафт ва сотгинҳову[1] қаробаҳо[2] то панҷоҳ дар миёни саройча биниҳоданд ва сотгин равон сохтанд. Амир гуфт: «Адл нигоҳ доранд ва сотгинҳо баробар кунед, то ситам наравад». Ва пас равон карданд, сотигине ҳар як, ним ман[3] ва нишот боло гирифту мутрибон овоз баровардаанд. Булаҳасан панҷ бихӯрду ба шашум сипар бияфганд[4] ва ба сотгини ҳафтум аз ақл бишуд ва ба ҳаштум қазфаш[5] уфтод ва фаррошон бикашидандаш. Булаълои табиб дар панҷум сар пеш кард[6] ва бибурдандаш, Халили Довуд даҳ бихӯрд ва Сиё Пирӯз нуҳ ва ҳар дуро ба Кӯйи Дайламон бурданд, Бунаъим дувоздаҳ бихӯрду бигрехт ва Довуди Маймандӣ мастон уфтод ва мутрибону музҳикон[7] ҳама маст шуданду бигрехтанд, монд Султон ва Хоҷа Абдурраззоқ. Ва Хоҷа ҳаждаҳ бихӯрду хидмат кард рафтанро[8] ва бо Амир гуфт, ки агар беш аз ин диҳанд, адабу хирад аз банда дур кунад. Амир бихандиду дастурӣ дод[9]. Ва бархосту сахт боадаб бозгашт. Ва Амир пас аз ин мехӯрд ба нишот ва бисту ҳафт сотгини ним манӣ тамом шуд, бархосту обу ташт хосту мусаллои намоз ва даҳон бишусту намози пешин бикард ва намози дигар кард; ва чунон менамуд, ки шароб нахӯрдааст. Ва ин ҳама ба чашму дидори ман буд, ки Булфазлам. Ва Амир бар пил нишасту ба кушк рафт.

Ва рӯзи панҷшанбе, нуздаҳуми муҳаррам[10], Буалии Кутвол аз Ғазнин бо лашкаре қавӣ бирафт бар ҷониби Халаҷ[11] ки аз эшон фасодҳо рафта буд дар ғайбати Амир, то эшонро ба салоҳ орад, ба сулҳ ё ба ҷанг.

Ва пас аз рафтани вазир, Амир дар ҳар чизе ручуъ бо Бусаҳли Ҳамдавӣ мекарду вайро сахт кароҳият меомад[12] ва хештанро

---

[1] сотгин – қадаҳи калони шаробнӯшӣ.
[2] қароба – шиша, суроҳӣ, ҷом.
[3] ман – миқёси вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст, масалан мани Самарқанд – 8 пуд, мани Табрез қариб 3 кг аст ва дар истилоҳи шариъат як ман (мани шаръӣ) 180 мисқол (846 г) аст.
[4] сипар бияфганд – таслим шуд.
[5] қазф – қай кардан, партофтани таом.
[6] сар пеш кард – сараш пойин афтод, беҳуш шуд.
[7] музҳикон – масхарагарон, касоне, ки базлагӯй бошанд ва мардумонро бихандонанд.
[8] хидмат кард –яъне барои аз пеши Амир рафтан шарти адаб ва маросими заруриро ба ҷой оварад.
[9] иҷозат дод, ки биравад.
[10] баробар бо 29 сентябри соли 1040-и милодӣ.
[11] Халаҷ – номи як кабилаи турк, ки дар асри X бештар дар Заминдовар (наздики Систон) буданд.
[12] нописанд меомад.

мекашиду ҷониби вазирро нигоҳ медошт. Ва маро гувоҳ мекард бар ҳар халватеву тадбире, ки рафтӣ, ки ӯро макруҳ аст. Ва ман низ дар он муҳиммот мебудам. Ва кори дил бардоштан аз вилоят ва сустии раъй бад-он манзилат расид, ки як рӯз халвате кард бо Бусаҳл ва ман истода будам, гуфт: «Вилояти Балху Тахористон ба Буритагин[1] бояд дод, то ба лашкару ҳашами Моваройуннаҳр биёяд ва бо туркмонон ҷанг кунад». Бусаҳл гуфт: «Бо вазир дар ин боб сухан бибояд гуфт». Амир гуфт: «Бо вай меафганӣ, ки ӯ марде маъруф[2] аст?» Ва маро фармуд, то дар ин маҷлис маншуру номаҳо набиштам ва тавқеъ карду гуфт: «Рикобдореро бояд дод, то бибарад». Гуфтам: «Чунин кунам». Он гоҳ Бусаҳл гуфт: «Магар савоб бошад рикобдор наздики вазир раваду фармоне ҷазм[3] бошад, то ӯро гусел кунад». Гуфт: «Нек омад!» Ва набишта омад ба Хоҷаи Бузург, ки «Султон чунин чизҳои насавоб мефармояд, Хоҷа беҳтар донад, ки чӣ мефармояд». Ва маро гуфт: «Мақсуд он буд, ки аз хештан бегуноҳии ман аз ин халват ва раъйҳои нодуруст боз намойӣ». Муаммо набиштам ба Хоҷа ва аҳвол боз намудам ва рикобдореро гусел карда омад ва ба Хоҷа расид; Хоҷа рикобдорро ва маншуру номаро нигоҳ дошт, ки донист, ки носавоб аст ва ҷавоб набишт сӯйи ман ба аскудор.

Рӯзи душанбе, ғурраи сафар[4], Амир Эзидёр[5] аз Нағар[6] ба Ғазнин омад ва Амирро бидиду бозгашт. Ва дар шаб Амир Муҳаммадро оварда буданд аз қалъаи Нағар дар суҳбати ин худовандзода ва бар қалъати Ғазнин бурда ва Санкӯй – амири ҳарас[7], бар вай муваккал[8] буд. Чаҳор писарашро, ки ҳамроҳ оварда буданд, Аҳмаду Абдурраҳмону Амру Усмон, дар шаб бад-ин хазрои Боғи Пирӯзӣ фуруд оварданд.

Ва дигар рӯз Амир ба нишот шароб хӯрд аз пагоҳӣ ва вақти чоштгоҳ маро бихонду гуфт: «Пӯшида наздики фарзандони бардорам Муҳаммад рав ва эшонро савгандони гарон бидеҳ, ки дар хидмат рост бошанд ва мухолафат накунанд ва нек эҳтиёт кун ва чун аз ин фароғат уфтод, дили эшон аз мо гарм кун ва бигӯй, то хилъатҳо бипӯшанд ва ту наздики мо боз ойӣ, то писари Санкӯй

---

[1] Буритагин – яке аз пешвоёни Қарохониён, ки зикри ғоратгариҳои ӯ қаблан омад.

[2] доктор Файёз бар ин бовар аст, ки шояд дар асл «ҳарф» будааст, на «маъруф». Яъне, вазир бештар ҳарф мезанад ва камтар амал мекунад.

[3] ҷазм – устувор.

[4] баробар бо 11 октябри соли 1040-и милодӣ.

[5] Эзидёр – яке аз фарзандони Амир Масъуд буд.

[6] Нағар – шаҳре дар ҳудуди Синд, ки бо Ғазнин шаш рӯз роҳ фосила дошт.

[7] амири ҳарас – раиси нигаҳбон.

[8] муваккал – гумошта, таъйин кардашуда, касе, ки коре ба вай супурда шудааст.

эшонро дар саройе, ки рост кардаанд ба шористон фуруд оварад». Бирафтам то Боғи Пирӯзӣ бад-он хазрое, ки буданд ҳар яке карбоси халақ пӯшида ва ҳамагон мадҳушу дилшуда[1], пайғом бидодам ва бар замин уфтоданду сахт шод шуданд. Савгандонро нусхат кардам ва имону-л-байъа[2] буд, якон-якон онро бар забон ронданд ва хатҳои эшон зери он бистадам. Ва пас хилъатҳо биёварданд; қабоҳои сақлотуни қиматии мулавванот[3] ва дасторҳои қасаб[4] ва дар хона шуданду бипӯшиданд ва мӯзаҳои сурх. Берун омаданду барнишастанд ва асбони гаронмояву ситомҳои зар ва бирафтанд.

Ва ман наздики Амир омадам ва он чӣ рафта буд, бозгуфтам. Гуфт: «Нома навис ба бародари мо, ки чунину чунин фармудем дар боби фарзандони бародар ва эшонро ба хидмат орем ва пеши хеш нигоҳ дорем то ба хӯйи мо бароянд.[5] Ва фарзандони сарпӯшидаи хешро ба номи эшон кунем[6], то дониста ояд». Ва мухотаба «ал-амиру-л ҷалил ал-ах»[7] фармуд. Ва набишта омад ва тавқеъ кард ва писари Санкӯйро доду гуфт: «Наздики писарат фирист» ва ин бад-он кард, то ба ҷой наёранд, ки Муҳаммад бар қалъати Ғазнин аст. Ва дигар рӯз ин фарзандони бародар ҳам бо дасторҳо пеш омаданду хидмат карданд. Амир эшонро ба ҷомахона фиристод, то хилъат пӯшониданд: қабоҳои заррину кӯлоҳҳои чаҳорпар ва камарҳои ба зару асбони гаронмоя ва ҳар якеро ҳазор динор силату бист пора ҷома дод ва бад-он сарой боз рафтанд. Ва эшонро вакиле ба пой карданд[8] ва ротибае тамом номзад шуд[9]. Ва ҳар рӯз ду бор – бомдоду чоштгоҳ ба хидмат меомаданд. Ва ҳурра Гавҳар номзади Амир Аҳмад шуд ба оҷил[10], то он гоҳ, ки аз они дигарон номзад кунад ва ақди никоҳ бикарданд.

Ва пас аз ин пӯшидатар муътамадон фиристод, то ҷумла хазинаҳоро аз зару дирам ва ҷомаву ҷавоҳиру дигар анвоъ, ҳарчӣ ба Ғазнин буд, ҳамл кунанд ва кор сохтан гирифтанд. Ва пайғом

---

[1] дилшуда – беқарор.

[2] имону-л-байъа – савгандони паймон.

[3] сақлотун – порчаи абрешимии зардӯзӣ шуда, ки онро дар Бағдод мебофтанд; мулавван – рангоранг.

[4] қасаб – қисми порчаи зариф, ки аз катони танги нарм ё ҳарир мебофтанд (Фарҳанги Муъин).

[5] ба ахлоқи мо рушд кунанд.

[6] фарзандони сарпӯшидаи худро … – яъне, духтарони худ (Масъуд)-ро ба ҳамсарии писарони ту (Амир Муҳаммад) дароварем.

[7] мухотаба – унвони нома ва хутба; Амири бузург бародар. Яъне дар номаву муросилати расмӣ ҳар касро вобаста ба вазифаву рутбааш ном мебурданд.

[8] ба пой карданд – таъйин карданд.

[9] музду маош ва ҳуқуқу ҷоизаи комил пешниҳод шуд.

[10] зуд духтари Султон Масъуд Гавҳарро номзади Аҳмад – писари Амир Муҳаммад карданд.

фиристоданд ба ҳуррот: аммоту хоҳарон ва волидаву духтарон, ки «бисозед[1], то бо мо ба Ҳиндустон оед, чунонки ба Ғазнин ҳеч чиз намонад, ки шумоёнро бад-он дил машғул бошад» ва агар хостанду агар на, ҳама кор сохтан гирифтанд ва аз Ҳурраи Хутталӣ ва волидаи Султон дархостанд, то дар ин боб сухан гӯянд. Эшон гуфтанд ва ҷавоб шунуданд, ки «ҳар кас, ки хоҳад, ки ба дасти душман уфтад, ба Ғазнин бибояд буд», беш кас заҳра надошт, ки сухан гӯяд. Ва Амир уштурон тафриқ кардан гирифт[2]. Ва бештар аз рӯз бо Бумансури Муставфӣ холӣ доштӣ[3] дар ин боб. Ва уштур мебоист бисёр ва кам буд, аз бисёрии хазина.

Ва авлиёву ҳашам пӯшида бо ман мегуфтанд, ки «Ин чист?» Ва кас заҳра надоштӣ, ки сухан гуфтӣ. Рӯзе Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Булқосими Касир гуфтанд, боястӣ, ки вазир дар ин боб сухан гуфтӣ, ки хонда бошад аз номаи вакил[4]. Гуфтам: «Ӯ донаде, валекин натавонад набишт ба ибтидо, то он гоҳ, ки Амир бо вай бипароганад». Иттифоқо, дигар рӯз, нома фармуд ба вазир, ки «Азимат қарор гирифт, ки сӯйи Ҳиндустон равем ва ин зимистон ба Вайҳинду Мирманораву Паршавар[5] ва Кирӣ[6] ва он навоҳӣ карона кунем, бояд, ки шумо он ҷо бошед, то мо биравем ва ба Паршавар бирасем ва номаи мо ба шумо расад, он гоҳ ба Тахористон бираведу зимистон он ҷо бошед ва агар мумкин гардад, ба Балх равед, то мухолифонро аз по бияндозед».

Ин нома набишта омаду гусел карда шуд ва ман ба муаммо мусарраҳ бознамудам, ки «Ин худовандро коре ноуфтода, бишкӯҳидааст[7] ва то Лоҳур инон боз нахоҳад кашид ва номаҳо пӯшида рафт он ҷо, то кор бисозанд ва менамояд, ки ба Лоҳур ҳам боз наистад. Ва аз ҳурам ба Ғазнин наемонад ва на аз хазоин чизе. Ва ин авлиёву ҳашамро, ки ин ҷоанд дасту пой аз кор бишудааст ва мутаҳаййир мондаанд ва умеди ҳамагон ба Хоҷаи Бузург аст, зинҳору зинҳор то ин тадбири хаторо ба зудӣ дарёбад ва пӯст боз карда, бинависад, ки аз мо бар чанд манзил аст ва фарох битавон набишт, магар ин тадбири носавоб бигардад». Ва бо муҳташамони ҳазрат бигуфтам пӯшида, ки ба вазир нома фармуд чунину чунин набиштам ва муаммо аз хештан чунину чунин набиштам. Гуфтанд:

---

[1] бисозед – омода шавед.
[2] шутуронро байни атрофиён тақсим кард.
[3] хилват мекард.
[4] яъне, вакили дари вазир Аҳмади Абдуссамад.
[5] Вайҳинд, Мирманор, Паршавар – минтақаҳое дар ҳудуди Ҳиндустон.
[6] Кирӣ – минтақае дар домани кӯҳсори Коғон, дар соҳили дарёи Кунар; ҷое ки Амир Масъуд кушта шуд.
[7] коре ноуфтода – яъне, ҳанӯз чизе нашуда, сахт тарсидааст.

«Сахт некӯ иттифоқе уфтодааст, иншоаллоҳу таъоло, ки ин пири носеҳ номае мушаббаъ нависад ва ин худовандро бедор кунад».

Ҷавоби ин нома бирасид ва ал-ҳаққ суханҳои ҳавл боз намуда буд акфовор[1] ва ҳеч тир дар ҷаъба нагузошта[2] ва мусарраҳ бигуфта, ки «Агар худованд ҳаракат аз он мекунад, ки хасмон ба дари Балх ҷанг мекунанд, эшонро он заҳра набудааст, ки фаро шаҳр шаванд, ки мардуми мо чунон бар эшон чираанд, ки аз шаҳр берун меоянду бо эшон ҷанг мекунанд. Агар худованд фармон диҳад, бандагон бираванду мухолифонро аз он навоҳӣ дур кунанд. Худовандро ба Ҳиндустон чиро бояд буд? Ин зимистон дар Ғазнӣ бибошад, ки биҳамдиллоҳ, ҳеч аҷз нест, ки банда Буритагинро бар ин қавм оғолид[3] ва ӯ бихоҳад омад. Ва яқин бидонад, ки агар худованд ба Ҳиндустон равад ва ҳураму хазоин он ҷо бараду ин хабарҳо мунташир гардад ва ба дӯсту душман бирасад, оби ин давлати бузургвор рехта шавад, чунонки ҳама касро тамаъ зиёдат гардад. Ва низ бар ҳиндувон эътимод нест, ки чандон ҳураму хазоин ба замини эшон бояд бурд, сахт некӯкор набуда бошем, ба ростои ҳиндувон[4]. Ва дигар, бар ғуломон чӣ эътимод аст, ки худовандро хазоин дар саҳро бад-эшон бояд намуд? Ва худованд то ин ғоят чандон истибдод карду оқибати он дид ва ин раъйу истибдод кардан бар ҳама бигзашт. Ва агар худованд биравад, бандагон дилшикаста шаванд. Ва банда ин насиҳат бикарду ҳаққи неъмати худованд бигзорд ва аз гардани худ бияфганд. Ва раъй раъйи худовандрост».

Амир чун ин нома бихонд дар ҳол маро гуфт, ки «Ин мард хариф[5] шудааст надонад, ки чӣ мегӯяд». Ҷавоб навис, ки «Савоб ин аст, ки мо дидаем ва Хоҷа ба ҳукми шафақат он чӣ дид, боз намуд. Ва мунтазири фармони мо бояд буд, то он чӣ раъй воҷиб кунанд, фармуда ояд, ки он чӣ ман мебинам, шумо натвонед дид». Ҷавоб набишта омад ва ҳамагон ин бидонистанду навмед шуданд ва кори рафтан сохтан гирифтанд.

Ва Буалии Кутвол аз Халаҷ боз омад ва кор рост карда, рӯзи душанбе, ғурраи моҳи рабеъулаввал[6], пеши Амир омаду навохт ёфт ва бозгашт. Ва дигар рӯз танҳо бо вай халвате кард ва то намози пешин бидошт. Ва шунудам, ки шаҳру қалъат ва он навоҳӣ бад-ӯ

---

[1] акфовор – акфо ҷамъи куфв, монанд, ҳамто; яъне номаи вазир ба амир чун номаи ду ҳамрадиф буд.

[2] ҷаъба – тирдон; яъне ҳар тире, ки дар тирдони андеша дошт, афканд.

[3] оғолид – баршӯронидан, тезонидан.

[4] яъне, ба ҳиндувон чандон некӯӣ накардаем; мурод он аст, ки мулки онҳоро чанд бор ғорат кардаем.

[5] хариф – касе, ки ақлаш аз пирӣ суст шудааст.

[6] баробар бо 9 ноябри соли 1040-и милодӣ.

супурду гуфт: «Мо баҳоргоҳ боз хоҳем омад, нек эҳтиёт бояд кард, то дар шаҳр халале наяфтад, ки фарзанд Мавдуд ва вазир бо лашкари гарон бираванд, то ин зимистон худ ҳоли мухолифин чун гардад, он гоҳ баҳоргоҳ ин корро аз лавне дигар пеш гирем, ки ин зимистон толеъ хуб нест, ки ҳакимон ин ҳукм кардаанд». Кутвол гуфт: «Ҳараму хазоин ба қалъатҳои устувор ниҳодан магар[1] савобтар, ки ба саҳрои Ҳиндустон бурдан». Ҷавоб дод, ки савоб он аст, ки эшон бо мо бошанд. Кутвол гуфт, ки Эзид, азза зикруҳу, салоҳу хайру хубӣ бад-ин сафар мақрун[2] кунод ва бозгашт. Намози дигар аъёни лашкар наздики кутвол рафтанду бинишастанд ва маҷлисе дароз бикарданду ҳеч суд надошт ва Эзид, азза зикруҳуро дар ин ҳукмеву тақдирест пӯшида, то чӣ хоҳад буд? Гуфтанд: «Фардо санг бо сабӯй хоҳем зад[3], то чӣ падид ояд». Гуфт: «Ҳарчанд суд надорад ва заҷиртар[4] шавад, савоб омад».

Ва дигар рӯз Амир пас аз бор холӣ кард бо Мансури Муставфӣ, ки уштуре чанд дармебоист, то аз ҷой бартавон хост ва набуд[5] ва бад-ин сабаб заҷиртар мебуд. Ва ба даргоҳ аъён биёмаданд бо Булҳасани Абдуҷалил ва Хоҷа Абдурраззоқ нанишаст бо эшону гуфт: «Маро барги он нест, ки сухани нораво шунавам»[6] ва бозгашт. Ва ин қавм фуруди дари оҳанин бар он чаҳортоқ бинишастанду бар забони ман пайғом доданд, ки мо бо Султон ҳадисе дорем, раву бигӯй. Рафтам, Амирро дар он зимистонхона холӣ бо Бумансури Муставфӣ ёфтам, пайғом бидодам, гуфт: «Донам, ки муште ҳавас[7] овардаанд. Пайғоми эшон бишнаву биё, то бо ман бигӯйӣ».

Наздики эшон боз омадаму гуфтам: «Ар-роиду ло йакзибу аҳлаҳу[8], пайғоме ношунуда сухан бар ин ҷумла гуфт, ки муште ҳавас оварда бошанд». Гуфтанд: «Равост, аммо аз гардани хеш берун кунем». Ва даристоданду пайғоме дароз доданд, ҳам аз ин намат[9], ки вазир набишта буду низ гушодатар. Гуфтам, ки ман заҳра надорам, ки ин фусул бар ин вачҳ адо кунам, савоб он аст, ки бинависам, ки набиштаро ночор тамом бихонад. Гуфтанд: «Некӯ мегӯйӣ!» Қалам

---

[1] магар – шояд.
[2] мақрун – пайваста ва қарин.
[3] санг ва сабӯй хоҳем зад – хатар хоҳем кард; ҳамчунон мегӯянд: дил ба дарё хоҳем зад.
[4] заҷиратар –хашмгинтар.
[5] яъне, чанд шутури дигар барои бурдани бору буна лозим буд, ки надоштанд.
[6] яъне, ман тоқати душном шунидан надорам.
[7] мушти ҳавас – суханони ғалату беҳуда.
[8] тарҷ: раҳнамои корвон ба корвониён дурӯғ намегӯяд; (мисли ин сухан: корд дастаи хеш намебурад).
[9] намат – равиш.

бардоштаму сахт мушаббаъ[1] набишта омад ва эшон ёрӣ медоданд, пас хатҳо зери он набиштанд, ки ин пайғоми эшон аст. Ва пеш бурдам, бистад ва ду бор батаммул бихонду гуфт: «Агар мухолифон ин ҷо оянд, Булқосими Касир зар дорад, бидиҳаду ориз шавад ва Бусаҳли Ҳамдавӣ ҳам зар дорад, вазорат ёбад ва Тоҳиру Булҳасан[2] ҳамчунин. Маро савоб ин аст, ки мекунам, бибояд омад ва ин ҳадис кӯтоҳ мебояд кард». Биёмадаму он чӣ шунида будам, бигуфтам. Ҳамагон навмеду мутаҳаййир шуданд. Кутвол гуфт: «Маро чӣ гуфт?» Гуфтам: «Валлоҳи, ки ҳадиси ту накард». Бархостанду гуфтанд, ки он чӣ бар мо буд, бикардем, моро ин ҷо ҳадисе намонд. Ва бозгаштанд. Ва пас аз ин пайғом ба чаҳор рӯз ҳаракат кард.

Ва ин муҷаллад ба поён омад ва то ин ҷо таърих бирондам, рафтани ин подшоҳро, разияллоҳу анҳу, сӯйи Ҳиндустон ба ҷой мондам, то дар муҷаллади даҳум нахуст оғоз кунам ва ду боби Хоразму Ҷибол бironам ҳам то ин вақт, чунонки шарти таърих аст. Он гоҳ чун аз он фориғ шавам, ба қоидаи таърих бозгардам ва рафтани ин подшоҳ ба Ҳиндустон, то хотимати кораш бигӯяму бironам, иншоаллоҳу азза ва ҷалла.

[1] муфассал.
[2] мурод Тоҳири Муставфӣ ва Абулҳасани Абдуҷалил мебошанд.

МУҶАЛЛАДИ ДАҲУМ

Ва дар охири муҷаллади тосеъ[1] сухани рӯзгори Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, бад-он ҷойгоҳ расонидам, ки вай азимат дуруст кард[2] рафтан ба суйи Ҳиндустон ва то чаҳор рӯз бихост рафт ва муҷаллад бар-он хатм кардаму гуфтам дар ин муҷаллади ошир[3] нахуст ду боби Хоразму Рай биронам, ки Бусаҳли Ҳамдавӣ ва он қавми он ҷо ва бозгаштани он қавм ва вилоят аз дасти мо шудан[4]; ва Хоразм ва Олтунтош ва он вилоят аз чанги мо рафтан ба тамомӣ бигуям, то сиёқати[5] таърих рост бошад. Он гоҳ чун аз он фароғат уфтод, ба таърихи ин подшоҳ боз шавам ва ин чаҳор рӯз то охири умр бигӯям, ки андак мондааст.

Акнун оғоз кардам ин ду боб, ки дар ҳарду аҷоибу наводир сахт бисёр аст ва хирадмандон, ки дар ин тааммул кунанд, муқаррар гардад эшонро, ки ба ҷаҳду ҷидд одамӣ, агарчӣ бисёр уддату ҳашмату олат доранд, кор рост нашавад ва чун иноияти Эзид, ҷалла ҷалолуҳу, бошад, рост шавад. Ва чӣ буд аз он чӣ бояд подшоҳиро, ки Амир Масъуд, разияллоҳу анҳуро он набуд аз ҳашаму хидматкорону аъёни давлат ва худовандони шамшеру қалам ва лашкари беандозаву пилону сутури фаровону хизонаи бисёр. Аммо чун тақдир чунон буд, ки ӯ дар рӯзгори мулк бо дарду ғабн[6] бошад ва Раю Ҷиболу Хоразм аз дасти вай бишавад, чӣ тавонист кард, ҷуз сабру истислом[7], ки қазо чунин нест, ки одамӣ заҳра дорад, ки бо вай кӯшиш кунад? Ва ин подшоҳ тақсир накард, ҳарчанд мустабид ба раъйи хеш буд, шабу шабгир кард[8] ва кораш бинарафт, ки тақдир карда буд Эзид, азза зикруҳу, дар азалу-л-озол[9], ки Хуросон, чунонки боз намудам, ройгон аз дасти вай биравад ва Хоразму Раю Ҷибол ҳамчунин, чунонки инак боз хоҳем намуд. Валлоҳу аълам бис-савоб.

Зикри Хоразм

Хоразм вилоятест шабеҳи иклиме, ҳаштод дар ҳаштод, ва он ҷо манобир[10] бисёр ва ҳамеша ҳазрат[1] будааст алоҳида мулуки

---

[1] тосеъ – нуҳ, яъне ҷилди нуҳум.
[2] тасмим гирифт.
[3] ошир – даҳ, яъне ҷилди даҳум.
[4] аз дасти мо (Ғазнавиён) рафтан.
[5] сиёқат – тартиб, қоида, равиш.
[6] ғабн – зарар, зиён; дареғу афсус.
[7] истислом – ба чизе гардан ниҳодан.
[8] яъне, кӯшиши фаровон кард.
[9] азалу-л-озол – оғози оғозҳо, аввали авалҳо.
[10] мурод аз манобир масҷиди ҷомеъ аст, ки дар он хутба хонда мешуд; Бар асоси навиштаи муаррихону ҷуғрофинависон ар асрҳои X-XI танҳо дар шаҳрои бузург хутба хонда мешуд.

номдорро, чунонки дар китоби «Сияри мулуки Аҷам» мусаббат[2] аст, ки хешованде аз они Баҳроми Гӯр бад-он замин омад, ки сазовори мулки Аҷам буд ва бар он вилоят муставлӣ гашт. Ва ин ҳадис рост надоранд. Ва чун давлати Араб, ки ҳамеша бод, омаду русуми Аҷам ботил кард ва боло гирифт ба саййиди аввалину охирин, Муҳаммади Мустафо, алайҳиссалом, ҳамчунин Хоразм ҷудо буд, чунонки дар таворих пайдост, ки ҳамеша Хоразмро подшоҳе будааст муфрад ва он вилоят аз ҷумлаи Хуросон набудааст, ҳамчун Хатлону Чағониён. Ва ба рӯзгори Муъозиёну[3] Тоҳириён, чун лахте халал роҳ ёфт ба хилофати Аббосиён, ҳамчунин будааст Хоразм. Ва Маъмуниён гувоҳи адланд, ки ба рӯзгори мубораки Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, давлати эшон ба поён омад. Ва чун бар ин ҷумла аст, ҳоли ин вилоят, воҷиб дидам хутбае дар сари ин боб ниҳодан ва дар ахбору ривоёти нодири он сухане чанд рондан, чунонки хирадмандон онро фаро ситонанду рад накунанд.

Хутба

Чунон дон, ки мардумро ба дил мардум хонанд ва дил аз бишнудану дидан қавию заъиф гардад, ки то баду нек набинаду нашнавад шодиву ғам надонад андар ин ҷаҳон. Пас бояд донист, ки чашму гӯш дидабонону ҷосусони диланд, ки расонанд ба дил, он ки беҳ бинанду бишнаванд ва вайро он ба кор ояд, ки эшон бад-ӯ расонанд; ва дил аз он чӣ аз эшон ёфт, бар хирад, ки ҳокими адл аст арза кунад, то ҳаққ аз ботил ҷудо шавад ва он чӣ ба кор ояд, бардорад ва он чӣ наёяд, дур андозад; ва аз ин ҷиҳат аст, ҳирси мардум то он чӣ аз вай ғоиб аст ва надонистаасту нашнуда аст, бидонаду бишнавад аз аҳволу ахбори рузгор, чӣ он чӣ гузаштааст ва чӣ он чӣ наёмадааст. Ва гузаштаро ба ранҷ тавон ёфт ба гаштани гирди ҷаҳон ва ранҷ бар хештан ниҳодану аҳволу ахбор боз ҷустан ва ё кутуби муътамадро мутолаъа кардан ва ахбори дурустро аз он маълуми хеш гардонидан ва он чӣ наёмадааст, роҳ баста мондааст, ки ғайби маҳз аст, ки агар он мардум, бидонадӣ, ҳама некӣ ёбадӣ ва ҳеч бад бад-ӯ нарасидӣ, ва ло йаъламу-л ғайба илла-л-лоҳу азза ва ҷалла[4]. Ва ҳарчанд чунин аст, хирадмандон ҳам дар ин печидаанд ва мечӯянду гирд бар гирди он мечарханд ва андар он сухан ба ҷидд мегӯянд, ки чун дар он нигоҳ карда ояд, ёфта шавад.

---

[1] ҳазрат – пойтахт ва даргоҳ.
[2] сабт.
[3] манзур аз Муъозиён Саффориёнанд.
[4] тарҷ: ғайбро ҷуз Худованди бузургу тавоно надонад (баргирифта аз ояи 65 сураи Намл).

Ва ахбори гузаштаро ду қисм гуянд, ки онро се дигар нашносанд; ё аз касе бибояд шунид ва ё аз китобе бибояд хонд; ва шарт он аст, ки гӯянда бояд сиқаву[1] ростгуй бошад ва низ хирад гувоҳӣ диҳад, ки он хабар рост аст ва нусрат диҳад каломи Худо онро, ки гуфтаанд: *«Ло тусаддиқанна мина-л ахбори мо ло йастақиму фиҳи раъйу*[2]». Ва китоб ончунон аст, ки он чӣ хонда ояд аз ахбор, ки хирад онро рад накунад ва шунаванда онро бовар дорад ва хирадмандон онро бишнаванду фаро ситонанд. Ва бештари мардуми омма онанд, ки ботили мумтанеъро[3] дӯсттар доранд, чун ахбори деву парӣ ва ғулу биёбон ва куҳу дарё, ки аҳмақе ҳангома созад ва гурӯҳе ҳамчун ӯ гирд оянд ва вай гӯяд дар фулон дарё ҷазирае дидам ва понсад тан ҷое фуруд омадем дар он ҷазира ва нон пухтему дегҳо ниҳодем, чун оташ тез шуд ва табаш бад-он замин расид, аз ҷой бирафт, нигоҳ кардем ва моҳӣ буд ва ба фалон кӯҳ чунину чунон чизҳо дидам. Ва пиразане ҷоду мардеро хар кард ва боз пиразане дигар ҷоду гӯши ӯро ба равғане бияндуд, то мардум гашт, ва он чӣ бад-ин монад аз хурофот, ки нодононро хоб оварад, чун шаб бар эшон хонанд. Ва он касоне, ки сухани рост хоҳанд, то бовар доранд эшонро аз доноён шумаранд ва сахт андак аст адади эшон ва эшон некӯфаросатонанду сухани зиштро бияндозанд. Ва Булфатҳи Бустӣ, разияллоҳу анҳу, гуфтааст ва сахт некӯ гуфтааст. Шеър:

Инна-л уқула лаҳо мавозинун биҳо,
Талқо рашода-л амри ва ҳийа таҷрибу[4]

Ва ман, ки ин таърих пеш гирифтаам, илтизоми ин қадр бикардаам, ки он чӣ нависам ё аз муоянаи ман аст ё аз самоъи дуруст аз марде сиқа. Ва пеш аз ин ба муддати дароз, китобе дидам бо хатти устод Абурайҳон[5] ва ӯ марде буд дар адабу фазлу ҳандаса, ки дар асри ӯ чун ӯ дигаре набуд ва ба газоф чизе нанавиштӣ. Ва ин дароз аз он додам, то муқаррар гардад, ки ман дар ин таърих чун эҳтиёт мекунам ва ҳарчанд, ки ин қавм, ки ман сухани эшонро меронам, бештар рафтаанд[6] ва сахт андаке мондаанд ва рост чунон аст ки Бутаммом[7] гуфтааст:

---

[1] мавриди эътимод.
[2] тарҷ: рост машумор аз хабарҳо он чӣ ба раъй (хирад) дуруст наёяд.
[3] ношуданӣ.
[4] тарҷ: ҳамоно хирадҳоро мизонҳое аст, ки бад-он дурустии ҳар корро бозмеёбӣ ва он меъёрҳо озмоишҳост (тарозуи санҷиш таҷриба аст).
[5] манзур Абурайҳони Берунӣ (973 – 1048) ҳаким ва донишманди хоразмӣ аст, ки эронинажод буд.
[6] аз дунё рафтаанд, мурдаанд.
[7] Ҳабиб ибни Авс ат-Тойӣ (805-846) шоири маъруфи араб.

Сумма-н-қазат тилка-с-синвона ва аҳлуҳо.
Ва каа-н-наҳо ва каа-н-наҳум аҳлому[1].

Маро чора нест аз тамом кардани ин китоб, то номи бузургон бад-он зинда монад ва низ аз ман ёдгор монад, ки пас аз мо ин таърих бихонанду муқарар гардад, ҳоли бузурги ин хонадон, ки ҳамеша бод. Ва дар ин ахбори Хоразм чунон савоб дидам, ки бар сари таърихи Маъмуниён шавам, чунонки аз устод Абурайҳон таълиқ[2] доштам, ки боз намудааст, ки сабаби заволи давлати эшон чӣ будааст ва дар давлати маҳмудӣ чун пайваст он вилоят ва Амири мозӣ, разияллоҳу анҳу, он ҷо кадом вақт рафт ва он мамлакат зери фармони вай бар чӣ ҷумла шуд ва ҳочиб Олтунтошро он ҷо биистониду худ бозгашт ва ҳолҳо пас аз он бар чӣ ҷумла рафт, то он гоҳ, ки писари Олтунтош – Ҳорун ба Хоразм осӣ шуду роҳи хоинон гирифт ва хонадони Олтунтош ба Хоразм даруфтод, ки дар ин ахбор фавоиду аҷоиби бисёр аст, чунонки хонандагону шунавандагонро аз он бисёр бедориву фавоид ҳосил шавад. Ва тавфиқ хоҳам аз Эзид, азза зикруҳу, бар тамом кардани ин тасниф. Иннаҳу субҳоннаҳу хайру муваффиқин ва муъинин[3].

Ҳикояти Хоразмшоҳ Абулаббос

Чунин набишт, Бурайҳон дар «Машоҳири Хоразм», ки: Хоразмшоҳ «Булаббос Маъмун ибни Маъмун, раҳматуллоҳи алайҳи, бозпасин амире буд, ки хонадон пас аз гузаштани вай баруфтоду давлати Маъмуниён ба поён расид. Ва ӯ марде буд фозилу шаҳму корӣ ва дар корҳо сахт мусбит[4] ва чунонки вайро ахлоқи сутуда буд, носутуда низ буд ва ин аз он мегӯям, ки то муқаррар гардад, ки майл ва муҳобот намекунам, ки гуфтаанд «*иннама-л ҳукму фи амсоли ҳозиҳи-л умури ала-л ағлаби-л аксари, фа-л афзалу ман изо уддат фазоилуҳу истахфат фи хилоли маноқибиҳи масовиҳи ва лав уддат маҳомидуҳу талошат фи мо байнаҳумо масолибуҳу*[5]». Ва ҳунари бузургтари Амир Абулаббос он буд, ки забони он баста буд аз душному фаҳшу хурофот. Ман, ки Бурайҳонам ва ӯро ҳафт сол хидмат кардаам, нашунидам, ки бар

---

[1] тарҷ: солҳо ва мардумаш сипарӣ шуданд ва гӯӣ он солҳову он мардум хобҳое (руъёҳое) буданд.
[2] таълиқ – ёддошт.
[3] тарҷ: ҳамоно Худованд, ки поку муназзаҳ аст, беҳтарин тавфиқдиҳандаву ёригар аст.
[4] дорои суботи раъй ва қадам.
[5] тарҷ: ҳамоно дар амсоли ин корҳо ҳукм бар он чизест, ки бештар ва афзунтар бошад, пас фозилтар касест, ки чун фазоили ӯ шумурда шавад, бадиҳои ӯ дар миёни сифоти писандидаи ӯ ниҳон шавад.

забони вай ҳеч душном рафт ва ғояти душноми ӯ он буд, ки чун сахт дар хашм шудӣ, гуфтӣ: «Ай саг!»

Ва миёни ӯ ва Амир Маҳмуд дӯстӣ муҳкам шуду аҳд карданд ва Ҳурраи Колиҷӣ духтари Амир Сабуктагин он ҷо оварданду дар пардаи Амир Абулаббос қарор гирифт ва мукотаботу мулотафоту муҳодот[1] пайваста гашт ва Абулаббос дили Амир Маҳмуд дар ҳама чизҳо нигоҳ доштӣ ва аз ҳадд гузашта тавозуъ намудӣ, то бад-он чойгоҳе, ки чун ба шароб нишастӣ он рӯз бономтари авлиёву ҳашам ва надимону фарзандони Амир, ки бар даргоҳи ӯ буданд аз Сомониён ва дигарон, бихондию фармудӣ, то расулон, ки аз атроф омада буданд, бо эҳтиром бихондандию бинишонандӣ, чун қадаҳи савум ба даст гирифтӣ, бар пой хостӣ, бар ёди Амир Маҳмуд ва пас бинишастӣ ва ҳама қавм бар пой мебудандӣ ва якон-яконро мефармудӣ ва замин бӯса медоданду меистоданд, то ҳама фориғ шудандӣ. Пас Амир ишорат кардӣ, то бинишастандӣ ва ходиме биёмадӣ ва силати[2] муғанниён бар асари вай меоварандӣ, ҳар яке аз асбе қиматӣ ва ҷомае ва кисае дар ӯ даҳ ҳазор дирам. Ва низ ҷониби Амир Маҳмуд, то бад-он ҷойгоҳ нигоҳ дошт, ки амирулмуъминин Ал-Қодир Биллоҳ, разиялоҳу анҳу, вайро хилъату аҳду ливову лақаб фиристод: Айну-д-давла ва Зайн-ул-милла[3] ба дасти Ҳусайн – солори ҳоҷиён[4] ва Хоразмшоҳ андешид, ки набояд Амир Маҳмуд биёзорад ва баҳсе ниҳаду гӯяд, чиро бевоситаву шафъоати ман ӯ хилъат ситонад аз халифат ва ин каромату мазият ёбад. Ба ҳар ҳол аз баҳри муҷомалат[5], маро пешбози расул фиристод, то нимаи биёбон ва он каромат дар сирр[6] аз вай фурӯ ситадаму ба Хоразм овардам ва бад-ӯ супурдам ва фармуд, то онҳоро пинҳон карданд ва то лутфи ҳол бар ҷой буд, ошкоро накарданд. Пас аз он, чун он вақт, ки мебояст ин хонадон баруфтад, ошкоро карданд, то буду рафт, он чӣ рафт.

Ва ин Хоразмшоҳро ҳилм ба ҷойгоҳе буд, ки рузе шароб мехӯрд бар самоъи руд[7] ва мулоҳазаи адаб бисёр мекардӣ, ки марде сахт фозилу адиб буд ва ман пеши ӯ будам ва дигаре, ки вайро Сахрӣ гуфтандӣ, марде сахт фозилу адиб буду некӯсухану тарассул[8] ва сахт беадаб, ки ба як роҳ адаби нафс надошт, ки гуфтаанд «адабу-н-

---

[1] муҳодот – ба ҳамдигар ҳадя додан.

[2] ҷоиза.

[3] маънои ин ду лақаб: чашми давлат ва зевари миллат.

[4] ҳар сол ҳар кишвар раҳбари ҳоҷиёни худро таъйин мекард ва онро солори ҳоҷиён мегуфтанд.

[5] муҷомалат – хушмомилагӣ, рафтори нағз кардан ба ҳамдигар, ҳусни муошират.

[6] яъне, пинҳонӣ.

[7] руд – яке аз асбоби тордори мусиқӣ.

[8] тарассул – номанависӣ, иншо кардан ва номаву рисола сохтан.

нафси хайрун мин адаби-д-дарси». Сахрӣ пиёлае шароб дар даст дошт ва бихост хӯрд ва асбони навбат, ки дар сарой бидошта буданд, бонге карданд ва аз яке боде раҳо шуд ба неру[1]. Хоразмшоҳ гуфт: «Фӣ шориби-ш-шориб[2]». Сахрӣ аз раъноиву[3] беадабӣ пиёлае андохт ва ман битарсидаму андешидам, ки фармояд, то гарданаш бизананд ва нафармуд ва бихандиду иҳмол[4] кард ва бар роҳи ҳилму карам рафт.

Ман, ки Булфазлам ба Нишобур шунудам аз Хоҷа Абумансури Саъолибӣ[5], муаллифи китоби «Йатимату-д-даҳри фӣ маҳосини аҳли-л-аср» ва кутуби бисёри дигар; ва вай ба Хоразм рафт ва ин Хоразмшоҳро муддате надим буд ва ба номи ӯ чанд таълиф кард, гуфт, ки рӯзе дар маҷлиси шароб будем ва дар адаб сухан мегуфтем, хадиси назар рафт[6]. Хоразмшоҳ гуфт: «Ҳиммати фӣ китоби унзуру фиҳи ва ваҷҳи ҳусну унзуру илайҳи ва каримин унзуру лаҳу[7]». Ва Бурайҳон гуфт: «Хоразмшоҳ савор шуда шароб мехӯрд, наздики ҳуҷраи ман расид, фармуд, то маро бихонданд. Дертар расидам бад-ӯ, асб биронд, то дари ҳуҷраи навбати ман ва хост, ки фуруд ояд, замин бӯс кардаму савганди гарон, то фуруд наёмаду гуфт:

Ал-илму мин ашрафи-л вилоёти
Йаътиҳи куллу-л варо ва ло йаъти[8].

Пас гуфт:«Лав ло русуму-д-дунёвиййату лама-стадъайтука фа-л илму йаълу ва ло йуъло[9]». Ва тавонад буд, ки ӯ ахбори Муътазид[10] амирулмуъмининро мутолаъат карда бошад, ки он ҷо дидам, ки рӯзе Муътазид дар бӯстоне дасти Собит ибни Қурра[11] гирифта буду мерафт, ногоҳ даст бикашид ва Собит пурсид: «Ё амирулмуъминин,

---

[1] сахт.
[2] дар бурути нӯшанда.
[3] раъноӣ – худороӣ ва зебоӣ; ҳамчунин ба маънои гӯлию аҳмақию ва камақлӣ омадааст.
[4] иҳмол – фурӯ гузоштан, яла кардан, вогузоштан, сустӣ кардан.
[5] Абу Мансур Абдумалик ибни Муҳаммади Саъолибӣ (931 – 1038) адибу донишманди Нишобурӣ.
[6] яъне, сухан дар бораи назар ё нигаристан рафт.
[7] тарҷ: ниҳояти ирода ва хости ман китобест, ки дар он назар кунам ва дӯсте, ки ба ӯ назар бияфканам ва бахшандае, ки барои ӯ назар бозам.
[8] тарҷ: илму дониш аз шарофатмандтарини ҳукмроиҳост. Ҳамаи мардум ба сӯйи ӯ меоянд, аммо ӯ ба назди касе намеравад.
[9] тарҷ: агар одобу русуми дунёвӣ набуд, ҳаргиз туро фаро намехондам (яъне худ ба назди ту меомадам), пас дониш бар ҳама чиз бартарию баландӣ дорад ва чизе бар илм бартарӣ надорад.
[10] Муътазид – халифаи аббосӣ, ки солҳои 892-902 хилофат рондааст.
[11] Собит ибни Қурра (836-901) – олими бузурги нуҷум, риёзиёт, ҳандаса ва мантиқ, соҳиби таълифоти зиёд.

даст чиро кашидӣ?» Гуфт: «Кона йади фавқа йадика ва-л илму йаълу ва ло йуъло[1]». Ва-л-лоҳу аъламу би-с-савоб.

Зикру сабаби инқитоъи-л мулки ан золика-л байти ва интиқолиҳи ила-л ҳоҷиби Олтунтоша раҳмату-л-лоҳи алайҳим[2]

Ҳоли зоҳир миёни Амир Маҳмуд ва Амир Абулаббос Хоразмшоҳ сахт некӯ буд ва дӯстӣ муаккад гашта ва ақду аҳд уфтода. Пас Амир Маҳмуд хост, ки миёни ӯ ва Хониён[3] дӯстиву аҳду ақд бошад пас аз ҷанги Ӯзганд[4]; ва сарҳангон мерафтанд бад-ин шуғл, ихтиёр кард, ки расул аз они Хоразмшоҳ бо расулони вай бошад, то вақти бастани аҳд бо Хониён он чӣ равад, ба машҳади вай бошад. Хоразмшоҳ тан дар ин ҳадис надод ва сар дар наёварда ва ҷавоб набишту гуфт: «Мо ҷаъала-л-лоҳу ли раҷулин мин қалбайни фи ҷавфиҳи[5]» ва гуфт пас аз он, ки ман аз ҷумлаи амирам[6], маро бо Хониён рабте нест ба ҳеч ҳол назди эшон касе нафиристам. Амир Маҳмуд ба як рӯй ин ҷавоб аз вай фаро ситад ва ба дигар руй кароҳате ба дили вай омад, чунонки бадгумонии вай будӣ ва вазир Аҳмади Ҳасанро гуфт, ки «Менамояд, ки ин мард бо мо рост нест, ки сухан бар-ин ҷумла мегуяд». Вазир гуфт: «Ман чизе пеши эшон гузорам, ки аз вай муқаррар гардад, ки ин қавм бо мо ростанд ё на?» Ва гуфт, чӣ хоҳад кард ва амирро хуш омад. Ва Амир расули Хоразмшоҳро дар сирр гуфт, ки «Ин чӣ андешаҳои беҳуда аст, ки Худованди туро меуфтад ва ин чӣ хаёлҳост, ки мебандад, ки дар маънии фиристодани расул наздики Хониён сухан бар ин ҷумла мегӯяд ва туҳмати беҳуда сӯйи хеш роҳ медиҳад, ки Султони мо аз он сахт дур аст. Агар мехоҳад, ки аз ин ҳама қолу қил[7] бираҳад ва тамаъи ҷаҳониён аз вилояти ӯ бурида гардад, чаро ба номи Султон хутба накунад, то аз ин ҳама биёсояд ва ҳаққо, ки ин ман аз хештан мегӯям бар сабили насиҳат аз ҷиҳати нафйи[8] туҳмат ба ӯву Султон аз ин, ки ман мегӯям огоҳ нест ва маро мисол надодааст».

---

[1] тарҷ: дасти ман болои дасти ту буд, дар ҳоле, ки дониш бартар аст ва чизе бартар аз он нест.

[2] тарҷ: зикри иллати инқирози подшоҳӣ аз он хонадон ва интиқоли он ба ҳоҷиб Олтунтош, ки Худо ҳамаашонро раҳмат кунад

[3] яъне, Қарохониён.

[4] Ӯзганд – шаҳре дар Фарғона, ки муддате пойтахти Қарохониён буд.

[5] тарҷ: Худованд барои ҳеч марде ду дил андарун наниҳодааст (бахше аз ояи 4 сураи Аҳзоб).

[6] яъне, ман тобеъ ва ҳаводори Амир Маҳмудам.

[7] гуфтугӯ

[8] рафъи

Зикру моҷаро фӣ боби-л хутбати ва заҳара мина-л фасоди ва-л балоё ли аҷлиҳо[1]

Бурайҳон гуфт: «Чун ин расул аз Кобул ба сӯйи мо расид, ки Амир Маҳмуд ин сол ба Ҳиндустон рафт ва ин ҳадис бозгуфт, Хоразмшоҳ маро бихонду холӣ кард ва он чӣ вазир Аҳмади Ҳасан гуфта буд, дар ин боб, бо ман бигуфт». Гуфтам: «Ин ҳадисро фаромӯш кун: аъриз ъани-л ъувои ва ло тасмаъҳо фа мо куллу хитобин муҳваҷун ило ҷавобин[2]. Ва сухани вазир ба ғанимат гир, ки гуфтааст ин ба табарруъ[3] мегӯяд ва бар роҳи насиҳат ва худовандаш аз ин хабар надорад; ва ин ҳадисро буҳтон дону бо касе нагӯй, ки сахт бад бувад». Гуфт: «Ин чист, ки мегуйӣ? Чунин сухан вай бе фармони Амир нагуфта бошад ва бо чун Маҳмуд марде чунин бозӣ кай равад? Ва андеш, ки агар ба тавъ хутба накунам, илзом[4] кунад, то карда ояд. Савоб он аст, ки ба таъҷил расул фиристам ва бо вазир дар ин боб сухан гуфта ояд, ҳам ба таъриз[5], то дархоҳанд аз мо хутба кардан ва миннате бошад, ки набояд, ки кор ба қаҳр уфтад». Гуфтам: «Фармон амиррост».

Ва марде буд, ки онро Яъқуби Ҷандӣ гуфтандӣ, шарире, таммоъе, нодурусте; ва ба рӯзгори Сомониён вайро ба расулӣ ба Бухоро фиристода буд ва бихост, ки Хоразм дар сари расулии вай шавад. Акнун низ ӯро номзад кард ва ҳарчанд Бусаҳлу дигарон гуфтанд, фоидае надошт, ки қазо омада буд ва ҳоли ин марди пурҳила пӯшида монд. Яъқубро гусел карданд. Чун ба Ғазнин расид, чунон намуд, ки ҳадиси хутба ва ҷуз он бад-ӯ рост хоҳад шуд ва лофҳо заду миннатҳо ниҳод. Ва ҳазрати маҳмудӣ ва вазир дар ин маъонӣ наниҳоданд вайро вазне. Чун навмед шуд, биистоду руқъате набишт ба забони хоразмӣ ба Хоразмшоҳ ва бисёр суханон набишта буд ва тазриб[6] дар боби Амир Маҳмуд ва оташи фитнаро боло дода. Ва аз наводиру аҷоиб: пас аз ин ба се сол, ки Амир Маҳмуд Хоразм бигирифт ва коғазҳову давотхона боз нигаристанд, ин руқъат ба дасти Амир Маҳмуд уфтод ва фармуд, то тарҷума карданд ва ба хашм шуду фармуд, то Ҷандиро бар дор кашиданду ба санг бикуштанд. *Фа айна-р-рибҳу изо кона раъсу-л моли хусрон*[7]. Ва эҳтиёт

---

[1] Ёд кардани он чӣ дар боби хутба пеш омад ва табоҳиву офатҳое, ки аз баҳри он пеш омад

[2] тарҷ: аз бонги саг рӯй бартобу онро машунав, чӣ ҳар сухан ва хатое ба посух ниёз надорад

[3] некӣ кардан барои Худо

[4] тавъ – хоҳиш, рағбат; илзом – лозим гардонидан, кореро ба касе воҷиб гардонидан.

[5] киноя

[6] суханчинӣ

[7] тарҷ: пас суд кучо буд, вақте ки айни мол зиён аст.

бояд кард нависандагонро аз ҳар чӣ нависанд, ки аз гуфтор боз тавон истод ва аз набиштан боз натавон истод ва набишта боз натавон гардонид. Ва вазир номаҳо набишту насиҳатҳо кард ва битарсонид, ки қалам равон аз шамшер гардад ва вайро пушт қавӣ буд ба чун Маҳмуд подшоҳе.

Хоразмшоҳ чун бар-ин аҳвол воқиф гашт, нек битарсид аз сатвати маҳмудӣ, ки пешвоёни чаҳонро бишӯронида буд ва вайро хоб набурд. Пас аъёни лашкарро гирд карду муқаддамони раъийятро ва боз намуд, ки вай дар боби хутба чӣ хоҳад кард, ки агар карда наёяд, битарсад аз хештан ва эшону аҳли он навоҳӣ. Ҳамагон хурӯш карданду гуфтанд: «Ба ҳеч ҳол ризо надиҳем». Ва берун омаданду аламҳо бигушоданду силоҳҳо бараҳна карданд ва душноми зишт доданд ӯро ва бисёр ҷаҳду мудоро бояст кард, то биёромиданд ва сабаби ором он буд, ки гуфтанд, ки «Мо шумоёнро меозмудем дар ин боб, то ният ва дилҳои шумо моро маълум гардад». Ва Хоразмшоҳ бо ман холӣ карду гуфт: «Дидӣ, ки чӣ рафт? Инҳо кӣ бошанд, ки чунин дастдарозӣ кунанд бо худованд?» Гуфтам: «Худовандро дуруст нест дар ин боб шуруъ кардан ва қабул накард, акнун чун карда омад, бояд тамом кард, то об бинашавад[1]. Ва худ воҷиб чунон кардӣ, ки ҳоли ин хутба ҳамчун хутбаи Бувайҳиён будӣ Қодир Би-л-лоҳро[2], ки муғофаса бишнудандӣ, касро заҳра набудӣ, ки сухан гуфтӣ ва ин кор фурӯ натавон гузошт, акнун ки оҷизӣ бошад ва Амир Маҳмуд аз даст бишавад». Гуфт: «Гирд бар гирди ин қавм барой, то чӣ тавонӣ кард?» Баргаштам ва ба сухани симу зар гарданҳои муҳташамони эшон нарм кардам, то ризо доданд ва ба даргоҳ омаданду руй дар хоки остона молиданд ва бигиристанду бигуфтанд, ки хато карданд.

Хоразмшоҳ маро бихонду холӣ кард ва гуфт: «Ин кор қарор нахоҳад гирифт». Гуфтам: «Ҳамчунин аст». Гуфт: «Рӯй чист?» Гуфтам: «Ҳоле[3] Амир Маҳмуд аз даст бишуд ва тарсам, ки кор ба шамшер уфтад. Он гоҳ чун бошад бо чунин лашкар, ки мо дорем?» Гуфтам: «Натавонам донист, ки хасм бас муҳташам асту қавидаст ва олату соз бисёр дорад ва аз ҳар дасте мардум ва агар мардуми ӯро сад молиш расад аз мо, қавитар боз оянд. Агар фа-л иёзубиллоҳ, моро якраҳ[4] бишикаст, кор дигар шавад». Сахт заҷир[5] шуд аз ин

---

[1] обрӯ нарезад.

[2] дар асли матн иборае омадааст, ки маънояш номафҳум аст ва бо такя бар фарзияи пешниҳодкардаи доктор Файёз таври наздик ба воқеъияти он оварда шуд.

[3] акнун.

[4] якбор.

[5] заҷир – дилтанг, хашмгин.

сухан, чун андак кароҳият бар вай бидидам ва тазкири иййоҳу муътоду[1], албатта гуфтам: «Як чизи дигар аст, муҳимтар аз ҳама, агар фармон бошад бигӯям». Гуфт: «Бигӯй!» Гуфтам: «Хонони Туркистон аз худованд озурдаанд ва бо Амир Маҳмуд дӯст ва бо як хасм душвор бартавон омад, чун ҳарду даст яке кунанд, кор дароз гардад, Хононро ба даст бояд овард, ки имрӯз бар дари Узганд ба ҷанг машғуланд ва ҷаҳд бояд кард, то ба тавассути худованд миёни хон ва илаг[2] сулҳ бияфтад, ки эшон аз ин миннат доранд ва сулҳ кунанд ва некӯ суд дорад ва чун сулҳ кунанд, ҳаргиз хилоф накунанд». Гуфт: «То дарандешам», ки чунон хост тафарруд[3] дар ин нукта ӯро будӣ. Пас аз ин даристод ва ҷидд карду расулон фиристод бо ҳадяҳои бузург, то тавассути он миёни эшон сулҳ гардад ва оштӣ карданд ва аз Хоразмшоҳ миннати бисёр доштанд, ки сухани вай бисёр хуштар омадашон, ки аз они Амир Маҳмуд; ва расулон фиристоданду гуфтанд, ки ин сулҳ аз баракоти эҳтимому шафақати ӯ буд ва бо вай аҳд карданду васлат уфтод[4].

Ва чун ин хабар ба Амир Маҳмуд расид, дар хаёл уфтоду бадгумон шуд, ҳам бар Хоразмшоҳ ва ҳам ба хонони Туркистон ва даркашиду ба Балх омад ва расулон фиристоду итоб кард ва ба хону илаг ва бад-он чӣ рафт ҷавоб доданд, ки мо Хоразмшоҳро дӯсту домоди Амир донистему донем ва то бад-он ҷойгоҳ лутфи ҳол буд, ки чун расулон фиристод ва бо мо аҳд кард аз вай дархост, то вай расуле номзад кунад ва бифиристад, то он чӣ равад, ба машҳади ӯ бошад, ӯ тан дарнадод ва нафиристод; ва агар аз вай биёзурдааст, воҷиб накунад бо мо дар-ин итоб кардан ва хубтар он аст, ки мо тавассут кунем аз ду ҷониб, то улфат ба ҷойи хеш боз шавад. Амир Маҳмуд ин ин ҳадисро ҳеҷ ҷавоб надошт, ки мускит[5] омаду хомӯш истод ва аз ҷониби Хонон бадгумон шуд.

Ва Хонон аз дигар руй пӯшида расуле фиристоданд наздики Хоразмшоҳ ва ин ҳол бо ӯ бигуфтанд. Ҷавоб дод, ки савоб он аст, ки чанд тан савори дуасба ба Хуросон фиристем, мо се тан бо муқаддамон, ки биштобанд бо гурӯҳҳои маҷҳул, то дар Хуросон бипарогананд ва вай ҳарчанд марде муборизу сабукрикоб аст ба кадом гурӯҳ расад? Ва дармонд, ки ҳар гоҳ, ки қасди як гурӯҳ ва як ҷониб кунад, аз дигар ҷониб гурӯҳи дигар дарояд, то саргардон

---

[1] тарҷ: панд додани ман ӯро одат буд.

[2] хон ва илиг (илаг, илак, илек) манзур ду даъвогари тахти хонии Туркистон мебошанд, ки зиддияти онҳо саранҷом давлати Қарохониёнро ба ду бахш тақсим намуд.

[3] тафарруд – дар танҳоӣ тасмим гирифтан.

[4] яъне, миёни афроди ду сулола ақди заношӯӣ барқарор шуд.

[5] мускит – сокиткунанда, хомӯшкунанда.

шавад. Аммо ҳуҷҷат бояд гирифт бар афвоҷ, ки раванд он чӣ ман фиристам ва он чӣ эшон фиристанд, то раъоёро наранҷонанд ва баъд аз он он сабуктозиҳо умед диҳанд, то роҳате ба дили халқ расад ва ин кор бояд кард, ки руй надорад ба ҳеч ҳол пеши таъбияи вай рафтан ва ҷуз ба муроъот кор рост наёяд.

Хон ва илиг тадбир карданд дар ин боб, надиданд савоб бар ин ҷумла рафтан ва ҷавоб доданд, ки ғарази Хоразмшоҳ он аст, ки ӯ ва ноҳияташ эмин гардад ва миёни мо ва Амир Маҳмуд аҳду ақд аст, натавон онро ба ҳеч ҳол табоҳ кардан, агар хоҳад мо ба миён дароем ва кори табоҳшударо ба салоҳ боз орем. Гуфт: «Савоб омад». Ва Амир Маҳмуд дар он зимистон дар Балх буд ва ин ҳолҳо ӯро маълум мегашт, ки мунҳиён[1] дошт бар ҳамагон, ки анфос мешумурданду боз менамуданд ва сахт беқарору беором буд, чун бар тавассут қарор гирифт, биёромид. Ва расулони хон ва илиг биёмаданд ва дар ин боб нома оварданду пайғом гузорданд ва вай ҷавоби дархӯри он дод, ки озоре бештар набуд ва он чӣ буд ба тавассути гуфтори эшон ҳама зоил шуд ва расулонро боз гардониданд.

Ва пас аз ин Амир Маҳмуд расул фиристод назди Хоразмшоҳ ва аз он чӣ ӯ сохта буд хабар дод, ки муқаррар аст миёни мо аҳду ақд бар чӣ ҷумла будааст ва ҳаққи мо бар вай то кадом ҷойгоҳ аст. Ва вай дар ин боби хутба дили мо нигоҳ дошт, ки донист, ки ҷамоли он ҳол вайро бо чӣ ҷумла бошад, валекин нагузоштанд қавмаш ва нагӯям ҳошияти фармонбурдор, чӣ ҳошият ва фармонбурдор набошад, ки фаро подшоҳ тавон гуфт кун ва макун, ки ин аҷзу ниёз бошад дар мулк ва худ бибуд аз эшон ва печид. Ва муддате дароз ин ҷо ба Балх муқом кардем, то сад ҳазор савору пиёда ва пиле понсад ин шуғлро омода шуд, то он қавмро, ки чунон нофармонӣ кунанд ва бар раъйи худованди хеш эътироз намоянд, молида ояд ва бар роҳи рост бидошта ояд ва низ амирро, ки моро бародару домод аст бедор кунему биёмӯзем, ки амирӣ чун бояд кард, ки амири заъиф ба кор наёяд. Акнун моро узре бояд возеҳ, то аз ин ҷо суйи Ғазнин бозгардем ва аз ин ду-се кор яке бояд кард: ё чунон ба тавъу рағбат, ки ниҳода буд, хутба бояд кард ва ё нисореву ҳадяе тамом бояд фиристод, чунонки фарохӯри мо бошад, то дар ниҳон наздики вай фиристода ояд, ки моро ба зиёдати мол ҳоҷат нест ва замини қалъатҳои мо ба дарданд аз гаронии бори зару сим, ва агар на, аъёну аиммаву фуқаҳоро аз он вилоят пеши мо ба истиғфор фиристад, то мо бо чанд ҳазор халқ, ки оварда омадааст, боз гардем.

[1] мунҳиён – расонандагони хабару пайғом, огоҳонанда.

Хоразмшоҳ аз ин ҳуҷҷати бузург битарсид ва чун ҳуҷҷати вай қавӣ буд, ҷуз фармонбурдорӣ рӯй надид ва ба муҷомалату мудоро пеши кор боз омад ва бар он қарор гирифт, ки Амир Маҳмудро хутба кунад ба Нисову Фарова, ки эшонро буд дар он вақт ва дигар шаҳрҳо, магар Хоразму Гургонҷ ва ҳаштод ҳазор динор ва се ҳазор асб бо машоиху қузот ва аъёни ноҳият фиристода ояд, то ин кор қарор гирад ва муҷомалат дар миён бимонаду фитна ба по нашавад. Валлоҳу аълам.

Тасаллути-л ашрор[1]

Лашкари қавӣ аз они Хоразмшоҳ ба Ҳазорасб[2] буд ва солори эшон ҳоҷиби бузургаш Албтагини Бухорӣ; ва ҳамагон ғадру макр дар дил доштанд. Чун ин ҳадис бишниданд, баҳонае бузург ба даст омад, бонг баровардand, ки Маҳмудро наздики мо тоъат нест; ва аз Ҳазорасб баргаштанд даст ба хун шуста, то вазиру пайравони давлати ин амирро, ки ӯро насиҳати рост карда буданд ва балое бузургро дафъ карда, ба ҷумла бикуштанд ва дигарон ҳама бигрехтанд ва руй пинҳон карданд, ки огоҳ буданд аз кору санъати[3] он бехудовандон. Ва он ноҷавонмардон аз роҳ қасди дори иморат карданд ва гирд андар гирифтанд ва Хоразмшоҳ бар кушк гурехт ва оташ заданд кушкро ва бад-ӯ расиданду бикуштандаш. Ва ин чаҳоршанбе буд, нимаи шаввол ва санаи сабъа ва арбаъа миа[4] ва умри ин ситамрасида сиву ду сол буд; ва дарвақт бародарзодаи ӯро Абулҳарас Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маъмунро биёварданду ба тахти мулк нишонданд ва ҳафтдаҳсола буд ва Албтагин муставлӣ шуд дар кори мулк ба вазорати Аҳмади Туғон. Ва ин кӯдакро дар гӯшае нишонданд, ки надонист ҳоли ҷаҳон; ва ҳар чӣ мехостанд мекарданд ва аз куштану молу неъмат ситадан ва хону мон кандан ва ҳар касеро, ки бо касе таассуб буд, бар вай рост кардан ва зури тамом[5]. Чаҳор моҳ ҳаво эшонро софӣ буд ва хонаи ин мулкро ба дасти хеш вайрон карданд ва он рафт аз эшон, ки дар кофаристон нарафтӣ бар мусалмонон.

Чун Амир Маҳмуд, разияллоҳу анҳу, бар ин ҳол воқиф шуд, Хоҷа Аҳмади Ҳасанро гуфт: «Ҳеч узр намонд ва Хоразм ба даст

---

[1] тарҷ: Чирагии бадкорон; дар баъзе нусхаҳо номи ин бахш чунин омадааст: зикри табоҳии аҳвол ва чирагии бадкорон.

[2] Ҳазорасб (Ҳазорасп) – яке аз шаҳрҳои муҳими музофоти Хоразм, ки дар баъзе марҳалаҳои таърихӣ пойтахт ҳам будааст.

[3] санъат дар ин ҷо ба маънои ҳилаву найранг ва нифоқ омадааст.

[4] соли 407-ҳичрӣ, ки баробар аст бо 16 марти соли 1017-и милодӣ.

[5] яъне ҳар касе бо касе душманӣ дошт, ба макру баҳона фароҳам овардан ӯро ба заҳмат меандохт.

омад, ночор моро ин хун бибояд хост, то кушандаи домодро бикушем ба хун ва мулки мерос бигирем». Вазир гуфт: «Ҳамчунин аст, ки Худованд мегӯяд. Агар дар ин маънӣ тақсир равад, Эзид азза зикруҳу, написандад ва вайро ба қиёмат аз ин бипурсад, ки алҳамдулиллоҳ, ҳама чизе ҳаст ҳам лашкари тамом ва уддат. Ва ҳунари бузургтар он, ки лашкар осуда аст ва як зимистон коре нокарда ва ин мурод сахт зуд ҳосил шавад, аммо савоб он аст, ки нахуст расул равад ва он қавмро тарсонида ояд бар ин далерӣ, ки карданд. Ва гуфта шавад, ки агар мебояд, ки ба талаби ин хун наёем ва ин хонадонро ба ҷой бидорем, кушандагонро ба дарбор бояд фиристод ва моро хутба бояд кард, ки эшон инро ба ғанимат гиранд ва тане чанд дилангез фароз оранд ва гӯянд инҳо рехтанд хуни вай ва расули мо бад-он ризо диҳад ва хоку намаке биёрад[1], то эшон пиндоранд, ки раво бошад. Он гоҳ аз хештан гуянд савоби шумо он аст, ки Ҳурраи хоҳарро боз фиристода ояд бар ҳасби хубӣ, то ӯ он узр бихоҳад, ки аз бими гуноҳкории хеш бикунанд ва мо дар ниҳон кори хеш месозем. Чун нома бирасад, ки Ҳурра дар замони саломат ба Омуй расид, палита[2] бартар кунему сухане, ки имрӯз аз баҳри будани Ҳурра он ҷо наметавон гуфт, бигӯем ва он сухан он аст, ки ин фасод аз муқаддамон рафтааст, чун Албтагину дигарон, агар мебояд, ки бад-он ҷониб қасде набошад, то эшонро ронда ояд, то қасд карда нашавад». Амир гуфт: «Ҳамчунин бояд кард». Ва расуле номзад карданду ин мисолҳоро бидоданд ва ҳилатҳо биёмухтанду бирафт. Ва вазир дар ниҳон кас фиристод ба Хатлону Қубодиёну Тирмиз, то тадбирҳо бикарданду киштиҳо бисохтанд ва ба Омӯй алаф гирд карданд.

Ва расул бар он ҷо расид ва пайғомҳо бар вачҳ бигузорд ва латоифу-л-ҳиял[3] ба кор оварад, то қавмро ба ҷувол фурӯ кард ва аз бими Амир Маҳмуд ба оҷили-л-ҳол Ҳуррaро кор бисохтанд бар сабили хубӣ бо бадрақаи тамом расид ва тане панҷу шашро бигрифтанду гуфтанд «инҳо хуни он подшоҳ рехтанд» ва ба зиндон боздоштанду гуфтанд, чун расули мо боз расад ва мувозаъат ниҳода шавад, инҳоро ба даргоҳ фиристода ояд. Ва расулеро номзад карданд, то бо расул ояд ва замон[4] карданд, ки чун қасди Хоразм карда наёяд ва Амир кина аз дил бишӯяд ва аҳду ақд бошад дувист ҳазор динор ва чаҳор ҳазор асб хидмат кунанд. Амир чун нома

[1] хоку намак овардан киноест ба маънои суратсозӣ кардан.

[2] палита – фатила, ресмони ғафси аз пахта тофта, ки дар чароғи пилтасӯз ва шамъ гузошта мешавад. Манзур он аст, ки палита (фатила)-и чароғро боло мекашем, яъне даъвоҳои худро зиёдтар мекунем

[3] ҳиллаҳои некӯ.

[4] замонат, кафолат.

бидид, сӯйии Ғазнин рафт ва расулон низ биёмаданд ва ҳол боз гуфтанд ва Амир ҷавобҳо дод ва Албтагин ва дигар муқаддамонро хост, то қисос карда ояд. Эшон бидонистанд, ки чӣ пеш омад, кори ҷанг сохтан гирифтанд ва мардум фароз оварданд панҷоҳ ҳазор савори нек ва ҳуҷҷат гирифтанд бо якдигар, ки ҷонро бибояд зад[1], ки ин лашкар меояд, ки аз ҳама интиқом кашад ва гуфтанд доман дар доман бандем ва он чӣ ҷаҳди одамӣ аст, ба ҷой орем.

Ва дар унвони куштани Хоразмшоҳ Амир фармуда буд, то номаҳо набишта буданд ба илиг ва хон бар дасти рикобдорони мусриъ ва зиштиву мункарии ин ҳол, ки рафт, баён карда ва мусарраҳ[2] бигуфта, ки хуни домодро талаб хоҳад кард ва он вилоятро хоҳад гирифт, то дарди сар ҳам ӯро ва ҳам эшонро бурида гардад ва эшонро ҳарчанд ин боб мақбул наёмад ва донистанд, ки Хоразм ӯро бошад, хоре қавӣ дар дили эшон нишинад. Ҷавоб набиштанд, ки «савоб андешидааст ва аз ҳукми мууввату сиёсату диёнат ҳамин воҷиб кунад, ки хоҳад кард, то пас аз ин касеро аз атбоъ заҳра набошад, ки хуни арбоби мулук резад».

Ва чун корҳо ба тамомӣ сохта буданд, ҳарчанд ҳаво гарм истода буд, Амир қасди Хоразм кард аз роҳи Омуй ва бо эҳтиёт бирафт. Ва дар муқаддама Муҳаммади Аъробӣ буд, ӯро хатари зиёде уфтод ва Амир бирафт ва он халалро дарёфт ва дигар рӯз баробар шуд бо он боғиёни худовандкушандагон, лашкаре дид сахт бузург, ки ба монандаи эшон ҷаҳон забт тавон кард ва бисёр хасмро битавон зад, аммо сахати[3] Офаридгор, ҷалла ҷалолуҳу, эшонро бипечида буд ва хуни он подшоҳ бигрифта, неру карданд бар қалби Амир Маҳмуд ва ҳазимат шуданд эшон, чунонки ҳамагонро барҳам дарбастанд ва он қисса дароз асту машҳур, шарҳ накунам ва ба сари таърих боз шавам, ки аз ағроз дур монам, ин қадр кифоят бошад. Ва қасидае ғаррост дар ин боб Унсуриро, тааммул бояд кард, то ҳол муқаррар гардад ва ин аст матлаъи он қасида:

Чунин бимонд шамшери хусравон осор,
Чунин кунанд бузургон, чу кард бояд кор.
Ба теғи шоҳ нигар, номаи гузашта махон,
Ки ростгӯйтар аз нома теғи ӯ бисёр.

Ва ӯро чунин қасидае дигар нест, ки ҳар чӣ мумкин буд аз устодию борикандешӣ кардааст ва ҷойи он буд, чунон фатҳу чунин мамдуҳ! Ва пас аз шикастани лашкар муборизони некасбон ба дум рафтанд бо сипоҳсолории Амир Наср, раҳматуллоҳи алайҳи ва дар

[1] яъне, то ҷон дар тан аст, бояд ҷангид.
[2] мусарраҳ – равшану ошкоро, кушоду равшан.
[3] сахат (сухт) – хашму ғазаб, қаҳр, нохушнудӣ.

он махзулон расиданд ва бисёр асирон баргардониданд. Ва охир Албтагини Бухорию Хумортоши Шаробӣ ва Шодтагини Хониро, ки солорон буданду фасод эшон ангехтанд, бигирифтанд бо чанд тан аз ҳамбозони хуниён[1] ва ҳамагонро сарбараҳна пеши Амир оварданд. Амир сахт шод шуд аз ин гирифтани хуниён ва фармуд то эшонро ба ҳарас бурданду боз доштанд. Ва Амир ба Хоразм омад ва он вилоятро бигирифт ва хизонаҳо бардоштанд ва амири навнишондаро бо ҳама олу табори Маъмуниён фурӯ гирифт. Чун аз ин фориғ шуданд, фармуд, то се дор бизананд ва ин се танро пеши пилон андохтанд, то бикушанд, пас бар дандонҳои пилон ниҳоданд, то бигардониданду мунодӣ карданд, ки «Ҳар кас, ки худованди хешро бикушад, вайро сазо ин аст». Пас бар он дорҳо кашиданду бар расан устувор бастанд ва руйи дорҳоро бо хишти пухтаву гач муҳкам карда буданд, чун се пул ва номи эшон бар он набиштанд. Ва бисёр мардумро аз он хуниён миён ба ду ним карданд ва дасту пой буриданду ҳашмате сахт бузург уфтод. Ва он ноҳиятро ба ҳочиб Олтунтош супурд ба зудӣ ва фармуд, то асби Хоразмшоҳ хостанд[2] ва Арслони Ҷозибро бо вай он ҷо монд, то муддате бимонад, чандон ки он ноҳият қарор гирад, пас бозгардад. Ва Амир, разияллоҳу анҳу, бозгашт музаффару мансур ва ба сӯйи Ғазнин рафт. Ва қатори асирон аз Балх буд то Лоҳуру Мултон ва Маъмуниёнро ба қалъатҳо бурданду мавқуф карданд.

Пас аз бозгашти Амир аз он ноҳия Буисҳоқ, ки вай хусури Булаббос буд, бисёри мардум гирд карду муғофаса[3] биёмад, то Хоразм бигирад ва ҷанги сахт рафт ва Буисҳоқро ҳазимат карданд ва вай бигрехт ва мардумаш бештар дармонд ва куштане фармуд Арслони Ҷозиб ҳаҷҷоҷвор[4] ва он навоҳӣ бад-он сабаб мазбут гашту биёромид ва пас аз он низ ба сиёсате рондан ҳоҷат наёмад. Ва Арслон низ бозгашт ва Олтунтош он ҷо бимонд ва бандае кофӣ будааст ва борою тадбир, чунонки дар ин таърих чанд ҷой номи ӯ ва ахбору осораш биёмад ва ин ҷо як шаҳомати ӯ маро ёд омад, ки наёвардаам ва воҷиб бувад овардан: Аз Хоҷа Аҳмади Абдуссамад шунидам, ки гуфт: Чун Амир Маҳмуд аз Хоразм бозгашт ва корҳо қарор гирифт, ҳазору понсад савори султонӣ буд бо муқаддамони лашкар, чун Қалбоқ ва дигарон берун аз ғуломон. Олтунтош маро гуфт: ин ҷо қоидае қавӣ мебояд ниҳод, чунон, ки фармон яке бошад

---

[1] хуниён – шарикони хунрехтагон.

[2] яъне, Маҳмуд унвони маҳаллии (эронии) «Хоразмшоҳ»-ро ба сарҳанги турки худ бахшид.

[3] муғофаса – ногаҳонӣ.

[4] куштане бераҳмона, мисли куштори Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи сақафӣ, амири хуношоми Ироқ (694 –714) дар замони хилофати Умавиён.

ва касро заҳра набошад, ки ба дасте[1] замини ҳимоятӣ гирад, ки моли бузург ҳар сол бистгонии ин лашкарро ва ҳадяе бо номи Султон ва аёни давлатро. Ва ин қавмро сурат баста аст, ки ин ноҳия туъмаи эшон аст, ғорат бояд кард, агар бар ин ҷумла бошад, қабо танг ояд[2]. Гуфтам: ҳамчунин аст ва ҷуз чунин набояд ва рост наёяд; ва қоидае қавӣ биниҳодем ҳам Олтунтош ва ҳам ман ва ҳар рӯз ҳашмат зиёдат мебуд ва онон, ки гардантар[3] будандӣ ва рост наистодандӣ, охир рост шуданд ба тадриҷ.

Як рӯз барнишастам, ки ба даргоҳ равам, вакили дари Тош пеш омаду гуфт: «Ғуломон мебарнишинанд ва ҷаммозагон мебанданд ва Олтунтош силоҳ мепӯшад, надонем то ҳол чист?» Сахт дилмашғул шудам ва андешманд, надонистам ҳоле, ки ин воҷиб кардӣ, башитобтар бирафтам, чун наздики вай расидам, истода буду камар мебаст. Гуфтам: «Чист?» Гуфт: «Ба ҷанг меравам». Гуфтам: «Хабаре нест ба омадани душмане». Гуфт: «Ту хабар надорӣ, ғуломону сутурбонони Қалбоқ рафтаанд, то кохи султонӣ ба ғорат бардоранд ва агар бар ин гузошта ояд, харобӣ бошад ва чун маро душман аз хона хезед, бо бегона ҷанг чиро бояд кард?» Ва бисёр талаттуф кардам, то бинишаст ва Қалбоқ биёмаду замин бӯса дод ва бисёр узр хосту гуфт: «Тавба кардам ва низ чунин наравад». Ва биёрамиду ин ҳадис фурӯ гузошт ва то ӯ зинда буд, бад-ин як сиёсат биёсуд аз ҳамагон. Мард бояд, ки кор бидонад кард.

Ва чун гузашта шуд ба ҳисори Дабусӣ[4] ва аз Бухоро бозгашт, чунонки дар тасниф шарҳ кардаам; ва Ҳорунро аз Балх боз фиристод ва пас аз он Аҳмади Абдуссамадро ба Нишобур хонданду вазорат ёфт ва писараш Абдулҷаббор аз расулии Гургон боз омад ва хилъат пӯшид ба кадхудоийи Хоразм ва бирафт; ва ба воситаи вазорати падар он ҷо ҷабборе шуд ва дасти Ҳоруну қавмаш хушк бар чубе бубаст. Ҳорун тангдил шуд ва сабраш бирасид ва бадомӯзону музаррибон вайро дар миён гирифтанду бар кор шуданд. Ва бад-он пайваст гузашта шудани Сатӣ – бародари Ҳорун ба Ғазнин, ки сурат карданд, ки ӯро ба қасд аз бом андохтанд ва Хуросон олуда шуд ба туркмонон, аввал, ки ҳанӯз Салҷуқиён наёмада буданд. Ва низ мунаҷҷиме ба Ҳорун гуфт ва ҳукм кард, ки ӯ амири Хуросон хоҳад шуд, бовараш кард ва оғозид мисолҳои Абдулҷабборро хор доштану бар кардаҳои вай эътироз кардан ва дар маҷлиси мазолим сухан аз вай даррабудан, то кор бад-он ҷой

[1] ба дасте – як вақаб.
[2] яъне, кор сахт мешавад.
[3] гардантар – гарданкаш.
[4] Дабусӣ ё Дабусия – номи деҳе бузург дар Суғд, ки ба миёни Самарқанду Бухоро воқеъ гардида буд.

расид, ки як рӯз дар маҷлиси мазолим бонг бар Абдулҷаббор зад ва ӯро сард кард, чунонки ба хашм бозгашт ва ба миён даромаданд ва гургоштие бирафт.

Ва Абдулҷабор менолид ва падараш ӯро фарёд наметавонист расид, ки Амир Масъуд сухани кас бар Ҳорун намешунид ва бо вазир бад мебуд. Ва Ҳорун роҳ бигрифта буд, то касро заҳра набудӣ, ки чизе набиштӣ ба нуқсони ҳоли вай ва соҳиббаридро бифирефта, то ба муроди у инҳо кардӣ. Ва кораш пӯшида мемонд, то ду ҳазору анд ғулом бисохт ва чатру аломати сиёҳ[1] ва ҷаббории салотин пеш гирифт ва Абдулҷаббор бекор бимонду қавмаш. Ва лашкарҳо омадан гирифтанд аз ҳар ҷонибе ва расулони вай ба Алитагин ва дигар умаро пайваста гашт ва кори исён пеш гирифт. Ва туркмонону Салҷуқиён бо у яке шуданд, ки ҳар соле расм рафта буд, ки аз Нури[2] Бухоро то Андарғоз[3] омадандӣ ва муддате будандӣ. Ва кор бад-он ҷойгоҳ расид, ки Абдулҷаборро фурӯ гирад ва вай ҷосусон дошт бар Ҳорун ва тадбири гурехтан карда ва мутаворӣ[4] шудан ва мумкин набуд бичастан.

Шаби чаҳоршанбе ғурраи шаҳри рачаби санаи хамса ва ишрина ва арбаъа миа[5] нимашаб бо як чокари муътамад аз хона бирафт ва мутанаккир[6], чунонки кас ба ҷой наёвард ва ба хонаи Бусаъиди Саҳлӣ фуруд омад, ки бо вай рост карда буд[7] ва Бусаъид вайро ба зери замини суффа пинҳон карда буд ва ин сардоба дар моҳи гузашта канда буданд ин корро, чунонки касе бар он воқиф набуд. Дигар рӯз Ҳорунро бигуфтанд ки Абдулҷаббор дӯш бигрехтааст, сахт тангдил шуд ва саворон фиристод бар ҳама роҳҳо, боз омаданд ҳеч хабару асар наёфта ва мунодӣ карданд дар шаҳр, ки дар ҳар сарой, ки ӯро биёбанд худованди сароро миён ба дуним зананд. Ва ҷустан гирифтанд ва ҳеч ҷой хабар наёфтанд ва ба Бусаъид туҳмат карданд ҳадиси бурдани Абдулҷаббор ба зери замин ва хонаву зиёъу асбобаш ҳама бигирифтанд ва ҳар касеро, ки бад-ӯ итисол дошт мустасил[8] карданд. Ва Амир Масъуд аз ин ҳол хабар ёфт сахт

---

[1] яъне, парчами сиёҳ.

[2] Нур – деҳаи маъруф дар атрофи Бухоро.

[3] дар бораи Андарғоз ду фикр мавҷуд аст: бо чунин ном деҳае дар Бухоро ва деҳае дар Хоразм буд. Дар ин ҷо мурод Андарғоз – аввалин шаҳри муҳимми Хоразм аст.

[4] мутаворӣ – пинҳоншуда.

[5] соли 425-ҳичрӣ, ки баробар аст бо 22 майи соли 1034.

[6] мутанаккир – ношинос, касе ки барои шинохта нашудан қиёфа ва либоси худро дигар кунад.

[7] яъне, қарор гузошта буд.

[8] истисол – аз бех баркандан, решакан.

тангдил шуд. Ва турфа[1] он буд, ки бо вазир итоб кард, ки Хоразм дар сари писарат шуд ва вазирро ҷуз хомӯшӣ руй набуд, хону монаш бикананд ва заҳра надошт, ки сухан гуфтӣ.

Ва пас аз он ба муддате ошкор шуд ин подшоҳро, ки Ҳорун осӣ хоҳад шуд ба тамомӣ, ки мулаттафаҳо расид бо ҷосусон, ки Бунасри Барғаширо вазорат дод Ҳорун рӯзи панҷшанбе ду рӯз монда аз шаъбони санаи хамса ва ишрина ва арбаъа миа[2] ва бар асари он мулаттафаи дигар расид, рӯзи одина, ки бисту савуми моҳи рамазон хутба бигардонданд ва Ҳорун фармуд, то номи худовандаш набурданд[3] ва номи вай бурданд. Ва мунҳиёни мо он ҷо бар кор шуданд ва ҳамчунин аз они Хоҷа Аҳмад, қосидон мерасиданд ва ҳарчӣ Ҳорун мекард, муқаррар мегашт ва Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, сахт мутаҳайир шуд аз ин кор, ки Хуросон шӯрида буд, намерасид ба забти Хоразм ва бо вазиру бо Бунасри Мушкон халватҳо мекард ва мулаттафаҳои хурди тавқеъӣ мерафт аз Амир сӯйи он ҳашам ба таҳриз[4], то Ҳорунро барандозанд ва албатта ҳеч суд надошт.

Ва Туғралу Довуд ва Янолиёну Салҷуқиён бо лашкари бисёр ва хиргоҳу[5] уштуру асб ва гуспанди беандоза ба ҳудуди Хоразм омаданд ба ёрии Ҳорун ва эшонро чарохӯрду ҷое сара дод ба Работи Моша ва Шароҳхон ва Овхора[6] ва ҳадяҳо фиристоду нузли бисёр ва гуфт: «Бибояд осуд, ки ман қасди Хуросон дорам ва кор месозам чун ҳаракат хоҳам кард. Шумо ин ҷо бунаҳо муҳкам кунед ва бар муқаддамаи ман бираведд». Эшон ин ҷо эйман бинишастанд, ки чун Алитагин гузашта шуд ин қавмро аз писарони вай нафрат уфтод ва ба Нури Бухоро ва ба он навоҳӣ натавонистанд буд ва миёни Салчуқиёну Шоҳмалик таассуби қадиму кинаи саъб[7] ва хун буд ва Шоҳмалик ҷосусон дошта буд ва чун шунуд, ки ин қавм он ҷо қарор гирифтаанд, аз Ҷанд, ки вилояташ буд, дар биёбон барнишаст ва бо лашкаре қавӣ муғофаса саҳаргоҳӣ ба сари он туркманон расид ва эшон ғофил дар зиҳиҷҷаи санаи хамсина ва ишрина ва арбаъа миа[8] се рӯз аз иди азҳо гузашта ва эшонро фурӯ гирифт, гирифтане сахту устувор ва ҳафт-ҳашт ҳазор аз эшон бикуштанд ва бисёр асбу зану бачча асир бурданд ва гурехтагон аз гузаргоҳи Хоразм аз

[1] турфа – чизи нав, чизи аҷиб, камёб.
[2] соли 425-ҳиҷрӣ, ки баробар аст бо 17 июли соли 1034.
[3] яъне, номи Масъудро аз хутбаи Хоразм андохтанд
[4] таҳриз – барангехтан, иғво кардан, таҳрик кардан.
[5] хиргоҳ – хайма, чодар.
[6] Шароҳхон ва Овхора – номи маҳаллаҳое дар Хоразм.
[7] саъб – душвор.
[8] соли 425-ҳиҷрӣ, ки баробар аст бо октябр-ноябри соли 1034.

Ҷайҳун бигзаштанд бар яхе, ки зимистон буд ва ба Работи Намак шуданд ва асбони бараҳна доштанд. Ва баробари Работи Намак деҳе бузург буд ва бисёр мардум буд он ҷо ва хабари он гирифтагон шунуданд. Ҷавонон силоҳ бардоштанду гуфтанд: «Биравему ононро бикушем, то мусалмонон аз эшон бираҳанд». Пире буд навадсола, миёни он қавм мақбулу-л-қавл[1] ӯро ҳурмат доштандӣ. Гуфт: эй ҷавонон, задаро[2] ки ба зинҳори шумо ояд мазанед, ки эшон худ кушта шудаанд, ки бо эшон на зан мондаасту на фарзанд ва на марду на чаҳорпое. Ва таваққуф карданду нарафтанд. *Ва мо аъҷаб-д-дунё ва дувалаҳо ва тақаллуба аҳволиҳо*[3]. Чӣ гуна куштанд эшонро, ки кори эшон дар бастату[4] ҳашмат ва вилояту уддат бад-ин манзалат хосст расид, ки йафъалу-л-Лоҳу мо йашоъу ва йаҳкуму мо юрид[5].

Ва чун ин хабар ба Ҳорун расид, сахт ғамнок шуд ва аммо падид накард, ки икроҳаш омадааст, пӯшида кас фиристод наздики Салҷуқиён ва ваъдаҳо карду гуфт: «Ва фароҳам ойеду мардумони дигар биёред, ки ман ҳам бар он чумлаам, ки бо шумо ниҳодаам». Эшон бад-ин рисолат ором гирифтанд ва аз Работи Намак ба сари буна боз омаданд ва фарзанду уддату олат ва чаҳорпой бештар бишуда буд ва каме монда ва кор сохтан гирифтанд ва мардуми дигар он ҷо боз омаданд.

Ва аз дигар руй Ҳорун расуле фиристод сӯйи Шоҳмалик ва итоб кард гуногун, ки «Биёмадию қавмеро, ки ба ман пайвастаанд ва лашкари ман буданд, вайрон кардӣ. Боре агар ба ибтидо бо ту чунин ҷафоҳо эшон кардаанд, ту ҳам мукофот кардӣ. Акнун бояд, ки бо ман дидор кунӣ ва бояд бо ҳам аҳд кунем ва ту маро бошӣ ва ман туро ва озореву ваҳшате, ки миёни туву Салҷуқиён аст, ҷаҳд кунем, то бардошта ояд, ки ман рӯй ба муҳимме бузург дорам ва Хуросон бихоҳам гирифт». Вай ҷавоб дод, ки «Сахт савоб омад, ман бар ин ҷониби Ҷайҳун хоҳам буд, ту низ ҳаракат кун ва бар он ҷониб фуруд ой, то расулон ба миёна дароянд ва он чӣ ниҳоданист, ниҳода ояд ва чун аҳд баста омад, ман дар завраке ба миёни Ҷайҳун оям ва ту низ ҳамчунин биёӣ, то дидор кунем ва фавҷе мардуми қавӣ аз они хештан ба ту диҳам, то дар ин шуғл, ки дар пеш дорӣ, туро дастёр бошанд ва ман сӯйи Ҷанд бозгардам. Аммо шарт он аст, ки дар

---

[1] мақбулулқавл – касе, ки суханаш назди дигарон пазируфта мавриди қабул бошад.

[2] шикаста, мағлуб.

[3] тарҷ: чӣ шигифт аст дунё ва гаравишҳои замона ва баргашти аҳволу тағйири замона.

[4] бузургӣ ва вусъат.

[5] тарҷ: Худо кунад он чӣ фармояд ва ҳукм кунад он чӣ ирода фармояд.

боби Салҷуқиён ба ман сухан нагӯӣ ба сулҳ, ки миёни ҳарду гурӯҳ хуну шамшер аст ва ман хоҳам зад, то аз тақдири Эзад, азза зикруҳу, чӣ падид ояд».

Ҳорун бар ин ҷавоб биёромид ва бисохт омадану дидор кардандро бо лашкаре гарону ороста қариби сӣ ҳазор сабораву пиёда ва ғуломони бисёре ва кавкабае бузург ба ҷой омад, ки онро замири он ҷо тамом аст, се рӯз боқӣ монда аз зиҳиҷҷаи санаи хамса ва ишрина ва арбаъа миа[1] ва бар карони об баробари Шоҳмалик нузул кард ва Шоҳмалик уддату олат бар он ҷумла дид, битарсид ва сиқоти[2] хешро гуфт: «Моро коре баромад ва душманони хешро қаҳр кардем ва савоб он аст, ки гургоштие кунему боз гардем, ки набояд, ки хатое уфтад ва ҳунари бузург он аст, ки ин Ҷайҳун дар миён аст». Гуфтанд: «Ҳамчунин бояд кард». Пас расулон шудану омадан гирифтанд, аз ҳарду ҷониб ва аҳде карданду ба миёни Ҷайҳун омаданд ва дидор карданду зуд бозгаштанд. Ногаҳон бехабари Ҳорун нимашаб Шоҳмалик даркашиду роҳи биёбони Ҷанд вилояти хеш бигирифт ва ба таъҷил бирафт. Ва хабар ба Ҳорун расид, гуфт: «Ин мард душмане бузург аст, ба Хоразм омаду Салҷуқиёнро бизад ва бо мо дидор кард ва сулҳе бияфтод ва ҷуз зимистон, ки ин биёбон барф гирад, аз Ҷанд ин ҷо натавон омад ва ман руй ба Хуросон ва шуғле бузург дорам, чун аз ин ҷо биравам боре дилам бозпас набошад». Гуфтанд: «Ҳамчунин аст».

Ва Ҳорун низ бозгашту ба Хоразм боз омад ва корҳои рафтан ба ҷиддтар пеш гирифт ва мардум аз ҳар ҷонибе рӯй бад-ӯ ниҳоданд аз куҷоту ҷуғроқ ва хафчоҳ[3] лашкаре бузург омаду ёрӣ дод Салҷуқиёнро ба сутуру силоҳ, то қуввате гирифтанду мисол дод, то ба Дарғон, ки сарҳади Хоразм аст, муқом карданд, мунтазири он, ки чун вай аз Хоразм манзиле панҷу шаш биравад, саворе се-чаҳор ҳазор аз қавм бираванд, то бар муқаддама сӯйи Марв раванд ва вай бар асари эшон биёяд.

Ва ин ахбор ба Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу, мерасид аз ҷиҳати мунҳиёну ҷосусон ва вай бо вазиру Бунасри Мушкон менишаст ба халват ва тадбир месохтанд. Вазир Аҳмади Абдуссамад гуфт: «Зиндагонии Султон дароз бод, ҳаргиз ба хотири кас нагузашта буд, ки аз ин мудбарак[4] ин ояд ва фарзандони Олтунтош ҳама нопок баромаданд ва ин махзули мудбар аз ҳамагон батар омад. Аммо ҳаргиз ҳеч банда роҳи каж нагирифт ва бар худованди хеш берун наёмад, ки суд кард, бубинад худованд, ки бад-ин

[1] соли 425-ҳичрӣ, ки баробар аст бо 13 ноябри соли 1034.
[2] муътамадон.
[3] куҷот, ҷуғроқ, хафчох – номи қабоили турк.
[4] мудбарак – бахтбаргаштаи пасту ҳақир; мудбар – бадбахт.

кофирнеъмат чӣ расад. Ва банда ҳилат кардааст ва сӯйи Бусаъиди Саҳлӣ, ки писарам ба хонаи у мутаворӣ аст, ба муаммо навишта омадааст, то чандонки даст дар равад[1] зар базл кунанду гурӯҳеро бифиристанд, то магар ин мудбарро битавон кушт ва эшон дар ин кор ба ҷидд истодаанд ва набиштаанд, ки ҳашт ғуломро аз наздиктари ғуломон ба Ҳорун бифирефтаанд, чун силоҳдору чатрдору аламдор ва бар он ниҳодаанд, ки он рӯз, ки аз шаҳр биравад, магар дар роҳ битавонанд кушт, ки дар шаҳр мумкин намегардад аз дасти Шакари Ходим, ки эҳтиёти тамом пеш гирифтааст. Умед аз Худой, азза ва ҷалла, он ки, ин кор барояд, ки чун ин сагро[2] кушта ояд, корҳо ҳама дигар шаванд ва он лашкар бипароганад ва низ фароҳам наёяд.

Амир гуфт: «Ин сахт нек тадбиру раъй будааст, мадад бояд кард ва аз мо умед дод ин гурги пирро[3], то охири кораш сохта ояд дар чаҳор-панҷ моҳ». Ва чун Ҳорун аз корҳо фориғ шуд ва вақти ҳаракат фароз омад саропардаи мудбарашро бо дигар созҳо бурданд ва се фарсанг аз шаҳр берун заданд ва вай аз толеъи манҳус[4] барнишасту аз шаҳр берун омад, рӯзи якшанбе ва дуюми ҷумодалухрои санаи ситта ва ишрина ва арбаъа миа[5] бо уддате сахт тамом биронд бар он, ки Хуросон бигирад ва қазо бар вай механдид, ки ду рӯзи дигар гузашта хост шуд. Ва бо он ғуломони дигар, ғуломони саройӣ байъат карда буданд. Чун саройпардаи мард наздик расид, бар боло биистод ва Шакари Ходим машғул шуд дар фуруд омадани ғуломони сароӣ ва пиёдае чанд саркаш низ дур монданд. Он ғуломони саройӣ шамшеру ночаху[6] даббус[7] дарниҳоданду Ҳорунро бияфканданд ва ҷон дошт, ки эшон бирафтанд ва кавкабаи ғуломон бо эшон. Ва Шакари Ходим чун мадҳуше биёмад, то Ҳорунро бардоштанду овоз доданд, ки зинда аст ва дар маҳди пил ниҳоданд ва қасди шаҳр карданд. Ва ҳазоҳизе бияфтод ва ташвише тамом ва ҳар кас ба хештан машғул гашт, то худро дар шаҳр афганд ва қавӣ заъифро бихӯрду ғорат кард ва он низом бигусасту ҳама табоҳ шуд. Ва Ҳорунро ба шаҳр оварданд ва саворон рафтанд ба думи кушандагон.

Ва Ҳорун се рӯз бизист ва рӯзи панҷшанбе фармон ёфт. Эзиди таъоло бар вай раҳмат кунод, ки хуб буд, аммо бузург хатое кард, ки

---

[1] яъне, муяссар шавад.
[2] манзур Ҳорун аст.
[3] мурод Бусаъиди Саҳлӣ аст, ки марде корозмудаву ботаҷриба буд.
[4] манҳус – шум, нофарҷом, бадбахт, наҳс.
[5] соли 426-и ҳичрӣ , ки баробар аст бо 14 апрели соли 1035-и милодӣ.
[6] ночах – найзаи кӯчак.
[7] даббус – гурзи оҳанӣ, амуд.

бар тахти худованд нишаст ва гунҷишкро ошёнаи боз талаб кардан муҳол аст. Ва аз вақти Одам алайҳиссалом ило явмино ҳозо[1] қонун бар ин рафтааст, ки ҳар банда, ки қасди худованд кардааст, ҷони ширин бидодааст ва агар якчанде боде хезад, аз даст шаваду бинишинад. Ва дар таворих тааммул бояд кард, то муқаррар гардад, ки аз ин нусхат бисёр будааст дар ҳар вақтеву ҳар давлате. Ва ҳоли Туғрали мағрури махзул[2] нигоҳ бояд кард, ки қасди ин хонадон кард ва ба бар тахти амирон Маҳмуду Масъуду Мавдуд бинишаст, чун шуд ва сарҳанги туғралкуш[3] ба ӯву пайвастагони ӯ чӣ кард? Эзид, азза ва ҷалла, оқибат ба хайр кунод.

Чун хабар ба шаҳр уфтод, ки ки Ҳорун рафт, ташвиши бузург ба пой шуд. Шакари Ходим барнишаст ва бародари Ҳорунро Исмоил мулаққаб ба Хандон дар пеш кард бо ҷумлаи ғуломони худовандмурда ва по аз шаҳр берун ниҳоданд ва рӯзи одина, бистуми ҷумодаулухро[4] ва шаҳр биёшуфт. Ва Абдулҷаббор шитоб кард, ки вайро низ аҷал омада буд, ки чун Хандону Шакар ва ғуломон бирафтанд, ӯ аз мутаворичой[5] берун омад ва қасди саройи иморат кард ва Саҳлӣ[6] мегуфт, ки «Бас зуд аст ин барнишастан, сабр бояд кард, то Шакару Хандон ва ғуломон ду се манзил бираванд ва ҳамчунин Олтунтошиён биёянд ва лашкариёни султонӣ ба ту расад, ки шаҳр ба ду гурӯҳ асту ошуфта», фармон набурд ва пил бironду ғавғое бар вай гирд омад. Камо қила фи-л масали изо иҷтамаъу ғалабу ва изо тафаррақу лам йуърафу[7]. Ва омад то майдону он ҷо бидошт ва буқу духул мезаданд ва қавми Абдулҷаббор дар ҳар ҷое, ки пинҳон буданд меомаданд ва наъра мебаровардand ва ташвише ба пой шуд сахту азим. Шакар аз каронаи шаҳр бозтохт бо ғуломе понсад ороста ва сохта ва наздики Абдулҷаббор омад ва агар Абдулҷаббор онро лутфе карда будӣ, ки оромӣ пайдо шудӣ, накард ва гуфт Шакарро «Ай фулон, фулонӣ ту». Шакар ғуломонро гуфт: «Диҳед!»[8] Ва аз чапу рост тир равон шуд сӯйи пил, то мардро ғирбел карданд ва кас заҳра надошт, ки вайро ёрӣ додӣ ва аз пил бияфтоду

---

[1] то ин рӯзҳо.

[2] мурод ғулом Туғрал аст, ки соли 1054 исён карда Абдурашид ва дигар амирзодагони ғазнавиро кушт.

[3] манзур Нӯштагини Шаробӣ ё Зубиндор аст, ки Туғрали осиро ба қатл расонид.

[4] баробар бо 2 майи соли 1035-и милодӣ.

[5] ҷойи пинҳоншуда.

[6] мурод Бусаъиди Саҳлӣ аст, ки Абдулҷабборро пинҳон карда буд.

[7] тарҷ: ошӯбгарон чун гирд оянд чира шаванд, ва чун бипарокананд, шинохта наёянд.

[8] занед.

ҷон бидод ва расане дар пойи ӯ бастанд риндону ғавғо[1] гирди шаҳр мекашиданду бонг мекарданд.

Исмоил Хандон ва Олтунтошиён боз қувват гирифтанд ва қавми Абдулҷаббор куштаву кӯфта ва нопадид гаштанд. Ва касон фиристоданд ба мужда наздики Исмоил, ки чунин итифоқе бияфтод нек, баргарду ба шаҳр боз ой. Исмоил сахт шод шуд ва мубашширонро бисёр чиз доду назрҳо кард ва садақаҳо пазируфт ва сӯйи шаҳр омад ва чоштгоҳи рӯзи шанбе, бисту ҳафтуми моҳи ҷумодалухро[2] ва Шакар ва ғуломону мардуми шаҳр пазира шуданд ва вай бар шаҳр даромаду ба кушк қарор гирифт. Ва шаҳрро забт карданд ва ҷунбишиён гумоштанд ва он рӯз бад-ин машғул буданд, то нимашаб он чӣ ниҳоданӣ буд бо Исмоил ниҳоданд ва аҳдҳо карданду моли байъатӣ бидоданд. Ва дигар рӯз ал-аҳада тосиъа ва-л ишрина мин ҷумодалухро санати ситта ва ишрина ва арбаъа миа[3] Исмоил ба тахти мулк нишаст ва бор дод ва лашкару аъён ҷумла биёмаданд ва амирӣ бар вай қарор доданд ва хидмату нисор карданду бозгаштанд ва қарор гирифту биёромид.

Ва чун хабар ба Амир Масуд расид вазирро таъзият кард бар мусибати бузург ва бештари мардум баруфтода. Ҷавоб дод, ки «Худовандро зиндагонӣ дароз боду сарсабз бод, бандагон ва хоназодагон ин корро шоянд, ки дар тоъату хидмати худовандон ҷон бипардозанд. Ва гузашта гузашт, тадбири кори навуфтода бояд кард». Гуфт: «Чӣ бояд кард бо ин мудбари нав, ки нишонданд?» Гуфт: «Расуле бояд фиристод пӯшида аз лашкри Олтунтош ва худованд номаҳои тавқеъӣ фармояд ба Албатагини Ҳоҷиб ва дигар муқаддамони маҳмудӣ, ки агар мумкин гардад, ин кӯдакро насиҳат кунанд ва мани бандаро он чӣ бояд набишт ба Бусаъиди Саҳлӣ ва Булқосим Искофӣ, то чӣ тавонанд кард». Гуфт: «Нек омад!» Ва бозгашт. Ва расуле номзад шуд ва номаҳои султонӣ дар рӯз набишта омаду бирафт ва пас аз он боз омад ва маълум шуд, ки кори мулк бар Шакари Ходим мерафт ва ин кӯдак машғул ба хӯрдану шикор кардан ва кас ӯро ёд намекард ва Албтагин ва дигарон ҷавобҳо навиша буданду бандагӣ намуда ва узрҳо оварда ва гуфта, ки ин ноҳия ҷуз ба шамшеру сиёсат рост наистад, ки қоидаҳо гаштааст ва корҳоро Ҳорун табоҳ карда. Амир навмед гашт аз кори Хоразм, ки бисёр муҳиммот дошт бо Хуросону Рай ва Ҳинустон, чунонки боз намудам пеш аз ин дар тасниф.

---

[1] аҳли балвову ошӯб.

[2] 9 майи соли 1035-и милодӣ.

[3] якшанбе, 29 ҷумодалухрои соли 426-ҳичрӣ, ки баробар аст бо 11 майи соли 1035-и милодӣ.

Ва чун ҳоли Хоразм ва Ҳорун бар ин ҷумла рафт, Салҷуқиён навмедтар шуданд аз кори хеш, на ба Бухоро тавонистанд рафт, ки Алитагин гузашта шуда буд ва писаронаш мулк бигирифта ва қавме бесару сомон ва на ба Хоразм битавонистанд буд, аз бими Шоҳмалик. Ва аз Хоразм тадбири омадани Хуросон бисохтанд, то ба зинҳор оянд. Ва мардум сохта буданд пас муғофаса даркашиданду аз об бигузаштанд ва он рӯз ҳафтсад[1] савора буданд, ки аз об бигузаштанд, аз паси он мардуми бисёр бад-эшон пайваст ва Омӯйро[2] ғорат карданду бигзаштанд ва ба ҷониби Марву Нисо омаданд ва бинишастанд. Ва бад-он вақт, ки мо аз Омулу Табаристон бозгашта будем ва бар Гургон расида, чунонки бигзашт дар таърих сахт машруҳ, ки он ҳолҳо чун рафт. Ва фоидаи ин боби Хоразм ин аст, ки асли ин ҳаводис муқаррар гардад, ки чун буд рафтани Салҷуқиён аз Хоразм ва омадан ба Хуросон ва боло гирифтани кори эшон .

Ва Шоҳмалик расуле фиристод наздики Исмоил ба Хоразм ва пайғом дод, ки «Ҳорун Салҷуқиёнро, ки душманони ман буданд ва эшонро бизадам ва бе мардум кардаму ночиз ва бенузл шуданду беманзил, қавӣ кард ва кофирнемат шуд ва қасди худованду вилояташ кард, бар он, ки эшон бар муқаддима бошанд ва Худой, азза ва ҷалла, написандиду бирасид бад-ӯ он чӣ расид ва Салҷуқиён ба Хуросон рафтанд. Ва агар маро бо Ҳорун аҳде буд, он гузашт ва имруз миёни ману аз они шумо шамшер аст ва меоям, сохта бошед, ки Хоразмро хоҳам гирифт ва шумоёнро, ки кофири неъматед, барандохт. Ва чун аз шумо фориғ шавам, ба Хуросон равам ва Салҷуқиёнро, ки душманони мананд, ба тамомӣ овора кунам, дар хидмат ва ҳавои Султон. Ва донам, ки он худованд ин вилоят аз ман дареғ надорад, ки чунин хидмате карда бошам ва душманро аз вилояти вай барканда». Ва дар сари Шоҳмалик ин боди кибру тасаллуф[3] Аҳмади Абдуссамад ниҳод, то Исмоил ва Шакар баруфтоданд, ӯ кини писари хеш ва қавм боз хост, ҳарчанд Шоҳмалик низ дар сари ин шуд, чунонки дар рӯзгори мулки Амир Мавдуд, раҳматуллоҳи алайҳи, оварда шавад. Ва Исмоилу Шакар ба ҷой оварданд, ки он тир аз ҷаъбаи[4] вазир Аҳмади Абдуссамад рафтааст ва ин боб бештар вай ниҳодааст. Расули Шоҳмаликро боз гардониданд бо ҷавобҳои сахту дурушт ва гуфтанд: «Мо сохтаем, ҳар гоҳ, ки мурод бошад, бибояд омад ва гуноҳ Ҳорунро буд, ки чун чашм бар ту афганд, бо лашкари бад-он бузургӣ ва тавсиф,

[1] дар баъзе нусхаҳо нуҳсад омадааст.
[2] Омӯй – номи бандар ва шаҳр.
[3] тасаллуф – лоф задан, газоф гуфтан.
[4] ҷаъба – тирдон.

Салҷуқиёнро, ки табъи[1] вай буданд, нагуфт, ки димор аз ту барованд, то имрӯз чунин хоб бинӣ».

Ва пас аз муддате Бунасри Базғаширо[2], ки бар шуғли вазорат буд, фурӯ гирифтанд ва Булқосими Искофиро вазорат доданд, ғурраи муҳаррами санаи самона ва ишрина ва арбаъа миа[3] ва баҳонаи нишондани[4] Базғашӣ он ниҳоданд, ки ҳавои Амир Масъуд мехоҳад. Ва Аҳмади Абдуссамад ӯрову Шоҳмаликро мадад медод, ҳам ба раъйи дуруст ва ҳам ба расулу номаҳои султонӣ, то кор бад-он ҷо расид, ки чун кори Салҷуқиён боло гирифт, бад-он чӣ Багтуғдӣ ва ҳоҷиб Субоширо бишикастанд[5] ва Амир холӣ кард бо вазиру гуфт: «Таъаддии Салҷуқиён аз ҳадду андоза мебигзарад, вилояти Хоразм Шоҳмаликро бояд дод, то тамаъро фуруд ояд[6] ва ин кофирони неъматро барандозаду Хоразм бигирад, ки ба омадани ӯ он ҷо дарди сар аз мо дур шавад, ҳам аз Хоразмиёну ҳам аз Салҷуқиён». Вазир гуфт: «Худованд ин раъй сахт некӯ дидааст ва маншуре набиштанд ба номи Шоҳмалик ва хилъате некӯ бо он зам карданд ва Ҳасани Таббонӣ, ки яке буд аз фурудасттари муътамадони даргоҳ ва расулиҳо кардӣ, пире гурбуз[7] ва писандидараъй бо чанд савор номзад карданд ва вай бирафт бо хилъату маншур ва пайғомҳои ҷазм[8].

Ва муддате дароз рӯзгор гирифт омадшуди[9] расулон миёни Шоҳмалику Хоразмиён ва бисёр сухан рафт, ки Шоҳмалик мегуфт ва ҳуҷҷат бармегирифт, ки Амир Масъуд амири ба ҳаққ аст ба фармони амирулмуъминин ва вилоят моро додааст ва шумо ин вилоят бипардозед[10] ва Хоразмиён ҷавоб медоданд, ки эшон касро нашиносанд ва вилоят эшонрост ба шамшер аз эшон бибояд ситад ва бибояд омад, то Эзид, азза зикруҳу, чӣ тақдир кардааст ва даст киро бошад[11]? Ва Шоҳмалик фуруд омад бо лашкари бисёре ба саҳрое, ки онро Асиб гӯянд ва баробар шуд бо Шакар рӯзи одина, шашуми моҳи ҷумодалухрои санаи иснатайн ва салосина ва арбаъа миа[12]; ҷанге рафт миёни эшон се шабонарӯз, чунонки осиёб бар хун

---

[1] табъи – тобеъи.
[2] дар баъзе нусхаҳо Барғашӣ.
[3] соли 427-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо 25 октябри соли 1036-и милодӣ.
[4] нишондан – зиндон кардан.
[5] яъне, шикаст доданд.
[6] ба иллати тамаъкорӣ ба Хоразм дарояд.
[7] гурбуз ё гурбиз – ҳилагар, маккор, зирак,
[8] ҷазм – яқин, бовар, устувор.
[9] омадурафт.
[10] яъне, холӣ кунед.
[11] яъне, пирӯзӣ аз кӣ бошад?
[12] соли 432-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо 11 феврали соли 1041-и милодӣ.

бигашт ва бисёри мардум аз ҳарду рӯ кушта омад ва Ҳасани Таббонӣ бо Шоҳмалик буд. Пас аз он маро гуфт, ки дар бисёр ҷангҳо будам бо Амир Маҳмуд, чун Марву Ҳирот ва Симҷуриён ва зафар дар Марв ва Хониёт ба Дашти Курд[1] ва ҷуз он, чунин ҷанг, ки дар миёни ин ду гурӯҳ уфтод, ёд надорам. Ва охир даст[2] Шоҳмаликро буд, рӯзи савум намози пешин Хоразмиёнро бизад ва баргаштанд ва ба ҳазимат ба шаҳр омаданд ва ҳисор бигирифтанд. Агар ҷанги ҳисор кардандӣ, бипечидию[3] кор дароз шудӣ, накардандӣ, ки хизлони[4] Эзид, азза зикруҳу, бар эшон расида буд ва Шоҳмалик ба работе, ки эшонро он ҷо бизад, понздаҳ рӯз бибуд, то куштагонро дафн карданд ва маҷруҳон дуруст гаштанд ва расулон мешуданду меомаданд ва Хоразмиён сулҳ ҷустанду моле бидоданд. Шоҳмалик гуфт: «Вилоят хоҳам, ки ба фармони амирулмуъминин марост».

Ва аз иттифоқи сара[5] лашкари дигар омад Шоҳмаликро нек сохта ва бад-эшон қавидил гашт; ва Хоразмиён умед гирифтанд, ки хасм соат ба соат тоза гардад. Ва аз қазову иттифоқи нодир, коре уфтод, ки Исмоилу Шакару Олтунтошиёнро битарсониданд аз лашкари эшон ва миёни онон ду гурӯҳе афганданд ва сурат баст Исмоилу Шакарро, ки эшонро фурӯ хоҳанд гирифт, то ба Шоҳмалик диҳанд ва ин Амир Масъуд сохтааст ва вазираш Аҳмади Абдуссамад ва ҳашами султонӣ дар ин боб бо эшон ёр аст. Исмоил бо Шакар ва хоссагони хеш ва Олтунтошиён бигрехт аз Хоразм то пеши Салҷуқиён бираванд, ки бо эшон яке буданд, рузи шанбе бисту дувуми раҷаби санаи иснина ва салосина ва арбаъа миа[6]. Ва он рӯз, ки Исмоил рафт, Шоҳмалик ба думи у лашкар фиристод, то сари ҳудуд бирафтанд ва дарнаёфтанд; ва Шоҳмалик берун монд бист рӯз, то корро қарор дод ва шаҳр ором гирифт ва касоне, ки омаданӣ буданд, ба хидмат ва зинҳор омаданд. Ва чун донист, ки кор рост шуд ба шаҳр омад ва бар тахти мулк бинишаст, рӯзи панҷшанбе, нимаи шаъбони санаи иснина ва салосина ва арбаъа миа[7], нисорҳо карданду шаҳр озин бастанд ва халалҳо зоил гашт. Рӯзи одина, дигар рӯз ба масҷиди ҷомеъ омад бо бисёр савораву пиёдаи сохта ва кавкабае бузург ба номаи амирулмуъминин ва Султон Масъуд ва пас ба номи вай хутба карданд. Ва аҷоиби ин бояд шунуд: он рӯз, ки

[1] ишора ба чанд набарде, ки бо пирӯзии Ғазнавиён анҷом ёфта буд.
[2] пирӯзӣ.
[3] душвору тулонӣ.
[4] хору фурӯ гузоштан.
[5] нек.
[6] соли 432-и ҳичрӣ, ки баробар аст бо 28 марти соли 1041-и милодӣ.
[7] соли 432-ҳичрӣ, ки баробар аст бо 20 апрели соли 1041-и милодӣ.

ба номи Амир Масъуд он ҷо хутба карданд, пеш аз он ба муддате вайро ба Қалаи Гирӣ[1] кушта буданд. Ва Амир Мавдуд дар ин шаъбон, ки Шоҳмалик хутба бигардонид ба Данпур[2] омад ва ҷанг кард ва аммро[3] бигирифт бо писаронаш ва бо касоне, ки бо подшоҳ ёр буданд ва ҳамагонро бикушт, чунонки дар бақияти рузгори Амири Шаҳид Масъуд, разияллоҳу анҳу ва навбати Амир Мавдуд, разияллоҳу анҳу ба тамомӣ, чунонки будааст, ба шарҳ боз намуда ояд, иншоаллоҳ.

Ва Салҷуқиён бо Исмоилу Шакару Олтунтош вафо накарданд ва рӯзе чандашон некӯ доштанд ва охир бибастанд[4], Эзид, азза ва ҷалла, донад, ки инро сабаб чӣ буд ва Олтунтошиён ҳама залил шуданду баруфтоданд ва боз намоем дар рӯзгори Амир Мавдуд, ки ҳоли Хоразм ва Шоҳмалик чун шуд, то он гоҳ, ки Шоҳмалик бар ҳавои давлати маҳмудӣ ба дасти Салҷуқиён уфтод ва гузашта шуд ва занону фарзандони эшон ҳама ба дасти боғӣ[5] уфтоданд, ки ҳама наводир асту аҷоиб.

Ин боби Хоразм ба поён омад ва дар он бисёр фавоид аст аз ҳар ҷинс ва агар гӯем алоҳида китобест аз хабар, аз ростӣ берун набошем. Ва хирадмандонро дар ин боб ибрати бисёр аст. Ва чун аз ин фориғ шудам, бобе дигар пеш гирифтам, то он чӣ ваъда кардаам, тамом кунам, иншоаллоҳу таъоло.

Поёни китоб

[1] Гирӣ – қалъае, ки Масъудро бо ишораи фарзандони бародараш Муҳаммад ба қатл расониданд.

[2] Динпур ё Данпур дар Ҷалолооободи кунунӣ воқеъ аст. Зикри ин шаҳр дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам омадааст. Ӯ менависад:

Зи Зобулситон то ба дарёи Синд,
Ҳама Кобулу Данпуру мои Ҳинд

[3] амм – амак, манзур Амир Муҳаммад аст.

[4] зиндон карданд.

[5] боғӣ – саркаш, исёнгар, ситамгару нофармон; манзур аз боғӣ Салҷуқиёнанд.

ФЕҲРИСТИ НОМИ КАСОН

Аббосиён –
Абдулазиз ибни Нуҳи Сомонӣ
Абдулғаффор -
Абдуллоҳи дабир -
Абдуллоҳи Зубайр -
Абдуллоҳи Қротагин -
Абдуллоҳи Порсӣ -
Абдуллоҳи Тоҳир -
Абдулҷаббор (писариАҳмадиАбдуссамад) -
Абдумалики Тӯсӣ
Абдумалики Марвон -
Абдумалики Муставфӣ -
Абдумалики наққоши муҳандис -
Абдураззоқ (писари Аҳмад Ҳасани Маймандӣ) -
Абдураззоқи Муставфӣ -
Абдурашид (писари Султон Маҳмуд) -
Абдураҳмон (писари Амир Муҳаммад) -7
Абдураҳмони Қаввол -
Абдусалом (раиси Балх) -
Абдус -
Абубакри Сиддиқ -
Абулмузаффари Барғашӣ -
Абулмузаффар ибни Аҳмад -
Абулқосими Касир –
Абулқосими Розӣ -
Абулҳасани Кудёнӣ -
Абулфазли Байҳақӣ –
Абулҳайсам (қозӣ) -
Абунаҷми Айёз -
Абуҳанифа (Абуҳанифаи Искофӣ) -
Абурайҳон (Берунӣ) –
Абусаҳли Ҳамдавӣ -
Абутоҳири Симҷурӣ -
Абумансури Саъолибӣ -
Абутаййиби Мусъабӣ -
Абунасри Мушкон (Бунаср) –
Абуя (бозаргон) -
Азудуддавла -
Азизи Бушанчӣ -
Айнуддавла (бародари Буритагин) -

Айюб
Алавӣ (СаййидАбдулазиз) -
Алавӣ (расулиАлитагин)
Алавии Зайнабӣ -
Алӣ (писари Аҳмад Ҳасани Маймандӣ) -
Алӣ ибни Абисаъид
Алӣ ибни Исоибни Моҳон (Алӣ Исои Моҳон) -
Алӣ ибни Мусо ар-Ризо (Имом Ризо) -
Алӣ Доя -
Алии Қариб (Хешованд, Ҳоҷиби Бузург) -
Алии Қуҳандизӣ -
Алии Микойил -
Алӣ Роиз -
Алӣ Абдуҷалил -
Албтагин (Алптагин) (сипоҳсолори Сомониён) -
Албтагин (расул) -
Албтагини Бухорӣ -
Албтагини Ҳоҷиб -
Алитагин (қарохонӣ) –
Алоуддавла Коку (Писари Коку) –
Амири Мозӣ (СултонМаҳмуд) –
Амири Одил (Сабуктагин) -
Амир Маҳмуд –
Амир Мардоншоҳ -
Амир Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ -
Амир Масъуд –
Амир Наср -
Амир Разӣ -
Амир Саъид (фарзанди Масъуд) –
Амир Юсуф –
Амираки Байҳақӣ -
Амираки Хуморчӣ -
Амр ибни Лайс -
Андалеб -
Асмо -
Асҷадӣ -
Афшин –
Аҳмади Сомонӣ -
Аҳмади Арслони Хозин -
Аҳмад ибни Аби Асбаъ -
Аҳмад ибни Абудовуд -
Аҳмади Ҷомадор -

Аҳмад Ҳасани Маймандӣ -
Аҳмади Таштдор -
Аҳмади Тӯғон -
Аҳмади Абдуссамад –
Аҳмад Алии Нӯштагин -
Аҳмади Янолтагин -
Аҳмади Микоййил -
Аҳнафи Қайс -
Артагин -
Ардашери Бобакон -
Аристотолис (Арасту) -
Арслонхон (хони Туркистон) -
Арслонҷозиб -
Арслони Самарқандӣ -
Арёруқ –

Б

Багтагин (ҳоҷиб) -
Багтагин (обдор) -
Багтагини чавгонӣ -
Багтузун -
Багтуғдӣ -
Бағӯй -
Бадри Ҳоҷиб -
Балъамӣ -
Бани Аббос -
Бани Умайя -
Бани Ҳошим -
Бармакиён -
Бартолд В.В. -
Бахтиёр -
Баҳроми Гӯр -
Баҳроми нақиб -
Баҳроми тарҷумон -
Билқис -
Бобак (хуррамдин) -
Бойтагин -
Бойтагини Заминдоварӣ -
Бокаличор -
Буабдуллоҳи Порсӣ -
Буабдуллоҳи Ҳотамӣ -
Буалии Завзанӣ -
Буалии Исҳоқ -

Буалӣ (писари Нӯштагин) -
Буалии Кутвол -
Буалии Симҷур -
Буалии Чағонӣ -
Буалии Ҳоҷиб -
Буалии Расулдор -
Буалии Шодони Тӯс -
Бубакр (писари Қозии Бӯлонӣ) -
Бубакр (писари Булқосим Алии Нӯкӣ) -
Бубакри дабир -
Бубакр Исҳоқ Маҳамшоди Каромӣ -
Бубакри Мубашшир -
Бубакри Ҳасирӣ -
Бубакри Ҳоҷиб -
Бубакри Шаҳмард -
Бубакри Сиддиқ (Абубакр ибни Абиқаҳҳоф) -
Буғрохон (падари Қадархони қарохонӣ) -
Буғрохон (писари Қадархони қарохонӣ) -
Буғротагин -
Будулаф (Қосим ибни Исо) -
Бузургмеҳр -
Буаҳмади Такалӣ -
Буаҳмади Халил -
Буиброҳими Қоинӣ -
Буисҳоқи Дабир -
Буисҳоқи Собӣ -
Буаълои Табиб -
Бубашири Табонӣ -
Булаббоси Саффоҳ -
Булаббоси Забӣ -
Буқа -
Булқосим (солори Бузгон) -
Булқосим Алии Нӯкӣ -
Булқосими Аскофӣ (Хоразм) -
Булқосими Аскофӣ (дабир) -
Булқосими Булҳакам -
Булқосими Домғонӣ -
Булқосими Домод -
Булқосими Касир
Булқосими Каҳҳол -
Булқосими Нишобурӣ -
Булқосими Раҳҳол -

Булқосими Симчур -
Булқосими Ҳакимак (надим) -
Булқосими Ҳотамак -
Булқосими Ҳурайш (дабир) -
Булқосими Ҳасирӣ -
Булониён -
Бумансур (дабир) -
Бумансури Муставфӣ -
Бумансури Табиби Тайфур -
Бумансур (девонбон) -
Булмаҳосин (раиси Гургон)
Булмузаффари Ҳабашӣ -
Булмузаффари Ҷумҳӣ -
Бумуслим -
Бумутеъи Сакзӣ -
Бумуҳаммади Бастомӣ -
Бумуҳаммади Дарғободӣ -
Бумуҳаммади Алавӣ -
Бумуҳаммади Қоинӣ -
Бумуҳаммади Микойил -
Бумуҳаммади Мусъадӣ -
Бумуҳаммади Ҳошимӣ (расули халифаи Бағдод) -
Бунназр (ҳоҷиб) -
Бунназри Рахузай (Рахузӣ) -
Бунавос -
Бунаими Надим -
Бунасри Байҳақӣ -
Бунасри Бомиёнӣ -
Бунасри Бустӣ -
Бунасри Бусаҳли Ҳамадонӣ -
Бунасри Мушкон -
Бунасри Нӯкӣ -
Бунасри Синӣ (қозӣ) -
Бунасри Табиб -
Бусаййиди дабир -
Бусаҳл Аҳмад Алӣ -
Бусаҳли Исмоил -
Бусаҳли Лакшан -
Бусаҳли Ҳамадонӣ -
Бусаҳли Пардадор -
Бусаҳли Ҳамдавӣ -
Бусаҳли Завзанӣ -

Бусаъди Ғассон -
Бусаъид (бародари Ироқии дабир) -
Бусаъиди Бағлонӣ -
Бусаъид Муҳаммади Тоҳир -
Бусаъиди Саҳл -
Бусаъиди Саҳлӣ -
Бусаъиди мушриф -
Бусодиқи Таббонӣ -
Бусолеҳи Таббонӣ -
Булфазл (писари Аҳмади Микойил) -
Булфазли Бадеъ -
Булфазли Бустӣ -
Булфазл (Байҳақӣ, муаллиф) -
Булфазли Курникӣ -
Булфатҳи Бустӣ (маъруф) -
Булфатҳи Бустӣ -
Булфатҳи Домғонӣ -
Булфараҷи Кирмонӣ -
Булфатҳи Лайс -
Булфарақи Порсӣ
Булфатҳи Розӣ -
Булфатҳи Ҳотамӣ -
Булҳасан (писари Буалии Симҷурӣ) -
Булҳасани Булонӣ (қозӣ) -
Булҳасани Бӯя -
Булҳасани Ҳарбалӣ -
Булҳасани Халаф -
Булҳасани Дилшод (дабир) -
Булҳасани Сайёрӣ -
Булҳасани Симҷур -
Булҳасани Абдуҷалил -
Булҳасани Ирокӣ (дабир) -
Булҳасани Уқайлӣ -
Булҳасани Алӣ (ҚозииШерозӣ) -
Булҳасани Алавӣ -
Булҳасани Карҷӣ -
Булҳасани Қурайшӣ -
Булҳасани Қатон -
Булҳасани Ҳарейва -
Булҳусайн (писариКасир) -
Булхайри Балхӣ
Бӯритагин (писари Илагхони қарохонӣ)

Бӯрон (духтари Парвиз) -
Бутаййиби Мусъабӣ -
Баталҳаи Шайбонӣ -
Буталҳаи Шиблӣ -
Буҷаъфари Зиёдӣ -

Г

Гавҳаройин -
Гавҳардоси Хозин -

Ғ

Ғозӣ (Осиғтагин, ҳоҷиб, сипаҳсолори Хуросон) -

Д

Дақиқӣ -
Довуд (салҷуқӣ) -
Довуд (Маймандӣ) –
Доро -

Ё

Ёруқтағмиш -

Ж

З

Забарқон ибни Бад -
Зайд ибни Алӣ -
Зайнаб (духтари Маҳмуд) -
Зайнабӣ -
Зубайри Авом (саҳоба) -
Зулқаламайн -
Зурраёсатайн -
Зуляминайн-
Зуфар (фақеҳ) -

И

Ибни Абдулазизи Умарӣ -
Ибни Саммок –
Иброҳим (султони ғазнавӣ) -
Иброҳим (аббосӣ) -

Иброҳими Байҳақӣ (дабир) –
Иброҳими Янол -
Ибни Муқаффаъ -
Иқболи Зарриндаст -
Илаги Мозӣ -
Илмангу -
Ироқиидабир (Булҳасан) -
Искандар -
Исмоили хандон -
Исмоили девонӣ -
Исмоили Собунӣ -
Исмоили Аббод -
Исо (пайёмбар) -
Исо Макронии Маъдон -

К

Касир -
Каъби Аҳбор (Каъбулаҳбор) -
Кофури Муаммарӣ -
Куктош -

Қ

Қадари Ҳоҷиб -
Қадархон -
Қаротагин (ғулом) -
Қарохон -
Қизил -
ал-Қодир Биллоҳ (халифаи аббосӣ)
Қозӣ Алии Табақотӣ -
Қозӣ Булҳасан -
Қозӣ Мансур -
Қозӣ Соъид -
Қойағлан -
ал-Қоим би-амриллоҳ (халифаи аббосӣ) –
Қобус -
Қурайш -
Қутлуғ (ғуломи Сабуктагин) -
Қутлуғтагини Баҳиштӣ -

Л

Лайсии шоир -

Луқмон -

М

Мангитирок -
Мансури Тайфур -
Манучеҳри Қобус -
Мардовиз (Мардовиз) -
Масъуди Лайс -
Масъуди Муҳаммади Лайс -
Масъуди шоир -
Масъуди Розӣ -
Масъуд (амир), дар аксари саҳифаҳо номи ӯ ҳаст
Масъуди Рахузай
Маҳмуди ҳоҷиб -
Маҳмудбег (кадхудои Алитагин) -
Маҳмуди Варроқ -
Маҳмуди Тоҳир -
Маҳмудак (кадхудои Нӯштагин) -
Маҷдуддавла -
Маъдон -
Маъмун -
Маъмун ибни Маъмун (хоразмшоҳ) -
Микойили Баззоз -
Монаки Алӣ Маймун
Муваффақ (Имом) -
Музаффари Алии Микойил -
Музаффари Бихрад -
Музаффари Қоинии дабир -
Музаффари ҳоким -
Музаффари Тоҳир -
Мусо (пайёмбар)-
Мусотагин (Уко) -
Мустафо (Расули Худо) -
Мусъаб -
Муҳаммади Мустафо (с) -
Муҳаммад (писари Амри Лайс) -
Муҳаммад (сарҳанг) -
Муҳаммади аъробӣ -
Муҳаммади Айюб (вазири халифа) -
МуҳаммадиБишнуди Барбатӣ -
Муҳаммад ибни Тоҳир (амири Хуросон) -
Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маймун -

Муҳаммад писари Ҳоҷиб Туғон -
Муҳаммади Зубайда (писари Ҳорунаррашид) -
Муҳаммади Шортагин -
Муҳаммад Мансури Мушкон -
Муҳсин (писари Шабӣ) -
Муҳсин (писари Алии Қариб) -
Муҳтоҷ (амири ҳарас) -
Муътасим (халифа) -
Муътазид (халифа) -
Муътамад (халифа) -

Н

Набия (донишманди фақеҳ) -
Наср ибни Аҳмади Сомонӣ -
Насри Сайёр -
Насри Халаф -
Ниёзии Қудқаш (Қудкаш) -
Носири алавӣ -
Носирӣ (надим) -
Нуҳ (фақеҳ) -
Нуҳибни Мансур (сомонӣ) -
Нӯшервон (писари Манучеҳр) -
Нушервон (Кисро) -
Нӯштагини Валволичӣ -
Нӯштагини Навбатӣ -
Нӯштагини Хосса -

О

Одам -
Ойиша (ҳамсари Пайғамбар) -
Ойтегини шаробдор -
Оли Аббос -
Оли Бармак –
Оли Бӯя -
Оли Зубайр -
Оли Расул -
Оли Сомон -
Оли Табониён -
Олӣ ибни Музаффар (Хоҷа Абулфараҷ)
Олтисакмон -
Олтунтош –

П

Писари Коку -
Писари Румӣ -
Пуритагин -

Р

Райҳони Ходим -
Рашид (писари Хоразмшоҳ) -
Роқатуғмашиҷомадор -
Рофеъ ибни Сайёр -
Рӯдакӣ (устод) -

С

Сабуктагин (амири одил) -
Садиди Лайс -
Саййид зайд (нақиб) -
Салмон -
Салома (ғулом) -
Санкӯй -
Санқур -
Сатӣ (писари хоразмшоҳ) -
Сағониён -
Сахрӣ -
Саҳли Абдулмалик -
Саҳли Саълукӣ -
Саъди Салмон –
Саъиди Сарроф -
Саъиди Хосс -
Сиёҳпирӯз -
Симҷуриён -
Ситии Зарин (мутриба) -
Собит ибни Қура -
Собӣ -
Совтагини Хонӣ
Сомониён -
Соруғи Шаробдор -
Сотилмаш -560
Софӣ (ходими хосс) -
Соҳибибни Аббод -
Субошӣ -
Субошитагин -
Сулаймон (пайёмбар) -

Сулаймон (писари Амир Юсуф) -
Сулаймони Арслонҷозиб -
Сулаймонӣ -
Султон Маҳмуд -
Сулӣ -
Сурӣ (соҳибдевони Хуросон) -
Суҳайб -

Т

Табониён -
Тагини Сақлобӣ -
Тагини Ҷайламӣ -
Тагини ҷомадор -
Тамаки ҳиндуй -
Тилаки Ҳинду -
Тоеъ (халифаи аббосӣ) -
Торуқ ибни Амр -
Тош (сипоҳ солори Сомониён) -
Тошфаррош -
Тоши Моҳрӯй -
Тоши вакилдар-
Тоҳири дабир –
Тоҳири Зуляминайн (Тоҳир ибниҲусайн) -
Тоҳири Канда -
Тоҳири Карҷӣ -
Тоҳири Муставфӣ -
Тоҳириён -
Туғонхон -
Туғрал (салҷуқӣ) -
Туғрал (ҳоҷиби Амир Юсуф, кофир неъмат, Туғрали Аздӣ) -
Тунаш, Қунаш (сипаҳсолор) -

У

Убайдуллоҳи Зиёд -
Убайдуллоҳи Исфаройинӣ -
Умари Хаттоб (халифа) -
Умар (писари Амир Муҳаммад) -
Унсурӣ -
Усмон (писари Амир Муҳаммад) -
Уттобӣ –

Ф

Фазл (Бармакӣ) -
Фазли Рабеъ -
Фазл Саҳли Зурраёсатайн -
Файёз (доктор) -
Фанохусрав -
Фаромарз (Писари Коку) -
Фаррухзод (Абушуҷоъ, амир) -
Фаррухӣ -
Фахруддавла -
Фирдавсӣ –
Фиръавн -
Фоиқ -

Х

Халаф -
Халили Довуд -
Хандон (Исмоили Хандон) -
Хизр -
Хорзамшоҳ Олтунтош –
Хоразмшоҳ Абулаббос -
Хумортагини Туршак -
Хумортагини Қаронхон -
Хумортоши Ҳоҷиб -
Хумортоши Шаробӣ -
Хусрав (қозӣ) -

Ҳ

Ҳарсамаи Аъян -
Ҳасанак, вазир -
Ҳасан (писари амири Фариғун) -
Ҳасан, ҳоҷиби Аҳмад Ҳасан
Ҳасан, кадхудои Амир Муҳаммад
Ҳасан (камаркаши Бактуғдӣ) -
Ҳасани Бармакӣ (донишманд) -
Ҳасани Табонӣ -
Ҳасан ибни Саҳл (вазири Маъмун) -
Ҳасани Сипоҳонӣ -
Ҳасани Сулаймон -
Ҳасани Убайдуллоҳ -
Ҳасани Меҳрон -

Ҳасани Муҳаддис -
Ҳассони Собит -
Ҳатия (шоир)
Ҳишом ибни Абдумалик -
Ҳоким Мутаваъаи Завзанӣ
Ҳорунаррашид -
Ҳорун (писари Хоразмшоҳ) -
Ҳурра Гавҳар -
Ҳурра Зайнаб -
Ҳурраи Количӣ -
Ҳурраи Хуталӣ -
Ҳусайни вакил
Ҳусайн, солори ҳоҷиён -
Ҳусайн ибни Мусъаб -
Ҳусайни Абдуллоҳ (дабир) -
Ҳусайн ибни Алӣ -
Ҳомон -
Ҳутайъа (шоир) -

Ч

Ҷ

Ҷаъфари Бармакӣ -
Ҷолинус -
Ҷуғрот -
Ҷуғроқ

Ш

Шабӣ -
Шакарходим -
Шоҳмалик -
Шоҳхотун -

Э

Я

Ябғу -
Яғмар -
Яздигурд -
Янолтагин -
Яҳёибни Холиди Бармакӣ -
Яҳёи Алавӣ -

Яъқубибни Лайс -
Яъқуби Ҷандӣ -
Яъқуб Абуюсуф -
Яъқуби Дониёл -

Ю

Юсуф ибни Сабутагин (Аир Юсуф) -

Феҳристи номи китобҳо

Калила ва Димна -
Китоби Мақомотӣ -
Мақомоти Маҳмудӣ -
Китоби Тоҷӣ -
Латоиф-ул-ҳиял-улкуффот -
Таърихи Маҳмуди Варроқ -
Таърихи Йаминӣ -

Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ

А

Аднонӣ -
Адраскан -
Ақабаи Калор -
Алиобод (Балх) -
Алиобод (Рай) -
Алиобод (Дашт) -
Алхум -
Амударё –
Ангароб –
Андарбедӣ -
Андароб -
Андхуд -
Аргандоб
Ароб
Арис
Асиб -
Астаробод -
Астуво (тобеъи Нишопур) -
Афғонистон -
Афғоншол -

Аҳвоз -
Аҷам -
Ашхобод

Б

Бағдод -
Бағлон -
Бадахшон -
Байҳақ -
Балақ -
Балакобод -
Баласоғун -
Балх –
Балхонкӯҳ (Куҳҳои Балхон) -
Банди Кофирон -
Бардар -
Баркаҷ (Қалъа) -
Баркард -
Бартар -
Барукан -
Басра -
Балуҷистон
Банорас -
Белоб -
Биёбони Даҳгунбадон -
Биёбони Марв -
Биёбони Нуҳгунбадон -
Бирбол -
Бован -
Бовард (Абевард) -
Бовард (Дашт) -
Боғшур
Боғи Аднонӣ -
Боғи Амри Лайс -
Боғи Бузург (Балх) -
Боғи Вазир -
Боғи Маҳмудӣ -
Боғи Пирӯзиё Фирӯзӣ (Ғазнин) -
Боғи Садҳазор (Ғазнин) -
Боғи Хуррамак -
Боғи Шодёх -
Бодғис -

Боло Мурғоб
Бомиён -
Бохарз -
Бошон -
Билоб (Ҳирот)
Бозори Ошиқон -
Бозори Саъидӣ -
Бузган -
Бурён -
Буст -
Бухоро -

В

Вазирӣ -
Вай -
Вайҳинд -
Валволиҷ -
Вахш -
Водиял Қурро -
Волишт -
Волиштон -

Г

Ганг –
Ганҷрусто -
Гардез -
Гармсер -
Гилон -
Гузак (Пажи Гузак, ақаба, гардана) -
Гузгонон -
Гургон -
Гургонҷ -

Ғ

Ғазнин (Ғазна, Ғазнӣ) –
Ғарчистон -
Ғур -
Ғурванд -

Д

Дабиқ -
Дабӯсӣ -
Дайлам -
Данбованд -
Дандонақон -
Дачӷла -
Дарбанди Рум -
Дарбанди Шаквард -
Дарғон -
Дари Мишбат -
Дараи Динор -
Дараи Зирқон -
Дараи Сакованд -
Дараи Санкӯй -
Дараи Шумон -
Дарари Газ -
Дарёи Обискун -
Дашти Ҳурона -
Дашти Худобон -
Дашти Рахомурғ -
Дашти Шобаҳор -
Дашти Курд -
Дашти Лагон -
Дамованд -
Данпур (Дунпур) -
Димишқ Диноргуна -
Динорсарӣ
Деҳи Оҳангарон (Ғазнин) -
Деҳи Бозаргон -
Деҳистон -
Дорзангӣ -
Домғон -
Дори Абдулаъло -
Дӯлоб -

З

Завзан -
Заминдовар -
Зам -
Занбилбофон (Нишопур) -
Зирқон -

Зовулистон, Зобулистон -
Зурқарнайн (Работ)

И

Ироқ -
Испиҷоб -
Исфаройин (Испаройин) -
Исфизор -

К

Кайконон (Кийконон) -
Карвон -
Кашмир -
Кирмон -
Кирмоншоҳон -
Кобул -
Кошғар -
Кошон (Қошон) -
Колиф (Килиф) -
Куфа -
Кушки Аднонӣ -
Кушки Давлат -
Кушки Дашти Лагон -
Кушки Лагон
Кушки куҳани Маҳмудӣ -
Кушки Маҳмудӣ -
Кушки Масъудӣ -
Кушки Нав -
Куҷоҷиён -
Куҷур (Табаристон)
Кӯйи Абдулаъло -
Кӯйи Дайламон -
Кӯйи Симгарон -
Кӯйи Аббод -
Кӯйи Сабадбофон -

Қ

Қазвин -
Қалъати Амирӣ -
Қалъати Баркаж -

Қалъати Гардез -
Қалъати Гирӣ -
Қалъати Ғазнин -
Қалъати Дарута -
Қалъати Дарӣ -
Қалъати Дандонақон -
Қалъати Дидиру -
Қалъати Колинҷар -
Қалъати Курк (Ҳирот) -
Қалъати Куҳтиз -
Қалъати Мандкакур -
Қалъати Миколӣ -
Қалъати Нағар -
Қалъати Нандана -
Қалъати Нойӣ (Масъудӣ)
Қалъати Сакованд -
Қалъати Тагинобод -
Қалъати Ҳонсӣ -
Қаннасирин -
Қаҳистон -
Қоин -
Қоф -
Қубодиён -
Қум -
Қусдор -
Қуҳандиз (Бухоро) -

Л

Лоҳур -

М

Мавсил -
Мадинат-ус-салом (Бағдод) -
Майдони Абдураззоқ -
Майманд -
Майхорон (шикоргоҳ) -
Макка -
Мандеш -
Макрон -
Марва -
Марв -
Марваррӯд -
Марманора (Ҳинд) -

Машҳад -
Мила -
Миср -
Мовароуннаҳр -
Морикалла (Моригала) -
Моробод -
Мултон -
Муҳаммадобод -

Н

Наҳравон -
Нағар (шаҳрдар Синд) -
Нандана -
Нармошир -
Нахҷир -
Нимрӯз -
Нисо -
Нишопур -
Нотил -
Нуқ -
Нури Бухоро -

О

Озарбойҷон -
Омуя (Чорҷуйикунунӣ) -
Омул -
Ошиқон -

П

Пайғамбар (Ислом) -
Панҷоб -
Панҷҳер -
Паршавар -
Пашанқон -
Пирӣ (охурсолор) -
Порёб -
Пор -
Порс -
Пушанг (Пушанҷ) -

Р

Работи Бази -
Работи Зулқарнайн -
Работи Карвон -
Работи Кандӣ -
Работи Монаки Алӣ Маймун -
Работи Моша -
Работи Муҳаммад Султон -
Работи Намак -
Рай -
Рован -
Руён -
Рум -
Рус -
Рӯдбор -
Рӯди Ғазнин -
Рӯди Ҷайлам -
Рӯди Ҳилманд -

С

Савод -
Садиф
Сакмон -
Самангон -
Самарқанд -
Сарахс –
Сари Осиё -
Сатторобод -
Сафо -
Саъдобод -
Сиёҳкӯҳ -
Сиёҳгирд -
Синд -
Сипанҷ -
Сипоҳон, Испоҳон (Исфаҳон) -
Систон -
Ситоҷ -
Сорӣ -
Суманот –

Т

Табаристон -
Табас -
Табасин -
Тавис -
Тагинобод -
Такрон
Талхоб -
Тахористон -
Тироз -
Тобирон -
Тун -
Тур -
Тӯс -
Тирмиз –
Туркистон -

У

Умон -
Урганҷ -

Ӯ

Ӯзганд -

Ф

Фаластин–
Фарова –
Фароҳ–
Фархор -
Форёб -
Фурот -

Х

Хатлон -
Хокистар -
Холинҷӯй -
Хоразм -
Хоф -
Хочон -
Хулм -
Хуросон -

Хушкрӯд -310

Ҳ

Ҳазорасб -
Ҳамадон -
Ҳапиён –
Ҳаштодпул -
Ҳинд -
Ҳиндустон -
Ҳира -
Ҳиҷоз -
Ҳирот -
Ҳисори Дандонақон -
Ҳисоргард –
Ҳулбук -
Ҳулвон -
Ҳумс -

Ч

Чағониён -
Чишт -

Ҷ

Ҷайҳун -
Ҷангалобод
Ҷибол -
Ҷиболи Хоразм
Ҷиболи Ҳирот -
Ҷолиқон (дар Систон) -
Ҷунд -
Ҷурм -
Ҷурҷон -

Ш

Шабурқон -
Шаҷков -
Шодёх (Нишопур) –
Шодёх (қалъа) -
Шодиобод -
Шумон -
Шери Нар -
Шурохон

Шахристон (Систон) -
Шахрогим -

Э

Я

Яманобод

Феҳристиномҳоиақвом, гурӯҳҳо ва силсилаҳову мазоҳиб

айёрон -
алавиён -
алитагиниён -
габракон -
гил -
гургониён -
ғозиён -
ғуриён -
занодиқа -
ироқиён -
кумиҷиён -
канҷина -
курд -
куҷот -
қаромата (қарматиён) -
масъудиён -
маҳмудиён -
маъозиён -
нишопуриён -
розиён -
сакзӣ -
салҷуқиён -
тозик, тоҷикон -
туркон –
туркмонон -
тусиён -
хаворичҷ -
хониён -
хоразмиён -
хуросониён -
шоҳаншоҳиён -
янолиён -
юнониён -

МУНДАРИҶА

Ба ҷои сарсухан.....
Рӯзгору осори Абулфазли Байҳақӣ.....
Муҳтаво, манбаъҳо ва сабки таърихнигории Байҳақӣ.....
Нусхаҳо, нашр ва сатҳи омӯзиши «Таърихи Байҳақӣ».....

Боқимондаи муҷаллади панҷум.....
Нусхаи аризае, ки аркони давлати маҳмудӣ аз Тагинобод ба хидмати Амир Масъуд ба Ҳирот инфоз доштанд.....
Зикру моҷарои ъало йадайй-л-Амири Масъудин баъда вафоти волидиҳи ал-Амир Маҳмудин.....
Зикру ма-н-қаза мин ҳозиҳи-л аҳволи ва-л ахбори тазкиратан баъда ҳозо ва вуруди-л аскари мин Такинобода би-Ҳирота.....
Зикру бақияти аҳволи Амир Муҳаммадин разияллоҳу анҳу баъду мо қубиза алайҳи ило ан ҳуввила мин қалъати Куҳтиз ило қалъати Мандиш.....
Зикру бақияти аҳволи Амир Муҳаммадин разияллоҳу анҳу.....
Номае, ки Бунасри Мушкон аз забони Амир Масъуд ба Қадархон, хони Туркистон набишта ин аст.....
Фармоне, ки ба Хоразмшоҳ набишташуда аз ҷониби Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу.....

Муҷаллади шашум
Оғози таърихи Амир Шаҳобуддавла Масъуд ибни Маҳмуд, раҳматуллоҳи алайҳимо.....
Фасл.....
Фасл.....
Ал мақомату фӣ маъно вилояти-л аҳди би-л-амири Шиҳоби-д-давла Масъудин ва моҷаро мин аҳволиҳи.....
ҲикоятиФазлиСаҳлЗурраёсатайнбоҲусайнибн-алМусъаб.....
Зикритаърихисанаиисноваишринаваарбаъамиа.....
Зикри ҳикояти Афшин ва халос ёфтани Будулаф аз вай.....
Зикри бар дор кардани Ҳасанакивазир.....
Зикри инфози-р-русули фи ҳозиҳи-л вақти ило Қадархона ли таҷдиди-л ақди ва-л ъаҳди байна-л ҷонибайни.....
Қиссату-т-Таббонийа.....
Саргузашти Амири одил Сабуктагин.....
Ҳикояти Амири одил Сабуктагин бо оҳуи модаву баччаи ӯ.....
ҲикоятиМусопайғамбаралайҳиссаломбобарраигӯспанд.....
Бақияту қиссати Таббонийа.....

Зикру нусхати-л-китоби ва мушофиҳатайни маъа-р-расулайн ал-мушофаҳату-л-уло
ал-мушофаҳату-с-сонияту.....
Зикру-л қабзи ъало Арёриқа-л-ҳоқиби соҳиби ҷайши-л Ҳинди.....
Зикру-л қабзи ъало соҳиби-л-ҷайши Асиғтакина-л-Ғозӣ.....
Зикри қиссаи вилояти Макрон.....

Муҷаллади ҳафтум
Зикри хуруҷи-л Амири Масъудин, разияллоҳу анҳу, мин Балхин ило Ғазнин.....
Зикру-л қабзи ъала-л амири Абӣ Яъқуба Юсуф.....
Зикри қиссати ҳоза-л ғуломи Туғрала-л Азудӣ.....
Ҳикояти омадани сел ва харобӣ расидан ба Ғазнин.....
Зикру вуруди-р-расули мин Бағдода ва изҳори мавти-л халифати-л Қодири би-л-лоҳи разия-л-лоҳу анҳу.....
Таърихи санаи салосу ва ишрина ва арбаъа миа.....
Тарҷумаи номаи Қоим Биамри-л-лоҳ ба Султон Масъуд.....
Тарҷумаи байъати Султон Масъуд, разияллоҳу анҳу.....
Зикри аҳволи Хоҷа Бусаҳл Муҳаммад ибни Ҳусайн Завзании ориз.
Зикри мисоле, ки аз ҳазрати Шаҳобу-д-давла Абусаъид Масъуд, разияллоҳу анҳу, набиштанд ба Олтунтош Хоразмшоҳ.....
Ҳикоят.....
Зикриахборвааҳволирасулоне, ки аз ҳазрати Ғазна ба дорихилофатрафтанд.....
Ҳикоят.....
Соли арбаъа ва ишрина ва арбаъа миа.....
Фасл дар маъниидунё.....

Муҷаллади ҳаштум
Бақияти соли арбаъа ва ишрина ва арбаъа миа.....
Зикри он чӣ ба Нишобур тоза гашт аз наводиру аҷоиб.....
Зикру ҳоли Тилак ал-Ҳинду.....
Ҳикоя.....
Зикри расулони ҳазратӣ, ки боз расиданд аз Туркистон бо маҳду вадиъат ва расулони Хониён, ки бо эшон омаданд.....
ЗикриаҳволиКирмонвахазимати он лашкаре, ки он ҷомураттаббуд.
Зикри хуруҷи Амир Масъуд аз Ғазнӣ ба ҷониби Буст ва аз Буст ба Хуросон ва Ҷурҷон.....
Санаи сита ваъишринаваарбаъамиа.....
Ҳикоят дар маънои сиёсат аз Амири одил Сабуктагин, раҳматуллоҳи алайҳи.....

Ал-ҳикояту мин Амр-у-бниЛайси ал-амириби Хуросона фи-с-сабри бивақти наъйӣ ибниҳи.....
Таърихисаннаисабъаваиширинаваарбаъамиа.....
Таърихи санаи самона ва ишрина ва арбаъа миа.....
Ҳикояту амирулмуъминина маъа Ибни-с-Самоки ва-бни Абдулъазизи зоҳидайни.....
Зикри ваҳшате, ки уфтод миёни Амир Масъуд, разияллоҳу анҳу ва Буғрохон.....
Таърихи санаи тисъа ва ишрина ва арбаъамиа.....

Муқаллади нуҳум
Таърихи санаи салосина ва арбаъамиа.....
Шарҳи аҳволи Алии Қуҳандизӣ.....
Ҷанг кардан бо Салҷуқиён дар биёбони Сарахс ва ҳазимат уфтодани эшон.....
Зикри расидани Султон Шаҳобу-д-давла Масъуд ба шаҳри Ҳарӣ..
Ал-абёту-л-латикатабаҳоаш-ШайхАбусаҳлуЗавзаниййа.....
Фасл.....
ҚиссаиҷангиСултонМасъудваСалчуқиён дар Марв.....
Зикри нусхати-л китоби ило Арслонхона.....
Қиссаи Амир Мансури Нуҳи Сомонӣ.....
Санаи исно ва сулсина ва арбаъа миа.....
Ҳикояти Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холиди Бармакӣ.....

Муқаллади даҳум
Зикри Хоразм.....
Хутба.....
Ҳикояти Хоразмшоҳ Абулаббос.....
Зикру сабаби инқитоъи-л мулки ан золика-л байти ва интиқолиҳи ила-л ҳоҷиби Олтунтоша раҳмату-л-лоҳи алайҳим.....
Зикру моҷаро фӣ боби-л хутбати ва заҳара мина-л фасоди ва-л балоё ли аҷлиҳо.....
Тасаллути-л ашрор.....

Феҳристи номи касон.....
Феҳристи номи китобҳо.....
Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ.....
Феҳристи номҳои ақвом, гурӯҳҳо ва силсилаҳову мазоҳиб.....

Муҳаррири техникӣ:
Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 06.05.14 супорида шуд. Ба чоп 29.09.14 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андоза 70х100$^{1}/_{16}$.
Ҳаҷм 21,93 ҷузъи чопӣ. Адади нашр 200 нусха.
Супориши № 053. Нархаш шартномавӣ.

**Дар матбааи ҶДММ «Нашриёти Бухоро» ба табъ расид.
ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**